ISSN 2219-5408

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ



ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni

№ 4 (123)

Душанбе – 2026

Маҷалла соли 1978 таъсис ёфтааст

Маҷалла ба феҳрасти маҷаллаву нашрияҳои илмии пешбари тақризшаванда, ки натиҷаи асосии рисолаҳо барои дарёфти унвони илмии номзад ва докторони илм дар онҳо бояд интишор гардад, шомил шудааст

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2026 таҳти № 495/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Намояи иқтибоси илмии Русия» (НИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст

ISSN 2219-5408

Суроға: *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
Тел.: *(+992 37) 224-36-91*
Факс: *(+992 37) 224-13-83*
Почтаи электронӣ: *vestnik.tgpu@gmail.com*
Сомонаи маҷалла: *www.vestnik.tgpu.tj*

Сармуҳаррир: ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
Муовини сармуҳаррир: ***Раҷабзода Сироҷиддин Икром*** *– доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
Котиби масъул: ***Муборакиён С. М.***

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Бозорзода Нуриддин Шодипур *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Каримзода Шуҳрат Бозор *- доктори илмҳои филологӣ, дотсент*
Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир *- доктори илмҳои филологӣ, дотсент*
Қосимов Олимҷон Ҳабибович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Муллоев Шариф Боқиевич *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саидмуроди Хоҷазод *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Худойдодов Аъзам Овлододович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Элбоев Вафо Ҷурақулович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Абдурашитов Фозил Маматович *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Ёқубов Юсуфшо *- доктори илмҳои таърих, профессор, академики АМИТ*
Қурбонзода Хоналӣ *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Пирумшоев Ҳайдаршо *- доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи АМИТ*
Расулиён Қаҳҳор Расул *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Сайнаков Сайнак Парпишоевич *- номзади илмҳои таърих, дотсент*
Ҳақназаров Абдуназар *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович *- доктори илмҳои таърих, профессор*

© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2026

Журнал основан в 1978 году

Журнал включен в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени доктора и кандидата наук

Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 10 июня 2026 года за №495/ЖР-97

Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки

ISSN 2219-5408

Адрес: *734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

Тел. : *(+992 37) 224-36-91*

Факс: *(+992 37) 224-13-83*

Электронная почта: *vestnik.tgpu@gmail.com*

Сайт журнала*: www.vestnik.tgpu.tj*

Главный редактор: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** *- доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

Зам. главного редактора: ***Раджабзода Сироджиддин Икром*** *- доктор химических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

Ответственный секретарь: ***Муборакиён С. М.***

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Бозорзода Нуриддин Шодипур *– доктор филологических наук, профессор*
Гаффоров Абдушукур Одинашоевич *- доктор филологических наук, профессор*
Каримзода Шухрат Бозор *- доктор филологических наук, доцент*
Косими Саъди Абдулкодир *- доктор филологических наук, доцент*
Касимов Олимджон Хабибович *- доктор филологических наук, профессор*
Муллоев Шариф Бокиевич *- доктор филологических наук, профессор*
Саидмуроди Ходжазод *- доктор филологических наук, профессор*
Саломиён Мухаммаддовуд Каюм *- доктор филологических наук, профессор*
Салихов Шамсиддин Аслиддинович *- доктор филологических наук, профессор*
Худойдодов Аъзам Овлододович *- доктор филологических наук, профессор*
Джаматов Самиддин Салохиддинович *- доктор филологических наук, профессор*
Элбоев Вафо Джуракулович *- доктор филологических наук, профессор*
Абдурашитов Фозил Маматович *- доктор исторических наук, профессор*
Якубов Юсуфшо *- доктор исторических наук, профессор, академик НАНТ*
Курбонзода Хонали *- доктор исторических наук, профессор*
Пирумшоев Хайдаршо *- доктор исторических наук, профессор, член-корр. НАНТ*
Расулиён Каххор Расул *- доктор исторических наук, профессор*
Сайнаков Сайнак Парпишоевич *– кандидат исторических наук, доцент*
Хакназаров Абдуназар *- доктор исторических наук, профессор*
Хусайнов Ахмаджон Курбонович *- доктор исторических наук, профессор*

© ТГПУ имени С. Айни, 2026

The journal was founded in 1978

The Journal is included in the List of the leading peer reviewed scientific journals and publications, which should publish the main scientific results of dissertations for Doctor of science and Candidate of science degrees.

The Journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan from June 10, 2026 under No.495/JR-97

The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library

ISSN 2219-5408

Address: *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
Phone: *(+992 37) 224-36-91*
Fax: *(+992 37) 224-13-83*
E-mail: *vestnik.tgpu@gmail.com*
Journal website: *www.vestnik.tgpu.tj*

Editor-in-chief: ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Rector of the TSPU named after S. Ayni*
Deputy Editor-in-chief: ***Rajabzoda Sirojiddin Ikrom*** *- Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Research at TSPU named after S. Ayni*
Executive Secretary: ***Muborakiyon S. M.***

THE EDITORIAL BOARD:

Bozorzoda Nuriddin Shodipur *– Doctor of Philological Sciences, Professor*
Gafforov Abdushukur Odinashoevich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Karimzoda Shuhrat Bozor *- Doctor of Philological Sciences, Docent*
Qosimi Sadi Abdulqodir *- Doctor of Philological Sciences, Docent*
Qosimov Olimjon Habibovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Mulloev Sharif Bokievich *- Doctor of Philological Sciences , Professor*
Saidmurodi Khojazod *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Salomiyon Muhammaddovud Qayum *- Doctor of Philological Sciences , Professor*
Solehov Shamsiddin Asliddinovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Khudoydodov Azam Ovlododovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Jamatov Samiddin Salohiddinovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Elboev Vafo Juraqulovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Abdurashidov Fozil Mamatovich *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Yakubov Yusufsho *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Academician of NAST*
Qurbonzoda Khonali *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Pirumshoev Haydarsho *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Corr. member of NAST*
Rasuliyon Kahhor Rasul *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Saynakov Saynak Parpishoevich *– Candidate of Historical Sciences, Docent*
Haqnazarov Abdunazar *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Husaynov Ahmadjon Qurbonovich *- Doctor of Historical Sciences, Professor*

© TSPU named after S. Ayni, 2026

МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ / ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Раҳматуллозода С. Р., Ашурова М. Д.
Ҳидоят ва раҳнамоиҳои созандаи Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон оид ба арзиши олии миллат – забон 8
Амирбекзода Н., Хоҷазод С.
Нақши Пешвои миллат дар рушди забони давлатӣ 14
Тураев Б. Б.
Бозтоби номвожаҳои ҷуғрофии водии Зарафшон дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ 19
Тоирзода А. Р.
Вижагиҳои луғавию маъноӣ ва услубии астронимҳо дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Шоҳин 27
Шарифзода Ё. Ш.
Рушди байналмилалии забони тоҷикӣ 36
Илҳомзода Х. И.
Истифодаи як навъи таркибҳои ҷуфт дар ашъори Сайфуддини Исфарангӣ 45
Холмуродов Р. М.
Табдили матни муосири лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба сатҳи матни адабӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он бо истифода аз зеҳни сунъӣ 51
Ниёзова Ш. Н.
Имконоти сарфии исм дар романи «Занони Сабзбаҳор»-и Гулрухсор 57
Каримова М. Д.
Истилоҳоти хешутаборӣ дар таркиби луғавии лаҳҷаи Лахш 62
Абдусамадзода Э. А.
Таҳқиқи вижагиҳои луғавии ҷойномҳо дар осори луғавии асрҳои IX-X 70
Бобоалиева З. П.
Омӯзиши душвориҳои тарҷумаи анвои гуногуни матнҳо дар заминаи таҳқиқоти муосир 78
Аттоев С. К.
Функционирование синонимов в политической лексике таджикского языка 85
Исматов М. Қ.
Таҳлили сохтории исмҳои забони англисӣ ва роҳҳои ифодаи он дар забони тоҷикӣ (дар мисоли «Пирамард ва баҳр»-и Эрнест Ҳемингвей) 91
Мухамадиева З. А.
Семантико-функциональный анализ глаголов деструктивного действия в таджикском, русском и английском языках 98
Холиқов А. Ю.
Нақши ихтисораҳо дар истилоҳоти марбут ба гумрук дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 107
Дилфузаи И.
Бозтоби вожагони мансуб ба консепти “ватан/motherland” дар фарҳангномаҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 114
Ҷамшедов П., Мансуров Ҳ. Р.
Таҳлили хусусиятҳои лексикӣ-семантикии паронимҳои забони англисӣ 123
Нодираи А.
Словосложение в таджикском, русском и английском языках: теоретические основы сопоставительного исследования 130
Раънои К.
Таҳлили муқоисавии лингвофарҳангии лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 136
Зубайдзода С. Ш.
Вижагиҳои этнолингвистии воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи номи сабзавот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 148

Ван Хуэйҷуан
Ҷумлаи содаи дутаркиба дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ (дар асоси маводи А. Самад ва Би Шумин) 157
Маликов А. Р.
Таҳлили муқоисавии пешвандҳои сифатсози «ба-» ва «но-» дар забони тоҷикӣ ва муодилҳои онҳо дар забонҳои фаронсавӣ ва русӣ 164
Ҳакимова Р. Р.
Таҳлили муқоисавии баъзе аз зарбулмасалу мақолҳои повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ 173
Талабов Т. С.
Структурные аспекты глагольных, субстантивных ФЕ и ФЕ со структурой предложения в таджикском и немецком языках 181
Исломова С. И.
Вазифаи сохти категорияи исм дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ 187
Соҳибзода А. Н.
Ҷанбаҳои лингвистии истилоҳҳои мураккаби соҳаи сайёҳӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ 193
Тешаев С. О.
Семантика и синтаксис безличных предложений в современном русском языке: структура, функции, стилистические особенности 201

АДАБИЁТШИНОСӢ / ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Қурбонзода Р. Қ., Сайфуллоев М. Ҳ.
Шодмонӣ ва баҳра бурдан аз зиндагӣ дар рубоиёти Умари Хайём ва осори Илё Абумозӣ 208
Боқиев Ҳ.
Омилҳои таъсиргузори таҳаввули сафарнома дар адабиёти нимаи дувуми садаи XIX 213
Бакаева М. Т.
Переводы четверостиший Омара Хайяма, выполненные Л. Некорой и И. Сельвинским 219
Раҳмонӣ Р.
Пажуҳиши этнопоэтикии як ривояти романи «Се рӯзи як баҳор»-и С. Турсун 227
Амиршоева М. П., Юнусӣ А.
Розия Саҷҷод Зоҳир – тарҷумон 237
Одилова З. О.
Айнӣ ва адабиёти Фаронса дар таҳқиқи Бобоева Дилбар Ҳабибҷоновна 243
Юсупова А. С.
Современные подходы к понятию перевода и классификация переводческих трансформаций: причины их применения и основные типы 249
Забирова М. Э.
Тасвири «боди сабо» дар ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 255
Асомиддинов Ш.
Особенности перевода произведений А.С. Пушкина на таджикский язык 259
Ашрафзода Г. Р.
Шахсияти Абдусалом Деҳотӣ дар таълифоти Ҷумъабой Азизқулов 263
Абдуҷалили А. Х.
Баррасии сюрреалистии достони «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо»-и Муҳаммадзамони Солеҳ аз нигоҳи назарияҳои З. Фрейд ва К. Г. Юнг 272
Валиева Ҳ. С.
Баъзе вижагиҳои насри даврони истиқлол 279
Ёрова С. Н.
Умумият ва фарқияти романҳои “Камомад” ва “Нирмала”-и Премчанд 286
Miraliyeva S. T.
The ideological characteristics and purpose of Rustam Vahhobzoda’s poetry 293
Раҳимӣ Д. К.
Бозтоби мафҳуми асотирии «фарр» дар афсонаҳои тоҷикӣ 302

Ҳамроев Р. З.
Мухтассоти тасвири зодгоҳ дар шеъри Бозор Собир 308
Хуррамова Б. Қ.
Сохтори конфликти драмавӣ дар достонҳои «Шоҳнома» ва фоҷиаҳои Шекспир 315
Раҳмонов М. Б.
Адабиёти классикии форсу тоҷик – сарчашмаи насри бачагонаи тоҷик 322
Раҷабова М. Т., Искандарзода Ш. Р.
Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ – муҳофизи фарҳангу тамаддуни форсӣ-тоҷикӣ 329
Хайридинова М. С.
Лингвокультурная трансформация реалий в таджикских переводах прозы А.П. Чехова 338

ИЛМҲОИ ТАЪРИХ / ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ

Азаматзода Ғ.
Инъикоси масъалаи ҷавонон дар осори доктори илмҳои таърих, профессор Ваҳҳоб Набиев 348
Зубайдуллозода С. Х., Ризоев Б. Х.
Нақши Пешвои миллат дар баргардонидани гурезагон ба ватан (дар мисоли ноҳияи Қубодиён) 355
Каримӣ С. С.
«Таърихи ҷаҳонгушой» – сарчашмаи муҳимми таърихи давлати Хоразмшоҳиён 363
Мирзоалиев И. Ҳ.
Саҳми Пешвои миллат дар эҳё ва бузургдошти ҷашни Наврӯз 373
Ходжаев М. П., Сайдалиев Ф. Р.
Саразм как ключевой объект археологического туризма 381
Ҳоҷиев Ф. Н.
Фаъолияти Бобоҷон Ғафуров ҳамчун вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон 388
Мирзоев М. Н., Қурбонова М. И.
Инъикоси таърих ва этнографияи шаҳри Бухоро дар асарҳои О. А. Сухарева 394
Saynakov S. P., Ilnazarova M. P.
From the history of the incorporation of the Pamirs into Russia 399
Суфиев Ф. Р.
Ташаккули ҷаҳонбинӣ ва шахсияти Қаҳҳор Маҳкамов дар шароити ҷомеаи сотсиалистӣ 410

ТДУ 811.222.1'272(575.3)

ҲИДОЯТ ВА РАҲНАМОИҲОИ СОЗАНДАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ОИД БА АРЗИШИ ОЛИИ МИЛЛАТ – ЗАБОН

Раҳматуллозода С. Р., Ашурова М. Д.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 соҳибистиқлол шуд, ҳифз ва рушди забони тоҷикӣ ҳамчун рукни асосии ҳувияти миллӣ эътироф гардида, дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони давлатӣ ҳамчун арзиши олии миллат ҷойгоҳи махсусро касб намуд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз соли 2000 то 2025 ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, раҳнамоиҳои созанда пешниҳод кардааст, ки он на танҳо ба ҳифзи забони давлатӣ, балки ба тақвияти ваҳдати миллӣ, пешрафтҳои фарҳангӣ ва ҳамгироӣ бо ҷаҳони муосир низ мусоидат кардаанд [1].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки забонҳо таҳти таъсири фарҳангҳои бегона қарор доранд, сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун василаи ҳифзи ҳувият ва рушди миллат амал мекунад. Дар асоси раҳнамоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2009, 2023, 2025), ки бо таҳрирҳои наву созанда қабул шуд, мақоми забони тоҷикиро ҳамчун забони расмӣ и воситаи муошират миллӣ муайян кардааст [5]. Ин Қонун натиҷаи таваҷҷуҳи хос ва доимии роҳбари давлат ба забон аст, ки дар паёмҳо борҳо таъкид шудааст. Масъалаҳои забон дар паёмҳои Сарвари давлат сиёсати рушди пайдарпайии мувозибат ба забонро нишон медиҳад. Ин ба он маъно аст, ки агар дар паёмҳои аввалини пас аз ҷанги шаҳрвандӣ забон ҳамчун омили ваҳдат муаррифӣ шуда, моҳияти ваҳдатофарии он ба мардум муаррифӣ мешуд, пас дар солҳои охир ба масъалаҳои сифр лингвистии забон аз қабили тозагии забон, сареҳу бехато суҳбат кардану навиштан, такмили забондонии ҷавонон, таҳияи луғатномаҳои соҳавӣ, таълифи китобҳои таълимӣ ба забони давлатӣ, таълими босифати забон, навиштани рисолаҳои илмӣ ба забони давлатӣ, ислоҳи камбудиҳои забонии номҳои ҷуғрофӣ, дурустнависии номҳои одамон, номгузории одамон дар асоси анъанаҳои таърихии миллати тоҷик, таваҷҷуҳи махсус ба навиштани эълону рекламаҳо дар саросари Ҷумҳурӣ дар асоси меъёрҳои забони давлатӣ, ба забони тоҷикӣ баргузор намудани конференсияю симпозиюмрушди истилоҳот ва ҳамоҳангии дороиҳои забон дар соҳаи технологияҳои нав ва ғайраҳо диққати махсус зоҳир карда мешавад.

Дар суханронии хеш Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ дар соли 2019 гуфта буданд, ки "Забони модарии мо - забони ширину шево ва шоиронаи тоҷикӣ, ки донишу маърифати дар тули ҳазорсолаҳо андӯхтаи мардумро дар худ нигоҳ доштааст, гӯётарин далели ҳастӣ ва мақоми ҳаётбахши он дар сарнавишти таърихии миллати мо ба ҳисоб меравад" [7]. Ин суханони пурҳикматест, ки дар он чанд хусусияти забон мунъакис шудааст. Пеш аз ҳама забони модариро забони ширину шево мехонанд, ки воқеияти маҳзро инъикос мекунад. Забони модарӣ, ки бо шири модар ба инсон меояд, аз тифлӣ беҳтарин суханони ҳикматомезро аз модар тавассути ин забон шунида, заминаи инсони комил шуданро мегузорад. Хусусияти дигари суханони мазкури Ҷаноби олӣ аз он иборат аст, ки забони модариамонро барҳақ забони шоирона медонанд. Дар ҳақиқат, модари тоҷик бо лаҳни шакарбораш алла мегӯяд ва дар домони худ ҳазорон адибро ба воя мерасонад. Агар номи Абуабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Абуали ибни Сино, Закариёи Розӣ, Абурайҳони Берунӣ, Абунасри Форобӣ, Умари Хайём, Камоли Хуҷандӣ, Низомии Ганҷавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Аҳмади Дониш, Садриддини Айнӣ барин адибонро, ки аз модари тоҷик зода шуда, дар домони модари тоҷик тарбия ёфта, бо забони модарии тоҷикӣ асар эҷод карда, барои ҷаҳониён андешаҳои бикру пешқадамро пешниҳод кардаанд, рӯйи коғаз орем, садҳо саҳифа камӣ мекунад. Бо доштани захираи бузурги маънавии аз тарафи фарзандони модари тоҷик эҷодшуда забони модарии миллати тоҷикро забони ширину шоирона гуфтан

ҳаққи ҳалоли фарзанди миллат ва фарзанди модари тоҷик – Эмомалӣ Раҳмон аст. Давоми суханони мантиқии Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон ин аст, ки эшон мефармоянд, ки забони модарии тоҷикон “донишу маърифати дар тули ҳазорсолаҳо андухтаи мардумро дар худ нигоҳ доштааст”, ки ин як ҳақиқати ширини таърихӣ аст. Ба осори адибони дар боло зикршуда назар афканем, дурустии бечуну чарои андешаҳои Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон ҳувайдо мегардад. Нуктаи боз ҳам муҳимтар дар он аст, ки Сарвари давлат забонро далели ҳастии миллат мешуморанд ва мақоми ҳаётбахш доштани онро дар сарнавишти таърихии миллати мо таъкид менамоянд. Ин суханон гувоҳи онанд, ки раҳнамоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забонро на танҳо ҳамчун воситаи муошират, балки ҳамчун рамзи давлатдорӣ, ҳифзи асолату мавҷудияти миллат ва мероси таърихӣ мебинанд.

Идомаи мантиқии пешбурди сиёсати давлатии забон аз тарафи Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон ин аст, ки дар Паёми ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” 27-уми апрели соли 2000-ум, пас аз барқарор шудани сулҳ, забони тоҷикиро ҳамчун пояи давлатдории миллӣ муаррифӣ намуданд. Ин ҳолат ба ҳифзи ҳуввият, худшиносию худогоҳии миллӣ тавассути забон омили муҳимми ваҳдатовар буд.

Баъдан, дар Паёми соли 2001 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки "забони тоҷикӣ дар раванди рушди таърихии худ ҳамчун шаҳсутуни бинои маънавии миллат ва муҳимтарин воситаи инъикоси ҳаёти мардум барои мондагонии миллати тоҷик нақши барҷаста бозидааст" [1]. Дар он шароит ин суханон барои барқарор кардани ваҳдати миллӣ аҳаммияти хоса касб намуд. Забонро ҳамчун омили муттаҳидкунанда муаррифӣ намуда, раҳнамоӣ барои омӯзиши онро дар МТМУ тақвият бахшид. Дар ин солҳо, таваҷҷуҳ ба ҳифзи забон ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар соли 2009 заминаи асосӣ гузошт. Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин баён намуданд, ки "Забони тоҷикӣ баёнгари тамоми арзишҳои бузурги маънавии халқи мо буда, тамаддун ва фарҳанги куҳанбунёд, ки мо бо онҳо ифтихор мекунем, то ба имрӯз ба туфайли ҳамин забон ҳифз шуда, ба мо расидааст" [7]. Ин суханон аз он маншаъ мегирад, ки дар дарозои таърих ва аз замони буду боши миллати тоҷик сар карда, то имрӯз тавассути забон осори илмию фарҳангӣ ва таърихии рӯйи кор омада, тавассути забон дар даврaҳои гуногун рӯйи сангҳо, сафолпораҳо, кӯҳу кутал, сутунҳо, деворҳо, коғазу пустҳои дарахтону ҳайвонот ва дигар воситаҳо дарҷ шуда бошад, имрӯз дар пешрафтатарин воситаҳо пешкаш мегардад ва короии ин забон дар ҳамаи соҳаҳо таъмин аст.

Ба масъалаи таълими босифати забон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даҳҳо бор таваҷҷуҳи ҷомеаро ҷалб кардаанд. Ҳануз дар паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” 4.04.2003 Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон ба омӯзиши забони давлатӣ дар муассисаҳои таълимӣ даъват намуда, гуфта буданд, ки "Мо бояд ба масъалаи омӯзонидани забон ба фарзандонамон аз оила ва муассисаҳои томактабӣ сар карда, то дигар зинаҳои таҳсилот эътибори аввалиндараҷа диҳем" [1]. Дар ин суханони пурҳикмат се зинаи донишандузии фарзандонро дар самти забон мушоҳида мекунем. Аввал аз ҳама Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон ба масъулияти оилавӣ таваҷҷуҳи моро ҷалб менамоянд. Дар ҳақиқат аҳли оила ва махсусан волидайн масъулияти аввалини забономӯзии шахсияти ояндаро бу душ дорад. Калимаю истилоҳоти дар оила истифдашаванда и тарзи талаффули онҳо дар сатҳи забони ноби тоҷикӣ роҳи фарзандонро ба зинаи баъдӣ, ки онро Ҷаноби олӣ муассисаҳои томактабӣ унвон кардаанд, муҳим мебошад. Муассисаи томактабӣ яке аз амокини асосии тарбияву таълими атфол ба шумор меравад. Дар ин гуна муассисаҳо мураббиёне бояд ба тарбия кӯдакон баргузида шаванд, ки ахлоқи олии инсондӯстӣ дошта, намунаи олии маданият дар онҳо зуҳур карда, аз забони ширину шоиронаи тоҷикӣ бархурдор бошанд. Ҳамин ҳолатро ба назар гирифта, Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон муассисаи томактабиро зинаи муҳимми забономӯзии фарзандон мешуморанд. Дигар зинаҳои таҳсилот Донишгоҳу донишкадаҳо ба шумор мераванд, ки дар ин самт низ ғамхориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи баланд аст.

Дар системаи маориф ин дастури созанда барои тақвияти омӯзиши забони модарӣ мусоидат намуд. Дар баробари ин, ҳамон сол Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рушди омӯзиши забонҳо аз ҷумла забони русӣ ва англисӣ аз 4-уми апрели соли 2003 “Дар бораи такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ” таҳти рақами

(№1047) қабул шуд, ки омӯзиши забонҳои хориҷиро дар асоси забони модарӣ ҳавасманд гардонида, раҳнамоӣ ба ҳамоҳангии забонҳои миллӣ ва байналмилалӣ мусоидат кард. Ҳамчунин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардааст: "Забони мо гавҳари бебаҳо, мояи ифтихор ва олитарин муқаддасоти миллии мост" [1]. Боиси масаррат аст, ки Ҷаноби олӣ ба рушди забон ҳам дар соҳаҳои гуногуни илму технология ва истилоҳоти соҳавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Дар ин замина, таъкид менамоянд, ки "... ҳифзи асолати забони миллӣ дар замони ҷаҳонишавии босуръат, интишори бесобиқаи иттилооти гуногун, рушди техникаву технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ва таъсири фарҳангу забонҳои бегона яке аз вазифаҳои муҳим ба ҳисоб меравад" [1]. Ин таъкидҳо барои эҷоди барномаҳои давлатӣ оид ба ҳифзи забон асос гузоштанд. Бо раҳнамоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин давра, ба ҳифзи забон аз таъсири забонҳои бегона равона гардида, он ба тақвияти ҳуввияти миллӣ мусоидат кард. Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон рӯйи ин андеша устуворанд, ки "Забони тоҷикӣ дар тули таърихи чандҳазорсолаи худ, бо вуҷуди монеаву мушкилоти зиёди дар масири рушд и ҳатто мавҷудияти он эҷодшуда ҳамнафасу ҳамқадами миллати тоҷик и илҳомбахши фаъолияти илмиву адабӣ, фарҳангиву маънавӣ ва сиёсиву иҷтимоии тоҷикон будааст" [1].

Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон ба тавсеаи забони давлати на танҳо дар дохил,балки дар берун аз он, дар сатҳҳои гуногун шароит фароҳам осардаанд. Махсусан, таваҷуҳи эшон ба рушди забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ зиёд буда, бо рушди иқтисодӣ ва ҳамгироӣ дар забон асос гузоштаанд. Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон дуруст қайд намудаанд, ки "Имрӯз забони тоҷикӣ дар ҳамоишҳои бонуфузи дохиливу хориҷӣ, аз ҷумла, аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид садо медиҳад" [1]. Ин шаҳодат бар он аст, ки забон ҳамчун воситаи дипломатия истифода мешавад. Дар баробари ин таваҷҷуҳ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар асоси забони модарӣ афзуда истодааст. Дар ин маврид фармудаанд: "Танҳо ҷавононе, ки забони давлатии худро дар сатҳи аъло медонанд ва забонҳои хориҷиро дар асоси он хуб аз худ мекунанд, метавонанд дар раванди ҳамгироӣ бо тамаддуни ҷаҳон фаъол бошанд" [1]. Роҳнамоиҳои Ҷаноби олӣ боиси тақвияти корбурди забон дар санадҳои расмӣ гардид. Дар ин давра, барномаҳои давлатӣ оид ба омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ оғоз шуданд.

Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон арзиши баланди забони давлатиро мабнӣ бар ин медонанд, ки "Забони давлатӣ ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимтарини давлати соҳибихтиёри тоҷикон эътироф гардидааст" [1].

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар асоси забони модарӣ дар меҳвари сиёсати забономӯзии Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Ин аст, ки дар паёми 23-юми январи соли 2015 ва 26-уми декабри соли 2019 ба масъалаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар асоси забони модарӣ диққат дода шуд. Зикр гардид, ки "Танҳо ҷавононе, ки забони давлатии худро дар сатҳи аъло медонанд ва забонҳои хориҷиро дар асоси он хуб аз худ мекунанд, метавонанд дар раванди ҳамгироӣ бо тамаддуни ҷаҳон фаъол бошанд" [1].

Муҳтарам Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон ганҷи ноёб будани забонро борҳо таъкид карда, барои мусаффо нигаҳ доштани он ҳидоятҳои ҳамешагӣ доранд. Рӯзи 26-уми январи соли 2021 дар паёми навбатӣ изҳор намуданд, ки "Забони мо гавҳари бебаҳо, мояи ифтихор ва олитарин муқаддасоти миллии мост, ки аз гузаштагон мерос мондааст ва мо бояд онро барои наслҳои оянда дар шакли суфтаву такмилёфта ва поку бегазанд ба мерос гузорем" [1]. Ин ифтихороти Сарвари давлат бар пояи бузурги маънавиёти миллати тоҷик, ки дар тули ҳазорсолаҳо пай дар пай зам шуда, омадаанд, устувор аст. Ҳифзи гавҳари бебаҳо и олитарин муқаддасоти мардумӣ - забон барои ҳар фарди ҷомеа вазифаи ҷонӣ аст.

Масъалаи дигаре, ки ба он Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳ доранд, такмилу азнавсозӣ ва мураттаб сохтани калимаю истилоҳоти соҳавӣ ба шумор меравад. Доир ин масъала борҳо таъкид бар он доранд, ки пешрафти соҳаҳо боиси ба вуҷуд омадани истилоҳот аст, ки онҳо бояд ба меъёрҳои калимасозию калимаофаринии забонамон дар асоси қолибҳои мавҷудаи забон муносибу мувофиқ бошад. Дар паём аз 28-уми декабри соли 2024, оид ба рушди истилоҳоти нав дар забон даъват намудаанд, ки "Вазифаи олимону донишмандон дар чунин шароит аз он иборат аст, ки бо истифода аз тавоноиву имкониятҳои забонамон калимаву истилоҳоти нави мутобиқ ба мантиқу мазмуни соҳаҳои гуногунро сохта, ба истифода диҳанд" [2]. Дар ин росто мутахассисони соҳавӣ вазифадоранд, ки барои такмили истилоҳоти соҳаҳоҳое, ки дар он фаъолият мекунанд, сайъ намояд, ки албатта барои эҷоди луғатҳои соҳавӣ мусоидат мешавад.

Аз забони Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон мешунавем, ки "... забон, миллат ва давлат ҷузъҳои ҷудоинопазири якдигар ба ҳисоб рафта, устувории давлат, бақои умри миллат ва ҳувияти миллӣ ба василаи забон таъмин мегардад" [1]. Ҳар фарди бедордили миллат эҳсос менамояд, ки тавъам будани забон бо миллату давлатдорӣ барои пешрафти устувору ҳамешагӣ мусоидат мекунад. Суханони Ҷаноби олӣ барои рӯз то рӯз таваҷҷуҳ кадарданамон ба забон мусоидат мекунад. Махсусан, дар замони пешрафти техника ва технологияҳои навини ҷаҳонӣ, ки барои ифодаи онҳо бояд забон фаъол бошад ва тамоми имконоти зеҳниашро равона созад. Ин аст, дар суханронии Рӯзи забони давлатӣ соли 2025, Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст: "Агар аз ҳозир дар фикри ба забони давлатӣ мувофиқ кардани забони инноватсия и технологияҳо набошем, на танҳо санъати сухан ва маданияти гуфтори мо, балки фасоҳату равонӣ, покиву зебоии забони модарӣ ва риояи меъёрҳои забони адабӣ таҳти таъсири манфӣ қарор хоҳад гирифт" [8].

Хушбахтона, бо талошу раҳнамоиҳои Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 35 соли истиқлолӣ ба дастовардҳои бузург ноил гардид. Аз ҷумла дар ин марҳила истиқлоли сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ҳифз ва таҳким бахшида шуд, пояҳои асосии давлатдории миллӣ ташаккул ёфтанд, манфиатҳои миллӣ мушаххас гардида, мушкилоти ҷиддии иқтисодиву иҷтимоӣ ҳал гардиданд. Аз он ҷумла арзишҳои олии миллат – забон фарҳанг ва урфу одатҳо эҳё ва муаррифӣ карда шудаанд.

Таҳаввули масъалаҳои марбут ба забони тоҷикӣ ҳамчун арзиши олии миллат дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2000–2025) дар ҷадвали зерин оварда шудааст:

Ҷадвали 1.

Таҳаввули масъалаҳои забони тоҷикӣ ҳамчун арзиши олии миллат дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2000–2025)

Сол	Ҳидоят ва раҳнамоиҳои созандаи Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон оид ба арзиши олии миллат – забон
2000–2012	Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ва воситаи асосии худшиносӣ ва давлатсозӣ пас аз истиқлол таъкид шудааст. Роҳнамоӣ ба ҳифзи мақоми он дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин рушди он дар баробари забонҳои хориҷӣ. (Дар паёмҳои ибтидоӣ ҳамчун муқаддасоти миллӣ зикр мешавад).
2008	Забони тоҷикӣ дар робита бо ҷашнҳои миллӣ (масалан, 1150-солагии Рӯдакӣ) ҳамчун мероси адабӣ ва фарҳангӣ ҳифз ва тарғиб карда мешавад.
2013	«Зеро забони тоҷикӣ дар баробари дигар муқаддасоти миллӣ...» – ҳифз ва рушди он ҳамчун арзиши муқаддас таъкид мешавад.
2018	Кӯшишҳои мунтазам барои тавсеаи истифодаи забони тоҷикӣ ҳамчун забони модарӣ ва давлатӣ; ҳифзи покӣ ва мақоми он дар ҷомеа.
2021	Диққати аввалиндараҷа ба рушди «забони шево ва шоиронаи тоҷикӣ»; забони давлатӣ – «як сарвати муқаддас ва гаронбаҳотарини мо»; саҳми зиёиён, адибон, олимон ва рӯзноманигорон дар рушд; идомаи маъракаи «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» барои тарғиби забон ва китобхонӣ; омӯзиши забонҳои хориҷӣ (англисӣ, русӣ) дар баробари ҳифзи аслияти тоҷикӣ.
2024	Ҳар давлати миллӣ забонро ҳамчун арзиши аввалиндараҷа ҳифз мекунад; татбиқи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020–2030; фаъолияти Кумитаи забон ва истилоҳот (аз 2009); таҳия ва ҳамоҳангсозии истилоҳот (зарфҳои луғатҳои бисёрзабона); рӯйхати номҳои миллӣ (аз 2016, ислоҳи 2023); эҷоди браузери тоҷикӣ (Mozilla Firefox ба тоҷикӣ, май 2024) барои тавсеаи забон дар фазои интернетӣ.
2025 (Паёми 16 декабри 2025)	«Забони тоҷикӣ асоси ҳувияту худшиносии миллии мо ба шумор рафта, барои ҳар фарди тоҷик азизу муътабар мебошад»; ҳифзи ҳофизаи таърихӣ-фарҳангӣ тавассути забон; пайванд бо адабиёт, фарҳанг и илми ҳазорсолаҳо; пок нигоҳ доштани забони муошират; эҳё ва рушди забони илмии тоҷикӣ; тарбияи насли ҷавон дар эҳтиром ба забон ҳамчун пояи ватандӯстӣ ва худшиносӣ.

Сарчашма: *Таҳияи муаллифон дар асоси Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (солҳои 2000–2025).*

Дар тули 35 соли соҳибистиқлолӣ ҳақиқатан ҳам бо талошу раҳнамоиҳои созандаи Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои бузург ноил гардид. Дар ин давра: истиқлоли сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, ҳифз ва таҳким ёфт, пояҳои асосии

давлатдории миллӣ ташаккул ёфтанд, манфиатҳои миллӣ мушаххас гардида, мушкилоти ҷиддии иқтисодиву иҷтимоӣ ҳал гардиданд, амнияти энергетикӣ таъмин ва кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ бароварда шуд, арзишҳои олии миллат забон, фарҳанг ва урфу одатҳо эҳё ва муаррифӣ карда шудаанд ва дар ниҳоят имиҷи сиёсӣ ва байналмиллалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳон эътироф ва шинохта шуд. Ба қавли Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон: “Мардуми шарафманди Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар шароити мураккабу буҳронии ҷаҳони муосир ба нангу номуси ватандорӣ, ҳисси баланди миллӣ ва иродаи қавӣ Ватани муқаддаси худро ҳифз кунанд, онро боз ҳам обод намоянд ва нуфузу обрӯйи Ҷумҳурии Тоҷикистони озоду соҳибихтиёрро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоранд”.

Раҳнамоиҳои созандаи Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” солҳои 2000-2025 нисбат ба забони давлатӣ ҳамчун арзиши олии миллат нақши калидӣ бозидаанд. Ин раҳнамоиҳо дар тамоми давра чунин аст: забон ҳамчун шаҳсутуни бинои маънавии миллат, сарвати муқаддас ва асоси ҳувият ҳифз мешавад; вазифаҳо тоза нигоҳ доштан, тавсеаи истилоҳот ва илмӣ, истифода дар маориф ва давлат, тарғиб тавассути китоб ва фарҳанг, ҳамоҳангӣ бо барномаҳои давлатӣ (2020–2030 ва ғ.) ҳамеша дар баробари забонҳои хориҷӣ омӯхта мешавад, аммо аслият ва покии забони тоҷикӣ аввалиндараҷа аст; ба ҳифз, рушд ва тақвияти мақоми забон мусоидат карда, ҳувияти миллиро устувор намуданд. Дар оянда, татбиқи ин дастурҳо барои ҳифзи забон дар шароити ҷаҳонишавӣ муҳим аст. Гуфтаҳои боло шаҳодат медиҳанд, ки сиёсати забонӣ қисми ҷудонопазири сиёсати давлатӣ аст, ва таъсири он дар пешрафти ҷомеа дида мешавад.

Адабиёт

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (солҳои 2000–2025) [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/missives (санаи мурочиат: 18.01.2026).*
2. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2024 [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/missives/49225 (санаи мурочиат: 01.02.2026).*
3. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.12.2025 [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/missives/54181 (санаи мурочиат: 05.02.2026).*
4. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2015, 2019, 2021) [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/missives (санаи мурочиат: 08.02.2026).*
5. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 05.10.2009 № 553, с тағйиру иловаҳои соли 2023 ва 2025) [Манбаи электронӣ]. – URL: https://mmk.tj/content/Қонуни-Ҷумҳурии-Тоҷикистон-Дар-бораи-забони-давлатии-Ҷумҳурии-Тоҷикистон (санаи мурочиат: 10.02.2026).*
6. *Паёми шодбоши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ (2025) [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.khovar.tj (санаи мурочиат: 13.02.2026).*
7. *Суханронии Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2019) [Манбаи электронӣ]. – URL: https://khovar.tj/2019/10/suhanronii-peshvoi-millat-emomal-ra-mon-ba-munosibati-r-zi-zaboni-davlatii-um-urii-to-ikiston/ (санаи мурочиат: 18.02.2026).*
8. *Суханронии Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ (2025) [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.kumitaizabon.tj (санаи мурочиат: 23.02.2026).*
9. *Раҳмон, Э. Забони миллат – ҳастии миллат [Текст] / Э. Раҳмон. – Душанбе : Ирфон, 2010. – 128 с.*
10. *Ашурова, М. Ҳифзи забони тоҷикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Текст] / М. Ашурова // Суханшиносӣ. – 2025. – № 1. – С. 12–25.*
11. *Раҳматуллозода, С. Нақши Пешвои миллат дар рушди забони давлатӣ [Текст] / С. Раҳматуллозода // Ахбори АМИТ. – 2024. – № 2. – С. 45–58.*

ҲИДОЯТ ВА РАҲНАМОИҲОИ СОЗАНДАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ОИД БА АРЗИШИ ОЛИИ МИЛЛАТ – ЗАБОН

Дар мақолаи мазкур раҳнамоиҳои созандаи Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои солонаи ӯ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз соли 2000 то 2025 нисбат ба забони давлатӣ ҳамчун арзиши олии миллат мавриди омӯзиш қарор дода шудаастд. Таваҷҷуҳи хос ба ҳифз, рушд ва тақвияти мақоми забони тоҷикӣ дар

солҳои соҳибистиқлолӣ равона гардидааст. Мақола бо истифода аз манбаъҳои расмӣ ва таҳқиқоти илмӣ мураттаб шуда, ҳадаф аз он нишон додани нақши раҳбарӣ дар ҳифзи ҳувияти миллӣ мебошад. Суханроиҳою ҳидоятҳои Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон гувоҳи он аст, ки дар замони соҳибихтиёрӣ ба забон чун меҳвари муомилот ва ҳастии миллат барои худшиносию худогоҳӣ муносибат шуда, чун василаи баланд бардоштани ҳувияти миллӣ муаррифӣ шудааст.

Калидвожаҳо: Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон, забони давлатӣ, арзиши миллӣ, соҳибистиқлолӣ, паёмҳо, ҳифзи забон, рушди забон, ҳувияти миллӣ, сиёсати забонӣ.

СОЗИДАТЕЛЬНЫЕ РУКОВОДЯЩИЕ ИДЕИ ЛИДЕРА НАЦИИ – ЭМОМАЛИ РАХМОНА ОТНОСИТЕЛЬНО ВЫСШЕЙ ЦЕННОСТИ НАЦИИ – ЯЗЫКА

В данной статье анализируются созидательные руководящие идеи Лидера нации - Эмомали Рахмона, отражённые в его ежегодных Посланиях Маджлиси Оли Республики Таджикистан «О внутренней и внешней политике Республики Таджикистан» за период с 2000 по 2025 годы, касающиеся государственного языка как высшей ценности нации. Особое внимание уделяется сохранению, развитию и укреплению статуса таджикского языка в годы независимости. Статья подготовлена на основе официальных источников и научных исследований и направлена на анализ роли руководиделя в сохранении национальной идентичности. Речи и наставления Лидера нации - Эмомали Рахмона свидетельствуют о том, что в период независимости язык рассматривался как ось коммуникации и основа существования нации для самопознания и самосознания, и представлялся как средство укрепления национальной идентичности.

Ключевые слова: Лидер нации - Эмомали Рахмон, государственный язык, национальная ценность, независимость, Послания, сохранение языка, развитие языка, национальная идентичность, языковая политика.

CONSTRUCTIVE GUIDANCE AND DIRECTIVES OF THE LEADER OF THE NATION – EMOMALI RAHMON ON THE SUPREME VALUE OF THE NATION – THE LANGUAGE

This article analyzes the constructive guidance of the Leader of the Nation - Emomali Rahmon, presented in his annual Addresses to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan titled “On the Domestic and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan” from 2000 to 2025, regarding the state language as the supreme value of the nation. Special attention is given to the preservation, development, and strengthening of the status of the Tajik language during the years of independence. The article is based on official sources and scholarly studies and aims to demonstrate the role of leadership in preserving national identity. The speeches and instructions of the Leader of the Nation - Emomali Rahmon testify that during the period of independence, language was treated as the axis of communication and the existence of the nation for self-knowledge and self-awareness, and was presented as a means of enhancing national identity.

Keywords: Leader of the Nation Emomali Rahmon, state language, national value, independence, Addresses, language preservation, language development, national identity, language policy.

Дар бораи муаллифон

Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло
Д.и.ф., профессор, узви вобастаи АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: saxidodi@list.ru

Ашурова Мавзуна Давлатовна
Унвончӯйи Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: ashurova.mavzuna92@mail.ru

Об авторах

Рахматуллозода Сахидод Рахматулло
Д.ф.н., профессор, член-корр. НАНТ
734025, Республика Таджикистан, Душанбе,
проспект Рудаки, 33
E-mail: saxidodi@list.ru

Ашурова Мавзуна Давлатовна
Соискатель Института языка и литературы имени А. Рудаки НАНТ
734025, Республика Таджикистан, Душанбе,
проспект Рудаки, 33
E-mail: ashurova.mavzuna92@mail.ru

About the authors

Rahmatullozoda Sahidod Rahmatullo
Doctor of Philological Sciences, Professor,
Corresponding Member of the NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 33
E-mail: saxidodi@list.ru

Ashurova Mavzuna Davlatovna
Applicant at the Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 33
E-mail: ashurova.mavzuna92@mail.ru

ТДУ 811.222.8'373.23

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Амирбекзода Н., Хоҷазод С.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Забони тоҷикӣ яке аз рукнҳои асосӣ ва арзишманди давлату миллат буда, он таърихи дуру дароз дорад. Рушди тафаккури миллӣ ва худогоҳиву меҳанпарастӣ маҳз тавассути арҷгузорӣ ба забони модарӣ имконпазир мегардад. Забон як ҷузъи фарҳанги миллист, ки маҳз тавассути он миллат ҳувияти хешро таҳким бахшида муаррифӣ месозад ва онро ҳифз менамояд, зеро ҳастии миллат пеш аз ҳама дар илму фарҳанг ифода меёбад ва баёнгари моҳияти фарҳанг барҷастатар аз ҳама дар забон муяссар мегардад [1, с. 26].

Агар мо ба таърихи ташаккул ва рушди забони тоҷикӣ-форсӣ назар кунем, бешак, инкишофи он ба даврaҳои қадим, асосан, ба давраи ҳукмронии сулолаи тоҷикон – Сомониён рост меояд. Маҳз дар асри X забони тоҷикӣ дар давраи давлатдории Сомониён ба авҷи камолот расида, як даврони тиллоиро аз сар гузаронд. Аммо боз зиёда аз ҳазор сол, пас аз инқирози давлати Сомониён то давраи истиқлолияти давлатӣ ба маҳдудиятҳои зиёде дучор шуда, дар арсаи таърих тақдири он дар дасти бегонагон монд. Бузургдошти забон, фарҳанг ва таърихи ориёиҳо, ки фазилати муҳимтарин дар давлатдории Сомониён маҳсуб мешуд, дар сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсус дошта, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он марҳила ба марҳила тавсеа меёфтанд. Пешвои миллат ба рушди забони давлатӣ аҳаммияти хос дода, андешаҳои худро дар тамоми суханрониҳо ва баромадҳояшон дар ин мавзуъ иброз дошта, забонро дар баробари таъриху фарҳанг ва маънавиёт омили бунёдӣ барои баланд бардоштани ҳувияти миллӣ ва худшиносиву худогоҳӣ маънидод мекардаанд. Дар ҷашни Рӯзи забон, 22 – юми июли соли 1996 Президенти кишвар фармуда буданд: “Забон рукни асосии миллат ва давлат аст. Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд. Забон омили асосии рушду камоли миллат ва давлат аст. Ин аст, ки забон ва давлату миллат дар паҳнои якдигаранд” [9, с. 491]. Меҳвари баромадҳои Президент оид ба арҷгузорӣ ба забонро метавон чунин хулоса кард: насли имрӯз ва фардои мо бояд дар зеҳни худ забони модариро ҳамчун муқаддасоти миллӣ ва волотарин арзиши фарҳангӣ парвариш дода аз таърихи забони модарии хеш ва осори он огоҳӣ дошта бошанд.

Таърих гувоҳ аст, ки дар давлати абадқудрати Сомониён забони тоҷикии дарӣ ба ҳайси забони расмии давлатӣ эътироф гардида, он чун забони байналмиллалӣ ҷиҳати густариш додани ҳамкориҳо бо давлатҳои Шарқу Ғарб хизмат намуда, рисолати худро дар он давра иҷро намуд. Забон ҳамеша қудрату азамат ва нигоҳдорандаи истиқлолу ҳувият буда, чун партави хуршед оламагир гардид. Вобаста ба ин масъала Қаҳрамони Тоҷикистон, аллома Бобоҷон Ғафуров дар шоҳасари безаволи худ “Тоҷикон” [2, с. 976] низ далелҳои раднопазири бузургии забони тоҷикиро оварда будаанд.

Барои аз нав эҳёву ташуккул ва рушди забони тоҷикӣ ва сазовор донистани он ба мақоми давлатӣ заҳмат ва кушишҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси таҳсину фараҳмандӣ аст. Ин абармарди асилу роҳбари мардумӣ барои бо роҳи дурусту воқиф будани мардуми тоҷик аз таърихи бою пурғановати худ ва арҷ гузоштан ба тамаддуми ориёӣ, ба забони тоҷикӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, дар 35 соли даврони истиқлолии кишвар бо амалӣ намудани як қатор корҳои созанда нақши муассир гузоштанд. Аз рӯзҳои аввали ба ҳайси Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчун Сардори давлат дар Иҷлосияи XVI интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон дар баробари таҳким бахшидани дигар соҳаҳои ҳаётан муҳимми давлатдорӣ, ба ташаккули забони тоҷикӣ ва зинда нигоҳ доштани он кушиши зиёд намуда, нахустин санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзу покиза нигоҳ доштани забон ба тасвиб расониданд, ки асоситарини он Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки 5 октябри соли 2009, №553 қабул карда шуд, мебошад. Қонуни мазкур дар самти танзим намудани қоидаи забони давлатӣ ва риояи талаботи дар он дарҷгардида, хизмат менамояд [3].

Қонуни мазкур дар асоси Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 1989, №152 ва бо назардошти манфиати ҷомеаи ва рушди сиёсати забони давлатӣ таҷдиди назар карда шуд. Тибқи талаботи моддаи якуми он: “Қонуни мазкур истифодаи забони давлатӣ ва забонҳои дигарро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии

шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ танзим менамояд". Бо такя ба талаботи ин ҳуҷҷати қонунӣ, мавқеи забони тоҷикӣ дар ҷомеа боз ҳам баланд гардида, эътибори он ҳамчун забони шевову зебо, дорои таърихи бостон боло рафт. Истифодаи васеи забони давлатӣ дар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат имконияти мусоид барои такмил ва таълими забони тоҷикӣ, тарбияи ифтихори миллӣ, баланд бардоштани фарҳанги суханварӣ, таҳқиқи корҳои илмӣ, фароҳам оварда. Дар ин мавзуъ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаҳои худро ба таври мухтасар чунин баён карода анд: "Мо барои равнақи забони худ боз ҳам бештар ғамхорӣ хоҳем кард, онро ҳамчун гавҳараки қимматбаҳои миллӣ ҳифз хоҳем кард" [6, с.174].

Қобили зикр аст, ки ҳамасола дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзҳои ид" 5 октябр ҳамчун Рӯзи забони давлатӣ бо шаҳомати хос таҷлил гардида, дар доираи нақшаҳои Ҳукумати мамлакат чорабиниҳои илмиву оммавӣ, симпозиюмҳо ва конференсияҳои сатҳҳои гуногун баргузор мегарданд. Бавижа, чорабиниҳои ба истиқболи ин ҷашн, ки бо иштироки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир карда мешаванд, дар сатҳи баланд баргузор мегарданд. Дар ин замина дар яке аз суханрониҳояшон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози андеша намудаанд: "Рӯзи забони давлатӣ барои миллати куҳанбунёд ва фарҳангофарини тоҷик, дар баробари Рӯзи истиқлолияти давлатӣ, Наврӯз ва Рӯзи модар, ҷашни муҳимм ва арзишманд ба ҳисоб меравад" [5].

Давлату ҳукумати кишвар ҷиҳати рушди забони давлатӣ ва иҷрои қоидаҳо ва меъёрҳои он, риояи ҳатмии қонунҳои дар ин соҳа ба тасвиб расида ва қабулшуда, ҳамоҳанг сохтани фаъолияти мунтазами субъектҳои давлативу ҷамъиятиро ба инобат гирифта, 31 октябри соли 2009 Қарор "Дар бораи таъсис додани Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон"- ро ба тасвиб расонид. Ниҳоди навтаъсиси давлатӣ минбаъд ҳамчун мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия ба пешбурди сиёсати давлат оид ба забон ва ба танзим даровардани меъёрҳои ҳуқуқӣ оғоз намуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забонро хишти аввалини кохи миллат хонда, онро нахустсутуни тафаккури миллӣ меноманд. Дар ин росто Пешвои миллат мефармояд: "Фарзанд сухани аввалинро аз забони модар ёд мегирад ва модарону хоҳарони моро зарур аст, ки ба фарзандонашон ҳар чӣ бештар ва амиқтар омӯхтани забони адабиро талқин намоянд" [5].

Бо мақсади эҳёи арзишҳои маънавӣ ва сарватҳои бебаҳои таъриху фарҳанги миллӣ тавассути забони модарӣ, инчунин, номгузории суннатии тоҷикӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Феҳрести номҳои миллии тоҷикӣ" таҳия ва қабул гардида, тибқи муқаррароти он танзими номгузории шаҳрвандон дар заминаи меъёрҳои таърихии номгузории миллӣ ба фарзандон, ки яке аз арзишҳои маънавии халқи тоҷик маҳсуб ёфтааст, минбаъд амалӣ мегардад. Феҳрист дар пояи суннати номгузорӣ ва меъёри номсозии тоҷикӣ бо дарназардошти фарҳанги пурғановати миллӣ беҳтарин номҳоро дар бар гирифта, гузоштани номҳои зебо ва хушоҳангу сода шарт ва зарур шуморида мешавад. Дар суханрониҳои Президенти мамлакат чунин нукта зикр мегардад, ки мову Шумо дар масъалаи ному номгузорӣ низ набояд бетараф бошем. Номгузорӣ як рукни муҳимми забон ва инъикоскунандаи асолати милливу фарҳангии миллат мебошад.

Тадбирҳо вобаста ба рушди забони тоҷикӣ аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи эҳёи Тоҷикистони навин сол то сол густариш ёфта, он ҳамчун оинаи рӯзгори гузаштаву ҳозира ва андешаи миллӣ ба ҳисоб меравад. Андешаҳо перомуни ин падидаи фарҳанги миллӣ дар китоби Эмомалӣ Раҳмон "Забони миллат – ҳастии миллат" бо далелҳои раднопазир оварда шудаанд. Таърихи забон, фарҳангу адаб бо ва сарнавишти тоҷикону дорандагони забони тозаи тоҷикӣ – форсӣ ва дарӣ дар китоб иншо гардида, давраҳои рушд ва таназзули забон, мақоми иҷтимоии он дар замонҳои гуногун, вазъи забони форсӣ ва дарӣ дар кишварҳои Эрону Афғонистон гирд оварда шудааст [8, с. 322].

Президенти мамлакат дар ин китоб ба ҷараёни маорифпарварӣ ва мақоми он дар инкишофи забони адабии тоҷикӣ махсус таъкид намуда, қайд намудаанд, ки маҳз дар нимаи дуюми асри XIX яке аз бузургтарин шахсиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ Аҳмад Маҳмуди Дониш ба ташаккул ва рушди забон аҳаммияти калон зоҳир намуда, забонро ҳамчун воситаи ягонаи ифодаи фикр эътироф карда чунин мефармоянд: "Алфоз қаволиби (қолабҳо) маъниҳост. То лафз хуб наёяд, маънии баланд аз вай сар барназанад" [7, с. 296].

Ҳамзамон дар боби алоҳидаи китоби “Забони миллат - ҳастии миллат” дар хусуси руйдодҳои фавқуллоди сиёсиву иҷтимоӣ ва пайдоиши аввалин рӯзномаҳову ҳафтаномаҳои оммавӣ ва ташкили мактабҳои усули нав сухан рафта, саҳми беандозаи равшанфикрони тоҷик, аз қабили Садриддин Айнӣ, Абдулвоҳид Мунзим, Тӯрақул Зеҳнӣ, Файзулло Хоҷаев, Абдулло Раҳимбоев, Назрулло Бектош ва дигаронро дар ин масъала муаллиф махсус таъкид намудаанд. Ин шахсиятҳои ватандӯсту худшиноси миллат аввалин мактабҳои усули нав ва китобҳои дарсиро таълиф карда, фарзандони камбағалон ва ятимону бепарастронро ба он ҷалб мекардаанд. Дар ин раванд сардафтари адабиёти тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ ба рушди матбуоти тоҷик қадамҳои аввалин гузошта, нахустрӯзномаи “Овози тоҷик” – ро, ки бо забони тоҷикӣ таълиф гардид, таъсис дод. Устод Айнӣ аҳаммияти рӯзномаро дар ҳаёти ҷомеа мусбат арзёбӣ намуда, дар мақолаи худ бо номи “Қавми тоҷик ва рӯзнома” (Овози тоҷик, 25 августи соли 1924) чунин менависад: “Рӯзномаи ҳар қавм ва миллат забони эшон аст. Ҳар қавме, ки рӯзнома надорад, гуё ки забон надорад. Яъне қавми берӯзнома мисли одами безабон аст” [5].

Рисолаи арзишманди илмии “Забони миллат – ҳастии миллат” тамоми ҷабҳаҳои илмиву назариявии забони тоҷикиро ба назардошти далелҳо ва заминаҳои сиёсиву сарчашмаҳои таърихӣ метавон чун хизмати мондагори муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул, пуштибонӣ, ғамхор будан ба ин миллату давлат маънидод карда, саҳми ин абармардро дар баланд бардоштани мақому манзалати забони зебову фасеҳи тоҷикӣ нек арзёбӣ бояд кард.

Метавон гуфт, ки маҳз саҳми Пешвои миллат дар таҳкиву пешрафти забони давлатӣ ва ҷорӣ намудани он дар коргузоии сохторҳои давлатӣ ба рушду такомули тамоми соҳаҳои хоҷагии мамлакат буда, дар ин симмат тамом вазорату идораҳо ва мақомот муваззаф гардидаанд, ки дар доираи қонунҳои амалкунандаи кишвар иҷрои уҳдадориҳоро бо сифати баланд таъмин намоянд. Соҳибони забон бе ягон монеа тамоми қонунҳои кишвар, дастурамали корӣ, таълифи мақолаҳои илмиву оммавиро бо забони модарӣ омода карда дар фаъолияти рӯзмараи худ истифода менамоянд. Фаромӯш набояд кард, ки бе рушди забони давлатӣ ҳамчун рукни муҳимми таҳкими худшиносии миллӣ ва давлатдорӣ мо ба маънои томаш соҳибистиқлол буда наметавонем. Аз ин рӯ, риояи меъёрҳои забони адабӣ, пеш аз ҳама, масъулияти бевоситаи ҳар як роҳбару корманди давлатӣ, сохторҳои гуногун, воситаҳои ахбори омма ва ҳар як зиёӣ мебошад. Инро ҳар як фарди бонангу номуси миллат, ки ба ояндаи неки Ватан хушбин аст ва мехоҳад давлаташ комилан соҳибистиқлолу мутараққӣ бошад, бояд дарк намояд.

Бо ибтикороти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати арҷ гузоштан ба таъриху фарҳанг, шахсиятҳои бузурги миллат ва баргузор намудани чорабиниҳои бузургу хотирмони миллӣ дар кишвар ва берун аз он, худогоҳӣ ва хештаншиносии тоҷиконро вусъат бахшида, мардуми баору номуси тоҷик ба ҷаззобияту ватандӯст будан ва муаррификунандаи миллати сарбаланди тоҷик гаштани Сарвари давлат эътимод пайдо намудаанд [5, с. 52].

Пешвои тоҷикони ҷаҳон эҳтиром ва тозаву беолоиш нигоҳ доштани забони миллиро вазифаи муқаддаси ҳар соҳибзабони баору номус шуморида, онро дар ҳамаи суханроniҳояш ва паёмҳои табирикотиаш бо ихлоси баланд иброз менамоянд, ки “Мо бояд ба рушди забони шево ва шоиронаи тоҷикӣ низ эътибори аввалиндараҷа диҳем. Чунки забони давлатӣ яке аз сарватҳои муқаддас ва гаронбаҳотарини мо мебошад” [4].

Бояд ҳар сокини мамлакат аз он ифтихор дошта бошад, ки чандин маротиба аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо забони шевову нафис ва лафзи ширини бузургони миллати тоҷик, Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саноиву Аттор, Умари Хайёму Носири Хусрав, Аҳмади Донишу Садриддин Айнӣ ва дигар шахсиятҳои бузурги таърихӣ ва чеҳраҳои мондагори илму маърифат суханронӣ намуда, ташаббусҳои ҷаҳониро ба дарки баланди масъулиятшиносӣ ва ҳушдор додани кишварҳои ҷаҳон пешниҳод намуда, ибтикороти фарзонафарзанди миллат аз ҷониби созмонҳои ҷаҳонӣ ва давлатҳои дунё пазируфта шудаанд. Дар ин росто, ба назари Президенти мамлакат “забони тоҷикӣ на танҳо воситаи гуфтугӯю муошират ба шумор меравад, балки болотар аз он, шиносномаи миллати азизам, руҳи поки гузаштагонам ва оинаи осори ниёконам мебошад”. Ё ин ки, “Забони миллӣ симо ва пайкари миллати мо мебошад, аз ин рӯ, ин симо бояд зебо ва ин пайкар тавоно бошад” [5].

Имрӯз тадбиру чорабиниҳои давлату Ҳукумати Тоҷикистон ба он равона шуда аст, ки забони тоҷикӣ дар мақоми шоистаи забони илм қарор дода шавад. Муасиссаҳои таҳсилоти касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ мутобиқи талаботи моддаи 10-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

“Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” уҳдадор шудаанд, ки барои ташаккули забони тоҷикӣ ҳамчун забони илм ва рушду танзими истилоҳоти илмӣ тадбирҳои муассир андешанд. Дар ин фароянд бояд таълиф ва нашри китобҳои дарсӣ барои донишҷӯён, фарҳангҳои русӣ- тоҷикӣ, англисӣ- тоҷикии истилоҳоти бахшҳои гуногун илмӣ бояд ба раванди доимӣ табдил ёбанд. Зеро боло бурдани сатҳи фарҳанги забондонӣ вазифаи асосии муассисаҳои таълимӣ мебошад. Аз ин рӯ, барои таълими он бояд дар ин муассисаҳо бо истифода аз усулу имкониятҳои замони ҳозираи илму техника ва технологияи нав бештар диққат дода шавад ва барои ташкили муҳити забони илм, истилоҳсозӣ ва ҳамгунгсозии истилоҳот шароит фароҳам оварда шавад. Чунки ба вуҷуд овардани истилоҳ, бавижа истилоҳи соҳаҳои табииву риёзӣ ва технологияи иттилоотӣ иқтидори забонро қавӣ ва зарфияти истеъмоли онро ғанӣ мегардонад. Аз ҷониби дигар, истифодаи таҷрибаи истилоҳсозии кишварҳои ҳамзабон ва пешрафта мувофиқи мақсад буда, ба вуҷуд овардани истилоҳи гӯшнавозу мардумпазир ба забон зевари маънӣ бахшида, мақоми истифодаи онро дар ҷаҳони муосир устувор ва онро аз газанди ҷаҳонишавӣ раҳоӣ мебахшад [10, с. 9-10].

Дар маҷмуъ, ташаккул ва рушди забони тоҷикӣ бо фаъолияти Пешвои миллати тоҷик пайванди ногусастанӣ дошта, саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои пешрафту шукуфоии забони давлатӣ беназир аст.

Адабиёт

1. *Бухороӣ М. Хуросон аст ин ҷо. - Душанбе: Дониш, 2009. - 416 с.*
2. *Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”.- (№ 553, 05.10.2009 с.)*
4. *Маводди Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Забони тоҷикӣ ва марҳилаҳои таърихии он: вазъ ва мушкилот” (бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ ва 700 – солагии Ҳофизи Шерозӣ). Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. – Душанбе, 2025. – С. 52-58.*
5. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- [Манбаи электронӣ. - URL: https://www. president. tj/event /missives / 17365 (санаи мурочиат: 10.08.2026).*
6. *Пешвои миллат ва сиёсати забон. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 360 с.*
7. *Раҳмон Э. Забони миллат - ҳастии миллат. Китоби 1. - Душанбе, “ЭР-граф”, 2016. – 516 с.*
8. *Раҳмон Э. Забони миллат – ҳастии миллат. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 432 с.*
9. *Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди аввал. – Душанбе: “Ирфон”, 2002. - 512 с.*
10. *Хоҷазод С. Мушкилоти таълими забони тоҷикӣ ва дурнамои рушди он дар замони истиқлол // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. 2024. - 4 (111).- С. 7-13.*

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Мақола роҷеъ ба таҳаввул ва рушди забони тоҷикӣ дар замони истиқлол бахшида шуда муаллифон таъкид менамоянд, ки истиқлол ба тақвияти худшиносии миллӣ, тарбияи руҳияи ватанпарастӣ, ифтихори шаҳрвандӣ, бедор намудани ҳисси муҳаббату эҳтиром нисбат ба забон ва омӯзишу аз худ намудани забони тоҷикӣ ва забонҳои дигар ва инчунин ба боло рафтани сатҳи худогоҳии маърифатию маънавӣ ва мафкуравии сокинони мамлакат мусоидат мекунад. Бино ба назари муаллифон ҳар давлат вазифадор аст, ки на танҳо рукни муҳимми соҳибистиқлолии худро мустаҳкам нигоҳ дорад, балки ҷиҳати рушди он ғамхорӣ намуда, густариши онро дар қаламрави мамлакат ва берун аз он таъмин намояд. Забони миллӣ забони идеологияи давлатӣ мебошад ва давлат дар татбиқи амалии он саҳми чашмрас мегузорад. Аз ин рӯ, маҳз дар замони истиқлол забони тоҷикӣ таҳти ғамхории махсуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Призеденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, барои рушди забон, густариши вазифаи ҷамъиятии он тамоми шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудааст. Муаллифон зимни таҳлили илмии масъалаи мавриди назар ба натиҷа расидаанд, ки эътироф гардидани забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ ба муттаҳид шудани тамоми қавму миллатҳои сокини Тоҷикистон мусоидат намуд.

Калидвожаҳо: Пешвои миллат, забон, рушд, таҳаввул, истиқлол, худшиносӣ, тарбия, таълим, ҷомеа, идеология, давлат, миллат.

РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В РАЗВИТИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО ЯЗЫКА

Статья посвящена эволюции и развитию таджикского языка в период независимости. Авторы подчеркивают, что независимость способствует укреплению национального самосознания, воспитанию духа патриотизма, гражданской гордости, пробуждению чувства любви и уважения к языку, его изучению и освоению, а также изучению других языков. Кроме того, она способствует повышению уровня культурного, духовного и идеологического самосознания населения страны. По

мнению авторов, каждое государство обязано не только сохранять и укреплять важнейшие основы своей независимости, но и заботиться о их развитии, обеспечивая их распространение как внутри страны, так и за её пределами. Национальный язык является языком государственной идеологии, и государство играет значительную роль в его практической реализации. Именно поэтому в период независимости таджикский язык находится под особой заботой Основателя мира и национального единства — Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона. Для развития языка и расширения его общественных функций созданы все необходимые условия. В результате научного анализа рассматриваемого вопроса авторы пришли к выводу, что признание таджикского языка государственным способствовало объединению всех народов и этнических групп, проживающих в Таджикистане.

Ключевые слова: Лидер нации, язык, развитие, эволюция, независимость, самосознание, воспитание, образование, общество, идеология, государство, нация.

THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN THE DEVELOPMENT OF THE STATE LANGUAGE

The article is devoted to the evolution and development of the Tajik language during the period of independence. The authors emphasize that independence contributes to strengthening national self-awareness, fostering patriotism, civic pride, and awakening a sense of love and respect for the language, as well as promoting the study and mastery of the Tajik language and other languages. It also contributes to raising the level of cultural, spiritual, and ideological awareness of the population. According to the authors, every state is obliged not only to preserve and strengthen the key foundations of its independence, but also to ensure their development by promoting them both within the country and beyond its borders. The national language serves as the language of state ideology, and the state plays a significant role in its practical implementation. Therefore, during the period of independence, the Tajik language has been under the special care of the Founder of Peace and National Unity — Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon. All necessary conditions have been created for the development of the language and the expansion of its social functions. Based on their scientific analysis, the authors conclude that the recognition of the Tajik language as the state language contributed to the unification of all ethnic groups and nationalities living in Tajikistan.

Keywords: Leader of the Nation, language, development, evolution, independence, self-awareness, upbringing, education, society, ideology, state, nation.

Дар бораи муаллифон

Амирбекзода Назира
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
E-mail: nazira.amirbek73@mail.ru

Хоҷазод Саидмурод
Доктори илмҳои филологӣ, профессор
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: saidmurod1970@bk.ru

Об авторах

Амирбекзода Назира
Кандидат филологических наук, доцент
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира, 33
E-mail: nazira.amirbek73@mail.ru

Ходжазод Саидмурод
Доктор филологических наук, профессор
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: saidmurod1970@bk.ru

About the authors

Amirbekzoda Nazira
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir Street, 33
E-mail: nazira.amirbek73@mail.ru

Khodzhazod Saidmurod
Doctor of Philological Sciences, Professor
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: saidmurod1970@bk.ru

ТДУ 491.550.0

БОЗТОБИ НОМВОЖАҲОИ ҶУҒРОФИИ ВОДИИ ЗАРАФШОН ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Тураев Б. Б.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Муқаддима. Шоҳасари лозаволи Ҳаким Абулқосим Фирдавсии Тӯсӣ на танҳо бузургтарин асари ҳамосии назмии шеъру адаби форсӣ-тоҷикӣ, балки яке аз аввалин сарчашмаи хаттии асримиёнагии забони тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Ва забони ин асари нотакрору оламшумул беҳтарин намунаи даврони ташаккул ва таҳаввули забони адабии тоҷик дар асрҳои IX-X ба ҳисоб меравад. Гузашта аз ин "Шоҳнома" -и Фирдавсӣ бузургтарин қомуси хештаншиносию худогоҳии миллӣ, шиносномаи муаррифгари миллати тоҷик, азамату ҷалоли таърихи нотакрор, фарҳангу тамаддуни беназир ва адабиёти оламшумули тоҷикон ва форсизабонони олам мебошад. Бинобар ҳамин ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, оид ба таҳқиқ, тарғиб ва нашри мукаммали "Шоҳнома"–и безаволи Фирдавсӣ ва низ ба ҳар як хонадони тоҷику тоҷикистонӣ ройгон тақдим намудани ин шоҳасари оламшумул, иқдоми хеле ва хеле наҷибу бесобиқа ва беназирест, ҷиҳати бедории тафаккури худогоҳии миллӣ, хештаншиносӣ, ваҳдату ягонагӣ, аҷргузорӣ ба фарҳангу тамаддуни хеш, меҳандорӣ, яъне ватандӯстию ватадорӣ, ватанпарварӣ ва пойдории ҷовидонаи кишвари маҳбубамон Тоҷикистони азиз.

"Шоҳнома"-и Фирдавсӣ танҳо як асари ҳамосии назмии дарбаргири корнамоиҳои шоҳони ориёии дудмони пешдодӣ, каёнӣ ва ҳахоманишию сосонӣ ва дигар тоифаҳои эронинажод набуда, балки бузургқомус ва уқёнуси нопайдоканори осори хаттии забон ва адабиёти беназиру оламшумули форсӣ-тоҷикӣ аст, ки дар ниҳонхонаи худ беҳтарин дурру марворидҳои забон, яъне вожаҳову таъбирҳо, иборoти ширин ва номвожаҳои ҷуғрофии зиёди пурасрореро маҳфуз доштааст.

Аз нигоҳи номшиносӣ (ономастика) "Шоҳнома"-и устод Фирдавсӣ баъд аз "Авесто" осори хаттии суғдӣ ва паҳлавӣ (порсии миёна) нахустин ва комилтарин сарчашмаи бузурги асримиёнагиест, ки дар он номҳои ҷуғрофӣ (топонимҳо), яъне номҳои куҳани шаҳру ноҳияҳо, давлату кишварҳо ва маҳалҳо, номи деҳаҳо ва нуқоти маскунӣ (ойконимҳо) номи кӯҳу пуштаҳо (оронимҳо), талу теппаҳои кӯҳҳо ва ғору камарҳо, яъне мавзеъҳои сатҳизаминӣ (спелеонимҳо), номи дарёҳо ва рӯду наҳрҳову чашмаҳо (гидронимҳо), номи дижҳо (қалъаҳо) ва дидбонгоҳҳо, номи мавзеъҳо ва маҳалҳои мухталифи ҷуғрофӣ (топонимҳо), номҳои вобаста ба номи растаниҳо, гулу гиёҳҳо ва дарахтон (фитонимҳо), номҳои вобаста ба ҳайвоноту ҷонварон (зоонимҳо-зоотопонимҳо), номҳои тоифаҳо ва гурӯҳҳову қабилаҳо ва халқиятҳо (этнонимҳо - этнотопонимҳо), номи ашхос ва номҳои ҷуғрофии вобаста ба номи ашхос (антропонимҳо) ва дигар қабатҳои ономастикӣ гирд оварда шудаанд, ки ҳар яке аз ин номҳо дорои хусусиятҳои хеле хубу нотакрори забонӣ мебошанд ва тавассути "Шоҳнома"-и лозавол то ба мо омада расидаанд.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Муҳаққиқи бузургу шинохтаи рус ва яке аз саромадони риштаи илми номашиносӣ В.А. Никонов дуруст қайд кардааст, ки: «Шаҳрҳо хароб гардиданд, давлатҳо барҳам хӯрданд, забонҳо ва худи халқҳо аз байн рафтанд, аммо номҳо боқӣ монданд…» [11, с. 179].

Тавассути "Шоҳнома"-и бузургқомус ва сарчашмаи нодиру нотакрори забон ва адаби форсӣ-тоҷикӣ номи тамоми номҳои ҷуғрофии дунёи қадим (аз замони Пешдодиён то замони Сомониён) то ба имрӯз бе газанд омада расидаанд. Ва дар байни номҳои маҳфуз дар "Шоҳнома" номҳои ашхос (антропонимҳо), номи дарёҳо, рӯду наҳрҳо ва чашмаҳо (гидронимҳо), номи мавзеъҳои ҷуғрофӣ (топонимҳо), номи кӯҳҳо (оронимҳо), комонимҳо ва ойконимҳо (номҳои нуқоти маскунӣ, шаҳру навоҳӣ ва вилоёту кишварҳо) мавқеи хоса доранд. Ба вижа ба назари мо дар "Шоҳнома" ойконимҳо мавқеи ниҳоят хоса ва муҳим дошта, дар ин бахш тавзеҳ ва таҳлилу маънидоди баъзе аз онҳо аз фоида холӣ нахоҳад буд. Чунки донистани маънои ҳар як аз нуқоти маскунӣ, бавижа номи шаҳрҳо ва вилоёту кишварҳо ва манотиқи нопайдоканори ниёгон, ки мо имрӯз дар яке аз гӯшаҳои хурду биҳиштосои он сукунат дорем, воҷиб мебошад.

Чуноне ки мамаълум аст, дар “Шоҳномаи”- и безаволи Фирдавсӣ, зимни баёну тасвири ҳодисаҳову воқеоти таърихӣ, вобаста ба ҷурофиёи ҳар ҳодисаву воқеа, теъдоди хеле зиёди номвожаҳои ҷуғрофиёӣ, яъне ҷойномҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, дар қатори дигар ҷойномҳо, номвожаҳои ҷурофии суғдии ҳудудҳои таърихии тоҷикон, яъне модаршаҳрҳову гаҳвораҳои фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон - шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро ва Байканди (< суғ. *Pátkant // Pátkanδ* => Пайкант => Пайканд => Байканд) - и водии Зарафшон, ки дар даврони қадими қаблазисломӣ бузургшаҳрҳои давлати Суғд буданд, инчунин номи худи давлати Суғд (аз ҷумла, дар қатори дигар марзҳои шомили ҳудуди Суғди Қадим, билоди болооби Зарафшон - Панҷакент, Парғар, яъне ноҳияи Айнии кунунӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Петамана => Буттамана - водии Яғноб низ марзҳои қисмати ҷанубии баландкӯҳи яке аз давлатҳои бузурги тоҷикон - давлати бузурги Суғд ба шумор мерафтанд) ба таври васеъ мавриди истифодаи шоири бузург Ҳаким Фирдавсӣ қарор гирифтаанд.

Бо такя ба сарчашмаҳои муътамади забоншиносӣ, аз рӯйи имкон тавонистем то андозае чанде аз номҳои ҷуғрофии “Шоҳнома”, бавижа ойконимҳои (номи давлату кишварҳо, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва дигар нуқоти сераҳолӣ) суғдиасл, яъне баромадашон суғдии зеринро мавриди таҳлилу таҳқиқи решашиносӣ ва тавзеҳу баррасии илмӣ қарор бидиҳем. Аз ҷумла, шаҳрноми (ойконим) **Байканд** (< суғ. *Pátkant // Pátkanδ* => Пайканд > Байканд), ки аз ҷониби устод Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” се маротиба мавриди зикр қарор гирифтааст:

Ба Байканд шуд, размгоҳе гузид,
Ки чархи равон рӯи ҳомун надид [15, с. 303].
Сипаҳдори туркон ба Байканд буд,
Басе гирди ӯ хешу пайванд буд [16, с. 574].
Сипаҳро зи Байканд берун кашид,
Дамон бар лаби рӯди Ҷайҳун кашид [16, с. 576].

Ҷойноми **Байканд** аз шумори вожаҳои мураккаби дуҷузъаи шарқиэронии суғдӣ буда, аз номи қадимаи *Pátkant // Pátkanδ* (*Pát + kant // Pát + kanδ*) гирифта шуда, маънояш «шаҳри шоҳнишин», «шаҳри шоҳон» ва «резиденсияи шоҳӣ» мебошад, аз < умум.эр. бост. *pát,ф.б. pát, ав.pát, ф.м.pát => páti, суғ. pát-* “шоҳ”, “сардор”, “сарвар”, “пешво”, “фармонраво”, “ҳоким” ва вожаи < суғ. *knt, k’nt // knδ, k’nδ => kánt // kánδ* -“шаҳр”. Муҳаққиқон Я. Маркварт [21, с. 152], В.В. Бартолд [3, с. 116], Л.Н. Гумилёв [6, с. 173] ва Е. В. Зеймал [23, с. 127] ҷойноми Байкандро дар шакли Пайканд қабул доранд, ки ба ҳақиқат наздик аст, чунки Байканд шакли муарраби ҳамон Патканти суғдӣ аст. Аз ҷумла, Я. Маркварт низ Байкандро дар шакли Пайканд қабул дорад ва мутазаккир шудааст, ки топоними мазкур аз номи қадими ***Pat-kand*** сарчашма гирифта, маънояш « шаҳри шоҳон» аст [21, с. 152].

Муҳаққиқи эронӣ Меҳрдоди Баҳор шакли муарраби ҷойноми суғдии Пайкант, яъне Байкандро мадраку асоси андешаронии хеш, оид ба ин масъала қарор дода, ӯ Байкандро мураккаб аз ду калима «бай» маъхуз аз «бағ» ба маънои «Худо» ва «ганд» ба маънои «маҳал ва макон» - «макони худоён» ҳукм кардааст, ки аз ҳақиқат хеле дур аст [4, с. 459]. Чунки агар М. Баҳор ба шакли аслии суғдии ҷойноми мазкур кор мегирифт, дар ташреҳи он, ҳеҷ гоҳ ба чунин хулоса намеомад. Зеро решаи ҷойноми мазкур ***pát*** аст, на решаи шакли муарраби он «бай». Баръакси андешаи М. Баҳор, чандин аср муқаддам, ҳануз муаррихи асримиёнагии тоҷик Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро», перомуни Байканд, ба ҳақиқати масъалаи мавриди назар хеле наздик ишора мекунад, ки: «Байкандро дар қадим “Шористони (шаҳристон) рӯйин» низ мехонданд» [9, с. 61].

Дигар, ҷойноми (шаҳрном-ойконим) **Бухоро** (< суғ. *Pwγ’r* => ва ё < суғ. *Pwγ’r’* => *Pwγārā* => *Puxār* => *Puxārā* ва муарраби он Buxārā), ки шоир дар “Шоҳнома” онро дувоздаҳ маротиба мавриди бозгӯӣ қарор додааст, аз ҷумла:

Ба шаҳри Бухоро ниҳоданд рӯй,
Чунон сохта лашкари ҷангҷӯй [16, с. 625].
Чу наздики шаҳри Бухоро расид,
Ҳама дашти Нахшаб сипаҳ густарид [16, с. 625].
Бухорову СуғдуСамарқандуЧоч,
Сапеҷобу он кишвару тахти оҷ [15, с. 248].
Сипоҳ аз Бухоро чу паррон тазарв,
Ба як ҳафта омад сӯи шаҳри Марв [16, с. 617] ва ғайра.

Ҷойноми **Бухоро** низ аз шумори топонимҳои шарқиэронии суғдӣ буда, аз нигоҳи шакли қадимаи хеш вожаи суғдии мураккаби дуҷузъа (***pw+γ’r***) мебошад (< суғ. *Pwγ’r* => ва ё < суғ.

Pwγ'r' => *Pwγārā* => *Puxār* => *Puxārā* ва муарраби он Buxārā). Баъд аз пойтахти давлати бузурги Суғди Қадим шаҳри Самарқанд, шаҳри Бухоро гаҳвораи таърих, фарҳанг ва тамаддуни қадимаи тоҷикон маҳсуб мешавад, ки дар даврони суғдиёни қаблазисломӣ остонҳои бузурги оини буддоӣ буданд. Вале нодида набояд гирифт, ки то ривоҷу равнақёбӣ ва густариши оини буддоӣ, дар Суғди Қадим (бо таъсири фарҳанги ҳиндуориёӣ) дар Суғди Қадими оғози таърих, мисли дигар марзҳои тамаддунҳои ориёӣ, қадимтарин оини тамаддунҳои ориёӣ, яъне оини митроӣ (офтобпарастӣ) ва маздояснии қаблаззардуштӣ амал мекард. Бинобар ҳамин тарҳи биноҳо ва архитектураву шакли меъмории биноҳои маъмурӣ, қасру кӯшкҳо, мазорҳову ибодатхонаҳо ва хонаҳои истиқоматии шаҳрҳои бузурги марзҳои таърихии тоҷикон, ба мисли Бухоро (пойтахти давлати Сомониёни тоҷик), Самарқанд (аз оғози таърих пойтахти давлати ниёгони тоҷикон, яъне суғдиён - Суғди Қадим), Марв (маркази Хуросони дар асл тоҷикнишин) ва тамоми марзҳои Осиёи Марказиву марзҳои Эрону Афғонистон рӯ ба офтоб буда, бисёре аз биноҳои таърихӣ шакли офтобро доранд. Далели равшани он бинои хеле зебову боҳашамати оромгоҳи шоҳ Исмоили Сомонӣ мебошад, ки меъморону биносозони асримиёнагии тоҷик онро аз рӯйи тарҳи санъати мемории ориёии митроӣ (офтобпарастии қадим, ба эҳтироми Митро - дар тасаввуроти қадимаи пешазисломӣ, яъне худои Офтоб) сохтаанд. Ва билохира метавон ба чунин хулоса расид, ки маънои ба ҳақиқати том наздики ҷойном, ва ё шаҳрноми Бухоро (< суғ. *Pwγ'r* => ва ё < суғ. *Pwγ'r'* => *Pwγārā* => *Puxār* => *Puxārā* ва муарраби он Buxārā), аз диди решашиносӣ (8169 pwγ'r S puxār (*coin of)* Bukhara - Sogdica. 8.4 p9; MDii A- 5, 4, 8, 15, 17, p181,183; MDiii p37,28; 41.5 R N;Frye, Notes on the early coins of Transoxiana 1949, 26.9 - [19,329]) «Маъбади Митро», «Маъбади Хуршед», яъне «Маъбади Офтоб», яъне "макони ибодатгоҳи бузург, ба эҳтироми Митро - худои Офтоб"дар тасаввури ниёгони қаблазисломии ниёгони мо мебошад.

Муаллифи «Фарҳанги суғдӣ» эроншинос ва суғдишиноси шаҳири эронӣ хонум Бадруззомони Қариб (аз шогирдони Пури Довуд ва В. Б. Ҳеннинг) дар саҳифаи 329 - и фарҳанги худ як маротиба ҷойноми "Бухоро" оварда, аммо онро шарҳ надодааст [19, с. 329].

Номвожаи ҷуғрофиёӣ ва ё шаҳрноми (ойконими) **Самарқанд** (< суғ. буд. *Sm'rknδh* => *Sm'rk'nδ* => *Sm'rk'nδ'*=> *S'm'rk'nδ'*=> *Samarkanδ // Samarkant* > ва муарраби он *Samarqánd*), ки дар "Шоҳнома" шоир ва ҳакими тӯсӣ ин ҷойномро ҳафт маротиба мавриди истифодаи худ қарор додааст, аз ҷумла:

Ҳаме гуфт: « - Моро Самарқанду Чоҷ,
Бибояд гирифтан бад-ин муҳру тоҷ» [16, с. 625].
Нишасташ ба шаҳри Самарқанд буд,
Дар он марз чандеш пайванд буд [16, с. 617].
Зи Ҳайтолу Турку Самарқанду Чоҷ,
Бузургони бофарру аврангу тоҷ [16, с. 567].
Чу ин карда шуд, номи Яздон бихонд,
Зи шаҳри Самарқанд лашкар биронд [15, с. 248].

Ҷойном ва ё шаҳрноми (ойконим) **Самарқанд** *[Samarqánd]* (< *Sm'rknδh*) низ аз шумори топонимҳои шарқиэронии дучузъаи суғдии аз нигоҳи сохт шаклан мураккаб буда, аз ҷузъҳои маънодори < суғдии буд. *Sm'r + k'nδ* шакл гирифта ва дар навбати худ ҳарду ҷузъи ҷойноми мазкур, дар алоҳидагӣ дорои маънои мушаххас мебошанд. Барои таҳлили этимологии (решашинохт) вожаҳо ва ҷойномҳои қадимаи шарқиэронӣ, бавижа номвожаҳои шарқиэронии суғдӣ ва маънидоди онҳо, донистани забонҳои шақиэронии қадиму миёна ва нав хеле муҳим мебошад. Алалхусус барои ташреҳ ва таҳқиқу баррасии воҳидҳои луғавии бозмондаи забони суғдӣ, донистани тамоми вижагиҳои дастурии забони суғдии нав, яъне суғдии яғнобӣ хеле муҳим ва зарур аст.

Натиҷаҳо. Ниҳоят, дар такя ба бозмондаи як лаҳҷаи забони суғдии қадим, яъне забони суғдии яғнобӣ (мустаъмал дар водии Яғноб ва дигар манотиқи ҷумҳурӣ) оид ба топоними навбатии шарқиэронии суғдиасли Самарқанд (ҳарчанде, ки перомуни топоними мазкур баъзе аз муҳаққиқони тоҷику эронӣ, русу аврупоӣ, амрикоӣ ва ҷаҳон, аз рӯи имкони фаҳму дарки хеш баъзе ишораҳо кардаанд) метавон чунин ишора кард, ки ҷойноми мазкур аз нигоҳи сохт, мисли ҷойномҳои суғдии дар боло зикршуда, шаклан вожаи мураккаб мебошад ва аз ҷузъҳои шарқиэронии суғдии *Sm'r* => *Smár* (шакли метотезашуда, яъне тағйиришаклкардаи вожаи қадимаи < суғ. буд. *Zm'r* => *Zmár* – замин; дар тоҷикӣ - форсӣ ҳамрешаи он "**марз**"- замин) "замин" (дар забони суғдии қадим ва суғдии яғнобӣ, барои ифодаи маънои "замин" се шакли навишту талаффузи муродифиҳамгунаи < суғ. *zm'r; zmn* ва *zāy // zayha* - "марз, замин" мустаъмал буд ва мустаъмаланд; барои маълумоти бештарниг. ба «Фарҳанги суғдӣ» -и Б.

Қариб ва вожаи < суғ. *knδ, k'nδ // knt, k'nt*; тоҷ. *kánd* - "шаҳр" ва муарраби он, яъне арабишудаи он "қанд" (*qand*), яъне ба маънои том "шаҳр дар замин", "шаҳр дар рӯи замин", "шаҳри замин", яъне "калонтарин шаҳр дар рӯи Замин" ва ё мантиқан "модари шаҳрҳои антиқӣ" мебошад.

Оид ба маънидоди ҷойноми Самарқанд ақидаҳои муҳаққиқони забоншинос яксон нест, аз ҷумла муаллифи «Луғати этимологии забони русӣ» (1986) М. Фасмер маънии ҷойноми Самарқандро аз ҳиссаҳои зерин: вожаи эронии *asmara* «сангӣ» ва калимаи суғдии *knd, kndh* (баръакс, на *knd* ва *kndh* – и шакли талаффузи ғарбиэронигирифта, балки дурусташ < *суғ. knt, k'nt // knδ, k'nδ* Т.Б.Б.) донистааст [14, с. 152].

Муаллифи «Ғиёс - ул - луғот» Муҳаммад Ғиёсуддин меорад, ки «...маънои Самарқанд, аз ба ҳам омадани унсурҳои «самар» ва «ганд» ба маънои «хароб» аст» [7, с. 435]. Инчунин иддае аз забоншиносони ӯзбек (Камолиддинов) бе ҳеҷ далели забоншиносӣ овардаанд, ки «номи Самарқанд баргирифта аз ҷузъҳои « семиз» ва «канд», ба маънои «шаҳри фарбеҳ» аст (вой ба ҳоли чунин «олим»- и бародар, нисбати тақдири номҳои таърихӣ ва вожаҳо – Т.Б.Б.).

Дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ оид ба шарҳи маънои ҷойноми Самарқанд, мутаассифона ба ҷуз нақлу ривёти мардумии саршори ахбори сиёсии рӯзгори ҳокимони давру замонҳо, дигар мадраки илмии ҷавобгӯи илми решашинохтии вожаҳо вуҷуд надоранд.

Дар сарчашмаҳои хаттии юнонӣ номи шаҳри Самарқанд дар шакли ифодаи юнонии он, яъне дар шакли Marakanda дарҷ гардидааст. Аз ҷумла, эроншиноси машҳури англис, суғдишинос В.Б. Ҳеннинг дунболи маънидоди ҷойноми Самарқанд ва пайдо кардани шакли навишти ибтидоии ин топоним, ба сарчашмаҳои юнонӣ мурочиат карда, чунин навиштааст: «... Maracanda {Arr, Curt}, шакли талаффузи номи пойтахти Суғдиён, яъне ҳамон шаҳри қадимаи дар замони антиқа хеле бузургу машҳури Самарқанд, ки аз ҷониби Александри Македонӣ забт гардида буд. Ҷузъи аввали ҷойноми мазкур, яъне ҷузъи аввали ду ҳамсадои ҷуфти ҳамхони суғдии * Sm- дар талафузи юнонӣ ба ҳамсадои юнонии "M" ихтисор гардида, дар натиҷа ҳамсадои аввали топоним- ҳамсадои "S" пурра аз талаффуз ва навишт афтида аст (дар замони аъроб бошад, шакли юнонии «Мараканда» ба худ шакли талаффуз ва навишти арабии «Мароқанд»-ро мегирад, Т.Б.Б.) [20, с. 54].

Муҳаққиқи шинохтаи аврупоӣ Х. Трембли ҳам фикри хеле ҷолиберо ба миён гузошта, ишора мекунад, ки : « - Шакли ибтидоии топоними Самарқанд, ҳамоно Zmarakanδa мебошад, ки аз шакли эронии қадимаи *zmarkanδā // zmarkantā – " шаҳр дар замин" (Loc. Sg. Аз реш. эр.*zam) сарчашма гирифтааст [22, с. 136]. Воқеан, ақидаи Х. Трембли, бар хилофи ақидаи бе бунёди муҳаққиқи рус П.Б. Луре ва дигарон дурусттарин пешниҳод ва андешаи илмӣ мебошад, чунки дар забони суғдӣ, дар баробари вожаи маъмули zāy (< суғ. Zayha) – замин, боз муродифи он, дар шакли zmn =>zm(r) (=> яғн.; тоҷ.- marz =>marza) вуҷуд дорад. Аз ҷумла, дар «Фарҳанги суғдӣ» омада: zy C zāy (zy)=> z'y, z'yh - замин (с. 469); zm, zmnyh =>zmny, zmpy C zambē Gen. acc. –w => zmb, znp(h) - замин; соҳил, канор [19, с. 461- 469].

Муҳокима. Ниҳоят, кишварноми (ойконим) **Суғд (*Súγd*)** - топоними мазкур низ аз шумори ҷойномҳои шарқиэронии суғдӣ буда, аз нигоҳи сохт номвожаи ҷуғрофии навъи сода буда, аз як реша иборат аст. Ҷойноми Суғд, ки ифодакунандаи номи давлати Суғди Қадим аст, як қисмати он поёноби рӯдхонаи бузурги Зарафшон буда, дар навбати худ поёноби ҳудуди таърихию имрузаи водии Зарафшонро ташкил медиҳад, ҳудудҳои имрӯзаи шаҳрҳои қадимаи тоҷикон (то солҳои 20 то 30- уми асри XX - давраи табартақсимкунии марзии диктатураи шуравии русӣ), яъне шаҳрҳои Бухоро ва Самарқандро (имрӯза ҳудудҳои марзии) низ дар бар мегирад. Яъне, агар возеҳтар баён намоем, рӯдхонаи имрӯзаи Зарашони ҷумҳурии Тоҷикистон аз кӯҳҳои болооби Зарафшон (ноҳияи Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ), рӯдхонаҳои музофоти Панҷакент ва водии Яғноб сарчашма гирифта, пурра марзҳои вилоёти Самаранду Бухорои ҷумҳурии бародарии Ӯзбекистони имрӯзаро шодоб кардаву дорад шодоб мекунад.

Ҷойноми Суғд айнан дар ҳамин шакл, яъне "Суғд" ва низ дар шаклҳои Соғду ва Суғдӣ дар қаламрави марзи водии Яғноб (дар ягона лонаи суғдизабонони ба тасодуфи таърихӣ зиндамонда) дар ҳудуди деҳаи Сокан вуҷуд дорад, ки бамаънои мавзеи чаманзори алпии ниҳоят сабзу хуррам фаҳмида мешавад. Топоними Суғд (*Súγd)* дар «Шоҳнома» - и Фирдавсии бузургвор ҳамагӣ 13 маротиба мавриди бозтобӣ ва истифодаи ҳамосасарои бузург қарор гирифтааст. Чунончи:

Ба Суғд аст бо лашкар Афросиёб,
Сипоҳу сипаҳбад ба ин рӯи об [15, с. 243].
Саросар ҳама дашт озин ниҳанд,

Ба Суғд - андар ороиши Чин ниҳанд [15, с. 244].
Зи Чин то лаби Ҷайҳун марост,
Ба Суғдему ин подшоҳӣ ҷудост [15, с. 246].
Бухорову Суғду Самарқанду Чоҷ,
Сапеҷобу он кишвару тахти оҷ [15, с. 248].
Нишаста ба Суғд - андарун шаҳрёр,
Пур аз кина бо теғзан сад ҳазор [15, с. 252] ва ғайра.

Номвожаи ҷуғрофии ***Suγd***, аз шумори вожаи содаи шарқиэронӣ буда, яке аз маъмултарин исми хос, яъне номвожаи ҷуғрофие мебошад, ки ифодакунандаи номи давлати Суғди Қадим, номи мавзеъе дар шакли *Suγdī* // *Sāγdí* // *Sāγdu* (деҳ. Сокан ҷ/д. Анзоби вод.Яғноб, н.Айнӣ) ва номи вилояти собиқ Ленинобод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Инчунин вожаи *Suγd* дар таркиби ибора топонимҳои (ифодакунандаи номи минтақаҳо) *Suγdi Buxārā* ва *Suγdi Samarqand* боқӣ мондааст ва дар шакли *Sux (<Sud=> suxδ* (водии Фарғона). Оид ба этимологияи номвожаи ҷуғрофии Суғд маълумоҳои зиёде мавҷуданд.

Муҳаққиқи шинохта А. Ҳасанзода дар такя бо маъхазҳо ва сарчашмаҳои қаблазисломӣ ва маъхазҳои асримиёнагӣ, оид ба ҷойноми Суғд *[Suγd]* чунин маълумотҳои таърихиро дар асари хеш "Ҷойвожаҳои қаламрави Сомониён"овардааст: "- Суғд, сарзамине дар ҳавзаи дарёҳои Зарафшон ва Қашқадарё. Роҷеъ ба этимологияи калимаи "суғд" муҳаққиқон дар як ақида нестанд: бархе онро гунаи таҳаввулёфтаи *Suxta*-и эронии бостон (дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ"-и нашри Маскави соли 1969 "ҷои сероб", "шибарзамин", "ҷое, ки об ҷамъ мешавад", "чаманзори хуррам") дониста, бо калимаи "сӯхтан" (ва "дурахшидан", Б.Т.) ҳамреша буданашро таъкид карданд. Қисми дигар асли он аз *suguda*, ба маънои "камонвар" ҳисобидаанд. Дастаи сеюм вожаи мазкурро "замини офтобзада" маънидод кардаанд. Муҳаққиқ А.Л.Хромов ҷонибдори аз *sugud* ибтидо ёфтани вожа буда, онро "замини паст, ботлоқ", "замини мазрӯъ ва обод ва саршор аз об", "жарфное, ки дар он оби борон ҷамъ мешавад" ташреҳ додааст [17, с. 137]. Вожаи мазкур дар форсии бостон *suguda* ё *sugda* авестоии баъдӣ *Sughdha* ва sughdh - *šayana* ё *Suguda Šayana* (сукунатгоҳи суғдиён), дар юнонӣ (грекӣ) *Sogdioi* ё *Sogdiana* будааст. Дар тули мавҷудияташ давлати Суғд дар ҳайати давлатҳои мухталифи эрониву ғайриэронӣ қарор дошт: аз ҷумла, дар ҳайати империяи Ҳахоманишиён (асрҳои VI – IV п.а.м. – беш аз 300 сол), империяи Селивкиён (Селивки I писарамуйи Искандар) давлати Юнону Бохтар (асрҳои IV-III п.а.м – 200 сол), давлати Кӯшониён (асосгузораш Ардашери I (асрҳои ибтидои мелод), шоҳигарии Ҳайтолиён (ҳефталиҳои ғарбиэронӣ асрҳои IV - V - мелодӣ - 200 сол), Хоқонии Турк (асрҳои IV -VII 200 - сол), тасарруфи арабҳо (ох.а. VII - ибт.а. VIII). Аз даврони суқути давлати Кӯшониён (а. IV -и мелодӣ) то шомил шуданаш ба ҳайати хилофати араб Суғд, ки аслан ба корҳои дохилии он истилогарон дахолат наменамуд, фарогири якчанд мулк, амсоли Маймурғ, Қубодон, ё Кабудон, Кӯшония, Бухоро, Кеш, Сурхон, Насаф, Дизак, Самарқанд, Панҷакент, Уструшана, Парғар, Буттамана, Иштихан, водии Фарғона ва монанди инҳо будааст. Ҳокимони маҳаллӣ унвонҳои хоссаи "пирӯз" "ихшид" (Самарқанд), "ихтид" (Кеш) , "ахшид" (Фарғона) ро доштанд. Пойтахти Суғд шаҳри бузурги Самарқанд – пойтахти "Роҳи Абрешим" буд. Дар байни мулкҳои тазаккурёфта бузургтаринаш Бухоро маҳсуб мегардид, ки баъзан истиқлол пайдо мекард. Ин аст, ки соҳибони осори асримиёнагӣ аз вуҷуди ду Суғд - Суғди Бухоро (бухоро - Худотиҳо - низоми модаршоҳӣ, Т.Б.Б.) ва Суғди Самарқанд (низоми ихшидгарӣ, Т.Б.Б.) ёдовар шудаанд. Панҷакент низ аз ҷумлаи тавобеи муҳимми Суғд маҳсуб шуда, аҳаммияти он дар давраи истилои араб ба маротиб афзуд. Ҳокими Панҷекат родмард Деваштич чанд муддат тахтнишини ихшидгарии Самарқанд низ буд. Баъди ҳуҷуми бардавоми арабҳо Деваштич маркази давлати худро ба Панҷакент интиқол дод, аммо арабҳо дар замони халифаи дувум Умар ибни Хаттоб охирин ҳокими Суғд ихшид Девештичро дар охирии истеҳкоми Кӯҳии ӯ Куҳи Муғ (кӯҳи Моғ,Т.Б.Б.) шикаст дода, ӯро ба қатл расонида, сари ӯро ба Бағдод бурданд. Сарзамини Суғд, бахусус Самарқанд (поёноби рӯди Зарафшон) ба дараҷае сероб будааст, ки волиёни даштии араб онро "бӯстони амиралмӯъминин" номиданд. Наҳрҳои Самарқанд (се адад), Нарпай (Кӯшония), Шопургон (Бухоро) дар машруб (сероб) сохтани мавзеъҳои мухталифи Суғд аҳаммияти муҳим доштанд. Суғдро "ҷаннати арбаи дунё" тавсиф намудаанд. Суғд дар хушии обу ҳаво ва ширинии меваҷот масал будааст. Муаллифи "Ҳудуд - ул - олам" аз хуррамӣ, "обҳои равону дарахтҳои бисёр" -и он ҳавои дурусту неъмати фароху ободониаш ва "мардумони меҳмондору омезанда" ва "нарми диндор", "тоҷирони моҳираш" изҳори андеша кардааст;. Суғд бо анвои меваву сабзаворташ

мисли ангур, шафтолуи аълосифат, олучаи сафеду зард, инчунин абрешим, коғази аълосифати самарқандӣ, пахта, пашми олидараҷааш иштиҳор пайдо карда будааст. Суғдиҳо саворону ҷангиёни далеру моҳир ва басо найзавару гурзсан ва камонварони номӣ будаанд. Дар ҳамвориҳои Суғд гӯсфандҳои дунбадори суғдӣ мавҷуд буда, корхонаҳои машккашӣ низ вуҷуд доштанд. Силсилакӯҳҳои атрофи Суғд бо сарвати фаровони худ, амсоли тилло, нуқра (сим), симоб, навшодир, хӯлаи мису руҳ ва намаки рангин шуҳрат доштааст [18, с. 389 - 400].

Муҳаққиқи эронӣ доктор Ҳасан Ризоии Боғбедӣ чунин ишора мекунад: “- Суғд номи сарзамини Эронзамини Шарқӣ. Забони давлати бузурги Суғд бо номи забони суғдӣ ёд мешавад. Забони суғдӣ аз забонҳои эронии миёнаи шарқӣ аст. Ин забон яке аз муҳимтарин забонҳои эронии даврони миёна таърихӣ буда, аз садаи VI то X -и мелодӣ (чаҳоруми ҳичрӣ) зиёда аз 500 сол (ва аз рӯи баъзе сарчашмаҳо аз асри VI то асри XII - 700 сол) забони байналмилали миёнҷӣ дар саросари масири шарқии “Ҷодаи Абрешим” (Lingua franca) буд. Осори бозмондаи ин забонро дар воҳаи Турфон, дар Туркистон Чин, бахусус дар Булайиқ, Ёрхуту, Муртук, Сангийм ва Тулок, дар китобхонаи яке аз ғорҳои “Ҳазорбуддо” дар Тун - Ҳувонги Чин, дар харобаҳои диже дар Кӯҳи Муғ (Кӯҳи Моғ, Т.Б.Б.) дар наздикии Панҷакент (дақиқан дар мавзеи байни деҳаҳои Мадм ва Хайрободи н Айнӣ, Б.Т.) дар Тоҷикистон, дар шаҳри куҳнаи Афросиёб, дар наздикии Самарқанд, дар Ӯзбекистон, дар шимоли Покистон, дар Муғлистон (алифбои Муғлистон то кунун алифбои оромиасоси суғдӣ аст, Т.Б.Б.) ва ҳатто осори хатти суғдиро дар яке аз бурҷҳои дидбонии (назоратӣ) Девори Чин низ ёфтаанд. Акнун аслитарин маҷмӯаҳои дастнавиштаҳои суғдӣ дар ганҷинаҳои миллии Берлин (Олмон), Порис (Фаронса), Ландан (Инглистон), Токиё (Ҷопон) ва Ленинград - Санкт-Петербург (Русия) нигоҳдорӣ мешаванд [5, с. 17].

Устод С. Айнӣ дар “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик” - и хеш оид ба этимологияи вожаҳои “Суғуд // Суғд”, “Суғд” ва “Суғдӣ” чунин менигарад: “- Суғуд سُغود 1. Суғд. 2. номи пештараи Даҳбеди Самарқанд ва атрофи он. 3 . ҳарҷое, ки обшор ва обод бошад;

Суғдӣ - 1. Мансуб ба Суғд. Суғдиён қавме қадимӣ, ки дар Мовароуннаҳр (Ворорӯд) бошиш доштанд. 2 . забони суғдӣ, ки як шуъбаи (қадимаи) гурӯҳи забонҳои эронист;

Суғд سُغد 1. Замини нишебе, ки дар он ҷо оби борон ғун шавад. 2 . номи як шаҳри қадимӣ, ки дар наздикии шаҳри Самарқанд буд. 3. Номи қадимаи мамлакате, ки водиҳои Зарафшон ва Қашқадарёро (Кешрӯд ва воҳаи Сурхон) дар бар мегирифт ва муҳимтарин забони Осиёи Миёна, ба ҳайси забони миёнрав забони суғдӣ буд. Суғди Самарқанд ва Суғди Бухоро дар тақсимоти маъмурии замони қадим аз Чанак то Хатирчӣ суғди Самарқанд ва аз он ҷо то Суғд ном деҳае, ки дар 32 километрии шаҳри Бухоро буда, дар байни Вобканд ва Шофирком (Шопургон) воқеъ аст, Суғди Бухоро ҳисоб меёфт” [1, с. 362].

Дар “Фарҳанги Доро”, дар такя ба сарчашмаҳои муътамад ва фарҳангҳои маъруфи “Фарҳанги суғдӣ - форсӣ - англисӣ” - и Б.Қариб ва “Фарҳанги форсии Муъин” - и доктор Муъин вожаи Суғд ва суғдӣ чунин шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Аз ҷумла; “Суғдӣ [суғ. буд., мас., sγwδy’n’k {s(u)γuδyāne}; суғ. sγwδy’w, sγwδ’yk {s(u)γuδik}; swγδ’k {suγdē}; swδ’yk {suγdik} суғдӣ; swγδ’yw {suγdyāu} суғдӣ, забони суғдӣ] 1. Мансуб ба Суғд, кишвари бостонии воқеъ дар миёни рӯдҳои Сайҳун (Сирдарё) ва Ҷайҳун (Ому), ки шаҳрҳои марказии он Самарқанд ва Бухоро буданд. 2. бошандаи Суғд. 3. забони суғдӣ – “забони байналмилалии Осиё Марказӣ ба шумор мерафт ва то Чин нуфуз дошт. Чини Қадим аз Суғди Бузург оини буддоиро ба мерос гирифт. Осори хатти суғдӣ ҳам аз иктишофоти охири Осиёи Марказӣ ва Чин аст. Ин осорро метавон аз чаҳор навъ шумурд: осори буддоӣ, осори монавӣ (хатти монавӣ - аз Монӣ) осори масеҳӣ (осори суғдии дини масеҳӣ), осори ғайридинӣ” 4. “хатти суғдӣ - хаттест муқтабис аз хатти оромӣ ва дар он ҳузворишн ба кор меравад, аммо иддаи ин ҳузворишҳо андак аст” [10, с. 238].

Хулоса. Таҳқиқи решашиносии номвожаҳои мавриди назар ба ин натиҷа меорад, ки номвожаҳои шарқиэронии суғдии дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ зикргардидаи Байканд, Самарқанд, Бухоро ва ғайра каме дур аз мантиқ шарҳи маънӣ дода шуда буданд. Аммо дар ин мақола, бо дарназардошти назарияҳои забоншиносии эронӣ бори нахуст маъниҳои дурусти решашиносӣ ироа гардиданд.

Адабиёт

1. *Айнӣ С. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик / С. Айнӣ .- Куллиёт.- Ҷ.12.- Душанбе. - 1976. – 362 с.*
2. *Ализода Иброҳим. Фарҳанги мухтасари Шоҳнома / Иброҳим Ализода. – Душанбе: Адиб, 1992. – 492 с.*

3. *Бартольд В.В. Сочинения, т.1.- Москва: Изд. восточной литературы, 1963. – 763 с.*
4. *Баҳор Меҳрдод. Пажӯҳише дар асотири Эрон / М. Баҳор.- Теҳрон, 1362. – 459 с.*
5. *Боғбедӣ Ҳ. Сутраи иллат ва маълули кирдор / Матни буддоӣ ба забони суғдӣ / Бо инзимоми «Дастури забони суғдӣ»/ Ҳ. Боғбедӣ.- Чопи аввал.- Теҳрон: Интишороти Асотир, 1388. – 232 с.*
6. *Гумилёв Л.Н. Древние тюрки / Л. Н. Гумилёв. – Москва, 1967. – 504 с.*
7. *Ғиёсуддин Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот/ Муҳаммад Ғиёсуддин. Ҷ. 1. - Душанбе: Адиб. - 1987. – 472 с.*
8. *Луре П.Б. Историко- лингвистический анализ согдийской топонимии / П.Б. Луре: Дисс. канд. филол. наук. - Санкт – Петербург, 2004. – 305 с.*
9. *Наршахӣ Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро [Матн] / М.Ҷ. Наршахӣ; бо кӯшиши Муҳаммадтақии Муддариси Разавӣ. – Теҳрон, 1363. – 443 с.*
10. *Нақот Доро. Фарҳанги Доро. Ҷ.2. / Доро Нақот.- Душанбе: Дониш, 2021. – 835 с.*
11. *Никонов В.А. Введение в топонимику В.А. / Никонов. - М., 1965. – 179 с.*
12. *Саймиддинов Д. Форсии бостон / Д. Саймиддинов. - Душанбе, 2007, 190 с.*
13. *Тӯраев Б.Б. Микротопонимияи водии Яғноб / Б. Б. Тӯраев.- Душанбе: Ирфон. - 2019. - 271 с.*
14. *Фасмер М. Этимологический словарь русского языка / М. Фасмер. - Т. 3. - Москва: Прогресс. - 1986. – 672 с.*
15. *Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷ.1. / Абулқосим Фирдавсӣ -Душанбе: Шарқи озод, 2025. - 792 с.*
16. *Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷ.2. / Абулқосим Фирдавсӣ -Душанбе: Шарқи озод, 2025. - 704 с.*
17. *Хромов А.Л. Суғд ва суғдиён / А.Л. Хромов // Садои Шарқ. - 2007. - №11. - С. 137.*
18. *Ҳасанзода А. Ҷойвожаҳои қаламрави Сомониён / А. Ҳасанзода.- Душанбе: Нури маърифат. – 2018. – 557 с.*
19. *Gharib B. Sogdian dictionary: Sogdian-Persian-English. -Tehran, 1374 (1995). -517 p.*
20. *Henning W. B., 1985- Mitteliraniskh // handbukh der Orientalistik. 1. Abteiling, 4.Bd: Iranistik.1.Abschnitt. Linguisik / W.B. HENNING- Leiden- Köln 20-130 (p. 54).*
21. *Markwart Y., Wehrot and Arang / Y. Markwart/- Leidan, 1938,p.- 152.*
22. *Tremblay X., 2001- Pour une Histoire dela Serindie / X. Tremblay- Wien p.- 169-170.*
23. *Zeimal E.W. The political history of Transocsiana // The Cambridje historiy of Iran, vol / 3 (1), col. E. Yarshater, Cambrije, 1938 p. 61.*

БОЗТОБИ НОМВОЖАҲОИ ҶУҒРОФИИ ВОДИИ ЗАРАФШОН ДАР “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ

Дар мақолаи мазкур сухан аз боби таҳлилу таҳқиқи этимологӣ, яъне решашиносии номвожаҳои ҷуғрофии қаламрави водии Зарафшон дар “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсӣ меравад. Зеро то ба имрӯз номвожаҳои шарқиэронии суғдии қаламрави водии Зарафшон, ки бозтоби онҳо дар “Шоҳнома” ба назар мерасанд, аз диди решашиносӣ (этимологӣ) ба таври бояду шояд таҳлил ва маънидод нагардидаанд. Муҳаққиқон дар таҳлилу маънидоди номвожаҳои ҷуғрофии шарқиэронии суғдии қаламрави водии Зарафшон, аз ҷумла ҷойномҳои Байканд, Самарқанд, Бухоро, Мотарӯд ва ғайра фикру андешаҳои дақиқ баён накардаанд. Бинобар ҳамин зарурат пеш омад, ки номвожаҳои ҷуғрофии фавқуззикр аз нигоҳи этимологӣ ва диди нав мавриди таҳлили решашиносӣ қарор дода шавад.

Калидвожаҳо: Шоҳнома, номвожаҳои ҷуғрофӣ, водии Зарафшон, таҳлили этимологӣ, топоним, номвожаҳои ҷуғрофии таърихӣ, забоншиносон, эроншиносон.

ОТРАЖЕНИЕ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ НАЗВАНИЙ ДОЛИНЫ ЗЕРАВШАН В "ШАХНАМЕ" ФИРДОУСИ

В данной статье рассматривается раздел, посвященный этимологическому анализу, а именно изучению географических названий региона долины Зеравшан в бессмертном произведении "Шахнаме" Фирдоуси. На сегодняшний день географические названия восточноиранского сугдийского региона Зеравшан, которые отражаются в "Шахнаме", не были должным образом проанализированы и интерпретированы с этимологической точки зрения. Исследователи при анализе значений географических названий долины реки Зеравшан, в том числей названий Байканд, Самарканд, Бухара, Мотаруд и других топонимов не высказали точных научных толкование. Поэтому возникла необходимость рассмотреть географические названии с точки зрения этимологии и более глубоко проанализировать их происхождение.

Ключевые слова: Шахнаме, географические названия, долина Зеравшан, этимологический анализ, топонимы, исторические географические названия, лингвисты, иранисты.

REFLECTION OF GEOGRAPHICAL TERMS OF THE ZARAFSHAN VALLEY IN FIRDAUSI'S "SHAHNAMA"

This article discusses the section on etymological analysis, specifically the study of geographical names in the Zarafshan Valley region as presented in the immortal "Shahnameh" of Firdausi. To date, the geographical names of the Eastern Iranian Sogdian region of Zarafshan, which are reflected in the "Shahnameh," have not been thoroughly analyzed and interpreted from an etymological perspective. Researchers, when analyzing the meanings of the geographical names of the Zarafshan Valley, including the names Paykand, Samarkand, Bukhara, Mogard and others, have not presented precise conclusions. Therefore, it became necessary to study these geographical names from the point of view of etymology and to analyze their origins more deeply.

Keywords: Shahnameh, geographical terms, Zarafshan Valley, etymological analysis, toponyms, historical geographical terms, linguists, Iranists.

Дар бораи муаллиф
Тураев Бурҳон Бузургович
Номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи забон
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: turaev66@mail.ru

About the author
Turaev Burkhon Buzurgovich
Candidate of Philological Sciences, leading employee of the language department
Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33
E-mail: turaev66@mail.ru

Об авторе
Тураев Бурхон Бузургович
Кандидат филологических наук, ведущий научный сотрудник отдела языка
Институт языка и литературы имени Рудаки НАНТ
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33
E-mail: turaev66@mail.ru

ТДУ 809. 155. 0

ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВИЮ МАЪНОЙ ВА УСЛУБИИ АСТРОНИМҲО ДАР ДОСТОНИ “ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН”-И ШОҲИН

Тоирзода А. Р.
Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Астроним – истилоҳи юнониасл буда, зимни он номи сайёраву ситорагон ва ҷирмҳои осмонии гуногун дар назар дошта шудааст [6, с. 256]. Онҳо ба гурӯҳи ҷудогонаи онимҳо мансубанд ва мавзуи баҳси номшиносӣ (ономастика) маҳсуб меёбанд. Астронимҳо дар забони осори бадеӣ гоҳо дар мақоми истилоҳоти соҳаи нуҷум (астрономия) ва гоҳи дигар ҳамчун воситаи забонию санъати лафзӣ барои бунёди маҷозоти дилчаспу дилнишин ва ташбеҳоти ҷолибу ҷаззоб мавриди истеъмол қарор мегиранд. Аз ин лиҳоз, ин гурӯҳи номҳо як қабати муҳимми исмҳои хосро ташкил дода, онҳо дар забони матнҳои адабию бадеӣ ба истиснои маънои луғавии махсус доштан, инчунин бо мақсади услубӣ ва барои таъмини оҳангҳои эмотсионалию муассирӣ ба кор бурда мешаванд.

Чунин гуногунрангии вазифаву таъиноти номҳоро ба эътибор гирифта, В. М. Калинкин дар рисолаи худ “Поэтикаи номҳо” дуруст таъкид намудааст, ки дар зери истилоҳи “поэтоним” мафҳуми “номҳо дар асари бадеӣ” фаҳмида мешавад. Чунин номҳо вазифаи номбаркунӣ, тавсифӣ, ғоявӣ ва услубиро иҷро намуда, нисбат ба номҳои муқаррарию воқеӣ бештар таҳаввулоти полисемиро аз сар мегузаронанд. Бинобар ин, дар забони осори бадеӣ бисёр номҳо хосияти поэтонимӣ зоҳир намуда, сермаъно мешаванд ва ба тимсоли ғайриреалии образҳои хаёлӣ табдил меёбанд [8, с. 110]. Дар ҳамин ҷода астронимҳо истисно нестанд. Масалан, астронимҳои ***Хуршед, Қамар, Зуҳра, Ноҳид, Парвин*** ва амсоли инҳо дар забони тоҷикӣ ба ғайр аз истилоҳи соҳаи нуҷум будан, инчунин ҳамчун исми хос барои ифодаи номҳои занона ва мардона ҳам ба кор мераванд. Истисно аз ин, дар забони тоҷикӣ дар заминаи номҳои умумӣ, ки ба гурӯҳи исмҳои ҷинс тааллуқ доранд, чун истилоҳи соҳавӣ (нуҷум) маҳсуб меёбанд, низ исмҳои хоси шахс, амсоли ***Ситора, Сайёра, Наҷм*** (Наҷмӣ, Наҷмиддин) ва ғайра ба вуҷуд омадаанд.

Ана ҳамин хусусияти онимҳо бештар дар забони осори манзум, аз он ҷумла жанри маснавӣ мушоҳида карда мешавад. Чунончи, дар забони достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Шамсиддин Шоҳин астронимҳои зиёде истеъмол ёфтааст, ки онҳо дар матнҳои бадеии манзум вазифаю таъиноти махсус доранд. Ин асар соли 1888 (1005 ҳ.қ.) ба муносибати вафоти бемаҳали ҳамсараш дар пайравии Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ эҷод шудааст. Достон аз 2260 байт иборат аст (А. Раҳмонфар, А. Саиднозим, 2018, 10). Дар ин маснавӣ вобаста ба сохтори анъанаи достонсароӣ ва мазмуну мундариҷаи асосии асар теъдоди зиёди номҳо (онимҳо), аз қабили исмҳои хоси марбут ба ному сифатҳои Худо, номи подшоҳони асотирию таърихӣ, номи намояндагони илму адаб ва шахсиятҳои маъруфи диниву таърихӣ, номи қаҳрамонони асарҳои бадеии гузашта ва исмҳои хоси марбут ба номи персонажҳои достони "Лайлӣ ва “Маҷнун” фаровон зикр ёфтааст.

Истисно аз ин, як қабати хеле муҳимми номҳои маснавии мазкурро исмҳои хоси ғайришахс ташкил медиҳанд, ки онҳо барои номгузории ҷирмҳои осмонӣ таъин шуда, бо унвони астроним маъмул мебошанд. Шамсиддин Шоҳин дар ин асари пурсузу гудози ишқии тасаввуфӣ дар иртибот ба мавзуъ ва мазмуни ҳодисаву воқеаҳои достон, зимни инъикоси симои зоҳирӣ ва хислатҳои ботинии персонажҳо аз вожаҳои астронимӣ кор гирифтааст, ки чунин номҳо мисол шуда метавонанд: ***Моҳ//Маҳ, Қамар, Офтоб, Меҳр, Хуршед, Хур, Зуҳра, Ноҳид, Суҳо, Суҳайл, Парвин***. Таносуби исмҳои хоси тоҷикиасл нисбат ба иқтибосоти арабӣ (***Қамар, Зуҳра, Ноҳид, Суҳо, Суҳайл)*** андаке бештар мебошад. Зикр кардан бамаврид аст, ки номҳои мазкур аз лиҳози дараҷаи истеъмол ва фаъолмандӣ дар нишон додани тобишҳои луғавию маъноӣ ва услубӣ саҳмӣ якхела надоранд. Дар ҷадвали зер омори истифодаи астронимҳои мазкур дар забони достони “Лайлӣ ва Маҷнун” нишон дода шудааст:

Моҳ//Маҳ	***Қамар***	***Офтоб***	***Меҳр***	***Хуршед***	***Хур***	***Зуҳра***	***Ноҳид***	***Суҳо***	***Суҳайл***	***Парвин***
64	2	10	11	2	2	4	1	1	1	1

Астрониии ***Моҳ//Маҳ*** дар сохтани ибораву таъбирҳои ***моҳи тобон, моҳи меҳин, моҳи нав, моҳи дуҳафта, моҳи парниёнпӯш, наврасида моҳ, моҳи нишаста дар иморӣ, моҳи***

даршуда, моҳи ҳисорӣ ширкат кардааст; тавассути ***Офтоб*** бошад, танҳо ибораҳои ***офтоби тобон***, ***Офтоби Ховар*** ба вуҷуд омада, вале номвожаҳои ***Зуҳра, Ноҳид*** ва ***Парвин*** фақат зимни бунёди калимаҳои сохтаву мураккаби ташбеҳии ***ноҳидваш, зуҳраманиш, парвинсифат*** ба қайд гирифта шудаанду халос. Хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва услубии онҳоро алоҳида – алоҳида дида мебароем.

Моҳ//Маҳ. ***Моҳ*** да забони асар бо гунаи овозии худ **–** ***Маҳ*** нисбат ба ҳамаи астронимҳо серистеъмолтар мебошад. Ин номвожа дар фарҳанг чунин тавзеҳ ёфтааст: “Қамар, ҳамроҳи Замин, ки ба даври он мегардад ва аз акси рӯшноии офтоб тобон аст” [14, с. 704]. Ин маънӣ ба истилоҳи илмӣ нуҷум (ситорашиносӣ) мансуб мебошад. Дар истеъмоли он нақши мавзуъ ва мазмуну мундариҷаи порчаҳои муайяни асар муҳим мебошад. Масалан, Шоҳин онро ба маънии истилоҳӣ дар мавриди ситоиши Худо дар байтҳои зерин кор бастааст:

Ҳар сар, ки зи чатри ***Маҳ*** *бурун аст,*
Дар чанбари ҳукми ту забун аст [19, с. 12].

Ё ин ки:

Ҳар ***Моҳ****, ки аз туаш камол аст,*
Дархурди камоли ӯ завол аст [19, с. 11].

Дар порчае, ки ба наъти пайғамбар бахшида шудааст, паямбари ислом ба ***Моҳ*** ва паёмбарони дигар ба ситораҳо ташбеҳ дода шудаанд:

Бар хайли паямбарон ту шоҳӣ,
В-онҳо ҳама ахтару ту ***Моҳӣ*** [19, с. 15].

Астроними ***Моҳ*** дар порчаи мадҳиявие, ки ба амир Абдулаҳад бахшида шудааст, барои ифодаи маънии “нуқтаи баланд, ҳадди баланди обрӯю нуфузи давлатдорӣ” хизмат карда, барои ташаккули санъати муболиға замина гузоштааст, ки ба мақому ба макон далолат мекунад: тахт дар Замин аст, вале нуфузи давлат ба шарофати бахт то ба ***Моҳ*** рафтааст:

Шоҳе, ки ба ёрмандии бахт,
Бар ***Моҳ*** *кашид пояи тахт* [19, с. 17].

Бояд таъкид намуд, ки ба ҳамаи хосиятҳои луғавию маъноии худ вожаи ***Моҳ*** ба шарофати маънои аслӣ – номи ҷирми осмонӣ, радифи Замин, ки шабона партавфишон аст, соҳиб гардидааст:

Ҷулоҳа катони сахт бофад,
Чун ***партави Маҳ*** *расад, шикофад* [19, с. 47].

Дар байни мардум шугуни “Моҳ хирман кунад, борон меборад” маъруф аст ва таъбири ***хирман кардани Моҳ*** (пайдо шудани доираи ғуборолуди равшан дар гирди Моҳ) дар достон вазъи Лайлӣ, ки барояш аз хона берун шудан манъ буд, бо ибораи ташбеҳии ***ҳамчу Маҳ андаруни ҳола ифода*** аз забони ӯ чунин баён гардидааст:

Ӯ бар сари кӯҳ ҳамчу лола,
Ман ***ҳамчу Маҳ андаруни ҳола*** [19, с. 73].

Шоҳин ҳамин маъниро дар мавриди дигар бо корбурди таъбири ***Маҳи ҳисорӣ*** (зиндонӣ, дар маҳбас қарордошта) изҳор намудааст:

Дунболаи ӯ ***Маҳи ҳисорӣ****,*
Бар шуд зи ҳисор бар аморӣ [19, с. 88].

Нақши астроними мазкур дар нишон додани сатҳи ҳусну ҷамоли расо ба сифати предмети ташбеҳ, аз як тараф, ва бевосита дар мақоми объекти ташбеҳшаванда баромад кардани он, аз тарафи дигар хеле ҷолиб баромадааст:

В-он ***Моҳ*** *ба тарбият чунон нур,*
Афзуд, ки чашми бад аз ӯ дур [19, с. 33].

Моҳ – таҷассумгари ҳама гуна зебоиҳост ва тавассути он на танҳо тимсоли Лайлӣ, балки симои дигар духтарони зебо, аз ҷумла, духтари Навфал, ки Маҷнун бо вай издивоҷ карда буд, дар асар ин тавр инъикос шудааст:

Маҷнун чу даруни ҳиҷла дар шуд,
Моҳеш *бидид, ҷилвагар шуд* [19, с. 86].

Вожаи мазкур ҷиҳати инъикоси талъати Моҳ, ки дар шаби торик ҷилвагар мешавад ва мутаносибан дар робита ба сиёҳии шаб ва сиёҳии мӯй (зулф) ба Лайлӣ (лайл – шаб; маҷозан рамзи торикӣ, сиёҳӣ; киноя аз мӯй ва зулфони Лайлӣ) чунин ном ниҳодаанд, ба кор рафтааст:

Моҳе*, ки ниҳода даври айём,*
Аз нисбати зулф Лайлияш ном [19, с. 36].

Дар забони тоҷикӣ ва забонҳои дигар торикию сиёҳӣ рамзи бадбахтӣ ва бадномӣ, қуввaҳои бадӣ маъмул мебошад. Дар байти зерин бо вуҷуди зебоию ҳусну ҷамоли расо доштани ***Моҳ*** (Лайлӣ) шоир дар ишора ба ҳамон зулфони сиёҳ толеи бади ӯро ҳанӯз дар оғози достон пешгӯӣ кардааст:

*Акнун, ки **Маҳе** бад-он тамомӣ,*

З-он турра кашад сияҳномӣ [19, с. 36].

Ин астроним бо истилоҳи дигари нуҷум ***бурҷ*** (ишора ба 12 бурҷи фалак; маҷозан: маъво, макон; ҷойи нишасти Лайлӣ дар мактаб), маснад (тахти шаҳу арус) ҳамоҳангӣ пайдо намуда, барои ифодаи мафҳуми “маҳбуба, арӯс – Лайлӣ” алоқамандона мавриди корбурд қарор гирифтаанд:

*Медид, ки **бурҷ** ҳасту **Маҳ** нест,*

*Ороста **маснад** асту **шаҳ** нест* [19, с. 43].

Барои ифодаи образҳои Лайлӣ ва Маҷнун мутаносибан корбаст шудани астронимҳои Моҳ ва Хуршед дар чунин достонҳо зуҳуроти табиӣ мебошад. Масалан, зимни муроҷиати падари Маҷнун ба падари Лайлӣ ҳангоми нахустин бор ба хостгорӣ рафтан ин маънӣ ин тавр садо додааст:

***Моҳе**, ки туро даруни парда-ст,*

***Хуршеди** маро фасона кардаст* [19, с. 51].

Ба ҳамин мазмун манзараи бо хоҳиши Навфал ва падару модар ба духтари Навфал издивоҷ намудани Маҷнун аз тариқи образҳои ***Хуршед*** – Маҷнун – домод ва ***Моҳ*** – духтари Навфал – арус чунин тасвир шудааст:

Чун рахт ба боргоҳ кашиданд,

***Хуршед** ба бурҷи **Маҳ** кашиданд* [19, с. 86].

Ҳаракати ***Моҳ*** чун воситаи ташбеҳ бо рафтори персонаж (Лайлӣ) дар тасвири Шоҳин чунин ифода ёфтааст. Чанд намуна:

Лайлӣ ба саводи он шаби тор,

*Чун **Маҳ** сӯйи хона кард рафтор* [19, с. 130].

Лайлӣ зи таронаи ҳазинаш,

*Чун **Моҳ** бурун шуд аз каминаш* [19, с. 134].

Бикшой кулолаи сиёҳаш,

*Дурӯя ба рӯйи ҳамчу **Моҳаш*** [19, с. 146].

Хусусияти сермаъноӣ касб кардани астрономи ***Моҳ*** ба вижа дар бунёди ибораҳои изофии фразеологӣ, ки ба сифати поэтоним дар офаридани образи лирикии фарзанд бо истифода аз таъбири ***“Моҳи дуҳафта”*** (моҳи шаби чордаҳ, ки он шакли мудаввар дорад ва онро ***бадр*** низ гӯянд, чун объекти ташбеҳ ва тимсоли зебоӣ корбаст шудааст, ба таври равшан ба чашм мерасад. Муродифи арабии ***Моҳ – Қамар*** дар матни зер барои муқоисаи зебогии симои фарзанд (***моҳи дуҳафта***) бо Моҳ (***Қамар***) мусоидат кардааст:

*Аз рӯйи ту чун **Маҳи дуҳафта**,*

Аз умри ту панҷ ҳафта рафта.

*Бодо рухат аз рухи **Қамар** беҳ,*

Ҳар ҳафта зи ҳафтаи дигар беҳ [19, с. 27].

Ибораи фразеологии ***Моҳи дуҳафта***-ро Шоҳин дар мавриди баъд аз муддатҳои тулонии интизорӣ ба дунё омадани Қайс дар хонадони Саййиди Омирӣ дар ду ҳолат ба кор бурдааст:

*Аз шодии он **Маҳи дуҳафта**,*

Бар омада дод расми рафта [19, с. 33].

*К-он **Моҳи дуҳафта** он қадар тофт,*

К-аз ҳафта ба ҳафта фаррухӣ ёфт [19, с. 33].

Бо истифода аз ибораи ***“моҳи меҳин”*** бошад, ба мақоми фарзанд дар оила, чароғи бахти падару модар будани фарзанд ишорат шудааст, ки дар чунин мавриди ***Моҳ*** – тимсоли зебоӣ ва ҳусни расо маҳсуб ёфта, вожаи ***меҳин*** ба бузургию шаҳомат ва дар айни замон азиз будан далолат мекунад:

Ай шохи нахустнахли иқбол,

*В-ай **Моҳи меҳини** авҷи иҷлол* [19, с. 27].

Вожаи ***Моҳ*** заминаи мусоиди офаридани образи қаҳрамонони асосӣ дар осори манзум ба шумор рафта, чун таҷассумгари зебоӣ ҷиҳати боз ҳам мушаххастар тасвир ёфтани симои зоҳирӣ ба худ тавсифи муносиб қабул карда, дар бунёди фразеологизмҳои ***моҳи нав*** (ҳилол,

ҷавон, маҷозан: соҳибҷамол; ошиқи дилбохта; харобу маҳзун), ***моҳи тобон*** (мунир, равшан; маҷ.: зебо; ҷолибу ҷозиб), м***оҳи парниёнпӯш*** (маҳбубаи либоси ҳарир дар бар; маҷ.: ниҳоят зебо; мутаносубии ҳусни рӯй ба намуди умумии зоҳирӣ) нақш бозидааст:

Ҷуфти ту, ки рашки Офтоб аст,
Дур аз ту ҷу ***Моҳи нав*** *хароб аст* [19, с. 126].
Дидаш писаре ҷу ***Моҳи тобон****,*
Афтода ба хок дар биёбон [19, с. 131].
Шуд ҷаъд-ш зинати баногӯш,
Шуд рӯй-ш ***Моҳи парниёнпӯш*** [19, с. 34].

Таъбироти дар фавқ баррасишуда дар қолаби ибораи исмии изофӣ воқеъ шудаанд, вале падидаи дар қолаби ибораи исмии ғайриизофӣ тавассути алоқаи ҳамроҳӣ робита пайдо намудани ҷузъҳо зимни ифодаи оғози ишқи Лайливу Маҷнун дар намунаи зерин мушоҳида карда мешавад: ***наврасида Моҳе*** (моҳи ҳилол, моҳи серӯза; маҷозан: ҷавон):

К-аз дасти ту ***наврасида Моҳе****,*
Имрӯз фитода зери чоҳе [19, с. 41].

Дар маснавии “Лайлӣ ва Маҷнун” зуҳуроти дар шакли ҷуфт истеъмол ёфтани астронимҳо чун василаи услубӣ бо мақсади пурқуввату таъсирбахш баён гардидани каломи бадеӣ сурат гирифтааст. Дар ташаккули чунин таркибҳо истилоҳоте чун Моҳ, Меҳр, Зуҳра нақш бозидаанд, ки дар миёни онҳо, албатта, астроними Моҳ ширкати фаъолона дорад: ***Моҳу Меҳр, Меҳру Моҳ, Моҳу Зуҳра.*** Астронимҳо тавассути пайвандаки пайвасткунандаи **-у** таркибҳои ҷуфтро созмон додаанд. Чанд мисол:

Не, не, зан агарчи ***Моҳу Меҳр*** *аст,*
Дар поя фузунтар аз сипеҳр аст [19, с. 25].
Гардида ба ***Меҳру Моҳ*** *кардӣ,*
“Лайлӣ” гуфтиву “оҳ” кардӣ [19, с. 92]

Зуҳуроти чида шудани се астроним пайи ҳам дар як мисраъ низ ба назар расид. Чунончи: ***Зуҳраву Маҳу Меҳр*** дар намунаи зерин ба қайд гирифта шуд:

Зулфаш шуда аз ҷабину аз чеҳр,
Чанбаркаши ***Зуҳраву Маҳу Меҳр*** [19, с. 36].

Қамар. Синоними номвожаи ***Моҳ*** астроними арабиасли ***Қамар*** мебошад, ки он камистеъмол буда, дар забони асар ҳамагӣ 2 маротиба корбаст шудааст. Дар мавриди аввал он чун астроним бо истилоҳи ***Меҳр*** (Офтоб) мутанисабан ба кор рафтааст:

Гирам, ки ҷуз ӯ дигар нахоҳӣ,
Гар ***Меҳру*** *агар* ***Қамар*** *нахоҳӣ* [19, с. 46].

Дар мавриди дувум Қамар чун поэтоним ва предмети ташбеҳ зимни тасвири рухи персонаж ва муқоисаи он бо рухи Қамар хизмат кардааст:

Бодо рухат аз рухи ***Қамар*** *беҳ,*
Ҳар ҳафта зи ҳафтаи дигар беҳ [19, с. 27].

Ба ин тариқа, астроними ***Моҳ//Маҳ*** дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Шоҳин дар мавриди ифодаи маънои аслӣ чун астроним ва дар ҳолати ба маънои маҷозӣ ва ташбеҳӣ ҷиҳати пурқуввату муассир баромадани образи персонажҳо ба сифати поэтоним истифода шудааст. Чунин шакли ифода хоси услуби бадеӣ буда, дар забони адабии маъмулӣ ва нутқи гуфтугӯӣ камистеъмол аст.

Офтоб. Астроними ***Офтоб*** вожаи тоҷикиасл буда, дар луғат ба маънои аслӣ: “хуршед, шамс, меҳр” ва ба маънои маҷозӣ: маҳбуба, маъшуқа; шароб, бода (14, 939) тавзеҳ ёфтааст. Ин калима дар шакли холис 8 маротиба ва дар таркиби ибораҳо 2 маротиба дар забони достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Шоҳин истеъмол шудааст. Ҳамчун истилоҳи соҳаи нуҷум камистеъмол мебошад. Ба ин ин маънӣ Офтоб чун воситаи ташаккули равшанию рӯз чодари шабро нобуд сохта, аз самти Ховар (Шарқ) мунаввар мешавад, чун манбаи гармӣ дар ибораҳои ***Офтоби Ховар*** ва ***Офтоби тобон*** ин гуна инъикос ёфтааст:

Чун зулмати шаб кашид чодар,
Бар талъати ***Офтоби Ховар*** [19, с. 130].
Чун аст нишаста дар биёбон,
Аз тобаи ***Офтоби тобон*** [19, с. 73].

Аз тарафи дигар, дар тасвироти шоир ***Офтоб*** чун тимсоли зебоӣ, ҳусну малоҳат дар муқоиса бо ***Моҳ***, ба хусус ***Моҳи нав*** – Лайлӣ, ки аз ғами ишқу фироқи Маҷнун харобу лоғар шудааст, муқобил гузошта мешавад:

*Ҷуфти ту, ки рашки **Офтоб** аст,*
*Дур аз ту чу **Моҳи нав** хароб аст* [19, с. 126].

Офтоб ҳамчун рамзи ҳусни расову назокат зимни ташбеҳ шудан бо калимаи рӯй ин тавр истифода гардидааст:

*Рӯяш ба талиъа **Офтобе**,*
Мӯяш ба шамома мушки нобе [19, с. 86].

Дар намунаи дигар предмети ташбеҳшаванда ҳамон вожаи ***рӯй*** аст, вале ин дафъа ба ҷои он муродифи луғавияш ***рух*** бо ***Офтоб*** ҳаммонандӣ пайдо карда, на танҳо рамзи зебоӣ ва камоли ҳусн, балки чун тимсоли рӯзи равшан ва антоними шаб (***вақти хоб***) тасвир шудааст:

*Ҳарчанд рухи ту **Офтоб** аст,*
Зинҳор матоб, вақти хоб аст [19, с. 95].

Шоир тавассути астроними ***Офтоб*** дар мавриди дигар чун тимсоли ҳусни расову зебоӣ вазъи ҷавони ошиқу дилбохта – Маҷнунро ин гуна инъикос намудааст:

*Дид он, ки нишаста **Офтобе,***
Аз гиря чу моҳие дар обе [19, с. 105].
*Донам, ки ту **Офтобӣ**, аммо*
Хаффош ба шаб кунад тамошо [19, с. 125].

Дар мисоли дигар объекти монандшаванда ***тан*** бо ***Офтоб*** тавассути адоти ташбеҳ – ҳамчун//ҳамчу барои ифодаи назокату зебоӣ ба кор рафтааст:

Фармуд ба доя аз гулобаш,
*Шуяд тани ҳамчу **Офтобаш*** [19, с. 33].

Бояд тазаккур дод, ки истилоҳи ***Офтоб*** чун астроним номвожаи камистеъмол, вале ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ – ташбеҳ нисбатан серистеъмол буда, хосияти поэтонимӣ касб намудааст.

Меҳр. Астроними ***Меҳр*** нисбат ба дигар муродифоти худ (офтоб, хуршед, шамс) умри тулониву қадимитар дошта, он шакли ба тағйироти овозӣ дучоршудаи ***Митра*** (Худои Офтоб) мебошад. Он дар матни достон нисбат ба муродифоташ сермаънову серистеъмолтар ба назар мерасад. Поэтоним будани вожаи ***Меҳр*** (Офтоб) нисбат ба хусусияти астрономии он бештар ба чашм мерасад.

Дар бахши анъанавии достон – дар тасвири “Шаби меъроҷи пайғамбар” ин номвожа ба маънии аслӣ ба кор рафтааст. Чунончи:

Он шаб, ки талиъаи саҳар дошт,
В-аз Меҳр талиъа бештар дошт [19, с. 15].

Ҳангоми тасвири манзараҳои табиат – дамидани субҳ, баромадани Офтоб, хушкидани шабнами болои гулу гиёҳ Шоҳин ***Меҳр***ро ба маънои истилоҳӣ чун муродифи луғавии ***Офтоб*** истифода бурдааст:

Шабнам, ки ба сабза орамидаст,
*Чун **Меҳр** дамид, нопадид аст* [19, с. 47].

Шоир манзараи аз таъсири ҳарорати баланди ***Меҳр*** (Офтоб) ба кураи оташ шабоҳат пайдо кардани онро чунин тасвир кардааст:

*Чун кураи оташ аз тафи **Меҳр,***
Тан тофта, лек чашм бар чеҳр [19, с. 55]

Ташбеҳи ***рӯй*** бо ***Меҳр*:**

*Ай дасти ту абру **рӯйи ту Меҳр**,*
Фархунда аз ин ду мулкро чеҳр [19, с. 20].

Меҳр барои ифодаи ду мафҳум: 1) “Офтоб, Хуршед” ва 2) “ишқу муҳаббат истифода шудааст:

Ай гашта ба шири доя муҳтоҷ,
*Аз **Меҳр** ҷудо, ба соя муҳтоҷ* [19, с. 29]

Меҳр – ишқ, муҳаббат; маҳбуба, дилдода:

*Аз **Меҳр** агар бар ӯ натобӣ,*
Зуд аст аз ӯ асар наёбӣ [19, с. 41].
***Меҳр**ам ба **Маҳ**и дигар фазуда,*
В-осуда зи Лайлиям намуда [19, с. 95].

Дар эпизоди дигар астронимҳои ***Моҳ*** ва ***Меҳр*** хусусияти услубӣ пайдо намуда, ба маънои “арус ва шаҳ” (келинуу арӯс) корбаст шудаанд:

Биншаст фақеҳу хутба сар кард,

***Маҳр**о ба висоқи **Меҳр** дарканд* [19, с. 86].

Ҳамин гуна саҳна дар шакли баръакс – ***Меҳр*** бо ***Моҳ*** тасвир ёфтааст:

*Гуфтанд ба васли **Меҳр** бо **Моҳ,***

Аз кини фалак наъузубиллоҳ [19, с. 89].

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар натиҷаи сермаъно шудан астрономи ***Меҳр*** ба маънои “ишқ, муҳаббат, шефтагию дилбохтагӣ” ба ҳадде мақоми устувор пайдо кардаву серистеъмол гашта, ки дар забони адабии муосир маънии аслии он камистеъмол ва дар нутқи гуфтугӯӣ истифодаи он тамоман маҳдуд аст. Маънои иловагии он, на танҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик, балки дар лаҳҷаву гуишҳои мардумӣ хеле серистифода мебошад. Масалан: ***Меҳр**, ки надошт, зану кӯдакоша партофта Россия рафт* (Файзобод). Ин маъниро Шоҳин дар достон дар мавриди мувофиқ чунин баён кардааст:

*З-ин пас ману **Меҳр**и духти Навфал,*

Муина нашуд, хушам ба махмал [19, с. 95].

Лайлӣ бо вуҷуди мушкилиҳои зиёди ба сараш омада дар ишқи Қайс устувор буд. Бо истифода аз маънои иловагии Меҳр (ишқу муҳаббат) ин маъниро Шоҳин ба таври зайл кор бастааст:

Лайлӣ, ки амини он гуҳар буд,

***Меҳре**ш ба номи Қайс дар буд* [19, с. 114].

Саҳнаи дигаре, ки бо истифодаи истилоҳоти нуҷум ***Меҳр, бурҷ, Моҳ*** ба кор рафтааст, издивоҷи Ибни Салом бо Лайлӣ аст, ки дар он ба ҷои Ибни Салом – ***Меҳр*** ва ба ҷои Лайлӣ ***Моҳ*** корбаст шудааст:

Дар ҳуҷраи хос бурду дар баст,

*В-он **Меҳр** ба бурҷи **Моҳ** пайваст* [19, с. 114].

Ба ҳамин минвол, истифодаи астрономи ***Меҳр***-ро дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун” дар се ҳолат ба қайд гирифтем: а) ба маънои аслӣ – ***Меҳр*** астроним буда, муродифи Офтоб мебошад; б) ба маънои иловагӣ – ишқ, муҳаббат, шефтагӣ, дилбохтагӣ; в) ба сифати поэтоним ҳамчун образи бадеӣ ҷиҳати инъикоси симои персонажҳои асосӣ ба кор рафтааст.

Хуршед. Чун астроним дар достон муродифи калимаҳои ***Офтоб, Меҳр*** ва ***Хур*** мебошад, серистеъмол нест, ҳамагӣ ду ҳолати истифода ва як мавриди калимасозӣ зоҳир кардааст. Шоҳин онро ба маънои духӯра чун *Офтоб, Меҳр ва Моҳ* ҳам ба маънии аслӣ ва ҳам ба маънии кӯчидаву маҷозӣ истифода бурдааст. Чунончи:

Хуршеди** маниву дар **Заминӣ,

Иқболи ман аст, к-ин чунинӣ [19, с. 23].

Чун рахт ба боргоҳ кашиданд,

***Хуршед** ба бурҷи **Маҳ** кашиданд* [19, с. 86].

Номвожаи ***Хуршед*** дар сохтани калимаи мураккабсохти ташбеҳии ***хуршедрухе*** саҳм дорад, ки он мутаносибан бо вожаи ***ситорачашме*** дар як мисраъ пайи ҳам омадааст:

***Хуршедрухе, ситорачашме**,*

Ин гуфту Буроқи тундхашме [19, с. 15].

Ин номвожа дар сохтани калимаи мураккаби ***хуршедсарир*** (маҷозан: тахти баланди шоҳӣ; маснади баланди подшоҳӣ) низ нақш бозида, бо калимаҳои хусусияти мадҳиявӣ доштаи ***осмонқадр, баҳромшукӯҳ, муштаричатр*** мутаносибан дар як байт омадааст. Дар намунаи зер шоир тавассути астронимҳои ***Баҳром*** (ситораи Миррих (Марс), ки мунаҷҷимони қадим онро чун ситораи фитнаву ҷанг, шум ва наҳс медонистанд) ва ***Муштарӣ*** (номи бузургтарин сайёраи низоми Офтоб, ки дар астрономия бо термини Юпитер, дар илми нуҷум бо истилоҳи Бирҷис ва дар ситорашиносии қадимаи эронӣ бо номи Ҳурмуз маъруф будааст. Дар астрологияи қадим онро муборак мешумурданд ва бо тавсифоти Саъди акбар (Ситораи бузург) ва Қозии фалак ном мебурданд) [14, 789] .

***Хуршедсарир**и осмонқадр,*

Баҳромшукӯҳи муштаричатр [19, с. 18].

Хур. Ин астроним ҳам муродифи хеле қадимаи астронимҳои Офтоб, Меҳр, Хуршед маҳсуб ёфта, ҳамагӣ дар ду мавриди истеъмол ёфтааст. Дар матни достон Шоҳин ин номвожаро барои ифодаи мафҳуми дарачаву мартаба ба кор бурдааст:

*Гар **Хур** бувад агар намирам,*

Охир ба канизии ту гирам [19, с. 47].

Дар мавриди дигар барои инъикоси образи Маҷнун чун поэтоним корбаст гардидааст, ки астроними камистеъмоли Суҳайл чун тимсоли Лайлӣ барои пуркуввату таъсирбахш баромадани тасвироти шоир хизмат кардааст:

Дар қаср ба ҳаҷр монд Лайлӣ,
Хур рафт, бимонд чун ***Суҳайле*** [19, с. 142].

Суҳайл. Суҳайл астроними арабиасл аст ва он номи ситораи дурахшон дар қисми ҷанубии осмон буда, чун Суҳайли Яман ё Суҳайли Ямонӣ низ маъруф мебошад ва онро дар забони юнонӣ Капонус мегӯянд. Ин номвожа дар достон ҳамагӣ ду маротиба ба чашм расид. Як намуна:

Дар ҳусн зиёдтар аз Лайлист,
З-он гуна, ки ***Маҳ*** *он* ***Суҳайли****ст* [19, с. 77].

Суҳо. Суҳо низ астроними арабиасл мебошад ва он номи ситораи бисёр хурд ва камнур дар низоми галаситораи Ҳафтдодарон мебошад. Ин номвожа як дафъа дар матни достон дар мақоми поэтоним истеъмол гардида, бо номвожаи Маҳ мантиқан муқобил гузошта шудааст:

Инак, ба ту васла карданӣ шуд,
Маҳ*ро ба* ***Суҳо*** *супурданӣ шуд* [19, с. 82].

Зуҳра. Зуҳра ҳам номвожаи арабиасл аст ва он номи ситораи начандон калонест. Дар 3 маврид дар забони матнҳои достон корбаст шудааст: ҳамчун астроним:

Чун дониши ӯ гирифт шуҳра,
Ҳамхонаи ***Моҳ*** *гашту* ***Зуҳра*** [19, с. 29].

Ин номвожа дар таркибҳои ҷуфту сегонаи ***Моҳу Зуҳра, Зуҳраву Меҳру Моҳ*** ҷиҳати тақвияти фикр ва пуркувват гардидани таъсири сухан истифода шудааст:

Духташ, ки миёни халқ шуҳра-ст,
Дар ҳусн зи ***Моҳу Зуҳра****-ст* [19, с. 82].

Номвожаи ***Зуҳра*** муродифи астроними ***Ноҳид*** мебошад, ки онҳо амсоли истилоҳи дигари ҳамгурӯҳи худ – ***Парвин*** бо тақозои мавзуъ ва мазмуни матн, барои қонеъ гардонидани талаботи услуби баёни шоир чун унсури калимасоз нақш бозидаанд: ***ноҳидвашон, парвинсифатон, зуҳраманишон***:

Ноҳидвашон суруд гуфтанд,
Бар нағмаи чангу уд гуфтанд [19, с. 87].
Парвинсифатон ба натърубӣ,
Зуҳраманишон ба пойкубӣ [19, с. 88].

Хулоса, истифодаи астронимҳо дар забони достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Шамсиддин Шоҳин падидаи мақсаднок маҳсуб ёфта, асосан, ҳамчун номвожа ба сифати истилоҳоти илми нуҷум (астрономия), чун поэтоним бештар корбаст гардида, барои офаридани ташбеҳу киноёт чун воситаи муҳимми услубӣ ба кор рафтаанд. Шоир бо нияти аз такрори барзиёд худдорӣ кардан ва афзун гардонидани ҳусни баён ва таъсири сухан муродифоти астронимҳоро, ки баромади тоҷикию арабӣ доранд, истеъмол фармудааст: ***Моҳ – Қамар; Офтоб – Меҳр – Хуршед – Хур; Зуҳра – Ноҳид***.

Истифодаи астронимҳо дар забони ин достони маъруф зуҳуроти тасодуфӣ набуда, он аз донишу хиради воло доштани соҳибсухан, хусусан, дар илми нуҷум дарак медиҳад. Ҷиҳати ҷолиби ин падида боз дар он аст, ки астронимҳоро шоир ба сифати поэтоним – калимаҳои услуби баланд ва шоирона ҷиҳати офаридани образҳои барҷаста ва ташбеҳу маҷозоти дилчаспу муассир истифода бурдааст.

Адабиёт

1. *Абдулло Фотеҳ. Номнома. [Матн] / Фотеҳ Абдулло – Душанбе: Ирфон, 1972. – 70 с.*
2. *Абдулло Фотеҳ. Фарҳанги кӯчаки номҳои тоҷикӣ. [Матн] / Фотеҳ Абдулло – Душанбе: Адабиёт, 1991: №7, №8-12; 1992: №1-3. – С. 59-62.*
3. *Алимӣ Ҷ. Ономастика (Назария ва амалия). [Матн] / Ҷ. Алимӣ – Душанбе: Адабиёт, 2017. – 546 с.*
4. *Аҳадов Ҳ. Исмҳои хос ва шарҳи онҳо // “Фарҳанги Рашидӣ” ҳамчун асари лексикографӣ. [Матн] / Ҳ. Аҳадов – Душанбе: Дониш, 1981. – С. 47-51.*
5. *Аюбова М. Сухане чанд дар бораи этимологияи поэтономияи қадими тоҷик. [Матн] / М. Аюбова – Душанбе: Маърифат, 1999. -№7-8. – С.7-9.*
6. *Бобомуродов Ш., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ. [Матн] / Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. – Душанбе, 2016. – 428 с.*
7. *Ғафуров О. Маънои ҳазору як ном. [Матн] / О. Ғафуров – Душанбе: Маориф, 1987. – 176 с.*

8. *Калинкин В. М. Поэтика онима. [Матн] / М. В. Калинкин – Донецк: Юго-Восток, 1999. – 408 с.*
9. *Қосимӣ М., Мирбобоев А. Фарҳанги номҳои тоҷикӣ. [Матн] / М. Қосимӣ, А. Мирбобоев – Душанбе: Пайванд, 2000. – 617 с.*
10. *Майнусов Д. Ф. Антропонимҳои "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ. [Матн] / Ф. Д. Майнусов – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 76 с.*
11. *Маҳмадҷонов О. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик. [Матн] / О. Маҳмадҷонов – Душанбе: Деваштич, 2004. – 301 с.*
12. *Суперанская А. В. Восточные имена. [Матн] / В. А. Суперанская – М., 1966. – С. 108-115.*
13. *Темуров Д. Р. Антропонимия «Тысяча и одна ночь» АД КФН. [Матн] / Р. Д. Темуров – Душанбе, 2018. – 25 с.*
14. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. // Ҷилди 1. – М.: Советская энсиклопедия, 1969. – 951 с.*
15. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. // Ҷилди 2. – М.: Советская энсиклопедия, 1969. – 950 с.*
16. *Ҳайдарӣ Ш. Мақолаҳои номиносӣ. [Матн] / Ш. Ҳайдарӣ – Перм: Форвард, 2001. – 168 с.*
17. *Ҳомидов Д. Забони тоҷикӣ ва номиносӣ. [Матн] / Д. Ҳомидов – Душанбе: Сино, 2018. – 272 с.*
18. *Шоев Р. Ономастикаи "Самаки айёр". [Матн] / Р. Шоев – Душанбе: Ирфон, 2013. – 175 с.*
19. *Шамсиддин Шоҳин. Лайлӣ ва Маҷнун. [Матн] / Ш. Шамсиддин – Душанбе: Дониш, 2018. – 162 с.*

ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВИЮ МАЪНОӢ ВА УСЛУБИИ АСТРОНИМҲО ДАР ДОСТОНИ "ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН"-И ШОҲИН

Дар мақолаи мазкур доираи истеъмали астронимҳо, ки зимни он номи сайёраву ситорагон ва ҷирмҳои осмонии гуногун дар назар дошта шудааст, дар асоси достони "Лайлӣ ва Маҷнун"-и Шамсиддин Шоҳин мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, дар мақола мавқеи корбурди астронимҳо дар забони осори бадеӣ дар мақоми истилоҳоти соҳаи нуҷум (астрономия) ва дигар воситаи забонию санъати лафзӣ барои бунёди маҷозоти дилчаспу дилнишин ва ташбеҳоти ҷолибу ҷаззоб мавриди истеъмол қарор гирифтани онҳо ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Инчунин, дар мақола астронимҳо ва ҳолати корбурди онҳо вобаста ба тақозои матни манзуми осори шоир ҳамчун исмҳои ҷинс ва ё исми хос истифода шудани онҳо мушаххас карда шуда, мариди таҳлил қарор дода шудааст. Шамсиддин Шоҳин дар ин асари пурсузу гудози ишқии тасаввуфӣ дар иртибот ба мавзуъ ва мазмуни ҳодисаву воқеаҳои достон, зимни инъикоси симои зоҳирӣ ва хислатҳои ботинии персонажҳо аз вожаҳои астронимӣ ба тариқи зайл кор гирифтааст: Моҳ//Маҳ, Қамар, Офтоб, Меҳр, Хуршед, Хур, Зуҳра, Ноҳид, Суҳо, Суҳайл, Парвин ва ғ. Хулоса, дар мақолаи мазкур истифодаи астронимҳо дар забони достони "Лайлӣ ва Маҷнун"-и Шамсиддин Шоҳин асосан, ҳамчун номвожа ба сифати истилоҳоти илми нуҷум (астрономия), чун поэтоним бештар корбаст гардидан барои офаридани ташбеҳу киноёт ва воситаи муҳимми услубӣ ба кор рафтани онҳо ба таври возеҳ таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Калидвожаҳо. Шамсиддин Шоҳин, "Лайлӣ ва Маҷнун", астроним, поэтоним, ономасика, сермаъноӣ, Қамар, Офтоб.

ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ И СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ АСТРОНИМОВ В РАССКАЗЕ ШАХИНА «ЛАЙЛИ И МАДЖНУН»

В данной статье на примере рассказа Шамсиддина Шохина «Лейли и Маджнун» исследуется и обсуждается сфера применения астронимов, обозначающих названия планет, звезд и различных небесных тел. Одновременно анализируется место использования астронимов в языке литературных произведений как терминов в области астрономии и других средствах языка и словесного искусства, их применение в создании очаровательных и привлекательных метафор, а также интересных и привлекательных сравнений. Кроме того, в статье определяются астронимы и их использование в качестве существительных рода или собственных имен в зависимости от требований поэтического текста произведения поэта, и они становятся предметом анализа. В этом страстном и глубоком произведении о мистической любви Шамсиддин Шохин использует астрономические слова следующим образом в связи с темой и содержанием событий и происшествий, отражая при этом внешний образ и внутренние качества персонажей: Мох/Мах, Камар, Офтоб, Мехр, Хуршед, Хур, Зухра, Нохид, Сухо, Сухайль, Парвин и др. В заключение, данная статья подробно рассматривает использование астрономических слов в языке рассказа Шамсиддина Шохина «Лейли и Маджнун» главным образом как существительных, как терминов астрономической науки, как поэтических названий, как важный стилистический инструмент для создания сравнений и метафор, а также как стилистический прием

Ключевые слова: Шамсиддин Шахин, «Лейли и Меджнун», астрономим, поэтика, ономастика, семантика, Луна, Солнце.

LEXICAL-SEMANTIC AND STYLISTIC FEATURES OF ASTRONYMS IN SHAHIN'S POEM "LAYLI AND MAJNUN"

Using Shamsiddin Shokhin's story "Leyli and Majnun" as an example, this article explores and discusses the application of astronomers to the names of planets, stars, and various celestial bodies. It also analyzes the use of astronomers in literary works as terms in astronomy and other linguistic and verbal arts, their use in creating charming and engaging metaphors, and interesting and compelling similes. Furthermore, the article defines astronomers and their use as gender nouns or proper names, depending on the requirements of the poet's poetic text, and these become the subject of analysis. In this passionate and profound work about mystical love, Shamsiddin Shokhin uses astronomical words in the following way in connection with the theme and content of events and incidents, reflecting the external image and internal qualities of the characters: Moh/Mah, Kamar, Oftob, Mehr, Khurshed, Khur, Zuhra, Nohid, Sukho, Suhail, Parvin, etc. In conclusion, this article examines in detail the use of astronomical words in the language of Shamsiddin Shokhin's story "Leyli and Majnun" mainly as nouns, as terms of astronomical science, as poetic names, as an important stylistic tool for creating comparisons and metaphors, and also as a stylistic device

Keywords: Shamsiddin Shahin, “Leili and Majnun”, astronomer, poetics, onomastics, semantics, Moon, Sun.

Дар бораи муаллиф
Тоирзода Абдусаломи Раҳим
Доктор (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология (забони тоҷикӣ), мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик
Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ
E-mail: toirzoda0710@mail.ru

About the author
Toirzoda Abdusalom Rahim
Doctor of philosophy (PhD), specializing in philology (tajik language), head of the department of tajik language and literature
Pedagogical college named after Khosiyat Makhsumova of TSPU named after S. Ayni
E-mail: toirzoda0710@mail.ru

Об авторе
Тоирзода Абдусалом Рахим
Доктор философии (PhD), по специальности филология (таджикский язык), заведующая кафедрой таджикского языка и литературы
Педагогический колледж им. Хосият Махсумовой ТГПУ им. С. Айни
E-mail: toirzoda0710@mail.ru

ТДУ 811.222.1'27:316.42

РУШДИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Шарифзода Ё. Ш.
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

Муқаддима. Забон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар рушди миллат ва ташаккули ҳувияти миллӣ нақши калидӣ дорад. Ҳар як забони миллӣ на танҳо воситаи муошират, балки омили асосии нигаҳдории хотираи таърихӣ, арзишҳои маънавӣ ва тафаккури ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Дар ин миён, забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз забонҳои куҳанбунёди минтақаи Осиёи Марказӣ дорои таҷрибаи ғании таърихӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки онро ба сатҳи забони дорои имконияти рушди байналмилалӣ мерасонад. Рушди байналмилалии забон мафҳуме аст, ки имрӯз дар илми забоншиносӣ аҳаммияти хоса касб намудааст. Ин мафҳум ба равандҳое ишора мекунад, ки дар натиҷаи онҳо забон аз доираи маҳдуди миллӣ берун рафта, дар фазои фаромиллӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва иттилоотӣ истифода мешавад. Забони тоҷикӣ низ дар тули таърих чунин марҳилаҳоро аз сар гузаронидааст ва дар даврaҳои муайян нақши забони байналмилалиро иҷро намудааст. Дар асрҳои миёна забони тоҷикӣ дар қаламравҳои васеи Хуросон, Мовароуннаҳр ва дигар минтақаҳо ҳамчун забони адабӣ, илмӣ ва давлатӣ мавқеи устувор дошт. Ин забон воситаи офариниши осори бузурги адабӣ, илмӣ ва фалсафӣ гардид, ки то имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф шудаанд. Маҳз ҳамин таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки забони тоҷикӣ дорои иқтидори баланди густариш ва мутобиқшавӣ ба талаботи замон мебошад.

Бо вуҷуди ин, дар марҳилаҳои муайяни таърихи мавқеи байналмилалии забони тоҷикӣ дучори маҳдудият гардид. Тфғйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба равандҳои рушди забон таъсир расониданд. Бо ин вуҷуд, забон ҳамчун падидаи зинда тавонист худро ҳифз намояд ва ба шароити нав мутобиқ гардад. Ин раванд собит месозад, ки рушди забон ҳамеша ба омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ вобаста мебошад. Дар давраи муосир масъалаи рушди байналмилалии забони тоҷикӣ аҳаммияти тоза пайдо мекунад. Ҷаҳонишавӣ, равандҳои муҳоҷират, густариши технологияҳои иттилоотӣ ва афзоиши робитаҳои фарҳангӣ шароити навро барои фаъолияти забонҳо фароҳам овардаанд. Дар чунин фазо забонҳое имкони рушд доранд, ки тавонанд ба талаботи нави илмӣ, техникӣ ва фарҳангӣ ҷавобгӯ бошанд. Забони тоҷикӣ имрӯз дар марҳилаи муҳим қарор дорад. Аз як тараф, он дорои заминаи ҳуқуқӣ ҳамчун забони давлатӣ мебошад, аз ҷониби дигар, зарурати густариши функсионалии он дар сатҳи байналмилалӣ ба миён меояд. Ин зарурат на танҳо ба масъалаҳои сиёсати забонӣ, балки ба рушди илму маориф, фарҳанг ва муаррифии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ иртибот дорад. Рушди байналмилалии забони тоҷикӣ бояд ҳамчун раванди мураккаб ва бисёрҷанба баррасӣ гардад. Ин раванд танҳо бо эълони мақом ё қабул намудани санадҳои ҳуқуқӣ маҳдуд намешавад, балки талаб мекунад, ки забон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти муосир фаъолона истифода шавад. Аз ҷумла, нақши забон дар таҳсилоти олӣ, илм, воситаҳои ахбори омма, фазои рақамӣ ва муколамаи фарҳангӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ҳадафи асосии ин мақола таҳлили равандҳои рушди байналмилалии забони тоҷикӣ дар заминаи таърихӣ ва муосир мебошад.

Дар илми муосири забоншиносӣ масъалаи рушди байналмилалии забонҳо яке аз самтҳои калидӣ ба ҳисоб меравад. Ҷаҳонишавӣ,равандҳои интегратсионии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, инчунин рушди технологияҳои иттилоотӣ мавқеи забонҳоро дар фазои ҷаҳонӣ ба таври ҷиддӣ тағйир додаанд. Дар чунин шароит, омӯзиши имкониятҳо ва мушкилоти байналмилалӣ шудани забонҳои миллӣ касб мекунад. Забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз забонҳои куҳани эронитабор дорои таърихи бисёрқабата ва мероси ғании хаттӣ мебошад. Ин забон на танҳо дар ҳудуди Тоҷикистон, балки дар тули асрҳо дар қаламрави васеи Хуросон, Мовароуннаҳр, Эрон, Афғонистон ва Ҳиндустон ҳамчун забони илм, адаб ва муошрати байнифарҳангӣ истифода мешуд. Ба андешаи муҳаққиқон, забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) дар асрҳои миёна яке аз муҳимтарин забонҳои тамаддуни исломӣ ба шумор мерафт [1, с. 18].

Мавод ва усулҳои тадқиқот. Бо вуҷуди чунин таърихи ғанӣ, дар давраи муосир масъалаи рушди байналмилалии забони тоҷикӣ бо мушкилоти нав рӯ ба рӯ шудааст. Густариши забонҳои ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама забони инглисӣ ва то андозае забони русӣ, мавқеи забонҳои миллӣ, аз ҷумла забони тоҷикиро маҳдуд месозад. Аз ҷониби дигар, истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули сиёсати мустақили забон имкониятҳои навро

барои рушди дохилӣ ва байналмилалии забони тоҷикӣ фароҳам оварад [6, с. 29]. Муҳим аст таъкид намуд, ки байналмилалӣ шудани забон танҳо ба паҳншавии ҷуғрофии он маҳдуд намешавад. Ин раванд маҷмӯи омилҳои гуногунро дар бар мегирад: истифодаи забон дар илм ва маориф, мавҷудияти захираҳои муосири таълимӣ, тарҷумаи осори илмӣ ва сиёсӣ, инчунин ҳузури фаъол дар фазои рақамӣ. Тавре Д. Кристал ишора мекунад, «забон танҳо дар он сурат метавонад дар сатҳи байналмилалӣ мақоми устувор пайдо намояд, ки дар соҳаҳои калидии фаъолияти инсон истифода шавад» [14, с. 52].

Дар ин замина, омӯзиши рушди байналмилалии забони тоҷикӣ ҳамчун масъалаи комплексӣ зарур мебошад. Аз як тараф, бояд таҷрибаи таърихии байналмилалӣ шудани забони тоҷикӣ дар асрҳои миёна таҳлил гардад, аз ҷониби дигар, зарур аст вазъи имрӯзаи он дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамисозӣ баррасӣ шавад. Ин равиш имкон медиҳад, ки қонуниятҳо ва омилҳои асосии рушди байналмилалии забон муайян карда шаванд. Навгониҳои илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегарданд, ки рушди байналмилалии забони тоҷикӣ на танҳо ҳамчун падидаи таърихӣ, балки ҳамчун раванди иҷтимоӣ – фарҳангии муосир баррасӣ мешавад. Дар мақола кӯшиш шудааст, ки робитаи байни сиёсати забон, мероси фарҳангӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ нишон дода шавад. Ин масъала то ҳол дар адабиёти илмии тоҷик ба таври мукаммал ва низомманд кам таҳқиқ шудааст.

Натиҷаҳо. Ҳадафи асосии мақолаи мазкур таҳлили ҳамаҷонибаи рушди байналмилалии забони тоҷикӣ дар заминаи таърихӣ ва муосир мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- баррасии асосҳои назариявии рушди байналмилалии забонҳо;
- таҳлили заминаҳои таърихии густариши забони тоҷикӣ;
- муайян намудани нақши забони тоҷикӣ ҳамчун забони илм ва адаб;
- арзёбии вазъи имрӯзаи забони тоҷикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ;
- пешниҳоди роҳҳо ва дурнамои таҳкими мақоми байналмилалии он.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои он метавонанд барои рушди назарияи сиёсати забон ва забоншиносии иҷтимоӣ истифода шаванд. Аҳаммияти амалӣ бошад, дар имконияти истифодаи хулосаҳо ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатӣ, дастурҳои таълимӣ ва тадбирҳои фарҳангии марбут ба рушди забони тоҷикӣ зоҳир мегардад. Бо ин замина, мақолаи мазкур кӯшиши илмӣ дар самти баррасии воқеӣ ва ҳамаҷонибаи рушди байналмилалии забони тоҷикӣ мебошад, ки метавонад ба ғанӣ гардидани таҳқиқоти филологӣ ва забоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд. Масъалаи рушди байналмилалии забон дар илми муосири забоншиносӣ асосан дар доираи забоншиносии иҷтимоӣ, сиёсати забон ва фарҳангшиносӣ баррасӣ мегардад. Дар ин самт як қатор назарияҳо ва равишҳои илмӣ ташаккул ёфтаанд, ки имконият медиҳанд равандҳои паҳншавӣ, нуфуз ва фаъолияти забонҳо дар сатҳи байналмилалӣ таҳлил карда шаванд. Яке аз мафҳумҳои калидӣ дар ин замина мафҳуми «мақоми забон» мебошад. Ба андешаи Ҷ. Фишман, мақоми забон на танҳо бо шумораи гӯяндагон, балки бо соҳаҳои истифодаи он муайян мегардад [16, с. 64]. Агар забон дар соҳаҳои калидӣ – илм, маориф, давлатдорӣ, фарҳанг ва технология – фаъолона истифода шавад, он метавонад хусусияти байналмилалӣ пайдо намояд. Ин назария барои таҳлили вазъи забони тоҷикӣ аҳаммияти махсус дорад, зеро дар гузашта забони тоҷикӣ маҳз дар чунин соҳаҳо мавқеи устувор дошт.

Назарияи дигаре, ки ба масъалаи байналмилалӣ шудани забон дахл дорад, ба ҷаҳонишавӣ вобаста аст. Д. Кристал забонро ҳамчун унсури динамикии фарҳанг арзёбӣ намуда, таъкид мекунад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ танҳо он забонҳо метавонанд мавқеи байналмилалӣ пайдо кунанд, ки ба талаботи ҷомеаи муосир мутобиқ шаванд [14, с. 51]. Мутобиқшавӣ, ба ақидаи ӯ, пеш аз ҳама, дар рушди истилоҳоти муосир, ҳузури фаъол дар фазои рақамӣ ва истифода дар низоми таҳсилот ифода меёбад.

Дар ҳуҷҷатҳои ЮНЕСКО низ рушди забонҳо ҳамчун ҷузъи муҳимми гуногунрангии фарҳангӣ баррасӣ мешавад. Дар гузоришҳои ин созмон таъкид мегардад, ки ҳифз ва рушди забонҳои миллӣ бояд бо сиёсати дастгирии давлатӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ пайваст бошад [20, с. 23]. Ин равиш нишон медиҳад, ки байналмилалӣ шудани забон на танҳо натиҷаи равандҳои табиӣ, балки маҳсули сиёсати ҳадафманд низ мебошад. Аз нигоҳи назариявӣ, рушди байналмилалии забонро метавон ҳамчун равандест, ки дар он забон аз доираи маҳдуди миллӣ берун рафта, вазифаҳои фаромиллиро иҷро мекунад, шуморид. Ин вазифаҳо метавонанд муошират илмӣ, табодули фарҳангӣ ва интиқоли донишро дар бар гиранд. Дар ин маврид, забон ба унсури муҳимми «қудрати нарм» табдил меёбад, ки давлатҳо онро барои муаррифии фарҳанг ва арзишҳои худ истифода мебаранд [9, с. 87].

Барои забони тоҷикӣ ин ҷанба аҳаммияти хос дорад. Дар асрҳои миёна забони тоҷикӣ маҳз чунин нақшро иҷро мекард: он воситаи асосии муошрати илмӣ ва фарҳангӣ дар минтақаи васеи Шарқ буд. Осори илмӣ ва адабии ба ин забон навишташуда дар кишварҳои гуногун истифода мешуданд ва ҳамин тавр, забон хусусияти фаромилӣ пайдо кард [3, с. 67].

Дар назария сиёсати забон инчунин мафҳуми “банақшагирии забон” (language planning) мавқеи муҳим дорад. Ба андешаи муҳаққиқон, банақшагирии забон маҷмӯи тадбирҳоест, ки барои танзими истифода, рушди меъёрҳо ва густариши забон амлӣ мегардад [19, с. 42]. Ин тадбирҳо метавонанд таҳияи қонунҳо, барномаҳои таълимӣ, дастгирии таҳқиқоти илмӣ ва тарҷумаи осори муҳимро дар бар мегиранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз истиқлолият чунин банақшагирии забон ба роҳ монда шуд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи забони давлатӣ” ва дигар санадҳоимеъёрӣ барои таҳкими мақоми забони тоҷикӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварданд [6, с. 29]. Аммо аз нуқтаи назари байналмилалӣ, ин тадбирҳо бояд бо сиёсати хориҷии фарҳангӣ ва илмӣ ҳамоҳанг гарданд. Як ҷанбаи муҳимми назариявӣ масъалаи рақамисозии забон мебошад. Дар шароити муосир, ҳузури забон дар интернет, захирашои электронии таълимӣ, луғатҳои рақамӣ ва платформаҳои илмӣ ба нишондиҳандаи муҳимми рушди он табдил ёфтааст. Муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки забонҳое, ки дар фазои рақамӣ ҳузури заиф доранд, тадриҷан аз фазои байналмилалӣ берун мемонанд [14, с. 74].

Бо дарназардошти ин назарияҳо метавон хулоса кард, ки рушди байналмилалии забони тоҷикӣ бояд ҳамчун равандест, ки дар он омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва технологӣ бо ҳам пайваст мебошанд. Танҳо таҳлили комплексӣ метавонад имконият диҳад, ки роҳҳо ва дурнамои воқеии рушди он муайян карда шаванд. Ин асосҳои назариявӣ заминаи методологии таҳқиқи минбаъдаи масъала мебошанд. Дар бобҳои оянда ин назарияшо ба маводи мушаххаси таърихи ва фарҳангии забони тоҷикӣ татбиқ карда мешаванд, то қонуниятҳои рушди байналмилалии он равшан гарданд. Рушди байналмилалии ҳар як забон пеш аз ҳама ба заминаҳои таърихии он вобастагӣ дорад. Забони тоҷикӣ низ истисно нест. Барои дарки моҳияти байналмилалӣ шудани ин забон, зарур аст равандҳои таърихие, ки ба ташаккул, густариш ва нуфузи он дар фазои фаромиллӣ мусоидат кардаанд, мавриди таҳлили муфассал қарор дода шаванд. Забони тоҷикӣ дар асоси форсии дарӣ ташаккул ёфтааст, ки дар асрҳои аввали ислом дар минтақаи Хуросон ва Мовароуннаҳр ба сифати забони муошрати иҷтимоӣ, давлатдорӣ ва фарҳангӣ истифода мешуд. Ин минтақа дар асрҳои IX – X ба яке аз марказҳои асосии сиёсӣ ва фарҳангии Шарқ табдил ёфт. Ташаккули давлати Сомониён дар ҳамин қаламрав нақши калидӣ дар устувор гардидани мақоми забони тоҷикӣ бозид [3, с. 41]. Давраи Сосониёнро метавон марҳилаи муҳимтарини таърихии байналмилалӣ шудани забони тоҷикӣ арзёбӣ намуд. Дар ин давра забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) ба сифати забони расмии давлатдорӣ, девонсолорӣ ва фарҳанг пазируфта шуд. Ҳукуматдорони Сомонӣ сиёсати ҳадафмандонаеро амалӣ намуданд, ки ба рушди забони маҳаллӣ ва истифодаи он дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ равона гардида буд [4, с. 67]. Ин сиёсат имкон дод, ки забони тоҷикӣ аз доираи маҳдуди маҳаллӣ берун рафта, хусусияти фаромиллиро касб намояд.

Муҳим аст таъкид намуд, ки байналмилалӣ шудани забони тоҷикӣ дар ин давра танҳо бо омилҳои сиёсӣ маҳдуд намешуд. Хуросон ва Мовароуннаҳр яке аз аз марказҳои бузурги илмӣ ва фарҳангии ҷаҳони ислом буданд. Ба ин минтақа донишмандон, шоирон ва мутафаккирон аз кишварҳои гуногун меомаданд. Забони тоҷикӣ дар чунин муҳит ба воситаи асосии ба воситаи асосии муошрати илмӣ ва фарҳангӣ табдил ёфт.[1, с. 22]. Дар ҳамин давра осори бузурги адабӣ ва илмӣ ба забони тоҷикӣ таълиф гардидаанд. Ашъори Рӯдакӣ, ки поягузори адабиёти классикии тофик ба шумор меравад, дар саросари ҷаҳони форсизабон шуҳрат пайдо кард. Забони ашъори ӯ намунаи забони равон, фаҳмо ва қобили қабул барои доираи васеи гӯяндагон буд, ки ин ба густариши фаромилии он мусоидат намуд [8, с. 58]. Илова бар ин, забони тоҷикӣ дар асроҳои миёна ҳамчун забони илмӣ низ нақши муҳим бозид. Осори илмие, ки ба ин забон навишта мешуданд, дар марказҳои илмии Бағдод, Исфаҳон, Ғазна ва Ҳиндустон истифода мешуданд.Ба ақидаи муҳаққиқон, дар ин давра забони тоҷикӣ дар баробари забони арабӣ яке аз забонҳои асосии интиқоли дониш ба ҳисоб мерафт [4, с. 112]. Ин раванд ба таҳкими мақоми байналмилалии забон мусоидат кард. Яке аз омилҳои дигари байналмилалӣ шудани забони тоҷикӣ фаъолияти тарҷумонӣ буд. Асарҳои ба ин забон навишташуда ба забонҳои дигар тарҷума мешуданд ва баръакс, осори илмӣ ва фалсафии дигар халқҳо ба забони тоҷикӣ баргардонда мешуданд. Ин раванд ба ғанӣ гардидани луғат ва ислоҳоти забони тоҷикӣ мусоидат намуда, имкониятҳои онро барои ифодаи мафҳумҳои мураккаби илмӣ васеъ кард [5, с. 91].

Дар асрҳои минбаъда, ҳатто пас аз суқути давлати Сомониён, забони тоҷикӣ мавқеи худро ҳамчун забони фарҳанг ва адаб нигоҳ дошт.Дар дарборҳои Ғазнавиён, Салчуқиён ва Темуриён ин забон ба сифати забони расмии адабӣ истифода мешуд. Маҳз дар ҳамин давра забони тоҷикӣ ба як забони фаромарзӣ табдил ёфт, ки дар қаламрави васеи Осиёи Марказӣ, Эрон, Афғонистон ва Ҳиндустон истифода мешуд [9, с. 76]. Ҳамин тавр, таҳлили заминаҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки байналмилалӣ шудани забони тоҷикӣ натиҷаи як қатор омилҳои ба ҳам пайваст мебошад: сиёсати давлатдорӣ, рушди илм ва адаб, фаъолияти тарҷумонӣ ва мавқеи фарҳангии минтақа. Ин таҷрибаи таърихӣ аҳаммияти бузург дорад, зеро метавонад ҳамчун модели рушди байналмилалии забони тоҷикӣ дар шароити муосир истифода шавад. Яке аз омилҳои калидии рушди байналмилалии ҳар як забон нақши он дар илму дониш мебошад. Таърих нишон медиҳад, ки забонҳое, ки ба сифати забони илм хизмат кардаанд, аз доираи маҳдуди маҳаллӣ берун рафта, хусусияти фаромиллӣ касб намудаанд. Забони тоҷикӣ дар асрҳои миёна маҳз чунин нақшро иҷро намуда, ба яке аз забонҳои муҳимми илми ҷаҳони ислом табдил ёфта буд. Дар асрҳои IX – XII марказҳои бузурги илмӣ дар Хуросон, Мовароуннаҳр, Бағдод, Исфаҳон ва Ғазна фаъолият мекарданд. Дар ин марказҳо донишмандон аз қавму миллатҳои гуногун ҷамъ омада, ба таҳқиқи масъалаҳои тиб, фалсафа, нуҷум, риёзиёт ва дигар илмҳо машғул буданд. Забони тоҷикӣ дар чунин муҳит ҳамчун воситаи муошарати илмӣ ва интиқоли дониш истифода мешуд.[3, с. 112].

Яке аз намунаҳои равшани иқтидори илмии забони тоҷикӣ фаъолияти Ибни Сино мебошад. Гарчанде қисми зиёди осори ӯ ба забони арабӣ таълиф шудааст, асарҳои ба забони тоҷикӣ навишташудаи ӯ, аз ҷумла “Донишнома”, нишон медиҳад, ки ин забон қобилияти пурраи ифодаи мафҳумҳои мураккаби фалсафӣ ва илмиро дорад [5, с. 89]. Ибни Сино бо истифода аз захираҳои луғавӣ ва истилоҳии забони тоҷикӣ мафҳумҳои нави илмиро ба таври равшан ва дақиқ баён намудааст. Нақши Абӯрайҳони Берунӣ низ дар рушди мақоми илмии забони тоҷикӣ назаррас мебошад. Осори ӯ дар соҳаҳои нуҷум, ҷуғрофия ва таърих дорои аҳаммияти байналмилалӣ буда, дар онҳо унсурҳои забони тоҷикӣ ва истилоҳоти ба он хос истифода шудаанд [3, с. 118]. Берунӣ ба таври амалӣ нишон дод, ки забони тоҷикӣ метавонад забони таҳқиқоти дақиқ ва илмҳои таҷрибавӣ низ бошад.

Муҳим аст таъкид намуд, ки рушди илмӣ бо забони тоҷикӣ танҳо маҳсули фаъолияти шахсиятҳои алоҳида набуд. Дар асрҳои миёна анъанаи густурдаи таълифи китобҳои илмӣ ва таълимӣ бо ин забон вуҷуд дошт. Ин китобҳо дар мадрасаҳо ва марказҳои илмии минтақа истифода мешуданд ва аз насл интиқол меёфтанд. Ин раванд ба устувор гардидани меъёрҳои илмии забон ва ташаккули сабкӣ мусоидат кард [7, с. 73].

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми байналмилалӣ шудани забони тоҷикӣ дар илм фаъолияти истилоҳсозӣ мебошад. Барои ифодаи мафҳумҳои нав, олимон ва мутафаккирон аз имкониятҳои дохилии забон истифода бурда, истилоҳи нав эҷод мекарданд. Ин истилоҳот баъдан дар муҳитҳои гуногуни илмӣ паҳн гардида, ба як қисми луғати умумии илмӣ табдил меёфтанд. Ба андешаи муҳаққиқон, маҳз ҳамин қобилияти истилосозӣ яке аз нишонаҳои забони комили илмӣ мебошад [19, с. 44]. Забони тоҷикӣ дар баробари забони арабӣ ҳамчун забони илмӣ истифода мешуд, аммо фарқияти асосӣ дар он буд, ки забони тоҷикӣ бештар барои таълифи асарҳои омӯзишӣ ва фаҳмондани масъалаҳои мураккаб ба дораи васеи хонандагон хизмат мекард. Ин хусусият боис гардид, ки забон дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа густариш ёбад ва мақоми фаомиллӣ касб намояд[16, с. 68].

Дар асрҳои минбаъда, ҳатто бо тағйир ёфтани шароити сиёсӣ, забони тоҷикӣ мавқеи худро ҳамчун забони илм пурра аз даст надод. Гарчанде дар баъзе давраҳо истифодаи забони арабӣ афзалият пайдо кард, забаони тоҷикӣ ҳам чун забони шарҳу тавзеҳ, таълим ва адаб боқӣ монд. Ин устуворӣ далели иқтидори дохилии забон ва пайвастагии он бо анъанаҳои илмӣ мебошад. Таҳлили таърихӣ нишон медиҳад, ки маҳз нақши забони илмӣ ба байналмилалӣ шудани он мусоидати ҷиддӣ кардааст. Забоне, ки метавонад дониш тавлид ва интиқол диҳад, ҳатман аз доираи маҳдуди маҳаллӣ берун меравад. Ин таҷрибаи таърихӣ барои шароити муосир низ аҳаммияти муҳим дорад, зеро нишон медиҳад, ки рушди илм бо забони тоҷикӣ метавонад яке аз роҳҳои асосии таҳкими мақоми байналмилалии он бошад. Адабиёт яке аз воситаҳои муассири байналмилалӣ шудани забон ба шумор меравад. Таърих нишон медиҳад, ки маҳз тавассути осори адабӣ забонҳо метавонанд берун аз ҳудуди ҷуғрофии худ паҳн гардида, дар муҳитҳои гуногуни фарҳангӣ пазируфта шаванд. Забони тоҷикӣ низ тавассути адабиёти классикии худ ба сатҳи байналмилалӣ баромадааст ва дар тули асрҳо ҳамчун забони дорои арзиши умумибашарӣ шинохта шудааст. Поягузори адабиёти классикии тоҷикӣ Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ташаккули нуфузи байналмилалии

забони тоҷикӣ нақши калидӣ бозидааст. Ашъори ӯ бо забони сода, равон ва пурмазмун эҷод шуда, барои доираи хонандагон фаҳмо буд. Ин хусусият боис гардид, ки осори Рӯдакӣ на танҳо дар Мовароуннаҳр, балки дар дигар минтақаҳои форсизабонон низ паҳн гардад [8, с. 61]. Забони адабии шаклгирифта дар осори ӯ ба намунаи меъёри табдил ёфт ва барои эҷодиёти минбаъдаи шоирон замина гузошт. Яке аз қуллаҳои баланди рушди байналмилалии забони тоҷикӣ осори Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ мебошад. “Шоҳнома” на танҳо шоҳасари адабиёти тоҷикӣ, балки яке аз бузургтарин осори адабиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ин асар бо забони ғанӣ, устувор ва пуриқтидори тоҷикӣ таълиҷ шуда, таърихи фарҳангӣ ва ҷаҳонбинии мардумони эронитаборро инъикос менамояд [10, с. 156]. Маҳз тавассути “Шоҳнома” забони тоҷикӣ дар доираи васеи ҷаҳони ислом ва баъдан берун аз он шинохта шуд.

Дар асрҳои минбаъда осори адибони бузург, аз қабили Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҷалолиддини Балхӣ, ба рушди фаромиллии забони тоҷикӣ таъсири ҷиддӣ расониданд. Асарҳои онҳо дар кишварҳои гуногун хонда мешуданд, шарҳ ва тафсир мегардиданд ва ба забонҳои дигар тарҷума мешуданд. Ин раванд забони тоҷикӣ (форсӣ) – ро ба забони фарҳанги олӣ ва муоширати байнифарҳангӣ табдил дод [9, с. 84]. Нақши тарҷума дар рушди байналмилалии забони тоҷикӣ махсусан мушим аст. Аз як тараф, осори адабии тоҷикӣ ба забонҳои дигар тарҷума шуда, забон ва фарҳанги тоҷиконро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд. Аз ҷониби дигар, тарҷумаи осори хориҷӣ ба забони тоҷикӣ ба ғанӣ гардидани луғат ва сабки адабӣ мусоидат кард. Муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки маҳз фаъолияти густурдаи тарҷумонӣ яке аз омилҳои устувории забони тоҷикӣ дар фазои байналмилалӣ мебошад [5, с. 91].

Адабиёти классикӣ ҳамчунин ба ташаккули нуфузи маънавии забони тоҷикӣ мусоидат намуд.Забоне, ки тавассути адабиёт арзишҳои умумибашарӣ – адолат, инсонгароӣ, муҳаббат ва хирадро таблиғ мекунад, ба осонӣ метавонад дар муҳити гуногун пазируфта шавад. Осори классикии тоҷикӣ маҳз чунин хусусиятро доро буда, аз ин лиҳоз то имрӯз мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва хонандагони хориҷӣ қарор дорад [20, с. 37]. Дар давраи муосир низ адабиёти классикӣ ҳамчун рушди байналмилалии забони тоҷикӣ хизмат мекунад. Тарҷумаҳои муосири осори классикӣ ба забонҳои англисӣ, русб, олмонӣ ва фаросанвӣ имконият фароҳам меоранд, ки забони тоҷикӣ дар фазои адабиёти ҷаҳонӣ ҳузури худро нигоҳ дорад. Ин раванд на танҳо ба муаррифии мероси адабӣ, балки ба таҳкими мақоми забон ҳамчун унсури фарҳанги ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Ҳамин тавр таҳлил нишон медиҳад, ки адабиёти классикии тоҷикӣ яке аз омилҳои асосии байналмилалӣ шудани забони тоҷикӣ мебошад. Тавассути осори адабӣ забон на танҳо паҳн гардидааст, балки ҳамчун забони дороиарзиши баланд ва қобилияти ифодаи андешаҳои амиқи фалсафӣ ва инсонӣ эътироф шудааст. Ин таҷриба барои рушди минбаъдаи забонт тоҷикӣ дар шароити муосир низ аҳаммияти назаррас дорад.

Давраи Шуравӣ дар таърихи забони тоҷикӣ марҳилаи мураккаб ва бисёрпаҳлӯ ба ҳисоб меравад. Аз як тараф, дар ин давра заминаҳои меъёрсозӣ, таҳияи алифбо, грамматика ва луғатҳои илмӣ фароҳам оварда шуданд, аз ҷониби дигар, имкониятҳои рушди байналмилалии забон маҳдуд гардиданд. Сиёсати забонии Иттиҳоди Шуравӣ бештар ба густариши забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо равона шуда буд, ки ин ба мақоми забонҳои миллӣ, аз ҷумла забони тоҷикӣ, таъсири муайян расонд [6, с. 34]. Дар солҳои аввали ҳокимияти шуравӣ барои забони тоҷикӣ як қатор тадбирҳои муҳим амалӣ гардиданд. Таҳияи алифбои нав, аввал асоси лотинӣ ва баъдан кириллӣ, ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолӣ мусоидат кард. Ин раванд имконият фароҳам оварда, ки забони тоҷикӣ ба соҳаҳои маориф, матбуот ва илм ворид гардад [1, с. 47]. Бо вуҷуди ин, тағйири алифбо робитаи табиии забонро бо мероси хаттии классикӣ то андозае суст намуд. Дар соҳаи илм ва таҳсилот забони тоҷикӣ бештар нақши маҳаллӣ дошт. Осори илмии сатҳи байналмилалӣ асосан ба забони русӣ таълиф мешуданд ва забони тоҷикӣ аксаран барои таълими ибтидоӣ ва адабиёти бадеӣ истифода мегардид. Ин ҳолат боис шуд, ки имкониятҳои рушди байналмилалии забони тоҷикӣ дар доираи Иттиҳоди Шуравӣ маҳдуд шаванд [16, с. 71]. Бо вуҷуди ин маҳдудиятҳо, дар ҳамин давра барои ташаккули забони адабии муосири тоҷикӣ заминаи устувор гузошта шуд. Таҳияи қоидаҳои имло, меъёрҳои услубӣ ва луғатҳои тафсирӣ ба якрангсозии забон мусоидат намуданд. Ин омилҳо дар оянда барои рушди минбаъдаи забон аҳаммияти калидӣ пайдо карданд [7, с. 81]. Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, марҳилаи нав дар рушди забони тоҷикӣ оғоз гардид. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ” мақоми ҳуқуқии забони тоҷикиро таҳким бахшид ва истифодаи онро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ васеъ намуд [6, с. 29]. Забони

тоҷикӣ ба забони давлатдорӣ, идоракунӣ ва таҳсилот табдил ёфт, ки ин барои рушди дохилии он заминаи мусоид фароҳам оварда.

Дар давраи истиқлолият масъалаи рушди байналмиллалии забони тоҷикӣ низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Тавассути ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмӣ бо кишварҳои хориҷӣ, баргузор намудани конференсияҳои байналмиллалӣ ва нашри осори илмӣ ба забонҳои хориҷӣ имконият фароҳам омад, ки забони тоҷикӣ дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардад [20, с. 42]. Бо вуҷуди ин, мушкилот низ вуҷуд дорад, аз ҷумла норасоии захираҳои илмии рақамӣ ва маҳдуд будани истифодаи забон дар платформаҳои байналмилалӣ. Дар маҷмӯъ, давраи шуравӣ ва баъд аз истиқлолиятро метавон ҳамчун ду марҳилаи ба ҳам мухолиф, вале ба ҳам пайваст дар рушди забони тоҷикӣ арзёбӣ намуд. Агар дар давраи шуравӣ заминаҳои меъёрӣ ва сохторӣ ташаккул ёфта бошанд, дар давраи истиқлолият имкониятҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ барои рушди байналмилалии забон фароҳам гардиданд. Истифодаи самараноки ин имкониятҳо метавонад дар оянда ба таҳкими мавқеи забони тоҷикӣ дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат намояд. Дар шароити муосир ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла ба забон таъсири амиқ мерасонад. Забонҳое, ки ба ин равандҳо мутобиқ намешаванд, тадриҷан мавқеи худро дар фазои байналмилалӣ аз даст медиҳанд. Аз ин рӯ, таҳлили ҷойгоҳи забони тоҷикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамисозӣ аҳаммияти хос дорад.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми рушди байналмилалии забон ҳузури он дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ мебошад. Интернет имрӯз ба майдони асосии муошират илмӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Забони тоҷикӣ дар солҳои охир дар ин самт пешрафти муайян доштааст: сомонаҳои хабарӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои таълимӣ ба ин забон фаъолият мекунанд. Бо вуҷуди ин, ҳаҷм ва сифати муҳтавои тоҷикӣ дар интернет ҳанӯз ба талаботи фазои байналмилалӣ пурра ҷавобгӯ нест [14, с. 78]. Рақамисозии забон пеш аз ҳама дар таҳияи захираҳои электронӣ ифода меёбад. Луғатҳои рақамӣ, корпусҳои матнӣ, барномаҳои коркарди забон ва захираҳои таълимии онлайн ба рушди истифодаи забон мусоидат мекунанд. Муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки забонҳое, ки дорои чунин захираҳо мебошанд, имконияти бештари ҳузур дар муҳити байналмилалиро касб мекунанд [19, с. 49]. Дар ин замина, барои забони тоҷикӣ таҳияи корпуси миллии забон ва васеъ намудани пойгоҳҳои истилоҳӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Ҷаҳонишавӣ ҳамчунин ба соҳаи маориф таъсири ҷиддӣ мерасонад. Таҳсилоти онлайн ва курсҳои кушоди байналмилалӣ (MOOC) имконият медиҳанд, ки забонҳо берун аз марзҳои миллӣ истифода шаванд. Агар барномаҳои таълимӣ ва илмӣ ба забони тоҷикӣ дар чунин платформаҳо пешниҳод гарданд, ин метавонад ба густариши байналмилалии он мусоидат намояд. Дар айни замон, аксари чунин курсҳо ба забонҳои англисӣ ва русӣ баргузор мешаванд, ки ин рақобати шадидро барои забони тоҷикӣ ба миён меорад [16, с. 75].

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми ҷаҳонишавӣ робитаи байни забон ва ҳувияти миллӣ мебошад. Дар шароити муосир забон на танҳо воситаи муошират, балки рамзи фарҳанг ва давлатдорӣ низ ба ҳисоб меравад. Ҳузури забони тоҷикӣ дар фазои байналмилалӣ метавонад ба муаррифии фарҳанги миллӣ ва таҳкими нуфузи фарҳангии Тоҷикистон мусоидат намояд [20, с. 44]. Аз ин рӯ, рушди байналмилалии забон бояд ҳамчун қисми таркибии сиёсати фарҳангии давлат баррасӣ шавад.

Натиҷаи адқиқотҳо нишон дода шудааст, ки дар шароити рақамисозӣ масъалаи мутобиқсозии меъёрҳои забони низ ба миён меояд. Истифодаи забон дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва муҳити рақамӣ аксаран бо содасозӣ ва тағйири меъёрҳо ҳамроҳ мешавад. Ин равand метавонад ҳам имконият ва ҳам хатар дошта бошад. Аз як тараф, он ба паҳншавии забон мусоидат мекунад, аз ҷониби дигар, метавонад ба заиф гардидани меъёрҳои адабӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, зарур аст мувозинат байни рушди табии забон ва ҳифзи меъёрҳои он таъмин карда шавад [7, с. 86]. Бо вуҷуди мушкилот, шароити муосир барои рушди байналмилалии забони тоҷикӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад. Истифодаи технологияҳои нав, ҳамкориҳои илмии байналмилалӣ ва рушди муҳтавои рақамӣ метавонанд мавқеи забонро дар сатҳи ҷаҳонӣ таҳким бахшанд. Барои ин, сиёсати ҳадафманд ва иштироки фаъоли ҷомеаи илмӣ ва фарҳангӣ зарур мебошад.

Ҳамин тавр, ҷаҳонишавӣ ва рақамисозӣ барои забони тоҷикӣ ҳамзамон чолоиш ва имконият мебошанд. Истифодаи оқилонаи ин равандҳо метавонад ба рушди байналмилалии забон мусоидат намояд ва таҷрибаи таърихии онро дар шароити муосир идома бахшад. Бо вуҷуди он ки забони тоҷикӣ дорои таҷрибаи ғании таърихии байналмиллалӣ мебошад, дар шароити муосир як қатор мушкилот мавҷуданд, ки ба густариши фаромилии он монеъ

мегарданд. Таҳлили ин мушкилот ва муайян намудани роҳҳои ҳалли онҳо барои рушди устувори забон аҳаммияти калидӣ дорад. Яке аз мушкилоти асосӣ маҳдуд будани истифодаи забони тоҷикӣ дар фазои илмии байналмилалӣ мебошад. Имрӯз аксари мақолаҳои илмӣ, конференсияҳо ва пойгоҳҳои индексатсионӣ ба забонҳои англисӣ ва русӣ такя мекунанд. Дар натиҷа, осори илмии ба забони тоҷикӣ таълифшуда камтар ба ҷомеаи илмии ҷаҳонӣ роҳ меёбанд [14, с. 81]. Ин ҳолат на аз заъфи забон, балки аз набудани механизмҳои муассири муаррифии он шаҳодат медиҳад. Мушкили дигар норасоии захираҳои муосири рақамӣ мебошад. Ҳанӯз корпуси мукаммали миллии забони тоҷикӣ, пойгоҳҳои васеи истилоҳоти илмӣ ва барномаҳои коркарди автоматии забон ба таври кофӣ рушд наёфтаанд. Дар ҳоле ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки маҳз чунин захираҳо ба байналмилалӣ шудани забонҳо мусоидат мекунанд [19, с. 52].

Дар баробари ин, масъалаи тайёр намудани кадрҳои баландихтисос низ аҳаммияти махсус дорад. Барои рушди байналмилалии забони тоҷикӣ мутахассисоне лозиманд, ки ҳам забоншиносии муосир ва ҳам стандартҳои илмии байналмилалиро хуб донанд. Норасоии чунин мутахассисон метавонад ба суст гардидани раванди байналмилалӣ шудани забон таъсир расонад [16, с. 77]. Бо вуҷуди ин мушкилот, барои рушди минбаъдаи байналмилалии забони тоҷикӣ имкониятҳои воқеӣ вуҷуд доранд. Яке аз роҳҳои асосӣ густариши ҳамкориҳои илмӣ ва фарҳангии байналмилалӣ мебошад. Ташкили конференсияҳо, семинарҳо ва барномаҳои муштараки таҳқиқотӣ метавонад забони тоҷикиро ба фазои илмии ҷаҳонӣ ворид созад [20, с. 46]. Роҳи дигари муҳим рушди тарҷумаи илмӣ ва адабӣ мебошад. Тарҷумаи осори муҳимми тоҷикӣ ба забонҳои хориҷӣ ва баръакс, ба ғанӣ гардидани захираҳои забонӣ ва боло рафтани нуфузи байналмилалии забон мусоидат мекунад. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки маҳз тарҷума яке аз омилҳои асосии рушди фаромилии забони тоҷикӣ будааст [5, с. 94].

Муҳокима. Ниҳоят, сиёсати ҳадафманди давлатӣ дар соҳаи забон метавонад нақши ҳалкунанда бозад. Дастгирии таҳқиқоти илмӣ, нашри маҷаллаҳои байналмилалӣ ба забони тоҷикӣ ва рушди муҳтавои рақамӣ метавонанд барои таҳкими мавқеи забон дар сатҳи ҷаҳонӣ заминаи мусоид оваранд. Таҳқиқи рушди байналмилалии забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки ин забон дорои таҷрибаи ғании таърихӣ ва иқтидори бузурги фарҳангӣ мебошад. Дар асрҳои миёна забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатдорӣ, илм ва адаб дар фазои васеи Хуросон, Мовароуннаҳр ва дигар минтақаҳо истифода мешуд ва хусусияти фаромиллӣ касб карда буд. Ин таҷрибаи таърихӣ далели равшани қобилияти забон барои иҷрои вазифаҳои байналмилалӣ мебошад. Дар давраи муосир, бо вуҷуди тағйир ёфтани шароити сиёсӣ ва иҷтимоӣ, забони тоҷикӣ имконият дорад мавқеи худро дар фазои байналмилалӣ барқарор ва таҳким бахшад. Барои ин, истифодаи самараноки имкониятҳои ҷаҳонишавӣ, рақамисозӣ ва ҳамкориҳои илмии байналмилалӣ зарур аст. Рушди истилоҳоти муосир, захираҳои рақамӣ ва тарҷумаи илмӣ метавонанд ба густариши фаромиллии забон мусоидат намоянд.

Хулоса. Ҳамин тавр, рушди байналмилалии забони тоҷикӣ раванди мураккаб, вале имконпазир мебошад. Истифодаи оқилонаи таҷрибаи таърихӣ ва мутобиқшавӣ ба талаботи ҷомеаи муосир метавонад забони тоҷикиро ба унсури фаъоли фазои фарҳангӣ ва илмии ҷаҳонӣ табдил диҳад.

Адабиёт

1. *Асророва, М. Таърихи забони тоҷикӣ / М. Асророва. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 324 с.*
2. *Берунӣ, А. Осори баргузида / А. Берунӣ. – Теҳрон: Амир Кабир, 2005. – с. 23 – 276.*
3. *Бобоев, Б. Давлати Сомониён ва забон / Б. Бобоев. – Душанбе: Дониш, 2009.–156 с.*
4. *Ғафуров, Б. Тоҷикон / Б. Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1998.-312 с.*
5. *Ибни Сино Донишнома / Ибни Сино. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 287 с.*
6. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи забони давлатӣ–Душанбе: Маориф, 2009. – С. 1–28.*
7. *Раҳимов Р. Забони адабии тоҷик / Р. Раҳимов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 198 с.*
8. *Рӯдакӣ, А. Осори мунтахаб / А. Рӯдакӣ. – Душанбе: Ирфон, 2008.-180 с.*
9. *Саъдӣ, Ш. Куллиёт – Теҳрон: Энсиклопедияи Фарҳанг, 2004. – 350 с.*
10. *Фирдавсӣ, А. Шоҳнома / А. Фирдавсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011.–584 с.*
11. *Хуршедов, А. Сиёсати забон дар Тоҷикистон / А. Хуршедов. – Душанбе: Дониш, 2016. – 150 с.*
12. *Ҳофиз, Ш. Девон / Ш. Ҳофиз. – Теҳрон: Амир Кабир, 2003. – 256 с.*
13. *Coulmas F. "Sociolinguistics". - The Study of Speakers' Choices. Oxford: Blackwell, 2013. – P. 1 – 310.*

14. *Crystal, D. Language and the internet / D. Crystal. – Cambridge: Cambridge University Press, 2011 – P. 1- 320.*
15. *Ferguson C. "Language Development" – Stanford: Stanford University Press, 1968. – 1 – 295.*
16. *Fishman J. Sociolinguistics / J. Fishman. - New York: Wiley, 1972.–412 p.*
17. *Graddol D/ "The Future of Language". - London: British Council, 2006. – P. 1 – 192.*
18. *Phillipson R. "Linguistic Imperialism". – Oxford: Oxford University Press, 1992. – P. 1 – 226.*
19. *Spolsky B. "Language Policy". – Cambridge: Cambridge University Press, 2004. – P. 1 – 247.*
20. *UNESCO/ "Language and Cultural Diversity". – Paris: UNESCO, 2015. – P. 5 – 112/*

РУШДИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили масъалаҳои рушди байналмилалии забони тоҷикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва равандҳои муосири фарҳангиву иттилоотӣ бахшида шудааст. Забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз забонҳои қадимаи гурӯҳи забонҳои эронӣ дорои таърихи тулонӣ, мероси ғании адабию фарҳангӣ ва мақоми муҳимми тамаддунӣ мебошад. Ин забон дар тули асрҳо ҳамчун воситаи муошират илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он хизмат намудааст. Дар мақола марҳилаҳои таърихии ташаккул ва густариши забони тоҷикӣ, нақши осори классикии адабӣ дар муаррифии он дар арсаи байналмилалӣ, инчунин таъсири омилҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба рушди забон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф нақши давраи шуравӣ ва замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таҳкими мавқеи забони тоҷикӣ таҳлил намуда, ба масъалаҳои сиёсати давлатӣ дар самти ҳифз ва рушди забон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Ҳамчунин, дар мақола таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонӣ ба густариши фазои истифодаи забони тоҷикӣ таҳлил гардидааст. Махсусан, масъалаҳои вобаста ба ҳузури забони тоҷикӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, воситаҳои ахбори омма ва захираҳои рақамӣ ҳамчун омилҳои муҳимми рушди байналмилалии забон арзёбӣ мешаванд. Дар натиҷаи таҳлил хулоса карда мешавад, ки рушди байналмилалии забони тоҷикӣ ба омилҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва технологӣ вобастагии зич дорад. Бо мақсади таҳкими мақоми байналмилалии забони тоҷикӣ густариши ҳамкориҳои фарҳангиву илмӣ, рушди фазои рақамии забон ва татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ дар самти ҳифз ва рушди забон аҳаммияти калидӣ доранд.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, рушди байналмиллалӣ, сиёсати забон, ҷаҳонишавӣ, фарҳанг, мероси хаттӣ, фаромиллӣ, адабиёти классикӣ, шуравӣ, истиқлолият.

МЕЖДУНАРОДНОЕ РАЗВИТИЕ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Данная статья посвящена анализу вопросов международного развития таджикского языка в условиях глобализации и современных культурно-информационных процессов. Таджикский язык, являясь одним из древнейших языков иранской группы, обладает многовековой историей, богатым литературно-культурным наследием и значимым цивилизационным статусом. На протяжении веков данный язык служил средством научного, литературного и культурного общения в Центральной Азии и за её пределами. В статье рассматриваются исторические этапы формирования и распространения таджикского языка, роль классической литературы в его международном представлении, а также влияние политических и социальных факторов на развитие языка. Автор анализирует значение советского периода и эпохи государственной независимости Республики Таджикистан в укреплении статуса таджикского языка, уделяя особое внимание вопросам государственной языковой политики в сфере сохранения и развития языка. Кроме того, в статье анализируется влияние процессов глобализации, развития информационных технологий и цифровизации на расширение сферы использования таджикского языка. В частности, присутствие таджикского языка в социальных сетях, средствах массовой информации и цифровых ресурсах рассматривается как один из важных факторов международного развития языка. В результате исследования делается вывод о том, что международное развитие таджикского языка тесно связано с политическими, культурными, научными и технологическими факторами. В целях укрепления международного статуса таджикского языка особое значение имеют расширение научно-культурного сотрудничества, развитие цифрового пространства языка и эффективная реализация государственной языковой политики.

Ключевые слова: таджикский язык, международное развитие, языковая политика, глобализация, культура, письменное наследие, полилингвизм, классическая литература, советский период, независимость.

INTERNATIONAL DEVELOPMENT OF THE TAJIK LANGUAGE

This article is devoted to the analysis of the international development of the Tajik language in the context of globalization and contemporary cultural and informational processes. As one of the ancient languages of the Iranian language group, the Tajik language possesses a long history, a rich literary and

cultural heritage, and an important civilizational status. For centuries, it has served as a means of scientific, literary, and cultural communication in Central Asia and beyond. The article examines the historical stages of the formation and expansion of the Tajik language, the role of classical literature in promoting the language internationally, as well as the influence of political and social factors on its development. The author analyzes the significance of the Soviet period and the era of state independence of the Republic of Tajikistan in strengthening the status of the Tajik language, paying particular attention to issues of state language policy in the preservation and development of the language. Furthermore, the article analyzes the impact of globalization, the development of information technologies, and digitalization on the expansion of the sphere of use of the Tajik language. In particular, the presence of the Tajik language in social networks, mass media, and digital resources is considered one of the important factors contributing to its international development. The study concludes that the international development of the Tajik language is closely connected with political, cultural, scientific, and technological factors. In order to strengthen the international status of the Tajik language, it is essential to expand scientific and cultural cooperation, develop the digital linguistic environment, and effectively implement state language policy.

Keywords: Tajik language, international development, language policy, globalization, culture, written heritage, multilingualism, classical literature, Soviet period, independence.

Дар бораи муаллиф
Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф
Номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва рушди неруи инсонӣ
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон
735162, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Кӯшониён, ҷамоати деҳоти Бохтариён, кӯчаи Носири Хусрав 73
E-mail: sharifzoda121974@mail.ru

Об авторе
Шарифзода Ёрмухаммад Шариф
Кандидат филологических наук, заведующей кафедрой гуманитарных наук и развития человеческого интелекта
Институт энергетики Таджикистана
735162, Республика Таджикистан, Кушаниянский район, село Бахтариён, улица Носира Хусрава 73
E-mail: sharifzoda121974@mail.ru

About the author
Sharifzoda Yormukhammad Sharif
Candidate of Philological Sciences, Head of the Department of Humanities and Human Intelligence Development
Institute of Energy of Tajikistan
735162, Republic of Tajikistan, Kushanian district, Bakhtariyon village, Nosir Khusrav street 73
E-mail: sharifzoda121974@mail.ru

ТДУ 811.222.1'373.42

ИСТИФОДАИ ЯК НАВЪИ ТАРКИБҲОИ ҶУФТ ДАР АШЪОРИ САЙФУДДИНИ ИСФАРАНГӢ

Илҳомзода Х. И.
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд

Муқаддима. Таркиби луғавии забон бо омилҳои айниву зеҳнии он ҳамеша дар ҳоли рушд қарор дорад. Яке аз сабабҳои ғано гаштани он, ба назари мо, ба ҳодисаи муродифот рабт дорад. Лозим ба ёдоварист, ки ба чунин масъала забоншиносони дигар низ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Масалан, профессор Т.Шокиров бар ин назар аст, ки «таркиби луғавии забон дар ҳар давру замон дар инкишоф буда, ғаномандии онро бояд таъмин намояд. Барои ин ғамхории соҳибзабонон зарур аст. Бесабаб нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи забонро ба стратегияи сиёсати давлат табдил додаанд. Президенти кишвар дар суханронии хеш бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ 04.10.2023 кулли ҳамватанонро бо ин рӯзи саид табрик гуфта, эълон доштанд, ки забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон рамзи муқаддасу ҷовидонаи ҳастии миллат, муҳимтарин нишонаи давлатдории миллии тоҷикон ва асоситарин омили ваҳдату сарҷамъии мардуми кишвар маҳсуб меёбад» [12, с. 24].

Дар ашъори Сайфуддини Исфарангӣ ҷойгоҳи муродифоти ҷуфт низ мавқеи муҳим дорад. Профессор Б.Сиёев доир ба сайри таърихии чунин аносири забонӣ мутаваҷҷеҳ шуда, оғози корбурди онҳоро чунин муқаррар кардааст: «Истеъмоли таркибҳои ҷуфт дар забони тоҷикӣ таърихи дуру дароз дорад. Ба ин гуна воҳидҳо ҳанӯз дар давраи нави инкишофи забони тоҷику форс, ки бо истилоҳи **дарӣ** машҳур мебошад ва инчунин дар осори пас аз асри Х дучор омадан мумкин» [8, с. 28].

Доир ба масъалаи мавриди назар дар забоншиносии тоҷик таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуда, натоиҷи ҷустуҷӯҳои онҳо тариқи мақолот ва монографияҳои ҷудогона нашр шудаанд [3; 4; 7].

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Маводди фактологии мақолаи мазкур дар заминаи «Девон»-и Сайфуддини Исфарангӣ сурат гирифта, дар он аз усулҳои чандомад, муқоиса ва тасвирӣ истифода карда шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки муродифоти ҷуфт дар назм маҳдудияти бештаре нисбат ба наср дорад. Ҳарчанд гоҳе шоир барои такмили вазн маҷбур мешавад муродифоти бархе вожагонро зикр кунад, аммо боз маҳдудияти вазн монеи корбурди зиёди муродифот мегардад. Аз ин рӯ, дар мавридҳои зиёд ба шоир имконият намедиҳад, ки аз таркибҳои ҷуфти ҳаммаънои паёпай баҳра гирад. Баррасии муродифоти ҷуфт нишон медиҳад, ки бархе суханварон саъй кардаанд ҷойгоҳи ин навъи муродифотро дар байт чунон устувор созанд, ки хонанда ё мухотаб натавонад онро вожаи изофа ва корбурди онро ба манзури такмили аркони арӯз пиндорад. Бо вуҷуди ин, заруриёти вазн ва қофияро дар корбурди муродифот бояд дар назар гирифт. Ҳарчанд шоир дорои андешаҳои амиқ ва мусаллат бар забон бошад, боз вазн ва тақозои он ӯро маҷбур ба гузиниши бархе вожагон ва риояти муродифот месозад. Бинобар ин, гоҳе зарурати вазн ва қофия низ шоирро маҷбур месозад аз таркибҳои ҷуфт ба кор гирад, бе он ки маъно бад-он ниёзманд бошад, ё нуктаи балоғӣ эҷод карда бошад, балки танҳо бахше аз рукни арӯзро такмил мекунад:

Дилпарастонро бувад дар **ҷону ҷонон** гуфтугӯ,
Ишқбозон аз фиреби ҷону ҷонон фориғанд [2, с. 80].

Гӯ, сабри ман озод зӣ, к-аз **ҷону ҷонон** бас шудам,
Тарки дилу ҷон гуфтаму аз кори эшон бас шудам [2, с. 104]!

Эй дил, чу будам орзу, то ҷон барӣ аз чанги ӯ,
Акнун чу бурдӣ он магар, к-аз **ҷону ҷонон** бас шудам [2, с. 104]?!

То чанд бо худ дармурӣ, бар **ҷону ҷонон** ахтарӣ,
Инак, дар ин хушку тарӣ, тадбири фаррухзод кун [2, с. 121]!

Дар фарҳанг маънои кӯчидаи сеюми калимаи «ҷон» «З. *киноя аз* маҳбуб, маъшуқа (дар хитоб ва муроҷиат)» [10, с. 787] омада, зайли вожаи «ҷонон» «маҳбуба, маъшуқа; шоҳид»

[10, с. 789] маънигузорӣ шудааст. Маънии абёт бо ҳар яки ин муродифот комил аст ва ҷуфтшавии онҳо ба манзури такмили вазн ё риояти қофия зикр шудааст. Аммо мо таъкид бар он муродифоти ҷуфте карданием, ки ба балоғати байт афзуда бошад.

Натиҷаҳо. Муҳимтарин ва пурбасомадтарин коркарди ҷуфтҳои муродифӣ, таъкид бар маъно аст. Шоир эҳсос мекунад бо овардани як вожа маъно ва мақсуд ба сурати муассир ва матлуб интиқол намеёбад. Аз ин рӯ, ҳар гоҳ муродифоти ҷуфт бахши муҳимме аз маъноро барҷаста созад, наметавон онро айб донист. Ба ин нукта низ бояд таваҷҷуҳ дошт, ки дар балоғат санъати такрор писандида набуда, дар ҳоле ки гоҳе такрор барои таъкид бар маъно зарурӣ будааст. Аз ҳамин назар, истифода аз муродифоти ҷуфт метавонад шоирро дар ин ҳадаф ёрӣ расонад:

Рӯзи **набарду ҷидол** аз алами илми ту,
Гашт нагун хасмро рояти чуну чаро [2, с. 392].
Кунун зи **тобу таб** он оташам, ки аз тафи ӯ
Каминшарор бувад дӯзах аз забонаи ман [2, с. 223].

Дар ҷойи дигар шоир ҷузъи дувуми таркиби муродифоти ҷуфти «тобу таб»-ро бо ивази муродифоти сеюм – «таф» тағйир додааст:

Дер аст, ки чун хасми ту аз **тобу тафи** оз,
Аз офати даврест зи зилли канафи ту [2, с. 231]!
Бар сари ҳарфи **санову мадҳи** ту боз омадам,
З-он ки бар лавҳи тафохур хубтар ҳарфе саност [2, с. 157].

Шоир барои таъкид бар ҳисси тафохур, «санову мадҳ»-ро бо ҳам зикр кардааст.

То барангезад шабе аз хоби мастӣ ақлро,
Дар ҳама олам яке **бедору ҳушёре** намонд [2, с. 79].

Калимаҳои «бедор» ва «ҳушёр» ҳар ду ба маънои огоҳ, зирак омадааст. Шоир бо ин таркиб бар боҳушии инсон таъкид кардааст.

Сеҳру найранг макун, чандин беш
В-ар кунӣ, бо мани якранг макун [2, с. 120]!
То маро шӯрида дорад, чашми ҷодуи туро
Сеҳру афсун хондану бар ман дамидан то ба кай [2, с. 144]?!

Аз миёни хусусиёту сифоти мухталифи дунё, Сайф бо риояти муродифот бар найрангии он таъкид доштааст.

Сарходиманд ном гирифта зи садри ӯ
Лаҳву нишоту шодиву иқболи некпай [2, с. 748].

Муродифоти ҷуфти чорҷузъаи «**лаҳву нишоту шодиву иқбол»** ба як маъно омадаанд. Шоир, дар мисраи дуюм, барои нишон додани фараҳмандии худ бо эҷоди таркибҳои ҷуфти ҳаммаъно бар он таъкид кардааст.

Муҳокима. Бештарин риояти муродифоти ҷуфт дар шеъри Сайф, ба хотири таъкид бар муҳтавои байт, ҷуфти «болу пар» ва муродифоти онҳост, ки нишонгари таваҷҷуҳи суханварро ба ин қолаби баён шаҳодат медиҳад:

Тоири руҳи пайкарам боз кушода **болу пар**,
З-ин қафаси гирифтасар гар бипарам, дареғи ман [2, с. 116].
Шикаста **болу пар** бинӣ ба санги имтиҳон, в-он гаҳ,
Ки дар парвози ишқ орад ҳавои чашми бодомаш [2, с. 554].
Парвонавор ҳар саҳар аз шамъи рӯи ту
Оташ гирифт **болу пари** мурғи субҳхон [2, с. 665].

Нишонаи дигари фарқкунандаи корбурди таркибҳои ҷуфти ҳаммаъно аз ҷониби суханвар дар он аст, ки ӯ ҷойи ҷузъҳои таркибии онҳоро иваз карда, дар шакли инверсия меорад. Лозим ба ёдоварист, ки таркиби мазкур дар ашъори Сайфуддини Исфарангӣ дувоздаҳ маротиба истифода шуда, қолаби баръакси он, яъне муродифоти ҷуфтистеъмоли «пару бол» бо басомади панҷ бор мавриди истифодаи суханвар қарор гирифтааст:

Ҳарчанд, ки аз баҳри яке дона бар ин дар
Халқанд бароварда чу мӯрон **пару боле** [2, с. 259].
Рӯз, ки бар чатри сабз дошт ҳумое зи зар,
Ҳамчу ҳавосил гурехт дар **пару боли** ғуроб [2, с. 401].
Ба рӯзи шикараш зи ишқи тамошо

Пару боли шоҳини мизон барояд [2, с. 465].

Чунин шеваи баён ҳатто дар айни як байт низ ба мушоҳида расид:

Гӯй, куҷо шуд ончунон **паймону аҳдат** дар миён?!

Ман собитам, ту дилситон, бар **аҳду паймон** нестӣ [2, с. 149]!

Бояд гуфт, ки ин коркард аз мавориди пурбасомад дар шеъри Сайф ва яке аз хусусиёти сабки ӯ ба шумор меравад. Дар ин навъ коркард, шоир дар як мисраъ ё бахше аз он муродифоти ҷуфтро оварда ва қаринаи айни ҳамон таркибро дар мисраи дувум такрор мекунад. Ҳазфи яке аз онҳо ба балоғати байт осеб расонида, пайвандҳои маъноии миёни вожагонро аз байн мебарад. Ин шева бо эҷоди қаринаҳои маъноӣ муҷиби баробарии маъноӣ дар ду байт ё мисраъ мегардад, ки ҳазфи як ҷузъи онҳо ба балоғат осеб мерасонад.

Сабри бедор хуш бихуфтӣ

Бар бистари **аҷзу нотавонӣ** [2, с. 754].

Суханам бувад чу ганҷ аз **зару гавҳари** маонӣ,

Дигаре фитад ба ранҷ аз миси шойгону ито [2, с. 393].

Бар сари бозори аҷз аз бехаридорӣ, ки ҳаст

Ришта-ришта **дурру гавҳар** мефурӯшам ройгон [2, с. 637].

В-агар тарсеи тоҷатро **зару гавҳар** набоистӣ,

Хавоси табъ барбастӣ дари ганҷинаи маъдан [2, с. 698].

Дар ҷону дил ниҳодам **меҳру вафои** ту, з-он-к

Ҷои қарори ганҷ аст пайваста дар харобӣ [2, с. 253].

Дар ҷавори нуҳпадар ором тирам он замон,

К-аз сари **меҳру вафо** бар чор модар бигзарам [2, с. 613].

Таркибҳои ҷуфти муродифии «аҷзу нотавонӣ», «зару гавҳар», «дурру гавҳар» ва «меҳру вафо» бори асосии абёти болоро ба уҳда гирифтаанд. Агар яке аз вожагони «аҷзу нотавонӣ», «дурру гавҳар» ва ё «меҳру вафо» ҳазф гардад, бешак, тавозуни маъноӣ аз байн хоҳад рафт. Маҳз ҳамин сохтори ҷуфти муродифот барои эҷоди вазн дар шеър мусоидат кардаанд.

Бо назардошти чунин вижагиҳои муродифоти ҷуфт забоншинос С.Ҳоҷиев таъкид мекунад, ки «дар таркибҳои ҷуфт ҷудонашаванда будани ҷузъҳо ва оҳанги зебогию равонии нутқ ҷойи намоёнро ишғол мекунад» [11, с. 28].

Усули сохташавии таркибҳои ҷуфт қонуниятҳои дастурии худро дорад, ки ҳини корбурди ин навъи аносири забон риояи он аз ҷониби эҷодкор ҳатмӣ мебошад. Вижагиҳои ташаккулёбии таркибҳои ҷуфт имкон намедиҳад, ки ҳар як унсури луғавии забон паҳлуи ҳам омада, таркиби муродифии ҷуфтро ташкил диҳад. Он ҳангоме рӯй медиҳад, ки ду ё чанд лафз далолати тақрибан яксонӣ ба маънои воҳид дошта бошад. Мисолҳои зерин, ки ба ин навъи муродифот аз ашъори Сайф баргузида шудааст, далели равшани мавқеи онҳоро дар назм рӯйнамоӣ хоҳад кард:

Аз рағми душманат, ки чу ҳуққа миёнтиҳист,

Поянда бар бисоти **нишоту тараб** бимон [2, с. 667]!

Некхоҳи садри ту, Бурҳони дин, к-аз ҳазму азм

Корҳои мулку динро **чусту чобук** мекунад [2, с. 194]!

Нотиқа чун забон диҳад, ёд диҳӣ, ки шояд ар

Сӯи фалон ба дидаи **лутфу карам** назар кунӣ [2, с. 746].

Ҷамолу зебу фар аз хасми ту гурезон аст

Чу мумкиноти маолӣ зи аҳди истеҳқоқ [2, с. 211].

Дар байти охир, таркиби ҷуфти сеқабатаи «ҷамолу зебу фар», ки ба маънии зебоиву барозандагӣ истифода шудааст, шоир бо гузиниши ин се вожаи ҳаммаъно ба таносуби онҳо таъкид кардааст. Корбурди ин шева миёни чандин ҷуфт низ риоят шуда, ки нишонгари таваҷҷуҳи Сайф ба ин сохтор аст. Албатта, чунин мизони корубрди муродифот нисбат ба таркибҳои ҷуфте, ки аз ду ҷузъ ташаккул ёфтаанд, ба назари мо, доираи танги истеъмолро доранд.

Аз дигар шеваҳои Сайф дар ин замина ин аст, ки яке аз компонентҳои ҷуфти муродифиро калимаҳои тоҷикӣ ва дигареро арабӣ қарор медиҳад. Назири абёти зер, ки дар он калимаҳои тоҷикии «бахт»-у «ойин» бо вомвожаҳои арабии «давлат»-у «расм» аз корбурди чунин шеваи баён гувоҳӣ медиҳад:

Чу рикоби **бахту давлат** зи касе инон битобад,
Суи маркаби амонӣ кафи ту бувад инонкаш [2, с. 560].
То ба ту зинда бимонад **расму ойини** судур,
Бар сари садри имомат чун нишастӣ шодмон [2, с. 637].

Дар эҷодиёти шоир гоҳо дар айни як байт ду муродифи ҷуфт истеъмол шудаанд, ки ҷанбаи мусиқиафзоии шеърро, ба назари мо, таъмин кардаанд. Дар баррасии таркибҳои ҷуфт набояд аз ҷанбаҳои овоию мусиқиафзоии онҳо ғофил буд, зеро аҳаммияти мусиқӣ ва асаргузории он бар мухотаб ва эҷоди фазои шоирона бар асоси он, то ҳадде аст, ки гоҳ маъно низ дар хидмати он қарор мегирад:

Он, ки бошад бар виқо чун **фатҳу нусрат** комгор
В-он, ки бошад дар сахо чун **бахту давлат** комрон [2, с. 654].

Дар байти мазкур «бахту давлат» ба сурати ҷуфт омадааст, то нисбат ба мисраи нахуст («фатҳу нусрат») қаринаи овоӣ эҷод шавад ва мусиқии шеър афзоиш ёбад. Дар ҳоле ки бо яке аз ин вожагон маънӣ комил аст. Ҳазфи яке аз вожагони «бахту давлат» ва ҷойгузини он бо вожагони дигаре, аз мусиқии байт мекоҳад.

Ҳарчанд бархе калимаҳо муродифи якдигаранд, истеъмоли онҳо ва бори маъноие, ки доранд, бо ҳам фарқ мекунад. Аз ҳамин назар гоҳе шоир барои ин ки бори маъноии вожаеро ба вожаи дигар диҳад, аз муродифот баҳра мегирад. Ин мавридҳо ҳангоме рух медиҳад, ки шоир ба зарурати риояти қофияву вазн маҷбур аст вожае, ки маънои дуртаре дошта бошад, ба кор гирад. Чунин шеваи баён, пеш аз ҳама, барои интиқоли шаффофу ошкорои мақсуди суханвар нигаронида шудааст:

Орзуи хидматаш гар набувад халқро,
Орзуи мардум аз **нашву намо** бишканад [2, с. 313].

Ҳар як аз калимаҳои «нашв» ва «намо» бо он ки муродиф ҳастанд, ба танҳоӣ шаффофияти маъноии лозимро надорад ва дарки маънои феълро душвор месозад (**намо** бишканад / **нашв** бишканад).

Тавфизи руҳи қудсӣ аз Шамси мулку дин ҷӯй,
Бо табъи корҷӯят дар **шӯру шар** надорад [2, с. 491].

«Шӯр» ва «шар» ба маънои мухталиф, аз ҷумла «фитнаву фасод» низ омадааст. Бо ҳамдигар ҷуфт шудани онҳо бар маънӣ асар ниҳода ва бо тақвияти ваҷҳи маъноии муштарак онро барҷаста сохтааст. Ба гунае ки зикри яке аз онҳо ба танҳоӣ мақсуди шоирро бароварда намесохтааст.

Дар ашъори Сайф бархе таркибҳои ҷуфт ба далели басомади такрор сурати якнавохт ёфтааст. Ин гурӯҳҳоро метавон таъсири забону лаҳни омиёна дар шеър донист, ки ба он самимият ва равонӣ мебахшад:

Гар зи сари вафои ӯ як сари мӯй кам кунӣ,
Дар **раҳу расми** ошиқӣ шарти вафо набошад ин [2, с. 667].
Сарваро, мапсанд аз ин пас, то сипеҳри дуннавоз
Мар маро дорад чу зулфи дилбарон дар **печу тоб** [2, с. 413]!
Куҷо он соғари дурде, ки то бар ёди мо нӯшӣ,
Куҷо он **тоқату сабре**, ки дар савдои мо дорӣ [2, с. 138]?!

Хулоса. Ниҳоят, муродифоти ҷуфт ба сохторе гуфта мешавад, ки дар он вожагону таркибҳо маънои наздик бо якдигар дошта, бо ҳам ҷуфт мешаванд. Бо он ки маҳдудиятҳои вазнӣ ва мухтасар кардани маънову андеша дар қолаби маҳдуди як байт душвориву монеаҳо дорад ва бо ин роҳ шоирро ба эҷоз гароиш медиҳад, боз шоироне чун Сайфуддини Исфарангӣ аз муродифоти ҷуфт дар шеър истифода карда, ба туфайли ин шеваи баён аз санъатҳои гуногуни балоғатофар ба кор гирифтаанд. Ин таркибҳои ҷуфт бо ангезаҳои балоғӣ ва зебошиносонаи мухталиф анҷом гирифтааст. Муҳимтарину пурбасомадтарин коркард, таъкид бар маънову барҷастагии бахше аз сухан аст, то аз ин тариқ таваҷҷуҳи хонанда ба мафҳуми бунёдин ва аслии байт ҷалб шавад. Омили дигари корбурди он, эҷоди таркибҳои ҷуфте аст, ки бар асоси он, дар бахше аз байт як ҷуфти муродифӣ оварда мешавад ва бо ин роҳ, қаринаи маъноиву овоӣ ба вуҷуд меояд. Вижагии сеюми корбасти ин навъи муродифот ба мусиқиафзоии шеър пайванд мегирад, ки он, пеш аз ҳама, ба такрори ҳарфҳои муштараки миёни вожаҳои ҷуфт, ки наздик ба якдигар қарор доранд, мусиқии хосе эҷод мекунанд.

Шоир бо таъсири забони зиндаю омиёнаи он таркибҳои ҷуфти муродифие сохтааст, ки дар ин ҳолат ҷанбаи мардумии он бештар ба назар мерасад.

Адабиёт

1. *Бобомуродов Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. – Душанбе, 2016. – 428 с.*
2. *Исфарангӣ Сайфуддин. Девон. Таҳиягар ва муаллифи пешгуфтор, лутот ва тавзеҳот Субҳони Аъзамзод. – Хуҷанд: Хуросон, 2017. – 832 с.*
3. *Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён / Б.Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1986. – 136 с.*
4. *Қӯрғонов З. Муродифоти ашъори Фарзона / З.Қӯрғонов. – Хуҷанд: Ношир, 2024. – 160 с.*
5. *Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 255 с.*
6. *Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 2011. – 385 с.*
7. *Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ / М.Муҳаммадиев. – Душанбе: Маориф, 1993. – 272 с.*
8. *Сиёев Б. Таърихи воҳидҳои ҷуфт дар забони адабии тоҷик [Матн] // Мактаби Советӣ / Б.Сиёев. – Душанбе, 1968. – № 9. – С. 28-32.*
9. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ) (иборат аз ду ҷилд) . Ҷилди 1. – М.: СЭ, 1969. – 951 с.*
10. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ) (иборат аз ду ҷилд) . Ҷилди 2. – М.: СЭ, 1969. – 949 с.*
11. *Ҳоҷиев С. Таркибҳои ҷуфт дар забони тоҷикӣ [Матн] // Мактаби Советӣ / С.Ҳоҷиев. – Душанбе, 1967. – №1. – С.28-30.*
12. *Шокиров Т.С. Таркиби луғавии забон ва омилҳои ғаномандии он [Матн] // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ / Т.С. Шокиров. – Душанбе, 2025. - №3 (116). –С.24-28.*

ИСТИФОДАИ ЯК НАВЪИ ТАРКИБҲОИ ҶУФТ ДАР АШЪОРИ САЙФУДДИНИ ИСФАРАНГӢ

Мақолаи мавриди назар ба усулҳои истифодаи таркибҳои ҷуфти муродифӣ, ки дар ашъори Сайфуддини Исфарангӣ бо шеваҳои мухталиф мавриди истифодаи шоир қарор гирифтааст, бахшида шудааст. Муаллиф бар ин назар аст, ки муродифоти ҷуфт дар назм маҳдудияти бештаре нисбат ба наср дорад. Ҳарчанд гоҳе шоир барои такмили вазн маҷбур мешавад муродифоти бархе вожагонро зикр кунад, аммо боз маҳдудияти вазн монеи корбурди зиёди муродифот мегардад. Дар мақола бар он ишора шудааст, ки суханварон дар мавридҳои ҷудогона аз муродифоти ҷуфт барои риояи вазн ва қофия низ истифода кардаанд. Аз ин рӯ, гоҳе зарурати вазн ва қофия низ шоирро маҷбур месозад аз таркибҳои ҷуфт ба кор гирад, бе он ки маъно бад-он ниёзманд бошад. Муаллиф ба хулосае мерасад, ки Сайфуддини Исфарангӣ бо таъсири забони зиндаю омиёнаи он таркибҳои ҷуфти муродифие сохтааст, ки дар ин ҳолат ҷанбаи мардумии он бештар ба назар мерасад.

Калидвожаҳо: Сайфуддини Исфарангӣ, муродифот, таркибҳои ҷуфт, назм, таркиби луғавӣ, забони тоҷикӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ОДНОГО ВИДА ПАРНЫХ КОНСТРУКЦИЙ В ПОЭЗИИ САЙФУДДИНА ИСФАРАНГИ

Рассматриваемая статья посвящена способам использования парных синонимических конструкций, которые в поэзии Сайфуддина Исфаранги применяются поэтом различными способами. Автор считает, что использование парных синонимов в поэзии имеет больше ограничений по сравнению с прозой. Хотя иногда поэт для совершенствования метра вынужден упоминать синонимы некоторых слов, всё же ограничения стихотворного размера препятствуют широкому использованию синонимии. В статье также отмечается, что поэты в отдельных случаях использовали парные синонимы и для соблюдения размера и рифмы. Поэтому иногда необходимость метра и рифмы также заставляет поэта использовать парные конструкции, даже если значение текста в этом не нуждается. Автор приходит к выводу, что Сайфуддин Исфаранги под влиянием живого народно-разговорного языка создавал такие парные синонимические конструкции, в которых особенно заметен их народный характер.

Ключевые слова: Сайфуддин Исфаранги, синонимы, парные конструкции, поэзия, лексический состав, таджикский язык.

THE USE OF A TYPE OF PAIRED CONSTRUCTIONS IN THE POETRY OF SAYFUDDIN ISFARANGI

The present article is devoted to the methods of using paired synonymous constructions that are employed in various ways in the poetry of Sayfuddin Isfarangi. The author believes that the use of paired synonyms in poetry has more limitations compared to prose. Although sometimes a poet is compelled to mention synonyms of certain words in order to complete the poetic meter, the restrictions of the meter still limit the extensive use of synonyms. The article also points out that poets in some cases used paired synonyms to maintain meter and rhyme. Therefore, at times the necessity of meter and rhyme forces the poet to employ paired constructions even when the meaning itself does not require them. The author concludes that Sayfuddin Isfarangi, under the influence of the living and colloquial language, created such paired synonymous constructions in which their folk character becomes especially noticeable.

Keywords: Sayfuddin Isfarangi, synonyms, paired constructions, poetry, lexical composition, tajik language.

Дар бораи муаллиф
Илҳомзода Хушбахт Илҳом
Сармуаллими кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд
Нишонӣ: 735700, ш.Хуҷанд, х. И.Сомонӣ, 169
E-mail: umurov_93@bk.ru

About the author
Ilhomzoda Khushbakht Ilhom
Senior Lecturer at the Department of Tajik and Russian Languages
Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in the city of Khujand
Address: 735700, Khujand, I. Somoni Ave., 169
E-mail: umurov_93@bk.ru

Об авторе
Илхомзода Хушбахт Илхом
Старший преподаватель кафедры таджикского и русского языков
Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в городе Худжанде
735700, г. Худжанд, пр. И. Сомони, 169
E-mail: umurov_93@bk.ru

ТДУ 811.222.1'282.2


ТАБДИЛИ МАТНИ МУОСИРИ ЛАҲҶАҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БА САТҲИ МАТНИ АДАБӢ: МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН БО ИСТИФОДА АЗ ЗЕҲНИ СУНЪӢ

Холмуродов Р. М.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар асоси рушди ҳаҷми захираҳои электронӣ, бойгониҳои рақамӣ, онлайн-китобхонаҳо, платформаҳои рақамӣ, расонаҳои хориҷӣ ва миллӣ ва сомонаҳои иттилоотӣ зарурати муайян кардани мансубияти матн ба лаҳҷа ва табдили он ба шакли адабӣ бо истифода аз зеҳни сунъӣ ба миён омадааст. Аксарияти иттилоот ва матнҳое, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ ворид мешаванд, шаклан ба забони адабӣ мутобиқат намекунанд, зеро истифодаи онҳо аз сатҳи муошират муҳити маҳал ва гуфтори он минтақа сарчашма мегирад. Дар чунин ҳолат, набудани воситаҳои гуногун ва барномаҳои муайянкунии лаҳҷаҳо ва системаҳои табдилдиҳандаи он ба шакли адабӣ боиси паст шудани дақиқии матн, дарки мазмун ва муҳтавои он мегардад.

Матни асосӣ. Маврид ба зикр аст, ки забони адабӣ дорои шева ва лаҳҷаҳои гуногун мебошад. Шева воситаи муошират мухобираи маҳалҳои гуногун буда, хусусиятҳои савтӣ (фонетикӣ), дастурӣ (грамматикӣ) ва луғавӣ (лексикӣ)-ро дорост ва бо ин ҷиҳат аз забони адабиву шеваҳои дигар фарқ мекунад. Лаҳҷа забони зиндаест, ки воситаи мухобира ва мубодилаи афкори сокинони маҳалли муайян мебошад [4].

Забони миллии тоҷикӣ сарфи назар аз қабатҳову шаклҳои мухталифаш (забони адабӣ, лаҳҷаҳои маҳаллӣ, забони омиёна, лаҳҷаҳои иҷтимоӣ ва ғайра) ҳамчун системаи ягона ва яклухт тасаввур мешавад. Муносибати забон бо лаҳҷа дар даврaҳои гуногуни таърихӣ якранг набудааст. Дар таърихи тараққиёти худ забону лаҳҷаҳо чунин зинаҳоро гузаштаанд, ки дар тасвири 1 пешниҳод шудааст.



Тасвири 1

Шеваҳои ҳозираи тоҷикӣ маҳсули инкишофи таърихӣ ва тадриҷии даврaҳои дуру дарози забони тоҷикӣ мебошанд. Ташаккул ва аз ҳам ҷудо шуда рафтани онҳо дар гузашта ба чор шароит ва омили муҳим вобаста буд.

1. Муҳити географӣ:
2. Аломатҳои забонӣ:
3. Иттифоқ ва ҷудошавии авлод, қабила ва халққо инчунин танзимоти сиёсӣ-маъмурӣ:
4. Таркиби этникӣ:

Инчунин қайд карда мешавад, ки дар баробари шеваҳо лаҳҷаҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: лаҳҷаҳои иҷтимоӣ (сотсиалистӣ) ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ (территориявӣ). Лаҳҷаҳои иҷтимоӣ (жаргон, арго ё забони махфӣ) ҳамчун хоси гурӯҳҳои алоҳидаи одамони касбу кор ва қавмҳои этникӣ дорои баъзе аломатҳои луғавӣ бошанд ҳам, аз низоми (системаҳо)-и фонетикию грамматикӣ маҳруманд. Гузашта аз ин, дар шароити нави иҷтимоӣ бисёр забонҳои махфӣ (арго) ва жаргони аҳли касбу ҳунар аз байн меравад.

Лаҳҷаҳои маҳаллӣ мисли забони адабӣ дорои низоми фонетикӣ, луғавӣ ва сарфу наҳв (грамматикӣ) буда дар байни одамони маҳалҳои гуногун ҳамчун воситаи ягонаи алоқа ба кор

бурда мешавад. Бо вуҷуди ин, лаҳҷаҳо бо якчанд хусусият ба забони адабӣ муқобил гузошта мешаванд.

➢ Барои забони адабӣ намудҳои гуфторӣ (шифоҳӣ) ва хаттӣ хос аст, аммо лаҳҷаҳо танҳо дар намуди шифоҳӣ вуҷуд доранд.

➢ Забони адабӣ ҳаммчун шакли сайқалёфтаи забони миллӣ дорои меъёрҳои муайян мебошад, ки онҳо тариқи китобҳои дарсӣ, асарҳои бадеӣ, фарҳангу луғатҳои гуногун ва ғайра талқин ва истифода мешаванд.

➢ Забони адабӣ ҳудуди васеи интишор дорад, яъне он фарогири ҳамаи аъзои ҷомеа мебошад, ки аз он ин ё он забонҳои миллӣ исифода мебаранд. Вале лаҳҷаҳо ҳамчун шаклҳои маҳалӣ (территориявӣ) забони миллӣ дар маҳалли муайян маҳдуд мешаванд.

➢ Барои забони адабӣ услубҳои гуногуни нутқ хосанд, вале дар лаҳҷаҳо бинобар сабаби маҳдудияти вазифаҳои ҷамъиятии онҳо ҷилоҳои услубӣ ниҳоят заифанд.

Дар навбати худ лаҳҷаҳо таҳти таъсири забони адабӣ бисёр хусусиятҳои анъанавии хешро аз даст дода, раванди омӯзишу мутаҳидшавии онҳо суръат мегирад. Ба ин тариқа ду омилӣ обективӣуҷуд дорад, ки ба маҳдудшавии доираи лаҳҷаҳо ҳамчун раванди табиӣ сабаб мешаванд.

1. Таъсири забони адабӣ, ки вижагиҳои маҳдуди лаҳҷаҳоро оҳиста-оҳиста фурӯ мебарад. Барои мисол ин ҳол ба чунин тар сурат гирифтанаш мумкин аст: мъ-мън-ман ё худ хонсос-хонсдос-хондаистодааст.

2. Наздикшавӣ ва ранги умумӣ пайдо кардани гуруҳи лаҳҷаҳои ҳамгун.

Лаҳҷа ба забони адабӣ на аз рӯ система (фонетика, морфология, синтаксис ва лексика), балки аз ҷиҳати воҳидҳои алоҳида муқобил гузошта мешавад. Ҳарчанд, ки чунин аломатҳое, мавҷуд нестанд, ки дар маҷмӯъ барои ҳамаи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ хос буда, онҳоро бо забони адабӣ яклухт муқобил гузошта тавонад, бо вуҷуди ин, дар адабиёти шевашиносӣ лаҳҷаҳоро баъзан бо воҳидҳои луғавии “забонҳои маҳаллӣ” ва ё “заабони шевагӣ” низ ном мебаранд [9, с. 5-6].

Маводҳо ва усулҳои тадқиқот. Дар мақолаи мазкур ҷузъҳои фонетикӣ ва луғавии лаҳҷаҳо, усулҳои коркард ва муайянамоии лаҳҷаҳо ва мушкилотҳои табдили онҳоро ба сатҳи адабӣ баррасӣ шуда, роҳҳои дар сатҳи лозима табдили матнҳои лаҳҷавии замони муосир ба сатҳи адабӣ пешниҳод мешавад.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар самти муайян таҳлил ва барасии мушкилотҳои самтиҳои забоншиносӣ ва лаҳҷашиносӣ бисёре аз олимони ватанӣ ва хориҷӣ, татқиқотҳои илмии худро ба анҷом расонидаанд, ки барои баррасӣ ва пайдо намудани ҳалли мушкилот табдили матни лаҳҷавӣ ба сатҳи адабӣ саҳми назарраси худро гузоштаанд (Т. Мақсудов «Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара» Ғ. Ҷӯраев “Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ”, Р.М. Холназаров “Лаҳҷашиносӣ” “Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ” қисми 1. М. Маҳмудов, Ғ Ҷӯраев., В.С. Расторгуева, “Изучение таджиского языка СССР”).

Дар пайи омӯзиш ва таҳқиқоти анҷомдода муайян гардид, ки чор гурӯҳи асосии лаҳҷаҳо ва ё шеваҳои забони тоҷикӣ мавҷуданд, аз онҳо шеваи шимолӣ (яъне ноҳияҳои шимоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), ҷанубӣ (яъне ноҳияҳои ҷануби Ҷумҳурии Тоҷикистон), ҷанубу шарқӣ ва шеваи марказӣ мебошанд, ки дар ҷадвали 1 бо нишон додани ноҳияҳо, деҳаҳо ва шаҳрҳо пешниҳод шудаанд [10, с. 377].

Ба ноҳияҳо, деҳаҳо ва шаҳрҳо ҷудо намудани минтақаҳои гурӯҳҳои шеваҳо			
Гурӯҳи шеваҳои минтақаи шимол	Гурӯҳи шеваҳои минтақаи марказӣ	Гурӯҳи шеваҳои минтақаи ҷанубӣ	Гурӯҳи шеваҳои минтақаи ҷанубу шарқӣ
Ашт	Масчоҳ	Кӯлоб	Назди дарёи панҷи Дарвоз
Уротеппа	Фондарё	Ховалинг	д. Жиреф
Шаҳристон	д. Фалғар	Муъминобод	д. Куровад
Панҷакент	Панҷакент	Сарихосор	д. Рошхарв
Қаратоғ	Қаратоғ	Шӯробод	д. Ӯморак
	Варзоб	Балҷувон	д. Зинг
	Ҳисор	Даштиҷум	д. Дуробак
		Варзоб	д. Паткнов
		Ҳисор	д. Ровнов

Ҷадвали 1

Қайд кардан ба маврид аст, ки барои муайян намудани сохтори калимаҳои шаклашон адабӣ дар забони тоҷикӣ, бояд таркиби калимаҳоро ба назар гирифт, ки дорои решаҳо, пешвандҳо ва пасвандҳо мебошанд. Ва он дар пайи муайян намудани калимаҳои шаклашон лаҳҷавӣ саҳми назаррасро мегузорад. Намунаи пешвандҳо ва пасвандҳо дар ҷадвали 2 ва 3 пешниҳод шудааст.

Пешвандҳо			
Барнаме	Ноба	Ҳар	Ме
Дарнаме	Ҳама	Ба	На
Вонаме	Ҳаме	Бе	Но
Барме	Бар	Би	То
Дарме	Боз	Бо	
Воме	Дар	Бу	
Вона	Фур	Во	
Наме	Ҳам	Ма	

Ҷадвали 2

Пасвандҳо	
ам	аш
амонро	ашон
амон	ашонро
амро	ашро
ат	и
атон	иро
атонро	онам

Ҷадвали 3

Натиҷаҳо: Дар пайи омӯзиши пешвандҳо, пасвандҳо ва лаҳҷаҳои ин минтақаҳо муайян гардид, ки садонокҳо ва ҳамсадоҳо вобаста ба муҳити зисти одамон дар дохили калимаҳо ихтисор ва ё илова мешаванд, ки дар ҷадвали 4 ва 5 оварда шудааст.

Садонокҳо	Н. Ёвон	Н. Ванҷ	Н. Дарвоз	Ш. Кулоб	Н. Айнӣ
А	*Ман-мн Ба-б*	*Дилам-длм*	*Баровард-бровард*	*Бурдам-бурдм*	*Баромад-брумад*
О	*Манро- мара*	*Инро-ина*	*Бидон-бдун*	*Бегоҳ-вегаҳ*	*Афсона-афсуна*
И	*Изи-пойи*	*Дилам-длм*	*Бидон-бдун*	*Рафтаистода-рафтестаги*	*Изи-пай*
У	*Ту-т Пур-пр*	*Пурпр*	*Будем-бдем*	*Будам-бдм*	*Буд-бд*
Ӯ	*Хушрӯй-хшру*	*Рӯбоҳ-руба*	*Мегӯям-мегум*	*Рӯз-руз*	*Гӯрг-гург*
Э	*Елак*	*Елак*	*Елак*	*Елак*	*Элак*

Ҷадвали 4.

Ҳамсадаҳо	Н. Ёвон	Н. Ванҷ	Н. Дарвоз	Ш. Кулоб	Н. Айнӣ
б	*Либос-ливос*	*Азоб-азов*	*Ба-ва*	*Рӯ ба рӯ-ру па ру Об-ов*	*Бигӯяд-гуяд*
ҳ	*Либосҳои-ливосои*	*Роҳ-ра*	*Бидеҳ-бду*	*Обҳои-овои*	*Азобҳоро-азобоя*
қ	*Вақт-вахт*	*Вақт-вахт*	*Вақт-вахт*	*Вақт-вахт*	*Вақт-вахт*
ф	*Гӯсфанд-гуспанд*	-	*Гӯспанд-гусфанд*	-	*Гӯсфанд-гуспанд*
в	*Бирав-бра*	*Ва-у(азоб ва-азову)*	*Меравем-мерем*	*Метавонт-мутуни*	*Дарав-дараб*
к	-	-	*Кудакон-гулакон*	*Кудакон-гудакон*	*Куҷоят-гуҷот*
з	*Аз-ай*	*Аз-ай*	*Аз-ай*	*Аз-ай*	*Аз-ай*
ъ	*Баъд-ба*	*Баъд-ба*	*Баъд-ба*	*Баъд-ба*	*Баъд-бад*
р	*Девор-девол*	*Дар-да*	*Дар-да*	*Дар-да*	*Дар-да*

Ҷадвали 5

Аз ҷадвали 4 ва 5 дар боло иловашуда маълум мегардад, ки лаҳҷаҳо вобаста ба макон ва маҳали ҷойгиршавии онҳо аз ҳамдигар фарқ намуда, ҳодисаҳои гуногуни ивазшавии забонро дар шакли лаҳҷавӣ ба миён овардааст.

Ин гуна ивазшавӣ ва ё илова шудани садоноку ҳамсадоҳо дар калимаҳои матнҳои хурду бузург, махусан дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва гуфторҳои рузмараи ҷавонон зиёд ба чашм мерасанд, ки барои тарҷума ва ба сатҳи адабӣ гардонидани онҳо дар барномаҳои муосири ватанӣ ва хориҷӣ, мушкилотҳои ҷиддиро ба миён овардааст.

Инчунин мушкилоти дигареро метавон зикр кард, ки барои дар сатҳи касби табдил додани лаҳҷа ба сатҳи адабӣ монеаҳои ҷиддӣ вуҷуд дорад. Ин мушкилиро ҳамчунин метавон дар сермаъногии калимаҳои лаҳҷавӣ мушоҳида намуд, ки дар ҷадвали 6 пешниҳод шудааст.

№	Калимаи лаҳҷавӣ	Маънои якум	Маънои дуввум
1	мун	бигузор	ман
2	тор	як тори ришта	боло
3	шуна	шона	китф

Ҷадвали 6


Муҳокима. Бинобар ҳалли мушкилоти ҷойдошта, метавон барои табдили шакли лаҳҷавии калимаҳо ба сатҳи адабӣ, аз роҳҳои муайяни алгоритмӣ ва барои дар сатҳи касбӣ ва табдилдиҳии саривақтӣ ба дигар сатҳ, аз зеҳни сунъӣ ва моделҳои мотематикӣ истифода бурд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи пажӯҳишҳо, тарҷумонҳои автоматӣ (ба мисли Google Translate) дар солҳои охир пешрафтҳои қобили мулоҳизае доштаанд, вале дар баробари матни лаҳҷавӣ, бахусус шеъру ибораҳои фрезологӣ мушкил доранд [2]. Мувофиқи тадқиқот дар коркарди забони табиӣ (NLP), бисёре аз моделҳои муосир ба монанди GPT-3 ва BERT дар тавлиди матн хуб кор мекунанд, вале дар фаҳмидани контекст ва семантика ҳанӯз ҳам маҳдудиятҳо доранд.

Лоиҳаҳое ба мисли OpenAI GPT ва дигар шабакаҳои нейронӣ вуҷуд доранд, ки дар тавлиди матн натиҷаҳои умедбахш нишон медиҳанд, аммо барои расидан ба сатҳи забони адабӣ, коркарди иловагӣ, омӯзиши корпоратсияи матнии мушаххас лозим аст [5].

Хулоса. Аз нуқтаҳои дар боло зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои дар сатҳи илмӣ-мантиқӣ амалӣ гардонидани автоматонии раванди тарҷума ва баргардонидани ҷузъҳои матни лаҳҷавӣ ба сатҳи адабӣ, ба имлои формалии дақиқ ва ҳамчун натиҷаи мусбати он – алгоритмҳои сатҳи баланд ва барномарезии хуб лозим аст.

Барои ноил шудан ба натиҷаи лозима дар табдили матни лаҳҷавӣ ба сатҳи адабӣ бо истифода аз сеҳни сунъӣ, метавон чунин метод ва роҳҳоро пешниҳод намуд, ки дар асоси иҷрои ин усул ва коркарди маълумотҳои лозима матни зарурироро новобаста аз миқдору шакл, ба сатҳи адабӣ табдил дод, ки нақшаи он дар тасвири 2-юм пешниҳод шудааст.



Тасвири 2

Дар асоси таҳияи барномаи мукаммал бо истифода аз ин метод метавон то андозае барои бартараф намудани мушкилотҳои дар самти баргардонидани калимаҳои лаҳҷавӣ ба сатҳи адабӣ ба натиҷаи назаррас ноил гардид.

Адабиёт

1. *Ғафоров, Р. Забони адабии ҳозираи тоҷик: Синтаксис. — Душанбе: Маориф, 1982. — 216 с.*
2. *Джурафски Д., Мартин Дж.. Обработка речи и языка (Speech and Language Processing). – 3-е изд.*
3. *Исмоилов Ш. Лексикаи лаҳҷаи водии Рашт. – Душанбе: Ирофон, 2018. – 240 с.*
4. *Кабиров М. Диалектизмҳои луғавӣ ва хусусиятҳои хосаи онҳо // Маҷалаи "Овози тоҷик"-Узбекистон. - 2025. - № 91 (15206).*
5. *Кён Ф. (Philipp Koehn). Нейронный машинный перевод. – Cambridge University Press, 2020.*
6. *Маҳмудов М. Масъалаҳои шевашиносии тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 1970. – 296 с.*
7. *Мурватов Ҷ. Шеваҳои тоҷикони атрофи Андиҷон. – Душанбе, 1974. – 210 с.*
8. *Расторгуева В.С. Изучение таджикского языка СССР. – Москва: Издательство «Наука» 1964. – 309 с.*
9. *Холназаров Р.М. Лаҳҷашиносӣ. Душанбе-Сомон-граф, 2020. - 192 с.*
10. *Ҷалолов О. Гурӯҳи шеваҳои тоҷикони райони Ёвон. - Душанбе, 1967. - 286 с.*

ТАБДИЛИ МАТНИ МУОСИРИ ЛАҲҶАВИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БА САТҲИ АДАБӢ: МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН БО ИСТИФОДА АЗ ЗЕҲНИ СУНЪӢ

Мақола ба таҳлил ва баррасии мушкилоти ба тариқи автоматӣ баргардонидани калимаҳои лаҳҷавии забони тоҷикӣ ба забони адабӣ бо истифода аз зеҳни сунъӣ ва масъалаҳои марбут ба грамматика, мантиқ ва контекстҳои фарҳангӣ равона шудааст. Қайд карда мешавад, ки забони тоҷикӣ махсусан шакли лаҳҷавӣ як шакли мураккаби забон аст, ки дорои гуишҳои гуногун, аз ҷумла ибораҳои рехта ва сермано мебошад. Ба ҳамин тартиб, баргардонидани матнҳои шаклашон лаҳҷавӣ бо сатҳи адабӣ мушкилоти зиёде, аз ҷумла хатогиҳои мантиқӣ, грамматикӣ ва маънӣ ба вуҷуд меорад. Барои табдили дуруст ва илми тарҷумаи матнҳо аз лаҳҷа ба забони адабӣ, истифодаи алгоритмҳои мукаммали дорои зеҳни сунъӣ ва барномаҳое, ки дорои маҳзани маълумоти фарогир мебошанд, лозим аст. Дар ҳамин замина, пешрафтҳои таҳлил ва коркарди забони табиӣ (NLP) метавонанд барои дурустии табдил ва эҳсосот дар матнҳои лаҳҷавӣ кумак кунанд, вале кори амиқ ва таҳрири инсонӣ ҳамоно муҳим боқӣ мемонад.

Калидвожа: забон, барнома, адабӣ, алгоритм, лаҳҷа, грамматика, матн, зеҳни сунъӣ, реша, пешванд, пасванд.

ПРЕОБРАЗОВАНИЕ ТЕКСТА СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКСКОГО ДИАЛЕКТА В ЛИТЕРАТУРНЫЙ УРОВЕНЬ: ПРОБЛЕМЫ И ПУТИ К РЕШЕНИЮ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА

Статья посвящена анализу и обсуждению проблем автоматического перевода диалектных слов таджикского языка на литературный язык с использованием искусственного интеллекта, а также вопросов, связанных с грамматикой, логикой и культурным контекстом. Отмечается, что таджикский язык, особенно диалектная форма, является сложной языковой формой с различными вариациями, включая как свободные, так и осмысленные фразы. Соответственно, перевод диалектных текстов на литературный уровень создает множество проблем, включая логические, грамматические и семантические ошибки. Для корректного и научного перевода текстов с диалекта на литературный язык необходимо использовать сложные алгоритмы с искусственным интеллектом и программы с обширной базой данных. В этом контексте достижения в области анализа и обработки естественного языка (NLP) могут помочь обеспечить точность перевода и интерпретации диалектных текстов, но углубленная работа и редактирование человеком остаются необходимыми.

Ключевые слова: язык, программа, литературный, алгоритм, диалект, грамматика, текст, искусственный интеллект, корень, суффикс, префикс.

TRANSFORMING MODERN TAJIKI DIALECT TEXT TO THE LITERARY LEVEL: PROBLEMS AND WAYS TO SOLUTIONS USING ARTIFICIAL INTELLIGENCE

The article is aimed at analyzing and discussing the problems of automatically translating dialect words of the Tajik language into the literary language using artificial intelligence and issues related to grammar, logic, and cultural contexts. It is noted that the Tajik language, especially the dialect form, is a complex language form with various variations, including loose and meaningful phrases. Accordingly, translating dialect-based texts into the literary level creates many problems, including logical, grammatical, and semantic errors. For the correct translation and scientific translation of texts from dialect to the literary language, it is necessary to use sophisticated algorithms with artificial intelligence and programs with a

comprehensive data base. In this context, advances in natural language analysis and processing (NLP) can help ensure the accuracy of the translation and interpretation of dialect texts, but in-depth work and human editing remain essential.

Keywords: language, program, literary, algorithm, dialect, grammar, text, artificial intelligence, root, suffix, prefix.

Дар бораи муаллиф
Холмуродов Раҷабали Маҳмадшарифович
Ассистенти кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберӣ
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
E-mail: rajabaliit.1995@gmail.com

Об авторе
Холмуродов Раджабали Махмадшарифович
Ассистент кафедры цифровых технологий и кибербезопасности
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Саида Носира, 33
E-mail: rajabaliit.1995@gmail.com

About the author
Kholmurodov Rajabali Mahmadsharifovich
Assistant of the department of digital technology and cybersecurity
Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir street 33
E-mail: rajabaliit.1995@gmail.com

ТДУ 811.222.1'366.58

ИМКОНОТИ САРФИИ ИСМ ДАР РОМАНИ «ЗАНОНИ САБЗБАҲОР»-И ГУЛРУХСОР

Ниёзова Ш. Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

«Занони Сабзбаҳор», ки нахуст бо номи «Марзи номус» соли 1989 дар «Садои Шарқ» ба табъ расид, аввалин романи шоири халқии Тоҷикистон Гулрухсор буда, дар он муаллиф аз тамоми имконоти сарфии исм моҳирона кор гирифтааст. Ин асар нахустин ибтикори муаллиф дар наср аст ва худи Гулрухсор ҳам иқрор шудааст, ки пеш аз ин роман ҳатто ҳикояе ҳам нанавишта буд. Унвони «Занони Сабзбаҳор»-ро устод Сотим Улуғзода пешниҳод кардааст, аммо, ба андешаи муаллиф, унвони аввалини он беҳтар буд, зеро он «кору пайкори қаҳрамонони асарро таҷассум» мекард.

Романи мазкур аз ҷониби баъзе муҳаққиқон (Усмонова М. [7], Матлуба Мирзонус [6]) аз лиҳози талаботи фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ дар доираи мақолоти алоҳида мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Вале масъалаи хусусиятҳои морфологии исм дар забони асар то ҳанӯз масъалаи наомӯхташудаву таҳлилнаёфта боқӣ мондааст. Бинобар ин, тасмим гирифтем, ки дар мақолаи мазкур корбурд ва вижагиҳои сарфии исмро дар заминаи маводи романи мазкур таҳқиқ намоем.

Мусаллам аст, ки исм номи ашё ва мафҳумҳои предметонидашударо ифода намуда, дорои категорияҳои махсуси морфологӣ, амсоли шумора ва номуайяниву ишоратӣ мебошад. Ин категорияҳо бо он муайян карда мешаванд, ки дорои маънои грамматикӣ ва шакли махсуси морфологӣ мебошанд ва ба онҳо муқобил меистанд. Як гурӯҳ исмҳо, масалан, исмҳои шахс ва ғайришахс, ҷинс ва хос, конкрет ва абстракт аз ҳам на танҳо аз ҷиҳати маънӣ, балки аз ҷиҳати тағйирот, калимасозӣ ва муносибаташон ба категорияҳои грамматикӣ низ фарқ мекунанд [5, с. 110], ки дар зер таҳлили онҳоро дар мисоли исмҳои асари “Занони Сабзбаҳор”-и Гулрухсор хоҳем овард. Азбаски шумораи исмҳо дар асари мазкур ниҳоят зиёданд, бинобар ин, дар ҳаҷми мақола танҳо “исмҳои шахс ва ғайришахс, исмҳои моддӣ ва маънӣ, исмҳои хос ва ҷинс”-ро мавриди таҳқиқи худ қарор диҳем. Ва ногуфта намонад, ки ҳамаи ин гурӯҳҳо бо ҳам алоқаманд буда, хусусиятҳои умумӣ ҳам доранд ва ба яке аз гурӯҳҳо дохил шудани гурӯҳи дигар мумкин аст. Масалан, исмҳои конкрет исмҳои шахсу ғайришахс, исмҳои хосу ҷинс ва исмҳои ҷомеъро дар бар мегиранд, исмҳои шахсу ғайришахс бошанд, исмҳои конкрету абстракт, хосу ҷинс ва ҷомеъро фаро мегиранд. Дар баробари ин, гурӯҳҳои лексикӣ-грамматикии мазкур бо хусусиятҳои хос аз якдигар фарқ мекунанд [2, с. 186].

Исмҳои шахс ва ғайришахс

Исмҳои шахс ва ғайришахс на танҳо аз ҷиҳати маъно, балки аз ҷиҳати тамоилашон ба қабул кардан ва накардани шаклҳои грамматикӣ, мувофиқати хабар бо онҳо ва аз ҷиҳати калимасозӣ аз ҳам фарқ мекунанд ва ба якдигар муқобил меистанд [6, с. 110]. Чунин гурӯҳи исмҳо дар забони адабии тоҷикӣ сермаҳсул буда, натиҷаи пажуҳиши мо нишон дод, ки дар асари насрии “Занони Сабзбаҳор”-и Гулрухсор низ зиёд ба назар мерасанд.

Ба қатори исмҳои ҷондор исмҳое дохил мешаванд, ки мансуби инсон, парранда, ҳайвонот, ҳашарот, хазандаанд. Аз ин сабаб онҳоро ба исмҳои ҷондори мансуби шахс ва исмҳои ҷондори мансуби ғайришахс ҷудо мекунанд [6, с. 145]. Исмҳое, ки мансуби шахсанд, муносибатҳои гуногунро ифода мекунанд: хешутаборӣ, унвон, рутба, вазифа, касбу ҳунар, машғулият, номи шахс ва исмҳои ҷондори мансуби ғайришахс. Дар асари “Занони Сабзбаҳор” исмҳои ифодагари шахс зиёд буда, онҳоро чунин тасниф намудем:

а) исмҳои ифодагари хешутаборӣ: *духтар, арӯс, зан, модар, оча, шавҳар, зан, тифл, апа, кӯдак, падар, бача, хонавода, занон, кампир, навзод, қиблагоҳ, мард, зан, навзо ва ғ.*

Исми “модар” дар асари “Занони Сабзбаҳор” яке аз вожаҳои серистеъмол буда, бо сохти сода, сохта, мураккаб ва дар шакли таркибу ибора, дар маҷмуъ, 506 маротиба ба кор рафтааст. Муаллифи асар барои обуранг ва гӯшхарош нагаштани вожаҳо аз муродифоти забони тоҷикӣ зиёд истофода карда, синоними модар - “оча”-ро 115 маротиба мавриди истифода қарор додааст. Романи мазкур ба модари худи нависанда эҳдо гашта, аз аввал то ба охир истифодаи исми “модар” ба маънии аслӣ ба назар мерасад, чунончи:

*Нишона нафаси чуқур кашида, имдодталабона сӯйи **модар** нигарист. Чашмони*

*чӯкидаву сурхгаштаи **модараш** маломаташ карданд: Олам чаппа шавад, хабар намеёбӣ [3, с. 10]!*

Гулрухсор вақте синоними шевагии модар, яъне исми “оча”-ро ба кор мебарад, кӯшиш мекунад, ки қаҳрамони асар дар баробари калимаи оча дигар ҳиссаҳои нутқро низ дар шакли шева истифода кунад, чунончи:

–Очаҷон, очаҷон, ҳушата ба сарат гир. Чашмота кушо, очаҷон!

Оча овози духтарашро нашунид.

–Очаҷон! Очам мурд?! – Дили Зебо қафаси синаро шикофта, баромаданӣ шуд [3, с. 393].

Исми сохтаи «хонавода» дар романи «Занони Сабзбаҳор» аз вожаҳои серистеъмол ба шумор рафта, 15 маротиба ба маънии «аҳли оила, зану фарзанд» [3, с. 491] корбаст шудааст, чунончи: *Аз вақте ки худро мешинохтагӣ шуд, пай бурд, ки барои хонаводаи онҳо, пеш аз ҳама, ду чиз муқаддас аст: китоб ва нон [3, с. 11].*

б) исмҳои шахси ифодагари машғулият: *домулло, устод, шогирд, доя, момодоя, мададгор, муллодеҳқон, муллобача, авлиё, анбиё* ва ғ.

Дар романи “Занони Сабзбаҳор” исми мураккаби “момодоя”, ки машғулиятро мефаҳмонад, бемаҳсул буда, ҳамагӣ 5 маротиба ба маънии “нафаре, ки таваллуд мекунонад”, ба кор рафтааст. Нависанда бо зикри исми “момодоя” касб ва ё машғулияти як нафарро дар назар дорад, ки он дар забони тибби муосири тоҷикӣ маъмул аст, вале, ба андешаи мо, исми мазкур, на аз рӯйи қолабҳои калимасозии забони тоҷикӣ (ҳамчун исми мураккаб – Н.Ш.) ва аз ҷиҳати маъно саҳеҳ нест, чунки шарҳи исми мазкурро дар шакли мураккаб дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ пайдо накардем”, вале дар алоҳидагӣ чунин шарҳ шудааст: “момо 1) мом, модар; 2) доя” [9, с. 700] ва “доя 1) зане, ки тифлонро аз кӯдакӣ шир маконда, парастории мекунад; 2) маҷозан мураббӣ, тарбиятгар” [9, с. 394].

Дар осори бузургони форсу тоҷик, бахусус, Ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ [3, с. 92] Саъдии Шерозӣ ва дигарон исмҳои “қобила, доя, муваллида” [9, с. 696] ба маънии “момодояи имрӯза” истифода шудаанд. Луғатшиноси маъруфи форс Ҳасан Амид исми “момо”-ро чунин шарҳ додааст: “Зане, ки ҳангоми зойидан зани обистан бачаи ӯро мегирад ва парастории мекунад, ба арабӣ ***қобила*** мегӯянд, дар форсӣ “***момоча ва моми нофу бозоҷу позоҷу пешнишин***” ҳам гуфта шуда, ба маънии ***модар*** ҳам гуфтаанд [1, с. 901]. Ба андешаи Ҳасан Амид, “доя” дар забони паҳлавӣ дар шакли “dāyak” истифода шуда, маъноаш “занест, ки бачаи каси дигарро шир бидиҳад, парастори зан, ки кӯдаконро парвариш диҳад ва парастории кунад” [1, с. 513].

Шарҳи маълумоти фарҳангҳо нишон медиҳад, ки исми “момодоя” аз лиҳози мазмун ва сохтор ба мазмуни ифодакунандаи он чандон мувофиқ набуда, ба андешаи муаллифи ин сатрҳо, хуб мешуд дар тибби муосири тоҷик ба ҷойи исми “момодоя” вожаи дигар интихоб мегардид.

в) исмҳои умумии ифодагари шахс: *бузургон, ғолиб, мағлуб, харидор, мурда, зоянда, банда, барҷомонда* ва ғ.

Вожаи “бузург”, аслан сифат буда, маънии “1) калон, муқобили хурд; 2) калонсолӣ” [10, с. 209-210] буда, пасванди ҷамъбандии “-он” гирифта, субстантиватсия шудааст ва дар асари “Занони Сабзбаҳор” исми бемаҳсул ба шумор рафта, ҳамагӣ 1 бор ба маънии “шоиру нависандагон” омадааст, чунончи: Аз ***бузургон*** барои шогирдону фарзандон шеър қироат мекарду ба хотираи онҳо месупурд [3, с. 12].

Дар асари мазкур дар муқоиса ба исмҳои ҷондори шахс исмҳои ҷондори ғайришахс камтар истифода шуда, чунинанд: *буз, барзагов, барра, гов, оҳу, мор, занбӯр.*

Исми “барзагов” аз ибораи “гови барза” сохта шуда, шакли мураккаби онро дар фарҳангҳо пайдо накардем, вале дар “Фарҳанги Амид” “барза” чунин шарҳ шудааст: “дар забони паҳлавӣ дар шакли varz» омада, маъноаш кор, амал, кишт, “варза” ва “барза” ҳам гуфта мешавад, ба маънои молаи биноӣ ва молаи кишоварзӣ ҳам гуфтаанд [9, с. 221]. Яъне исми ҷондори ифодагари ғайришахс “барзагов” дар таркиби ибораи “барзаговҳои колхоз” омада, говҳои калонҷусса барои зироаткориро мефаҳмонад. Азбаски романи “Занони Сабзбаҳор” дар давраи шуравӣ навишта шудааст, “колхоз” барин исмҳо маъмул буданд, ки пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолиятӣ давлатӣ чунин калимаҳо дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ куҳнашуда (архаистӣ) ба шумор мераванд. Исми “барзагов” дар романи мазкур 6 маротиба ба маънии аслӣ омадааст, чунончи:

*Тоҳири Хоркаш гурезаи бақуввати хонашинро аз кунҷи кулба оқибат маҷбур берун карда, аз пайи ҷуфти **барзаговҳои** колхоз сари кишт фиристод* [3, с. 196].

Исмҳои хос ва ҷинс

Исмҳои хос номи шахс, номи авлодӣ, номҳои мамлакат, кишвар, вилоят, шаҳру ноҳия, гузару маҳалла, баҳру дарё ҷӯ ҷӯйбор, кӯҳу теппа, дашту саҳро, қасру қароргоҳҳоро дар бар мегирад. Дар романи “Занони Сабзбаҳор” исмҳои хос серистеъмол буда, бештар ифодагари номи ашхос, тахаллусҳои шоирон ва номҳои Худованд, чунончи: *Нишона, Майса, Карим, Хоса, Ситора, Диловар, Зебо, Лола, Хайрия, Бибирозия, Саид, Хоҷа Ҳофиз, Мирзо Бедил, Худо* ва ғ.

Романи “Занони Сабзбаҳор” аз тавлиди тифле дар Сабзбаҳор, бо номи Алам, тифле ки чанд муддат пеш хатти сиёҳи падараш аз ҷанг омада буд ва модараш низ ҳангоми тавлидаш вафот мекунад, оғоз меёбад. Соли дуюми ҷанги хонумонсӯз буд, ҷанг ҳамоно идома дошт, зиндагӣ барои зиндагон идома меёфт. Нигоҳубин ва парастории тифли аз падару модар маҳрум ва модари аз пойи равонмонда ба уҳдаи Нишонаи безабон монданд.

Исми «Алам» бо алиф الم маънии «дарду ранҷ» [1, с. 122]-ро дошта, бо айн علم ду маъниро ифода мекунад: 1) парчам, байрақ, нишон ва 2) номе, ки шахс ба он маъруф аст, исми хос [1, с. 723]. Ба андешаи мо, дар роман «Алам» ҳамчун исми хос ба таври мақсаднок ба кӯдак номгузорӣ шуда, бештар дар худ маънии “дарду ҳасрат”-ро фаро гирифтааст, зеро тифли навбадунёомада дар давраи вазнини Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дар шароити гуруснагию қашшоқӣ бе падару модар монда, бибияш маъюб, холааш Нишона лол буд, бинобар ин, нависанда маҳз ҳамин номро барои қарамони асар интихоб кардааст.

Нишона исми хосест, ки боби якуми романи Гулрухсор бо он оғоз мегардад ва он яке аз қаҳрамонҳои асосии асар маҳсуб меёбад. Исми “Нишона” дар романи “Занони Сабзбаҳор” 351 маротиба ба вазифаи исми хос омадааст ва, ба андешаи мо, зиёд истифода шудани исми мазкур дар он аст, ки муаллиф дар асар на дунболи муродифоти он гашта, балки дар ҳар маврид аз ин исм ном мебарад ва нависанда, ҳатто дар 1 саҳифа зиёда аз 3 маротиба аз он ёд мекунад, чунончи:

Кӯдак беист бо бузғола он қадар гап мезад, ки бибияш гоҳе сардард шуда, хоҳиш мекард, ки **Нишона** гӯшҳояшро бандад. Духтар табассумкунон ба модараш муқобилият мекард: «Мисли ман мебуд, чӣ кор мекардӣ? «Астағфируллоҳ!» – зери лаб тавба мекард модар ва зуд гӯшҳояшро мекушод. *«Гап зан, гап зан, бибит садқат!» Алам **Нишона**ро Шона мегуфт. Ин ном ба Зебову модар низ хуш омаду **Нишона** Шона шуд. **Нишона** ҷавононро гусел карда баргашта дид, ки модараш якпаҳлӯ хобида набераашро танбеҳ медод. Чӣ кор кардӣ, Алам? Бисту як рӯз боз холаи бечораат ҳар рӯз оби ин сабзаро нав мекард... **Нишона** табақи гандуми сабзидаро назди бузғола чаппа дида, ҳангаш канд* [3, с. 120].

Шумораи исмҳои ҷинс низ дар асари мавриди таҳқиқи мо зиёд буда, ба тариқи зайланд: *пироҳан, чеҳра, доира, забон, гардан, хок, болин, бистар, бом, хона, асбоб, буз, иморат, дӯғ, шох, орд, кулба, по, ҷисм, курта, лаб, чашм, ҷогаҳ, сандалӣ, оташдон, сарбанд, чархчӯб, чағдег* ва ғ.

Тавре болотар қайд намудем, исмҳои ҷинсро дар қатори исмҳои моддӣ номбар кунем ҳам, хато намекунем.

Дар романи “Занони Сабзбаҳор” 1 маротиба исми “чағдег” ба назар расид, ки аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, шакли мураккаби онро дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” (ҷ.2, 1969) пайдо накардем, вале исми “чағ/чуғ” омадааст ва чунин маъниро мефаҳмонад: “як навъ чӯб аст, ки ранги обнӯс” [9, с. 536] дорад. Пас, маълум мегардад, ки “чағдег” як навъ деги чӯбин буда, шояд имрӯз дар забони муосири тоҷикӣ камтар мавриди истеъмол қарор дошта бошад. Мисол: *Чархчӯбҳо дар **чағдеги** кайҳо дӯгро надида, чун ду шохи оҳу, ба ду тараф хамида буданд* [3, с. 8].

Исмҳои модӣ ва маънӣ (конкрет ва абстракт)

Ба гурӯҳи исмҳои модӣ (конкрет) исмҳое дохил мешаванд, ки ашёҳои модианд, яъне онҳоро узвҳои босира мебинад, ломиса медорад ва зоиқа мечашад [5, с. 149]. Чунин исмҳоро Гулрухсор дар романи худ зиёд истифода кардааст, чунончи: *тоқ, сина, шона, панҷа, коса, табақ, ҷувол, устухон, шир, авратхона, пул, шикам, гаҳвора* ва ғ.

Исми “авратхона” мураккаб буда, аз ибораи “хонаи аврат (“аврат” (1) андоми ниҳонӣ; 2) завҷа [10, с. 35]) созмон ёфтааст. Исми мазкур дар забони адабии муосири тоҷикӣ куҳнашуда маҳсуб ёфта, дар давраҳои пеш хонаи занҳоро, ки даромадани мардон ба он ҷо мамнуъ буд, авратхона ном мебурданд. Ҳунари нависандагии Гулрухсор низ дар он аст, ки на танҳо аз калимаҳои имрӯзаи забони тоҷикӣ суд ҷуста, балки дар барқарорсозии вожаҳои куҳнашуда саҳми назаррас дорад. Исми “авратхона” дар роман 2 бор зикр шудааст, чунончи:

Модари оҷиз муҳтоҷи мададгор, бо умед сӯйи дари шамолдаро менигарист, аммо дар

ин субҳи сарди охири тирамоҳ, ба ҷуз боди сард дари ин ***авратхона***ро касе майли кӯфтан надошт [3, с. 11].

Ба гурӯҳи исмҳои маънӣ (абстракт) исмҳое, мансубанд, ки инсон онҳоро танҳо тасаввур мекунад. Шумораи онҳо низ дар романи “Занони Сабзбаҳор” зиёд буда, ба тариқи зайланд: *қисса, шеър, зот, ҷон, ақл, хирад, нон, гуруснагӣ, нолиш, ишқ, висол, ҷанг, сабақ, сабақхонӣ, суҳбат, хотира, маҳфилҳо, дарсҳо* ва ғ.

Исми “нон”, ба назари аввал, исми модӣ ба назар мерасад, вале Гулрухсор 2 маротиба онро ба маънии “ризқу рӯзӣ” ба кор бурдааст, ки ба ин маъно исми маънӣ маҳсуб меёбад, чунончи:

Як савол мумкин? оҳиста даст боло кард мӯйсафед. Нозӣ ҳамоно дасти ӯро поён кашида гуфт:

Мумкин нест! Ним савол мумкин нест! Ҳой, қишлоқӣ, мехоҳӣ беобу ***нон*** *монӣ?: дар гӯши мӯйсафед гуфт Нозӣ [*3, с. 69].

Ҳамин тариқ, натиҷаи пажуҳиши мо нишон дод, ки Шоири халқии тоҷик – Гулрухсор дар навишти асар дасти чира дошта, корбурд ва хусусиятҳои сарфии исм дар романи “Занони Сабзбаҳор” бозгӯйи онанд, ки муаллиф аз имкониятҳои бойи забони тоҷикӣ ва лаҳҷаи маҳоал моҳирона истифода бурдааст, зеро аз исм ва хелҳои он, ҳамчунин исмҳои куҳнашуда зиёд истифода намуда, дар густариши забони тоҷикӣ саҳми арзанда гузоштааст. Ҳамчунин, ҳини ҷустуҷӯ манзараи лексикии романи “Занони Сабзбаҳор” нишон дод, ки Гулрухсор бештар вожаҳои тоҷикиро ба кор бурдааст, ки ин, албатта, аз ҳисси баланди миллатдӯстии нависанда дарак медиҳад.

Дар зер мехостем бо ибрози суханони Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки инъикосгари рафтору кирдори қаҳрамонони романи “Занони Сабзбаҳор” аст, анҷом бахшем: “Модарону бонувони тоҷик дар мушкилтарин рӯзҳои таърихи давлат ва халқи Тоҷикистон ва дар сангинтарин лаҳзаҳои ҳаёти мардуми кишвар бо сабру тамкин ва ватандӯстиву садоқат такягоҳи боэътимод буданд ва ҳастанд”.

Адабиёт

1. *Абулқосим, Ф. Шоҳнома. Ҷ.1 / Ф. Абулқосим. - Душанбе: Адиб, 2019. - 480 с.*
2. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. - Душанбе: Дониш, 1985. - 358 с.*
3. *Гулрухсор. Занони Сабзбаҳор (Марзи номус) / Гулрухсор. - Душанбе: Адиб, 2019. - 432 с.*
4. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби дарсӣ Қисми 1. / Лексикология. Фонетика. - Душанбе: Ирфон, 1973. - 450 с.*
5. *Қосимова, М. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. / Қисми 1. / М. Қосимова. - Душанбе, 2003. - 474 с.*
6. *Матлуба, М. Бозтоби эҷодиёти гуфтории мардум дар романи «Занони Сабзбаҳор»-и Гулрухсор / М. Матлуба // Вестник ТГУПБП. – 2022. №4 (93). - С. 45-51.*
7. *Усмонова, М. Симои занон дар романи «Занони Сабзбаҳор»-и Гулрухсор / М. Усмонова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2021. №4 (93). - С. 216-218.*
8. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷ.1. / «Советская энциклопедия».- Москва, 1969. - 949 с.*
9. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷ.2. / «Советская энциклопедия».- Москва, 1969. - 949 с.*
10. *Ҳасан, Амид Фарҳанги форсии Амид / Амид Ҳасан. - Теҳрон: Роҳи рушд, 1389. - 1088 с.*

ИМКОНОТИ САРФИИ ИСМ ДАР РОМАНИ «ЗАНОНИ САБЗБАҲОР»-И ГУЛРУХСОР

Дар мақолаи мазкур кӯшиш карда шудааст, ки вижагиҳои сарфии романи «Занони сабзбаҳор»-и Гулрухсор муайян карда шавад. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки исм дорои категорияҳои махсуси морфологӣ буда, категорияи шумора ва номуайяниву ишоратӣ хоси исм мебошад. Ин категорияҳо бо он муайян карда мешаванд, ки дорои маънои грамматикӣ ва шакли махсуси морфологӣ мебошанд ва ба онҳо муқобил меистанд. Як гурӯҳ исмҳо, масалан, исмҳои шахс ва ғайришахс, ҷинс ва хос, конкрет ва абстракт аз ҳам на танҳо аз ҷиҳати маънӣ, балки аз ҷиҳати тағйирот, калимасозӣ ва муносибаташон ба категорияҳои грамматикӣ низ фарқ мекунанд, ки таҳлили онҳо дар мисоли исмҳои асари “Занони Сабзбаҳор”-и Гулрухсор оварда шудааст. Азбаски шумораи имсҳо дар асари мазкур ниҳоят зиёданд, банобар ин, дар ҳаҷми мақола танҳо “исмҳои шахс ва ғайришахс, исмҳои конкрет ва абстракт, исмҳои хос ва ҷинс” таҳлилу таҳқиқ гаштаанд.

Калидвожаҳо: Гулрухсор, «Занони Сабзбаҳор», вижагиҳои сарфӣ, категорияҳои исм, исмҳои конкрет ва абстракт, исмҳои хос ва ҷинс, грамматикаи забони тоҷикӣ.

МОРФОЛОГИЧЕСКИЕ ВОЗМОЖНОСТИ ИМЕН СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В РОМАНЕ ГУЛРУХСОРА «ЖЕНЩИНЫ САБЗБАХОР»

В данной статье автор попытался выявить морфологических особенностей романа Гулрухсора «Занони Сабзбахор». Исследователь подчеркивает, что существительные имеют особые морфологические категории, и категории числа, неопределенности и указательности являются специфическими для существительных. Эти категории определяются тем, что они имеют грамматическое значение и специфическую морфологическую форму, и противопоставляются им. Группа существительных, например, личные и безличные, рода и собственные, конкретные и абстрактные, различаются не только по значению, но и по своим изменениям, словообразованию и отношению к грамматическим категориям, анализ которых представлен на примере существительных из произведения Гулрухсор «Занони Сабзбахор». Поскольку количество существительных в данной работе чрезвычайно велико, в рамках статьи были проанализированы и изучены только «личные и безличные существительные, конкретные и абстрактные существительные, имена собственные и роды».

Ключевые слова: Гулрухсор, «Занони Сабзбахор», морфологические особенности, категории имени существительного, конкретные и абстрактные существительные, собственные и нарицательные существительные, грамматика таджикского языка.

POSSIBILITIES OF THE NAME IN THE WORK OF GULRUKHSOR "WOMEN OF THE GREEN SPRING"

In this article, the author attempts to identify the literary characteristics of Gulrukhsor's novel "Zanoni Sabzbahor". The researcher emphasizes that nouns have special morphological categories, and the categories of number, indefiniteness and demonstrativeness are specific to nouns. These categories are defined by the fact that they have a grammatical meaning and a specific morphological form, and are contrasted with them. A group of nouns, for example, personal and impersonal, gender and proper, concrete and abstract, differ not only in meaning, but also in their changes, word formation and relation to grammatical categories, the analysis of which is presented using the example of nouns from Gulrukhsor's work "Zanoni Sabzbahor". Since the number of nouns in this work is extremely large, only "personal and impersonal nouns, concrete and abstract nouns, proper names and genders" were analyzed and studied within the framework of the article.

Keywords: Gulrukhsor, "Zanoni Sabzbahor", morphological features, noun categories, concrete and abstract nouns, proper and common nouns, Tajik grammar.

Дар бораи муаллиф
Ниёзова Шаҳноза Ниёзбоқиевна
Унвончӯйи кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: noza.niyaz.88@mail.ru

About the author
Niyozova Shahnoza Niyozboqievna
Applicant at the Department of Theory and Practice of Linguistics
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: noza.niyaz.88@mail.ru

Об авторе
Ниёзова Шахноза Ниёзбокиевна
Соискатель кафедры теории и практики лингвистики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: noza.niyaz.88@mail.ru

ТДУ 811.21/22

ИСТИЛОҲОТИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ЛАҲҶАИ ЛАХШ

Каримова М. Д.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Омӯзиши гӯйишҳои ҳар халқу миллат аз ҷанбаҳои асосии илми забоншиносӣ мебошад. Пайдоиши номи ин қабилаҳо ба чандин ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ вобастагии зич дошта, аз ин роҳҳои тулонӣ бо чанд шикебаҳо гузашта, ба хазинаи забоншиносӣ ворид шудаанд ва боиси инкишофу густариш гардидааст. Бояд фаромӯш насозем, ки муҳаққиқони даврони муоссир Деснитская А. В., Писарчик А. К., Маҳмудов М., Розенфелд А. З., Ҷӯраев Ғ., Саймиддинов Д., Гадоев Н., Хоркашев С. низ оид ба калимаю истилоҳоти хешутаборӣ тадқиқот анҷом дода, мақолаҳои хешро рӯйи чоп овардаанд.

Аз ҷумла, А. В. Деснитская дар баррасии худ «Вопросы изучение родство индоевропейских языков» мақола рӯйи чоп овардааст [2, с.44].

Воҳидҳои луғавии хешутабориро ба гурӯҳи ҳамхун ва ғайриҳамхун ҷудо намуданд. Ин гуна ҷобаҷогузорӣ аз тарафи Р.Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев муаллифони фарҳанги «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» [18, с.193-194], шакл гирифта, вожаҳои хешутабориро ба ҳамхун ва ғайриҳамхун ҷудо карда, моҳияти луғавии марбут ба миллат ё қавм ва тафовут ё гуногунӣ дар талаффузу паҳншавии локалии онҳоро таҳқиқ кардаанд.

Дар ин маъно, муҳаққиқ Саймиддинов Д. дар рафти тадқиқоти мақолаи хеш номҳои хешовандии забони форсии миёнаро ба гурӯҳҳои ҳамхун ва ғайриҳамхун табақабандӣ кардааст [12, с.84-86], ки қобилӣ дастгирӣ шуда метавонад.

Муҳаққиқ Хоркашев С. оид ба масъалаи калимаҳои қавму қабилавии шеваҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ шарқиро, аз нигоҳи луғат аз рӯйи ҷинсият тасвир ва таҳлил карда, дар тавзеҳ ё шарҳ додани он чунин гуфтааст: «Ба ақидаи мо, зимни таҳлили калимасозӣ барои нишон додани самаранокии вожасозии истилоҳоти зикршуда, аз рӯйи ҷинсияти лексикиашон ба се гурӯҳ тақсим кардан, мувофиқи мақсад мебошад, ки тартибаи аввал аст:

1.Калимаҳои хешутабории мансуб ба ҷинси мардона;

2.Калимаҳои хешутабории мансуб ба ҷинси занона;

3.Калимаҳои хешутабории умумиҷинс.

Бо вуҷуди ин, ҳамнажодҳоро яъне ҳамхуни пурраю ҳамхуни нопурра ва ғайриҳамхунии вожаҳои муштараки гурӯҳи якум ва дуюмро зимни таҳлилҳо нишон додан ба мақсад мувофиқ донистем» [17, с.6].

Муҳаққиқ Зоитова М. дар мақолаи хеш «Нақши морфемаи **-ӣ** дар калимасозӣ (дар асоси маводи «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ») оид ба калимаҳои марбут ба шахс, мансубияти шахс, ҳолату вазъият, хулқу хислат ва характери одамон равшанӣ андохтааст [5].

Оғоз. Бебаҳоии олами фикрӣ ва руҳии башар ин забон мебошад, ки дар асл муносибати нажодҳоро барқарор намуда, аввал аз авлод ба авлод, дертар аз насл ба насл тавассути забони модарӣ гузашта, ҳамчун лаҳҷаи забони модарӣ солҳо боқӣ мемонад, ки мардуми минтақаи Лахш низ аз ин гуна калимаҳо дар лаҳҷаи худ орӣ нест. Истилоҳоти қавму қабилавӣ дар гӯйиши лаҳҷаи Лахш як ҳиссаи аслии гуфторро ташкил медиҳанд. Аз нигоҳи дигар, ҳамчун пораи тафриқанопазири манбаи муҳимтарин ва устувори таркиби луғати лаҳҷаи Лахш аз қадимулрӯзгор сарчашма гирифта, ҳамчун истилоҳоти истифодашавандаи зарурӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи бошандагони ин минтақа саҳми муҳим дорад. Воҳидҳои луғавии марбут ба хешу таборӣ маънои вожаҳо ё истилоҳоте, ки барои аён кардани робитаҳои оилавӣ ва авлодӣ истифода мешаванд, дорад. Дар лаҳҷаи мардуми минтақаи Лахш вожаҳои истифодашавандаи қабилавӣ дар вақти гуфтор бо се роҳ ё раванд ба вуҷуд омадааст, ки ин гуна вожаҳо воҳидҳои луғавии хешутаборӣ ном бурда мешавад. Чунки ин гуна истилоҳот барои муайян кардани робитаҳои хонаводаю авлодӣ ё қавмӣ истифода мешаванд.

1). Ҷойи тардид кардан нест, ки калима ё истилоҳоти луғавие, ки ба давраи нави инкишофи забонҳои эронӣ тааллуқ дошта, давомдиҳандаи мустақиман ё бидуни тобеият забони мардуми оилаи ҳиндуаврупоӣ мебошад ва боиси ба вуқуъ омадани чандин вожаҳои нав гардида бо вожаҳои фарогири тоҷикӣ комилан ҳамоҳангӣ мекунад ва имрӯз моли забони умумии тоҷикӣ гардидаанд.

2). Ҳисси дигари вожаҳои фарогирандаи луғати маҳалли Лахшро калимаҳои қирғизӣ ташкил медиҳад, ки бо забони тоҷикӣ омехта шуда манбаи муҳимми тадқиқоти муқоисавӣ ва муқоисавию таърихӣ ба ҳисоб мераванд ва барои ифодаи як маъно дар байни гуфтори мардум муштарак хизмат мекунанд.

3). Калимаҳои тоҷикию қирғизие, ки бевосита бо роҳи расмӣ дар гӯйиши мардуми маҳал дохил шуда оҳиста-оҳист ҳазм шуда ба таркиби луғавӣ дохил шудаанд. Ин гуна вожаҳо оид ба истилоҳоти хешутаборӣ дар гуфтори мардум фаровон истифода мешаванд. Зарурати онҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаи мардум нақши босазо доранд.

Тадқиқи мавзуъ. Баррасии тадқиқи амиқи калимаҳо аз рӯйи ҷинсияти омӯзишашон муносиб бошанд ҳам, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фарқ карда тавонистани калимаҳои баромадашон тоҷикӣ аз ғайритоҷикӣ, яъне қирғизӣ дар муҳити дузабонӣ дар ҷойи аввал меистад. Оиди ин масъала мо низ аз ақидаҳои донишмандон баҳра бардошта барои таҳлил бо методи худ калимаҳои хамхун ва ғайриҳамхунро қобили қабул дониста тадқиқот анҷом додем.

Методҳои таҳқиқот. Дар методҳои тадқиқот маълум гардид, ки вожаи маъмули хешовандӣ – калима ва ибораҳое мебошанд, ки иртиботи хешутабориро дар оила нишон медиҳад ва на танҳо муносибати хешутаборӣ, балки сохтори хешутабориро дар доираи анъанаҳои аз қадим маншаъ гирифта инъикос мекунад. Дар ин раванд баъзе истилоҳот аз қадим то ҳол риоя мешавад. Ба ин маънӣ баъзе истилоҳҳои махсус вуҷуд доранд, ки як ҷузъи номҳои оилавӣ, қавмҳою авлодиро дар бар гирифта, асоси захираи луғавии ноҳияи Лахш шуда метавонанд. Ин ҳодисаи аслии ошкоршуда фақат дар доираи воҳидҳои хешутаборӣ ҷарх зада метавонад ва қисми асосии лексикаи лаҳҷаи Лахш ба ҳисоб меравад.

Қисми асосӣ. Истилоҳоти қаробат, ки аз ҷиҳати хешутаборӣ хело наздиканд як қисми пояи асосии таркиби луғавии лаҳҷа буда, номҳои хонаводагӣ, наслӣ, хешутаборӣ ва қавмиро ифода карда, бо мурури вақтҳои тулонӣ доираи худро хело васеъ кардааст ва мо бо ин омил, ихтилоф ҷинсию хешӣ ва синну соли аъзоёни онҳоро дарк карда метавонем. Зергурӯҳи хурдтарин дар дохили қабила, яъне ниёгони гузаштаи мо дар лаҳҷаи худ барои ифодаи истилоҳоти хешутаборӣ калимаҳои зеринро истифода кардаанд, ки аслан рушд кардани хешутаборӣ, аниқтар аз ҳама вобастагии ду манбаъ, зану мард буда, ҳар яки онҳо идомадиҳандаи насли ояндаи худ ҳисобида мешавад. Дар ин ҳолат маълум мешавад, ки насли модарӣ ва падарӣ инкишоф меёбад. Масалан: агар ***мън*** гӯем аз худи шахси гӯянда дарак медиҳад ва агар ***вам*** ё ***вом*** гӯем худи падар ва ***вим*** гӯем, модари падар ё модари модар фаҳмида мешавад. Баҳри ҳурмат ном бурдани хешутабор дар забони гӯянда вожаҳо бо пасвандҳои махсус истифода шуда, ин ифодаҳо нишонаи одоб, эҳтиром ва фарҳанги баландро нишон медиҳанд, ки аз синну сол ва фарқияти зану мард вобастагии калон дорад. Аз ҷумла, ба бародарони калонӣ ва хурдӣ ё ҳамшираҳои калонию хурдӣ бо як вожаи яклухт муроҷиат намекунем. Барои намуна, талаффузи истилоҳи ***ака, акҷон, акаи қуват*** ба бародари аз худ калон ва вожаи ***додардодар – ҷон, додарҷун*** ё додари қуват, ки аз бародари аз худ хурд тааллуқдошта дарак медиҳад. Инчунин, истилоҳи машҳури ***апа*** – ***апаҷон, апабамаз*** ба хоҳари калонӣ рабт дорад. Илова бар ин калимаи ховар - ***ховарҷон*** ё ***хоҳари ҷун*** ба ***хоҳари хурдии хона*** ё ***оила*** тааллуқ доранд. Истифодаи чунин вожаҳо дар гӯйиши минтақаи Лахш чунин шаклҳоро нишон медиҳад, ки гӯянда нисбат ба хешу табор – хурдсолон ё калонсолон, эҳтиром мегузорад, ки як қисми муҳим дар ҷомеаи имрӯза аз одоби муошират бошандагони минтақа дарак медиҳад. Бояд тазаккур дод, ки дар лаҳҷаҳои деҳаҳамсояҳои қирғизнишини минтақаи Лахш ё гӯйиши баъзе деҳаҳои ҳамсоя бародари падар ё додари падарро ба ҷойи истилоҳи ***амак*** истилоҳи ***ака*о** ба кор мебаранд ё фарзанди бародар ё хоҳарро дар ҷойи вожаи ***ҷиян*** вожаи маъмули ***хоҳар*** ё ***додар***ро истифода мекунанд. Инчунин, ба ҷойи истилоҳи вожаи маъмули ***модар*** – ***апа***ро низ истифода мекунанд. Мисол: мо амакмъна ака мегем (Лахш).

Вожаҳои қавму қабилавиро оид ба алоқаҳои хешутаборӣ, рангорангии шаклу маъно ва ҳолатҳои ба кор бурдан дар гӯйиши минтақаи Лахш чунин истифода кардан мумкин аст.

Калимаҳои авлодӣ ***вом*** **–** падарам, ***ача*** **–** модар, ***вам*** **//** ***боби*** **–** падаркалон, ***авӣ // вӣ // биби*** **–** модаркалон, ***ховар*** **–** хоҳар, ***биёр*** **–** додар, ***ама*** **–** хоҳари падар, ***хола*** **–** хоҳари модар ва амсоли инҳо, ки аз як марҳала ***падару модар*** шуруъ шуда, авлоди хешутабориро аз даврaҳои бостон то ба имрӯз, ки давомдиҳандаи насл мебошад, фаъолона истифода шуда истодаанд.

Агар ба вожаи маъмули ***модар*** назар афканем аз вожаи қадимае, ки дар ҷомеаи давраи бостон ҳамчун муносибати хешутаборӣ дар мадди аввал меистод, то замони мо омада расидааст, яъне аз давраи бостони ниёгонамон matar/mad (ar) баромадааст [12, с.85], ки дар ин маврид ба ҳодисаи савтии монандшавии овозҳо рӯ ба рӯ шуда, дар забони ҳаррӯзаи мардум ба таври васеъ истифода шуда истодааст.

Ба ин маъно муҳаққиқ Саидова Ҷ. дар бораи диалектизмҳои ***додо*** ва ***оча***ро дар манографияи хеш чунин маънидод кардааст: «Ин вожа муодилаи гуногуни овозӣ доранд, ки ин ҳодиса дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ хеле маъмул аст. Воҳиди луғавии ***оча*** бошад, яқин марбут ба лаҳҷаҳои ҷанубист, зеро вай на дар луғатҳои лаҳҷавии матбут ба лаҳҷаҳои шимолӣ, балки дар ФГЗТ (2012) ба қайд гирифта шудааст ва муодили ***ача*** доштани он ҳам дар ҳамин луғат зикр ёфтааст» [11, с.79].

Дар гуфтори лаҳҷаи мардуми Лахш истилоҳоти маъмули ***ача*** серистифода буда, дар шакли ҷонишинҳои шахсӣ низ фаровон истифода мешавад.

*1.**Ача*** – модар, ***ачамън*** – модарамон, ***ачат*** – модарат, ***ачатън*** – модаратон, ***ачашън*** – модарашон; ***ви*** – бибӣ, ***вим*** – бибим, ***вимон*** – бибимон, ***вит*** – бибит, ***виш*** – бибиашон, ***вишон*** – бибиашон аз зумраи ҳамин калимаҳост.

Дар баробари вожаи ***ача*** истилоҳоти маъмули ***ва***, чи дар ҷомеаи имрӯза ва чи дар лаҳҷаҳои мардум, нақши босазо дошта, одатан бо эҳтироми зиёд дар мадди аввал пазируфта мешавад. Ин вожаҳо ҳам монанди ҷонишинҳои дар болозикршуда дар шакли ҷонишинҳои шахсии -ам (-амон), -ат (-атон), -аш (-ашон) истифода бурда мешавад.

*2.**Ва*** – падар, ***вам*** – падарам, ***ват*** – падарат, ***ваш*** – падараш ***вамон*** –падарамон, ***ватон*** – падаратон, ***вашон*** – падарашон*;* ***вом*** – падарам, ***вомън*** – падарамон, ***вотън*** – падартон, ***вошън*** – падарашон.

Муҳаққиқ Калонова М. дар бораи вожаи воҳидҳои луғавии марбут ба хешу таборро чунин гуфтааст. «Дар асри XIV бештар ифодакунандаи аъзои оила (***падар, модар, фарзанд, писар, духтар, арӯс, домод, зан***) буда, калимаҳои решагии забони адабии тоҷикӣ ба шумор мераванд. Воҳидҳои луғавии марбут ба хешу табор бештар дар таркиби ибора омада, ғайр аз маънии аслӣ , маънии маҷозиро низ ифода кардаанд (модари даҳр, модари гетӣ , модари фитрат – дунёи тақдир) [6, с.126-127].

Инчунин, муҳаққиқ Раҷабов А. дар монографияи хеш истилоҳоти арабии ифодагари авлоду хонаводаро чунин шарҳ додааст: ***амма, валад, волида, ворис, за‘иф // заифа // заʕифа, зуйрот // зуйрод, авлод, қавм***; Мисол: саромад...: охи ***авлоди*** мо ҳофиз бъд, воре мън девнаранг шидъм; ***ақрабо***. хешу табор, ақрабо: вай-а ҳами ***ақрабоҳо***-ш ҳамунҷа-нда; ***арус, ʕарус, аруст, арӯс, келин:*** ʕарус овардан бача-шон-да; ***айол//ийол, аврат, авратина, асл*** (асл, авлод, зурриёт): меган, ки ***асли*** мо ай Зевар бъдай; ***зурйот//зърйот*** (насл, насаб)**:** ай бови-м ***зуйроти*** маҳшар монд [9, с.94-95], ки қобили қабул аст.

Ба ин маънӣ Хоркашев С. истилоҳоте, ки дар шеваи ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ барои ифодаи мафҳуми ***падар*** дида мешаванд, лексемаҳои ҳамхуни пурраи ***ота, бово // бова, боба, буво // бъбо // бъво, аво // во, да, дъда, дада, дад, адо,*** дадо мебошанд, ки ҳудуди интишори ягона надоранд [17, с.8].

Муҳаққиқ Ғ. Ҷӯраев зикр кардаанд, ки вожаи ***ота*** дар лаҳҷаҳои Кӯлоб ва кӯлобии Ҳисор (ғайр аз Ғеш, Ховалинг, Доробӣ, Балҷувон, ки ***ата*** мегӯянд) ва муродифи он ***бово*** бо гунаҳои мазкураш дар лаҳҷаҳои Қаротегин ва вахиёӣ – қаротегинӣ ва бадахшонӣ (ғорон), истифода мешавад. Шаклҳои ***да, дъда, дада, дад, адо, дадо*** бошад, асосан дар Роғ ва Бадахшон (Ғорон) фаровон дар истифода қарор дорад [18, с.44].

Дар байни гӯйиши сокинони ду миллати бо ҳам дӯсту бародар, яъне тоҷикону қирғизони минтақаи Лахш як калимаи бисёр маъмул, аз рӯйи ҳурмат, муроҷиат ба падари дугона ё падари рафиқ истилоҳоти ***айшата*** мавҷуд аст, ки ин вожа дар лаҳҷаи мардум баробар, яъне муштарак буда, дар гӯйиши мардум пурра ва умумӣ истифода шуда, чанд солаҳост хизмат мекунад. Ин мабҳасро мо аз рӯйи мушоҳида бе ягон дудилагӣ тасдиқ мекунем. Масалан, “Номҳои ҳамхунӣ пайванди нажодиро аз сӯйи падару модар фаро мегиранд. пайдоиши вожаи падар, аз решаи забони эронии бостон бар меояд. Ин истилоҳот дар шакли ***pid(ar)”*** мавриди корбаст қарор дошт. [12, с.85.]. Ин калимаҳо дар фарҳангҳои забони форсии тоҷикӣ хело маъмул мебошад. Ногуфта намонад, ки калимаи *аво* //*во* истилоҳоти хешутабории серистифода буда, дар намуди ибора низ сохта мешавад: ***войи калун, авойи ката, войи ката*** (ба амак далолат мекунад); ***авойи бачоо, войи кудако, войи***

бачоо, войи кудако (дар муроҷиат ба шавҳар); ***авойи угайи ё угайиаво*** (дар муроҷиат ба падарандар). Мисол: *аво-йи угайи-ма авош пър одами хубай. Аво-и катам-а хабаргир-ӣ мерав-ъм.*

Калимаҳои хоси лаҳҷаи Лахш, монанди ***во, вом // ва, вам*** шакли мухтасаршавии ***аво*** буда, аз он инъикосҳои ***вомуна вош*** (бобо)***, ваву бовош*** (бобою бобокалон) **вомун - авош - а боби - *ш*** (бобои бобо) сохта шудааст: ***вомун - а вош - а боби - ш ай Арзън - чиё - и Лахш-ай.***

Ин шакли ҳамхунвожаҳоро боз ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

а) хеши худӣ (пурра)*:* ***ваму вим*** – бобою бибим, ***ваву бобим*** – падару бобом, ***авову ача*** – падару модар, ***акаву апа,*** ховару додар.

б) истилоҳоти хешутаборие нопурраро чунин маънидод кардан мумкин аст, ки ин вожаҳо шахсонеро ифода мекунанд, ки дар хонавода падар яку модар дигар ё баръакс, модар яку падар ҷудо бошад. Фарзандоне, ки дар вақти расман аз ҳамдигар ҷудошудани ақди никоҳи падару модар ё дар вақти модар бо шавҳари дигар оиладор шудан, яъне нисбат ба падарандар фарзандони онҳо (яъне ба шавҳари дуюми модар ё баръакс) *угайӣ* ҳисоб меёбанд. Мисол, ***додар - и угай - им ҳамиқа бача - и қайт - ай - ки*** (Лахш). Вожаи ***қайт*** вожаи хоси лаҳҷаи Лахш буда, маънои одами оташиншаванда, яъне бадқаҳрро дорад, дар ҳама ҳолат, вақти гуфтугӯ дар лаҳҷаи мардум истифода мешавад: ***Лолаапа ай ҳаму угайдъхтар - ш роҳати бисёр дид; мегум. Гулдоман хъсъри угайи - ша пър миннат мекна, чува, ки дъмод - ъш ба дил - ш қариб нест.***

Вожаҳои хешутаборие ғайриҳамхуниро истилоҳоти ***зан, шув // шу***–шавҳар*;* ***дъмод*** – домод*;* ***келун // келин*** – арус *(*аз калимаи туркӣ – қирғизии ***кел***-биё, ***-ин*** пасванди исмсоз*)* гирифта шуда, маънои *биёед*-ро медиҳад: ***хъштуман // қайнене*** – модарарӯс, ***хъсър // қайната*** – падарарус // падаршӯ, ***қайсангъл*** – хоҳарарус, ***қайинсинди // йана*** – хоҳаршӯ, ***қайнаға*** – бародарарӯс // бародаршӯ, ***қайини // ҳевар*** – додари шавҳар ва ғайраро ифода мекунанд.

Бояд дар назар гирифт, ки ин гурӯҳи калимаҳо аз гурӯҳи аввали калимаҳо тафовути калон дошта, дар байни онҳо алоқамандии зич низ мавҷуд аст. Истилоҳоти хешутаборӣ дар заминаи оила барпо кардан ба вуҷуд омада, давом мекунад. Сарфи назар аз он, ки шумораи вожаҳои ғайриҳамхун бештар ба назар мерасад.

Сарфи назар аз он ки ин гурӯҳи вожаҳо аз гурӯҳи аввали вожаҳо фарқи асосӣ дошта, байни онҳо алоқаи зич низ мавҷуд аст. Бахши мазкури истилоҳоти хешутаборӣ дар рафти оила барпо кардани ду шахси ғайри ҳамхун ба амал омада, давом мекунад. Бидуни шарҳ, шумораи истилоҳоти ғайриҳамхун бисёртар ба назар мерасад. Ба ҳамин мазмун истилоҳоти хешутабориро дар гуфтори минтақаи зикршуда аз рӯйи тааллуқ доштан ё аниқтар мансубияташон ба чанд гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

а) вожаҳои авлодии лаҳҷавие, ки дар дигар гӯйиши маҳалҳои забони тоҷикӣ дучор намешаванд. Ин истилоҳотҳо дар лаҳҷаи минтақаи Лахш дар гуфтори байни ду миллат, ҳамчун истилоҳоти дузабонӣ ба ҳайси муштарак истифода мешавад. Барои намуна: ***бооло*** – холабача, ***ғъвра*** – насли сеюми набера, ***чевъре // чъвра*** – фарзанди ***ғъвра*** яъне насли чорум, ***фарҳаваса***, ***чонтезек*** – фарзанди ***чъвра*** – насли панҷуми авлоде, ки ҳамин тавр зина ба зина ба вуҷуд омада, аз насл ба насл бардавом, давом мекунанд.

б) вожаҳои қабилавие, ки дар дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ фаровон истифода мешаванд: ***кундош // куну*** – палонҷ, ***адаш*** – ҳамном, ***ҳаваса*** – фарзанди набера // фарнабера, ***қайсангъл*** – хоҳари зан, ***қайинсинди*** – хоҳарарӯс ё хоҳари шавҳар, ***қайнеҷе*** – апаи зан ё шавҳар, ***яна*** – хоҳаршӯ. ***нъваса*** – набера // фарзанди фарзанд.

в) вожаҳое, ки решаи асли баромадашон марбут ба забони туркӣ – кирғизӣ мебошанд: ***эне*** – модар, ***ука*** – додар, ***эҷе*** – амма, ***синди*** – хоҳар, ***адаш*** – ҳамном, ***тайиҷе*** – хола, ***апа // эне*** – модар, ***қайниҷурт*** - ақрабои шавҳар ё завҷа, ***кундош // куну*** – палонҷ, ***синдӣ*** – хоҳар, ***ҷуван*** – зане, ки аз шавҳараш ҷудо шудааст, ***қайнене*** – модарарӯс, ***қайини*** – додари шавҳар ё ҳамсар, ***аййаш*** – ҳамсари рафиқ ё шавҳари дугона, ***айшене*** – модари дугона ё рафиқ, ***айшата*** – падари дугона ё рафиқ, ***аяшука*** – додари рафиқ, ***айяшсинди ё айяшховар*** – хоҳари рафиқ ё дугона ва амсоли инҳо.

Бояд тазаккур дод, ки Холназаров Р. М. дар бораи таъсирпазирии забони қирғизӣ дар мисоли антропонимҳои ноҳияи Лахш сухан ронада, онҳоро аз нигоҳи ҷинсият низ гурӯҳбандӣ намуда, чунин менависад: «Ин гуна ҳодисаҳои забонӣ (тағйиротҳои овозӣ – К.

М.) дар маводи антропонимии ноҳияи Лахш зиёд ба мушоҳида мерасанд ва онҳоро ба таври зайл тақсимбандӣ намудан мумкин аст:

1. Номҳои ашхосе, ки аслан тоҷикӣ ё арабии тоҷикишуда буда, бо тағйироти овозҳои садоноку ҳамсадо дар байни қирғизони ноҳия роиҷанд: **Номҳои мардона:** *Апсатор // Абсатор – Абдусаттор, Апсалом – Абдусалом, Алим (Алым) – Олим, Алидин // Аҳлидин – Аҳлиддин, Анарбай – Анорбой, Аман – Амон, Асат – Асад, Аят – Оят, Бадирдин – Бадриддин, Базар – Бозор, Динар – Динор, Зарип – Зариф, Зайир (Зайыр) – Зоир, Изаат – Иззат, Илхам – Илҳом, Имам – Имом, Амирдин – Амриддин, Исок – Исҳоқ, Синатуло – Суннатулло, Инком – Имкон, Идоят – Ҳидоят, Қадир (Қадыр) Қодир, – Қурбан – Қурбон, Қутбудин // Қудбидин – Қудбиддин, Латип – Латиф, Мурат - Мурод, Мурза // Мирзо, (Мырза) – Мирзо, Мурзавалӣ – Мирзовалӣ , Мемон – Меҳмон;*

Номҳои занона*: Айна – Оина, Бақит (Бақыт) – Бахт, Зияда – Зиёда, Зийнат (Зыйнат) - Зинат, Ибадат – Ибодат, Инабат – Инобат, Идоят – Ҳидоят, Лейла // Лала – Лола, Наз – Ноз, Руксат – Рухсат, Саадат – Саодат, Саламат – Саломат, Сара – Соро, Сарахан – Сорохон, Тумар – Тумор, Тазагул – Тозагул, Чинар (Чынар) – Чинор, Шарапат – Шарофат, Шайир (Шайыр) // Шайыргул – Шоиргул.* **Номҳои муштарак***: Махаббат –Муҳаббат, Максат // Махсат – Мақсад,*

2. Номҳои ашхосе, ки бо иваз шудани фонемаи ҳамсадои ҷарангноки ***ҷ*** ба ҳамсадои роғи ***ж*** ба номҳои ашхоси мардуми қирғиз ворид гардиданд: **Номҳои мардона:** *Абдулмаҷид – Абдумажит, Инаят – Иноят, Мунаввар-Мунаввар, Қурван – Қурбон, Абдуҷаббор – Абдужабор, Абдуҷамил –Абдужамил, Абдуҷалил – Абдужалил, Алиҷон – Алижон, Алифҷон – Алифжан, Амирҷон – Амиржон, Бобоҷон–Бобожон, Валиҷон – Валижон, Додарҷон – Додаржон, Ёқубҷон – Ёкубжон, Иҷрон // Ҳиҷрон – Ижрон, Маҳмараҷаб // Муҳаммадраҷаб – Мамаражаб, Маҷид – Мажит,Маҳмаҷон // Муҳаммадҷон -– Маҳмажон, Муҳтоҷ – Меҳтож, Меъроҷ – Меҳрож, Наҷмиддин – Нажмидин, Наҷибулло – Нажибуло, Раҷаб – Ражаб, Раҳимҷон – Раҳимжон, Раҳматҷон – Раҳматжон, Сайидҷаъфар – Сайжафар, – Сироҷ – Сирож, Тоҷиддин – Тожидин, Хуҷааҳмад – Хужаҳмат, Ҳоҷибек – Хожибек, Ҳоҷиакбар – Ҳожиакбар, Ҷаҳонгир – Жаҳонгир, Ҷонибек – Жонибек, Ҷамшед – Жамшед, Ҷумъаназар – Жуманазар, Ҷамол – Жамол, Ҷаббор – Жабор, Ҷӯрабек – Журабек, Ҷамил – Жамил, Ҷунайдулло – Жунайдило, Эраҷ – Эраж.*

Номҳои занона*: Гулҷаҳон – Гулжаҳон, Зулҳиҷҷа – Зулҳижа, Марҷона – Маржона, Мавҷуда – Мавжуда, Мавҷи // гул // нисо – Мавжи // гул // нисо, Наҷмия – Нажмия, Раҷабмоҳ Ражамо, Раҷабвӣ – Ражавӣ , Соҷида – Сожида, Тоҷинисо – Тожинисо, Ҷамолвӣ – Жамолвӣ , Ҷамила – Жамила, Ҷаннатвӣ – Жаннатвӣ»* [15, с.55].

Дар баъзе мавридҳо дар баробари ба вуҷуд омадани унсурҳои луғавии қавму қабилавӣ, вожаҳое, ки тоҷикӣ ва қирғизиянд тақрибан баробар корбурд мешаванд. Аз ҷиҳати сохт назар афканем, аслан мураккаб мешаванд. Дар аксарияти маврид онҳо бо якҷо шудани истилоҳоти хешутабории забонҳои қирғизию тоҷикӣ шакл пайдо мекунанд. Аз ҷиҳати пайдоиш ба монандӣ воҳидҳои луғавии ***айаш, қайни, огай,*** ки аз ҷиҳти сохт содаанд, аммо дар бисёр мавриди серистеъмолӣ пайдо намуда, шакли мураккабро мегиранд. Дар якҷоягӣ онҳо метавонанд бо тариқи пайваст шудани шакли умумии калима ба калимаҳои ҳархелаи тоҷикию туркӣ калимаҳои тоза сохта шуда, ки бе шак мазмуни вожаи дигарро ифода мекунанд ва аз қолабҳои гуногун иборат мебошанд. Намуна: ***айаш-эне, қайн-эне, огой-ата*** дар қолаби исму исм сохта шудаанд.

Ин калимаҳои мураккаб аз ду калимаи туркӣ – қирғизӣ ба вуҷуд омада, бо роҳи хешовандӣ пайваст шуда, бо ин восита вожаҳои аҳди никоҳӣ тавлид мешаванд:

1. ***Қайниҷурт*** – ақрабои завҷа ва шавҳар*;* ***қайинсинди*** – хоҳари домод, ***қайнаға*** – бародарарӯс ё бародаршӯй*,* ***келин*** – зани фарзанд, ***қайни*** – бародари шавҳар ё зан, ***қайнене*** – модари шавҳар ё зан, ***қайсангъл*** – хоҳарии арӯс, ***огойбалла*** – писарандар, ***огойқъз*** – духтарандар*,* ***огойата*** – падарандар, ***огойэне*** – модарандар.

2. Аз ду калимаи туркӣ-қирғизие, ки оид ба вожаҳои марбут ба рафиқ ё дугона сохта шудааст: ***айашата*** – падари дугона ё рафиқ*,* ***айашсинди*** – хоҳари дугона ё рафиқ*,* ***айашука*** – додари дугона ё рафиқ*,* ***айашқъз*** – духтари дугона ё рафиқ.

Ин вожаҳо фақат дар вақти гуфтори лаҳҷаи қирғизони маҳаллӣ дида мешавад. Тоҷикони ин минтақа ҳангоми муошират дар байни худ яъне дар вақти зарурӣ бо қирғиззабонон аҳён-аҳён аз ин вожаҳо истифода мекунанд.

3. Аз калимаи қирғизӣ ва тоҷикисохташуда: ***айашховар*** – хоҳари дугона ё рафиқ, ***айашдодар*** – *д*одари дугона ё рафиқ, ***угайаво*** – падарандар, ***угайиача*** – модарандар аз зумраи ҳамин гуна калимаҳоянд.

Ҳангоми гуфтор дар гӯйиши сокинони минтақаи лаҳҷаи Лахш ҳамоҳангӣ (параллелизм ё баробаристеъмолии вожаҳои ҳам тоҷикӣ ва ҳам қирғизӣ) тез-тез ба дар гӯйиш бархурдор мегардад: ***ача // эне*** – модар, ***тайже***- хола, ***синди*** **– xowap** – хоҳар, ***ака // awa*** –бародар, ***ата // awo***-*падар* ва мислӣ онҳо.

Дар гӯйиши лаҳҷаи ноҳияи Лахш калимаҳои табу (эвфемизм) истифода ва риоя карда мешавад, ба мислӣ : Занҳои шавҳардор аз рӯзи оила барпо кардан, шавҳари худро баҳри ҳурмат зимни муошират тоҷикзабонон бо истилоҳи ***нову*** ё ***ҳей*** ё ***муйсафед*** ё ***войи кудако*** фарёд мекунанд. Калимаи ***ҳей***- ро ҳарду миллат, яъне тоҷикони қирғизон баробар истифода мебаранд. Барои намуна: *ҳей имрӯз чи авқот кънъм? новъра пърсидъм, гуфтъм, ки бозор ва ачам бърам?- бъгум намундак! ҳози новъ ай пъшти корош рафта бъд мийойа, иқаак авқот кънъм.*

Инчунин, калимаи маъмули серистеъмоли *оқсаққол* дар гуфтори мардуми минтақа ба маъноҳои зерин омада метавонад: муйсафед, калонтар, сардор, корфармо, хостгор, маслиҳатчӣ ва амсоли инҳо.

Дар фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ вожаи "*асақол", ахсақол, охсақол* // **оқсақол**, **авсақол**, ба маънои **хостгор**; **машваратчӣ**, **мушовир** истифода шудааст. 1. *асақол ройи менем, хеш-мун бигира, мийем*; 2. пешта асақол ройи мекардан воре, ҳозир чор кълча ройи мекънан [13, с. 67].

Бар аъло ба мушоҳида мерасад, ҳангоми муошират дар лаҳҷаи ҳарду миллати ноҳияи Лахш, ҳам тоҷикзабонон ва ҳам қириззабонони маҳаллӣ янгаи калонӣ ё домоди калониро дар байни хешовандон зимни муошират *ақсақол* ном мебаранд. Оқсаққол-и келунора кор нафарме, чува-ки ақсаққолай, ай ҳама келуно калунтар-ай!

Хулоса, аз чандсолаҳо ба мо маълум аст, ки бошандагони ноҳияи дурдасти Лахш иборат аз ду халқи бо ҳам дӯсту бародар, тоҷику қирғиз мебошад. Онҳо бо ҳам чанд солҳоро паси сар карда, дар муҳити як минтақа умр ба сар мебаранд. Ҳамшарикию ҳамрафиқии дӯстии онҳо бо мурури вақт пурзур гардида, то ҳатто аз ҷандин санҷишҳои тулонӣ гузашта, онҳоро мисли аъзои як қавму қабила бо ҳам пайванд намуда, пайвандии хешию таборӣ намудааст. Аксарияти оилаҳо бо мурури вақт омехта шуда, ин ду қавм бо ҳар ду забон озодона сухан карда метавонанд, ки дар ин раванд муҳити дузабонии тозаро мушоҳида кардан мумкин аст. Ин сабаб шудааст, ки забонҳои гуфтугӯи ин ду қавми бо ҳам дӯст дар гуфторашон инъикос мегардад. Дӯстии онҳоро пеш аз ҳама дар вақти муошираташон, яъне дар забонашон пай бурдан бар аъло аст. Нагуфта намонад, ки гуфтори онҳо ба талаботи меъёри имлои забони адабии ҳозираи тоҷик мувофиқ буда, вале дар вақти сухан кардан фарқи зиёде доранд. Инчунин аз вожаҳои лаҳҷаи ҳамдигар бе ист, фаровон истифода менамоянд. Бояд тазаккур дод, ки калимаҳои қабилавии лаҳҷаи тоҷикони Лахш бо забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳое, ки дар он минтақа арзи вуҷуд доранд, умумият дошта бошанд ҳам, аксари аз онҳо аз забони туркӣ – қирғизӣ, аз ҷумла, забони қирғизӣ улгу шудаанд. Бо таъсири ҳамдигар тоҷикону қирғизони ҳамзист ё оилаҳои омехта ва ғайра, параллелизм - мувозӣ истеъмолшавии вожаҳои забони якдигар ба мушоҳида мерасанд, ки ин дигаргунӣ аз сифат ё аломат ё хусусиятҳои фарқкунанда аз калимаҳои гуногуни иқтибосшударо дар лаҳҷаи Лахш ифода мекунад.

Адабиёт

1. *Гадоев Н.Лексикаи лаҳҷаи Тагнов. / Н.Гадоев.-Душанбе, 2012. – 208 с.*
2. *Десницкая А. В. Вопросы изучение родства индоевропейских языков / А. В. Десницкая.–М., 1955. – 102 с.*
3. *Зайниддинова З. Терминҳои «падар» ва «модар» дар шеваҳои Ленинободу Конибодом // Масъалаҳои шевашиносии тоҷик / З. Зайниддинова. – Душанбе, Дониш, 1970. – С.189-196.*
4. *Зайниддинова З. Истилоҳи хешутаборӣ // Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ, ҷилди 1/ З.Зайниддинова. – Душанбе: Дониш, 1980. – 204 с.*
5. *Зоитова М. Нақши морфемаи –ӣ дар калимасозӣ (луғати ништафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и С. Айнӣ / М. Зоитова, Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - С. 2021. № 1.-(90).*

6. *Калонова, М. Пажуҳиши луғавӣ – маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV / М. Калонова. - Душанбе, -2024. – 418 с.*
7. *Маҳмудов, М., Ҷӯраев, Ғ. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев. – Масква: Наука, 1964. – 188 с.*
8. *Писарчик А. К. Строительные материалы и конструктивные приёми народных мастеров Ферганской долины в XIX – начало XX в // Труды АН СССР. Новая серия. Среднеазиатский этнографический сборник. / А. К. Писарчик. – Т.1. – М., 1954, - 298 с.*
9. *Раҷабов А. Хусусиятҳои овоӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ: монография / А. Раҷабов. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2026.- 170 с.*
10. *Розенфельд А.З. К терминологии родства и свойства в таджикских говорах // Иранское языкознание / А.З. Розенфельд. - М., 1976. – 200 с.*
11. *Саидова Ҷ.С. Диалектизмҳо ва хусусиятҳои услубии онҳо дар асарҳои Абдулҳамид Самад / Ҷ. С. Саидова (монография). Душанбе, 2024. - 275 с.*
12. *Саймиддинов Д. Номҳои хешовандӣ дар осори замони Сосониён // Мардумгиёҳ / Д. Саймиддинов, 1997. - 201 с.*
13. *Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ . Мураттибон: Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б. / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. - Душанбе: Пайванд, 2012. – 942 с.*
14. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). – М.: Сов. энциклопедия, 1969. – 950 с.*
15. *Холназариён Р. М. Пажуҳиши лингвистии антропонимҳои минтақаи Лахш / Р.М. Холназариён. - Душанбе: Сифат-чоп, 2025. – 168 с.*
16. *Холназаров, Р.М. Таъсирпазирии забони қирғизӣ аз забони тоҷикӣ (дар мисоли маводи антропонимҳои ноҳияи Лахш) / Р.М. Холназаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (силсилаи филологӣ). – 2023. – №3(104). – С. 53-57.*
17. *Хоркашев С. Баррасии лингвистии гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғати лаҳҷа / С. Хоркашев. – Душанбе: Маориф, 2014. – 233 с.*
18. *Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. – Ҷ.1. –Душанбе: Дониш, 1979. – 182 с.*
19. *Ҷӯраев Ғ., Зайниддинова З. Калимаҳои «падар, модар» ва намудҳои гуфтугӯии онҳо // Маориф ва маданият / Ғ. Ҷӯраев, З. Зайниддинова. – 1970. - 27 июн. – 99 с.*

ИСТИЛОҲОТИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ЛАҲҶАИ ЛАХШ

Мақола ба баррасиву таҳлили хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории истилоҳоти хешутаборӣ дар лаҳҷаи минтақаи Лахш бахшида шудааст. Гузаштагони минтақаи Лахш дар лаҳҷаи худ барои ифодаи истилоҳоти хешутаборӣ бисёр мафҳумҳоро истифода кардаанд. Муаллиф воҳидҳои луғавии хешовандиро дар асоси манбаъҳои таърихӣ ва маводи ҷамъоваришуда ба гурӯҳҳои ҳамхун ва ғайриҳамхун, инчунин мувофиқи ҷинсият тасниф намудааст. Дар мақола нақши муҳити дузабонӣ (тоҷикӣ-қирғизӣ) дар шаклгирии таркиби луғавии лаҳҷа ва пайдоиши вожаҳои муштараку мувозӣ (параллелизмҳо) мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст. Инчунин, хусусиятҳои эвфемистиву табу ва одоби муошират бошандагони минтақа зимни муроҷиат ба хешовандон нишон дода шудаанд. Ҳамин тавр, дар вақти тадқиқот маълум гардид, ки истилоҳоти хешутаборӣ, як қисми бунёдии таркиби луғавии лаҳҷаи мавриди таҳқиқ буда, номҳои оилавӣ, авлодӣ, қабилавӣ ва қавмиро дар бар мегиранд ва инчунин, як ҷузъи асосии захираи луғавии ноҳияи Лахш ба шумор мераванд.

Калидвожа: лаҳҷаи Лахш, истилоҳоти хешутаборӣ, вожаҳои ҳамхун ва ғайриҳамхун, дузабонӣ, эвфемизм, лексика, сохтори семантикӣ.

ТЕРМИНОЛОГИЯ РОДСТВА В СЛОВАРНОМ СОСТАВЕ ГОВОРА ЛАХША

Статья посвящена исследованию лексико-семантических и структурных особенностей терминов родства в говоре региона Лахш. Предки населения региона Лахш использовали в своем говоре множество понятий для выражения родственных отношений. Автор классифицирует родственную лексику на основе исторических источников и собранного материала на кровнородственную и некровнородственную, а также по признаку пола. В статье подробно анализируется роль двуязычной среды (таджикско-киргизской) в формировании словарного состава говора и возникновении общих и параллельных слов (параллелизмов). Также освещены эвфемистические и табуированные особенности, а также этикет общения жителей региона при обращении к родственникам. В ходе исследования установлено, что терминология родства является фундаментальной частью словарного состава исследуемого говора, охватывает семейные, родовые и племенные наименования и составляет основу лексического фонда района Лахш.

Ключевые слова: говор Лахша, терминология родства, кровнородственные и некровнородственные слова, двуязычие, эвфемизм, лексика, семантическая структура.

KINSHIP TERMINOLOGY IN THE VOCABULARY OF THE LAKHSH DIALECT

The article is devoted to the study of lexical-semantic and structural features of kinship terminology in the dialect of the Lakhsh region. The ancestors of the population in the Lakhsh region used numerous concepts in their dialect to express kinship relations. Based on historical sources and collected field data, the author classifies kinship units into consanguineous and non-consanguineous groups, as well as by gender features. The paper provides an in-depth analysis of the role of the bilingual environment (Tajik-Kyrgyz) in shaping the lexical composition of the dialect and the emergence of shared and parallel words (parallelisms). Furthermore, euphemistic and taboo features, alongside the communication etiquette of local inhabitants when addressing relatives, are demonstrated. Thus, the research reveals that kinship terminology represents a fundamental component of the studied dialect's vocabulary, encompassing family, lineage, and tribal names, and forms an essential part of the lexical stock of the Lakhsh district.

Keywords: Lakhsh dialect, kinship terminology, consanguineous and non-consanguineous words, bilingualism, euphemism, vocabulary, semantic structure.

Дар бораи муаллиф
Каримова Мастона Дилбаровна
Номзади илмҳои филологӣ , дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
E-mail: mastona1976@mail.ru

About the author
Karimova Mastona Dilbarovna
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Tajik language Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenie, 121
E-mail: mastona1976@mail.ru

Об авторе
Каримова Мастона Дилбаровна
Кандидат филологических наук, доцент общеуниверситетской кафедры таджикского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121
E-mail: mastona1976@mail.ru

ТДУ 811.222.1'373.21

ТАҲҚИҚИ ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВИИ ҶОЙНОМҲО ДАР ОСОРИ ЛУҒАВИИ АСРҲОИ IX-X

Абдусамадзода Э. А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Муқаддима. Шинохи миллат ва арзишҳои миллӣ дар асоси мушаххас кардани симои миллӣ ва далоили таърихӣ дар заминаи омӯзиши таърихи забон, адабиёти пурғановат ва меросии гаронбаҳои хаттии он ба даст меояд. Илми ҷойномшиносӣ ҷузъи ин фарҳангу таърихи пурғаронат маҳсуб ёфта, ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими забоншиносӣ дар шинохти ҳофизаи таърихӣ ва забони миллат шинохта мешавад ва асноди зиндае маҳсуб меёбад, ки дар он асрори пурифтихору фоҷиабори таърихию фарҳангӣ ва иҷтимоию сиёсии мардум ҳифз гардидаанд.

Усулҳои таҳқиқот. Дар ин таҳқиқот ҷойномҳои осори хаттӣ аз «Ҳудуд-ул-олам», «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ, «Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X»-и Нуъмон Неъматов, «Донишномаи Сомониён» (ҷилдҳои 1-2) ва харитаҳои сиёсӣ, таърихӣ ва ҳудудӣ, ки маҷмуан 1185 номгӯйро ташкил медиҳад, бо истифода аз усулҳои таҳлили қиёсӣ-таърихӣ, сохторию этимологӣ ва семантикии ҷойномҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд.

Муҳокима. Дар тағйироти луғавию грамматикии забон арзу шикоятҳои назму наср зиёд аст ва ин раванди тоза набуда, таърихан забонро ҳамраҳ аст. Аз ин рӯ, омӯзишу баррасӣ ва пажуҳиши ҷанбаҳои маъноии калима васеъ буда, масъалаҳои гуногун, монанди сермаъноии калимаҳо, калимаҳои ҳаммаъно, муқобилмаъно, тағйири маъно ва дигар ҷанбаҳои мансуб ба маъноро дар бар мегирад.

Калимаҳо дар қолаб ва маънои ибтидоии худ то охир бетағйир истифода нагардида, баръакс вобаста ба қонуниятҳо ва ҳадисаҳоии дохили забон маънои нав пайдо карда, сермаъно мешаванд, бо маъноҳои ҳамсону ба якдигар наздик муродиф мегарданду бо ҳамшаклӣ ба ҳам омоним мешаванд ва ба ин восила таркиби луғавии забонро ғанӣ мегардонанд.

Аз рӯйи мушоҳидаҳои пажуҳишгарон чунин тағйироту инкишоф ва ташаккули маънои калима бештар дар қисмати таркиби луғавии забон ба вуқуъ мепайвандад, ки бо муҳимтарин равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, адабӣ – фарҳангӣ ва таърихию сиёсии пайванди амиқ дорад.

Забоншиноси варзидаи тоҷик, профессор Б. Камолиддинов бар он назар аст, ки бо гузашти замон маънои баъзе калимаҳо кам ва баъзеи дигар меафзояд, ки ин раванди муваққатӣ набуда, решаи таърихӣ дорад: «Бо мурури замон маъноҳои калимаҳо кам мешаванд ё баръакс, калимаҳо ҷилоҳои тоза ба тоза пайдо мекунанд ва дар ифодаи мафҳумҳои нав мадад мерасонанд» [3, с. 62].

Ҳодисаҳои сермаъноӣ ва кам шудани маъноҳо вобаста ба давраҳои гуногуни таърихӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳамаи хусусиятҳои таркиби луғавии забонро вақте баҳогузорӣ метавон кард, ки калима дар таркиби матн дар алоқамандӣ бо образи матн таҳлил карда шава, зеро дар ҳақиқат матн дар тафсири маънои калима нақши асосӣ дорад ва бидуни ин таҳлил шинохти маънои корбурди калима ғайриимкон мегардад.

Таркиби луғавии забон дар ҳамаи давраҳои мавҷудият ва зуҳури худ марҳилаҳои мушкили рушд ва инкишофро сипарӣ намуда, тӯли чанд асрҳо калимаҳои зиёде бо тағйироти маъноиву фонетикӣ дучор гардиданд, ки маҳсули ин раванд имрӯз бараъло эҳсос мегардад.

Бо гузашти вақт бо сабабҳои қонунмандиҳои дохилии забон яке аз маъноҳои калима боқӣ монда, ҷойи маънои аслии онро маънои ғайриаслӣ (маҷоз) мегирад ва ё маънои дигар касб мекунад. Ҳамин қонуният натанҳо хоси калимаҳои маъмулии забон, балки номҳои хосро низ фаро мегирад. Ин қонунияти рушд ва инкишофи забон, яъне табдили маънои аслӣ ба маҷозӣ ва ё пайдо гардидани маънои нав дар ҷойномшиносӣ (топонимика) зиёд ба чашм мехурад. Ҷойномҳо, ки дар ибтидо ҳамчун калимаи маъмулӣ арзӣ ҳастӣ карда, бо гузашти вақт маънои луғавии худро аз даст дода ва ё маънои иловагӣ пайдо карданд, лекин ба таври ҳатмӣ ба як исми шартии сиёсӣ – таърихӣ ва ё ҳудудӣ, яъне ба ҷойном мубаддал мегарданд. Ҷойномшиноси варзидаи руси муқими Тоҷикистон А.Л. Хромов масъалаи аз маънои

маъмулии луғавӣ ба исми хос, ки баъзан истилоҳоти шартии ҷуғрофӣ ном бурда мешаванд, гузаштани номҳои таърихии тоҷикӣ, дар мисоли ҷойномҳоро пажуҳиш намудааст, ки муҳтавои онро дар як малтабаш чунин шарҳ додааст: «Ҷойномҳо дар аввали пайдоиш ва зуҳури худ дорои маънои луғавӣ буда, хусуситҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ, адабӣ – фарҳангӣ, сиёсӣ – таърихӣ, маъмурию хоҷагидорӣ ва этникии маҳалро ифода мекарданд. Аммо бо гузашти солҳо ва таъсири қонунмандиҳои дохилии забон ин номҳо аз маънои аслии худ дур гардида, номҳои шартии ҳудудию маъмурӣ мегиранд. Дар ин асно маънои аввали онҳо фаромӯш гардида, танҳо вазифаи номгузорӣ ва фарққунонии ҳудудӣ ба зимааш мемонад...» [11, с.48].

Пайдоиши номҳои хос дар заминаи табдили калимаҳои маъмулӣ бо назардошти қонунмандиҳои дохили забон доманаи густариши фарох дорад. Ин раванд дар густариши номҳои хос (антропонимия) низ таъсиргузор аст. Дар ин масир пажуҳишҳои доманадор анҷом дода шудааст. Аз ҷумла, муҳаққиқи тоҷик Р.М. Холназариён дар як матлабаш иброз медорад: «Номи шахс, пеш аз ҳама, дар заминаи калимаҳои муқаррағ (апеллятивҳо) пайдо гардида, бо мурури замон гоҳо алоқаи худро бо асоси пайдоишашон гум карда, ҳамчун аломатҳои номӣ, нишонаҳо боқӣ мемонанд» [10, с. 14].

Дар қабати ҷойномҳои осори таърихии давлатдории Сомониён ҷойномҳои зиёде арзи ҳастӣ доранд, ки бо назардошти гузаштан аз марҳилаҳои таърихӣ аз калимаҳои маъмулӣ ба ҷойном табдил ёфтанд. Мо метавонем, мисолҳои зиёд оварем, ки чӣ гуна як калимаи муъмулии забон хусусияти маъмулии худро бо дигар кардан аз маънои аслӣ дур гардида ба ҷойном табдил ёфтааст. Ҷойноми сермаҳсул ва ҳамзамон барои зеҳнҳо ошно Хуросон, Бухоро, Марв, Балх, Хуросон ва амсоли инҳо далели рушани ин гуфтаҳост. Хуросон дар маънои аслии худ: «Машриқ аст, ки дар муқобили Мағриб бошад» [9].

Хуросон қаламрави васеи таҳти ҳимоя ва идораи Сомониён буд, ки шаҳрҳои азиме чун Мавр, Нишопур, Ҳирот ва ҳудудҳои Мовароуннаҳро дар бар мегирифт. Дар ҳоли ҳозир таҳти номи Хуросон мавзеи ҷуғрофӣ фаҳмида мешавад. Дигар гунаҳои ин ҷойном мисли хуросонӣ (шаҳрванд, сокини Хуросон), мушки хуросонӣ, заъфарони хуросонӣ (мутааллиқ ба Хуросон) ишора ба Хуросон аст. Мисли ин садҳо ҷойноми дигар даврони давлатдории Сомониён, ки сарнавишти ҳамсон доранд, мисол шуда метавонанд.

Чун пажуҳиши мо ба таҳқиқи вижагиҳои луғавии ҷойномҳо дар мисоли осори луғавии асри IX-X бахшида шудааст, ручуъ мекунем ба сарнавишти осори луғавии давр ва рушди луғатнигории тоҷик дар марҳилаҳои таърихӣ ва вазъи омӯзиши онҳо дар шароти феълӣ.

Луғатшиносӣ ё вожашиносӣ як бахши умдаи забон маҳсуб ёфта, дар он вожа ё луғат ҳамчун яке аз воҳиди муҳимми забон мебошад ва ин илм маҳсули як давраи дури таърихӣ маҳсуб меёбад. Луғатшиносӣ илм дар хусуси воҳидҳои луғавӣ – калимаҳо, маъноҳо, манбаъҳои пайдоиш, мавқеъҳои истеъмол ва робитаҳои устувори байниҳамдигарии онҳо аст. Калимаҳо ба гурӯҳи воҳидҳои муҳимтарини забон дохил шуда, масолеҳи асосии бинокории он ба шумор мераванд. Онҳо дар қолабҳои мушаххаси овозӣ ба мазмуни муайяни таърихан шаклгирифта далолат мекунанд. Дар ин бора профессор Ҳомид Маҷидов чунин изҳори андеша кардааст: «Калимаҳо мутобиқи ифодаи анвои мухталифи унсурҳои ҷудогонаи мазмуни худ ба гурӯҳҳои мустақилмаъно ва номустақил ҷудо мешаванд. Агар калима баробари маъноҳои грамматикӣ маънои луғавӣ ҳам дошта бошад, мустақилмаъно аст» [4, с.7].

Масоили муайян кардани вижагиҳои луғавии ҷойномҳои ин ё он минтақаи ҷуғрофӣ ё осори таърихӣ, ҷуғрофӣ мувофиқи вижагиҳои луғавию маъноӣ (лексикӣ-семантикӣ) аз ҷониби муҳаққиқон кайҳо боз мавриди омӯзишу баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар ин бобат лозим мешуморам, ки таълифоти як зумра донишмандону муҳаққиқони ватанию хориҷиро ин ҷо ёдовар шавем, ки эшон роҷеъ ба ин масъала ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ корҳои зиёди муфидеро ба анҷом расонидаанд. Аз ҷумла, рисолаю асарҳои донишмандони номшиноси рус С. Роспонд, В.В. Бартолд, Э.М. Мурзаев, В.А. Никонов, А.В. Суперанская, О.Н. Трубачев, В.Н. Топоров, А.П. Дулзон, Ю.А. Карпенко, Е.М. Поспелов, А.И. Попов, муҳаққиқони ватанӣ А.Л. Хромов, Р.Х. Додихудоев, Н. Офаридаев, А.А. Абдунабиев, С. Сулаймонов, Ш. Исмоилов, Ҷ. Алимӣ, О. Муҳаммадҷонзода, Д.Р. Ҳомидов, Б. Тураев, С. Абодуллоева, Р. Шоев, М. Шодиев, Д. Майнусов, С. Шералиева, Э.А. Абдусамадзода, Ш. Гуламадшоев, Ф. Давлатова, Ҷ. Рустамшо, Ш. Рустамшо, М.Б. Саидов,

Ш. Ҳайбуллоев, М. Қаюмова ва чанде дигаронро зикр намудан айни муддаост, ки бо таҳқиқоту омӯзишҳои пайваста ва арзишманди худ барои рушди номшиносӣ дар ин ҷода хидмати мондагорро ба анҷом расонидаанд. Ҷолиби диққат он аст, ки дастабандии ҷойномҳо аз рӯйи вижагиҳои луғавию маъноиашон дар заминаи маводи топонимии минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон суратгирифта кишварҳои доираи густариши забонҳои эрониро низ қобили қабул донистан мумкин аст. Аз ин рӯ, мо низ ҳангоми дастабандии номвожаҳои ҷуғрофии осори таърихиву ҷуғрофии аҳди давлатдории Сомониён аз таҷрибаи амалию назариявии ин олимони варзида ва бо такмили усулҳои омӯзишу пажуҳиши муосир истифода намудем. Ҳадафи пажуҳиши ин бахши таҳқиқоти мо низ аз таҳқиқу баррасии гурӯҳҳои маъноии ҷойномҳои осори таърихӣ ва ҷуғрофии аҳди Сомониён ва дар ин замина муқаррару муайян сохтани баъзе усулҳои муҳимми номгузории низоми ҷойномҳои осори таърихӣ ва ҷуғрофӣ, муайян намудани мақому ҷойгоҳи ҷойномҳои он дар доираи низоми ҷойномҳои осори таърихӣ ва ҷуғрофии аҳди Сомониён дониста мешавад.

Қабл аз ҳама, таҳқиқу омӯзиши луғавию маъноии номвожаҳои ҷуғрофии осори таърихӣ ва ҷуғрофии аҳди Сомониён баррасии вижагиҳои номгузориро дар осори номбурда тақозо менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми таҳқиқи мавзуи мазкур ду усули муфид мавриди истифода қарор ёфтааст:

Аз рӯйи мавзеъҳои номгузоришаванда бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофиашон номшиноси рус, профессор ҷойномҳоро ба панҷ қабати муайн тасниф намудааст, ки шакли зеринро фаро мегирад:

1) ***кӯҳномҳо (оронимҳо)*** – номи аносири сатҳизаминӣ ва навъу шаклҳои онҳо: кӯҳҳо, қуллаҳо, талу теппаҳо, дашту ҳамвориҳо, нишебу баландиҳо, саҳроҳо, майдонҳо, водиҳо, ағбаҳо ва ғайра;

2) ***обномҳо (гидронимҳо)*** – номи мавзеъҳои марбут ба обу ободонӣ: наҳрҳо, дарёҳо, шохоб, чашмаҳо, ҳавзҳо, баҳрҳо, уқёнусҳо, обанборҳо, ҷӯйҳо ва монанди инҳо;

3) ***гиёҳномҳо (фитонимҳо)*** – номи анвои рустанӣ: наботот, ҷангал - зор, киштзор, марғзор, боғу чаман, дарахту гулзор ва амсоли инҳо;

4) ***нуқоти маскунӣ (ойконимҳо***) – номи маҳаллҳои маскунӣ: кишвару давлат, шаҳрҳо, деҳаҳо, шаҳрак, ноҳия, иқоматгоҳҳо ва ғайра;

5) ***номи кӯча, гузар, майдон, пул (купрук),*** роҳҳои шаҳру деҳот ва ғайра [5, с. 92-93].

Гурӯҳбандии дигар дар пажуҳишҳои номшиносӣ, махсусан таҳқиқоти ҷойномҳо аз руйи таснифоти Э.М. Мурзаев такрор шудааст, ки аз мансубияти номҳо ба исмҳои ҷинс ва антропонимияи муайян сарчашма гирифтааст. Чунин тарзи таснифот дар асос ва заминаи зерин амалӣ гардидааст: 1. Номҳое, ки дар асоси ягон нишона ё аломати замин пайдо гардидаанд; 2. Номҳое, ки дар асоси ягон нишонаи обномҳо (нуқоти обӣ) шакл гирифтаанд; 3. гиёҳномҳо (фитотопонимҳо) – номҳое, ки аз навъҳои гуногуони растаниҳо пайдо гардидаанд; 4. зоотопонимҳо – номҳое, ки дар асос ва заминаи номи ҳайвонот шакл гирифтаанд: 5. номҳои одамон (антропонимия) – номҳои одамон, лақаб, насаб ва тахаллуси одамон; 6. ҷойномҳои истеҳсолӣ – исмҳои ифодакунадаи соҳаҳои хоҷагидорӣ ва мафҳумҳои ба онҳо алоқаманд; 7. номҳои тиҷорию нақлиётӣ – номи роҳҳо, бандарҳо ва дигар мавеъҳои тиҷорию мухобиротӣ; 8. номҳои иҷтимоӣ – номҳои ифодакунандаи сохтори иҷтимоии аҳолӣ; 9. этнотопонимҳо – ҷойномҳои мансуб ба номи ақвому қабилаҳо ва миллату нажодҳо; 10. номвожаҳои идеологии ифодакунандаи мафкуравӣ ва ҷаҳонбинии табақаи ҳукмрон.

Солҳои охир дар топонимика таснифоти номшиноси амрикоӣ Ҷ. Стюарт мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт, ки ба андешаи ӯ чунин навъи таснифот ба мақсад мувофиқ аст: «1. тасвирӣ; ассотсиативӣ; 3. вобаста ба ҳодисаву воқеаҳо; 4. соҳибӣ; 5. ёдгорӣ-хотиравӣ; 6. тавсиявӣ; 7. дорои этимологияи халқӣ; 8. сунъӣ; 9. номҳои иштибоҳӣ (ғалат) ва 10. интиқолӣ (кӯчида)» [7, с. 18-19]. Ба андешаи Ҷ. Стбарт ин тарзи таснифот метавонад тамоми ҷойномҳои кураи заминро бо дарназардошти хусусияти ҷуғрофиашон фаро бигирад. Аммо назари мо ба андешаи Ҷ. Стюарт дар мавриди фарогирии таснифоти эшон тамоми ҷойномҳоро мувофиқ нест, зеро ҷойномҳо маҳсули андеша, ҷанбаҳои хоси этникӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ ва табиии ҳар як минтақа буда, имкон надорад, ки дар қолаби ягона ва як нақшаи воҳиди ҷаҳонӣ ҷой гиранд. Сониан ин ки таснифоти мазкур то андозае ҳамдигарро такрор мекунанд, яъне номҳои интиқолӣ (кӯчида) дар ҳоли ҳозир метавонанд табиати тасвирӣ, ёдгорӣ – хотиравӣ, тавсиявӣ ва ғайраро дошта бошанд.

Усули дигари таснифоти ҷойномҳо ба мансубияти забонии онҳо такя мекунад. Мувофиқи талаботи ин усул ҷойномҳо вобаста ба инъикоси хусусиятҳои ин ё он забон ба қабатҳои муайян, аз ҷумла забонҳои эронӣ (тоҷикӣ, суғдӣ, бохтарӣ ва помирӣ), туркӣ (ӯзбакӣ, қирғизӣ, туркманӣ, қазоқӣ) ва славянӣ (русӣ, украинӣ, белорусӣ, балғорӣ) тақсим мешаванд.

Дар миёни навъҳои шинохташудаи таснифоти ҷойномҳо гурӯҳбандии сохторию грамматикии муҳаққиқи рус, профессор С. Распонд бештар маъмул аст. Таснифоти мавриди назар таснифоти зеринро фаро мегирад: «1. Номҳои соддае, ки бе формант мебошанд; 2. Номҳое, ки тавассути вандҳои (пешвандҳову пасвандҳо) калимасозӣ сохта шудаанд; 3. Номҳои таркибӣ» [6, с.17].

Ҳамчунин дар илми ҷойномшиносӣ таснифоти А.В. Суперанская низ шуҳрат дорад, ки онро дар заминаи омӯзиши ҷойномҳои русӣ пешниҳод кардааст. Муҳаққиқ ҷойномҳоро аз рӯйи хусусиятҳои грамматикиашон ба ду гурӯҳ тасниф намудааст: «1. Топоним – исмҳо: ин гурӯҳ омилҳои сохтории гуногунро фаро гирифта метавонад: сода (бе пешванду пасвандҳо), сохта (бо ёрии пешванду пасвандҳо), генетивӣ (ҷойномҳое, ки ҷузъи асосиашон исм аст) ва ҷойномҳои мураккаб; 2. Топоним – сифатҳо: ин гурӯҳи ҷойномҳо содаву мураккаб, инчунин таркибҳои адъективӣ (топоним-таркибҳое, ки ҷузъи асосиашон сифат аст) дохил мешаванд» [8, с. 116-117].

Забоншиноси рус, муҳаққиқи ҷойномҳои Сибири Россия И.А. Воробеева қалабҳои зерини таҳлили сохторию грамматикӣ ва калимасозиро муайяну муқаррар намудааст, ки чунин тартиб дорад: «1. Навъи ванддор – ҷойномҳои анҷомадор», 2. Навъи беванд – ҷойномҳои бе форманти топонимӣ шаклгирифта, 3. Ҷойномҳои мураккаб; 4. Ҷойномҳои таркибӣ (ҷойном-ибораҳо), 5. Конструксияҳои ҷумлавӣ (ҷойномҳое, ки дар асоси як ҷумла ё қисм он шакл гирифтаанд)» [1, с.82-84].

Гурӯҳбандии маводи ҷойномҳои манотиқи алоҳидаи Тоҷикистон, ки бо усули таҳлили сохторӣ – калимасозӣ таҳқиқ шудаанд, дар пажуҳишҳои номшиносони кишвар А.Л. Хромов, Р.Х. Додихудоев, Н. Офаридаев, А.А. Абдунабиев, С. Сулаймонов, Ш. Исмоилов, Ҷ. Алимӣ, О. Муҳаммадҷонзода, Д.Р. Ҳомидов, Б. Тураев, С. Абодуллоева, Р. Шоев, М. Шодиев, С. Шералиева, Э.А. Абдусамадзода, Ш. Гуламадшоев, Ф. Давлатова, Ҷ. Рустамшо, Ш. Рустамшо, М.Б. Саидов, Ш. Ҳайбуллоев, М. Қаюмова ва чанде дигарон ҷой доранд.

Пажуҳишҳои А.Л. Хромов, ки ҷойномҳои водии Яғнобро ба риштаи таҳқиқи кашида, маводи топонимии объекти пажуҳишии худро ба навъҳои қабатҳои топонимӣ ҷудо намудааст: «1. Асос – исм, бе ягон ваоситаи (унсури) иловагӣ, 2. Ҷойномҳои таркибӣ, 3. Ҷойном - ибораҳо» [12, с.92].

Р.Х. Додихудоев маводи ҷойномҳои Помири Ғарбиро ба риштаи таҳқиқ кашида, натиҷаи пажуҳишҳои ӯ чунин формантҳои ҷойномсозро ба ҷо гузошт: «1. Формантҳое, ки аз суффиксҳо (формантҳо)-и қадима шакл гирифтаанд, 2. Формантҳое, ки маънии луғавиашон тавассути таҳлили семантикии мавод маълум карда мешаванд, 3. Формантҳое, ки маънии луғавиашон фаромӯш нашуда, ҳамчун калимаҳои маъмулӣ ва ё мафҳуми топонимии сарнавишташон номаълум гурӯҳбандӣ мешаванд» [2, с. 30].

Ҷойномҳои давлати Сомониён, ки барои пажаҳиш аз осори дар давраи Сомониён таълифгардида монанди «Ҳудуд-ул-олам», «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ, «Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X»-и Нуъмон Неъматов, «Донишномаи Сомониён» (ҷилдҳои 1-2) ва харитаҳои сиёсӣ, таърихӣ ва ҳудудӣ ҷамъоварӣ гардидааст, ки дар маҷмуъ 1185 номгӯйро ташкил медиҳад.

Маводи топонимии давлати Сомониён аз ҷиҳати сохту таркиб ва ҷанбаҳои калимасозӣ ба навъҳо ва қолабҳои гуногун ҷудо мешаванд. Аз ҷиҳати таърихи пайдоиш ва мансубияти забонӣ маводи ҷойномии мавриди таҳқиқ ба қабати аслан тоҷикӣ (иронӣ), туркӣ-муғулӣ, субстрат ва ҷойномҳои баромадашон номаълум тасниф мешаванд, ки қобили таваҷҷуҳанд.

Бояд зикр намуд, ки дастабандии ҷойномҳо аз ҷониби муҳаққиқи варзидаи номшинос Э.М. Мурзаев дар заминаи асару рисолаҳои таҳқиқотии А.М. Селищев, В. Ташицкий, Ф. Миклошич, В. Мука, П. Скок, Н. Ковачев, Ю.А. Карпенко, Н.В. Подольская, Р.А. Агаева, Ю.С. Азарх, В.А. Жучкевич ва дигарон сурат гирифтааст. Ҳамчунин дар мақолаҳои Е.Л. Любимова, Л.Н. Трубе, И.Г. Добродомов, ки дар маҷмуаҳои дастҷамъӣ «Истилоҳоти

ҷуғрофии маҳал», «Топонимияи Русияи марказӣ» ва «Муҳити ҷуғрофӣ ва номҳои ҷуғрофӣ» ба чоп расидаанд, низ ба ин масъала махсус таваҷҷуҳ карда шудааст.

Воқеан, дар забоншиносии тоҷик низ вобаста ба тақсимбандии маъноии ҷойномҳои манотиқи алоҳидаи Тоҷикистон солҳои охир як қатор дастовардҳои хубро мушоҳида намудан мумкин аст. Дар ин ҷода таснифи ҷойномҳои маҳалҳои ҷанубии Тоҷикистон аз ҷониби муҳаққиқони номшинос Р.Х. Додихудоев, Ҷ. Алимӣ, Н. Офаридаев, Ш. Исмоилов, О. Муҳаммадҷонзода, А. Насриддиншоев, қисмати марказӣ ва шимолӣ А.Л. Хромов, А. Абдунабиев, Д. Ҳомидов, Б. Тураев ва ғайраро зикр намудан ба маврид аст. Маводи топонимии осори таърихӣ ва ҷуғрофии аҳди Сомониён аз нигоҳи маъно ва сохтор ҷолибу риқатовар буда, дар ифодаи номи маҳаллоти маскунӣ, кӯҳу камар, дарёву дарёчаҳо, ҷӯю чашмаҳо, дашту дамон, талу теппа, шебу фароз, ғору дараҳои хурду калон, дижу қалъаҳо, деҳкада ва амсоли инҳо истифода мешавад. Ҳамин падидаи топонимӣ моро водор сохт, ки ҷойномҳои осори таърихӣ ва ҷуғрофии аҳди Сомониёнро ба таври зерин дастабандӣ кунем:

1. Номи нуқоти маскунӣ:

1.1. Номи вилоят: *Авосим, Бағлон / Бекбонул, Варомин, Душӣ, Зобулистон / Зобул / Ҷобулистон, Илок / Айлоқ, Кашкрӯд / Кабашкрӯд / Кашк / Канакрӯ, Орхон, Раққа, Рушон, Шуғнон ва ғайра.*

1.2. Номи ноҳия: *Алиобод, Арғин, Ашт, Бадҳа, Вишгирд / Вашгирд / Бишкард / Висагирд / Вишҷирд / Вошгирд / Вошҷирд, Ғӯр, Монишон, Сурӯшана, Тамарон, Тамозон, Тӯс, Файзобод, Ҷуҳудон, Шақния / Шикинон / Шиқинон, Шарвин, Элоқ, Фарғона ва Асбара/Асп ва ғайра.*

1.3. Номи шаҳру шаҳрак: а) номи шаҳр: *Абал, Абарвиз, Ванкат, Вахш, Ғазнин, Ғиждувон, Исфароин / Испароин / Сафароин / Сабароин / Исфаройинӣ, Исфаҳон / Асбаҳон/ Асфоҳон/ Гобиён/ Гобийа/ Исбаҳон/ Исбоҳон / Испаҳон / Исфоҳон / Сипоҳон / Сифоҳон ва амсоли инҳо.*

б) номи шаҳрак: *Абрадкас, Базрак, Байзо, Баҳманобод, Вағкас / Фаъкат / Фағкас / Фағкат, Вулошгирд, Деҳак, Куваристон, Кӯкас, Кӯмин, Кундар, Кундарум, Кутмайдон, Кӯҳак ва амсоли инҳо.*

Дар байни ин ҷойномҳо мавзеъҳое ҳастанд, ки бо анҷомаҳои таърихии *-kat, -kas, -jand, -ganj* ва амсоли инҳо шакл гирифтаанд, ки чанд намуна доир ба ин ҷойномҳо меоварем:

-kand/-kant/-kan/-kat: *Араскан, Адрасканд, Ардалонкат, Ахсикат, Хашкат, Хушекат, Ахшикат, Ахсикант, Байканд, Байкант, Боканд, Пайкан / Пайканд, Ядухкат, Бинкат, Байкат, Банокат, Фанокат, Фанокант, Банункат, Бунҷикат, Лутҳакат, Нумиҷкат, Пунҷикат, Вобкан, Вобканд, Войкат, Вайкат, Ронкат, Канд* ва амсоли инҳо;

-kas: *Ардалонкас, Ахсикас, Аммохискас, Байкас, Бинкас, Найкас, Бинокас, Банҷикас, Бунҷикас, Бамҷкас, Банҷкас, Нунҷикас, Панҷикас, Вонкас, Воткас ва амсоли инҳо;*

-jand/-jan: *Ғарҷанд, Гарҷанд,Иштиҷан ва амсоли инҳо;*

-gand/-ganj: *Ғарҷанд, Гарҷанд, Гурнгонҷ / Курконҷ / Ҷурҷония / Гурганҷ / Урганҷ ва амсоли инҳо;*

-iston: *Деҳистон / Даҳистон /Деҳистони Сосар ва амсоли инҳо.*

1.4. Номи деҳа, русто, қария, маҳалла, ободӣ ва воҳа:

а) деҳномҳо: *Азруҳ, Андароб, Баранг, Вардӣ, Ганҷобод, Заркан, Захкас, Рамиш, Сангбун, Новона, Санҷар, Фарғидод, Фотиқ, Фурнобод, Хартанг, Хунбун, Ҳафтдеҳ, Чарак, Шарг, Шоҳанд, Шоҳбахш* ва амсоли инҳо;

б) рустономҳо: *Зармитан, Марзбон, Масхо / Масҳо, Миёнарӯд, Норин, Рахон, Сабот, Суфну, Тававис, Тароб, Тубкор, Турмукан, Бовард, Дигаркард, Ёркат / Ёркас* ва амсоли инҳо;

в) қарияномҳо: *Қатавон, Банҷ, Санобод / Базраа / Масқаб, Худиманкан, Хурмайсан / Хурмитан / Хуршедмиҳан, Ҳарист, Ҳосбод / Ҳабсобод, Чишт / Чашт, Суйдак, Сумитан / Сақмитан / Сакмитан, Шиблия / Шибла ва амсоли инҳо;*

г) номвожаҳои гуногунқишр: *Амдизӣ / Амдиза (маҳалла), Бовард (деҳкада), Ишилодашт (маҳалла), Зармитан (деҳкада), Солус / Солусукат / Солуш / Ҷолус / Чолус / Шолус (ободӣ), Суйдак (деҳкада), Сумитан /Сақмитан / Сакмитан (макон, сукунатгоҳ), Хайбар (воҳа, ободӣ), Хайробод / Фороб (маҳалла), Ҷовгон (маҳалла),Ҷолиқ / Жолиқ / Золиқ / Солиқ / Солиқон / Ҷолиқон (қасаба), Шамсобод (ободӣ) ва амсоли инҳо.*

1.5. Номи дижҳо: *Аламут / Рӯдбори Аламут, Арок, Гардез / Ҷардиз, Табарак, Гяур, Дарак, Калот, Кофирқалъа, Муғқалъа, Овоза ва амсоли инҳо.*

1.6. Номи масҷидҳо: *Қубои Мадина, Масҷиди Моҳ, Масҷиди бани Саъд, Масҷиди бани Ҳазала, Масҷиди Қурайшиён, Масҷиди Мағок, Қубой, Фарғона / Кува, Навбаҳори Балх ва амсоли инҳо.*

2. Обномҳои осори таърихӣ ва ҷуғрофӣ:

а) номи рӯдҳо: *Ахшуд, Байконрӯд, Бораст, Вахшоб, Таом / Харбор, Харқонрӯд / Харғонрӯд, Харноб / Хартоб, Хач, Ховок, Ҳиранд, Ниҳомрӯд / Ниҳрӯд, Ови Хитфар, Сардоба, иншооти об, Фаровез-ул-суфло, Фаровез-ул-улё, Хазар ва амсоли инҳо;*

б) баҳр: *баҳри Порс, дарёи Миёназамин;*

в) номи мавзеъҳои хурди обномҳо: *Баркӣ / Каркӣ / Маркӣ, Гозурон / Наҳр-ул-Қасори / Наҳра-л-Қассобин / Намадмолон / Қашқадарё, дари Бозор, Зар / Рӯди Бухоро / Шаҳрӯд ва амсоли инҳо;*

г) номи кӯлу корезҳо: *Искандаркӯл, Кайфар, Корез, Қарокӯл, Мосиф, Навканд / Навканда, Наҳрбанди амир / Балхоб / Наҳри Балх, Наҳри Бухоро, Ҷан/Ҷӣ, Ҷӯйбор, Шопурком / Шофурком / Шофирком / Шофриком, Юн ва амсоли инҳо.*

3. Номи кӯҳ, дара ва пуштаҳо: *Бузғолахона, Вахон, Куғнобод/Кӯҳи Ғанобод, Куфиҷ, Ласомалаъ, Муғтеппа, Сиём / Саём / Бушом, Сом / Саном, Урзя, Уҳуд, Хома, Ҷағроқ, Чупонота, Шамом* ва амсоли инҳо.

4. Номи дарвозаҳо: *Бористон, Ғанчара, Истирис, Кон, Куҳан, Мино, Нав, Навхик, Нешак, Рӯйгарон, Таом, Шерак, Шуайб* ва амсоли инҳо.

5. Номи мавзеъҳои гуногунқишр: *Авшар, Азрабиҷон, Аранҷ, Арзанкора, Баваҳкат, Беган, Вакр, Варка, Гахуштувон, Гаҳнат, Кабудон, Самғор, Санҷарфағон, Саҳор, Тисхан, Ҳайтал, Ҳуршаб, Ҷигил / Ҷидгил, Ҷоҷрӯд / Китобдарё, Шороб в*а амсоли инҳо.

6. Ҷойномҳои омехта: *Анҷила (макони сукунат), Арон (макон), Бодғис (вилоят), Бозори Писташиканон (бозор), Бозори Харқон (бозор), Гиҷиген (водӣ), Гозур (саҳро), Ғуруқ / Қуруқ (чарогоҳ), Даштак (саҳро), Мингурюк (хароба), Работ / Рибат (меҳмонхона), Регистон (майдон), Сиффин (макони муҳориба), Тоқ (II–ҳисор), Ҷибол / Иёлати Ҷибол / Ироқи Аҷам / Кӯҳистон/Ҷабал (минтақаи пурвусъат), Шуллктеппа (хароба)* ва амсоли инҳо.

Хулоса. Дар мақолаи мазкур вижагиҳои луғавии ҷойномҳои осори ҷуғрофӣ ва таърихии аҳди Сомониён мавриди баррасӣ қарор гирифтанд ва маълум гардид, ки дар луғатшиносӣ ё вожашиносии забони адабии тоҷикӣ номвожаҳо мавқеи муҳимро касб карда, дорои маъноҳои муайяни мафҳумӣ ва ашёиро дороянд. Масъалаи муайяни вижагиҳои луғавии ҷойномҳои ин ё он минтақаи ҷуғрофӣ ё осори таърихӣ – ҷуғрофӣ мувофиқи вижагиҳои луғавию маъноӣ (лексикӣ ва семантикӣ) аз ҷониби муҳаққиқон кайҳо боз мавриди омӯзишу баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Маҳз дар такя ба ҳамин пажуҳишҳо ва дар асоси тавсияҳои эшон мо низ ҷойномҳои осори таърихию ҷуғрофии асрҳои IX-X-ро баррасӣ намудем ва кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки дар пажуҳишҳои оянда паҳлуҳои дигари ин уабати онимиро мавриди баррасии амиқ қарор бидиҳем.

Адабиёт

1. *Воробьёва, И.А. Топонимика Западной Сибири / И.А. Воробьёва [Текст]. – Томск: «Изд. Томского унверситета», 1977. – 152 с.*
2. *Додихудоев, Р.Х. Памирская топонимика (в свете историко-сравнительного изучения памирских языков) / Р.Х. Додихудоев [Текст]. – Душанбе: «Дониш», 1975. – 128с.*
3. *Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов [Матн]. – Душанбе: «Ирфон», 1967. – 186 с.*
4. *Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ. Ҷ.1./Ҳ. Маҷидов [Матн]. – Душанбе: «Адиб», 2007. – 244 с.*
5. *Мурзаев, Э.М. География и названиях / Э.М. Мурзаев [Текст]. – М.: «Наука», 1982. – 168 с.*
6. *Роспонд, С. Структура грамматическая географических названий / С. Роспонд [Текст]. – Москва: Изд. АН СССР, 1961. – 524с.*
7. *Стюарт, Ҷ.Р. Номҳо дар рӯйи замин (Name on the Globe)/Ҷ.Р. Стюарт [Матн]. – Ню-Йорк: Нашриёти Донишгоҳи Оксфорд, 1975. – 411с.*
8. *Суперанская, А.В. Теория и методика топонимического анализа/А.В. Суперанская [Текст]. – Москва: «Наука», 1984. – 176 с.*

9. *Тороnомаи Вожаҷӯ [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://vazhaju.tj/search/%D0%A5%D1%83%D1%80%D0%BE%D1%81%D0%BE%D0%BD (санаи мурочиат: 19.07.2026)*
10. *Холназариён, Р.М. Нақши номвожаҳо дар инкишофи забон [Матн] / Р.М. Холназариён // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2026. – №3(122). – С.13-17.*
11. *Хромов, А.Л. О структурных особенностях топонимии Мавераннахра в период IX-XIII вв. / А.Л. Хромов [Текст]. – Душанбе: «Шуҷоиён», 2010. – 173с.*
12. *Хромов, А.Л. Состояние и задачи топонимических исследований в Таджикистане / А.Л. Хромов [Текст]. – ВЯ, 1977, №4. – С. 125-130.*

ТАҲҚИҚИ ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВИИ ҶОЙНОМҲО ДАР ОСОРИ ЛУҒАВИИ АСРҲОИ IX-X

Дар мақола раванди рушду ташаккул ва дигаргуниҳои луғавию граматикии забони тоҷикӣ дар заминаи омӯзиши ҷойномҳои осори луғавию таърихии асрҳои IX-X, ки ба давраи салтанати Сомониён мутааллиқ мебошад, таҳқиқ гардидааст. Муаллифи мақола иброз медорад, ки калимаҳо бо таъсиргузории қонуниятҳои дохилии забон дар давраҳои рушду ташаккули худ маънои худро иваз карда, маънои нав пайдо мекунанд, ҳамзамон ҳолати худро аз калимаҳои маъмулӣ ба исми хоси ҷуғрофӣ (ҷойном) иваз мекунанд. Мақола дар заминаи назарияи забоншиносони ватаниву хоричӣ, аз қабили Э.М. Мурзаев, А.В. Суперанская, С. Распонд, А.Л. Хромов, Р.Х. Додихудоев, О. Муҳаммадҷонзода, Д.Р. Ҳомидов, Б. Тураев, С. Абодуллоева, М. Шодиев, Ш. Гуламадшоев ва амсоли инҳо таҳқиқ гардида, муқоисаи пажуҳишҳои анҷомдодаи ин муҳаққиқон бо таҳқиқоти мо сурат гирифтааст. Дар мақола зимни таҳқиқ маводи мавриди пажуҳиш аз рӯйи сохтор тасниф гардида, мувофиқи хусусиятҳои ҷуғрофиашон ба қабатҳои нуқоти маскунӣ (иборат аз номи вилоят, ноҳия, шаҳру шаҳрак, рустономҳо, қарияномҳо, номвожаҳои гуногунқишр, номи дижҳо, масҷидҳо, обномҳо (иборат аз номи рӯдҳо, баҳрҳо, мавзеъҳои хурди обӣ, кӯлу корезҳо), номи кӯҳ, дара ва пуштаҳо, номи дарвозаҳо, номи мавзеъҳои гуногунқишр ва ҷойномҳои омехта ҷудо карда шудаанд. Ҳамчунин формантҳои ҷойномсози таърихии -kat, -kas, -jand, -gand, -iston низ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, нақши онҳо дар ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ, махсусан фонди асосии забони тоҷикӣ нишони дода шудааст.

Калидвожаҳо: вижагиҳои луғавӣ, таҳқиқи забоншиносӣ, фаормантҳои ҷойномсоз, давлатдории Сомониён, таркиби луғавӣ, фонди асосӣ, табдили маъно, таснифоти ҷойномҳо, осори луғавии асрҳои IX-X.

ИССЛЕДОВАНИЕ ОСОБЕННОСТЕЙ ЛЕКСИКИ ТОПОНИМОВ В ЛЕКСИЧЕСКИХ ПРОИЗВЕДАНИЯХ IX-X ВЕКОВ

В настоящей статье на основе изучения топонимов лексико-исторических произведений IX-X веков**,** относящихся к династии Саманидов, исследованы процесс развития, формирования и лексико-грамматических изменений таджикского языка. Автор статьи утверждает, что слова под влиянием внутренних законов языка в ходе своего развития и формирования меняя свое значение, приобретают новые значения, также меняют свое положение, переходя от статуса обще употребляемого к нарицательным географическим существительным (топонимов). Статья составлена на основе теорий выдающихся отечественных и зарубежных лингвистов, таких как Э.М. Мурзаев, А.В. Суперанская, С. Распонд, А.Л. Хромов, Р.Х. Додихудоев, О. Мухаммадджонзода, Д.Р. Хомидов, Б. Тураев, С. Абодуллоева, М. Шодиев, Ш. Гуламадшоев и др., с учетом сопоставления идей и взглядов данных исследователей. В статье в ходе исследования рассматриваемый материал был классифицирован по структуре и согласно географических особенностей разделен на слои населенных пунктов (состоящих из названий областей, районов, городов и поселков, названий сел, деревень, многослойных топонимов, крепостей, мечетей, водных местностей (состоящих из названий рек, морей, малых водных мест, названий озер и водохранилищ), названий гор, ущелий и хребтов, названий ворот, названий многослойных мест и мешанных топонимов). Также в статье были рассмотрены исторические топонимические форманты -kat, -kas, -jand, -gand, -iston, показан их роль в обогащении лексического состава, особенно основного фонда таджикского языка.

Ключевые слова: лексические особенности, лингвистическое исследование, топонимические форманты, топоним, государственность Саманидов, лексический состав, основной фонд, трансформация значения, классификация топонимов, лексические произведения IX-X веков.

A STUDY OF THE FEATURES OF THE VOCABULARY OF TOPONYMS IN LEXICAL WORKS OF THE 9TH-10TH CENTURIES

This article examines the development, formation, and lexical and grammatical changes of the Tajik language based on a study of toponyms in lexical and historical works of the 9th-10th centuries relating to the Samanid dynasty. The author argues that, under the influence of the internal laws of language, words change their meanings during their development and formation, acquiring new meanings and also changing their status, moving from the status of commonly used to that of common geographical nouns (toponyms).

The article draws on the theories of prominent Russian and foreign linguists, such as E.M. Murzaev, A.V. Superanskaya, S. Raspond, A.L. Khromov, R.Kh. Dodikhudoev, O. Muhammaddzhonzoda, and D.R. Khomidov, B. Turaev, S. Abodullova, M. Shodiev, Sh. Gulamadshoev, and others, taking into account the comparison of the ideas and views of these researchers. In the article, the research material was classified by structure and, according to geographical features, divided into layers of settlements (consisting of the names of regions, districts, cities and towns, names of villages, hamlets, multi-layered toponyms, fortresses, mosques, bodies of water (consisting of the names of rivers, seas, small bodies of water, names of lakes and reservoirs), names of mountains, gorges and ridges, names of gates, names of multi-layered places, and mixed toponyms). The article also examined the historical toponymic formants -kat, -kas, -jand, -gand, -iston, demonstrating their role in enriching the lexical composition, especially the core vocabulary of the Tajik language.

Keywords: lexical features, linguistic research, toponymic formants, toponyms, Samanid statehood, lexical composition, main fund, transformation of meaning, classification of toponyms, lexical works of the 9th-10th centuries.

Дар бораи муаллиф
Абдусамадзода Эрач Абдусамад
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16

Об авторе
Абдусамадзода Эрадж Абдусамад
Кандидат филологических наук, доцент кафедры языкознания и история языка Кулябский государственный университет им. Абуабдуллох Рудаки
734025, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафаров, 16

About the author
Abdusamadzoda Eraj Abdusamad
Candidate of philology, associate professor of the department of linguistics and history of the language
Kulob State University named after A. Rudaki
734025, Republic of Tajikistan, Kulyab, st. S. Safarov, 16

ТДУ 82.081

ОМӮЗИШИ ДУШВОРИҲОИ ТАРҶУМАИ АНВОИ ГУНОГУНИ МАТНҲО ДАР ЗАМИНАИ ТАҲҚИҚОТИ МУОСИР

Бобоалиева З. П.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муқаддима. Дар қарни XX яке аз самтҳои муҳимми тарҷумашиносӣ матншиносӣ ба ҳисоб рафта, дар он масъалаи таснифи матнҳо барои интихоби усули дурусти тарҷума аҳаммияти махсус пайдо кард. Дар ин самт тарҷумашинос К. Райс матнҳоро аз рӯи вазифаи иртиботӣ ба се навъи асосӣ-иттилоотӣ, ифоданокӣ (экспрессивӣ) ва ҳидояткунанда (оперативӣ) ҷудо намуда, нишон медиҳад, ки ҳар яке аз ин навъҳо стратегияи махсуси тарҷумаро талаб мекунанд, зеро ҳадафи иртиботии матн дар маркази раванди тарҷума қарор дорад [16, с. 79]. Дар идомаи ин раванд, И. С. Алексеева ин таснифро такмил дода, навъи чоруми матнҳои омехтаро илова мекунад, ки дар онҳо хусусиятҳои якчанд услуби вазифавӣ якҷоя амал мекунанд ва ин ҳолат мушкилии интихоби муодили дақиқро дар тарҷума зиёд мекунад [1, с. 27]. Аз ин лиҳоз, таҳлили навъи матн барои тарҷумон ҳамчун марҳилаи ибтидоӣ ва ҳалкунанда дар раванди тарҷума ҳисобида мешавад.

Дар баробари ин, В. Н. Комиссаров масъалаи матнро аз нуқтаи назари тарҷумаи муодилнокӣ баррасӣ намуда, таъкид мекунад, ки сатҳи муодилият на танҳо аз воҳидҳои забонӣ, балки аз вазифаи иртиботӣ ва жанри матн вобаста мебошад [8, с. 193].

Дар пажӯҳишҳои муосири тарҷумашиносӣ матн ҳамчун воҳиди асосии таҳлил баррасӣ шуда, таснифи он барои таъмини дақиқӣ ва функсионалии тарҷума аҳаммияти калидӣ дорад.

Бо ҳамин мақсад дар ин мақола мекӯшем перомуни тарҷумаи матнҳои бадеӣ-осори адабиёти кӯдак ва мушиколоту хусусиятҳои он дар тарҷумашиносии муосир таҳқиқот анҷом диҳем.

Маводҳо ва методҳо. Дар рафти нигоштани мақолаи илмии худ мо аз маҷмуи методҳои илмӣ-амалӣ истифода намудем, ки ҳар кадоми онҳо ҷанбаи муайяни муносибати матни мабдаъ ва матни мақсадро муайян менамоянд. Масалан, методи муқоисавӣ (контрастивӣ) ба воситаи ин усул воҳидҳои забонӣ дар забони асл ва забони мақсад аз ҷиҳати лексикӣ, грамматикӣ ва услубӣ муқоиса карда шуд. Методи семантикиро барои таҳлили дақиқи интиқоли маъно ва муайян намудани ҳолатҳои тағйир, илова ё гумшавии маъно истифода намудем. Методҳои лексикӣ-стилистикӣ ва грамматикиро бошад, барои баррасии интихоби вожаҳо, таркиби ҷумла ва воситаҳои услубии матн кор гирифтем. Ҳамзамон, методи функсионалӣ-иртиботиро, ки дараҷаи баробарии таъсири иртиботии матни асл ва тарҷумаро муайян менамоянд, истифода шуд. Ҳамин тавр, истифодаи маҷмуи ин методҳо заминаи илмии боэътимодро барои таҳлили ҳамаҷонибаи сифати тарҷумаи асари мазкур фароҳам овард.

Муҳокима. Дар замони Шуравӣ қисмате аз фароянди тарҷумаи бадеии тоҷик намунаи адабиёти ҷаҳон барои атфол ба шумор мерафт. Дар ин мавриди мунаққиди рус Ирина Николаевна Арзамасева, ки матнҳои барои кӯдакону наврасон эҷодшударо мавриди пажӯҳиши густурдаи худ қарор дода будааст, се навъи матнҳоро пешниҳод мекунад: 1. Барои кӯдакон офарида шудааст; 2. Барои бузургсолон навишта шудааст, аммо онро кӯдакон мехонанд; 3. Аз ҷониби кӯдакон эҷод шудааст [2, с. 19-20]. Аз ин се табақабандӣ аввалиро метавон «адабиёти кӯдак» номид, зеро адибон осори худро махсусан барои ҳамин қишри ҷомеа таҳия менамоянд.

Мутарҷимони тоҷик аз табақабандии И. Н. Арзамасева, ду навъи матнҳоро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардаанд:

1. Барои кӯдакон офарида шудааст: «Саргузашти Мюнҳаузен»-и Р. Э. Распе, Л. Кэролл «Алиса дар ҷазираи мӯъҷизаҳо», Марк Твен «Саргузашти Том Сойер», «Саргузашти Ҷим»-и Ҷеймс Гринвуд ва ғайра.

2. Барои бузургсолон навишта шудааст, аммо онро кӯдакон мехонанд: Асарҳои «Робинзон Крузо»-и Даниел Дефо, «Саргузашти Гулливер»-и Ҷонатан Свифт, «Саргузашти Чипполино»-и Ҷ. Родари, «Дон Кихот»-и Мигел де Сервантес, «Ғурмагас»-и Этел Лилан Войнич, «Савораи бесар»-и Майн Рид, «Чаманоро»-и Рашид Нури ва ғайра.

Ин тамоюл дар саросари фазои тарҷумаи бадеии замони шӯравӣ ҳукмрон будааст, ки онро ҳатто дар донишномаҳо низ шарҳ додаанд: «Бахше аз адабиёти кӯдакон шомили осоре аст, ки барои бузургсолон навишта шудааст: «Робинзон Крузо»-и Д. Дефо, «Саёҳати Гулливер»-и Ҷ. Свифт, романҳои А. Дюма, Ч. Диккенс, В. Гюго, «Каштанка»-и А. П. Чехов ва ғайра».

Дар ин давра мутарҷимони тоҷик ба тарҷумаю тадвини матнҳои бадеие, ки барои кӯдакон таҳия шудааст бо азм ва иродаи хос машғул шуданд. Сипас адабиёти кӯдакону наврасон аз баракати заҳмати тарҷумонҳои моҳир Раҳим Ҳошим, Ҳабиб Аҳрорӣ, Ҳасан Ирфон, Сотим Улуғзода, Ҳамид Бақозода, Шамсӣ Собир, Шариф Шараф, Ҷумъабой Азизқулов ва дигарон, ки намунаҳои беҳтарини асарҳои адибони ҷаҳонро ба тоҷикӣ баргардондаанд, рангинтар шуд. Бачаҳои тоҷик бо забони модарӣ ба шоҳкорҳо: «Саёҳати Гулливер», «Ҷазираи ҷавоҳирот», «Саргузашти Ҷим», қиссаву ҳикояҳои адибони тавонои рус, Аврупову Ғарб ва Шарқ ошноӣ пайдо карданд. Ин падидаи нав ҳам барои баланд бардоштани дониш, завқу ҷаҳонбинии хонанда ва ҳам офаридани асарҳои ҷолиби адабиёти кӯдакону наврасонамон созгор шуд.

Дар фурсати камтарин тарҷума шудани осори зиёди адабиёти атфол аз дигар забонҳо ба забони тоҷикӣ ақидаеро ба миён меовард, ки тарҷумаи адабиёти атфол кори саҳл ва осон аст. Аммо тарҷумон ва мунаққиди соҳа Ҳабиб Аҳрорӣ ин андешаро ботил мешуморад: «Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки аз тарҷумаи адабиёти бачагона чизи осонтаре нест. Ва ба ҳар касе, ки дар умраш ягон сатрро тарҷума накардааст, барои машқи тарҷумонӣ тарҷумаи китоби бачагона супурда мешавад. Ва ҳол он тарҷумаи адабиёти бачагона кори чандон осон нест, зеро дар ин ҷо ғайр аз ҳамаи он чи ки дар боло гуфта гузаштем, хусусияти синну сол ва забони бачаро ҳам ба ҳисоб гирифтан лозим аст» [10, с. 39].

Воқеан ҳам, яке аз вижагиҳои асосии тарҷумаи осори барои кӯдакон офаридашуда на танҳо интиқоли маъно, балки ҳифзи тобишҳои эҳсосоти матни аслӣ дар тарҷума мебошад. Инчунин, адабиёти кӯдак вижагиҳои хосси худро дорад, ки боиси эҷоди мушкилиҳои зиёде дар фароянди тарҷума мешаванд ва ё ҳадди ақал диққати ҷиддиро талаб мекунанд. Азбаски мухотабони ин навъи асарҳо кӯдакону наврасон ва ҷавонон ҳастанд, мутарҷимонро зарур аст, ки табақабандии синну солиро, ки матн барои онҳо пешбинӣ шудааст, ба назар гиранд, зеро хусусиятҳои мухталифи синну солии кӯдаконро, ки бар асоси он матнҳо нигошта мешаванд, ба мавридҳои зер тақсим кардаанд:

1) Синни томактабӣ;

2) Барои мактаббачагони хурдсол;

3) Барои хонандагони синфҳои миёна;

4) Наврасон ва навҷавонон [2, с. 22].

Ин мавридро В. Н. Комиссаров чунин таъкид намудааст: «Барои дарёфти тарҷумаи мукаммал бояд ба вижагиҳои сабки муаллиф ва гирандагони матн таваҷҷуҳ кард, ҳамчунин таҷриба ва дониши дувумиро бояд ҳатман ба назар гирифт» [8, с. 40-41].

Ҳабиб Аҳрорӣ низ ҳамин нуктаро таъкид мекунад: «Баъзан забони китобҳои тарҷумавии бачагонаи мо аз забони китобҳои барои калонсолон навишташуда фарқ надорад. Масалан, кӯдаки 4-5-сола аз ин тарҷума чӣ мефаҳмад: «Дар беша хомӯшии томи пурҳаросе ҳукмфармо буд?» [10, с. 39].

Дар ин самт муҳаққиқи тоҷик Г. Р. Норова низ чунин мешуморад: «Тарҷумаи ҳикояи «Чор ҳодисаи ҷанговарона»-и Л. Успенский ба забони тоҷикӣ, ки барои хонандаи синни хурд ва миёнаи мактабӣ пешниҳод шудаанд, бо забони мутобиқ ба ҳамин синну сол таълиф гашта, хонандаро дар руҳияи ватандӯстиву қаҳрамонӣ, таҳаммулпазирию пуртоқатӣ ва зиракӣ парвариш менамоя» [11, с. 169].

Мутарҷим дар фароянди тарҷумаи адабиёти бадеии кӯдакон мумкин аст бо мушкилоти зиёде мувоҷеҳ шавад. Масалан, интиқоли вижагиҳои жанр ва услуби нусхаи аслӣ, ҳифзи ҷузъиётҳои эҳсосӣ, тарҷумаю интиқоли реалияҳо, ҳифзи аносири ҳаҷвӣ ва ғайриодӣ, дохилшавӣ ва хориҷсозӣ, тарҷумаи номҳо/онимҳо, интиқоли тасвири аслӣ ва ғайра.

Дар зер мекушем чанде аз ин мушкилоти тарҷумаро то ҳадди имкон баррасӣ намоем.

Интиқоли вижагҳои жанрӣ ва услубӣ. Яке аз ин мушкилот интиқоли вижагҳои жанрӣ ва услубии матни мабдаъ мебошад. Дар ҳама гуна осори бадеӣ миқдори таркибу иборoти забонӣ, услубӣ, калимаҳо ба маънои аслӣ ва маҷозӣ истифода мешаванд. Аммо дар матни адабиёти кӯдак ҳамаи ин тавсифҳо бештар ҳиссиётноктару ҳассостар тасвир мегарданд. Ин

вижагӣ мутарҷимро муаззаф менамояд, то ки идея, воқеаҳо ва тавсифу тасвири қаҳрамонҳоро то ҳадди имкон возеҳтар баён кунад.

Хусусиятҳои жанрӣ ва услубӣ, ин мувофиқати асар ба як жанри муайян буда, дар натиҷа мавҷудияти вижагии услубии ин жанрро нишон медиҳад. Илова бар ин, дар як матн, ба хусус дар матуни бадеӣ, нависанда метавонад аз як чанд жанри мухталиф ҷиҳати офаридани образ, тасвир, тавсифи хислати қаҳрамонҳо ва ё дигар мақсадҳо истифода намояд. Дар натиҷаи ин амал баъзан хонанда гузаришро аз як жанр ба жанри дигар баръало ҳис карда метавонад. Яъне, дар як асари бадеӣ аносири жанрҳои гуногунро метавон мушоҳида кард ва услуби гуфтори нависанда вобаста ба давру замон ва принсипҳои адабии ӯ метавонад мутафовит бошад.

Ин вижагиро мо дар маҷмуаи ҳикояҳои «Китоби Ҷангалистон» («The Jungle Book»)-и нависандаи англистабор Редряд Каплинг мушоҳида карда метавонем. Жанри ҳикояҳои ин маҷмуаро чунин тавсиф кардан мумкин аст: аз рӯи шакл-ҳикоя, аз рӯи мазмун-саргузаштӣ-моҷароҷӯӣ (қаҳрамони асар ҳар гуна монеаҳоро паси сар мекунад), аз рӯи намуд-афсона ва ё тамсил (ҳузури ҳайвоноти сухангӯ).

Масалан, барои нишон додани хислатҳои қаҳрамонҳои асар нависанда ба ҷонаварон маҳорати бо забони одамӣ сухан гуфтанро додадаст. Нутқи онҳоро аз якдигар дидаю дониста бо назардошти қаҳрамони мусбӣ ва ё манфӣ будани онҳо мутафовит кардааст. Ин амр бо меъёрҳои забонӣ дар мувофиқати матн ҳамчун нишондиҳандаи ба жанри муайян мансуб будани он хизмат кардааст:

“Shere Khan! It is I, Mowgli. It is time for our meeting!” [15, с. 38].

“Ман ҷеғ мезанам, ман, Маугли! Эй говдузд, вақти ба Харсанги Шуро рафтанат расид!” [6, с. 63].

Дар ин ҷумлаҳои кутоҳи хитобии матни аслӣ ҷиддият, қатъият, ҷасорат ва нотарсии қаҳрамони мусбати асар-Маугли тасвир шудааст. Дар тарҷума мо ин вижагии нутқи ӯро чун гузариши тавзеҳӣ дар забони мабдаъ аз ҷониби мутарҷим мушоҳида мекунем. Ҷумлаҳои кутоҳу муъҷази матни аслӣ дар тарҷума барои ифодаи хусусиятҳои жанрӣ ва услубии матни аслӣ ба ҷумлаҳои тавзеҳӣ табдил шудаанд. Дар тарҷумаи ин асар мушкилоти зиёде тарҷумонро интизор аст. Махсусан, дар равандди тарҷумаи шакли гуфтори ҷонварон.

Ҳифзи ҷузъётҳои эҳсосӣ (эмотсионалӣ). Дигар мушкилоти тарҷумаи осори адабиёти кӯдак, ин ҳифзи ҷузъётҳои эҳсосӣ (эмотсионалӣ) мебошад. Рангомезиҳои эҳсосӣ ба вижа дар адабиёти кӯдак бештар истифода мешавад. Ин хусусияти адабиёти тфол барои он аст, ки асарро баҳри хонандаи хурдсол боз ҳам шавқовартару ҳаяҷоновар намояд. Ин обу ранг метавонад ҳам мусбӣ ва ҳам манфӣ бошад. Мутаносибан, ҳангоми тарҷума, интиқоли саҳеҳи ин вижагиҳо ниҳоят муҳим аст, зеро барои кӯдакон таҷриба намудани эҳсосот дар раванди мутолиа бисёр зарур аст. Ин амр имкон медиҳад, ки кӯдакон муносибаташонро ба қаҳрамонон ва рӯйдодҳои асар муайян намоянд.

Барои расонидани таъсири ҳиссиётӣ, метавон аз воҳидҳои забонӣ, ки бо обу рангҳои баёнӣ-услубӣ зиннат ёфтаанд, истифода намуд. Бо ин ҳадаф корбурди усулҳои синтаксисӣ, ё ҳатто ҷумлаҳои нидокунанда мақсаднок аст. Ҳамзамон, дар фароянди тарҷума на ҳамеша ҳифзи комили иборот муҳим аст, балки баъзан танҳо ҳадафи иртиботро бояд нигоҳ дошт. Масалан, дар қиссаи «Саргузашти Ҷим» («The True History of a Little Ragamuffin»)-и нависандаи англис Ҷеймс Гринвуд (James Greenwood) чунин ҳолатҳои риққатовару эҳсосотиро фаровон метавон мушоҳида кард. Дар яке аз саҳнаҳои ин асар тарсу ҳароси Ҷими хурдакак ва эҳсосоти ӯ, ки ба суханони модарандараш бовар намуда, гуноҳи накордаеро ба дӯши худ гирфтаву ниёз ба кумаку дастгирии ӯ мебошад, тасвир шудааст:

“I lost it, father” said I, in **a terrible fright**, and looking appealingly towards Mrs Burke” [14, с. 43].

«– Гум кардам, дада! – гуфтам ман **ҳаросон** бо чашми пурилтиҷо ба миссис Берк нигариста» [4, с. 15].

Дар ин мавриди ин иборот “**a terrible fright**” нишони омехтагиҳои як таркиботи эҳсосотӣ: тарс, дармондагӣ, нотавонӣ, ошуфтагӣ ва дархости кумак мебошад, ки ин ҳамаро метавон бо таркиботе ба ҳамин монанд «**тарсу ҳарос**» ва ё «**ваҳшатзада**» ба забони тоҷикӣ баён кард. Аммо мутарҷим аз калимаи «**ҳарос**» дар ин ҷо истифода намудааст. Зеро чуноне ки дар фавқ зикр намудем, на ҳамеша ҳифзи комили калимаю иборот дар тарҷума муҳим аст, балки ҳадафи иртиботиро нигоҳ доштану онро тарҷума кардан заруртар мебошад. Дар ин

пораи хурд **м**уҳимтар аз ҳама мутарҷим тавонистааст, эҳсосоти омехтаи қаҳрамони асарро ба хонандаи тоҷик интиқол диҳад.

Ҳифзи аносири ҳаҷвӣ ва ғайриодӣ. Мушкилии дигари тарҷумаи осори кӯдакон, ин ҳифзи аносири ҳаҷвӣ ва ғайриодии асар мебошад. Зеро ҳолатҳои хандаовару ҳаҷвӣ ё рафтори аҷибу ғайриодии қаҳрамонҳо ағлаб дар китобҳои кӯдакон, ҳатто дар китобҳои ҷиддитарини онҳо низ тасвир карда мешавад. Масалан, китоби «Саргузашти Ҷим» («The True History of a Little Ragamuffin»)-и Ҷеймс Гринвуд (James Greenwood) дар сабки релизм нигошта шуда, дар он нависанда саргузашти ғамангези Ҷими хурдакаки оворагардро тасвир кардааст. Дар ҳамин асаре, ки бештар хусусияти тарбиявиро дошта, аҳдофи бисёр ҷиддиро дорад, аҷзои ҳазломезро низ метавон мушоҳида кард:

«Among the people round the shop was an old lady whom you could not fail to see, because she was very fat and took up more room than any one else» [14, с. 86].

«Дар байни издиҳоме ки ба пеши магазин ҷамъ омада буд ледии пире меистод. Вай чунон ғафс буд, ки дарҳол ба чашм мерасид ва ҷои ду одамро банд мекард» [4, с. 166].

Ин намунаи тарҷума ҳам аз назари интиқоли вижагиҳои муҳтавоӣ, тобишҳои миллӣ ва воситаҳои хосси забонӣ-фарҳангӣ ҷолиб аст. Мисоли мазкур, инчунин аз он лиҳоз ҷолиб аст, ки дар он хусусияти сабки муаллиф ва вожагони махсусе, ки ба адабиёти англисзабон хос аст, ҷой дорад ва ҳамин вижагӣ дар матни тарҷума низ эҳсос мешавад.

Мушоҳидаи саҳнаҳои ғайриодӣ ва ҳазломез дар асари мазкур шояд таҳрифи робитаҳои мантиқӣ, вокуниши ғайристандартӣ ё анвои дигари мавқеиятҳоро нишон диҳад. Аммо ин падида комилан фаҳмо аст, зеро худи кӯдакон низ ағлаб метавонанд ҳамин тавр рафтор кунанд (асосан аз сабаби надонистани баъзе чизҳое, ки барои калонсолон мантиқӣ аст). Зеро хонандаи хурдсол мехоҳад дар қаҳрамонҳои китобҳо шахсони ҳамфикри худро бубинад, бинобар ин, қаҳрамонҳо низ хислатҳои шабеҳ бо хонандаро доранд.

Чунин таъсирро тавассути бозӣ бо калимаҳо, ҳазл, латифаҳо, неологизмҳо, жаргонҳо ва дигар воситаҳои услубӣ ба даст овардан мумкин аст. Усулҳои мураккабтаре, аз қабили истифода аз санъатҳои бадеӣ, ба мисли киноя ва танзро танҳо хонандагони навҷавон мефаҳманд. Маъмулан, ҳангоми истифода аз бозӣ бо калимаҳо ҳазломезии матн тавассути бозӣ кардан бо чанд маънои калима ба даст меояд. Мушкилӣ инҷост, ки дар забони мақсад калимаи мушобеҳ метавонад маъноҳои мутафовите дошта бошад. Нишондиҳандаи асосии он, ки то чӣ андоза мукаммал будани тарҷумаи бозӣ бо калимаҳо дар матни адабӣ, интиқоли вазифаи дастгоҳи аслӣ мебошад [5, с. 250].

Ҳамин амрро метавон дар мавриди соири усулҳои дигаре, ки барои эҷоди як асари ҳаҷвӣ истифода мешаванд, гуфт. Дар ин гуна китобҳо, ҳамчунин мумкин аст, душвориҳои мушаххасро вохӯрд, масалан, нутқи кӯдак. Дар ин маврид, душворӣ дар вижагиҳои тафаккури ӯ, шеваи хоси баёни андешаҳояш ва шарҳи падидаҳои ношинос буда метавонанд.

Тарҷумаи исмҳо/онимҳо. Мушкилии навбатии баъдӣ дар фароянди тарҷумаи адабиёти бадеии кӯдак, тарҷумаи исмҳо/онимҳо мебошад. Нахуст таърифи ин истилоҳро аз фарҳанги луғати донишномаи забонӣ баррасӣ мекунем. «Оним-калима, ибора ё ҷумлаест, ки номи он ашёеро ифода мекунад ва онро аз якчанд ашёҳои ба ҳам монанд фарқ мекунонад. Инчунин, ашёи додашударо фардӣ ва шиносоӣ мекунад» [9]. Ба ибораи дигар, онҳо исмҳои хос ҳастанд: антропоним (номи шахс), топоним (номи чуғрофӣ), зооним (номи ҳайвонот), идеоним (номи ашёҳои фарҳангӣ) ва ғайра. «Номҳои одамон дар фарҳангҳо ба сифати нишонаи шахсият, насаб, табиати иҷтимоӣ ва баъзан шароити ҷуғрофӣ истифода мешаванд. Ҳар як забон дорои хусусиятҳои хоси худ дар сохтани номҳои одамон аст, ки ин ба тарзи таъриф ва изҳороти анъанавии фарҳанг вобаста аст» [13, с. 30].

Агар дар бораи асари бадеӣ сухан ронем, дар он бештар антропонимҳо, зоонимҳо ва топонимҳо вомехӯранд. Дар баробари ин, зоонимҳоро дар адабиёти кӯдакон назар ба адабиёти бузургсолон хеле бештар дидан мумкин аст. Ба таври куллӣ, зоонимҳо ва антропонимҳо ағлаб дорои як ҷузъи маъноӣ ҳастанд, яъне онҳо сухан мегӯянд. Бинобар ин, дар асоси ин номҳо хонанда метавонад хислатномаи муайяни қаҳрамонро созад, ки барои шаклгирии ин ё он навъи муносибат нисбат ба ӯ кумак мекунад. Ҳамин гуна вижагиро дар ҳикояи Редряд Каплинг, ки дар фавқ зикр намудем метавон мушоҳида кард:

“Do you really want to keep him, Mother? said Father Wolf. “Keep him? said Mother Wolf. “Yes. He came here by night, alone and hungry, but he was not afraid. Yes, I will keep him. And I will call him Mawgli, the frog” [15, с. 5].

«Хӯш ки бошад, Модар, ту аз ростӣ ҳам ӯро гирифта мондан мехоҳӣ? –Гирифта мондан

мехоҳӣ, бӯдааст! – паҳлу гашта гуфт Модар Гург. – Вай ба хонаи мо тамоман лучу ӯрён, шабона, яккаю танҳо омад ва бо вуҷуди ин аз касе ва ё чизе натарсид... Ҳо, ман ӯро гирифта мемонам. Ором бихоб, ғукчаам! Эй Маугли – ман туро барои он Ғукча-Маугли меномам, ки рӯзе мерасад, ту, албатта, аз паи Шерхон меафтӣ, чунон ки имрӯз вай туро шикор карданӣ буд» [6, с. 10].

Дар ин пораи хурд исми қаҳрамони асар Mawgli-Мауглиро мушоҳида кардем, ки он бо услуб транслетератсия тарҷума шудааст.

Тарҷума бо усули транслитератсия (рунавис/овонавис) исму номҳо бидуни тағйирот боқӣ мемонад ва он танҳо транскрипсия/ транслитератсия (рунавис/овонавис) мешавад. Яке аз усулҳои маъмуларин ҳангоми тарҷумаи исмҳои хос ба шумор рафта, ағлаб бо ин шева исмҳои хос ба забони тоҷикӣ интиқол дода мешаванд.

Аз дурустии тарҷумаи онимҳо вобаста аст, ки дар ниҳоят хонанда чӣ гуна персонажҳои асарро қабул мекунад. Ин техника дар адабиёти кӯдак нақши муҳим мебозад. Муаллифони зерин дар заминаи тарҷумаи онимҳо ба таҳқиқи пардохтаанд: Д. И. Ермолович, Н. Н. Абилова ва О. В. Спасил.

Дар таърихи тарҷума, анъанаи муайяне барои тарҷумаи исмҳои хос шакл гирифтааст: номҳои сухангӯ, ки дар анъанаи тарҷумаи тоҷикӣ бо ҳифзи маъноӣ тарҷума карда мешаванд. Дар ҳоле, ки бақия (агар гузинаи муайяни тарҷумаи анъанавӣ ба онҳо ихтисос дода нашуда бошад) ағлаб бо истифода аз транскрипсия ё транслитератсия ва гоҳе бо усули калкакунони тарҷума карда мешаванд.

Гузинаҳои имконпазири тарҷумаи онимҳоро Д. И. Ермолович шарҳ додааст: 1) интиқоли мустақим дар шакли аслӣ ба матни тарҷума; 2) мукотиботи ономастикӣ - тарҷума бо истифода аз нусхаи тахминӣ ба забони мақсад, ки аз рӯйи қабати овоии худ ба оними аслӣ шабоҳат дорад (транскрипсия, транслитератсия, транспозитсия ё этимологӣ); 3) тарҷумаи тавзеҳӣ (аз тариқи ёддошти мутарҷим); 4) тарҷумаи тасдиқӣ; 5) тарҷумаи тавсифӣ (ҳазфи худи оним ва интиқоли он бо истифода аз исм, ибора ё таркиби калимаи муштарак; 6) ивазкунии функсионалӣ; 7) калкакунонӣ [5, с.36].

Аз ин бармояд, ки исми қаҳрамонҳои зерин низ бо усули транслетератсия ба забони тоҷикӣ интиқол дода шудааст:

“**Baloo** and **Bagheera** stood and could not move. Mowgly watched, and did not understand. “**Bandar-log**”, said the deep voice of **Kaa** at the last. “Can you move?” [15, с. 22].

“**Балую Боғира** гӯё ба санг мубаддал гашта бӯданд, мӯйҳояшон сих шуда буд, ҳар замон зери лаб ғурунгӣ мебароварданду халос. Маугли ду дида ба рақси мор духта, тамом моту мабҳут шуда буд. – **Бандар-Логҳо**, – ниҳоят шунида шуд овози **Каа**, – оё бе амри ман шумо даст ё поятонро ҷунбонида метавонед?” [6, с. 49].

Хулоса. Ҳамин тариқ, маълум гардид, ки адабиёти кӯдак нисбатан ҷавон буда, мутарҷим дар фароянди тарҷумаи он бо душвориҳои зиёде мувоҷеҳ мешавад. Аз ин лиҳоз, мутарҷиминро зарур аст, ки махсусан барои хонандагони хеле хурдсоли синни то мактабӣ ва ибтидоӣ, таваҷҷуҳи вижаи худро равона намоянд. Зеро ягон усул, сабк, шева ва равишҳои мушаххаси ҳамгирое вуҷуд надорад, ки ин равандро худкор карда, кори тарҷумонро осон гардонад. Аммо ба назар гирифтани душвориҳои матни аслӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо дар тарҷума шароитеро фароҳам меорад, ки тарҷумонро дар ин кор роҳнамоӣ намояд ва ин равандро то ҷое саҳл гардонад.

Адабиёт

1. *Алексеева, И. С. Введение в переводоведение: учеб. пособие для студентов филологических и лингвистических факультетов высших учебных заведений / И. С. Алексеева. - Москва: Издательский центр «Академия», 2004. - 352 с.*
2. *Арзамасцева, И. Н. Детская литература: учебник для студ. высш. пед. учеб. заведений / И. Н. Арзамасцева, С. А. Николаева. – 8-е изд., испр. – М.: Издательский центр «Академия», 2012. – 576 с.*
3. *Бартель, В. В. Текст детского художественного произведения как культурологический портрет эпохи: диссертация д-ра культурологии / В. В. Бартель. – Саратов, 2002. – 163 с.*
4. *Гринвуд, Ҷ. Саргузашти Ҷим. Тарҷумаи Ш. Шараф / Ҷ. Гринвуд. – Душанбе: Нашриёти Ирфон, 1974. – 213 с.*
5. *Ермолович, Д. И. Имена собственные на стыке языков и культур / Д. И. Еромолович. – М.: Р. Валент, 2001. – 200 с.*

6. *Каплинг, Р. Маугли /Р. Каплинг. Қисса дар тарҷумаи Ӯ. Холиқназар. – Душанбе: Маориф, 1976. – 166 с.*
7. *Колосова, П. А. Ошибки и неудачные решения при переводе игры слов в художественном тексте / П. А. Колосова // Вестник ТвГУ. Серия «Филология». – 2015. – № 4. – С. 247-251.*
8. *Комиссаров, В. Н. Теория перевода (лингвистические аспекты): Учеб. для ин-тов и фак. иностр. яз. / В. Н. Комиссаров. – М.: Высшая школа, 1990. – 253 с.*
9. *Лингвистический энциклопедический словарь [Электронный ресурс]. – 2012. – URL: https://slovar.cc/rus/lingvist/1466473.html (дата обращения: 13.02.2025)*
10. *Нағзибекова, М. Б., Камолиддинов Б. Тарҷума ва балоғати сухан (Андешаҳои мутахассисон доир ба тарҷумаи бадеӣ ва забони он) ҷилди 1 / М. Б. Нағзибекова, Б. Камолиддинов. – Душанбе: Нашриёти Нодир, 2004. – 143 с.*
11. *Норова, Г. Абдусалом Деҳотӣ – мутарҷими адабиёти бачагона / Г. Норова // Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Серияи филология. – Душанбе, 2020. - №1 (84). – С. 156-160.*
12. *Рецкер, Я. И. Теория перевода и переводческая практика: очерки лингвистической теории перевода / Я. И. Рецкер. - Москва: Международные отношения, 1974. - 216 с.*
13. *Илҳомуддини, А. Баъзе хусусиятҳои тарҷумаи антропонимҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ дар мисоли «Марги судхӯр» ва «Ҷаллодони Бухоро»-и С. Айнӣ // Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Серияи филология. – Душанбе, 2021. – С. 30-34*
14. *Greenwood, J. The True History of a Little Ragamuffin, (Маленький оборвыш) / J. Greenwood. – Москва: Издательство литературы на Иностранных языках, 1954. – 271 с.*
15. *Kapling, R. The jungle book /Kapling R. – 172 с.*
16. *Reiss, K. Translation Criticism: The Potentials and Limitations: Categories and Criteria for Translation Quality Assessment / K. Reiss ; trans. by E. F. Rhodes. - Manchester: St. Jerome Publishing, 2000. - 140 p.*

ОМӮЗИШИ ДУШВОРИҲОИ ТАРҶУМАИ АНВОИ ГУНОГУНИ МАТНҲО ДАР ЗАМИНАИ ТАҲҚИҚОТИ МУОСИР

Дар мақола муаллиф перомуни тарҷумаи матнҳои гуногун, аз қабили матнҳои барои кӯдакону наврасон эҷодшуда, пажӯҳиш анҷом додааст. Ба андешаи ӯ дар замони Шуравӣ қисмате аз фароянди тарҷумаи бадеии тоҷик намунаи адабиёти ҷаҳон барои атфол ба шумор мерафтааст. Муаллиф тавассути истифода аз маҷмуи методҳои илмӣ-амалӣ (контрастивӣ, семантикӣ, лексикӣ-стилистикӣ, грамматикӣ ва функсионалӣ-иртиботӣ) мушкилоти асосии фароянди тарҷума, аз қабили интиқоли вижагиҳои жанрӣ ва услубӣ, ҳифзи тобишҳои эҳсосӣ (эмотсионалӣ), аносири ҳаҷвиву ғайриодӣ ва тарҷумаи онимҳоро (антропонимҳо ва зоонимҳо) дар намунаи тарҷумаи тоҷикии осори адибони ҷаҳон (Р. Киплинг, Ҷ. Гринвуд ва диг.) нишон медиҳад. Хулосаи муаллиф дар он ҷамъбаст мегардад, ки матнҳои барои кӯдакон навишташуда вижагиҳои худро дошта, он боиси эҷоди мушкилиҳои зиёде дар фароянди тарҷума мешавад. Зеро мухотабони ин навъи асарҳо кӯдакону наврасон ва ҷавонон ҳастанд ва мутарҷимро зарур аст, ки тамоми ин хусусиятҳоро дар тарҷума интиқол дода тавонад.

Калидвожаҳо: адабиёт, адабиёти кӯдак, тарҷума, моҳият, тарҷумаи адабиёти кӯдак, хусусиятҳои синну солӣ, матни аслӣ, илми тарҷумашиносӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ ТРУДНОСТЕЙ ПЕРЕВОДА РАЗЛИЧНЫХ ВИДОВ ТЕКСТОВ В СВЕТЕ СОВРЕМЕННЫХ ИССЛЕДОВАНИЙ

В статье автор проводит исследование перевода различных типоы текстов, частности предназначенных для детей и подростков. По его мнению, в советский период определённая часть процесса художественного перевода на таджикский язык представляла собой образцы мировой детской литературы. С использованием комплекса научно-практических методов (сопоставительного, семантического, лексико-стилистического, грамматического и функционально-коммуникативного) автором выявлены ключевые проблемы переводческого процесса: передача жанрово-стилистических особенностей, сохранение эмоциональной окраски, передача комических элементов и специфики перевода онимов (антропонимов и зоонимов) на материале таджикских переводов произведений мировой литературы (Р. Киплинг, Дж. Гринвуд и др.). Автор приходит к выводу, что тексты, предназначенные для детей, обладают своими специфическими особенностями, что создаёт множество трудностей в процессе перевода. Это связано с тем, что адресатами произведений данного типа являются дети, подростки и молодёжь, поэтому переводчику необходимо суметь передать в переводе все эти особенности.

Ключевые слова: литература, детская литература, перевод, сущность, перевод детской литературы, возрастные особенности, оригинальный текст, переводоведение.

TRANSLATION CHALLENGES OF DIFFERENT TEXT TYPES: A REVIEW OF CONTEMPORARY RESEARCH.

The article examines the translation of various types of texts, with particular attention to texts intended for children and adolescents. According to the author, during the Soviet period a significant part of literary translation into the Tajik language consisted of works representing world children's literature. Utilizing a combination of scientific and practical methods (contrastive, semantic, lexical-stylistic, grammatical, and functional-communicative), the author highlights the primary difficulties in the translation process, such as rendering genre and stylistic features, preserving emotional nuances, conveying humor and unusual situations, and translating onyms (proper names and zoonyms) based on Tajik translations of world literature (R. Kipling, J. Greenwood, etc.). The author concludes that texts intended for children possess specific characteristics that create numerous difficulties in the translation process. This is due to the fact that the target audience of such works includes children, adolescents, and young people. Therefore, the translator must be able to convey all these features adequately in the target text.

Keywords: literature, children's literature, translation, essence, translation of children's literature, age characteristics, source text, translation studies.

Дар бораи муаллиф
Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6
E-mail: zebonnisobobo@gmail.com

Об авторе
Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовна
Кандидат филологических наук, доцент кафедры сопоставительного языкознания и переводоведения
Таджикский международный университет иностранных языков имени С. Улугзода
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6
E-mail: zebonnisobobo@gmail.com

About the author
Boboalieva Zebonisso Pirmurodovna
Candidate of philology, associate professor of the department of Comparative Linguistics and Translation Studies
The Tajik international university of foreign languages named after S. Ulughzoda
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev street, 17/6
E-mail: zebonnisobobo@gmail.com

УДК 802.0+809.155.0

ФУНКЦИОНИРОВАНИЕ СИНОНИМОВ В ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЛЕКСИКЕ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Аттоев С. К.
Национальная академия наук Таджикистана

Исследование языка политики и особенностей государственного дискурса занимает центральное место в современной лингвокультурологии и политической стилистике. Центральным объектом научного осмысления в данном контексте становится синонимический потенциал таджикского языка, активизируемый в высших сферах государственного управления.

По мнению М. Мухаммадиева, «Синонимы, будучи словами, близкими или тождественными по значению, предоставляют политикам и журналистам широкий спектр возможностей для точной передачи мысли, создания нужного эмоционального фона и манипулирования общественным сознанием. В таджикском языке, как и во многих других, синонимия в политической лексике отличается специфическими чертами, обусловленными историческими и лингвистическими особенностями» [11, с. 19].

Исследование синонимии выступает одним из базовых направлений при изучении политической лексики, поскольку синонимы не просто расширяют словарный состав, но и позволяют детальнее раскрывать смысл политических понятий, акцентировать внимание на отдельных сторонах событий и формировать нужную эмоциональную реакцию.

Для политической лексики таджикского языка, как и для мировых языковых систем в целом, характерно широкое развитие синонимии. Вариативность синонимического ряда дает возможность публицистам и политическим деятелям подбирать наиболее точные языковые средства для реализации конкретных коммуникативных установок — от усиления или смягчения экспрессии до передачи позитивных либо негативных оценочных коннотаций. Политический лексикон таджикского языка отличается богатым синонимическим потенциалом, объединяя единицы различного происхождения, стилистической принадлежности и степени эмоциональной насыщенности. Например, для обозначения понятия " **ҳокимият - правительство**" могут использоваться синонимы "**ҳукумат", "давлат**", "**ҳокимият**", каждый из которых обладает своими коннотациями и может применяться в различных контекстах. Слово "**ҳукумат**" является наиболее нейтральным и широко употребимым, "**давлат**" подчеркивает государственную принадлежность, а "ҳокимият" обозначает власть как таковую [11, с. 56].

Для обозначения понятия " **интихобот - выборы"** могут использоваться синонимы, "**райъдиҳӣ", "овоздиҳӣ**". Слово "**интихобот"** является более общим и обозначает процесс выбора в целом, "**райъдиҳӣ"** подчеркивает акт голосования, а "**овоздиҳӣ"** акцентирует внимание на выражении мнения через голос. Аналогичная ситуация наблюдается и с синонимами для обозначения лидеров государства. Наряду с нейтральными "**роҳбар"- руководитель** и "**сарвар" - глава**, используются такие слова как "**пешво**" - лидер, часто используется в контексте подчеркивания авторитета и заслуг лидера, "**президент**" - президент, подчеркивает формальный статус и исторические термины, такие как "**амир" (эмир) или "шоҳ" (шах**), которые могут быть использованы в контексте исторических аналогий.

Многофункциональный характер синонимов в политическом дискурсе проявляется через реализацию следующих основных функций:

Стилистическая (экспрессивная): устраняет тавтологию и речевую монотонность, повышая эстетическую привлекательность и динамику текста для адресата.

Семантическая (дифференцирующая): служа средством тонкой смысловой детализации, позволяет акцентировать специфические стороны политических явлений за счет разницы в градации значений, оценочности и коннотативных оттенках.

Прагматическая (эмоционально-оценочная): выступает механизмом воздействия на аудиторию, где выбор конкретной лексемы формирует заданный вектор эмоционального восприятия — от одобрения и эмпатии до резкого неприятия [11, с. 12].

Синонимические ресурсы занимают важное место в риторической практике Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона. Их применение

способствует повышению экспрессивности выступлений, вариативному воспроизведению ключевых смысловых концептов (в частности, понятий мира и стабильности), а также актуализации связи с национально-культурными и гуманистическими традициями. Синонимическая вариативность снимает монотонность изложения и облегчает восприятие сложных социально-политических идей широкими слоями населения. Сочетая лексику высокого стилистического регистра, подчеркивающую институциональную значимость и статус государственного лидера, с более доступными, демократичными языковыми формами, Глава государства придаёт своим обращениям глубокую смысловую насыщенность и обеспечивают высокий уровень коммуникативной близости с аудиторией.

1. Рассуждая о прогрессе государства, автор прибегает к синонимическим группам, которые обозначают **смысловые оттенки и эмоциональную окраску**:

сулҳ — *оромӣ, оштӣ, ваҳдат* (мир, покой, согласие, единство); **субот** — *устуворӣ, амният, оромӣ* (стабильность, устойчивость, безопасность, покой); **амният** — *бехатарӣ, осоиш, муҳофизат* (безопасность, спокойствие, защита) и т.д.

Каждое из этих слов несёт свою особую смысловую и эмоциональную нагрузку, что позволяет точнее выразить идею, усилить её и сделать речь более живой и многослойной.

В своём выступлении к дню «Государственного флага» «Рӯзи Парчами давлатӣ» Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон отметил:

«*Парчами давлатӣ мояи ифтихори ҳар шаҳрванди Тоҷикистон, ифодагари иттиҳоду сарҷамъӣ, нангу номус, ватандустӣ ва ҳувияти миллии мардуми фарҳангии мо буда, мақсаду мароми созандаи Тоҷикистонро дар ҷилои рангҳои худ инъикос намудааст»,- чунин иброз намуд Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саъдӣ Қодирзода зимни ҷаласаи тантанавӣ, ки имрӯз дар Кумита доир гардид. Таъкид шуд, ки тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд, «мардуми Тоҷикистон ва ҷавонмардони ғаюру далери он зери Парчами миллат ба ҳам омаданд, ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшиданд, ба кишвар сулҳу оромӣ ва ба сокинони мамлакат осоишро фароҳам оварданд. Давлат ба шоҳроҳи дигаргуниҳои азими сиёсиву иҷтимоӣ ва бунёдкориву созандагӣ қадамҳои нахустини устувор гузошт»* [Парчамат бодо парафшон, Тоҷикистони азиз! Khovar, 2021].

(*Государственный флаг является предметом гордости каждого гражданина Таджикистана, он символизирует единство и сплочённость, честь и достоинство, патриотизм и национальную идентичность нашего культурного народа, а также отражает цели и созидательные устремления Таджикистана в своих цветах», — отметил председатель Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан Саъди Кодирзода на торжественном собрании, которое состоялось сегодня в Комитете. Было подчёркнуто, что, как отметил Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон: «Народ Таджикистана и его смелые и отважные сыновья объединились под Знаменем нации, положили конец гражданской войне, обеспечили стране мир и спокойствие, а жителям — стабильность. Государство сделало свои первые уверенные шаги на пути масштабных политических, социальных преобразований и созидания*).

2. Синонимы, восходящие к разным историческим пластам языка, создают эффект многоголосия, в котором оживают отголоски великой культурной и духовной истории таджикского народа.

В речи Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона активно используются синонимы, связанные с понятием **национального и культурного наследия**. Они помогают подчеркнуть богатство таджикского языка и усилить эмоциональное воздействие на слушателя. Среди таких синонимов можно выделить: **фарҳанг – маданият мероси фарҳангӣ** *(культура – цивилизация – культурное наследие)* **миллат – халқ – ҷомеа – мардум** *(нация – народ – общество – народные массы)* **забони тоҷикӣ – забони модарӣ – забони шевои тоҷикӣ** *(таджикский язык – родной язык – красивый таджикский язык)*

Эти слова, имея общее значение, различаются по стилистической окраске, эмоциональному тону и контексту употребления. Такое лексическое разнообразие придаёт речи Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона глубину, многогранность и культурную насыщенность.

В своей книге «Тоҷикон дар оинаи таърих» (Таджики в зеркале истории) Лидер нации, Президент Эмомали Рахмон освещает историю таджикского народа от древних арийских корней до эпохи Саманидов [5].

Исследование основано более чем на 300 научных и исторических источниках. Книга охватывает: формирование национального самосознания и самоидентификации; возрождение культурных традиций, таких как Наврӯз, Меҳргон; вклад предков в развитие государственности, литературы, науки; идею сохранения языка, обычаев и национальной идентичности как основы будущего прогресса.

Таким образом, как в речах, так и в научно-публицистических трудах Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона, культурно-национальные ценности занимают центральное место, выступая мощным инструментом формирования единства, патриотизма и устойчивого развития страны. Например: «*Набераи Спитамен - Антиох дар қаламрави мулки аҷдодӣ сиёсати муросою мадороро пеш бурда, «худро вориси Ориёшаҳр меҳисобид». Соли 2006. Чуноне ки мебинем, бо вуҷуди нуфузи тамаддуни эллинӣ истилогарони мақдунӣ дар сарзамини аҷдодии ниёгони тоҷикон - Бохтару Суғд ба муборизаҳои шадиди истиқлолхоҳӣ, фарҳанги баландпояи ориёӣ, низоми пешрафтаи давлатдорӣ, дини соҳибкитоби дорои ҷавҳари волои фалсафию ахлоқӣ ва аз ҳама муқаддам ба руҳи бешикасти фарзандони озодипарасту қавиирода ва зираку тадбирсоз дучор омада, бисёр дастовардҳои тамаддуни ориёиро пазируфтанд.*

Ин гуна мисолҳо дар раванди таърихи фоҷиабор ва пур аз шебу фарози миллати мо кам нестанд. Вале воқеаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ҳар давру замон мардони шуҷоъ ва ватандӯсте пайдо мешуданд, ки барои ҳифзи Ватан, фарҳангу забони миллӣ ҷонбозиҳо мекарданд ва номи худро дар саҳифаҳои таърих бо ҳарфҳои заррин сабт менамуданд. Ин анъанаи неки аҷдодӣ то ба имрӯз идома дорад ва умед аст, ки насли имрӯза низ онро идома хоҳад дод. Зеро миллате, ки таърихи худро надонад, оянда надорад. Ва миллате, ки фарзандони ватандӯст надорад, дар гирдоби ҳаводиси рӯзгор ғарқ хоҳад шуд. Пас, биёед таърихи худро омӯзем ва аз он ибрат гирем, то ин ки дар оянда роҳи пешрафту тараққиётро пеш гирем ва Ватани азизамонро обод созем» [10].

Приведённые примеры показывают, что использование синонимов в речи Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона — это не просто риторический приём. Это важный инструмент, направленный на достижение политических, социальных и культурных целей. Такое мастерство демонстрирует глубокое уважение к родному языку, служит укреплению национальной идентичности и связи времён.

Богатство синонимической лексики позволяет ему формулировать убедительные, вдохновляющие послания, которые находят отклик в сердцах слушателей и способствуют консолидации таджикского общества на основе общих исторических и культурных ценностей.

3. Синонимы, отражающие понятия «**прогресс» и «развитие»** в речи Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона, особенно в его выступлении, посвящённом **Рӯзи ваҳдати миллӣ** (Дню национального единства):

В выступлении, посвящённом Дню национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон использует богатую и вариативную лексику для обозначения прогресса, роста и успеха государства. Эти лексемы усиливают патриотическое содержание речи и подчеркивают стратегические приоритеты развития страны**: рушди устувор** («развитие устойчивости») — подчеркивает важность стабильного роста и развития общества и государства, **таҳкими ваҳдати миллӣ , рушди устувори ҳамаи соҳаҳо** — развитие всех секторов общества на основе национального единства, **таҳлили оқилона**, **машварат**, **муколамаи созанда** — стилистические конструкции, объединенные в логике продвижения вперед, **таҳлили муваффақона**, **устувории ҷомеа**, **роставори ваҳдати миллӣ** — синонимичные языковые единицы, используемые для выражения идеи поступательного движения вперед и укрепления государства и т.д. ваҳдати миллӣ — омили асосии рушди устувори ҳамаи соҳаҳо» **«Таваҷҷуҳи доимӣ ба рушду пешрафти мамлакат...»** -*Постоянное внимание к развитию и прогрессу страны,* **«Дар фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мо ба дастовардҳои назаррас ноил гардидем»** -*В условиях мира, стабильности и национального единства мы достигли значительных успехов,* **«Пешрафти давлат ва тараққиёти ҷомеа бе ваҳдату ҳамдилии мардум имконнопазир аст»** -*Прогресс государства и развитие общества невозможны без единства и согласия народа,* **«Мо имрӯз бо ифтихор метавонем бигӯем, ки кишвар ба марҳилаи нави рушду созандагӣ ворид**

шудааст» - *Сегодня мы с гордостью можем сказать, что страна вступила в новый этап развития и созидания* усиливают основную мысль. Например: «*Дар ин харобазор, дар як вазъияти камбизоатӣ ва бо шиками гуруснаи мардум ба танзим даровардани давлату давлатдорӣ неруи фавқулода ва ҳиссиёти сӯзони ватандӯстонаи Сарвари давлатро тақозо менамуд. Ҳаёти мо батадриҷ ба танзим даромад ва ободкориву бунёдкориҳо, рушду тараққиёт оғоз ёфт. Ҳарчанд мо ҷанги даҳшатнокро пушти сар намудем, таҳти сарварии ин абармарди таърихӣ тавонистем, ки дар муддати на он қадар дароз дар бисёр соҳаву ҷабҳаҳо аз дигар давлатҳо пеш гузарем*» - (*В этих руинах, в условиях бедности и с голодными животами народа организация государства и государственности требовала исключительной силы и пламенного патриотического чувства со стороны Главы государства. Постепенно наша жизнь начала приходить в порядок, начались работы по созиданию и строительству, развитие и прогресс. Несмотря на то, что мы пережили страшную войну, под руководством этого великого человека истории мы смогли за относительно короткий срок обогнать многие государства в различных сферах и направлениях*) [Ба ифтихори рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Меҳри Пешвои миллат асрҳои аср аз дили халқ зудуда намегардад, Khovar, 2023].

Использование синонимов в значениях **пешрафт** - прогресс, **рушд-** развитие, **дастовард** -достижение усиливает выразительность политического дискурса Лидера нации. Эти лексемы не только подчёркивают положительные изменения, происходящие в стране, но и формируют позитивный образ будущего, способствуют консолидации граждан вокруг идеи развития и национального единства.

Таким образом, следует подчеркнуть, что одной из характерных черт политической риторики Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, является широкое использование синонимических рядов, связанных с ключевыми концептами государственной идеологии. Одним из таких концептов выступает идея развития и прогресса – как социального, так и экономического, духовного и национального.

Анализ выступления Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона приуроченного к празднованию **Рӯзи вахдати миллӣ** - Дня национального единства, позволяет выделить лексико-семантическое поле, включающее следующие синонимы: **тараққиёт** - развитие, прогресс, рост- *употребляются в значении общего роста страны в политическом, экономическом и культурном смысле,* **пешравӣ** -дастовард, муваффақият, **комёбӣ** - *успех, достижение- акцент на положительных результатах в различных сферах, часто в контексте государственной стратегии,* **созандагӣ**бунёдкорӣ, ободонӣ- созидание, строительство - *употребляется в контексте национального возрождения, восстановления и модернизации и т.д.*

В своём выступлении Эмомали Рахмон подчёркивает, что достижение мира и национального единства стало основой для начала всеобъемлющего прогресса. Примерами могут служит следующие: «*Пешрафти давлат ва тараққиёти ҷомеа бе ваҳдату ҳамдилии мардум имконнопазир аст*» -Прогресс государства и развитие общества невозможны без единства и согласия народа. «*Ҳадафи асосии мо рушду тараққиёти Ватан ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқ мебошад*.» -Наша главная цель — развитие Родины и повышение уровня жизни народа. «*Мо бо ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ ба марҳилаи нави пешрафт ва ободонӣ расидем*» -Благодаря единству и взаимопониманию мы достигли нового этапа прогресса и созидания.

Лексические единицы, передающие семантику «развития», обладают выраженной стилистической и прагматической направленностью. В ораторской практике Глава государства использует данную терминологию не только для констатации текущей общественно-политической ситуации, но и как эффективный инструмент консолидации общества, укрепления уверенности граждан в созидательном потенциале страны и формирования чувства национальной ответственности. Систематический повтор подобной лексики формирует позитивный модальный фон, транслируя образ устойчивого и динамично развивающегося государства, что подтверждает статус политического лексикона как средства концептуализации общественного сознания и поддержания национального единства.

В контексте геополитической нестабильности особое место в выступлениях Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона занимает категория рисков, репрезентируемая через понятийный ряд «угроза», «опасность» и смежные

термины. Несмотря на частую взаимозаменяемость в публичном дискурсе, данные лексемы характеризуются глубокой дифференциацией смысловых оттенков:

«Хатар» (опасность) обозначает потенциальную вероятность возникновения деструктивных факторов (экстремизм, экономические или экологические риски), способных нарушить стабильность и суверенитет страны.

«Таҳдид» (угроза) выражает более высокую степень интенсификации и направленности дестабилизирующего воздействия как внешнего, так и внутреннего характера.

«Мушкилот» (трудность / проблема) применяется преимущественно для концептуализации внутренних социально-экономических и институциональных барьеров (бедность, коррупция, недостаточная эффективность управления).

«Бӯҳрон» (кризис) фиксирует критическую фазу ухудшения обстановки, требующую экстренного антикризисного реагирования (в сфере финансов, политики или ликвидации последствий ЧС).

Анализ понятийно-синонимического аппарата, используемого Президентом, свидетельствует о комплексном системном видении структуры рисков, стоящих перед Таджикистаном. Градация терминов позволяет не только дифференцировать характер вызовов для выработки оптимальных управленческих решений, но и выступает механизмом мобилизации гражданского общества.

Таким образом, функционирование синонимии в политическом дискурсе таджикского языка представляет собой многоаспектный феномен, определяемый историко-лингвистическими, геополитическими и глобализационными факторами, исследование которых раскрывает механизмы формирования политической коммуникации и её влияния на общественные процессы. Использование богатства таджикской синонимии в речах и трудах Лидера нации выступает не просто риторическим приемом, а важным фактором сохранения культурно-языковой преемственности, укрепления национальной идентичности и успешного формирования позитивного образа созидательного государства.

Литература

1. *Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикистон: даҳ соли истиклолият, вахдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Ҷилди сеюм. – Душанбе: Ирфон, 2001. –704 с.;*
2. *Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 2000. – 128 с.;*
3. *Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 3. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 512 с.*
4. *Рахмонов Э. Таджики в зеркале истории / Э. Рахмонов. - Душанбе: Ирфон, 1997. - 136 с. (на тадж. языке).*
5. *Рахмонов Э. Таджики в зеркале истории / Э. Рахмонов. - Лондон, 1999. - 240 с. (на тадж. языке).*
6. *Речь на Генеральной Ассамблее ООН, 76-я сессия (сентябрь 2021) [Электронный ресурс]. – URL: Reddit+7mfa.tj+7mfa.tj+7 (дата обращения: 07.10.2025)*
7. *Выступление на Международной конференции по контртерроризму и безопасности границ (Кувейтский этап, ноябрь 2024) mfa.tj*
8. *Речь на Генеральной Ассамблее ООН, 79-я сессия (сентябрь 2024). [Электронный ресурс]. – URL: mfa.tj (дата обращения: 07.10.2025)*
9. *Рахмонов Э.Ш. Таджики на пороге будущего. Сборник выступлений Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмонова в СМИ России. – М., 1997. – 31 с.*
10. *Рахмон, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе: Ирфон, 2002/2009 (2 том)*
11. *Мухаммадиев М. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Нашриёт, 1962. – 159 с.*

ФУНКЦИОНИРОВАНИЕ СИНОНИМОВ В ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЛЕКСИКЕ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье рассматривается функционирование синонимов в политической лексике таджикского языка. Политическая лексика, являясь динамичной и чувствительной к изменениям в обществе, играет ключевую роль в формировании общественного мнения и политической дискуссии. В таджикском языке она, подобно другим языкам, обогащается и развивается под влиянием исторических, социальных и культурных факторов. Одним из важных аспектов, определяющих выразительность и многогранность политической лексики, является использование синонимов. Анализ особенностей употребления политической лексики в речи Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона позволяет сделать вывод о том, что она

является важным для формирования имиджа руководителя государства, консолидации общества и продвижения политических идей. Функционирование синонимов в политической лексике таджикского языка представляет собой сложный и многогранный феномен. Синонимы играют важную роль в формировании политического дискурса, позволяя политикам и журналистам точно передавать мысли, создавать нужное эмоциональное воздействие.

Ключевые слова: синонимы, политическая лексика, таджикский язык, речь, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, прогрессивный, государство, многогранный.

ФАЪОЛИЯТИ СИНОНИМҲО ДАР ЛЕКСИКАИ СИЁСИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар ин мақола фаъолияти синонимҳо дар лексикаи сиёсӣ (сиёсатӣ) -и забони тоҷикӣ баррасӣ мешавад. Лексикаи сиёсӣ, ки ҳамчун як бахши динамикӣ ва ҳассос ба тағйиротҳои ҷомеа маҳсуб меёбад, нақши калидӣ дар ташаккули назари умумӣ ва баҳси сиёсӣ дорад. Дар забони тоҷикӣ, монанди дигар забонҳо, он таҳаввул меёбад ва бо таъсири омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бой мегардад. Яке аз омилҳои муҳим, ки ба баёни фаровон ва гуногунҷанбаи лексикаи сиёсӣ таъсир мерасонад, истифодаи синонимҳо мебошад. Таҳлили хусусиятҳои истифодаи лексикаи сиёсӣ дар нутқи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки он барои ташаккули обрӯи роҳбари давлат, муттаҳидсозии ҷомеа ва пешбурди ғояҳои сиёсӣ аҳаммияти калон дорад. Фаъолияти синонимҳо дар лексикаи сиёсии забони тоҷикӣ як падидаи мураккаб ва гуногунҷанба мебошад. Синонимҳо нақши муҳим дар ташаккули дискурси сиёсӣ мебозанд, ки ба сиёсатмадорон ва журналистон имкон медиҳад, фикрҳоро дақиқ ифода намоянд ва таъсири эҳсосотиро ба вуҷуд оранд.

Калидвожаҳо: синонимҳо, лексикаи сиёсӣ, забони тоҷикӣ, нутқ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешрафтӣ, давлат, гуногунҷанба.

FUNCTIONING OF SYNONYMS IN THE POLITICAL VOCABULARY OF THE TAJIK LANGUAGE

This article examines the functioning of synonyms in the political vocabulary of the Tajik language. Political vocabulary, being dynamic and sensitive to changes in society, plays a key role in shaping public opinion and political discussion. In Tajik, it, like other languages, is enriched and developed under the influence of historical, social and cultural factors. One of the important aspects determining the expressiveness and versatility of political vocabulary is the use of synonyms. An analysis of the peculiarities of the use of political vocabulary in the speech of the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, the respected Emomali Rahmon allows us to conclude that it is important for shaping the image of the head of state, consolidating society and promoting political ideas. The functioning of synonyms in the political vocabulary of the Tajik language is a complex and multifaceted phenomenon. Synonyms play an important role in shaping political discourse, allowing politicians and journalists to accurately convey thoughts and create the necessary emotional impact.

Keywords: synonyms, political vocabulary, Tajik language, speech, Leader of the nation, President of the Republic of Tajikistan, progressive, state, multifaceted.

Об авторе
Аттоев Сухбатхон Каримович
Соискатель кафедры иностранных языков
Национальная академия наук
Таджикистана
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 33
E-mail: gtl.karimi@gmail.com

About the author
Attoev Suhbatkhon Karimovich
Leading researcher in the department of foreign languages
National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki Avenue
E-mail: gtl.karimi@gmail.com

Дар бораи муаллиф
Аттоев Суҳбатхон Каримович
Унвончӯйи кафедраи забонҳои хориҷӣ
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 33
E-mail: gtl.karimi@gmail.com

ТДУ 809.155.0+802.0

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ ИСМҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА РОҲҲОИ ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ (ДАР МИСОЛИ «ПИРАМАРД ВА БАҲР»-И ЭРНЕСТ ҲЕМИНГВЕЙ)

Исматов М. Қ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Дар забоншиносӣ таснифоти исм ва ибораҳои исмӣ яке аз мавзуъҳои мубрам ва муҳимми синтаксисӣ ва семантикӣ ба шумор меравад. Таснифоти исм ва ибораҳои исмӣ ҳамчун воситаҳои баёнӣ кӯшишҳои чандинасраи муайян намудани мафҳум «калима» ва «ҷумла» ба ҳамагон маълуму машҳур аст. Дар замони муосир «матн»-ро низ дар қатори онҳо даровардан мумкин аст. Аммо мафҳуми «матн» фақат дар нимаи дуюми асри XX – солҳои 60-70-ум мавриди таҳлили ҳамаҷонибаи забоншиносӣ қарор гирифт, ки ин соҳаро забоншиносони ватанию хориҷӣ ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Муҳаққиқ Ҷ. Валиев доир ба масъалаи калимасозӣ менигорад: «Калимасозӣ яке аз роҳҳои муҳимми бой гардонидани таркиби луғавии забон ба ҳисоб меравад ва маҳз бо ҳамин роҳ таркиби луғавии забон инкишоф меёбад. Инсон дар зиндагӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ бо истифода аз қолибҳои гуногун калимаҳои зиёдеро истифода мебарад, ҳамзамон дар баробари пешрафти ҷомеа забон низ рушду такомул меёбад. Аз ин хотир, забонро ҳамсафари доимии ҷомеа ном мебаранд. Дар ҳоли ҳозир, зарурате пеш омадааст, ки одамон барои пурраву мукаммал ифода кардани мафҳумҳои нави дар равиши ин дигаргуниҳои бавуҷудомада аз ҳамаи воситаҳо, махсусан, аз усулҳои калимасозӣ ба таври фаровон истифода намояд. Талаботи мазкур ба инкишофи калимасозиву шаклсозӣ ва таркибу иборасозӣ асосу омили муҳимме ба шумор меравад» [8, с. 43].

Масъалаи калимасозӣ дар таҳқиқоти забоншиносон инъикос ёфта, як бахши муҳиммӣ илми забоншиносӣ маҳсуб меёбад ва дар алоқамандӣ бо морфология омӯхта мешавад, ки аз нигоҳи забоншинос Ҷ. Валиев морофология чунин маънидод мегардад: «Морфология як қисми грамматика буда, дар бораи сохти грамматикии калима, тарзи ифодаи маънои грамматикӣ ва роҳу воситаҳои калимасозӣ баҳс мекунад. Морфология гурӯҳҳои лексикию грамматикии калимаҳо ва ҳодисаҳои грамматикиеро меомӯзад, ки бо қонуну қоидаи мавҷудияти калима ҳамчун воҳиди грамматикӣ марбутанд. Гурӯҳҳои грамматикии калимаҳо дорои категорияи грамматикӣ ва системаи шакл (парадигма) мебошанд» [5, с. 59].

Оғоз. Таҳлили сохтории исмҳои забони англисӣ ва роҳҳои ифодаи он дар забони тоҷикӣ (дар мисоли «the old man and the sea»-и Эрнест Ҳемингвей яке аз масъалаҳои таҳқиқнашудаи соҳаи забоншиносӣ ба ҳисоб рафта, дар мақола кӯшиш гардидааст, ки ин масъала ба қадри зарурӣ дар асоси сарчашмаҳои илмии муътамад ва осори забоншиносони ватанию хориҷӣ матраҳ гардидааст.

Мақсади таҳқиқот. Чи тавре ки дар боло зикр намудем, исмҳои сода, сохта ин як ҷузъиёти соҳаи забоншиносӣ ба шумор рафта, то имрӯз мавриди баҳсу мунозираҳои зиёд аз ҷониби олимон ва коршиносон мавриди истифода қарор гирифта, то ҳол ба як хулосаи аниқ наомадаанд. Аз ин лиҳоз, мо ба хулосаи омадем, ки дар мақолаи мазкур оид ба таҳлили сохтории исмҳои забони англисӣ ва роҳҳои ифодаи он дар забони тоҷикӣ мисолҳо ворид намоем: old man- «The old man looked at him with his sun-burned, confident loving eyes» [13, с.10].

Дар забони англисӣ исми old man ҳамчун исми сохта омада ва дар забони тоҷикӣ бошад айнан тарҷумон калимаи ҳаммаънои «old man»-ро Пирамард тарҷума кардааст, ки он дар забони тоҷикӣ ба исми таркибӣ хос мебошад, вале байни забонҳои таҳқиқшаванда умумият ба назар мерасад: Пирамард - «Пирамард бо чашмони офтобхӯрда ва мутмаину бамеҳраш ба ӯ нигарист» [13, с.15].

Қобили зикр аст, ки: «Забони адабии ҳозираи тоҷик ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ баробари тараққиёти соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мардуми тоҷик пайваста дар рушду такомулёбӣ қарор дорад. Он тамоми дигаргуниҳои иҷтимоиро дар худ мунъакис сохта, бар ҳамин васила барои ғаномандии таркиби луғавии худ заминаҳои мусоид фароҳам меоварад. Яке аз чунин заминаҳои муҳим калимасозӣ маҳсуб меёбад. Ин соҳаи забоншиносӣ бо мураккабии роҳу усулҳои сохтани вожаҳои наве, ки талаботи оммаро дар

бобати дуруст инъикос намудани воқеият зимни муошират таъмин карда тавонад, нисбат ба дигар бахшу соҳаҳояш афзалият дорад» [7, 40].

Қисми асосӣ. Дар мисоли дигар бошад исми «Воу» дар забони англисӣ ҳамчун исми сода мавриди истифода қарор грифтааст ва тарҷумаи он дар забони тоҷикӣ ба исми сохта рост меояд. «If you were my ***boy*** I'd take you out and gamble, he said. But you are your father's and your mother's and you are in a lucky boat» [13, с.12] Агар ***писараки*** ман мебудӣ, таваккул мекардаму бо худ мебурдамат – гуфт ӯ, – аммо ту баччаи волидонат ҳастӣ, заврақ ҳам бобарор аст [13, с.13]. Бояд, тазаккур дод, ки сохтори истифдабарии исмҳо дар забонҳои муқоисашаванда гуногун мебошанд.

Калимасозии исмҳо бошанд, ба воситаи пешвандҳою пасвандҳо сурат мегиранд. Калимасозии пешвандии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик танҳо як пешванди исмсози **ҳам-** мавҷуд аст. Ин пешванд дар калимасозии исм ҷойгоҳи вижаро касб мекунад.

Пешванди ҳам-. Ин пешванд дар забони адабии ҳозираи тоҷик тавассути ном исмҳое месозад, ки ҳамроҳӣ, шарикӣ ва муносибати дутарафаи шахс ва ашёро далолат мекунад.

Морфемаи **ҳам-** на танҳо аз исм, балки аз ҳиссаҳои дигари нутқ низ исм месозад. Чунончи, аз асоси замони ҳозира ва гузаштаи феъл бо ин пешванд исм сохта шудааст: *ҳамнишин, ҳамнишаст, ҳамзод* ва ғ..

Қайд кардан ба мавриди аст, ки дар сарчашмаҳои илмӣ дар исмсозӣ дигар пешвандҳо, аз қабили ***о-, пай-, под-, фар-, наҳ-*** истеъмол мешудааст.

Аммо дар забоншиносии муосир, ин пешвандҳо ҳамчун унсури калимасоз, хусусияти калимасозии худро аз даст дода, аз решаи калима ҳамчун пешванди мустақил ҷудо намешаванд, яъне, рехта шудаанд. Доир ба пасвандҳои исмсоз бошад, дар забоншиносии тоҷик пасвандҳои калимасозро аз рӯйи мавқеи маънои калимаҳои сохтаашон ба пасвандҳое, ки исми шахс, исми ашёву макон ва исми маънӣ месозанд, тақсимбандӣ менамоянд ва мо низ аз ин гурӯҳбандӣ истифода карда, дар асоси маводди гирдовардаамон аз осори нависанда мавқеи калимасозии пасвандҳро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Аз диди забоншиносон, олимону донишмандони соҳаи забон дар забоншиносии умумӣ ва забоншиносии тоҷик мақому манзалати роҳи калимасозии сарфӣ нисбат ба дигар роҳҳои калимасозии исм назаррас арзёбӣ гардидааст. Ин аст, ки ба ин масъала муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ таваҷҷуҳи бештар намудаанд.

Аз ҷумла, А. Амлоев қайд менамояд, ки: «Маълум аст, ки калимасозии сарфӣ дар навбати худ аз рӯйи хусусияту сохтори калимасозиаш ба ду қисм ҷудо мешавад: бо вандҳо (пешванду пасвандҳо ва миёнвандҳо) ва бо роҳи мураккабшавии сохтани исмҳо. Аз ин навъҳои калимасозии сарфӣ гурӯҳи якум – калимасозии вандии исм, махсусан, ба воситаи пешванду пасвандҳо сохтани калимаҳо, нисбат ба қисми дуюм мавқеи махсусро ишғол менамояд» [6, с.23].

Дар робита ба ин қайд кардан ба мавриди аст, ки бо назардошти сермаҳсулӣ ва серистеъмолии пасвандҳо калимасозии пасвандии исм назар ба калимасозии пешвандии исм дар калимасозии исм мавқеи калон дорад.

Пасванди -акӣ. Пасванди **-акӣ** яке аз пасвандҳои муштараквазифаи забони тоҷикӣ буда, дар калимасозии исм, сифат ва зарф истифода мешавад. Ин пасванд дар калимасозии сифат ва зарф нисбат ба калимасозии исм фаъолтар аст. Дар ин мавриди Ӯ. Аҳмадова таъкид менамояд: «Ин пасванд дар калимасозии сифат ва зарф иштирок дорад. Пасванди **-акӣ** бо исм омада, сифат месозад, ки он ба хосият доро буданро мефаҳмонад. Дар калимасозии исм каммаҳсул аст» [6, с.26].

Дар ин ҳолат диққати махсус ба намудҳои мухталифи такрори матнӣ, хусусан исмӣ, дода мешавад. Муқаррар гардид, ки такрори бевоситаро низ мушоҳида намудан мумкин аст, ки такрори холис номида мешавад ва он бе огон тағйирот ё модификатсия ба роҳ монда мешавад. Ё имконияти иваз намудани калима ба муродиф (синоним) дида мешавад, мисли рафиқ-ҷӯра, ё калима, асосан исм, ба ҷонишин иваз карда мешавад рафиқ – ӯ (вай, он) дар калимаҳое, ки маънои нисбатан васеъ доранд, ё ҳангоми табдили ибора кардани матн ё таркибҳою ҷумлаҳои пайрав ва монанди инҳо. Дар қатори такрор ва табдили матн, инчунин таҳқиқи исмҳои мураккабу таркибе, ки дар ҷумла дарозтар дида мешаванд, дар дохили матн ва таҳлилу ҷустуҷӯи воҳидҳои мураккаби синтаксисӣ, фавқулоборавию сархаттӣ, ҷолиб мебошанд [10, с.32].

Дар байни образ забоншиносон се намудро фарқ мекунанд: 1) Қиёс – ибораҳои рехта; 2) Намуди қиёс, ки дар он яке аз ҷузъҳо дигар мешавад; 3) Қиёси озоди муаллиф, ки аз рӯйи намунаҳои мавҷуда сохта шудааст. Бисёре аз образи муаллифон дар натиҷаи истифодаи

васеи онҳо ба ибораҳои рехта табдил ёфтаанд ва қолабҳои махсусро ташкил кардаанд. Хусусияти урфӣ доштани ин қолабҳо онҳоро ба воҳидҳои фразеологӣ табдил додааст, ки дар натиҷа аксари онҳо на фақат маънои аслии худро гум кардаанд, ҳатто нофаҳмо шудаанд. Масалан, исмҳое, ки монанди «**sun-burned» «офтобхӯрда»** [13, с.10]. «The old man looked at him with his **sun-burned**, confident loving eyes» [13, с 10]. «Пирамард бо чашмони ***офтобхӯрда*** ва мутмаину бамеҳраш ба ӯ нигарист» [13, с.11] ва ғайра. Дар забони тоҷикӣ як гурӯҳи калони чунин таркибҳо вуҷуд доранд, ки монандии хусусияту сифатҳои одамон ва ҳайвонотро ифода мекунанд: «қадаш мисли шутур», «овозаш гов барин ғафс», «зоғ барин қар-қар мекунад» ва монанди инҳо. Таҳлили муқоиса ибораҳои идиоматикӣ имконият медиҳад, ки онҳоро, вобаста ба иштироки ҳиссаҳои нутқ ба шаклҳои зерин тақсим намоем: 1) зарф + исм: very huge (хеле калон) too black (пурра сиёҳ, сип-сиёҳ) very happy (хеле ҳам хушбахт) too sharp (бисёр ҳам тез).

Дар ҷумлаи «He is very thoughtful for us» (Ӯ ба мо ин қадар ғамхор аст), қиёси «very thoughtful» (ин қадар ғамхор) [13, с.20-21] ба он шаҳодат медиҳад, ки хондани китоб ба ӯ чӣ қадар ҳаловат бахшидааст. Ҳамин тариқ ибораи «very grateful» дараҷаи баланди қаноатмандӣ аз ягон чизро ифода мекунад. Дар асарҳои бадеӣ нависандагон бисёр вақт ба сохтани образ рӯй меоваранд, ки ин нутқи онҳоро рангу бор медиҳад. Истифодаи онҳо хусусиятҳо ва ё ҳолатҳои персонажҳоро образнок карда ифода мекунад. Дар ибораи «Упрям как осел» «Хар барин якрав» фаҳмидан душвор нест, ки нависанда ба хулқи якравии персонаж ишора мекунад. Ба воситаи ибораи «бледен как смерть – марг барин рангпарида» нависанда ҳолати қаҳрамони асарашро барҷаста карда нишон медиҳад. 2) феъл исм/сифат: is beautiful зебову нозанин аст, seems angry қаҳролуд ва хашмгин метобад, behaves bad-рафтори бад менамояд moves fast-тез роҳ мегардад, drink water-об нушидан, eat few-кам хӯрдан, be calm ором-рафтор кардан. Истифодаи муқоиса таркибҳои феълӣ кам намебошанд.

Дар онҳо муаллиф рафтори қаҳрамонро ба ягон ҳодиса ё амали дигар мувозӣ гузошта, дар асоси аломати умумии онҳо қиёс эҷод мекунад. Одатан чунин муқоиса дар зеҳни хонанда аз тариқи маънои ботинии матни бадеӣ таъсир гузошта ва эҳсосоти ӯро ба ангезиш меоварад. Бо шунидан ё хондани калимаи «angel» «фариштa» ҳар як хонанда, одатан, сифатҳое монанди зебоӣ, покизагӣ, ростӣ баринро ба хотир меоварад. Агар ибораи «was like an angel» (фариштa барин рафтор кард) хонда шавад, ҳатман фаҳмида мешавад, ки муаллиф муносибати худро нисбати рафтори персонаж ифода карда истодааст, зеро компоненти феълӣ ба рафтори персонаж ишора мекунад.

Настоящая статья посвящено семантическим особенностям и особенностям употребления непроизводных многозначных глаголов, обозначающих разрушение. Эти глаголы описывают трансформационные процессы, приводящие к полному или частичному уничтожению объекта, утрате его целостности или изменению его характеристик. В статье проводится анализ ядерных и периферийных значений, исследуются метафорические переносы и выявляются факторы, определяющие выбор глагола в зависимости от типа разрушаемого объекта и характера процесса. Исследование лексической сочетаемости глаголов деструктивного характера выявили следующие закономерности: в качестве субъекта действия могут выступать как одушевленные, так и неодушевленные существительные, или только одушевленные. У большинства глаголов наблюдается возможность использования обоих типов субъектов. Значительное внимание уделяется лексический сочетаемости, в частности, установлено, что неодушевленное существительное выступает объектом действия для большинства глаголов. При этом, для некоторых глаголов характерно наличие как одушевленного, так и неодушевленного объекта, что показывает их широкие семантические возможности. Лишь три глагола допускают исключительно одушевленный объект, в то время как остальные глаголы преимущественно сочетаются с неодушевленными объектами, что подтверждает их ориентацию на описание процессов и состояний, не связанных напрямую с деятельности живых существ. Кроме того, разница в степени повреждения проявляется не только в размере ущерба, но и в его последствиях.

Ключевые слова: разрушение, глагол, действия, семантический, уничтожение объекта, различие, степень разрушения, воздействие, возможность, восстановление.

ТАҲЛИЛИ СЕМАНТИКӢ-ФУНКСИОНАЛИИ ФЕЪЛҲОИ АМАЛИИ ДЕСТРУКТИВӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои маъноӣ ва корбарии феълҳои полисемантикии ғайри ҳосилшуда, ки вайронкуниро ифода мекунад, баррасӣ мешавад. Ин феълҳо равандҳои тағирёбандаро тавсир мекунад, ки ба пурра ё қисман нобуд шудани ашё, гум шудани якпорчагӣ ё тағирёбии хусусиятҳои онро мефаҳмонад. Дар мақола маънои аслӣ ва периферӣ таҳлил карда, интиқолҳои маҷозӣ таҳқиқ карда шуда, омилҳое, ки интихоби феълро вобаста ба намуди объекти нобудшаванда ва хусусияти равандро муайян мекунад, ишора карда шудааст. Таҳқиқи мутобиқати луғавии феълҳои харобиовар қонуниятҳои зеринро ошкор намуд: предмети амал метавонад исмҳои зинда ё беҷон ва ё танҳо исмҳои зинда бошад. Аксарияти феълҳо метавонанд ҳарду намуди субъектҳоро истифода баранд. Дар ин ҳол ба коллокатсия диққати калон дода мешавад, аз ҷумла муқаррар шудааст, ки исми беҷон барои аксари феълҳо чун объекти амал хизмат мекунад. Гузашта аз ин, баъзе феълҳо мавҷудияти ҳам предмети зинда ва ҳам беҷон хос буда, имкониятҳои васеи маъноии онҳоро нишон медиҳанд. Танҳо се феъл бо предмети зинда истифода карда мешавад, феълҳои боқимонда асосан бо предметҳои беҷон истифода шуда, томаркузи онҳоро ба тавсифи равандҳо ва ҳолатҳое, ки бевосита ба фаъолияти мавҷудоти зинда алоқаманд нестанд, тасдиқ мекунад. Ғайр аз он, фарқияти дараҷаи зарар на танҳо дар ҳаҷми осеб, балки дар оқибатҳои он низ инъикос меёбад.

Калидвожаҳо: харобшавӣ, феъл, амалҳо, маъноӣ, нобудшавии ашё, фарқият, дараҷаи харобшавӣ, таъсир, имкон, барқароршавӣ.

A SEMANTIC-FUNCTIONAL ANALYSIS OF DESTRUCTIVE VERBS IN TAJIK, RUSSION AND ENGLISH LANGUAGES

This article studies the semantic and usage characteristic of non-derivative polysemantic verbs denoting destruction. These verbs describe transformational processes leading to the complete or partial destruction of an object the loss of its integrity or a change in its characteristics. In this article is analyzed core and peripheral meanings explores metaphorical transfers and identifies factors determining verb choice depending on the type of object being destroyed and the nature of the process. A study of verb collocation revealed the following pattern: the subject of an action can be either animate or inanimate nouns or only animate ones. The most verbs can use both types of subjects. A considerable attention is paid to lexical collocation; in particular, it has been established that an inanimate noun serves as the object of an action for the most verbs. Moreover, some verbs are characterized by the presence of both an animate and an inanimate object, showing their broad semantic capabilities. Only three verbs allow exclusively an animate object while the remaining verbs are predominantly combined with inanimate objects confirming their focus on describing processes and states not directly related to the activities of living beings. Furthermore, the difference in degree of damage is reflected not only in the extent of the damage but also in its consequences.

Keywords: destruction, verb, actions, semantic, object destruction, difference, degree of destruction, impact, possibility, restoration.

Об авторе
Мухамадиева Зухра Абдумановновна
Кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой латинского языка
Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Сино 29-31
E-mail: zmuhamadieva@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Муҳамадиева Зуҳра Абдумановновна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони лотинӣ
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Сино 29-31
E-mail: zmuhamadieva@mail.ru

About the author
Mukhamadieva Zukhra Abdumanonovna
Candidate of philological sciences, associate professor, Head of Latin language department
Avicenna Tajik State Medical University
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, str. Sino 29-31
E-mail: zmuhamadieva@mail.ru

ТДУ 81'373.46

НАҚШИ ИХТИСОРАҲО ДАР ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА ГУМРУК ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Холиқов А. Ю.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар замони муосир бо пешрафти соҳаҳои гуногуни илму техника ва иқтисоду фарҳанг чи дар забони англисӣ ва чи дар забони тоҷикӣ миқдори зиёди ихтисораҳо ба чашм мерасанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи ихтисораҳо, бавижа, дар забони тоҷикӣ аз ҷониби ҷавонони даврони истиқлол на танҳо дар паёмакҳо, балки дар нутқи гуфтугӯӣ низ зиёд истифода бурда мешаванд. Вусъат ёфтани шумораи ихтисораҳое, ки дар забони муосири тоҷикӣ мавриди истифода қарор мегиранд, ба пайдоиши мафҳумҳои нав мусоидат мекунад, ки онҳо ба истилоҳсозӣ ниёз доранд. Омилҳои пайдоиш ва рушди бемайлони вожаҳои кутоҳшуда дар натиҷаи рушди илму техника, технология ва равандҳои ҳамгироии байналмилалӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ, амсоли соҳаҳои сиёсат, иқтисод, хоҷагии халқ ва ғайра ба вуқуъ меоянд. Ағлаби вожаҳои нав дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ номҳои мураккаб доранд ё ин ки ба тариқи ибораҳо ва вожаҳои мураккаб ифода меёбанд. Мавриди ба зикри хос аст, ки ин навъи истилоҳот ба мо имкон медиҳанд, ки нишонаҳои амиқтари мафҳуми мазкур возеҳан падидор мегарданд. Ҳангоме ки асоси сохтории истилоҳот вожаҳои мураккаб ва ибораҳо бошанд, моро водор месозад, ки ба ин ё он роҳ ҷиҳатҳои ихтисор намудани онҳоро пайдо намоем. Чунин омилҳо боиси мустаъмал гардидани муродифоти луғат, вожа, истилоҳ ва ё пайдоиши навъҳои гуногуни ихтисораҳо ва аббревиатураҳо мегарданд.

Чун ба таърихи вожаи «*аббревиатура»* назар афканем он аз вожаи лотинии - «*abbreviatura*» бо маъноҳои «*кӯтоҳкунӣ*», «*ихтисоркунӣ*», «*кутоҳ кардан*» ва «*ихтисор кардан*» ба кор рафтааст.

Дар илми забоншиносӣ *«аббревиатура – воҳиди луғавиест, ки аз ҳарфҳо ё қисми вожаҳо сохта шуда, номи пурраи истилоҳ ё иборараро ифода мекунад»* [4, с. 78].

Мафҳуми вожаи «*аббревиатура»* дар фарҳангҳои якзабона, дузабона ва бисёрзабона бо маъноҳои гуногун оварда шудааст. Масалан, дар «Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ»-и забоншиноси рус О.С. Ахманова он бо ду маъно оварда шудааст: *1. (вожаҳои мураккаби ихтисоршуда) вожаҳое, ки аз ҳарфҳои (морфемҳои) аввал сохташудаи ин ё он ибора мебошад. 2. (навъи ихтисоршудаи ҳарфҳои аввали вожаҳои мураккаб, акронимҳо) вожае, ки тавассути якҷоякунии ҳарфҳои аввал ё садоҳои аввали вожаҳо сохта шудааст* [3, с. 27].

Истилоҳ ва ё вожаи **аббревиатура** ё **ихтисора** дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», ки зери таҳрири забоншиносони тоҷик С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султонов ба табъ расидааст, ба маъноҳои зайл оварда шудааст: *«1. **Ихтисор** а. мухтасар кардан, кӯтоҳ кардан (гап ё чизи навиштаеро); 2. **Ихтисора** а. 1. вожаи мураккаби ихтисорашуда, ки аз ҳарфи аввал ё унсурҳои аввали вожаҳои таркиби ибора сохта шудааст, масс., АИҶТ Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2. шакли ихтисоршудаи вожа; **ихтисораҳои шартӣ** масс., збш. эабоншиносӣ; адш. адабиётшиносӣ; 3. **Ихтисорот** а. 1. ҷ. Ихтисор. 2. Збш. Вожаҳои мураккаби таври ихтисор сохташуда: **рӯйхати ихтисороти шартӣ»** [12, с. 568].

Дар луғати дузабонаи русӣ-тоҷикии муаллифон С.Ҷ. Арзуманов, Ҳ.А. Аҳрорӣ, М. Беҳбудӣ ва ғ. вожаи аббревиатураро бо ду маъно оврдаанд:

1) вожаи мураккаби мухтасаршуда, мас.: «комиҷроия», «колхоз»;

2) ихтисори шартии маъмули вожаҳо, мас.: «ниг.» ба ҷои «нигар», «ва ғ.» ба ҷои «ва ғайра» [2, с. 21].

Дар Луғати истилоҳоти забоншиносӣ бошад, мафҳуми аббревиатура чунин шарҳ дода шудааст: *«Аббревиатура (ихтисора) – исмест, ки тавассути якҷоякунии унсурҳо ё қисматҳои вожаҳои таркиби ибораи аслӣ ё вожаи мураккаби аслӣ сохта шудааст. Вожаест (вожаи мураккаби ихтисоршуда), ки аз қисматҳои аввали ихтисоршуда (сегментҳо) ё морфемаҳои вожаҳои таркиби ибораи аслӣ ё вожаи мураккаб таркиб ёфтааст»* [3, с. 11].

Забоншиноси рус В.Н. Ярцева дар «Луғати бузурги энсиклопедӣ»-и худ (Большой Энциклопедический словарь) чунин баён менамояд, ки: *«Аббревиатура – ин исмест, ки аз*

вожаҳои ихтисоршудаи таркиби ибораи аввалия ё аз ҷузъҳои ихтисоршудаи вожаи мураккаби аввалия иборат мебошад. Ҷузъи охирин метавонад инчунин ба таври комил (яъне ихтисорнашуда) ҳамчун вожаи комил боқӣ монад» [17, с. 67].

Вожаи ихтисора *abbreviation* дар луғати «Collins English Dictionary» бо чунин маъно оварда шудааст: «*Аббревиатура – ин шакли кутоҳи вожа ё истилоҳ аст, ки бо ихтисор намудани ҳарфҳои вожа ва ё ҳарфҳои аввали вожаҳо сохта мешавад»* [Collins English Dictionary Online].

Муҳаққиқи рус Р.К. Миньяр-Белоручев ба он назар аст, ки «аббревиатураҳо (ихтисораҳо) ҷузъи ҷудонашавандаи матнҳои илмӣ буда, ба онҳо муъҷазбаёнӣ ва ҷунбоиш мебахшанд» [11, с. 97].

Мо низ ба андешаи забоншиносони болозикр ҳамфикр буда, бар он назарем, ки ихтисора ва ё вожаҳои ихтисоршуда дар тамоми забонҳои олам арзи вуҷуд доранд ва онҳо бештар дар забони гуфтугӯӣ серистеъмоланд, аммо ин падида дар забони англисӣ бошад, ҳам дар забони гуфтугӯӣ ва ҳам дар забони адабӣ ба кор бурда мешавад. Ихтисораҳо дар забони англисӣ бештар ба истифода дода мешаванд, вале дар забони адабии ҳозираи тоҷик бошад, танҳо дар исмҳои хос ба назар мерасанд ва баъзан вақт дар маҷаллаву рӯзномаҳои давлатӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Чун ба забони муосири англисӣ назар андозем, ихтисораҳо баъд аз вожаҳои мураккаб дар ҷойи дуюм қарор доранд. Ин гувоҳӣ он аст, ки дар забони англисӣ дар мақолаҳои илмӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо ва нутқи гуфтугӯӣ ва паёмакҳо ихтисораҳо мавқеи махсусро ишғол кардаанд.

Дар мавриди забони тоҷикӣ бошад, бояд ишора намуд, ки ҳануз дар асрҳои қадим истифодаи ниҳоят ками вожаҳои мураккаби ихтисоршуда мушоҳида мешуд. Ин падида, қабл аз ҳама, ба таҷрибаи рушдёфтаи луғатнигории фарҳангнависӣ дар тули асрҳои XIV-XVI хос буд, ки дар он муаллифони луғатҳои маъруф аз ишораҳои дар он замон маъмули навъи *б. баҳр, д. – дарё,ниг. – нигаред, муқ. – муқоиса кунед*, истифода мебурданд [13, с. 100-105]. Ихтисоршавӣ дар забони тоҷикӣ натанҳо дар нутқи гуфтугӯӣ инчунин дар нутқи манзум низ роҳ ёфта буд, ки он дар вожаҳои кутоҳшуда дар эҷодиёти баъзе аз классикони адабиёти форсу тоҷик ба назар мерасанд.

Чун дар мавриди истифодаи ихтисораҳо дар нутқи гуфтугӯӣ ва адабиёт сухан рондем, набояд фаромуш кард, ки дар истилоҳшиносӣ низ ихтисора мавқеи хоси худро дорост. Ҳарчанд забоншиносии даврони Шуравӣ ва яке аз мутахассисони барҷастаи соҳаи истилоҳшиносӣ Т. Канделаки бар он андеша аст, ки «Зери мафҳуми истилоҳ вожа ё вожаибораҳое фаҳмида мешаванд, ки барои муайян намудани маънои худ дар низоми мувофиқи мафҳумҳо сохтани таърифро тақозо медиҳад» [6, с. 7].

Дар баробари ин, забоншинос Д. С. Лотте таъкид мекунад, ки ҳар як истилоҳи илмӣ-техникӣ бояд дақиқ ва мухтасар бошад [9, с. 35]. Аммо, талаботи дақиқӣ бо талаботи мухтасарӣ мухолифат мекунад. Вожаҳои аслӣ одатан бисёрмаъноанд. Аз ин рӯ, барои ифодаи мафҳумҳои илмӣ мувофиқ нестанд.

Истилоҳоти мураккаб ё бисёрҷузъӣ одатан якмаъно буда, дар соҳаҳои илм ва техника васеъ ба кор бурда мешаванд. Чунонки маълум аст, корбасти истилоҳоти мураккаб душвор аст. Онҳо аксар вақт ба муаммоҳое ҳамшабеҳанд, ки хондан ва навиштанро душвор мегардонад. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чӣ гуна аз як тараф талаботи дақиқии илмӣ ва аз тарафи дигар ихтисорӣ мувофиқ карда шавад. Раванди ихтисоршавӣ моро водор месозад, ки ҷиҳати омафаҳм гардидани истилоҳоти мураккаб ва бисёрҷузъӣ, ихтисор намудани онҳо аз манфиат холӣ нест [14, с. 63–64].

Дар мавриди забони тоҷикӣ бошад, истилоҳоти соҳаи гумрук низ аз ин равand орӣ нест. Масалан: КДАМ – Кумитаи давлатии амнияти миллӣ (дар мубориза бо қочоқ ва назорати марзҳо нақш дорад), АГТ – Агентии гумрукӣ Тоҷикистон (шакли кӯтоҳи истифода барои Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ), ББХ – Борбандӣ ва баҳисобгирии ҳисобот (шакли кӯтоҳ, ки метавон дар ҳуҷҷатҳои гумрукӣ дид) [15, с. 106-112].

Корбурди васеи ихтисораҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ баъд аз дигаргуниҳои ба вуқуъомадаи инқилоби Октябр ба амал пайваста буд. Пас аз он масъалаи бо аббревиатура хонда (номгӯйи) шудани номҳои корхонаҳо, кумитаҳо, вазифаҳои давлатӣ ва дигар сохторҳо ба миён омад. Дар ин замина забоншиносони даврони Шуравӣ ба ихтисор намудани чунин номҳо камари ҳиммат баста, дар марҳилаи аввал аббревиатураҳои зеринро пешниҳод намуданд. Мисол: БАС – барои адабиёти сотсиалистӣ, ҶСК – ҷамъияти саҳомии кудош ва ғ. [13, с. 100-105]

Дар забони муосири англисӣ низ аббревиатура ё худ ихтисораҳо нақши бағоят муҳимро ишғол менамоянд. Онҳо метавонанд бе иваз намудани маъно ва мафҳуми ҷумла нуткро кутоҳ ва вақтро сарфа намоянд. Инчунин, аббревиатураҳо ивазкунандаи номвожаҳои дароз ва дорои сохтори мураккабро моликанд, ки барои истифодаи онҳо дар нутқи гуфтугӯӣ ва асарҳои илмӣ осон ба назар мерасад. Қисми зиёди муҳаққиқон ба он назаранд, ки ихтисора усули нави вожасозӣ аст. Аммо ба андешаи мо ва аз нуқтаи назари илмӣ ин тавр нест. Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, дар ҳама давру замон майлу кӯшиш ба сарфаи вақт ва неру хоси инсоният буд.

Воқеан ҳам, забоншиносони ватаниву хориҷӣ ихтисораро як навъи вожасозӣ ҳисобидаанд, ки он ҳам дар воқеъ ҳам қобили мулоҳиза аст. Дар забони адабии муосири тоҷикӣ шаш намуди вожасозӣ мавҷуд аст, ки яке аз онҳо ҳамин навъи вожасозӣ, яъне, ихтисора маҳсуб меёбад.

Барои исботи назари худ мо ба таърихи ихтисоршавӣ дар забони англисӣ назар меафканем. Дар забони мавриди назар он решаҳои худро аз даврaҳои хатти шумерӣ, ки ба асри IV-и пеш аз мелод рост меояд, маншаъ мегирад.

Бо фарорасии даврони нав истифодаи ихтисораҳо бештар паҳн гардида, бавижа, ба хатти румӣ таъсири калон расонидааст. Таъсири ин раванд ба пайдоиши маҷмуи махсуси ихтисораҳои ҳуқуқӣ (Note iuris) рост меояд. Дар забони англисии муосир истифодаи фаъоли ихтисораҳои забони лотинӣ ба назар мерасанд. Маъмултарини онҳо ба монанди p.m. – «баъд аз нисфирӯзӣ»; i.e. – «ба ибораи дигар» мебошанд.

Дар соҳаи истилоҳшиносии забони англисӣ яке аз машҳуртарин рӯйхати ихтисораҳо бо номи «Modus Legendi Abbreviature» дар соли 1475 тартиб дода шуда буд, ки он 277 вожа ва истилоҳоти серистеъмоли онвақтаи забони фавқуззикрро дар бар мегирифт.

Дар асири XIV бо вусъат ёфтани нашри китобҳо дар забони англисӣ як такони наве ба вуҷуд омад, ки сабабгори пайдоиш ва дуруст ба роҳ мондани қоидаҳои имло гардид.

Баъдан соли 1855 аввалин рӯйхати ихтисораҳо дар забони англисӣ бо фарогирии 3000 вожа ба нашр расид, ки чунин мисолҳоро дар бар мегирифт: Brit. – British [19, с. 61].

Бо рушди илму техника истифодаи аббревиатураҳо дар забони англисӣ бемайлон тараққӣ намуда, дар соли 1899 яке аз маҷаллаҳои он даврон бо номи «маҷаллаи бостон» роҷеъ ба тафовути ихтисораҳо дар забони англисии амрикоӣ ва забони англисии британиёӣ мақолаҳо ба нашр мерасиданд. Дар забони анлисии амрикоӣ истифодаи ихтисораҳои ба монанди N.Y., O.K. бараъло ба назар мерасиданд. Дар солҳои 30-юми асри XX дар забони англисии амрикоӣ миқдори зиёди ихтисораҳо ба чашм мерасиданд. Махсусан ихтисораҳои истилоҳоти сиёсӣ, идоракунӣ ва гумрук аз намунаҳои онҳо ба шумор мераванд.

Забоншиноси англис Х.Б. Харли баъд аз таҳқиқотҳои зиёд дар осораш «English Words: A Linguistic Introduction» (2006) менигорад, ки истифодаи чашмраси ихтисораҳо дар забони англисӣ аз соли 1940 оғоз гардидааст. Дар он замон вазорату идораҳо ва кумитаҳои ҳарбӣ истилоҳоти ихтисорашудаи яроқу аслиҳаҳои ҷангиро дар маҷаллаю мактубҳо ва нутқи шифоҳӣ хело зиёд истифода менамуданд, ки ин падида дар забони англисӣ то ҳол мавқеи хоси худро дорост. Масалан: AUM – air-to-underwater missile; PL – phase line ва ғ. [21, с. 78; 19, с. 61-75].

Маврид ба зикр аст, ки истифодаи аббревиатураҳо дар соҳаҳои гуногун аз ҷумла:

Соҳаи ҳуқуқ: *FBI – Federal Bureau of Investigations, DR – deposit receipt* [10, с. 139-142];

Соҳаи иқтисод: *ASA – American Standard Association, IE – Individual Entrepreneur, BP – bill of parcels, NAMMS – National Partnership of Microfinance Market Stakeholders* [7, с. 30-35];

Шабакаҳои интернетӣ: *LOL – laughing out loud, FYI – For your information, THX – thanks* [8, с. 336-367];

Соҳаи ҳарбӣ: *UFO – unidentified flying object, CND – Campaign for Nuclear Disarmament*;

Соҳаи варзиш: *UEFA − Union of European Football Associations*;

Васоити ахбори омма (ки худ ихтисораи хос дорад ВАО)**:** *WWW – World Wide Web, BUP British United Press*;

Ташкилотҳо: *UNESCO – United Nations Economic, Scientific, Cultural Organization, NOW – National Organization of Women*;

Номҳои корхонаю ширкатҳо: *CAB−Citizens Advice Bureau*;

Номҳои мамлакатҳо: *USA, UK, TJK, UZB, KAZ* [5, с. 354].

Шаҳрҳо: *NY / NYC – New York (city); LON – London; PAR – Paris; MOW – Moscow; BJS – Beijing; DYU – Dushanbe* ва ғ. зиёд ба назар мерасад.

Яке аз соҳаҳои калидӣ дар тамоми давру замон ин соҳаи гумрук ба шумор рафта, он риштаҳои гуногуни иқтисоди миллиро бо ҳам васл менамояд. Аз ин лиҳоз, истифодаи ихтисораҳои истилоҳоти соҳаи мазкур аз назари кормандони соҳа, мутахассисону забоншиносон дур набуда, аз лаҳзаҳои аввали пайдоиши ихтисораҳо мавриди истифода қарор гирифтааст. Гумрук соҳаест, ки дар он «мутахассисони соҳаҳои мухталифи иқтисоду молия, ҳуқуқу тиҷорат, низомию сиёсӣ ва ғайра фаъолият карда, бо амалу равандҳое вобастаанд, ки дар соҳаҳои зикршуда ба кор меравад» [16, с. 113] ва ин боиси истифодаи зиёди ихтисораҳо на танҳо дар як соҳа, балки алоқамандии он бо дигар соҳаҳои калидии ҷомеа зиёд ба назар мерасад. Дар забоншиносӣ ихтисораҳоро ба гурӯҳҳои зайл ҷудо мекунанд:

Clipping – (ихтисокунӣ ё буриши вожа) як раванди вожасозӣ мебошад, ки дар он вожаи нав тавассути партофтани як ё якчанд ҳиҷо аз вожаи бисёрҳиҷоӣ сохта мешавад, ба монанди **fax** аз ***facsimile*** ва **phone** аз ***telephone***. Клипинг як намуди ихтисоркунӣ (abbreviation) аст, ки дар он як қисми вожа аз боқимондааш ҷудо карда мешавад ва қисми боқимонда айнан ҳамон маънои вожаи аслиро ифода мекунад.

Клипингҳоро вобаста ба он ки кадом қисми вожа бурида мешавад, ба панҷ намуди асосӣ тақсим мекунанд: а) **Back clipping** (апосоре) – ихтисоркунӣ аз ақиб; б) **Fore clipping** (aphaeresis) – ихтисоркунӣ аз пеш (апереза); в) **In front** and **back clipping** – ихтисоркунӣ аз пешу ақиб); г) **Middle clipping (syncope)** – ихтисоркунӣ аз миёна (синкопа)); д) **Complex clipping** – ихтисоркунии мураккаб ё ихтисоркунии ибораҳо.

а) маъмултарин намуд аст, ки дар он қисми аввали вожа нигоҳ дошта мешавад. Масалан: **ad.** advertisement – эълон; **cable**. cablegram – телеграмма; **dorm.** dormitory – хобгоҳ.

б) комилан муқобили намуди аввал аст. Дар ихтисоркунӣ аз пеш, қисми аввали вожа бурида шуда, қисми охири он боқӣ мемонад. Масалан: **chute**. parachute – парашют; **gator.** alligator – аллигатор; **phone**. telephone – телефон; **plane.** aeroplane – тайёра ва **van**. caravan – корвон/фура.

в) дар ин ҳолат қисми миёнаи вожа боқӣ монда, қисмҳои аввал ва охири он бурида мешаванд, ба монанди **flu**. influenza – зуком ва **tec.** detective – детектив.

г) ин намуди ихтисоркунӣ дар забони англисӣ чандон маъмул нест. Дар ин намуд қисми миёнаи вожа партофта мешавад, ба монанди: **asst**. assistant – ёвар.

д) ин аз байн бурдани қисмҳои зиёд аз чанд вожа мебошад, ба монанди: **cablegram** (cable telegram), **op art** (optical art – санъати оптикӣ), **org-man** (organization man) ва **linocut** (linoleum cut – линогравюра).

Забоншиноси англис Ҳ. Маршанд (1969) «*The categories and types of present-day English word-formation»* бар он андеша аст, ки ихтисораҳо ҳамчун вожа барои захираи луғавии забони давлатӣ сохта намешаванд. Онҳо ҳамчун истилоҳоти гурӯҳҳои махсус, аз қабили сарбозон, табибон, донишҷӯён, полис ва ғайра буда, дар муҳите ба вуҷуд меоянд, ки дар он ҷо ба як ишора барои фаҳмидани тамоми мафҳум кофист [22, с. 145]. Аз қабили: **VIP** ва **CIP** дар жаргонӣ фурудгоҳ; **exam, math** ва **lab** дар жаргони мактабӣ; **spec** ва **tick** дар жаргони биржаи коғазҳои қиматнок; **vet,** ва **cap** дар жаргони ҳарбӣ пайдо шудаанд. Баъзе вожаҳои ихтисоршуда метавонанд ба истеъмоли ом ворид шаванд, дар ҳоле ки дигарон метавонанд дар баробари вожаҳои аслии худ истифода шаванд. Аммо онҳо маъноҳои гуногуни услубиро ифода мекунанд.

Инчунин, аббревиатураҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: акроним ва инитсиалҳо. Акронимия ва инитсиализм вожасозие мебошад ки дар онҳо ҳарфҳои аввали вожаҳои алоҳида ё ибораҳо барои сохтани вожаи нав ба ҳам оварада мешаванд. Масалан: API – (Advance Passenger Information), CER – (Closer Economic Relations), CIF – (Cost, Insurance, Freight), ва COD – (Cash On Delivery) [20, с. 41]. Ширкатҳо, корхонаҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва ғ. барои муаррифии худ истифодаи акроним ва инитсиалҳоро афзалтар медонанд. Мисол: WCO – (The World Customs Organization) – Созмони ҷаҳонии гумрук, ҶДММ, ДМТ, ДДОТ.

Акронимҳо ва инитсиалҳо аз ҳамдигар ба он фарқ менамоянд, ки: акронимҳо – ихтисораи садоӣ (ихтисоре, ки аз садоҳои аввали вожаҳои ибораи аслӣ сохта шудааст, масалан: UNESCO, АСИКУДА, radar ва ғ. Инитсиалҳо бошанд вожаҳое мебошанд, ки ҳарф ба ҳар хонда мешаванд. Масалан: БРАМОМ – (Барномаи беҳтарсозии роҳҳои алоқаи минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ), GST – (Goods & Services Tax), GVW – (Gross Vehicle Weight) [1, с. 345; 20, с. 41].

Аксаран акронимҳо дар забони англисӣ ба мавзуъ ё соҳаи мушаххас вобаста шудаанд. Як акроним метавонад дар соҳаҳои гуногун мафҳумҳои мухталифро ифода кунад. Барои мисол метавонд вожа WCO-ро истифода намуд:

а) дар соҳаи **гумрук**, он маъноӣ *World Customs Organization* - Созмони ҷаҳонии гумрук;

б) дар соҳаи **алоқа**, маъноӣ *Wireless Communications Operator* – оператори алоқаи бесим;

в) дар соҳаи **манзилию кормуналӣ**, ба маъноӣ *Water Conservation Officer* – Мутахассиси ҳифзи захираҳои об;

г) дар соҳаи **синамо**, маъноӣ *World Cinema Organization* – Созмони ҷаҳонии синамо;

д) дар соҳаи **экология**, маъноӣ *Wildlife Conservation Organization* – Созмони ҳифзи ҳайвоноти ваҳшӣ-ро дорост [20, с. 41].

Ҳамчунин дар забони англисӣ ихтисораи ID (identification) одатан маънои шиносоӣ ё айниятро дорад, аммо дар соҳаи тиб он маънои бемории сироятӣ ID (*infectious disease*)-ро медиҳад. Бинобар ин, моро зарур аст, ки барои дарёти маънои амиқу дақиқи ихтисораҳо ба луғатҳо ва фарҳангҳои соҳавӣ мурочиат намоем.

Чун ба фаҳангҳои тафсирӣ, луғатҳои дузабона, сезабона ва бисёрзабона назар афканем ихтисораҳо дар истилоҳоти марбути соҳаи гумрук дар забони англисӣ зиёд ба назар мерасад. Масалан фарҳанги тафсирии «Glossary of Customs and Trade Terms» дидан намудем дар он зиёда аз 450 ихтисора ҷамъовари шудааст, ки бевосита ба соҳаи гумрук равона шудаанд. Барои мисол: ATA – (Admission Temporaire/Temporary Admission), CAF – (Currency Adjustment Factor), CEN – (Customs Enforcement Network), B/L – (Bill of Lading) [20, с. 41].

Гузаштагони мо аз азал дар илму фарҳанг, санъат ва шеъру шоири мавқеи хоси худро доштанд. Ин гувоҳи он аст, ки истифодаи ихтисора ё аббревиатура аз даврони қадим дар забонҳои мавриди омӯзиш мавқеи худро дошта, дар риштаҳои гуногуни ҳаётан муҳим серистеъмол будаанд. Чунон чи дар боло зикр карда будем дар забони тоҷикӣ истифодаи ихтисора на танҳо дар миён ом балки дар ғазалу дубайтиҳо истифода мешудааст.

Дар мавриди забони англисӣ бошад бояд набояд фаромуш накард, ки ин забон яке аз забонҳои қадима ва аз истилоҳу вожа, вожаю луғат бой ба шумор меравад. Истифодаи аббревиатураҳо дар ин забони мавриди таҳқиқ на танҳо дар соҳаи гумрук балки дар соҳаҳои дигар низ аз даврони қадим ҳатто фарзияҳое вуҷуд доранд, ки аз хаттӣ шумрӣ, ки ба асоҳои пеш аз милод рост меояд вуҷуд доштааст.

Метавонд гуфт, ки истифода ихтисораҳо дар даврони муосир ба вуҷуд намода балки аз азал дар забонҳои мавриди таҳқиқ мавриди истифоаи ом будааст.

Хулоса, бояд гуфт, ки ихтисора яке аз навъҳои сермаҳсули вожасозӣ буда, дар сохтани вожаҳои нав нақши бориз доранд. Ихтисора ва ё вожаҳои кутоҳшуда дар ҳамаи забонҳои олам ба кор бурда мешавад, зеро он дар тамоми соҳаҳои қишри ҷомеа дида мешавад. Масалан, дар соҳаҳои гумрук ва ё иқтисодиёт, мисли ШГҶТ, ХГҶТ, ШБМА, ШҚШ ва ё дар соҳаи иқтисодиёт чунин аст, БМҶТ, АМ, ИМХК, ПН ва ба монанди инҳо. Аз ин бармеояд, ки ихтисораҳо бисёрҷузъа ва серҷанба ба ҳисоб мераванд, зеро дар тамоми соҳаҳои касбу кори инсониян ингуна вожаҳои ихтисоршуда ба кор бурда мешаванд.

Адабиёт

1. *Алексеев, Д.И. Буквенные аббревиатуры и их классификация / Д.И. Алексеев // - М.: МГУ. – 1958. – 345 с.*
2. *Арзуманов С.Ҷ., Аҳрорӣ Ҳ.А. ва диг. Луғати русӣ-тоҷикӣ зиёда аз 72000 вожа / Арзуманов С.Ҷ., Аҳрорӣ Ҳ.А.// – М.: изд. «Русский язык», 1985. – 1282 с.*
3. *Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова // – М.: Советская Энциклопедия, 1969. – 608 с.*
4. *Борисов, В.В. Аббревиация и акронимия / В.В. Боорисов // - М.: Высшая школа, 1992. – 354 с.*
5. *Гребнева Д.М., Н.В. Чигина. Аббревиатурные процессы в английском языке / Гребнева Д.М., Н.В. Чигина // - М.: Международный научный журнал «Инновационная наука» №11-2 / 2016. – С. 98-100.*
6. *Канделаки Т. Семантика и мотивированность терминов / Т. Канделаки // М.: 1980. – 180 с.*
7. *Кострубина С.А. Аббревиатуры английских и русских экономических терминов: контрастивный аспект / С.А. Кострубина // Томск: Вестник Томского государственного университета. 2017. № 418. С. 30 – 35.*
8. *Кривошеева Д. А., Слесарчук В. А. Современные интернет-сокращения и аббревиатуры в английском и русском языках / Д. А. Кривошеева, В. А. Слесарчук // Беларусь.: Белорусский*

государственный университет. 2024. – с. 363-367.
9. *Лотте Д.С. Краткие формы научно-технических терминов / Д. С. Лотте // - М.: Наука. 1971. – 82 с.*
10. *Мазнёва Ю.А. Термин: Структура и лексико-семантические особенности (на материале английских юридических терминов – сокращений) / Ю.А. Мазнёва // - Северо - Кавказский регион: Известия ВУЗов. 2007. №5. – С. 139-142.*
11. *Миньяр-Белоручев, Р.К. Общая теория перевода и устный перевод / Р.К. Миньяр-Белоручев // - М.: Воениздат, 1980. – 237 с.*
12. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Назарзода С., Сангинов Р., Рауфзода Р. иборат аз 2 ҷилд. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ. 2008. - 950 с.*
13. *Хазраткулов О. Ф. Становление и развитие лексикализации аббревиатур в таджикском, узбекском и английском языках / О.Ф. Хазраткулов // Вестник педагогического университета. 2017. №3 (70). – С. 100-105.*
14. *Хаютин А.Д. Термин, терминология, номенклатура / А. Д. Хаютин // - М.: Наука. 1991. – 245 с.*
15. *Холиқов, А.Ю. Роҳҳои корбурди истилоҳоти соҳаи гумрук дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / А.Ю. Холиқов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. №6 (119). 2025. – С. 106 – 112.*
16. *Холиқов, А.Ю. Роҳҳои корбурди истилоҳоти соҳаи гумрук дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / А.Ю. Холиқов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. 2026. №3. – С. 113 – 117.*
17. *Ярцева В.Н. Большой Энциклопедический словарь / Н.В. Ярцева // М.: 1998. – 685 с.*
18. *Collins English Dictionary Online [Electronic resource]. - URL: http://www.collinsdictionary.com/dictionary/english (date access: 21.12.2025).*
19. *Danilin A. S., R. R. Mavleev. Comparative analysis of abbreviation methods in English and Russian military terminology / A. S. Danilin, R. R. Mavleev // Вестник МГЛУ. Гуманитарные науки. Вып. 7 (849) / 2021. – P. 61-75*
20. *Glossary of Customs and Trade Terms [Electronic resource]. - URL: www.businessdictionary.com (date access: 21.12.2025).*
21. *Harley H.B. English Words: A Linguistic Introduction / H. Harley // Oxford: Blackwell Publishing, 2006. – 360 p.*
22. *Marchand Hans (1969) «The categories and types of present-day English word-formation» / Marchand H. / - Munchen: 1969. – 145 p.*

НАҚШИ ИХТИСОРАҲО ДАР ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА ГУМРУК ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур муҳаққиқ доир ба нақши ихтисораҳо дар истилоҳоти марбут ба гумрук дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сухан ронда, дар он доир ба ҷабҳаҳои гуногуни мавзуӣ мавриди таҳқиқро баррасӣ намудааст. Муаллиф аз таърихи вожаи аббревиатура аз фарҳангҳо иқтибос оварда қайд мекунад, ки истилоҳи мазкур бо маъноҳои гуногун дар забони тоҷикӣ оварда шудааст. Инчунин, дар мақола доир ба омилҳои пайдоиш ва рушди бемайлони ихтисорҳо да забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сухан рафта, муаллиф қайд кардааст, ки дар натиҷаи рушди илм, техника, технология ва равандҳои ҳамгироии байналмилалӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимои метавонд ба зиёд шудани ихтисораҳо такони ҷиддие бахшад. Илова бар ин, муаллиф дар мақолаи худ аз гуфтаҳои забоншиносони ватанию хориҷӣ доир ба ихтисора иқтибос оварда, тафовути акронимҳоро бо мисолҳои муътамад шарҳу тавзеҳ додааст.

Калидвожаҳо: ихтисора, акроним, истилоҳ, гумрук, сермаъноӣ, нутқи гуфтугӯӣ, шифоҳӣ, илм, техника, тиҷорат, байналмилалӣ.

РОЛЬ АББРЕВИАТУР В ТЕРМИНОЛОГИИ СВЯЗАННОЙ С ТАМОЖЕННОЙ СФЕРЫ, ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

В данной статье исследователь рассматривает место сокращений в терминологии, связанной с таможенной сферой, в таджикском и английском языках, а также анализирует различные тематические аспекты данного исследования. Автор, ссылаясь на словари, приводит сведения об истории слова «аббревиатура» и отмечает, что данный термин в таджикском языке употребляется в различных значениях. Кроме того, в статье рассматриваются факторы возникновения и стремительного развития сокращений в таджикском и английском языках. Автор подчёркивает, что развитие науки, техники, технологий, а также процессы международной интеграции в различных социально-экономических сферах могут дать серьёзный импульс увеличению числа сокращений. Также в своей статье автор приводит высказывания отечественных и зарубежных лингвистов о сокращениях и с примерами разъясняет различие между акронимами и инициалами.

Ключевые слова: аббревиатура, акроним, термин, таможня, многозначность, разговорная речь, устная речь, наука, техника, торговля, международный.

THE ROLE OF ABBREVIATIONS IN CUSTOMS-RELATED TERMINOLOGY IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In this article, the researcher discusses the role of abbreviations in terminology related to customs in the Tajik and English languages and examines various thematic aspects of the subject under study. Referring to dictionaries, the author cites information about the history of the word “abbreviation” and notes that this term is used with different meanings in the Tajik language. The article also addresses the factors contributing to the emergence and rapid development of abbreviations in the Tajik and English languages. The author emphasizes that the development of science, engineering, technology, and processes of international integration in various socio-economic spheres may significantly contribute to the increase in the number of abbreviations. In addition, the author refers to the statements of domestic and foreign linguists regarding abbreviations and explains, with examples, the difference between acronyms and initialisms.

Keywords: abbreviation, acronym, term, customs, polysemy, colloquial speech, oral speech, science, technology, trade, international.

Дар бораи муаллиф
Холиқов Абдулманон Юсуфович
Н.и.ф., мудири кафедраи методикаи таълими забони англисӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: abdulamanon-92@mail.ru

About the author
Kholiqov Abdulmanon Usufovich
Candidate of Philological sciences, Head of the Department of English Teaching Methodology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: abdulamanon-92@mail.ru

Об авторе
Холиков Абдулманон Юсуфович
К.ф.н., заведующий кафедрой методики преподавания английского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: abdulamanon-92@mail.ru

ТДУ 81'373.2:398

БОЗТОБИ ВОЖАГОНИ МАНСУБ БА КОНСЕПТИ “ВАТАН/MOTHERLAND” ДАР ФАРҲАНГНОМАҲОИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дилфузаи И.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Консепти “ватан/motherland” дар забонҳои гуногунсохтору гуногуннизом, алалхусус, забонҳои тоҷикиву англисӣ мавқеи хосро соҳиб аст ва инчунин, консепти номбурда ба он қодир аст, ки ҳуввияти меҳандӯстиву меҳапрастиро дар ҷавҳари ҳар як шахси ватандӯсту нексиришт таҷассум намояд.

Дар тасвири забони ҷаҳони ҳар як қавму нажод як силсила вожаву калимот ва мафҳуму истилоҳоте мавҷуданд, ки фарҳангу тамаддуни он халқро дар меҳвари консепт бозгӯ мекунанд. Бештари консептҳо хусусиёти умумизабониву умумифарҳангӣ дошта, сарфи назар аз тафовути қавмиву нажодӣ арзишҳои миллии он халқро ба ҳам муттаҳид месозад. Шинохти косепт аз ҷониби халқу миллатҳои гуногун яксон набуда, аломатҳои хосси худро доро аст, яъне ҳар як қамву миллат консептро аз нигоҳи диду назари хеш дарк мекунад.

Як нуктаро бояд тазаккур дод, ки тавассути шинохти консепт шахс метавонад аз хусусиёти фарҳангиву маърифатӣ ва иҷтимоии он халқ ошно гардад, зеро консепт метавонад ҷавҳари ҳуввияти миллии ин ё он он халқро таҷассум намояд.

Солҳои охир дар илми забоншиносӣ *консепт* мавзуи баҳси олимони хориҷиву ватанӣ гашта, муҳаққиқони тоҷик низ баҳри рӯшани андохтан ба ин масъала корҳои илмӣ ва тадқиқоти мондагоре ба анҷом расонидаанд. Роҷеъ ба таҳлилу баррасии консептҳои мухталиф суханварони тоҷик таълифоти зиёде интишор кардаанд, ки дар ин радиф метавон аз рисолаҳои М.А. Маҳмудзода “Муқоисаи консепти “дил” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси воҳидҳои фразеологӣ)”, Н.Р.Хушматов “Таҳлили маъноиву сохтории консепти “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, Ш.Х.Каримов “Инъикоси консепти «об/water» дар низоми луғавӣ ва таъбироти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ, А.Х.Холматова “Инъикоси консепти “бойигарӣ” – “қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”, С.Р.Ҷураева “Концепт«хушбахтӣ/happiness (счастье)» в таджикской и английской лингвокультурах”, М.М. Бобоев “Вижагиҳои психолингвистииконсепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ”, А.А.Ахмедова “Таҳлили муқоисавии консептҳои «саломатӣ/health» ва «беморӣ/disease» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ)”, Ф.Ҳ.Арабзода “Таҳлили муқоисавии вижагиҳои забонию фарҳангии ифодаи консепти “гул” ва дигарон ном бурд.

Мавзуи консепти *ватан*, ки яке аз мавзуҳои умда дар забоншиносии фарҳангиву маърифатӣ ба шумор меравад, то ба имрӯз мавриди таҳлилу баррасии амиқи илмӣ қарор нагирифтаааст ва мо тасмим гирифтем, ки роҷеъ ба хусусиёти решашинохтиву бозтоби вожагони мансуби он дар фарҳангномаву вожаномаҳо дар зер таваққуф намоем.

Таҳлил ва таҳқиқи фарҳангномаҳои тафсирӣ ва этимологӣ барои шарҳу тавзеҳ ва баромади консептҳо нақши муассир доранд, зеро тавассути он воҳидҳои луғавии канории онҳо муқаррар карда мешаванд. Бинобар ин, барои муайян намудани вожагони мансуби консепти *ватан*, нахуст ба шарҳу тавзеҳи маънои луғавии вожаҳои “ватан” ва “motherland” дар вожаномаву фарҳангномаҳо ва луғатҳои тафсирии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мепардозем. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” вожаи *ватан* ба маъниҳои “зодгоҳ, ҷои таваллуд ва нашъу намо, деҳа, шаҳр, мамлакат” омадааст” [8, с.228]: “Ниҳоят **деҳаи** Бағдодро ки дар ҷои **шаҳри** ҳозира буд, интихоб кард, ки баъдан номи пойтахти **давлати** муаззами халифаҳо гардид”[20,с.81].

Дар ҷумлаи мазкур воҳидҳои луғавии *деҳа, шаҳр* ва *давлат* ба ҳамдигар алоқаи маънои пайдо карда, дар симои се лексема муаррифи шуда, ба ҳудуди маъмуриву ҷуғрофии як мавзеъ, ки дар меҳвари консепт ба ҳам меоянд, ишора мекунад. Аммо дар таркиби ҷумлаву матн лексемаҳои мазкур бо андаке таҳаввулоти маъноӣ ба ҳам омада, дар дараҷаи корбурди онҳо тафовут ба назар мерасад. Гузашта аз ин, ҳар се вожа ҳам аз нигоҳи таркиби сарфӣ, исми сода ба шумор меравад.

Аз бозтоби вожагони мансуби консепти ватан дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” маълум гардид, ки воҳиди луғавии “ватан” дар забони тоҷикӣ ба маънои аслӣ ифодакунандаи “*ҷои таваллуд ва нашъунамо, зодгоҳ, меҳан; ҷои баромаду пайдоиши чизе, ҷои истиқомат,*

манзил, макон, маскан; ватан кардан, ҷои истиқомат ихтиёр кардан, манзил гирифтан, диёр, сарзамин, кишвар, мамлакат” омадааст [10, с.269]. Дар фарҳанги мазкур вожаи *автон* шакли ҷамъи калимаи *ватан* оварда шудааст [10, с.35].

Дар луғатномаи “Бурҳони Қотеъ” вожаи *ватан* ба маънии “ҷойи будан ва иқоматкардани мардум” қайд гардидааст [4, с.333]. Дар “Луғати мухтасари этимологию семасиологии забони тоҷикӣ” шарҳи вожаи “ватан” ба таври зайл тавзеҳ ёфтааст: “ҷои таваллуд ва ба воярасӣ, (деҳа, шаҳр, кишвар, мамлакат), зодгоҳ, меҳан, ҷои пайдоише чизе.” Муаллифи луғатнома илова менамояд, ки вожаи “ватан” шояд, аз “ава” – шакли дигари “аба” *падар, аҷдод* ва “тан” *замин, сарзамин* пайдо шудааст. Дар бархе забонҳои қадим, аз ҷумла чиноии қадим вожаи “тан” дар шакли “тян” ба маънии *замин, сарзамин, лот. “terra”- замин* омадааст[25, с.124]: “Мо занон, аз эҷодкор сар карда, то ҷорӯбкаш

ҳама ба малики маликон ва халқу **ватан** як умр аз таҳти дил хизмат кардем”[21, с.353]. Дар ҷумлаи мазкур "ватан" на танҳо ҳамчун як ҳудуди ҷуғрофӣ ё "ҷойи будан ва иқомат кардан" (чуноне ки дар “Бурҳони Қотеъ” омадааст), балки ҳамчун як мафҳуми муқаддас, сарзамини аҷдодӣ ва умумияти сиёсию фарҳангӣ баромад мекунад. Он дар канори мафҳуми "халқ" омадааст, ки пайванди нокандании инсонро бо мардум ва замини худаш нишон медиҳад.

Муодили вожаи *ватан* дар забони англисӣ исми мураккаби *motherland* буда, дар фарҳанги “Longman Dictionary of English Language and Culture” дорои чунин маъниҳост: “1. The country of one’s birth; one’s native land (Кишваре, ки инсон дар он ба дунё меояд, ҷойи таваллуде касе, ватани касе); 2. The country from which a group of settlers in another part of the world originally came(Кишваре, ки гурӯҳе аз мардум аз дигар қисмати олам қаблан ба онҷо омада, маскун гардиданд)” [13, с. 866].

Дар фарҳангномаи “The Oxford English Dictionary” вожаи *motherland* чунин шарҳ ёфтааст: “ A country as the mother or producer of anything, the country of one's origin; one's native country” (Кишваре чун модар ё мамлакате, ки дар он чизе ихтироъ ё истеҳсол шудааст, сарзамини аслии касе, диёри касе) [15, с.4801].

Мураттибони фарҳанги “New Oxford Thesaurus of English” ба вожаи motherland чунин таърифро муносиб медонанд: “a country as the source or producer of something (кишварҳамчунманбаъ ё истеҳсолкунандаичизе; -the country of one’s birth (зодгоҳикасе; one’s native land сарзаминекасе); - the homeland of one’s ethnic group (меҳанигурӯҳиэтникӣ); - a country in relation to its colonies or dependencies (муносибати мамлакат бо мулкҳое, ки ба ӯ тобеъ мебошанд); the country from which the founders of a calony came (диёре, киазонасосгузоронимулкбаромадаанд) [14, с.462].

Дар фарҳангномаҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ вожаи *ватан/motherland* тариқи зайл дарҷ гардидааст: *ҷойи таваллуд, кишвар, ҷойи нашъунамо, макони иқомат* ва *пайдоишу баромади чизе*. Вале дар тафаккури тоҷикзабонон вожаи *ватан* бештар бо вожаи зодгоҳ тавъамаст. Аммо дар забони англисӣ зери вожаи *ватан* на танҳо мафҳуми “ҷойи таваллуд”, балки “минтақае, ки гурӯҳи мардум аз дигар сарзамин омада, дар он маскун ва муқимӣ гаштаанд”, фаҳмида мешавад.

Дар ҳар ду забон ҳам, вожаи *ватан* ба маънои васеаш “қитъа ва ё мамлакати ба ин ё он халқ таалуқ дошта”-ро ифода намуда, ба маънои маҳдудаш “зодгоҳ – деҳаи хурд”-ро мефаҳмонад. Дар “Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ” муродифҳои калимаи *ватан – зодгоҳ, диёр, сарзамин, мамлакат, кишвар* қайд карда шудааст. Дар баробари ин, илова гардидааст, ки дар байни калимаҳои зикршуда, вожаи *ватан* ба калимаи *мамлакат* ҳаммаъно буда, доираи истеъмоли ин воҳидҳои луғавӣ фарох аст. Вожаҳои дигар ба воситаи калимаи *ватан* ба як силсила синонимҳо гирд омадаанд. Калимаҳои *кишвар* ва *сарзамин* нисбат ба муродифоти худ тобиши маъноӣ низ доранд, ба маънои маҳал, ҷой, мавзеъ, территория, минтақа, зона ва ғайра низ меоянд. **Қаламрав** ҳам синоними ин калимаҳо шуда метавонад [3, с. 52 - 53].

Таҳлилҳо нишон доданд, ки консепти “ватан” дар шуури тоҷикзабонон тасаввурот ва мафҳумҳои азизу муқаддасро таҷассум менамояд.

Лозим ба ёдоварист, ки вожаи *motherland* низ сермуродиф буда, шарҳи луғавию маъноии онҳоро зарур мешуморем. Дар луғатномаи электронии “Cambridge” бисту ҳафт муродифи вожаи *ватан* зикр ёфтааст: *Fatherland, homeland, native land, native soil, the old country, land, country, nation, republic, commonwealth, state, dominion mid, realm, empire, domain, kingdom, colony, settlement, region, territory, zone, area, district, section, vicinity, location* [19] (ватан, сарзамини модарӣ, диёри аҷдодӣ, хоки ватан, ватани аҷдодӣ, кишвар,

миллат, республика, иттиҳод, штат, доминион (дар таърих): “Кишварҳои мустамликаи собиқи Британиёи Кабир (ба монанди Канада, Австралия, Зеландияи Нав), ки мустақилияти дохилӣ доштанд, вале подшоҳи Англияро ҳамчун сарвари давлат эътироф мекарданд”, салтанат, хилофат, мулк, тасарруфот, қаламрав, подшоҳӣ, мустамлика, маскан, (дар таърих: муҳоҷиратнишин ё маҳаллаҳои аввалине, ки қавмҳо дар замини нав обод мекарданд), хитта, марз, минтақа, масоҳат, маҳалла,қитъа, атроф, маҳал”.

Аз ҷиҳати маъно танҳо панҷ вожаи дар боло қайд шуда, яъне *fatherland, homeland, native land, native soil, the old country* ба маҳалли таваллуд, сарзамини аслӣ ва ватан тааллуқ дорад. Боқимонда 22 калимаи дигар бо маънои замин, кишвар, миллат, республика, иттиҳод, штат, ҳукмронӣ, вилоят, мустамлика, шоҳигарӣ, колония, сукунат, масоҳат, минтақа истифода мегардад. Бинобар ин, метавон гуфт, ки на ҳама калимаҳои мансуби синонимии вожаи “*motherland*” баробармаъно ва баробаразиш буда, дар ҳама ҳолат калимаи “motherland”-ро иваз карда метавонанд.

Дар фарҳанги “Collins English Dictionary” муродифҳои зерини вожаи “motherland”-ро дучор омадем: “Native land, homeland, fatherland, country of origin, mother country (ватан, макон, кишвар, диёр, сарзамин, макони таваллуд)” [16].

Дар натиҷаи таҳлили фарҳангҳои муосири забони англисӣ муайян шуд, ки мафҳуми *motherland* метавонад тавассути муродифоти худ – *native land, homeland, home, fatherland, birthplace, country of origin, mother country* баён гардад. Аз ҳафт муродифе, ки зикри номашон рафт, аз нигоҳи таркиби сарфӣ яктояшон (home) исми сода, сетояшон исми муракаб (homeland, fatherland, birthplace) ва сетои дигарашон исми таркибӣ ё ибораи исмӣ (native land, country of origin, mother country) ба шумор мераванд. Агар ҷузъҳои ду ибораи исмӣ, яъне *native land* ва *mother country* ба воситаи яке аз авнои алоқаи тобеъ – тартиби калима ба якдигар пайваст шуда бошанд, пас, ҷузъҳои ибораи *country of origin* тавассути воситаи дигари алоқаи наҳвӣ – алоқаи пешонядӣ ба ҳамдигар муттаҳид шудаанд: “The **Birthplace**—and that itself, after such a life, was exaltation—wouldn't be lodgings, since a house close beside it was set apart for the warden, a house joining on to it as a sweet old parsonage is often annexed to a quaint old church.”[26, с.7]

Дар ҷумлаи мазкур вожаи “birthplace” ҳамчун муродифи ибораҳои *country of origin, native land ва mother country* ба кор рафта, ба маънои “хонаи зист ё иқоматгоҳ, яъне маконе, ки дар он шахс ба дунё омада, фаъолияти касбии худро идома додааст”, истеъмол шудааст. Зикри як нукта ба маврид аст, ки вожаи “birthplace”, ки дар ҷумлаи мазкур ба сифати исми хос омада, дар шуури забонии ҷаҳони мардуми англис ба маънои ҷою макони таърихӣ нақш бастааст. Илова бар ин, бояд афзуд, ки вожаи “birthplace” дар луғатномаи тафсирӣ ба маънои “ҷойи таваллуди шахси машҳур” тавзеҳ ёфтааст[27, с.140]

Яке аз хусусиёти фарқкунандаи истеъмоли муодили вожаи “birthplace”, ки дар забони тоҷикӣ ҳамчун воҳиди луғавии “зодгоҳ, зодбум” маъмул аст, дар он зоҳир мешавад, ки шарҳи луғавии вожаи фавқ дар забони тоҷикӣ то андозае дигар аст, яъне дар шуури забонии ҷаҳони мардуми тоҷик вожагони зикршуда, бо маънии ватан, диёр, кишвар таҷассум меёбад.

Натиҷаи таҳлили вожагони мансуби консепти *ватан/motherland* дар забонҳои муқоисашаванда аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳарду забон ҳам, синонимҳои вожаи ватан маънои “ҷойи таваллуд, макони нашъу намо, кишвар ва мамлакат”-ро ифода мекунанд. Аммо дар фаҳмиш ва дарки мафкураи тоҷикон вожаи *ватан* бо макони таваллуд,замини аҷдодону гузаштагон қаробати ногусастанӣ дорад. Дар забони анлисӣ бошад, вожаи *motherland* на танҳо зодгоҳ, ҷойи таваллуд, балки ҳудуд, территория, мустамлика, миллат, вилоят, республика, минтақаву мулкҳое, ки соҳибӣ ва зери итоати онҳо қарор доранд, дониста мешавад.

Таҳлили шарҳи вожаҳои мансуби *ватан* барои таҳқиқи минбаъдаи таркиби консепти “ватан”дар забонҳои мавриди назар, заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Вожаи *зодгоҳ* аз нигоҳи таркиби сарфӣ исми сохта буда, аз феъли *зод*, яъне аз асоси замони ҳозираи феъли *зодан* ва пасванди исмсози *-гоҳ* бунёд ёфта, дар вожанома ба маънии “ҷои таваллуд, маҳалли таваллуд, ватан” омадааст [2, с.525]: “Наход Саиди ҷон ба Ватан танҳо баргашта бошад?”[24, с. 286] Дар ҷумлаи мазкур вожаи “ватан” ба маънои деҳа, ҷойи таваллуд, меҳан” омада маҳбубият доштани мафҳуми ватанро дар шуури забонии ҷаҳони халқи тоҷик инъикос мекунад.

Вожаи *зодбум* аз нигоҳи таркиби сарфӣ исми мураккаб буда, аз феъли *зод*, яъне аз асоси замони ҳозираи феъли *зодан* ва исми *бум* таркиб ёфта, дар вожанома ба маънии “кишваре, ки шахс дар он зода шудааст, сарзамини модарӣ, меҳан, маҳалли иқомат” шарҳ

ёфтааст [9, с.411]: Дараҷаи истеъмоли вожаи “зодбум” дар нутқи гуфторӣ ва навишторӣ хеле маҳдуд буда, воҳиди фавқ бештар ба маънии *ҷойи таваллуд, зодгоҳ* ба кор меравад.

Муодили вожаҳои *зодгоҳ* ва *зодбун* дар забони англисӣ воҳиди луғавии *birthplace* буда, аз исмҳои маънии birth ва place таркиб ёфтааст, ки зикри хусусиёти луғавӣ ва маъноии он дар боло ишора гардид.

Лексемаи *диёр* аз ҷиҳати таркиби сарфӣ исми сода буда, дар фарҳангҳо ба маънии “дор (хонаҳо), кишвар, мамлакат, сарзамин, ватан” омадааст [2, с.445]: “Диққати аълоҳазратро бо нозу карашма ва табассуму нигоҳи ноз ҷалб кардан, оташи ниммурдаи зиндагиро дар дилаш афрӯхтан, ба бахти беназири лутфи олиҷаноб мушарраф гардидан, аз корнамоӣ дар сангари ҳифзи **диёр** камтар набуд.” [21, с.359] Дар ҷумлаи мазкур вожаи “диёр” ба маънои ҳифзу “ҳимояи ватан, кишвар, сарзамин, қаламрав” корбаст шудааст. Муодилаи вожаи *диёр* дар забони англисӣ воҳиди луғавии *homeland* маҳсуб меёбад, ки он исми мураккаб буда, аз ду реша *home* ва *land* таркиб ёфтааст. Вожаи *homeland* дар забони англисии қадим солҳои 1660 пайдо шудааст. Дар ибтидо ин вожа *hamland* маънои “чарогоҳи девордор”-ро дошт [18]: “His was as Irish a face as could be found in the length and breadth of the **homeland** he had left so long ago—round, high colored, short nosed, wide mouthed and belligerent.”[22, с.27]

Калимаи *меҳан* аз нуқтаи назари таркиби сарфӣ исми сода ба шумор рафта, дар “Фарҳанги Доро” ба маънои *маҳали иқомат, маъво, бошгоҳ, зодгоҳ, хостгоҳ, ватан, зодбум, диёр, дуда, хонумон* зикр ёфтааст. Вожаи *меҳан* ҳамчунин дар таркиби номҳои навоҳӣ ва макони зист дар шаклҳои **мӣсан** ва **мӣтан** ба маъниҳои “дайр, маъво, маъбад, зистгоҳ ва майдон “омадааст, аз ҷумла: Арсахушмӣсан – деҳистони хоразмии қуруни вусто ва Урмӣтан ё Урметан рустое, ки имрӯз воқеъ дар водии Зарафшон аст [6, саҳ.616]: “Бидуни шак, мардумопи ин **сарзамин** авлоди ҳамон ниёгонанд, ниёгоне, ки **меҳани** хешро азиз медошта, дар дифоъ аз он ва беҳдошти он ҷони худро дареғ намекарда, барои осудагиву беҳрӯзии ҳаммеҳанони хеш мекӯшидаанд ва ба ҳамин максад расму ойинҳои нек ниҳодаанд.”[23,с.38]

Муодили вожаи *меҳан* дар забони англисӣ ибораи исмии *native soil* буда, он дар забони гуфтугӯи ва публистӣ сертистеъмол маҳсуб намеёбад.

Вожаи *сарзамин* аз ҷиҳати таркиби сарфӣ исми мураккаб буда, аз ду реша, исми *сар* ва исми *замин* иборат мебошад. Дар фарҳангномаҳо ин вожа ба маънои “кишвар, мамлакат” омадааст [9, саҳ. 206]. “Агар дар **сарзамини** Яман ва баъзе дигар вилоятҳои ин **кишвар** дар нимаи дувуми асри VI ва ибтидои асри VII зироаткорӣ ва зиндагии шаҳрӣ равнақ ёфта бошад, дашту саҳроҳои паҳновари он **макони** сукунати кӯчманчиёни бадавӣ ба шумор мерафт, ки уштур сарвати асосии онҳоро ташкил мекард. Дар ин ҷумла вожаи **сарзамин** (дар ибораи "сарзамини Яман") бештар дорои маъно ва тобишҳои махсуси таърихию фарҳангӣ, ҷуғрофӣ иборат аст. Илова бар ин, аз нигоҳи фарогирии ҳудуди ҷуғрофӣ ва устувории таърихӣ, вожаи **сарзамин** нисбат ба "**кишвар**" ва "**макон**" устувор, васеъ ва фарогиртар аст. Муодили вожаи *сарзамин* дар забони англисӣ ибораи исмии *native land* шуда метавонад, ки он дар нутқи гуфтугӯи серистеъсол нест.

Лексемаи *маъво* аз нигоҳи таркиби сарфӣ исми сода буда, дар луғатномаи “Ғиёсул-луғот” ба маънии “бар ҷой яъне ба хонаи худ баргаштан” омадааст [2, с. 216]. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” вожаи *маъво* ба маънои “паноҳгоҳ, сарпаноҳ, ҷойгоҳ, бошишгоҳ, маскан, ҷой” дарҷ ёфтааст [10, с.785]. “Аммо Худованди табораг ва таъоло ранҷро бар содиқтарин муъмину муъминаи худ бештар раво мебинад ва агар шумо ҳам дучори чунин мусибати азиме гаштед, аз он аст, нисбати ҳар манзилу **маъвои** дигаре назари соҳиби замону замин ба хонаводаи бошарафатон бештар афтодааст.” Воҳиди луғаваии **маъво** нисбат ба дигар вожагони мансуби **ватан** аз ҷиҳати маънои маҳдудтар буда, бештар бо вожаҳои хона, макони зист ҳаммаъно аст.

Исми маънии *макон* бошад, аз лиҳози таркиби морфологӣ сода буда, дар луғатнома ба маъноҳои “*ҷой, ҷойгоҳ, сарзамин, қаламрав, кишвар, минтақа, ноҳия, маҳал, манзил, маъво, бошгоҳ*” қайд гардидааст [10, с.747]. Муодили ҳар ду вожа (макон, маъво) дар забони англисӣ исми содаи *home* мебошад. Вожаи *home* дар англисии қадим ҳамчун ham (деҳа, иқоматгоҳидоимӣ, хона, бӯстонсаро, кишвар) истифода бурда мешуд. Аммо имрӯз дар забонианглисӣмаъноивожаи*home*маҳдудтаршуда, танҳоиқоматгоҳиинсонро, киинсон ба он унсгирифтавухудророҳатэҳсосмекунад, дар назар дорад [17].

Вожаҳои *кишвар* ва *мамлакат* дар забони тоҷикӣ аз ҷиҳати ҳам аз нигоҳи таркиби сарфӣ ва ҳам аз лиҳози маъно хеле шабоҳат доранд. Ҳар ду вожа аз нигоҳи таркиби сарфӣ исми сода буда, вожаи *кишвар* дар фарҳанг “иқлим, сарзамин, мамлакат, воҳиди фарогир аз ҳудуди ҳар мамлакат” ифода ёфтааст. Вожаи *мамлакат* бошад ҳамчун “кишвар” қайд

шудааст [9, с. 530]. Дар “Ғиёс-ул-луғот”-и Муҳаммад Ғиёсуддин доир ба шарҳи вожаи *кишвар* чунин гуфта шудааст: “ба маънии мулк; ва соҳиби “мадор” навишта, ва ҳар кишвар аз кишвари ҳафтгона ба як аз сабъаи сайёра тааллуқ дорад, чунончи Ҳинд мутааллиқ ба Зуҳал аст ва Чин ба МуштарӣваТуркистон ба МирриҳваХуросон ба Офтобва Моваруннаҳр яъне Турон ба Зуҳрава Рум ба Уторидва Балх ба Қамар” [2, саҳ. 169].

Мубодилаи ҳар ду вожа дар забони англисӣ калимаи *country* буда метавонад. Вожаи *country* реша аз калимаҳои *contree, contrede*-и забони франсузии қадим гирифтааст, ки худи он аслан аз забони лотинӣ (terra) *contrata* маънои замини дар рӯ ба рӯ қарор доштаро соҳиб буд. Дар садаи XIV маънии ин калима то андоза фарохтар шуда, ба он маъноҳои масоҳат, вилоят, кишвар илова гардид, яъне ин вожа ба таҳаввули маъноӣ дучор омад [17].

Вожаи *шаҳр* низ исми сода буда, ба вожаи ватан, сарзамин, мамлакат аз ҷихати маъно қаробат дорад. Дар фарҳангномаҳо шаҳрро водии калони сернуфуз, ки маркази маъмурӣ, тиҷоратӣ ва саноатаст: шаҳри марказӣ, шаҳри саноатӣ; шаҳри сераҳолӣ. 2. кишвар, сарзамин, мамлакат [11, саҳ. 632]: Муодили вожаи *шаҳр* дар замони англисӣ воҳидҳои луғавии *town/city* мебошад: “Atlanta had always interested her more than any other **town** because when she was a child Gerald had told her that she and Atlanta were exactly the same age” Ин вожаҳо эҳсоси амиқи ватандӯстӣ ё пайванди хуниро ифода намекунанд, балки бештар як макони зистро нишон медиҳанд, ки дар ҷумлаи мазкур танҳо ҳамчун як шаҳри мушаххас ва ҳамсоли қаҳрамон тасвир шудааст. Дар вожаномаҳои забони англисӣ қаробати вожаи *town* бо *motherland* ба назар намерасад. Вожаҳои town ва city бештар маънои ҷуғрофӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ доранд.

Мусаллам аст, ки таҳлили луғатҳо ва фарҳангномаҳои тафсирӣ барои муайян намудани таркиби вожаҳо кофӣ нест, бинобар ин, ҳангоми таҳқиқи консептҳо таҳлили фарҳангҳои этимологӣ низ зарур ва ҳатмӣ арзёбӣ мегардад. Забоншинос Ю.С. Степанов қайд менамояд, ки: “Барои муайян кардани шакли дохилии консепт бояд ҳолати фарҳанг дар замони пайдоиши консепти муайян таҳқиқ карда шавад, яъне ҳамон расму оинҳои халқӣ, эътиқод, тамаддун, урфу одат, ҷаҳонбиние, ки консепти муайян ҳамчун ҷузъи онҳо ба вуҷуд омадааст” [7, 81].

Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” вожаи *ватан* ҳамчун вомвожаи арабӣ қайд гардидааст [10, с.269]. Дар луғатномаи А.Деҳхудо низ вожаи *ватан* воҳиди забони арибӣ дониста шуда, ба маънои “*ҷойбоши мардум, ҷойи иқомат, маҳалли иқомат, муқим ва маскун, ҷойе, ки шахс таваллуд ва нашъунамо карда, парвариш ёфтааст, шаҳр, зодгоҳ, меҳан”* тавзеҳ ёфтааст [1, с.744].

Ҳамин зайл дар “Фарҳанги “Муин” низ этимологияи вожаи *ватан* ба забони арабӣ мансуб дониста, ба маъноҳои иқомат намудан дар ҷойе, муқим шудан, маҳалли иқомат, ҷойи бош, шаҳр, меҳан, зодгоҳ, кишваре, ки дар яке аз навоҳии он мутаваллид шуда, нашъу намо ва дар онҷо унс гирифтааст, тавсиф гардидааст[5, с.2060].

Аммо дар “Луғатномаи барчидаи тафсирӣ ва решашинохтии Доро” вожаи “*ватан*” чунин тавзеҳ дода шудааст: “зодбум ё кишваре, ки шахс дар он зода шудааст; сарзамини модарӣ, меҳан, маҳалли иқомат. Вожаи “ватан” аз вартанаи ҳинду ориёист, ки аз забони метаниён ба забони сомӣ ворид шуд ва бо мурури замон аз забонҳои сомӣ(арабӣ) ба мабдаи аслии хеш, яъне забони ориёиён – форсҳо баргашт” [6, с.210].

Гузашта аз ин, муҳаққиқ М. Ҳотам роҷеъ ба пайдоиши вожаҳои тоҷикӣ дар муқоиса бо маводи санскрит, забони авастоӣ, забони русӣ, олмонтӣ, арманӣ, англисӣ, булғорӣ, арабӣ, туркӣ тадқиқот бурда, вожаи ватанро аз метан (меҳан) шаклгирифта медонад. Бино ба назарияи муҳаққиқ дар асри XVII қабл аз милод дар Осиёи Пеш давлате бо номи Метаннӣ вуҷуд дошт, ки сокинонаш аслан аз Осиёи Миёна ба доманакӯҳҳои Арманистон ва аз онҷо ба Осиёи Пеш муҳоҷират намуда буданд. Дар охири садаи XVI ва аввали асри XV пеш аз милод ҳангоми подшоҳии Суттарнаи 1 ва Парраттарна давлати Миттанӣ чандин номи шоҳон ва вожаҳое боқӣ мондаанд, ки калимаҳои аслии ориёӣ будаанд. Яке аз чунин вожаҳои Метаннӣ – vartana аст, ки маънои “гирд гаштан”-ро ифода мекунад. Дар асноди шоҳони Метаннӣ vartana – ҷое будааст даврашакл ва дар миёни он мехе калоне зада шудаву ресмони асп ба он қоим карда шуда, асп гирдогирди он барои машқ додан тозонда мешудааст. Як ҷузъи ин вожа “вар” дар забони тоҷикӣ ҳоло дар шакли «баргаштан» ва дар гӯйишҳо дар шакли «фртанак» ё «фр гаштан» ба маънои “гирд гаштан” ва дар забони русӣ ба гунаи “врашение” (вращение) ба кор меравад. Дар ҳудуди Тоҷикистон вуҷуд доштани номҳои маҳалҳо – Метаниён (Майтаниён), Ур-Метан, Майдон, Майдон-Терак далели онанд, ки номи Метаннӣ дар Осиёи Пеш қабл аз муҳоҷират дар ин минтақаҳо вуҷуд доштааст. Азбаски баргашти

овози *м* ба *в* ва *б* тибқи қоидаи баргашти овозӣ имконпазир аст ва ормун (форсӣ) ва урбун (арабӣ, «Бурҳон»), ватер (об, англисӣ), матар (борон, арабӣ) тибқи ҳамин қоида баргашт шудаанд, баргашти Метан – матан ба ватан имконпазир аст. Ин вожа имрӯз дар забони тоҷикӣ ба шакли меҳан – майҳан роиҷ аст. Решаи вожаи мат (мод) буда, модар ва майдон низ аз ҳамин реша маншаъ гирифтаанд. Дар забони шумерӣ вожаи «matt» ба маънои кишвар ва ҷойгоҳ аст, аз забони ориёӣ ба вуҷуд омадаву имруз бо шаклҳои метан, меҳан, майдон дар забонҳи тоҷикӣ мустаъмал аст [12, с. 140]. Ҳамин тариқ, оиди зодбуми вожаи "ватан**"** ва нахустин маъноҳои он, ки таърихи чандин ҳазорсола дошта, таҳаввулотҳои зиёди иҷтимоӣ ва сиёсиро паси сар кардааст, ҳукми қотеъ баровардан мушкил аст. Аммо назарияи олим М.Ҳотам оиди вожаи *ватан* асоснок ба назар мерасад.

Дар фарҳангномаҳои этимологии забони англисӣ вожаи "motherland" чунин ташреҳ ёфтааст: "also mother-land "land of ones origin land whence a people originated" (Сарзамини аслии касе, ки мардумаш такҷоӣ мебошанд) соли 1711 аз исми модар ва замин таркиб ёфтааст. Вожаи "модар" асосан дар забони англисии қадим аз забони Протонемисӣ (Proto – Germanic *moder) гирифта шудааст, ки он аз забони саксонии қадим (Old Saxon *modar) маншаъ гирифтааст [18].

Дар луғати "Oxford English Dictionary" бошад оид ба таърихи вожаи *motherland* чунин омадааст: "Вожаи *motherland* дар садаи XIV ҳамчун зодгоҳ, кишвар зуҳур ёфтааст. Соли 1565 дар матнҳои Томас Нортор – нависанда, ҳуқуқшинос ва Томас Саквили - шоир мавриди истифода қарор мегирад [17].

Дар фарҳангномаҳои этимологии забони англисӣ оид ба зуҳурёбии вожаи *motherland* назарияҳои мухталиф пешниҳод гардидааст. Аммо бо боварии комил метавон гуфт, ки вожаи мазкур на он қадар давраи тулониро паси сар кардааст, зеро қабл аз садаи XIV дар ашъори шоирон ва нависандагони англис ба монанди Ҷефри Ҷосер (1340 -1400) асосгузори забон ва адабиёти англис, Виллиам Шекспир ва дигар адибон бо вожаи *motherland* рӯ ба рӯ нашудем.

Дар натиҷаи таҳқиқи фарҳангномаҳои тафсирӣ ва этимологии забонҳои муқоисашаванда метавон гуфт, ки дар ҳар ду забон зери вожаи *ватан/motherland* ҷойи таваллуд, нашъу намо, пайдоиш, сарзамин, кишвар ва макони иқоматро ифода менамояд. Аммо дар забони англисӣ таҳти вожаи *motherland* на танҳо "ҷойи иқомат ва таваллуд, балки он мулкҳое, ки ба онҳо тобеъ ҳастанду онро идора мекунанд" фаҳмида мешавад. Дар забони тоҷикӣ вожаи *ватан* дар тафаккури тоҷикзабонон бо мафҳумҳои "зодгоҳ, ҷойи таваллуду камолот ва сарзамини аҷдодӣ" тавъам буда, онро поку муқаддас ва ивазнашаванда медонанд.

Ҳамин тавр, аз шарҳу тавзеҳи вожагони мансуби консепти *ватан* дар ёздаҳ фарҳангномаи тоҷикӣ: "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ қисми якум ва дуюм, фарҳанги забони тоҷикӣ (аз ду ҷилд иборат аст)", "Ғиёс-ул-луғот", "Луғатномаи Деҳхудо", "Бурҳони қотеъ (ҷилди 3), "Фарҳанги Муъин (ҷилди 2)", "Фарҳанги Доро (луғатномаи барчидаи тафсирӣ ва решашиноҳтӣ ҷилди 1)", "Луғати мухтасари этимологию семасиологии забони тоҷикӣ", "Луғати мухтассари синонимҳои забони тоҷикӣ" ва ҳафт луғатномаи англисӣ: маълум шуд, ки дар тасвири забонии ҷаҳони халқҳои тоҷику англис мафҳуми *ватан*, пеш аз ҳама, бо маъниҳои "ҷойи таваллуд/birth of place, диёр/native, кишвар/country, сарзамини аҷдодӣ/fatherland" ифода меёбад.

Гузашта аз ин, таъкид ба маврид аст, ки аз таҳлилу баррасии вожаномаҳе, ки зикри номашон дар боло рафт ва инчунин, аз осори назмиву насрии адабиёти ҳар ду миллат маълум шуд, ки воҳиди луғавии *ватан* дар муқоиса бо вожагони мансуби ватан калидвожа ё вожаи меҳварии консепти "ватан"-ро таҷассум мекунад. Аммо дар забони англисӣ дараҷаи таҷассуму инъикоси консепти мазкур, ки бо вожаи "motherland" муаррифӣ мегардад, то андозае дигаргун аст, яъне доираи корбурди консепти *ватан* дар забони англисӣ тавассути вожагони умумистеъмоли *country, home, land, native* сурат мегирад. Аз шарҳи луғавии панҷ калидвожаҳои мансуби *ватан,* ки дар забони англисӣ бо шаклҳои *motherland, country, home, land, native* роиҷанд, танҳо вожаи *country* серистеъмолтар буда, ҷавҳари ҳуввияти милливу ватандустиву меҳанпарастиро дар тасвири забонии ҷаҳони халқу мардуми Британияи Кабиру Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар ҳасти консепти *ватан* таҷассум меёбад.

Ба ҳамин минвол, натиҷаи пажӯҳиш ва омӯзиши луғатномаҳои тафсириву этимологӣ ва асарҳои насриву назмии адибони тоҷику англис барои муайян намудани майдони лексикӣ ва семантикии консепти "ватан/motherland" мусоидат намуд. Ин майдонро ба якчанд қисмҳо метавон ҷудо кард. Ядрои марказӣ – вожа-консепти "ватан" буда, ҳавзаҳои наздики маъноии онро лексемаҳои зодгоҳ, зодбум, меҳан ва сарзамин ташкил медиҳанд. Лексемаҳои кишвар, мамлакат, диёр, макон, маъво, деҳа ва шаҳр низ қабати маъноии онро ишғол мекунанд, ки

бештар мафҳумҳои ҷуғрофиро ифода менамоянд. Калимаҳои модар, садоқат, муҳаббат, хона, ёру дӯстон, табиат ва боду ҳаво қабатҳои перифериями дури маъноии майдони лексикӣ-семантикиро ташкил карда, мафҳумҳои эҳсосӣ-маънавиро тасвир менамоянд. Воҳидҳои луғавии давлат, миллат, ҷумҳурӣ, халқ, истиқлолият, амният, ваҳдат ва сулҳ низ бо вожаи ватан тавъам буда, ҷанбаҳои сиёсӣ–иҷтимоиро инъикос мекунанд.

Майдони лексикӣ-семантикии консепти "motherland" (ватан) низ аз қабатҳои мухталиф таркиб ёфтааст. Дар асоси таҳлили луғатномаҳои тафсирию этимологӣ ва асарҳои насрии нависандагони англис муайян гардид, ки ядрои марказии консепти мазкурро лексемаҳои “country/homeland” ташкил медиҳанд. Дар ин миён, худи вожаи “home” дар тасвири манзараи забонии англисҳову амрикоиҳо на танҳо бино, балки макони амният, роҳат ва пайвандҳои оилавӣ маҳсуб мешавад. Вожагони мансуб ба ватан, ки ба ҳавзаи наздики маъноии консепти зикрёфта дохил мешаванд, ибораҳои исмии native land, native country ва motherland мебошанд, ки бештар тобишҳои маъноии адабӣ ва эҳсоси устувор ба замини аҷдодиро доранд. Воҳиди луғавии motherland дар забони англисӣ тобиши баланди эҳсосӣ дорад, аммо дар нутқи ҳамарӯзаи инглисизабонон нисбат ба вожаи “ватан” дарзабони тоҷикӣ хело кам истифода мешавад. Вожагони birthplace ва land қабати ҷуғрофии майдони лексикӣ-семантикии консепти “motherland”-ро шакл медиҳанд. Агар қабати сиёсӣ-иҷтимоии ҳавзаи маъноии консепти мазкурро исмҳои содаи nation (миллат), state (давлат) ва republic (ҷумҳурӣ) бунёд кунанд, пас қабати эҳсосӣ-маънавии онро вожагони family (оила) ва safety (амният/бехатарӣ) фаро мегиранд»

Ҳамин тавр, натиҷаи пажуҳиш ва омӯзиши луғатномаҳои тафсириву этимологӣ ва асарҳои насриву назмии адибони тоҷику англис барои муайян намудани майдони лексикӣ ва семантикии консепти “ватан” мусоидат намуд. Ин майдонро ба якчанд қисмҳо метавон ҷудо намуд. Ядрои марказӣ – консепт вожаи “ватан” буда, ҳавзаҳои наздики маъноии онро лексемаҳои зодгоҳ, зодбум, меҳан, сарзамин ташкил медиҳад. Лексемаҳои кишвар, мамлакат, диёр, макон, маъво, деҳа, шаҳр низ қабати маъноии онро ишғол мекунад, ки бештар мафҳумҳои ҷуғрофӣ дорад. Калимаҳои модар, садоқат, муҳаббат, хона, ёру дӯстон, табиат ва боду ҳаво қабатҳои перифиреяи дурри маънои майдони лексикӣ ва семантикиро ташкил карда, мафҳумҳои эҳсосӣ - маънавиро тасвир менамояд. Воҳидҳои луғавии давлат, миллат, ҷумҳурӣ, халқ, истиқлолият, амният, ваҳдат, сулҳ, низ ба вожаи ватан тавъамаст ва ҷанбаҳои сиёсӣ – иҷтимоиро инъикос мекунад.

Майдони лексикӣ-семантикии консепти "motherland" низ аз қабатҳои мухталиф маъно таркиб ёфтаанд. Дар асоси таҳлили луғатномаҳои тафсирӣ ва этимологӣ ва асарзҳои насрии нависандагони англис муайян гардид, ки ядрои марказӣ консепти “motherland” лексемаи “country/homeland” буда, худ вожаи “home” дар тасвири манзараи забонии англисҳову амрикоиҳо на танҳо бино, балки макони амният, роҳат, пайвандҳои оилавӣ аст.Вожагони мансуби ватан, ки ба ҳавзаи наздики маъноӣ консепти “motherland” мансубанд, ин ибораҳои исмии *native land, native country, motherland* буда, бештар тобишҳои маъноии адабӣ ва эҳсоси устувор ба замини аҷдодӣ дорад. Воҳиди луғавии motherland дар забони англисӣ тобиши баланди эҳсосӣ дорад, аммо дар нутқи ҳамарӯзаи онҳо нисбат ба тоҷикӣ камтар истифода мешавад. Вожагони *birthplace, land* қабати ҷуғрофӣ майдони лексикӣ ва семантикии консепти “motherland” -ро ташкил медиҳанд. Агар қабати сиёсӣ-иҷтимоӣ ҳавзаи маъноии консепти мазкурро исмҳои содаи nation (миллат), state (давлат), republic (ҷумҳурӣ) бунёд кунанд, пас қабати эҳсосӣ-маънавии онро вожагони family (оила), safety (амният) фаро мегиранд.

Адабиёт

1. *Деҳхудо А. Луғати Деҳхудо. - Теҳрон, 1334. – 929 с.*
2. *Муҳаммад Ғ. Ғиёс-ул-луғот: Иборат аз се ҷилд. Ҷилди 2. - Душанбе: «Адиб», 1988. - 416 с.*
3. *Муҳаммадиев М. Луғати мухтассари синонимҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1975. – 248 с.*
4. *Муҳаммадҳусайни Б. Бурҳони қотеъ (ҷилди 3). – Душанбе: Адиб, 2014. - 400 с.*
5. *Муъин М. Фарҳанги Муъин. Теҳрон. Ҷилди 2. 1381. 2148 с.*
6. *Наҷот Д. Фарҳанги Доро (луғатномаи барчидаи тафсирӣ ва решашинохтӣ). Ҷилди 1. - Душанбе, 2021. – 658 с.*
7. *Степанов, Ю.С. Константы. Словарь русской культуры: Опытисследования. / Ю.С. Степанов. − М.: Языки русской культуры, 1997. – 824 с.*
8. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди I. А – О.– Москва: Нашриёти “Советская Энциклопедия”, 1969. 952 с.*

9. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз ду ҷилд. ҶилдиII. П – Ҷ.– Москва: Нашриёти "СоветскаяЭнциклопедия", 1969. – 950 с.*
10. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. А-Н. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.*
11. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. О-Я. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.*
12. *Ҳотам М. Сарнавишти вожаҳо. – Душанбе, 2023. – 384 с.*
13. *Longman Dictionary of English Language and Culture. – Harlow: Longman Group UK Limited, 1992. – 1528 p.*
14. *New Oxford Thesaurus of English. – Oxford, UK: Oxford University Press, 2000. – 1050 p.*
15. *The oxfordenglishdictionarysecond edition(1997 additions)prepared by J.A.Simpsonande, S.C.Weinerre formatted by Beatrice ShallotVolume IV of VI. L – Q, p.13909*
16. *Electronics resourse. - URL: https://www.collinsdictionary/com (дата обращения: 10.04.2026).*
17. *Electronics resourse. - URL: https://www.oed.com (дата обращения: 10.04.2026).*
18. *Electronics resourse. - URL: https://www/etymonline.com (дата обращения: 10.04.2026).*
19. *Electronics resourse. - URL: https://dictionary.cambridge.org (дата обращения: 10.04.2026).*
20. *Улуғзода С. Фирдавсӣ: Роман. – Душанбе: Адиб, 1988. – 272 с.*
21. *Гулрухсор. Сакарот. Роман. Чопи аввал.– Душанбе: «ЭР-граф», 2009. – 398 с.*
22. *Mitchell M. Gone with the Wind. – New York: Warner Books, 1993. – 868 p.*
23. *Улуғзода С. Фирдавсӣ: Роман. – Душанбе: Адиб, 1988. – 272 с.*
24. *Сафиева, Г. Занони Сабзбаҳор (Марзи номус): Роман / Гулрухсор Сафиева. – Душанбе: Адиб, 2011. – 480 с.*
25. *Тухтасунзода О.(Кимёгар). Луғати мухтасари этимологию семасиологии забони тоҷикӣ. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. -228 с.*
26. *James, Henry. The Birthplace. Public Domain Books, 2012. – 74 p.*
27. *Hornby, A.S. Oxford Advanced Learner's Dictionary of Current English /A.S. Hornby;managing ed. D.Lea.-8th ed. -Oxford: Oxford University Press, 2010. 1794 p.*

БОЗТОБИ ВОЖАГОНИ МАНСУБ БА КОНСЕПТИ "ВАТАН/MOTHERLAND" ДАР ФАРҲАНГНОМАҲОИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур вожаи ватан/motherland дар асоси фарҳангҳои тафсирӣ ва этимологии забонҳои муқоисашаванда тадқиқ гардидааст. Барои пажӯҳиш намудани пайдоишу зуҳури вожаи ватан ва таҳаввулоти маъноии он, 11 вожаномаи тафсириву этимологии забони тоҷикӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт. Қисме аз вожаномаҳо бар он асосанд, ки лексемаи "ватан" вомвожаи забони арабӣ аст, аммо маълумоти "Луғатномаи тафсирӣ ва решашинохтии Доро" аз он далолат менамояд, ки вожаи мазкур дар асл калимаи ориёӣ буда, таърихи чандинҳазорсола дорад ва новобаста аз таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ ва таъсири забонҳои мухталиф, моҳияти аслии худро то ба имрӯз нигоҳ дошта тавонистааст. Барои таҳқиқи вожаи "motherland" 8 вожаномаи этимологиву тафсирӣ ва луғатномаи электронии забони англисӣ мавриди таҳлил қарор гирифт. Муайян гардид, ки дар забони англисӣ нахустин маротиба вожаи "motherland" соли 1565 дар матнҳои Томас Нортон ва Томас Саквилл дарҷ гардидааст. Сароғоз ин вожа дар забони англисӣ танҳо маънои "зодгоҳ, ҷойи таваллуд"-ро ифода мекард, вале бо мурури замон ҳавзаи маъноӣ ва доираи истифодаи он васеъ гардид. Натиҷаи таҳқиқот бозгӯи он аст, ки ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ вожаи "ватан" муқаддасу арзишманд буда, аз ҷузъҳои маъноии ҳудуди ҷуғрофӣ, арзишҳои фарҳангиву таърихӣ, маданӣ ва миллӣ таркиб ёфтааст. Аммо дар забони англисӣ воҳиди луғавии "motherland" на танҳо ҷузъҳои маъноии *ҷойи таваллуд, кишвар* ва *ҷойи иқоматро* дорад, балки ба маънои мулк ва сарзаминҳои тобеъ низ ишора мекунад; яъне дар тавзеҳи вожаи англисӣ тобишҳои маъноии сиёсӣ ва ҳудудӣ нисбат ба забони тоҷикӣ бештар ба назар мерасанд.

Калидвожаҳо: консепт, ватан, motherland, луғатномаҳои тафсирӣ, вожаномаҳои этимологӣ, майдони лексикӣ-семантикӣ, таҳаввулоти маъноӣ, вомвожа.

ОТРАЖЕНИЯ СЛОВ, СВЯЗАННЫХ С "РОДИНА/MOTHERLAND" В ТАДЖИКСКИХ И АНГЛИЙСКИХ СЛОВАРЯХ

В данной статье слово "родина" освещается на основе современных интерпретативно-этимологических культур сравниваемых языков. Для изучения происхождения и проявления слова "родина" и его семантической эволюции были изучены 11 интерпретативно-этимологических словарей таджикского языка. Некоторые словари основаны на том факте, что лексема "родина" является арабским словом, однако информация из «Интерпретативно-корневого словаря Доро» указывает на то, что это слово на самом деле является арийским словом, имеет многотысячелетнюю историю и сумело сохранить свою первоначальную сущность, несмотря на политические и социальные изменения и влияние различных языков. Для изучения слова "родина" были проанализированы 8 этимологически-интерпретативных словарей и электронный словарь английского языка. Было установлено, что слово "родина" впервые упоминается в английском языке

в 1565 году в текстах Томаса Нортона и Томаса Саквилла. Изначально это слово в английском языке означало лишь *родина, место рождения*, но со временем его семантическое поле и сфера применения расширились. Результаты исследования показывают, что как в таджикском, так и в английском языке слово “родина” является священным и ценным, состоящим из семантических компонентов географической территории, культурно-исторических, культурных и национальных ценностей. Однако в английском языке лексическая единица «родина» имеет не только семантические компоненты места рождения, страны и места жительства, но и относится к значению владений и подчиненных территорий; то есть в интерпретации английского слова политические и территориальные семантические обертоны более заметны, чем в таджикском.

Ключевые слова: концепт, родина, толковые словари, этимологические словари, лексико-семантическое поле, семантическая эволюция, лексика.

REFLECTIONS OF WORDS RELATED TO “BATAH/MOTHERLAND” IN TAJIK AND ENGLISH DICTIONARIES

In this article, the word “motherland” is researched based on modern interpretive and etymological cultures of the compared languages. In order to study the origin and manifestation of the word “motherland” and its semantic evolution, 11 interpretive and etymological dictionaries of the Tajik language were studied. Some of the dictionaries are based on the fact that the lexeme “motherland” is an Arabic word, but the information from the “Interpretive and Root Dictionary of Doro” indicates that this word is actually an Aryan word, has a history of several thousand years, and has managed to retain its original essence, regardless of political and social developments and the influence of various languages. To study the word motherland, 8 etymological and interpretive dictionaries and an electronic dictionary of the English language were analyzed. It was found that the word motherland was first mentioned in English in 1565 in the texts of Thomas Norton and Thomas Sackville. Initially, this word in English only meant “homeland, place of birth”, but over time its semantic field and scope of use have expanded. The result of the study is that in both Tajik and English, the word “motherland” is sacred and valuable, consisting of semantic components of geographical territory, cultural and historical, cultural and national values. However, in English, the lexical unit “motherland” has not only semantic components of place of birth, country and place of residence, but also refers to the meaning of possessions and subordinate territories; that is, in the interpretation of the English word, political and territorial semantic overtones are more noticeable than in Tajik.

Keywords: concept, motherland, motherland, explanatory dictionaries, etymological dictionaries, lexical-semantic field, semantic evolution, vocabulary.

Дар бораи муаллиф
Дилфузаи Ислом
Докторант аз рӯи ихтисос (PHD)-и кафедраи фонетика ва лексикология
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
E-mail: dilfuzaiislom@gmail.com

About the author
Dilfuzai Islom
PhD Candidate at the Department of Phonetics and Lexicology
Khujand State University named after academician B. Ghafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 1 Mavlonbekov
E-mail: dilfuzaiislom@gmail.com

Об авторе
Дилфузаи Ислом
Докторант PhD кафедры фонетики и лексикологии
Худжандский государственный университета имени академика Б. Гафурова
735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1
E-mail: dilfuzaiislom@gmail.com

ТДУ 81+811.11

ТАҲЛИЛИ ХУСУСИЯТҲОИ ЛЕКСИКӢ – СЕМАНТИКИИ ПАРОНИМҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Ҷамшедов П., Мансуров Ҳ. Р.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Ба таркиби захираи луғавии забони англисӣ гурӯҳҳои гуногуни воҳидҳои лексикӣ дохил мешаванд, ки паронимҳо яке аз онҳо ба ҳисоб мераванд. Паронимҳо дар тамоми услубҳои асосии забон, аз ҷумла нутқи гуфтугӯӣ, адабиёти бадеӣ, публитсистика ва осори илмӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Хусусияти асосии онҳо дар наздикии шаклӣ ва фарқияти маъноӣ зоҳир мегардад. Бар хилофи синонимҳо онҳо ҳаммаъно нестанд, бо антонимҳо муносибати зидмаъноӣ надоранд ва аз омонимҳо бо он фарқ мекунанд, ки шаклан пурра яксон намебошанд. Аз ин рӯ, ҳар як пароним дорои маъно ва доираи истифодаи мустақили худ мебошад. Мисол:

redible - боварибахш, сазовори бовар, эътимодовар, **credulous** - зудбовар, содалавҳ, боваркунанда**:** ***credible evidence*** - далелҳои боварибахш**,** ***a credulous person*** - шахси зудбовар (содалавҳ), **ingenious** ***(аз лот. ingeniosus)*** - ихтироъкор, заковатманд, моҳир, ҳунармандона андешидашуда, **ingenuous** ***(аз лот. ingenuitas)*** - самимӣ, содадил, бесоҳибтакаллуф, беғараз**:** ***an ingenious solution*** - ҳалли ихтироъкорона (заковатмандона**),** ***an ingenuous child*** - кӯдаки содадилу самимӣ.

Аз нигоҳи забоншиносӣ, ин вожаҳо ҷуфти паронимиро ташкил медиҳанд, зеро дар онҳо шабоҳати графикӣ ва фонетикӣ мушоҳида мешавад, аммо ҳар яке дорои маъно ва доираи корбурди мустақил мебошад. Дар забоншиносии муосир нисбат ба мақоми паронимҳо ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Бархе аз муҳаққиқон онҳоро ҳамчун ҳолати махсуси омонимия ё яке аз зуҳуроти маъноии калимаҳои сермаъно арзёбӣ менамоянд. Дар забоншиносии англисӣ, ғайр аз истилоҳи **paronyms** («паронимҳо»), мафҳумҳои **confusibles** («калимаҳои омехташаванда») ва **difficult words** («калимаҳои душвор») низ барои ифодаи чунин воҳидҳои лексикӣ истифода мешаванд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳарчанд И.В. Арнолд паронимияро ҳамчун падидаи мустақил таҳлил накардааст, андешаҳои ӯ оид ба муносибатҳои луғавию маъноӣ ва сохтори низоми луғавии забони англисӣ барои таҳқиқи паронимҳо заминаи назариявӣ фароҳам меоранд [2, с. 81].

Дар таҳлили паронимҳои забони англисӣ ба назар гирифтани муносибатҳои парадигматикӣ ва синтагматикӣ аҳаммияти махсус дорад. Аз ҷиҳати парадигматикӣ паронимҳо бо воҳидҳои луғавие алоқаманд мебошанд, ки аз рӯи шакли зоҳирӣ ба ҳам наздик буда, вале дар низоми маъноии забон фарқияти муайян доранд. Ин гуна наздикӣ метавонад боиси омехташавии онҳо гардад, аммо фарқияти семантикӣ ва хусусиятҳои истифода имкони ҷойгузинии пурраи онҳоро маҳдуд месозад.

Масалан, ҷуфти **historic - historical** аз ҷиҳати шакл ба ҳам наздик буда, ҳар ду бо мафҳуми «таърих» алоқаманданд. Вожаи **historic** маънои «таърихӣ, дорои аҳаммияти бузург дар таърих»-ро ифода мекунад (*a historic event* «ҳодисаи таърихӣ, дорои аҳаммияти бузург»). Вожаи **historical** бошад, маънои «марбут ба таърих, вобаста ба гузашта»-ро дошта, бештар барои тавсифи падидаҳо ва таҳқиқоти таърихӣ истифода мешавад (*historical research* - «таҳқиқоти таърихӣ»).

Аз ҷиҳати синтагматикӣ хусусияти паронимҳо дар қобилияти ҳамнишиншавии онҳо бо дигар воҳидҳои луғавӣ зоҳир мегардад. Ҳар як узви ҷуфти паронимӣ доираи хоси истифода дошта, интихоби дурусти он аз контексти нутқ вобаста мебошад. Масалан, дар ҷуфти **sensible - sensitive** низ намунаи фарқияти маъноии паронимҳо мебошад. Вожаи **sensible** маънои «оқилона, боақлона, қобили дарк»-ро дошта (*a sensible decision* - «қарори оқилона»), аммо **sensitive** маънои «ҳассос, таъсирпазир»-ро ифода мекунад (*sensitive information* - «иттилои ҳассос»).

Паронимҳо бо синонимҳо низ алоқамандии муайян доранд, зеро дар баъзе мавридҳо наздикии маъноии онҳо имкони ҷойгузинии нисбиро дар матн фароҳам меорад. Аммо чунин ҷойгузинӣ танҳо дар баъзе муҳитҳои нутқ имконпазир буда, ба ҳамаи мавридҳои истифода дахл надорад. Масалан, сифатҳои **electric** («барқӣ», «бо қувваи барқ коркунанда») ва **electrical** («марбут ба барқ», «электротехникӣ») дар баъзе таркибҳо метавонанд ба ҷойи

якдигар истифода шаванд: **electric / electrical company** - ширкати барқӣ ё ширкати таъминкунандаи неруи барқ; **electric / electrical current** - ҷараёни барқ;**electric / electrical shock** - зарбаи барқ.

Бо вуҷуди ин, дар забони англисии муосир байни ин ду вожа тафовути маъноӣ вуҷуд дорад. Сифати **electric** бештар барои ифодаи ашё, дастгоҳ ё воситаҳое истифода мешавад, ки бо неруи барқ кор мекунанд ё барқ истеҳсол менамоянд, масалан: **electric car** - автомобили барқӣ, **electric heater** - гармкунаки барқӣ. Баръакс, **electrical** муносибат ё мансубиятро ба соҳаи барқ ифода намуда, бештар дар истилоҳоти илмӣ ва техникӣ ба кор меравад, масалан: **electrical system** - низоми барқӣ.

Дар забони англисӣ паронимҳо асосан аз рӯи шабоҳати шаклӣ, фонетикӣ ва муносибатҳои маъноии онҳо таҳқиқ мешаванд. Дар айни замон, барои ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ таснифоти ягона ва умумии пазируфташуда мавҷуд нест.

Яке аз хусусиятҳои муҳим, ки паронимҳоро аз ҳам ҷудо мекунад, манбаи этимологӣ мебошад. Бисёр паронимҳо аз решаҳои лотинӣ, юнонӣ ё олмонӣ сарчашма мегиранд ва манбаъ метавонад ба маънои калима ишора кунад. Масалан, калимаҳои **«affect»** (аз лот. *afficere* – таъсир расонидан) ва **«effect»** (аз лот. *efficere* – ба вуҷуд овардан, натиҷа додан) фарқияти этимологӣ доранд, ки ба фарқияти маъноӣ ва истифодаи дурусти онҳо таъсир мерасонад.

Хусусиятҳои маъноии паронимҳо низ гуногунанд. Калимаҳо метавонанд маънои комилан фарққунанда дошта бошанд, мисли «**complement»** (пурра кардан, такмил додан) ва **«compliment»** (ситоиш). Дар баъзе ҳолатҳо фарқият нозуктар буда, дар як майдони семантикӣ ҷойгир мешавад, аммо ҳамчунон маънои мушаххасро ифода мекунад, мисли «**advice»** (маслиҳат, исм) ва **«advise»**(маслиҳат додан, феъл), ки фарқияти грамматикӣ низ дорад ва ба маъно таъсир мерасонад.

Ҷуфти калимаҳои **affect** ва **effect**

Вожаи «**affect** - вонамуд кардан **- effect** - анҷом додан » дар забони англисӣ пароним мебошанд. Дар «Фарҳанги англисӣ–тоҷикӣ » вожаи **affect** ҳамчун воҳиди сермаъно (полисемантикӣ) тавсиф мешавад. Ин калима дар ду маънои асосӣ мавриди истифода қарор мегирад:

Дар маънои аввал **affect I** вонамуд кардан, баҳона кардан, тазохир карданро дорад. Мисол: «*He affected not to hear me* ».- Ӯ тарзе вонамуд кард, ки гуё маро намешунавад. 2) дуст доштан, афзалтар шумурдан [ФАТ, 2015, 190].

Дар маънои дуюм **affect II** ҳамчун феъл маънои **1)** таъсир кардан, тахти таъсир карор додан: This may affect public opinion. Ин метавонад ба афкори чомеа таъсир кунад. 2) таъсир кардан, ба изтироб овардан: «The story so affected him that he could not sleep ». - Ҳикоя чунон ӯро ба изтироб овард, ки хобаш набурд. 3) тиб. зарар/ осеб овардан; 4) мац. ба хаячон овардан.

Вожаи « **effect** » дар забони англисӣ дорои якчанд маъно мебошад, ки онҳо баъзан бо вожаҳои дигар, бахусус бо «**affect**» пароним мебошанд. Вожаи **« effect »** пеш аз ҳама ҳамчун исм истифода мешавад ва маънои «оқибат »,«натиҷа », «таъсир» ё «воқеъшуда» дорад. Масалан: « *His speech produced the desired effect* ».- Нутки у натичаи дилхох дод.

Баъзан «**effect**» ҳамчун феъл низ истифода мешавад, ки маънои « ба амал овардан », « анҷом додан » анҷом додан ё «татбиқ кардан»-ро дорад. Ин истифода камтар каммаҳсул аст, аммо дар истилоҳот, бахусус дар соҳаи идоракунӣ ва сиёсат, ба назар мерасад. Масалан, « *The government will effect policy changes* » -Ҳукумат тағйироти сиёсиро амалӣ хоҳад кард. [ФАТ, 2015, 190].

Вожаи «**effect**» асосан ҳамчун исм кор фармуда мешавад, «**affect**» бештар чун феъл кор фармуда мешавад ва маънои **таъсир расонидан, тахти таъсир карор додан. ичро кардан, амалӣ гардидан** - ро дорад: «Many changes have been effected». - Дигаргунихои зиёд амалй гардиданд.

Ҳамин тариқ, **effect** ҳамчун воҳиди сермаъно дар забони англисӣ чун исм бо маънои (оқибат, натиҷа, таъсир) ва ҳам феъл бо маънои (ба амал овардан, татбиқ кардан) истифода мешавад. Фарқ кардани ин маъноҳо барои истифодаи дурусти забон ва таҳқиқи семантикию лексикӣ аҳаммияти калон дорад.

Калимаҳои **accept** ва **except** дар забони англисӣ пароним мебошанд. Ин вожаҳо, яъне **accept** ва **except** фарқияти овози [а] ва [е] дар ҷузъҳои худ доранд [ФАТ, 2015, 190].

Вожаҳои калимаҳои **accept** ва **except** низ аз лиҳози фонетикӣ ба ҳам наздик буда, фарқият дар онҳо асосан дар садонокҳои [а] ва [е] зоҳир мегардад. Бо вуҷуди ин шабоҳати овозӣ, маънои онҳо комилан гуногун аст [ФАТ, 2015, 190].

Аз лиҳозӣ забоншиносӣ, чунин воҳидҳои луғавӣ, ки дорои шабоҳати фонетикӣ ва тафовути маъноӣ мебошанд, дар доираи паронимия мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Ҷуфти калимаҳои **shadow** ва **shade**

Дар забони англисӣ ҷуфти калимаҳои **shadow** ва **shade** аз ҷиҳати талаффуз наздиканд, аммо аз рӯи маъно ва истифода фарқ мекунанд.

Дар забони англисӣ вожаи **shadow** ҳамчун пароним маъноҳои гуногун дорад. Он метавонад ҳамчун исм ва феъл истифода шавад. Дар «Фарҳанги англисӣ – тоҷикӣ » вожаи **shadow** ҳамчун исм маъноҳои гуногун дорад [ФАТ, 2015, 73]. Пеш аз ҳама, маънои асосии он соя ва акс мебошад. Ин маъно ба сояи инсон, ҳайвон ва объектҳо дахл дорад: *The tree cast a long shadow on the ground.* - Дарахт сояи дарозе ба замин афканд.

Ҳамчунин, вожаи **shadow** метавонад маънои торикӣ, тирагӣ дошта бештар дар адабиёти бадеӣ барои тавсифи шаб ва муҳити торик истифода мешавад: «*Night shadows fell across the valley*».- Торикии шаб дар водӣ афтид.

Илова бар ин, вожаи **shadow** дар маънои руҳ, шабаҳ, арвох, тардис ва назр истифода мешавад, ки маънои метафорӣ дорад: «*He felt a shadow of fear in the dark room* ».- Ӯ дар утоқи торик тардисеро ҳис кард.

Маънои дигари вожаи **shadow** андӯҳ ва ғамро ифода мекунад: «*A shadow of sadness hung over her face* » - Рӯяшро андуҳи нарм фаро гирифта буд.

Ҳамчунин вожаи **shadow** метавонад маънои тасвир ва инъикос дар оина ва объектҳои дигар дошта бошад: «*I saw my shadow in the mirror*»- Ман тасвири худро дар оина дидам. [ФАТ, 2015, 73].

Вожаи **shade** дар забони англисӣ ҳамчун исм ва феъл маъноҳои гуногун дорад: соя ва соябон: «He was sitting in the shade of a big tree » «*He was sitting in the **shade** of a big tree*».- Вай дар сояи дарахти бузург менишаст; торикӣ, тирагӣ ва сиёҳӣ «*The room was in **shade***». - Ҳуҷра торик буд [ФАТ, 2015, 732].

Ин ҷуфт мисоли паронимҳои семантикӣ мебошад, ки дар забони англисӣ барои баёни маъноҳои наздик, яъне ҳаммаъно истифода мешаванд. Аз лиҳози талаффуз фарқи овоз дар охири калима дида мешавад.

Ҷуфти калимаҳои **path** ва **pass**

Вожаи **path** яке аз вожаҳои серистифодаи забони англисӣ мебошад, ҳамчун исм дорои маъноҳои гуногун мебошад.

Дар «Фарҳанги англисӣ – тоҷикӣ» вожаи **path** дар маънои аввал маънои роҳ, пайраҳа, кӯрроҳа ё гузарро дорад. Масалан: «*We took the path that ran along the river.*»- Мо пайраҳеро интихоб кардем, ки қад-қади дарё мерафт. Дар маънои дуюм **path** метавонад ба роҳча ё гаштгоҳ дар боғ, парк ва ҷойҳои истироҳатӣ ишора намояд. Маънои дигари он роҳ, равиш, тариқ, тариқат мебошад. Мисол: «*Hard work is the path to success* ». - Меҳнати сахт роҳест ба пирузиҳо. Дар маънои чорум, вожаи **path** ба масир, хати сайр ё ҳаракати объектҳо дахл дорад. Ин маъно бештар дар матнҳои илмӣ истифода мешавад. Мисол: «*The path of the earth* ».- Масири ҳаракати замин [ФАТ, 2015, 592].

Дар «Фарҳанги англисӣ – тоҷикӣ » вожаи **pass** дар забони англисӣ ҳамчун исм дорои маъноҳои гуногун буда, дар соҳаҳои гуногун истифода мешавад. Дар маънои худ вожаи **pass** ба роҳ ё гузаргоҳ дар минтақаҳои кӯҳӣ ишора мекунад. Мисол: *He showed us the pass through the mountains* - Вай ба мо гузаргоҳро дар кӯҳҳо нишон дод. Инчунин вожаи **pass** метавонад ба агба ё гузаргоҳи умумӣ ишора намояд, **pass** маънои рухсатнома, иҷозатнома ё ҳуҷҷати иҷозатдиҳандаро низ дорад. Мисол: *He produced a pass* - Вай иҷозатнома нишон дод. Ин вожа ба соҳаи таълим тааллуқ дошта, натиҷаи мусбати имтиҳонро ифода мекунад. Мисол: *How many passes did you get in your exams. Чанд то имтихон супоридед?*. Вожаи **pass** дар соҳаи варзиш ба маънои пас додани тӯб истифода мешавад. Мисол: *He made a quick pass to his teammate* - Вай тӯбро зуд ба ҳамдастааш дод [ФАТ, 2015, 591].

Вожаи **pass** аз лиҳози фонетикӣ ба як қатор вожаҳои дигар монанд аст: **pass** ва **path** - монанд дар садо, вале фарқ дар маъно: *He walked along the path* *- Ӯ аз пайраҳа гузашт, **pass** ва **past** – фарқ дар навишт ва маъно: *He walked past the house* - Ӯ аз назди хона гузашт; **pass** ва **pace** – фарқ дар талаффуз ва маъно: *He increased his pace* - Ӯ суръати худро зиёд кард.

Вожаи **pass** дорои сохтори сермаъно буда, дар контекстҳои гуногун маънои худро тағйир медиҳад. Истифодаи мисолҳо дар шакли дуруст имкон медиҳад, ки фарқияти маъноҳо ва хусусиятҳои паронимии он равшан гарданд.

Ҷуфти калимаҳои **day ва date**

Вожаҳои **day (рӯз) - date (сана)** дар забони англисӣ пароним мебошанд. Дар « Фарҳанги англисӣ - тоҷикӣ » вожаи **day** ҳамчун исм яке аз воҳидҳои семистифода ба ҳисоб рафта, дорои якчанд маъноҳои асосӣ мебошад. Маънои он вобаста ба контекст метавонад тағйир ёбад.

Дар маъноҳои гуногуни худ вожаи **day** маънои «рӯз»- ро дорад. Мисол: *Six days ago* – Шаш рӯз пеш. Дигар маънои ин вожа шабонарӯз, яъне давраи пурраи бисту чор соатро ифода менамояд. Мисол: *The project took three days* – Лоиҳа се шабонарӯзро гирифт. Инчунин вожаи day ба маънои рӯзгор, давра ё замон истифода мешавад. Мисол: *In my grandfather's day, life was simpler.* - Дар замони бобоям зиндагӣ содатар буд. Ин вожа метавонад рӯзҳои махсус ё идонаро ифода кунад ва одатан бо ҳарфи калон навишта мешавад. Мисол: *Thanksgiving Day is celebrated in November* – Рӯзи Шукргузорӣ дар моҳи ноябр ҷашн гирифта мешавад [ФАТ, 2015, 224].

Вожаи **date** дар забони англисӣ дорои хусусияти омонимӣ буда, дар ду маънои асосӣ истифода мешавад: ҳамчун номи растанӣ/мева ва ҳамчун воҳиди вақт.

Дар «Фарҳанги англисӣ - тоҷикӣ» вожаи **date I** ба **дарахти хурмо** ва инчунин ба **меваи он** ишора мекунад. Мисол: *Dates grow in warm countries* - Хурмо дар кишварҳои гарм мерӯяд. **Date II** ҳамчун исм дорои якчанд маъно мебошад: **Таърих, рӯзи моҳ** - маънои асосӣ дар системаи вақт. Мисол: *What is the date today?* - Имрӯз чандум?; **воҳӯрӣ** (*ғуфтугӯ, амер.*) Мисол: *I have a date with my friend tomorrow* - Пагоҳ бо дӯстам воҳӯрӣ дорам; **муҳлат, давра**: Мисол: *The final date is next week* - Муҳлати охирин ҳафтаи оянда аст; з**амони воқеа** – барои ишора ба вақти рух додани ҳодиса; **таърихи таваллуд ва вафот (дар шакли ҷамъ)** Мисол: *The dates on the monument show his life span* – Санаҳо дар ёдгорӣ давраи зиндагии ӯро нишон медиҳанд.

Вожаи **date** ҳамчун феъл мънои с**ана гузоштан, таърих гузоштанро** дорад. Мисол: *The letter was dated April 10* - Дар мактуб санаи 10-уми апрел гузошта шуда буд.

Таҳлили ҷуфтҳои **day - date** нишон медиҳад, ки ин ду вожа аз лиҳози маъно ба як соҳаи семантикӣ, яъне ифодаи вақт, тааллуқ доранд, аммо доираи истифода ва вазифаи онҳо фарқ мекунад. Вожаи **day** бештар ба давраи муайяни вақт, яъне як қисми шабонарӯз ё рӯз ҳамчун воҳиди умумии вақт ишора менамояд, вожаи **date** хусусияти дақиқтар дошта, барои нишон додани рӯзи мушаххаси тақвимӣ, сана ва ё вақти муайяни рух додани ҳодиса истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, гарчанде ки **day** ва **date** дар як майдони маъноӣ ҷойгиранд, онҳо аз рӯи вазифаи коммуникативӣ фарқ мекунанд: вожаи *date* хусусияти муайянкунанда дошта, ба ифодаи вақти дақиқи тақвимӣ ва марҳалаи муайяни хронологӣ хизмат мекунад.

Ҷуфти калимаҳои **sweet** ва **sweat**

Дар «Фарҳанги англисӣ - тоҷикӣ» вожаи **sweet** ҳамчун исм ва сифат истифода шуда, дорои маъноҳои сершумор мебошад ва маънои ширинӣ, хушбӯй, нушин, лазиз, хушмаза; дустдоштанӣ, махбуб, азиз, зебо, лаззатбахш ва ғайраҳо истифода мешавад. Мисол**: «***Have another sweet, please»***. -** Боз як ширинӣ гиред**.** [ФАТ, 2015, 823]

Вожаи «sweet » ва «sweat » аз ҷиҳати талаффуз хеле наздик ҳастанд, ки ин боиси истифодаи иштибоҳнок дар баъзе мавридҳо мегардад. Фарқияти фонетикӣ дар ҳарфи мобайнӣ, яъне дифтонгҳои [ее] ва [еа] таҷассум меёбад:

- **sweet** [swi:t] - овози *i:* (дароз ва кашида) ва акцент бар хатти аввали калима;
- **sweat** [swet] - овози *e* (кӯтоҳ ва кушода) ва талаффузи тезу равон;

Дар истифодаи нутқ фарқ кардани ин ду вожа муҳим аст, зеро иштибоҳ дар онҳо метавонад ба маънои ҷумла тағйироти ҷиддӣ ворид кунад.

Дар « Фарҳанги англисӣ - тоҷикӣ» вожаи **sweat** ҳамчун исм маънои **арақ (бадан), танхиса** истифода мешавад. Мисолҳо: **«***He was dripping with sweat* **»** – Аз баданаш мисли жола арак мерехт. **«** *In a sweat / all of a sweat –***»** Пур аз арак, аракзада. [ФАТ, 2015, 823]

Вожаи **sweat** ҳамчун феъл маънои **арақ кардан, арақ рехтан-ро** дорад. Мисол: « *He sweated with fear* » - Аз тарс араки сард кард; **захидан, тар шудан**, **арақ кунондан (бо ҳайвон).** Мисол: *to sweat a horse* - аспро давондан ва ғайраҳоро дорад. [ФАТ, 2015, 823]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои истифодаи дурусти ин силсилаи калимаҳо ва ибораҳои паронимӣ бояд нозукиҳои маъноӣ бодиққат ба назар гирифта шуда, ҳамзамон мувофиқи талаботи матн истифода шаванд.

Ҷуфти калимаҳои **special** ва **especial**

Воҳиди луғавии **«especial»** яке аз унсурҳои серистеъмоли луғавии забони англисӣ ба шумор рафта, дорои хусусиятҳои хоси лексикӣ-семантикӣ, грамматикӣ ва фонетикӣ мебошад. Ин вожа асосан ба сифати *исм (noun)* ва дар баъзе мавридҳо ҳамчун *сифат (adjective*) истифода мешавад.

Дар « Фарҳанги англисӣ - тоҷикӣ » вожаи « special » вожаи аз ҷиҳати маъно дорои як қатор хусусиятҳо мебошад: ф**авқулода, вижа, истисноӣ**. [ФАТ, 2015, 823] Мисол: *special interest* - таваҷҷуҳи фавқулода; **махсус, хос, бахусус**. Мисол: *our special correspondent* - муҳбири махсус. Ҳамчун *исм (noun)* ин вожа метавонад маъноҳои зеринро ифода намояд: нашри фаврии хабар, барнома ё пешниҳоди махсус, чопи вижа. [ФАТ, 2015, 823]

Аз таҳлили мисолҳо бармеояд, ки вожаи **«especial»** дорои хусусиятҳои муҳимми лексикӣ, маъноӣ ва фонетикӣ мебошад. Он асосан ҳамчун сифат истифода шуда, маъноҳои «вижа», «махсус» ва “истисноӣ”-ро ифода мекунад. Ҳамин тариқ, сохтори семантикии **«especial»** аз маҷмӯи маъноҳои ба ҳам алоқаманд иборат буда, вобаста ба муҳити контекстуалӣ амалӣ мегардад. Дар низоми луғавии забони англисӣ **«especial»** бо як қатор воҳидҳои наздиксадо (паронимҳо) робитаи фонетикӣ дорад. Таҳлили ҳамаҷонибаи воҳиди луғавии **«especial»** нишон медиҳад, ки он дорои сохтори мураккаби лексикӣ-семантикӣ ва хусусиятҳои мушаххаси грамматикӣ ва фонетикӣ мебошад. Истифодаи васеи он дар нутқ, ҳамчунин мавҷудияти паронимҳои наздиксадо, аҳаммияти омӯзиши муқоисавии онро афзоиш медиҳад. Ин гуна таҳлил ба амиқтар дарк намудани низоми луғавии забони англисӣ ва пешгирии иштибоҳҳои маъмул дар раванди омӯзиш мусоидат менамояд.

Вожаи **«especial**» дорои як қатор паронимҳо мебошад, ки аз ҷиҳати талаффуз ба он наздиканд, аммо маънои гуногун доранд.

Ба чунин паронимҳо дохил мешаванд: «specially» - зарф бо маънои м«ахсусан»; «especially» +- зарф бо маънои «хусусан », «бахусус» «specific» - сифат бо маънои «мушаххас, дақиқ»; «species» - исм бо маънои «навъ, намуд». [ФАТ, 2015, 778]

Дар «Фарҳанги англисӣ - тоҷикӣ» вожаи **especial** маънои махсус, вижа; гайриодӣ, бахусус, хос, мушаххас; барчаста ва ғайрящоро дорост. [ФАТ, 2015, 298]

Қобили зикр аст, ки вожаи **«especial»** дар забони англисии муосир нисбат ба **«special»** камтар истеъмол шуда, бештар хусусияти услубии расмӣ ё адабӣ дорад. Дар бисёр мавридҳо он бо воҳиди **«special»** ҳаммаъно ба ҳисоб меравад, аммо **«especial»** бештар барои таъкид (эмфаза) истифода мешавад. Ҳамин тариқ, баррасии луғавии ин воҳид нишон медиҳад, ки доираи маъноии он васеъ буда, вобаста ба муҳити забонӣ маъноҳои мухталифро ифода менамояд.

Дар ҷуфти **ceremonial-ceremonious** ҳар ду вожа аз калимаи **ceremony «маросим»** сарчашма гирифтаанд. Вожаи **ceremonial** маънои «маросим, вобаста ба маросим»-ро ифода намуда, бештар барои ашё, амал ё падидаҳои марбут ба маросим истифода мешавад: **ceremonial dress**-либоси маросимӣ. Вожаи **ceremonious** бошад, маънои «ботантана»-ро дошта, бештар хусусияти рафтор ё тарзи муносибатро ифода менамояд: *ceremonious welcome*-«истиқболи ботантана».[ФАТ, 2015, 232]

Дар ҷуфти **luxuriant-luxurious** шабоҳати шаклӣ ба назар мерасад, вале фарқи маъноӣ равшан аст. **Luxuriant** маънои «серҳосил, фаровон, бисёр нашъунамоёфта»-ро дошта, одатан бо падидаҳои табиӣ истифода мешавад (*luxuriant vegetation*-«набототи серсабз»). Баръакси он, **luxurious** маънои «боҳашамат, пурнозу неъмат»-ро ифода мекунад: *luxurious hotel*-«меҳмонхонаи боҳашамат».

Дар ҷуфти **practical-practicable** низ наздикии шаклӣ ва решагӣ мушоҳида мешавад. Аммо **practical** бештар ба маънои «амалӣ, воқеӣ, муфид» истифода шуда (*practical knowledge*-«дониши амалӣ»), **practicable** бошад, имконияти иҷро ё татбиқи чизеро нишон медиҳад (*practicable plan*-«нақшаи иҷрошаванда»).

Таҳлили дигар ҷуфтҳои паронимӣ, аз ҷумла **politic-political**, **global-globular**, **composed-composite** ва **polemic-polemical**, низ нишон медиҳад, ки чунин воҳидҳо бо вуҷуди наздикии шаклӣ дорои фарқиятҳои ҷиддии маъноӣ мебошанд. Аз ин рӯ, истифодаи дурусти онҳо дар нутқи илмӣ ва расмӣ ба дарки дақиқи мазмун ва пешгирии омехташавии маъноӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, дар забони англисӣ паронимҳо яке аз гурӯҳҳои воҳидҳои лексикӣ ба шумор рафта, бо наздикии шаклӣ ва фарқияти маъноӣ тавсиф мешаванд. Таҳлили ҷуфтҳои паронимӣ нишон медиҳад, ки чунин воҳидҳо, сарфи назар аз монандии сохторӣ ва умумияти этимологӣ, аз рӯи маъно ва доираи истифода аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Шабоҳати фонетикии ин воҳидҳо метавонад боиси иштибоҳ дар раванди омӯзиш гардад. Аз ин рӯ, таҳлили муқоисавии онҳо аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Адабиёт

1. *Антипина О.П. Прагматический аспект паронимии // Новое в современной филологии: материалы V Международной научно-практической конференции (29.03.2012) / отв. ред. А.А. Билюкина. - Москва: Спутник+, 2012. - С. 83–87.*
2. *Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка: учебное пособие. - 2-е изд., перераб. и доп. - Москва: ФЛИНТА: Наука, 2012. - 376 с.*
3. *Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов. - 2-е изд., стер. - Москва: Советская энциклопедия, 1969. - 608 с.*
4. *Крылова Н.В. Паронимия в современном английском языке: идиоэтнический и функциональный аспекты: Дис. Канд. Филол. наук. - Санкт-Петербург, 1993. - 159 с.*
5. *Мюллер В.К. Англо-русский словарь: около 53000 слов. - 8-е изд., стереотип. - Москва: Русский язык, 1975. - 912 с.*
6. *Пузанова Н.А. Разрешение паронимии в английском языке // Герценовские чтения (иностранные языки). - Санкт-Петербург, 2004. - С. 66-69.*
7. *Ривлина А.А. Теоретическая грамматика английского языка: учебно-методическое пособие. - Благовещенск: Изд-во БГПУ, 2009. - 118 с.*
8. *Уфимцева А.А. Слово в лексико-семантической системе языка. - Москва: Наука, 1968. - 192 с.*
9. *Уфимцева А. А. Лексические значения. Принцип семасиологического описания лексики / А. А. Уфимцева. - М.: Наука, 1986 - 240 с.*
10. *Леонтьева С.Ф. Теоретическая фонетика современного английского языка: учебник. - Москва: Менеджер, 2002. - 336 с.*
11. *Смирницкий А.И. Лексикология английского языка. - Москва: Издательство литературы на иностранных языках, 1956. - 260 с.*
12. *Crystal D. A Dictionary of Linguistics and Phonetics. - 6th ed. - Oxford: Blackwell Publishing, 2008. - 529 p.*

ТАҲЛИЛИ ХУСУСИЯТҲОИ ЛЕКСИКӢ-СЕМАНТИКИИ ПАРОНИМҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақола хусусиятҳои лексикӣ ва маъноии паронимҳои забони англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Моҳияти паронимҳо ҳамчун яке аз падидаҳои муҳимми низоми луғавии забони англисӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои сохторӣ, лексикӣ ва маъноии онҳо таҳлил шудаанд. Дар асоси таҳлили маводи забонӣ намудҳои асосии паронимҳо муайян гардида, сабабҳои ташаккул ва хусусиятҳои истифодаи онҳо дар нутқ нишон дода шудаанд. Ҳамчунин, нақши омилҳои калимасозӣ, шабоҳати фонетикӣ ва графикӣ дар ташаккули муносибатҳои паронимӣ баррасӣ шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки омӯзиши хусусиятҳои лексикӣ ва маъноии паронимҳо барои дуруст дарк намудани маънои калимаҳо, пешгирии иштибоҳҳои луғавӣ ва такмили маҳорати истифодаи забони англисӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Калидвожаҳо: пароним, забони англисӣ, лексика, маъношиносӣ, муносибатҳои луғавӣ, калимасозӣ, таҳлили маъноӣ, воҳиди луғавӣ.

АНАЛИЗ ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТЕЙ ПАРОНИМОВ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В статье исследуются лексические и семантические особенности паронимов английского языка. Рассматривается сущность паронимов как одного из важных явлений лексической системы английского языка, анализируются их структурные, лексические и семантические характеристики. На основе анализа языкового материала определены основные типы английских паронимов, выявлены причины их формирования и особенности функционирования в речи. Особое внимание уделяется роли словообразовательных процессов, а также фонетического и графического сходства в возникновении паронимических отношений. Результаты исследования показывают, что изучение лексико-семантических особенностей паронимов имеет важное теоретическое и практическое значение, способствует более точному пониманию значений слов, предупреждению лексических ошибок и совершенствованию навыков владения английским языком.

Ключевые слова: паронимы, английский язык, лексика, семантика, лексические отношения, словообразование, семантический анализ, лексическая единица.

ANALYSIS OF LEXICAL-SEMANTIC FEATURES OF ENGLISH PARONYMS

The article investigates the lexical and semantic features of English paronyms. It examines paronyms as an important phenomenon of the English lexical system and analyzes their structural, lexical, and semantic characteristics. Based on the analysis of linguistic data, the main types of English paronyms are identified, along with the factors contributing to their formation and the specific features of their use in speech. Particular attention is paid to the role of word-formation processes as well as phonetic and graphic similarity in the development of paronymic relations. The findings demonstrate that the study of the lexical and semantic features of paronyms is of both theoretical and practical importance, contributing to a more accurate understanding of word meanings, the prevention of lexical errors, and the improvement of English language proficiency.

Keywords: paronyms, English language, lexicon, semantics, lexical relations, word formation, semantic analysis, lexical unit.

Дар бораи муаллифон

Ҷамшедов Парвонахон
Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии кафедраи забонҳои хориҷӣ
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: pjam07@mail.ru

Мансуров Ҳасанҷон Раҳимович
Докторант аз руйи ихтисос (PhD)-и кафедраи забонҳои хориҷӣ
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: rahimihasanjon@gmail.com

Об авторах

Джамшедов Парвонахон
Доктор филологических наук, профессор, главный научный сотрудник кафедры иностранных языков
Национальная академия наук Таджикистана
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33
E-mail: pjam07@mail.ru

Мансуров Хасанджон Рахимович
Докторант PhD кафедры иностранных языков
Национальная академия наук Таджикистана
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33
E-mail: rahimihasanjon@gmail.com

About the authors

Jamshedov Parvonakhon
Doctor of Philological Sciences, Professor, Chief Researcher at the Department of Foreign Languages
National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33
E-mail: pjam07@mail.ru

Mansurov Hasanjon Rahimovich
PhD Candidate at the Department of Foreign Languages
National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33
E-mail: rahimihasanjon@gmail.com

УДК 811.111+811.161.1+811

СЛОВОСЛОЖЕНИЕ В ТАДЖИКСКОМ, РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ СОПОСТАВИТЕЛЬНОГО ИССЛЕДОВАНИЯ

Нодираи А.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Введение. Обогащение лексической системы любого языка тесно связано с механизмами деривации, среди которых отдельного внимания заслуживает словосложение (композиция). В отличие от аффиксальных способов (суффиксации и префиксации), которые преимущественно способствуют постепенному освоению языковых форм, словосложение выступает продуктивным и самостоятельным путем формирования новых номинаций посредством интеграции двух и более основ. Данная специфика обусловливает высокий исследовательский интерес к композитам. В таджикском языкознании фундаментальное освещение вопросов словообразования (*калимасозӣ*) представлено в трудах Ш. Рустамова, рассматривавшего деривационные процессы как ключевой ресурс пополнения словарного запаса и расширения экспрессивного потенциала языка [1].

Значительный вклад в исследование структурно-семантической организации и деривационных моделей имен существительных в современном персидском литературном языке принадлежит Б. Т. Абдуллоеву. Работы исследователя отличаются методологической объективностью, ясностью и логической стройностью аргументации. Ученый наглядно продемонстрировал, что словосложение базируется на устойчивых структурных схемах и выступает одним из ключевых факторов пополнения словарного состава языка новыми лексемами [2]. Многие положения его исследования сохраняют научную значимость и при рассмотрении словообразовательных процессов в таджикском языке.

Особый интерес представляет сопоставительное изучение словосложения в таджикском, русском и английском языках. Выбор именно этих трёх языков не случаен: все они широко распространены в Таджикистане, и каждый образованный таджик в современных условиях должен владеть ими. В ходе сопоставительного анализа обнаружилось немало неожиданного - как сходства, так и различия между языками разных семей оказались одинаково интересны и показательны. Сравнение словообразовательных моделей позволяет выявить общие закономерности языкового развития и установить типологические характеристики каждой языковой системы.

Обращение к сопоставительному анализу словосложения обусловлено и практическими задачами современной филологии. Результаты подобных исследований могут быть использованы при изучении теории словообразования, в практике перевода, а также в процессе преподавания таджикского, русского и английского языков, где понимание особенностей образования сложных слов способствует более глубокому усвоению лексической системы изучаемого языка.

Проблемы словосложения на протяжении многих лет находятся в центре внимания исследователей, занимающихся вопросами словообразования и развития лексической системы языка. Значительный вклад в изучение процессов образования сложных слов в таджикском языке внёс Ш. Рустамов, подробно рассмотревший особенности формирования имён существительных и их место в системе современного таджикского литературного языка [3]. Вопросы изучения языковых явлений в аспекте современной лингвистики нашли отражение в работах Э.Г. Азимова и А.Н. Щукина [4]. Обращение к данным исследованиям создаёт теоретическую основу для сопоставительного изучения словосложения в таджикском, русском и английском языках.

Целью исследования является выявление того, как сложное слово, несмотря на свою кажущуюся громоздкость, приобретает необычное и ёмкое значение и при правильном понимании становится доступным - через сопоставительный анализ структурных и семантических особенностей словосложения в таджикском, русском и английском языках.

Для достижения поставленной цели были определены следующие задачи:

- рассмотреть основные теоретические подходы к изучению словосложения в современном языкознании;

- определить место словосложения в системе словообразовательных средств таджикского, русского и английского языков;

- выявить основные структурные модели сложных слов в сопоставляемых языках;

- установить общие и специфические признаки словосложения в исследуемых языках - примечательно, что структура, строение и принципы создания моделей сложных слов в трёх разных языках во многом совпадают, что стало одним из неожиданных открытий данного исследования;

- охарактеризовать роль словосложения в развитии и пополнении словарного состава таджикского, русского и английского языков - эта задача оказалась наиболее трудоёмкой, поскольку потребовала охвата обширного лексического материала каждого из трёх языков.

Теоретическое обоснование исследования

Проблемы словосложения традиционно занимают заметное место в исследованиях по словообразованию, поскольку именно через образование сложных слов язык получает возможность оперативно обозначать новые предметы, явления и понятия. Изучение структуры сложных слов, особенностей их семантики и закономерностей функционирования позволяет выявить важные механизмы развития лексической системы и определить специфику словообразовательных процессов в различных языках.

Для таджикского языка характерно многообразие моделей словосложения, сформировавшихся в ходе длительного исторического развития. Сложные слова образуются путём соединения именных, глагольных и смешанных основ и нередко отражают такие понятия, которые невозможно точно передать одним словом на другом языке без искажения смысла. Показательный пример - таджикское «дунёи фонӣ»: любой дословный перевод этого выражения на русский или английский язык неизбежно теряет его глубину и национальный колорит. Вопросы сопоставительного изучения таджикского и английского языков нашли освещение в работе П.Д. Джамшедова и его соавторов, где рассматриваются структурные и семантические особенности языковых единиц в условиях межъязыкового сопоставления [6].

Рассматривая языковое образование в контексте взаимодействия культур, М.А. Абдулоева подчёркивает, что изучение иностранного языка предполагает освоение не только лексических единиц и грамматических структур, но и национально-культурных особенностей носителей языка [7]. В этом отношении сложные слова представляют особый интерес, поскольку отражают культурно значимые понятия и способы осмысления действительности, характерные для конкретного языкового сообщества.

В русском языке словосложение выступает важным деривационным механизмом, действующим наряду с аффиксацией и охватывающим широкий лексический пласт, с наибольшей продуктивностью проявляясь в терминообразовании, общественно-политическом дискурсе и сфере научно-технических номинаций.

В то же время в англистике композиция принадлежит к числу наиболее динамичных способов лексического пополнения, при котором новые единицы формируются путем интеграции двух полнозначных лексем без существенных морфологических трансформаций. Данная модель активно функционирует в сфере ИТ и цифровых технологий, однако усвоение таких английских композитов носителями таджикского языка осложняется спецификой их фонетического оформления, отличающегося непривычным звуковым обликом и артикуляционными трудностями [8].

Сравнительно-типологический анализ таджикского, русского и английского языков свидетельствует о том, что при единых инвариантных принципах композиции межъязыковая дивергенция проявляется преимущественно на фонетико-фонологическом уровне. Если структурно-деривационные модели сложных слов демонстрируют значительную изоморфность, то их просодическое и сегментное звуковое оформление обусловлено внутрисистемными закономерностями каждого из сопоставляемых языков. Эти особенности представляют значительный интерес для сравнительного языкознания и позволяют глубже понять закономерности функционирования словообразовательных процессов в языках различного типа.

Материалы и методы исследования

Источниковую базу исследования составили труды отечественных и зарубежных учёных, посвящённые вопросам словообразования, сопоставительного языкознания и функционирования лексических систем различных языков. В работе использовались материалы толковых, этимологических и словообразовательных словарей таджикского, русского и английского языков. Работа с этими словарями принесла неожиданное открытие: многие английские и русские слова оказались схожи с таджикскими, что объясняется древностью таджикской культуры - эти слова изначально присутствовали в таджикском языке и лишь впоследствии вошли в другие языки.

При отборе и анализе языкового материала учитывались положения исследований П.Д. Джамшедова и соавторов, посвящённых сопоставительному анализу английского и таджикского языков [6], а также работы М.А. Абдулоевой, А.И. Байдуллоева, С.Х. Мардонова, С.С. Авгонова, И.Т. Мавлоновой и Р.М. Куджова, затрагивающие вопросы языковой подготовки и функционирования языковых единиц в образовательном процессе [7-11]. Содержащиеся в них положения способствуют более полному пониманию роли языковых средств в межкультурной коммуникации.

Для решения поставленных задач был использован комплекс взаимосвязанных методов. Центральное место занял сравнительно-сопоставительный анализ, позволивший установить сходства и различия в способах образования сложных слов в трёх языках. Структурный анализ применялся при рассмотрении внутреннего строения сложных лексических единиц и выявлении наиболее продуктивных словообразовательных моделей. Описательный метод дал возможность охарактеризовать особенности функционирования сложных слов в каждом из исследуемых языков.

Наиболее результативным и интересным из применённых методов оказался компонентный анализ - комплексный, системный и универсальный инструмент изучения смысловой организации сложных слов. Его особая ценность состоит в том, что он направляет исследователя на сосредоточенное умственное усилие: чтобы понять общее значение сложного слова, недостаточно просто сложить значения его частей - нужно увидеть, как они взаимодействуют и порождают новый смысл, нередко неожиданный и не равный сумме компонентов.

Сочетание перечисленных методов обеспечило всестороннее рассмотрение словосложения как одного из ведущих способов пополнения словарного состава таджикского, русского и английского языков и создало основу для выявления их общих и специфических словообразовательных характеристик.

Результаты и обсуждение

Проведённое исследование показало, что словосложение остаётся одним из наиболее действенных способов пополнения словарного состава таджикского, русского и английского языков. Работа с языковым материалом в целом не вызвала принципиальных затруднений - в английском и русском языках обнаружилось немало слов, схожих с таджикскими, что облегчало сопоставление. Определённые сложности возникли лишь при анализе русских сложных слов, структура которых порой оказывалась менее прозрачной.

В таджикском языке сложные слова представлены различными словообразовательными моделями и активно используются в повседневной речи, художественной литературе и научном дискурсе. Особого внимания заслуживают слова, отражающие духовные ценности и нравственные ориентиры таджикского народа: пиндори нек, гуфтори нек, муҳаббат, дониш, ишқ, фаросат. Каждое из них несёт в себе глубокий культурный смысл, который с трудом поддаётся точной передаче средствами других языков без утраты оттенков значения.

Для русского языка характерно разнообразие структурных типов сложных слов: лесостепь, самолётостроение, железнодорожный, нефтепровод, машиностроительный. Многие из них возникли в связи с развитием науки, техники и промышленности и выступают важным средством языковой номинации.

Английский язык демонстрирует особенно высокую продуктивность словосложения. Широко употребляются такие слова, как blackboard, schoolboy, snowfall, football, smartphone, laptop - все они образованы путём соединения уже существующих лексических единиц, что обеспечивает высокую динамичность развития словарного состава.

Сопоставление исследуемых языков позволило установить ряд общих закономерностей: во всех трёх языках сложные слова выполняют прежде всего номинативную функцию и способствуют расширению лексических ресурсов. Вместе с тем были выявлены существенные различия в структуре сложных слов, способах соединения компонентов и характере смысловых отношений между ними.

Полученные результаты имеют практическую значимость для преподавания языков. По убеждению автора, подлинное усвоение словосложения происходит не через заучивание правил, а через живую практику - обязательное общение и работу с текстами. Именно в реальном употреблении сложные слова раскрывают своё значение и закрепляются в памяти. Это согласуется с позицией исследователей: А.И. Байдуллоев и С.Х. Мардонов подчёркивают роль современных образовательных технологий в развитии лексической компетенции [8], С.С. Авгонов и И.Т. Мавлонова - значимость интерактивных методов для прочного закрепления новых слов [10], а Р.М. Куджов рассматривает расширение словарного запаса как условие формирования речевой активности [11].

Таким образом, проведённый сопоставительный анализ подтверждает, что словосложение занимает важное место в словообразовательной системе таджикского, русского и английского языков, и при всём наличии общих закономерностей каждый язык обладает собственными моделями образования сложных слов, отражающими своеобразие путей развития его лексической системы.

Выводы

Проведённый анализ показал, что словосложение относится к числу универсальных способов словообразования и активно функционирует в таджикском, русском и английском языках. Сходство общих принципов образования сложных слов не исключает существенных различий, обусловленных строем каждого языка и спецификой его словообразовательной системы.

Наиболее высокой продуктивностью словосложение характеризуется в английском языке - во многом благодаря тому, что английские сложные слова звучат необычно и именно поэтому лучше запоминаются. Эта фонетическая особенность делает словосложение особенно действенным инструментом освоения английской лексики. В таджикском и русском языках образование сложных слов также занимает важное место, однако реализуется в сочетании с другими способами пополнения словарного состава.

Главным итогом исследования стало осознание того, что освоение языка через словосложение - это не просто лингвистический процесс. Изучая язык, человек одновременно развивает свою социальную, культурную, эстетическую, эмпатическую и толерантную стороны личности и становится по-настоящему многогранным человеком. Именно в этом состоит глубинная ценность языкового образования.

Результаты исследования могут найти практическое применение в преподавании таджикского, русского и английского языков. Учитель, знающий закономерности словосложения, может выстраивать обучение иначе: больше общаться с учащимися, вовлекать их в совместные проекты и исследования, активно работать с текстами - всё это создаёт живую языковую среду, в которой сложные слова усваиваются естественно и прочно.

Литература

1. *Рустамов Ш. Оид ба калимасозӣ ва ҳусни сухан // Садои Шарқ. - 1971. - № 6. - С. 114-124.*
2. *Абдуллоев Б.Т. Словообразование имён существительных в современном персидском литературном языке: автореф. дис. ... канд. филол. наук. - Баку, 1964.*
3. *Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе, 1975.*
4. *Азимов Э.Г., Щукин А.Н. Новый словарь методических терминов и понятий: теория и практика обучения языкам. - М.: ИКАР, 2009. - 448 с.*
5. *Чумаева Д. Методические и психологические основы обучения иностранным языкам. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 256 с.*
6. *Джамшедов П.Д. и др. Очерки о сопоставительном изучении английского и таджикского языков: учебное пособие. - Душанбе, 1988. - 150 с.*
7. *Абдулоева М.А. Занятия по английскому языку - перекрёсток встречи двух культур // Сибирский педагогический журнал. - Новосибирск, 2015. - № 6. - С. 178-182.*

8. *Байдуллоев А.И., Мардонов С.Х. Роль интернет-ресурсов в овладении английским языком в учебном процессе // Вестник Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. - 2012. - № 5 (48). - С. 216-219.*
9. *Байдуллоев А.И. Формирование современной образовательной среды на уроках английского языка как основа развития образовательного процесса // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе: Издательский центр ТНУ, 2025. - № 6. - С. 234-240.*
10. *Авгонов С.С., Мавлонова И.Т. Использование ролевых игр на уроках английского языка // Вестник Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. - 2010. - № 1 (35). - С. 145-150.*
11. *Куджов Р.М. Методика формирования речевой активности студентов при обучении иностранному языку (на материале немецкого языка): дис. ... канд. пед. наук: 13.00.02. - Душанбе, 2019. - 168 с.*

СЛОВОСЛОЖЕНИЕ В ТАДЖИКСКОМ, РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ СОПОСТАВИТЕЛЬНОГО ИССЛЕДОВАНИЯ

В статье рассматриваются теоретические основы словосложения в таджикском, русском и английском языках. Актуальность исследования обусловлена необходимостью выявления общих и специфических особенностей образования сложных слов в языках различного генетического происхождения и типологической принадлежности. Особое внимание уделяется роли словосложения как одного из важных способов пополнения словарного состава исследуемых языков. Теоретическую основу исследования составили труды отечественных и зарубежных языковедов по вопросам словообразования, лексикологии и сопоставительного языкознания. В работе использованы сравнительно-сопоставительный, структурный, описательный и компонентный методы анализа. Исследование направлено на выявление структурных моделей сложных слов, особенностей их семантики и закономерностей функционирования в таджикском, русском и английском языках. Результаты исследования показали наличие как общих закономерностей словосложения, так и национально-специфических особенностей его реализации в каждом из рассматриваемых языков. Установлено, что словосложение является одним из продуктивных способов словообразования и играет значительную роль в развитии лексической системы. Полученные результаты могут быть использованы в дальнейших исследованиях по сопоставительному языкознанию, теории словообразования и методике преподавания языков.

Ключевые слова: словосложение, словообразование, сложное слово, таджикский язык, русский язык, английский язык, сопоставительное языкознание, лексическая система, семантика, структурная модель.

КАЛИМАСОЗИИ ТАРКИБӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ: АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ МУҚОИСАВӢ

Дар мақола асосҳои назариявии калимасозии таркибӣ дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Мубрамияти мавзуъ бо зарурати муайян намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи ташаккули калимаҳои мураккаб дар забонҳои гуногуни ҷаҳон асоснок мегардад. Диққати асосӣ ба калимасозии таркибӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми ғанигардонии таркиби луғавии забонҳо равона шудааст. Пояи назариявии таҳқиқотро корҳои илмии забоншиносон оид ба калимасозӣ, луғатшиносӣ ва забоншиносии муқоисавӣ ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои муқоисавӣ, сохторӣ, тавсифӣ ва таҳлили ҷузъӣ истифода шуданд. Таҳқиқот ба муайян намудани намунаҳои сохтории калимаҳои мураккаб, хусусиятҳои маъноии онҳо ва тарзи корбурдашон дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ равона гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки дар ташаккули калимаҳои мураккаб ҳам қонуниятҳои умумӣ ва ҳам хусусиятҳои хоси ҳар як забон мавҷуданд. Муайян гардид, ки калимасозии таркибӣ яке аз роҳҳои сермаҳсули калимасозӣ буда, дар рушди низоми луғавии забон нақши муҳим мебозад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи забоншиносии муқоисавӣ, назарияи калимасозӣ ва методикаи таълими забонҳо истифода шаванд.

Калидвожаҳо: калимасозии таркибӣ, калимасозӣ, калимаи мураккаб, забони тоҷикӣ, забони русӣ, забони англисӣ, забоншиносии муқоисавӣ, низоми луғавӣ, маъношиносӣ, модели сохторӣ.

COMPOUNDING IN THE TAJIK, RUSSIAN AND ENGLISH LANGUAGES: THEORETICAL FOUNDATIONS OF A COMPARATIVE STUDY

The article examines the theoretical foundations of compounding in the Tajik, Russian, and English languages. The relevance of the study is determined by the need to identify common and language-specific features of compound word formation in languages that differ in origin and typological characteristics.

Particular attention is paid to compounding as one of the major means of vocabulary expansion. The theoretical framework of the study is based on works devoted to word formation, lexicology, and comparative linguistics. The research employs comparative, structural, descriptive, and component analysis methods. The study focuses on identifying structural patterns of compound words, their semantic features, and their functioning in Tajik, Russian, and English. The findings reveal both shared tendencies and language-specific characteristics in the formation of compound words. The study confirms that compounding is a productive word-formation process and an important source of lexical enrichment. The results may be useful for further research in comparative linguistics, word-formation theory, and language teaching methodology.

Keywords: compounding, word formation, compound word, Tajik language, Russian language, English language, comparative linguistics, lexical system, semantics, structural model.

Об авторе
Нодираи Абдулхаким
Ассистент кафедры языкознания и сравнительной типологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: nodira93@gmail.ru

Дар бораи муаллиф
Нодираи Абдулҳаким
Ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: nodira93@gmail.ru

About the author
Nodirai Abdulhakim
Assistant Lecturer of the Department of Linguistics and Comparative Typology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: nodira93@gmail.ru

ТДУ 81'373.47

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ЛИНГВОФАРҲАНГИИ ЛЕКСИКАИ ЛАҲЗАҲОИ ШАБОНАРЎЗӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Раънои К.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муқаддима. Ҳар рӯзи инсонҳо бо дамидани субҳ оғоз мегардад ва то лаҳзаи субҳи дигар як шабонарӯзро ташкил медиҳад, ки дар ҳамин марҳила он аз чанд лаҳза иборат мебошад. Ҳамаи он лаҳзаҳо вожаҳои махсуси худро доранд, ки дар забонҳои мардумони дунё ба таври гуногун ифода меёбанд. Чуноне ки муҳаққиқи тоҷик С.Матробиён таъкид мекунанд: «Таассурот доир ба гардиши шабонарӯзӣ, ки аз лаҳзаҳои гуногуни вақт иборат мебошад, дар фаҳмиши инсоният ҳанӯз аз даврони шинохти худ ба вуҷуд омадааст ва минбаъд он бо тасвирҳои гуногун: мифологӣ, динӣ, илмӣ, фалсафӣ ва бадеӣ дар ҷаҳоншинохтии инсонҳо ифода меёбад» [11, с. 254]. Маҳз таҳқиқи ҳамин фаҳмиш дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ зарурати таълифи мақоларо ба миён овардааст.

Инсоният дар марҳилаҳои гуногуни шинохти олам усулҳои муайян намудани фосилаҳои гардиши шабонарӯзиро тавассути фаҳмиши забонӣ ба вуҷуд овард. Бинобар ин, доир ба нуқтаи асосии оғози шабонарӯзӣ дар байни мардуми олам фаҳмиши гуногун мавҷуд аст [8].

Мардуми тоҷик низ оғози даври шабонарӯзиро аз пайдоиши сапеда (шафақ) меҳисобанд.

Дар тасвири илмӣ як даври шабонарӯз аз соати дувоздаҳи шаб то дувоздаҳи шаби дигарро ташкил медиҳад, вале дар тасвири омиёнаи мардум он ба таври дигар нақш бастааст. Бинобар ин, ҳанӯз дар тасаввуроти мардум ҳамон лаҳзаҳо ё гоҳҳое боқӣ мондааст, ки дар замони қадим аз он истифода мебурдаанд. Ин лаҳзаҳо бо вожаҳои махсус ифода мешаванд, ки забонҳои гуногун онҳоро дар худ ҳифз намудаанд.

Вожаҳои марбут ба гоҳҳои шабонарӯзӣ дар забонҳо тахайюлоти ниёгони соҳибзабононро таҷассум мекунанд. Ба андешаи Т.В. Сивян «даври шабонарӯзии замон муҳимтарин ҷузъи ифодакунандаи тасвири муҳити атрофи инсоният ба шумор меравад» [19, с. 116-117].

Дар фарҳанги тоҷикон, чунон ки дар боло зикр намудем, тарзи ҳисоби қисматҳои рӯз аз фарҳанги англисҳо ва русҳо фарқ мекунад. Дар забони тоҷикӣ оғози замони лаҳзаҳои шабонрӯзӣ (қисмҳои рӯз) бо вожаҳои зер ифода ёфта, замонҳои зерро ифода мекунанд:

бомдод, бом, субҳ, саҳар, пагоҳ (аз оғози рӯз то баромади офтоб);
чошт (аз баромади офтоб то соати 11);
нисфирӯзӣ, нимрӯз, пешин (соати 12-и рӯз);
бегоҳ, шом (аз ғуруби офтоб то оғози шаб);
шаб (аз замони торик шудани ҳаво то бомдод)
ними шаб/нимшаб, баробаршаб (соати 2-и шаб).

Дар забони англисӣ оғози замони лаҳзаҳои шабонрӯзӣ (қисмҳои рӯз) чунин шуморида ва ифода меёбад:

Dawn – бомдод, шафақи офтоб;
Morning – субҳ, саҳар (аз нисфи шаб то нисфирзӣ)
Midday, Noon – нисфирӯзӣ (соати 12:00)
Afternoon – баъд аз нисфирӯзӣ то бегоҳ (12:00 то 18:00)
Evening – бегоҳ, шом (аз соати 18:00 то 00:00)
Dusk – нимторикӣ, вақти говгум, шом
Midnight – нимшаб, нисфи шаб, нимашаб (соати 00:00)

Дар забони англисӣ дар баробари вожаҳои мазкур, ки барои ҳисоби лаҳзаҳои шабонарӯзӣ истифода мешавад, инчунин вожаҳои зер низ ҳамчун ифодакунандаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ мавриди истифода қарор доранд:

daybreak [ˈdeɪbreɪk] – бомдод, субҳ, шафақи субҳ, оғози бомдод
sunrise [ˈsʌnrʌɪz] – баромад, тулуи офтоб
daytime - [ˈdeɪtʌɪm] – вақти рӯз, рӯзона
day [deɪ] – рӯз
noon [nuːn] – нисфирӯзӣ, нимрӯз

sunset [ˈsʌnsɛt] – ғуруби офтоб
night [nʌɪt] – шаб, шабона

Дар забон ва фарҳанги англисзабонон мафҳуме чун «шабонарӯзӣ»-и тоҷикӣ мавҷуд нест, балки аз рӯйи тасаввуроти англисҳо замон аз *рӯзу шаб* иборат аст, ки дар тафаккури онҳо «***day*** and ***night»,*** «***twenty-four hours***» ё **«*times of the day*»** (яъне, лаҳзаҳои шабонарӯзӣ) номида мешавад. Лаҳзаҳои шабонарӯзӣ, ки 24 соатро ташкил медиҳанд, дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври гуногун ифода меёбанд. Асосан, соҳибони забони англисӣ шабонарӯзиро ба 4 қисмат ҷудо мекунанд: 1) **morning** (аз оғози бомдод то соати 12-и рӯз). Дар ин лаҳзаи шабонарӯзӣ мардум саломи «*Good morning!»* истифода мебаранд**. 2) afternoon** (аз соати 12-и рӯз то вақти ғуруби офтоб). Ибораи *«Good afternoon!»* дар ҳамин лаҳзаи рӯз истифода мешавад. 3) **evening** (аз ғуруби офтоб то аввали шаб). Дар ин лаҳзаи рӯз дуруди *«Good evening!»* истифода мегардад. 4) **night (**аз аввали шаб то бомдод**)**, ки дар марҳилаи шабонарӯзӣ ибораи *«Good night!»* истифода мегардад. Бояд тазаккур дод, ки вожаҳои «**day**» ва «**night**» дар маҷмуъ дар тафаккури забонии англисҳо ба таври дигар ҳисобӣ мешавад. Дар фарҳанги англисҳо дар чунин маврид дарозии шабонарӯзиро ба ду қисмат ҷудо мекунанд: рӯзона (**day**) ва шабона (**night**). Дар забони англисӣ таркиби **day and night** барои ифодаи «шабонарӯзӣ» дар аксари маврид танҳо бо вожаи **day** истифода мешавад.

Дар забони тоҷикӣ дар гоҳҳои шабонарӯзӣ қисми зиёди вожаҳо ба гардиши Офтоб ва Моҳ иртибот доранд, ки ин ҳолат дар забонҳои дигари дунё низ мавҷуд аст [10].

Дар забоншиносӣ вожаҳои марбут ба ҳавзаи маъноии *шабонарӯз* қисмати асосии семантикаи замониро ташкил медиҳанд. Чунин гурӯҳи калимаҳо ба ақидаи Ч. Филмор «намояндаи лексикаи бархе аз таҷриба ё донишҳои воҳиди одикардашуда мебошанд» [18, с. 52-92].

Воҳидҳои асосии ҳавзаи маъноии *шабонарӯз*ро дар забони тоҷикӣ вожаҳои *бомдод ё субҳ – рӯз – бегоҳ – шаб* ташкил медиҳанд, ки як даври шабонарӯзро ба чор ҳисса тақсим мекунанд. Вале чунин тақсимоти гоҳҳои *шабонарӯз* ба фаҳмиши имрӯзаи ҳиндуаврупоӣ хос аст. Дар фаҳмиши мардуми тоҷик ҳанӯз аз даврони қадим панҷ гоҳ ё панҷ қисми шабонарӯз мавҷуд аст.

Дар забони тоҷикӣ лаҳзаҳои ҷудогонаи шабонарӯзӣ вобаста ба тасвири динии мардум бо вожаҳои ***бомдод, пешин, аср, шом, хуфтан*** ва вобаста ба тасвири муқаррарӣ бо вожаҳои ***бомдод, чошт, нимрӯз, бегоҳ (шом) ва шаб*** ифода меёбад, ки ба оғози равшанию ҳаракати офтоб ва моҳ иртибот доранд. Дар баробари ин ҳисоби омиёнаи вақт дар байни мардуми тоҷик маъмул мебошад. Масалан, барои ифодаи лаҳзаи ***бомдод*** ибораю вожаҳои ***фарёди хурӯс, хурӯсбонг, мурғчикӣ, кали азон, калл(а)и азон, вақти намоз, субҳидам, вақти саҳар*** ва ғ. истифода мекунанд. Аз вақти баромади офтоб то нишасти офтоб лаҳзаҳои рӯз пурра дар асоси гардиши офтоб ва сояи ашёҳо ҳисоб карда мешуд: масалан, *офтоббаро, офтобрас, вақти ноништа, як найза баланд шудани офтоб* (яъне чошт шудан), *чоштӣ, чоштии калон; ба сари бом омадани офтоб (нисфирӯзӣ), сояи ашё паридан* (нисфирӯзӣ), *ба сари кӯҳ рафтани офтоб (офтобнишин), ба сари девор омадани офтоб (офтобнишин, бегоҳ шудан)*; *говгум (шаб фаро расидан), шаб*.

Дар забони тоҷикӣ вожаҳои ***замон, вақт, гоҳ, ҳангом, лаҳза*** ва монанди онҳо низ метавонанд ҳамчун василаи ҳисоби солу моҳу рӯз истифода шуда, лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзиро ташкил диҳанд. Вожаҳои «вақт» ва «замон» доираи истифодаи фарохтар дошта, дар илмҳои дигар низ ҳамчун истилоҳ истифода мешаванд.

Маводҳо ва методҳо. Маводи асосии таҳқиқи мақолаи мазкур барои забони тоҷикӣ «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва барои муқоисаи он бо забони англисӣ аз тарҷумаҳои «Шоҳнома» ба забони англисӣ интихоб гардидааст. Бинобар ин, дар таҳқиқи лексикаи ифодакунандаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ методҳои тасвирӣ, муқоисавӣ, таҳлили семантикӣ ва контекстӣ, таҳлили лингвофарҳангӣ ва таҳлили тарҷумавӣ истифода шудаанд. Методи тасвирӣ барои муайян намудан, гурӯҳбандӣ ва тавсифи воҳидҳои лексикии ифодакунандаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ истифода гардидааст. Бо истифода аз методи муқоисавӣ умумият ва фарқи маъноӣ ва корбурдии ин воҳидҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян карда шудаанд. Таҳлили семантикӣ ва контекстӣ барои ошкор намудани маъно ва хусусиятҳои корбурди вожаҳои мавриди таҳқиқ дар матн истифода шудааст. Методи таҳлили лингвофарҳангӣ имкон фароҳам овардааст, ки хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии дарки лаҳзаҳои шабонарӯзӣ ва инъикоси онҳо дар тасвири забонии ҷаҳон муайян карда шаванд. Инчунин аз методи таҳлили тарҷумавӣ низ истифода шуда, роҳу воситаҳои

интиқоли воҳидҳои ифодакунандаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ аз забони асл ба забони тарҷума мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Натиҷа. Ҳамин тавр, дар асоси баъзе сарчашмаҳо дар фарҳанги мардуми тоҷик шабонарӯз ба 8 ҳисса ё пос ҷудо мешавад, ки ҳар пос се соат давом меёбад: «як ҳисса аз ҳашт ҳиссаи шабонарӯз, як ҳисса аз чор ҳиссаи шаб (се соат)» [14, с. 87]; «як ҳисса аз ҳашт ҳиссаи шабонарӯз, ҳиссае аз шаб» [14, с. 87]. Вале дар баробари ин тақсимот, инчунин дар тасвири тоҷикон шабонарӯзӣ ба ду қисм ҷудо мешавад: *шаб* ва *рӯз*.

Муҳокима. Дар зер ду лаҳзаи шабонарӯзӣ: *аз нишасти офтоб то фарорасии шаб* ва *аз аввали шаб то бомдод*-ро дар забонҳи тоҷикӣ ва англисӣ мавриди муҳокима ва таҳлил қарор медиҳем.

1. Аз нишасти офтоб то фарорасии шаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

Яке аз лаҳзаҳои шабонрӯзиро *аз нишасти офтоб то фарорасии шаб* ташкил медиҳад. Ин гоҳ дар забони тоҷикӣ бо вожаҳои *бегоҳ, бегоҳирӯзӣ, бегоҳон, говгум, нимторикӣ, намози шом (намозшом), шом, шомгоҳ, шомгоҳон* ва монанди ин ифода меёбад. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ барои ифодаи гоҳи мазкур асосан вожаҳои *бегоҳ, бегоҳон, шом, шомгоҳон* ва монанди инҳо истифода шудааст.

Бегоҳ/ бегаҳ/ бегоҳӣ. Вожаи *бегоҳ* дар фарҳангҳо ба таври гуногун тафсир шудааст. Аз ҷумла, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» зикр мегардад, ки «бегоҳ ин охири рӯз аст», «пеш аз фурӯ рафтани офтоб аст» ва «аввали шаб аст» [13, с. 166]. Тафсири монанд дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба чашм мерасад: «охири рӯз», «аввали шаб», «вақти шом» [15, с. 169]. Мусаллам аст, ки сарчашмаи тавзеҳҳои мураттибони фарҳангномаҳои мазкур фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» буда, дар он оварда шудааст: «бегоҳ – ба маънии шом аст, ки дар баробари субҳ бошад; ва ғайри вақт; ва дирангро низ гӯянд» [9, с. 207].

Дар “Шоҳнома” ин вожа ба таври зер тасвир шудааст:

Аз ӯ боз гаштам, ки **бегоҳ** буд,
Ки шаб сахт торику бемоҳ буд [2, с. 301].
Ки шуд рӯз торику **бегоҳ** гашт,
Зи ҷанги ялон даст кӯтоҳ гашт [3, с. 34].
Бад-ин **бегаҳӣ** аз куҷо хостӣ?
Чунин тохтанро биёростӣ?» [6, с. 440].

Шом, шомгоҳ, шомгоҳон. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи *шом* ба маънои «вақти ғуруб, ҳангоми фурӯ рафтани офтоб, аввали сар шудани торикии шаб» [16, с. 596] ва дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» «аввали шаб, ҳангоми акнун торик шудани ҳаво, вақти говгум; хӯроке, ки бегоҳӣ хӯрда мешавад» [13, с. 651] тафсир шудааст. Дар робита ба тафсирҳои мазкур байни вожаи *бегоҳ* ва *шом* ҳеҷ тафовути замонӣ дида намешавад. Вожаи *шом* дар «Луғатномаи Деҳхудо», ки аз дигар фарҳангномаҳо иқтибос овардааст, ба таври зерин шарҳ дода шудааст: «шабонгоҳ; охири рӯз («Баҳори Аҷам»); аввали шаб, ки торик аст («Фарҳанги Низом»); шабонгоҳ, яъне вақти мағриб («Муайяд-ал-фузало»); ишоъ ва замоне, ки торикии шаб бар рӯз кунад то ҳангоми хуфтан («Низоми Алотабоӣ»); Ишоъ, аввали торикии шабонгоҳ, ки мобайни мағиб ва аътима бошад ё аз заволи офтоб то тулуи фарҷ («Мунтаҳии алораб»)» [40, с. 758] ва монанди ин тафсир шудааст.

Фиристода омад ба ҳангоми **шом**,
Ба духти гиромӣ бидод ин паём [6, с. 339].
Зи тири газу банди Дастони Сом,
Ҳаме мӯя карданд шабгиру **шом** [5, с. 471].

Говгум. Муродифи дигари вожаи *шом* вожаи *говгум* аст. Вожаи мазкур дар фарҳангномаҳо дар шакли «говгун» низ дода шудааст. Говгун «вақти торикшавӣ, говгум» [17, с. 273], говгум «нимторикии бегоҳирӯзӣ, ки дида шинохтани чизҳо душвор мегардад, шомгоҳ» [15, с. 328], [13, с. 157].

Дар «Шоҳнома» ин вожа танҳо як маротиба истифода шудааст, ки он ҳам на маънои «шом», балки номи нақораест, ки аз шохи гов месохтаанд, истифода шудааст.

Барангехт пас Рахши рӯинасум,
Баромад хурӯшидани **говгум** [2, с. 20].

Дар забони англисӣ ва дар фарҳанги мардуми англис *вақти бегоҳ* замонеро мефаҳманд, ки аз ғуруби офтоб то торикии лаҳзаи рӯзро фаро мегирад. Аммо дар баъзе сарчашмаҳо ба он ишора меравад, ки дар фарҳанги мардуми англис лаҳзаи вақти бегоҳ, шом (**evening)** аз соати 18:00 то соати 23:59-ро дар бар мегирад [39].

Evening (бегоҳ). Ин лаҳзаи вақтро фарҳангномаҳои тафсирӣ вақти байни *пешин (afternoon)* ва *шаб (night)* ё нимаи *шаб (midnight)* шарҳ додаанд: «1.The time of day between afternoon and night: *Toward evening, there was heavy rain*. 2.The time of the day between the approximate time of midwinter dusk and midnight (compare afternoon); the period after the end of regular office working hours. 3. (figuratively) A concluding time period; a point in time near the end of something; the beginning of the end of something: *It was the evening of the Roman Empire»* [39].

Дар асоси таҳқиқоти муҳаққиқон вожаи **evening** аз вожаи забони англисии қадим **æfnung**, аз **æfnian** <**æfen** (аз германии шарқии қадим ***ābanþ**, аз германии қадим ***ēbanþs**) реша гирифтааст. Вожаҳои ***eve, eventide, forenight*** ҳамчун муродифи **evening** истифода мешаванд.

Ҳамчунин, вожаҳои ***even, eventide*** (аз англисии миёна *eventyde*, англисии қадим *ǣfentīd*, муштақ аз *ǣfen* («*evening*») + *tīd* («time») ва ***evetime*** (аз *eve* + *time*) ба маънои **evening** истифода мешаванд.

Eve. Дар фарҳангномаҳои англисӣ вожаи **eve** дар се маъно шарҳ дода шудааст: 1. Бегоҳ ё шаби арафаи идҳои Christmas Eve. 2. Бегоҳ, шаб. 3. Лаҳзаи вақте, ки ҳодисае бояд рух диҳад. Муҳаққиқон зикр мекунанд, ки дар Аврупои асримиёнагӣ рӯзҳо аз нимаи шаб то нимаи шаби дигар, балки аз ғуруби офтоб то ғуруби офтоб шуморида мешуданд. Бинобар ин, аз ғуруби офтоб то нимаи шабро дар рӯзҳои ид **eve** «арафа» мегуфтанд. Вожаи **eve** вожаи «***ǣfen***»-и забони англисии қадим реша мегирад. Вожаҳои *een, eventide, forenight*-ро ҳамчун муродиф истифода мебаранд:

Forthwith upon Ardashir: «The envoy came
At eve and gave the noble girl that message» [37, p. 259].
Both **morn** and **eve** the folk mourned bitterly
The tamarisk arrow and Zol's sorcery [36,p. 256].

Evenfall «говгум**»**. Лаҳзаи вақтест, ки ҳангоми нимторикиро ифода мекунад. Дар забони тоҷикӣ ин лаҳза бо вожаи «говгум» зикр мешавад. Вожаи **evenfall** аз ду ҷузъ: **even** («evening») + **fall** таркиб ёфтааст ва бо вожаҳои *dusk, twilight, crepusculum, mirkning, nightfall* муродиф мебошад: *Arriving at Brinkley in the quiet evenfall and putting the old machine away in the garage, I noticed that Aunt Dahlia's car was there and gathered from this that the aged relative was around and about once more* [33, p. 91].

Forenight (нимторик). Лаҳзаи вақт барои ифодаи ҳангоми нимторикӣ, ки дар забони тоҷикӣ бо вожаи «говгум» истифода мешавад. **Forenight** аз вожаи *fore-niht* (англисии миёна) ва *foranniht* (англисии қадим) реша мегирад. Дар фарҳангҳо ба таври зер тафсир шудааст: «The evening time, between twilight and bedtime: *Then I minded the tales my father used to tell me in the winter forenight of Wicked Wat Fergus of Craignesslin, how he used to rise from his bed and blow his horn and ride off to the Whig-hunting* [24, p. 83]. Вожаҳои *eve, eventide, undern; evening* муродифи вожаи **forenight** мебошанд.

Dusk (нимторикӣ). Ин лаҳзаи вақт пас аз бегоҳ ва пеш аз фарорасии шаб мебошад, ки бо вожаи «нимторикӣ» метавон онро ифода кард: «The time after the sun has set but when the sky is still lit by sunlight; the evening twilight period» [39]. Этимологияи вожаи **dusk** аз англисии миёна *dosk, dusk(e) («dusky»)*, англисии қадим *dox («dark, swarthy»)*, германии қадим ****duskaz («dark, smoky»)***, ҳундуавропоии қадим ****d*^{h}*wes-***, муштақ аз ****d*^{h}*ewh*$_{2}$*- («smoke, mist, haze»)***, санскритии *dhūsara*, («dust-colored»), эронии қадим *donn* («dark») [39] маншаъ мегирад. Бо вожаҳои *evenfall, nightfall, smokefall, vespers* муродиф мешавад.

Ҳамчунин бар пояи вожаи **dusk** вожаи **duckish** низ дар забони англисӣ барои ифодаи ҳангоми ниморикӣ истифода мешавад: «*[…] robins, hitch sparrows, whitethroats, chickadees, all kinds of them singing their hearts out. They would keep at that until the sun came up and then slack off. And then again* ***at duckish****, if it was a* ***civil evening****, you'd hear them […]»* [27, p. 80].

Now when **the world's face dusked** Tazhav returned
From outpost duty. Spying him afar [35, p.102].

Dinnertime (вақти хӯроки шом). Лаҳзаи вақт, ки ба бегоҳ рост меояд. Вожаи мазкур аз ***dinner*** **+** ***time*** гирифта шудааст, ки дар ин ҷо ***dinner*** «хӯроки шом» буда, маҳз ишора ба замоне аст, ки дар ин вақт мардум хӯроки бегоҳирӯзӣ мехӯранд. Аммо дар луғатҳо ба маънои дигар истифода шудани вожаи мазкур низ қайд мегардад: «The time when dinner takes place. The usage varies between eras and regions, because the circadian rhythm of meals varies by culture. Dated references to dinner, dinnertime, and the dinner pail cannot be assumed to refer to an evening

meal; for example, what some U.S. factory workers in the past called their dinner pail was what would today be called a lunchpail or lunchbox» [39].

Дар шеваи англисии британиҳо **dinnertime** ҳамчун вақти хӯроки шом фаҳмида мешавад: «*By the thirteenth century mustard was a staple of Paris saucemakers, who peddled the product on the street every evening around* ***dinnertime»*** [28, p. 204].

Dimpsey (нимторикӣ). Ин лаҳзаи вақте аст, ки дар тафаккури англисзабонҳо байни бегоҳу нимторикӣ қарор дорад: «The time in the evening just before dusk» [39, с. электронӣ]: «*There was the river: woodland paths skirting in the evening a world of silver and grey, across which bats sketched zigzag flights. Very nice in the* ***dimpsey*** *light, but stuffy in the daytime»* [21, p. 213].

Cockshut (шом). Лаҳзаи вақте аст, ки паррандаҳо дар лонаи худ барои шабгузаронӣ ҷо мешаванд. Дар тафаккури забонии англисҳо ҳамин лаҳзаи вақтро **cockshut** *«бастани мурғхона»* мениманд.

Crepuscular // Crepuscule «шоми бевақт». Ин лаҳзаи вақте аст, ки дар забони англисӣ ҳам *субҳи барвақт* ва ҳам *ҳангоми шом*-ро ифода мекунад. Вожаи **crepuscular** аз забони миёнаи фаронсавӣ *crepuscule* ва лотинии қадим *crepusculum* реша мегирад. Дар ин лаҳзаи вақт ҳайвоноту паррандагон ва ҳашарот хеле серҳаракат мешаванд (яъне, ҳам субҳи барвақт ва ҳам шоми торик), аз ин рӯ, дар забони англисӣ чунин номида мешавад. Яъне, вақти бегоҳ (шом) барои ҷой гирифтан ва ором шудан ва вақти саҳар барои аз пайи хӯрок рафтан.

Ҳамчунин, дар забони англисӣ вожаи ***crepuscule*** ба ҳамин маъно истифода шуда, муродифҳои *blue hour, gloaming, twilight* ва монанди инҳоро доро мебошад: *«Van watched them with the same pleasurable awe he had experienced as a child, when, lost in the purple* ***crepuscule*** *of an Italian hotel garden, in an alley of cypresses, he supposed they were golden ghouls or the passing fancies of the garden»* [23, p. 54].

Blue hour «соати кабуд». Ибораи **blue hour** ифодакунандаи лаҳзаи вақте аст, ки пас аз ғуруби офтоб то нопадид шудани шуоҳои офтоб дар осмонро фаро мегирад. Дар ин лаҳзаи вақт нури офтоб дар осмон ранги кабудчатобро мегирад, ки вобаста ба ҳамин ҳодисаи табиат англисҳо ин лаҳзаи вақтро «**blue hour**», яъне «соати кабуд» мениманд: «The period of twilight when the Sun is approximately 4-8° below the horizon and the sky is within a range of blue colors» [39].

Дар баробари ибораи «**blue hour**» дар забони англисӣ, ҳамчунин, ибораи «**golden hour**» низ истифода мешавад. Ин лаҳзаи вақт, ҳангоми ба уфуқ наздик шудани офтобро ифода мекунад. Яъне, вақте ки офтоб ба уфуқ наздик мешавад, нурҳои он дар осмон ранги зардчатобро мегиранд. Чунин ҳолат баъд аз тулуи офтоб ва пеш аз ғуруби офтоб рӯй медиҳад. Бинобар ин, дар тафаккури забонии англисҳо ин лаҳзаи вақт бо ибораи **golden hour** «соати тиллоӣ» ифода мешавад.

Gloaming (аввали шаб ё рӯз). Лаҳзаи вақтест, ки аввали фарорасии шаб ва ё оғози рӯзро ифода мекунад. Бояд қайд кард, ки лаҳзаи фарорасии шаб, ки нимторик мешавад, баробар аст ба лаҳзаи вақти бомдод, ки дар дохили торикӣ равшанӣ намудор мегардад ва онҳам ҳолати нимторикӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳарду ҳамин ҳолати монандро англисзабонҳо **gloaming** «нимторикӣ» номидаанд. Дар луғати тафсирии англисӣ ба таври зер шарҳ дода шудааст: «**Gloaming** – twilight, as at early morning (dawn) or (especially) early evening; dusk: «*I clung to her nipples as she soared and swooped through the* ***gloaming****, scooping up insects, and I remember the shapes of things that she flew between, above, beneath»* [22, p. 234]; «*When the faint* ***glooming*** *in the sky / First lightened into day»* [32, p. 215].

Last thing (охири рӯз). Лаҳзаи вақтест, ки ба бегоҳ ва шом мувофиқат мекунад. Дар тафаккурри забонии тоҷикон ин лаҳзаи вақт «*охири рӯз*» ифода меёбад. Дар луғат ба таври зер тафсир шудааст: «(idiomatic) late in the day»: *Denis Daviss agrees that practice session timing had a lot to do with it; this was a particular issue at Monaco due to the fact that the circuit was on public roads, so sessions were held first thing in the morning and last thing at night»* [25, p. 32].

Mealtime (вақти хурокхурӣ). Дар фарҳанги англисҳо дар гузашта чунин одат будааст, ки хӯроки шомро ҳама аҳли оила якҷоя таомул мекардаанд ва ҳамин ватқро **mealtime** «вақти хӯрокхӯрӣ» меномидаанд. Бешак, ин анъана хоси фарҳанги тоҷикон низ мебошад, аммо мутаассифона чун хӯроки субҳ «субҳона» ё «чошт» номе надорад. Он танҳо ифодакунандаи лаҳзаи вақт барои хӯрдани хӯроки шом мебошад.

Wine o'clock (соати истироҳат). Ин лаҳзаи вақт дар тафаккури забонии англисзабонҳо тахминан аз соати 17:00 (ё шояд як соат пештар) оғоз мешавад ва то бевақтиии шаб идома

меёбад. Дар гуфтори мардум он ҳамчун ифодакунандаи вақти бегоҳ таҷассум меёбад: «The time of the first glass of wine (or alcoholic beverage) of the day» [39, с. электронӣ]. Бояд қайд кард, ки ибораи **wine o'clock** ҳамзамон бо ибораҳои *beer o'clock, drinks o'clock* ифодакунандаи ҳамон як лаҳзаи вақт мебошанд, ки ҳангоми бегоҳирӯзиро ифода мекунанд: «*Then I'd spend Saturday a bundle of hangover nerves, waiting for Saturday* ***wine o'clock*** *to make it disappear*» [20, p. 321].

2. Аз аввали шаб то бомдод дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

Мусаллам аст, ки лаҳзаҳои ҳиссаҳои рӯз ба воситаи офтоб муайян карда мешаванд. Дар шаб бошад, лаҳзаҳои муайяни вақт тавассути ҳаракати моҳу ситорагон ва сайёраҳо ҳисоб карда мешавад. Лаҳзаи аз аввали шаб то бомдод дар тасвири мардум дорои қисматҳои алоҳидаи худ мебошад, ки дар забони тоҷикӣ бо номҳои алоҳида маъмуланд. Чунончи, *аввали шаб, бевақтии шаб, нисфи шаб, нимаи шаб, шабонгаҳ//шабонгоҳ, шабоҳанг, поси шаб, вақти хоби ширин, шабгир* ва монанди инҳо.

Решаи вожаи *шаб* аз *хšар* «шаб»-и забони форсии қадим маншаъ гирифта, дар забони авастоӣ дар шакли *хšар* ва форсии миёна *šар/ šаb* «шаб» мавриди истифода қарор доштааст.

Вожаи *шаб* дар фарҳангномаҳои муосир чунин шарҳ дода шудааст: «муддати муайян аз фурӯ рафтани офтоб то баромадани он» [16, с. 553], «муддати фосилае аз ғуруби офтоб то тулуи субҳи содиқ» [40, с. 943], «муддати муайян аз фурӯ рафтани Офтоб то баромадани он, ки ҳаво торик мешавад…» [14, с. 614].

Аввали шаб дар бештар фарҳангҳо *шом* низ номида мешавад. Вожаи мазкурро С. Матробиён ба таври зер тафсир кардааст: «Торикии аввале, ки фаро мерасад дар тасвири мардум аввали шаб мебошад. Тибқи ҳамин тасвир шабро ба аввал, мобайн (нима, нисф ё дили шаб) ва охири шаб ҷудо мекунанд. Барои муайян намудани ин лаҳзаҳои шабонгоҳ бештар аз ситораву сайёраҳо истифода мебаранд, ҳарчанд вобаста ба фаслҳои сол ҷойю замони ҳаракати онҳо дигар мешавад. Масалан, дар «Ғиёс-ул-луғот» зикр мешавад, ки *Парвин* «шаш ситораи кӯчак, ки бо ҳам муҷтамеанд ва он дар айёми зимистон аз аввали шаб намоён бошанд» [12, с. 110]. Ҳаракати ин ситора дар шаб ба ҳаракати офтоб дар рӯз монанд аст, ки аз рӯйи он вақтҳои гуногуни шаб муайян карда мешаванд.

Ҳама ором гирифтанду шаб аз нима гузашт,
В-он чи дар хоб нашуд, чашми ману Парвин аст. *Саъдӣ*

Инчунин, ситораи Ҳафтдодарон (Дубби Акбар), ки дар кӯҳистон дар фасли зимистон ду маротиба тулуъ мекунад. Яке, аввали шаб, ки зуд фурӯ меравад ва баъдан нимишаб аз ҷониби шарқ дувум бор намудор мешаванд, ки бо ҳамин вақти аз ними шаб гузаштан ё дигар лаҳзаҳои шабро муайян мекунанд. Ҳамчунин, сайраи Муштарӣ ва Ноҳид (Зуҳра), Тарозу низ ситораву сайёраҳоеанд, ки тавассути онҳо лаҳзаҳои вақт дар шабонгоҳон муайян карда мешавад.

Матробиён С. Қ. таъкид мекунад, ки: «Ниёгони тоҷикон ситораҳо ва саёраҳоро ниёиш мекарданд ва ба онҳо арҷ мегузоштанд, ки намунаи барҷастаи он дар Авасто нигошта шудааст» [12, с. 110]. Дар робита ба ҳамин устураҳои зиёде доир ба ситораву сайёраҳо ба вуҷуд омадаанд, ки то имрӯз дар байни мардуми тоҷик побарҷоанд ва инъикоси худро дар забон ёфтаанд.

Вожаҳое *аввали шаб, бевақтии шаб, нисфи шаб, нимаи шаб, шабонгаҳ//шабонгоҳ, поси шаб, вақти хоби ширин, шабгир* дар тасвири мардуми тоҷик барои ифодаи миёнаи шаб истифода мешаванд. Вожаву ибораҳое, ки роҷеъ ба ин лаҳзаи вақт дар забони тоҷикӣ ба вуҷуд омадаанд, ба таври алоҳида маълумот медиҳем:

Аввали шаб, бевақтии шаб. *Аввали шаб* ва *бевақтии шаб* лаҳзаи вақте мебошад, ки тахминан ба соатҳои 9 то 11-и шаб рост меоянд. Аммо барои дақиқии вақт аввали шаб замонеро мегӯянд, ки пас аз шом, яъне оғози торикӣ фаро мерасад. Вале бевақтии шаб асосан байни аввали шаб ва нисфи шаб қарор мегирад ва шунаванда дарк мекунад, ки сухан доир ба соатҳои 9 то 11-и шаб меравад.

Шаб омад, барафрӯхт оташ **чу кӯҳ**,
Ҳамон шоҳ дар гирди ӯ бо гурӯҳ [1, с.56].
Дурафш аз дурафшу гурӯҳ аз гурӯҳ,
Гусиста нашуд, то **шаб омад зи кӯҳ**. [4, с.30].

Поси шаб. Мавриди ба зикр аст, ки дар фарҳангҳои тафсирӣ шабро аз чор ҳисса (пос) иборат дониста, муддати як посро се соат шуморидаанд: «пос – як ҳисса аз ҳашт ҳиссаи шабонарӯз, як ҳисса аз чор ҳиссаи шаб (се соат)» [14, 87]; «пос – як ҳисса аз ҳашт ҳиссаи шабонарӯз, ҳиссае аз шаб» [14, 87].

Аммо дар аксар асарҳои классикӣ танҳо се поси шаб зикр мешавад. Аз ҷумла дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ танҳо аз се поси шаб зикр мешавад.

Чу **як пос бугзашт**, даррандашер
Ба пеши куноми худ омад далер [2, с.69].
Ҷаҳон чун шаби тира **ду пос гашт**,
Ҳама рӯи гетӣ чу алмос гашт [3, с.33].

Нисфи шаб, ними шаб, нимаи шаб, нимашаб. Ибораҳои ***нисфи шаб, ними шаб, нимаи шаб, нимашаб*** ва монанди инҳо ибораҳое мебошанд, ки асосан ба поси дувуми шаб, яъне аз соати 1:00 то 3:00-ро мутааллиқанд. Дар тасвири мардуми тоҷик нимаи шаб ё баробаршаб маҳз ҳамин вақте, ки дар боло ишора гардид, инъикос меёбад. Вожаи ***нимашаб*** дар фарҳангномаҳо дар шакли ***нимшаб*** ба таври зер тафсир шудааст: «***нимшаб*** - 1. нимаи шаб, нисфи шаб. 2. *маҷ.* бевақт, дер (баъд аз фаро расидани шаб)» [14, с. 918].

Чу **ниме зи тирашаб** андаркашид,
Зи бора яке баҳра шуд нопадид [7, с.19].
Чу **ниме зи тирашаб** андаргузашт,
Талоя бидидаш ба торикдашт [3, с.56].

Охири шаб, шабгир, шабоҳанг, шабгиргоҳ. Аз соати 4 аллакай *охири шаб* ё *шабгир* маҳсуб меёбад, ки дар ин лаҳзаҳои вақт овози мурғи саҳар ба гӯш мерасад ва равшанӣ дар осмон медамад:

Чу **шаб рӯз шуд**, пардаи боргоҳ
Кушоданду доданд зӣ шоҳ роҳ [1, с.316].

Вожаи **шабгир** ифодакунандаи ду лаҳзаи вақт аст: 1) саҳаргоҳ, ҳангоми саҳар, субҳи барвақт; ***гоҳи шабгир*** вақти саҳар, вақти бомдод ва 2) шабона, ҳангоми шаб (*то саҳар*) [14, с. 615], [16, с. 554].

Вожаи **шабоҳанг** низ ифодакунандаи гоҳи муайяни вақт аст, ки он ба замони баромади ситораи қутбӣ (ситораи корвонкаш) мувофиқат мекунад. Дар фарҳангҳо вожаи мазкур ба таври зер шарҳ дода шудааст: «шабоҳанг – 1. мурғи саҳар, мурғи саҳархон; булбул. 2. ситораи субҳ, ситораи корвонкаш (Сирус). 3. *маҷ.* шаб, шабонгоҳ» [14, с. 615] ва «ситораи Сирус, ки онро ситораи корвонкаш низ мегӯянд; 2. *маҷ.* шабонгоҳ, шаб» [16, с. 554].

Дар тафаккуру андешаи англисзабонҳо лаҳзаи вақти шаб **(night)** аз аввали шаб то бомдодро ташкил медиҳад, ки ин вобаста ба фаслҳои сол аз фарорасии торикӣ то оғози равшаниро дар бар мегирад. Албатта, дар тасаввури мардуми тоҷик низ ҳамин таври ҳисоби шаб аст. Дар забони англисӣ вобаста ба ин лаҳзаи вақт барои муайян намудани вақти нисбатан дақиқтар вожаҳои ҷудогоанае мавҷуданд, ки дар зер онҳоро мавриди таҳлил қаро медиҳем.

Night (шаб). Лаҳзаи вақте аст, ки тамоми вақти торикиро фаро мегирад ва он пас аз шом фаро расида то бомдод идома меёбад. Аммо дар тафаккури англисзабонҳо шаб танҳо ба ҳамин як маъно, ки дар боло зикр шуд, корбурд намешавад, балки он чанд маънои дигар дорад, ки марҳилаҳои гуногуни вақти торикиро дар бар мегирад. Чунончи: 1) шаб вақте аст, ки офтоб аз уфуқ боло рафта, осмон дар ҳоли торикист; 2) вақтест, ки аз торикӣ фаро мерасад то бо бомдод ба охир мерасад; 3) вактест, ки 30 дақиқа пеш аз офтобнишаст ва 30 дақиқа пеш аз офтобаро ба охир мерасад ва монанди ин: «1. The time when the Sun is below the horizon when the sky is dark: *Most animals are awake at day and sleep at **night***. 2. (astronomy, countable) The period of darkness beginning at the end of evening astronomical twilight when the sun is 18 degrees below the horizon, and ending at the beginning of morning astronomical twilight. 3. (law, countable) A period of time often defined in the legal system as beginning 30 minutes after sunset, and ending 30 minutes before sunrise. 4. (countable) An evening or night spent at a particular activity: *a **night** on the town.* 5.(countable) A day, or at least a night: *I stayed my friend's house for three **nights***. 6. (uncountable) Nightfall: *from noon till night.* 7. (uncountable) Darkness (due to it being nighttime): *The cat disappeared into the **night***. 8.(uncountable) A dark blue colour, midnight blue, night. 9. (sports, colloquial) A night's worth of competitions, generally one game» [39].

That **night** he disappeared; non saw him more,
Khusrau when told: Farghan hath fled» [37, с.402].
Of pain and of the ancient feud. He bode
Till night appeared. **The sun set**; **all was dark** [35, p.139].

Nightfall (аввали шаб). Ин лаҳзаи вақт асосан ба ҳангоми пас аз шом тааллуқ дорад. Бинобар ин, дар фарҳанги англисҳо ин лаҳзаи вақт «вақти пӯшидашавии рӯз» номида мешавад. «1. The close of the day; the coming of night; 2. Nocturnal emission» [39].

Nighttime (вақти шаб). Лаҳзаи вақтест, ки чун вожаи «**night**» ба тамоми ҳангоми шаб тааллуқ дорад: «The hours of darkness between sunset and sunrise; the night» [39, с. электронӣ].

Bedtime (вақти хоб). Лаҳзаи вақтест, ки ба ҳангоми аввали шаб то нимаи шабро фаро мегирад. Бояд қайд кард, ки ин лаҳзаи вақт дар тафаккури тоҷикзабонҳо ва англисзабонон як хел тасвир мешавад. Дар луғатҳои англисӣ ба таври зер тафсир шудааст: «The time or hour at which one retires to bed in order to sleep» [39]: «*I read every evening, sometimes late into the night, with the help of kerosene lamps, often secretly, past my* ***bedtime***» [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**23 p. 55]; «*Irregular* ***bedtimes*** *may disrupt healthy brain development in young children, according to a study of intelligence and sleeping habits»* [26, p. 34].

Zero dark thirty // 0-dark-thirty (ними шаб)**. Zero dark thirty** ибораст, ки ҳамчун сленги ҳарбӣ барои ифодаи лаҳзаи вақт ҳангоми шаб истифода мешавад. Ин лаҳзаи вақт ним соат баъд аз оғози нимшаб, яъне 00:30-ро ифода мекунад. Аммо баъзан ин ибора метавонад аз соати 00:01 то 05:00-ро, ки осмони торик ва тира аст, низ ифода кунад: «*In the very early morning--****0-dark-30****--the veterans have the Wall entirely to themselves, which is the main reason that we go at that hour»* [30, p. 64].

Dark (аввали шаб). Ин лаҳзаи вақт ба ҳангоми оғози шаб баробар аст, зеро бо фарорасии шаб осмон торик мешавад ва ҷирмҳои осмонӣ намудор мегарданд. Дар тафаккури англисҳо ҳамин лаҳзаи вақт аввали шаб дониста мешавад. Дар фарҳангномаҳои тасфсирии забони англисӣ маънои зикршуда ва дигар маъноҳои вожаи **dark** ба таври зайл шарҳ дода шудааст: «**Noun: dark** – 1. A complete or (more often) partial absence of light: ***Dark*** *surrounds us completely*. 2. (uncountable) Ignorance. *We kept him in the* ***dark****. The lawyer was left in the* ***dark*** *as to why the jury was dismissed*. 3. (uncountable) Nightfall. *It was after dark before we got to playing baseball*. 4. A dark shade or dark passage in a painting, engraving, etc.; **Adjective**: **dark** – (comparative darker, superlative darkest) 1. Having an absolute or (more often) relative lack of light» [39].

Their vision, ***night came on*** *and* ***all was dark,***
Mine arm was tired of striking. Thou hadst said...
Because the troops were spent and it was dark."
The opposing hosts reposed a while, and when
The ***morrow dawned*** *began the strife again* [34, p. 350].

Midnight (миёнаи шаб). Ин лаҳзаи вақт ба ними шаб мувофиқат мекунад. Дар тафаккури англисҳо ними шаб аз соати 12:00-и шаб (00:00) оғоз меёбад, дар ҳоле ки дар тафаккури тоҷикон нимашаб аз соати 1:00 то 4:00-ро фаро мегирад. Далели андешаи англисзабонҳо луғатҳои англисӣ мебошанд, ки вожаи мазкурро ба ҳамин маъно тафсир кардаанд: «1. The middle of the night: the sixth temporal hour, equidistant between sunset and sunrise: *Thanks to its sonar, the narwhal can remain active even at midnight, unhindered by the darkness.* 2. Twelve o'clock at night exactly» [39].

Premidnight (пеш аз нимашаб). Лаҳзаи вақтест, ки ба пеш аз ними шаб меояд. Вожаи **premidnight** аз ду ҷузъ: **pre-** + **midnight** таркиб ёфтааст.

Dead of night (ними шаб). Маънои таҳтуллафзии ибораи фразеологии **dead of night** «марги шаб» мебошад. Дар забони англисӣ ин ибора асосан маънои «ними шаб»-ро ифода мекунад, ки ба андешаи англисзабонҳо дар миёнаи шаб ҳама ҷоро хомӯшӣ ва торикии амиқ фаро мегирад ва он ба мурда монанд мешавад. Бояд зикр кард, ки дар забони англисӣ бештар барои ифодаи ин лаҳзаи вақт ибораи «*in the dead of night*» ва баъзан ибораи «*at dead of night*» (чун «*at midnight*»). Ҳамчунин, муродифҳо он: *deep of night*; *midnight* дар забони англисӣ васеъ истифода мешаванд: «*Write loyal cantons of contemnèd love / And sing them loud even* ***in the dead of night***» [31, p. 378].

Crepusculum (вақти шом). Лаҳзаи вақтест, ки ба ҳангоми охири рӯз ва аввали шаб мувофиқат мекунад. Вожаи **crepusculum** ба забони англисӣ аз забони лотинӣ иқтибос шуда, маънои «вақти шом»-ро ифода мекунад. Дар забони тоҷикӣ барои ифодаи ин лаҳзаи вақт вожаи «говгум» истифода мешавад. Дар ин ҳангом аллакай ситораҳо дар осмон намудор мешаванд: «In Medieval use (e.g., Bede), sometimes conceived as a particular period of evening lasting from sunset to vespers, the darker period of twilight when Venus and the stars began to appear.) [Earthshine] should appear more splendid and be visible after the crepusculum in the dark of night» [39]. Муродифҳои он: *crepuscule; twilight; dusk, cockshut, mirkning, nightfall; dusk.*

Вожаи **crepusculum** дар забони англисӣ асосан дар забони адабӣ, шеър ва илмӣ ба назар мерасад.

Noon of night (ними шаб). Дар забони англисӣ барои ифодаи лаҳзаи вақти *нимаи шаб*, ки баробар ба соати 12-и шаб аст, вожаи **noon of night** низ истифода мешавад. Дар ибораи мазкур вожаи **noon** маънои «нисфирӯзӣ»-ро ифода мекунад. Аммо ҳангоми бо вожаи «**night**» якҷо истифода намудан он маънои «ними шаб, соати 12» касб мекунад.

Postmidnight «пас аз нимашаб». Лаҳзаи вақте аст, ки охири шаб ва аввали рӯзро ифода мекунад. Дар луғати тафсирии англисӣ низ ба ҳамин маъно чунин шарҳ дода шудааст: "After midnight, but before dawn» ва муродифҳои он вожаву ибораҳои: *wee hour (attributive); early morning, predawn* зикр шудаанд.

Predawn «пеш аз бомдод». Лаҳзаи вақте мебошад, ки пеш аз бомдод меояд ва ин вожа ҳам ҳамон лаҳзаеро мефаҳмонад, ки вожаи «**postmidnight**» ифода мекунад: «1. The period immediately preceding dawn. 2. Before dawn» [39, с. электронӣ].

Wee hours // Wee small hours (саҳари барвақт). Ибораҳои мазкур низ лаҳзаи вақтеро ифода мекунанд, ки ба соатҳои 2:00 то 4:00-и шаб мувофиқат мекунад. Дар тафаккури англисҳо он саҳари барвақт ифода меёбад, ки мардум ҳанӯз дар ин вақт дар хоб мебошанд: «1. (colloquial) The very early morning; the early morning hours; the nighttime hours following midnight, when most people are asleep: *He worked into the **wee small hours** to get everything perfect for the opening day*» [39].

Witching hour (соати ҷинҳо). Ин лаҳзаи вақте аст, ки асосан ба соатҳои 3:00 то 3:59-и шаб мутааллиқ аст. Сабаби чунин ном гирифтани ин лаҳзаи вақт дар он аст, ки ба андешаи англисзабонҳо дар ин соат ҷину аҷинаҳо серҳаракат мешаванд. Ибораи **witching hour** дар забони англисӣ тавассути «Ҳамлет»-и В. Шекспир мардумӣ мешавад.

Stupid o'clock (наздик ба бомдод). Мафҳуми ин ибора лаҳзаи вақти пеш аз бомдод, тахминан соатҳои 3:00 то 4:00-ро ифода мекунад: «1. (informal, humorous) A time of day, usually during the night or early in the morning, considered unreasonable or when one is prone to poor judgment». Дар забони англисӣ ин ибораро, ҳарчанд ҳамчун лаҳзаи вақт медонанд, аммо ҳамеша онро ҳамчун шӯхӣ истифода мебаранд. Яъне, ин вақт ҳоло вақти хоб аст, на вақти кор ё хондану мулоҳиза кардан. Чунончи: *I had to wake up **at stupid o'clock** for an early flight. She was still texting me **at stupid o'clock** last night! Why are you calling me **at stupid o'clock**?*

Вожаву ибораҳои: *crack of dawn, oh dark thirty, wee small hours, silly o'clock; early morning* метавонанд муродифҳои ибораи ***stupid o'clock* бошанд.**

Waketime (вақти аз хоб бедор шудан)**.** Ин лаҳзаи вақт соати муайянро наметавонад ифода намояд. Вожаи **waketime** вақти аз хоб бедор шудани шахсро мефаҳмонад, ки он шояд оғози бомдод бошад, ё шояд вақти офтобрас ва он метавонад вақти оғози кори он шахс бошад. Чунончи: *My usual waketime is around 7 AM. Waketime was early today, I had a lot to do!* Ҳамчунин, вожаи **waketime** як ҷанбаи фарҳангӣ низ дошта он вақтеро ифода мекунад, ки мардум ба хотири бузургдошти идҳо барвақт бедор мешаванд: Дар луғатҳо ба таври зайл тафсир шудааст: «1. The time when one wakes» [39].

Хулоса. Таҳлилҳои боло нишон доданд, ки лаҳзаҳои вақт дар тасаввуроти мардумони тоҷику англис ба ҳамдигар хеле монанд буда, воҳидҳои асосии ҳисоби онҳоро дар гузашта вожаву ибораҳои махсус ташкил медодаанд, ки онҳо то имрӯз дар забонҳои ин мардумон боқӣ мондаанд.

Лаҳзаи сеюми шабонрӯзӣ – аз нишасти офтоб то фарорасии шаб, ҳарчанд марҳилаи камтари вақт бошад ҳам, аммо дар забонҳои муқоисашаванда – тоҷикӣ ва англисӣ дорои вожагони махсусе мебошанд, ки онҳо ишора танҳо ба ҳамин лаҳзаи вақт мекунанд. Муайян гардид, ки дар забони тоҷикӣ вожаву ибораҳои: *бегоҳ, бегоҳирӯзӣ, бегоҳон, говгум, нимторикӣ, намози шом (намозшом), шом, шомгоҳ, шомгоҳон* ифодакунандаи лаҳзаи вақти аз нишасти офтоб то фарорасии шаб мебошанд. Ба мавриди истифодаи вожаҳои мазкур агар таваҷҷуҳ намоем, вожаҳои «бегоҳ» ва «шом» меҳвари асосии ифодаи ин лаҳзаи вақт мебошанд, ки ҳарду вожа сирф тоҷикӣ буда, маънои «*вақт, замон*»-ро ифода мекунанд.

Дар забони англисӣ бошад, ифодакунандаи лаҳзаи аз нишасти офтоб то фарорасии шабро вожаву ибораҳои **sundown** (офтобнишаст), **sunset** (офтобнишаст), **evening** (бегоҳ), **eve /*even/eventide***; (арафа), **forenight** (нимторик), **dusk** (нимторикӣ), **dinnertime** (вақти хӯроки шом), **dimpsey** (нимторикӣ), **crepuscular // crepuscule** (шоми бевақт), **blue hour** (соати кабуд), **golden hour** (соати тиллоӣ), **gloaming** (аввали шаб ё рӯз), **last thing** (охири рӯз), **mealtime** (вақти хурокхурӣ), **mirkning** (охири шом), **predarkness** (бегоҳ), **wine o'clock** (вақти истироҳат)***, owl-light; twilight, soiree, equalizing, equaling, equalling, equating, equalising,***

equalling, ***flattening, flushing, laying, leveling, levelling, levelling, planing, smoothening, smoothing, squaring*** ва ғайра ташкил медиҳанд. Агар ба маънои вожаҳои марбут ба гоҳи сеюми шабонрӯзӣ: аз нишасти офтоб то фарорасии шаб дар забони англисӣ диққат диҳем, маълум мегардад, ки аксари вожаҳо таъкид аз вақти хӯроки бегоҳирӯзӣ ва баъдан дараҷаи фарорасии торикӣ доранд.

Дар фарҳанги англисҳо лаҳзаи вақти аз аввали шаб то бомдод бо вожаҳои «**early night, late night, midnight, nightfall, night watch, sweet sleep time**» ифода меёбанд, ки онҳо низ дар навбати худ, ба лаҳзаҳои ҷудогона тақсим мешаванд.

Дар фарҳанги тоҷикон шабро гузаштагон ба се пос ҷудо кардаанд. Поси аввали шаб ба вақти хуфтан (тахминан соатҳои 9-10) рост меояд, «поси дувуми шабро дили шаб мегӯянд, ки ба соатҳои 2-3 мувофиқат менамояд ва поси охири шаб – поси сеюм, ки он вақти баромади ситораи қутбӣ аст ва ба соатҳои 4-4,5 рост меояд» [11, с. 213].

Дар гоҳи чоруми шабонрӯзӣ: аз аввали шаб то бомдод, ки асосан ҳоким моҳу ситораҳо мебошанд, дар ҳарду забони муқоисашаванда – тоҷикӣ ва англисӣ соҳибзабонон вожаву ибораҳои зиёд истифода мекунанд, ки муайянкунандаи ҳамин лаҳзаи вақт мебошанд. Чунончи, дар забони тоҷикӣ барои ифодаи ин лаҳзаи вақт вожаву ибораҳои зерин мустаъмал мебошанд: **аввали шаб, бевақтии шаб, нисфи шаб, нимаи шаб, нимашаб шабонгаҳ//шабонгоҳ, шабоҳанг, поси шаб, вақти хоби ширин, охири шаб, шабгир, шабоҳанг, шабгиргоҳ.**

Дар забони англисӣ барои муайян намудани ин лаҳзаи вақт вожаву ибораҳои зерин мавриди истифода қарор доранд: **dark** (аввали шаб), **crepusculum** (вақти баъд аз шом), **nightfall** (аввали шаб), **night** (шаб), **nighttime** (вақти шаб), **bedtime** (вақти хоб), **premidnight** (пеш аз нимашаб), **zero dark thirty // 0-dark-thirty** (ними шаб), **midnight** (миёнаи шаб), **dead of night** (ними шаб), **chatzot** (нимашаб), **noon of night** (ними шаб), **postmidnight** «пас аз нимашаб», **predawn** «пеш аз бомдод», **small hours** (қариби оғози рӯз), **wee hours // wee small hours** (саҳари барвақт), **witching hour** (соати ҷинҳо), **stupid o'clock** (наздик ба бомдод), **waketime** (вақти аз хоб бедор шудан).

Бар асоси истифодаи вожаҳо муайян мегардад, ки дар ҳарду забони муқоисашаванда – тоҷикӣ ва англисӣ таваҷҷуҳи мардум бештар ба шаб, нимаи он ва торикӣ буда, дар таркиби вожаҳои марбут ба ин лаҳзаи вақт вожаи «шаб» бештар истифода мешавад. Метавон гуфт, ки дар забони тоҷикӣ дар робита ба баромаду ғуруби моҳу ситораҳо низ ин лаҳзаи вақт вожаву ибораҳои махсус дорад. Масалан, вақти баромади ситораи корвонкаш (яъне, ситораи қутб), ситораи корвонкуш (яъне, сайёраи муштарӣ), ки ними шаб пайдо мешавад ва хеле равшан буда, ба ситораи қутб монанд мешавад. Аммо дар забони англисӣ, ҳамчунин вожаҳое мавҷуданд, ки онҳо ифодакунандаи соатҳои махсус буда, аз расму анъанаҳои мардуми англисзабон сарчашма мегиранд. Чунончи: **small hours** (қариби оғози рӯз), **wee hours // wee small hours** (саҳари барвақт), **witching hour** (соати ҷинҳо), **stupid o'clock** (наздик ба бомдод), **waketime** (вақти аз хоб бедор шудан).

Адабиёт

1. *Абулқосим,Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 1 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.*
2. *Абулқосим,Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 2 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.*
3. *Абулқосим,Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 4 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 480 с.*
4. *Абулқосим,Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 5 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 480 с.*
5. *Абулқосим,Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 6 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 480 с.*
6. *Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома.Ҷилди 7 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 480 с.*
7. *Абулқосим,Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 10 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 416 с.*
8. *Берунӣ, А. Осор-ул-боқия [Матн] / А. Берунӣ. – Душанбе, 1990. – 432 с.*
9. *Бурҳон Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 1 [Матн] / Бурҳон Муҳаммадҳусайн; таҳияи матн, пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳрист А. Нуров. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.*
10. *Климишин, И. А. Календарь и хронология [Текст] / И. А. Климишин. – М.: Наука, 1985. – 320 с.*
11. *Матробиён, С. Қ. Этнолингвистическое исследование языковой картины мира таджиков [Текст]: дис. … д-ра филол. наук / С. Қ. Матробиён. – Душанбе, 2022. – 348 с.*

12. *Матробиён, С. Қ. Этнолингвистикаи тоҷик: пажӯҳиши назариявӣ ва амалӣ. Китоби 2. Тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон [Матн] / С. Қ. Матробиён. – Душанбе, 2025. – 229 с.*
13. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1 [Матн] / зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, Мирзо Ҳасани С. – Душанбе, 2008. – 950 с.*
14. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2 [Матн] / зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, Мирзо Ҳасани С. – Душанбе, 2008. – 945 с.*
15. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1 [Матн]. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.*
16. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2 [Матн]. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 949 с.*
17. *Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ [Матн]. – / мураттибон М. Маҳмудов, Ғ. Ҷураев, Б. Бердиев – Душанбе, 2012. – 946с.*
18. *Филмор, Ч. Фреймы и семантика понимания [Текст] / Ч. Филмор // Новое в зарубежной лингвистике. – Вып. 23: Когнитивные аспекты языка. – М.: Прогресс, 1988. – С. 52–92.*
19. *Цивьян, Т. В. Лингвистические основы балканской картины мира [Текст] / Т. В. Цивьян. – М.: Наука, 1990. – 324 с.*
20. *Laidler, B. Staying Sober: How to Control the Drink Demon [Text] / B. Laidler. – Cardiff: Accent Press, 2014.*
21. *Lewis, C. S. Poems [Text] / C. S. Lewis; ed. W. Hooper. – London, 1964.*
22. *Marcinko, R. Green Team: Rogue Warrior III [Text] / R. Marcinko, J. Weisman. – 1996.*
23. *Nabokov, V. Ada or Ardor [Text] / V. Nabokov. – London: Penguin Books, 2011.*
24. *Orwell, G. Burmese Days [Text] / G. Orwell. – London, 1934. – 246 p.*
25. *Oliver, M. Tales from the Toolbox [Text] / M. Oliver. – 2010.*
26. *Sample, I. Irregular Bedtimes May Affect Children's Brains [Text] / I. Sample // The Guardian Weekly. – 2013. – July 19. – Vol. 189. – No. 6.*
27. *Saunders, G. L. Rattles and Steadies: Memoirs of a Gander River Man [Text] / G. L. Saunders. – 1986. – 564 p.*
28. *Staten, V. Why Is the Foul Pole Fair? [Text] / V. Staten. – 2004.*
29. *Sheridan, D. L. Don't Forget the Flippin' E: A Memoir [Text] / D. L. Sheridan. – 2011. – 356 p.*
30. *Shay, J. Odysseus in America: Combat Trauma and the Trials of Homecoming [Text] / J. Shay. – New York, 2002. – 456 p.*
31. *Shakespeare, W. Twelfth Night, or What You Will [Text] / W. Shakespeare. – London, 1623.*
32. *Trench, R. C. To My God-Child, on the Day of His Baptism [Text] / R. C. Trench. – 1835.*
33. *Wodehouse, P. G. Jeeves in the Offing [Text] / P. G. Wodehouse. – London, 1960.*
34. *Warner, A. G. The Shahnama of Firdausi. Vol. 1 [Text] / done into English by A. G. Warner, E. Warner. – London, 1905. – 430 p.*
35. *Warner, A. G. The Shahnama of Firdausi. Vol. 3 [Text] / done into English by A. G. Warner, E. Warner. – London, 1908. – 402 p.*
36. *Warner, A. G. The Shahnama of Firdausi. Vol. 5 [Text] / done into English by A. G. Warner, E. Warner. – London, 1910. – 358 p.*
37. *Warner, A. G. The Shahnama of Firdausi. Vol. 7 [Text] / done into English by A. G. Warner, E. Warner. – London, 1915. – 484 p.*
38. *Warner, A. G. The Shahnama of Firdausi. Vol. 8 [Text] / done into English by A. G. Warner, E. Warner. – London, 1923. – 462 p.*
39. *Wiktionary: The Free Dictionary [Electronic resource]. – Available at: https://www.wiktionary.org (accessed: 2023).*
40. *(نسخه ٔ الکترونیکی). (Алӣ Акбар. Луғатномаи Деҳхудо. Ҷилдҳои 21, 22, 26, 29, 47. – Теҳрон, 1998. (шакли электронӣ)*

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ЛИНГВОФАРҲАНГИИ ЛЕКСИКАИ ЛАҲЗАҲОИ ШАБОНАРӮЗӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола вожагони лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври муқоиса аз назари забоншиносии фарҳангӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Мусаллам аст, ки дар ҳар як забон барои муайян намудани лаҳзаҳои шабонарӯзӣ вожаҳои махсусе истифода мешаванд. Ин вожагон дар забонҳо аслан ҳамчун вожаҳои худӣ маҳсуб меёбанд, зеро онҳо ҳамчун истилоҳ номи ин ё он лаҳзаи махсуси вақтро ифода намуда, ҳанӯз аз даврони қадим мардумон онҳоро истифода мебаранд. Маҳз ҳамин гуна вожаҳо тасвири забонии ҷаҳони соҳибзабононро ифода мекунанд, ки барои муайян намудани дарки ҷаҳони атрофи соҳибзабонон имконияти хеле фарохро ба вуҷуд меоварад. Аммо бо таъсири баъзе омилҳои фарозабонӣ, дар таркиби вожагони лаҳзаҳои шабонарӯзӣ вожаҳои иқтибосӣ низ истифода мешавад, ки ин масъала низ ҳангоми таҳлил ба назар гирифта шудааст. Дар мақолаи мазкур барои муайян намудани вожаҳои лаҳзаҳои шубонарӯзӣ мисолҳо барои забони тоҷикӣ асосан аз “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва барои забони англисӣ аз тарҷумаҳои он оварда шудааст.

Калидвожаҳо: лаҳзаҳои вақт, бомдод, саҳар, субҳ, чошт, пешин, бегоҳ, шом, шаб, ними шаб.

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ ЛИНГВОКУЛЬТУРОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ЛЕКСИКИ, ОБОЗНАЧАЮЩЕЙ ЧАСТЕЙ СУТОК, В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье в сопоставительном аспекте с позиций лингвокультурологии анализируется лексика, обозначающая частей суток в таджикском и английском языках. Известно, что в каждом языке для обозначения различных частей суток используются специальные лексические единицы. В языках данная лексика преимущественно относится к исконному словарному фонду, поскольку соответствующие слова, выступая в качестве наименований определённых временных отрезков, используются народами с древнейших времён. Именно такие лексические единицы отражают языковую картину мира носителей языка, что создаёт широкие возможности для выявления особенностей восприятия ими окружающего мира. Под воздействием некоторых экстралингвистических факторов в составе лексики, обозначающей периоды суток, встречаются и заимствованные слова, что также учитывается в процессе анализа. В данной статье для выявления и анализа лексических единиц, обозначающих частей суток, примеры на таджикском языке в основном извлечены из «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси, а материал английского языка из его переводов.

Ключевые слова*:* частей суток, рассвет, раннее утро, утро, полдень, после полудня, вечер, сумерки, ночь, пполночь.

A COMPARATIVE LINGUOCULTURAL ANALYSIS OF THE VOCABULARY DENOTING PERIODS OF THE DAY IN TAJIK AND ENGLISH

The article presents a comparative linguocultural analysis of the vocabulary denoting different periods of the day in the Tajik and English languages. It is well established that every language uses specific lexical units to designate particular periods of the day. Such lexical units are predominantly native words, since they function as terms denoting particular periods of time and have been used by speakers since ancient times. It is precisely this type of vocabulary that reflects the linguistic worldview of native speakers and provides broad opportunities for identifying how they perceive and conceptualize the surrounding world. However, under the influence of certain extralinguistic factors, the vocabulary denoting periods of the day also includes borrowed lexical units, and this aspect has likewise been taken into consideration in the analysis. In the present article, examples illustrating the vocabulary denoting periods of the day in Tajik are drawn mainly from Abulqosim Firdawsi's "Shahnameh", while the English examples are taken from its translations.

Keywords: periods of the day, dawn, early morning, morning, midday, afternoon, evening, dusk, night, midnight.

Дар бораи муаллиф
Раънои Камолидин
Унвончӯйи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Ф. Муҳаммадиев, 17/6
E-mail: ranoi.kamolidin@mail.ru

About the author
Ranoi Kamolidin
Applicant at the Department of Comparative Linguistics and Translation Theory
Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulughzoda
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str
E-mail: ranoi.kamolidin@mail.ru

Об авторе
Раънои Камолидин
Соискатель кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода
Таджикский международний университет иностранных языков имени С. Улугзода
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6
E-mail: ranoi.kamolidin@mail.ru

ТДУ 811.21/22=111

ВИЖАГИҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ БО ҶУЗЪИ НОМИ САБЗАВОТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Зубайдзода С. Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Забон ҳамчун шакли фаъолияти маънавии инсон низоми мураккаби аломатҳо ба шумор меравад, ки дар он таҷрибаи таърихӣ, фарҳангӣ ва маърифатии мардумӣ таҷассум ёфтааст. Он на танҳо воситаи муошират, балки моҳияти дарк, тарҳрезӣ ва тафсири воқеияти атроф низ мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши забон берун аз заминаи фарҳанги қавмии он маҳдудияти методологӣ дорад. Тавре Э. Сепир таъкид менамояд, забон ҷузъи ҷудонопазири фарҳанг буда, воситаи интиқоли анъанаҳо, урфу одатҳо ва таҷрибаи ҷамъиятии мардум маҳсуб мешавад. Пайваста он на танҳо воситаи муошират, балки моҳияти асосии интиқол ва ташаккули таҷрибаи фарҳангии инсон ба ҳисоб меравад [11, с. 170]. Дарки робитаи ногусастании забон ва фарҳанг заминаи ташаккули этнолингвистикаро фароҳам овард, самти илмие, ки ба омӯзиши воҳидҳои забонӣ дар иртибот бо шуури фарҳанги қавмӣ ва фаъолияти фарҳангии ҷомеа равона шудааст. Дар доираи ин равиш забон ҳамчун инъикоси тарзи хоси дарки ҷаҳон, ки ба як халқ тааллуқ дорад, баррасӣ гардида, ифодаҳои хоси забонӣ ҳамчун падидаҳои вобаста ба муҳити фарҳангӣ тафсир карда мешаванд.

Сарчашмаҳои равиши этнолингвистӣ ба андешаҳои фалсафию лингвистии В. фон Гумболдт ҷолиб баён гардидааст, ки забонро «фаъолияти руҳ» дониста, робитаи сохтори забонро бо таркиби маънавии миллат таъкид мекард [3, с. 63]. Ин андеша баъдан дар осори Э. Сепир рушд ёфта, дар доираи қолаби инсонмеҳварӣ забоншиносии муосир маънии нав гирифт [11, с. 182].

Дар забоншиносии тоҷик масъалаҳои этнолингвистӣ дар доираи таҳқиқоти ономастика, топонимия, диалектология ва лексикология мавриди омӯзиши густурда қарор гирифтаанд. Хусусан, масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии воҳидҳои забонӣ, инъикоси урфу одат, анъана ва ҷаҳонбинии халқ дар забон дар осори як қатор муҳаққиқон мавқеи муҳим доранд. Дар ин самт таҳқиқоти илмии А.Л. Хромов (1962), А.З. Розенфельд (1975), М. Маҳмудов (1978), Р.Л. Неменова (1980), Г. Ҷӯраев (1980), Ш. Исмоилов (1982), З. Замонов (2009), С. Хоркашев (2014), Н. Гадоев (2009; 2019), Г. Шарифова (2018) ва дигарон аҳамияти махсус доранд.

Маводҳо ва усулҳои тадқиқот. Маводи тадқиқотро воҳидҳои фразеологии дорои ҷузъҳои номи сабзавот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ташкил медиҳанд, ки аз фарҳангҳои фразеологӣ, луғатҳои тафсирӣ ва осори бадеӣ ҷамъоварӣ шудаанд.

Дар раванди таҳқиқ усулҳои тавсифӣ, семантикӣ, этнолингвистӣ ва муқоисавӣ истифода гардиданд. Ин усулҳо имкон доданд, ки маъно, хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангӣ ва умумияту тафовути воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян карда шаванд.

Натиҷа. Дар таҳқиқоти этнолингвистӣ фразеология мавқеи махсус дорад. Воҳидҳои фразеологӣ бо устуворӣ ва якпорчагии маъноӣ фарқ намуда, барои ошкор намудани маъноҳои фарҳангӣ хеле мувофиқанд. Таркиби фразеологии забон метавонад ҳамчун оинаи худшиносии миллӣ ва воситаи нигоҳдории маънои иловагии калимаи фарҳангӣ хизмат кунад.

Фразеологизмҳо ҳамчун нишонаҳои номгузории дуюмдараҷа баромад намуда, натиҷаи дарки образнок ва арзишгузоронаи воқеиятро инъикос менамоянд. Образе, ки дар таркиби фразеологизм мустаҳкам шудааст, ба вожасозии падидаҳои ҷаҳони атроф дар доираи тасвири забонии ҷаҳон мусоидат мекунад. Аз ҳамин сабаб, фразеология яке аз объектҳои пурмаълумоттарини таҳқиқоти этнолингвистӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ин замина омӯзиши воҳидҳои фразеологие, ки ҷузъҳои ишоракунанда ба объектҳои олами табиатро дар бар мегиранд, аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Олами наботот аз замонҳои қадим дар ҳаёти инсон нақши муҳим бозида, боиси дарки рамзӣ ва ҳатто муқаддаси он дар фарҳанг гардидааст. Номҳои растаниҳо дар забон аксаран маъноҳои маҷозӣ касб намуда, ба баҳогузории сифатҳои инсон, вазъиятҳои зиндагӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ алоқаманд мегарданд [4, с. 158-159].

Дар фарҳанги тоҷикӣ растаниҳо бо анъанаҳои кишоварзӣ, дарки шоиронаи табиат ва рамзияти давраи ҳаёт иртиботи зич доранд. Муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки дар фолклор ва фразеологияи тоҷик растаниҳо аксаран ҳамчун рамзи зебоӣ, ҷавонӣ, ҳосилхезӣ ва покии маънавӣ истифода мешаванд. Ин маъниҳо дар ибораҳои устувор низ таҷассум ёфта, номҳои растаниҳо дар онҳо вазифаи меҳвари маъноиро иҷро мекунад.

Низоми фразеологии забони англисӣ низ истифодаи фаъоли номҳои растаниҳоро нишон медиҳад, аммо тафсири фарҳангии онҳо дар шароити дигари иҷтимоию таърихӣ ташаккул ёфтааст. Таҳлили муқоисавии этнолингвистӣ имкон медиҳад, ки ҳам умумиятҳои рамзии ҳаматарафаи ва ҳам хусусиятҳои миллӣ ва вижаи маъноии фразеологизмҳо бо номҳои растаниҳо ошкор карда шаванд.

Гуфтан бамаврид аст, ки этнолингвистика ҳамчун самти забоншиносии муосир имкониятҳои фаровони таҳқиқотиро барои омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ бо номҳои растаниҳо фароҳам меорад. Равиши этнолингвистӣ чунин воҳидҳоро ҳамчун ҷузъҳои тасвири фарҳанги қавмии ҷаҳон баррасӣ мекунад, ки дар онҳо арзишҳои фарҳангӣ, рамзҳо ва моделҳои маърифатии хоси забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҷассум ёфтаанд. [8, с. 52]

Равиши этнолингвистӣ ба омӯзиши фразеологизмҳо баррасии маводи забониро дар заминаи васеи фарҳангӣ ва таърихӣ талаб мекунад, ки ин махсусан ҳангоми таҳлили ҷузъҳои марбут ба табиат муҳим аст. Растаниҳо, бар хилофи бисёр объектҳои дигари номгузорӣ, инсонро дар тамоми марҳилаҳои таърихӣ ҳамроҳӣ намуда, маҷмуаҳои устувори иттиҳодӣ ва рамзиро ба вуҷуд овардаанд. Ин маҷмуаҳо, ки дар забон устувор шудаанд, ба қисми шуури ҷамъиятӣ табдил ёфта, дар ибораҳои устувор инъикос меёбанд.

Аз нигоҳи этнолингвистика растаниҳо навъи махсуси лексикаи фарҳангӣ ва нишондор ба шумор мераванд, ки дар онҳо маъноҳои амалии зебоишиносӣ ва муқаддас ба ҳам омехтаанд. Маълумоти фарҳангӣ дар шакли дохилии воҳиди забонӣ нигоҳ дошта мешавад ва маҳз ҳамин хусусият ба калима ё фразеологизм вижагии миллӣ ва фарҳангӣ мебахшад. Дар фразеологизмҳои растанӣ шакли дохилӣ аксаран бо тасаввуроти асотирӣ, эътиқодҳои мардумӣ ва ойинҳои кишоварзӣ иртибот дорад [7, с. 83].

Таҳлили этнолингвистӣ муайян намудани сенарияҳои фарҳангиеро дар назар дорад, ки дар заминаи бозтафсири маҷозии образҳои растанӣ қарор доранд. Чунин сенарияҳо нуқтаи пайванди забон ва фарҳанг маҳсуб шуда, метавонанд дар фарҳанги забонҳои гуногун, сарфи назар аз фарқиятҳои забонӣ, қобили муқоиса бошанд. Ин масъала барои таҳлили муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аҳаммияти махсус дорад, зеро як растанӣ метавонад дар ҳар ду фарҳанг маъноҳои ҳамсон ё тамоман мухталифи рамзӣ дошта бошад.

Хусусияти миллӣ ва фарҳангии воҳидҳои фразеологӣ дар натиҷаи аҳаммияти гуногуни объектҳои муҳити атроф барои соҳибзабонон ташаккул меёбад. Фарқият дар тафсири воқеият ҳам ба омилҳои дохилизабонӣ ва ҳам ба шароити ғайризабонӣ ва табиӣ, таърихӣ ва иҷтимоӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, олами наботот, ки дар ҳаёти хоҷагидорӣ ва маънавии халқҳо ба таври гуногун иштирок мекунад, дар забон низ таҷассумҳои мухталиф пайдо менамояд [7, с. 84].

Барои фарҳанги забонӣ забони тоҷикӣ робитаи зичи растаниҳо бо кишоварзии суннатӣ, фарҳанги обёрӣ ва дарки шоирона ба рамзии табиат хос аст. Дар таҳқиқоти олимони тоҷик таъкид мешавад, ки бисёр номҳои растаниҳо дар забони тоҷикӣ на танҳо вазифаи номгузорӣ, балки вазифаи арзишгузориро низ иҷро намуда, тасаввурот дар бораи зебоӣ, ахлоқ, нерӯи ҳаётӣ ва ҳамоҳангиро инъикос мекунанд. Ин мазмун дар воҳидҳои фразеологӣ фаъолона амалӣ шуда, растаниро ба маркази маъноии образ табдил медиҳанд.

Дар анъанаи забонии англисӣ низ растаниҳо дар таркиби фразеология васеъ истифода мешаванд, аммо тафсири маъноии онҳо дар шароити дигаргуни таърихию фарҳангӣ ташаккул ёфтааст. Тибқи мушоҳидаи муҳаққиқон, фразеологизмҳои англисӣ бо номҳои растаниҳо бештар ба таҷрибаи амалии зиндагӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои ахлоқӣ такя мекунанд, ки ин хусусияти амалӣ доштани фарҳанги англисзабонро нишон медиҳад. Муқоисаи чунин воҳидҳо бо фразеологизмҳои тоҷикӣ имкон медиҳад, ки фарқиятҳо дар тафсири арзишии образҳои растанӣ муайян карда шаванд.

Этнолингвистика бар он асос меёбад, ки семантикаи миллӣ ва фарҳангии воҳидҳои фразеологӣ табиати бисёрқабата дорад. Он на танҳо маънои умумии фразеологизм, балки маънои ҷузъҳои алоҳида ва робитаҳои фарҳангиро, ки бо вазъияти тимсолӣ вобастаанд, дар бар мегирад. Дар мавриди растаниҳо чунин вазъиятҳо одатан ба фаъолияти кишоварзӣ, давраҳои мавсимӣ, маросимҳо ва амалҳои суннатӣ иртибот доранд.

Ба андешаи муҳаққиқон, воҳидҳои фразеологӣ дар шакли омода такрор мешаванд ва дорои якпорчагии маъноӣ мебошанд, ки онҳоро барои ошкор намудани маъноҳои устувори фарҳангӣ объекти мувофиқи таҳқиқ мегардонад. Маҳз ҳамин хусусияти такроршаванда имкон медиҳад, ки иттилооти фарҳанги мардумӣ, ки дар фразеологизм таҷассум ёфтааст, ҳатто дар шароити тағйири иҷтимоӣ низ нигоҳ дошта шавад.

Аз нуқтаи назари этнолингвистӣ масъалаи дарки фразеологизмҳо аз ҷониби соҳибзабонон низ аҳаммияти калон дорад. Пайвастагии устувори унсурҳои фразеологизм нишон медиҳад, ки гуфторкунанда онро ҳамчун аломати яклухт қабул мекунад ва ҷузъҳои онро алоҳида таҳлил намекунад. Дар натиҷа, маънои фарҳангие, ки дар шакли дохилии фразеологизм ҷой доранд, дар сатҳи шуури ҷамъиятӣ ба таври табии ва сода аз худ карда мешаванд.

Дар анъанаи илмии тоҷик низ таъкид мешавад, ки воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои марбут ба табиат вазифаи интиқоли арзишҳои фарҳанги қавмӣ ва меъёрҳои рафторро иҷро мекунанд. Ибораҳои устувор бо номҳои растаниҳо тасаввуроти мардумро дар бораи рафтори шоиста ва номақбул, инчунин муносибати ҳамоҳангии инсон бо табиат ва ҷомеа инъикос менамоянд. Чунин натиҷаҳо зарурати истифодаи таҳлили этнолингвистиро дар омӯзиши фразеологияи номҳои растаниҳо бори дигар тасдиқ мекунанд [15, с. 110]

Муҳимтарин ҷанбаи таҳқиқоти этнолингвистӣ муайян намудани унсурҳои умумӣ ва миллӣ мебошад. Тавре А. В. Кунин таъкид мекунад, хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангӣ бештар ҳангоми муқоисаи забонҳо ва фарҳангҳо, махсусан дар раванди омӯзиши забонҳои ғайр, равшан мегарданд. [5, с. 279] Таҳлили муқоисавии фразеологизмҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо номҳои растаниҳо имкон медиҳад, ки заминаҳои умумии маърифатии образнокӣ муайян шуда, ҳамзамон фарқиятҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ асосёфта сабт гарданд.

Этнолингвистика маҷмуи воситаҳои методологиро барои таҳлили ҳамаҷонибаи воҳидҳои фразеологӣ бо номҳои растаниҳо пешниҳод мекунад, ки ба он шарҳи шакли дохилӣ, муайян намудани маъноҳои иловагии калимаҳои фарҳангӣ ва пайваст намудани маълумоти забонӣ бо тасвири фарҳанги қавмии ҷаҳон дохил мешаванд. Истифодаи чунин равиш дар таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки фразеологизмҳои ҷузъи растании забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳамчун инъикоскунандаи таҷрибаи миллӣ ва фарҳангӣ баррасӣ шаванд, ки хусусиятҳои дарки ҷаҳон ва низоми арзишҳои мардумиро таҷассум менамоянд.

Барои таҳлили этнолингвистӣ инчунин муҳим аст, ки забон на танҳо ашё ва падидаҳои воқеиятро ном мебарад, балки онҳоро мувофиқи аҳаммияти фарҳангии онҳо барои ҷомеа гурӯҳбандӣ мекунад. Ҳар як калима ва ибора бо ҳаёти мардум иртибот дошта, дар таҷрибаи таърихии миллат мавҷуд будааст, дар забон низ инъикос меёбад. Ин қонунмандӣ ба воҳидҳои фразеологӣ низ дахл дорад, зеро онҳо муҳимтарин унсурҳои воқеияти фарҳангиро таҷассум мекунанд.

Фразеологизмҳое, ки номҳои растанӣ доранд, натиҷаи раванди тӯлонии интихоби забонӣ ва фарҳангӣ мебошанд, ки дар ҷараёни он баъзе растаниҳо мақоми рамзӣ касб намуда, дар ибораҳои устувор ҷой гирифтаанд. На ҳамаи номҳои растаниҳо ба як андоза дар фразеология фаъоланд. Фаъолиятнокии номҳои растаниҳо аз нақши онҳо дар хоҷагидорӣ, тафаккури асотирӣ ва низоми тасаввуроти мардум вобаста аст. Ин хусусияти интихобӣ бори дигар вобастагии равандҳои забониро аз заминаи фарҳангӣ тасдиқ мекунад.

Таҳлили этнолингвистӣ нишон медиҳад, ки чӣ гуна воқеияти объективӣ дар шуури забонӣ тағйир ёфта, шакли рамзӣ мегирад. Хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангӣ дар натиҷаи фарқиятҳо дар тафсири воқеият ба вуҷуд меоянд ва ҳатто дар ҳолате, ки объектҳо аҳаммияти баробар доранд, дараҷаи мазмуни таъсирбахши калима метавонад фарқ кунад. Дар фразеологияи номҳои растанӣ ин падида махсусан равшан аст, зеро растаниҳо дорои имкониятҳои васеи тасаввуроти рамзӣ мебошанд.

Муҳокима. Дар тасвири забони тоҷикӣ бисёр растаниҳо тавассути тарзи зиндагии суннатӣ, ки бо кишоварзӣ, боғдорӣ ва обёрӣ иртибот дорад, дарк мешаванд. Дар фарҳанги тоҷик образҳои растанӣ на танҳо падидаҳои табиат, балки арзишҳои ахлоқӣ, аз қабили покӣ, сабр, меҳнатдӯстӣ ва устувории зиндагиро низ ифода мекунанд. Ин маъниҳои рамзӣ дар воҳидҳои фразеологӣ таҷассум ёфта, растаниҳоро ба интиқолдиҳандаи маънои арзишӣ табдил медиҳанд.

Таҳқиқоти олимони тоҷик нишон медиҳанд, ки номҳои растаниҳо бо анъанаи фолклорӣ робитаи зич доранд. Ибораҳои устуворе, ки аз сурудҳо, зарбулмасалҳо ва мақолҳои мардумӣ сарчашма мегиранд, тасаввуроти қадимиро дар бораи олами наботот ва нақши муқаддаси он нигоҳ доштаанд. Таҳлили этнолингвистии чунин воҳидҳо имкон медиҳад, ки пораҳои

ҷаҳонбинии суннатӣ, ки дар фарҳанги муосир камранг шудаанд, вале дар забон боқӣ мондаанд, бозсозӣ карда шаванд.

Дар фарҳанги забонӣ англисӣ фразеологияи номҳои растаниҳо дар заминаи шароити дигари таърихию фарҳангӣ ташаккул ёфтааст, ки ба хусусияти рамзгузории растаниҳо таъсир расондааст. Дар забони англисӣ образҳои растанӣ бештар барои тавсифи рафтори иҷтимоӣ, хислатҳои шахсӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ истифода мешаванд, ки хусусияти амалӣ доштани тафсири фарҳангии табиатро нишон медиҳад. Муқоисаи чунин фразеологизмҳо бо намунаҳои тоҷикӣ фарқиятҳои низоми арзишии ду фарҳанги забонӣ равшан месозад.

Аз нигоҳи этнолингвистика таҳлили шакли дохилии воҳидҳои фразеологӣ аҳаммияти махсус дорад. Маҳз шакли дохилӣ воситаи таҷассум намудани хусусияти миллӣ ва фарҳангӣ ба шумор меравад, зеро он воқеиятҳо ва рамзҳои фарҳангиро дар худ нигоҳ медорад. Дар фразеологизмҳои номҳои растанӣ шакли дохилӣ аксаран ба хусусиятҳои зоҳирӣ, ламсӣ ва функсионалии растаниҳо такя мекунад, ки дар заминаи фарҳангӣ бозтафсир шудаанд.

Равиши этнолингвистӣ ба назар гирифтани доираи васеи омилҳои ғайризабониро талаб менамояд, аз ҷумла шароити ҷуғрофӣ, иқлим, эътиқодҳои динӣ ва хусусиятҳои зиндагии суннатӣ. Маҳз чунин омилҳо ба пайдоиши қабатҳои лексика бо хусусияти равшани миллӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунанд. Растаниҳо, ки бо муҳити табиӣ робитаи мустақим доранд, ба таъсири ин омилҳо бештар ҳассос мебошанд.

Яке аз қоидаҳои муҳими методологии этнолингвистика мафҳуми бисёрқабата будани семантикаи воҳидҳои фразеологӣ аст. Семантикаи миллӣ ва фарҳангӣ на танҳо маънои умумии фразеологизм, балки маъноҳои ҷузъҳои алоҳида ва робитаҳои фарҳангиро, ки ба вазъияти тимсолӣ вобастаанд, дар бар мегирад. Дар фразеологияи номҳои растанӣ чунин вазъиятҳо аксаран ба даврaҳои кишоварзӣ, тағйироти мавсимӣ ва маросимҳои суннатӣ алоқаманд мебошанд.

Бояд таъкид кард, ки таҳлили этнолингвистӣ танҳо ба тавсифи фарқиятҳои фарҳангӣ маҳдуд намешавад. Он ҳамчунин ба ошкор намудани моҳияти умумии маърифатие равона шудааст, ки дар асоси образнокии забонӣ қарор доранд. Ҷузъи миллӣ ва фарҳангии маъно бар пояи сохторҳои ҳаматарафаи маърифатӣ ташаккул меёбад, ки вобаста ба фарҳанг дар шаклҳои гуногуни забонӣ ифода меёбанд. Аз ин рӯ, муқоисаи фразеологизмҳои номҳои растанӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ имконият медиҳад, ки қонуниятҳои умумии маҷозӣ муайян карда шаванд.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ миқдори зиёди воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи номи сабзавот мавҷуданд, ки ҳар кадоми онҳо таърихи ташаккул ва хусусиятҳои фарҳангии худро доро мебошанд. Ин гуна фразеологизмҳо бо образнокии баланд, рангорангии миллӣ ва сарбории фарҳанги мардумӣ фарқ мекунанд. Номҳои сабзавот дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ на танҳо барои ифодаи маънои бевосита, балки барои таҷассуми сифатҳои инсонӣ, арзишҳои ахлоқӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва таҷрибаи ҳаётии мардум истифода мешаванд.

Масалан, ибораи устувори **«аз бекорӣ кадукорӣ»** [14, с. 102] **беҳуда сарф кардани вақт**ро мефаҳмонад. Мушоҳида нишон медиҳад, ки воҳид нисбат ба корҳое истифода мешавад, ки на зарурат доранд ва на натиҷаи судманд. Ба андешаи мо, ин сухан танқиди бетаваҷҷуҳӣ ба арзиши вақт мебошад. — *Хайр, ин ҳам як гап-дия.* ***Аз бекори кадукорӣ*** *гуфтанд, дар зери лаб хандид Хол* [9, с. 105].

Фразеологизми **«гапи кадучадор»** [13, с. 187] ба **сухани бемаъно ё хандаовар** ишора мекунад. Дар гуфтори зинда он барои баҳодиҳии андешаи сусту бемантиқ ба кор меравад. Ин воҳид, ба назари мо, меъёри фарҳанги суханро таъкид менамояд. — *Маълим, ба ивази ҷазову сазо,* ***гапҳои талху кадучадоратон*** *чӣ диҳам?* [10, с. 9].

Ибораи устувори **«калла гуфта кадуро бардошта гаштан»** [13, с. 510] амалеро ифода мекунад, ки шахс чизеро нодуруст дарк намудааст. Мушоҳидаҳо собит месозанд, ки воҳид бештар ҳангоми **масхараи содагӣ ё бесаводӣ** истифода мегардад.

Фразеологизми **«лубёю каду — лаънат ба ҳар ду»** [13, с. 602] **норозигӣ аз ду чизи камарзиш**ро мефаҳмонад. Ба андешаи мо, дар ин ҷо муқоисаи ду ашёи беаҳамият ба танқиди интихоби нодуруст равона шудааст. *...Аз ҳама беҳтараш* ***«лебиёву каду — лаънат ба ҳар ду»*** *гуфтан ба аст, гуфт...* [2, с. 141].

Фразеологизми **«каллакаду будан»** [1, с. 186] шахси **беандеша ва сустфикр**ро ифода менамояд. Дар гуфтори мардум он бо тобиши мазаммат истифода мешавад ва талаботи зиракӣ ва донишро ёдрас мекунад. *...Эй* ***каллакадуи*** *куҳистонӣ, ин вагончаро фурӯхта ба пулаш он қадар шихору мусаллас харидан мумкин...* [9, с. 349].

Ибораи устувори **«майна каду барин будан»** [1, с.211] низ камақлиро мефаҳмонад. Мушоҳида нишон медиҳад, ки воҳид бештар нисбат ба касе гуфта мешавад, ки дарки масъалаҳои одиро надорад. Каду дар ин ҷо рамзи **холигии зеҳнӣ** гаштааст.

Фразеологизми **the pumpkin has not turned into a coach** [20, с. 166] — *«каду ба ароба табдил нашуд»* ба сюжети афсонаи машҳури **Золушка** ишора мекунад, ки дар он ҷодугарӣ танҳо барои муддати кӯтоҳ амал мекунад. Дар маънои маҷозӣ ин ифода ҳолатеро тавсиф мекунад, ки дар он мӯъҷизаи интизоршуда рух намедиҳад ва умед ба тағйири осони воқеият амалӣ намегардад. Образи каду дар ин ҷо ҳадди байни орзу ва воқеияти амалиро нишон медиҳад, ки **барои расидан ба натиҷа кӯшиши воқеиро талаб мекунад**.

Ифодаи **some pumpkins** [6, с. 772]— *«шахси муҳим, шахси бонуфуз»* бештар барои ишора ба шахсе хизмат мекунад, ки **дар ҷомеа ё муҳити муайян нуфуз ва аҳамияти назаррас дорад**. Каду, ки меваи калон ва намоён аст, ба сифати маҷози вазни иҷтимоӣ истифода мешавад.

Ибораи устувори **«то зираю пиёзи чизеро донистан»** [13, с. 487] маънои **пурра ва муфассал дарк кардани масъала**ро дорад. Мушоҳида нишон медиҳад, ки воҳид нисбат ба шахси бохабар ва таҷрибадор истифода мешавад, ки ҷузъиёти хурдтаринро низ медонад. Ба андешаи мо, муқоиса бо зираю пиёз рамзи дониш аз поя то нуктаҳои майда мебошад.

Фразеологизми **«аз нархи пиёз бехабар будан»** [13, с. 694] **дурӣ аз воқеияти зиндаги**ро мефаҳмонад. Дар гуфтори мардум он нисбат ба одамоне ба кор меравад, ки шароити иқтисодии одиро намедонанд ё дар дунёи худ зиндагӣ мекунанд. ...*Онҳо бехабар аз кию чӣ будани вай сараввал хеле ҳурматаш мекарданд, баъдан* ***нархи сабзию пиёзро нафаҳмида*** *ӯро тарафгирӣ ҳам менамуданд.* [12, с. 148].

Ибораи устувори **«нархи сабзию пиёзро напурсида…»** [13, с. 694] **амали беандеша ва бенақшагири**ро ифода мекунад. Мушоҳидаҳо собит месозанд, ки ин воҳид ҳангоми танқиди шахсе истифода мешавад, ки пеш аз оғоз кардани кор арзишу имкониятҳоро намесанҷад. *– Аҳ нагӯ… Кина ҳам гап? Мардуми аблаҳ* ***нархи сабзиву пиёза напурсида,*** *якбора ғуломи киш-киши чанд оқипадару бедиёнати фитнаангез шуда...* [10, с. 6].

Дар забони англисӣ фразеологизми **know your onions** [21, с. 208] — *«арзиши пиёзи худро донистан»* барои тавсифи шахсе истифода мешавад, ки дар кори худ дониш ва таҷрибаи боэътимод дорад. Ин маҷоз ба оддӣ ва амалӣ **будани дониш** ишора мекунад: чунон ки пиёз яке аз маҳсулоти асосии ошхона аст, маҳорати касбӣ низ пояи фаъолияти муваффақ ба ҳисоб меравад.

Ибораи устувори **be off one’s onion** [6, с. 701] — ***«тамоман девона шудан»*** бошад, маънои **рафтори ғайримуқаррарӣ ё аз даст додани ақли солим**ро ифода мекунад. Ин ифода ба ибораҳои қаблӣ муқобил гузошта мешавад: агар «донистани пиёз» нишонаи хирадмандӣ ва таҷриба бошад, пас «аз пиёз дур шудан» рамзи дур шудан аз рафтори оқилона мебошад....*I suppose that little writer chap hasn't suddenly gone* ***off his onion*** *and decided to do one of his crimes in the flesh instead of on paper?* [17, p. 27] — *Гумон намекунам он нависандаи майда* ***тамоман девона шуда бошад*** *қарор дода бошад, ки яке аз ҷиноятҳояшро ин дафъа на рӯи коғаз, балки дар ҳаёти воқеӣ анҷом диҳад?*

Ибораи устувори **«шалғамбаркаш додан»** [14, с. 430] **амали ғайримустақим ва печидаи иҷрои коре**ро мефаҳмонад. Мушоҳида нишон медиҳад, ки воҳид нисбат ба роҳҳое истифода мешавад, ки шахс барои расидан ба мақсад воситаҳои ғайриодиро ба кор мебарад. Ба андешаи мо, дар ин ҷо ишора ба усули куҳнаи берун кашидани шалғам аст, ки заҳмат ва ҳила мехоҳад.

Фразеологизми **«гадои турбашро гум кардагӣ барин»** [1, с. 69] ҳолати **саросемагӣ ва бечораги**ро ифода менамояд. Дар гуфтори мардум он барои тавсифи шахсе ба кор меравад, ки роҳи ҳалли мушкилро намедонад ва ба ҳар тараф медавад. Ин воҳид, ба назари мо, танқиди парешонҳолӣ ва беандешагиро дар бар мегирад.

Ибораи устувори **«турби тунд набудан»** [1, с. 296] ба хислати орому осоишта ишора мекунад. Мушоҳидаҳо собит месозанд, ки воҳид нисбат ба **шахси безарар ва ботамкин** истифода мегардад. Турби тунд дар фарҳанг рамзи сахтгуфторист, аз ин рӯ набудани тундӣ хислати мусбат шуморида мешавад.

Фразеологизми **«ба усули шалғамбаркаш ҳақ гирифтан»** [14, с. 221] маънои бо роҳҳои даврӣ ё нимошкор ба даст овардани манфиатро дорад. Ба андешаи мо, ин воҳид муносибати интиқодиро ба усулҳои ношаффоф нишон медиҳад ва мардумро ба ростқавлӣ даъват менамояд.

Дар забони англисӣ фразеологизми **fall off the turnip truck** [19, с. 116] — *«аз аробаи шалғам афтидан»* барои тавсифи **шахси содда ва бетаҷриба** истифода мешавад. Одатан ин ибора дар шакли инкорӣ меояд: **I didn't fall off the turnip truck**, яъне «ман он қадар содда нестам». Образи шахсе, ки гӯё ҳоло аз деҳа омадааст, муқобилгузории байни соддагии деҳотӣ ва таҷрибаи ҳаётиро нишон медиҳад.

Фразеологизми **blood from a turnip** [6, с. 87] — *«хун аз шалғам гирифтан»* **вазифаи номумкин**ро ифода мекунад. Ин маҷоз ба номувофиқии ошкоро такя мекунад, аз як сабзавоти оддӣ чизе гирифтан ғайри имкон аст. Ибора вазъиятеро тавсиф мекунад, ки дар он кӯшиши гирифтани фоида ё натиҷа аз манбае сурат мегирад, ки имконияти лозим надорад. *...Meanwhile there is not much **blood** left in the rest **of the turnip**: business and businessmen who will be earning $35,000,000,000 by year's …* [22] — *Дар ҳамин ҳол, дар боқимондаи ин «шалғам» дигар хуни зиёд намондааст, соҳибкорӣ ва соҳибкороне, ки то охири сол 35 миллиард доллар фоида хоҳанд гирифт…*

Ибораи устувори **«зарари шалғамро аз фоидаи сабзӣ баровардан»** [13, с.468] ҳолатеро мефаҳмонад, ки инсон кӯшиш мекунад талафоти як корро аз ҳисоби кори дигар ҷуброн намояд. Мушоҳида нишон медиҳад, ки воҳидҳои фразеологӣ бештар дар гуфтори иқтисодӣ ва рӯзмарра истифода мешавад ва мардумро ба муқоисаи дақиқи даромаду харочот даъват мекунад. Ба андешаи мо, дар ин ҷо таҷрибаи амалӣ нуҳуфтааст: **ҳар фоида бояд бо назардошти зарари эҳтимолӣ ҳисоб гардад**.

Фразеологизми **«фоидаи сабзӣ аз пайи зиёни шалғам барбод рафтан»** [14, с. 240] баръакс ҳолати номувофиқии натиҷаҳоро ифода мекунад. Дар гуфтори мардум он нисбат ба вазъияте ба кор меравад, ки **як иштибоҳ тамоми дастоварди пешинаро нобуд месозад**. Ин воҳидҳои фразеологӣ, ба назари мо, ҳушдор медиҳад, ки як иқдоми нодуруст метавонад заҳмати зиёдро беҳуда гардонад.

Дар забони англисӣ фразеологизми **carrot and stick** [21, с. 46]— *«сабзӣ ва чӯб»* усули маъмули идоракунӣ ва таъсиррасониро ифода мекунад, ки бар омезиши **ҳавасмандкунӣ ва ҷазо** асос меёбад. Ин маҷоз нишон медиҳад, ки итоат на ҳамеша бо роҳи бовар кунондан, балки тавассути тавозуни манфиат ва тарс ба даст оварда мешавад.

Ибораи устувори **like a carrot to a donkey** [20, с. 57] — *«мисли сабзӣ барои хар»* ба образи маъмулӣ такя мекунад, ки дар он ҳайвон ба умеди гирифтани сабзӣ ба пеш ҳаракат мекунад. Дар маънои маҷозӣ ин ибора шахсеро тавсиф мекунад, ки бо ваъдаи мукофот ба осонӣ ҷалб мешавад, ҳатто агар ин мукофот пайваста дур монда бошад. *...And meeting the artists?" I held them out to her **like a carrot to a donkey**. — Ва мулоқот бо ҳунармандон чӣ?* [16, p. 39] — *Ман онҳоро **бо ваъдаи мукофот ба осонӣ ҷалб намуда, нигоҳ доштам**.*

Воҳиди устувори **couch potato** [21, с. 63] — *«картошка дар болои диван», «сабзавоти беҳаракат»* шахсеро ифода мекунад, ки тарзи ҳаёти ғайрифаъол дошта, вақти зиёдро дар назди телевизор ё дар ҳолати бекорӣ мегузаронад. Образи картошка дар ин ҷо рамзи **беҳаракатӣ, бефаъолиятӣ ва карахтӣ** буда, ба танқиди тарзи фароғати ғайрифаъоли муосир ишора мекунад.

Фразеологизми **drop someone or something like a hot potato** [21, с. 149]— *«картошкаи гармро зуд аз худ дур кардан/партофтан»* ҳолатеро тавсиф мекунад, ки дар он **шахс аз кори хатарнок ё масъулияти душвор зуд даст мекашад**. Тасвири ашёи сӯзонанда эҳсоси хатари фавриро нишон медиҳад, ки онро дар даст нигоҳ доштан имконнопазир аст.

Ибораи устувори **meat and potatoes** [21, с. 186]— *«гӯшт ва картошка»* барои ифодаи **асос ё ҷузъи муҳимтарини масъала** истифода мешавад. Картошка дар ин маврид рамзи **пояи устувори зиндагии ҳаррӯза** мебошад, ки бе он кори ҷиддӣ имконнопазир аст.

Ибораи устувори **jacket potato / unpeeled potato** [19, с. 201] — *«картошка дар пӯст»* дар маънои маҷозӣ бо **соддагӣ ва табиӣ будан** алоқаманд аст. Ин маҷоз нишон медиҳад, ки чизе бе ороиш ва коркарди зиёдатӣ ҳам арзиш дошта метавонад.

Фразеологизми **like a hot potato** [20, с. 165]— *«мисли картошкаи гарм»* **ҳолати мушкил ва хатарнок**ро тавсиф мекунад, ки ҳалли фавриро талаб менамояд. Образи ашёи сӯзонанда шиддати вазъиятро нишон медиҳад. *....He dropped the thing — he says — **"like a hot potato,"** and walked out hastily, without the slightest idea of what he would, or indeed could, do* [18, p. 271]. — *Ӯ, ба гуфтаи худаш, онро **«чун картошакаи гарм»** дур андохт ва бо шитоб берун шуд, дар ҳолате ки умуман чӣ кор карданашро намедонист.*

Ибораи устувори **not (quite) the clean potato** [6, с.758] — *«на он қадар картошкаи тоза»* шахсеро тавсиф мекунад, ки **ба ростқавлӣ комилан бовар кардан мумкин нест**. Образи картошкаи ифлос ба нуқсонҳои пинҳонии ахлоқӣ ишора мекунад.

Ҷузъи **mushroom** — *«занбӯруғ»* дар фразеологияи забони англисӣ бештар бо мафҳумҳои **суръати афзоиш, ногаҳонӣ ва муваққатӣ будани падидаҳо** алоқаманд аст. Як қатор ибораҳои устувор ин хусусиятҳоро тавассути образи занбӯруғ ифода мекунанд.

Воҳиди устувори **like mushrooms** [21, с. 195] — *«мисли занбӯруғҳо»* барои тавсифи равандҳое истифода мешавад, ки хеле зуд ва ба таври оммавӣ пайдо мешаванд. Чунин падидаҳо аввал қариб ноаён ба вуҷуд меоянд, аммо баъд аз муддати кӯтоҳ хеле равшан мегарданд. Маҷоз **ногаҳонии зуҳур ва эҳсоси «худ аз худ» ба вуҷуд омадани натиҷа**ро таъкид мекунад.

Воҳиди устувори **to mushroom** [20, с. 166] — *«мисли занбӯруғ афзоиш ёфтан»* ҳамчун феъл ба маънои **густариши босуръат** истифода мешавад. Ин ибора ба шаҳрҳо, ширкатҳо, овозаҳо ё сохторҳое татбиқ мегардад, ки аз ҳад зуд рушд мекунанд ва на ҳамеша имкони ба даст овардани устуворӣ кофиро доранд. Образи занбӯруғ дар ин ҷо ҳамзамон ҳисси ҳайрат аз суръати афзоиш ва шубҳаро нисбат ба пойдории он инъикос мекунад.

Воҳиди устувори **mushroom growth** [6, с. 415] — *«рушди занбӯруғмонанд»* натиҷаи чунин равандро ифода мекунад. Дар маънои маҷозӣ ин ибора аксаран дорои ишораи интиқодӣ мебошад: чизе, ки **хеле зуд ба вуҷуд омадааст**, метавонад ҳамон қадар зуд аз байн равад. Маҷоз ба набудани асоси мустаҳкам ва банақшагирии дарозмуддат ишора мекунад.

Хулоса. Таҳлили воҳидҳои фразеологии дорои ҷузъҳои номи сабзавот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон медиҳад, ки онҳо на танҳо воситаи ифодаи маъноҳои маҷозӣ, балки инъикоскунандаи ҷаҳонбинӣ, арзишҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва таҷрибаи фарҳангии мардум мебошанд. Образҳои каду — pumpkin, пиёз — onion, шалғам — turnip, турб, сабзӣ — carrot, картошка —potat ва занбӯруғ — mushroom дар таркиби фразеологизмҳо аз маънои аслии худ берун рафта, ба рамзҳои баҳодиҳии дониш, рафтор, хислат, муносибатҳои иҷтимоӣ ва таҷрибаи зиндагӣ табдил ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳлил собит месозанд, ки дар ҳар ду забон образҳои сабзавот барои ифодаи воқеиятгароӣ, таҷрибаи ҳаётӣ, дониши амалӣ, ростқавлӣ, оқибатандешӣ, инчунин танқиди бесаводӣ, бемасъулиятӣ ва амалҳои беандеша васеъ истифода мешаванд. Дар баробари ин, баъзе воҳидҳо хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии хоси ҳар як халқро инъикос намуда, муносибати ҷомеаро ба меҳнат, муваффақият, манфиат, мушкилот ва арзишҳои ахлоқӣ таҷассум менамоянд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши муқоисавии воҳидҳои фразеологии дорои ҷузъҳои номи сабзавот имкон медиҳад, ки ҳам хусусиятҳои умумии тафаккури инсонӣ ва ҳам вижагиҳои миллӣ ва фарҳангии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян гардида, нақши муҳими фразеология дар таҷассуми манзараи забонии ҷаҳон равшан карда шавад.

Адабиёт

1. *Абдуллозода, Р. Фарҳанги ибораҳои халқӣ / гирдоваранда ва тартибдиҳанда / Р. Абдуллозода. — Душанбе: Адиб, 1988. — 400 с.*
2. *Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 352 с.*
3. *Гумбольдт, В. Язык и философия культуры / В. Гумбольдт. – М., 1985. – 452 с.*
4. *Зубайдова, С.Ш. Перевод фразеологических единиц на основе анализа материалов таджикского, русского и английского языков / С.Ш. Зубайдова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №2.– С. 158-163.*
5. *Кунин, А. В. Английская фразеология: теоретический курс / А. В. Кунин. – М.: Высшая школа, 1970. – 344 с.*
6. *Кунин, А. В. Большой англо-русский фразеологический словарь / А. В. Кунин. — 5-е изд., стер. — М.: Просвещение, 2021. — 1210 с.*
7. *Мухиддинова, Т.Х. Лексико-семантическая характеристика номинативных единиц поверий и традиций в таджикском и английском языках. / Т. Х. Мухиддинова – Душанбе, «РТСУ» 2021. – 144 с.*
8. *Мухиддинова, Т.Х. Фразеологические единицы, выражающие лексику поверий и традиции в таджикском языке / Т.Х. Мухиддинова // Вестник педагогического университета. – Душанбе: Издательский центр ТПУ им. С. Айни, 2021 - № 5 (94) – С. 52-58*
9. *Раҳим, Ҷ. Асарҳои мунтахаб: дар 3 ҷилд. Ҷилди II: роман «Шӯроб» / Ҷ. Раҳим. – Душанбе: Адиб, 1988. – 464 с.*
10. *Самад, А. Гардиши девбод: роман ва қисса. Китоби 2 / А. Самад. – Душанбе: Адиб, 2016. – 400 с.*
11. *Сепир, Э. Избранные труды по языкознанию и культурологии (пер. с англ.) / Э Сепир. – М.: Изд. группа «Прогресс»: Универс, 1993. – 464 с.*
12. *Фирӯз, Б. Хотираи як муҳаббат: ҳикояҳо / Б. Фирӯз. – Душанбе: Истиқбол, 2009. – 168 с.*

13. *Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷ.1 / М. Фозилов. – Душанбе, 1963.*
14. *Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷ.2 / М. Фозилов. – Душанбе, 1964.*
15. *Хушенова, С.В. Изафетные фразеологические единицы таджикского языка / С.В. Хушенова. – Душанбе: Дониш, 1971. – 190 с.*
16. *Atwood M. The Edible Woman / M. Atwood. – Toronto: McClelland and Stewart, 1969. – 320 p.*
17. *Christie A. Death in the Clouds / A. Christie. – London: Collins Crime Club, 1935. – 256 p.*
18. *Conrad J. Lord Jim / J. Conrad. – Edinburgh; London: William Blackwood and Sons, 1900. – 451 p.*
19. *Dolgopolov, Y. A dictionary of confusable phrases: more than 10,000 idioms and collocations. — Jefferson, NC ; London : McFarland & Company, 2010. — 397 p.*
20. *Gulland, D. M., Hinds-Howell, D. The Penguin dictionary of English idioms. — Rev. ed. — London : Penguin Books, 1994. — 305 p.*
21. *Oxford dictionary of idioms / ed. by J. Siefring. — 2nd ed. — Oxford : Oxford University Press, 2004. — 340 p.*
22. *Time Magazine. "A Tax for Everyone" [манбаи электронӣ] // Time Magazine. – 11 June 1942. – URL:https://www.digifindit.com/IDIViewer/web/viewer.html?file=%2Fmatawan%2Fdata%2Fnewspapers%2Fjournal%2F1942%2F19420611.pdf&utm_source=chatgpt.com (санаи истифодабарӣ: 13.03.2022).*

ВИЖАГИҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ БО ҶУЗЪИ НОМИ САБЗАВОТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба омӯзиши вижагиҳои этнолингвистии воҳидҳои фразеологии дорои ҷузъҳои номи сабзавот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Ҳадафи асосии таҳқиқ муайян намудани хусусиятҳои маъноӣ, фарҳангӣ ва миллӣ-этникии фразеологизмҳое мебошад, ки дар таркиби онҳо номҳои сабзавот истифода шудаанд. Маводи тадқиқот аз фарҳангҳои фразеологӣ, луғатҳои тафсирӣ ва осори бадеии тоҷикӣ ва англисӣ ҷамъоварӣ гардидааст. Дар раванди таҳлил усулҳои тавсифӣ, семантикӣ, этнолингвистӣ ва муқоисавӣ истифода шуданд. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки образҳои каду, пиёз, шалғам, турб, сабзӣ, картошка, занбӯруғ ва дигар номҳои сабзавот дар фразеологияи ҳар ду забон ҳамчун воситаи ифодаи арзишҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва маърифатӣ хизмат мекунанд. Муайян гардид, ки тавассути ин образҳо муносибати мардум ба дониш, меҳнат, тарбияи зиндагӣ, воқеиятгароӣ, ростқавлӣ, масъулият ва муносибатҳои иҷтимоӣ инъикос меёбад. Таҳлили муқоисавӣ имконият дод, ки ҳам хусусиятҳои умумии тафаккури инсонӣ ва ҳам вижагиҳои миллӣ-фарҳангии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ошкор карда шаванд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҳқиқоти фразеология, этнолингвистика ва забоншиносии муқоисавӣ истифода гарданд.

Калидвожаҳо: фразеологизм, этнолингвистика, номи сабзавот, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, маънои маҷозӣ, фарҳанг, ҷаҳонбинӣ, таҳлили муқоисавӣ.

ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ С КОМПОНЕНТОМ-НАИМЕНОВАНИЕМ ОВОЩЕЙ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Данная статья посвящена исследованию этнолингвистических особенностей фразеологических единиц с компонентом-названием овощей в таджикском и английском языках. Основной целью исследования является выявление семантических, культурных и национально-специфических особенностей фразеологизмов, в состав которых входят названия овощей. Материал исследования был собран из фразеологических и толковых словарей, а также произведений художественной литературы на таджикском и английском языках. В процессе анализа использовались описательный, семантический, этнолингвистический и сопоставительный методы исследования. Результаты исследования показывают, что образы тыквы, лука, репы, редьки, моркови, картофеля, гриба и других овощей во фразеологии обоих языков выступают средством репрезентации нравственных, социальных и когнитивных ценностей. Установлено, что посредством данных образов отражается отношение народа к знаниям, труду, жизненному опыту, реалистическому восприятию действительности, честности, ответственности и социальным отношениям. Сопоставительный анализ позволил выявить как универсальные особенности человеческого мышления, так и национально-культурную специфику таджикского и английского языков. Полученные результаты могут быть использованы в дальнейших исследованиях по фразеологии, этнолингвистике и сопоставительному языкознанию.

Ключевые слова: фразеологизм, этнолингвистика, названия овощей, таджикский язык, английский язык, переносное значение, культура, языковая картина мира, сопоставительный анализ.

ETHNOLINGUISTIC FEATURES OF PHRASEOLOGICAL UNITS WITH VEGETABLE-NAME COMPONENTS IN TAJIK AND ENGLISH

This article is devoted to the study of the ethnolinguistic features of phraseological units containing vegetable names in the Tajik and English languages. The main objective of the research is to identify the semantic, cultural, and national-specific characteristics of phraseological expressions that include vegetable names as their components. The research material was collected from phraseological and explanatory dictionaries, as well as from works of fiction in both Tajik and English. The study employs descriptive, semantic, ethnolinguistic, and comparative methods of analysis. The findings demonstrate that the images of pumpkin, onion, turnip, radish, carrot, potato, mushroom, and other vegetables function in the phraseological systems of both languages as means of representing moral, social, and cognitive values. It has been established that these images reflect people's attitudes toward knowledge, labor, life experience, realistic perception of reality, honesty, responsibility, and social relations. The comparative analysis made it possible to reveal both universal features of human thinking and the national-cultural specificity of the Tajik and English languages. The results obtained may be applied in further studies of phraseology, ethnolinguistics, and comparative linguistics.

Keywords: phraseological unit, ethnolinguistics, vegetable names, Tajik language, English language, figurative meaning, culture, linguistic worldview, comparative analysis.

Дар бораи муаллиф
Зубайдзода Сулҳия Шодмоновна
Муаллими калони кафедраи
умумидонишгоҳии забони англисӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 17
E-mail: zubaidovasulhiya@gmail.com

Об авторе
Зубайдзода Сулхия Шодмоновна
Старший преподаватель
общеуниверситетской кафедры английского языка
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе проспект Рудаки, 17
E-mail: zubaidovasulhiya@gmail.com

About the author
Zubaydzoda Sulhiya Shodmonovna
The senior teacher of English department
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city,
Rudaki avenue, 17
E-mail: zubaidovasulhiya@gmail.com

ТДУ 81'367.312.2:82-3

ҶУМЛАИ СОДАИ ДУТАРКИБА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ЧИНӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ А. САМАД ВА БИ ШУМИН)

Ван Хуэйҷуан
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ яке аз навъҳои ҷумлаи содаро вобаста ба иштироки саръазоҳои ҷумла дар сохтори онҳо ҷумлаҳои содаи дутаркиба (дар забони чинӣ 双部句 – shuāngbùjù) ташкил медиҳанд. Дар ин маврид нишондоди асосӣ дар сохтори ҷумлаи сода иштирок намудани ҳарду сараъзои ҷумла – мубтадо ва хабар, мебошад. Агар дар ташаккули ҷумлаҳои содаи яктаркиба иштироки яке аз сараъзоҳо дар баёни фикри гӯянда талаботи асосӣ бошад, дар ҷумлаҳои содаи дутаркиба иштироки мубтадо ва хабар ҳатмист. Ба қавли муҳаққиқи барҷастаи ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ профессор Қосимова М.Н: «Мубтадо ва хабар унсурҳои шакли грамматикии ҷумлаҳои дутаркиба ба ҳисоб мераванд, ки муносибатҳои мухобиротиро (предикативиро) ифода мекунанд. Пайваста ифода гардидани муносибати мухобиротӣ мағзи сохтории ҷумлаҳоро ташкил менамояд, аз ин сабаб мубтадову хабар сараъзои ҷумла номида шудаанд» [6, с. 31]. Дар ин ҳолат сараъзоҳои ҷумла ду нишондиҳандаи асосии таъмин намудани муносибатҳои гуногуни мухобиротӣ дар сохтори ҷумлаҳои содаи дутаркиба ба ҳисоб мераванд. Масалан, дар ҷумлахои зайли забонҳои тоҷикиву чинӣ чунин муносибатҳоро дар заминаи алоқамандии мантиқиву грамматикии миёни мубтадо ва хабар мушоҳида намудан мумкин аст:

Ӯ ба паҳлударӣ такя карда, духтареро ба гап мекашид [13, с. 12]. … домулло Латиф бо хондани ғазалу шоҳбайт ва хушгӯӣ таноби роҳ кӯтоҳ мекард [11, с. 52]. Баъзеҳо мисли гурги гурусна луқмаи муфт мекованд [11, с. 61].

友谊需要滋养。

Дар забони чинӣ: Дӯстӣ лозим таъмин бояд нигоҳубин кардан.

Дар забони тоҷикӣ: Дӯстӣ нигоҳубин ва ғизо доданро талаб мекунад [1, с. 4].

世界上所有的生灵都有它们的眼睛。

Дар забони чинӣ: Ҷаҳон аср сарҳад дар тамоми мавҷудоти зинда чашм зиндагӣ доранд.

Дар забони тоҷикӣ: Ҳама мавҷудоти зинда дар ҷаҳон чашмҳои худро доранд [1, с. 6].

我的目光停留在一个同我最好的女孩子身上。

Дар забони чинӣ: Чашми ман таваққуф кард дар як барои ман беҳтарин духтар тан.

Дар забони тоҷикӣ: Чашмони ман ба тани бароям беҳтарин духтаре таваққуф карданд [2, 3].

Ҷумлаҳои содаи дутаркиба дар забони тоҷикӣ аз ҷониби муҳаққиқони риштаи наҳвшиносӣ ба таври комил таҳқиқ шудаанд. Ҷамъбасти назарияҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки ҳама олимон дар муайян намудани ҳадду ҳудуд ва сохтори ҷумлаҳои содаи дутаркиба андешаҳои якхела доранд [4, 6, 8, 9].

Агар ба таҳқиқи шохаи наҳви забони чинӣ таваҷҷуҳ гардад, маълум мешавад, ки аз нимаи дуюми асри гузашта олимони забоншиноси чинӣ ва хориҷӣ ба омӯзиши наҳви забони чинӣ ҷиддан машғул шудаанд [3, 5, 7, 15]. Ҳамчунин, ин муддат дар маҷаллаҳои илмии бонуфузи кишварҳои Ғарб шумораи зиёди мақолаҳое ба табъ расидаанд, ки ҷанбаҳои назариявии наҳви синтаксиси забони чиниро баррасӣ намудаанд. Чунин нигоштаҳои олимони хориҷиро дар нисбати вижагиҳои наҳвии забони чинӣ метавон заминаи асосӣ барои рушди омӯзиши минбаъдаи он қаламдод намуд.

Дар бахши забоншиносии назариявӣ шумораи бештари пажӯҳишҳои илмие мавҷуданд, ки ба наҳви забони чинӣ истинодҳои илмӣ доранд. Чунин далели қотеъ, бешубҳа, нишон медиҳад, ки таҳқиқоти саривақтии наҳви забони чинӣ дар пояи назарияҳои муосири забоншиносӣ самаранок буда метавонад. Пӯшида нест, ки омӯзиши масъалаҳои наҳви забони чинӣ дар заминаи назарияҳои муосири забоншиносон рӯйи кор омада, дар ниҳоят умумият ва фарқияти онро аз дигар забонҳои олам муқаррар намудааст. Чунин алоқамандӣ бори дигар

исбот месозад, ки ҳамбастагии таърихии забонҳо дар ҳама сатҳҳо, аз он ҷумла, шохаи наҳви онҳо низ ногузир мебошад.

Дар таҳқиқи низоми сохтории забони чинӣ яке аз мушкилоти асосӣ ва мубрамро омӯзиши қисмати наҳвиёти он ташкил медиҳад. Чунин қонунмандиро метавон ба мураккабии низоми иборасозӣ ва ҷумлабандии ин забон алоқаманд донист. Моҳияти ин назария дар он аст, ки дар забони чинӣ ва ба он монанд забонҳои дигар робитаи маъноиву мантиқии миёни калимаҳо дар ҷумла тавассути шаклҳои гуногуни грамматикии онҳо ифода намешавад. Ба таври дигар, вазифаи наҳвии калимаҳо бо тағйир ёфтани шакли онҳо сурат намегирад. Нишондоди мавҷудияти робитаҳои наҳвӣ дар чунин забонҳо тартиби муайяни калимаҳо дар ҷумла ва истифодаи калимаҳои ёридиҳанда мебошад, ки ба талаботи мазкур мувофиқат мекунанд. Ба монанди:

这绳**看起来**还挺结实

Дар забони чинӣ: Ва арғамчин ба назар мерасад бисёр қавӣ.

Дар забони тоҷикӣ: Ин арғамчин бисёр қавӣ ба назар мерасад [2, с. 7].

我 真 为 **游星 捏 一把 汗**.

Дар забони чинӣ: Ман барои Юсин изтироб кардан.

Дар забони тоҷикӣ: Ман, воқеан, барои Юсин изтироб кардам [2, с. 86].

Масъалаҳои наҳви забони чинӣ ва таснифоти сохтории ҷумлаҳои онро бисёре аз мутахассисони чиншиносӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Бо такя ба корҳои А. Драгунов [3], В.А. Курдюмов [5], С.Е. Яхонтов [17] ва дигарон метавон гуфт, ки забони чинӣ ба шохаи ғарбии оилаи забонҳои сино-тибетӣ мансуб буда, як қисмати макрооилаи забонҳои сино-кавказӣ ба шумор меравад. Таснифоти таърихии забонҳо, ки маъмултарин навъи он таснифоти наҳвӣ ба шумор меравад, дар заминаи ивазшавии мавқеи калимаҳо дар забонҳои гуногунсохтор асос ёфтааст. Ба ибораи дигар, нишондоди асосии таснифоти зикршуда усулҳои махсуси истифодаи калимаҳо мебошад, ки тавассути онҳо сохтори ягонаи ҷумлаҳои сода ташаккул меёбанд. Маҳз дар пояи ҳамин гуна нишондоди наҳвӣ ба ҳар як забон вижагиҳои хос нисбат дода мешавад.

Ба ин тариқ, вобаста ба ташаккули таърихии забони чинӣ имрӯз таснифоти ҷумлаҳо ва хосатан, ҷумлаҳои сода дар он ба роҳ монда шуда, олимони зиёде ба ин масъала таваҷҷуҳ намудаанд. Онҳо ин гуна ҷумлаҳоро аз ҷиҳати сохтор, тартиби ҷойгиршавии аъзоҳои ҷумла ва навъҳои оҳанг ба гурӯҳҳо ҷудо кардаанд [3, 7, 15].

Таснифоти ҷумлаҳои содаи длутаркиба дар забонҳои муқоисашаванда гуногун аст. Агар дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои содаи дутаркибаро вобаста ба иштироки аъзоҳои пайрав ба хулласу тафсилӣ ҷудо карда бошанд, дар забони чинӣ вобаста ба ифодаи хабар олимони наҳвшинос чор навъи ҷумлаҳои содаи дутаркибаро муайян сохтаанд:

1. Ҷумлаҳои содаи дутаркиба, ки хабари онҳо бо феъл ифода ёфтааст. Дар ин қабил ҷумлаҳои содаи дутаркиба ба сифати хабари ҷумла феълҳои аз ҷиҳати сохтор гуногун иштирок менамоянд. Дар ин вазифа бештар феълҳои таркибӣ фаъоланд**:**

高原的 景象 不应该 **是 凡人 所 能 看到的**.

Дар забони чинӣ: Пуштаҳо манзара набояд мебошад одамизод ҳама тавонистан дидан.

Дар забони тоҷикӣ: Манзараҳои пуштаҳоро на ҳамаи одамизод **дида метавонад** [2, с. 87].

2. Ҷумлаҳои содаи дутаркиба, ки ҷузъи хабарии онҳо бо сифат фода ёфтааст. Дар ин маврид ҷузъи номии хабари ҷумларо калимаи сифатӣ ташкил додааст:

狮泉河 **像 一道 粗大的 灰色** 绳索.

Дар забони чинӣ: Шичуан дарё монанди як ғафси калон хокистарӣ ресмон.

Дар забони тоҷикӣ: Дарёи Шичуан мисли як ресмони ғафси калони хокистарӣ аст [2, с. 101].

3. Ҷумлаҳои содаи дутаркибаи хабарӣ, ки хабари онҳо бо исм ифода ёфтааст**.** Дар ин навъи ҷумлаҳои сода ба вазифаи яке аз ҷузъҳои хабари таркибии номӣ исмҳои гуногун меоянд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки бештар исмҳои ғайришахс дар чунин мавқеъ истифода мегарданд. Чунончи:

那 不过 **是 个 工作** 艺术嘛！

Дар забони чинӣ: Аммо аст кор ҳунар!

Дар забони тоҷикӣ: Аммо ин як **кори ҳунар аст**! [2, с. 113].

思索是痛苦而ва艰巨的过程.

Дар забони чинӣ: Фикри чуқур кардан аст дард, ранҷ сахту тоқатфарсо раванд.

Дар забони тоҷикӣ: Фикри амиқ кардан раванди ранҷу азоб аст [2, с. 75]. 4. Ҷумлаҳои содаи дутаркиба, ки хабари онҳо аз ибораву таркибҳо ташкил ёфтааст. Чунин ҷумлаҳоро метавон ба сифати ҷумлаҳое маънидод намуд, ки ба вазифаи хабари онҳо бештар ибораҳое меоянд, ки дар қолаби ибораи изофӣ истифода шудаанд:

高原 上 难得 有 家畜 家禽.

Дар забони чинӣ: Пушта болои камёб ҳаст ҳайвони аҳлӣ мурғи хонагӣ.

Дар забони тоҷикӣ: Дар болои пуштаҳо ҳайвонотҳо ва парандаҳои нодир ҳастанд [2, с. 114].

Дар баробари хабар мубтадо низ дар ташаккули ҷумлаҳои содаи дутаркибаи забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ нақши муҳим дорад. Мувофиқи ақидаи муҳаққиқи ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ, профессор Б. Ниёзмуҳаммадов: “Мубтадо яке аз саръазоҳои ҷумлаи дутаркиба буда, предметеро, ки дар ҷумла дар бораи он сухан ронда мешавад, ифода мекунад. Мубтадо ба воситаи исм, ҷонишин ва ё ҳиссаҳои дигари нутқ, ки предметро далолат мекунанд, ифода меёбад” [8, с. 10]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ифодаи мубтадо дар сохтори ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ ва чинӣ якхела мебошад. Он метавонад бо ҳама гуна калимаҳое ифода ёбад, ки ба ашёи муайян ишора мекунанд. Дар ин вазифа чун анъана бештар исмҳои шахсу ғайришахс ва ҷондору беҷон фаъоланд:

Ёдгори хоболуд мисли харгӯш гурехта зуд ба таги калфе медарояд (12, 43). Солҳои охир картошкакорӣ дар ин минтақа хеле равнақ ёфт [12, с. 170]. Дар оғӯши хомӯшӣ Дилёбу мӯйсафед ба андеша фурӯ мераванд [11, с. 80].

游星 是 不会 叛国的.

Дар забони чинӣ: Юсин аст натавонистан хиёнат ватан.

Дар забони тоҷикӣ: Юсин ба ватан хиёнат намекунад [2, с. 113].

会 在 女生 宿舍 开.

Дар забони чинӣ: Ҷаласа дар хонумҳо хобгоҳ баргузор шудан.

Дар забони тоҷикӣ: Ҷаласа дар хобгоҳи хонумон баргузор мешавад [2, с. 85].

大家 相视 一笑.

Дар забони чинӣ: Одамон ба ҳамдигар нигаристан хандидан.

Дар забони тоҷикӣ: Одамон ба ҳамдигар нигоҳ карда хандиданд [2, с. 90].

Дар забони чинӣ ҷумлаҳои содаи дутаркибаро ҳамчунин вобаста ба ифодаи тобишҳои маъноияшон ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд. Маънои умумии ҷумлаи содаи дутаркиба, ки аз ҷамъи тобишҳои маъноии сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав бармеояд, ба чунин таснифоти асос шуда метавонад. Мавҷудияти дигар унсурҳои грамматикие, ки ба чунин маъноҳо тақвият мебахшанд, метавонад дар дохили ҷумла ҳатмӣ бошад. Масалан, дар сохтори маъноии ҷумлаҳои зерин метавон тобишҳои маъноии мақсад, вақт, ҳолат ва ғайраро ошкор намуд. Чунончи:

Бо тобиши маъноии мақсад. Дар ин қабил ҷумлаҳо маънои умумии мақсад тавассути мубтадои ҷумла равшантар ифода мегардад:

为了健康，他每天锻炼身体. – Барои саломатӣ ӯ ҳар рӯз машқ мекунад.

Бо тобиши маъноии вақт. Тобиши маъноии вақт дар ин навъи ҷумлаҳо ба воситаи тартиби ҷойгиршавии аъзоҳои ҷумла сурат гирифта, воситаҳои ифодакунандаи маънои вақт бештар дар аввали ҷумла меоянд:

下课以后，我去图书馆. – Баъд аз дарс ман ба китобхона меравам.

Бо тобиши маъноии ҳолат. Дар ин ҷумлаҳои содаи дутаркибаи чинӣ ҳолати мубтадои ҷумла бештар тавассути ҳоли тарзи амал ифода меёбад:

她很高兴. – Ӯ хеле хурсанд аст.

Бо тобиши маъноии нисбат. Чунин тобиши маъноӣ дар чумлаҳои содаи дутаркибаи чинӣ нисбияти як ашёро ба мафҳуми дигар мефаҳмонад. Дар забони тоҷикӣ чунин ҳолат бештар бо муайянкунандаи изофии соҳибӣ ифода меёбад:

这是我的书. – Ин китоби ман аст.

Бо тобиши маъноии миқдор. Дар ин навъ ҷумлаҳои содаи дутаркиба ба шумора ё андозаи ашёе ишора мешавад. Чунин тобишро дар ҷумлаҳое ошкор намудан имкон дорад, ки дар сохтори онҳо калимаҳои ифодакунандаи адад ва миқдор ҷой доранд. Ба монанди:

教室里有二十个学生. – Дар синфхона бист хонанда ҳаст.

Умуман, дар забони чинӣ тобишҳои маъноии гуногунро вобаста ба иштироки калимаҳои дорои маъноҳои гуногун муқаррар намудан мумкин аст. Чунин калимаҳо метавонанд ба мазмуни умумии ҷумла тобиши махсусро илова намоянд, ки шунаванда аз муҳтавои онҳо маҳз ҳамон тобишро пайхас менамояд. Ба таври дигар, дар ин забон як калимаи меҳварӣ метавонад мазмуни ягонаи ҷумлаи содаи дутаркибаро муайян намояд.

Дар сохтори ҷумлаҳои содаи дутаркибаи забони тоҷикӣ низ чунин ҳолатро мушоҳида намудан мумкин аст. Дар онҳо низ тобишҳои зиёди маъноиеро ошкор намудан имкон дорад, ки аз мазмуни умумии ҷумла бармеоянд. Масалан, дар ҷумлаҳои зайл, ки дар мундариҷаи онҳо тобишҳои маъноии вақт, мақсад, эътироз ва ғайраро вобаста ба ҳадафи гӯянда муқаррар намудан мумкин аст:

– Мо ҳам даҳ сари сол хуни ҷигар шуда дар мактаб хондаем! [13, с.6]. Раҳимбек худро аз чанги духтарҳо раҳонида, сӯйи хобгоҳ думашро хода кард [13, с.45]. Амакам норозиёна ба янгаам теғи нигоҳашро афканд [13, с.63]. Воқеан, Дилёб дар банди фикру хаёл дасту почак мезад [11, с.215].

Дар созмони ҷумлаҳои содаи забонҳои мавриди таҳлил аз рӯйи иштироки саръазоҳо (мубтадо ва хабар) ва аъзоҳои пайрав (муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол) умумияти сохториву маъноӣ ба назар мерасад. Дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ аъзоҳои ҷумла ва хосатан аъзоҳои пайрав ба хотири мукаммал намудани мазмуни ҷумла истифода шуда, ҳар яке вобаста ба талаботи фикри ифодашаванда бо калимаҳои гуногун ифода меёбанд. Агар дар забони тоҷикӣ мавқеи аъзоҳои пайрави ҷумла нисбатан устувор ва тағйирнаёбанда бошад, дар забони чинӣ онҳо метавонанд миёни мубтадо ва хабари ҷумла мавқеи худро иваз кунанд. Яъне дар забони чинӣ мубтадо ва хабар низ ба сифати нуктаи меҳварии ифодаи фикри гӯянда мавқеи асосӣ доранд. Барои муқоиса ҷумлаҳои зерини забонҳои тоҷикӣ ва чиниро меорем, ки дар онҳо аъзоҳои пайрав сараъзоҳои ҷумларо дар мавқеъҳои гуногун шарҳ додаанд:

Сифат боз камар ба кор баст ва аз сари субҳ то фаро расидани шом мисли мӯри донакаш ба ҷумбуҷул афтод [11, с.138]. Назокат чанд ҳафта боз мисли одами раҳгумзада хиҷилу сархам мегашт, худро аз ҳама канор мегирифт [13, с.94].

吃苦受累的 事 总 是 班长 来做.

Дар забони чинӣ: Ранҷ кашидан, заҳмат кашидан кор ҳамеша сардори гурӯҳ ичро кардан.

Дар забони тоҷикӣ: Корҳои сермашақату пурзаҳматро ҳамеша сардори гуруҳ мекунад (2, 89).

河水 是 逐渐 浸入棉衣的.

Дар забони чинӣ: Дарё об аст кам-кам даромадан либоси пахтагин.

Дар забони тоҷикӣ: Оби дарё кам-кам ба либоси пахтагин медаромад [2, с.102].

Ҷиҳати дигари муҳимми ҷумлаҳои содаи дутаркибаи забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ дар ифодаи оҳанги ягонаи онҳост. Оҳанг яке аз унсурҳои муҳимми ҷумла дар забонҳои мавриди таҳлил буда, таснфоти он ба талаффузи махсуси гӯянда вобастагӣ дорад. Маълум аст, ки ҳангоми мубодилаи афкор соҳибсухан метавонад ҳар гуна фикру мақсадашро пешниҳод намояд. Масалан, метавонад доир ба ягон ашёву ҳодиса маълумот диҳад, андешаеро тасдиқ ё рад намояд, ё баръакс, ягон хабарро пурсад, шубҳаашро бартараф намуда, хурсандиашро изҳор кунад, амру фармон диҳад, изҳори миннатдорӣ карда, ҳамду сано хонад, умуман, ҳиссиёти гуногунашро ифода созад. Вобаста ба чунин рангорангии ифодаи мақсад ҷумлаҳои содаи дутаркиба дар забонҳои муқоисашаванда ба навъҳои мухталиф дастабандӣ мешаванд.

Аз рӯйи ифодаи оҳанг миёни ҷумлаҳои содаи дутаркибаи забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ умумияту фарқиятҳо дида мешаванд. Умумияти ягона миёни ин қабил ҷумлаҳо дар забонҳои таҳлилшаванда ифодаи оҳангҳои гуногун вобаста ба тарзи гуфтор мебошад. Агар дар ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ 4 навъи оҳанг – ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобиро муқаррар

карда бошанд, дар забони чинӣ низ ҷумлаҳои содаи дутаркибаи хабарӣ, саволӣ ва амрӣ ё дархостӣ мушоҳида мешаванд. “Воситаи асосии ифодаи фикр ва мубодилаи байни одамон ҷумла мебошад. Бо ёрии ҷумла шахс тамоми фикру ақида, хоҳишу орзу, ҳиссиёти худро баён мекунад, фикру ақидаи ҳамсуҳбати худро мефаҳмад ва инчунин чизҳои барои ӯ номаълумро аз мусоҳибонаш фаҳмида мегирад. Ин маъниҳо ба воситаи ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ ифода мегарданд.” [9, с.20]. Чунин таносуби оҳангӣ нишон медиҳад, ки меъёрҳои талаффузии ҷумлаи сода дар забонҳои мавриди назар якхелаанд. Масалан, дар ҷумлаҳои зерин:

Маликаи хонашин рӯ ба саҳро овард ва қатори хурду бузурги нодори деҳ мисли мӯри донакаш дар талоши ризқу рӯзӣ афтод [11, с. 152]. Магар ғизо аз гулӯ мегузарад? [12, с.18]. Муҳтоҷи ҳолпурсӣ нестем! [11, с.110].

叫大风刮跑了.

Дар забони чинӣ: Аз ҷониби калон шамол вазидан бурд.

Дар забони тоҷикӣ: Онро шамоли сахт гирифта бурд [2, с.23].

山上还有东西?

Дар забони чинӣ: Болои кӯҳ боз дорад чиз?

Дар забони тоҷикӣ: Оё болои кӯҳ чизи дигаре дорад? [2, с.32].

团结就是力量嘛!

Дар забони чинӣ: Ваҳдат аст қувват!

Дар забони тоҷикӣ: Ягонагӣ қувват аст! [2, с.7].

Фарқияти асосӣ миёни ифодаи оҳанг дар ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ ва чинӣ дар он аст, ки дар ҷумлаҳои содаи дутаркибаи забони чинӣ ифодаи оҳанг бештар ба ду ҳолат вобаста аст: оҳанги калимаҳо ва оҳанги ягонаи ҷумла. Забони чинӣ (махсусан путунхуа), ки миёни забонҳои дигари ҷаҳон ҳамчун забони тоналӣ маҳсуб меёбад, бо ифодаи оҳанги махсус ҳангоми талаффузи калимаҳо машҳур аст. Дар ин мавриди маънои калима аз оҳанги махсуси талаффузии он вобаста аст. Вобаста ба ин дар забони чинӣ 4 навъи оҳанги калимаҳо мавҷуд аст, ки аз ҷиҳати талаффуз фарқияти ҷиддӣ доранд. Аз қабили:

1. Оҳанги ҳамвор (mā 妈 – модар);
2. Оҳанги болораванда (má 麻 – бангдона);
3. Оҳанги поёну боло раванда (mǎ 马 – асп);
4. Оҳанги поёнравандаи тез (mà 骂 – дашном додан).

Метавон гуфт, ки оҳангҳои болозикр асоси низоми талаффузиро дар забони чинӣ ташкил дода, барои омӯзиши таркиби луғавии он, ки дар заминаи рамз (иероглиф)-ҳо ба роҳ монда шудааст, заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Агар дар забони тоҷикӣ оҳанги ҷумла аз умумияти талаффузи ҷузъҳои дохилии онҳо сар занад, дар ҷумлаҳои содаи дутаркибаи забони чинӣ ҳар як калима оҳанги худро дар алоҳидагӣ нигоҳ медорад. Дар ин забон оҳанг муқарраркунандаи маънои луғавии калима мебошад, бо тағйир додани оҳанги калима метавон маънои онро дигар кард. Ҳамин аст, ки оҳанги ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ якмаром буда, дар ҷумлаҳои содаи забони чинӣ талаффузи мухталифи калимаҳои дохили он ноҳамвориро ба миён меорад. Бо вуҷуди чунин гуногунрангии талаффуз дар ниҳоят оҳанги ягонаи ҷумла таъмин мегардад. Ин ҳолатро метавон дар чунин навъҳои оҳангии ҷумлаҳои сода муқаррар намуд:

Оҳанги хабарӣ. Дар чунин ҷумлаҳои содаи дутаркибаи забони чинӣ оҳанги талаффуз майли ба поён ҳаракат намуданро мекунад. Яъне агар дар ибтидои ҷумла он бо зарба талаффуз шавад, суръати он дар охири ҷумла як андоза оромтар ва паст мегардад:

Wǒ shì xuéshēng. – Ман донишҷӯ ҳастам [1, с.127].

Оҳанги саволӣ. Дар ҷумлаҳои содаи дутаркибаи саволии забони чинӣ оҳанг баръакси ҷумлаҳои хабарӣ дар охири ҷумла каме ба боло майл мекунад. Чунин иваз шудани оҳанги ҷумларо дар охири он метавон ба василаи талаффузи махсуси калимаҳо, масалан, калимаи саволии “吗 (ma)” дарк намуд. Ба монанди:

Nǐ shì lǎoshī ma? – Ту муаллим ҳастӣ? [2, с.89].

Оҳанги амрӣ ё дархостӣ. Дар чунин навъи ҷумлаҳо ба монанди ҷумлаҳои содаи дутаркибаи забони тоҷикӣ оҳанги ягонаи он баландтар ва қотеъонатар садо медиҳад.

可 我 不会 游泳啊! – Аммо ман шиноварӣ карда наметавонам! [2, с.101].

Ҳамин тариқ, ҷумлаҳои содаи дутаркиба дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ умумият ва як қатор фарқиятҳоро доро мебошанд. Агар дар сохтор ва ифодаву мавқеъгирии аъзоҳои ҷумла умумияти ягона ба мушоҳида расад, дар оҳанги умумии ин навъи ҷумлаҳо дар забонҳои муқоисашаванда фарқияти ҷиддӣ дида мешавад. Ин ҳолат ба он вобаста аст, ки дар забони чинӣ оҳанг нишондоди асосии тағйир додани маънои калимаҳо маҳсуб меёбад. Аз ин ҷо талаффузи калимаҳои алоҳида дар таркиби ҷумлаҳои содаи забони чинӣ равшан мебошад, дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ талаффузи онҳо оҳанги умумии ҷумларо муқаррар месозад.

Адабиёт

1. *Би Шумин. Асарҳои мунтахаб. Нигоҳи нобино. – Пекин: Нашриёти маркази тарҷума, 2006. – 787 с.*
2. *Би Шумин. Достони Тибет. – Пекин: Ширкати нашр. байнал. фарҳанг, 1987. – 307 с.*
3. *Драгунов А. Грамматика современного китайского языка. – М.: Изд-во АН СССР, 1952. – 240 с.*
4. *Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2010. – 231 с.*
5. *Курдюмов В. Теоретическая грамматика китайского языка. – М.: Восток-Запад, 2005. – 300 с.*
6. *Қосимова М.Н. Ҷаҳони рангини забон. – Душанбе, 2023. – 114 с.*
7. *Манаенкова М.П. Двусоставные признаковые предложения в русском языке. Дисс. канд. фил. наук. – Воронеж, 2000. – 165 с.*
8. *Ниёзмуҳаммадов Б. Ҷумлаҳои сода дар забони ҳозираи тоҷик. – Сталинобод, 1960. – 112 с.*
9. *Норматов М. Забони адабии муосири тоҷик. Синтаксис. – Душанбе, 2011. – 232 с.*
10. *Практическая грамматика китайского языка. – М.: Восточная литература, 1988. – 350 с.*
11. *Самад А. Гардиши девбод. – Душанбе: Адиб, 2007. – 568 с.*
12. *Самад А. Ёр дар бари ёр. – Душанбе: Адиб, 2019. – 192 с.*
13. *Самадов А. Паррончакҳо. – Душанбе, 1963. – 192 с.*
14. *Современный китайский язык. Грамматический очерк. – М.: Наука, 1965. – 200 с.*
15. *Тань Аошуан. Проблемы скрытой грамматики китайского языка. – М.: Наука, 2002. – 280 с.*
16. *Фролова И.И. Двусоставные предложения с семантикой признака в современном русском языке. Дисс. канд. фил. наук. – Тамбов, 2008. – 168 с.*
17. *Яхонтов С. Китайский язык. – М.: Наука, 1965. – 300 с.*

ҶУМЛАИ СОДАИ ДУТАРКИБА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ЧИНӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ А. САМАД ВА БИ ШУМИН)

Дар мақола умумият ва фарқияти сохториву талаффузии ҷумлаҳои содаи дутаркиба дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муайян карда шуд, ки дар забонҳои муқоисашаванда ин навъ ҷумлаҳо аз ҷиҳати сохтор ва иштироки аъзоҳои ҷумла қаробати сохторӣ дошта, ҳамчун аъзоҳои асосӣ мубтадо ва хабар баромад мекунанд. Мавқеи аъзоҳои пайрави ҷумла дар ҷумлаҳои содаи дутаркибаи забони чинӣ нисбат ба ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ нисбатан озод мебошад. Оҳанги ҷумлаҳои содаи дутаркиба дар забонҳои мавриди таҳлил вобаста ба талаффузи калимаҳои дохилии онҳо фарқият дорад. Ин ҳолат, махсусан, дар низоми талаффузии забони чинӣ баръало намоён аст, ки ҳатто оҳанги талаффуз маънои калимаро тағйир дода метавонад. Бар замми ин, дар ҷумлаҳои содаи дутаркибаи ҳарду забон вобаста ба ҳамнишиниии маъноии калимаҳо тобишҳои маъноии гуногунро ошкор намудан имкон дорад.

Калидвожаҳо: ҷумлаи сода, ҷумлаи содаи дутаркиба, забони тоҷикӣ, забони чинӣ, Би Шумин, А. Самад, мубтадо, хабар, аъзоҳои пайрави ҷумла, оҳанг, тобишҳои маъноӣ.

ДВУСОСТАВНОЕ ПРОСТОЕ ПРЕДЛОЖЕНИЕ В ТАДЖИКСКОМ И КИТАЙСКОМ ЯЗЫКАХ (НА ОСНОВЕ МАТЕРИАЛОВ А. САМАДА И БИ ШУМИНА)

В статье рассматриваются сходства и различия в строении и произношении двусоставных простых предложений в таджикском и китайском языках. Установлено, что в сопоставляемых языках данный тип предложений имеют сходство по структуре и по линии участия членов предложения, так как в качестве главных членов выступают подлежащее и сказуемое. Позиция второстепенных членов предложения в двусоставных простых предложениях китайского языка является относительно более свободной по сравнению с таджикским языком. Интонация таких предложений в анализируемых языках различается в зависимости от произношения входящих в них слов. Это особенно ярко проявляется в китайском языке, где тональная характеристика может изменять значение слова. Кроме того, в двусоставных простых предложениях обоих языков в зависимости от семантической сочетаемости слов, могут выявляться различные семантические оттенки.

Ключевые слова: простое предложение, двусоставное простое предложение, таджикский язык, китайский язык, Би Шумин, А. Самад, подлежащее, сказуемое, второстепенные члены предложения, интонация, семантические оттенки.

TWO-MEMBER SIMPLE SENTENCES IN TAJIK AND CHINESE (BASED ON THE MATERIALS OF A. SAMAD AND BI SHUMIN)

The article examines the similarities and differences in the structure and pronunciation of two-member simple sentences in the Tajik and Chinese languages. It is established that in the languages under comparison, this type of sentence shows structural similarities, particularly in terms of sentence components, since the main elements are the subject and the predicate. The position of secondary sentence elements in two-member simple sentences in Chinese is relatively more flexible compared to Tajik. The intonation of such sentences in the analyzed languages varies depending on the pronunciation of the words included in them. This is especially evident in Chinese, where tonal features can change the meaning of a word. In addition, in two-member simple sentences of both languages, different semantic nuances may emerge depending on the semantic compatibility of the words.

Keywords: simple sentence, two-member simple sentence, Tajik language, Chinese language, Bi Shumin, A. Samad.

Дар бораи муаллиф
Ван Хуэйҷуан
Унвончӯи кафедраи таърихи забон ва типология
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
E-mail: 467653061@qq.com

Об авторе
Ван Хуэйцзюань
Соискатель кафедры истории и типологии языка
Таджикский национальный университет
734025, Республики Таджикистан
г.Душанбе, пр. Рудаки, 17
E-mail: 467653061@qq.com

About the author
Wang Huijuan
Aplicant at the Department of History and Typology of Language
Tajik National University
734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki, Ave., 17
E-mail: 467653061@qq.com

ТДУ 811.222.8'367.622.12:811.133.1'161.1

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ПЕШВАНДҲОИ СИФАТСОЗИ «БА-» ВА «НО-» ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ФАРОНСАВӢ ВА РУСӢ

Маликов А. Р.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Забон ба монанди организми зиндаест, ки ҳамеша дар рушду такомули доимӣ қарор дорад. Яке аз ғанитарин ва тағйирёбандатарин қисми низоми воҳидҳои забонӣ ин лексика ё захираи луғавии забон ба шумор меравад. Ба ҳамагон маълум аст, ки рушди илму технология, тағйирот дар ҳаёти ҷамъиятии кишварҳо, робитаҳои тиҷоратӣ ва фарҳангии ҳар халқу миллат, хулоса ҳама гуна рӯйдодҳои ҷомеа дар таркиби луғавии забонҳо инъикос меёбанд.

Бо мурури замон баъзе калимаҳо куҳна шуда, аз истеъмол мебароянд ва баъзеи дигарашон баръакс аз нав пайдо мешаванд. Балабас Наталья Николаевна дар мақолаи хеш зери унвони «Усечение как средство пополнения словарного состава французского языка (на материале современной французской прессы)» қайд менамояд, ки «Баъзе калимаҳо ҳанӯз дар луғатҳо ворид нашудаанд, вале онҳоро дар рӯзномаву маҷаллаҳо дидан мумкин аст» [6, с. 55].

Дуруст аст, ки метавонем бо омӯхтани матбуоти муосир дар мавриди рушди таркибии луғавии забонҳо хулосабарорӣ намоем. Ҳамзамон тадқиқоти раванди калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ аз мадди назари забоншиносони ватаниву хориҷӣ дур наметмонад. Аксарияти таҳқиқотҳо роҷеъ ба калимасозӣ дар охири асри XX ва аввали асри XXI тааллуқ дошта, дар ин давра дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ як қатор корҳои назаррас анҷом дода шудаанд.

Аз ҷониби як қатор муҳаққиқон оид ба калимасозӣ ҳам дар шакли муқоисавӣ ва ҳам дар шакли алоҳидаи забонҳо таҳқиқоти илмӣ ба анҷом расидааст, ки мо метавонем аз баъзеи онҳо ёдоварӣ намоем. Дар забони тоҷикӣ аз ҷониби Рустамов, Ш., Ниёзмуҳаммадов, Б., Ниёзӣ, Ш., Исмоилов, И., Низомова, С.Ф., Рахматуллозода С., Амлоев А. Я., Валиев Ҷ. ва дигарон, аз ҷониби муҳаққиқони рус ба монанди Алахвердиева Л.В., Ю.А. Балыш, Н.М. Клеймёнова ва дигарон дар забони фаронсавӣ бошад нақши забоншиносон Шарл Балли (Charles Bally), Морис Гревис (Morice Grevisse), Жак Дамурет (Jacques Damourette), Эдуард Пишон (Edouard Pichon), Жан Клод-Шувалие (Jean Claude-Chevalier), Мартин Риегел (Martin Riegel), Жан Кристоф Пела (Jean-Christophe Pellat), Рене Риул (René Rioul) ва дигарон бағоят бузург аст.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Асоси маводҳои таҳқиқотии кори моро воҳидҳои луғавӣ ва лексикии аз луғатҳои соҳавӣ ва осори бадеии Садриддин Айнӣ аз ҷумла «Мактаби куҳна», «Одина», Ҷалол Икромӣ «Духтари оташ», Расул Ғамзатов «Доғистони ман». Осори бадеии зикргардида бо забонҳои фаронсавӣ ва русӣ тарҷума гардидаанд, ки мо таҳлили муқоисавии вожаҳои марбут ба кори таҳқиқотии хешро дар ин забонҳо дида баромадем.

Аз оғози кор то анҷом мо аз усули тавсифӣ фаъолона истифода намуда, барои шарҳи хусусиятҳои морфологии пешвандҳои «бе-» ва «но-» ва албатта ҳамзамон аз усули муқоисавӣ барои пайдо кардани муодилҳои он дар забонҳои фаронсавӣ ва русӣ истифода намудаем.

Дар рафти таҳияи мақолаи мазкур муайян гардид, ки осори адибони муосири тоҷик, фаронсавӣ ва рус барои таҳлил ва муқоисаи истифодаи пешвандҳо дар контекстҳои бадеӣ зарур ва саривақтӣ мебошад. Бинобар ин мо кӯшиш намудем то аз осори адибони дар боло номбаршуда мисолу вожаҳои зиёд истифода бурда, дар асоси пайдо намудани муодилҳояшон дар забонҳои фаронсавӣ ва русӣ онҳоро таҳлилу муқоиса намоем.

Ҳамзамон бар возеҳ ва равшан намудани моҳияти мавзуи кори хеш ва пайдо кардани қонуниятҳои муштараку фарқкунанда аз усулҳои «муқоисавӣ-типологӣ, таҳлили сохторӣ-морфологӣ, таҳлили семантикӣ» ва ғайра истифода намудем.

Натиҷаҳо ва муҳокимаҳо. Дар бахши натиҷаҳо ҳаминро қайд карданием, ки пас аз пайдо намудани муодилҳои пешвандҳои «ба-» ва «но-» ва муқоиса кардани онҳо дар забонҳои тоҷикӣ, фаронсавӣ ва русӣ ба натиҷаҳои зерин расидем:

1. Дар рафти таҳияи мақолаи мазкур ба мо муяссар гардид, ки муодилҳои пешванди «ба-»-ро дар забони форонсавӣ ва русӣ пайдо намоем. Муайян гардид, ки барои пешванди «ба-»-и забони тоҷикӣ дар забони форонсавӣ ва русӣ муодили аниқ вуҷуд надошта, вожаҳое, ки пешванди мазкурро дар бар мегиранд, тавассути калимаҳои махсус тарҷума гардидаанд.

2. Оид ба пешванди «но-»-и тоҷикӣ бошад дар забони форонсавӣ калимаҳое ҳастанд, ки тавассути пешвандҳои инкории «in-/im-/il-/ir- /dé-/dés-/mal-» ва ҳамчунин вожаҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки тавассути калимаҳои махсус тарҷума мешаванд. Дар забони русӣ бошад муодилҳои вожаҳое, ки пешванди «но-» доранд тавассути пешвандҳои «не-/без-/бес-» таркиб меёбанд.

3. Оид ба муодилҳои пешванди «ба-» дар забони форонсавӣ муайян карда шуд, ки пешванди мазкур аксар вақт муодили махсус надорад, аммо маънои он тавассути пасвандҳои сифатсози «-eux, -able» сохта мешаванд. Дар забони русӣ бошад ин пешванд бештар тавассути пешванди «при-» ё пасвандҳои сифастсоз ифода мегардад.

Муҳокимаҳо бошанд муайян мекунанд, ки забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар калимасозии сифат бештар ба моделҳои синтетикӣ (бо истифодаи пешвандҳо) такя намуда, дар забони форонсавӣ бошад роҳи аналитикӣ (бо истифода аз пасвандҳо) бештар ба назар мерасад. Мо сабабҳои асосии инро дар тааллуқ доштани забонҳо ба оилаҳои гуногун меҳисобем. Маслан набояд фаромӯш кард, ки бо вуҷуди он, ки забони тоҷикӣ аналитикӣ шуда бошад, ҳам он решаҳои ҳиндуаврупоӣ дошта, дар он модели калимасозии синтетикӣ рушд кардааст. Забони русӣ бошад то имрӯз ҳамчун забони флективӣ – синтетикӣ боқӣ монадааст. Забони форонсавӣ бошад ба мисли забони тоҷикӣ ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил гардида, дар раванди таҳаввулу такомули хеш аз лотинӣ ба форонсавӣ модели калимасозии аналитикиро пеш гирифтааст.

Калимасозӣ дар забоншиносии тоҷику франсуз таърихи муайяни худро дошта, он аз масъалаҳои мубрам ва саривақтӣ ба шумор меравад. Албатта дар доираи як мақолаи илмӣ ҷиҳати ҳама паҳлуҳои калимасозӣ сухан гуфтан ин аз имкон берун буда, мо тасмим гирифтем танҳо дар доираи пешвандҳои сифатсози забонҳои тоҷикӣ ва форонсавӣ дар шакли муқоисавӣ кореро анҷом дода бошем.

Дар хусуси сифат ва калимасозии он муҳаққиқ Маликов А. дар мақолаи хеш зери унвони «Проблема изучения прилагательного и его словообразования в таджикском и французском языках» қайдҳои ҷолиби диққат намуда, оид ба пасвандҳои сифатсоз мухтасар гуфта гузаштааст. Муаллифи мақола ҳамчунин дар хусуси пасванди «-ча» ва хусусиятҳои калимасозии он гуфта гузашта аст [14, с. 84].

Пешвандҳои калимасоз ба монанди пасвандҳо ба сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул ҷудо шуда, мо мавқеъ ва истифодаи баъзе аз онҳоро дар забонҳои мавриди таҳқиқ дида мебароем.

Пешванди «ба-» дар забони тоҷикӣ ба пешвандҳои каммаҳсул дохил гардида, аз исм сифатҳое месозад, ки ба ягон хосияту аломат алоқаманд будани ашёро ифода мекунад. Мисол сифатҳои ***бамаза – délicieux (délicieuse), savoureux (savoureuse), баобрӯй – prestigieux (prestigieuse), honoré (honorée), баинсоф – intègre, équitable, батамкин – posé (posée), pondéré (pondérée), бамаънӣ – sensé (sensée), significatif (signiticative), банамак – charmant (charmante), piquant (piquante)*** ва ғайраҳо ба ин гурӯҳ сифатҳо дохил мегарданд: *«Инак ҳамин Устоназрии чӯбтарош писаре дошт, соҳибҷамол,* ***бамаънӣ****, меҳнатӣ, деҳқон ва боғбони хушҳунар буд» [11, с. 44]. - «Le charpentier Ousta-Nazri avait un fils, un beau garçon* ***intelligent*** *qui aimait le travail et qui était un habile jardinier» [24, с. 54].*

Дар мисоли забони тоҷикӣ сифати «**бамаънӣ**» истифода шудааст, ки аз исми «**маъно**» ва пешванди сифатсози «**ба**-» иборат мебошад. Сифати мазкур ба касе ё чизе ишора мекунад, ки дорои мазмун, моҳият ва арзишҳои фикрӣ мебошад. Ҳангоми тарҷумаи асар мутарҷим сифати «**intelligent**»-ро истифода бурдааст, ки маънои аслии сифати мазкур дар тоҷикӣ «**зирак**» ва «**боақл**» мебошад. Сифати «**intelligent**» вобаста ба ҷинси исм (мардонаю занона) тағйир меёбад. Масалан агар ба ҷойи исми «**писар**» исми «**духтар**» меомад, шакли ҷинси занонаи «**intelligente**» истифода мешуд.

Мисоли дигар: *«-Чӣ хел шудааст, ки аз чунин падари озодаю* ***бамаънӣ*** *ин писари телбаи бетартиб рӯидааст» [18, с. 152]? - «Comment un père aussi soigneux et aussi calme a-t-il pu avoir un fils aussi* ***agité*** *et aussi désordonné» [23, с. 131]? - «*Как могло *получиться, что у такого опрятного,* аккуратного *и спокойного отца мог* родиться такой *суетливый и неорганизованный* сын» *[9, с. 47]*?

Чигунае, ки дар болотар қайд намудем вожаи «бамаънӣ» аз пешванди сифатсози «**ба**-» ва исми «**маъно**» таркиб ёфта, метавонад ҷанбаи ахлоқӣ ва шахсии нафареро нишон диҳад. Аслан сифати мазкур барои нишон додани ашхосе истифода мешавад, ки ӯ инсони бохирад ва боодоб буда, амалҳояш ҳадафнок мебошанд. Дар мисоли мазкур муаллиф дар асоси телбаю бетартиб будани фарзанд, бохираду боодоб будани падарашро бо истифода аз сифати «**бамаънӣ**» исбот менамояд. Дар тарҷумаи фаронсавии ҷумлаи асл муаллиф сифатҳои «**soigneux**» ва «**calme**»-ро истифода бурдааст. Сифати «**soigneux**» аз исми «**soin-диққат, эҳтиёт, ғамхорӣ**» ва пасванди сифатсози «**eux**» таркиб ёфта, дар тоҷикӣ маъноҳои «**бодиққат**, **боэҳтиёт, сариштакор, озода**»-ро медиҳад.

Сифати «**calme**» бошад дар навбати худ ҳам исм ва ҳам сифат истифода мешавад, ки ҳамчун сифат ба тоҷикӣ тарҷумаи «**ором, ботамкин, бовазъ, хомӯш**»-ро медиҳад. Сабаби истифодаи сифати «**calme**» дар тарҷумаи фаронсавии ҷумлаи мазкур дар он аст, ки мутарҷим ҷумларо аз тоҷикӣ нею, балки аз русӣ баргардон кардааст, зеро дар тарҷумаи тоҷикии асар калимаи «**ором**», ки тарҷумааш «**calme**» мебошад, дида намешавад. Дар тарҷумаи русии асар бошад калимаи «**спокойный**» истифода шудааст, ки тарҷумааш ба фаронсавӣ «**calme**» мебошад.

Ҳамчунин дар адабиёти бадеӣ сифати «**банамак**»-ро во хӯрдан мумкин аст, ки ин сифат аз пешванди «**ба**-» ва исми «**намак**» таркиб ёфта, ҳам дар шакли аслӣ (лексикология) ва ҳам дар шакли маҷозӣ (семантикӣ) истифода мешавад. Агар ба маънои аслии калимаи «**банамак**» нигарем он ба ғизо ё таоме ишора мекунад, ки миқдори намакаш кофӣ мебошад. Маънои маҷозии сифати «**банамак**» бошад хусусиятҳои инсонро нишон дода, бештар дар забони адабӣ ва гуфтугӯӣ истифода мешавад. Дар ин ҳолат сифати мазкур маънои «**зебой**» ва ё «**чозиба**»-ро нишон дода, далолат ба шахсе мекунад, ки чеҳраи дилкаш ва ширин дорад: *«Чашмони бодомии сиёҳ, қавоққои баланд, мижгони дароз ва абрӯи пайваста дошт. Ранги пӯсташ сабзинаи **банамак**, овозаш маҳин ва форам, худаш қадбаланди нозукандом буд» [11, с. 88]*. - *«Elle avait de grands yeux noirs en amande, des cils longs et épais, des sourcils bien dessinés, un visage au teint mat et **agréable**, une voix douce, la taille fine. Elle était très belle» [24, с. 107]*.

Дар ҷумлаи мазкур дар забони асл сифати «**банамак**» истифода шуда, дар фаронсавӣ мутарҷим инро бо сифати «***agréable***» тарҷума кардааст, ки агар мо ба маъноҳои сифати «***agréable***» нигарем ба тоҷикӣ тарҷумаи «**гуворо, форам** (дар мавриди обу ҳаво ва овоз)», «**дилкаш, назарраbo** (дар мавриди ифодаи манзара ё чеҳра)» ва ғайраро медиҳад. Яъне мутарҷим то қадри имкон тавонистааст, ки ҳаммаънои сифати «**банамак**»-и тоҷикиро дар фаронсавӣ истифода барад. Агар ба таҳлили дигар қисматҳои ҷумлаи мазкур нигарем маълум мегардад, ки мутарҷим низ ҳангоми баргардон кардани асар аз методҳои образофарии хеш истифода намуда, баъзе калимаҳое, ки дар ҷумлаи асл дида намешаванд, истифода кардааст. Масалан дар забони фаронсавӣ ибораҳои «***de grands yeux noirs en amande***» истифода кардааст, ки тарҷумааш дар тоҷикӣ «***чашмони калони бодомшакл***» шуда, дар ҷумлаи асл калимаи «**калон**» дида намешавад, балки танҳо чашмони бодомӣ истифода шудааст.

Тавассути пешванди «**ба**-» сифатҳои «**батартиб**» ва «**банизом**» сохтан мумкин аст. Вожаи «батартиб» аз нигоҳи сохторӣ ба сифатҳои сохта дохил мешавад, зеро он аз ду ҷузъи асосӣ – пешванди сифатсози «ба-» ва исми «тартиб» таркиб ёфтааст. Сифати «баинтизом» низ аз ду таркиб-пешванди сифатсози «ба-» ва исми «интизом» иборат буда, маънои шахсеро, ки дорои низом ва тартиб аст ва қоидаҳоро риоя мекунад, медиҳад: *«Ӯ зоҳиран ва ботинан ҳамеша **батартиб**, **баинтизом**, саҳеҳкор буд» [18, с. 152]*. *«- Il fut toujours réfléchi, discipliné, précis» [23, с. 131]*. - *«И внешне и внутренне он был всегда собранным, дисциплинированным, точным» [9, с. 47]*.

Агар мо ба таҳлилу муқоисаи ҷумлаҳои мазкур гузарем, маълум мегардад, ки ба тоҷикӣ аз русӣ тарҷума гардидааст, зеро маҳз дар ҷумлаи мазкур мувофиқати тоҷикӣ нисбат ба фаронсавӣ ба русӣ бештар ба назар мерасад. Масалан дар тарҷумаи тоҷикии ҷумлаи мазкур калимаҳои «зоҳиран» ва «ботинан» оварда шудааст, ки онҳо танҳо дар тарҷумаи забони русӣ дида мешавад, аммо дар тарҷумаи фаронсавӣ калимаҳои мазкур вуҷуд надоранд.

Бо пешванди «ба-» сифатҳое сохтан мумкин аст, ки аломат ва хусусияти ашёро мефаҳмонад: «Лабу даҳонаш хеле **базеб** буда, дандонҳои қатори сафедаш ҳар замон дар аснои табассум намуда меистоданд» [11, с. 135]. - «Elle avait une bouche **fraiche** et **charmante**, lorsqu'elle parlait on pouvait voir qu'elle avait des dents très blanches» [24, с. 163-164]. - «У нее очаровательный свежий рот, в улыбке обнажаются **белые** зубы» [10, с. 113].

Аз мисоли мазкур маълум мегардад, ки ба забони фаронсавӣ на аз забони асл (тоҷикӣ), балки аз забони русӣ тарҷума карда шудааст, зеро баъзе калимаҳое, ки дар забони асл вуҷуд надоранд, дар тарҷумаи фаронсавию русии онҳо ба назар мерасанд. Масалан, дар қисмати забони тоҷикӣ калимаҳои «**fraiche** – тоза, тару тоза» ва «**charmante –** дилрабо», ки ҳарду дар тарҷумаи русӣ ва фаронсавӣ мавҷуданд, дида намешавад. Ҳамчунин сифати «базеб», ки маҳз ба хотири ин сифат ҷумларо барои муқоиса гузоштаем, дар тарҷумаи русӣ ва фаронсавии асар дида намешавад.

Дар забон ва адабиёти тоҷик бо пешванди «ба-» вожаи «бароҳат» низ сохта мешавад. Ин вожа аз пешванди «ба-» ва исми «роҳат» иборат буда, калимаи роҳат аз арабӣ иқтибос шуда, маънояш осоиш, фароғат ва оромӣ мебошад*: «Бигзор хонаи ман тирезаҳои калон калони офтобрӯя ҳам дошта бошаду гӯшаҳои **бароҳати** соярав ҳам» [18, с. 189]. - «Que dans mon appartement il y ait de grandes fenêtres ensoleillées, mais qu'il y ait aussi de* ***modestes*** *coins d'ombre» [23, с. 161]. - «**Пусть в моей квартире будут большие солнечные окна, но пусть в ней будут и тенистые укромные уголки»** [9, с. 58]***.***

Дар ҷумлаи мазкур вожаи «**бароҳат**» ҳамчун сифат истифода шуда, маънои чизе, ки дар он одам худро озод ва осуда ҳис мекунад-ро медиҳад.

Агар таҳлилу муқоисаи ҷумлаи мазкурро дар забони фаронсавию тоҷикӣ баррасӣ намоем, маълум мегардад, ки дар забони фаронсавӣ вожаи «бароҳат»-и тоҷикӣ, ки тарҷумааш тавассути сифатҳои «**confortable, commode, aisé, agéable»** ифода мегардад, дида намешавад. Дар фаронсавӣ ба ҷойи сифатҳои номбаршуда вожаи «**modeste**» истифода шудааст, ки маънояш дар тоҷикӣ «**хоксор, фурутан**» аст. Дар рафти таҳқиқот барои пайдо кардани вожаи дурусти ҳаммаънои сифати «**бароҳат**» моро зарур омад то ба тарҷумаи русии ҷумлаи мазкур нигарем. Дар тарҷумаи русии ҷумлаи мазкур ба ҷойи вожаи «**бароҳат**» сифати «**укромные**» истифода шуда, дар тоҷикӣ маънои «**хилват**, **ором**»-ро медиҳад. Агар мо ибораи «**укромные уголки**»-ро ки дар русӣ омадааст тарҷума намоем чунин маъно медиҳад: «**гӯшаи хилват, ҷойи пинҳон**».

Бо пешванди «**ба**-» вожаи «**баобрӯй**» сохтан мумкин аст, ки ин вожа аз пешванди сифатсози «ба-», исми «**обрӯ**» ва пасванди калимасози «**-й**», ки бештар дар сохтани сифат аз исм хизмат мекунад, иборат аст. Дар забон ва адабиёти тоҷик сифати «баобрӯй» ба маънои **шахсе, ки дар байни мардум эътибор, ҳурмат ва манзалати баланд** дорад ё ин, ки ба маъноҳои **муътабар, соҳибиззат** истифода мешавад: *«- Маслиҳати бечо не, - гуфт хоҳари зани машкоб. – Ман Оймуллои Танбӯрро мешиносам, занаки **баобрӯй**, ба давлатхонаҳои калон рафтуомад дорад» [11, с. 186]. «- C'est un bon conseil, dit Zarifa. Oïmoullo- Tanibour est une femme* ***respectable****. Elle est reçue dans les meilleures maisons» [24, с. 224].*

Вожаи «**respectable**» аз исми «**respect-эҳтиром, иззат**» ва пасванди сифатсози «**-able**», ки дар забонҳои романӣ ва англисӣ ба гурӯҳи пасвандҳои серистеъмол дохил мешавад, таркиб ёфтааст. Яке аз хусусиятҳои асосии пасванди «**-able**» ин ба реша маънои «қобилият, имконият ё шоистагӣ»-ро зам кардан мебошад. Яъне мутарҷим барои ҳаммаънои сифати «баобрӯй»-и забони тоҷикӣ дар тарҷумаи фаронсавӣ муодили дурустро истифода кардааст.

«Гумон доштам, ки ин овозҳоро ҳамин тарз сахт ва **башиддат** талаффуз бикунам, таъсирашон зиёдтар мешавад» [18, с. 72]. «- Il me semblait qu'en disant ces mots de manière aussi abrupte, aussi **tendue**, l'impression produite était beaucoup plus forte» [23, с. 66]. «- Мне казалось, что при таком резком**, напряженном** произношении этих звуков получается больше впечатления» [9, с. 22].

Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои мазкур ба мо имкон медиҳанд, ки вижагиҳои семантикӣ ва морфологии онҳоро дар ҳарсеи забон дида бароем. Дар ҷумлаи тоҷикӣ вожаи «башиддат» истифода шуда, аз пешванди «ба-» ва исми «шиддат» таркиб ёфта, ҳамчун сифат ё зарфи тарзи амал истифода мешавад.

Ин дар фаронсавӣ тавассути калимаи «**tendue** - шиддатнок» ва дар русӣ тавассути калимаи «**напряженный – пуршиддат, шиддатнок**» тарҷума гардидааст, ки дар ҳарсеи забонҳои маънои калимаҳо ба ҳам мувофиқат мекунанд.

Бо пешванди **«ба-»** ва исми «қувват», ки аз забони арабӣ иқтибос шуда, маънои «зӯр, неру ва тавоноӣ»-ро дорад, сифати аслӣ сохтан мумкин аст. Мисол: *«Турк дар ҳақиқат **бақуввати** ва чолок будааст» [18, с. 75]. «- Ce dernier (Turc) était très habile» [23, с. 69]. - «Турок действительно был **силен** и ловок» [9, с. 23].*

Дар ҷумлаи тоҷикӣ сифати бақувват истифода шуда, дар фаронсавӣ муродифи он ба куллӣ дида намешавад, аммо дар забони русӣ бошад ин калима бо вожаи «**силен**» истифода шудааст, ки ба тоҷикӣ маънои «**бақувват**»-ро дода метавонад. Агар мо ҷумлаи фаронсавиро

тарҷумаи таҳтуллафз намоем, чунин тарҷума мешавад: «Ин охирин (Турк) хеле чолок буд». Шояд дар забони тоҷикӣ ва форонсавӣ ин ҷумла аз русӣ тарҷума шуда бошад, аммо мутарҷимони тоҷик нисбат ба мутарҷимони форонсавӣ ба тарҷумаи асл ва образнок намудани ҷумлаҳо ҳангоми баргардон асолатро бештар нигоҳ медоранд.

Пешванди сифатсози «ба-» дар сохтани вожаи «бақадртар» иштирок карда, ин вожа дар забони тоҷикӣ ба калимаҳои сохта дохил шуда, ҳамчун дараҷаи қиёсии сифат истифода мешавад. Таркиби вожаи мазкур аз пешванди «ба-», исми «қадр», ки аз арабӣ иқтибос гардида, маънои эътибор, арзиш-ро дорад ва пасванди дараҷасози «-тар» иборат мебошад. Мисол: «Мавзуе ҳаст монанди ибодат, ҳар қадар такрор шавад, ҳамон қадар **бақадртар**, олитар ва бойтар мегардад» [18, с. 120]. - «Il est un thème qui, comme une prière, plus il se répète et **plus il a de valeur**, plus il s'élève, plus il devient riche» [23, с. 105].

Гарчанде, ки мутарҷим ба ҷойи сифати «бақадр» дар форонсавӣ исми «**valeur**» истифода намудааст, аммо ба ҳар ҳол тавонистааст барои муродифи сифати бақадр тавассути истифодаи исм ба маъно наздикӣ ё равшанӣ андозад.

Пешванди «но-». Пешванди «**но-**» низ яке аз пешвандҳои серистеъмоли забони тоҷикӣ буда, дар калимасозии сифат ба таври васеъ истифода мегардад. Пешванди мазкур мисли пешванди «бе-» молик набудани ашё ва предметро ба ҳолату хусусияти чизе ё шахсе ифода мекунад. Дар забони форонсавӣ пешванди «in-» яке аз сермаҳсултарин пешвандҳои калимасоз ба ҳисоб рафта, метавонад муодили мутсақими пешванди «но-»-и тоҷикӣ бошад. Пешванди «in-» дар забони форонсавӣ аз лотинӣ гирифта шуда, маънои инкор ё мухолифатро дар сифатҳо нишон медиҳад. Пешвандҳои тоҷикӣ ва форонсавии «**но-**» ва «**in-**» аслан бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ омада, дар сохтани сифатҳои аслӣ ба монанди *нолоиқ – indigne/inapte, ношоиста – indecent/inapproprié, ноодам – inhumain, ноинсоф – injuste/malhonnête, номард – lâche/indigne d'un home, ночиз – insignificant/négligeable, ноком – malheureux/qui a échoué, нобаробар - inégal, номаълум – inconnu, нодуруст – incorrect, ноҳамвор – rugueux / irrégulier, нофорам - désagréable* ва ғайра нақши муҳим доранд. Мисол: *«Аммо падари ман як дараҷа дағал ва сахтгап буд, ӯ корҳои ба худаш **номақбулро** бо суханҳои сахт ва талх фош мекард ва аз ранҷидани тарафи муқобил ҳеҷ парво надошт» [2, с. 62]. - «Quant à mon père, c'était un homme entier, qui allait droit au but. Si quelque chose ne lui plaisait pas, il exposait ses critiques de la façon la plus directe, sans s'occuper des réactions de son interlocuteur» [21, с. 63].*

Дар мисоли мазкур сифати «**номақбул**» истифода шуда, муаллиф вожаи мазкурро дар нишон додани хислати падари хеш ва муносибати падарашро нисбат ба атрофиён тасвир кардааст. Дар забони тоҷикӣ вожаи «номақбул» тобиши расмӣ ва ахлоқӣ дошта, муаллиф таъкид менамояд, ки падараш на танҳо он чизеро, ки дӯст намедошт, балки он чизеро, ки аз назари ӯ «**нодуруст**» ва ё «**номуносиб**» буд, танқид мекард. Вақте ба тарҷумаи форонсавии ҷумлаи мазкур менигарем, мутарҷим дар ин забон ибораҳои «*Si quelque chose ne lui plaisait pas*» оварда, тавассути ибораҳои мазкур ба эҳсоси шахсӣ ва табъи падари муаллифи асар ишора мекунад. Агар мо ҷумлаи тарҷуманамудаи мутарҷимро тарҷумаи таҳтуллафз намоем чунин маъно медиҳад: «Агар чизе ба ӯ писанд намеомад». Яъне тафовут байни вожа ва ибораҳои истифодашуда дар забонҳои мавриди таҳқиқ дар он аст, ки вожаи «**номақбул**» дар забони тоҷикӣ як навъ баҳодиҳиро нишон диҳад, дар забони форонсавӣ феъли «plaire» дар шакли инкории «**ne pas plaire – писанд наомадан, маъқул нашудан**» бештар ба майлу хоҳиши шахсӣ алоқаманд мебошад. Яъне аз тарҷумаи форонсавии ҷумлаи асл бармеояд, ки мутарҷим ба ҷойи ҷустуҷӯи муодили дақиқи луғавии вожаи «**номақбул**», кӯшиш намудааст, ки асолати ҷумлаи аслро нигоҳ дошта, дар форонсавӣ тавассути ибораи мазкур барои хонандаи форонсавӣ дар фаҳмиши тарҷума осонӣ ва содагиро пешниҳод кунад.

Пешванди «**но-**» ва исми «**фармон**» сифати «**нофармон**» сохта, калимаи мазкур бештар бо исмҳои ҷондор истифода шуда, маънои касеро дорад, ки аз фармон ва ё дастур сарпечӣ мекунад. Садриддин Айнӣ пешванди «**но-**»-ро мавриди истифода қарор дода, онро дар осори хеш барои нишон додани исмҳои беҷон низ истифода бурдааст. Мисол: *«Чашм мекушоед: як тараф чашма, чамани лолаи сурху сафед, зард ва **нофармон** шукуфта, тарафи дигар шохҳои дарахтони худрӯи кӯҳӣ, чормағз ва писта ба якдигар печидаанд…»[1, с.27]*. - *«Ouvrez vos yeux: là s'étendent des prairies de tulipes, poussant **dru**, rouges, blanches, et jaunes; de l'autre côté s'étendent les branches des arbres sauvages, des genévriers, des tamaris, des noyers et des pistachiers» [21, с.233].*

Тарҷумони фаронсавӣ барои пайдо кардани муодили фаронсавии вожаи «**нофармон**» аз калимаи «**dru**» мавриди истифода қарор додааст, ки он дар забони фаронсавӣ бештар барои тасвири растаниҳо истифода шуда, маънои «**зич, анбӯҳ**»-ро медиҳад.

Бо пешванди «**но-**», вожаи «**фаҳм**» ва пасванди сифатсози «-о» сифати «**нофаҳмо**» сохта шуда, ин сифат қобилият ва хусусияти чизеро дар шакли инкорӣ нишон медиҳад. Аслан маънои вожаи «нофаҳмо» ба чизе ё каломе ишора мекунад, ки дарки он душвор ва маъноияш норавшан мебошад. Мисол: *«Агар забонам вайрон шавад, тумтароқ, **нофаҳмо**, дилгиркунанда бошад, хулоса, агар забонамро вайрон бикунам, дар зиндагӣ ба ман аз ин рӯзи сахттаре нахоҳад шуд» [18, с.71]. - «Si mon langage dégénère, s'il devient froid, **incompréhensible** et ennuyeux, en un mot si je le détériore, rien de plus terrible ne pourrait alors m'arriver» [23, с. 66]. - «Если же испортится мой язык, сделается холодным, **непонятным** и скучным — одним словом, если я испорчу мой язык, страшнее этого в жизни для меня ничего не будет» [9, с. 22].*

Мутарҷим дар тарҷумаи тоҷикии ҷумлаи мазкур вожаи «**нофаҳмо**»-ро мавриди истифода қарор дода, он дар забони фаронсавӣ бо вожаи «**incompréhensible**» тарҷума гардидааст, ки калимаи мазкур аз нигоҳи сохтор ба калимаи тоҷикии «**нофаҳмо**» хеле наздикӣ дорад. Таркиби калимаи мазкур аз пешванди инкории «**in-**», пешванди ифодакунандаи ҳамроҳии «**com-**», решаи калимаи «**préhens**» ва пасванди сифатсози «**-ible**» иборат мебошад.

Дар забони русӣ бошад мутарҷим аз вожаи «**непонятным**» истифода намуда, таркиби вожаи мазкур аз пешванди инкории «**не-**» (муодили пешванди «**но-**» дар тоҷикӣ), пешванди иловагии мукаммалсози «**по-**», решаи калима «**-ня-**», пасванди феълии «**-т-**», ки барои сохтани сифати феълӣ аз буни феъл аст, пасванди сифатсози «**-н-**» ва охирчаспаки «**-ым**», ки дар забони русӣ ҷинс, шумора ва падежро ифода мекунад, таркиб ёфтааст. Хулоса дар тарҷумаи русии ҷумлаи мазкур маълум мегардад, ки мисли калимаи «**incompréhensible**»-и забони фаронсавӣ ва «нофаҳмо»-и тоҷикӣ вожаи русии «**непонятный**» дар асоси мафҳуми «нагирифтан, ё қабул накардани маъно бо ақл» сохта шудааст.

Ҳамчунин пешванди «но-» ва исми «чиз» сифати «ночиз» сохта, маънои «камбаҳо, беарзиш, ҳақир»-ро медиҳад. Вожаи макур дар забонҳои дигари ҳиндуаврупоӣ муодилҳои сохтории худро доро буда, мафҳуми «ҳеҷ» ва ё «нест»-ро ифода мекунад. Мисол: *«Оре, ман касонеро дидаам, ки забони модарӣ ба чашмашон камбағал, **ночиз** намуда, ба ҷустуҷӯи забони бою бузургтаре камар баста буданд» [18, с.78]. - «**Oui, j'ai vu des gens pour qui la langue maternelle est pauvre, trop étroite et c'est pourquoi ils sont allés en chercher une autre, plus riche, plus vaste» [23, с.71].** - «*Да, *я видел таких* людей, для *которых* родной *язык беден и **мал**, и вот они отправи*лись искать *себе другой, богатый и большой язык» [9, с.24].*

Мутарҷим дар тарҷумаи фаронсавии ҷумлаи мазкур аз ибораи «**trop étroite**» истифода бурда, дар ҳоле, ки калимаи «**insignifiant**» маънои «**нофаҳмо**»-ро дода метавонад. Ибораи «**trop étroite» аз зарфи миқдории «trop – аз ҳад зиёд, беш аз меъёр»** ва сифати **«étroite»** дар ҷинси занона таркиб ёфта, агар онро тарҷумаи таҳтуллафз намоем тарҷумаи «ниҳоят танг, хело зич»-ро медиҳад.

Дар забони русӣ бошад мутарҷим аз калимаи «**мал**» истифода намуда, ин вожа дар забон шакли кӯтоҳи сифати «**малый**» буда, он ҳангоме истифода мегардад, ки сухан дар бораи андоза ё ҳаҷми нокофӣ ва номувофиқ равад.

Пешванди инкории «но-» бо исми «дон», ки аз буни ҳозираи феъли «донистан» сарчашма мегирад, сифати «нодон» сохта, маънои аслии «касе, ки намедонад»-ро медиҳад. Мисол: *«Шукӯҳи замона маро мафтун кард, чунон ки духтари соҳибҷамол ҷавони **нодонро** шефта месозад» [18, с. 102]. - «L'esprit de l'époque m'a aveuglé comme une belle jeune fille aveugle un homme fort jeune et **fort sot**» [23, с. 92]. - «Блеск времени ослепил меня, как красивая* девушка *ослепляет **глупого** парня» [9, с. 32].*

Дар забонҳои фаронсавӣ ва русӣ вожаҳое ҳастанд, ки маҳз тарҷумаи калимаи «нодон»-ро дода метавонанд. Дар забони фаронсавӣ ин вожаи «ignorant» буда, аз забони лотинии «in-«но»+gnoro «донистан» сарчашма гирифта, дар тоҷикӣ маънои «нодон»-ро медиҳад. Дар забони русӣ бошад ин вожа тавассути калимаи «невежда», ки аз пешванди инкории «не-но+решаи ведать-донистан» гирифта шудааст, ки ҳамчун муодили вожаи «нодон» метавонад истифода гардад.

Пешванди «но-» ва исми «чиз» сифати «ночиз» сохта, вожаи мазкур имрӯз ба маънои зиёд ба монанди «камбаҳо, беарзиш, хурд, андак, ҳақир ва фурӯтан» истифода мешавад. Мисол: «Муҳаббати ман хоҳ бузург бошад, хоҳ ночиз, ҳақиқати ман хоҳ бузург бошад, хоҳ

ночиз, ҳиссиёти ман хоҳ куҳна бошад, хоҳ нав, ман дар ҳаққи ту қалам меронам, Доғистон» [18, с.122]. - «Que mon amour soit immense ou minuscule, que ma vérité soit profonde ou superficielle, que mes sentiments soient nouveaux ou très anciens, c'est toujours de toi que je parle, Daghestan» [23, с.107]. - «Велика любовь моя или очень мала, мелка моя правда или глубока, стары или современны мои чувства, но я пишу о тебе, Дагестан» [9, с.38].

Мутарҷим дар тарҷумаи тоҷикии ҷумлаи мазкур аз сифати сохтаи «ночиз» истифода бурда, тавассути он арзишманд ва беарзиш будани муҳаббаташро нисбат ба ватанаш муқоиса кардааст. Дар тарҷумаи забони фаронсавии ҷумлаи мазкур бошад барои муодили вожаи «ночиз» калимаҳои «minuscule – хеле хурд» ва «superficielle – сатҳӣ, сабук»-ро истифод намудааст, ки на ба тарҷумаи тоҷикӣ ва на русии ҷумлаи мазкур мувофиқат намекунад.

Дар тарҷмаи русии ҷумлаи мазкур бошад мутарҷим аз вожаҳои «мала - хурд» ва «мелка – камҳудуд, на он қадар амиқ» истифода намудааст. Яъне баъзе ҳолатҳоро вохурдан мумкин аст, бинобар сабаби пайдо накардани муодилҳои забонӣ калимаҳое истифода мебаранд, ки маҷозан ба маънои асл наздикӣ дошта бошад.

Пешванди «но-» дар якҷоягӣ бо буни ҳозираи феъли «намудан», ки маънои «дидан» ё «зоҳир шудан»-ро медиҳад ва пасванди сифатсози «-ён» якҷо шуда, сифати «нонамоён» месозад, ки хусусияти доимии ашё ё ҳолатро нишон медиҳад. Мисол: «Падари ман чизи аз ҳад равшани чашмхиракунанда ва аз ҳад тираи ба чашм нонамоёнро намеписандид» [18, с. 158]. - «Mon père n'aimait pas ce qui brillait trop et éblouissait, il n'aimait pas non plus ce qui était sombre et impénétrable» [23, с. 136]. - «Мой отец не любил ослепительно-яркого, не любил непроглядно-темного» [9, с. 49].

Дар тарҷумаи ҷумлаи тоҷикӣ сифати «нонамоён» истифода шуда, мутарҷим дар забони фаронсавӣ онро тавассути вожаи «**impénétrable**» тарҷума кардааст, ки ин вожа бештар аз нигоҳи сохторӣ ва маъноӣ яке аз вожаҳои мураккаб ва пурмазмун ба шумор рафта, аксар вақт дар матнҳои илмӣ, фалсафӣ ва адабӣ барои ифода кардани мафҳуми «дастнорасӣ» ва «амиқ» будани чизе истифода бурда мешавад.

Таркиби вожаи мазкур аз пешванди инкории «**im-**», решаи «**pénétr (аз феъли pénétrer-нуфуз кардан)**» ва пасванди сифатсози «**-able**» иборат мебошад. Ногуфта намонад, ки пайдоиши пешванди инкории «**im-**» аз варианти «in-», ки пеш аз ҳарфи «р» ба «**im-**» табдил меёбад, сарчашма мегирад. Дар тарҷумаи русии ҷумлаи мазкур бошад, вожаи «**непроглядно**» исифода бурда шудааст, ки он аз пешванди инкории «не-»-и муодили пешванди тоҷикии «но-» ва пешванди «про-» дар якҷоягӣ бо решаи калимаи «-гляйд-»+пасванди сифатсози «-н» ва пасванди зарфсози «-о» иборат аст, ки маънои «торикии мутлақ»-ро медиҳад.

Хулоса дар забоншиносӣ калимасозӣ таърихи пурғановати хешро доро буда, солҳои охир ба ҳайси яке аз мавзуъҳои мубрам ва қобили қабули муҳаққиқон масъалаҳои гуногунро дар ин росто мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Масалан дар забонҳои тоҷикӣ, фаронсавӣ ва русӣ дар шакли алоҳидагӣ як қатор корҳои назаррас оид ба масоили калимасозӣ ба анҷом расида, ҳануз ҳам аз ҷониби муҳаққиқон мавзуъҳои гуногун дар шакли муқоисавӣ низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта истодаанд. Моро зарур аст дар ин росто корҳои назаррасро ба итмом расонида, пешвандҳои калимасози забони модарии хешро дар муқоиса бо забонҳои дигари хориҷӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва муқоиса қарор диҳем.

Адабиёт

1. *Айнӣ С. Одина / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1988. - 163 с.*
2. *Айнӣ С. Мактаби куҳна. Повест / С. Айнӣ. – Душанбе: Истиқбол, 2010. – 56 с.*
3. *Албер Камю. Бегона / Л. Албер. – Душанбе: Девайтич, 2007. – 150 с.*
4. *Амлоев А. Я. Словообразование имён существительных в художественной прозе Фазлиддина Мухаммадиева [Текст]:Дисс.канд. фил. наук. – Душанбе, 2014.- 229 с.*
5. *Балабас Н.Н. К вопросу о префиксальном способе словообразования в современном французском языке (на материале аутентичной прессы и словарных дефиниций толковых словарей)/ Н.Н. Балабас//Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки. – 2015. – № 9. – С. 300 – 303.*
6. *Балабас Н.Н. Усечение как средство пополнения словарного состава французского языка (на материале современной французской прессы). Вестник МГОУ. Серия « Лингвистика ». 2015. № 3. М. Изд-во МГОУ, С.54–60.*
7. *Валиев Ҷ.А. Калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад. – Душанбе: ДДОТ, 2024. – 202 с.*
8. *Гак В.Г. Сравнительная типология французского и русского языков, М.: Просвещение, 1989. – 288 с.*

9. *Гамзатов Р. Мой Дагестан / Р. Гамзатов. – Москва: Художественная литература, 1985. – 92 с.*
10. *Икрами Дж. Дочь огня / Дж. Икрами. – Москва: Известия, 1985. – 455 с.*
11. *Икромӣ Ҷ. Духтари Оташ / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 557 с.*
12. *Исмоилов, И. Мавқеи суффикси –она дар калимасозии зарф [Матн]:И. Исмоилов// Мактаби советӣ.-1964.-№2. – С.13-16;*
13. *Катагощина Н.А. Как образуются слова во французском языке. М.: КомКнига, 2006. 112 с.*
14. *Маликов А.Р. Проблема изучения прилагательного и его словообразования в таджикском и французском языках /А.Р. Маликов // Вестник педагогического университета. – Душанбе – 2025. – №1 (114). – С. 81-89.*
15. *Ниёзӣ, Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ / Ш. Ниёзӣ. – Сталинобод: Нашр. АФ РСС Тоҷ., 1954. – 50 с.*
16. *Ниёзмуҳаммадов, Б. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ. Фонетика ва морфология. [Матн]: Иборат аз 2 қисм/ Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ, Л. Бузургзода.Қ.1.- Сталинобод: Нашриёти давлатии адабиёти таълимӣ-педагогии Тоҷикистон, 1959. – 108 с.*
17. *Низомова, С.Ф. Калимасозии сарфӣ дар "Хамса"-и Низомии Ганҷавӣ [Матн] :С.Ф. Низомова.- Душанбе, 2002. – 180 с.*
18. *Расул Ғамзатов. Доғистони ман. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 300 с.*
19. *Рахматуллозода С. Словообразования имён существительных в южных и юго-восточных говорах таджикского языка/ С. Рахматуллозода. – Душанбе, 2016. – 239 с.*
20. *Рустамов, Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн]: / Ш. Рустамов. – Душанбе, 1972. – 76 с.*
21. *Aïni S. La mort de l'Usurier. Nouvelles Traduites du tadjik et du russe par S. Borodine et V. Voinot. Les éditeurs français réunis 24, rue Racine. – Paris (VIe) 1957. – 70 p.*
22. *Albert Camus. L'Etranger / C. Albert. – France: Gallimard, 1942. – 145 c.*
23. *Gamzatov R. Mon Daghestan / R. Gamzatov.– Moscou: Edition du Progrès, 1971. – 253 p.*
24. *Ikrami Dj. La Fille du Feu/ Dj. Ikrami.– Moscou: Édition progrès, 1966. – 608 c.*

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ПЕШВАНДҲОИ СИФАТСОЗИ «БА-» ВА «НО-» ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ФАРОНСАВӢ ВА РУСӢ

Калимасозӣ яке аз роҳҳои ғанӣ гардонидани захираи луғавии забон маҳсуб меёбад. Рушди захираи луғавии забонҳои ҷаҳон, бахусус, ба чунин роҳҳо вобастагии сахт дорад. Забон баробари рушди ҷомеа рушд мекунад ва мардум бошад барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти хеш калимаҳои зиёдеро тавассути роҳҳои гуногун истифода мебаранд. Пешвандҳои калимасоз дар забонҳои мавриди таҳқиқ ба сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул дохил гардида, муаллиф то қадри имкон кӯшиш ба харҷ додааст аз байни онҳо пешвандҳои сермаҳсули забони тоҷикиро интихоб намуда, онҳоро ба фаронсавӣ ва русӣ таҳлилу муқоиса намояд. Тафовут ва монандиҳои пешвандҳои «ба-» ва «но-» дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар асоси мисолҳои муътамад аз адабиёти бадӣ нишон дода шуда, муодилнокӣ ва бемуодилии онҳо низ баъзан мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф барои муайян кардани мавқеъ ва истифодаи пешвандҳои забонҳои мавриди таҳқиқ кӯшиш намуда, онҳоро ҳам дар забони асл ва ҳам дар тарҷумаҳои аз забони фаронсавӣ ва русӣ баргардонишуда муқоиса кардааст.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, сермаҳсул, бемаҳсул, муқоиса кардан, таҳлил, тарҷума кардан, забони асл, муайян кардан, фарқият, монанд будан.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ ПРЕФИКСОВ «БА-» И «НО-» В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ И ИХ ЭКВИВАЛЕНТОВ В ФРАНЦУЗСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

Словообразование считается одним из основных способов обогащения словарного запаса языка. Развитие лексического состава мировых языков во многом зависит именно от этого процесса. Язык развивается параллельно с развитием общества, и люди, стремясь удовлетворить свои коммуникативные потребности, создают и используют множество новых слов различными способами. Словообразовательные префиксы в исследуемых языках делятся на продуктивные, малопродуктивные и непродуктивные. Автор по мере возможности постарался выбрать из них наиболее продуктивные префиксы таджикского языка, чтобы провести их сравнительный анализ с французским и русским языками. Различия и сходства префиксов «ба-» и «но-» в таджикском и французском языках показаны на основе достоверных примеров из художественной литературы. Также в некоторых случаях анализируется наличие или отсутствие прямых эквивалентов данных префиксов при переводе. Автор предпринял попытку определить место и особенности употребления префиксов в исследуемых языках, сопоставляя их как в языке оригинала, так и в переводах с французского и русского языков.

Ключевые слова: словообразование, продуктивный, непродуктивный, сравнивать, анализ, переводить, язык оригинала, определять, различие, сходство.

COMPARATIVE ANALYSIS OF ADJECTIVAL PREFIXES "BA-" AND "NO-" IN THE TAJIK LANGUAGE AND THEIR EQUIVALENTS IN FRENCH AND RUSSIAN

Word formation is considered one of the primary methods for enriching a language's vocabulary. The development of the lexical stock of world languages depends heavily on this process. Language evolves alongside society, and as people seek to satisfy their communicative needs, they create and utilize a vast number of new words through various means. Word-forming prefixes in the languages under study are categorized as productive, semi-productive, and unproductive. The author has endeavored to select the most productive prefixes of the Tajik language to conduct a comparative analysis with their counterparts in French and Russian. The differences and similarities between the prefixes "ba-" and "no-" in the Tajik and French languages are demonstrated using reliable examples from belles-lettres (fiction). Additionally, the analysis occasionally addresses the presence or absence of direct equivalents for these prefixes during the translation process. The author attempts to determine the role and specific usage patterns of these prefixes in the target languages, comparing them in the original texts as well as in translations from French and Russian.

Keywords: word formation, productive, unproductive, compare, analysis, translate, original language, define, difference, similarity.

Дар бораи муаллиф
Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович
Номзади илмҳои филологӣ, и.в.дотсенти кафедраи забони франсавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: kafedra.usnt@mail.ru

Об авторе
Маликов Абдулвохид Расулджонович
Кандидат филологических наук, и.в.доцента кафедры французского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: kafedra.usnt@mail.ru

About the author
Malikov Abdulvohid Rasuljonovich
Candidate of Philological Sciences, a.p. of docent at the Department of French language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: kafedra.usnt@mail.ru

ТДУ 81’373.7:[811.222.8+811.133.1]

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ БАЪЗЕ АЗ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ ПОВЕСТИ «ОДИНА»-И САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

Ҳакимова Р. Р.
Донишгоҳи инноватсия ва технологияи рақамии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар замони муосир, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ ва муколамаи фарҳангҳо вусъат ёфта истодаанд, дар баробари ин омӯзиши бевоситаи муқоисавии низомҳои забонӣ аҳаммияти хоса пайдо кардааст. Дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун унсури калидии перемиология, на танҳо захираи луғавии забонҳоро ғанӣ мегардонанд, балки инъикосгари руҳия, ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи бисёрсолаи таърихии халқу миллатҳои соҳибзабон ба шумор мераванд. Таҳлили муқоисавии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ба мо имкон медиҳад, ки муштаракот ва тафовутҳои забонии ду халқи аз нигоҳи ҷуғрофи дур, вале аз нигоҳи решаҳои забонӣ наздикро муайян намоем.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Маводҳои асосии таҳқиқоти мазкурро зарбулмасалу мақолҳои забони тоҷикӣ ва муқоисаи фаронсавии онҳо дар асоси повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ ташкил намуда, баъзе аз зарбулмасалу мақолҳои повести мазкур дар ду забон таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Муқоисаи тарҷумаи зарбулмасалҳо нишон медиҳад, ки дар рафти тарҷума мутарҷим то кадом дараҷа муодилҳо ва эквивалентҳои фарҳангиро нигоҳ дошта, зарбулмасалу мақолҳои забони фаронсавиро истифода бурдааст.

Оид ба усулҳои таҳқиқот бошад қайд карданием, ки дар мақолаи мазкур аз усули қиёсӣ-типологӣ истифода шуда, он барои муайян кардани монандиҳо ва тафовутҳо дар сохтор, маъно ва вазифаи зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ хизмат мекунад.

Ҳамчунин аз усули қиёсӣ-таърихӣ истифода шудааст. Ин усул барои муайян кардани он хизмат мекунад, ки Садриддин Айнӣ чи гуна дар повести мазкур аз зарбулмасалу мақолҳои халқӣ истифода намуда, онҳоро ба матни таърихии аввали асри XX ва саргузашти зиндаи Одина мутобиқ намудааст.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Ҳангоми таҳлилу муқоисаи зарбулмасалу мақолҳои повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ бо муодилҳои фаронсавии онҳо, диққати асосӣ ба ҷанбаҳои фарҳангӣ, рӯзгор ва тасвирҳои бадеӣ равона гардидаанд. Таҳлили муқоисавии мо нишон медиҳад, ки зарбулмасалу мақолҳо дар повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ ва муодилҳои фаронсавии онҳо ба якчанд категорияҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Ба қисми якум категорияҳои иҷтимоӣ ва синфӣ дохил гардида, дар он зарбулмасалу мақолҳо дар бораи зулму ситам ва нобаробарӣ, муносибати бой бо камбағалон истифода гардидаанд;
2. Категорияи дуюм ин ахлоқӣ ва маънавӣ буда, дар он бо истифода аз зарбулмасалу мақолҳо сабр, вафодорӣ, дӯстӣ ва хиёнат ба назар гирифта шудааст.
3. Категорияи сеюм бошад тақдир ва қисматро дар бар гирифта, зарбулмасалу мақолҳои ин қисмат мафҳумҳои динӣ ва фалсафиро дар бар мегиранд.

Муҳокимаҳо бошанд нишон медиҳанд, ки Садриддин Айнӣ барои тасвири реалистии ҳаёти кӯҳистониёни тоҷик аз фолклори маҳаллӣ ба таври васеъ истифода намудааст.

Зарбулмасалу мақолҳо аз ҷумлаи навъҳои фолклор ба шумор рафта, онҳо дар зинаи баланди тафаккури бадеии халқҳо ташаккул ёфтаанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки зарбулмасалу мақолҳо дар ҳаёти маънавии халқҳо нақши муассир ва муҳим дошта, ғояҳои олӣ, фикрҳои наву тоза, ҷозибаю дарки сухан, маъниҳои амиқи ҳаётӣ, жарфои андеша ва ғайра аз ҷумлаи навҳои ин жанр ба шумор мераванд.

Дар забонҳои мавриди таҳқиқ забони зарбулмасалҳоро соҳибзабонон кӯтоҳу ихчам шуморида, фикру андешаҳои хешро дар ин росто ба тариқи маҷоз баён мекунанд. Бинобар ин, мафҳум ва мазмуни зарбулмасалу мақолҳоро дар контексти гуфтор ва дар дохили матни хаттӣ дарёфтан мумкин аст.

Оид ба зарбулмасалу мақолҳо ва истифодаи онҳо забоншиносони ватаниву хориҷӣ фикру андешаҳои хешро иброз намудаанд. Яке аз фолклоршиносони ватанӣ Дилшод Раҳимӣ, ки бештар ба тарҷума ва таҳияи зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва халқҳои дигар сару кор дорад, оид ба зарбулмасалу мақолҳо чунин андешаронӣ намудаанд: «Зарбулмасалу мақолҳо барои тарбияи инсон, ба вижа насли ҷавон ва танқиди хислатҳову рафтору гуфтори

номатлуби баъзе ашхоси ҷомеа мавқеи муҳим доранд. Зеро дар ҳамаи мавзуъҳои ҳаётӣ даҳҳо зарбулмасалҳо эҷод шуда, густариш ёфтаанд. Аз ин рӯ бисёре аз донишмандон ба ин ҷиҳати зарбулмасалу мақол таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардаанд» *[5, с.5]*.

Забоншиноси фаронсавӣ Фредерик Делакур (Frédéric Delacourt) дар асари хеш «Proverbes, dictons et citations (pour toutes les occasions de la vie)» оид ба зарбулмасалу мақолҳо андешаронӣ намуда, чунин қайд мекунад: «Гарчанде, ки имрӯзҳо баъзе зарбулмасалу мақолҳоро ҳамчун тасвирҳои куҳнаву фарсуда ва маҷмӯи қолабҳои забонӣ мешуморанд, вале бояд эътироф кард, ки ин навъи жанр неруи худро асло гум нахоҳад кард» *[11, с.5]*.

Имрӯзҳо ба ҳамагон маълум аст, ки чӣ дар гуфтугӯҳои хусусӣ ва чӣ дар паёмҳое, ки ба садҳо ҳазор шунаванда нигаронида мешаванд, зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун як воситаи мустақили баёни шифоҳӣ бокӣ мемонанд. Илова бар ин, солҳои охир таҳқиқи зарбулмасалу мақолҳо барои забоншиносон ба як мавзуи омӯзишӣ табдил ёфта, ҳатто дар муқоисаи забонҳои ба ҳам хеш ва аз ҳам дур муҳтавои онро таҳлилу баррасӣ менамоянд.

Мавзуи мо низ ба ин масъала равона гардида, зарбулмасалу мақолҳое, ки дар повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ истифода гардида, ҳамзамон истеъдоди тарҷумонро дар баргардонии зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ба фаронсавӣ дида мебароем.

Повести «Одина»-и устод Садриддин Айнӣ яке аз асарҳои калидии адабиёти муосири тоҷик ба шумор рафта, бо сабку услуби хоси худ ва истифодаи унсурҳои фолклории хеш аз дигар асарҳо фарқ мекунад. Асари мазкур ҳамчун повести реалистии иҷтимоӣ ва таърихӣ шинохта шуда, дар он тақдири талх ва пур аз фоҷеаи як ҷавони кӯҳистонӣ – Одина дар зери муносибатҳои золимонаи давраи пеш аз инқилоб тасвир гардидааст.

Маврид ба зикр аст, ки устод Садриддин Айнӣ бо истифода аз ганҷинаи забони ноби тоҷикӣ на танҳо нутқи қаҳрамонони асарро зиндаву табиӣ нишон додааст, балки муборизаи инсонҳои меҳнаткашро баҳри озодӣ ва муҳаббат дар муҳити пур аз зулму ситам ифшо намудааст.

Мисол: *«Як гусфанд аз сад инчунин сакалту беҳтар аст, агар шумоён намеомадед, то ҳол мекуштамаш» [2, с.11]. – «Une seule brebis vaut davantage qu'une centaine de voyous comme lui. Si vous n'étiez pas venus, je l'aurais frappé à mort» [10, с.219]*.

Дар ҷумлаи мазкур ибораи **«Як гусфанд аз сад инчунин сакалту беҳтар аст»** ҳамчун мақол ё афоризми сохтаи муаллиф истифода шудааст. Маънои луғавии «сакалту» дар шеваҳои тоҷикӣ ҳамчун «ҳайвони лоғар, заиф, нимҷон ва корношоям» истифода мешавад. Дар повест Арбоб бо истифода аз мақоли мазкур ҳуқуқҳои шахсии Одинаро поймол карда, мегӯяд, ки як гусфанди солим аз садҳо хизматгори нолоиқу нокорами мисли Одина арзишмандтар аст.

Агар ба таҳлили ҷумлаҳои додашуда нигарем байни забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ чунин фарқиятҳо ба назар мерасанд. Якум ин, ки мақоле, ки дар ҷумлаи асл истифода шудааст, дар фаронсавӣ ба зарбулмасалу мақол дохил намешавад, аммо ба услуби асарҳои классикӣ ба монанди Виктор Гюго ва ё дигар нависандагони реалисти фаронсавӣ шабоҳат дорад. Ҳамчунин дар тарҷумаи фаронсавӣ пеш аз исми «гусфанд» сифати «*seule-танҳо*» омадааст, ки дар ҷумлаи асл ин калима вуҷуд надорад. Ба ҷойи ибораи «беҳтар будан» тарҷумон ибораи «*vaut davantage*» истифода шуда, маънои «арзиши баланд» доштанро медиҳад, ки дар ҷумлаи асл ин қисмат низ вуҷуд надошта, аммо ба маънои ибора халал ворид нашудааст.

Агар суоле ба миён ояд, ки чи гуна мо метавонем инро ҳамчун як мақол қабул намоем, ҷавоб ин аст, ки дар мақоли мазкур «як гусфанд» дар баробари «сад сакалту» гузошта шудааст, ки асоси пайдоиши зарбулмасалу мақол ин худ муқоиса ба шумор меравад.

Чунин ибораҳоро дар адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ ҳамчунин «фразеологизмҳои муаллифӣ» низ номидан мумкин аст. Устод, Садриддин Айнӣ барои нишон додани ҷаҳони ботинии персонажҳои манфии повест ба монанди Арбоб аз истеъдоди баланди хеш моҳирона истифода бурадааст. Арбоб бошад дар навбати худ дар зери мафҳуми мақоли мазкур нишон медиҳад, ки барои ӯ молу мулк аз ҳаёти инсон, махсусан аз ҳаёти Одина болотар меистад.

Зарбулмасали дигар ин **«Аз хурдон гуноҳ, аз калонон бахшидан аст»,** ки яке аз зарбулмасалҳои маъмули тоҷикӣ буда, дар осори Айнӣ фаровон истифода шудааст: *«- Як бор беақлӣ кардааст, бубахшед, **аз хурдон гуноҳ, аз калонон бахшидан аст;** аз талаф шудани гӯсфанд ҳам ғам махӯред, илоҷи он ҳаст» [2, с.12]. – «Il a fait une bêtise, pardonnez-lui. **Le péché est le propre des jeunes, et le pardon, celui des adultes**» [10, с.220]*.

Зарбулмасали мазкур ба яке аз зарбулмасалҳои маъмул ва серистеъмол дохил гардида, аз сабаби бетаҷрибагӣ хато кардани ҷавонон ва аз сабаби бузургӣ бахшидани калонсолонро нишон медиҳад. Маълум мегардад, ки дар повести «Одина» калонсолони деҳа ин зарбулмасалро барои паст кардани хашми Арбоб истифода бурдаанд.

Агар мо ба тарҷумаи мутарҷим нигарем ва баргардони ӯро тарҷумаи таҳтуллафз намоем чунин маъно дорад: «*Il a fait une bêtise, pardonnez-lui. Le péché est le propre des jeunes, et le pardon, celui des adultes – Ӯ хатое (нодонӣ) кард, ӯро бубахшед. Гуноҳ хоси ҷавонон аст ва бахшиш хоси калонсолон*».

Гарчанде, ки дар забони тоҷикӣ қисме аз ҷумлаи мазкур ба зарбулмасал дохил мешавад, аммо дар забони фаронсавӣ ин на ба мақол ва на ба зарбулмасал дохил намешавад. Дар фаронсавӣ ин гуна ибораҳоро бештар ба афоризм (сухани ҳикматнок) ва ё иқтибоси ахлоқӣ меноманд.

Дар фарҳанги фаронсавӣ ибораи «Erreur n’est pas crime – Хато ҷиноят нест», «il faut que jeunesse se passe – Ҷавонӣ бояд бигзарад» маъмуланд, ки дар забони тоҷикӣ мо метавонем онҳоро бо мақолҳои «Ҷавонӣ асту мастиҳо (яъне одам дар ҷавонӣ аз рӯйи бетаҷрибагӣ хато мекунад)» муқобил гузорем.

Ибораи дигар ин **«Моли муъмин – хуни муъмин»** мебошад. Ҳадаф аз истифодаи мақоли «Моли муъмин – хуни муъмин» ин аст, ки касе ҳақ надорад ба моли каси дигар даст занад, ҳамон гуна, ки ҳақ надорад хуни ӯро бирезад.

Мисол: *«**Моли муъмин – хуни муъмин**» гуфтаанд, ту моли Арбобро талаф кардӣ, гуё ки хуни ӯро рехтӣ» [2, с.11]. - «Sois un homme, «**le bétail du croyant, c'est le sang du croyant**». Tu as fait périr la brebis, c'est comme si tu avais versé du sang humain» [10, с.220].*

Мақоли мазкур яке аз мақолҳои машҳур ба шумор рафта, дар повести мазкур барои аҳаммият додан ва эҳтиёт кардани молу мулки шахси дигар истифода шудааст. Яъне мафҳуми мақоли зикршуда ин аст, ки зарар расонидан ба молу мулки каси дигар ин баробар ба рехтани хуни ӯ мебошад.

Дар забони фаронсавӣ муодили ибораи мазкур мустақиман дида намешавад, ки «мол»-ро ба «хун» баробар кунад. Дар рафти таҳқиқот якчанд ибораҳоро пайдо намудем, ки метавонем онҳоро муодили мақоли зикршудаи тоҷикӣ шуморем. Ба монанди **«La propriété est sacrée – Моликият муқаддас аст»** ё ин, ки **«Qui vole un oeuf, vole un boeuf – Касе, ки тухм медуздад, гов ҳам медуздад»**. Яъне мақолҳои зикршуда исбот менамоянд, ки дар фарҳанги фаронсавиён низ эҳтироми моли дигарон принсипи ягона ба шумор меравад.

Аслан вақте ба осори Айнӣ, махсусан ба повести «Одина» назар меафканем мушоҳида мегардад, ки чӣ тавр амалдорон ва ашрофу бойҳо ба мардуми нодору камбағал зулму ситамро раво дида, моли онҳоро ба яғмо мебурданд. Гарчанде, ки дар ҷумлаи мазкур мақол аз ҷониби яке аз калонони деҳа ба тарафи Одина равона шудааст, дар асл мақоли «**Моли муъмин – хуни муъмин**» маҳз бар зидди зулму ситам ва беадолатиҳои Арбобу дигар золимони асар нигаронида шудааст.

Агар ба тарҷумаи фаронсавии ҷумлаи асл нигарем, маънои «*Sois un homme, «le bétail du croyant, c'est le sang du croyant». Tu as fait périr la brebis, c'est comme si tu avais versé du sang humain – Мард бош, «чорвои муъмин – хуни муъмин аст». Ту ки гусфандро ба ҳалокат расондӣ, гуё хуни инсонро рехта бошӣ*»-ро дода, ҳам дар тоҷикӣ ва ҳам дар фаронсавӣ мақоли мазкур ҷойгоҳи хешро дуруст пайдо кардааст.

Мақоли «Доди худро ба Худо гуфтан».

Мақоли мазкур яке аз мақолҳои маъруфи халқи тоҷик ба шумор рафта, ҳангоми ноумедӣ ва беадолатӣ истифода мешавад. Дар повести «Одина» чунин истифода шудааст: *«Ту дониста бош, ки баъд аз мурданат устухонат аз дасти ман халос хоҳад шуд, боз ту аз таги қарзи ман раҳоӣ намеёбӣ. Рав **додатро ба Худо гӯй**!...» [2, с.14]. – «Sache que seulement après ta mort tes os recouvreront la liberté. Je ne te lâcherai pas avant que tu ne t'acquittes de la dette; **tu peux te plaindre au seigneur Dieu lui-même**...» [10, с.222].*

Бо истифода аз мақоли мазкур Арбоб ба Одина гуфтанӣ аст, ки ҳеҷ кас ба доди ӯ намерасад, ва метавонад ягона умедашро ба Худо бандад.

Агар ҷумлаи баргардонкардаи мутарҷимро тарҷумаи таҳтуллафз кунем, чунин маъно медиҳад: «*Sache que seulement après ta mort tes os recouvreront la liberté. Je ne te lâcherai pas avant que tu ne t'acquittes de la dette; tu peux te plaindre au seigneur Dieu lui-même... – Бидон, ки танҳо пас аз маргат устухонҳоят озодиро мебинанд. То қарзатро адо накунӣ, туро раҳо нахоҳам кард; метавонӣ ба Худо шикоят кунӣ...*»

Зарбулмасали «Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан».

Зарбулмасали мазкур, яке аз маъмултарин зарбулмасалҳои тоҷикӣ ба шумор рафта, ҳатто дар нутқи шифоҳӣ байни ҷавонон низ мавриди истифода қарор дорад. Ин зарбулмасал ҳангоме истифода мешавад, ки касе омодагии худро барои иҷрои фармону хоҳиши дӯст ва ё шахси наздикаш баён мекунад.

Мисол: *« - Ҳамин дардатро нашӯрида гӯи ҳам мешавад, «**Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан**» гуфтаанд, ту ишорат кун, ман ислоҳ кардан мегирам, барои ин ҳамаи моро ба қозихона кашола кардан лозим нест» [2, с.15]. - «Sans même écouter ce que tu as à dire, ils diront: «**Un ami n'a besoin que d'un petit coup de pouce ; on s'en charge**.» Tu nous fais signe, et je règle ça. Pas besoin de nous traîner tous devant les tribunaux pour ça» [10, с.223].*

Агар мо ҷумлаи баргардони мутарҷимро тарҷумаи таҳтуллафз намоем, чунин маъно дорад: *«Ҳатто ба гапҳои ту гӯш надода, онҳо хоҳанд гуфт. «Як дӯст танҳо ба кумак ниёз дорад; мо худамон ҳал мекунем.» Ту ба мо як ишора мекунӣ ва ман инро ҳал мекунам. Ҳоҷат нест, ки барои ин кор ҳамаи моро ба суд кашола кунӣ».* Яъне дар тарҷумаи забони фаронсавӣ ибораи ***«Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан»*** муодили худро пайдо накарда, на исми «сар» ва на феъли «давидан» дида намешавад.

Албатта ин маънои онро надорад, ки дар забони фаронсавӣ муодилҳои зарбулмасали мазкури тоҷикӣ вуҷуд надорад, балки ҳастанд ибора ва зарбулмасалҳое, ки ҳамчун муодилҳои наздик ба зарбулмасали тоҷикии *«**Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан**»* истифода мешаванд. Ба монанди «**Tes désirs sont des ordres**», тарҷумаи таҳтуллафзи ибораи мазкур «**Хоҳишҳои ту барои ман фармонанд**». Зарбулмасали мазкур яке аз маъмултарин зарбулмасали фаронсавӣ ба шумор рафта, вақте касе мехоҳад садоқат ва омодагии хешро барои иҷрои ҳама гуна хоҳиши дӯсташ нишон диҳад, онро истифода мебарад.

Зарбулмасали «Ғараз аз тушбера – гӯшт хӯрдан».

Ҳангоми истифодаи зарбулмасали мазкур шахс мехоҳад мақсади асосиро муҳим шуморад, на номи он ё чӣ гуна баён шуданашро: *«- **Ғараз аз тушбера, - гӯшт хӯрдан**» гуфтаанд, хоҳ фоида гӯяд, хоҳ танзил, мақсад он аст, ки болои даҳ танга моҳе як танга зиёд мешавад» [2, с.15]. – «De plus, l'année passée, il s'y ajoute dix tengas pour la brebis, et là-dessus, il y a également une tenga d'intérêt par mois» [10, с.223].*

Дар повести «Одина» яке аз мӯйсафедони деҳа ба Мулло Хокироҳ баён мекунад, ки хоҳ фоида гӯем ва хоҳ танзил, муҳим он аст, ки қарзи Одина рӯз то рӯз зиёд шуда истодааст.

Тарҷумон ҳангоми баргардон кардани ҷумлаи асл, ки дорои зарбулмасали «**Ғараз аз тушбера – гӯшт хӯрдан**» аст, на танҳо зарбулмасали зикршуда, балки ба мафҳуми ҷумла диққати махсус зоҳир накардааст. Агар мо ҷумларо тарҷумаи таҳтуллафз кунем, чунин маъноро дорад*: «Илова бар ин, соли гузашта, барои ҳар гӯсфанд даҳ тангаи дигар илова мешавад, дар як моҳ як тангаи рибо низ ҳаст»*. Яъне дар тарҷумаи мазкур на калимаи «тушбера» ва на калимаи «гӯшт» дида намешавад.

Ибораи **«Аз сад гул як гул нашукуфтан»** дар порчае аз қисаҳои повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ истифода шудааст. Ибораи мазкур нисбат ба ҷавононе, ки акнун ба камол расида, ҳануз ширинии талхии зиндагиро надидаанд, истифода мешавад.

Мисол: *«Одина, ки ҳанӯз **аз сад гулаш як гулаш нашукуфта буд,** ба ин ҳама машаққат чӣ гуна тоқат мекард?» [2, с.41]. - «Comment Odina, dont **les promesses de l'avenir n'avaient pas encore fleuri**, pouvait-il supporter tant de tourments?» [2, с.41].*

Дар мисоли мазкур муаллифи асар ба ҷавонии Одина ва лаҳзаҳои аввали оғоз шудани марҳилаҳои ҳаёти ӯ ишора карда, зарбулмасали мазкурро истифода намудааст.

Дар баъзе ҳолатҳо бинобар сабабҳои гуногун мутарҷимон дар вақти тарҷумаи асар ё образнок гардидани асар ва ё муодили дуруст пайдо накардани ҷумлаву ибораро диққати махсус намедиҳанд ва ҷумлаҳо на танҳо бетарҷума, балки партофта мешаванд. Айнан қисмати асари мазкур ба чунин ҳодиса дучор гардида, аз мадди назари мутарҷим дур мондааст.

Бинобар ин, мо то ҳадди имкон аз таҷрибаи забономӯзии хеш ҷумлаи мазкурро, ки зарбулмасалро дар бар мегирад, тарҷума намудем. Бештар қисмати бегуноҳӣ ва навҷавонии «Одина»-ро ба назар гирифта. Тарҷумаи мазкурро раво донистем, ки агар онро тарҷумаи таҳтуллафз намоем чунин маъноро медиҳад: *«Одина, ки ҳануз ваъдаҳои ояндааш нашукуфта буданд, метавонист ин ҳама азобу шиканҷаро таҳаммул кунад?»*

Ҳамчунин дар қисмати дигари повест зарбулмасали зерин истифода шуда, дар тарҷума ба пуррагӣ дида намешавад, ки инро ҳам то қадри имкон тарҷума кардем. Ин зарбулмасали **«Ҳаққи намак бо ҳаққи Худо баробар аст»** буда, яке аз машҳуртарин мақолҳои халқӣ ба шумор меравад.

Мисол: *«Ба хонадоне, ки хизмат мекунед ва аз ҷое, ки нон мехӯред, ҳаққи намакро пос доред, ки* ***ҳаққи намак бо ҳаққи худо баробар аст****» [2, с.45]. - «À la maison que vous servez et au pain que vous mangez; respectez la "loi du sel", car* ***le respect dû au sel est égal à celui que l'on doit à Dieu****» [2, с.45].*

Агар ба шарҳи ибораҳои истифодашуда нигарем, дар забони асл ибораи «ҳаққи намак» истифода шуда, инро мо ба фаронсавӣ «La loi du sel» ё ин, ки «Le droit du sel» гуфта метавонем. Ин ибора дар фарҳанги мардуми мо мафҳуми шургузорӣ аз нону намак ва садоқат ба соҳибнамакро дошта, дар забони фаронсавӣ муодили дақиқ надорад.

Ин мақол маънои «ба қадри нону намак расидан», «вафодор будан», «хиёнат накардан»-ро ифода карда, муаллиф инҷо рафтори ношоистаи руҳониёни он даврароро, ки аз ин мақол барои мутеъи хеш кардани коргарону зердастон истифода мебурданд, нишон медиҳад.

Зарбулмасали **«То табар омадан, кунда меосояд».**

Зарбулмасал ва мақоли серистеъмоли дигар ин ***«То табар омадан, кунда меосояд»*** мебошад, ки дар асари «Одина» муаллиф онро дар яке аз порчаҳои асар барои тасвири ҳокимияти Туркситон истифода кардааст.

Мисол: *«Ин воқеа дар вақту соати худ (дар якӯми март ба ҳисоби куҳна), ба Туркистон маълум шуда бошад ҳам, ҳокимҳои ин ҷо* ***«то табар омадан, кунда меосояд»*** *гуён ин хабарро махфӣ нигоҳ дошта, як-ду рӯз бошад ҳам дабдабаи ҳукмронии худро давом кунондан мехостанд» [2, с.53]. - «Bien que cet événement ait été connu au Turkestan en temps voulu (le 1er mars selon l'ancien calendrier), les gouvernants locaux, se disant que* ***"tant que la hache n'arrive pas, la bûche se repose"****, ont gardé cette nouvelle secrète; ils voulaient ainsi prolonger la pompe de leur règne, ne fût-ce que pour un jour ou deux»[2, с.53].*

Дар мавриди тарҷумаи ҷумлаи мазкур ҳаминро қайд карданием, ки дар вақти тарҷумаи повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ, мутарҷимон образнокӣ ва обурангии повестро баъзан ба назар нагирифта, на ҳамаи ҷумлаҳо ва қисматҳои онро тарҷума кардаанд. Масалан бинобар сабаби ба риштаи тарҷума накашидани порчае, ки зарбулмасали зикршударо дар бар мегирад, мо тасмим гирифтем ҷумлаи аслро тарҷума кунем. Воқеан дар рафти таҳқиқот ба мо муяссар гардид, ки тарҷумаи зарбулмасали **«То табар омадан, кунда меосояд»**-ро аз манбаъҳои фаронсавӣ пайдо намоем.

Ибораи фаронсавии «**Tant que la hache n’arrive pas, la bûche se repose**» дар асл ба мақол (proverbe) дохил шуда, бештар хусусияти минтақавии африқоӣ дорад. Агар ибораи мазкурро тарҷумаи таҳтуллафз кунем, маънои **«То даме, ки табар наояд, ҳезум истироҳат мекунад»**-ро медиҳад.

Садриддин Айнӣ бо истеъдоди баланди хеш дар повести «Одина» зарбулмасалу мақолҳои нодиреро истифода намуда, тавассути онҳо асари хешро пуробуранг гардондааст. Дар яке аз қисматҳои повест мақоли «**Ман омадам ба дилхушӣ, аз пеш баромад ғӯзакашӣ**»-ро истифода намуда, омадани Сангинро ба хотири тӯйи Одина тасвир карда, ҳамзамон шоҳиди зулму ситами Арбоб Камолу қозӣ ва ба дасти онҳо афтодани дӯсташ гардиданро баён мекунад: *«Лекин масали машҳури тоҷикон, ки мегӯянд:* ***«ман омадам ба дилхӯшӣ, аз пеш баромад ғӯзакашӣ»,*** *дар бораи Сангин мувофиқ омад, ба нияти тӯй омада аз болои ҷанҷол баромад» [2, с.70]. – Mais, comme dit le proverbe tadjik:* ***«Je suis venu pour danser, et il m'a fallu coltiner des sacs.»*** *C'est ce qui arriva à Sanguine. Il était arrivé pour un mariage gai, et il était tombé au milieu d'une mauvaise bagarre [10, с.250].*

Вақте ба тарҷумаи фаронсавии мутарҷими асар менигарем, маълум мегардад, ки қисмати ҷумлаи асл, ки ба зарбулмасал дохил мешавад дар фаронсавӣ муодили худро пайдо накардааст. Агар мо онро тарҷумаи таҳтуллафз намоем чунин аст: «***Je suis venu pour danser, et il m'a fallu coltiner des sacs – Ман омадам ба рақскунӣ, ва ба ман лозим омад халтакашонӣ кардан***». Бо вуҷуди муодили фаронсавии зарбулмасали тоҷикии мазкурро пайдо накардан, дигар қисматҳои ҷумла бо тартиб ва дуруст тарҷума гардидааст.

Дар повести «Одина» ибораҳоеро во хурдан мумкин аст, ки ҳамчун мақол истифода гардидаанд. Яке аз чунин ибораҳо ин ибораи «**Садақаи сар**» мебошад, ин ибора дар забони тоҷикӣ бисёр маъмул аст. Қайд кардан бамаврид аст, ки ибораи мазкур дар мавридҳои ***гузашт кардан аз чизе*** ба хотири ***нақоти ҷон*** ё ***мусибат аз раҳоӣ*** истифода мешавад.

Мисол: *«Сангин дид, ки кори Одина бад мешудагӣ барин. Чите, ки меравад,* ***садақаи сар,*** *танҳо душворӣ дар ин ҷост, ки Одина то охири умраш ба ғуломии Арбоб Камол мемонад» [2, с.71]. – «Sanguine comprit que tout allait mal pour Odina. L'indienne, ce n'était*

qu'un petit malheur, l'important était que Odina pouvait demeurer en esclavage chez Arbob Kiamol, jusqu'à la fin de ses jours» [10, c.250].

Мақоли мазкур нишон медиҳад, ки чӣ қадар матоъ (чит) аз даст меравад муҳим нест, муҳим он аст, ки худи Одина аз ин вазъияти сангин халосӣ ёбад.

Агар ба таҳлили муқоисавии ҷумлаи мазкур ва мақоли дар ҷумла мавҷудбуда нигарем чунин ба назар мерасад, ки дар ҷумлаи асл (тоҷикӣ) мақоли «садақаи сар» истифода гардида, дар тарҷумаи фаронсавӣ на калимаи «сар» ва на калимаи «садақа» дида намешавад. Тарҷумаи таҳтуллафзи ҷумлаи мазкур чунин аст: «Сангин фаҳмид, ки ҳамаи корҳо барои Одина бад шудаистодаанд. Чит, ин танҳо як каме бадбахтӣ буд, муҳим он буд, ки Одина метавонист то охири умр дар ғуломии Арбоб Камол зиндагӣ кунад».

Зарбулмасали **«Худо якта, гап якта».**

Зарбулмасали мазкур дар мавриди ашхосе истифода мешавад, ки ба қавли хеш содиқ буда, суханонашонро дигар накарда, ваъдаҳояшон қатъӣ мебошанд.

Мисол: *«- Худо якта, гап якта, хотирҷамъ бошед! – гуфта Сангин дили ноибро бо қасам пур кард» [2, с.72]. – «Je vous en donne ma parole... Soyez tranquille. Tout sera fait» [10, c.251]*.

Яке аз қаҳрамонони асар бо номи Сангин бо истифода аз зарбулмасали мазкур мехоҳад ноиби қозиро бовар кунонад, ки ба ваъдаи додааш (оид ба додани ришва ё ҳадя) содиқ буда, ҳатман ин корро иҷро мекунад.

Инҷо низ вақте ба тарҷумаи фаронсавии ҷумлаи асл менигарем маълум мегардад, ки дар рафти тарҷума зарбулмасали дар ҷумла истифодашуда на танҳо ба пуррагӣ истифода нашудааст, балки ҳамрадифаш ягон иборав ҷумлаи дигар низ истифода нашудааст. Агар ба тарҷумаи таҳтуллафзи ҷумлаи мазкур нигарем чунин маъноро доро аст: *«Je vous en donne ma parole... Soyez tranquille. Tout sera fait – Ман ба шумо қавл медиҳам...Ором бошед! Ҳамааш иҷро мешавад».* Яъне дар вақти баргардон кардани ҷумлаи додашуда, тарҷумон на исми «Худо» ва на исми «гап»-ро истифода накардааст, ки дар тоҷикӣ асоси пайдоиши мақоли мазкур ин ду калима ба шумор меравад.

Мақоли «Худо подшоҳ аст»

Мақоли мазкур яке аз маъмултарин мақолҳои тоҷикӣ ба шумор рафта, хусусияти диннӣ дорад. Ин мақол ба маънои «ҳама чиз дар дасти Худост» истифода шуда, дар повести «Одина» яке аз қаҳрамонони асар Бибиоиша мақоли мазкурро барои тасаллои худ ва Одина истифода бурдааст.

Мисол: *«- Албатта, бе чиз тӯй кардан мумкин нест, - гуфт Бибиоиша, - ҳозир сабр намудан даркор, **худо подшоҳ аст**. Ҳар вақт дастрасо шавӣ, тӯй хоҳем кард» [2, с.74]. - «Bien sûr, il est impossible de le célébrer avec les mains vides. Il faut patienter, **Dieu peut tout faire**. Nous allons nous remonter un peu, et après on pourra penser au mariage» [10, c.253]*.

Яъне мақоли мазкур маънои онро дорад, ки ҳама чиз дар дасти Худо аст ва инсон бояд ҳамеша сабр кунад.

Масъалаи артикл ин муайян кардани моҳияти грамматикии ашё дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ мебошад, ки артикл байни калима ва морфема меистад. Масалан, дар забони олмонӣ артикл аз рӯи *шахсу шумора**,** падежу ҷинсияти грамматикӣ* тасриф меёбад ва ин маъно чун калимаи мустақил баромад мекунад, ҳол он ки артикли забони олмонӣ бештар ба морфемаҳои типологӣ шабоҳат дорад, чун аломати махсуси исм баромад намуда, мустақилияти калимагӣ дорад. Хусусияти умумӣ ва фарқияти артиклҳои забони олмонӣ ин муайян кардани суффиксҳо ва префиксҳо дар забони олмонӣ мебошад, ки вазифаи асосии ҳар кадоми онҳо ба таври муқоисавию типологӣ омӯхта мешаванд.

Чи тавре, ки дар сарчашмаҳои адабиёти илмӣ зикр шудааст, исм дорои категорияи махсуси грамматикӣ мебошад. Категорияи муайянӣ ва номуайянӣ хоси исм буда, воситаи махсуси ифодаи худро дорад. Артиклҳои муайянӣ ва номуайянӣ маънои басо васеъ дошта, бо усул ва роҳҳои гуногун ифода мешавад ва ашёе, ки ба ҳамсуҳбатон маълум аст, муайян ва ё ашёе ки танҳо нест номуайян мебошад. Артиклҳои муайянӣ ва номуайянӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ бо роҳҳои гуногун ифода мешаванд, ки маъмултарини онҳо роҳҳои морфологӣ, синтаксисӣ ва луғавию-грамматикӣ мебошад. Исм дорои категорияи морфологии номуайянӣ ва муайянӣ мебошад, ки воситаи асосии он дар забони тоҷикӣ бо ифодаи артикли “е” мебошад. Дар забони тоҷикӣ артикли “е”-ро аз ҳиссаҳои нутқ танҳо исм қабул мекунад. Бинобар ин артикли “е” аломати грамматикии ном ба шумор меравад. Артикли “е” хусусияти зиёди грамматикӣ дорад, ки онҳо дар матн барҷаста зоҳир мегарданд. Чинон чи дар ин мисолҳо хусусияти мафҳуми категорияи грамматикии исмҳо вобаста ба муҳиммияти ва хусусияти артиклҳои исмӣ дида метавонем. *Hier steht einTisch. Vera hat mir einBuch*

geschenkt- Дар ин ҷо мизе гузошта шудааст. Вера ба ман китобе дод. Minsk ist eine(groβe) Stadt- Минск як шаҳри калоне аст.

Таҳлили назариявию амалӣ вобаста ба вижагиҳои истифодабарии артиклҳои исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ буда, ба яке аз мавзуъҳои муҳим ва камтаҳқиқшуда дар забонҳои муқоисашаванда мебошад, ки имрӯз барои таҳқиқоти илмӣ дар ин самт намудан дар илми забоншиносии муқоисавӣ хеле муфид аст. Бояд қайд кард, ки мақола ҷанбаи назариявию амалӣ дошта, дар асоси маводи фаровонии адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳо эҷодшудаи таҳлилу таҳқиқот ёфта, дар навбати аввал ба муҳаққиқ имконият падид омад, ки масъалаҳои дар пеш гузошташударо амиқ ва ҳамаҷониба мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гириф.

Хуллас, дар ин мақола сохти вазифавии категорияи истифодабарии исм бо дигар хусусиятҳояш дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Тағйиротҳое, ки дар сохтори грамматикӣ вобаста ба сохти вазифавии исмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ ба вуҷуд меоянд, дар ин мақола баррасӣ шудаанд ва бевосита нақши худро ба забонҳои муқоисашаванда мегузоранд. Зикр намудан ҷоиз аст, ки зимни таҳлили заминаҳои назариявӣ, амалӣ, таҳлили муқоисавӣ, сохторӣ ва маъноии исмҳо аз рӯйи тасриф ва хусусиятҳои падидаи истифодабарии исмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ дар ин мақола мушаххас гардиданд. Инчунин вобаста ба хусусияти категорияи истифодабарии исмҳо маълум гардид, ки онҳо ба артиклҳо сахт иртибот дошта, дар навбати худ мавқеи истифодабарии худро дар забоншиносии муқоисавӣ доранд. Хусусан истифодабарии исм бо структураи артиклҳои ҷинсият мисли дигар гурӯҳи калимаҳои маъноӣ ва вазифаи муайянии худро доранд ва дар алоҳидагӣ таҳқиқу таҳлил намудани онҳо чи дар забонҳои тоҷикӣ ва чи дар забони олмонӣ аҳаммияти назариявӣ, илмӣ ва амалӣ доранд.

Адабиёт

1. *Абрамов, Б.А. Теоретическая грамматика немецкого языка/ Б.А. Абрамов/ Сопоставительная типология немецкого и русского языков – М.: Владос, 2001. - 286 с.*
2. *Бозидов Н. Пуркунандаи бавосита дар забони адабии ҳозираи тоҷик/ Н. Бозидов. –Душанбе, 2000. - 178 с.*
3. *Брандес М.П. Стилистика немецкого языка / М.П. Брандес. М., 1983. - 271 с.*
4. *Гладкая С.Ю. Прагматический потенциал побудительных высказываний в современном немецком языке / С.Ю. Гладкая/ Грамматические единицы в акте коммуникации (на материале современного немецкого и английского языка). -М,, 1986. - С. 17-27.*
5. *Додихудоев Р. Х., Герценберг Л.Г. Таърихи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи тоҷик/ Р.Х. Додихудоев, Л.Г. Герценберг. -Душанбе: Маориф, 1987. - 200 с.*
6. *Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ: китоби дарсӣ барои факултетҳои журналистика, филология ва забонҳои хориҷии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Б. Камолиддинов. - Душанбе: Собириён, 2010. - 280 с.*
7. *Крущельницкая, К.Г. Очерки по сопоставительной грамматике немецкого и русского языков/ К.Г. Крущельницкая. –М.: Литер. на иностр. языках, 1961. - 265 с.*
8. *Куджов, Х. Р. Функционально-семантический анализ наречий в таджикском и немецком языках: дис. канд. филол. наук/ Х.Р. Куджов. –Душанбе, 2015. - 153 с.*
9. *Мамадасламов М. С. Выражение пространственно-временных отношений в системе предлогов и послелогов в разносистемных языках (на базе шугнанского, немецкого и таджикского языков: автореф. дис. ... д-ра филол. наук/ М.С. Мамадасламов. –Душанбе, 2019. - 47с.*
10. *Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик/ Н. Маъсумӣ. –Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1959. -295 с.*
11. *Мухторова С. Я. Артикл “е” в современном таджикском литературном языке и его английские эквиваленты: Душанбе: Дониш, -1980.- 344 с.*
12. *Розен Е.В. Немецкая лексика: история и современность / Е.В. Розен. М., 1991.- 150 с.*
13. *Павлов, В.М., Орлова, О.П., Шавель, Е.Е. Учебник немецкого языка/ В.М.Павлов, и др.-Л.: Просвещение, 1980. -424 с.*
14. *Рустамов, Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм/ Ш. Рустамов. –Душанбе: Ирфон, 1972. -162 с.*
15. *Степанова М.Д., И.И. Чернышева.Лексикология современного немецкого языка / М.Д. Степанова, М., 1972. - 152 с.*
16. *Искоз, А., Ленкова А. Лексикология немецкого языка / А. Искоз, Ленинград, 1960. – 269 с.*
17. *Мугу, Р. Ю. Полисемантизм соматической лексики на материале русского и немецкого языков. / Р. Ю. Мугу – Майкоп, 2003. – 166 с.*
18. *Ammon U. Deutsch im Internet hat Zukunft / U. Ammon // Kultur-Report. -Bonn, 2000,-№ 22.- S. 8*
19. *GroBe E.U. Text und Kommunikation. Eine linguistische Einfiihrung in die Funktionen der Texte / E.U. GroBe. Stuttgart, Berlin, Koln, Mainz, 1976. -164 s.*

ВАЗИФАИ СОХТИ КАТЕГОРИЯИ ИСМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Дар мақола оид ба таҳлил намудани категорияи исм аз рӯи сохторӣ ва маъноӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Чи хеле ки муаллифи мақола қайд менамояд, категорияи грамматикии исмҳо мисли дигар гурӯҳи калимаҳо маънои ваесъ дошта ва ҳар кадоме аз онҳо вазифаҳои муайянии худро доранд ва дар алоҳидагӣ таҳқиқу таҳлил намудан дар забонҳои гуногунсохтор аҳаммияти бузурги илмӣ ва амалӣ доранд. Ин хусусиятҳо дар қиёс бо дигар аъзои пайрави ҷумла бештар ба назар расида, таваҷҷуҳи ҳар муҳаққиқи забоншиносоии муқоисавиро ба худ ҷалб намудааст. Инчунин, муаллиф дар ин мақола таҳқиқоти илмии худ дар хусуси тарзи истифода намудани исмҳо бо истифода аз артиклҳои муайянӣ ва номуайянӣ аён намуда, хусусияти истифодабарии онҳоро вобаста ба самти вазифаҳояшон дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ муайян намудааст.

Калидвожаҳо: пажуҳиши илмӣ, исм, категория, луғат, суффикс, категорияи грамматикии исм.

ЗАДАЧА СТРУКТУРЫ КАТЕГОРИЙ ИМЕННЫЙ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматривается структурно-семантический анализ категории существительных в таджикском и немецком языках. Как отмечает автор статьи, грамматическая категория существительных, как и любая другая группа слов, имеет широкое значение, и каждая из них имеет свои определенные задачи, и их изучение и анализ по отдельности в различных языках имеет большое научное и практическое значение. Эти особенности более заметны по сравнению с другими членами предложения и привлекли внимание каждого исследователя сравнительного языкознания. Также в данной статье автор раскрыл свои научные исследования о способах употребления существительных с использованием определенного и неопределенного артикля, а также определил характер их употребления в зависимости от направленности их задач в таджикском и немецком языках.

Ключевые слова: научные исследования, существительное, категория, словарный запас, суффикс, грамматическая категория существительного.

THE TASK STRUCTURE CATEGORY OF THE NOUN IN TAJIK AND GERMAN LANGUAGES

The article discusses the structural and semantic analysis of the noun category in Tajik and German languages. As the author of the article notes, the grammatical category of nouns, like any other group of words, has a wide meaning, and each of them has its own specific tasks, and it is of great scientific and practical importance to study and analyze them separately in various languages. These features are more noticeable in comparison with other members of the sentence and have attracted the attention of every researcher of comparative linguistics. Also, in this article, the author presents his scientific research on the use of nouns with definite and indefinite articles, and identifies the characteristics of their use depending on their functional orientation in Tajik and German languages.

Keywords: scientific research, noun, category, vocabulary, suffix, grammatical category of noun.

Дар бораи муаллиф
Исломова Ситора Илҳомовна
Докторанти (PhD)-и кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16
E-mail: islomovasitora8@gmail.com

Об авторе
Исломова Ситора Илхомовна
Доктор (PhD) кафедры языкознания и сравнительной типологии
Кулябский государственный университет им. Абуабдуллох Рудаки
734025, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафаров, 16
E-mail: islomovasitora8@gmail.com

About the author
Islomova Sitora Ilhomovna
PhD of linguistics and comparative typology department
Kulyab State University named after A. Rudaki
734025, Republic of Tajikistan, Kulyab, st. S. Safarov, 16
E-mail: islomovasitora8@gmail.com

ТДУ 808.2-1+81.37

ҶАНБАҲОИ ЛИНГВИСТИИ ИСТИЛОҲҲОИ МУРАККАБИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

Соҳибзода А. Н.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Муқаддима. Аҳаммияти мавзуи таҳқиқот аз он бармеояд, ки низоми истилоҳии соҳаҳои гуногуни илм, техника ва фаъолияти касбӣ дар шароити рушди босуръати дониш ва технологияҳо пайваста ва фаъолона тавассути истифодаи калимаҳои мураккаб ғанӣ мегардад. Тезонидани пешрафти илмӣ-техникӣ, рақамисозии иқтисод, густариши робитаҳои байнисоҳаӣ ва пайдоиши шаклҳои нави муошират касбӣ боиси зуҳури шумораи зиёди мафҳумҳо мегардад, ки ба номгузории дақиқ ва тафсири якмаъно ниёз доранд. Дар чунин шароит забон бо зарурати офариниши фаврии номгузориҳои нав рӯ ба рӯ мешавад, ки бояд ҳамзамон иттилоотнок, мухтасар ва мувофиқ ба меъёрҳои забони адабӣ бошанд. Аз ин ҷост, ки калимасозии мураккаб ба таври асоснок ҳамчун яке аз механизмҳои калидии рушди истилоҳоти муосир ва воситаи самараноки ғанигардонии низомноки луғат баррасӣ мегардад. Тағйир ёфтани хусусияти фаъолияти илмӣ-техникӣ, пайдоиши мафҳумҳои наву мураккаб, инчунин зарурати ифодаи дақиқу мухтасари онҳо боис мегардад, ки калимасозии мураккаб ба яке аз абзорҳои асосии истилоҳсозӣ табдил ёбад. Он фишурдагии ифодаҳоро таъмин намуда, имкон медиҳад чанд ҷузъи маъноӣ дар доираи як калима муттаҳид шаванд ва ба ин васила воҳидҳои истилоҳии дорои ғунҷоиши баланди иттилоотӣ ба вуҷуд оянд. Дар робита ба ин, ба таҳлили намудҳои гуногуни истилоҳҳои мураккаб, ошкор кардани хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии онҳо, муайян намудани принсипҳои ташаккул, инчунин муайян сохтани роҳҳо ва моделҳои сермаҳсултарини калимасозӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Илова бар ин, аҳаммияти масъала бо зарурати стандартизатсияи истилоҳот, ягонакунонии навишт ва дақиқсозии ҳудудҳои маъноӣ дар матнҳои соҳавӣ тақвият меёбад, зеро дақиқии истилоҳот бевосита ба сифати тавсифи илмӣ ва қарорҳои амалӣ таъсир мерасонад. Мусоямов З.М. қайд мекунанд, ки “бояд қайд намуд, ки фарқ кардани мафҳумҳои унификатсия ва банизомдарории (систематизатсия) истилоҳот хеле мушкил ва ғайриимкон аст, зеро аз рӯи вазифа хеле ба ҳам шабоҳат дорад” [9, с. 62].

Маводҳо ва усулҳои тадқиқот. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки пасвандгузорӣ ҳамоно яке аз роҳҳои анъанавӣ ва сермаҳсултарини калимасозӣ дар низомҳои истилоҳӣ боқӣ мемонад, зеро он мунтазамии моделҳо, пешгӯишавандагии маъно ва осонии воридшавии истилоҳҳоро ба низоми грамматикии забон таъмин мекунад. Ҳамзамон, дар солҳои охир тамоюли устувор ба ташаккули истилоҳҳо тавассути пайвастани мустақими ду ё зиёда реша, яъне бо роҳи таркибсозӣ (композиция), махсусан бидуни унсурҳои миёнрав, мушоҳида мегардад. Ин раванд бо он шарҳ дода мешавад, ки таркибсозӣ имкон медиҳад номгузориҳои нав зудтар офарида шаванд, захираҳои забонӣ сарфа гарданд ва иттилоот ба шакли ҳарчи бештар фишурда пешниҳод шавад. Аз як ҷониб, ин раванд ба тамоюли умумии забон ба ихчамӣ ва афзоиши ғунҷоиши иттилоотӣ вобаста аст; аз ҷониби дигар, ба мутобиқсозии истилоҳот ба талаботи услубии матнҳои илмӣ ва касбӣ, ки дар онҳо дақиқӣ, якмаъноӣ ва набудани шарҳҳои зиёдатӣ қадр мешаванд, иртибот дорад.

Масъалаи ташаккул ва хусусиятҳои сохторию маъноии калимаҳои мураккаб дар осори як қатор забоншиносон, аз ҷумла М. А. Солиева, А. Раҳимов, И. Зуҳуров, Ф. Юнусов, Ҳ. Раҳмонов, А. И. Смирнитский, Н. Д. Арутюнова, Е. С. Кубрякова, Т. В. Жеребило, И. В. Арнолд ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Солиева М. А. аҳаммияти равиши синтаксисӣ ба калимасозиро таъкид намуда, зикр мекунад, ки «калимасозии синтаксисӣ-самтгирӣ натиҷаҳои назаррас ба даст овард, зеро имкон дод аз доираи маҳдуди морфологии калимасозӣ берун баромада шавад, ки дар он калимаи мураккаб ҳамчун як воҳиди худмухтор, “чизе дар худ ва барои худ” баррасӣ мегардад» [13, с. 25]. Ба андешаи А. Раҳимов, «калимаҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ яке аз роҳҳои муҳимми калимасозӣ ба ҳисоб мераванд, махсусан ҳангоми ташаккули истилоҳоти илмӣ ва техникӣ» [10, с. 45]. Аз ин нуқтаи назар, калимаҳои мураккаб дар ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забон ва ифодаи мафҳумҳои махсус нақши муҳим доранд. Ба ақидаи Зуҳуров И. «калимаҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ асосан бо роҳҳои таркибӣ ва морфологӣ сохта мешаванд, ки ин ба сермаъноии луғат мусоидат менамояд» [6, с. 45]. Юнусов Ф. мавқеи калимаҳои мураккабро дар низоми

забони адабии тоҷик муҳим арзёбӣ намуда, қайд мекунад, ки онҳо махсусан дар раванди истилоҳсозӣ ва номгузории мафҳумҳои нав нақши назаррас доранд [15, с. 78]. Ба андешаи Раҳмонов Ҳ. ташаккули калимаҳои мураккаб яке аз равандҳои фаъоли густариш ва ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон ба шумор меравад [11, с. 74]. Смирнитский А. И. калимаҳои мураккабро ҳамчун воҳидҳои ягонаи луғавию маъноӣ тавсиф менамояд, ки аз ду ё зиёда реша иборат буда, мувофиқи қолабҳои муайян ба як воҳиди том муттаҳид мегарданд [12, с. 55]. Арутюнова Н. Д. калимаи мураккабро яке аз усулҳои номгузорӣ мешуморад, ки дар он ду ё зиёда реша барои ифодаи мафҳуми нав ба ҳам пайваст мешаванд. Маънои воҳиди ҳосилшуда на ҳамеша ба маҷмӯи одии маъноҳои ҷузъҳои таркибии он баробар аст [3, с. 77]. Кубрякова Е. С. масъалаи ташаккули калимаҳои мураккабро аз мавқеи забоншиносии маърифатӣ баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки қолабҳои калимасозӣ стратегияҳои маърифатии дарки воқеият ва гурӯҳбандии онро дар забон инъикос мекунанд [7, с. 38]. Жеребило Т. В. калимаҳои мураккабро воҳидҳое медонад, ки сохтори онҳо аз ду реша иборат буда, ин решаҳо мустақиман ё тавассути садонокҳои пайвасткунанда ба ҳам меоянд. Чунин калимаҳо бо ягонагии баланди маъноӣ тавсиф мешаванд [4, с. 47]. Арнолд И. В. калимаи мураккабро натиҷаи пайвастшавии ду ё зиёда асос дар таркиби як воҳиди луғавӣ арзёбӣ мекунад. Дар натиҷаи чунин пайвастшавӣ маънои наве ба вуҷуд меояд, ки метавонад аз маънои ҷузъҳои таркибии калима ба таври назаррас фарқ намояд [2, с. 68]. Ҳамин тариқ, андешаҳои муҳаққиқони зикршуда нишон медиҳанд, ки калимаҳои мураккаб яке аз воситаҳои фаъоли калимасозӣ буда, дар рушди таркиби луғавӣ, ташаккули истилоҳот ва ифодаи мафҳумҳои нави илмӣ нақши муҳим мебозанд.

Натиҷа. Метавон гуфт, ки истилоҳҳои мураккаб – ин истилоҳоте мебошанд, ки дар сохтори худ ду ё зиёда решаро дар бар мегиранд. Истилоҳоти мураккабро сершумор номидан мумкин аст; ҳангоми ташаккули калимаи мураккаб морфемаҳои решагӣ ё асосҳо бо якпорчагӣ тавсиф меёбанд, ки ба аломатҳои зерин ҷавобгӯянд:

а) ҷузъи аввал аломатҳои грамматикии мустақили худро аз даст медиҳад;

б). танҳо як таъкид (ударение) мавҷуд аст;

в). тартиби пайдарпайии ҷузъҳо қатъӣ ва собит мебошад;

г). калимаҳои мураккаб хусусиятҳои ягонаи морфологӣ доранд;

д) ягонагии шакли графикии калима мушоҳида мешавад;

е) калимаҳои мураккаб ҳамчун воҳиди мустақили лексикӣ амал мекунанд [1, с. 58].

Навъи калимасозии R + R дар забони тоҷикӣ ҳангоми ташаккули калимаҳои мураккаб хеле васеъ паҳн шудааст. Бо ин роҳ калимаҳои қисмҳои гуногуни нутқ сохта мешаванд, вале мавқеи пешбарро исмҳо ва сифатҳо ишғол мекунанд. Ин усул дар забонҳо мавриди таҳқиқ дар моделҳои зерин амалӣ мегардад: **Модели R + R = N:** «дастрасӣ» – «доступ», **«дидадарӣ» – «дерзость»**, «иҷрокунанда» – «исполнитель», «истеъмолкунанда» – «потребитель», «истифодабарандаи меҳмонхона» – «пользователь гостиницы», «спелеосайёҳӣ» – «спелеотуризм», «агенти сайёҳӣ» – «турагент», «танзимгари сайёҳӣ» – «туроператор», «таомнома» – «меню», «аниматори сайёҳӣ» – «тур-аниматор», «таймшер» – «таймшер», «шифохона» – «больница» ва ғ. Аз ин рӯ, мутобиқсозии истилоҳоти соҳаи сайёҳӣ ба забонҳои гуногун бояд бо риояи меъёрҳои забонӣ ва дақиқии маъно анҷом дода шавад, зеро интихоби нодурусти баробармаънӣ метавонад ба таҳриф шудани мазмун ва ба миён омадани нофаҳмӣ дар муошират касбӣ оварда расонад; бинобар ин истифодаи вариантҳои меъёрӣ ва ягонакунонии истилоҳот шарти зарурӣ барои рушди муошират илмӣ ва амалӣ дар ин соҳа ба шумор меравад. Калимасозии навъи R + R яке аз роҳҳои маъмултарин ва фаъолтарини ташаккули калимаҳои мураккаб дар забони муосири тоҷикӣ мебошад. Маҳсулнокии он махсусан дар соҳаҳои луғати маъмурӣ, сайёҳӣ, хизматрасонӣ, иқтисод, тандурустӣ ва техника ба назар мерасад. Моделҳои ин навъ қисмҳои гуногуни нутқро фаро мегиранд, аммо исмҳо ва сифатҳо мавқеи пешсафро ишғол мекунанд. Илова бар ин, дар забони тоҷикӣ низ сохторҳои мураккабе, ки бар асоси модели **R + R + R = N** ташаккул меёбанд, ба таври васеъ истифода мешаванд. Дар чунин сохторҳо се ҷузъи решагӣ дар доираи як калима муттаҳид гардида, як воҳиди ягонаи морфологиро ташкил медиҳанд. Хусусияти асосии ин гуна сохторҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо имкон медиҳанд мафҳумҳои бисёрсатҳӣ ва бисёрҷанба, ки дар шароити муқаррарӣ ба воситаи ибора ё маҷмӯи чанд калима ифода мешуданд, дар шакли лексикии фишурда ва аз ҷиҳати маъно дақиқ баён гарданд. Аз ҳамин лиҳоз, ин модел пеш аз ҳама дар луғати илмӣ, маъмурию ҳуқуқӣ, техникию иқтисодӣ, инчунин дар истилоҳоти соҳавӣ мавқеи устуворро ишғол менамояд. Калимаҳое чун *иҷозатномадор* («ваколатдор, дорои иҷозатнома») ва *саптмуайянкунак*

(«муайянкунандаи самт») на танҳо намунаҳои равшани чунин навъи калимасозӣ мебошанд, балки ҳамчунин иқтидори дохилии калимасозии забони тоҷикӣ ва тамоюли онро ба синтез ва якпорчагии шакли ифода нишон медиҳанд. Масалан, дар калимаи *иҷозатномадор* унсурҳои маъноӣ ба тарзе муттаҳид мешаванд, ки дар як воҳид ҳам мафҳуми ҳуҷҷат/иҷозатнома ва ҳам нишонаи доштани он ифода меёбад. Дар мавриди *саммуайянкунак* бошад, сохтор ба таври равшан вазифаи номгузории восита ё субъекте, ки «муайян мекунад»,-ро иҷро намуда, ҷузъҳои «самт», «муайян кардан» ва унсури агентивӣ (-кун/-кунак)-ро ба як мафҳуми мукаммал муттаҳид месозад.

Бояд зикр намуд, ки дар забони русӣ низ модели калимасозии **R + R** ба таври васеъ истифода мешавад, аммо он бештар дар шакли навишти дефисӣ (масалан, *гид-переводчик*) ё бо иштироки садоноки пайвасткунанда (чунонки дар калимаҳои *потребитель, исполнитель, меню*) татбиқ мегардад. Ин вижагӣ бо анъанаҳои калимасозӣ ва меъёрҳои имлои забони русӣ иртибот дошта, нақши унсурҳои пайвасткунандаро дар таъмини якпорчагии сохторӣ ва маъноии ҷузъҳо тақвият медиҳад. Ба ибораи дигар, дар забони русӣ унсурҳои миёнрав (садонокҳои пайвасткунанда, дефис) яке аз механизмҳои асосии ҳамоҳангсозии ҷузъҳои дохилии калима ба ҳисоб мераванд. Дар забони тоҷикӣ, баръакс, барои чунин воҳидҳо бештар навишти якҷоя хос буда, муносибатҳои дохилии байни ҷузъҳо асосан тавассути семантика ва қоидаҳои грамматикӣ танзим мегарданд, бе истифодаи ҳатмии морфемаҳои пайвасткунанда. Ин хусусият бо вижагиҳои типологии забони тоҷикӣ вобаста буда, тамоюли онро ба яклухтӣ, синтез ва сарфакории шакли ифода инъикос менамояд. Дар натиҷа, калимаҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ, одатан, ҳамчун воҳидҳои муттаҳид қабул шуда, ҳам аз ҷиҳати маъно ва ҳам аз лиҳози сохтор устувор мебошанд. Ҳамин тариқ, таҳлили анҷомдодашуда имкон медиҳад ба хулосае омад, ки моделҳои калимасозии **R + R** ва **R + R + R** дар забони тоҷикӣ нақши муҳим ва самаранок дошта, дорои як қатор хусусиятҳои бунёдӣ мебошанд:

– бо маҳсулнокии баланд фарқ карда, барои офариниши истилоҳҳо ва воҳидҳои нави лексикӣ дар соҳаҳои гуногуни илмӣ, техникӣ ва касбӣ фаъолона истифода мешаванд;

– ифодаи мухтасар, дақиқ ва мантиқии мафҳумҳои мураккаб ва бисёрҷанбаро таъмин менамоянд;

– имконият медиҳанд ҳам истилоҳоти худӣ ва ҳам истилоҳоти ҳосили иқтибоси маъноӣ бо риояи меъёрҳои забони тоҷикӣ ташаккул ёбанд;

– тамоюли устувор ба навишти якҷоя ва якпорчагии морфологиро инъикос намуда, ба таҳкими меъёрҳои имло мусоидат мекунанд;

– ба васеъ гардидани таркиби луғавӣ ва ташаккули низоми мукаммали истилоҳии забони тоҷикӣ мусоидат менамоянд;

– ҳамчун воситаи устувор, самаранок ва сермаҳсули ғанӣ гардондани луғати миллӣ баромад мекунанд;

– ҳам дар калимасозии дохилинизомӣ ва ҳам дар мутобиқсозӣ ва ҳамгироии истилоҳоти байналмилалӣ нақши фаъол мебозанд;

– сарфаи захираҳои забонӣ ва ғунҷоиши баланди иттилоотиро, махсусан дар луғати касбӣ ва истилоҳӣ, таъмин менамоянд;

– бо мутобиқати возеҳи грамматикӣ фарқ карда, ба меъёрҳои морфологӣ ва сохтории забони тоҷикӣ пурра ҷавобгӯ мебошанд.

Истифодаи васеи моделҳои **R + R** ва **R + R + R** далели он аст, ки калимасозии мураккаб яке аз механизмҳои калидии рушди забони муосири тоҷикӣ ба шумор меравад. Ин раванд на танҳо ба ташаккули дискурси илмӣ ва баланд гардидани дақиқии истилоҳот мусоидат мекунад, балки имкониятҳои ифоданокии забонро ҳангоми баён намудани мафҳумҳои нав, равандҳои муосир ва воқеиятҳои иҷтимоию илмӣ ба таври назаррас густариш медиҳад.

1. Калимаҳои мураккаб бо садоноки пайвасткунанда, ҳамсадо ё миёнванд: Модели R + e + R = N: телекоммуникатсия – «телекоммуникация» ва ғ. **Модели R + y + R = V:** гуфтугӯ – «разговор, беседа» ва ғ. Таҳлили моделҳои **R + e + R** ва **R + y + R** дар забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки ҳар ду сохтор дар ташаккули ҳам луғати илмӣ-техникӣ ва ҳам луғати гуфтугӯӣ нақши муҳим доранд. Модели **R + e + R** асосан барои ифодаи мафҳумҳои абстрактӣ ва истилоҳоти соҳавӣ хос буда, дар рушди луғати илмӣ ва касбӣ васеъ истифода мешавад, дар ҳоле ки модели **R + y + R** бештар вазифаи коммуникативӣ дошта, дар нутқи рӯзмарра ва гуфтугӯӣ мавқеи устуворро ишғол менамояд. Истифодаи ҳамзамони моделҳои **R + e + R** ва **R + y+ R** гувоҳӣ медиҳад, ки забони тоҷикӣ дорои имкониятҳои васеи калимасозӣ мебошад ва қодир аст ниёзҳои гуногуни муошарати илмӣ, касбӣ ва рӯзмарраро таъмин

намояд, ки ин, дар навбати худ, ба ғанигардонӣ ва рушди пайвастаи захираи луғавии он мусоидат мекунад. Модели R + e + R хосси истилоҳоти байналмилалӣ буда, бештар дар истилоҳоти пайдоиши юнонӣ-лотинӣ амалӣ мегардад (телекоммуникация, инфраструктура, геоинформатика ва ғ.). Ин калимаҳо, одатан, аз забони русӣ ё мустақиман аз забонҳои байналмилалӣ бо шакли монанд ё ҳамсон иқтибос мешаванд ва сохтори морфологии худро ҳифз мекунанд. Дар навбати худ, модели R + y + R барои забони тоҷикӣ хос буда, барои ифодаи мафҳумҳои марбут ба амалҳои мутақобил, даврӣ ё муколимавӣ васеъ истифода мешавад: гуфтугӯ, рафтуомад ва ғ. Ин модел дар забони русӣ ҳамтои мустақим надорад, зеро маъноҳои монанд он ҷо бештар тавассути феълҳои ҳосила, таркибҳои ҷуфт ё ибораҳои тавсифӣ ифода мешаванд.

Ҳамин тариқ, модели R + e + R забонҳои тоҷикӣ ва русиро дар сатҳи истилоҳоти байналмилалӣ наздик мекунад, дар ҳоле ки модели R + y + R хусусияти морфологии забони тоҷикӣ ва захираҳои дохилии калимасозии онро нишон медиҳад.

2. Калимаҳои мураккаб бо пасвандгузорӣ: N + N + V + ӣ = N: иҷозатномадиҳӣ – «лицензирование» ва ғ. N + V + ӣ = N: мутобиқшавӣ – «приспособление», хизматрасонӣ – «сервис», чандрасонаӣ – «мультимедиа» ва ғ. N + N + ӣ = N: соҳибкорӣ – «предпринимательство», шабгузаронӣ – «ночлег» ва ғ.

Пасванди **-ӣ** яке аз воситаҳои хеле маҳсулноки калимасозӣ дар забони тоҷикӣ ба шумор рафта, дар низомҳои истилоҳӣ нақши махсусан муҳим мебозад. Бо истифода аз ин пасванд дар асоси решаҳои исмӣ ва феълӣ воҳидҳои нави лексикӣ сохта мешаванд, ки, одатан, амалҳо ва равандҳо, ҳолатҳо, намудҳои фаъолият ё соҳаҳои алоҳидаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро ифода менамоянд. Аз ҳамин лиҳоз, чунин сохторҳо дар ташаккули луғати илмӣ, техникӣ ва маъмурию ҳуқуқӣ фаъолона иштирок намуда, ҳамчун воситаи самараноки номгузории мафҳумҳои муосир хизмат мекунанд.

Ҳамин тариқ, моделҳои калимасозие, ки бо истифодаи пасванди **-ӣ** сохта мешаванд, на танҳо васеъ паҳн гардидаанд, балки аз ҷиҳати маъно низ дақиқ буда, барои истилоҳсозӣ бисёр муносиб мебошанд. Маҳсулнокии онҳо ба забони тоҷикӣ имкон медиҳад, ки мафҳумҳои навро бо такя ба захираҳои дохилии худ ва дар шакли меъёрӣ ифода намояд, ки ин, дар навбати худ, ба устуворшавӣ, ягонакунонӣ ва стандартизатсияи истилоҳоти соҳавӣ, инчунин ба рушди забони илмӣ ва касбӣ мусоидат мекунад.

3. Калимаҳои мураккаб бо навишти дефисӣ: шаҳр-кластер, сайёҳии-экскурсионӣ, роҳбалад-экскурсовод, апарт-отелҳо, интернет-банкинг, интернет-трейдинг, санаторияи-профилакторий, сити-тур, топ-менеҷер, форс-мажор, гид-тарҷумон [8, с. 20].

мураккаб, ки бо ҳамнишинии одии асосҳо сохта шудаанд (R + R = N): туроператор – «танзимгари сайёҳӣ», турпродукт – «маҳсулоти туристӣ», турагент – «агенти сайёҳӣ», аудиогид – «роҳбалади аудио», фототур – «сафари аксбардорӣ», экотур – «сафари экологӣ», велотур – «сайри велосипедронӣ», турпакет – «бастаи тур», туркомплекс – «комплекси сайёҳӣ», аквапарк – «аквапарк» ва ғ. [14, с. 35].

Ин маҷмӯи намунаҳо ба таври равшан нишон медиҳад, ки дар истилоҳоти соҳаи сайёҳӣ ҳамзамон ду равиши асосӣ фаъолият мекунанд:

— **тарҷума / калькасозӣ** (масалан, «аудиогид», «сафари аксбардорӣ», «сафари экологӣ», «велотур»), ки ба фаҳмо гардидани истилоҳҳо ва мутобиқшавии онҳо ба меъёрҳои забони тоҷикӣ мусоидат менамоянд; **нигоҳдории шакли интернасионалӣ** (масалан, «аквапарк»), ки одатан дар он ҳолатҳо истифода мешавад, ки истилоҳ аллакай дар муоширати касбӣ устувор гардида бошад ва барои он муодили кӯтоҳу равшан мавҷуд набошад.

Мутобиқсозии истилоҳоти сайёҳӣ бояд ба ду талаботи калидӣ такя кунад: **дақиқии маъноӣ** ва **меъёрияти забонӣ**. Дар ин замина, тарҷумаи истилоҳҳои асосӣ ба шаклҳои равон ва осонфаҳм (бо истифода аз захираҳои дохилии забон) ва ҳамзамон истифодаи маҳдуди воҳидҳои интернасионалӣ дар ҳолатҳои зарурӣ имкон медиҳад, ки низоми истилоҳии соҳа ҳам устувортар ва ҳам барои истифодабарандагон дастрастар гардад.

5. Калимаҳои мураккаб бо садоноки пайвасткунандаи -о-:

R + o + R = N: талассотерапия, климатотерапия ва ғ. Дар забони тоҷикӣ чунин мафҳумҳо одатан тавассути таркибҳои таҳлилӣ ифода мешаванд: табобати баҳрӣ, табобати бо иқлим, табобат бо растаниҳо.

6. Калимаҳои мураккаб бо пешвангузорӣ: про + V + N: провоз багажа – интиқоли бор, экс + N + о + V = N: экскурсовод – роҳнамо ва ғ.

Ин фарқиятҳо хусусиятҳои типологии морфологии ду забонро инъикос мекунанд: забони русӣ ба шаклҳои синтетикӣ майл дорад, дар ҳоле ки забони тоҷикӣ сохторҳои таҳлилиро бо шаффофияти баланди семантикӣ авлотар мешуморад.

Дар маҷмӯъ метавон ба чунин хулоса омад, ки калимасозии мураккаб дар забони тоҷикӣ ҳамчун воситаи устувор, самаранок ва хеле маҳсулноки офариниши истилоҳоти нав баромад мекунад. Ин раванд на танҳо ба воҳидҳои лексикӣ ғунҷоиши баланди иттилоотӣ мебахшад, балки ба васеъшавӣ, дақиқсозӣ, баланд гардидани саҳеҳият ва низоммандшавии низоми истилоҳии забони тоҷикӣ мусоидат менамояд. Маҳз тавассути калимаҳои мураккаб ифодаи мафҳумҳои нав дар соҳаҳои илм, техника ва фаъолияти касбӣ имконпазир мегардад, зеро чунин воҳидҳо муҳтавои мафҳумиро дар шакли фишурда, равшан ва аз ҷиҳати маъно дақиқ пешниҳод мекунанд.

Муҳокима. Илова бар ин, калимасозии мураккаб ба мутобиқсозии истилоҳоти байналмилалӣ ба меъёрҳои сохторӣ ва маъноии забони тоҷикӣ мусоидат намуда, фаъолияти пурраи онҳоро дар муоширати илмӣ ва касбӣ таъмин мекунад. Дар ин замина, омӯзиши мунтазам ва ҳамаҷонибаи ин раванд аҳаммияти назариявӣ ва амалии бузург пайдо мекунад, зеро он ба такмили принсипҳои стандартизатсияи истилоҳот, таҳия ва низоммандсозии луғатҳои соҳавӣ, инчунин ба ташаккул ва рушди забони илмии муосири тоҷикӣ равона гардидааст.

Хулоса. масъалаи ташаккул, сохтор, семантика, вазифаҳои забонӣ ва хусусиятҳои калимасозии калимаҳои мураккаб аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ва баҳсноки забоншиносии муосир ба шумор меравад. Омӯзиши ин падида имкон медиҳад, ки қонуниятҳои рушди таркиби луғавии забон, роҳҳои пайдоиши воҳидҳои нави номинативӣ, муносибати байни ҷузъҳои сохтории калима ва хусусиятҳои ташаккули маънои яклухти он муайян карда шаванд. Калимаҳои мураккаб ҳамчун яке аз воситаҳои сермаҳсули калимасозӣ дар ифодаи мафҳумҳои нав, номгузории падидаҳои иҷтимоӣ, илмӣ ва техникӣ, инчунин дар такмил ва ғанӣ гардонидани захираи луғавии забон нақши назаррас доранд. М. А. Солиева зимни таҳқиқи масъалаҳои калимасозӣ аҳаммияти равиши синтаксисӣ-самтгирро махсус таъкид менамояд. Ба андешаи муҳаққиқ, «калимасозии синтаксисӣ-самтгирӣ натиҷаҳои назаррас ба даст овард, зеро имкон дод аз доираи маҳдуди морфологии калимасозӣ берун баромада шавад, ки дар он калимаи мураккаб ҳамчун як воҳиди худмустақил, “чизе дар худ ва барои худ” баррасӣ мегардад» [13, с. 25]. Мавқеи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқи калимаҳои мураккаб танҳо дар доираи таҳлили шаклҳои морфологӣ ва таркиби решавии онҳо маҳдуд буда наметавонад. Баръакс, барои муайян намудани моҳияти воқеии чунин воҳидҳо робитаҳои синтаксисӣ, муносибатҳои маъноии байни ҷузъҳои таркибӣ, хусусиятҳои номинативӣ ва шароити ташаккули маънои умумии онҳо низ бояд ба назар гирифта шаванд.

Аз нуқтаи назари М. А. Солиева, муносибати синтаксисӣ ба калимасозӣ имконият фароҳам меорад, ки калимаи мураккаб ҳамчун натиҷаи фишурдашавӣ, муттаҳидшавӣ ва ба як воҳиди луғавӣ табдил ёфтани муносибатҳои муайяни синтаксисӣ шарҳ дода шавад. Дар ин ҳолат ҷузъҳои таркибии калима на танҳо ҳамчун унсурҳои морфологӣ, балки ҳамчун воситаҳои ифодаи муносибатҳои муайяни маъноӣ баррасӣ мегарданд. Аз ин рӯ, таҳлили калимаҳои мураккаб дар асоси муносибати байни сохтор, маъно ва вазифаи номинативии онҳо аҳаммияти махсус пайдо мекунад. А. Раҳимов калимаҳои мураккабро яке аз роҳҳои асосӣ ва сермаҳсули калимасозӣ дар забони тоҷикӣ арзёбӣ менамояд. Ӯ қайд мекунад, ки «калимаҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ яке аз роҳҳои муҳимми калимасозӣ ба ҳисоб мераванд, махсусан ҳангоми ташаккули истилоҳоти илмӣ ва техникӣ» [10, с. 45]. Ин андеша нишон медиҳад, ки нақши калимаҳои мураккаб танҳо бо ғанӣ намудани захираи умумии луғавии забон маҳдуд намегардад. Онҳо дар ташаккули низоми истилоҳот, ифодаи мафҳумҳои мушаххаси соҳавӣ ва мутобиқ намудани забон ба талаботи рушди илму техника саҳми муҳим мегузоранд. И. Зуҳуров масъалаи калимаҳои мураккабро бештар аз нуқтаи назари сохторию морфологӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Ба андешаи ӯ, «калимаҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ асосан бо роҳҳои таркибӣ ва морфологӣ сохта мешаванд, ки ин ба сермаъноии луғат мусоидат менамояд» [6, с. 45]. Мавқеи мазкур ба он ишора мекунад, ки ташаккули калимаҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ ба қонуниятҳои муайяни калимасозӣ такя мекунад. Дар ҷараёни калимасозӣ ду ё зиёда асос, реша ё воҳиди дорои маънои мустақил ба ҳам пайваста, сохтори нави луғавиро ба вуҷуд меоранд. Роҳҳои таркибӣ ва морфологии ташаккули калимаҳои мураккаб на танҳо шакли берунии воҳидҳои навро муайян мекунанд, балки ба хусусиятҳои маъноии онҳо низ таъсир мерасонанд. Дар бисёр мавридҳо маънои калимаи мураккаб аз муносибати байни ҷузъҳои таркибии он бармеояд. Аммо дар баъзе

ҳолатҳо воҳиди ҳосилшуда маънои маҷозӣ, истилоҳӣ ё аз ҷиҳати семантикӣ тағйирёфта касб мекунад. Аз ин рӯ, калимасозии мураккаб метавонад ба густариши сермаъноии луғавӣ, пайдоиши маъноҳои нави истилоҳӣ ва рушди имкониятҳои ифодакунандаи забон мусоидат намояд. Ф. Юнусов мавқеи калимаҳои мураккабро дар низоми забони адабии тоҷикӣ муҳим арзёбӣ намуда, таъкид мекунад, ки онҳо махсусан дар истилоҳсозӣ ва номгузории мафҳумҳои нав нақши назаррас доранд [15, с. 78]. Ин мавқеъ нишон медиҳад, ки калимаҳои мураккаб яке аз воситаҳои фаъоли мутобиқшавии забон ба тағйироти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва илмии ҷомеа мебошанд. Ҳар як марҳалаи нави рушди ҷомеа боиси пайдоиши мафҳумҳо ва падидаҳое мегардад, ки барои ифодаи онҳо воҳидҳои нави забонӣ зарур мешаванд. Калимаҳои мураккаб дар чунин шароит имконият медиҳанд, ки дар заминаи имкониятҳои дохилии забон номҳои нави фаҳмо, мантиқӣ ва аз ҷиҳати маъноӣ асоснок ташаккул дода шаванд. Дар раванди истилоҳсозӣ ҷузъҳои калимаи мураккаб одатан нишонаҳои муҳимтарини мафҳуми номбаршавандаро ифода мекунанд. Аз ин рӯ, сохтори чунин калимаҳо метавонад барои дарки маънои онҳо мусоидат намояд. Маҳз ҳамин хусусият калимаҳои мураккабро ба воситаи самараноки номгузории мафҳумҳои илмӣ ва соҳавӣ табдил медиҳад. Ҳ. Раҳмонов ташаккули калимаҳои мураккабро яке аз равандҳои фаъоли густариш ва такомули таркиби луғавии забон мешуморад [11, с. 74]. Ба андешаи ӯ, ғанӣ гардидани луғати забон на танҳо тавассути ворид гардидани калимаҳои иқтибосӣ, балки пеш аз ҳама бо истифода аз имкониятҳои дохилии калимасозии забон амалӣ мегардад. Аз ҷумла, пайвастшавии решаҳо ва асосҳои мавҷуда имкон медиҳад, ки воҳидҳои нави луғавии дорои сохтор ва маънои нисбатан мустақил ба вуҷуд оварда шаванд.

Мавқеи мазкур калимасозии мураккабро ҳамчун падидаи динамикӣ ва пайваста инкишофёбанда муаррифӣ менамояд. Забон вобаста ба талаботи муошират, рушди ҷомеа ва зарурати ифодаи мафҳумҳои нав имкониятҳои калимасозии худро фаъол мегардонад. Дар натиҷа, калимаҳои мураккаб ҳамчун яке аз манбаъҳои муҳимми ғанӣ гардидани таркиби луғавӣ ва васеъ шудани имкониятҳои маъноию услубии забон зуҳур мекунанд. А. И. Смирнитский ба масъалаи ягонагии луғавию маъноии калимаҳои мураккаб таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Ӯ чунин мешуморад, ки «калимаҳои мураккаб воҳиди ягонаи лексикӣ-семантикӣ мебошанд, ки аз ду ё зиёда реша иборат буда, тибқи моделҳои муайян ба як воҳиди том муттаҳид мешаванд» [12, с. 55]. Дар таърифи мазкур ду аломати асосии калимаҳои мураккаб — мураккабии сохторӣ ва ягонагии семантикӣ – ба таври барҷаста инъикос гардидаанд. Н. Д. Арутюнова калимаи мураккабро аз нуқтаи назари вазифаи номинативӣ таҳлил намуда, қайд мекунад, ки «калимаи мураккаб усули номгузорист, ки дар он ду ё зиёда реша барои ифодаи мафҳуми нав муттаҳид мегарданд, ки он ба ҷамъбасти одии маъноҳои ҷузъҳо баробар нест» [3, с. 77]. Дар ин мавқеъ хусусияти ғайриҷамъбастии маънои калимаи мураккаб аҳаммияти махсус дорад. Яъне маънои воҳиди ҳосилшуда на дар ҳамаи ҳолатҳо аз ҷамъ намудани маъноҳои луғавии ҷузъҳои он ба таври мустақим ба даст меояд. Е. С. Кубрякова калимасозии мураккабро аз дидгоҳи забоншиносии маърифатӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ӯ таъкид менамояд, ки «моделҳои ташаккули калимаҳои мураккаб стратегияҳои когнитивии дарки воқеият ва гурӯҳбандии онро дар забон инъикос мекунанд» [7, с. 38]. Аз ин нуқтаи назар, калимаи мураккаб танҳо натиҷаи пайвастшавии механикии ду ё зиёда унсури забонӣ нест, балки воситаи ифодаи тарзи дарк, тасниф ва маънидод намудани воқеият аз ҷониби инсон мебошад. Т. В. Жеребило ҳангоми тавсифи калимаҳои мураккаб пеш аз ҳама ба сохтори решавӣ ва воситаҳои пайвастшавии ҷузъҳои онҳо таваҷҷуҳ менамояд. Ӯ қайд мекунад, ки «калимаҳои мураккаб дорои сохторе мебошанд, ки аз ду реша иборат аст; онҳо ё мустақиман, ё тавассути садонокҳои пайвасткунанда муттаҳид шуда, бо ягонагии баланди семантикӣ тавсиф меёбанд» [4, с. 47]. Дар ин таъриф воситаҳои грамматикию фонетикии пайвастшавии ҷузъҳо ва ҳамзамон ягонагии маъноии калимаи ҳосилшуда нишон дода шудаанд.

Ҳамин тариқ, калимаҳои мураккабро метавон ҳамчун воҳидҳои бисёрҷанбаи забонӣ арзёбӣ намуд, ки хусусиятҳои сохторӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, семантикӣ, номинативӣ ва маърифатиро дар худ муттаҳид месозанд. Онҳо аз як тараф, натиҷаи амал намудани қонуниятҳои дохилии калимасозии забон буда, аз тарафи дигар, ба талаботи номгузории мафҳумҳои нави иҷтимоӣ, илмӣ, техникӣ ва фарҳангӣ ҷавоб мегӯянд.

Адабиёт

1. *Авилова, Н. С. Слова интернационального происхождения в русском литературном языке нового времени (глаголы с заимствованной основой) / Н. С. Авилова. М.: Наука, 1967. - 246 с.*

2. *Арнольд, И. В. Лексикология современного английского языка / И. В. Арнольд. - М.: Высшая школа, 1986. - 121 с.*
3. *Арутюнова, Н. Д. Предложение и его смысл / Н. Д. Арутюнова. - М.: Наука, 1976. - 214 с.*
4. *Жеребило, Т. В. Лингвистический энциклопедический словарь. Ростов н / Д: Феникс, 2006.- 92 с.*
5. *Житнев, С. Ю. Российский энциклопедический словарь / С. Ю. Житнев,. М., 2018. - 491 с.*
6. *Зуҳуров, И. Морфологияи забони тоҷикӣ / И. Зуҳуров. - Душанбе: Маориф, 1999. - 123 с.*
7. *Кубрякова, Е. С. Язык и знание: На пути получения знаний о языке / Е. С. Кубрякова. - М.: Языки славянской культуры, 2004. - 173 с.*
8. *Национальный корпус русского языка [Электронный ресурс]. URL: https://ruscorpora.ru/new/ (дата обращения: 15.05.2024).*
9. *Мусоямов, З.М. Таснифи роҳу усул, вазифа ва хусусияти меъёргузории истилоҳот / З.М. Мусоямов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ филологических наук. - 2023. № 6 (107). - С. 60 - 66.*
10. *Раҳимов, А. Масъалаҳои калимасозӣ дар забони тоҷикӣ / А. Раҳимов. - Душанбе, 2007.-192 с.*
11. *Раҳмонов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик / Ҳ. Раҳмонов. - Душанбе, 2004. - 135 с.*
12. *Смирницкий, А. И. Лексикология английского языка / А. И. Смирницкий. - М.: Высшая школа, 1956.-107 с.*
13. *Солиева, М. А. Структурно-семантический анализ текстильных терминов в таджикском и английском языках: / М. А. Солиева // дис. ... канд. филол. наук: 10.02.20. (Место защиты, год — не указаны).*
14. *Турист [Электронный ресурс]. URL: https://tourist-journal.ru/ (дата обращения: 01.08.2024).*
15. *Юнусов, Ф. Сохтори калима ва калимасозӣ / Ф. Юнусов. - Душанбе, 2012. - 88 с.*

ҶАНБАҲОИ ЛИНГВИСТИИ ИСТИЛОҲҲОИ МУРАККАБИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

Дар мақола таҳлили муқоисавии ҷанбаҳои лингвистии истилоҳоти соҳаи сайёҳӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ анҷом дода мешавад. Ҳадафи асосии таҳқиқ муайян намудани хусусиятҳои сохторию морфологӣ, механизмҳои калимасозӣ ва тамоюлҳои мутобиқшавии истилоҳҳои сайёҳӣ дар ҷараёни интиқоли онҳо аз як забон ба забони дигар мебошад. Дар доираи таҳқиқ маводи истилоҳотӣ аз манбаъҳои луғатшиносӣ, матнҳои соҳавӣ (маводи таблиғотӣ, сомонаҳо, матбуоти махсус), инчунин аз истифодаи воқеии истилоҳҳо дар муоширати касбӣ ҷамъоварӣ гардида, бо истифода аз усулҳои тавсифӣ, муқоисавӣ ва таҳлили сохторӣ низомманд карда шуд. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки қисми назарраси истилоҳоти сайёҳӣ дорои сохтори мураккаб буда, метавонад ба якчанд гурӯҳи асосӣ ҷудо карда шавад. Ин гурӯҳбандӣ имкон медиҳад, ки механизмҳои маҳсулноки калимасозӣ дар ҳар ду забон ошкор гардида, принсипҳои ташаккули истилоҳоти нав муайян карда шаванд. Дар мақола махсус таъкид мегардад, ки бисёре аз истилоҳҳои соҳаи сайёҳӣ хусусияти байналмилалӣ доранд. Бо вуҷуди ин, дар ҷараёни тарҷума ва ҳамгироии онҳо ба забони тоҷикӣ сохтори чунин воҳидҳо аксар вақт тағйир меёбад: дар забони русӣ истилоҳ метавонад ҳамчун сохтори бисёркомпонентӣ ё дар доираи як модели муайяни калимасозӣ истифода шавад, дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ он метавонад бо унсурҳои пайвасткунанда, миёнвандҳо, пасвандҳо ё бо тарзи навишти дефисӣ мутобиқ гардад.

Калидвожаҳо: калимаҳои мураккаб, истилоҳҳои мураккаб, воҳидҳои лексикӣ, модел, калимасозӣ, сайёҳӣ, хизматрасонӣ, иқтисод, тандурустӣ.

ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ СЛОЖНЫХ ТЕРМИНОВ ТУРИСТИЧЕСКОЙ СФЕРЫ В ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

В статье проводится сравнительный анализ лингвистических аспектов терминологии туристической отрасли в таджикском и русском языках. Основной целью исследования является выявление структурно-морфологических особенностей, механизмов словообразования и тенденций адаптации туристических терминов в процессе их переноса из одного языка в другой. В рамках исследования терминологический материал был собран из лексикографических источников, отраслевых текстов (рекламных материалов, веб-сайтов, специализированной прессы), а также из реального употребления терминов в профессиональной коммуникации; полученные данные были систематизированы с использованием описательного, сравнительного и структурного методов анализа. Результаты исследования показывают, что значительная часть туристической терминологии имеет сложную структуру и может быть подразделена на несколько основных групп. Данная классификация позволяет выявить продуктивные механизмы словообразования в обоих языках и определить принципы формирования новой терминологии. В статье особо подчеркивается, что многие термины туристической сферы носят интернациональный характер. Вместе с тем в процессе перевода и интеграции в таджикский язык структура таких единиц нередко претерпевает изменения: в русском языке термин может использоваться как многокомпонентная структура или в рамках определенной словообразовательной модели, тогда как в таджикском языке он может не

ограничиваться бинарной формой, адаптируясь посредством соединительных элементов, инфиксов, суффиксов либо дефисного написания.

Ключевые слова: сложные слова, сложные термины, лексические единицы, модель, словообразование, туризм, обслуживание, экономика, здравоохранение.

LINGUISTIC ASPECTS OF COMPLEX TOURISM TERMINOLOGY IN THE TAJIK AND RUSSIAN LANGUAGES

This article presents a comparative analysis of the linguistic aspects of tourism terminology in the Tajik and Russian languages. The main objective of the study is to identify structural and morphological features, word-formation mechanisms, and trends in the adaptation of tourism terms during their transfer from one language to another. Within the framework of the research, terminological material was collected from lexicographic sources, sector-specific texts (promotional materials, websites, and specialized press), as well as from the actual use of terms in professional communication; the collected data were systematized using descriptive, comparative, and structural analysis methods. The research findings indicate that a significant portion of tourism terminology has a complex structure and can be classified into several main groups. This classification makes it possible to identify productive word-formation mechanisms in both languages and to determine the principles governing the formation of new terminology. The article particularly emphasizes that many tourism-related terms have an international character. However, during the process of translation and integration into the Tajik language, the structure of such units often undergoes transformation: in Russian, a term may function as a multi-component structure or follow a specific word-formation model, whereas in Tajik it may be adapted through the use of linking elements, infixes, suffixes, or hyphenated spelling.

Keywords: compound words, complex terms, lexical units, model, word formation, tourism, services, economy, healthcare.

Дар бораи муаллиф
Соҳибзода Азиза Нурулло
Номзади илмҳои филологӣ, ассистенти кафедраи забон ва адабиёти рус
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
E-mail: sohibova96@mail.ru

About the author
Sohibzoda Aziza Nurullo
Assistant of the Department Russian Languag and literature
Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship
Republic of Tajikistan, 734055, Dushanbe, Borbad str., 48/5
E-mail: sohibova96@mail.ru

Об авторе
Сохибзода Азиза Нурулло
Кандидат филологических наук, ассистент кафедры русского языка и литературы
Таджикский международный университет туризма и предпринимательства
734055, Республики Таджикистан, г.Душанбе, проспект Борбад, 48/5
E-mail: sohibova96@mail.ru

УДК 261.354

СЕМАНТИКА И СИНТАКСИС БЕЗЛИЧНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В СОВРЕМЕННОМ РУССКОМ ЯЗЫКЕ: СТРУКТУРА, ФУНКЦИИ, СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ

Тешаев С. О.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Введение. В системе синтаксиса русского языка особое место занимают безличные предложения, которые отражают состояния, процессы и явления, не соотносимые с конкретным деятелем. Эти конструкции представляют интерес не только с точки зрения грамматической структуры, но и в аспекте функционально-стилистического употребления.

Безличными называются такие предложения, в которых отсутствует подлежащее, а грамматическое и смысловое ядро составляют сказуемое и обстоятельственные компоненты. В таких предложениях действие или состояние представляется независимым от субъекта. Классификация может основываться на типе сказуемого: с безличным глаголом (*темнеет, морозило*); с инфинитивом (*не уснуть, не смеяться*); с кратким прилагательным (*неизвестно, невозможно*); с категориями состояния (*жарко, холодно, трудно*).

Материаль и метод исследование. Проблема безличных конструкций занимает значительное место в лингвистике, поскольку эти структуры выходят за рамки стандартной субъектно-предикативной модели. В традиционном понимании, безличное предложение — это синтаксическая конструкция, в которой не выражен и не подразумевается подлежащее, а сказуемое обозначает состояние, явление или действие, не связанное с конкретным лицом или предметом [3, с. 214].

Ещё в трудах академика Шахматова А. А. подчёркивалось, что безличные предложения отражают особенности мышления, где важнее сам процесс или состояние, нежели субъект действия. Этот подход был развит в работах В. В. Виноградова, который выделял безличность как особое синтаксическое значение, выражающее «отвлечённое от субъекта действие» [3, с. 312]. Современные исследователи (Н. С. Кузнецова, В. В. Иваницкий и др.) предлагают различные критерии классификации безличных предложений. Наиболее распространённой является грамматико-семантическая классификация, основанная на типе сказуемого и его форме выражения. Важно отметить, что в некоторых конструкциях подлежащее формально представлено косвенным падежом (*Мне холодно. Ему не спится.*), но синтаксически оно не играет роль подлежащего, а лишь указывает на переживающего состояние субъекта.

Классификация безличных предложений может проводиться и по стилистической нагрузке: Нейтральные конструкции, распространённые в разговорной и публицистической речи (*Поздно. Нельзя входить.*). Эмоционально-оценочные, чаще всего встречающиеся в художественном стиле (*Как больно! Тоскливо было на душе.*).

Бобоева Г.М. отмечает: “Безличные предложения в русском языке представляют собой особую синтаксическую структуру, в которой действие или состояние выражается независимо от субъекта. Смысловая основа этих конструкций заключается в том, что субъект действия либо отсутствует вовсе, либо не осознаётся как необходимый участник ситуации. В связи с этим семантика безличных конструкций тесно связана с категорией объективности, неопределённости и обобщённости” [2, с. 312].

Результат. Семантическая природа безличных предложений обусловлена, прежде всего, тем, что они передают ситуации, не предполагающие агента действия. Такие конструкции могут обозначать: естественные или физиологические состояния: *«Темнеет»*, *«Знобит»*, *«Тошнит»*; оценочные или эмоциональные состояния: *«Жалко уходить»*, *«Невозможно терпеть»*; условия среды: *«Становится холодно»*, *«В комнате душно»*; необходимость или неизбежность действия: *«Надо идти»*, *«Следует подумать»*.

Таким образом, семантическое ядро безличных конструкций связано не с действием субъекта, а с характеристикой состояния, процесса или оценки ситуации в целом. Такие предложения как бы фиксируют определённое положение дел, не указывая на того, кто является инициатором или носителем состояния. Важной особенностью является то, что безличные конструкции могут выражать неопределённо-личные, обобщённо-личные или экзистенциальные значения. Например, в предложении *«Скоро рассветать начнёт»*

выражается объективный, естественный процесс, существующий независимо от воли субъекта.

Важно отметить, что семантика безличных предложений в современном русском языке отражает стремление к компактной, лаконичной передаче информации. За счёт исключения субъекта внимание акцентируется на самом действии или состоянии, что особенно характерно для официально-делового и научного стилей. Вместе с тем в художественной прозе такие конструкции нередко используются для создания психологического фона, атмосферности, усиления эмоционального напряжения.

Так, в произведениях русских классиков часто встречаются безличные предложения, передающие переживания персонажей: *«Ей стало грустно», «Меня знобило от страха»*. В подобных случаях безличность служит средством художественной выразительности, помогая передать внутреннее состояние героя, не называя его напрямую.

Следует также отметить, что в семантической структуре безличных конструкций возможна имплицитная субъектность, когда говорящий подразумевает субъекта, но не называет его явно. Это наблюдается, например, в разговорной речи: *«Опоздать бы не случилось»* — здесь скрытый субъект соотносится с говорящим или его собеседником.

Безличные предложения отличаются от личных прежде всего отсутствием грамматического подлежащего. Центральным компонентом подобных конструкций выступает сказуемое, которое передаёт либо состояние, либо оценку, либо необходимость действия. Как подчёркивает А.М. Пешковский, «в безличных предложениях подлежащее не только не выражено, но и грамматически не предусмотрено» [6, с. 89].

В синтаксическом плане такие конструкции могут быть как краткими (*«Темнеет», «Тошнит»*), так и распространёнными (*«На улице уже темнело», «Меня морозило всю ночь»*). Основная синтаксическая особенность заключается в том, что сказуемое здесь может быть выражено: глаголом в безличной форме (*«Знобит», «Смеркается»*); категорией состояния (*«Холодно», «Жарко»*); модальным словом с инфинитивом (*«Нужно спешить», «Следует объяснить»*); пассивной конструкцией без агенса (*«Сделано грубо», «Задание выполнено»*).

По наблюдению Г.А. Золотовой, «главный член безличного предложения может быть выражен почти любым средством, кроме имени существительного» [3, с. 119]. Важной чертой является то, что сказуемое чаще всего употребляется в третьем лице единственного числа и не соотносится ни с одним лицом. Это придаёт конструкции универсальный, нейтральный характер. Подобная структура хорошо подходит для выражения объективной информации, особенно в научной и деловой речи.

Особого внимания заслуживают модально-оценочные конструкции безличного типа: *«Жалко уходить», «Можно начинать», «Нельзя медлить»*. Эти формы выражают не только объективные состояния, но и субъективные отношения говорящего к действию или ситуации. По мнению Т.А. Ладыженской, «безличные предложения способны передавать сложную эмоционально-модальную окраску без прямого указания на субъект речи» [5, с. 78]. Кроме того, в разговорной и художественной речи часто встречаются контекстуально неполные конструкции, в которых отдельные члены предложения восстановимы из ситуации или предыдущих высказываний: *«Поздно», «Не стоит», «Обидно»*. Такие формы интонационно выделяются и обладают высокой экспрессивностью.

Безличные предложения выполняют в языке не только грамматическую, но и важную функционально-стилистическую роль. В зависимости от речевой ситуации и типа текста, они используются для выражения различных смыслов: от объективного состояния до субъективной эмоциональной оценки.

В научном и официально-деловом стиле такие конструкции часто применяются для передачи информации, требующей объективности и безличности. Например, в формулировках типа *«Установлено, что...», «Предполагается проведение эксперимента»* происходит намеренное устранение субъекта действия. Это позволяет автору акцентировать внимание не на деятеле, а на содержании действия. Как пишет Н.Ю. Шведова, «безличные формы обеспечивают объективность и нейтральность высказывания, что особенно ценно в научном дискурсе» [10, с. 164].

В публицистическом стиле безличные конструкции используются для выражения оценки или воздействия на адресата. Формулировки вроде *«Нельзя забывать уроки истории», «Важно понимать последствия»* выполняют убеждающую функцию и направлены на формирование мнения читателя.

В разговорной речи и художественной литературе безличные предложения приобретают особенно яркую экспрессивную окраску. Они позволяют выразить эмоциональное состояние, физические ощущения и внутренние переживания. Например: *«Мне было страшно», «Становилось не по себе», «Щемило сердце»*. Такие формы способствуют созданию психологической глубины и атмосферности. Якубинский Л.П. подчеркивает, что «в художественном тексте безличные предложения часто становятся средством передачи настроения, фона, эмоционального напряжения» [11, с. 140].

В письменной деловой коммуникации, особенно в юридических и административных текстах, безличные формы выполняют функцию обезличивания ответственности: *«Было принято решение», «Рассматривается вопрос», «Рекомендовано провести проверку»*. Это придаёт высказыванию официальный, отстранённый характер. Наконец, в поэтическом и художественном стилях безличные конструкции способны выполнять изобразительно-выразительную функцию. Они передают изменение состояния природы, атмосферу или внутренний мир героя, часто без указания на источник переживаний. Например: *«Холодно и пусто», «Мутилось в голове», «Всё казалось чужим»* — такие фразы насыщены эмоциональностью и субъективным восприятием мира.

Отсюда можно сделать выводы, что функциональная нагрузка безличных предложений варьируется в зависимости от стиля речи. Они обеспечивают лаконичность, выразительность, объективность и эмоциональность, выступая как универсальный инструмент коммуникативного воздействия.

Безличные предложения обладают выразительными возможностями, позволяющими варьировать стиль речи в зависимости от коммуникативной задачи. Их стилистическая ценность заключается в способности передавать состояния, ощущения, эмоциональные реакции и обобщённые оценки без необходимости указывать на субъект действия.

В художественной речи безличные конструкции используются для создания психологического фона, передачи настроения персонажа или общей атмосферы. Фразы типа *«Тянуло сыростью», «На душе стало тяжело», «Моросило»* помогают автору создать ощущение отчуждённости, безысходности или внутреннего напряжения. Как отмечал Якубинский Л.П. «безличные предложения усиливают впечатление личностной замкнутости героя, делая его переживания универсальными» [11, с. 145]. Благодаря своей обезличенности, такие конструкции становятся универсальными средствами художественной выразительности: читатель переносит эмоциональное состояние на себя, не привязываясь к конкретному лицу. Это усиливает эмпатический эффект, особенно в прозе, ориентированной на внутренний мир героя.

В разговорной речи безличные формы способствуют лаконичному и эмоционально окрашенному высказыванию. Выражения вроде *«Невмоготу», «Жарко», «Не по себе»* насыщены экспрессией, часто интонационно выделяются и передают субъективное восприятие ситуации. Как подчеркивает Т.А. Ладыженская, «в разговорной речи безличные конструкции приобретают экспрессивно-оценочное звучание, становясь средством речевого воздействия» [5, с. 82]. В поэтическом стиле они выполняют роль не только эмоциональной окраски, но и фоновой образности. Например, в строках: *«Мороз и солнце; день чудесный…»* — используется форма безличного характера, усиливающая ощущение статики и покоя.

В научном и деловом стиле, напротив, стилистическая роль безличных конструкций заключается в нейтрализации субъективности. Конструкции типа *«Полагается», «Следует отметить», «Было зафиксировано»* позволяют выразить мнение автора, не называя его прямо. Это делает текст более формальным и объективным. Как отмечает Н.Ю. Шведова, «безличные формы позволяют передать информацию без указания на источник действия, что придаёт высказыванию официальный характер» [10, с. 172].

Безличными называются такие предложения, в которых отсутствует подлежащее, а грамматическое и смысловое ядро составляют сказуемое и обстоятельственные компоненты. В таких предложениях действие или состояние представляется независимым от субъекта. Классификация может основываться на типе сказуемого: с безличным глаголом (темнеет, морозило); с инфинитивом (не уснуть, не смеяться); с кратким прилагательным (неизвестно, невозможно); с категориями состояния (жарко, холодно, трудно).

Проблема безличных конструкций занимает значительное место в лингвистике, поскольку эти структуры выходят за рамки стандартной субъектно-предикативной модели. В традиционном понимании, безличное предложение — это синтаксическая конструкция, в

которой не выражен и не подразумевается подлежащее, а сказуемое обозначает состояние, явление или действие, не связанное с конкретным лицом или предметом [3, с. 214].

Ещё в трудах академика А. А. Шахматова подчёркивалось, что безличные предложения отражают особенности мышления, где важнее сам процесс или состояние, нежели субъект действия. Этот подход был развит в работах В. В. Виноградова, который выделял безличность как особое синтаксическое значение, выражающее «отвлечённое от субъекта действие» [3, с. 312].

В современном русском языке исследователи современных ученых Николай Сергеевич Кузнецова, Владимир Владимирович Иваницкий и другие ученые предлагают различные критерии классификации безличных предложений. Наиболее распространённой является грамматико-семантическая классификация, основанная на типе сказуемого и его форме выражения. Важно отметить, что в некоторых конструкциях подлежащее формально представлено косвенным падежом (Мне холодно. Ему не спится.), но синтаксически оно не играет роль подлежащего, а лишь указывает на переживающего состояние субъекта.

Классификация безличных предложений может проводиться и по стилистической нагрузке: Нейтральные конструкции, распространённые в разговорной и публицистической речи (Поздно. Нельзя входить.). Эмоционально-оценочные, чаще всего встречающиеся в художественном стиле (Как больно! Тоскливо было на душе.).

Бобоева Г.М. отмечает: “Безличные предложения в русском языке представляют собой особую синтаксическую структуру, в которой действие или состояние выражается независимо от субъекта. Смысловая основа этих конструкций заключается в том, что субъект действия либо отсутствует вовсе, либо не осознаётся как необходимый участник ситуации. В связи с этим семантика безличных конструкций тесно связана с категорией объективности, неопределённости и обобщённости”[2, с. 312].

Семантическая природа безличных предложений обусловлена, прежде всего, тем, что они передают ситуации, не предполагающие агента действия. Такие конструкции могут обозначать: естественные или физиологические состояния: «Темнеет», «Знобит», «Тошнит»; оценочные или эмоциональные состояния: «Жалко уходить», «Невозможно терпеть»; условия среды: «Становится холодно», «В комнате душно»; необходимость или неизбежность действия: «Надо идти», «Следует подумать».

Таким образом, семантическое ядро безличных конструкций связано не с действием субъекта, а с характеристикой состояния, процесса или оценки ситуации в целом. Такие предложения как бы фиксируют определённое положение дел, не указывая на того, кто является инициатором или носителем состояния. Важной особенностью является то, что безличные конструкции могут выражать неопределённо-личные, обобщённо-личные или экзистенциальные значения. Например, в предложении «Скоро рассветать начнёт» выражается объективный, естественный процесс, существующий независимо от воли субъекта.

Важно отметить, что емантика безличных предложений в современном русском языке отражает стремление к компактной, лаконичной передаче информации. За счёт исключения субъекта внимание акцентируется на самом действии или состоянии, что особенно характерно для официально-делового и научного стилей. Вместе с тем в художественной прозе такие конструкции нередко используются для создания психологического фона, атмосферности, усиления эмоционального напряжения.

Так, в произведениях русских классиков часто встречаются безличные предложения, передающие переживания персонажей: «Ей стало грустно», «Меня знобило от страха». В подобных случаях безличность служит средством художественной выразительности, помогая передать внутреннее состояние героя, не называя его напрямую.

Следует также отметить, что в семантической структуре безличных конструкций возможна имплицитная субъектность, когда говорящий подразумевает субъекта, но не называет его явно. Это наблюдается, например, в разговорной речи: «Опоздать бы не случилось» — здесь скрытый субъект соотносится с говорящим или его собеседником.

Обсуждение. Синтаксическая структура безличных предложений демонстрирует значительное разнообразие форм, при общей тенденции к компактности и выразительности. Семантика безличных предложений в современном русском языке многообразна и тесно связана с типом выражаемого состояния, функцией высказывания и его стилевой окраской. Эти конструкции, благодаря отсутствию подлежащего и акценту на сказуемом, служат эффективным средством передачи состояний, эмоций и оценок, особенно в тех случаях,

когда указание на деятеля несущественно или намеренно опускается, демонстрируют высокую степень абстрагирования от субъекта и в то же время сохраняют выразительную силу, обеспечивая богатство и гибкость синтаксических средств языка. Следовательно, стилистические особенности безличных конструкций определяются их способностью адаптироваться к различным видам речевой деятельности. В одних случаях они создают эффект отстранённости, в других — усиливают эмоциональную вовлечённость, а в официальной коммуникации — способствуют информационной нейтральности. Это делает их универсальным и востребованным средством выразительности в русском языке.

Семантика безличных предложений в современном русском языке многообразна и тесно связана с типом выражаемого состояния, функцией высказывания и его стилевой окраской. Эти конструкции демонстрируют высокую степень абстрагирования от субъекта и в то же время сохраняют выразительную силу, обеспечивая богатство и гибкость синтаксических средств языка.

Надо отметить, что в письменной речи и деловой коммуникации, особенно в юридических и административных текстах, безличные формы выполняют функцию обезличивания ответственности: «Было принято решение», «Рассматривается вопрос», «Рекомендовано провести проверку». Это придаёт высказыванию официальный, отстранённый характер. Наконец, в поэтическом и художественном стилях безличные конструкции способны выполнять изобразительно-выразительную функцию. Они передают изменение состояния природы, атмосферу или внутренний мир героя, часто без указания на источник переживаний. Например: «Холодно и пусто», «Мутилось в голове», «Всё казалось чужим» — такие фразы насыщены эмоциональностью и субъективным восприятием мира.

Следует сказать, что в современном русском языке отсюда можно сделать выводы, что функциональная нагрузка безличных предложений варьируется в зависимости от стиля речи. Они обеспечивают лаконичность, выразительность, объективность и эмоциональность, выступая как универсальный инструмент коммуникативного воздействия.

В современном русском языке встречают безличные предложения, которые обладают выразительными возможностями, позволяющими варьировать стиль речи в зависимости от коммуникативной задачи. Их стилистическая ценность заключается в способности передавать состояния, ощущения, эмоциональные реакции и обобщённые оценки без необходимости указывать на субъект действия.

Хотелось отметить, что в художественной речи безличные конструкции используются для создания психологического фона, передачи настроения персонажа или общей атмосферы. Фразы типа «Тянуло сыростью», «На душе стало тяжело», «Моросило» помогают автору создать ощущение отчуждённости, безысходности или внутреннего напряжения. Как отмечал Л.П. Якубинский, «безличные предложения усиливают впечатление личностной замкнутости героя, делая его переживания универсальными» [11, с. 145]. Благодаря своей обезличенности, такие конструкции становятся универсальными средствами художественной выразительности: читатель переносит эмоциональное состояние на себя, не привязываясь к конкретному лицу. Это усиливает эмпатический эффект, особенно в прозе, ориентированной на внутренний мир героя.

Надо отметить, что в разговорной речи безличные формы способствуют лаконичному и эмоционально окрашенному высказыванию. Выражения вроде «Невмоготу», «Жарко», «Не по себе» насыщены экспрессией, часто интонационно выделяются и передают субъективное восприятие ситуации. Как подчеркивает Т.А. Ладыженская, «в разговорной речи безличные конструкции приобретают экспрессивно-оценочное звучание, становясь средством речевого воздействия» [5, с. 82]. В поэтическом стиле они выполняют роль не только эмоциональной окраски, но и фоновой образности. Например, в строках: «Мороз и солнце; день чудесный…» — используется форма безличного характера, усиливающая ощущение статики и покоя.

В научном и деловом стиле, напротив, стилистическая роль безличных конструкций заключается в нейтрализации субъективности. Конструкции типа «Полагается», «Следует отметить», «Было зафиксировано» позволяют выразить мнение автора, не называя его прямо. Это делает текст более формальным и объективным. Как отмечает Шведова Н. Ю. «безличные формы позволяют передать информацию без указания на источник действия, что придаёт высказыванию официальный характер» [10, с. 172].

В современном русском языке синтаксическая структура безличных предложений демонстрирует значительное разнообразие форм, при общей тенденции к компактности и

выразительности. Семантика безличных предложений в современном русском языке многообразна и тесно связана с типом выражаемого состояния, функцией высказывания и его стилевой окраской. Эти конструкции, благодаря отсутствию подлежащего и акценту на сказуемом, служат эффективным средством передачи состояний, эмоций и оценок, особенно в тех случаях, когда указание на деятеля несущественно или намеренно опускается, демонстрируют высокую степень абстрагирования от субъекта и в то же время сохраняют выразительную силу, обеспечивая богатство и гибкость синтаксических средств языка. Следовательно, стилистические особенности безличных конструкций определяются их способностью адаптироваться к различным видам речевой деятельности. В одних случаях они создают эффект отстранённости, в других — усиливают эмоциональную вовлеченность, а в официальной коммуникации — способствуют информационной нейтральности. Это делает их универсальным и востребованным средством выразительности в русском языке.

Заключение. Таким образом, надо отметить, что безличные предложения представляют собой особую грамматико-семантическую разновидность синтаксических структур, синтаксический инструмент, позволяющий выразить широкий спектр значений при минимальной структурной оформленной, функционирующую как самостоятельный способ выражения действий и состояний без прямой связи с субъектом. Они демонстрируют богатство и выразительность русского языка, его способность представлять процессы объективировано, без указания на деятеля, что имеет важное значение не только в грамматике, но и в прагматике речи. Их особенности делают их особенно ценными в художественном и разговорном стилях. Анализ таких конструкций позволяет глубже понять природу русского синтаксиса и выразительные возможности языка.

Литература

1. *Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахмано. — М.: Советская энциклопедия, 1966. — 608 с.*
2. *Бобоева, Г.М. Функциональная грамматика. Личность и безличность / Г.М. Бобоева // Вестник педагогического университета. - 1999. - № 4. -143 с.*
3. *Золотова, Г.А. Коммуникативные аспекты синтаксиса русского языка / Г.А. Золотова. - М.: Наука, 1982. - 231 с.*
4. *Иванова, И.П. Синтаксис современного русского языка / И.П. Иванова, О.А. Блинова. — М.: Просвещение, 1981. — 320 с.*
5. *Ладыженская, Т.А. Современный русский язык. Синтаксис / Т.А. Ладыженская. — М.: Просвещение, 1973.-256 с.*
6. *Пешковский А.М. Русский синтаксис в научном освещении / А.М. Пешковский. — М.: URSS, 2001. — 400 с.*
7. *Русская грамматика. В 2 т. Т. 2 / Под ред. Н.Ю. Шведовой. — М.: Наука, 1980. — 783 с.*
8. *Селиверстова, О.Н. Имплицитная субъектность в русском языке / О.Н. Селиверстова. — М.: Языки славянской культуры, 2004.-216 с.*
9. *Сушков, А.А. Синтаксис и семантика безличных конструкций / А.А. Сушков. — Новосибирск: НГУ, 1996. — 148 с.*
10. *Шведова Н.Ю. Синтаксис русского языка. Учебное пособие / Н.Ю. Шведова. — М.: Изд-во МГУ, 1975. - 234 с.*
11. *Якубинский, Л.П. О языковом оформлении художественной прозы / Л.П. Якубинский. — Л.: Изд-во ЛГУ, 1986. — 198 с.*

СЕМАНТИКА И СИНТАКСИС БЕЗЛИЧНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В СОВРЕМЕННОМ РУССКОМ ЯЗЫКЕ: СТРУКТУРА, ФУНКЦИИ, СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ

В данной статье исследуются особенности безличных предложений в современном русском языке с точки зрения их семантики, синтаксической организации и функционально-стилистической роли. Основной целью работы является всесторонний анализ структуры и смыслового содержания безличных конструкций, а также определение их значимости в различных сферах речевого употребления. В процессе исследования рассматриваются ключевые грамматические характеристики безличных предложений, включая типологию сказуемого и способы выражения предикативности. Особое внимание уделяется классификации данных конструкций в зависимости от их структурных и семантических признаков, что позволяет выявить их системные свойства в рамках синтаксиса русского языка. Кроме того, в статье анализируется функционирование безличных предложений в различных стилях речи — от научного до разговорного. Подчёркивается их особая роль в художественном дискурсе, где они служат важным средством передачи эмоционального состояния, внутреннего мира персонажей и создания выразительной атмосферы повествования. На основе обобщения теоретического материала и анализа языковых примеров делается вывод о высокой

функциональной значимости безличных конструкций. Они выступают не только как структурный элемент синтаксиса, но и как эффективное средство выразительности, способствующее углублению смысловой и стилистической организации текста.

Ключевые слова: безличное предложение, сказуемое, синтаксис, семантика, функциональные стили, структура, экспрессия, эмоциональность.

СЕМАНТИКА ВА СИНТАКСИСИ ҶУМЛАҲОИ БЕШАХС ДАР ЗАБОНИ МУОСИРИ РУСӢ: СОХТОР, ФУНКСИЯҲО ВА ИМКОНИЯТҲОИ УСЛУБӢ

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои ҷумлаҳои бешахс дар забони муосири русӣ аз нуқтаи назари семантика, сохтори синтаксисӣ ва нақши функционалӣ-услубии онҳо мавриди таҳқиқ қарор дода мешаванд. Ҳадафи асосии таҳқиқот таҳлили ҳамаҷонибаи сохтор ва мазмуни маъноии чунин конструксияҳо, инчунин муайян намудани аҳаммияти онҳо дар соҳаҳои гуногуни истифодаи нутқ мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқ аломатҳои асосии грамматикӣ, аз ҷумла навъҳои хабар ва воситаҳои ифодаи предикативият баррасӣ мешаванд. Таваҷҷуҳи махсус ба таснифи ҷумлаҳои бешахс аз рӯи хусусиятҳои сохторӣ ва семантикӣ равона гардидааст, ки ин имконият медиҳад хусусиятҳои низомии онҳо дар доираи синтаксиси забони русӣ муайян карда шаванд. Ҳамзамон, фаъолияти ҷумлаҳои бешахс дар услубҳои гуногуни функционалии нутқ таҳлил мегардад. Нақши махсуси онҳо дар матнҳои бадеӣ таъкид мешавад, зеро чунин конструксияҳо барои ифодаи ҳолати руҳӣ, ҷаҳони ботинии персонажҳо ва офаридани фазои хоси бадеӣ мусоидат мекунанд. Дар натиҷа хулоса бароварда мешавад, ки ҷумлаҳои бешахс дорои иқтидори баланди ифоданокӣ буда, на танҳо ҳамчун унсури сохтории синтаксис, балки ҳамчун воситаи муҳимми ташкили матн низ хизмат мекунанд.

Калидвожаҳо: ҷумлаи беном, хабар, синтаксис, семантика, услубҳои функционалӣ, сохтор, ифода, эҳсосот.

SEMANTICS AND SYNTAX OF IMPERSONAL SENTENCES IN MODERN RUSSIAN: STRUCTURE, FUNCTIONS AND STYLISTIC POTENTIAL

This article examines the features of impersonal sentences in modern Russian from the perspective of their semantics, syntactic structure, and functional-stylistic role. The aim of the study is to provide a comprehensive analysis of the structural and semantic properties of impersonal constructions, as well as to determine their significance in different spheres of language use. The paper discusses the main grammatical characteristics of impersonal sentences, including types of predicates and means of expressing predicativity. Particular attention is paid to their classification based on structural and semantic criteria, which makes it possible to identify their systemic features within Russian syntax. In addition, the functioning of impersonal sentences across various functional styles is analyzed. Their importance in literary texts is especially emphasized, where they serve as a means of conveying emotional states, the inner world of characters, and the creation of a specific narrative atmosphere. The study concludes that impersonal constructions possess significant expressive potential and play an important role both in the grammatical system of the language and in text organization.

Keywords: impersonal sentence, predicate, syntax, semantics, functional styles, structure, expressiveness, emotionality.

Об авторе
Тешаев Сафарали Окилович
Преподаватель общеуниверситетской кафедры русского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: teshayev54@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Тешаев Сафарали Окилович
Ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони русӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: teshayev54@mail.ru

About the author
Teshaev Safarali Okilovich
Lecturer, Russian Language Department, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: teshayev54@mail.ru

ТДУ 821.222.1+82.091

ШОДМОНӢ ВА БАҲРА БУРДАН АЗ ЗИНДАГӢ ДАР РУБОИЁТИ УМАРИ ХАЙЁМ ВА ОСОРИ ИЛЁ АБУМОЗӢ

Қурбонзода Р. Қ., Сайфуллоев М. Ҳ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муқаддима. Адабиёти бадеӣ ҳамеша ойинаи андеша, эҳсос ва ҷаҳонбинии инсон ба шумор меравад. Дар ҳар давру замон шоирону нависандагон бо такя ба таҷрибаи зиндагӣ ва дарки воқеиятҳои иҷтимоиву фалсафӣ, ба баррасии масъалаҳои муҳимми ҳаёт, аз ҷумла маънии зиндагӣ, шодмонӣ, ғаму андуҳ ва роҳҳои расидан ба хушбахтӣ пардохтаанд. Яке аз чунин мавзуъҳои ҳамешагӣ ва умумибашарӣ, ки дар осори бисёр адибон ҷойгоҳи хос дорад, масъалаи шодмонӣ ва баҳра бурдан аз зиндагӣ мебошад.

Пӯшида нест, ки адабиёти Арабу Аҷам дар паҳнои таърих бо ҳам печида, намояндагони онҳоро риштаҳои ногусастанӣ бо ҳам пайвастааст. Ин ду адабиёт тавассути осори гаронбаҳои бадеию маънавӣ назди мардуми бофарҳанги тамоми ҷаҳон маҳбубият ба даст овардаанд. Робитаҳои адабии Арабу Аҷам махсусан дар мавриди рубоиёти Умари Хайём хеле рӯшан ба ҷилва меоянд [2, с. 173].

Дар миёни шоирони барҷастаи адабиёти ҷаҳон Умари Хайём ва Илё Абумозӣ бо сабки хос ва ҷаҳонбинии амиқи худ ба ин масъала таваҷҷуҳи вижа зоҳир намудаанд. Ҳарчанд ин ду шоир ба даврaҳои гуногуни таърихӣ ва муҳитҳои фарҳангии мухталиф тааллуқ доранд, аммо дар осори онҳо як навъ ҳамоҳангии фикрӣ дар мавриди қадршиносии умр ва зиндагии шодмон ба мушоҳида мерасад.

Эҷодиёти Умари Хайём бештар хусусияти фалсафӣ дошта, ӯ бо нигариши интиқодӣ ва амиқ нисбат ба масъалаҳои ҳастӣ, гузаронидани умр ва ноустувории ҷаҳон менигарад. Дар рубоиёти ӯ инсон ба он даъват мешавад, ки аз бори андешаҳои беҳуда раҳо ёфта, аз ҳар лаҳзаи ҳаёт баҳра бардорад. Аз ҷониби дигар, Илё Абумозӣ ҳамчун намояндаи адабиёти муосири араб, ҳамин ғояҳоро бо забони сода, равшан ва оммафаҳм баён намуда, бештар ба паҳлуҳои амалии зиндагӣ, табассум, хушбинӣ ва муносибати мусбат ба мушкилот таваҷҷуҳ мекунад.

Муҳиммияти таҳқиқи ин мавзуъ дар он аст, ки дар шароити ҷаҳони муосир, ки инсон бо мушкилоти гуногуни равонӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мегардад, андешаҳои ин ду шоир метавонанд ҳамчун як роҳнамои маънавӣ хизмат намоянд. Омӯзиши муқоисавии осори онҳо имконият медиҳад, ки умумият ва тафовути ҷаҳонбинии шарқӣ ва арабиро дар масъалаи шодмонӣ ва маънии зиндагӣ равшантар дарк намоем.

Аз ин рӯ, ҳадафи мақолаи мазкур таҳлили вижагиҳои тасвири шодмонӣ ва баҳра бурдан аз зиндагӣ дар осори ин ду шоири барҷаста ва муайян намудани мавқеи он дар ин замина мебошад.

Мавод ва методҳо. Дар таҳқиқ аз рубоиёти Умари Хайём ва осори Илё Абумозӣ истифода бурда шуд. Ҳамчунин, андешаҳои муҳаққиқон, аз ҷумла Муҳаммадалӣ Фурӯғӣ ва Алии Даштӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Методҳои асосӣ:
- таҳлили матн;
- муқоисаи адабӣ;
- усули тавсифӣ;
- усули таърихию адабӣ.

Натиҷаҳо. Шодмонӣ ва баҳрамандӣ аз лаҳзаҳои зиндагӣ яке аз барҷастатарин мазмунҳои рубоиёти Хайёмро ташкил медиҳад. Фаро хондан ба шодмонӣ дар шеъри Умари Хайём бештар даъват ба осудан аз таҳаммулоти нофарҷом аст, ки ҳатто як дам ҳам ин ҳакими Нишопурро ба ҳоли худ раҳо намекунад. Умари Хайём бар ин бовар аст, ки беҳтар аст ба ҷойи андешидан ба чизҳое, ки ҳеҷ моияи хушҳолӣ дар онҳо нест, шодмон бошем ва аз ҳар лаҳзаи зиндагӣ баҳраи кофӣ бибарем:

Бархез, махӯр ғами ҷаҳони гузарон,

Биншину даме ба шодмонӣ гузарон.
Дар табъи замона агар вафое будӣ,
Ҳаргиз ба ту навбат нашудӣ аз дигарон [1, с. 279].

Ҳакими Нишопур хӯрдани ғами фардои номаълум ва нобуд кардани умрро ба далели рӯзе, ки ҳанӯз наомадааст, аз авомиле медонад, ки монеаи шодмонии инсон мешавад ва ба инсонҳо тавсия мекунад, ки ба гузаштае, ки боз намегардад ва фардое, ки наомадааст, набояд афсӯс хӯрд:

Рӯзе, ки гузашт, ҳеҷ аз ӯ ёд макун,
Фардо, ки наёмадаст, фарёд макун.
Бар номадаву гузашта бунёд макун,
Хуш бош кунуну умр барбод макун [1, с. 279].

Хайём устоди шодиву хурсандӣ ва хушҳолист ва дарси шодмониву баҳрамандӣ аз зиндагиро медиҳад. Ӯ чунон ба ин дунё хушбин ва шодмон аст, ки розӣ нест хушиҳои онро, ҳатто бо марг аз даст бидиҳад. Дар рубоиёти зебо ва пурмағзи худ дар ҳама ҳол ба инсон гӯшрасон мекунад, ки умр кӯтоҳ аст ва чанд рӯз пеш дар ин ҷаҳони ҳастӣ нахоҳад монд, пас бояд фурсатҳоро аз даст надиҳад ва сархуши зиндагӣ бошад:

Гар як нафасат зи зиндагонӣ гузарад,
Магзор, ки ҷуз ба шодмонӣ гузарад.
Зинҳор, ки сармояи ин мулки ҷаҳон,
Умр аст, бад-он сон гузаронӣ, гузарад [1, с. 96].

Хайём барои шодмонӣ ва хуш зистан арзиши зиёдеро қоил аст. Чунонки дар ин рубоӣ хушҳол будани хешро тасвир менамояд, дар он калимаи хушро чандин бор такрор намудааст:

Бар чеҳраи гул шабнами Наврӯз хуш аст,
Дар тарфи чаман рӯйи дилафрӯз хуш аст.
Аз дай, ки гузашт ҳар чи гӯйӣ хуш нест,
Хуш бош зи дӣ магӯ, ки имрӯз хуш аст! [1, с. 131].

Хайём як бори дигар ёдовар мешавад, ки ғусса хӯрдан чораи дардҳои башар нест. Аз ин рӯ, набояд дар ҳасрати гузашта ва орзуи оянда, хотири худро нороҳат сохт. Дар чунин фурсати гузарон беҳтарин тадбир ин аст, ки хушу шодмон бошем ва ба қадри лаҳзаҳои хуши зиндагӣ бирасем:

Эй дӯст, ғами ҷаҳони беҳуда махӯр,
Беҳуда ғами ҷаҳони фарсуда махӯр.
Чун буд гузаштаву нест нобуд падид.
Хуш бошу ғами будаву нобуда махӯр [1, с. 261].

Ҳакими Нишопур дар бахше аз рубоиёти худ, чунонки ишора рафт, паноҳ бурдан ба «май»-ро ҷиҳати шодмонӣ ва хуш зистанро тасвир менамояд.

Муҳокимаҳо. Шоёни зикр аст, ки дар бархе аз рубоиёти Умари Хайём маъно ва мафҳуми «май» ба маонии ҳақиқии худ ба кор рафтааст ва бо ин сухан бештар қасди мадҳуш кардани чеҳраи ин Ҳакими фарзонаро доштаанд. Аммо чизе, ки бештари афрод, аз ҷумла Муҳаммадалӣ Фурӯғӣ дар муқаддимаи рубоиёти Умари Хайём бар он таъкид дорад, ин аст, ки «май» ба маънои маҷозӣ ва истиории худ ба кор рафтааст. Дар воқеъ, «май» дар ин ашъор василае барои фароғати хотир ва хуш будан аст, то бад-ин васила шоир ногувори зиндагиро ба фаромӯшӣ биспорад. Алии Даштӣ низ аз ин фикри Муҳаммадалии Фурӯғӣ ҷонибдорӣ мекунад, ки бода дар забони Умари Хайём рамз ва намодест барои баҳра гирифтан аз дунё ва вижагиҳои он. Онҳое, ки зиндаанд, ба яқин хоҳанд мурд, онҳое, ки мурдаанд, бидуни тардид боз нахоҳанд гашт. Пас фурсати зиндагиро набояд беҳуда табоҳ кард ва ин фурсат дар назди Умари Хайём танҳо дар чаҳорчӯби мусоҳибати ёри дилнавоз, замзамаи мулоими чанг ва нӯшидани бода мутасаввир аст [10, с. 180-181].

Бархе дигар муътақиданд, ки шароб дар шеъри Умари Хайём мазҳари тамоми зебоиҳо ва хубиҳову лаззати ин ҷаҳон аст. Мақсуди аслии Умари Хайём аз май дар ин сурудаҳо таъкиди бештар бар шод будан ва баҳрамандӣ аз лаҳзаҳои зиндагист.

Яке аз муҳимтарин мавзуъҳое, ки бар аксари ашъори девони Абумозӣ ба мушоҳида мерасад, бешубҳа шодмонӣ ва баҳра бурдан аз зиндагӣ аст, ки ин ҳолат дар ашъори Умари Хайём фаровон аст. Ин мавзуъ аз ҷумлаи андешаҳоест, ки Абумозӣ бо жарфандешӣ бо он рӯ ба рӯ шудааст. Бозтоби ин мавзуъ дар ашъори Абумозӣ то ҳаддест, ки бархе вайро шоири «Ал-Ибтисома» номидаанд. Ин равиши мавзуии шеъри Илё Абумозӣ дар даъват ба шодмонӣ ва баҳра бурдан аз зиндагӣ низ дақиқан ҳамон роҳест, ки солиёни пеш Умари Хайём онро тай карда буд. Донишманди муосири араб Солим Мауш муътақид аст, ки ин андешаи

Абумозӣ: «Бо фалсафаи Умари Хайём, ки инсонро ба шодмонӣ ва баҳра бурдан аз лаҳзаҳои зиндагӣ ҳидоят мекунад» [8, с. 191], мутобиқат дорад

Қасидаи «Ибтасим» («Лабханд бизан») аз қасидаҳоест, ки Абумозӣ дар он ҳамагонро даъват мекунад, ки бо лабханду шодмонӣ бо мушкилот рӯ ба рӯ шаванд. Ӯ муътақид аст, ки ғаму андуҳ қоидае барои касе надорад, балки ӯ дар ин қасида равиши рӯёрӯйӣ бо мушкилотро лабханд задан ва шодмон будан медонад, ки мегӯяд:

قال السماء كئيبةٌ وتَجَهَّمَا قلتُ إبتسم يَكفي التَجَهُّم في السما
قال الصبا ولّى فقلتُ له إبتسم لن يُرجعُ الأسفُ الصِّبا المُتَصرِّم [7, с. 386]

Тарҷума:

Гуфт: Осмон гирифта ва андуҳгин аст ва чеҳра дарҳам кашида.
Гуфтам: Лабханд бизан, чеҳраи дарҳамкашидаи осмонро кофӣ аст.
Гуфт: Даврони ҷавонӣ гузашт.
Ба ӯ гуфтам: Лабханд бизан, зеро андуҳ ҳаргиз ҷавонии сипаришударо бознамегардонад.

Илё Абумозӣ дар ин қасида ба шахсе, ки аз ҳама чиз менолад ва шиква мекунад, мегӯяд: фақат лабханд бизан, чаро ки ин кор ба суди туст ва бо нола кардан коре ҳалли худро намеёбад. Дар бахши дигаре аз ин қасида, Абумозӣ дар посух ба шахсе, ки аз дасти душманоне, ки атрофашро гирифтаанд, нороҳат аст, мегӯяд:

قال العدى حولي عَلَت صَيحاتُهُم أ أسَرُّ والأعداءُ حولي في انمى
قلت ابتسم لم يطلبوك بِذَ مِّهم لو لم تَكن منهم أَجَلّ و أعظما [7, с. 386]

Тарҷума:

Гуфт: Душманони атрофи ман фарёдашон баланд аст.
Оё бо ин ки онон дар минтақаи ҳифозатшудаи атрофии ман мебошанд, боз ҳам шод бошам?
Гуфтам: Лабханд бизан, ҳатто агар ту аз онон бартар ва волотар набошӣ.
Онон аз ту нахостаанд, ки накуҳишашон кунӣ.

Дар поёни қасида бори дигар шоир ёдовар мешавад, ки агар то марг фосилаи каме ҳам дошта бошӣ, боз аз лабханд задан худро дур макун:

قلتُ إبتسم مادام بينك و الرّادى شِبرٌ فإنَّك بعدُ لن تتبسَّما [7, с. 386]

Тарҷума:

Гуфтам: Агар байни ту ва марг фақат як вақаб фосила аст, боз ҳам лабханд бизан,
Чаро ки пас аз он (марг) ҳаргиз лабханд намезанӣ.

Дар бовари Илё Абумозӣ набояд фурсатҳоро аз даст дод ва бо шукуҳу гиламандии беҳуда зиндагии худ ва дигаронро талх намуд. Балки чун булбул бояд дар ошёна нағмаи ишқ суруду шодмон буд:

كن هزاراً في عُشِّ يَتَغَنَّى ومعَ الكَبلِ لا يُبالي الكُبولا [7, с. 354]

Тарҷума:

Чун булбуле бош, ки дар лонааш нағмасароӣ мекунад,
Бо вуҷуди асир будан аҳаммияте намедиҳад.

Шоири лубнонӣ аз таҷриба дарёфта буд, ки ғам хӯрдан аз гузашта, на танҳо бефоида аст, балки лаҳзаҳои ҳолу ояндаи умрро низ табаҳ месозад, пас бояд бо дарки дурусте аз воқеиятҳои зиндагӣ аз умр баҳра бурд ва шодмон зист.

قل لقومٍ يستتر فون الماَ قي هل شفيتُم مع البكاءِ غَليلا
ما أتَينا إلى الحياة لنَشقى فأريحوا أهلَ العُقولِ العُقولا [7, с. 355]

Тарҷума:

Ба мардуме, ки бо шиддат мегирянд ва худро озор медиҳанд, бигӯ:
Оё бо гиря метавонед сӯзу гудози дилатонро оромиш диҳед?
Мо инсонҳо барои ранҷ кашидан ба ин дунё наомадаем,
Эй хирадмандон! Хиради хешро осуда бигзоред.

Дар яке аз дигар қасидаҳое, ки ин шоири барҷастаи араб дар он инсонҳоро ба шодмонӣ фаро мехонад, қасидаи «Ал-Ибтасим» аст. Шоир дар ин қасида ба мухотаби худ супориш медиҳад, ки дар ҳама ҳол шод бошад ва лабханд бизанад, чаро ки лабханд ин ҳадяе барои дигарон аст:

إبسمي كما لورد في فجر الصبا وإبسمي كالنَّجم إن جُنَّ المساء
وإ ما كفَّن الثّلجُ الثّرى وإ ذا ما سَتَرَ الغَيمُ السماء
وإعياك أن تُعطي الغنى فافرحِي إنك تُعطينَ الرَجاء [7, с. 56]

Тарҷума:

Ҳаммонанди шукуфтани гул дар сапедадами субҳгоҳон лабханд бизан,
Ва чун ситорае он гоҳ, ки дар шомгоҳони торик мешавад, лабханд бизан.
Ва низ лабханд бизан, ҳангоме ки барф хокро ва абр осмонро мепӯшонад,
Ҳар гоҳ натавонистӣ бениёзиро ба дигарон бубахшӣ, пас шод бош, ки ту умедро ба дигарон мебахшӣ.

Зимнан, бояд таъкид намуд, ки Илё Абумозӣ аз андешаи хушбинонаи Умари Хайём таъсири зиёд пазируфтааст. Шоири муосири араб раҳоӣ аз сахтиҳоро ба мухотаб пешниҳод мекунад, ки дар андешаи бархе равоншиносони муосир низ метавон ин дидгоҳро ёфт. Ин дидгоҳ ҳамон хандидан ба ғамҳо ва мусибатҳои дунёст. Шоир дар қасидаи «Бариди ё суҳуб» («Абри боронзананда») мегӯяд:

أنا من قوم إذا حزنوا وجدوا فى حُزنهم طَرَبا [7, с. 92]

Тарҷума:

Ман аз қавме мебошам, ки ҳар гоҳ андуҳгин шаванд,
Ҳар гоҳ дар андуҳи хеш низ шодмониро меёбанд.

Дар ин ҷо таъсири Умари Хайём ба таври мустақиман ба шеъри Илё Абумозӣ ба назар мерасад. Илё Абумозӣ муътақид аст, ки метавон шодии зиндагиро аз миёни ғаму андуҳи мавҷуд дар он гирифт ва баён медорад, ки ҳатто бо ғаму андуҳ низ метавон шод зист.

Хулоса. Ҳамин тавр, шодмонӣ ва баҳра бурдан аз зиндагӣ дар осори ҳар ду шоир мавқеи марказӣ дорад. Умари Хайём ва Илё Абумозӣ инсонро ба қадршиносии умр, дурӣ аз ғаму андӯҳ ва зиндагии шодмон даъват мекунанд. Андешаҳои онҳо, сарфи назар аз фарқияти замон, то имрӯз арзиши худро гум накарда, барои инсон аҳаммияти бузурги маънавӣ доранд. Танҳо фарқият дар он аст, ки Хайём масъалаҳоро бештар аз нигоҳи фалсафӣ баррасӣ мекунад, дар ҳоле ки Абумозӣ онро бо услуби сода ва амалӣ тавассути табассум ва хушбинӣ баён менамояд.

Адабиёт

1. *Рубоиёти Хайём (ба чор забон тоҷикӣ-форсӣ, русӣ, узбекӣ, англисӣ) [Матн] / Мураттиб: Усмон Назир. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2000. – 384 с.*
2. *Сайфуллоев М.Ҳ. Нигоҳе ба омӯзиши Хайём дар кишварҳои арабӣ // Вестник Педагогического университета. 2018. № 5-1 (77). С. 173-179.*
3. إيليا أبو ماضي. ديوان إيليا أبو ماضي الجزء الثاني [نص]. / إيليا أبو ماضي. – بيروت: دار العودة، 2007 م. – 144 ص.
4. إيليا أبو ماضي. ديوان إيليا أبو ماضي شعر المهجر الأكبر [نص]. / إيليا أبو ماضي. – بيروت: دار العودة، 1963 م. – 879 ص.
5. إيليا أبو ماضي. الجداول [نص]. / إيليا أبو ماضي. – بيروت: دار العلم للملايين، 1986 م. – 221 ص.
6. إيليا أبو ماضي. الخمائل [نص]. / إيليا أبو ماضي. – بيروت: دار العلم للملايين، 1987 م. – 237 ص.
7. ديوان إيليا أبو ماضي. قدّم له وعلّق عليه: إبراهيم شمس الدين. – بيروت: مؤسسة النور للمطبوعات، 2005م. – 536 ص.
8. سليم الماوش، إيليا ابو ماضى بين الشرق و الغرب [متن]، بيروت: مؤسسه بحسون، ۱۹۹۷، ۴۶۴ ص.
9. ديوان إيليا أبو ماضي. قدّم له وعلّق عليه: إبراهيم شمس الدين. – بيروت: مؤسسة النور للمطبوعات، 2005م. – 536 ص.
10. محمدعلی فروغی، رباعیات خیام [متن]، تهران: انتشارات اسماعیلیان، ۱۳۶۹، ۲۳۵ ص.

ШОДМОНӢ ВА БАҲРА БУРДАН АЗ ЗИНДАГӢ ДАР РУБОИЁТИ УМАРИ ХАЙЁМ ВА ОСОРИ ИЛЁ АБУМОЗӢ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи яке аз мавзуъҳои муҳимми адабӣ, шодмонӣ ва баҳрабардорӣ аз зиндагӣ дар осори Умари Хайём ва Илё Абумозӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба рубоиёти Хайём ва қасидаву ашъори Абумозӣ, инчунин, бо истифода аз андешаҳои муҳаққиқон, аз ҷумла Муҳаммадалӣ Фурӯғӣ ва Алии Даштӣ, мавқеи фалсафӣ ва ҷаҳонбинии ин ду шоири барҷастаро нисбат ба мафҳумҳои умр, хушбахтӣ, ғам ва лаззати зиндагӣ таҳлил намудааст. Дар мақола нишон дода мешавад, ки дар рубоиёти Хайём шодмонӣ бештар ҳамчун посухи фалсафӣ ба ноустувории ҷаҳон ва гузаронии умр баён гардида, инсон ба истифодаи ҳар лаҳзаи ҳаёт ва дурӣ аз андешаҳои беҳуда даъват мешавад. Дар осори Абумозӣ бошад, ҳамин андешаҳо бо услуби сода, равшан ва амалӣ, тавассути даъват ба табассум, хушбинӣ ва муқовимат ба мушкилоти зиндагӣ ифода меёбанд. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз тафовути замон ва муҳити фарҳангӣ, ҳар ду шоир дар асл як ҷаҳонбинии муштарак доранд, ки асоси он қадршиносии умр, зиндагии пурмазмун ва раҳоӣ аз ғаму андуҳи беҳуда мебошад. Мақола аҳаммияти андешаҳои ин ду адибро дар ташаккули ҷаҳонбинии инсон ва тарбияи руҳияи мусбат дар ҷомеаи муосир таъкид менамояд.

Калидвожаҳо: Умари Хайём, Илё Абумозӣ, нопойдории дунё, шодмонӣ, ғанимат донистани умр, рубоиёт, фалсафа, май, лабханд.

РАДОСТЬ И НАСЛАЖДЕНИЕ ЖИЗНЬЮ В РУБАИ ОМАРА ХАЙЯМА И ТВОРЧЕСТВЕ ИЛЬИ АБУ МАДИ

Статья посвящена исследованию одной из важных литературных тем – радости и наслаждения жизнью в творчестве Омара Хайяма и Илья Абу Мади. Автор, опираясь на рубаи Хайяма и поэзию Абу Мади, а также используя взгляды исследователей, в том числе Мухаммад-Али Форуги и Али Дашти, анализирует философские позиции и мировоззрение этих двух выдающихся поэтов относительно понятий жизни, счастья, печали и наслаждения бытием. В статье показано, что в рубаи Хайяма радость выступает как философский ответ на нестабильность мира и быстротечность жизни, побуждая человека ценить каждое мгновение и избегать бесплодных размышлений. В творчестве Абу Мади эти идеи выражены более простым, ясным и практическим образом – через призыв к улыбке, оптимизму и преодолению жизненных трудностей. Результаты исследования показывают, что, несмотря на различия во времени и культурной среде, оба поэта придерживаются общего мировоззрения, основанного на ценности жизни, её осмысленном проживании и освобождении от излишней печали. В статье подчеркивается значимость их идей для формирования мировоззрения человека и воспитания позитивного мышления в современном обществе.

Ключевые слова: Умар Хайям, Илья Абу Мади, бренность мира, радость, ценность жизни, рубаи, философия, вино, улыбка.

JOY AND THE ENJOYMENT OF LIFE IN THE QUATRAINS OF OMAR KHAYYAM AND THE WORKS OF ILYA ABU MADI

This article is devoted to the study of one of the important literary themes – joy and the enjoyment of life in the works of Omar Khayyam and Ilya Abu Madi. Drawing on Khayyam's quatrains and Abu Madi's poetry, as well as the views of scholars such as Mohammad-Ali Foroughi and Ali Dashti, the author analyzes the philosophical positions and worldviews of these two prominent poets regarding the concepts of life, happiness, sorrow, and the enjoyment of existence. The article shows that in Khayyam's quatrains, joy is presented as a philosophical response to the instability of the world and the transience of life, encouraging individuals to value every moment and avoid futile concerns. In Abu Madi's works, these ideas are expressed in a simpler, clearer, and more practical way – through calls for smiling, optimism, and resilience in facing life's challenges. The findings indicate that despite differences in historical period and cultural context, both poets share a common worldview centered on appreciating life, living meaningfully, and freeing oneself from unnecessary sorrow. The article emphasizes the significance of their ideas in shaping human worldview and fostering a positive mindset in modern society.

Keywords: Omar Khayyam, Ilya Abu Madi, transience of the world, joy, valuing life, quatrains, philosophy, wine, smile.

Дар бораи муаллифон

Қурбонзода Рухшона Қурбон
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: v.rukhshona@mail.ru

Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич
Доктор PhD, муаллими калони кафедраи филологияи Шарқи Наздик
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Ф. Мухаммадиев 17/6

Об авторах

Курбонзода Рухшона Курбон
Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: v.rukhshona@mail.ru

Сайфуллоев Муслихиддин Хайбуллоевич
Доктор PhD, старший преподаватель кафедры ближневосточной филологии
Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода
734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6

About the authors

Qurbonzoda Rukhshona Qurbon
Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: v.rukhshona@mail.ru

Sayfulloev Muslihiddin Haybulloevich
Doctor PhD, senior teacher of the Department of Near Eastern Philology
Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str.

ТДУ 821.222.1-94.09

ОМИЛҲОИ ТАЪСИРГУЗОРИ ТАҲАВВУЛИ САФАРНОМА ДАР АДАБИЁТИ НИМАИ ДУВУМИ САДАИ ХІХ

Боқиев Ҳ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми садаи нуздаҳум ҳам аз ҷиҳати сохтори мундариҷавӣ ва ҳам шаклӣ ташаккул ва таҳаввули хос пайдо карда, мушкилоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳаёти ҷомеаи он рӯзгор хусусияти хоси ғоявӣ ва бадеии онро шакл додааст, ки аз имтиёзоти адабиёти ин давра нисбат ба замонҳои пешин мебошад. Адибони рушанфикри ин давра ба фарогирӣ ва тасвири муҳимтарин мавзуоти рӯзгор ва амалу кирдори инсонҳо даст ёфта, дар сохтори мундариҷавӣ ва ғоявии осорашон дигаргуниҳои қобили мулоҳиза ба вуҷуд оварданд. Дар назм ва насри адабиёти ин давра адибон дар тобеият ба ғояҳои ояндабинона ва амалӣ сохтани ниятҳои эҷодиашон осоре таълиф намуданд, ки барои муҳити адабӣ ва ҷомеа тоза, муҳим ва арзишманд буданд. Яке аз ҳамин гуна тозакориҳо дар эҷоди сафарнома ба мушоҳида мерасад, ки мутаассифона, то имрӯз ба дараҷае, ки лозим аст, таҳқиқ ва арзёбӣ нашудааст. Ба ин далел, дар ин мақола мо саъй намудем, ки омилҳои таъсиргузори ташаккул ва таҳаввули жанри сафарномаро дар адабиёти нимаи дувуми асри нуздаҳум бо такя ба таҷрибаи нависандагони сафарноманависи ин давра таҳқиқ ва муайян намоем. Зеро “Пайдоиши сафарнома чун дигар жанрҳои адабӣ дар адабиёти тоҷик заминаи таърихӣ дошта, омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар ташаккул ва таҳаввули он нақши таъсиргузор доштаанд” [3, с. 170]. Ангезаҳои аслии таъсиргузор ба эҷод ва таҳаввули жанри сафарнома алоқаманд ба вазъи сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии ҳамеша дар тағйири нимаи дувуми садаи нуздаҳуми Осиёи Марказӣ, аз ҷумла аморати Бухоро буда, ба тамоюлҳои ақидатӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ низ дар ин ҷараён робитаи мустақим дорад. Муқоисаи таърихии воқеиятҳои ҳаёти ҷомеаи он рӯзгор нишон медиҳад, ки омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар эҷод ва ташаккулу таҳаввули жанри сафарнома нақши бунёдӣ дошта, ин раванд дар фосилаи гуногуни замонӣ ба равнақи адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ низ таъсири мусбат доштааст. Дигаргуниҳои чашмрасе, ки дар сохтори мундариҷавӣ ва жанрию бадеии адабиёти ин давра, бахусус, жанри сафарнома ба мушоҳида мерасад, маҳз зери таъсири омилҳои зикршуда ба вуқуъ пайваста, минбаъд адабиёти сифатан нави равшангарой, ё худ ба истилоҳ маорифпарвариро поягузорӣ намудаву таҳаввул бахшидааст [2, с. 5-17].

Чунонки ишора шуд, омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ташаккул ва таҳаввули жанри сафарнома таъсиргузор буда, заминагузори ин раванд, нахуст истилои Осиёи Марказӣ аз тарафи Русия, баъдан ба ин кишвар ҳамроҳ кардани аморати Бухоро ва тағйири дидгоҳҳои аҳли адаб ва фарҳанг ба он чи аз сари кишвар ва сокинони он мегузашт, мебошад. Ин омилҳо “ба ҳукми қонунҳои объективии таърих” ҳам “таъсири мусбате ба тараққиёти таърихии” [11, с. 297] Осиёи Марказӣ гузоштааст, ҳам заминаи мусоид ва ояндадорро барои равнақи адабиёту фарҳанги халқҳои ин сарзамин, аз ҷумла сайру саёҳат ва равиши тозаву пурмояи сафарноманависӣ ба вуҷуд овардааст [1, с. 214-215; 2, с. 123-132].

Дар асри нуздаҳ Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухоро зери таъсири ҷараёни худкомаи ақидатӣ ва сохти иҷтимоӣ маҳдудиятҳое барои зисти мардум ва равнақи адабиёт ба миён омад, ки барои пешрафти адабиёт монеаҳои ҷиддӣ ба вуҷуд оварда буд. Чунин вазъият, ки зери таъсири идеологияи ҳукмрон дар ҷомеа нуфӯз дошт, то ҷое ҷустуҷӯҳои аҳли қаламро маҳдуд карда, ба равнақи ҳаматарафаи адабиёти ин давра халал мерасонд.

Таъсири ақидатӣ, ки реша дар исломи иртиҷоӣ дошт, дар ҷомеа нуфӯз пайдо карда, ҷараёни омӯзишу парвариш ва равнақи адабиёту фарҳанги асил ва зиндагисозро зери таъсири худ гирифта буд, ки барои ҷомеа оқибатҳои фоҷиаборе дар пай дошт. Оқибати ин кор то ҷое расида буд, ки “Дар мактабу мадрасаҳо, ки манбаъ ва воситаи асосии таълиму тарбия ва равнақи мадании ҷамъият буд, руҳи диниву схоластикии омӯхтани илм нигоҳ дошта шуда буд. Дар муддати қариб бист соли таҳсили мадраса фақат асосҳои идеявии ислом ва одобу русуми мусулмонӣ, мантиқи шаклӣ ва сарфу наҳви арабӣ тадрис мешуд. Омӯхтани таърихи адабиёт, илму фанҳои дақиқу табиӣ дар программаи мадраса пешбинӣ нашуда буд. Қонунҳои расмии давлатӣ ва шаръӣ [фиқҳу фатво], русуму ахлоқ ва тартибу танзими давлатдорӣ ба оину догмаҳои динӣ сохта шуда ба ҳимояи манфиатҳои синфҳои

ҳукмрон ва пойдор намудани асосҳои давлати диниву феодалии аморати Бухоро хидмат мекарданд” [11, с. 300].

Дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар таъсири иртиҷоии табақаи ҳоким хеле афзоиш дошт. Ин тоифа тарғибгари зулму истибдод, тобеияти ғуломворонаи мардум ба доираҳои ҳукмрон, таваккул ва ризо буданд, ки фоҷиаҳои сахтеро дар ҷомеа ба бор оварда буд.

Доираҳои ҳукмрони вақт ва истеъморгарони сарватманд ҷараёни инкишофи адабиёт ва фарҳангро низ зери таъсири худ қарор дода буданд, ки маҳдудиятҳое дар пай дошт.

Маҳз дар ҳамин давраи каҷдорумарез шахсиятҳои адабие ба майдон омаданд, ки дар боби норасоиҳои низоми истеъмории амирӣ дар навиштаҳои худ андеша меронданд. Ин ҷараён заминаи мусоидро барои пайдоиш ва равнақи адабиёти равшангароӣ ба вуҷуд овард, ки ҳамчун ҷараёни равшангароӣ шинохта шуда, тадриҷан дар тағйири вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии кишвар таъсири мусбат гузошт. Ҳамин раванди дигаргуниҳо чеҳраҳои адабие монанди Аҳмади Дониш, Возеҳ, Шоҳин, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва баъзеи дигарро ба майдон кашид, ки ҳарчанд ба доираҳои ҳукмрон алоқамандӣ доштанд, вале дар шинохти воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва таблиғу ташвиқи ғояҳои пешқадам манфиати мардум ва пешрафти ҷомеаро ҳимоя мекарданд. Ба ифодаи дақиқтар, рушанфикрони ин давра нисбат ба низоми худкома ва иҷтимоии нобасомон, омилҳои вайронгар дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ “душмани сӯзон” буданд ва нафрати беандоза доштанд [10, с. 308]. Ҳамаи ин омилҳо, дар маҷмуъ, заминаро барои эҳёи адабиёти равшангароӣ, ки сафарноманависӣ ҷузъе аз он буд, ба вуҷуд оварданд, ки тадриҷан таҳаввул пайдо кард.

Ҳамин тариқ, омили асосӣ ва таъсиргузори ин раванд ҳамоно ҷараёни ба Русия ҳамроҳ кардани аморати Бухоро буд, ки на фақат то ҷое ба пешрафти иқтисодӣ ва ҷунбиши адабию фарҳангии ин кишвар мусоидат намуд, балки ба инкишофи адабиёт, аз ҷумла насри бадеиву ёддоштӣ ва сафарноманависӣ ва ба ин васила баёни афкори озодандешона низ бетаъсир набуд.

Осиёи Марказӣ дар замоне ба Русия ҳамроҳ карда шуд, ки ин кишвар дар нимаи дувуми асри нуздаҳ, чунонки дар фавқ ишора кардем, ба маркази ҷунбишҳои инқилобӣ ва гароишҳо ба адабиёти иҷтимоъгарои пешрафта табдил ёфта, ин раванд ба ҷараёни навҷӯиҳо дар соҳаи адабиёт, бахусус насри бадеӣ бетаъсир набуд. Маҳз дар ҳамин давра, жанри сафарнома, ки маҳсули сайру саёҳати баъзе адибон буд, таҳаввули хос пайдо карда, муаллифони ин гуна осор ба ин васила зиддиятҳои иҷтимоӣ ва аслу моҳияти камбудиҳои низоми давлатдории вақтро ба сароҳат тасвир ва шарҳу тафсир намуданд, ки сарварии ин ҳаракатро Аҳмади Дониш бар уҳда дошт. Ӯ дар Осиёи Марказӣ ва Эрони он замон низ аввалин шахсияти адабие буд, ки дар осори бадеӣ ва илмӣ, аз ҷумла сафаргуфтаҳояш андешаҳои ояндабинонаи иҷтимоӣ ва тараққихоҳонаро ба миён гузошта буд, ки зери таъсири огоҳиҳояш аз вазъи пешрафтаи ҷомеаи Русия сурат гирифтааст.

Тағйироте, ки зери таъсири воқеияти сиёсӣ, аз ҷумла алоқамандии аморати Бухоро бо Русия дар муҳити ҷомеаи онзамонӣ ба вуҷуд омада буд, дар маҷмуъ, ба ҷараёни инкишофи адабиёти бадеӣ, бахусус, жанри сафарнома бетаъсир набуд. Ин ҷараён таваҷҷуҳи ҳам адибону донишмандони Русия ва ҳам аморати Бухороро ба худ кашид. Масалан, “Рӯзнома”-и А. П. Федченко [6] ва “Рӯзномаи сафари Искандаркӯл”-и Абдураҳмони Мустаҷир [7] маҳсули ҳамин гуна гароишҳо мебошанд.

Дар ҳамин давра, зери таъсири воқеиятҳои сиёсӣ дигаргуниҳои муҳимме дар мазмун ва шакли насри бадии тоҷикӣ низ ба амал омад, ки намунаи он эҷоди жанрҳои нави насри бадеӣ, аз ҷумла, сафарнома мебошад. Расул Ҳодизода дар ин замина менависад, ки “Ҳикоятҳои фалсафӣ-реалистии Аҳмади Дониш аз “Наводир-ул-вақоеъ”, инчунин асарҳои “Бадоеъ-ус-саноеъ”-и Шамсиддин Шоҳин, “Ақоид-ун-нисо”-и Возеҳ, “Музҳикот”-и Савдо намунаҳои жанрҳои наве буданд, ки дар насри бадеии ин давр ба вуҷуд омадаанд” [10, 118]. Ҳамчунин рисолаи таърихии Аҳмади Дониш (“Рисола дар табаддул ва тағайюри давлатҳо аз қирони улвайн”) бо мазмуну мундариҷа, сабк ва сохтори жанрӣ дар адабиёти тоҷикии он рӯзгор асари тамоман тозае буд. Р. Ҳодизода ин асарро “ба публитсистикаи бадеию таърихӣ ва танқидӣ” монанд карда, меафзояд, ки “дар он анъанаҳои беҳтарини насри ҳаҷвию киноявии Шарқ бо руҳи ҷанговаронаи публитсистикаи маорифпарварии Ғарб ва Русия ба ҳам омехтааст” [10, с. 118]. Дар бораи он ки Аҳмади Дониш аз ин гуна осори маорифпарварони Ғарб хабар дошт ё на, маълумоте дар даст нест, вале осори ӯ гувоҳӣ медиҳанд, ки омили таъсиргузор дар таҳаввули эҷодиёти ӯ воқеиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоии

замони зиндагиаш, аз ҷумла ба Русия ҳамроҳ кардани Осиёи Марказӣ ва сафарҳои ӯ ба он кишвар мебошад.

Ба ин далел, метавон гуфт, ки омили асосӣ ва таъсиргузори ташаккул ва таҳаввули сохтори мундариҷавӣ ва жанрии сафарнома дар адабиёти ин давра, пеш аз ҳама, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ва робитаи тозазуҳури он бо Русия буда, таҳаввули сохтории он ба тақозои воқеиятҳои замон ва талаботи адабиёти равшангароёнаи ин давр сурат гирифтааст, ки моҳияти тозаи мундариҷавию ғоявӣ ва зебоишиносии ин жанрро муайян ва мушаххас менамояд.

Ба ин тартиб, нимаи дуюми асри нуздаҳ дар таҳаввули жанри сафарнома марҳалаи тозае ба шумор рафта, маҳз дар ҳамин давра шахсиятҳои алоҳида дар интишор ва таҳаввули он нақши созанда гузоштаанд. Дар боло, мо дар хусуси таъсиргузории омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар таҳаввули сафарнома ишораҳое доштем. Ҳоло ба он чи дар ин замина гуфта шуд, афзуданием, ки замина ё худ омилҳои таъсиргузори таҳаввули сафарнома ҷанбаи объективӣ ва субъективӣ низ дошта, онҳоро ба тариқи зер метавон дастабандӣ кард:

а) дар эҷоди сафарнома таъсиргузор будани тақозои замон ва эҳтиёҷи иҷтимоиву маънавии муосирон;

б) ба эътибор гирифтани ҳадафи нави ғоявӣ ва ҳунарии ин жанр;

в) таваҷҷуҳ ва гароиши бештари нависандагон ба воқеаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии замони зиндагиашон;

г) ба хости замон мутобиқ намудани ҷустуҷӯҳои адабӣ ва ҳунарӣ дар эҷоди ин жанр;

д) ҳамгироӣ бо халқҳо ва кишварҳои пешрафта;

е) тозагиҳо дар мазмун ва ғояи сафарнома;

ё) дигаргун шудани ҳадафҳои ин жанр дар матни воқеиятҳои замон;

ж) таъсирпазирӣ аз воқеиятҳои кишварҳои пешрафта, аз ҷумла Русия;

Ҳамин тавр, сафарнома дар давраи мавриди назар ба жанри асосии адабиёт табдил ёфта, масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ сохтори мундариҷавии онро таҳаввул бахшид. Аввалин намунаҳои ин гуна сафарномаҳо осори сифатан наве буданд, ки бо воқеияти зиндагӣ, ҳаёти ҷомеа ва сарнавишти шахсиятҳои алоҳида, аз ҷумла муаллифи сафарнома алоқамандии хос доштанд ва мазмуну ғояи муҳимми вуқуъгароёна ва таъсиргузорро матраҳ мекарданд.

Ба ин тартиб, сафарномаҳое, ки дар нимаи дуюми садаи нуздаҳум таълиф шудаанд, аввалин намунаҳои адабиёти интиқодӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии муосир буда, инъикоси воқеиятҳои муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ ва рӯзгори пуршебу фарози мардум сохтори мундариҷавӣ ва жанрии онҳоро шакл додааст, ки равиши тозаи шинохт ва тасвири воқеиятҳо дар адабиёти давраи мазкур мебошад.

Сафарноманависони ислоҳталаб ва андешаманди ин давра, ки то ҷое аз вазъи сиёсиву иҷтимоӣ, қонунҳо, адабиёту фарҳанг, тамаддун ва озодихоҳӣ дар давлатҳои Аврупо, бахусус Русия хабар доштанд, тафовути фарҳангӣ, беадолатиҳо, норасоиҳо дар сохти давлатдорӣ ва заъфи ҳукумати вақтро дарк ва дар сафарномаҳои худ ба онҳо ишора мекарданд [5, с. 21-22].

Ба ин тартиб, андешаи озодӣ, адолат ва ислоҳталабӣ аввалин бор ба воситаи сафарноманависони нимаи дуюми садаи нуздаҳ ба миён гузошта шуд, ки зери таъсири омилҳои таконбахши сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ сурат гирифтааст. Нависандагони сафарноманавис ҳар он чиро ки дар роҳи сафар дидаву шунида буданд, ба тасвир мегирифтанд, ки барои ҷомеаи он рӯзгор, қабл аз ҳама, нақши ояндабинӣ, роҳнамоӣ ва огоҳкунанда дошт.

Ҳамин тавр, нимаи дувуми асри нуздаҳ дар ташаккул ва таҳаввули жанри сафарнома марҳалаи нав буда, дар инкишофи минбаъдаи он низ нақши таъсиргузор доштааст. Ин намуди наср зери таъсири омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба вуҷуд омада, таҳаввул ёфта ва дарунмояи онро мазмунҳои тозаи ҳаётӣ, ғояҳои ислоҳотталабӣ ва андешаву афкори равшангаронаи пешқадам ташкил медиҳад, ки ҳодисаи нави адабӣ дар он рӯзгор мебошад. Сафарномаҳои дар ин давра эҷодшуда “мувофиқи тақозо ва талаботи адабиёти моҳиятан нави маорифпарварӣ вазифаҳои нав, ҳамчунин бори тозаи ғоявии эстетикиро бар дӯш гирифт ва барои интишори ғояҳои нави иҷтимоӣ ҳамқадами замон гашт. Жанри сафарнома дар ин давр ба вазифаҳои адабиёти маорифпарварӣ тобеъ карда шуда, аз мавқеи муайяни эҷодӣ ва мақсаду мароми мушаххаси ғоявӣ таълиф гардидааст” [9, с. 36; 8, с. 23].

Дар матни воқеияти он рӯзгор муаллифони нахустин сафарномаҳо Аҳмади Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва Мирзо Сироҷиддин Ҳакими Бухороӣ бо огоҳӣ аз вазъи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Аморати Бухоро ва кишварҳои дигар ба он таҳаввули фикрӣ ва зеҳнӣ

расида буданд, ки таваҷҷуҳи тӯдаи ғарқ дар хурофотро ба воқеиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҷалб кунанд. Нависандагони ёдшуда дар сафарномаҳояшон беҳтарин анъанаҳои сафарноманависии гузаштагонро идома дода, бо тасвири ҳадафманди воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии Осиёи Марказӣ ва муқоисаи он бо тарзи зисти мардуми кишварҳои пешрафтаи Ғарб, сатҳи баланди адабиёту фарҳанг ва дараҷаи пешрафти онҳо, аз ҷумла Русия жанри сафарномаро аз ҷиҳати сохтори мундариҷавӣ ва жанрӣ таҳаввули хос бахшиданд.

Яке аз тозагиҳои сафарномаҳои дар ин давра таълифшуда нақши огоҳкунандаи онҳо мебошад, ки зери таъсири омилҳои дар боло зикршуда шакл гирифта, муаллифон бо ба эътибор гирифтани зарурати таърихӣ ва аҳволи мардум ҳолу ҳавои низоми истибдодии аморати Бухороро ба масхара кашида, ба ин васила зербинои инқилоб ва дигаргуниҳои иҷтимоиро пайрезӣ мекарданд. Аҳмади Дониш дар ин равиш аз аввалинҳое буд, ки камубудҳо ва заъфҳои ҳукумати вақт ва беадолатиҳои дар ҷомеа ҳукмронро зимни хотироти сафар ва муқоисаи он бо воқеиятҳои Русия фош карда, ба ин тарз дар раванди дигаргуниҳои фикрии оммаи Бухорои он замон нақши таъсиргузор гузошт, ки дар сафаргуфтаҳои баъзе бобҳои “Наводир-ул-вақоеъ” ба мушоҳида мерасад.

Омилҳои зикршуда дар шиноҳти воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ аҳли қаламро водор намуд, ки ба воситаи жанри сафарнома дар муқоиса бо кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз ҷумла Русия сохт ва низоми давлатдории амирӣ, таъсири манфии он ба соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро мавриди арзёбӣ қарор дода, иллатҳои бунёдии сохту тартиботи давлатдории вақтро равшан баён намоянд. Хусусияти дигари таъсиргузори омилҳои ёдшуда дар он зоҳир мешавад, ки муаллифони сафарномаҳои дар ин давра таълифшуда низоми таълиму тарбия, худидоракунӣ, озодӣ, шаклҳои аврупоикунонии зиндагӣ ва монанди инҳоро низ сахт ҳимоят карда, дар ин замина масъалаҳои муҳимми азнавсозии сохти давлатдорӣ ва беҳтар намудани вазъи зиндагии мардуми кишварро ба миён мегузоштанд. Аҳмади Дониш дар баъзе бобҳои “Наводир-ул-вақоеъ”, ки фарогири сафаргуфтаҳои Петербург буданд, Возеҳ дар “Савонеҳ-ул-масолик” бо тасвири кашфиёти илмию техникии кишварҳои мутараққӣ ва Мирзо Сироҷ дар “Туҳафи аҳли Бухоро” аз бардоштҳояш аз сайру саёҳати баъзе кишварҳои Шарқу Аврупо муҳимтарин масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии барои мардуми Бухоро тақдирсозро ба тасвир ва муҳокима кашиданд, ки зери таъсири босамари воқеиятҳои замон сурат гирифтаанд. Дар сафарномаҳои зикршуда, муаллифон зери таъсири вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Бухорои амирӣ, ки дар матни муносибатҳои дӯстонаи иқтисодию сиёсии аморати Бухоро ва Русия шакл мегирифт, аз фоидаи иҷтимоии маърифату дониш сухан меронданд ва ин андешаи худро бо зикри пешрафтҳои мамлакатҳои Аврупою Осиё бо тамоми ҳарорату ҷонсупорӣ ҳимоя мекарданд. Муаллифони сафаргуфтаҳои ин давра, ки зери таъсири тақвою риояти оини мусулмонӣ ин осорро эҷод кардаанд, бо баҳрагирӣ аз омилҳои созандаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ нисбат ба низоми давлатдориву маърифати аврупоиву осиёӣ ҳусни таваҷҷуҳи худро ошкоро ва бо далелҳо баён намудаанд, ки дар он рӯзгор ҳодисаи нодир аст.

Дар матни сафарномаҳои ёдшуда ҳусни таваҷҷуҳи муаллифон нисбат ба тарзи аврупоии зиндагӣ, тарзи русии ҳаёт ва давлатдорӣ низ равшан зоҳир мегардад, ки зери таъсири воқеиятҳои мусбати он рӯзгор шакл гирифтааст. Ин ҳусни ният фақат дар зоҳири зиндагӣ ҷорӣ намудани расму оин ва урфу одати тарзи зисти аврупоӣ набуда, балки ҳадафи истифода аз низоми нави сохти ҷамъиятии пешқадами Аврупо ва Русияро дошт.

Ҳимояи манфиатҳои оммаи мардум ифодагари хусусияти дигари таъсирпазирии сафарноманависонро аз воқеиятҳои ҷорӣ мушаххас месозад, ки дар қиёс бо интихоби кадрҳо дар низоми давлатдории Аврупову Русия дар сафарномаи Аҳмади Дониш ба муҳокима кашида шудааст [12, с. 17-19]. Дар баёни ин ақида муаллифони сафарномаҳо на фақат аз ҳаёт ва низоми пешқадами Русия, ки аз ҷумла Аҳмади Дониш ба он ҷо сафар намуда буд, балки аз ҳикоят ва ривоятҳои анъанавӣ дар боби адлу дод ва инсонпарварии ҳокимони гузаштаи Шарқ, мисли Искандари Румӣ, Анушервон, Ҳорунаррашид ва ғайра низ истифода кардаанд, ки ранги афсонавӣ дошта бошад ҳам, ҳамчун намунаи ибрат ба назар меоянд.

Ҳамин тавр, муҳтавои сафарномаҳои ин давра низ зери таъсири воқеиятҳои замон шакл гирифтааст, ки се равишро дар бар мегирад:

а) танқиди низоми давлатдорӣ ва иҷтимоии аморати Бухоро;

б) тарғиби маърифат, илму дониши дунявӣ, тарғиби тарзи зиндагии шоистаи аврупоӣ ва русӣ;

в) ҳимоя намудани манфиатҳои ҳаётии мардум.

Аҳмади Дониш зери таъсири омилҳои ёдшуда ба эҷоди сафарнома пардохта, дар ин гуна осораш андешаҳои ислоҳотхоҳонаашро ба миён гузоштааст, ки он натиҷаи шиносоии ӯ бо ҳаёту адабиёт ва фарҳанги рус ва воқеиятҳои мудҳиши иҷтимоии Бухорои амирӣ мебошад, ки вай аз назари танқидӣ таҳқиқ ва тасвир намуда, моҳияти онҳоро ба оммаи васеи хонандагон ошкор намудааст. Агар таваҷҷуҳи Аҳмади Донишро, пеш аз ҳама, вижагиҳои усули давлатдорӣ ва хусусиятҳои ахлоқии мақомдорон ва мардуми Русия ба худ кашида ва дар ин замина он чи дидаву шунида ба риштаи тасвир кашида бошад, Возеҳ низ дар сафарномаи худ “Савонеҳ ул-масолик ва фаросих ул-мамолик” як силсила масъалаҳои муҳимми ҳаётиро ба муҳокима кашида, ба ин васила вазъи пешрафтаи мамолики мутараққиро бо аморати Бухоро муқоиса кардааст, ки ҳарфи тоза ва ояндабинона дар он рӯзгор мебошад. Зеро “Сафарномаҳои дар нимаи дувуми асри нуздаҳ ва ибтидои садаи бист эҷодшуда, аввалин намунаҳои адабиёти танқидиву иҷтимоӣ буданд, ки вазъи аморати Бухоро ва музофоти онро дақиқназарона инъикос намудаанд” [3, с.173].

Аз он чи гуфта шуд метавон ба ин натиҷа расид, ки жанри сафарнома дар адабиёти нимаи дувуми асри нуздаҳи тоҷик зери таъсири омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ шакл гирифта, бо тасвир ва инъикоси воқеиятҳои муҳимми мамолики нисбатан мутараққии ҷаҳон, аз ҷумла Аврупо, Русия ва баъзе кишварҳои Осиё, муқоисаи пешрафтҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ин кишварҳо бо аморати Бухоро ва рӯзгори мардуми он муаллифон сохтори мундариҷавӣ ва жанрии ин намуди насрро тадриҷан ташаккул ва таҳаввул бахшидаанд, ки аз дастовардҳои адабиёти ин давра мебошад.

Адабиёт

1. *Бозорзода, Н. Ш. Сафарноманигорӣ воқеиятнигорист [Маҷмуаи мақолаҳо] / Н. Ш. Бозорзода. – Душанбе, 2018. – 320 с.*
2. *Бозоров, Н. Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика / Н. Бозоров. – Душанбе: “Пойтахт”, 2014. – 183 с.*
3. *Боқиев, Ҳ. Заминаҳо ва омилҳои пайдоиши сафарнома/ Ҳ.Боқиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2025. - №3 (116). - С. 170-177.*
4. *Гулмуродзода, П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳонӣ / П. Гулмуродзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 164 с.*
5. *Карочӣ, Р. Дидорҳои дур: пажӯҳише дар адабиёти сафарномаӣ ҳамроҳ бо китобшиносии сафарномаҳои форсӣ / Р. Карочӣ. – Теҳрон: Чопар, 1381. – 188 с.*
6. *Қаҳҳоров, М., Давронов, А. Сарнавишти сайёҳи рус ва “Рӯзнома”-и ӯ / М. Қаҳҳоров, А. Давронов // А. П. Федченко. Рӯзнома [қайдҳои сафар] – Душанбе: “Эҷод”, 2006. – С. 3-8.*
7. *Мустафиҷир, А. Рӯзномаи сафари Искандаркӯл. Ҳозиркунандаи чоп ва муаллифони муқаддимаву тавзеҳот Аълохон Афсаҳзод ва Мирзо Муллоаҳмадов / А. Мустафиҷир. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 176 с.*
8. *Ҳуҷақулов, С. Ташаккули жанрҳои адабиёти маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ / С. Ҳуҷақулов. – Тошканд: нашриёти “Фан”, 2008. – 151 с.*
9. *Ҳуҷақулов, С. Адабиёти давраи бедории миллӣ. Нимаи дуюми асри 19 ва ибтидои асри 20 / С. Ҳуҷақулов. – Тошканд, 2015. – 360 с.*
10. *Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри 19 / Р. Ҳодизода: Дониш, 1968. – 294 с.*
11. *Ҳодизода, Р., Каримов, У., Саъдиев, С. Адабиёти тоҷик. Асрҳои 16-19 ва ибтидои асри 20 / Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев. – Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.*
12. *Ҷабборов, Ш. Андешаҳои сиёсии Аҳмади Дониш / Ш. Ҷабборов. – Душанбе, 2005. -196 с.*
13. *Юнусова, З. Жанри сафарнома дар адабиёти маорифпарварии тоҷик / З. Юнусова. – Тошканд: нашриёти “Фан”, 2014. – 174 с.*

ОМИЛҲОИ ТАЪСИРГУЗОРИ ТАҲАВВУЛИ САФАРНОМА ДАР АДАБИЁТИ НИМАИ ДУВУМИ САДАИ XIX

Дар мақола заминаҳои пайдоиш ва омилҳои таъсиргузори ташаккул ва таҳаввули жанри сафарнома дар адабиёти нимаи дувуми асри нуздаҳ дар такя ба воқеиятҳои он рӯзгор ва осори нависандагони сафарноманавис тадқиқ шуда, дар замина равишҳои асосии дарёфтҳои ҳунарии онҳо муайян карда шудааст. Бо назардошт ва таҳлили қиёсии воқеоти он давра омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҳамчун унсури таъсиргузор дар инкишофи ин жанр шинохта шуда, ҳамчунин омилҳои объективӣ ва субъективӣ низ василаи такмили жанри сафарнома муаррифӣ гардидаанд. Дар мақола дигаргуниҳои мушаххасе, ки бар асари таъсирпазирӣ дар сохтори мундариҷавӣ ва жанрии сафарномаҳои ин давра ба вуҷуд омадааст, дар мисоли ҷустуҷӯҳои эҷодии Аҳмади Дониш, Возеҳ ва баъзе нависандагони дигар ба таври мушаххас баррасӣ ва нишон дода шудааст.

Калидвожаҳо: сайр, саёҳат, сафарнома, наср, омилҳо, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, равшангароӣ, таъсирпазир.

ФАКТОРЫ, ПОВЛИЯВШИЕ НА РАЗВИТИЕ ЖАНРА ПУТЕВЫХ ЗАМЕТОК В ЛИТЕРАТУРЕ ВТОРОЙ ПОЛОВИНЫ XIX ВЕКА

В статье рассматриваются предпосылки возникновения и факторы, повлиявшие на формирование и развитие жанра путевых заметок в литературе второй половины XIX века, на основе реалий той жизни и произведений писателей-путешественников, а также определяются основные подходы к их художественному творчеству. В результате сравнительного анализа реалий того периода были выявлены политические, социальные и экономические факторы, оказавшие значительное влияние на развитие этого жанра, а также представлены объективные и субъективные факторы как средства совершенствования жанра путевых заметок. В статье подробно рассматриваются и демонстрируются конкретные изменения, произошедшие под влиянием этих изменений в содержании и жанровой структуре путевых заметок этого периода, на примере творческих поисков Ахмада Дониша, Возеха и некоторых других писателей.

Ключевые слова: путешествие, поездка, путевые заметки, проза, факторы, политический, социальный, экономический, просвещение, восприимчивый.

FACTORS THAT INFLUENCED THE DEVELOPMENT OF THE TRAVEL NOTES GENRE IN THE LITERATURE OF THE SECOND HALF OF THE 19TH CENTURY

The article examines the prerequisites for the emergence and factors that influenced the formation and development of the genre of travel notes in the literature of the second half of the 19th century, based on the realities of that life and the works of travel writers, and also defines the main approaches to their artistic creativity. As a result of a comparative analysis of the realities of that period, political, social and economic factors that had a significant impact on the development of this genre were identified, and objective and subjective factors were presented as a means of improving the genre of travel notes. The article examines in detail and demonstrates specific changes that occurred under the influence of these changes in the content and genre structure of travel notes of this period, using the example of the creative searches of Akhmad Donish, Vozekh and some other writers.

Keywords: travel, trip, travel notes, prose, factors, political, social, economic, education, receptive.

Дар бораи муаллиф
Боқиев Ҳамза
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷик Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: bokiev69@mail.ru

About the author
Bokiev Hamza
Candidate of philological sciences, Docent of the department of Tajik language and literature Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: bokiev69@mail.ru

Об авторе
Бокиев Хамза
Кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и литературы Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: bokiev69@mail.ru

УДК 882.(091) (075.8)

ПЕРЕВОДЫ ЧЕТВЕРОСТИШИЙ ОМАРА ХАЙЯМА, ВЫПОЛНЕННЫЕ Л. НЕКОРОЙ И И. СЕЛЬВИНСКИМ

Бакаева М. Т.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Высокое искусство перевода, глубоко идейное в своём существе требует подлинного вдохновения и мастерства и должно опираться на прочное научное основание. Нужно научиться думать так, как думал переводимый автор. Переводчик должен перевоплотиться или отказаться от перевода. Переводчик должен положительно быть знакомым с синтаксисом того языка, с которого он переводит, и его идиомами.

Одним из отличительных качеств литературы является ее всенародность, так как литература это творение всего народа. С годами возникает реальная потребность в максимальной точности перевода, так как этот перевод служит уже средством не только сближения между народами, но и братского содружества их в движении вперед. От перевода вслепую переводчики советского периода производили постепенный переход к художественному переводу на научной базе. Так как переводчику необходимо знать словарный состав языка подлинника, чтобы уметь удачно подыскать смысловые эквиваленты, знать как лучше и точнее передать ритмику произведения, его интонацию, его мелодику, воспроизвести художественную сторону подлинника. Он не только правдиво должен показать его, но и бережно сохранить в произведении лицо самого автора, не подавляя его передать ту изюминку, которая являлась целью писателя.

Советский читатель ставил выше всего документальность, достоверность и точность перевода, т. е. правдивость, которые, как необходимое условие, должны быть совмещены идейностью и художественной прелестью поэзии. В этом смысле можно говорить о реализме в переводе.

Историческое постановление о журналах „Звезда" и „Ленинград", принятое 1947 году, и последующие решения Центрального Комитета ВКП(б) по идеологическим вопросам способствовали первым новым подъёмам советской литературы и в частности литературы таджикского народа.

Таджикская литература показала свой творческий рост на декаде в Москве в 1949 году. Ряд талантливых таджикских писателей таких как: Садриддин Айни, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар были удостоены Сталинских премий. Таджикская литература восходила на мировую арену. Приобретая ё глубокое значение не только в понимание того, что собой представляет эта литература в настоящем, но и того, чем она была в прошлом. Патриотический долг каждого писателя состоит в том, чтобы как можно больше создать художественные произведения на родном языке с высокими художественными идеями. И с помощью перевода сделать эти произведения доступными широким массам дружественным нам народам стран содружеств, где интерес к таджикской литературе особенно велик.

В 1948 году к юбилейным дням Таджикской республики был издан первый сборник четверостиший Омара Хайяма. Были отобраны 120 четверостиший, которые, по мнению редакции сборника представляют собой “достоверное наследство Хаяма” [13, с. 10-12]. Такое утверждение составителей сборника несколько поспешно, как старейшие рукописи четверостиший Хайяма: Стамбульская (1466) и Бодлеян уже является компиляцией и многое в них вызывает основательные сомнения. Так, например, один из исследователей пишет “Внимательное изучение его стихов и сведений о нем показало, что из приписывавшихся Хайяму чуть ли не 5000 четверостиший лишь несколько сотен могли принадлежать ему. Потом это число ещё уменьшилось. Наконец осталось несколько, возможно, написанных им” [8, с. 90].

Четверостишия Омара Хайяма, как по содержанию, так и по стилю и присущей им внутренней музыке отличаются единством основного тона и многообразием оттенков. Представилось целесообразным эту особенность передать в использование переводов разных поэтов: чуть суховатые, но крепко сложенные в своей четкости, которые прекрасно дополняются энергичным, острым, иногда намеренно резким стихом И. Сельвинского. Где можно увидеть изысканную нежность, с подёрнутым дымком мечтательности и намёков, а также со строгими, но страстными звучаниями неизвестного переводчика отображены в

сборнике „Восток”. Именно эта разнохарактерность переводов, может быть, лучше всего и передаёт тот стиль эмоционально, богатый оттенками и переливами, тонами и метрическими перебоями в стиле подлинника.

Издатели явно увлеклись заманчивой идеей нарисовать образ поэта в годы его юности, возмужалости, зрелости и старости. Фитцджералд именно так в свое время по разделам расположил свои поэтические новеллы. Сале ценивший в Омаре Хайяма больше учёного, чем поэта, дал Хайяма в девяти разделах по числу девяти небес—сфер, следуя астрономической системе древнего Ирана…

Но все это домыслы, не более, так как самой рукописи поэта нет. Выделение же настоящего наследства Омара Хайяма из груды, дошедшего до нас через века чудесного поэтического сплава пока является одной из интереснейших задач, над которыми по-разному трудились и трудятся уже в течение столетий многие западноевропейские и русские учёные ориенталисты и переводчики. И в определенной мере прав оказывается академик А. Семёнов, когда он приходит к выводу, что пока „необходимо не столько постижение и изучение поэтического творчества поэта, сколько знакомство с умственными запросами и достижениями той эпохи, в которой жил Омар Хайям, ознакомление с X-X1 веками, которые по словам академика В. Бартольда «являются наименее исследованной эпохой в истории перевода народов стран содружеств» [14, с. 86-87].

До Великой Октябрьской революции ряд поэтов, переводили Омара Хайяма. Их переводы читались легко, но стиль Хайяма в них отсутствовал. Это были скорее поэтические вариации на темы из Омара Хайяма. Например:

«Прощаясь с морскими волнами
Как будто пред Долгой разлукой
Заплакала капля, а море
Смеялось над детскою мукой.
Не плачь, я везде во Вселенной
Питаю озера и реки:
Ты после разлуки мгновенной
Вновь будешь со мною навеки» [15, с. 41-48].

При переводе А. Умов использовал амфибрахий, несвойственный четверостишиям Хайяма; страдает музыкальная сторона звуковых сочетаний: «как будто пред долгой разлукой»; вымученный образ—«детская мука» капли; не выдержана форма, дано восьмистишие, что уничтожило лаконичность оригинала; исчезла философская сосредоточенность. Умовские переводы из Хайяма не Хайям, а сам Умов.

Определенное приближение к Омару Хайяму находим у Тхаржевского. То же четверостишие он переводит так:

«Прощалась капля с морем, и плакала она.
Смеялось, горю капли безбрежная волна.
„Я все, везде, и делит нас линия одна,
Ты лишь «движеньем точки» на миг отделена» [13, с. 55].

Этот перевод тоже далёк еще от совершенства, но в нём уже есть кое-что напоминающее Омара Хайяма. Выдержаны противоположения, характерные для Хайяма, ритмика, стиль поэта, но пропадает выразительность, благодаря неточностям, чуждым строгости образов поэта. Образ безбрежного моря понятен, но трудно представить себе «безбрежность» волны... Тут Тхаржевский разрешил себе вольность в переводе, диссонирующую и с последующими двумя строками в этом чудесном по форме и философской глубине и образу рубаи. В том же направлении с большим или меньшим успехом работают другие переводчики.

Это осуждение в полной мере должно быть отнесено и к Тхаржевскому и ко всем, кто неправильно переводит, в данном случае, Омара Хайяма.

Перевод Сельвинского:

«Мы только пешки, тогда как судьба—игрок.
И это не образ: играет воистину рок.
Так будем же двигаться на доске бытия,
А там чередой—один за другим—в сундучок» [13, с. 51].

В подлиннике читаем:

Мо лӯъбатгонему фалак лӯъбатбоз

Аз рӯи ҳақиқию на аз рӯи маҷоз
Бозича ҳамакунем бар натъи вуҷуд
Рафтем ба сандуқи одам як як боз.
(перевод):
Мы—шахматные фигурки, а небо—игрок—
Глубокая истина в этом, а не аллегория.
Мы делаем маленькую игру на доске бытия
И уходим один за другим снова в общий сундук
человечества.

Простое сравнение перевода с подлинником показывает, что Сельвинский извратил философское содержание четверостишия.

Первая строчка четверостишия у Хайяма имеет пословичный характер, афоризм. Хайям предлагает вдуматься в него и понять, что хотя мы и пешки, но и судьба не в силах обезличить нас, идущих своими путями к одному концу, который ждёт всех — и великих и малых, и от которого никто не уйдёт. Хайям отрицает рок.

Сельвинский переводит:
«До меня и тебя этот мир был так же звонок,
И всё так же горели огни в небесах бездонных.
О, возлюбленная! Осторожно ступай на песок:
Попирая его, ты бредёшь по зрачкам влюблённых» [12, с. 67].
В подлиннике:
«Пеш аз ману ту лайлу наҳоре будаст
Гарданда фалак барои коре будаст
Зинҳор қадам ба ҳок оҳиста ниҳӣ
К-он мардумаки чашми нигаре будаст»,
(перевод):
До меня и до тебя сменялись ночь и день,
И всё так же вращалось в движении небо.
Берегись, осторожно ступай по земле,
Так как эго всё было зрачками очей красавиц.

Перевод Сельвинского шаток, антимузыкален и абсолютно неверен. Забыта рифма и редиф, а он имеет в подлиннике особо важное значение. Он углубляет философский смысл каждой следующей строки рубаи, подчёркивает нарастание. Сельвинский искажает Хайяма. У Хайяма нет ни слова о возлюбленной и влюблённом. Откуда взял их Сельвинский, Хайям говорит о вечности движения и существовании материи, о вечном изменении форм. Этого не дал Сельвинский. Неудачны рифмы: «звонок—бездонных—влюблённых". Сельвинский переводит: „до меня и тебя этот мир был так же звонок"... Что значит „мир звонок"?... У Сельвинского исчезла в переводе простота, строгая весомость слов, богатство словарного фонда, исключительная напевность речи, всё то, что так резко выделяет русский язык среди остальных языков мира и на что в своё время обратил внимание ещё Ломоносов: „...великолепие испанского, живость французского, крепость немецкого, нежность итальянского, сверх того богатство и сильную в изображениях краткость греческого и латинского языков".

Сельвинский высказал полное пренебрежение к родному языку. По форме и мелодике неудачно перевёл так:

«Из праха меня ты соткал—так что же мне делать.
Ты плоть мою плотской создал—так что же мне делать.
Любое добро или зло, что я совершаю,
Ты, господи, предначертал—так что же мне делать» [13, с. 95].
Подлинник:
Аз обу гилам сириштай, ман чи кунам
В-ин пашму касаб ту риштай, ман чи кунам
Хар неку баде ки аз ман ояд ба вуҷуд
Ту бар сари ман навиштай, ман чи кунам.

Очень слабая рифма: „соткал—создал – предначертал”. Неверно передана по существу первая строка: „Аз обу гилам сириштай...”; в ней Сельвинский опускает слово „об” (вода), и тем самым в корне извращает критику поэтом средневекового учения о создании богом

человека... Текст подлинника говорит: „Из глины и воды меня ты создал, при чём тут я?“ Противопоставление: ты — я. Вторая строчка в переводе Сельвинского — личное творчество его самого. В. Белинский в своё время писал: „Правило для перевода художественных произведений одно — передать дух переводимого произведения, чего нельзя сделать иначе, как передавши его на русский язык так, как бы написал порусский сам автор, если бы он был русским”. Хайям, конечно, не записал бы это четверостишие по-русски так, как перевёл его Сельвинский. Попытку выдержать редиф и рифму Сельвинский дал в следующем четверостишии:

«Та ваза, что здесь на гончарном круге была,
При жизни в стихии вьюги была.
А ручка, что видишь у горлышка этой вазы—
Рука, что когда-то на персях подруги была».
Подлинник:
Ин кӯза чу ман ошики зори будаст
Дар банди сари зулфи нигори будаст
В-ин даста ки дар гардани ӯ мебини
Дастест ки да гардани ёри будаст.
Подлинник говорит (перевод):
Этот кувшин — он как и я когда-то томился в любовной тоске,
Влачился в оковах кончиков кудрей красавицы.
И эта ручка, которую ты видишь на шейке кувшина—
Эта ручка обнимала шею любимого.

У Сельвинского получается всё как-то не так: «хвост вытащил – голова увязла, голову вытащил – хвост увяз». Сельвинский пытается улучшить Хайяма, хотя Хайям и не нуждается в этом. Сельвинский спешит, и там, где встречает трудности, он хочет взять их оптом, и не принимает при этом во внимание интонацию автора его противопоставлений, и в этом случаи четверостишие потеряло при переводе свою выразительность. Это ударения такого плана: «ин кӯза “ чу ман”, “дар банди сари....”, “ин даста ки дар...”, “Дастест ки дар...” – выпадают и их перевод не наблюдается у Сельвинского. “Ваза ”... это слово как-то холодно звучит, в нем нет теплоты и глубины, так необходимой в данном стихе. С вазой ассоциируются иные представления: “Кувшин” предпологает своим содержанием “вино”, дающее подъём, мудрость и забвение. “Кувшин” может быть с “водой”, которая также приносит человеку жизнь и вдохновение.

«Красавица девушка чудную вазу держала,
Спелые вишни её до краёв наполняли…»

Ваза не даёт необходимых звучаний, это слово новое в народе и получает определённые, точные значения, не связанные с вином. В таджикском языке она резко по значению отделяется от „сабӯ” и „кӯза”, и имеет свои обозначения: „гулдон”— (ваза для цветов), зарфи ширинӣ”, „зарфи ширини хурӣ (ваза для конфет, сладости); зарфи мевахурӣ, (ваза для фруктов). Хайям использовал слово „кӯза”, как основное, и отбросил слово „зарф“, как ненужное в данном случае.

Полной безвкусицей звучит придуманная Сельвинским „стихия любовной вьюги” и ничем не оправданное, непонятное в наше время „перси”. Образ, которого навязан Сельвинским Хайяму: „рука, что когда-то на персях подруги была” несколько груб и не вяжется с Хайямом. Сам синтаксис Сельвинского: „та ваза, что здесь...”, “...ручка, что видишь...”, „рука, что когда-то...” звучит не по-русски.

Такой же неточностью и отсутствием выразительности отмечены переводы Сельвинского „Услышь, о, муфтий, пьяницы рассказ”, „Если скажешь, будто я пьян—я таков” [13, с. 120-121].

Редакция сборника приняла переводы Сельвинского, и высоко оценила «энергичный, острый, иногда намеренно резкий стих» Сельвинского, но не потребовала от него художественной красоты слова и внутренней цельности строк перевода, которые должны были донесть до нас пленительность звучаний и глубину материалистического миросозерцания Хайяма. Кроме того, было забыто, что перевод на русский язык будет читать весь многонациональный народ. Так вырастает политическое значение художественного перевода. Так научно-обоснованные художественные переводы требуют тщательного редактирования переводов.

Л. Некора (Л. Н.) — старый и опытный переводчик; он знает язык подлинника и обладает всеми данными, которые могут обеспечить качество перевода. Ему принадлежат статьи по восточной литературе в «Литературной Энциклопедии».

Но и у него можно отметить досадные словечки, которыми неопытный переводчик старается закрыть в строке недостающий слог (что, ведь, где, чтоб, тут и т. д.), встречается неправильная постановка цезуры (напр., № 58—„Неверен рок? Себе будь// вернее, веселись!»; или №80—«Будь глух к учёному// о боге суесловью»), которая затрудняет понимание; странный синтаксис предложения (напр. № 62— „Капля крови внутри слезы оно“), славянизмы (восстань, суесловие), срывы дыхания и удушье в стихе. Л. Некора понимает, какую огромную организующую и познавательную, не только воспитательную роль имеет в переводе словарная точность, характер рифмы, полнота и соответствие образов, количество строк, интонация и т. д., всё то, что определяет поэта, его оригинальность, стиль и художественное мастерство [13, с. 78]. Есть у Некоры сравнительно неплохие переводы:

«Хайям, за прегрешенья печалью платишь ты;
В бесплодном сокрушеньи все дни истратишь ты.
А милость и прощенье для тех, кто нагрешил.
Нет без греха спасенья: о чём же плачешь ты?»
В оригинале:
«Хайём, зи баҳри гунаҳ ин мотам чист?
В-аз хӯрдани ғам фоида бешу кам чист?
Онро, ки гунаҳ накард, ғуфрон набувад,
Ғуфрон зи барои гунаҳ омад, ғам чист?»
Перевод:
Хайям, зачем ты скорбишь о прегрешеньях...
Есть ли какая польза от гореваний...
Тому, кто не грешит, не нужно прощенье...
Прощенье пришло через грех, зачем же скорбеть..

Таких хороших переводов, хоть и не совсем точных, у Л. Некоры немало. Но есть и небрежно сделанные, напр. № 101:

«Вчера горшечным рядом я шёл через базар,
Там комья свежей глины сердито мял гончар.
И слышался—о, диво,— как будто глины стон,
«Ведь гончаром была я... Смягчи же свой удар”.
В оригинале:
Дӣ кӯзагаре бидидам андар бозор,
Бар тозагиле лағад ҳамизад бисёр.
В-он гил ба забони ҳол бо у мегуфт:
«Ман ҳамчу ту будаам, кирominам дор!» —
Перевод:
Вчера горшечника я видел на базаре,
Старательно он мял ногами комья глины.
И как могла по-своему ему та глина говорила:
Имей же ко мне уваженье, я тоже была, как ты...

Негодным нужно признать такое рубаи Л. Некоры (№ 86):

«Кувшин с вином душистым мне ты разбил, господь.
Дверь радости и счастья мне ты закрыл, господь.
Ты по земле, о, боже, разлил моё вино...
Карай меня, но... пьяным не ты ли был, господь...
В оригинале читаем:
Ибриқи майи маро шикастӣ раббӣ
Бар ман дари айшро бубасти раббӣ
Ман май хураму ту мекуни бадмастӣ.
Хокам ба даҳан, магар ки мастӣ раббӣ.
Перевод:
Ты мой кувшин с вином разбил, о, боже...
Ты двери наслаждения закрыл мне, о, боже...
Я пью вино, а ты творишь бесчинство...

Землёй клянусь, не пьян ли ты, о, боже...

В подлиннике речь идёт о кувшине Хайяма, а не вообще; поэт с возмущением указывает, что пьяный он сам, а безобразничает (опрокинул и разбил кувшин с вином) бог; у Хайяма и в мыслях нет покорно склоняться перед богом; Хайям в гневе восклицает: „Клянусь землёй, не пьян ли ты, о, боже!“

Это изящное, полное свободомыслия, прозрачно ясное по внутренней слаженности и миропониманию четверостишие в переводе Л. Некоры лишилось всей своей поэтической прелести, стало неуклюжим, туманным, невыразительным.

Л. Некора не чужд отсебятина, которая часто губит сделанный им перевод, например (№ 42):

«Кумир мой — горшая из горьких неудач—
Сам ввергнут, но не мной, в любовный жар и плач.
Увы, надеяться могу ль на исцеленье,
Раз тяжко занемог единственный мой врач.
Подлинник:
Ёри ки дилам зи бахри у зор шудаст
Ӯ ҷои дигар ба ғам гирифтор шудаст
Ман дар талаби илоҷи худ чун кӯшам
Чунонки табиби мост бемор шудаст.
Перевод:
Любимая, по которой сохнет моё сердце,
Она скорбит по-другому...
Как мне настаивать перед ней на моём исцелении,
Когда та, кто является врачом для нас, сама больна.

Откуда Некора взял этот странный „любовный жар и плач”; как это можно „ввергнуть" в „жар и плач“?.. Кумиру, если его действительно любят, не особенно понравится эпитет „горшая из горших неудач"...

Возьмём ещё одно четверостишие Омара Хайяма в переводе Л. Некоры (№ 37): и посмотрим, до чего пылкая фантазия переводчика иногда может извратить смысл подлинника:

„Взгляни, одежду розы раздвинул ветерок...
Как соловья волнует раскрывшийся цветок...
Не проходи же мимо: ведь роза расцвела
И распустилась пышно лишь на короткий срок”.
В подлиннике;
Бингар зи сабо домани гул чок шуда
Булбул зи ҷамоли гул тарабнок шуда
Дар сояи гул нишин ки бисьёр ин гул
Дар хок фурӯ резаду бар хок шуда
Перевод:
Взгляни, под дуновеньем утреннего ветерка
Распахнулись полы одежды розы...
Соловей забылся в песне о прелестях розы...
Садись под тенью роз, так как много этих роз
Спадёт наземь и станет прахом...

Простое сравнение показывает, что Л. Некора, нарушив рифмовку и точность, дал четверостишие, совсем не похожее на то, что создал поэт. Прелестное четверостишие погибло. Л. Некора также пишет: “Адекватно передать внешнюю форму рубаи, метрический размер Хайяма, по-русски нельзя. Из старых размеров к нему ближе всего подходит ямб со вставным слогом перед цезурой; на нём и пришлось остановиться: свободный стих, разумеется, недопустим при переводе поэта XI века. Порядок рифм – персидский; рифмовка третьей строки так же часто и в подлиннике….» [3, с. 212]

Над переводами Хайяма в советское время работали много переводчиков среди которых были В. Тардов, С. Кашеваров. Каждый из этих переводчиков по своему стремился понять эпоху, разгадать поэта, передать его мысли и настроения. Каждый из них искал форму и понимал, что она связана с содержанием. И эта форма будет найдена, так ка то, что сделано, уже большой шаг вперёд.

Четверостишия Омара Хайяма можно встретить и в отдельных произведениях русской художественной литературы в виде цитат и изречений народной мудрости с упоминанием имени поэта и без этого.

Литература

1. *Бакаева, М. Т. Взаимосвязь и различия в русской и таджикской прозе / М. Т. Бакаева // Вестник Педагогического университета. – 2012. – № 4(47). – С. 240-244.*
2. *Бородин, С. Дмитрий Донской / С. Бородин. - М., 1947.*
3. *Восток, сборник II. - М.-Л.: Издательство Академии наук СССР, 1935. – С. 212.*
4. *Гафуров Б. Г. История таджикского народа, т. 1. – М., 1949. – 268 с.*
5. *Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик, т. 1. – Сталинобод, 1947. – 248 с.*
6. *Елистратова А. А. Живое создание поэмы // Сборник «Новые успехи советской литературы». – М., 1919. – 374 с.*
7. *Крымский А. Пальмове гилля, ч. III. - Киев, 1922. – 250 с.*
8. *Марр Ю.Н. Статьи и сообщения. – М., 1939. – 420 с.*
9. *Новый Восток, 1922. - № 1. - С. 433-435.*
10. *Омар Хайям. Четверостишия» перевод с персидского и вступительная статья О.Румера. - М.: ГИЗ «Художественная литература», 1938. – 94 с.*
11. *Омар Хайям. Четверостишия / перевод О. Румера. - М., 1922. – 108 с.*
12. *Омар Хайям. Четверостишия / перевод О. Румера. - М., 1938. – 132 с.*
13. *Омар Хайям. Четверостишия. Избранное. - Сталинабад, 1948. – 142 с.*
14. *Семёнов А. Омар Хайям // Литература и искусство. - Ташкент, 1940. - № 4. - июль-август. – С. 86-87.*
15. *Умов А. Омар Хайям. Биографические сведения, переводы // Русская мысль! – 1911. - кн. 9 (август). - С. 41-48.*
16. *Энгельгардт В. Омар Хайям и его четверостишия // Омский Альманах. – 1954. - I. 5. – 71-79.*

ПЕРЕВОДЫ ЧЕТВЕРОСТИШИЙ ОМАРА ХАЙЯМА, ВЫПОЛНЕННЫЕ Л. НЕКОРОЙ И И. СЕЛЬВИНСКИМ

В данной статье рассматриваются переводы четверостиший О. Хайяма, выполненные И. Сельвинским и Л. Некорой. Четверостишия Омара Хайяма как по содержанию, так и по стилю и присущей им внутренней музыке отличаются единством основного тона и многообразием оттенков. Представляется целесообразным передать эту особенность через использование работ разных поэтов. Чуть суховатые, но крепко сложенные в своей четкости переводы Л. Некоры прекрасно дополняются энергичным, острым, а иногда намеренно резким стихом И. Сельвинского. В статье представлено два подхода к переводу рубаи. Сравнение показывает, что Л. Некора, местами нарушая рифмовку и точность, создал четверостишия, не всегда созвучные оригиналу. В то же время сопоставление с подлинником указывает на то, что И. Сельвинский порой искажал философское содержание четверостиший. В его интерпретации исчезали простота, строгая весомость слов и та исключительная напевность, которая столь ярко характеризует поэтический язык. Несмотря на разные подходы, каждый из переводчиков по-своему стремился осмыслить эпоху, разгадать личность поэта и передать его мысли.

Ключевые слова: Омар Хайям, рубаи, поэтический перевод, сравнительный анализ, И. Сельвинский, Л. Некора, художественное мастерство, философское содержание, адекватность перевода.

ТАРҶУМАҲОИ РУБОИЁТИ УМАРИ ХАЙЁМ АЗ ҶОНИБИ Л. НЕКОРА ВА И. СЕЛВИНСКИЙ

Дар мақолаи мазкур тарҷумаҳои рубоиёти Умари Хайём, ки аз ҷониби И. Селвинский ва Л. Некора иҷро шудаанд, мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Рубоиёти Умари Хайём ҳам аз нигоҳи муҳтаво ва ҳам аз ҷиҳати услуб ва мусиқии ботинии ба онҳо хос, бо ягонагии оҳанги асосӣ ва гуногунии тобишҳо фарқ мекунанд. Интиқоли ин хусусият тавассути истифодаи осори шоирони мухталиф мақсаднок ба назар мерасад. Тарҷумаҳои Л. Некора, ки то андозае хушк, вале аз нигоҳи сохтор мустаҳкаму дақиқанд, бо услуби пурқувват, тезутунд ва гоҳо дидаву дониста каме дурушти И. Селвинский ба таври олӣ такмил меёбанд. Дар мақола ду равиши тарҷумаи рубоӣ пешниҳод шудааст. Муқоиса нишон медиҳад, ки Л. Некора бо халалдор кардани қофия ва дақиқият дар баъзе мавридҳо рубоиҳоеро сохтааст, ки на ҳамеша бо асли матн созгоранд. Ҳамзамон, муқоиса бо нусхаи асл нишон медиҳад, ки И. Селвинский гоҳо муҳтавои фалсафии рубоиҳоро таҳриф намудааст. Дар тафсири ӯ содагӣ, вазнинии калимаҳо ва он навои истисноие, ки забони шеърро ба таври равшан ифода мекунад, аз байн рафтаанд. Сарфи назар аз равишҳои гуногун, ҳар яке аз ин тарҷумонҳо ба таври худ кӯшиш кардаанд, ки давраи таърихӣ ва шахсияти шоирро дарк намуда, андешаҳои ӯро бозгӯ намоянд.

Калидвожаҳо: Умари Хайём, рубоӣ, тарҷумаи бадеӣ, таҳлили муқоисавӣ, И. Селвинский, Л. Некора, маҳорати бадеӣ, муҳтавои фалсафӣ, аслияти тарҷума.

TRANSLATIONS OF OMAR KHAYYAM'S QUATRAINS BY L. NEKORA AND I. SELVINSKY

This article examines the translations of Omar Khayyam's quatrains (rubaiyat) performed by I. Selvinsky and L. Nekora. The quatrains of Omar Khayyam are characterized by a unity of fundamental tone and a wide variety of nuances, both in content and style, as well as their inherent internal music. It seems appropriate to convey this unique feature through the works of different poets. The somewhat dry yet structurally sound and precise translations by L. Nekora are perfectly complemented by the energetic, sharp, and sometimes intentionally harsh verse of I. Selvinsky. The article presents two distinct approaches to the translation of the rubaiyat. Comparative analysis shows that L. Nekora, while occasionally deviating from the rhyme scheme and literal precision, created quatrains that were not always in harmony with the original. At the same time, a comparison with the original text indicates that I. Selvinsky sometimes distorted the philosophical content of the quatrains. In his interpretation, the simplicity, strict weight of words, and that exceptional melodic quality which so vividly characterizes the poetic language were lost. Despite their differing approaches, each translator sought in his own way to comprehend the era, unravel the poet's personality, and convey his thoughts.

Keywords: Omar Khayyam, rubaiyat, poetic translation, comparative analysis, I. Selvinsky, L. Nekora, artistic mastery, philosophical content, translation adequacy.

Об авторе
Бакаева Мехринисо Тугаловна
Кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой русской и мировой литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: miss_bakaeva@mail.ru

About the author
Bakaeva Mekhriniso Tugalovna
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, head of the department of Russian and world literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: miss_bakaeva@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Бакаева Меҳринисо Тугаловна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти рус ва ҷаҳон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: miss_bakaeva@mail.ru

ТДУ 821.222.1.09-31:39

ПАЖУҲИШИ ЭТНОПОЭТИКИИ ЯК РИВОЯТИ РОМАНИ «СЕ РӮЗИ ЯК БАҲОР»-И С.ТУРСУН

Раҳмонӣ Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маълум аст, ки ҳар миллату давлат бар пояи худшиносии забону фарҳанги миллии хеш устувор аст. Ин аст, ки имрӯзҳо давлати мо маҳз бар асоси забону таъриху фарҳанги миллӣ мардумро ба ваҳдату якпорчагӣ равон карда, ояндаи худро месозад. Дар ин самт адибони тоҷик бо талош кор ва эҷод мекунанд. Яке аз онҳо Саттор Турсун (1946-2023) буд, ки бо таълифи асарҳои шоистааш дар адабиёт ҷойгоҳи вижаеро дорад, ки дар ин бора пажуҳандагон дар навиштаҳои худ гуфтаанд ва умдатарин нуктаҳои асарҳои ӯро ёдовар шудаанд. Вале ҳоло ногуфтаҳо нисбат ба зиндагӣ ва эҷоди нависанда зиёд аст. Яке аз ин ногуфтаҳо пажуҳиши этнопоэтикии мероси Саттор Турсун мебошад. Имрӯзҳо ин истилоҳ дар адабиётшиносии ҷаҳон ҷойгоҳи худро пайдо кардааст, ки масъалаҳои асосии он пеш аз ҳама муайян намудани вижагиҳои суннатӣ ва миллии ин ё он асари бадеӣ мебошад. Яъне адиб дар офаридани фарҳанги суннатии мардуми худ чӣ ҳисса гузоштааст? Муҳит, симоҳои миллӣ ва кишварашро бо истифода аз расму оинҳо, фолклори мардуми худ чӣ гуна тасвир намудааст? Ана ҳамин масъалаҳои фарҳанги суннатии миллии тоҷикон, яъне этнопоэтикаи онҳо, дар асарҳои Саттор Турсун аз нахустин ҳикояҳояш то асарҳои бузургҳаҷми ӯ, аз ҷумла романи «Се рӯзи як баҳор», моҳирона ба қалам дода шудааст.

Дар адабиётшиносии ҷаҳон истилоҳи “поэтика” ба маънои густурда, нисбат ба баррасии сохтор, мазмуну муҳтаво, санъатҳои бадеӣ, образҳо ва ҳам дарки ғоявии матни бадеӣ ва ғайра зиёд ба кор меравад. Ҳамчунин зимни баррасии поэтикаи эҷодиёти ин ё он адиб ҳатман ба ҷиҳатҳои “этнопоэтикӣ”-и матн низ таваҷҷуҳ мешавад ва ҳатто пажуҳандагон гоҳе ҷузъиёти этнопоэтикиро бо мисолҳо шарҳ медиҳанд, вале дар таҳқиқи худ истилоҳи “этнопоэтика”-ро ба кор намебаранд. Ва ҳол он ки дар ҳар матни гуфторӣ (фолклорӣ) ва навишторӣ ҳамин “этнопоэтика” ҷойгоҳи хосае дошта, маҳз он вижагиҳои миллии асарро муайян менамояд.

Ба ин пайваста ёдовар мешавем, ки сарчашмаи бунёдии эҷодиёти ҳар адиб (нависанда, шоир, драматург) фарҳанги суннатии мардум (фолклор, этнография, атрпология ва ғ.)-и худаш, яъне этнопоэтикаи он аст. Дар ин ҷо худ аз худ пурсише пайдо мешавад, ки чаро пажуҳандагон ба таҳқиқи “поэтика”-и эҷодиёти ягон адиб ё асари бадеӣ машғул шуда, вале ба таҳлили “этнопоэтика”-и матни гуфторӣ ё навишторӣ камтар таваҷҷуҳ намудаанд? Сабаб дар он аст, ки “поэтика” ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири адабиётшиносӣ ва ҳам фолклоршиносии ҷаҳон чун истилоҳи муносиб барои пажуҳиши ҳамаи нозукиҳои матни ҷудогона ва эҷодиёти адиб ба кор рафта, ҷойгоҳи худро дар адабиёти ҷаҳон пайдо кардааст. Аз ҷумла, барои дарки дақиқтари баҳси мавриди назар, ҳамчун мисол унвони баъзе пажуҳишҳоро меорем: “Работы по поэтике” [35], “Проблемы поэтики А.П.Чехова” [28], “Поэтика Содика Хедоята” [32], “Поэтикаи насри бачагонаи Пӯлод Толис” [12], “Поэтика исторического романа” [31], “Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ” [14], “Поэтикаи фолклор” [21] ва ғайра.

Агар пажуҳиши поэтикӣ масъалаҳои умумии назарӣ ва бадеиро фаро гирад, вале таҳқиқи этнопоэтикӣ, ба вижагиҳои умдаи худшиносии фарҳанги миллӣ пайвастагӣ дорад. Дар ин ҷо роҷеъ ба ҷойгоҳи истилоҳи “этнопоэтика” ба таври мухтасар ишорат менамоем. «Этно+поэтика» аз ду ҷузъ иборат аст. Мафҳуми ҷузъи аввал «этнос» мардум, халқ, халқият буда, пажуҳандагон онро ҳангоми омӯзиши фарҳанги суннатии қавму қабилаҳои бехату беадабиёт низ ба кор мебаранд. Дар асоси ҳамин вожаи “этнос” риштаҳои зиёди илмии “этнография”, “этнология”, “этнолингвистика”,“этнопедагогика”, этнопсихология”, “этнокултура” ва ғайра ба вуҷуд омаданд. Ҷузъи дигари вожаи “этно+поэтика” ин “поэтика” аст, ки онро пажуҳандагон ба забони тоҷикӣ ба маънои ҳунари шоирӣ, “бутиқо” маънидод намудаанд. Аз ҷумла Х.Шарифов ва Х.Мирзозода “поэтика”-ро ҳамчун “маҷмуи сифатҳои бадеӣ, эстетикӣ, услубӣ, хусусиятҳои ягон падидаи адабӣ, сохти дохилӣ ва чун таҳқиқи ҷузъиёти миллию суннатии он” шарҳ додаанд, ки он ҳамбастагии фолклор ва адабиётро муайян мекунад. Поэтикаро марбути омӯзиши масъалаҳои назарияи адабиёт, илми адабиёти

бадеӣ, илми бадеъ, воситаҳои бадеӣ, санъати сухани эҷодии як адиб ва амсоли ин низ гуфтаанд [16, с.103; 34, с. 546].

Аз ин рӯ, маълум мегардад, ки “этнопоэтика” аз пайвастагии ду вожа иборат буда, ба гуфти пажуҳандагон, он ба маънои васеътар, тасвири бадеии вижагиҳои маҳаллӣ, миллӣ ва худшиносӣ дар осори гуфторӣ (фолклорӣ) ва навиштории ин ё он миллат мебошад. Бархе пажуҳандагон бар он назаранд, ки маҳз баррасии хусусиятҳои этнопоэтикии матн метавонад ошкор созад, ки як матн чи гуна ба ин ё он забону фарҳанги миллӣ мутааллиқ аст [4; 6; 8: 9; 10: 11].

Бояд гуфт, ки гоҳе пажуҳандагони тоҷик зимни баррасии поэтикаи эҷодиёти ин ё он адиб ва асари ҷудогона ба ҷиҳатҳои этнопоэтикии матн низ таваҷҷуҳ менамоянд ва ҳатто бо мисолҳо шарҳ медиҳанд, вале дар таҳқиқи хеш истилоҳи “этнопоэтика”-ро ба кор намебаранд. Ва ҳолон ки дар ҳар матни гуфторӣ (фолклорӣ) ва нависторӣ (шоир, нависанда, драматург) маҳз ҳамин “этнопоэтика” ҷойгоҳи аслие дошта, аз тариқи он вижагиҳои миллии асар муайян мегардад. Ҳарчанд “этнопоэтика” бештар мутааллиқ ба илми фолклоршиносӣ аст, вале он дар адабиётшиносии кишварҳои хориҷӣ сол то сол барои пажуҳиши осори адибон низ ба кор рафта истодааст.

Агарчи истилоҳи этнопоэтика ҳоло дар илми суханшиносии тоҷикӣ мавқеъ пайдо накардааст, вале таи чанд сол аст, ки мо гоҳе дар навиштаҳои худ ба моҳияти илмии он ишора менамоем [20; 21; 22; 23]. Аз ҷумла соли 2000 дар яке аз мақолаҳои худ зери унвони “Фолклор дар тасвири видео ва масъалаи этнопоэтика” бо ин равиш таҳқиқ намудани матнҳои гуфторӣ ва навишториро ёдовар шуда будем. Ҳатто ишора бар он доштем, ки матнҳои фолклорӣ бештар аз тариқи воситаҳои техникӣ сабт шуда омӯхта шаванд, то баъзе масъалаҳои нозуки этнопоэтикии риштаҳои фолклоршиносӣ, адабиётшиносӣ ва гӯишшиносӣ дақиқтар ҷилвагар гарданд [20, с. 67-72].

Зимнан ёдовар шуданро лозим медонем, ки дар пажуҳишҳои фолклорӣ, агарчи истилоҳи этнопоэтика мавриди истифода қарор нагирифтааст, вале асли таҳқиқ марбути ҳамин масъала аст. Барои мисол метавон аз асарҳои зерин ёдовар шуд: «Фолклор, халқият, нависанда» [2], «Жанри суруд дар таҳқиқи Б.Шермуҳаммадов” [15], “Ҷойгоҳи порчаҳои манзум дар романи “Ғуломон”-и С.Айнӣ” [23], “Isidor Levin and Tajik Folklore Studies: A Brief Biographical Sketch of a Forgotten Folklorist» [36].

Агар дар оянда пажуҳандагони мо низ матнҳои адабиёти гуфторӣ ва нависториро бо диди этнопоэтикӣ таҳқиқ намоянд, он гоҳ воситаҳои сабки баён, иҷро ва тасвири ҳунарии гӯяндагони халқӣ ва андешаи фардии адибон бештар пеши назар ҷилвагар хоҳад шуд. Масалан, фолклоршноси рус В.М.Гацак солҳо бо пажуҳиши этнопоэтикаи матнҳои фолклорӣ машғул буд. Дар пажуҳишҳои ӯ ҳамчун воситаи таҳқиқи этнопоэтика бори аввал истилоҳи «этнопоэтической констант» (константи этнопоэткӣ, ё устувории сабки этнопоэтикӣ) пешниҳод мегардад. Ҳадаф аз ин пешниҳод чист? Ба гуфти эшон зери мафҳуми “этнопоэтической констант” ин баррасӣ намудани воситаҳои устувори сабкӣ ва сужетӣ-нақлии муҳити фолклорӣ дар назар аст” [5, с. 109].

Тибқи таҳқиқи пажуҳандагон сарчашмаи аслии этнопоэтика, ки ба таври куллӣ фарҳанги суннатии мардум аст, барои эҷодкор маводи фаровон медиҳад, то вай андешаҳои худро барои тарбият ва парвариши инсон баён намояд. Аз ин рӯ адиб дар асоси фарҳанги мардумии анъанавии худ, бо омӯхтану дарки амиқи дидаҳо, шунидаҳо, мушоҳидаҳо, нақлҳои рангоранги пирони барнодил ба фикр фурӯ меравад, сипас бо диди худ, образҳои нав офарида, бо ранги дигар ҳунармандона ба он маводи аз мардум гирифтааш, ҷони тоза мебахшад. Яъне метавон гуфт, адибе, ки шефтаи муҳити зисти худ аст ва воқеа ҳодисаҳои даврони хурдсолӣ, афсонаву саргузашту нақлҳои калонсолон ӯро таҳти таъсир қарор дода бошад, вай онҳоро бо диди тоза, эҳсосу муҳаббат ба риштаи бадеӣ кашида ба хонанда пешкаш менамояд.

Дар ин маврид агар мо ба осори адиби ҳассосу хушбаён Саттор Турсун бо диди этнопоэтикӣ назар намоем, он гоҳ хуб мефаҳмем, ки ӯ чи қадар дӯстдори фарҳанги миллию суннатии мардуми худ будааст. Яъне дар осори нависандаи дақиққор ҳамчун воситаи тасвири бадеии этнопоэтикӣ, маводи фолклорӣ ва дигар ҷузъиёти фарҳанги миллӣ моҳирона ба кор рафтааст.

Ҷойгоҳи романи «Се рӯзи як баҳор» дар эҷодиёти нависанда. Агар романи «Се рӯзи як баҳор»-ро аз дидгоҳи этнопоэтикӣ аз назар гузаронем, мебинем, ки аз аввал то охири он тасвири муҳити этникии тоҷикона, дар мубориза ва талошҳо тасвир ёфтааст. Шахсиятҳои роман, равиши зиндагии онҳо, расму оин, доду гирифт, гуфтугӯ, одобу муошират, пухтупаз,

меҳмондорӣ, психологияи миллӣ, фалсафаи зиндагӣ инҳо ҳама муайянкунандаи этнопоэтикаи роман ба ҳисоб мераванд. Ба ин ҷиҳат баъди нашр, роман аз ҷониби пажуҳандагон баҳои баланд мегирад [ниг.: 1; 3; 24; 25; 26; 17; 18; 194 27; 33].

Дар асарҳои калонҳаҷми бадеӣ чи классикӣ ва чи муосир адибон ҳамеша, бо ҳар роҳу равиш ба ду масъала таваҷҷуҳ менамоянд. Ин муборизаи сиёҳу сафед, рӯшноию торикӣ, яъне некию бадӣ. То башарият аст, ки ин масъала куҳнашавӣ надорад. Эҷодкор бо ҳар васила ба тасвири он мепардозад ва ҳамеша некиро талқин мекунад ва бадиро сарзаниш. Дар романи «Се рӯзи як баҳор» низ ҳамин масъала диққати нависандаро ҷалб намудааст. Аммо бо тарзи баёни хоси нависанда, бо диди дигар, дар асоси шунидаҳо, дидаҳо, мушоҳидаҳо ва хондаҳои адиб. Ӯ воқеа ва ҳодисаҳои солҳои бистум ва сиюми асри бистро ба таври дигар, вобаста ба муҳити сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамон замон тасвир менамояд. Дар натиҷа симоеро меофарад, ки пештар дар адабиёти шуравӣ, рақиби кишварро ин гуна тасвир кардан мумкин набуд. Он нависандагоне, ки оид ба мухолифати солҳои 20-30 асар менавиштанд, ҳатман ба хислатҳои манфии душман аҳаммият медоданд. Аммо Саттор Турсун баръакс, қаҳрамони худро чун шахси мубориз, шуҷоъ ва ватанпараст тасвир менамояд, ки дар воқеъ дар ҳаёт чунин касон вуҷуд доштанд. Ӯ ҳангоми тасвири ду тарафи ба ҳам мухолиф, ба дӯст доштани забон, фарҳанги миллӣ, расму оинҳои мардумӣ аҳаммият медиҳад. Ба ин восита хонандаро ба фикр кардан водор месозад, то ба суннатҳои миллии худ арҷ гузорад. Воқеаҳои роман охирин бозмондаҳои давраи босмачигариро дар бар мегиранд. Нависанда талош намудааст, ки то ҳадди имкон шахсиятҳои романро дар муҳити тоҷикона ба қалам диҳад.

Яке аз симоҳои асосии роман Усмон Азиз мебошад, ки зиндагии пуртазод дорад, ба андеша фурӯ меравад. Тибқи ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи зиндагии худ воқеаҳо ва ҳодисаҳои он давронро худ ба худ аз назари таҳлили фардии хеш мегузаронад. Дилаш ба забон, фарҳанги миллӣ, мадуми шарифи кишвараш месӯзад. Ба таври худ сохти нави ҷамъиятиро пазируфта наметавонад. Роҳҳоеро ҷустуҷӯ мекунад, ки зодгоҳ ва ватанашро аз дасти бегонагон наҷот диҳад. Ин аст, ки Саттор Турсун шунидаҳояшро бо образи нав пешкаши хонанда менамояд. Ба ин ҷиҳат ӯ шахсияти Усмон Азизро дар муҳити миллию анъанавии он замон тасвир менамояд. Тибқи мушоҳидаи мо бузургсолоне, ки дар охири солҳои 80 ва баъд 90 асри XX ин романро ба завқ мехонданд, дар он шабоҳати ягон воқеа ва ҳодисаи аз бузургон шунидаи худро ба ёд меоварданд.

Дар роман шахсиятҳои зиёде ҳастанд, ки ҳар кадоме дорои хислату хӯи худ мебошанд. Нависанда онҳро тавре ки дар зиндагии суннатӣ мушоҳида мешавад, тасвир намудааст, чунки айёми хурдсолӣ ва наврасии адиб низ бо шунидани саргузашту хотироти ҳамон калонсолони зодгоҳаш гузаштааст. Дар солҳои 50-60 ҳанӯз воситаҳои техникӣ кам буд. Мардум бештар дар меҳмонхонаҳо ба шунидани саргузашт, хотира ва лаҳзаҳои рангоранги ҳаёти гузаштаи ҳамдигар таваҷҷуҳ менамуданд, бо диққат гӯш мекарданд. Наврасон ва ҷавонон бо кунҷковӣ роҷеъ ба саргузашти бобоёни худ мепурсиданд. Дар роман ҳатто як симои хурди лаҳзавӣ низ дорои хислате аст, ки бо рафтори миллии худ ба хонанда таъсир мерасонад. Маъмулан ҳар эҷодкор барои таълифи асари худ, чи бузургу чи хурд омодагӣ мегирад, мавод ҷамъ мекунад, мепурсад, мешунавад, мехонад ва ғайра. Худи нависанда дар ин бора, ҳақбинона гуфтааст: «…банда дар ҷавонӣ доир ба ин солҳо аз забони мӯйсафедон бисёр шунидаам. Яъне дар баробари ҳақиқати ҷанги гражданиро дар Осиёи Марказӣ аз китобҳо омӯхтан… аз ҳаёти баъзе иштирокчиёни он – чи сурхҳо, чи мухолифин – тавассути нақлу ҳикояти бевосита шоҳидон низ алоқадри ҳол бохабар будам. Махсусан падарам дар ин бора муфассал ва хеле батаъсир қисса мекард. Ва дар пеши назари ман фоҷиаи ҳар гуна инсонҳо ба ҳарранг зинда мешуд» [30, с. 548].

Ин воқеаҳоро гӯш карда, дар хотир супорида ва баъд дар асоси онҳо асари бадеӣ навиштан осон нест. Ба ин ҷиҳат нависанда кӯшиш намудааст, ки шунидаҳояшро аз ғалбери андешаи хеш гузаронида ва баъдан бо маҳорат ва сабки баёни таъсирбахш асари ҷаззобе таълиф намояд. Дар роман асосан воқеаҳои давраи босмачигарӣ, мубориза бо онҳо тасвир ёфтааст. С.Турсун бо истифодаи нақлу саргузашту хотирот ҳаёти шахсиятҳои романро, дар пайвастагии замони пеш аз инқилобӣ тасвир намудааст. Ҳамчунин зиндагии онҳоро дар муборизаи ду сохтори сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ нишон додааст. Дар роман аз аввал то охир воқеаҳо, ҳодисаҳо ва лаҳзаҳои ҷузъи ҳаёт бо маҳорат ва унсурҳои ҷолиби этнопоэтикӣ тасвир ёфтаанд.

Бояд гуфт, ки аз аввал то охири роман ҳамин гуна тасвирҳои пайваста ба муҳити суннатӣ зиёданд. Адиб то ҳадде кӯшиш намудааст, ки образҳои суннатии одамони солҳои 30-ро бо ҳамон ҳаёти он замон, боварбахш тасвир намояд. Бинед, дар ин сатрҳои боло ҳам

симои пиразан, ҳам ҳаёти деҳа, ҳам саги хона, ҳам ҳавлию дарахтон, ҳам одоби муошират бо хурдсолон, ҳам меваю боғпарварӣ, ки дар ҳар гӯшаву канори деҳоти Тоҷикистон ҳастанд, чун типи барҷастаи миллӣ ба пеши назар ҷилвагар мешаванд. Ана ҳамин гуна аз аввал то охири роман образҳои офаридаи ӯ вобаста дар муҳити фарҳанги суннатии миллӣ тасвир меёбад. Ба ин восита нависанда хонандаро бо он даврони пурталотум ошно месозад, то аз он хонанда ибрат омӯзад. Ба ин ҷиҳат аз роман маълум мешавад, ки асли мақсади ӯ нишон додани хислатҳои одамони ҳамон давра будааст.

С.Турсун дар симои Усмон Азиз як шахсияти мураккабро тасвир намудааст. Ин образ дар раванди воқеаҳои хислатҳои гуногун пайдо мекунад, дар натиҷаи андешаҳои худ Усмон Азизи нотарсу диловар роҳгум мезанад. Ҳар чанд вай барои ҳалли мушкилот ҳаракат менамояд, вале наметавонад, роҳи ҳаллашро пайдо кунад. Барои ҳамин ҳаёташ бо фоҷиа ба поён мерасад, ки як навъ типи барҷаста аст, чунки дар он солҳо ин гуна одамони роҳгумзада зиёд буданд. Саттор Турсун инро дарк карда, ба қалам дод.

Роман бо ҳама нозукиҳояш асарест, ки хонандаи закиро ба дунболи худ мебарад. Агар ба «Се рӯзи як баҳор» бо мафҳуми васеи этнопоэтикӣ чашм андозем, мебинем, ки дар истифодаи калимаҳо, ибораҳо, ҷумлаҳо, гуфтушунидҳои хушоянд, хушоҳангии хоси дилнишини забони зебои тоҷикиро бинем. Ҳатто адиб аз тариқи гуфтугӯ ва баҳси персонажҳо, баъзе лаҳзаҳои фарҳанги суннатию миллиро бо маҳорат тасвир менамояд. Нуктаи дигар ин аст, ки аз аввал то охири роман лаҳзаҳое ҳаст, ки дар онҳо пайвастагии инсон ва табиат дида мешаванд. Ҳамин васл будан ба табиатро нависанда, чун воситаи этнопоэтикӣ дар муҳити фарҳанги суннатию миллии хеш ба қалам додааст. Аз ин ҷиҳат тасвирҳои манзараҳои табиат дар роман назаррабо аст. Онҳо хонандаро низ ба худ мекашанд, чунки дар раванди мутолиаи роман ба пеши назари кас табиати Тоҷикистони кӯҳистонӣ, расму оинҳои анъанавӣ, симоҳои шиноси бузургсолон ҷилвагар мегарданд.

Мавқеи этнопоэтикии жанри «ривоят» дар роман. Пажуҳандагон бар он назаранд, ки яке аз воситаҳои тасвири бадеӣ дар осори адибони ҷаҳон ин нишон додани фарҳанги миллии мардуми худ буда, пеш аз ҳама маҳорати истифода намудан аз осори фолклорӣ ва этнографӣ дар асари худи онҳо мебошад [ниг.: 4; 6; 8; 9; 10; 11].

Ба ин ҷиҳат дар романи «Се рӯзи як баҳор» истифодаи намунаҳои фолклорӣ бо маҳорат сурат гирифтааст. Дар аввалҳои роман нависанда ҳунармандона ривоятеро роҷеъ ба кӯҳи “Чилчароғ” меорад. Зимни овардани ин ривоят ӯ аз суннати афсонагӯӣ ва ё қиссагӯии шабҳои зимистони он солҳо, ки ҳанӯз воситаҳои техникӣ дар деҳот вуҷуд надошт ёд менамояд. Хонандаи худро огоҳ месозад, ки дар солҳои гузашта мардум бо кадом роҳу равиш ғизои маънавӣ мегирифтанд. Адиб ҳамин амали некро дар рафти баёни воқеа меорад. Аз гуфтори шахсияти роман Таманно ёдовар мешавад, чи гуна мардум дар шабҳои зимистон ба шунидани қиссаву афсона ва дигар матнҳои фолклорӣ завқ доштанд. Шахсияти асар, он тавре ки дар ҳамон давр аст ба андеша мераваду хотираҳои ширини зиндагии худро ба ёд меорад ва дар он рӯзгорон чӣ гуна нақл кардани ин ё он матни гуфториро ба ёд меорад, ки он лаҳзаро нависанда чунин ба қалам додааст:

«Таманно боз ду-се шаббаро шикаста, ба оташдон партофт ва ҳушу ёдаш ба кӯи дигар рафт. Вай акнун аз рӯи қиссаву афсонаҳои зиёде ки баъзан, бештар шабҳои сарди зимистон, аз забони модараш мешунид, азоби дӯзаху роҳати ҷаннатро фикр мекард. Қариб ҳар боре ки чашмаш ба оташ афтад, ӯ ҳатман ба ин ҳолати носоз гирифтор шуда, як лаҳза бошад ҳам, ба андеша меравад – ба ин маънӣ, ки одамизод худаш дар рӯи замин ба сад хорӣ рӯз мегузаронад, лекин чаро боз дар он дунё барои ягон гуноҳаш дар оташи дӯзах ҳезум барин сӯхта, вале ҳеҷ намурда, ҷисман азоб мекашад? Охир, касе ки дар зиндагӣ гуноҳ накарда бошад, эҳтимол ёфт нашавад...

Пас рӯзи қиёмат ҳамаро аввал ба оташи дӯзах мебаранд?

Чӣ даҳшат!

Таманно, ки аз шиддати ин гуна хаёлҳо дилаш қариб аз хона ҷаста, ба танаш сардӣ медавид, ҳамчунон ба оташ нигариста, «шояд ба касе, масалан, ба Анвар... меҳр мондан гуноҳ бошад?» – гуфт ба худ ғамгин» [30, с. 55].

Баъд адиб хонандаро моҳирона аз дунболи нақли худ мебараду ба баёни ривояте мепайвандад. Тибқи вижагиҳои жанри “ривоят” он роҷеъ ба номҳои таърихи макон, дараву кӯҳҳо, сабаби ба вуҷуд омадани номи деҳаҳо, шаҳрҳо, ҳайвонот, ҳашарот, хазандаҳо, парандаҳо, дарахтҳо ва ҳатто одамони машҳури таърихӣ аст. Нависанда дар асоси яке аз ривоятҳои шунидааш, ҳунармандона онро дар асараш васл менамояд, ки барои хонанда ҳам ҷолиб аст. Ривояте, ки ӯ мавриди истифода қарор додааст дар бораи кӯҳи Чилчароғ аст. Дар

ин ҷо адиб дар асоси шунидааш, на ин ки “ривоят”-ро нақл мекунад, балки бо истифодаи сабки баёни “қисса андар қисса” ҳикояти ҷолибе меофарад.

Тибқи мутолиа, шунида ва мушоҳидаи мо ин ривоят дар байни мардум мухтасар ва каме дигаргуна аст, вале нависанда онро шоху барги нав дода такмил медиҳад. Хуб аст, ки аз тариқи роман он ривоят умри бардавом меёбад ва дар оянда муҳаққиқон метавонанад ба варианти халқии он аҳаммият диҳанд.

Нависанда аз тариқи ин ривоят хонандаро панди зебое медиҳад, вайро ба фикр кардан водор месозад. Барои он ки бо асли моҳияти ҳикмати нависанда ошно шавем, ривоятро дар ҳамон муҳити баёншуда муфассал меорем. Пеш аз нақли матни асли «ривоят» адиб ҳунармандона, қадам ба қадам хонандаро ба дунболи худ мебарад:

«Шояд аз шамоли оби Кофрун... ё шояд аз он ки Анвару ёронаш рӯболо… ба сӯи қуллаҳои барфпӯши кӯҳи Чилчароғ мерафтанд. Аз ҳар чӣ бошад, ҳаво хунуктар мешуду гарм – не! Воқиан, барои чӣ ин кӯҳҳоро, ки қариб ҳама ба худ ном доранд, боз якҷоя карда, Чилчароғ мегӯянд?

Анвар ба Мурод нигарист ва овоз бароварда, фикри ногаҳон ба сараш омадаро баён намуд. Мурод, ки баробари ӯ рикоб ба рикоб асп меронд:

– Намедонӣ? – гуфт ва хандид.

– Не-е, – ҷавоб гардонд Анвар ҷиддӣ.

– Аммо ман медонам, – гуфт Мурод хушҳол. – Агар рост бошад... – Вай хомӯш монд ва боз каме асп ронда, хаёломез такрор кард: – Агар рост бошад...

– Аввал шунавем.

– Майлат... – қамчинро ба дасти дигар гирифт Мурод, ки ҳамчунон дар банди андеша буд.

Аспҳои кӯҳгашта якзайл таноби роҳ мекашиданд. Наъли суми онҳо аҳён-аҳён ба қайроқсанге бархӯрда, шарора мебароварда. Дар пеш, дар фарози як кӯҳи бузург, ки сари синааш ба дарахтони ҳамеша сабзи арча пӯшида буд, уқоби танҳое пайдо шуда, болҳои бақувваташ росту беҳаракат, чарх зада-чарх зада, гоҳ поин мефуромад ва гоҳ ба як хестан то авҷи само рафта, сангча барин хурд мегардид. Ва боз ба тадриҷ хам мехӯрд.

Ба димоғ бӯи барф, бӯи тези арча ва накҳати гулу гиёҳ мерасид» [30, с. 62-63].

Адиб ривоятро зуд нақл намекунад. Бо тасвирҳои этнопоэтикӣ таърихчаи ҳикояти онро, ки аз бобояш шунидааст ба ёд меорад. Бо ин баҳона ӯ моҳияти ин гуна афсонагӯӣ ва қиссагӯиҳоро шарҳ медиҳад. Аз номи баёнгари матн ривоят, ки Мурод аст, ёдовар мешавад, ки чи навъ он ба шунидани онҳо завқ дошт. Нависанда бо ин сабки нигориш чунин амал мекунад, ки хонанда ҳам сабаби Чилчароғ номидани ин кухро донад:

«– ...Ман ин қиссаро аз раҳматӣ бобоям шунида будам, – ҳикоят мекард Мурод, ба дӯсташ рӯй оварда. – Он кас дар бачагии ману бародарам қариб ҳар шаб ба мо ягон ривоят ё афсона мегуфтанд. Бародарам чандон не... лекин ман қиссаву афсонаҳои бобоямро то ҳол нағз дар хотир дорам. Мешавад, ки худам ҳам баъзан шабҳо ба писарчааму бачаҳои бародарам афсона мегӯям. Онҳо шунида-шунида, чунон хурсандӣ мекунанд, ки мондан гир...

– Ҳеҷ гумон намебурдам, ки ту, як одами то ин андоза ҷиддӣ, ба кӯдакон боз хуши афсона гуфтан дорӣ, – хандид Анвар.

– Ту ҳанӯз бисёр сифатҳои маро намедонӣ, – низ дандон сафед кард Мурод ва: – Хайр, биё, ба сари мақсад расем. Гап дар бораи кӯҳи Чилчароғ буд, – гуфта, ҳикояташро давом дод: – Боре мо ҳамроҳи раҳматӣ бобоям дар суфаи рӯи ҳавлӣ мехобидем. Шаби тобистон буд. Себҳои пухта аз шохҳояшон канда шуда, тарс-турс ба замин бармехӯрданд. Осмон бисёр баланд ва ситоразор буд. Маҳтоб ҳоло набаромада бошад ҳам, Роҳи Каҳкашон ба гирду атроф равшанӣ меандохт. Аз дур, аз ҳар ҷо-ҳар ҷои ҳамин кӯҳи бузург, оташак медурахшид. Ман он чароғ ё оташакҳоро пештар ҳам медидам. Аммо намедонистам, ки дар ин кӯҳҳо низ одамон зиндагӣ мекунанд; мисли мо чароғ дармегиронанд, гулхан меафрӯзанд... Хулоса, ба ҳамин ҷониб чашм дӯхта, дар банди хаёл мондани маро дида, бобоям мулоим пурсид:

«Ҳа, барача, чӣ тамошо дорӣ?»

«Ана... чароғи бисёр, ё алав... Дар кӯҳ...» – гуфтам ман, ба синаи лоғар ва шахшӯли вай ҷафстар шуда.

Бобоям риши дарози чун барф сап-сафедашро ба ангуштон шона зада:

«Дуруст, – гуфт, – дар он кӯҳи баланд ману ту барин одамон манзил доранд. Шабҳо чароғ дармегиронанд, алав мекунанд...»

«Наметарсанд?» – базӯр пурсидам ман, ки аз ваҳм дар танам мурғак медамид.

«Аз чӣ тарсанд?» – гуфт бобоям, маро бештар дар оғӯш гирифтаву сарамро ба меҳр сила карда.

«Аз кӯҳ», – ҷавоб гардондам ман.

«Не, барача, наметарсанд; аз ҳеҷ чиз наметарсанд. Чунки онҳо авлоди мардони ҷасуранд. Садҳо сол боз дар паноҳи ҳамон кӯҳҳои басалобат зиндагӣ карда, ҳастии моро давом медиҳанд».

«Ҳастиаш чӣ?» – пурсидам ман, аз ин сухани бобоям чизе нафаҳмида.

«Ҳастӣ... – гуфт ӯ зери лаб ва як муддат ба андеша рафта, худаш ҳам пурсид: – Ту, масалан, кистӣ?»

«Ман?.. Ман бача!»

«Дуруст, ту бача. Лекин ба кадом забон гап мезанӣ?»

«Ба забони падару модарам, ба забони шумо...»

«Боракалло, барача, ба забони падару модарат, – гуфт вай, аз пешониам нарм бӯсида. – Акнун ба ман фаҳмон, ки падару модарат кистанд?»

«Одам», – дарҳол ҷавоб додам ман» [30, с. 63-64].

Бинед, нависанда чунон моҳирона фарҳанги суннатию миллии тоҷиконаро бо гуфтушунидҳои нишонрас, ибратбахшу пандомез ба хонанда мефаҳмонад, ки то вай ҳам барои омӯхтан ва донистани гузаштаи худ, ҳамчунин ба ин гуна афсонаву ривоятҳо меҳр бандад. Шахсияти роман то нақли асли «ривоят» ҳамоно ба гапи худ идома медиҳад:

«Бале, онҳо қабл аз ҳама одам. Аммо... умуман кистанд, миллаташон чӣ, ба кадом забон гап мезананд?»

«Ба забони тоҷикӣ».

«Офарин! Ба забони тоҷикӣ... Модом ки ба ҳамин забон гап мезананд, пас онҳо кистанд?»

«Тоҷик».

«Дуруст, барачаи бобо, тоҷик. Акнун гӯй, ки ту худат кистӣ?»

«Тоҷик будагистам...»

«Бале, ту тоҷикӣ. Бародарат ҳам тоҷик, мани мӯйсафед ҳам тоҷик. Дар дунё тоҷик-мардум бисёранд. Барои он ки намурда, наслашонро идома диҳанд, шуморашон кам нашавад, забонашонро эмин доранд ва ба ин восита дар байни дигар халқҳои олам халқ бошанд, миллат бошанд, дар давоми асрҳо шояд садҳо маротиба ба душманони ҷони худ афтударафт кардаанд» [30, с. 64-65].

Ин аст яке аз вижагиҳои мубрами этнопоэтикии роман, яъне ба забону фарҳанги миллии худ муҳаббат доштан. Ана ҳамин меҳрро Саттор Турсун зарифона, ба дили хонанда ҷо кардан мехоҳад. Ба ӯ мефаҳмонад, ки ин миллати куҳанбунёд то имрӯз дар таърихи худ, бо душманони худ мубориза бурда, чи балоҳои азимро аз сараш гузаронидааст. Вале нависанда, хеле сода, бо забони кӯдакона ба он бачаи хурдсол мефаҳмонад, ки «душманӣ» дар таърихи башарият ҳамеша будаст. Гӯяндаи ривоят инро бо истифодаи унсури устуравии динӣ ҳикоят мекунад. Дар асоси шунидаҳои худ мегӯяд, ки ин душманиро бар дили инсони бегуноҳ, шайтони вайронкор ҷо шуда, ӯро аз роҳ мезанад:

«Душманашон кӣ буд?» – дар ҳайрат пурсидам ман.

«Ҳар хел одамон, барача, – гуфт ӯ бадард – Ту ҳоло кӯдакӣ, ба фаҳми ин чизҳо намерасӣ. Аз рӯзе ки мардум вуҷуд доранд, дар байнашон душманӣ ҳаст. Худои карим аслан ҳама фарзанди инсонро аз як гавҳар офарида, ба сари китфи ҳар кадоми онҳо раҳмон ном қуввае ато мекунад, ки вай одамизодро аз раҳи бад нигоҳ дорад. Аммо шайтони раҷим – душмани ашаддии парвардигор, ки касбаш фақат вайронкорӣ аст, раҳмонро зуд фиреб дода, аз китфи дигари инсон ҷой мегирад».

То имрӯз аз хотирам нарафтааст, ки он шаб раҳматӣ бобоям ба ҷониби ҳамин кӯҳҳо дуру дароз нигариста, як оҳ кашид. Чунон ба алам ва чуқур оҳ кашид, ки дар тасаввурам шушаш сӯрох гардид.

«Баъд чӣ?» – пурсидам ман, бетоқат шуда.

«Баъд... Баъд ана... дар баробари некӣ бадӣ ба миён меояд, – гуфт вай, ҳушу ёдашро ғундошта. – Аз як тараф раҳмон ба гӯши фарзанди одам мехонад, ки ҳалол бош, зинҳор хун нарез, ғорат накун... Аз тарафи дигар шайтони лаин пеши гапи ӯро гирифта, ширин-ширин мегӯяд, ки не, дар ин чоррӯза дунё хӯрдану бурданат мемонад; бад бош, ки аз бад метарсанд; ҷояш ояд, барои нафсат хун рез, ғорат кун... Ақидаи ман, барачаи бобо, – одам агар баирода бошад, фақат ба маслиҳати раҳмон гӯш медиҳад, беирода бошад, ба гапи шайтон меравад».

«Дар дунё одами баирода мӯл, ё беирода?»

«Албатта баирода мӯл. Вагарна ин дунё кайҳо зеру забар мешуд. Лекин беирода ҳам кам не. Ту... ту ҳеҷ гоҳ ба тарғиби шайтон гӯш надеҳ. Мисли бародарат бачаи қобил шав, падарат барин баирода шав. Хуб?.. Ҳамеша дар ҳаққат дуои нек мекунам».

«Хуб, – гуфтам ман ва хаёлам боз побанди оташакҳо гардида, пурсидам: – Номи ҳамон кӯҳ чӣ?» [30, с. 65].

Тибқи тасвири нависанда писарак ҳамоно ба дунболи он «оташакҳо» аст. Мехоҳад зудтар донад. Вале адиб бачаро оҳиста-оҳиста ба он самт мебарад, яъне дарси ибратомези пирони барнодили тоҷикро, ки дар гузаштаҳо донандагони устура, афсона, қисса, ривоят ва хотираҳои зиёд буданд ба баёни равонии худ мефаҳмонад. Бо ҳамин равиши пандомез тасвирашро бо диалог, бо пурсишу посух идома медиҳад:

«Чилчароғ, – гуфт бародарам, ки сар дар болин, то ҳол хомӯш буд. – Намедонӣ?»

«Рост мегӯяд, – зуд тасдиқ намуд бобоям, – номаш Чилчароғ».

«Барои чӣ?»

«Чӣ хел барои чӣ?»

«Чилчароғ номаш...» [30, с. 65-66].

Адиб моҳирона боз хонандаро бо сабки таърихи гуфторӣ ба гузаштаҳо мебарад, воқеа ва ҳодисаҳои пешинро бо тарзи хос нақл мекунад, то хонанда аз онҳо хубтар огоҳ шавад ва ба донистанаш майл пайдо кунад. Ӯ бо ин сабки баён ҳамон равиши нақли пирони хушгӯю хушхӯи тоҷиконро, ки чи навъ ширину гуворо ҳикоят мекарданд ба ёд меорад: «Ҳа-а, – хандид ӯ ва боз сарамро нарм-нарм сила карда, гуфт, ки: – Замоне аз Қипчоқ ном як дашти дур ба ин тарафҳо балои қазо барин нохост душманон ҳуҷум меоранд. Онҳо ба монанди мӯру малах ҳисоб надоштаанд; ба мисли гург бераҳму чун зоғу заған носерам будаанд. Ҳама мардони водии Гардон, ки аҷдод ба аҷдод аз заҳмати деҳқонӣ нон мехӯрдаанд, ва ҳатто баъзе занону духтарони нотарс дар даст шамшеру найза ва досу гаврона гирифта, ба он сарбозони яккачин, ки умрашон ба ҷангу ҷидол мегузаштааст, чил шабу чилрӯз далерона корзор мекунанд. Бо вуҷуди ин душман ғолиб омада, водии Гардонро низ, чун дигар гӯшаву канори ин кишвар, ба тасарруфи худ медарорад. Лекин баъзе мардони ҷасур таслим шудан намехоҳанд ва зану бачаашонро гирифта, «мо боз бармегардем», – гуфта, рӯ ба ҷониби кӯҳҳо меоранд.

Хулоса, онҳо ба чил гурӯҳ тақсим гардида, дар чил ҷои ба душман дастнораси ҳамин кӯҳи баланд паноҳ мебаранд. Шабҳо ҳар як гурӯҳ дар манзилаш гулхан афрӯхта, ҳамдиёрони дар водиҳо мондаи худро хабардор мекардааст, ки онҳо ҳанӯз зиндаанд, дар нияти қасосанд, ба душмани ғаддор ҳаргиз сар намефурорандӣ. – Вай сурфида, каме ба сукут рафт. Сипас бинии маро ба навозиш як пучида, суханашро идома дод: – Гулхани гурезаҳо аз чил ҷои кӯҳ ҳар шаб ба мардуми водӣ мегуфтааст, ки шумо ҳам биёед, ба мо пайвандед, агар омада наметавонед, ба душман асло тан надиҳед. Иншооллоҳ, наздик аст рӯзи озодӣ».

«Гулхан забон дорад?» – пурсидам ман, аз ҳикояти бобоям дар таажҷуб монда.

«Набошад чӣ? – гуфт ӯ ба лабханд. – Дар ин дунёи куҳан, барача, ҳар як санг, ҳар як дарахт, ҳар як гулу гиёҳ… ҳама, ҳама чиз забон дорад».

Вай гӯё ба хаёл рафта, хомӯш монд. Аз дуру наздик, шояд аз пали юнучқаву байни ҷӯяҳои ток, овози чирчиракҳо канда-канда ба гӯш мерасид. Себҳои пухта гоҳ-гоҳ аз шохҳояшон ҷудо шуда, ҳамчунон ба замин бармехӯрданд. Нохост аз кадом гӯшаи деҳа саге ду-се бор болои ҳам уллос кашида, пас чӯб хӯрд магар, ки якбора дамаш ба дарун зад» [30, с. 66-67].

Бинед, аз нақли бобои дар баёни матн моҳир, набера чӣ гуна ба вақд меояд, ки нависанда ҳамон ҳолатро, ки бобо ҳикоят мекард низ равоншиносона ба қалам овардааст: «Ман аз ин уллоси нобаҳангом тарсида, ба тани лоғари бобоям ҷафстар шудам. Вай маро беозор ба оғӯш гирифта, сару гарданамро сила кард. Баъди як лаҳза аз пушти тали Посбон, ки қаду бари он то алҳол қабристон аст, маҳтоб баромада, саҳни ҳавлии моро саросар равшан намуд. Акнун оташакҳое ки аз ҳар ҷо-ҳар ҷои кӯҳ метофтанд, ба чашм хиратар мерасиданд. Ман гоҳ ба осмони пурситора ва гоҳ ба тарафи ҳамин кӯҳҳо нигариста:

«Бобо», – гуфтам.

«Ҷони бобо!»

«Баъд чӣ?» – бе тоқат пурсидам.

Ӯ чунон ки маҳз суоли маро интизор бошад:

«Ҳамон боз номи ин кӯҳ Чилчароғ», – гуфт ба оҳанги шодмонӣ ва даст ба ришаш бурд.

«Душманҳо чӣ шуданд? Рафтанд?»

«Албатта! Дар муддати ду-се соле, ки дар ин кӯҳҳо ҳар шаб гулхан дармегирифтааст, одамон ҳам дар он ҷо ва ҳам дар водӣ садҳо найзаву шамшер сохта, аз байни худ як нафар марди ҷасурро пешво интихоб карда, сел барин ногаҳон ба сари душман мерезанд. Ҳафт шабу ҳафт рӯз ҷанг мешавад, барачаи бобо; ҷанги сахт мешавад. Ниҳоят… душман аз ҳол рафта, мурдаашро партофта, шармандавор мегурезад. Ва мардум боз нафаси озод мегиранд. Ҳамон вақт инҷониб дар он кӯҳи баланд, ки халқ Чилчароғ ном додааст, ману ту барин одамон манзил доранд. Шабҳо чароғ дармегиронанд, алав мекунанд... Ба масал онҳо посбони ҳушёри ҳамин водии Гардонанд».

«Чӣ хел нағз!» – гуфтам ман, қонеъ гардида» [30, с. 67].

Ҳамин гуна устура ва ривоятҳо ҳам дар гуфтори мардум ва ҳам дар сарчашмаҳои хатттӣ мавҷуд аст, ки нависанда дар асоси ҳам шунидаҳо ва ҳам хондаҳояш онро бо сабки вижаи худ, чун андарзи ниёгон оврдааст.

Дар ҳар калима, дар ҳар ибора, дар ҳар ҷумла, ҳатто дар ҳар тасвир нависанда кӯшиш мекунад, ки дар маънии ибратомӯзе ҷо шавад. Ӯ ба ин восита як ҷузъи ҷаззоби фарҳанги сунатии деҳоти кишварро, ки дар он солҳо ин гуна ҳикоягӯиҳо, дар ҳар ҷо, зиёд буданд, ба ёд меорад. Чун унсури этнопоэтикӣ аз маҳорати нақли бобо ёд мешавад ва баёни бобоpo ин навъ ба поён мерасонад:

«Мурод сукут кард.

Дара торафт тангтар мешуд.

Аспҳо ба ҷадал раҳ мепаймуданд.

Анвар мисли рафиқаш хомӯш буд.

Саид ва ду нафари дигар низ хомӯш мерафтанд.

– Дар кӯдакӣ аз забони бобоям ҳамин тартиб як ҳикоят шунида будам, – гуфт ниҳоят Мурод, нақлашро ба охир расонда. – Агар рост бошад, ривояти ибратбахш...» [30, с. 67-68].

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» анвои гуногуни фолклорӣ моҳирона истифода шудааст. Ин матнҳо дар байни мардум вариантҳо доранд, вале баъзеро фолклоршиносон сабт накардаанд. Хуб аст, ки аз тариқи роман хонанда бо варианти нави матнҳои фолклорӣ ошно мешавад.

Ҳамин тавр дар романи «Се рӯзи як баҳор» жанрҳои фолклории устура, афсона, ривоят, ҳикояи гуфторӣ, зарбулмасал, сурудҳои бачагона, бозиҳо ва амсоли ин хеле баҷо мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар бораи ҳар кадоме дар навишатҳои ҷудогона метавон баҳс кард.

Дар охир ёдовар шуданро лозим медонем, ки на фақат дар ин роман, балки дар ҳамаи асарҳои нависандаи хушсалиқа Саттор Турсун унсурҳои фолклорӣ, этнографӣ ва дигар расму оинҳои мардумӣ ҳамчун фарҳанги миллии тоҷикӣ, яъне этнопоэтикӣ, бо маҳорат тасвир ёфта, зиёд ба назар мерасанд. Мумкин аст дар оянда роҷеъ ба онҳо ба таври муфассал дар асарҳои алоҳида сухан гуфт.

Адабиёт

1. *Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Х.Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.*
2. *Асрорӣ, В. Фолклор, халқият, нависанда / В. Асрорӣ. –Душанбе: Ирфон, 1982. – С. 131–176.*
3. *Бақозода, Ҷ. Саттор Турсун / Ҷ.Бақозода. // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе: ЭИЭМТ, 2004. – 109-110 с.*
4. *Вяткина, Е.А. Этнопоэтика повести Елены Ган «Утбалла» Е.А.Вяткина // Литературоведение. Вестник Калмыцкого института гуманитарных исследований РАН. – 2013. – № 1. – С. 71-73*
5. *Гацак, В. М. Простарнства этнопоэтических констант / В.М.Гацак // Народная культура Сибири: материалы VII научно-практического семинара Сибирского регионального вузовского центра по фольклору. Омск: ОмГПУ, 1999. – С. 109-112.*
6. *Далгат, У.Б. Этнопоэтика в русской прозе 20-90-х гг. XX века (Экскурсы) / У.Б.Далгат. – М.: ИМЛИ РАН, 2004. – 212 с.*
7. *Есаулов, И. Е. Национальное своеобразие литературы / И.Е.Есаулов // Введение в литературоведение: учебное пособие / под ред. Л. В. Чернец. — 2–е изд. , перераб. и доп. – М.: Высшая школа, 2004. – С. 616-624.*
8. *Захаров, В. Н. Проблемы исторической поэтики: этнологические аспекты / В.Н.Захаров. – М.: Индрик, 2012. – 264 с.*
9. *Захаров, В.Н. Идея этнопоэтики в современных исследованиях // Проблемы исторической поэтики. – 2020. – Т.18. – № 3. – С. 7-19.*
10. *Зырянов, О. В. Введение в этнопоэтику русской классической литературы: учебное пособие / О.В.Зырянов. – М. : Флинта; Екатеринбург : Изд–во Урал. ун–та, 2018. – 216 с.*

11. *Зырянов, О. В. Проблемно–методологическое поле современной этнопоэтики / О.В.Зырянов // Филологический класс. – 2019. – № 1 (55). – С. 8-15.*
12. *Исматуллоев, М.Р. Поэтикаи насри бачагонаи Пӯлод Толис / М.Р.Исматуллоев. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – 140 с.*
13. *Кольчикова, Н. Л., Прищепа В. П. Этнопоэтический подход к изучению современной литературы Саяно–Алтая (на материале тувинской и хакасской поэзии) / Н.Л.Кольчикова, В.П.Прищепа // Новые исследования Тувы. – 2020. – № 3. – С. 210-227.*
14. *Қосимӣ, С. А. Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ / С.Қосимӣ. – Душанбе: ҶДММ "Сифат-чоп", 2024. – 296 с.*
15. *Қосимӣ, С.А. Жанри суруд дар таҳқиқи Б.Шермуҳаммадов / С.А.Қосимӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2025. – №4 (117). –С. 170-180.*
16. *Мирзозода, Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ / Х.Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 238 с.*
17. *Набиев, А. Тасвири олами ботинии инсон, нависанда ва замон / А.Набиев. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 160 с.*
18. *Набавӣ, А. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср / А.Набавӣ. –Душанбе: Адиб, 2009. – 324 с.*
19. *Нурқаев, Қ. Саттор Турсун ва таҳаввули насри психологии тоҷик автореф. Дис. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои мамолики хориҷӣ (адабиёти тоҷик) / Қ.М. Нурқаев. – Душанбе, 2019. – 24 с.*
20. *Раҳмонӣ, Р. Фолклор дар тасвири видео ва масъалаи этнопоэтика / Р.Раҳмонӣ // Ҳақиқати ҳаёт ва ҷустуҷӯҳои адабӣ (Ба муносибати 70 солагии А.Маниёзов). Душанбе, 2000. – С. 67-72.*
21. *Раҳмонӣ, Р. Поэтикаи фолклор (Воситаи таълимӣ-методӣ). – Душанбе: МДМТ, 2024. – 132 с.*
22. *Раҳмонӣ, Р. Пайванди адабиёти навишторӣ ва фарҳанги гуфторӣ / Р.Раҳмонӣ. – Душанбе: МДМТ, 2025. – 600 с.*
23. *Раҳмонӣ, Р. Ҷойгоҳи порчаҳои манзум дар романи "Ғуломон"-и С.Айнӣ / Р. Раҳмонӣ // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2025. – №2. – С. 127-142.*
24. *Раҳмонов, А. Маърифти замон / А.Раҳмонов. – Душанбе: Адиб, 1995. – 112 с.*
25. *Салимов, Н. Сароби хунин / Н.Салимов // Садои Шарқ. –1989. – С. 32-34.*
26. *Самадов, А. Ниҳоли меҳр (Андешаҳо дар бораи эҷодиёти С.Турсун) / А.Самадов // Тоҷикистони советӣ. – 1985. – 20 октябр.*
27. *Солеҳов, Ш. Роман дар адабиёти тоҷикии қарни XX (Масъалаи ташаккули жанр) / Ш.Солеҳов. – Душанбе: Дониш, 2011.– 331с.*
28. *Сухих, И.Н. Проблемы поэтики А.П.Чехова / И.Н.Сухих. – Л.: Изд–во Ленинградского университета, 1987. – 182 с.*
29. *Табакова, З. П. Этнопоэтика: предмет исследования и этнопоэтический анализ / З.П.Табакова // Вестник Челябинского государственного университета. – 2014. – № 7 (336). – С. 198-206.*
30. *Турсун, С. Мунтахаби осор / С.Турсун. – Душанбе: Адиб, 2013. – 560 с.*
31. *Ульмасова, З. Поэтика исторического романа / З.Ульмасова. – Худжант: Нури маърифат, 2013. – 128 с.*
32. *Ходжамуродов, О. Поэтика Содика Хедоята / О.Ходжамуродов. – Душанбе: Дониш, 1991. – 128 с.*
33. *Шакурӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М.Шакурӣ. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 455 с.*
34. *Шарифов, Х. Поэтика // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. Ҷилди 2. Калим-Работ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1989. – С. 546.*
35. *Якобсон, Р. Работы по поэтике: Переводы / Сост. М.Л.Гаспарова. – М.: Прогресс, 1987. – 464 с.*
36. *Rahmoni, R. Isidor Levin and Tajik Folklore Studies: A Brief Biographical Sketch of a Forgotten Folklorist // Folklorica. Journal of the Slavic, East European, and Eurasian Folklore Association – 2025. – Vol. XXIX. – Pp.: 109-115.*

ПАЖУҲИШИ ЭТНОПОЭТИКИИ ЯК РИВОЯТИ РОМАНИ «СЕ РӮЗИ ЯК БАҲОР»-И С. ТУРСУН

Худшиносӣ ин пеш аз ҳама меҳр ба забон, фарҳанг, таърихи воқеии гузашта ва имрӯзи миллат ва кишвар аст. Агар романи «Се рӯзи як баҳор»-ро аз дидгоҳи этнопоэтикӣ аз назар гузаронем, мебинем, ки аз аввал то охири он тасвири муҳити этникии тоҷикона, равиши зиндагии онҳо, расму оин, одобу муошират, меҳмондорӣ, психологияи миллӣ, фалсафаи зиндагӣ дида мешаванд. Ин ҳама муайянкунандаи этнопоэтикаи роман ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ дар мақола роҷеъ ба ҷиҳатҳои "этнопоэтикӣ"-и роман таваҷҷуҳ мешавад. Зимнан гуфта шудааст, ки сарчашмаи бунёдии эҷодиёти ҳар нависанда, шоир, драматург фарҳанги суннатии мардуми худаш, яъне этнопоэтикаи он аст. Агар пажуҳандагон матнҳои мавҷуди адабиёт ва фолклорро бо диди этнопоэтикӣ таҳқиқ намоянд, он гоҳ воситаҳои сабки баён, иҷро ва тасвири ҳунарии матнҳои фолкорӣ ва адабиёт бештар дарк мешаванд. Дар мақола нишон дода шуда, ки С.Турсун бо истифодаи нақлу саргузашту хотирот шахсиятҳои романро, дар пайвастагии замони пеш аз инқилобӣ тасвир намудааст. Аз ҷумла нависанда ҳунармандона ривоятеро роҷеъ ба кӯҳи "Чилчароғ" меорад. Зимни овардани ин ривоят ӯ аз суннати афсонагӯӣ ва ё қиссагӯии шабҳои зимистони он солҳо, ки ҳанӯз воситаҳои техникӣ дар деҳот вуҷуд надошт ёд менамояд. Дар мақола нишон дода шудаст, ки аз тариқи баёни ривоят хонанда бо суннати ҷолиби халқамон, ки дар гузаштаҳо маъмул буд, ошно мешавад.

Калидвожаҳо: Саттор Турсун, этнопоэтика, романи «Се рӯзи як баҳор», константи этнопоэтикӣ, ривоят, психологияи миллӣ, фалсафаи зиндагӣ, ривояти “Чилчароғ”, матни фолклорӣ.

ЭТНОПОЭТИЧЕСКИЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ОДНО «ПРЕДАНИЕ» РОМАНА «ТРИ ДНЯ ВЕСНЫ» С. ТУРСУНА

Самопознание – это, прежде всего, любовь к языку, культуре и подлинной истории прошлого и настоящего нации и страны. Если мы рассмотрим роман «Три дня весны» с этнопоэтической точки зрения, мы увидим, что от начала до конца он изображает таджикскую этническую среду, их образ жизни, обычаи, нравы и этикет, гостеприимство, национальную психологию и философию жизни. Все это определяет этнопоэтику романа. Поэтому в статье основное внимание уделяется «этнопоэтическим» аспектам романа. Также говорится, что фундаментальным источником творчества каждого писателя, поэта и драматурга является традиционная культура его собственного народа, то есть его этнопоэтика. Если исследователи будут изучать существующие литературные и фольклорные тексты с этнопоэтической точки зрения, то стилистические средства выражения, исполнения и художественного изображения фольклорных и литературных текстов будут лучше поняты. В статье показано, что С. Турсун, используя предание, рассказы и воспоминания, изображает персонажей романа в контексте дореволюционной эпохи. В частности, автор искусно рассказывает историю о горе «Чилчароғ». Рассказывая эту историю, он напоминает о традиции рассказывания историй зимними ночами в те годы, когда в сельской местности не было технических средств. В статья расматривается, что через предании читатель знакомится с интересной традицией нашего народа, которая была распространена в прошлом.

Ключевые слова: Саттор Турсун, этнопоэтика, роман «Три дня весны», «этнопоэтическая константа», предания, национальную психология, философию жизни, предания “Чилчараг”, фольклорный текст.

AN ETHNOPOETIC RESEARCHERS ON ONE THE "LEGEND" IN NOVEL "THREE DAYS OF SPRING" SATTOR TURSUN'S

Novel "Three Days of Spring." Self-knowledge is, above all, a love for the language, culture, and true history of the past and present of a nation and country. If we examine the novel "Three Days of Spring" from an ethnopoetic perspective, we will see that from beginning to end, it depicts the Tajik ethnic environment, their way of life, customs, mores and communication, hospitality, national psychology, and philosophy of life. All of this defines the ethnopoetics of the novel. Therefore, this article focuses on the "ethnopoetic" aspects of the novel. It is also argued that the fundamental source of creativity for every writer, poet, and playwright is the traditional culture of their own people, that is, their ethnopoetics. If researchers examine existing literary and folkloric texts from an ethnopoetic perspective, the stylistic means of expression, performance, and artistic depiction of folkloric and literary texts will be better understood. The article demonstrates that S. Tursun, using legend, stories, and memoirs, depicts the novel's characters in the context of the pre-revolutionary era. In particular, the author skillfully tells the story of Mount Chilcharoğ. In telling this tale, he recalls the tradition of storytelling on winter nights in the years when technological means were unavailable in rural areas. The article explores how, through stories, the reader is introduced to an interesting tradition of our people, which was widespread in the past.

Keywords: Sattor Tursun, ethnopoetic, the novel "Three Days of Spring", ethnopoetic constant, legend, national psychology, philosophy of life, of Mount Chilcharoğ, folkloric texts.

Дар бораи муаллиф
Раҳмонӣ Равшан
Профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17
E-mail: ravrahmon@mail.ru

About the author
Rahmoni Ravshan
Professor of the department of the theory of the newest Tajik-Persian literature
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17
E-mail: ravrahmon@mail.ru

Об авторе
Рахмони Равшан
Профессор кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17
E-mail: ravrahmon@mail.ru

ТДУ 82.035:821.512.145

РОЗИЯ САҶҶОД ЗОҲИР – ТАРҶУМОН

Амиршоева М. П., Юнусӣ А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Тарҷума яке аз қадимтарин фаъолияти эҷодӣ-ҳунарии инсонӣ мебошад, ки ҳанӯз дар асрҳои дури таърих соҳибқаламон ба он таваҷҷуҳи хоссае менамуданд ва онро дар баробари муҳимтарин шохаҳои фарҳанги адабӣ мешумориданд, ҳарчанд дар мавриди асосу қонунҳои он таваҷҷуҳи хосае намекардаанд.

Доираи фаъолияте, ки мафҳуми тарҷумаро дар бар мегирад, хеле васеъ мебошад. Зиндагии ҳозираи инсониятро бидуни тарҷума наметавон тасаввур кард. Маҳз ба воситаи тарҷума бо асарҳои адабиёти бадеии халқҳои гуногуни ҷаҳон ошно мешавем, аз кашфиёту ихтирооти донишмандони олам бохабар мегардем, китобҳои илмӣ ва илмию оммавиро доир ба ҳамаи соҳаҳои дониш, ки аз забонҳои дигар тарҷума мешаванд, мавриди мутолиа қарор медиҳем. Ҳуҷҷатҳои дипломатӣ, мадорики тиҷоратӣ, баромадҳои арбобони давлатию сиёсӣ, мақолаҳо аз рӯзномаю маҷаллаҳои гуногуни даврӣ ва ғайра аз як забон ба забони дигар баргардонда мешаванд, кинофилмҳои зиёд дубляж мегарданд. Такя ба ин метавон гуфт, ки тарҷума дорои аҳаммияти фавқулодае барои ҳаёти башарият аст, ки бе он тараққиёту рушди соҳаҳои зиндагӣ ниҳоят мушкил мебуд.

Аввалин тарҷумаҳо ба забони урду дар асрҳои XYIII-XIX сурат гирифта буданд, ки бартарии онҳо пеш аз ҳама ҷиҳатҳои мазҳабиву динӣ ва таълимиро дар бар мегирифтанд. Бо кушодашавии коллеҷӣ Форт Вилям ва ташабуси доктор Ҷон Бортвик Гилкрист (1759-1841) дар коллеҷ ба забонҳои урду ва ҳиндӣ китобҳои илмӣ, таърихӣ, адабӣ ва ғайра тарҷума карда мешуданд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми тарҷума албатта ин асарҳои адабӣ ба шумор меравад, ки на танҳо тарҷумонҳо балки адибонро ба худ ҷалб намудааст. Нависандаи хушсалиқа Розия Саҷҷод Зоҳир (1917-1979) дар баробари эҷод намудани асарҳои адаби ва публисистӣ ба тарҷумаи асарҳо низ машғул гаштааст.

Яке аз ҳиндшиносони маъруф профессор Ҳ.Раҷабов дар китоби худ «Тарҷума ва омӯзиши асарҳои адибони Ҳинду Покистон чун воситаи инкишофи робитаи фарҳангӣ» роҷкъ ба тарҷума ва саҳми он дар равобити фарҳангӣ чунин овардааст: «Нақши адабиёти бадеӣ дар ташаккули муносибатҳои фарҳангӣ байни халқҳои ҷаҳон ниҳоят бузург аст. Адабиёти асил ҳамеша барои бо ҳам наздик ва дӯст намудани халқҳо ва фарҳангҳои мухталиф кӯшиш менамояд. ….асарҳои бадеӣ иншо шуда нашр мегардад, аҳаммияти маънавию тарбиявию ахлоқиаш баҳои хуб мегиранд писанди хонандагони зиёд мешавад ва боз ба забонҳои халқҳои дигар мамлакатҳо тарҷума мешаванду умри дароз мебинанд ва ба ин васила дар ҳалли масъалаҳои бо ҳам наздик шудани мурдумонии гуногунзабон ҳатман ҳиссагузорӣ мекунад» [2, с.14].

Дар баробари ҳамаи ин хидматҳои Розия Саҷҷод Зоҳир таҳлили хусусиятҳои кори тарҷумонии ӯ низ зарур аст, ки бар даствардҳои эҷоди ноил гаштааст. Розия шумораи зиёди асарҳоро тарҷума намуда ба забонҳои гуногун низ пешниҳод кардааст. Аммо пеш аз омӯзиши мақоми ӯ ҳамчун тарҷумон, инчунин зарур аст, ки он унсурҳо ва хусусиятҳоеро, ки дар асоси онҳо тарҷума метавонад маъруфият пайдо кунад ё метавонад чунин аҳммият худропайдо кунад, ки гӯё худи он эҷоди ҳамон забоне бошад, ки ба он тарҷума шудааст.

Нақш ва аҳаммияти муҳимми тарҷума ҳамеша олимон ва муҳақиқонро ба худ ҷалб кардааст. Олими рус Д.Дюришин дар ин маврид навиштааст. «… Мо намехоҳем бигӯем, ки дар амалияи муқоисавӣ аз тарҷума ба таври эвфемистӣ худдорӣ карда мешавад. Баръакс, ҳар як кори бештар муфассал аст» [1, с. 318].

Ҷанбаҳои асосии андешаҳои пешниҳодшуда дар бораи хусусиятҳои асосии тарҷума ин аст, ки тарҷума бояд чунин мақом дошта бошад, ки онро аз ҳеҷ ҷиҳат пас тар аз офариниш ҳисоб накунанд. Мувофиқи ин, профессор Ал-Аҳмад Сурур дар як ҷо қайд кардааст: «дар тарҷума, офариниши баён аз нав кашф карда шавад, аз ин рӯ калимаи «Recreation» («Фароғат») низ дар Амрико барои тарҷума истифода шудааст» [1., саҳ. 49]. Ӯ дар ин маврид

минбаъд менависад: «Тавассути тарҷума мо метавонем андешаҳои забонҳои дигарро дарк кунем» [1, с.49].

Тарҷумон на танҳо бо забони аслӣ, балки бо фарҳанг ва ҷомеаи он забон низ ошно бошад. Ӯ инчунин барои эҷоди заминаҳои нав ба сомон медиҳад ва навиштаҳо дар мавзуъҳои илмӣ. Инчунин, он барои андешаи ғизои зеҳнӣ медиҳад. Забони тарҷума бояд ба калимаҳое мутобиқ карда шавад, ки табиӣ ба назар мерасанд. Роҳе, ки сифатҳои дигаре, ки барои тарҷумон муҳим ҳисобида мешавад, ин аст, ки тарҷумон бояд бо мавзуъ ошно бошад ва илова бар ин дарки пурраи сархати забони худ, бояд бо забони асл низ хуб ошно бошад. Зеро бидуни ин, тарҷума танҳо сохтакорӣ ба назар мерасад. Ва на равонӣ ва на ҷозибаи забон ва баён вуҷуд дошта метавонад. Аз ин рӯ, З.Ансорӣ нивиштааст, ки «тарҷумон бояд иродаи нек, андеша, шавқ ва қалами худро ба муаллифи аслӣ таслим шавад» [11, с.125].

Аммо дар айни замон, бояд дар хотир дошт, ки танҳо равону солис будани малакаи тарҷума далели муваффақияти тарҷумон нест, балки кайфият ва сохтори забони аслӣ пурра ба забони тарҷума ворид мешавад. Оҳанги муаллифи аслӣ, услуби суханронӣ, услуби нигориши ӯ ва фиқри ӯ низ бояд дар бар гирифта шавад. Хулоса, метавон гуфт, ки таъкид ва услуби баён, ки дар асари аслӣ мавҷуданд, бояд дар тарҷума низ пурра мавҷуд бошанд. Барои эҷоди таассурот дар тарҷумаи худ, бояд бештар ба он диққат дода шавад, ки аз забоне, ки ба он тарҷума мешавад, дурӣ ва бегонагӣ вуҷуд надошта бошад. Дар мавриди тарҷумаи адабиёти бадеии урду. Амалияи тарҷума аз забонҳои арабӣ ва форсӣ аллакай аз замонҳои пеш оғоз шуда буд. Аммо тарҷумаҳо аз забонҳои англисӣ ва дигар забонҳои ғарбӣ танҳо дар асри XIX оғоз ёфтанд. Тарҷумаҳои адабиётҳои бадеӣ хеле барвақт оғоз ёфтанд. Аммо вақте ки маҷаллаҳо бо забони урду нашр мешуданд, тарҷумонӣ низ аз он давра оғоз ёфтанд. Аз ин рӯ, маҷаллаҳое, ки дар ибтидо нашр мешуданд, бештар илмҳои гуманитарии Аврупоро дар бар мегирифт ва ба гуфтаи профессор Саид Эҳтишом Ҳусайн (1912-1972) «Аҳаммияти тарҷумаҳо бештар аст, зеро бо таъсири онҳо худи нависандагони урду ба навиштани асарҳои бадеӣ рӯ оварданд» [11, с.49].

Тақрибан дар соли 1930, нависандагон таваҷҷуҳи худро ба тарҷумаҳои асарҳои бадеии муқаррарӣ равона карданд. Ин тарҷумонҳо роҳои нави бадеии адабиёти урдуро нишон доданд, дар ин талоши тарҷума ба асрҳои Ге Де Моппасин (1850-1893) ва А.П.Чехов (1860-1904) таъкид шудааст. Тарҷумаҳои романҳои русӣ хеле маъмуланд. Ҳамин тариқ, асари А.П.Чехов, Л.Н.Толстой (1828-1910), М.Горкий (1968-1936) ва бисёр адибони рус да як маҷмуа гирд оварда шуда тарҷума шуданд» [11, с. 23].

Ва дар ин маврид, аз Розия Саҷҷод Зоҳир ёдовар шуд, ки навиштааст, «баъзе аз беҳтарин ҳикояҳои русиро», тарҷума кардааст. Ин маҷмӯа ҳикояҳои А. С. Пушкин (1799-1837), А. П. Чехов, Лев Толстой, М. А. Шолохов (1905-1984) ва К. Симонов (1915-1979) ва дигаронро дар бар мегирад [11, с.199].

Дар ин замина, вақте ки хусуссиятҳои тарҷумаҳои Розия Саҷҷод Зоҳир ва ҳангоми сухан дар бораи муайян кардани мақоми ӯ дар байни тарҷумонҳои урду меравад, бисёр ҷанбаҳо ба назар мерасанд. Дар ин ҷо пешниҳод кардани рӯйхати тарҷумаҳои ӯ номуносиб нахоҳад буд.

Сиёрам Саран Гупта «Зане» («عورت») аз забони ҳиндӣ 1964, Бҳагвати Чаран Варма «Суратҳои аз лой сохташуда» («مٹی بنتی تصویر») аз забони ҳиндӣ соли 1975, Амрита Лал Нагар «Қатра аз баҳр» («بوند اور سمندر») аз забони ҳиндӣ соли 1975, Аем. Элейн, Ю.Бенгал «Болоравии инсон» («انسان کا عورج»)-русӣ 19---, Малик Рач Ананд «Ҳафт сол» («سات سال») аз забони англисӣ соли 1978, Малик Рач Ананд «Қули» («قلی») аз забони англисӣ соли 1962-, Максим Горкий «Ҷустуҷӯи макон» («منزیل کی تلاش») аз русӣ 1968, Лоуренс Бунян «Акбар» («اکبر») аз англисӣ соли 1967, Лакшми Нуранбура «Парҳои уқоби Ганг» («گنکا چمیل کے پنکھ») аз забони ҳиндӣ1983, Исқод Мухтор «Хоҳарон» («بہنیں») аз русӣ соли 1987, М.Горкий «Кудакӣ» («بچپن») аз забони русӣ, ва «Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ »-аз забони форсӣ тарҷума намудаанд.

Аз рӯйхати дар боло овардашуда, метавон хулоса кард, ки онҳо асарҳоро аз забони ҳиндӣ, русӣ, банғалӣ ва олмонӣ ба забони урду тарҷума кардааст. Дар байни онҳо шумораи романҳои ҳиндӣ зиёд аст. Тарҷумаҳое, ки аз забони ҳиндӣ кардааст, бо тамоми хусуссиятҳои худ ба забони урду нашр шудаанд, аммо ба ҷои тарҷума аз забонҳои дигар, ӯ онҳоро дар асоси тарҷумаҳои англисӣ ба забони урду мутобиқ кардааст.

Бояд қайд намуд, ки адиба бештар аз 40 китобҳоро ба забони урду тарҷума кардаанд. Дар қатори онҳо мо бештар аз забони ҳиндиро мушоҳида менамоем, ки ин ду забон решаашон як бошад ҳам тарҷумон хусусиятҳои забони урдуро вақти тарҷума нигоҳ доштааст. Ҳангми мутолиа хонанда боре ҳам шубҳа наменамояд, ки ин асари тарҷума шуда аст. Яке аз чунин асарҳои тарҷумашуда романи «Норӣ»-и Сайрам Саран Гупта мебошад, ки тарҷумонии Розия Саҷҷод Зоҳирро ҳамчун тарҷумон ошкор намуда баҳои баланд гирифтааст. Ин роман соли 1945 бо номи «Аурат ке» нашр шудааст. Он ба барномаи нашри Академияи адабиёт, Деҳлии нав дохил карда шуда, мувофиқи хусуссиятҳои тарҷумаҳое, ки дар аввали тавсиф шудаанд, он ҷанбаи хеле муҳимро муайян мекунад. Бо хондани қисми аввали худии роман, дар он як навъ таваҷҷуҳ ва ҳолати таассуротӣ эҳсос мешавад ва фазо ва заминаи нишондодашуда он чизест, ки хонанда пеши назар меояд. Масалан, раванди зиндагии як зан ва шароити равонии ӯ ба таври тасвир карда мешавад.

«Он бояд аз они худаш бошад ва бигузор он дар вуҷуди худаш зиндагӣ кунад. Ҷунин эҳсос мешавад, ки гӯё хок зуд обашро тамом карда истодааст. Ӯ аз хона обро ба дег рехта, бо қошуқ оббозӣ кард ва бо қатраҳи об аз мӯи тараш мечакид, ба назди оташдон рафт. Хӯрок тайёр буд, аммо вақте ки шахси хӯрокхӯр вақти ба хона омаданро дошт, онҳоро ҳанӯз таълим надода буд. Аммо бо ёрии фариштаи нигаҳбонаш, ӯ ба танқиди мардум шуруъ кард. «Шумо мисли хок ва санг нестед, вақте ки таълим медиҳед ва менависед ва кӯдакони хурдсолро то замони худ гурусна ва ташна нигоҳ медоред! Чӣ ҷои бераҳм! Ҳатто имрӯз ҳам кӯдакон намехонанд ва наменависанд» [8, с.93].

Ба ҳамин монанд тамоми ҳаёти мардуми деҳот, эътиқод ва мафҳумҳои динии онҳо, нодонӣ, хурофот, ҳамаи ин мафҳумҳои ҳиндӣ ва миллӣ бо як мушкилӣ дар забони ҳиндӣ тасвир шудаанд ва хонандагони он бо забони урду низ ҳеҷ гуна аҳоибот эҳсос намекунанд. Пастӣ ва баландии рӯйдодҳо, ҷараёни калимаҳо ва истифодаи ибораҳо дар ҳама ҷо, пурра романро ҳамчун як забони табиӣ муаррифӣ мекунанд, аммо шояд метавон гуфт, ки агар бигуем, ки ҷозибае, ки Розия Саҷҷод Зоҳир дар романҳои худ ба вуҷуд овардааст ва таассуроте, ки аз забон ва сабки ривояти ӯ ба вуҷуд меояд, дар нусхаи урдуи ин роман каме воқеӣ ва табиӣ ба назар мерасад. Барои ин якчанд мисолҳоро ҳавола менамоем:

«Борони Саван Бҳадуна, ки аз чашмони Ямуна ҷорӣ мешуд, як лаҳза қать шуд ва сипас борон задан гирифт. Дар ин муддати кӯтоҳ, ӯ хабари бозгашти Балиро чанд маротиба гирифтааст, намедонам. Ҳар чизе ки дар дили касе бошад, аммо аз даҳони ҳама мебарояд. … ҷанобиӣ Пандит, онҳо мегӯянд, ки Балӣ душман надорад, ҳама мегӯянд, ки ӯ ҳарчи зудтар бармегардад, аммо он соат кай фаро мерасад, ки медонад?» [8, с.2001].

"جمنا کی آنکھوں سے بہتی ساون بھادوں کی جھڑی جو پل بھر کو رک گئی تھی، وہ پھر برسے لگی- اسی ذراسی ردیر میں نہ جالئے کیتنی بار ہنلی کے لوٹ آنے کی خبار اس کومل چکی ہے- کسی کے دل میں چاہے جو ہو، پر بات سبغ کے منہ سے لے کر، جنم کنڈلی دیکھنےوالے گیا دین پانڈے جی تک کہ رہے ہیں کہ بلی کا کوئی دشمن تو ہے نہیں، اس لئے سب ہی کیکہنا ہے کہ پلی جلد لوٹ آئےگا مگر جلد ازجلدکی وہ گھڑی، وہ ساعت، کب آئےگی یہ کون جانے "

Вазъи кӯдакон чунин тасвир шудааст.

"زمین پر گھتم گتھا ہوجانے سے جو دھول اس کے جسم پر لگ کئ تھی- وہ تو اس لئے پونچھ ڈالی تھی، پھر پھی کہیں کہیں مٹی کے دھبئے اپ پھی لگے تھے-کھرونچ لگنے سے رگڑ کی وجہ سے، ایک ہاتھ کہنی لہو لہان ہورہی تھی،کرتہ پھٹا ہوا تھے- دل پر نا جانے کیس غم، کیس فکر کا بوجھ تھا جیسے وہ بچپن کو بہت پیچھے چھوڑ کر کسی بہت مشکل منزل تک پہنچنے کا بار اور ذمہ داری اپنے سر پر اٹھائے-"

«Хоке ки ба замин мефтад ӯ онро ба баданаш молида буд, аммо ҳатто пас аз он ҳам гардҳои хок ба он часпида буданд. Оринҷи як дасташ аз соиши харишидан хун мерехт. Гӯё канда нашуда бошад. Дар дилаш бори андуҳ, нигаронӣ буд, гӯё кӯдаки худро қафо гузошта, бори гарон аз масъулияти расидан ба як макони хеле душворро бар дӯши худ кашида буд» [8, с. 145].

Аз ин порчаҳо мушоҳида карда мешавад, ки нависанда бо тамоми нозукиҳои забонро истифода намуда манзараҳоро ба хуби тасвир намудааст. Бояд қайд кард, ки Розия Саҷҷод Зоҳир тамоми ҷанбаҳои романнависии урду бо хабар буда, бидуни ягон холигӣ онро пешкаши хонандагон менамояд.

Романи «Хоҳарон» аз забони русӣ тарҷума шудааст, ки муаллифи он Исқар Мухтор аст. Ӯ ҳаёти зиндагии Узбекистониро дар шеърҳо ва романҳои худ хеле бомуваффақият тасвир кардааст. Ин роман бори аввал соли 1955 нашр шудааст ва замони оғози ҳокимияти Шуравиро дар Узбекистон инъикос мекунад. Дар муқаддимаи роман, бо зикри фазои он Эл

Экиминко навиштааст. «Исқар Мухтор романи худро бо номи «Не» дар барои занҳои узбек навиштааст. Дар бораи он заноне, ки дар замони гузаштаи фарсудаву қафомондае ки зидди урфу одатҳои куҳна инқилоб бардоштанду барои муҳаббати хеш меандешиданд, ки барои онҳо роҳ ба сӯи ҳаёти озод кушода шуда буд» [6, с. 5].

Дар айни замон, одамони гуногун нақшаҳои иҷтимоии қаҳрамонҳои худро иваз карданд. Ва инчунин моҳирона дарк кардани тарзи фикрронӣ ва тарзи тафаккури одамон дар бораи ҳаёти хонаводагӣ.

Агар ҳадафи асосии роман ва хислатҳои бадеии устод Мухтор ошкор намешуд, тарҷумаи ин роман муваффақ намешуд. Ва ҳақиқат ин аст, ки Розия Саҷҷод Зоҳир ҷомеаи Узбекистон, заҳмат ва машақати мардуми он ҷо ва хислатҳои занонро бомуваффақият муаррифӣ кардааст. Чунон ки худи романнавис нишон додааст. Дар ин тарҷума, ин ҷанба низ муҳим аст, ки бо ҷойи тарҷума, он бо романи аслии навиштаи Розия Саҷҷод Зоҳир монанд аст. Масалан, чанд порчаеро метавон пешниҳод кард.

«Ламанча ном деҳаи қадимае буд, ки аз шаҳр хеле дур воқеъ буд. Дар он ҷо падарон ба писаронашон ҳунарро меомӯзонданд ва занҳо бошанд ресмон матониданду мардҳо мато мебофтанд. Агар падаре аз олам чашм мепӯшид ва барои писараш дукони бофандагиро мерос намегузошт, ин бадбахтии бузург ҳисобида мешуд. «чархи» ва «налкӣ» аз ҷумлаи калимаҳое буданд, ки онҳо беҳтарин чизҳоро дар забони кӯдакон баён мекарданд. Ва ба ҳар кӯдак аз хӯрди мефаҳмонданд, ки инсон танҳо бо ҳунар зинда мемонад» [6, с.18].

Бофандаи камбағал, ки шабу рӯз барои пардохтани қарзаш кор мекунад ва дар ниҳоят мемирад, нависанда дар образи Амаркаш, ки баъди вафоти падараш пур аз хашму ғазаб нисбати моликон (бойҳо) ба ҷуш омада исёнаш афзун мегардад. Дар болои қабри нави падараш Амаркаш сукуташро мешиканад.

"ماں، اب یہ حالات مجھ سے برداشت نہیں ہو سیتے- اس کے ہونٹ روتے ہوئے بچے کی طرح کانپ راہے تھے-
میں ان خون چوسنےوالوں سے لڑونگا اور میں قسم کھاتا ہوں کہ ان کو ہمارے غم کی قیمت دینی پڑےگی- میں اپنے باپ
کے خون اور پسینے کی قسم کھاکے کہتا ہوں"

«Ман дигар наметавонам ин шароитро таҳаммул кунам. Лабонаш мисли кӯдаки гирён меларзиданд. Ман бо ин хунхорҳо мубориза мебарам ва қасам мехӯрам, ки онҳо барои ранҷу азоби мо ҷуброн хоҳанд кард. Ман бо хуни падарам қасам мехӯрам» [6, с.28].

Ҳангоме, ки роҳбари коргарон Рохан ба қатл расонида шуд ҳамкоронаш дар болои ҷасади ӯ қасам хурданд. «Рафиқон биёед ҳама як ҷо шуда қасам хӯрем. Мо кори оғоз кардаи шуморо ба анҷом мерасонем. Мо якҷошуда коро ба анҷом расонида ҳаёти навро месозем» [6, с. 35].

Баррасии рӯйдодҳо, қаҳрамонҳо, забон ва макон мавзуъ хеле хуб баррасӣ карда шудаанд. Аммо порчаҳои дар боло навишташуда равшан нишон медиҳанд, ки дар ҳама ҷузъҳои романи тарҷумашуда таассурот ва воқеияти ғайриоддӣ вуҷуд дорад ва дар баъзе мавридҳо касе эҳсос намекунад, ки ин роман аслии урду нест ва ин бартарии бузургии ин тарҷумон аст.

Ва ин сирри бузурги муваффақияти ин тарҷумаи Розия Саҷҷод Зоҳир аст, ки ӯ хамаи ин ҷанбаҳои романнависи воқеиро бо забони урду муаррифӣ мекунад.

Хулоса, ин тарҷумаи Розия Саҷҷод Зоҳир низ дорои тамоми хусуситяҳои тарҷумон аст ва аз ин рӯ, ҷустуҷуи макон низ дар дили хонандагони урду таассуроти амиқ эҷод мекунад.

Дар ин ҷо бо баррасии чанде тарҷумаҳои намояндагии Розия Саҷҷод Зоҳир равшани андохтем. Вай инчунин чанд китоберо, ки ба шавқу рағбати кӯдакон ва дониши онҳо марбутанд, ба забони урду тарҷума кардааст. Дар байни онҳо, «Хор», «Акбар» ва ғайра қобили зикранд. Ва аҳаммияти ин тарҷумаҳо дар он аст, ки дар онҳо ҳамон навъи забоне истифода шудааст, ки барои кӯдакона мувоффиқ бошад, бо психология ва синну соли худ комилан мувофиқанд. Кӯдакон бо забони урду шумораи зиёди ҳикояҳо мақолаҳо ва маҷмӯаҳои шеърӣ дар бораи адабиёти бачагона мавҷуданд. Аммо шумораи чунин асарҳо аз забонҳои дигар, ки ба забони урду тарҷума шуданд, кам аст. Аз ин ҷиҳат, ин тарҷумаҳои Розия Саҷҷод Зоҳир ғайриоддӣ мебошанд. Онҳо муҳимманд ва на танҳо ҳаҷми тарҷумаҳои урдуро афзоиш додааст, балки Розия ба он шакли эҷодӣ низ додааст ва ба адабиёти кӯдаконаи урду илова кардааст.

Ин таҳлили хусуссиятҳои гуногуни кори тарҷумаи Розия Саҷҷод Зоҳирро ошкор мекунад ва шояд хато накунем, ки густариши онро, ки ӯ дар адабиёти урду тавассути

тарҷумаҳояш ба даст овардааст, касе дигар ба даст оварда наметавонист. Агар ин тарҷумаҳо намебуданд, сухангӯёни урду дар омӯзиши осори баланд ва адабиёти ҷаҳонӣ забонҳои дигар камбудии бузургеро эҳсос мекарданд ва ҷанбаи муҳим ин аст, ки ин тарҷумаҳо на танҳо адабиёти бадеиро, балки китобҳои марбут ба таърих, илми фарҳанг ва дигар мавзуъҳоро низ дар бар мегиранд. Ва қариб ҳар як мавзуъ хусусиятҳои пурраи тарҷумаро дорад.

Адабиёт

1. *Дюришин, Д. Теория сравнительного изучения литературы / Д. Дюришин. – М.: Прогресс, 1979. – 318 с.*
2. *Раҷабов Ҳ. Тарҷума ва омӯзиши асарҳои адибони Ҳинду Покистон чун воситаи инкишофи робитаҳои фарҳангӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2025. - 367 с.*
3. اشرف لون- ترقی پسند اردو افسانے میں عورت کی عکاسی- دہلی، 2013
4. ڈاکٹرآمنہ تحسین- تانیثی فکر کی جہات، ، عفیف آفسیٹ پرنٹرس، دہلی،2012
5. رضیہ سلطنہ، رضیہ سجاد ظہیر حالت زندگی اورکارنامے
6. رضیہ سجاد ظہیر،بہیں
7. رضیہ سجاد ظہیر، منزل کی تالش۔ الگرھ- 125 -
8. رضیہ سجاد ظہیر،ناری۔ دہلی-
9. سیمانت پرکاشن -اردو ناول نگار خانہ، نئی دہلی، 1983،:88- ص-
10. کشور ناہید- عورت زبان خلق سے زبان حال تک، لاہور،1993
11. قمر رئیس، ترجمہ کا فن اور روایت- دہلی-335-1976- ص-

РОЗИЯ САҶҶОД ЗОҲИР - ТАРҶУМОН

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми тарҷума, албатта, ин асарҳои адабӣ ба шумор меравад, ки на танҳо тарҷумонҳо, балки адибонро ба худ ҷалб намудааст. Нависандаи хушсалиқа Розия Саҷҷод Зоҳир дар баробари эҷод намудани асарҳои адабӣ ва публисистӣ ба тарҷумаи асарҳо низ машғул гаштааст. Бо қалами адиба бештар аз 40 асарро ба забони урду тарҷума кардаанд. Аз ҷумла китоби «Ҳаёти Галилео»-и Бертолд Бархетс, ки ба забони урду зери унвони «Муссир» номида шудааст. «Норӣ»-и Сайрам Саран Гупта бо номи «Зан», ки аз ҷониби Аакадемияи адабиёт нашр шудааст, китоби Мулк Рач Ананд бо номи «Ҳафт сол» ва ғайра пешкаши хонандагон гардонидааст. Таҳлили хусусиятҳои гуногуни тарҷумаҳои Розия Саҷҷод Зоҳирро ошкор мекунад, ки ӯ дар адабиёти урду тавассути тарҷумаҳояш боз ҳам шуҳратро ба даст овардааст, касе дигар ба даст оварда наметавонист. Агар ин тарҷумаҳо намебуданд, сухангӯёни урду дар омӯзиши осори баланд ва адабиёти баданди забонҳои дигар камбудии бузургеро эҳсос мекарданд ва ҷанбаи муҳим ин аст, ки ин тарҷумаҳо на танҳо адабиёти бадеиро, балки китобҳои марбут ба таърих, фарҳангу забон ва дигар мавзуъҳоро низ дар бар мегиранд.

Калидвожаҳо: Розия Саҷҷод, тарҷумон, адабиёт, урду, фарҳанг, забон, таърих, тасвир, таҳлил.

РАЗИЯ САДЖАД ЗАХИР — ПЕРЕВОДЧИК

Одним из важнейших аспектов переводоведения, безусловно, является перевод художественных произведений, который привлекает внимание не только профессиональных переводчиков, но и литераторов. Одарённая писательница Разия Саджад Захир, наряду с созданием художественных и публицистических произведений, активно занималась переводческой деятельностью. Её перу принадлежит перевод более 40 произведений на язык урду. В их числе — пьеса Бертольта Брехта «Жизнь Галилея», изданная на урду под названием «Муссир»; произведение Сиварама Каранта «Нори», опубликованное Академией литературы под названием «Женщина»; книга Мульк Раджа Ананда «Семь лет» и другие труды, представленные широкому кругу читателей. Анализ различных особенностей переводов Разия Саджад Захир свидетельствует о том, что благодаря своей переводческой деятельности она обрела в литературе урду беспрецедентное признание. Без этих работ носители языка урду ощутили бы значительный пробел в изучении классических произведений и высокой литературы других народов. Важным аспектом является и то, что данные переводы охватывают не только художественную прозу, но и труды по истории, культуре, лингвистике и другим дисциплинам.

Ключевые слова: Разия Саджад, переводчик, литература, урду, культура, язык, история, изображение, анализ.

RAZIA SAJJAD ZAHEER — TRANSLATOR

One of the most critical aspects of translation studies is undoubtedly the translation of literary works, which attracts the attention of both professional translators and writers. The gifted author Razia Sajjad Zaheer, along with creating fiction and journalistic pieces, was actively engaged in translation. She translated more than 40 works into Urdu. These include Bertolt Brecht’s play "Life of Galileo," published in Urdu as

"Mussir"; Shivaram Karanth's "Noorie," published by the Academy of Letters as "Woman"; Mulk Raj Anand's book "Seven Years," and other works presented to a wide circle of readers. An analysis of various features of Razia Sajjad Zaheer's translations indicates that she achieved unprecedented recognition in Urdu literature through her translation activities. Without these works, Urdu speakers would have experienced a significant gap in the study of classical works and the high literature of other nations. Another important aspect is that these translations cover not only fiction but also works on history, culture, linguistics, and other disciplines.

Keywords: Razia Sajjad, translator, literature, Urdu, culture, language, history, portrayal, analysis.

Дар бораи муаллифон

Амиршоева Манзура Пирмуҳамадовна
Н.и.ф, муаллими калони кафедраи филологияи Ҳинд
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
E-mail: man74@inbox.ru

Юнусӣ Ахтамшоҳ
Н.и.ф., дотсенти кафедраи филологияи Шарқи Дур
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Ф. Мухаммадиев 17/6
E-mail: azamjonyunusi@mail.ru

Об авторах

Амиршоева Манзура Пирмухамадовна
К.ф.н, старший преподователь индийской филологии
Таджикский национальный университет
734025, Республики Таджикистан
г.Душанбе, пр. Рудаки, 17
E-mail: man74@inbox.ru

Юнуси Ахтамшох
К.ф.н., доцент кафедры дальневосточной филологии
Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода
734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6
E-mail: azamjonyunusi@mail.ru

About the authors

Amirshoeva Manzura Pirmuhamadovna
Candidate of Philological Sciences, teacher of the Department of Indian Philology
Tajik National University
734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki, Ave., 17
E-mail: man74@inbox.ru

Yunusi Ahtamshah
Candidate of Philological Sciences, associated professor of the Department of Far Eastern philology
Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str.
E-mail: azamjonyunusi@mail.ru

ТДУ 82.035 : 891-550+840

АЙНӢ ВА АДАБИЁТИ ФАРОНСА ДАР ТАҲҚИҚИ БОБОЕВА ДИЛБАР ҲАБИБҶОНОВНА

Одилова З. О.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муносибати адабиёти муосири тоҷик бо адабиёти халқҳои ҷаҳон ба таври кофӣ омӯхта нашудааст, ҳарчанд ки дар тули зиёда аз ҳафтод сол олимони тоҷик асарҳои зиёде офаридаанд, ки ба забонҳои гуногуни халқҳои ҷаҳон тарҷума шудаанд. Хушбахтона, дар давраи Истиқлолияти давлатӣ мазмун ва моҳияти ҳаёти ҷомеа ба тағйироти куллӣ мувоҷеҳ гардид. Тоҷикистон низ ҳамчун давлати соҳибистиқлолу ҳуқуқбунёд ба раванди навсозии низоми ҷомеаи демократӣ қадамҳои хешро гузошта, дар ин замина барои эҳёи суннатҳои миллӣ ва падидаҳои адабии кишвар тадбирҳои муҳимми илмӣ андешида шуд.

Тарҷумаи асарҳои нависандагони муосири тоҷик, пеш аз ҳама, асарҳои мондагори асосгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ (1878-1954) ба бисёр забонҳои ҷаҳон тарҷумаю нашр гардидаанд, ки имрӯз хонандаи он дар Тоҷикистон низ кам нестанд. Садриддин Айнӣ ҳамчун поягузори адабиёти муосири тоҷик ва дорои афкори пешқадам ба адабиёти ҷаҳон, хусусан адабиёти Фаронса, назари нек ва диди амиқ доштааст. Гарчанде, ки ӯ бо забони форсӣ нанавишта бошад ҳам, лекин бо руҳия ва равияҳои ин адабиёт шинос будааст. Ӯ яке аз аввалин адибони тоҷик буд, ки дар роҳи баргузоршавии робитаи илмии фарҳанги тоҷик бо осори Аврупо, махсусан фаронсавӣ, саҳми калон гузошт. Ӯ дар асари “Ёддоштҳо” чанд маротиба аз асарҳои нависандагони аврупоӣ, хусусан фаронсавӣ, ёд кардааст ва имкон пайдо намудааст, ки дар адабиёти тоҷик навъе ҷаҳонбинии муосирро ба вуҷуд орад. Бинобар ин, таҳқиқи масъалаи раванди адабии ташаккули ҷаҳонбинии устод Айнӣ, ки бо таъсири адабиёти ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадааст, ҷузъи муҳимми робитаҳои нависандагони алоҳида бо адабиёти ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки рисолаи Д. Ҳ. Бобоева “Садриддин Айнӣ ва адабиёти ҷаҳон” ки ба таҳқиқи робитаҳои эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ бо эҷодиёти нависандагони бузурги фаронсавӣ бахшида шудааст, аз аҳаммияти махсуси илмӣ бархурдор аст.

Дар таърихи адабиёти тоҷик масъалаи робитаҳои адабӣ миёни Шарқ ва Ғарб мақоми муҳим дорад. Яке аз чеҳраҳои барҷастае, ки ба ин масъала рӯ овардааст, устод Садриддин Айнӣ мебошад. Таҳқиқи робитаҳои адабии Айнӣ бо адабиёти ҷаҳон, хусусан Фаронса, мавзуи муҳимми илми адабиётшиносӣ ба шумор меравад. Тадқиқоти Д. Бобоева, ки ба таҳлили ин ҷараён бахшида шудааст, ҷиҳати илмӣ ва ҷанбаи амалии баҳсро боз ҳам равшантар мекунад.

Садриддин Айнӣ ҳамчун маорифпарвар, нависанда, мунаққид аз аввалин чеҳраҳои фарҳангии тоҷик аст, ки ба ҷаҳони адабии Аврупо таваҷҷуҳ намудааст. Дар замони ӯ дастрасии саҳеҳ ба адабиёти Аврупо нопурра буд, аммо ба воситаи мутолиаи тарҷумаҳо ва зиёиёни забондони он рӯзгор Айнӣ ба доираи васеи адабиёти ҷаҳонӣ шинос гардид. Адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри ХХ қадами аввалини худро мегузошт. Дар ин давра фаъолияти илмию эҷодии устод Айнӣ ҳамчун асосгузори адабиёти навини тоҷик нақши намоён дорад. Таҳқиқи мероси адабии Айнӣ, робитаҳои адабии ӯ бо адабиёти ҷаҳон, махсусан адабиёти Фаронса, яке аз ҷузъҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик мебошад. Дар ин ҷо саҳми муҳаққиқ Д. Ҳ. Бобоева сазовор ва арзанда мебошад. Ӯ дар таҳқиқҳои худ робитаҳои фарҳангию адабии тоҷикону фаронсавиён, таъсири адабиёти Фаронса ба ҷаҳонбинии адабии Айниро ҳамчунин омили умумии ин ду маданияти бузург мавриди таҳлил қарор додааст.

Фаъолияти эҷодии Садриддин Айнӣ дар таърихи адабу фарҳангҳои гуногун таъсир расонидааст. Дар давраи зиндагии ӯ тамоюли рӯ ба рушд овардани робитаҳои фарҳангӣ авҷ мегирифт. Ба ақидаи Д. Бобоева яке аз вижагиҳои Айнӣ майл ба фарҳангҳои бегона, махсусан Аврупо буд. Садриддин Айнӣ дар Бухоро ва баъдан дар Самарқанд бо асарҳои нави таърихи аврупоӣ ва тарҷумаҳои русии нависандагони машҳури ҷаҳон шинос буд. Хусусан, тарҷумаҳои русии асарҳои адибони классикии фаронсавиён Оноре де Балзак, Виктор Гюго, Александр Дюма, Ги де Мопассан ва дигарон яке аз роҳҳои асосии шинос шудан бо адабиёти Фаронса ба ҳисоб мерафт.

Бобоева Д. сараввал бо мақсади асоснок кардани аҳаммияти назарию амалии мавзуи худ қайд мекунад, ки корҳои олимон, ба монанди Б. Невская, С. Табаров, С. Соколов, В. Демидчик, В. Белан, Ю. Акбаров, Х. Шодиқулов ва Ш. Мухтор ба мушкилоти робитаи эҷодиёти С. Айнӣ бо адабиёти фаронсавӣ бахшида шудаанд. Аммо дар ҳеҷ яке аз асарҳои муҳаққиқони зикршуда эҷодиёти асосгузори адабиёти навини тоҷик дар ростои робитаҳои байналмилалӣ пурра ва ҳамаҷониба баррасӣ нашудааст [3, с. 3]. Бинобар ин, баҳси ӯ оид ба Айнӣ ва адабиёти фаронсавӣ ҷанбаи қавии адабиётшиносӣ дошта, ҳалли саҳеҳи он саҳми шоиста дар масъалаи омӯзиши робитаҳои байналмилалии адабиёти муосири тоҷик мебошад. Дар ин замина фаъолияти адабии бархе аз муаллифони адабиёти бадеӣ ва илмии гуногуни адабӣ дар ин давра ташаккул ёфта, асосҳои илмии адабиёти бадеӣ истеҳком пазируфтааст. Баҳси ин муҳаққиқ дар робита ба мабҳаси мазкур фарогири ҷанбаҳои гуногуни адабиёти бадеӣ, алалхусус, таҳқиқоти адабиётшиносони тоҷик оид ба сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ мебошад.

Солҳои охир аз ҷониби забоншиносону адабиётшиносони ватанию хориҷӣ роҷеъ ба ҳаёту фаъолият ва эҷодиёти Айнӣ ва осори ӯ дар заминаи забоншиносӣ ва дар муқоиса бо забонҳои хориҷӣ, махсусан бо забони фаронсавӣ, таҳқиқоти илмӣ ба анҷом расонида шудааст. На танҳо забоншиносону адабиётшиносон ба осори Айнӣ таваҷҷуҳ доштанд, балки худи нависанда ба эҷодиёти муаллифони хориҷӣ, чи дар назм ва чи дар наср, ҳамеша назар дошт ва таҳқиқот мегузаронд.

Дар эҷодиёти Садриддин Айнӣ таъсири шеъри фаронсавиро ба хубӣ метавон эҳсос кард. Ҳамчун намуна сурудҳои инқилобии ӯ “Марши озодӣ” (бо забонҳои узбекӣ ва тоҷикӣ), “Марши ғалаба” (бо забони узбекӣ) қобили зикр ҳастанд. Ҳар ҳақиқат, бо шарофати С. Айнӣ ғояҳои “Марселеза” ба шеъри инқилобии адабиёти Осиёи Марказӣ ворид шуд [3, с. 18]. Масалан, замоне, ки нависандаи машҳур аз Бухоро ба Самарқанд омада, ба мударрисӣ машғул мешавад, дар ин шаҳри қадима дар шафати мадрасаи Шайбонихон мактаби мусиқие буд, ки он ҷо баъзан сурудҳои инқилобӣ низ суруда мешуданд. Дар миёни сурудаҳо “Марселеза” низ ҷойи намоёнро ишғол мекард, ки дар зери таъсири оҳанги он Садриддин Айнӣ “Марши ҳуррият”-ро эҷод кардааст. Айнӣ бо эҷоди “Марши ҳурият” шеъри муосири моро ба маҷрои комилан тозае ворид намуда, барои ташаккулу таҳаввули минбаъдаи он ҳам аз назари сохтор ва ҳам муҳтаво заминаи созгор фароҳам оварад.

“Марши ҳуррият” ва ё “Суруди озодӣ”-и устод Айнӣ нахуст аз забони тоҷикӣ ба забони русӣ тавассути И. Селвинский тарҷума гардида, баъдан аз русӣ ба қалами А. Карвовский ба забони фаронсавӣ баргардон шудааст. Вале аз таҳқиқоти Шокир Мухтор маълум мегардад, ки тарҷумаи русии ин шеър мазмунан хароб буда, айнан бо ҳама харобиҳои тарҷумаи русӣ ба забони фаронсавӣ тарҷума гардидааст ва на матни русӣ ва на фаронсавӣ матни тоҷикиро ифода карда наметавонанд [7, с. 152].

Ба шарофати Инқилоби Октябр Садриддин Айнӣ дар пайравӣ ба “Марселеза” “Марши ҳурриятро” эҷод карда, забони тоҷикиро бо вазни шеърии фаронсавӣ пайваст намудааст. “Суруди озодӣ” ё “Марши ҳуррият” бори аввал соли 1919 дар маҷаллаи “Шуълаи инқилоб” 7 декабр дар шумораи 23-юм нашр гардида, инчунин дар китоби “Одина” низ ин суруд нашр гардидааст.

Барои равшан шудани масъала чанд мисраи сурудҳоро дар забони асл ва тарҷума дида мебароем ва онро бо суруди Айнӣ қиёс мекунем.

Дар асл:

Marseillaise

Allons enfants de la Patrie,
Le jour de gloir est arrivé.
Contre nous de la tyranie,
L’etandard sanglant est levé... [13, с. 1-4].

Дар тарҷумаи русӣ:

Марселеза

Вставайте, дети родины.
День победы настал,
Против гнёта и произвола
Кровавый флаг поднят... [5, с. 223-225].

Дар тарҷумаи тоҷикӣ:

Марселеза

Бархезед, фарзандони Ватан,

Рӯзи ғалаба фаро расид!
Зидди зулму истибдод
Байрақи хунин афрошта шуд... [8, с. 129].

Матни “Марши ҳуррият”-и устод Айнӣ

Эй ситамдидагон, эй асирон!
Вақти озодии мо расид,
Муждагони диҳед, эй рафиқон!
Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид... [1, с. 64-65].

Аз қиёси матнҳо бармеояд, ки “Марши ҳуррият” ба Марселеза аз ҷиҳати маъно монандӣ дорад. Бояд гуфт, ки солҳои қабл аз инқилоби Бухоро ва солҳои минбаъда низ “Марши ҳуррият”-и Садриддин Айнӣ дар байни омма маъруфият дошт ва ин мақому манзалат аз файзи таъсири ҳамон “Марселеза”-и фаронсавӣ буд.

Аз замони пайдоиши тарҷума то ба имрӯз ба қавли шоҳидон китоби Садриддин Айнӣ диққати хонандагони зиёди франсавиро ба худ ҷалб кардааст. Тарҷумаи фаронсавии повестҳои Садриддин Айнӣ мутарҷимон С. Бородин ва В. Вуано аз тоҷикӣ ба русӣ ва аз русӣ ба фаронсавӣ сурат гирифтааст [10, с. 81].

Тарҷумаи “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ ба забони фаронсавӣ яке аз аввалин тарҷумаҳои асари бадеӣ аз адабиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ин забон ба шумор меравад. Нависандаи машҳури фаронсавӣ Андре Вюрмсер дар мақолаи худ “Шарқ” (Врюмсер 1965, с. 12) қайд менамояд, ки реализми Айнӣ шакли эҷодии Франсуа Раблеро дар асарҳояш “Гаргантюа ва Пантагрюэл” инъикос менамояд. Яъне, аз ин бармеояд, ки Айнӣ ба мазмун ва муҳтавои асарҳои нависандаи фаронсавӣ Франсуа Рабле хуб ошно будааст.

Асари барҷастаи дигари тоҷик Садриддин Айнӣ “Марги судхур” бо тарҷумаи В. Вуано ва Сергей Бородин дар шаҳри Париж соли 1975 ба нашр расидааст. Тавассути ҳамин тарҷумаҳо Садриддин Айнӣ дар нимаи дуюми солҳои 50-уми асри XX яке аз асоситарин адибони шинохта ва хонданибоб аз адабиёти замони шуравӣ дар Фаронса ба ҳисоб мерафт [3, с. 8].

Андешаҳои минбаъдаи А. Врюмсер ба асари “Ҷаллодони Бухоро” таалуқ дорад. Бояд гуфт, ки он, тибқи маълумоти мо, ягона асарест, ки дар танқиди адабии Фаронса ҳамаҷониба таҳлил шудааст. Ба ақидаи А. Врюмсер, ин новеллаи даҳшатноки Садриддин Айнӣ рӯйдодҳои дар китоби Октава Мирбо “Боғи гилотинҳо” тасвиршударо ба ёд меорад. Аммо қаҳрамонони устод Айнӣ ҳамчун қатлкунандагони касбӣ фарқ мекунанд. “Ин афсонаи шарқӣ, мутаассифона, афсонаи воқеӣ аст”, – хулоса мекунад А. Врюмсер.

Дар бораи новеллаҳои таърихии Садриддин Айнӣ дигар мунаққидони фаронсавӣ низ изҳори назар кардаанд. Дар як мақолае муаллифи номаълум чунин навиштааст, ки “тафсирҳои нав дар бораи повестҳои Садриддин Айнӣ вуҷуд надоранд ва дар кори шарҳдиҳандаи адабии Ж. Руссело “Ле нувел литтерэр” тафаккури А. Врюмсер истифода шудааст” [3, с. 8]. Оид ба ин масъалаи муҳимми адабӣ қайдҳои махсус намуда, Д. Бабаева чунин қайд менамояд: “Дар мақолаи шарқшиноси муосири фаронсавӣ Д. Богданович, ки дар робита бо ҷашни садсолагии Садриддин Айнӣ (1978) дар маҷаллаи “Франсия – СССР” (Богданович 1978, с. 36-38) нашр шудааст, қайд карда мешавад, ки пас аз нашри ду китоби С. Айнӣ дар Фаронса асарҳои дигар муаллифони шуравии он замон ба забони фаронсавӣ нашр шудаанд, аммо на ҳамаи онҳо мисли насрнависи тоҷик хонандагони зиёд доранд” [3, с. 9].

Ҳамчунин, ба монанди Гамарра Богданович Д. чунин мешуморад, ки сабабҳои маъруфияти асарҳои Садриддин Айнӣ, махсусан “Ёддоштҳо”-и ӯ, дар он аст, ки хонандагон метавонанд дар онҳо маводи заруриро дар бораи ҷомеаи воқеии Осиёи Марказӣ дар охири асри XIX пайдо кунанд [3, с. 9]. Ҳамаи тарҷумаҳои фаронсавии асарҳои устод Айнӣ: “Ёддоштҳо”, “Мактаби куҳна”, “Марги судхӯр”, “Ҷаллодони Бухоро” ва “Одина” [3, с. 10] аз ҷониби мутарҷимони рус ва фаронсавӣ пешкаши хонандагон гардидааст. Дар баробари гуфтаҳои Д. Бобоева қайд кардан ба маврид аст, ки устод Айнӣ ҳамчунин сазовори баҳои баланди шоир, нависанда ва муҳаққиқи номии Фаронса Луи Арагон низ гаштааст. Луи Арагон бо Айнӣ шиноси наздик буда, борҳо бо ҳамдигар ҳамсуҳбат гардида буданд. Соли 1949 дар Москав дар қатори нависандагони намоёнӣ советӣ Л. Деонов, И. Эренбург, А. Фадаев, П. Антоколиский нависандагони фаронсавӣ Луи Арагон ва Элза Триолэ низ дар ин маҷлис ҳамчун меҳмон ширкат доштанд. Садриддин Айнӣ дар байни Фадаев ва Арагон нишаста, ҳангоми ба музокира баромадани А. Фадаев Арагон зуд-зуд ба тарафи Садриддин Айнӣ менигарист. Ҳамин тавр, пас аз шиносоӣ бо ин олими фаронсавӣ устод Айнӣ мегӯяд,

ки нависандагони тоҷик аз иштироки Луи Арагон ва Элза Триолэ дар ин маҷлиси адабӣ хеле шод ва сипосгузоранд.

Ба сурати куллӣ, мулоҳизаҳои Д. Бобоеваро дар масъалаи мавриди назар ба тарзи зерин менигарем:

1. Мунаққидони адабии фаронсавӣ, асосан маҳорати Айнии насрнависро қадр карда, реализми ӯро қайд карданд, фазилатҳои асарҳои ӯро дар инъикоси ҳаёти иҷтимоии халқҳои Осиёи Марказӣ кашф карданд. Корҳои мунаққидони адабии фаронсавӣ нишон медиҳад, ки принсипҳои эстетикии илми адабиётшиносии даврони онҳоро инъикос мекунанд [3, с. 10].

2. С. Бородин ва В. Вуано бар он ақидаанд, ки тарҷума аз тоҷикӣ ба фаронсавӣ анҷом дода шудааст. Аммо муқоисаи аслӣ бо тарҷумаи фаронсавӣ нишон медиҳад, ки варианти фаронсавӣ боз ҳам бештар ба матни асл монанд нест, балки бо тарҷумаи русии С. Бородин шабоҳат дорад [3, с. 13].

3. Асарҳои С. Айнӣ “Мактаби куҳна”, “Марги судхур”, “Ҷалоддони Бухоро” ва “Одина” на аз забони асл, балки аз матни русӣ ба забони фаронсавӣ тарҷума шудаанд. Тарҷумаҳои русии асарҳои “Мактаби куҳна” ва “Марги судхур” бадеӣ-реалистӣ буда, ба принсипҳои назарияи тарҷумаи бадеӣ ҷавобгӯ мебошанд. Тарҷумаи асарҳои “Ҷалоддони Бухоро” ва “Одина” камбудиҳои ҷиддӣ доранд ва тарҷумаҳои озоди асарҳои С. Айнӣ ба забони русӣ ба ҳисоб мераванд. Тарҷумаҳои ҳамаи асарҳои нависандаи тоҷик ба забони фаронсавӣ ба сарчашмаҳои ибтидоӣ мувофиқат мекунанд [3, с. 18]. Повестҳои “Марги судхур” ва “Ҷалоддони Бухоро” аз таҳрири аввали онҳо ба забони русӣ, сипас ба забони фаронсавӣ тарҷума шудаанд. Асарҳои С. Айнӣ “Ҷалоддони Бухоро” ва “Одина” аз тарҷумаҳои нопурра ва на он қадар дурусти русӣ ба забони фаронсавӣ тарҷума гардидаанд.

4. Таҳлили асарҳои мунаққидони адабии Фаронса дар бораи эҷодиёти С. Айнӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки назари муҳаққиқони фаронсавии нависандаи тоҷик бештар ба “Ёддоштҳо” ва “Марги судхур” ҷалб шудааст. Усули муқоисавӣ-типологӣ ба мунаққидони фаронсавӣ имкон дод, ки дар асарҳои “Марги судхур” ва “Ёддоштҳо” мавзуъ ва образҳо, персонажҳо ва ғояҳои асарҳои Рабле, Молйер ва Балзакро аз наздик бубинанд. Олимони фаронсавӣ аҳаммияти асарҳои С. Айниро ҳамчун манбаи боэътимод барои омӯзиши ҷомеаи Осиёи Марказӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX қайд карданд [3, с. 18-19].

Ин масъала ба зеҳни мо нақди иҷтимоӣ ва сохтори ҷомеашиносиро дар таҳқиқи давраи модернизм ба хотир меорад, ки бештар дар Аврупо мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифт.

5. То ба имрӯз ду китоби аввалини “Ёддоштҳо”, повести “Марги судхур”, “Мактаби куҳна”, “Ҷаллодони Бухоро”, “Одина” ва инчунин, “Марши озодӣ” ба забони фаронсавӣ тарҷума шудаанд. Ҳамаи тарҷумаҳо аз забони русӣ омадаанд. Дар забони фаронсавӣ тарҷумаи пурраи ин ё он асари насрии нависандаи тоҷик вуҷуд надорад, зеро манбаъҳои онҳо номукаммал буданд.

6. Тарҷумаҳои фаронсавии асарҳои С. Айниро тарҷумаҳои бадеии дуруст ҳисоб кардан мумкин аст, зеро онҳо шакл ва мундариҷаи аслии худро инъикос мекунанд. Аммо ин тарҷумаҳо, ба монанди манбаъҳо, матни нопурраи асарҳои Айниро шомиланд [3, с. 18-19]. Чунин вазъ дар ҳолест, ки нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири асарҳояш, бахусус “Одина”, “Марги судхур”, “Дохунда”, бузург буда, қиёсу бознигарии матни асарҳои таҳриршудааш аз масъулияту ҷиддияти шуғли муҳарририи устод Айнӣ дарак медиҳад [2, с. 7].

Образҳои шарқӣ, сюжетҳо, масалҳои таълимӣ, лирикаи форсӣ-тоҷикӣ ва образҳои бадеӣ ва мотивҳои наср ба адабиёти русӣ тавассути Ғарб ворид шудаанд. Маълум аст, ки аз асри XVIII аввалин тарҷумаи намунаҳои адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба забони русӣ тавассути забонҳои аврупоӣ амалӣ карда мешуд. Нақши забонҳои тоҷикӣ-русӣ, инчунин, саҳми адабиётшиносии тоҷик дар омӯзиши робитаҳои адабии ғарбӣ-шарқӣ баробар нест. Дар ин робита тадқиқоти Ш. Табаров, Т. М. Голс, Р. М. Сафиуллина, И. М. Маленкий, А. Р. Гейзер аҳаммияти махсус доранд [14, с. 19].

Хулоса, Айнӣ дар таҳқиқоти Бобоева Дилбар ҷойгоҳи махсусеро соҳиб буда, роҷеъ ба ин масъала аз ҷониби мазкур зери унвони “Садриддин Айнӣ ва адабиёти Фаронса” диссертатсияи номзадӣ таълиф шудааст. Масъалаи робитаҳои адабиёти Шарқу Ғарбро ҳамчун яке аз масоили муҳимми адабӣ арзёбӣ намуда, дар кори хеш оид ба ин масъала маълумоти кофӣ пешниҳод намудааст.

Адабиёт

1. *Айнӣ, С. Одина / С. Айнӣ. – Душанбе, 2014. – 192 с.*
2. *Алиева, Ҷ. Ф. Нақши С. Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ. дисс. ...ном. илм. филологӣ / Ҷ. Ф. Алиева. – Душанбе, 2024. – 167 с.*
3. *Бабаева, Д. Х. Садриддин Айни и французская литература : дисс. ...канд. филол. наук. / Д. Х. Бабаева – Душанбе, 1996. – 181 с.*
4. *Зимняя, И. А. Психологический анализ перевода как специфического вида речевой деятельности // Теория перевода и научные основы подготовки переводчиков. Т.1. / И. А. Зимняя. – Москва, 1975. – 222 с.*
5. *Курочкин, Василий. Марсельеза // Стихотворения / В. С. Курочкин. – Москва, Ленинград: 1934. – 624 с.*
6. *Комиссаров, В. Н. Теория перевода / В. Н. Комиссаров. – Москва: Высшая школа. 1990. – 253 с.*
7. *Мухторов, Ш. Мақолот / Ш. Мухторов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 244 с.*
8. *Мухторов, Ш. Адабиёти тоҷик дар Франсия / Ш. Мухторов. – Душанбе: Ирфон 1985.– 159 с.*
9. *Маҳмадов, Ҷ. Мақоми устод Садриддин Айнӣ дар таҳқиқоти донишмандони Фаронса / Ҷ. Маҳмадов, С. Султонов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии «Проблемаҳои филологияи муосир ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактаби олӣ». Ҷилди 1. – Душанбе, 2015. – С. 165-170.*
10. *Одилова, З. О. Таҳлили ибораҳои рехтаи повести "Мактаби куҳна"-и Садриддин Айнӣ дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва франсавӣ / З. О. Одилова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. – № 3-2 (64) – С. 81-84.*
11. *Оноре, де Балзак. Гобсек / О. Балзак (тарҷумаи Х. Айнӣ); – Сталинобод: НДТ, 1955. – 163 с.*
12. *Табаров, С. С. Айнӣ ва тарҷимаи «Қамар»-и Фердинанд Дюшен / С. Табаров // Ҷашнномаи Айнӣ. – Душанбе, 1963. – С. 46-116.*
13. *Rouget de Lisle, Claude Joseph. Chant de guerre pour l'Armée du Rhin // Rouget de Lisle. – Strasbourg: Imprimèrie de Strasbourg, 1792. – P. 1-4.*
14. *Toxirova Sarvinoz Xusenovna, Sadriddin Ayniy asarlarining yevropa adabiyotiga ta'siri va tarjimasi. Avtoreferati / S. Toxirova. – Bukhara. – 2024. – 48 с.*

АЙНӢ ВА АДАБИЁТИ ФАРОНСА ДАР ТАҲҚИҚИ БОБОЕВА ДИЛБАР ҲАБИБҶОНОВНА

Таҳқиқоти Бобоева Дилбар дар алоқа ба робитаҳои эҷодии Садриддин Айнӣ бо адабиёти Фаронса дар адабиётшиносии тоҷик аз ҷиҳати назарӣ ва амалӣ аҳаммияти махсус дорад. Ӯ нишон медиҳад, ки ҷаҳонбинии адабии Айнӣ дар мутолиаи осори нависандагони бузурги Фаронса, аз ҷумла, Виктор Гюго, Оноре де Балзак, Жан Жак Руссо ва дигар намояндагони романтизму реализм шакл гирифтааст. Дар таҳқиқи худ Бобоева Д. робитаҳои услубӣ ва жанрии асарҳои Айнӣ бо адабиёти Фаронсаро бо усулҳои муқоисавӣ баррасӣ намудааст. Ӯ собит намудааст, ки таъсири адабиёти фаронсавӣ дар ташаккули навқаламон ва баъдан дар рушди реализми Айнӣ нақши назаррасе бозидааст. Хусусан, қиёси иҷтимоӣ, бадеӣ ва услуби тасвир нишон медиҳад, ки Айнӣ аз таҷрибаи мактаби реализми Оноре де Балзак, Ги де Мопассан, Эмил Зола илҳом гирифтааст. Дар ин пажӯҳиш муаллифи мақола масъалаи шиносоии Айнӣ бо анъанаҳои адабиёти Аврупо, хусусан адабиёти Фаронсро дар заминаи равандҳои адабии нимаи аввали асри ХХ мавриди таҳлил қарор медиҳад. Муаллиф нишон медиҳад, ки гарчанде Садриддин Айнӣ бевосита ба муҳити адабии Фаронса ворид нашуда бошад ҳам аммо тавассути тарҷумаҳо бо осори намояндагони барҷастаи адабиёти адибони фаронсавӣ ошноӣ пайдо кардааст. Таҳқиқоти Бобоева Д. саҳми арзандае дар омӯзиши равобити адабии тоҷик ва Аврупо буда, барои фаҳмиши амиқтари ҷойгоҳи Садриддин Айнӣ дар адабиёти ҷаҳонӣ аҳаммияти илмӣ ва назаррас дорад.

Калидвожаҳо: робитаҳои адабӣ, адибони Фаронса, тарҷума, адабиёти Фаронса, муқоиса, мувофиқат.

АЙНИ И ФРАНЦУЗСКАЯ ЛИТЕРАТУРА В ИССЛЕДОВАНИИ БОБОЕВОЙ ДИЛБАР ХАБИБДЖОНОВНЫ

Исследование Бобоевой Дилбар о творческой связи Садриддина Айни с французской литературой имеет особое теоретическое и практическое значение в таджикском литературоведении. Она показывает, что литературное мировоззрение Айни формировалось под влиянием произведений великих французских писателей, включая Виктора Гюго, Оноре де Бальзака, Жан-Жака Руссо и других представителей романтизма и реализма. В своем исследовании Бобоева Д. сравнительным методом изучила стилистические и жанровые связи произведений Айни с французской литературой. Она доказала, что влияние французской литературы сыграло значительную роль в формировании поэта, в впоследствии и в развитии реализма Айни. В частности, социальные, художественные и

изобразительные сравнения показывают, что Айни происходит из вдохновленная опытам школы реализма Оноре де Бальзака, Ги де Мопассана и Эмиля Золя в данной работе автор анализирует вопрос знакомства Айни с традициями европейской литературы, особенно французской, в контексте литературных процессов первой половины XX века. Автор показывает, что хотя Садриддин Айни не вошел непосредственно во французскую литературную среду, он познакомился с произведения видных представителей французской литературы через переводы. Иследование Д. Бобоевой является ценным вкладом в изучение таджикско-европейских литературных связей и имеет важное научно-практическое значение для более глубокого понимания места Садриддина Айни в мировой литературе.

Ключевые слова: литературные связи, французские писатели, Французская литература, сравнение, совместимость

AYNI AND FRENCHE LITERATURE IN THE RESEARCH OF DILBAR BOBOEVA KHABIBJONOVNA

Dilbar Boboeva's study of Sadriddin Ayni's creative connection with French literature has theoretical and practical significance in tajik literary studies. She demonstrates that Ayni's literary worldview was shaped by the works of great French writers, including Victor Hugo, Honore de Balzac, Jean-Jacques Rousseau and other representatives of romanticism and realism. In her study, D. Boboeva used a comparative method to examine the stylistic and genre connections between Ayni's works and French literature. She demonstrated that the influence of French literature played a significant role in the poet's development and subsequently in the development of Ayni's realism. Particular, social, artistic and pictorial comparisons show that Ayni originates from a school of realism inspired by the experiences of Honore de Balzac, Guy de Maupassant and Emile Zola. In this work the author analyzes Ayni's acquaintance with the traditions of European literature, especially French in the context of literary processes in the firs half of the 20th century. The author demonstrates that although Sadriddin Ayni was directly involved in not included in the French literary environment, he became acquainted with the works of prominent figures of French literature through translations. D. Boboeva's research is a valuable contribution to the study of Tajik-European literary ties and has important scientific and practical significance for a deeper understanding of Sadriddin Ayni's place in world literature.

Keywords: literary connections, French writers, French literature, comparison, compatibility.

Дар бораи муаллиф
Одилова Зайнура Обидовна
Ассистенти кафедраи забони франсавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: fransugenka89@mail.ru

About the author
Odilova Zaynura Obidovna
Assistant of French language Department
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: fransugenka89@mail.ru

Об авторе
Одилова Зайнура Обидовна
Ассистент кафедры французского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: fransugenka89@mail.ru

УДК 81′25:81′38

СОВРЕМЕННЫЕ ПОДХОДЫ К ПОНЯТИЮ ПЕРЕВОДА И КЛАССИФИКАЦИЯ ПЕРЕВОДЧЕСКИХ ТРАНСФОРМАЦИЙ: ПРИЧИНЫ ИХ ПРИМЕНЕНИЯ И ОСНОВНЫЕ ТИПЫ

Юсупова А. С.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Перевод художественного текста – сложный, интеллектуально и творчески насыщенный процесс, в котором содержание оригинального текста передаётся на другом языке в максимально эквивалентной и понятной форме. Помимо того, что переводчик должен иметь хорошие фоновые знания по литературе, лингвистике, культурологи и другим сферам, в его задачу входит: правильно передать смысл, сохранить стиль, эмоциональную окраску и культурную уникальность произведения, т.е. важно, чтобы текст оставался цельным и не терял своего художественного воздействия.

Невозможно передать мысль оригинала адекватно, не используя какие – либо трансформации, так как буквальный, дословный перевод далеко не всегда оказывается удачным, ведь языки и культуры часто сильно различаются. Просто передать слова — недостаточно: нужно передать всё, что стоит за ними — настроение, интонацию, подтекст. Именно поэтому переводчику приходится идти на определённые преобразования текста, чтобы сделать его живым и понятным в новом культурном контексте.

Под *адекватностью перевода* сегодня понимают не только точность передачи смысла, но и сохранение стиля, эмоциональной выразительности и культурной уместности. Современные исследования в области перевода подчёркивают, что одной из главных задач остаётся сохранение цельности художественного текста. Это требует не шаблонных решений, а продуманного, многогранного подхода.

Здесь на помощь приходят *переводческие трансформации* — осознанные изменения, которые применяет переводчик, чтобы преодолеть различия между языками и культурами. С их помощью можно устранить лексические, грамматические и стилистические расхождения, при этом сохранив смысл, образность и общее впечатление от текста. Такие трансформации не разрушают оригинал, а, наоборот, помогают сохранить его глубину и эстетику.

Классическая теория переводческих трансформаций разработана такими исследователями, как Л. С. Бархударов, В. Г. Гак, Я. И. Рецкер, В. Н. Комиссаров, А. Д. Швейцер и др. Несмотря на некоторые различия в их подходах, все они сходятся во мнении: качественный перевод невозможен без творческой переработки текста.

По В. Н. Комиссарову существуют трансформации: «фонетические (транскрибирование, транслитерация), лексико-семантические (конкретизация, генерализация, модуляция), грамматические (замена форм, частей речи, перестройка синтаксиса), лексико-грамматические (антонимический перевод, экспликация, компенсация), а также технические приёмы (добавление, опущение, перестановка)» [9]. Похожую систему предлагает и Л. С. Бархударов, делая акцент на том, что все эти приёмы тесно связаны и чаще всего используются в комплексе [4, с. 189].

Каждая трансформация выбирается в зависимости от особенностей конкретного текста и языковой ситуации. Например, как утверждают ученые, транслитерация и транскрибирование часто применяются при передаче имён собственных, географических названий и терминов, чтобы сохранить узнаваемость и культурные особенности. *Такие трансформации*, как конкретизация и генерализация используются для адаптирования реалий к новой культуре; компенсация же восполняет «смысловые или стилистические потери, возникшие из-за различий между языками» [1].

Наибольший эффект даёт не отдельное применение трансформаций, а их продуманный комплекс. Взаимодействуя между собой, они помогают не только точно передать смысл оригинала, но и сохранить авторский стиль, передать атмосферу и культурную уникальность текста. Такой подход делает перевод максимально близким к оригиналу — по глубине, настроению и художественному воздействию.

Переводческие трансформации — это важный и универсальный инструмент, который помогает сделать художественный перевод точным и выразительным. Чтобы сохранить замысел автора и при этом адаптировать текст для читателей на другом языке, переводчику нужно не только хорошо владеть языками и разбираться в культурах, но и проявлять творческий подход и профессионализм.

В художественном переводе особенно важно сохранить целостность мира, созданного автором. Переводчик должен передать не только сюжет и стиль, но и атмосферу, образы, настроения — всё, что делает произведение уникальным. Для этого используются переводческие трансформации — приёмы, которые помогают сохранить смысл, структуру и эмоциональное воздействие оригинала. Они позволяют адаптировать текст так, чтобы он звучал естественно на другом языке и был понятен читателям другой культуры, не теряя при этом глубины и художественной ценности. Именно в этом и заключается искусство перевода — в умении соединить верность оригиналу с доступностью и выразительностью для новой аудитории.

Р. К. Миньяр-Белоручев справедливо считает трансформации, как «суть профессии переводчика» [17, с. 58], благодаря которым переводчиком достигает адекватности в переводе художественного текста на другой язык.

Переводчику художественного текста необходимо быть не только хорошим лингвистом, но и уметь передавать эмоциональную атмосферу, авторский стиль и культурные нюансы. В этом контексте трансформация становится важным инструментом, позволяющим адаптировать текст таким образом, чтобы сохранить его художественную ценность и одновременно обеспечить его восприятие целевой аудиторией.

В научной литературе термин «переводческие трансформации» трактуют по-разному, к примеру, Р.К. Миньяр-Белоручев классифицирует их на «лексические, грамматические и семантические» и подчеркивает, что: «Эти преобразования касаются не только формы, но и смысла текста, при этом они не должны нарушать функционального назначения компонентов» [16]. Я.И. Рецкер говорит о переводе как о «выборе логически оправданного соответствия при отсутствии прямого эквивалента» и подразделяет трансформации на грамматические и лексические [22]. В.Н. Комиссаров считает, что трансформации – это «переводческие приёмы, обеспечивающие переход от единиц исходного языка к единицам языка перевода, если прямое соответствие отсутствует или не может быть использовано» [9 с. 170], Л.С. Бархударов относится к ним как к «межъязыковым преобразованиям, заключающимся в формальном или семантическом изменении структуры оригинального текста для достижения эквивалентности» и выделяет следующие типы трансформаций: «перестановки, замены, добавления и опущения» [4].

А.Д. Швейцер дополняет, что трансформация необходима в том случае, когда «необходимо передать содержание и стилистическую функцию» [23]. Л.К. Латышев считает, что трансформации выравнивают разницу между «семантической точностью и функциональной адекватностью» [13].

Также Т.Р. Левицкая и А.М. Фитерман выделяют три основных типа трансформаций — «лексические, грамматические и стилистические, отмечая, что последняя группа особенно актуальна при переводе художественных текстов» [15, с. 88], в то время как Р. К. Миньяр-Белоручев различает «лексические, грамматические и семантические трансформации» [17, с. 201]. В свою очередь, классификация В. Н. Комиссарова включает три основные категории трансформаций: «лексические, грамматические и комплексные» [9, с. 170]. Л. С. Бархударов, в свою очередь, делит все переводческие трансформации на четыре основных типа: перестановки, замены, добавления и опущения. При этом он подчеркивает, что эти виды трансформаций редко встречаются в чистом виде, а чаще проявляются в сочетаниях, образующих сложные (комплексные) трансформации [4, с. 189]. Следует отметить, что наличие комплексных трансформаций, о котором упоминают многие исследователи, является одной из причин, затрудняющих разработку единой классификации.

Л.С. Бархударов утверждает, что «переводческие трансформации необходимы для достижения переводческой эквивалентности. Это связано с различиями в формальных и семантических системах языков, что требует от переводчика способности к разнообразным межъязыковым преобразованиям, чтобы текст перевода максимально полно передавал информацию оригинала и соблюдал нормы языка перевода» [4].

Н.К. Гарбовский подчеркивает, что «переводческие трансформации являются неотъемлемой частью процесса перевода из-за асимметричности языковых систем» [6]. Однако в некоторых случаях могут существовать «зоны» полного совпадения значений, где трансформации не требуются.

И.Я. Рецкер отмечает, что «лексическая трансформация заключается в замене лексической единицы на слово или словосочетание с иной внутренней формой, соответствующей контексту. Грамматические трансформации, в свою очередь, применяются для изменения структуры предложения в соответствии с нормами языка перевода» [22].

Переводческие трансформации помогают сделать перевод адекватным.

Л.С. Бархударов выделяет четыре типа трансформаций: «1) перестановка; 2) замена; 3) добавление; 4) опущение. Он рассматривает переводческие трансформации как приемы, включая конкретизацию как один из типов лексических замен» [4].

З.Д. Львовская также выделяет четыре типа трансформаций, но делит замены на более специфические категории, такие как «замены общего типа, замены значения предложения и другие».

В.Г. Гак обобщает типы трансформаций, выделяя «перемещение, замену, добавление и опущение в один пункт» [5].

В.Н. Комиссаров предлагает иной подход, разделяя трансформации на «лексические, грамматические и лексико-грамматические» [10]. Он выделяет «формальные преобразования и лексико-семантические замены как лексические трансформации, а среди грамматических трансформаций упоминает дословный перевод и членение предложений» [10].

Я.И. Рецкер сводит все виды трансформаций к двум основным типам: «лексическим и грамматическим» [22].

Каждая из этих систем фокусируется на определённых аспектах изменений — будь то лексические, грамматические или семантические трансформации — и подчеркивает многообразие подходов к анализу переводческих операций. Интересно, как эти теории взаимодействуют друг с другом: например, выделение лексических и грамматических трансформаций у Я.И. Рецкера сочетается с семантическими и синтаксическими аспектами у А. Д. Швейцера [23], а подход Л.К. Латышева [14] добавляет уровень структурных операций. В целом, можно сказать, что изучение этих классификаций — как путешествие в глубины языковых структур, где каждая теория — это словно карта с уникальными маршрутами. Понимание этих трансформаций — это словно способность художника менять краски и оттенки на холсте, создавая уникальную картину перевода, которая точно передает смысл оригинала, несмотря на видимые преобразования.

Вид трансформации – перестановка «может касаться слов, словосочетаний, частей сложного предложения или даже самостоятельных предложений» [4].

В своей классификации Бархударов указывает на такие виды замен, как «замены форм слова, части речи, членов предложения, синтаксические замены в сложных предложениях и лексические замены, такие как конкретизация, генерализация и замена, основанная на причинно-следственных связях» [4, с. 239].

Отдельно Бархударов рассматривает такие приёмы, как антонимический перевод, при котором утверждение заменяется на отрицание с использованием антонима, а также компенсацию — передачу информации с помощью добавочных средств в случаях отсутствия прямых эквивалентов в языке перевода.

Добавление восполняет опущенные отрезки и слова, оно вносит необходимые элементы при перестройке синтаксической структуры предложения в языке перевода.

Опущение, напротив, трактуется Бархударовым как исключение из перевода семантически избыточных элементов, значения которых легко восстанавливаются из контекста. Этот приём, по его наблюдениям, часто применяется при передаче парных синонимов.

Таким образом, классификация переводческих трансформаций, предложенная Л. С. Бархударовым, представляет собой эффективный подход к анализу перевода и направлена на обеспечение адекватной передачи смысла между языками.

В то же время критический взгляд на данную классификацию подчёркивает её в определённой степени упрощённый характер, что свидетельствует о необходимости дальнейшего развития и уточнения подходов к описанию переводческих трансформаций.

В реальном процессе перевода границы между различными типами трансформаций зачастую размыты, и одна и та же операция может быть интерпретирована по-разному в зависимости от угла зрения. Тем не менее, ценность этой классификации заключается в том, что она предлагает отправную точку для анализа переводческих решений и помогает выявить основные закономерности и тенденции в процессе межъязыковой коммуникации.

Современные исследования в области перевода расширяют классификацию Бархударова – они учитывают когнитивные аспекты процесса перевода и вводят новые категории [4]. Особое внимание уделяется роли переводчика как активного участника коммуникации, принимающего решения на основе своего лингвистического и культурного опыта. В конечном итоге, классификация переводческих трансформаций Л.С. Бархударова остается важным инструментом в арсенале переводчика и исследователя, позволяющим систематизировать и анализировать процесс передачи смысла между языками, несмотря на его сложность и многогранность.

Проблематика переводческих трансформаций остается одной из ключевых в современной теории и практике художественного перевода. Как показал анализ, перевод — это не механическая операция по замене слов одного языка на слова другого, а сложный и многоуровневый процесс, включающий адаптацию смысла, формы, стиля и культурных реалий. Особое значение в этом процессе приобретают переводческие трансформации — осознанные преобразования, призванные обеспечить адекватность и эквивалентность перевода, несмотря на асимметрию языковых систем.

Перевод художественного текста требует от переводчика высокого уровня профессиональной подготовки, культурной компетенции и творческого подхода. В таких условиях трансформации становятся не просто техническим приёмом, а частью художественного мышления переводчика, инструментом, позволяющим сохранить художественную цельность, эмоциональную выразительность и эстетическую ценность произведения.

Таким образом, переводческие трансформации — это не нарушение оригинала, а средство его глубокого воссоздания на другом языке. Понимание природы этих преобразований, их типов и функций помогает переводчику не только решать лингвистические задачи, но и формировать полноценный художественный образ произведения в сознании новой аудитории.

Литература

1. *Александрова Т.В., Лазовская Н.В. Применение лексико-семантических трансформаций при переводе юридических текстов с английского языка на русский // Журнал «Язык науки и профессиональной коммуникации». – 2022. – № 01(6). – С. 6-16.*
2. *Ашури, Т.Т. Трансформации в переводе романа «Фирдоуси» С. Улугзода на русский // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. -2021, С. 100 -108.*
3. *Ашури, Т.Т. Роль словаря в работе переводчика / Тахмина Тахсинзода Ашури // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук - 2021. - № 2. - С. 101-108.*
4. *Бархударов, Л.С. Язык и перевод. – М.: Международные отношения, 1975. – 237 с.*
5. *Гак, В.Г. Языковые преобразования – М.: Языки русской культуры, 1998. – 768 с.*
6. *Гарбовский, Н.К. Теория перевода: Учебник. – М.: Изд-во Моск. Унта, 2004. – 544 с.*
7. *Денина, О. О. Использование переводческих трансформаций для достижения адекватности перевода // Вестник ОГУ. 2015. №11 (186).*
8. *Ильяшова, Т. И. Перевод как продукт и процесс двуязычной речевой деятельности // Евразийский форум. 2014. №1.*
9. *Комиссаров, В.Н. Теория перевода. – М.: Высшая школа, 1990. – 254 с.*
10. *Комиссаров В.Н. Современное переводоведение. – М.: ЭТС, 2002. – 424 с.*
11. *Кулемина, К. В. Основные виды переводческих трансформаций // Нефтегазовые технологии и экологическая безопасность. 2007. №5.*
12. *Латышев, Л. К., Северова, Н. Ю. Современные проблемы общей теории перевода // Вестник БГУ. 2017. №1 (31).*
13. *Латышев Л.К. Межъязыковые трансформации как средство достижения переводческой эквивалентности. // Семантико-синтаксические проблемы теории языка и перевода. М., 1986, 107 с.*

14. *Латышев Л.К. Технология перевода. – М.: НВИ - ТЕЗАУРУС, 2000. – 280 с.*
15. *Левицкая, Т.Р., Фитерман, А.М. Проблемы перевода (англ.яз.). – М.: Международные отношения, 1976. – 205 с., с. 88.*
16. *Миньяр-Белоручев, Р.К. Теория и методы перевода. М.: Московский лицей, 1996, 190 с.*
17. *Миньяр-Белоручев, Р.К. Общая теория перевода и устный перевод. М.: Воениздат, 1980. – 297 с.*
18. *Мурувватиён, Дж. Дж. Роль перевода в развитии жанров и стилей в таджикской прозе 1930-1980-х гг.: анализ и перспективы / Дж. Дж. Мурувватиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2024. - № 8, С. 254 – 264.*
19. *Мурувватиён, С. Ш. Об автобиографическом жанре как объекте лингвистического исследования / Сабрина Шерали-Хан Мурувватиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2024. - № 6, С. 168 – 176.*
20. *Мурувватиён, С.Ш. Лингвопоэтический анализ художественного текста: специфика и методы / Сабрина Шерали – Хан Мурувватиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2024. - № 8, С. 98 – 106.*
21. *Парфенова, Д. И. Основные этапы и механизм процесса перевода // Огарёв-Online. 2017. №10 (99).*
22. *Рецкер, Я.И. Теория перевода и переводческая практика. М.: Международные отношения, 1974, 216 с.*
23. *Швейцер, А. Д. Теория перевода: Статус, проблемы, аспекты / А. Д. Швейцер – М.: Наука, 1988. – 215 с.*

СОВРЕМЕННЫЕ ПОДХОДЫ К ПОНЯТИЮ ПЕРЕВОДА И КЛАССИФИКАЦИЯ ПЕРЕВОДЧЕСКИХ ТРАНСФОРМАЦИЙ: ПРИЧИНЫ ИХ ПРИМЕНЕНИЯ И ОСНОВНЫЕ ТИПЫ

Статья посвящена вопросам перевода художественной литературы, особое внимание уделяется переводческим трансформациям — осознанным преобразованиям, направленным на сохранение смысловой, стилистической и эмоциональной эквивалентности оригинала. На примере романа Саттора Турсуна «Три дня одной весны» рассматривается роль трансформаций в передаче авторского стиля и культурных реалий таджикской литературы. Современные подходы к переводу подчеркивают необходимость комплексного использования различных типов трансформаций, включая лексические, грамматические, лексико-грамматические, а также добавления, опущения, перестановки и замены. Ведущие исследователи (Л.С. Бархударов, В.Н. Комиссаров, Я.И. Рецкер, А.Д. Швейцер и др.) предлагают разные классификации, отражающие многообразие переводческих стратегий. Преодоление различий между языками требует гибкого, творческого подхода, при котором перевод становится не просто языковым действием, а художественной интерпретацией оригинала. Цель работы — обосновать важность переводческих трансформаций как ключевого инструмента, позволяющего сохранить художественную ценность и культурную идентичность произведения при адаптации для иноязычного читателя.

Ключевые слова: перевод, переводческие трансформации, преобразование текста, русский язык, таджикский язык, художественный перевод.

МУНОСИБАТҲОИ МУОСИР БА МАФҲУМИ ТАРҶУМА ВА ТАСНИФОТИ ТАБДИЛОТИ ТАРҶУМАВӢ: САБАБҲОИ ТАТБИҚИ ОНҲО ВА НАМУДҲОИ АСОСӢ

Мақолаи мазкур ба масъалаҳои тарҷумаи адабиёти бадеӣ бахшида шудааст. Таваҷҷуҳи махсус ба табдилоти (трансформатсияҳои) тарҷумавӣ - тағйироти огоҳонае равона шудааст, ки ба ҳифзи муодилнокии маъноӣ, услубӣ ва эҳсосии матни аслӣ нигаронида шудаанд. Дар мисоли романи Саттор Турсун «Се рӯзи як баҳор» нақши табдилот дар интиқоли сабки муаллиф ва воқеиятҳои фарҳангии адабиёти тоҷикӣ баррасӣ мегардад. Муносибатҳои муосир ба тарҷума зарурати истифодаи ҳамаҷонибаи намудҳои гуногуни табдилотро, аз ҷумла луғавӣ, грамматикӣ, луғавӣ-грамматикӣ, инчунин изофакунӣ, ҳазф, ҷойивазкунӣ ва ивазкуниро таъкид мекунанд. Муҳаққиқони номвар (Л.С. Бархударов, В.Н. Комиссаров, Я.И. Ретскер, А.Д. Швейтсер ва дигарон) таснифоти гуногунро пешниҳод мекунанд, ки гуногунрангии стратегияҳои тарҷумавиро инъикос менамоянд. Бартараф кардани фарқиятҳои байни забонҳо равиши чандир ва эҷодиро талаб мекунад, ки дар он тарҷума на танҳо амали забонӣ, балки тафсири бадеии матни аслӣ мегардад. Ҳадафи кор - асоснок кардани аҳаммияти табдилоти тарҷумавӣ ҳамчун воситаи калидӣ, ки имкон медиҳад арзиши бадеӣ ва ҳувияти фарҳангии асар ҳангоми мутобиқсозӣ барои хонандаи хориҷӣ ҳифз карда шавад.

Калидвожаҳо: тарҷума, табдилоти тарҷумавӣ, тағйири матн, забони русӣ, забони тоҷикӣ, тарҷумаи бадеӣ.

MODERN APPROACHES TO THE CONCEPT OF TRANSLATION AND THE CLASSIFICATION OF TRANSLATION TRANSFORMATIONS: THE REASONS FOR THEIR APPLICATION AND MAIN TYPES

Translation of fiction is a complex process that requires not only language proficiency but also a deep understanding of the cultural context. Particular attention is paid to translation transformations — conscious changes aimed at preserving the semantic, stylistic and emotional equivalence of the original. Using the example of Sattor Tursun's novel “Three Days of One Spring”, the role of transformations in conveying the author's style and cultural realities of Tajik literature is considered. Modern approaches to translation emphasize the need for a comprehensive use of various types of transformations, including lexical, grammatical, lexical-grammatical, as well as additions, omissions, rearrangements and substitutions. Leading researchers (L.S. Barkhudarov, V.N. Komissarov, Ya.I. Retsker, A.D. Schweitzer and others) offer different classifications reflecting the diversity of translation strategies. Overcoming differences between languages requires a flexible, creative approach, in which translation becomes not just a linguistic act, but an artistic interpretation of the original. The purpose of the work is to substantiate the importance of translation transformations as a key tool that allows preserving the artistic value and cultural identity of a work when adapting it for a foreign-language reader.

Keywords: translation, translation transformations, text transformation, Russian language, Tajik language, literary translation.

Об авторе
Юсупова Адиба Салохидиновна
Ассистент общеуниверситетской кафедры русского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: adibaadibajonvij.1983@gmail.com

About the author
Yusupova Adiba Salohidinovna
Assistant Lecturer at the General University Department of Russian Language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: adibaadibajonvij.1983@gmail.com

Дар бораи муаллиф
Юсупова Адиба Салоҳидиновна
Ассистенти кафедраи забони русии умумидонишгоҳӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: adibaadibajonvij.1983@gmail.com

ТДУ 891.550

ТАСВИРИ «БОДИ САБО» ДАР АШЪОРИ АБУАБДУЛЛОҲИ РЎДАКӢ

Забирова М. Э.
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Дар адабиёти беш аз ҳазорсолаи форсӣ-тоҷикӣ тасвири табиат мақоми хос дорад, зеро мавзуи тасвири инсони эҷодкор, алалхусус шоир, пеш аз ҳама табиат аст. Шоир вобаста ба эҳсос ва қудрати зебоишиносиаш ашёи табиатро дар кӯраи тахайюлоташ акс намуда, онро бо сурати зеботару хубтар ба тасвир меоварад. Бино ба қавли Э.Е. Шаталов, «тасаввуроти инсонро табиат возеҳу барҷаста месозад» [12, с. 66]. Инсон бо табиат робитаи ногусастанӣ дорад ва бидуни табиат вуҷуд дошта наметавонад. Инсони эҷодкор, пеш аз ҳама, аз табиат ва муҳити иҳоданамудааш илҳом мегирад. Чигунагии тарзи тасвир ба маҳорат ва ҳунари шоир вобаста аст. Мунаққиди бузурги рус В.Г. Белинский бар он андеша аст, ки «даҳои адабӣ чӣ қадар бузург бошад, ӯ табиатро ҳамон андоза мукаммалу возеҳ ба тасвир меоварад ва робитаи устувори ӯро бо ҳаёт таъйин менамояд» [2, с. 70]. Дар адабиёти мо, то он ҷое, ки хабар дорем, беш аз сӣ ҳазор шоири соҳибдевон арзи ҳастӣ кардаанд ва дар ашъори ҳар яке аз ин шуаро метавон тасвири табиатро мушоҳида намуд Аз ин сабаб аст, ки тасвири табиат дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз ибтидо, аз бунёдгузори адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ – Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз мешавад.

Тасвири табиат дар осори бозмондаи устод Рӯдакӣ мавқеи босазо дорад. Академик Абдулғанӣ Мирзоев дар асари арзишманди худ «Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» дар баробари баррасии масъалаҳои рӯзгор ва осори шоир доир ба ба мавзуи зикршуда менависад: «Ашъори ба тасвири баҳор бахшидаи Рӯдакиро мумкин аст дар қатори беҳтарин ашъори васфии шоир дохил кард. Ҳамон навъе, ки манзараҳои табиат ва обу ҳавои ҳар як мамлакат дар афкору хаёлоти сухансароёни он сарзамин намондааст, табиати зебои Мовароуннаҳр, таровату хуррамиҳои баҳоронаи он мавзуи асосии ашъори Рӯдакиро ташкил додаанд» [6, с. 66]. Бояд зикр кард, ки устод Рӯдакӣ ва шуарои ҳамасраш, ки дар оғози адабиёти форсии тоҷикӣ қарор доштанд, тасвироту ташбеҳот ва истиороти онҳо ҳама табиӣ буда, ба зеҳни хонанда наздиканд. Яке аз вижагиҳои асосии шеъри асри Х пайванди шеър бо табиат аст, ки Рӯдакӣ ва шоирони дигари ин аср бо мавзуоте сарукор доштанд, ки пеш аз онҳо суруда нашуда буд ва табиати биҳиштосои Мовароуннаҳру Хуросон беш аз ҳама мавриди таваҷҷуҳи ин суханварон қарор гирифтааст. Яке аз унсурҳои табиӣ, ки ҳангоми тасвири табиат дар ашъори шоирони ин аҳд вомехӯрад, тасвири «боди сабо» мебошад, ки бо номҳои бод, насим, насими саҳар, насими бомдод, боди бомдодӣ ва ғайра ёд мешавад. Қобили зикр аст, ки калимаи «сабо»-ро ҳам муаллифони фарҳангу луғоти асримиёнагӣ ва ҳам муосир шарҳу тавзеҳ додаанд. Муаллифони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар шарҳи ин калима менависанд: «Сабо – боде, ки аз тарафи Шарқ мевазад; шамоли форам, насими салқин» [10, с. 164]. Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ дар «Ғиёс-ул-луғот» менависад: «Сабо - боде, ки аз тарафи Машриқ вазад, баъзе гуфта, ки боди Машриқе, ки дар айёми баҳор вазад» [8, с. 4). Муаллифи рисолаи «Кашшоф истилоҳот-ул-фунун» оварда, ки «сабо боде, ки аз тарафи Машриқ ояд дар фасли баҳор, ба вақти субҳ мевазад, боди латифу хунук аст, насими хуш дорад ва гулҳо аз он бишкуфанд ва ошиқон роз бо ӯ гӯянд [11, с. 118]. Муҳаммади Истеъломӣ дар китоби «Дарси Ҳофиз» «сабо»-ро ба маънии боди баҳор, боде, ки аз шимол мевазад ва боде, ки субҳ аз Машриқ меояд таъриф кардаанд ва маъқултарин таърифи он боди латифи баҳорӣ аст, ки дар ғазали форсӣ ҳам қосиди ошиқ аст» [5, с. 86]. Аз миёни шарҳҳои зиёде, ки донишмандон доир ба *сабо* ва нақши он дар шеъри форсии тоҷикӣ навиштаанд, навиштаҳои Тақии Пурномдорён ва Саиди Ҳамидиён ҷолиби таваҷҷуҳ ва муфассал аст. Тақии Пурномдорён дар китоби «Гумгаштаи лаби дарё» менависад: «Боди сабо бодест, ки аз ҷониби Машриқ меояд ва маъмулан хунуку латиф асту сабаби сарсабзию хуррамӣ мешавад [7, с. 374]. Тасвире аз «боди сабо»-ро ҳадақал дар қадимтарин доиратулмаорифи форсӣ «Нузҳатномаи Алоӣ» дар даст дорем, ба вазиши он дар субҳ ҳам ишора кардаанд. Дар адаби форсӣ низ сабо ҳамеша боди хушу фараҳбахш тасвир шудааст ва бо маъшуқ, ки аз назари ошиқ мазҳари лутфу зебоист, иртиботи наздик дорад ва ба ҳамин сабаб пайки миёни ошиқу маъшуқ аст.

Боди сабо бо унвонҳои гуногун аз ибтидои адабиёти форсии тоҷикӣ то кунун дар ашъори шоирон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз шарҳу тафсири муаллифони фарҳангу луғатҳо бармеояд, ки *сабо* бодест, ки субҳ дар вақти тулуи офтоб, ҳангоми баҳор аз ҷониби

Машриқ мевазад, насими хушу латиф дорад ва сабаби сарсабзиву хуррамӣ мешавад, гулҳо маҳз бо вазидани ӯ мешукуфанд. Дар тасвири Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ *боди сабо*, пеш аз ҳама, ба сифати падидаи табиати муъҷизакор аст, ки ҳангоми баҳор мевазад ва «олами пирро ҷавон» мекунад:

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,
Бо сад ҳазор нузҳату оройиши аҷиб.
Шояд, ки марди пир бад - ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ бадил ёфт шабоб аз пайи машиб.
Чархи бузургвор яке лашкаре бикард,
Лашкар-ш – абри тираву боди сабо – нақиб [9, с. 61].

Ҳангоме ки шоир шеър меофарад, бино ба гуфтаи Ризо Бароҳанӣ, «пулеро мемонад, ки аз як сӯйи он маводи хоми табиат ҷараён меёбад ва аз сӯйи дигари он махлуқоти шеърӣ ва ё шоир ҳукми он корхонаеро дорад, ки дар коргоҳи зеҳни худ ба ашё шакли инсонӣ мебахшад [1, с. 5]. Дар абёти болои устод Рӯдакӣ ба мисли як рассоми мониқаламу монихаёл манзараҳои бошукӯҳи фасли диловези баҳорро ба тасвир оварда, ки бо ҳазор рангу бӯйи хуш ва бо сад ҳазор покию зебу зиннати шигифтангез ҷаҳонро зебу зиннат додааст. Дар тасвири шоир ҷаҳон дар зимистон мисли инсони пири фартуту бемор буд ва бо омадани баҳори исодам аз нав ҷавону тандуруст гардидааст. Дар байти дуюм шоир мегӯяд: «Шоиста аст, ки дар ин айём (яъне, баҳор) инсони пир ҷавон шавад, зеро дунё баъд аз сардию пирии зимистон ҷавон ва сарсабзу хуррам гаштааст [4, с. 15]. Табиати бедоршуда ва қабои сабзпӯшида барои Рӯдакӣ на танҳо гиреҳкушои дилу руҳ, балки рамзи ҷавонии ҷаҳон ва зиндагӣ мебошад. Дар байти сеюм шоир осмонро ба масобаи шоҳи муқтадире ба тасаввур меоварад, ки лашкар оростааст ва лашкари ин шоҳи бузург (чархи бузургвор) абри сиёҳ асту боди сабо сарҳанг, сарлашкар ва сарвари ин лашкари азим мебошад. Дар ин тасвири Рӯдакӣ *сабо* ба маънии муқаррарияш, ба сифати як навъи бод ва як унсури табиӣ ба кор рафтааст. Дар байти дигари ҳамин қитъаи шеърӣ шоир бодро, ки мурод аз он боди сабост, табибе медонад, ки бо овардани бӯйи гулу суман «ҷаҳони бемор»-ро шифо бахшидааст:

Якчанд рӯзгор ҷаҳон дардманд буд,
Беҳ шуд, ки ёфт бӯйи суманбодро табиб [9, с. 61].

Дар ғазали дигари устод Рӯдакӣ *боди сабо* бо хусусиятҳои вижааш зуҳур мекунад, ки се байти онро метавон дар сифати боди сабо номид. Гарчанде дар ин ғазал исми сабо зикр наёфтааст, аммо аз тасвири шоир бармеояд, ки муродаш боди сабост:

Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд,
З-ӯ бӯйи гулу мушку насими суман ояд.
Бар ҳар зану ҳар мард куҷо барвазад он бод?!
Гӯйӣ, магар он бод ҳаме аз Хутан ояд.
Не, не, зи Хутан бод чунин хуш навазад ҳеҷ,
К-он бод ҳаме аз бари маъшуқи ман ояд [9, с. 108].

Ин бод аз Ватани азизи шоир – Бухоро мевазад ва ҳар боде, ки аз сӯйи Ватан мевазад, барои шоири ватанпараст азизу мукарррам аст. Аз он ҷо ки аз ин бод *«бӯйи мушки насими суман»* меояд, мурод ҳамон боди сабост, ки бино ба таърифи муаллифони фарҳангу луғатҳо, «ҳангоми баҳор аз ҷониби Машриқ мевазад, насими хушу латиф дорад ва гулҳо маҳз бо вазидани ӯ мешукуфанд». Шоир бар он аст, ки ҳар марду зан қодир ба ташхиси ин бод нестанд ва аз он рӯ, ки «бӯйи гулу мушку насими суман» дорад, шояд аз Хутан, ки макони мушк аст, меояд:

Бар ҳар зану ҳар мард куҷо барвазад он бод?!
Гӯйӣ, магар он бод ҳаме аз Хутан ояд [9, с. 108].

Шоир аз ин андеша бармегардад, зеро аз Хутан бод чунин хуш намевазад ва ба хулоса меояд, ки ин боди хушбӯй аз бари маъшуқи ӯ, ки дар ватани азизаш - Бухоро сукунат дорад, мевазад ва аз ин сабаб хушбӯю гуворост:

Не, не, зи Хутан бод чунин хуш навазад ҳеҷ,
К-он бод ҳаме аз бари маъшуқи ман ояд [9, с. 108].

Аз «бари маъшуқ» вазидани ин бод далели дигар ба боди сабо будани он аст, зеро танҳо боди сабост, ки ба кӯйи маъшуқ гузар дорад ва бӯйи зулфи маҳбубаро мепароканад. Ин хусусияти «боди сабо» дар шеъри шоирони баъдӣ, алалхусус орифони шоир чун Аттору Мавлоно ва шоирони орифе, монанди Саъдии Шерозию Ҳофизи Шерозӣ ва Камоли Хуҷандӣ ба таври возеҳ ба тасвир омада, ки мавзуи баҳси дигар аст.

Дар осори бозмондаи Рӯдакӣ муродифи *боди сабо- «боди барин»* низ ба кор рафта ва шоир дар баробари боди сабо боди мухолифи он *«боди фурӯдин»*-ро меоварад:

Гетӣ-т чунин омад, гарданда бад-ин сон,
Ҳам боди барин омад, ҳам боди фурӯдин [4, с. 296].

Тасвири табиат, хосса фасли баҳор дар ашъори бозмондаи устод Рӯдакӣ мақоми бузург дорад ва ин суханвари бузург табиати биҳиштосои ватани хешро бо камоли ҳунармандӣ ба тасвир овардааст, ки *боди сабо* чун унсури асосии табиат дар фасли баҳор дар ин тасвирот нақши калидӣ дорад. Бояд зикр кард, ки устод Рӯдакӣ дар шоирӣ маҳорати баланд дошт, хосса дар тасвири манзараҳои диёри хеш чирадаст буд, алалхусус дар тасвири баҳор мо таъсири ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакиро дар шеъри шоирони асри Х мушоҳида мекунем. Ин амал гувоҳи он аст, ки шоирони ин аср ашъори Одамушшуароро ба сифати беҳтарин шеър қабул доштаанду аз вай илҳом мегирифтаанд. Шоирони асрҳои баъдина, ки шеърро ба ҳадди камол расонданд, бе ҳеч тардид, назар ба шеъри Рӯдакиву ҳамасронаш доштаанд. Яке аз муҳаққиқони рус И.С.Брагинский, ки дар таҳқиқи осори устод Рӯдакӣ хидмати арзанда намудааст, ба маҳорати устодии Рӯдакӣ таваҷҷуҳ намуда, арзиши шеъри ӯро чунин баҳо додааст: «Дар шеъри ӯ тобишу дурахши хоссае ба мушоҳида мерасад, ки бо самимият, завқу салиқаи бемонанд, ҷилваи рангҳои табиат ва зиндагӣ, хислату андеша пайванд мехӯрад ва симои шоирро ба ҳайси мусаввири бемонанд, ки шебу фарозҳои зиндагиро дар ҷисми хеш озмуда, ба дараҷаи камолоти ҷисмониву руҳонӣ расидааст, ба назар менамоёнад» [3, с. 3]. Аз таърихи шеъри форсии тоҷикӣ бармеояд, ки эҳсоси табиат дар дилу зеҳни ин суханварон чунон ҷой гирифта, ки табиатро ҷузъи пайванди хеш медонистанд ва дар ин радиф Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ истеъдоди фавқулодаи суханофаринӣ дошт.

Хуллас, асри Х-ро ибтидои шеъри табиат меноманд, ки дар ашъори ҷовидонаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тантанаи зебоист ва образнокии он баъди асрҳои зиёд садо додан, зудуда нахоҳад шуд.

Адабиёт

1. *Бароҳанӣ, Ризо. Тилло дар мис [Матн] / Р.Бароҳанӣ. - Теҳрон, 1367.- 367 с.*
2. *Белинский В.Г. Избранное философическое сочинение [Текст] / В.Г. Белинский. - Москва, 1948.-312 с.*
3. *Брагинский И.С. Абӯабдуллоҳ Ҷаъфари Рӯдакӣ [Матн] / И.С. Брагинский. - Душанбе: «Эр-граф», 2008.-164 с.*
4. *Исрофилниё Ш. Р. Шарҳи мунтахаби ашъори устод Рӯдакӣ [Матн] / Ш.Р.Исрофилниё. - Душанбе: Пайванд, 2016.-98 с*
5. *Истеъломӣ, Муҳаммад. Дарси Ҳофиз / М.Истеъломӣ. -Теҳрон, ҷилди якум. 1386.- 1222 с.*
6. *Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ [Матн] / А.Мирзоев. - Душанбе: Ирфон, 1966.-276 с.*
7. *Пурномдорён, Тақӣ. Гумшудаи лаби дарё / Т.Пурномдорён.-Теҳрон, 1382.- 514 с.*
8. *Ромпурӣ, Ғиёсуддин Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Таҳияи А. Нуров / Ғиёсуддин, Муҳаммад. - Душанбе, ҷилди 1, 1987. - 482 с.*
9. *Рӯдакӣ, Абӯабдуллоҳ. Ашъор.Ахтарони адаб. Ҷилди 1. [Матн] / А. Рӯдакӣ.- Душанбе: Адиб, 2007.-416 с.*
10. *Фарҳанги забони тоҷикӣ / Дар зери таҳрири М.Ш.Шукуров ва диг., ҷилди 2. – Москва: Советская энсиклопедия, 1969. -952 с.*
11. *Хуррамшоҳӣ, Баҳоуддин. Ҳофизнома, шарҳи алфоз, аълом, мафоҳими калидӣ ва абёти душвори Ҳофиз / Б.Хуррамшоҳӣ.-Теҳрон, 1368.-1448 с.*
12. *Шаталов Э. Е. Записки охотника И.С. Тургенева [Матн] / Э. Е. Шаталов. - Сталинобод, 1960. – 162 с.*

ТАСВИРИ «БОДИ САБО» ДАР АШЪОРИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Дар мақола тасвири табиат, алалхусус яке аз унсурҳои он - боди сабо дар шеъри шоирони асри Х, аз ҷумла Рӯдакӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф бо овардани шоҳидҳои шеърӣ собит мекунад, яке аз мавзуоти роиҷ дар шеъри асри Х тасвири табиат аст ва дар ин тасвир «боди сабо» нақши калидӣ дорад. Муаллифи мақола бо баррасии мавзуъ ба хулоса меояд, ки тасвири «боди сабо», ки дар адабиёти классикӣ, алалхусус дар ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ хеле густарда ва бисёрпаҳлу аст. Таҳқиқи абёти шоир имкон дода, ки муаллифи мақола ҳар як хусусияти «боду сабо»-ро ба дурустӣ муайян кунад ва сababу омилҳои такомули ин образро дар адабиёт нишон диҳад.

Калидвожаҳо: табиат, бод, боди сабо, тасвир, тахайюл, шоир, баҳор, Рӯдакӣ.

ОПИСАНИЕ ВОСТОЧНОГО ВЕТРА (БОДИ САБО) В ПОЭЗИИ АБУАБДУЛЛО РУДАКИ

В данной статье автор приводит результаты анализа способов описания природы, особенно одного из его элементов – «восточного ветра» в поэтических произведениях Абуабдулло Рудаки. Автор, на примере стихотворений, утверждает, что в поэзии Рудаки, при описании природы, поэт очень часто использует выражение «природы», и в их описании заключалась ключевое значение

данного выражения. Автор статьи, в ходе анализа, приходит к выводу, что при описании природы, в классической литературе, в частности в поэтических произведениях данное выражение имеет многосторонний характер и значение, которые встречаются у поэтов X века, в частности в стихах Абуабдулло Рудаки.

Ключевые слова: природа, ветер, утренний, изображение, вымысел, поэт, образ, Рудаки.

DESCRIPTION OF THE EAST WIND (BODI SABO) IN THE POETRY OF ABUABDULLO RUDAKI

In this article the author gives the results of the analysis of the ways of nature description, especially one of its elements – " East wind " in the poetic works of poets of the 10th century, in particular A. Rudaki .The author, on the example of poems, argues that in the poetry of the Tenth century, in the description of nature, the poets often used the expression " East wind ", and in their description was the key meaning of this expression. The author of the article, in the course of the analysis, comes to the conclusion that in the description of the " East wind " in classical literature, in particular in the poetic works of the Tenth century, this expression has a multilateral character and meaning that are found in the poets of the Tenth century, in particular in the poems of A. Rudaki.

Keywords: nature, wind, morning, image, fiction, poet, dispute, image, Rudaki.

Дар бораи муаллиф
Забирова Меҳринисо Элбеговна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷик
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рудаки, 146
E-mail: zabirova.mehriniso@list.ru

Об авторе
Забирова Мехринисо Элбеговна
Кандидат филологических наук, дотсент кафедры таджикского языка и литературы
Таджикский аграрный университет им. Ш. Шотемура
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 146
E-mail: zabirova.mehriniso@list.ru

About the author
Zabirova Mehriniso Elbeqovna
Candidate of philological sciences, Associate professor of the department of Tajik language and Literature
Tajik Agrarian University named after S.Shotemur
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 146 Rudaki Ave.
E-mail: zabirova.mehriniso@list.ru

УДК 631.18.2

ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА ПРОИЗВЕДЕНИЙ А.С. ПУШКИНА НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Асомиддинов Ш.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Введение. Особенности перевода романа в стихах Александра Сергеевича Пушкина «Евгений Онегин» представляют большой интерес для филологов, так как это выдающееся произведение русской классической литературы завоевало широкое признание во всем мире. Критическая литература о романе «Евгений Онегин» первоначально состоявшая в основном на журнальных и газетных статей и рецензий в последнее время обогатилось рядом критических работ на подобие Поляков А.М. «Проблема изображения народа и героя в романе Александра Сергеевича Пушкина «Евгений Онегин» и другие работы посвященное этой проблемы. В указанных работах исследованы такие проблемы, как изображение народного движения, народ и герой в романе Пушкина Александра Сергеевича «Евгений Онегин», который в настоящее время стала очень актуальным в русской литературе. Менее освещены вопросы соотношение в произведении Александра Сергеевича Пушкина в романе «Евгений Онегин» истории и художественного вымысла, изображения эпохи и причин восстания русского народа в этом произведении. В тени остались проблемы использования и переосмысления писателем устного народного творчества, особенности жанра и стиля произведении. Не прослежена творческая история романа.

Начало серьезного изучения творчества в романе «Евгений Онегин» Александра Сергеевича Пушкина является продолжателем различные вопросы русской литературы. Долгое время в Республике Таджикистан был единственной страной в мире, который имеет профессиональный театр, где ставят различные пьесы мирового масштаба. Настало время подвести итоги работы за более чем тридцатилетний период его существования, изучить творчество отдельных писателей, которые пишут для русского народа.

Материалы и методы исследования. Материалом данного исследования послужил роман Евгений Онегин, написанный Александр Сергеевич Пушкин. Выбор произведения обусловлен его значимостью для русской литературы, а также тем, что в нём ярко отражены особенности общественной жизни и культурной среды своего времени. Наряду с этим были изучены труды исследователей, в которых рассматриваются вопросы художественного перевода и анализа данного произведения. В ходе работы применялись различные методы исследования. Аналитический подход использовался для осмысления содержания и структуры текста. Сравнительный метод позволил рассмотреть особенности передачи художественных элементов при переводе. Также был задействован описательный метод, с помощью которого обобщались и систематизировались результаты исследования, связанные с проблемами интерпретации и перевода литературного текста. Великая Октябрьская социалистическая революция, которая освободила я векового гнета трудящихся все национальностей народов независимых государств, открыла перед народами нашей страны широкой и светлый путь к знаниям, к просвещению, науке, культуре. В результате последовательного проведения в жизнь генеральной линии нашего государства русский народ, как и другие народы нашей страны, за годы Советской власти достиг огромных успехов в деле развития народного хозяйства и культуры. Эти успехи, завоеванные русским народом под руководством руководства нашего государства, при постоянной поддержке и бескорыстной помощи великого русского народа, создали благоприятные условия для роста и развития литературы. Свою работу мы посвящаем наименее изученном периоду русского народа – это период написания романа Александра Сергеевича Пушкина «Евгений Онегин.

Основная цель нашей работы собрать и проанализировать роман «Евгений Онегин», которые созданы русским народом в девятнадцатого столетия и усовершенствования и совершенствование, которые имеют отношения, которые через русской литературы и устное народное поэтическое творчество имеет связь с другими предметами. «У каждого народа есть свои песни»- говорит народная пословица. И если до 19 века в народных песнях и сказаниях основным мотивом были скорбь и жалоба на сказаниях основным мотивом по иному зазвучали песни освобожденного народа. В них отражается полнокровная жизнь нашей страны, они зовут к борьбе, к новым успехам. Народ слагает песни о своей счастливой

и зажиточной жизни, которой освободил народ от векового рабства, о великих вождях, о героических подвигах русского народа, об успехах людей, о мире, о стройках общества. Все большие и малые события, которые происходили в нашей стране, получают свое отражение в романе русского писателя Александра Сергеевича Пушкина «Евгений Онегин». В годы 19 века русский народ отдавал все свои силы на разгром врага, на помощь народу. Великая битва людей за часть и независимость Родины, за счастье народа рождала новые песни, которые звучали грозным предостережением врагу и вдохновлявшие на подвиги современных воинов в борьбе с захватчиками. В качестве приложений даны сборник стихотворений, которые созданы в 19 веке русским народом, список сказателей, певцов, материалы которых мы использовали, и некоторые материалы. Значительное количество статей, которые написаны в разные годы, посвящено роману «Евгений Онегин» Александра Сергеевича Пушкина и является сейчас проблема художественного перевода и занимает центральное место, потому что в русской литературе исследование этой проблемы имеет особое место и исследуется в творчестве великого русского поэта и романа «Евгения Онегина» Александра Сергеевича Пушкина является и она продолжает различные вопросы каждый день писала огромного количества художественного произведения и он занимают центрального места в современного русского вопроса и в литературе.

Роман «Евгений Онегин» Александра Сергеевича Пушкина является романом, где русский писатель показывает различные проблемы русской жизни. Он является поэтом XIX века, писал об огромной количестве художественного произведения, где показал различные проблемы русской жизни. Надо отметить, что в русской литературе 19 века центральное место занимает художественная ценность романа Александра Сергеевича Пушкина, когда в этот периода творчества и в первой лирике Пушкин заключается в том, что русский писатель удалось тему лишнего человека воплотить в своих который критических работах поэтично, с юмором, с задушевным лиризмом. Первые произведения имеют ценность, потому что эти произведения Александра Сергеевича Пушкина являются периода первой лирики, когда русский писатель писал свои произведения.

Результаты. В ходе проведённого исследования было установлено, что произведения раннего периода творчества Александр Сергеевич Пушкин обладают значительной идейно-художественной ценностью. Автору удалось в поэтической форме, с элементами юмора и лиризма, раскрыть тему «лишнего человека», которая впоследствии заняла важное место в русской литературе. Анализ показал, что в романе Евгений Онегин поднимаются актуальные проблемы, связанные с изображением общественной жизни, взаимоотношений народа и героя, а также особенностями социального развития эпохи. Данные аспекты подтверждают актуальность произведения и его значимость для современного литературоведения. Вместе с тем было выявлено, что ряд вопросов остаётся недостаточно изученным. К их числу относятся соотношение исторической действительности и художественного вымысла в произведении, особенности отражения эпохи, а также причины общественных процессов, представленных в романе. Кроме того, недостаточно раскрыты проблемы использования элементов устного народного творчества, а также жанрово-стилистические особенности произведения и история его создания.

Таким образом, полученные результаты свидетельствуют о том, что, несмотря на значительное количество исследований, роман остаётся актуальным объектом научного анализа и открывает перспективы для дальнейших исследований. Надо отметить, что работы русской литературы были освещены различные проблем соотношения человека в произведении Александра Сергеевича Пушкина в романе «Евгений Онегин» истории и художественного вымысла, изображения эпохи и причин восстания русского народа в этом произведении. В тени остались проблемы использования и переосмысления писателем устного народного творчества, особенности жанра и стиля произведении. Не прослежена творческая история романа. Начало серьезного изучения творчества в романе «Евгений Онегин» Александра Сергеевича Пушкина является продолжателем различные вопросы русской литературы. Долгое время в Республике Таджикистан был единственной страной в мире, который имеет профессиональный театр, где ставят различные пьесы мирового масштаба. Настало время подвести итоги работы за более чем тридцатилетний период его существования, изучить творчество отдельных писателей, которые пишут для русского народа. Первые произведения русского поэта пользовались успехом у русского народа. Особое значение имела постановка романа «Евгений Онегин» в лирике других поэтов начало 19 века. Для начала драматургической деятельности Александра Сергеевича Пушкина

характерна широта творческих интересов в поле его зрения находится жизненный материал, который имеет связь не только с реальными сюжетами, но также волновали также проблемы с ростом и становлением новой реальной жизни.

Борясь за новое содержание искусства, утверждая поэзию повседневного будничного созидательного труда, роман «Евгений Онегин» Александра Сергеевича Пушкина является при этом освоении новой социальной темы столкнулся с необходимостью творческих исканий в области формы драматургических произведений. При этом положительная тенденция поисков новых средств драматургической выразительности соседствовало у романа «Евгений Онегин» Александра Сергеевича Пушкина является начало творческого пути с некоторыми ошибочными взглядами на характер нового реалистического искусства, где писатель отрицал возможность семейно-бытового сюжета в произведениях критического реализма. Опираясь на положительный опыт русской литературы, воссоздавшей героику реальной жизни начала 30 в ярких высокохудожественных образах, используя достижения русской прозы конца 20 годов русский писатель анализировал различные художественные варианты этого произведения.

Александр Сергеевич Пушкин создавая живой, многогранный, своеобразный характер главного героя этого романа, русский писатель прежде всего полемизирует с теми писателями, которые ошибочно полагали, будто новый социальный строй нивелирует личность, лишает ее богатства и своеобразия индивидуальных черт. Показывая увлеченность главного героя за работой, русский писатель. Главному герою качественно отличен от бесплотного, трафаратномитингового энтузиазма положительных героев пушкинских романтических произведения, человек страстный, увлекающийся, ошибающийся, порывистый, иногда ошибающийся, но всегда преданный своей родины, иногда интересам строительства нового развития реальной жизни, когда человек может стать другим в связи с различными обстоятельствами, которые происходит в действительствами. Реальная страстность, высокий созидательный пафос является главное в характере главного героя этого произведения. Образ главного героя нарисован крупным планом ему принадлежит ведущая наступательная роль в борьбе со злом. Его действия особенностями его характера определяется композиция этого произведения этого писателя. Достижение русского поэта в создании образа положительного героя русского интеллигента обусловлено всем ходом поступательного развития русской литературы, плодотворностью метода критического реализма. При анализе композиции сюжетного построения этого романа в художественном освещении с другими произведениями этого писателя 19 века. При этом отмечается и правильные и ошибочные тенденции в художественном освещении проблемы хозяйственного руководства критического реализма, в трактовке образа главного героя этого произведения.

Надо отметить, в настоящее время очень много русские писатели начинают бороться за новое содержание искусства, утверждая поэзию повседневного будничного созидательного труда, роман «Евгений Онегин» Александра Сергеевича Пушкина является при этом освоении новой социальной темы столкнулся с необходимостью творческих исканий в области формы драматургических произведений. При этом положительная тенденция поисков новых средств драматургической выразительности соседствовало у романа «Евгений Онегин» Александра Сергеевича Пушкина является начало творческого пути с некоторыми ошибочными взглядами на характер нового реалистического искусства, где писатель отрицал возможность семейно-бытового сюжета в произведениях критического реализма. Одна из положительных моментов в идейно-художественной ценности романа русского поэта Александра Сергеевича Пушкина заключается в том, что русский писатель удалось тему лишнего человека воплотить в своих критических работах поэтично, с юмором, с задушевным лиризмом. Первые произведения имеют ценность, потому что эти произведения Александра Сергеевича Пушкина являются периода первой лирики, когда русский писатель писал свои произведения.

Очень мало художественный произведения освещены вопросами соотношение в произведении Александра Сергеевича Пушкина в романе «Евгений Онегин» истории и художественного вымысла, изображения эпохи и причин восстания русского народа в этом произведении. В тени остались проблемы использования и переосмысления писателем устного народного творчества, особенности жанра и стиля произведении. Не прослежена творческая история романа. Начало серьезного изучения творчества в романе «Евгений Онегин» Александра Сергеевича Пушкина является продолжателем различные вопросы

русской литературы. Борясь за новое содержание искусства, утверждая поэзию повседневного будничного созидательного труда, роман «Евгений Онегин» Александра Сергеевича Пушкина является при этом освоении новой социальной темы столкнулся с необходимостью творческих исканий в области формы драматургических произведений. При этом положительная тенденция поисков новых средств драматургической выразительности соседствовало у романа «Евгений Онегин» Александра Сергеевича Пушкина является начало творческого пути с некоторыми ошибочными взглядами на характер нового реалистического искусства, где писатель отрицал возможность семейно-бытового сюжета в произведениях критического реализма.

Первые произведения русского поэта показывают различные образы из русской литературе. Например: повести и рассказы русского писателя А.С. Пушкина «Капитанская дочка», «Станционный смотритель», «Пиковая дама», «Дубровский», «Выстрел», «Портрет», «Гробовщик» и другие В указанных работах исследованы такие проблемы, как изображение народного движения, народ и герой в романе Пушкина Александра Сергеевича «Евгений Онегин», который в настоящее время стала очень актуальным в русской литературе. Менее освещены вопросы соотношение в произведении Александра Сергеевича Пушкина в романе «Евгений Онегин» истории и художественного вымысла, изображения эпохи и причин восстания русского народа в этом произведении. В тени остались проблемы использования и переосмысления писателем устного народного творчества, особенности жанра и стиля произведении. Не прослежена творческая история романа. Начало серьезного изучения творчества в романе «Евгений Онегин» Александра Сергеевича Пушкина является продолжателем различные вопросы русской литературы. В течение нескольких лет в нашем государства был единственной страной в мире, который имеет профессиональный театр, где ставят различные пьесы мирового масштаба.

Первые произведения русского поэта пользовались успехом у русского народа. Особое значение имела постановка романа «Евгений Онегин» в лирике других поэтов начало 19 века. Для начала драматургической деятельности Александра Сергеевича Пушкина характерна широта творческих интересов в поле его зрения находится жизненный материал, который имеет связь не только с реальными сюжетами, но также волновали также проблемы с ростом и становлением новой реальной жизни.

Абдувалиева, М.М. отметила: «Художественные произведения Александра Сергеевича Пушкина сейчас восхищаются много людей, связь с русской и мировой литературе. Во время девятнадцатого столетия поэзия великого русского поэта Александра Сергеевича Пушкина может быть для других народов мира как бы жемчужина русского и мирового художественного произведения и литературы. Стихи, роман «Евгений Онегин», поэмы «Кавказский пленник», «Бахчисарайский фонтан», «Медный всадник», «Цыганы» драматургия великого русского поэта «Моцарт и Сальери», «Каменный гость» развивает у каждого читателя различные мотивы и проблем в реальной жизни не может стать равнодушной ни взрослого ни молого поколения современной жизни ни детей, которые читают стихи и художественные произведения великого русского поэта. Можно сказать, что Пушкинским текстом мы идём рука об руку всю жизнь: знакомимся с ним в детские и школьные годы, а затем, будучи взрослым, ценим его вклад и значение для всей литературы» [1, с. 56]. Гениального русского писателя А.С. Пушкина продолжает писать огромное количество художественные произведения и оставила большой художественной произведении в русской литературе.

Абдуманнонов, А. писал: «Следует сказать, что одной из центральным условием развитии русской национальной литературы, наряду с изучением собственных традиций, является освоение художественного опыта других народов. Обмен художественными ценностями, идейное и эстетическое обогащение являются важным фактором развития литератур в целом. Этим и объясняется постоянный интерес ученых к данному процессу» [2, с. 88]. Художественный перевод как одна из форм творческого освоения иноязычной литературы и одновременно как эстетический феномен, оказывающий влияние на основенную культуру переводчика, имеет в русской литературе давние традиции и упирается корнями во времена, когда язык и литература фарси-дари ещё не были окончательно сформированы.

Валиев Н.У. отметил: “В качестве примера можно обратиться к роману Александра Сергеевича Пушкина «Евгений Онегин» и поэмы русского поэта «Кавказский пленник», «Бахчисарайский фонтан», «Цыганы» и другие произведения русского поэта. По сведениям

историков литературы, одним из основных источников является книга известного русского критика Виссариона Григорьевича Белинского, который в своей критической книге анализировал творчества этого писателя в своей хронике. Это произведение, содержащее мифологическую и историческую части, написано в эпоху, а в XVIII веке переведено с английского на русский язык Николай Иванович Соколов, который перевёл множество памятников исторической прозы на русский язык. Одним из таких произведений является роман «Евгений Онегин». На наш взгляд, при создании своего величайшего произведения Александр Сергеевич Пушкин активно использовал данные переводы. [3, с. 32].

Заключение. Таким образом следует сказать, что примером может послужить и другой исторический источник, который представляет собой перевод с русского на другой язык и имеющий название роман «Евгений Онегин». Который и в настоящее время стала актуальным в нашей жизни.

Литература

1. *Абдувалиева, М.М. Александр Сергеевич Пушкин и таджикская литература: К 200-летию со дня рождения А.С.Пушкина / М.М. Абдувалиева, Б.А.Хаджибаева // Русский язык и литература в таджикской школе. - 1999. -№1-3. - С. 18-29.*
2. *Абдуманнонов, А. Очерки ҳаёт ва эҷодиёт / А.Абдуманнонов, - Душанбе, 1982.*
3. *Валиев Н.У. Адиби шуълавар ва суханвари номвар А.С.Пушкин 200-сола шуд: Бахшида ба 200-солагии зодрузи шоири рус А.С.Пушкин // Ҷумхурият. - 1999. - 5 июн.*
4. *Гайратов, М. Аз Пушкин то Шолохов / тарч. М.Сучудй, У. Аминӣ. - Теҳрон, 1353.*
5. *Азизқулов, Ҷ,. Аҳмадҷон Ҳамдӣ ва мероси адабии ӯ // Ҳамдӣ А. Маҷмуаи асарҳо / Ҷ. Азизқулов. - Душанбе: Нашр.дав.тоҷик, 1963.-243 с.*
6. *Бобоев, Т. Ба Александр Сергеевич Пушкин / С.Айни // Шарқи сурх. - 1949.-№6.-С.31.*
7. *Григорьев, М.П. Актуальные проблемы теории художественного перевода / М.П. Григорьев. - М.: Советский писатель, 1976.-276 с.*
8. *Малавӣ, Б. Алесандр Сергеевич Пушкин: Ба муносибати 115-солагии рузи вафоти ӯ / Б. Малавӣ // Паёми нав. Давраи панҷум Таърихи адабиёти Русия, Шумораи №6.*
9. *Морозов А.И. // Восток. Кавказ. Дагестан: Региональная юбилейная научная конференция, посвящённая 200-летию со дня рождения великого поэта: сб. статей / А.И. Морозов. - Махачкала, 1999.*
10. *Рябов, В.М. Пушкин и мировая литература / В.М. Алексеев / В.М. Рябов. - Л., 1987.-617 с.*
11. *Рабова, Д.Х. Восприятие и осмысление персидско-таджикской литературы русской критикой первой половины XIX века / Д.Х. Рабова // автореферат дис...канд. филол. наук. - Самарканд, 1995.-22 с.*
12. *Мирзоев Б. Тамоюл ба ҳамдардӣ ва шафқати ҷаҳонӣ / Б. Амирахмадиён // Ҳамшаҳрӣ. - 1377. - С. 10.*
13. *Якубов, Д.Т. Восточные мотивы в творчестве А.С. Пушкина: автореферат дис. ...канд. филол. наук. / Д.Т. Атахонов. - Душанбе, 2000.-24 с.*

ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА ПРОИЗВЕДЕНИЙ А.С. ПУШКИНА НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

В данной статье рассматриваются основные особенности перевода произведений Александра Сергеевича Пушкина на таджикский язык. Автор, опираясь на обширный литературный и сравнительный материал, анализирует процесс передачи смысла, стиля и художественных особенностей произведений великого русского поэта в таджикскую языковую и культурную среду. Подчеркивается, что художественный перевод является не только средством ознакомления читателя с мировой литературой, но и одним из важнейших факторов творческого развития национальной литературы, а также эстетическим явлением, оказывающим значительное влияние на формирование художественного вкуса и мировоззрения переводчика. Традиция перевода в таджикской литературе имеет древнюю историю и восходит к ранним этапам становления языка и литературы. Вместе с тем отмечается, что новый этап развития художественного перевода на таджикский язык, с учетом современных теоретических и практических подходов, относится к концу XIX — началу XX века. В этом контексте начало перевода произведений А.С. Пушкина на таджикский язык, согласно историческим данным, датируется 1899 годом. В статье также рассматриваются вопросы адаптации стиля, сохранения содержания и передачи художественной ценности оригинального текста, а также подчеркивается роль перевода в обогащении таджикской литературы. Отмечается, что произведения Пушкина, переведенные на таджикский язык, заняли достойное место в сокровищнице таджикской литературы и оказали значительное влияние на ее развитие.

Ключевые слова: художественный перевод, особенность. А.С. Пушкин, русский язык, таджикский язык.

ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ ОСОРИ А. С. ПУШКИН БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои асосии тарҷумаи осори Александр Сергеевич Пушкин ба забони тоҷикӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода мешаванд. Муаллиф бо такя ба маводи фаровони адабӣ ва муқоисавӣ раванди интиқоли маъно, услуб ва вижагиҳои бадеии осори шоири маъруфи русро ба муҳити забонӣ ва фарҳангии тоҷикӣ баррасӣ менамояд. Таъкид мегардад, ки тарҷумаи бадеӣ на танҳо воситаи шиносоии хонанда бо адабиёти ҷаҳонӣ, балки яке аз омилҳои муҳимми рушди эҷодии адабиёти миллӣ ва падидаи эстетикӣ мебошад, ки ба ташаккули завқи бадеӣ ва ҷаҳонбинии мутарҷим таъсири амиқ мерасонад. Анъанаи тарҷума дар адабиёти тоҷик таърихи куҳан дошта, решаҳои он ба даврaҳои қадимаи ташаккули забон ва адабиёт мерасад. Ҳамзамон, марҳилаи нави рушди тарҷумаи бадеӣ ба забони тоҷикӣ, бо дарназардошти меъёрҳои муосири назариявӣ ва амалии он, ба охири асри XIX ва ибтидои асри XX рост меояд. Дар ин замина, оғози тарҷумаи осори Александр Сергеевич Пушкин ба забони тоҷикӣ, тибқи маълумоти таърихӣ, ба соли 1899 марбут дониста мешавад. Дар мақола инчунин масъалаҳои марбут ба мутобиқсозии услуб, нигоҳдории мазмун ва интиқоли арзишҳои бадеии матни асл баррасӣ гардида, нақши тарҷума дар ғанигардонии адабиёти тоҷик таъкид мешавад. Қайд мегардад, ки осори Александр Сергеевич Пушкин тавассути тарҷумаи бадеӣ ба ганҷинаи адабиёти тоҷик ворид гардида, дар рушди он таъсири назаррас гузоштааст.

Калидвожаҳо: тарҷумаи бадеӣ, хусусият, А.С. Пушкин, забони русӣ, забони тоҷикӣ.

PECULIARITIES OF TRANSLATING A.S. PUSHKIN'S WORKS INTO THE TAJIK LANGUAGE

This article examines the main features of translating the works of Alexander Sergeyevich Pushkin into the Tajik language. Based on extensive literary and comparative materials, the author analyzes the process of conveying meaning, style, and artistic characteristics of the great Russian poet's works within the Tajik linguistic and cultural context. It is emphasized that literary translation serves not only as a means of introducing readers to world literature but also as an important factor in the creative development of national literature, as well as an aesthetic phenomenon that significantly influences the formation of the translator's artistic taste and worldview. The tradition of translation in Tajik literature has deep historical roots, dating back to the early stages of the development of language and literature. At the same time, it is noted that a new stage in the development of literary translation into Tajik, considering modern theoretical and practical approaches, dates back to the late 19th and early 20th centuries. In this context, according to historical data, the beginning of translating Pushkin's works into Tajik dates to 1899. The article also addresses issues of stylistic adaptation, preservation of content, and transmission of the artistic value of the original text, highlighting the role of translation in enriching Tajik literature. It is noted that Pushkin's works, translated into Tajik, have become an integral part of Tajik literary heritage and have had a significant impact on its development.

Keywords: literary translation, feature. A.S. Pushkin, Russian language, Tajik language.

Об авторе
Асомиддинов Шариф
Преподаватель кафедры физического воспитания и гражданской обороны
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

Дар бораи муаллиф
Асомиддинов Шариф
Муаллими кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи шаҳрвандӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

About the author
Asomiddinov Sharif
Teacher of the Department of Physical Education and Civil Defense
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki str., 121

ТДУ 891.550-93

ШАХСИЯТИ АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ ДАР ТАЪЛИФОТИ ҶУМЪАБОЙ АЗИЗҚУЛОВ

Ашрафзода Г. Р.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Устоди зиндаёд Ҷумъабой Азизқулов дар адабиёти муосири тоҷик бо ному унвони адибу муҳаққиқи фозил шарафманд гардидааст. Ҷумъабой Азизқулов як силсила ёдномаҳоро доир ба ҳаёту фаъолияти адибу муҳаққиқи поягузорони адабиёти муосиру бачагонаи тоҷики солҳои 30- 60- уми садаи ХХ таълиф намудааст, ки он барои муҳаққиқону пажӯҳишгарон ҳам маводи илмӣ ва ҳам адабӣ маҳсуб меёбад. Дар адабиёти рус Максим Горкий асарҳои ёддоштнависиро ибтидо карда бошад, дар адабиёти муосири тоҷик албатта, устод Садриддин Айнӣ ин анъанаро идома додааст. Чи тавре, ки метавонем оид ба осори ёддоштӣ гуфтаҳои адабиётшинос А.Муллоевро мисол орем: “Масъалаи омӯзиши ҷанбаҳои ҳунарӣ ва адабии осори ҷудогонаи бадеӣ, аз ҷумлаи проблемаҳои муҳиму бунёдии адабиётшиносии муосир маҳсуб меёбад. Бинобар ин таҳқиқу баррасии муфассалу фарогири ин масъала имкон медиҳад, ки мо ба коргоҳи эҷодии нависандагон ворид шавем ва вежагиҳои сабкию ҳунарии онро ошкор созем. Осори адабии ҳар як адиб баёнгари вазъ ва руҳияи ҳаёту ақидаҳои иҷтимоии ӯ буда, зуҳуроти фикру андеша ва ҷаҳонбинии ӯ мебошад. Ғояи эҷодиёти санъаткор дар пайвастагӣ ба зиндагинома, муносибат ба ҳодисаҳои иҷтимоӣ ва набзу руҳи замони тасвирёбанда ифода меёбад” [14, с. 160].

Аслан, ҳамсолону ҳамзамононии Абдусалом Деҳотӣ дар бораи ин фарзанди фидоии ватану миллати худ, забоншиносу луғатнигор, драматургу шоир, нависандаю рӯзноманигор, омӯзгори асил, адиби соҳибқалам ва муаллифи китобҳои хониш барои бачагон, ки тамоми ҳастии худро баҳри миллату сарзамини аҷдодиаш сарф намудааст хотираҳои зиёде иншо намудаанд. Як таваҷҷуҳе ба хотироти неки шоири ширинкаломи адабиёти бачагонаи тоҷик Убайд Раҷаб оид ба Абдусалом Деҳотӣ назар орем. Дар китоби «Дӯш будам ҳамнафас»-и ин адиби бачагону калонсолон дар бораи нависандагону адибони муосир ҳикоя ва нақлҳои ёддоштӣ зери унвонҳои алоҳида оварда мешаванд, ки ҳангоми қироати онҳо хонанда аз қиссаву ҳикояҳои шоири соҳибқалам ёддоштномаҳои шавқовари ҷолиби назарро мехонад. «Дӯш будам ҳамнафас» силсилаи ҳикояҳои ёддоштии Убайд Раҷаб дар бораи Садриддин Айнӣ буда, зери номгузориҳои «Чаҳор дидор» таълиф шудааст, ки дар навбати худ ин ҳикояву хотираҳо ба чаҳор қисмат тақсим шудаанд. Бахши ин ёддоштҳо «Бар хилофи чашмдошт», «Дар маркази фарҳанг», «Дар шаби ҷашн», «Рӯзи видоъ ва ҷойи мазор» номгузори шуда, ҳамчун ҳикояҳои алоҳидаи мустақил дар бораи шиносномаи миллати тоҷик Садриддин Айнӣ, меҳвари он ёддоштнигориҳо бошад дидорбиниҳо ва аёдат бо худи устодро фаро мегиранд. Ҳамин гуна ҳикояҳои ёддоштӣ оид ба адибону нависандагони маъруф чунин шарҳ дода мешаванд, ки : “Бо эҷод шудани”Ёддоштҳо” дар адабиёти муосири тоҷик дар боби бештар падид омадани фардияти шахсони бузурги эҷодкори таърихӣ, аз ҷумла донишшиносӣ қадами устуворона гузошта ба насри муосири тоҷик тамоюлоти тозаи адабӣ ворид гардид. Дар насри таърихӣ шоиру нависандагон, арбобони намоёни илму фарҳанг мавқеи хоса пайдо намуд. Тадқиқи бадеии саҳифаҳои ҳаёти дурахшони халқ, вобаста ба сарнавишти фардҳои барӯманди он ифодагари робита ва идомати наслҳо буда, ёрӣ мерасонад, ки шахс қаробати худро ба халқ, ба таърих ва орзую умеди он эҳсос бикунад ва ормонҳои маънавиро асоси ҳар гуна фаъолияти илмӣ қарор диҳад. Ин имконият медиҳад, ки ҳастии маънавии халқ, рисолати бузург ва дорои илмиву фарҳангии вай муҷассам ёбад” [14,с.163].

Ҳамин тарзи ёддоштнависӣ хонандаи имрӯзаро ба ёддоштнависии худи устод Садриддин Айнӣ дар «Ёддоштҳо»- мебарад, ки бо чунин тарз навишта шудаанд. Бояд тазаккур дод, ки Убайд Раҷаб бо ёддоштномаҳои худ ҳамчун яке аз давомдиҳандагони суннати эҷодии асосгузори насри муосири тоҷик саҳми бориз гузоштааст. Ёддоштномаҳои адиби маъруф оид ба ҳаёту фаъолияти ин ё он адибу нависанда тариқи қиссаҳои доманадору давомдор тариқи хаттӣ батафсил нақл мегардад, ки шевоии забону баёни ин хотираҳо ва мундариҷаи ёддоштномаҳояш оид ба кору пайкори нависандаи муосир Абдусалом Деҳотӣ зери унвонҳои “Одами покизасиришт”, Ашӯр Сафар “Бародархонда” дигаре қиссаи марбут ба фаъолият дар “Садои Шарқ” бо номи “Сабақҳои фаромӯшнашуданӣ” ва монанди ҳамин ба мушоҳида мерасанд. Ёддоштҳои “Убайд Раҷаб” бо хусусиятҳои махсуси худаш ва пайдар

пайии нақлҳо, маҳз нақли хотираҳо аз лаҳни иштирокчиёну шоҳидони ин ё он лаҳзаҳои хеш мебошад, ки дар назари хонандаю шунавандаи имрӯза шахсияҳои барҷастаи замони Шуравиро таҷассум менамояд ва сабки баёни осори мансури Убайд Раҷабро ҷозибанок мегардонад. Дар мақолаи хотираҳои ёддоштӣ "Одами покизасиришт"- аш адиб дар баробари нақли намунаҳои зиёди ашъораш ва аз силсилаи шеърҳое, ки ба қалами шоириаш мутааллиқ аст, нақл мекунад, ки, 50 то зиёд шеърашро устоди калом Абдусалом Деҳотӣ таҳрир намудааст, токи рӯйи чопро бинад. Ин нақлҳои ёддоштӣ барои шинохтани осори насрии адибону нависандагони замони муосир басо муҳим мебошад. Худи Убайд Раҷаб чунин ба хотир меорад:" Шеъри аввалини силсилаам "Баҳри мо нав - нав тароват медиҳад" ном дошт, ки муҳаррир Абдусалом Деҳотӣ бо қалами сабзранги дар дасташ рӯйи онро хат кашида партофта ба унвони "Деҳаи мо" иваз кардааст. Дар банди аввал гуфта будам:

Меравад фасли зимистон аз миён,
Накҳатафшон мешавад фасли баҳор.
Бинӣ тобистон буд, рафтаст он,
Тирамоҳи лаълдоман барқарор [13, с.28].

Абдусалом Деҳотӣ ҳангоми таҳрири ин шеър калимаи "лаълдомон"-ро низ хат задаасту бо калимаи "ҷомазаррин" бадал кардааст, ки ҳақиқатан ҳам ин дуруст мебошад. Банди дувуми шеър бо ин сатрҳо шуруъ шудааст:

Ҷомаашро мекунад танҳо дигар,
Деҳаи мо лек дар ин фаслҳо [13, с.28].

Дасти таҳрири Деҳотӣ ин байтро ба чунин шакл даровардааст:

Бойтар мегардаду ободтар,
Деҳи мо аз ҳар яки ин фаслҳо [13, с.28].

Убайд Раҷаб силсилаи шеърҳояшро чунин ифода мекунад, ки Абдусалом Деҳотӣ ҳамаи ашъорашро таҳрир намудааст ва ин як саҳифаи эҷодиёти худи шоир ва қаҳрамони вайро равшан сохтааст. Дар тасвирофаринии чеҳраҳои адабӣ Убайд Раҷаб саҳми арзандаву бориз гузоштааст, ҳамчун меҳвари симоофаринӣ нависанда танҳо лаҳзаҳои хотирмони зиндагии худро ҳамроҳи адибону нависандагони замони зисташ ба қалам кашидааст. Маҳз тавассути чунин хотираҳои рангину пурмазмун саҳифаҳои равшани рӯзгори аҳли адабро ҳамчун ёддоштномаҳои тарҷумаиҳолӣ барои хонандаю шунавандаи имрӯз шавқовар навиштааст. Ошно гардидан ва мутолеаи ин ёддоштномаҳои хотирмони Убайд Раҷаб ва дигар ёддоштноманависон хонандаро батафсил бо рӯзгору фаъолияти нависандагону аҳли қалам аз наздик шинос менамояд. Ёддоштномаҳо дар баробари азхуд кардану омӯхтани паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти адибон баҳри пажӯҳиши тарҷумаиҳолии ин суханварони барҷастаи майдони адабиёти муосири тоҷик басо муҳим мебошанд. Ҳамаи нақлҳои хотирмони лаҳзаҳои ҳаёти нависандагони муосир тариқи ҳикояҳои диққатҷалбкунанда иншо гардида, бо сабки хоси шоир сабт шудаанд. Дар ҳар як ёддоштнома фазилатҳои бузурги инсонпарварӣ, хусусиятҳои нодири шахсиятҳои адабӣ, эҷодиёти ҳар яки онҳо таҷассум ва тарғиб мегардад. Хонанда бо мутолеаи ин ёддоштномаҳо сабақи мактаби ҳаёт, дарси ибрати баланди одамгариро меомӯзад ва аз кору пайкори тарзи зиндагии ин ё он нависанда ҷаҳони маънавии хешро такмил медиҳад. Дар бораи шахсияти Абдусалом Деҳотӣ ёддоштномаҳои зиёде аз ҷониби С.Айнӣ, Р.Ҳошим ,Р.Ҳодизода, Ю.Кенҷабоев, У.Раҷаб, Ҷ.Азизқулов ва дигарон навишта шудаанд. Акнун ру меорем ба маҳорати ёддоштнависии Ҷумъабой Азизқулов, ки маҳз ба ҳаёту фаъолияти Абдусалом Деҳотӣ бахшида шудааст.

Бо таъкиди профессор Абдунаби Сатторзода:"Ҷумъабой Азизқулов маҳорати баланди бозгӯии дидаву шунидаву хондагиҳояшро дорад ва онҳоро мисли як нависандаи чирадаст ба қалам меорад..." [6, с. 15].

Ёддоштноманависӣ дар адабиёти тоҷик таърихи қадима дорад, ки ёддошт жанри адабӣ буда, барои хотира навишта мешавад ва аломат ё нишоне, ки барои ёдоварӣ мегузоранд. Ёддоштҳо ба хотири нигоҳ доштани ёде аз шахсиятҳои илмию адабӣ барои имрӯзиён ва ояндагон лозим мебошанд. Ёддоштҳоро бевосита шоҳидони ҳодиса ва воқеаҳо менависанд ва ин жанр барои интиқоли таҷрибаи инсонӣ нақши бориз дорад.

Яке аз муҳаққиқон С.С.Аверенцев очерки тарҷумаҳолиро ба ду навъ ҷудо намудааст:

1.Гипомнематикӣ (усулҳои такмили қувваи ҳофиза)

2. Риторикӣ (иншо)

Дар аввал, ки навъи гипомнематикӣ мебошад, маълумоти муфассал дар бораи аҳли оила, аҷдод, қаду қомат, ҷусса, саломатию беморӣ, некукориву неккирдорӣ, нуқсу камбудӣ, шавқу рағбати шахси тасвиршаванда, муносабатҳои ӯ бо дигарон, нутқ, забон, калима ва

таъбирҳо, тарзи либоспӯшӣ, роҳгаштан, одатҳои хоси ӯ, мухтасари зиндагӣ , сабаби маргаш иншо мегардад.

Навъи дуюм, ки риторикӣ мебошад, акнун бештари матнҳо оид ба ҳаёту фаъолият, зиндагиномаи қаҳрамони ёддотшнома бо хоси муҳимми эҳсосотӣ ороиш мегирад ва тасвиру тавсиф мегардад. Ёддоштнависиро дар адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ ифтитоҳ намудааст, ки асари «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» таҷассуми равшани тавсифи тарҷумаи ҳол, маълумот оид ба падару модар, аҳли оила, овони мактабхонӣ, рӯзҳои сахти аҳли оила, вазнинии ҳаёт мебошад. Анъанаи ёддоштноманивсиро нависандагони дигари тоҷик низ С. Улуғзода, Р. Ҳошим, С. Маъмур, Ҷ. Азизқулов, У. Раҷаб, Ғ. Мирзо дар шакли ҳикояву қиссаҳо баён намудаанд, ки образи марказии онҳо худи нависандагон мебошанд. Барои омӯхтани зиндагии нависандагон, ёддоштҳо ва Ёднома ва хотира барои ҳифз ва интиқоли таҷрибаи инсонӣ нақши муҳим мебозанд. Ёднома ба ҷаҳон аз чашми шахсӣ менигарад, дар ҳоле ки хотира ба хонанда тасвири воқеии давра ва рӯйдодҳои муҳимми таърихиро пешкаш мекунад. Ҳар ду жанр дар адабиёти тоҷик низ мавқеи муҳим дошта, бисёр нависандагон онҳоро барои муқоиса зиндагии замони худ васеъ истифода кардаанд. Дар диссертатсияи номзадии Давлатов У.М. зери унвони “Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик” шарҳи чунини ёддоштнависиро вомехӯрем:”Ёддоштҳо дар бештари маврид бар шахс таъсири эҳсосӣ- отифӣ мегузорад. Аз ин рӯ, ёддоштро метавон умри сипаришудаи шахс, асароти аз он дар зеҳни вай монда, дидаҳо ё шунидаҳои гузашта, инъикоси як рӯйдод ё падидаи талху ширин ва ҷолиби таваҷҷуҳ дар зеҳн, ҳаводису лаҳзаҳои чашмгир ва баёдмондании зиндагӣ гуфт” [7, с.26].

Адабиёти ҷадид, яъне муосири тоҷик, чи тавре дар боло зикр намудем, бо ёддоштнависии устод Айнӣ интиҳо мегирад. “Ёддоштҳо”-и Айнӣ чаҳор ҷилд буда, рӯзгори халқи тоҷикро фаро мегирад ва қаҳрамони асар худи Айнӣ мебошад. Ёддоштнависӣ аз ҳар як нависанда таҷрибаи зиндагӣ, бардошту хотираҳои ҷолиберо тақозо мекунад. Адабиётшиноси тоҷик Х. Асозода таъкид менамояд: «Дар асари ёддоштӣ нависанда ба воқеаҳое муроҷиат мекунад, ки худ шоҳид аст ё ин ки сабабгору иштирокунандаи он аст... Ёддошт, одатан, дар асоси хотироти шахсии адиб навишта мешавад, яъне ҳама тасвирҳои ёддоштнавис маҳсули замони гузаштаанд. Дар ёддошт шарт нест, ки саргузашт ва мушоҳидаҳои муаллиф аз рӯйи тартиби хронологӣ баён ёбад, балки танҳо он лаҳзаҳо ҷолиби сабт мебошанд, ки ақидаи нависанда барои имрӯзу фардо арзишнок, ибратангез ва қобили таваҷҷуҳ бошад; ёддошт ба хотири ҳадафи муайяни муаллиф арзи вуҷуд мекунад”. [6, с. 268].

Ҷумъабой Азизқулов дар бораи шахсиятҳои илмию адабӣ ва сиёсӣ хотираҳои худро навиштааст, ки дар баробари ҳафт ёдномааш боз хотира дар бораи А. Деҳотӣ, Ҳ. Ирфонӣ, И. Брагинский, Ю. Салимов ва ғ... навишта, онро ҳаволаи хонандагони тоҷик гардонидааст, ки аксарашон ҷолиби диққатанд. Дар ёдномаҳои худ нависанда хусусият ва хислатҳои инсонии шахсони илмию адабию сиёсӣ ва рафтору корномаи зиндагии онҳоро ба хотир меорад, ки омӯзандаю намунаи ибратанд.

Дар мақолаи “Зикри хайр зинда кунад номро” Ҷумъабой Азизқулов хотираҳои ширини давраи донишҷӯии худро ба ёд меорад, ки дар ин хотира оид ба нависанда ва шоири бачагонаи тоҷик Абдусалом Деҳотӣ маълумот додааст: ”Моҳи сентябри соли 1954, ки дарсҳои факултети филология дар ошёнаи сеюми бинои асосии донишгоҳ баргузор мешуданд, дар яке аз танаффусҳо мо донишҷуёни соли дуюм аз дарси “Матни классикӣ”-и Ҳилол Карим берун омада, “Гулистон”-и Саъдӣ зери бағал дар роҳрав Абдусалом Деҳотии низ аз дарсхона берун омадаро дида, бо шодӣ ба умед ишонро миёнагир кардем, ки аз фанни арӯз ба мо дарс диҳанд. Охир Деҳотӣ дар назари мо маъруфтарин шоирони зиндае буданд, ки дар рӯбарӯ медидем, бо гумони мо арӯзро он кас дарс надиҳанд, кӣ дарс медод”. [4, с. 392].

Муаллиф доир ба давраи таҳсилаш дар факултети филологияи ДМТ ёд намуда, устоди тадрисдиҳандаи каломи бадеъ Шарифҷон Ҳусейнзода ва лаҳзаҳои дарси ӯро зери тасвир меорад, ки устоди фаннӣ дар бораи санъатҳои бадеӣ сабақ медоду шогирдонро шавқманд менамуд, борҳо таъкид месозад. Баъзе маврид наёфтани ҷавоб ба саволҳои пайдар пайи устод, қаҳру ғазаби устодро нисбат ба шогирдон чунин тасвир мекунад: ”Кадоме аз шогирдони содалавҳ беандешагӣ карда, суол дод, ки :”Муаллим, санъатҳои бадеӣ чист?”...Он солҳо, ки муаллими мо сахт асабонӣ буданд, аз ин суоли нобаҳангом ба сутӯҳ омада, аз дарс гуфтан бозистоданд, айнакро аз чашм гирифтанд, дақиқае чанд хомӯш монданд. Ниҳоят лаб ба гуфтор кушода, дар ин як сол ман ба дару девор ҳарф мезадам-дия; ин читугин гап, шумо ки адабиётшинос шуданиед, чӣ будани санъатҳои бадеӣ, қофияву арӯзро надонед, чӣ гӯям ба шумо?” [4, с. 392]. Ҷумъабой Азизқулов доир ба кушодашудани чеҳраи устод Ҳусейнзода, ки

бисёр ҷиддӣ буд ва боре дар лабони ӯ табассум зоҳир гардидааст чунин ба хотир меорад. Мавсуф дар маънии хурд, ки дар хотираҳои худ дар бораи ин ё он нафаре менависад, мазмуни оламшумулро ҷой мекунад, токи хонанда аз ӯ ғизои маънавӣ бигирад. Ҷумъабой Азизқулов доир ба Абдусалом Деҳотӣ ҳамчун шоир, нависанда, драматург, луғатшинос ва арбоби матбуот дар мақолаи мавриди зикр маълумот пешкаш менамояд. Гарчанде, ки эҷодиёти Абдусалом Деҳотӣ аз соли 1928 шуруъ шуда бошад ҳам осори адибро шеърҳо, ҳикояҳо, достонҳо, драмаҳову асарҳои тарҷумашуда, намунаҳои фолклор фаро гирифтааст. У ҳамчунин дар кори нашру тарҷума ва таҳрири китобҳои бузурги адабӣ ва луғавӣ иштирок кардаст ва яке аз муаллифони “Фарҳанги забони тоҷикӣ” маҳсуб меёбад, ки ҳамроҳи Н.А. Ершов соли 1949-ум “Луғати русӣ- тоҷикӣ”- ро тартиб дода буданд. Хонандагони тоҷик онро”Деҳотилуғот”, “Луғати Деҳотӣ” ном бурданд. Аз хотираҳои ровӣ муайян менамоем, ки Абдусалом Деҳотӣ маълумоти олии пурра надошт, ягон мактаби олиро низ хатм накардааст, ғайр аз мактаби Ҳизбӣ. Вале дар асл ӯ шахси бисёр зираку ҳушёре буд, ки бо тариқи худомӯзӣ аз намояндагони беҳтарини синфи зиёиён гардидааст.

Дар мақолаи фавқуззикр (“Зикри хайр зинда кунад номро”) ёддоштнавис Ҷумъабой Азизқулов хотираҳои давраи талабагиашро бо изҳори суҳбатҳои шоир А. Деҳотӣ ёдовар шуда, доир ба маҳорату истеъдоди шоирӣ, хусусиятҳои забондонии ӯ, робитаи Абдусалом Деҳотӣ бо устоди соҳибмактаб С. Айнӣ хотир меорад. Доир ба тавзеҳоту шарҳи калимаи “суфт” ҳикоятеро меорад: ”Воқеан, маълумоти расмии Деҳотӣ ҳатто миёнаи пурра ҳам набудааст. Лекин дар байни адибони тоҷик яке аз донишмандони баландпоя буданд. Хусусан, дар забондонӣ. Дар ин поя ба дараҷае мӯътамад будаанд, ки устод Айнӣ дастнависи асарҳояшонро аз Самарқанд ба Сталинобод, ба ихтиёри Иттифоқи нависандагон фиристода, таъкид мекардаанд, ки таҳрирашонро ба Деҳотӣ супоранд”[4, с. 392].

Чунин хотираҳои фаровони Ҷумъабой Азизқулов доир ба коркард ва ба табъ расонидани матни “Синдбоднома”-и Заҳирии Самарқандӣ аст, ки дар навиштану талаффузи баъзе калимаҳо мавсуф дармонда, аз устодаш Шакурӣ маслиҳат мепурсад, ки устод бевосита муроҷиат намуданро ба Деҳотӣ тавсия медиҳанд: ”Дар ин кор маслиҳатгари хуб Деҳотианд, як наздашон бароед. Ҷои кори мо, ки ошёнаи якум буд, ошёнаи дуюм- ба коргаҳошон баромадам. Гуфтам, ки дар таълифоти бачопрасида ду тарзи навишти баъзе калимаҳо ба назар мерасад, чунончи хирман ва харман, хирвор ва харвор, мусулмон ва мусалмон. Маслиҳати шумо чист, кадом шаклро интихоб кунем, ки саҳеҳтар аст? Деҳотӣ гуфтанд: - Мантиқан ва таърихан харман ва харвор гуфтан ва навиштан саҳеҳтар аст. Аввалан “хар” далолат ва калонию бузургӣ дорад. Масалан, харбуза, харсанг, харпушта, хармуҳра ва ҳоказо. Лекин, азбаски чорпои боркаши маъруф ҳам “хар” ном дорад, гузаштагони мо ба риояти одоби сухан ва дурӣ ҷустан аз нохушии номи ҷонвари маъруф, дидаю дониста, шакли вожаҳоро тағйир дода, “хирман” ва “хирвар” гуфтаанд, ки аҳсан ба гузаштагони ботамизи мо.Бинед, Саъдии бузургвор:

Мискин хар, агарчи бетамиз аст,
Чун бор ҳамекашад, азиз аст - гуфтаанд.
Агар салоҳ бинед, шумо ҳам “хирман” ва “харвор” нависед...” [4, с. 392].

Дар баробари ин, ки Абдусалом Деҳотӣ донишманди соҳаи забоншиносӣ низ буд, оид ба тавзеҳоти калимаҳо хотир оварда мешавад, ки доир ба шарҳи калимаи “мусулмон” ва “мусалмон” низ мисол овардааст. Ҷумъабой Азизқулов доир ба ин вожаҳои “мусулмон” ва “мусалмон”, ки ҳатто русҳо“мусулман” ва “мусулманин” мегӯянд ва қолаби “басурман” дар ҳамин шакл сохта шудааст, ибрози андеша менамояд. Ҳангоми ба чоп омода намудани “Куллиёт”-и Шайх Саъдӣ Ҷумаъбой Азизқулов бо Иброҳим Ализодаи эронӣ доир ба ин вожа баҳс мекунанд ва мавсуф ба далелҳои он зиддият нишон дода наметавонад.

Солҳо аз байн гузаштанд ва имрӯзҳо дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон бо саҳми беандозаи Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тарҷумаи тоҷикии Қуръони Карим ба хатти кириллӣ нашр гардид. Илова бар ин, дар саҳифаҳои “Саҳеҳ- ал Бухорӣ” низ калимаи фавқуззикр дар шакли “мусулмон” омадааст. Ҳангоми Ҷумъабой Азизқулов аз Файзулло Бобоев, Муҳаммадҷон Умаров, Сайиднуриддин Шаҳобиддинов назари онҳоро мепурсад, онҳо ишора ба он кардаанд, ки 50 сол пеш Деҳотӣ ба ин савол ҷавоби дурустро гуфта буд.

Дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ба ифтихори панҷоҳсолагии А. Деҳотӣ ҷаласаи ҷашнӣ доир мегардад, ки ташкилкунанда ва ибтикорони ин ҷаласа Носирҷон Масъумӣ ва Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ буданд. Онҷо пас аз сухангӯёни зиёде, ки оид ба соҳибчашн баромад намуданд, дар анҷом худи нависанда дар бораи фаъолияташ чунин

изҳор менамояд: “Ман ҳеҷгоҳ номамро дар радифи шоирон ба шумор наёвардам ва аз ин пеша нон нахӯрдам. Балки як заҳматкаши фарҳанги халқам будам. Аз лаҳзаи қалам ба даст гирифтан то ба ин дам корҳои анҷомдодаамро ҳисоб карда баромадам, ки ба ҳисоби миёна дар як шабонарӯз қариб 50 саҳифа таълиф, тарҷума ва таҳрир анҷом дода, нонамро ҳалол карда хӯрдам” [4, с. 392].

Дар ин навиштаи Ҷ. Азизқулов, таърихи эҷоди суруди машҳури тоҷикӣ “Туҳам ёде бикун аз ман”, ки шоир дар сӯги бародари ҷавонмаргаш Абдушукур Пирмуҳаммадзода Деҳотӣ таълиф намудааст, равшан карда мешавад, ки он арзиши муҳимми адабиётшиносӣ дорад. Абдусалом Деҳотӣ бо гуфтаҳояш худро шоири касбӣ намешуморад, ки ин далели хоксорӣ ва фурӯтании ӯст, баръакси он аксари шоирон дар шеъри классикӣ ва муосир, ҳунари шоирӣ , маҳорати суханварии худро васф мекунанд, ки ин “фахрия” аст. Баръакси фахрия “восӯхт” яъне камгирифтан, худро дар сафи шоирони касбӣ надонистан, хоксории бештар намуданро меноманд, ки Абдусалом Деҳотӣ аз зумраи айнан чунин соҳибқаламон маҳсуб меёбад. Ҳангоми навиштану таълиф намудани китобҳои дарсӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хусусиятҳои синну солӣ ва ҳолати руҳиву равонии талабагонро ба назар гирифта, мавсуф пораҳои манзумро рӯи коғаз овардааст. Ҳангоми даргузашти бародараш Абдушукур Пирмуҳаммадзода дар ҷабҳаи Ҷанги бузурги Ватанӣ дар сӯгвории ӯ, ки барои муҳофизати Ватан сина сипар кардааст, барои марги бародари ғурамаргаш шеъри “ Ту ҳам ёде бикун аз ман”- ро навиштааст, ки ин ба хотири фавти ҷавонони муҳофизи Ватан дар майдони набард ба монанди Ҳаким Карим, Ҳабиб Юсуфӣ, Лутфулло Бузургзода ва дигарон низ мутааллиқ мебошад. Рафиқи наздики ӯ, бастакори маъруфи тоҷик Зиёдуллои Шаҳидӣ, ки дар ҳамсояги зиндагӣ мекард, аз ин дарди дили Деҳотӣ огоҳӣ ёфта, онро рӯбардор менамояд ва дарҳол ба ин шеър оҳанг баста мекунаду аз сароянда Барно Исҳоқова сароиданро хоҳиш менамояд. Ин сурудро Абдусалом Деҳотӣ ногаҳон тавассути садои радио мешунавад ва ҳама ҳолат ин сурудро ҳамроҳи шунавандагон замзама мекарданд. Ин шеър то имрӯз суруду таронаи дилписанди шунавандагону хонандагон гардидааст:

Ба ман, ёро, ҷафо кардӣ,
Ки бо худ ошно кардӣ.
Ба ёдат мубтало кардӣ,
Ту ҳам ёде бикун аз ман!...
Насими бод мебӯям,
Гули рӯи ту меҷӯям.
Ба сад фарёд мегӯям:
Ту ҳам ёде бикун аз ман! [4, с. 395]

Абдусалом Деҳотӣ ва каломи мансуру манзуми ин адиби барҷастаи тоҷик то имрӯз ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Муаллиф дар хотираҳояш доир ба шахсияти баланди Деҳотӣ ва сифатҳои одамгариашро дарҷ менамояд, ки қобили омӯзиш мебошанд. Дар ҳамон солҳо ҷашни 50 солагии ходимони давлат дар сатҳи давлат таҷлил мегардид. Деҳотӣ бо муносабати ин ҷашн дар ҳавлиаш, ки дар кӯчаи Мирзо Турсунзодаи имрӯза ҷойгир мебошад, хон ороста зиёфат ташкил мекунад. Ҳамаи меҳмонон дар он зиёфат ширкат меварзанд, ки Ҷумъабой Азизқулов ҳамроҳи ходими адабии Институт сабти навори магнитофон мекарданд, ёд меорад. Дере нагузашта, баъд аз даҳ моҳ ба синни навҷавонии 51 нарасида, чор фарзандро ятим карда, аз олам мегузарад. Дар мақолаи мазкур Ҷумъабой Азизқулов оид ба котиби аввали ҳизби коммунистии ноҳияи Айнии ҳозира, ки Заҳматобод унвон дошт, ёд мекунад, ки Абдусалом Деҳотӣ барои “Туғралхонӣ” муҷозот гашта будааст. Як сокини ҳамон деҳа, деҳқон Ҷӯраалии Маҳмадалӣ аз деҳаи Хайробод ҳангоми говчарониаш як бастаи навиштаҷот меёбад ва он навиштаҷотро ба раиси ноҳия месупорад, ки котиби райком онро ба шаҳри Душанбе, аз инҷо ба Ленинград барои омӯзиш мефиристанд. Ин дастхатҳо доир ба Қалъаи Муғи бостони буд. Бо ин васила бо ёрии котиби райком Абдулҳамид Пӯлодӣ дар Қалъаи Муғ гӯшаи таърихӣ муайян гардид. Боз Ҷумъабой Азизқулов оид ба шахси бекинаву қудурат будани Деҳотӣ хотираҳои ширинеро меорад, ки ҳангоми корманди Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ буданаш, директори он давра Носирҷон Масъумӣ буда китоби “Мунтахаби ашъор”- и Нақибхон Туғралро барои чоп омода мекарданд. Ҳамон замон Абдулҳамид Пӯлодӣ намунаҳои ашъори Нақибхон Туғрал оварда мехост дар ин таълифот ҳамроҳ шавад. Вале Носирҷон Масъумӣ аз афташ ризогӣ намедиҳанд, котиби райком гашта мебарад. Пас дар солҳои 1986 ашъори Туғрал зери унвони “Гиёҳи меҳр” нашр мегардад, ки муаллифону мураттибони матн Асрор Раҳмонов ва Абдулҳамид Пӯлодӣ буданд. Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози солҳои 1960-ум ибтикороти нашр кардани “Куллиёт”-и Абулқосими Лоҳутиро оғоз карда буд, ки Ҷумъабой Азизқулов ҳамчун ходими адабии ҷавон уҳдадор карда шуда буд, ки ёвар шавад. Мавсуф аз рӯйи рӯйхати тартибдодаи Силсилабону-Лоҳутӣ осори ба чоп расидаи Лоҳутиро ҷамъоварӣ мекарданду бо мошинка чоп менамуданд. Ҷумъабой Азизқулов онҳоро ислоҳ мекарду пас ба дасти Бону месупорид. Ҳангоми ба чоп расидани ин китоб номи Ҷумъабой Азизқулов дар ягон ҷо сабт нашуда буду, ҳамчун тартибдиҳанда номҳои С.Бону- Лоҳутӣ ва Б.Сирус дарҷ шуда буд.Ин корро дида, аз Силсилабону сабаби инро пурсон мешавад, ки вай гӯё иҷозат надодани Деҳотиро пеша намудааст. Ҳангоми Ҷумъабой Азизқулов аз ҳақиқати кор Деҳотиро пурсон мешавад, посух медиҳад, ки анҷом додани хидмат калонсолию ҷавонӣ надорад. Пас аз ин дар нашри ҷилди 5ва 6-уми куллиёт дар қатори Бону ва Анна Розенфелд, номи ӯ низ навишта мешавад хотиррасон мекунад, ки дар дохили матн харобиҳо ба назар мерасид, мисол низ меорад, ки А. Лоҳутӣ дар ҷилди 6 чунин ҷумлае дорад:” Шоири эронии муосири мо Фаррухиро ба сабаби иштирок намудан дар ҳаракати озодихоҳонаи миллӣ... бо сӯзан даҳон дӯхтанд, ҳоло ҳам дар лабони ӯ осори сӯзан ҳувайдост”, ки бояд дар тафсири А.Розенфелд ҷумла чунин буд:” Фаррухӣ- шоири асри XI-и форс -тоҷик буда, дар охири асри X ва ибтидои асри XI умр ба сар бурда, номи пурраш Абулҳасани Алии Фаррухии Систонист, ки бо қасидаи “Доғгоҳ”-аш дар таърихи адабиёт машҳур аст..” “[4, с. 401]. Ин таври ислоҳотро ба Бону мерасонад ва ӯ маҷбур мешавад, ки тартибдиҳандаи тавзеҳот гуфта номи Ҷумъабой Азизқуловро сабт намояд.

Ҳамин гуна хотироти ширини Ҷумъабой Азизқулов дар бораи шоири накӯному зиндаёд Абдусалом Деҳотӣ ва корномаи ӯ зикр гардидааст, ки аз забони шоир метавон гуфт:

Зиндаву ҷовид монд ҳар ки накӯном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро [4, с. 401].

Адабиёт

1. *Абдухолиқ Н. Хориқаи А.Деҳотӣ // Адабиёт ва санъат.-10.03.2011.-№ 10.- С.4.*
2. *Аверентсев, С.С. Биографический очерк / С.С. Аверентсев. - М. Наука, 2016.*
3. *Адибони Тоҷикистон (таҳия ва танзими Асрори Сомонӣ ва Маҷид Салим). - Душанбе: Адиб, 2014. - 320 с.*
4. *Азизқулов Ҷ. Андӯхти рӯзгор / Ҷ. Азизқулов. - Душанбе: Бухоро, 2014. – 552 с.*
5. *Азизқулов Ҷ. Зикри хайр зинда кунад номро: Оиди кор ва фаъолияти А.Деҳотӣ // Садои Шарқ.- 2011.-№ 8.-с.125-130.*
6. *Асозода, Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 1991. – 127 с.*
7. *Давлатов, У. М. Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик // дисс. н.и.ф. / М. У. Давлатов. – Душанбе, 2023. – 180 с.*
8. *Деҳотӣ А. Ҳикояҳо доир ба мулоқотҳои ман бо устод Айнӣ// Шарқи Сурх.-1962. -№ 4.-С. 113 - 121.*
9. *Деҳотӣ, А. Куллиёт. Ҷилди 5.(Мақолаҳо) / А. Деҳотӣ. - Душанбе: Ирфон, 1966. - 472 с.*
10. *Деҳотӣ, А. Нони халқамро муфт нахӯрдаам // Садои Шарқ.-1976.-№ 5.-С. 106 – 112.*
11. *Искандаров, М. Абдусалом Деҳотӣ / М. Искандаров. - Сталинобод: Нашр. Давл.тоҷик, 1961. - 60 с.*
12. *Муҳаммадиев, Ф. Дар бораи эҷодиёти А. Деҳотӣ // Садои Шарқ.-1974.-№ 1.- с.109-115.*
13. *Раҷаб, У. Дӯш будам ҳамнишин / У. Раҷаб. - Душанбе: Адиб, 2002. - 277 с.*
14. *Муллоев, А. Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, №2 (74), 2018. Консепсияи ҳунари чеҳранигорӣ дар насри устод С.Айнӣ. саҳ160-163.*
15. *Саидов С. Абдусалом Деҳотӣ – адиби бачагон.-Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2009.- 66 с.*
16. *Юсуфов К. Абдусалом Деҳотӣ / К. Юсуфов. - Душанбе: Дониш, 1971.-26 с.*
17. *Юсуфов К. Марди нексират ва адиби нуктасанҷ / К. Юсуфов. - Душанбе: Маориф, 1987. - 80 с.*

ШАХСИЯТИ АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ ДАР ТАЪЛИФОТИ ҶУМЪАБОЙ АЗИЗҚУЛОВ

Муаллиф дар мақола оид ба симои шахсӣ ва эҷодии Абдусалом Деҳотӣ, ки дар асоси хотираҳои нависандагон Убайд Раҷаб ва ҳамзамонаш Ҷумъабой Азизқулов баён гардидаанд, таҳқиқ анҷом медиҳад. Муҳаққиқ барои омӯхтани ҷанбаҳои ҳунарӣ ва адабии осори ҷудогонаи Абдусалом Деҳотӣ тавассути ёддоштномаҳои нависандагони адабиёти муосири тоҷик кӯшиш намудааст. Бинобар ин, таҳқиқу баррасии масъала хонандаро ба коргоҳи эҷодии Абдусалом Деҳотӣ ворид сохта, бо вежагиҳои сабкию ҳунарии нависанда ва шоири муосири тоҷик ошно месозад. Дар мақола аҳаммияти хотираҳо дар бозсозии симои шахсиятҳои барҷастаи адабӣ нишон дода шуда, саҳми Абдусалом Деҳотӣ дар ташаккули афкори адабӣ ва фарҳангии давр баррасӣ мегардад, ки мақолаи зерин барои адабиётшиносон, муҳаққиқон ва донишҷӯёни соҳаи филология арзиши илмӣ дорад.Имрӯз низ осори

Абдусалом Деҳотӣ ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Муаллиф дар таҳқиқи хотираҳои нависандагон доир ба шахсияти баланди Деҳотӣ ва сифатҳои одамгарии ӯ хусусиятҳои муҳимро дарҷ менамояд, ки қобили омӯзиш мебошанд.

Калидвожаҳо: Абдусалом Деҳотӣ, ёддоштнома, хотира, адабиёт, муосир, маҳорат, ҳунар, шахсият, Ҷумъабой Азизқулов, Убайд Раҷаб.

ЛИЧНОСТЬ АБДУСАЛОМА ДЕХОТИ В ВОСПОМИНАНИЯХ ДЖУМАБАЙ АЗИЗКУЛОВА

В статье автор проводит исследование личностного и творческого образа Абдусалома Дехоти, воспроизведённого через мемуары писателей Убайда Раджаба и его современника Джумабай Азизкулова. Исследователь изучает литературно-художественные особенности отдельных произведений Абдусалома Дехоти на основе мемуаров писателей современной таджикской литературы. Таким образом, исследование ознакомит читателя с творческим мастерством, стилистическими и художественными особенностями таджикского писателя и поэта Абдусалома Дехоти. В статье показана значимость воспоминаний в реконструкции образа выдающихся литературных деятелей и обсуждается вклад Абдусалома Дехоти в формирование литературной и культурной мысли той эпохи. Данная статья имеет научную ценность для литературных критиков, исследователей и студентов-филологов. Произведения Абдусалома Дехоти продолжают представлять интерес. Изучая воспоминания писателей о выдающейся личности Дехоти и его человеческих качествах, автор выделяет важные черты, заслуживающие изучения.

Ключевые слова: Абдусалом Дехоти, мемуары, память, литература, современность, мастерство, способность, личность, Джумабай Азизкулов, Убайд Раджаб.

THE PERSONALITY OF ABDUSALOM DEKHOTI IN THE MEMOIRS OF JUMABAI AZIZKULOV

In the article the author conducts a study of the personal and creative image of Abdusalom Dekhoti, reproduced through the memoirs of writers Ubaid Rajab and his contemporary Jumabai Azizkulov. The researcher studies the literary and artistic features of individual works by Abdusalom Dekhoti based on the memoirs of writers of modern Tajik literature. Thus, the study will acquaint the reader with the creative skills, stylistic and artistic features of the Tajik writer and poet Abdusalom Dekhoti.Through his memoirs, the author clarifies the moral qualities, worldview, social status and role of Abdusalom Dekhoti in the development of Tajik literature. Memoirs serve as an important source for understanding the literary and cultural environment of the time of the writer's work. This article has scientific value for literary critics, researchers and students of philology. The works of Abdusalom Dehoti continue to be of interest. Studying the writers' memories of the outstanding personality of Dehotya and his human qualities, the author identifies important features that deserve to be studied.

Keywords: Abdusalom Dehoti, memoirs, memory, literature, modernity, skill, ability, personality, Jumabai Azizkulov, Ubaid Rajab.

Дар бораи муаллиф
Ашрафзода Гулчеҳра Раҳмат
Омӯзгори калони кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: norova1973@internet.ru

About the author
Ashrafzoda Gulchehra Rahmat
Senior lecturer of the Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: norova1973@internet.ru

Об авторе
Ашрафзода Гулчехра Рахмат
Старший преподаватель кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни
734003, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: norova1973@internet.ru

ТДУ 821.222.1:82.015

БАРРАСИИ СЮРРЕАЛИСТИИ ДОСТОНИ «КОБУСИ КОБУС Ё БОЗОРИ ПАШШАҲО»-И МУҲАММАДЗАМОНИ СОЛЕҲ АЗ НИГОҲИ НАЗАРИЯҲОИ З. ФРЕЙД ВА К. Г. ЮНГ

Абдуҷалили А. Х.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муҳаммадзамони Солеҳ (1951–2009) яке аз нависандагони барҷастаи адабиёти муосири тоҷик аст, ки ба навовариҳои сабкӣ ва мазмунӣ шуҳрат дорад. Достони «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо», ки соли 1994, дар авҷи бесарусомониҳои ҷанги шаҳрвандӣ, таълиф шудааст, баёнгари равиши хосаи эҷодии ӯст [7, с. 396]. Ин достон бо тасвирҳои хаёлӣ ва рамзии худ аз воқеиятҳои рӯзмарра фарогир аст. Худи унвони достон «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо», яъне ваҳшатноктарин даҳшатро дорад, ки мувофиқи мазмуни достон мебошад. Бо тарзи баёне, ки М. Солеҳ интихоб кардааст, зиндагии маъмулӣ ба сурати як хоби даҳшатбор инъикос меёбад ва хонанда дар баробари воқеияти дигаргуне қарор мегирад. Суол ба миён меояд, ки ин услуб ва тарзи баён ба чӣ хизмат мекунад ва муаллиф тавассути он чӣ гуна маъниҳоро расонидан мехоҳад?

Дар ин мақола кӯшиш мешавад, ки достони «Кобуси кобус ё бози пашшаҳо» аз дидгоҳи сюрреализм ва равоншиносӣ таҳлил гардад. Сюрреализм ҳамчун ҷараёни бадеии асри ХХ, яке аз ҷунбишҳои пурнавову таъсиргузори санъати муосир аст. Ин сабки эҷод ба маънои гароиш ба ворои воқеият ё воқеияти бартар мебошад. Дар ибтидои садаи бистум, замоне ки ҷараёни авангардии додаизм [1, с. 13] рӯ ба суқут дошт, гурӯҳе аз ҳунармандон бо роҳбарии Андре Бретон мактаби наверо таҳия карданд, ки ҳадафаш ошти додани хаёл (рӯъё) бо ҳақиқат барои эҷоди “воқеияти мутлақ” буд. Нуктаи ҷолиб ин аст, ки зуҳури сюрреализм ҳамзамон бо тарғиби назарияҳои Зигмунд Фрейд дар бораи нохудогоҳ, хоб ва саркӯби эҳсосот дар Аврупо иттифоқ афтод [9, с.78]. Аз ин ҷиҳат, равиши сюрреалистӣ аз кашфиёти равонковӣ илҳом гирифта, барои эҷоди тасвирҳои ғайримантиқию рамзӣ аз озодии хаёл истифода мебарад. Нависандагони сюрреалист майл доранд, ки бо шикастани қолабҳои мантиқӣ, ҳақиқати баландтар ё “фаровоқеият”-ро ба тасвир кашанд. Дар нигоҳи онҳо, зиндагии ҳаррӯзаи инсон дорои паҳлуҳои аҷибу ғайримаъмул аст, ки бояд ошкор карда шаванд. Маҳз бо чунин бовар, эҷодкорони сюрреалист воқеиятро бо хаёл меомезанд ва аз қаъри нохудогоҳ навъи тозае аз бадеиятро ба вуҷуд меоранд.

Достони «Кобуси Кобус ё бозори пашшаҳо» низ пур аз тасвирҳои хобмонанд ва маъниҳои ниҳон мебошад, ки метавонанд маҳсули зершуури ноошкор ва таҷассумгари руъёҳои даврони бухронии муаллиф бошанд. Барои фаҳми амиқи чунин достони печида, назарияҳои психоаналитикӣ, аз ҷумла назарияҳои Зигмунд Фрейд ва Карл Юнг, судманд хоҳанд буд. З. Фрейд (1856–1939) бунёдгузори равонковӣ (психоанализ) ақида дошт, ки рӯъё ва хобҳо “роҳи шоҳӣ ба сӯйи нохудогоҳ” мебошанд ва мазмуни онҳо аз орзуҳои пахшшудаи шахс маншаъ мегиранд [6, с.42]. К. Г. Юнг (1875–1961) бошад, бо таҳияи назарияи архетипҳо ва нохудогоҳи ҷамъӣ равиши Фрейдро густариш дод. Аз нигоҳи Юнг, образҳои такроршавандаи асотирӣ (архетипҳо) дар рӯъё ва осори бадеӣ зуҳур карда, таҷрибаи умумии руҳии инсонҳоро инъикос менамоянд [12, с. 118]. Бо такя ба ин дидгоҳҳо, метавон «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо»-ро ҳамчун инъикоси олами ботинии қаҳрамон ва ҳамзамон ҳамчун ойинаи ҳолати руҳии ҷомеа дар замони муаллиф шарҳ дод.

Дар идома, аввал унсурҳои сюрреалистӣ ва рамзии достонро таҳлил намуда, сипас бо истифода аз назарияҳои Фрейду Юнг маъниҳои пушти пардаи тасвирҳои он кушода мешаванд.

Достони «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо» аз сароғоз хонандаро ба фазои хобгуна ва воқеияти ғализ ворид мекунад. Қаҳрамони асосӣ Аҳмад Ниё субҳи дер аз хоб бо дарди сари шадид бедор шуда, дар ибтидо наметавонад воқеиятро аз хаёл тафриқа диҳад. Манзарае, ки ӯ мебинад, комилан ғайримуқаррарӣ аст: *«Ӯ аз хилоли ин пилкҳои ба ҳам васлшуда фақат як сурхии беоғозу беполнро медид, чунончи ҷаҳон даруни дарёи хун ғарқ шуда бошад»* [2, с.435]. Ин тасвири дунёи сурхранг ва хунин, ки дар чашми қаҳрамон ҳувайдо мегардад, нишони равшани фазои кабусомези достон аст. Ранги сурх ва ташбеҳи ҷаҳон ба дарёи хун бозгӯи хатар, хушунат ва нобасомонӣ мебошад, ки гӯё ба ҳама ҷо соя афкандааст. Тасвири мазкур воқеиятро ба шиддат таҳриф мекунад ва онро чун манзараи даҳшатборе пешкаш менамояд,

ки хоси диди воқеии инсони солим нест. Ин оғози ғайриодӣ фавран сабки сюрреалистии асарро ба хонанда маълум месозад.

Як вижагии муҳимми сюрреализм ин халалдор шудани робитаи сабаб ва натиҷа дар рӯйдодҳост. Дар достони «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо» низ пайванди мантиқии воқеаҳо суст ва ҳатто бурида ба назар мерасад: қаҳрамон аз шунидани садоҳои ғалоғулаи шабона ба хомӯшии ғайримунтазираи саҳар дучор мешавад ва дар аввал намедонад, ки оё бедории ӯ воқеист ё ҳамоно дар хоб қарор дорад. Ӯ метарсад, ки мабодо фиреб хӯрда бошад ва пайваста худро мепурсад: *«Эй кош, ин хомӯшӣ дар хоб набудӣ!»* [2, с. 436]. Чунин тардид ва беэътимодӣ ба эҳсосоти худ, ки қаҳрамон таҷриба мекунад, барои бадеияти асар муҳим аст: воқеият чун хаёл ва хаёл чун воқеият ҷилвагар мешавад. Ин омезиши ҳақиқат ва тахайюл як ҷузъи маъмули сабки сюрреалистӣ ба шумор меравад.

Дар фазои достон ҳодисаҳое рух медиҳанд, ки аз нуқтаи назари ақли солим ғайритабиӣ ва пуррамз мебошанд. Аз ҷумла, хуруҷи ногаҳонии селаи пашшаҳои хунхор шаҳру ҷомеаи инсонҳоро фаро мегирад. Пашшаҳо, ки маъмулан махлуқоти реза ва беозор шумурда мешаванд, дар ин достон ба қувваи муҳимми харобиовар табдил меёбанд. Онҳо ба студияи телевизион ҳуҷум карда, барандаро зинда ба зинда мехӯранд ва ҳатто тавассути даҳону бинӣ вориди ҷисми ӯ мешаванд: *«Пашшаҳои зардчатоб аз роҳи димоғу даҳонаш ба дарунаш роҳ ёфтаанд ва ба назар чунин менамуд, ки ҳанӯз нафас кашиданаш дар сурати пашшаҳо идома дорад»* [2, с. 438]. Ин манзараи даҳшатангез ва амалан сюрреалистӣ воқеияти рӯзмарраи моро ба як дӯзахи ваҳшатбор мубаддал мекунад. Пашшаҳо чун рамзи марг ва табоҳӣ тамоми шаҳрро фаро мегиранд ва боиси фанои омма мешаванд. Аз забони қаҳрамон гуфта мешавад, ки *«дар шаҳр ба ҷуз ӯ каси дигаре боқӣ намондааст»* [2, с.438] ин эҳсоси охирин одам будани қаҳрамон худ як образи маъмул дар осори апокалиптикӣ ва хаёлӣ аст.

Тасвири шаҳри мубталои офат низ хеле рамзист. Аҳмад Ниё шаҳреро мушоҳида мекунад, ки пас аз ошӯбҳои сиёсӣ (эътирозу ҷанҷолҳои шабона) ногаҳон ба сукути пурвоҳима фурӯ рафта, сипас ба балои шум дучор мешавад. Ин таҳаввулоти мутақобили шӯру шар ва сукути пеш аз тӯфон, баъдан офати гӯшношунид, ба таври ғайричашмдошт сурат мегирад. Монанди саҳнаҳои филми даҳшат (жанри триллер), рӯйдодҳои фалокатбор бе огоҳӣ сар мезананд ва қонуну низоми маълуфи зиндагӣ фурӯ мерезад. Дар ин шароит, қаҳрамон худро дар маркази як «кобуси ҳавлангез» меёбад ва табиатан кӯшиши дарк кардани маънии онро мекунад. Аммо дар ҷаҳони сюрреалистӣ, маънии рӯйдодҳо на дар сатҳи воқеии онҳо, балки дар пушти парда дар рамзу ишораҳои ниҳон – қарор дорад.

Дар ҷараёни достон, муаллиф пайваста аз истинодҳои фарҳангӣ ва таърихӣ истифода мебарад, ки ба фазои хаёлнок ҳамоҳангии бештар мебахшанд. Масалан, қиёси ҳоли қаҳрамон бо сарнавишти Намруд ба миён меояд: подшоҳи мутакаббире, ки тибқи ривоят Худованд ба мағзи сараш пашша фиристода, ӯро ба азоби тоқатфарсо гирифтор кард. Дар достон ишора мешавад, ки гӯё магасе ба мағзи сари Аҳмад Ниё дохил шуда бошад (*«Гӯё магасе аз роҳи димоғ ба мағзаш ворид гардидааст!» [2, с.439]*) ва ин дарди ҷонкоҳ ӯро девонавор ба девор кӯфтан водор мекунад. Ин албатта истиноди мустақим ба ҳамон ҳикояти Намруд аст, ки қаҳрамон (ё зершуури ӯ) ба хотир меорад. Воситаи дигаре, ки асарро ба қатори навиштаҳои рамзӣ мебарад, истифодаи оҳангу сабки асотирист: дар як бахши достон садои мусиқии номафҳуми *«гум-гум-гум»*-шакл, ки пашшаҳо гӯё месароянд, фазои асотириро ба ёд меорад гӯё навои наҳси фарогири олам бошад. Ҳамчунин, аз забони қаҳрамон мафҳумҳои охирзамонӣ садо медиҳанд: ӯ бо истинод ба афкори зардуштӣ аз «Хуршедчеҳр» ва «Ҷамшед» ном мебарад, аз «ҷовидонон дар Ганҷдиж ҷамъ омадан» сухан мекунад, ки ҳамаи инҳо ба ривоятҳои паямбарӣ ва растохез ишора доранд. Чунин унсурҳо ба нақл тобиши умумибашарӣ медиҳанд: сарнавишти фоҷеавии қаҳрамон на танҳо сарнавишти шахсии ӯст, балки бозтоби як фалокати кайҳонӣ ва руҳонии инсоният мебошад.

Аз нигоҳи услуби баён низ достон фарқияту навгониҳои худро дорад. Равиши ривоят ҷараёни муназзам надорад: муаллиф бе гузаришҳои возеҳ аз тасвири манзараҳои воқеӣ ба хаёлоти қаҳрамон ва аз он ба хотираҳои таърихиву фарҳангӣ мегузарад. Ин гуна шикастани тартиби анъанавии замону макон ба услуби модернистӣ ва то ҳадде ҷараёни шуур шабоҳат дорад. Забони асар омехта аз насри бадеӣ ва шуъриёт аст: дар баъзе қисматҳо (масалан, монологи шоиронаи пирамарди хастадил, ё номаи нигоштаи қаҳрамон ба Лола) калимаҳои шоирона ва ҳатто порчаҳои назмӣ пайдо мешаванд. Ин ҳамоиши назму наср таъсири ҳиссии матнро тавсеа мебахшад ва баёнгари сарҳадшиканӣ миёни ҳақиқат ва хаёл дар ҷаҳонбинии қаҳрамон аст. Лаҳзаҳое низ ҳаст, ки гӯё худи муаллиф ё нақлгари доно ба гуфтори персонаж ҳамовоз мешавад, масалан хитобҳои файласуфона дар бораи дурӯғ ва порагардии арзишҳо.

Ин омезиши садоҳо (полифония) сабки баёни достонро печидатар намуда, ба хонанда имкон медиҳад, ки аз зовияҳои гуногун ба маъноҳои асар назар афканад. Ҳамаи ин хусусиятҳо бозгӯйи онанд, ки Солеҳ дар қолаби достони кӯтоҳ таҷрибаҳои ҷасуронаи сабкӣ роҳандозӣ кардааст, то ҳарчи беҳтар ҳолати равонии ғайримуқаррарӣ ва фазои ҷаҳони ноқонуниро нишон диҳад.

Аз дидгоҳи Зигмунд Фрейд, ҳар як унсури хаёлӣ ё руъёомезӣ дар асарҳои бадеӣ падидомада метавонад реша дар хоҳишҳо ё тарсҳои саркӯбшудаи нафс дошта бошад [4, с. 18]. Дар достони «Кобуси кобус ё бози пашшаҳо» мо бо ҷаҳоне рӯбарӯ мешавем, ки ҳеҷ назму ороме дар он намондааст ва қаҳрамон худро дар гирдоби кобусе танҳо ҳис мекунад. Ин ҳолат метавонад инъикоси беназмӣ ва изтироби ботинии худи қаҳрамон бошад. Аҳмад Ниё аз ҳад зиёд зери фишори рӯйдодҳои беруна (ғалоғулаи эътирозҳо, нооромиҳои шабона) қарор гирифта, натавонистааст онҳоро ҳазм кунад; дар натиҷа, дар хаёлот ва эҳсосоти ӯ таркише рух медиҳад, ки ба сурати чунин манзараҳои даҳшатангез ҳамчун як хоби фавқулода, падидор мегардад.

Фрейд қайд мекунад, ки орзуҳои ниҳонӣ дар хобҳо аксаран дар ниқоби рамзҳо ба зуҳур меоянд, зеро «сензура»-и руҳӣ онҳоро мустақим роҳ намедиҳад [5, с.62]. Ба ибораи дигар, зеҳни инсон мазмуни барои ӯ ногувор ё даҳшатнокро ба сурати дигаргун нишон медиҳад, то шахс онро таҳаммул карда тавонад [8, с.84]. Дар достони мавриди баҳс низ метавон фарз кард, ки пашшаҳои қотил, манзараҳои хунрезӣ ва нобудии шаҳр ифодаи рамзии тарсу ҳаросҳои қаҳрамон мебошанд. Шояд Аҳмад Ниё дар зери шуури худ аз зулму ҷабр, хушунати ҷамъиятӣ ва фаношавӣ дар бесарусомонии давр меҳаросад. Ин тарс дар шакли ҳамлаи пашшаҳои хунхор як чизи ба зоҳир ночиз (пашша) вале дар асл марговар таҷассум ёфтааст. Аз нигоҳи назарияи Фрейд, пашшаҳо метавонанд рамзи «андешаҳои хира» ё «хӯрдаҳои фикрӣ» бошанд, ки мағзи қаҳрамонро овехтаанд ва ӯро аз дарун «мехӯранд» [6, с. 112]. Дар ҳақиқат, худи қаҳрамон ба ҳоли Намруд оварда мешавад: магасе ба мағзи сари ӯ даромада, оромиши руҳияшро хӯридааст [3, с. 78]. Ин магас аз куҷо омад? Эҳтимолан аз ҳамон воқеоти мудҳише, ки қаҳрамон шабона дар шаҳр шоҳид шуд ва ё дар бораи онҳо шунид (саросемагии эътирозгарон, нидоҳои гулӯдарона аз баландгӯякҳо, аккоси сагон ва ғ.). Яъне, таҷрибаи воқеии пуршиддати шаби гузашта ба зершуури қаҳрамон роҳ ёфта, дар шакли ин магас ва садоҳои ғунғуни пашшаҳо дар сар таҷассум ёфтааст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки достон шояд як «хоби ваҳмангез»-и қаҳрамон аст, ки тамоми нигарониҳо ва ҳаросҳои ӯро бо забони рамзҳо бозгӯ мекунад.

Яке аз тарсҳо ва ангезаҳои муҳимми зершуурии қаҳрамон эҳтимолан тарси танҳо ва бемаънӣ мондан дар ҷаҳони беадолат аст. Ӯ мебинад, ки тамоми мардум нобуд шудаанд ва танҳо ӯ зинда мондааст (ва дертар маълум мешавад, ки ҳатто ӯ ҳам наҷот нахоҳад ёфт). Фрейд чунин эҳсоси «охирин инсон» буданро ба баъзе мавридҳои худбартарбинӣ ё худхоҳии ниҳон пайванд медиҳад, ки гоҳе дар хобҳо зоҳир мешавад [6, с. 118]. Аммо дар ин ҷо эҳсоси танҳоӣ ва охирин будан бештар на аз бузургии нафс, балки аз маҳсули ноумедии амиқ ва ҷаҳонсӯзиест, ки қаҳрамонро фаро гирифтааст. Аҳмад Ниё дар баробари хасмияти ҷаҳон худро оҷизу ночор меёбад ин як ҳиссиёти фурӯмондагӣ ва фрустратсияи равонии амиқ аст. Ба забони равоншиносӣ метавон гуфт, ки «Ман»-и (эго-и) қаҳрамон дар муқобили қувваҳои вайронгар (он чи Фрейд «ғайриман» ё ғаризаҳои тавҳошӣ меномид) шикаст мехӯрад. Тобишҳои ғаризаи марг (Танатос) дар достон аён аст: қаҳрамон дар интиҳо худро нобуд месозад, пеш аз он ки пашшаҳо ӯро нобуд кунанд. Ин худкушӣ (зоҳиран ӯ дар оби ванна рагҳои дастонашро буридааст, зеро дар матн аз «оби гулгун» ёд мешавад) як навъ таслим шудан ба ангезаи марг аст, ки бар ғаризаи ҳаёт (Эрос) пирӯз мегардад. Фарамӯш набояд кард, ки қаҳрамон дар зиндагии воқеӣ Лоларо дӯст медошт ва қарор буд бо ӯ мулоқот кунад; Лола метавонад рамзи муҳаббат ва зиндагию идомаи насл бошад [12, с. 231]. Вале қаҳрамон ин муҳаббати эҳтимолиро рад мекунад (*«Лола, ту дигар набояд орзуи модар шудан кунӣ...»* навишта буд ӯ) ва ин худ нишонаи нобоварӣ ба идомаи ҳаёт ва бардавомии арзишҳои инсонӣ аст. Гузаштан аз ишқу зиндагисозӣ ба маънои рӯ овардан ба нестӣ ва фаност, ки ин ҳам ба доираи мафҳумҳои фрейдӣ мутобиқат мекунад.

Монанди бисёр достонҳои навиштаи инсон дар давраи буҳронӣ, «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо»-ро низ метавон ҳамчун инъикоси эҳсоси гунаҳкорӣ ё виҷдони азобдида тафсир кард. Дар чанд порчаи достон мо шоҳиди тасвирҳои таҳқир ва азоби виҷдон мебошем: модаре тасаввур мешавад, ки кӯдаки худро ҳангоми аз болои пул гузаштан ба дарё меафканад; худи Аҳмад Ниё аз ин манзара ба шӯр омада, хаёл мекунад, ки «ту набояд чунин корро бикунӣ», гӯё дар ботинаш ҳисси гуноҳи як насл вуҷуд дорад. Шояд дар ин ҷо муаллиф

бо зеҳни қаҳрамон ҳодисаҳои ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистонро (1992–1997), ки худ шоҳиди онҳо буд, коркард мекунад. Эҳтимол модаре, ки тифлашро ба дарё мепартояд, рамзи он модар-Ватан ё ҷомеае бошад, ки фарзандони худро нохост ба коми нестӣ медиҳад. Ин гуна тасвир метавонад баёнгари ҳисси гунаҳкорӣ ва пушаймонӣ аз фоҷиаҳои даҳшатбор бошад, ки дар зершуури қаҳрамон (ва ҷомеа) ҷо шуда буданд. Аз назари Фрейд, виҷдон (суперэго) барои гуноҳҳои воқеӣ ё тахайюлии мо моро танбеҳ медиҳад ва яке аз ҷазоҳои равонии он такрори ихтиёрии ранҷу азоб дар шакли хобҳои даҳшатбор мебошад [7, с 213]. Дидану таҷриба кардани чунин манзараҳои фалокатбор дар достон метавонад ҳамон «танбеҳи виҷдон» бошад. Гузашта аз ин, бадкирдориҳои дигаронро дар хоб дидан низ як шеваи берунрезии мазаммати виҷдон аст: гӯё қаҳрамон мехоҳад бигӯяд, ки “ман не, ҷаҳон гунаҳгор аст”, вале ҳамон ҷаҳон дар пеши назараш фурӯ мерезад.

Бо чунин таҳлил, достони «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо» ҳамчун инъикоси ҷанги дохилии руҳи инсонӣ миёни умед ва ноумедӣ, ишқ ва марг, орзу ва ҳарос падидор мешавад. Зершуури азиятдидаи қаҳрамон мувофиқи тафсири фрейдӣ муҷиби офаридани ин ҷаҳаннами хаёлӣ гардидааст, ки ҳар як ҷузъи он маънии махсуси равонӣ дорад. Албатта, барои комилан кушодани рамзҳои асар, бояд ба ақидаҳои Карл Юнг низ рӯ оварем, зеро Юнг ба паҳлуҳои асотирӣ ва архетипии чунин тасвирҳо равшании тоза меандозад.

Бар хилофи Фрейд, ки бештар ба нохудогоҳи фардӣ ва таҷрибаи шахсии бемор таваҷҷуҳ дошт, Карл Густав Юнг доираи таъбирро то ба нохудогоҳи ҷамъӣ ва арзишҳои фардинашудаи инсоният вусъат бахшид. Аз назари юнгӣ, бисёре аз образҳои «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо» на танҳо маҳсули тарсу ҳаросҳои шахсии як нафар, балки таҷассуми архетипҳо, образҳои бостонӣ ва умумӣ мебошанд, ки дар зеҳни ҳамаи инсонҳо ҳузур доранд. Пас, дар ин достон кадом архетипҳо ё қолабҳои асотириро метавон шиносоӣ кард?

Яке аз равшантарин архетипҳои ҳувайдо дар асар, архетипи «апокалипсис» ё охирзамон аст. Манзараи нобудии кулл, холӣ шудани шаҳр аз одамон, фаро расидани марги ҷамъӣ бо воситаи балои ғайритабиӣ ба ангораҳои қаҳри илоҳӣ ё фурӯд омадани азоби ниҳоӣ дар осотири ҷаҳонӣ монанд аст (масалан, тӯфон дар достони Нӯҳ, ё балои малах дар қиссаҳои библиявӣ). Дар «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо» маҳз пашшаҳо чунин нақшро доранд. Дар фарҳанги динӣ омадани малах ва хазандаҳои зиёновар ҳамчун яке аз аломатҳои азоби илоҳӣ тасвир мешавад. Жан-Пол Сартр дар пйесаи машҳури худ «Мухҳо» (Les Mouches, 1943) образи магасҳои азиятдиҳандаро ба шаҳр ворид мекунад, ки мардумро барои гуноҳҳояшон муҷозот менамоянд. Қиёсан, дар достони М. Солеҳ, ҳамлаи пашшаҳо метавонад рамзи танбеҳи кайҳонӣ ё “карма”-и ниҳоии ҷомеае бошад, ки аз адолат ва инсоф дур гаштааст. Ин бардошт бо хитобҳои паёмбаронаи худи қаҳрамон низ ҳамовоз аст: ӯ аз дурӯғ, беимонӣ, баддинӣ сухан меронад ва эҳсос мекунад, ки тамоми арзишҳо дигаргуна ва ноҳақ шуданд. Пас, балои пашшаҳо ба таври архетипӣ чун ҷазои ин гуноҳҳои ҷамъӣ талаққӣ мегардад. Ин ҷо мо архетипи «тӯфон» ё «балои худотарсона»-ро мебинем, ки Юнг онро хосси зеҳни умумии инсоният медонад: нигоҳи ботинии мо дар лаҳзаҳои буҳронӣ ҷаҳони берунаро ба сурати харобии кулл тасаввур мекунад, то як навъ поксозии худ ва муҳитро тасвир намуда бошад.

Дуюмин архетипе, ки дар ин асар ба назар мерасад, архетипи «Наҷотбахш» аст, ҳарчанд ба шакли таҳрифшуда ва норасо. Дар фарҳанги мардумии мо, чунончи дар адабиёти зардуштӣ, фарзанди паёмбар Зартушт бо номи «Хуршедчеҳр» дар қалъаи афсонавии Ганҷдиж ниҳон аст ва интизор меравад дар поёни замон падид шуда, лашкари Пашутанро ба набуди ниҳоӣ роҳбарӣ кунад. Ҷолиб аст, ки дар достони «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо» номи дӯст ва ҳамсояи қаҳрамон Пашутан аст. Ин тасодуфӣ нест: Пашутан, ки дар охири достон ба дари қаҳрамон меояд ва ӯро ҷустуҷӯ мекунад, ба гунаи рамзӣ ҳамон ёрирасони деркарда ё «наҷотдиҳандаи дер омада» мебошад. Ӯ рамзи умед ва наҷот аст, вале мутаассифона қаҳрамони мо дигар имкони дарро боз кардан ва бо ӯ пайвастанро надорад. Аҳмад Ниё дар он дам худкушӣ кардааст ва дар ванна ғарқи хун аст. Ин шикасти архетипи Қаҳрамон мебошад: наҷотбахш дер мерасад ва наметавонад ҷаҳони қаҳрамонро наҷот диҳад. Аз назари Юнг, ин инъикоси ҳолати равонии сахт ноумедона аст, ки дар он «худ» (ман-и олӣ) наметавонад аз паси торикиҳои «соя» барояд [12, с. 241]. Пашутан гӯё ҷилваи виҷдони қаҳрамон ё ҷони наҷотбахши ӯст, ки кӯшиши охирини халосиро мекунад, вале ғаризаҳои маргу ноумедӣ аллакай ӯро пахш сохтаанд. Бо вуҷуди ин, худи ҳузури образи Пашутан боиси он мешавад, ки қаҳрамон қабл аз марг як шеъри пурдард (гуфтугӯи хаёлан бо Лолаи маҳбуб) эҷод кунад ва орзуи «раҳоӣ дар равони Офариниш» ва «парвоз ба сӯйи гарудмони бедардӣ»-ро ба забон орад. Ин баёнгари он аст, ки архетипи Наҷотбахш комилан нобуд

нашуда, балки ҳатто дар лаҳзаҳои ниҳоӣ ба зеҳни қаҳрамон шуълаи умедеро меандозад. Аз фоҷеаҳои бузург одатан ду натиҷа бармеояд: ё нобудии пурра, ё таваллуди маънавии нав. Дар ин асар ҳар ду ҷанба қобили мушоҳидаанд: нобудии ҷисмонии қаҳрамон, вале халосии шартии руҳи ӯ тавассути шеър ва васиятнома (номаи ӯ ба Лола дар ҳақиқат як навъ васият ва эътирофи ҳақиқати дарёфтакардаи қаҳрамон аст).

Образи Модар ва Кӯдак дар достон як архетипи дигарро ба миён меорад: архетипи «Модар» ва «Кӯдаки муқаддас». Юнг таъкид мекунад, ки дар нохудогоҳи ҷамъӣ симои Модар ҳамеша муҳофизу парваришгар тасвир меёбад, аммо дар ин асар мо мебинем, ки модаре кӯдаки худро ба коми марг месупорад. Ин таҳаввули ваҳшатбор метавонад нишонаи инъикоси архетипи «Модари соявӣ» бошад, модаре ки ба ҷои муҳофизат нобуд месозад. Ин образ аз фурӯпошии низоми маънавӣ дар зеҳни қаҳрамон дарак медиҳад: барои ӯ дигар ҳатто муқаддастарин пайванд, модар ва фарзанд маънии пешинаашро гум кардааст. Ҷомеае, ки дар он модар фарзанди худро қурбон мекунад, албатта иртиботи мустақим бо зулму ҷанги дохилӣ дорад (дар давраи ҷанг бисёр модарон фарзандони худро аз даст доданд ва гоҳе барои зинда мондани дигарон дили худро «санг» мекарданд). Юнг гуфтааст, ки дар хобҳои даҳшатбор гоҳо «ҳаёти нав» (кӯдак) қурбон мешавад, ки ин рамзи нотавон мондани худи руҳи инсон барои таҷдиду эҳё аст [12, с. 246]. Аз ин зовия, қурбонии кӯдак дар достон рамзи аз даст рафтани умеди таҷдиди ҷомеа ва худи қаҳрамон мебошад. Бинобар ин, Аҳмад Ниё дар номааш ба Лола таъкид мекунад, ки онҳо «қодир ба зодани инсони озод нестанд» [2, с. 440] ва набояд фарзанд оваранд яъне, ҳатто зуҳури як кӯдакро ҳам намехоҳад, зеро бовар надорад, ки он кӯдак дар ин ҷаҳони палиду фосид инсони солим тарбия меёбад. Ин сухан ба таври архетипӣ айнан маънои «марги кӯдак» (марги оянда) дар руҳияи қаҳрамон аст.

Архетипи дигаре, ки дар достон мебинем «Соя» ё паҳлуи торики нафс аст. Карл Юнг консепсияи Сояро ҳамчун маҷмӯаи хислатҳои нохушоянд ё саркӯбшудаи шахсият шарҳ медиҳад, ки одатан дар зеҳни худогоҳ инкор мешаванд, вале дар орзу ва аъмоли бешуурона зуҳур мекунанд [13, с. 332]. Дар «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо» мо метавонем тамоми фазои даҳшатборро ҳамчун проексияи Сояи қаҳрамон таъбир кунем. Он чӣ Аҳмад Ниё дар ҷаҳон мебинад: хун, пашшаҳо, марг, бедодӣ метавонад сояи фикру эҳсосоти худаш бошад, ки дар зери фишори воқеаҳои берунӣ аз даст рафта, ба ин сурат баромадаанд. Ӯ дар аввали асар аз дасти мошинҳои пурсадо, нотиқони беамон ва сагҳои аккос хобашро аз даст дода буд. Ин ҳама ҷилваҳои ҳаёти реалӣ буданд, ки мабодо сояи сензурашудаи қаҳрамон гаштанд: шӯру шарри ҷомеа дар хобҳои ӯ ба сурати махлуқоти ҳаюлоӣ (пашшаҳо) падид меояд. Сояи қаҳрамон пур аз хашму нафрати ниҳонӣ нисбат ба бадиҳои дунёст; аз ин рӯ, дунёро худ ба сурати даҳшатбор пеши ӯ мегузорад ва маҷбур мекунад бо он рӯбарӯ шавад. Дар поёни достон, қаҳрамон ба ҷои рӯбарӯ шудан бо Соя таслим мешавад ва нобудиро ихтиёр мекунад. Ин аз нигоҳи юнгӣ маънои онро дорад, ки раванди ба камолоти руҳӣ расидан (он чиро ки худи Юнг онро «индивидуасия» меномад) нотамом мондааст; қаҳрамон натавонист бо сояи худ одилона рӯ ба рӯ шуда, онро таҳти назорат ва ваҳдат дароварад. Баръакс, соя ӯро фурӯ бурд.

Бо вуҷуди гуфтаҳои боло, бояд таъкид кард, ки асари Муҳаммадзамони Солеҳ танҳо як достони шахсӣ нест, балки чун бисёре аз осори сюрреалистӣ, руҳияи даврони муайяни таърихиро низ инъикос мекунад. Баррасии юнгии «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо» нишон медиҳад, ки ин достон ба истилоҳ «хоби дида»-и на фақат як нафар, балки метавонад хоби дидаи як ҷомеаи азияткашидаро таҷассум намояд. Дар пайи ҷанги шаҳрвандии харобиовар ва буҳронҳои иҷтимоии аввали солҳои 90-ум, зеҳни ҷамъии тоҷикон пур аз тасаввуроти апокалиптикӣ, тарс аз фардо, эҳсоси гуноҳ ва умед ба наҷотбахш шуда буд. Дар достони мазкур ҳамаи ин ҳиссу ҳолатҳо мавҷ мезананд: ваҳми поёни дунё, ҳузури шуми офатҳои ногаҳонӣ (пашшаҳо), талаби наҷот (Пашутан), эҳсоси гуноҳ (қурбонии кӯдак) ва ниҳоят таслимшавӣ. Аз ин ҷост, ки асар бар руҳияи хонандаи ҳамон даврон таъсири қавӣ мерасонд, зеро ба гуфтаи Юнг, ҳунарманд метавонад бо нохудогоҳи ҷамъӣ пайванд хӯрад ва чизеро рӯйи коғаз оварад, ки дигарон дар дил доранд. «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо» маҳз чунин асар аст: як кобуси дастаҷамъӣ, ки бо қалами як нафар тасвир шудааст.

Ҳамин тавр, «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо» чун як достони кӯтоҳи сюрреалистӣ на танҳо таҷрибаи шахсӣ ва дардҳои ботинии як қаҳрамонро ба қалам медиҳад, балки вазъияти таърихӣ ва руҳияи як даврони буҳрониро низ мунъакис мекунад. Таҳлили анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки Муҳаммадзамони Солеҳ дар ин асар бо маҳорати баланд олами воқеиро бо олами хаёл пайванд зада, дар қолаби рамзу маҷоз паёмҳои амиқи башариро интиқол додааст. Дидани ҷаҳони худдархун ғарқшуда, паҳн шудани балои пашшаҳои маргбор,

фурӯпошии арзишҳои маънавӣ ва ноумедии комили инсон ҳамаи ин мазомин метавонанд ба таври рамзӣ ҳам аҳволи равонии қаҳрамон ва ҳам вазъи иҷтимоӣ-ахлоқии муҳити солҳои 90-умро таҷассум кунанд. Бо истифода аз назарияҳои равоншиносӣ аз қабили таълимоти Фрейд ва Юнг мо тавонистем баъзе паҳлӯҳои ниҳонии достонро равшан созем. Аз дидгоҳи фройдӣ, ин асар ҳамчун «хоби» як нафари пуризтироб хонда мешавад, ки орзуҳо ва ваҳмҳои ноаёнашро рӯйи саҳна овардааст. Аз дидгоҳи юнгӣ, достон аз қолабҳои абадии нохудогоҳи ҷамъӣ баҳра бурда, оқибатҳои фалокатбори суқути арзишҳоро бо образҳои апокалиптикӣ ва асотирӣ ҳикоят мекунад. Ҳамин ҳамгироии паҳлӯҳои шахсиву ҷаҳонӣ, воқеиву рамзӣ ба «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо» қудрати ғайримуқаррарии таҷассумгарӣ ва тафаккурии хос додааст. Дар адабиёти тоҷик, ки солҳои дароз бештар дар қолаби реализми сотсиалистӣ рушд меёфт, эҷоди асаре бо чунин сабки бадеӣ (сюрреализм ва абсурд) падидаи ғайримаъмул ба шумор мерафт. Муҳаммадзамони Солеҳ бо ин достон шуҷоати эҷодие нишон дод, ки дар миёни ҳамнаслонаш камтар дида мешуд ва маҳз ҳамин ҷиҳат асарро ҷаззобу таъсирбахш гардондааст. Ин асар ҳамзамон паёми маънавии амиқ низ дорад: он хонандаро водор месозад, ки дар бораи арзишҳои ахлоқӣ, виҷдон ва сарнавишти инсони муосир андеша кунад. Паёми пинҳонии «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо» шояд ин бошад, ки танҳо бо бедории виҷдон ва азми ҷиддии одамон метавон аз чунин сарнавишти фоҷеабор ҷилавгирӣ кард. Ҳарчанд достон бо нобудии қаҳрамон анҷом меёбад, худи рӯйи коғаз овардани ин кобус аз ҷониби нависанда як амали ҳушдордиҳанда ба ҷомеа аст.

Бино ба ҷасорат ва умқи андешаи ба корбурда, «Кобуси Кобус…» дар замони нашраш симои Муҳаммадзамони Солеҳро ҳамчун нависандаи «борикбаён ва амиқандеш» барафрошта намуд. Бешак, ин достон яке аз намунаҳои камназири адабиёти муосири тоҷик дар жанри сюрреалистӣ ва равоншинохона мебошад. Он ба мо ёдовар мешавад, ки адабиёт метавонад дардҳои нуҳуфтатарини инсон ва ҷомеаро бо забони рамзу киноя баён карда, ҳушдор диҳад, то инсоният аз такрори он кобусҳои ваҳшатбор дар воқеият пешгирӣ намояд.

Адабиёт

1. *Бюргер П. Теория Авангарда. М.: V–A-C press, 2014. — 200 с.*
2. *Муҳаммадзамони С. Девори Хуросон. – Душанбе: Адиб, 2005. – 449с.*
3. *Насриддинов А. Фарҳанги мушкилоти адабиёт.- Хуҷанд, 1992.- 114 с*
4. *Фрейд, З. Психология бессознательного. - Москва: Директ-Медиа, 2008. -551с.*
5. *Фрейд З. Психология масс и анализ человеческого «Я». - Москва: Академический проект, 2014. - 119 с.*
6. *Фрейд, З. Психоаналитические этюды. - Харьков: Фолио,2005.-221с.*
7. *Фрейд, З. Тотем и табу. Харьков: Фолио, 2009. - 382 с.*
8. *Фрейд, З. «Я» и «Оно». Избранные работы. переводчик Л. Голлербах. - Москва: Издательство Юрайт, 2020. - 165 с.*
9. *Хопкинс Д. Дадаизм и сюрреализм. (тарҷумаи А. Амон). – Душанбе: «Донишварон», 2021. – 192 с.*
10. *Юнг, К. Г. Психология бессознательного. Москва: АСТ: Канон+ , 1998. - 400 с.*
11. *Юнг, К. Г. Психологические типы. Перевод с немецкого С. Лорие. - Москва.: Университетская книга: АСТ, 1998. - 716 с.*
12. *Юнг, К. Г. Символическая жизнь: перевод с английского. Москва: Когито-Центр, 2003. - 325 с.*
13. *Юнг, К.Г. Человек и его символы/ Пер. Сиренко И .Н .; Сиренко С.Н.; Сиренко Н.А. — М.: Медков С. Б., «Серебряные нити», 2016. - 352 с.*

БАРРАСИИ СЮРРЕАЛИСТИИ ДОСТОНИ «КОБУСИ КОБУС Ё БОЗОРИ ПАШШАҲО»-И МУҲАММАДЗАМОНИ СОЛЕҲ АЗ НИГОҲИ НАЗАРИЯҲОИ З. ФРЕЙД ВА К.Г.ЮНГ

Дар мақола таҳлили ҳамаҷонибаи повести «Кобуси кобус ё бозори пашшаҳо»-и нависандаи тоҷик Муҳаммадзамони Солеҳ (1951–2009) пешниҳод мегардад. Таъкид ба унсурҳои сюрреалистии матн ва тафсири равонии онҳо дар доираи суннати психоаналитикӣ равона шудааст. Мотивҳои асосии асар баррасӣ мешаванд: манзараҳои апокалиптикӣ, образи пашшаҳои ҳалокатовар, фурӯрезии арзишҳо, мотиви танҳоӣ ва мотиви гуноҳ. Бо такя ба андешаҳои Зигмунд Фрейд, повест ҳамчун таҷассум ё тасвири ҳунарии тарсҳои беҳушона ва эҳсосоти фишурдашудаи қаҳрамон шарҳ дода мешавад, ки бо бесарусомонӣ ва зӯроварии даврон пайвастагӣ доранд. Дар шарҳи Карл Юнг архетипҳои поёни ҷаҳон, Модар ва Кӯдак, Соя ва Наҷотбахш ошкор мегарданд, ки имкон медиҳад матнро на танҳо ҳамчун инъикоси таҷрибаи шахсии қаҳрамон, балки ҳамчун ифодаи беҳушии ҷамъиятии мардуми тоҷик дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ арзёбӣ намоем.

Калидвожаҳо: Муҳаммадзамони Солеҳ, «Кобус», сюрреализм, психоанализ, Фрейд, Юнг, архетипҳо, адабиёти муосири тоҷик.

СЮРРЕАЛИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ПОВЕСТИ «КОШМАР КАВУСА, ИЛИ БАЗАР МУХ» МУХАММАДЗАМОНА СОЛЕХА СКВОЗЬ ПРИЗМУ ТЕОРИЙ ФРЕЙДА И ЮНГА

В статье представлен комплексный анализ повести «Кобуси Кобус ё бозори пашшаҳо» («Кошмар Кавуса, или базар мух») таджикского писателя Мухаммадзамона Солеха (1951–2009). Особое внимание уделено сюрреалистическим элементам текста и их психологической интерпретации в рамках психоаналитической традиции. Рассмотрены ключевые мотивы произведения – апокалиптические видения, образ губительных мух, разрушение ценностей, мотив одиночества и мотив вины. На основе идей Зигмунда Фрейда повесть трактуется как художественное воплощение бессознательных страхов и подавленных переживаний героя, связанных с хаосом и насилием эпохи. В интерпретации Карла Юнга выявлены архетипы конца света, Матери и Ребёнка, Тени и Спасителя, что позволяет рассматривать текст не только как отражение личного опыта героя, но и как выражение коллективного бессознательного таджикского общества времён гражданской войны.

Ключевые слова: Мухаммадзамони Солех, «Кошмар Кавуса», сюрреализм, психоанализ, Фрейд, Юнг, архетипы, таджикская литература.

A SURREALIST ANALYSIS OF MUHAMMADZAMON SOLEH'S "THE NIGHTMARE OF KAVUS, OR THE MARKET OF FLIES" THROUGH THE THEORIES OF FREUD AND JUNG

This article offers a surrealist and psychoanalytical reading of Muhammadzamon Soleh's short story "Kobusi Kobus, or the Market of Flies" (1994). The study explores the symbolic imagery of the text—visions of blood, apocalyptic destruction, swarms of flies, the collapse of values, and the hero's sense of guilt and loneliness—within the frameworks of Sigmund Freud's and Carl Jung's theories. From a Freudian perspective, the narrative represents the protagonist's unconscious fears, repressed desires, and the eruption of the death drive amid the turmoil of civil war. A Jungian interpretation reveals the presence of archetypes such as the Apocalypse, the Shadow, the Mother and Child, and the Savior, allowing the text to be read as an expression of the collective unconscious of Tajik society in the 1990s.

Keywords: Muhammadzamon Soleh, The Nightmare of Kavus, surrealism, psychoanalysis, Freud, Jung, archetypes, Tajik literature.

Дар бораи муаллиф
Абдуҷалили Амон Холиқзода
Номзади илмҳои филологӣ, докторанти кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
E-mail: abdujalil.amon@outlook.com

Об авторе
Абдуджалили Амон Холикзода
Кандидат филологических наук, докторант кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: abdujalil.amon@outlook.com

About the author
Abdujalil Amon Kholiqzoda
Candidate of philology, Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: abdujalil.amon@outlook.com

ТДУ 821.222.1.09-3

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ НАСРИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

Валиева Ҳ. С.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ба истиқлол ва ҷойгоҳи он дар зиндагии ҳар қавму миллате метавон аз зовияҳои гуногун назар намуд. Аз ҷумла, шинохти истиқлолият ҳамчун сарчашмаву манбаи имконоти лозим дар тамоми соҳаҳову арсаҳои зиндагии сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зарурӣ ба назар мерасад. Истиқлол дар як нигоҳ оғоз ва шукуфоии тадриҷии имконоти рӯзафзун, пайванду иртиботи пурҷониба бо мардуми ҷаҳон дар тамоми арсаҳову соҳаҳои зиндагист, вале ҳангоме, ки аз адабиёти замони истиқлол сухан дар миён меафтад, фазои баҳс мушкилу печидатар мешавад. Ҳарчанд солҳои оғозини истиқлол мо давраи вазнинро гузаронидем, нишебу фарози зиёдеро пушти сар намудем, аммо дар радифи он ба пешрафту комёбиҳои камназире даст ёфтем, ки шинохташ, инъикоси бадеияш, заруру муҳим аст.

Дар давраи истиқлолият насри нави насрнависон ба соҳаи адабиёт бо асарҳои тоза, дар жанрҳои ҳикоя, повест – қисса ва романҳои худ ворид шудаанд. Дуруст аст, ки баъзе намунаҳои эҷодиёти онҳо дар солҳои охири даврони шуравӣ чоп шуданд, вале маҳсули онҳо асосан дар 10-15 соли истиқлол ташаккул ёфт. Ин зумра ба ҷодаи адабиёт бо мавзуву масъала, ғоя ва образҳои тоза қадам гузоштанд ва руҳи тоза ба олами маънавият оварданд [1, с. 621].

Осоре, ки аз ҷониби нависандагон дар даврони истиқлол ба чоп расида, андак нест. Ин осор бояд ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ гардад ва дар ниҳояти диққату таваҷҷуҳ омӯхта шавад, таҳлилу арзёбии муҳаққиқона дар атрофаш сурат бигирад.

Бояд изҳор дошт, ки адабиётшиносии мо дар ин маврид дастхолӣ нест. Дар радифи мақолоти интиқодии ба табъ расида, муҳаққиқони мо китобу мақолоти пуразрише ба нашр расонидаанд, ки ба бархе аз онҳо ишора хоҳем намуд. Дар таҳқиқи адабиёти замони истиқлол хосатан саҳми донишмандони арҷманд шодравон академик А. Сайфуллоев муҳаққиқи пуркор Ш. Солеҳов, А. Набавӣ, У. Сафар ва дигарон чашмрас аст [5].

Аслан таваҷҷуҳи як мунаққид ба осори адабӣ ба хотири нақду баррасӣ аз рӯйи ҳавою ҳавас нест, балки ниёзу эҳтиёҷест, ки аз дарун, аз табиати нақд бармехезад. Ба навиштаи яке аз донишмандон «Вижагии хоси нақд дар рисолати хидматии он дар адабиёт нуҳуфта аст, зеро нақд бо назардошти ин ки истеъдоди офаринандагӣ, ҷаҳоншиносии суварӣ надорад, ночор аст ба таҳлилу таҷзияи унсурҳои манзараҳои бегона ва аз худ намудани ҳадафҳои пинҳоне, ки дар марзи ин манзараҳо дар камин аст, иктифо кунад. Адабиёти бадеӣ имкон дорад бидуни нақд вуҷуд дошта бошад, вале нақд бидуни адабиёти бадеӣ қобили дарк нест» [3, с. 235].

Ҷойи таъкид аст, ки нимаи аввали солҳои навадуми асри гузашта, аз душвортарин даврони таърихи миллати мост. Ҳаводису падидаҳое, ки дар натиҷаи таҳаввули бузурги таърихӣ, пошхӯрии давлати абарқудрати Шуравӣ рух дод, маҷрои зиндагиро дар тамоми соҳоти иҷтимоӣ дигаргун сохт. Адабиёт низ аз таъсири он бенасиб намонд. Танҳо вазифаи адабиёт буд, ки ҳусну қубҳи ин раванди селосоро бояд воқеъбинона муҷассам месохт. Албатта он чи ки дар як фосилаи кӯтоҳи замонӣ дар сарзамини мо гузашт, амре нест, ки битавон ба осонӣ саҳнаҳои онро либоси бадеъ пӯшониду чеҳраи воқеияшро тарсим намуд. Амалӣ шудани чунин амре тааммулу андешаи корсоз ва замон мехоҳад. Гузашта аз ин шинохту маърифати заминаву иллатҳои он таҳлилу арзёбии муҳаққиқонаву пурдоманаро талаб мекунад. Ба андешаи мо нахустин таҳлилу натичагирии мушикофона дар ҷаласаи садорати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон соли 1996, пас аз панҷ соли дарёфти истиқлол сурат гирифт. Нависандаи маҳбуб А. Самад дар суханронии худ саъю талош ба харҷ дод, то вазъи буғранҷи адабиёти муосиру ҷойгоҳи нависандагонро дар вазъияти тозаи иҷтимоӣ бозгушоӣ намояд. Мазкур бо таассуф хотирнишон сохта буд, ки адабиёти муосиру классики мо бо доштани хирворе аз панду ҳикмат, андешаҳои наҷиби вантандориву ватанпарастӣ, муҳаббату меҳрварзӣ, натавонист садди роҳи он ҳама ҳаводиси нохушоянд шавад.

Нуқтаи дигари қобили мулоҳиза дар суханронии мавсуф ин матлаб аст, ки қабл аз падид омадани он ҳама ҳодисоти хонумонсӯз дар осори гурӯҳе аз нависандагони боистеъдоди тоҷик оянда ба андозае тасвири бадеии худро ёфта буд.

Самад А. менависад: «Ба ёд биёрем тобу таби ташвишу сӯхтанҳои қаҳрамонҳои романи Муҳаммадиев Ф. «Палатаи кунҷакӣ»-ро аз нобаробарӣ, пастӣ ва разолат, аз футурравии маънавиёт ё масъалаҳои ришвахӯриву худсарии кормандони масъули ҳифзи ҳуқуқро аз романи «Зоғҳои бадмӯр»-и устод Ҷ. Икромӣ. Дар асарҳои Ҷ. Одина, М. Наҷмиддинов, У. Кӯҳзод, С. Турсун, Сорбон ва Б. Фирӯз низ аз падидаҳои номатлуби рӯз ба гӯш мерасид. Аммо «қаҳрамонҳо»-и майдону воқеаҳои пурмоҷарои солҳои охир ба ҳама паҳлӯ ва сиёҳиву сафедии кирдору ақоид аз қаҳрамонҳои адабиёт ончунон чашмрасу фаъол гардиданд, ки хонандаву нависандаро дар ҳайрат гузоштанд. Низову кашмакашу талошҳои бераҳмона чун сели бало якбора дамида ба дараҷаи ифрот расиданд, балки ба харобкорӣ, ваҳшонияту хунрезӣ сабаб шуданд. Шояд на хонандаву на адиб чунин ранг гирифтани зиндагӣ ва дигаргун шудани ҳолати руҳии ҳамзамонон, хоса силоҳбадастонро чашмдор набуданд, хуни якдигар рехтани ҳамиллатонро интизор набуданд… Ва дар ин марҳилаи доғ, зиндагӣ ин устоди якрӯю ҳақгӯй бурду бохти нависандагонро ба ҷойи нақди адабӣ чун дар ойина пеши чашмашон айён сохт» [10, с. 12].

Мавзуи дигаре, ки зикраш муносиб аст, ривоҷи бозори нависандагони ҳаваскор дар солҳои аввали истиқлол аст, ки «гургро дур дидаву ба майдони холӣ» ворид гардиданд. Сукуту хилватнишинии нависандагони мо, ки ҳамроҳ бо андешаву тааммул дар перомуни чигунагии ояндаи адабиёту фарҳанги миллат буд, барои ҳаваскорон майдонро мусоид сохта буд. Адабиёти мансури мо бидуни шакку тардид то замони вуқуи ҳаводиси сиёҳи таърих мисли дигар риштаҳои адабиёти миллӣ ба баландтарин қуллаҳои такомулу пешрафти худ расида буд. Охири солҳои ҳаштодуми асри гузашта як навъ бознигариву таҳлили илмӣ-таърихии насри муосир шуруъ шуда буд. Баҳсҳои судманде миёни муҳаққиқону адабиёт ва нависандагон сурат мегирифт. Осори нависандагони мо зимни ин баҳсҳои илмӣ-пажӯҳишӣ бо офаридаҳои нависандагони дигар қавму миллатҳо қиёс мегардид. Тамоюлҳои тозае дар адабиёти мо ба зуҳур мерасид. Роҳ барои насли нави адабиёт ҳамвор мегардид. Вале даргириҳои нобаҳангом ин ҳама шӯру шавқ, завқро мутаваққиф сохт. Нависандагони мо барои замони муайян ба дунёи даруни худ фурӯ рафтанд, то барои роҳёбӣ дар фазои печидаву мубҳами замон хешро омода созанд. Ба пурсиши ҳамешагии «чи бояд кард?» посух пайдо намоянд. Ин фазои меҳолуд ҳарчанд ба кундӣ, вале равшан мешуд. Китобу маҷмуаҳои нависандагон новобаста аз вазъи душвори моливу иқтисодӣ, аҳён-аҳён ба табъ мерасид ва ин раванде буд, ки бо гузашти ҳар соле афзунтар мегашт. Ҳикояву қисса, роман, жанрҳои маъмулии даврони истиқлоланд. Танҳо хотирнишон бояд кард, ки таълифи романҳои таърихӣ дар ин солҳо чашмрастар аст, ки ин амр сабабу заминаҳои худро дошт. Дар ин миён ҷойи таъкид аст, ки нақди адабӣ, ки муаррифгари адабиёт аст, ба гунаи шоиста натавониста, ки вазифаи худро иҷро кунад.

Як мунаққид дар нақде, ки менависад, саъю талош меварзад то дар ниҳоди мухотабон завқу салиқаи хоси адабиро фароҳам созад, ба онҳо таъсири ахлоқӣ расонад, дар шаклгирии мавқеияти ҷамъиятии онҳо таъсиргузор бошад, хонандагонро ба дарки эҳсосу авотифи муаллифи асар ва хондани асар барангезад. Албатта дар таҳаққуқи ин амр мунаққидро лозим аст, ки сатҳи омодагӣ ва марзу буми мухотибонро бишносад ва барои онҳо забонеро интихоб кунад, ки мафҳум бошад.

Устод Шакурӣ М. дар як мусоҳибааш хотирнишон сохта буд, ки «танқид ҳассостарин назоратгарест, ки хурдтарин дигаргуниҳоро дар мазмуну ғояҳо, мавзую проблемаҳо, жанру услубҳои адабиёт ва биниши бадеии нависандагон зуд пай бурда, барои муайян кардани моҳияти онҳо кӯшида, ба майдони муҳокима мебарад ва барои пешрафти адабиёт, барои вазифаҳои иҷтимоиву таърихии худро иҷро кардани он фаъолона мубориза мебарад. Дил мехоҳад, ки танқиди тоҷик фаъолтарин қуввае дар инкишофи адабиёт бошад» [14, с. 205].

Қобили зикр аст, ки масъалаи чигунагии камолу пешрафти фаъолияти аҳли эҷод ва дар маҷмуъ раванди умумии адабиёт дар ин солҳо ҳамвора мавриди таваҷҷуҳу мадди назари ҳукумати кишвар ва хосатан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон буд. Эшон дар мулоқоту суханрониҳои хеш ҳамеша таъкид менамуданд, ки авзои ҷаҳон хеле тез дучори тағйиру таҳаввул мегардад, низоъҳои диниву мазҳабӣ шиддат пайдо мекунанд, даҳҳо ҳаракату равияҳои тундрав вориди саҳнаҳои сиёсӣ шудаанд. Чунин вазъияте аз ҳар адибу ҳунарманд, аҳли эҷод тақозо менамояд, ки бештар ба мавзуъҳои ҳифзу пойдории амнияти миллӣ, оромиши фазои кишвар, пос доштани муқаддасоти Ватан, таҳкиму истеҳком бахшидан ба ваҳдати миллӣ дахл намуда, эҳсосоти наҷиби ватандориву ватанпарастӣ, инсондӯстӣ, сулҳпарвариро дар ниҳоди ҷавонон тарбият намоянд. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин мавзуъро дар яке аз дидорҳои худ бо равшанфикрони кишвар

пайгирӣ намуда, чунин изҳор дошта буданд: «Дар шароити кунунӣ бояд тамоми зиёиён ва мардуми Тоҷикистон дар баробари аз худ кардани беҳтарин арзишҳои ҷомеаи башарӣ дар раванди ҷаҳонишавии масъалаҳои ҷаҳонӣ, манфиатҳои миллии хешро дуруст дарк ва ҳимоя намоянд. Зеро мо агар қадру манзалати Ватан, миллат ва забони худро ба таври амиқ дарк насозем, зарурати густариши худшиносию худогоҳӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи истиқлолияти Тоҷикистонро пайваста таъкид накунем, амнияти миллӣ ва рушди иқтисодиву фарҳангиро таъмин карда наметавонем» [7, с. 21].

Истиқлолият ба тамоми неруҳои эҷодии кишвар такони ҷонбахше бахшид. Тули солҳо истеъдодҳои нодире вориди ҳарами адабиёт шуданд, ки ба нигоштаҳои бархе аз онҳо ишорат намудан зарур ба назар мерасад.

Худи нависандагон низ эҳсос мекарданд, ки авзои навин, замон беш аз ҳар вақти дигаре масъулияти бузургеро ба дӯши онҳо гузоштааст. Осори онҳо дар шароити нав бояд ҳамқадами замон бошад, ба тамоми мушкилу пурсишҳои ҷомеа посухгӯ бошад. Раванди зиндагӣ, падидаҳои ба вуқӯъ пайваста, диди таҳлилгарона, ҷаҳоншинохтии тоза, шеваву бархурди дигаргунаву ҷомеъро аз эҷодкорон тақозо менамуд. Беҳуда нест, ки А. Самад изҳор дошта буд: «Нависанда инсон меофарад. Ӯ бо тахаюли гирояш халлоқи инсон аст, инсоне ки бо амалиёти савобу носавоб ва афкори фаъолонаи мухталифаш ҳамқадами давру замон бошад. Ва пӯшида нест, ки ҳар як нависанда дар солҳои пурошӯб бо қаҳрамонони офаридаи худ сари андешаву суҳбат нишаста буд. Ва худ ба худ иқрор карда буд: ӯву қаҳрамони асарҳояш дар ҷараёни тезу тунди рӯзгори ҷомеа чи нақше гузошта тавонистааст? Оё чун инсонҳои бетафовут шабеҳи тамошогар буданд, ё бо рафтори оқилона, маданияти фикрӣ ва ақлу заковати солим ба доғҳои пурсӯзи мардуму кишвари худ давоҳое ёфтаанд? Магар қаҳрамони асари мо, ки таҷассуми орзуву армони фарди эҷодкор аст, роҳнамои хонанда буд ё аз паси майдондорҳо мерафт? Ба ин саволи мантиқӣ ҳар хомакаши замон дар назди виҷдони худу аҳли ҷомеа ҷавоби мушаххас бояд диҳад!» [10, с. 13].

Ба андешаи аксари муҳаққиқони адабиёт барҷастатарин вижагии адабиёти даврони Истиқлол таблиғу тарвиҷи идеяи худшиносиву худогоҳии миллӣ ба шумор меравад. Замон, шароити нави иҷтимоӣ тақозо менамуд, ки беш аз ҳар вақти дигаре рӯйи ин идея таваҷҷуҳ сурат бигирад. Насли имрӯзро бояд ба пешинаи фарҳангӣ, ба мероси гаронсанги ниёкон мутаваҷҷеҳ мешуд, зеро тавре ки аз таҷриба бар меояд, шинохту маърифати мероси фарҳангӣ, адабӣ имкон медиҳад, як миллат бар пояи он андешаи миллии худро дарёбад, роҳро барои оянда ҳамвор созад, ҷойгоҳи худро дар миёни ақвому милали дигар дар раванди умумии ҷаҳонӣ муайян намояд. Равшан аст, ки дар таҳаққуқи ин амр рисолати бузург қабл аз ҳама ба дӯши адабиёт аст. Хушбахтона, дар ин бахш адибону нависандагони мо дастхолӣ нестанд.

Дар ин солҳо чанде аз нависандагони соҳибтаҷрибаи мо саъй кардаанд, то образҳои шахсиятҳои номдори таърихиро биофаринанд. Чи тавре ки қайд шуд, баргашт ба аъмоқи таърих, ҷустуҷӯи зиндагӣ ва соҳоти кору фаъолияти чеҳраҳои мондагори таърихию мазҳабӣ бо максади бедорсозии ғурури миллӣ, шинохту маърифати арзишҳои маънавӣ ва ахлокии мардуми ин сарзамин буд. Таъкиди ин ҳақиқат буд, ки имрӯзро бе маърифати таърихи дурахшони пешиниён наметавон сохт. Бақои ҳастӣ дар ин сарзамин аз баракати мардони бузургу баору номуси он аст.

Нашри романи Муҳаммадзамони Солеҳ «Девори Хуросон» дар ҷомеаи адабии мо дар соли 1999 падидаи нодир буд. Қаҳрамони «Девори Хуросон» бунёдгузори давлати Сомониён Шоҳ Исмоили Сомонист. Бузургмарде, ки дар таъсису рушду камоли нахустдавлати тоҷикон, вусъату доманаи марзҳои ҷуғрофиёии он, барқарории фарҳангу забон, тарбияти эҳсосоти наҷиби ватандориву ватанхоҳӣ хидматҳои беназире намудааст.

Зимни офариниши чеҳраҳои таърихӣ, имконоти тахаюли эҷодӣ бидуни ошноӣ бо сарчашмаҳои муътабари таърихӣ маҳдуд аст, вале баррасии «Девори Хуросон» нишон медиҳад, ки зеҳни халлоқи нависанда аксари маъхазу манбаъҳои муътабарро мӯшикофона убур намудааст.

Шинохти он ҳама сарчашмаҳои асил ва «тахаюли баландпарвози бадеи ӯ имкон додааст, ки вай бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ, бо банду басти қавӣ воқеияти реалии замони ҳукмронии Исмоили Сомониро дар шакли роман ба қалам орад. Дар он халқ, ҷомеа, мамлакат, муборизаю талошҳои сахт ба хотири озодию истиқлолият, ҳастӣ ва бақои миллат ба таври бадеӣ инъикос ёфтаанд [5, с. 503].

Романи «Девори Хуросон» аз нигоҳи банду баст ё сохтор ҷолиби таваҷҷуҳ мекунад. Нависанда дар роман аксар аз шеваи муҳокимаву баҳсороӣ миёни қаҳрамонҳо, андешаҳои

монологӣ истифода намуда, ки ниёзест бархоста аз даруни дарунмояҳои масъалаи аслӣ. Дар роман ба гунае фалсафаи давлату кишвардорӣ аз номи қаҳрамонҳои аслии роман бозгӯ мешавад. Гӯё барои имрӯзиён роҳ ҳамвор мегардад. Масалан дар бахше аз роман Амир Исмоил чунин меандешад: «Агар табъи ахлоқии башар ба камол рушд наёбад, давлат аз байн меравад. Рисолати ҳамаи динҳои ҷаҳон таъмини камоли рушди ахлоқӣ бояд бошад. Вале барандагони ин адён, намедонам бо кадом сабаб ин ҳадафи аслии хешро ба фаромӯшӣ супурдаанд. Пас давлат табъи ахлоқии башарро таъмин менамояд. Ҳама гуна давлат зулм аст, маҷбуркунӣ аст. Яъне, давлат лашкар дорад, шаҳна дорад, қозӣ дорад, муфтӣ дорад, шоҳ дораду вазир, то ки табъи ахлоқии башарро барои камол ёфтан таъмин кунад. Мо ақаллан ин ҳадафро дар доираи қаламрави хеш таъмин намоем» [4, с. 50].

Муҳаммадзамони Солеҳ дар романи худ бо камоли ҳунару истеъдод нишон додааст, ки амир Исмоил ҳамвора бар ин буда, ки аркони адлу инсофро ҳифз намояд, аз зулму таадӣ бипарҳезад. Адолат барои Исмоили Сомонӣ аркони ахлоқӣ нест, балки худи ахлоқ аст. Таврe ки медонем, дар тамоми сарчашмаҳои таърихӣ, онҷо ки аз амир Исмоил сухан дар миён меафтад, аз ӯ ҳамчун шоҳи одил ёд шуда. Ҳамин андешаро нависанда дар романи худ дар ниҳояти ҳунару чирадастӣ нишон додаст.

Яке аз вижагиҳои романҳои таърихӣ нигаҳдошти забону расму русум ва сабки гуфториву навиштории замони мавриди назар аст. Пардохтан ба сабки марсуми замон имкон медиҳад хонанда ба ҷаҳонбинӣ, диду биниши қаҳрамон ошно шавад.

Масалан аз нақли ин андеша, ки дар перомуни душманону бадхоҳони хонагӣ аз забони Амир Исмоил бурун омада, сабки мунсаҷиму истеҳкомёфтаи асри амир ҳувайдост: «Бадтарин душмани мо дар байни худи мост. Мо бояд онҳоро бишносем. Душмани берунӣ он қадар хавфнок нест. Ҳамаи бадбахтиҳо, маҳрумиятҳо чаповулу сохторҳоро мардуми мо аз душманони дохилии хеш мутаҳаммил шудаанд. Мо бояд онҳоро шиносем. Ин аввалин гомест, ки мо метавонем дар роҳи амнияти хеш бардорем» [4, с. 50-51].

Қобили зикр аст, ки дар «Девори Хуросон» ба ҷуз образи амир Исмоил чеҳраҳои дигаре ҳастанд, ки ҳар яке барои худ мақому манзалати хосе доранд. Аз ҷумла симои бародараш Наср, вазири донишманду фарҳангпарвар Балъамӣ, Рофеъ бини Ҳарсама, Амир Лайс, амирулмуъминин Муътазид ва ғ.

Рӯйиҳамрафта романи мазкур миёни осори калонҳаҷми давраи истиқлол асарест, ки дар саҳифоти он «он ҳама арзишҳои сиёсӣ, фалсафӣ, маънавию ахлоқӣ ба сифати савияи тафаккури таърихии қаҳрамони асар бо умқу паҳноии худ ба кор гирифта шудаанд ва ба ин маънӣ Муҳаммадзамони Солеҳ дарунмояи таърихӣ ва андешаи миллии насрро ғанои тоза бахшид. Аз ин ҷо дар барои тафакури тозаи бадеӣ дар адабиёти муосир сухан ба миён овардан мумкин аст, ки хусусияти муҳимми он ба тасвири бадеӣ кашидани маънавиёти зоти мардуми тоҷик ба шумор меояд» [15, с. 67].

Дар ин солҳо романи нависандаи хушзавқ Ю. Аҳмадзода бо номи «Ҳафт рӯъё» (2001) ба нашр расид, ки фарогири масоили зиёд буд. Номбурда дар романи худ ду давра аз таърихи кишвари моро, ки фосилаи зиёди замонӣ доранд, мавриди арзёбӣ қарор медиҳад. Таърихро метавон бо маърифату факту рақамҳо, далелу бурҳонҳо, осори илмии таърихӣ, шинохти ҳаводису падидаҳо омӯхту фаро гирифт.

Аз сӯйи дигар таърихро метавон дар пардаи зеҳни як ҳунарманд, як нависанда дар либоси бадеият маърифат намуд. Маҳзи хотири ин тасвири бадеии заминаҳои пайдоишу зуҳури нахустин давлати тоҷикон давлати Сомониён ва бунёдгузораш амир Исмоил Сомонӣ қадами бузурге буд, ки аз ҷониби нависандаи боистеъдоди тоҷик Ю. Аҳмадзода бардошта шуд.

Омӯзиши ин роман гувоҳ бар ин аст, ки падидаву рухдодҳое, ки дар саҳафоти он бозтоби бадеӣ ёфтаанд, дар асоси маъхазу сарчашмаҳои таърихӣ навишта шудаанд.

Равшан аст, ки даврони ҳукмронии хонадони Сомониён бо вуҷуди доштани пешрафту шукуфоии чашмгир, шомили фазоҳои пуртазоде буд. Яке аз кӯшишҳои муваффақи нависанда қиёси он даврон бо воқеоти солҳои навадуми асри гузашта аст. Ҳадафи ин қиёс мутамоил намудани мухотабон ба дарсу сабақи таърихист. Романи «Ҳафт рӯъё» замоне ба зуҳур расид, ки кишвари мо оҳиста-оҳиста, пас аз даргириҳои харобиовару ба ҳам омадан, ба зиндагии осоиштаву созандагӣ бармегашт. Аз ин рӯ нависанда бо таълифи асари мазкур нахуст мехост ба нақшу ҷойгоҳи Исмоили Сомонӣ ҳамчун поягузори давлати муқтадири Сомониён ишорат намояд ва зимнан хидмате дар тарбияти эҳсоси ватанхоҳиву ватандорӣ, ифтихори миллӣ, таҳкиму решадор сохтани ҳофизаи таърихӣ, ситоишу такрими сулҳу дӯстӣ,

иттиҳоду ваҳдати миллӣ, адолату суботи иҷтимоӣ, маҳкум кардани ҷанг, ғосибӣ, истилогарӣ, хунрезӣ, хусумату бадбинӣ, номардумӣ карда бошад.

Нависанда Амирро дар лаҳзаҳо ва мавқеиятҳои гуногун ба тасвир кашида ва ҳар саҳнае нишондиҳандаи яке аз ҷанбаҳои ахлоқӣ ва нақши таъсиргузори ӯ дар раванди давлатдориву сиёсатсозист.

Нависанда, Аҳмадзода саъю талоши халлоқона ба харҷ дода, то симои воқеии Амир Исмоили Сомониро ҳамчун шахсияти мусулмону муъмин, боадлу инсоф ободкору созанда, дорои ҷаҳонбинии васеъ, пуштибони сулҳу оромиш, душмани ҷангу низоъ биофаринад.

Аксари романҳои таърихие, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар таълиф гардиданд, қабл аз ҳама аз нигоҳи забон ҷолиби диққатанд. Ин ҷанбаест, ки аксари муҳаққиқон ба он ишора намудаанд. Аз ҷумла А. Сайфуллоев роҷеъ ба забони он чунин изҳори ақида намудааст: «забони романи «Ҳафт руъё» як падидаи хуби забони адабии тоҷикист. Нависанда кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки нафосат ва ғановати онро ҷилва бидиҳад. Дар забони тасвирии Ю. Аҳмадзода ҷо-ҷо пайравӣ аз насри мусаҷҷаъ, ки сабки классикӣ аст ба мушоҳида мерасад ва он тарзи баёни нависандаро хушоҳанг, зебо ва шево мекунад. Дар бораи чеҳраи шаҳри Бухоро менависад: «Ҳанӯз хаста ва гиреҳбаста менамуд», «панҷ вақти расо саҷдаву суҷуд, сӯйи қиблаи вуҷуд мефармуд», «аммо бар ин таззод ва ҳам ҳамаи оташу бод касеро коре набуд», «магар бар неруи пуркудрати хонадони Сомониён бовар доштанд» [2, с. 581].

Бешубҳа романи мазкур яке аз шоҳкорҳои адабиёти муосири мо дар даврони соҳибистиқлолӣ мебошад. Роман аз нигоҳи тарғиби эҳсосоте мисли ватандориву ватандӯстӣ, ташвиқи сулҳу дӯстӣ, иттиҳоду иттифоқ ифтихору ғурури миллӣ аҳаммияти зиёде дорад.

Хусусан симои амир Исмоил хеле ҷолиб ва воқеъбинона тасвир шудааст. Романи дигаре, ки дар ин замина муносиб аст, аз он зикри ном шавад, асари нависандаи маъруф Сорбон «Достони писари худо» мебошад, ки падидаи тоза дар адабиёти тоҷик ва ҳамзамон қуллаи эҷодиёти нависанда маҳсуб мешавад. Достон ба зиндагии пурмоҷарои яке аз шахсиятҳои оламшумули таърихӣ Искандари Мақдунӣ бахшида шудааст. Дар осори таърихие, ки дар саросари ҷаҳон таълиф шуда, перомуни замону даврони ҳукмронӣ ва шеваи салтанати Искандари Мақдунӣ суханҳо зиёд аст.

Дар адабиёти форсу тоҷик низ Искандари Мақдунӣ чеҳраи намоён дорад. Дар радифи маводи таърихӣ, ривоёту устураҳо ва афсонаҳои зиёде перомуни вижагиҳои кору амали Искандар мавҷуд аст. Вале руҷӯи нависанда ба Искандари Мақдунӣ беиллат набуд, балки ниёзе буд, ки аз батну матни замони мо бархоста буд. Печидагиҳои замон, ҷангу ҷидолҳо, парешониҳо, фоҷиае, ки аз сари миллати мо гузашта, ба як бознигарӣ, таҳлилу арзёбӣ, ниёз дошт. Таҳлиле, ки бо мурури замон, шахсиятҳои таърихӣ, нақшу ҷойгоҳи мусбату манфии онҳо сурат мегирифт.

Нависанда рӯзгори пурмоҷарои подшоҳони Порс, кушторҳои гушношуни сардамдорони вақтро ба хотири тоҷу тахт, ба сифати шоҳид ба саҳна мекашад ва нишон медиҳад, ки ин ҳама ҳирсу низоъ ва кашмакаш чи гуна боиси заъфу нопойдорӣ мегардад ва чи осон ба дасти лашкари Искандари Мақдунӣ сарнагун мегардад ва тамоми ганҷу сарваташ аз байн меравад.

Дар хилоли рӯзгорони дароз муфассирону таърихнигорон дар ривояту устураҳо Искандарро ба мақоми пайғамбарӣ расонида буданд ва ҳатто шахсияташро бо шахсияти Куруши Кабир омезиш дода буданд. Дар ин роман Сорбон бо камоли ҷиддият, халлоқона ба зикри далоили таърихӣ, такявар ба сарчашмаҳо собит сохт, ки Искандар «ҳеҷ гуна зулқарнайн (шохдор) ва пайғамбар нест. Балки шахсияти таърихиест, ки бо зӯри шамшер мағрибу Машриқро зери тасарруфи хеш дароварда» [8, с. 220].

Романи «Достони писари Худо» фарогири масоили зиёде мебошад ва расидан ба умқу кунҳи ҳадафу паёми он кори осоне нест. Барои расидан бо мақсаду дарёфти асли матлаби нависанда лозим аст, ба масоили зерин таваҷҷуҳ шавад «дар мисоли тамаддуни Юнони бостон ва Шарқ муайян кардани сабабҳои оламгир гардидани ин ё он тамаддун, ҷангу сулҳ ва тафаҳҳус перомуни ин ду мафҳум, бузургдошти волидайн ва муносибати тарафайн, масъалаи аслу насаб ва қазову қадар, фарри шоҳаншоҳӣ, ойини ростӣ, масъалаи яккахудоӣ ва бисёрхудоӣ, достони некномӣ ва бадномӣ вижагиҳои фарҳангӣ, омезиши тамаддунҳо ё худ гуфтугӯи тамаддунҳо, зан ва маҳбуба, ҷоннисорӣ дар роҳи ҳифзи Ватан ва миллат, разолати инсонӣ, ҷанги нафс, дарди беватанӣ, хушомаду чоплусӣ бо мақсади ба даст овардани ҷоҳу мақом, ҳофизаи таърихӣ, хиёнат ба ватан ва подоши он, ҷаҳонгирӣ ва ҷаҳонбинӣ, набарди торикию рушноӣ муҳаббати навъи инсон ба инсон, подоши амал, шинохти дӯсту душман,

таҳқиқи муқоисавии симои шахсиятҳои роман: чеҳраи Искандару Куруш, Файлақусу Хишоёршоҳу Дорои Кудумон, Бесусу дигар диловарон, ду сипаҳсолори машҳури ҳамзамон – сипаҳсолори лашкари Искандар Пармониён ва сипаҳсолори Порс Ортабоз, нақши занон ва ғайра» [13, с. 122].

Садоқату ҷиддияти муаллифи асар ба воқеияти Айнӣ махсусан дар он равшан мегардад, ки ӯ ағлаб қаҳрамонону персонажҳои романро бо ному насаби воқеии онҳо зикр мекунад, зеро аксари онҳо дар асл шахсони воқеиву таърихӣ мебошанд.

Вижагиҳои дигари чашмраси насри муосири тоҷик дар замони истиқлол ривоҷу равнақи қобили мулоҳизаи қиссапардозӣ ва қиссанависӣ буд, ки дар ин росто то нависандагони мо қиссаҳои марғубе таълифу мунташир намудаанд, ки таҳқиқу баррасии ҷудогонаро талаб менамояд.

Дар охир қайд кардан лозим аст, ки мисолҳои нақлшуда аз насри даврони истиқлол нишонгари муҳимтарин вижагиҳои насри муосири тоҷик метавонад бошад, ки мо ба шавоҳиди болоӣ иктифо мекунем.

Адабиёт

1. *Асозода, Х. Адабиёти адабиёти тоҷик (давраи нав) / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 2012. – 621 с.*
2. *Аҳмадзода, Ю. Ҳафт руъё / Ю. Аҳмадзода. – Душанбе: Адиб, 2001. – 283 с.*
3. *Бондоренко, В. Молодые о молодых / В. Бондоренко. – М.: Молодая гвардия, 1981. – 350 с.*
4. *Муҳаммадзамони, Солеҳ Девори Хуросон / Солеҳ Муҳаммадзамони. – Душанбе: Донишварон, 2021. – 417 с.*
5. *Набавӣ, А. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. Маҷмуаи мақолаҳо / А. Набавӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 324 с.*
6. *Нарзиқул М. Диди таърихии романнависони имрӯзи тоҷик. // Садои Шарқ. №12. 2006.-122 с.*
7. *Раҳмон, Э. Зиёён равшангарони фардои миллатанд / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, 2004. – 240 с.*
8. *Сайфуллоев, А. Уфуққои тозаи наср Ҷ. 1 / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Адиб, 2006.–480 с.*
9. *Самад, А. Санги маҳак ва тарозуи ҳунар / А. Самад. – Душанбе, 2013. – 367 с.*
10. *Самад, А. Талош / А. Самад. – Душанбе: Адиб, 2002. – 384 с.*
11. *Самад, А. Шаҳдрези садо / А. Самад. – Душанбе: Адиб, 1997.– 196 с.*
12. *Сатторзода, А. Куҳна ва нав / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2004. – 253 с.*
13. *Сафар, У. Тавбаҳои дардолуд / У.Сафаров. – Душанбе: Эр-граф, 2013.-144 с.*
14. *Солеҳов, Ш. Адабиёт ва шинохти он. (маҷӯаи мақолот) / Ш.Солеҳов. – Душанбе: Ирфон, 2009.-345 с.*
15. *Сорбон С. Достони писари Худо / С. Сорбон. – Душанбе: Адиб, 2005.–680 с.*

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ НАСРИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

Мақолаи мазкур ба таҳлилу арзёбии насри даврони истиқлол бахшида шудааст. Равшан аст, ки дар оғози солҳои 90-уми асри XX дар ҷумҳурии мо рухдодҳои сиёсӣ-фарҳангии густурдае падид омаданд, ки ба афкори адабии қарн таъсири амиқ гузоштанд. Махсусан, дар насри муосир ҷараёнҳои чашмгире ба зуҳур расиданд. Дар ин давра нависандагони машҳури тоҷик саъй карданд роҳҳои тозаи эҷодиро пайдо намоянд. Замони нав имконоти тозаи хосро барои рушду камоли баъдии адабиёт ва ба таври умум насри тоҷик фароҳам сохт. Бо баракати истиқлол, таваҷҷуҳ ба арзишҳои миллӣ бештар гардид. Метавон гуфт, арзишҳо дар радаи аввали ҷомеаи фарҳангӣ қарор гирифтанд. Ҳамзамон, истиқлол ҳувияти хосси миллиро фароҳам овард. Аз ҷониби нависандагон як навъ бознигарии бадеии воқеияти нав шинохти дигаргунаи таърихи миллат оғоз гардид. Хусусияти насри ин давра пеш аз ҳама дар таваҷҷуҳи зиёд ба жанрҳои роману повесту ҳикоя, ҳамчунин руҷуъ ба масоили ҷанги шаҳрвандӣ, эҳёи маънавӣ ва нақши шахсият дар таърих зоҳир мегардад. Дар ин мақола ба сифати намуна романҳои нависандагон – М. Солеҳ, Ю. Аҳмадзода ва Сорбон интихоб шудаанд.

Калидвожаҳо: адабиёт, наср, нависанда, нақд, таърих, вақт, истиқлол, ҳувият, арзиш.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПРОЗЫ ПЕРИОДА НЕЗАВИСИМОСТИ

Данная статья посвящена анализу современной таджикской прозы периода независимости. Как известно, в начале 90-х годов XX века в нашей республике произошли большие политические перемены, которые сильно повлияли на литературную мысль века. Особенно, кординальные процессы охватили новейшую таджикскую прозу. В этот период видные таджикские писатели стали искать новые творческие пути. В новом периоде появились специфический новые возможности для дальнейшего развития литературы и в общем таджикской прозы. Независимость стало поводом, что национальным ценностям стало уделяться больше внимания, более того эти ценности поднялись на первое место. Одновременно независимость сформировала новую национальную идентичность. Писатели начали художественное переосмысление сложившихся новых реалий и новое познание

истории своего народа. Особенность прозы данного периода – это повышенный интерес к жанрам романа, повести и рассказа, а также обращение к проблемам гражданской войны и роли личности в истории. В качестве примера избраны романы М. Салеха, Ю. Ахмеда, и Сорбона.

Ключевые слова: литература, проза писатель, критика, история, время, независимость, идентичность, ценность.

SOME FEATURES OF PROSE DURING THE INDEPENDENCE PERIOD

This article analyzes contemporary Tajik prose from the independence period. As is well known, major political changes occurred in our republic in the early 1990s, which profoundly impacted the literary thought of the century. These radical changes particularly affected modern Tajik prose. During this period, prominent Tajik writers began to explore new creative paths. The new period presented unique opportunities for the further development of literature and Tajik prose in general. Independence brought greater attention to national values, even elevating them to prominence. At the same time, independence shaped a new national identity. Writers began to artistically rethink the new realities that had emerged and to explore the history of their people anew. Prose from this period was characterized by an increased interest in the novel, novella, and short story genres, as well as an exploration of the issues of the civil war and the role of the individual in history. Novels by M. Saleh, Y. Ahmed, and Sorbon are selected as examples.

Keywords: literature, prose, writer, criticism, history, time, independence, identity, value.

Дар бораи муаллиф
Валиева Ҳалима Субҳонқуловна
Ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ
735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб,
кӯч. С. Сафаров 16
E-mail: halima.valieva@bk.ru

About the author
Valieva Halima Subhonqulovna
Assistant Professor of Tajik Language
Department
Kulyab State University Abuabdullah Rudaki
735340, Republic of Tajikistan, Kulyab, str.
S. Safarov 16
E-mail: halima.valieva@bk.ru

Об авторе
Валиева Халима Субхонкуловна
Ассистент кафедры таджикского языка
Кулябский государственный университет
им. Абуабдуллаха Рудаки
735340, Республика Таджикистан, ул.
Куляб. С. Сафаров 16
E-mail: halima.valieva@bk.ru

ТДУ 821.512:82.091

УМУМИЯТ ВА ФАРҚИЯТИ РОМАНҲОИ “КАМОМАД” ВА “НИРМАЛА”-И ПРЕМЧАНД

Ёрова С. Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи адабиёти асри ХХ - и ҳиндӣ, як зумра адибони забардаст, ба мисли Премчанд (1880 - 1936), Ҷайшанкар Прасад (1889 - 1937), Раҳул Санкритяян (1893 - 1964), Сурякант Трипатҳӣ Нирала (1896 -1961), Сумитранандан Пант (1900 - 1977), Яшпал (1903 - 1976), Субҳадра Кумари Чауҳан (1904 - 1948), Ҷайнендра Кумар (1905-1988) ва дигар чунин адибон зиндагӣ ва фаъолият кардаанд, ки ном ва осори адабии онҳо саҳифаҳои фарҳанги муосири ҳиндиро боз ҳам ғанитар гардонидаанд. Ин адибон - офарандагони адабиёти нав, офарандагони адабиёте буданд, ки дар он олами воқеӣ акс меёфт. Аз ҷумлаи адибони романнавис ва ҳикоянависони машҳури Ҳинд, Премчандро ном бурдан мумкин аст, ки дар Ҳиндустон ва хориҷ аз он чун нобиғаи адаб ва бузургтарин инсондӯсти ҳақиқатҷӯ шинохта шудааст. Премчанд - маъруфтарин ҳикоянавис ва романнавис, асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти ҳиндӣ, 31 июли соли 1880 дар деҳаи Ламҳӣ, воқеъ дар наздикии шаҳри Банорас, дар оилаи корманди почта ба дунё омадааст. Нависанда бо фаъолияти адабӣ ва осори бебаҳояш ба рушду инкишофи адабиёти ҳиндӣ ва урду, таъсири бузург гузоштааст. Премчанд адибест, ки ба воситаи асарҳои баландмазмуни худ, барои дарк намудани вазъу ҳолати иҷтимоиву сиёсии мамлакат ва масъалаҳои гуногунпаҳлуи мардуми одӣ боҷуръатона садо баланд кардааст. Адиб дар асарҳояш дунёеро ба қалам додааст, ки дар он аз ҳама бештар воқеияти зиндагӣ, ҳақиқат ва инсондӯстии воқеӣ ба назар мерасад [4].

Аксарияти ин адибон дар асарҳои худ, оид ба масъалаҳои ба занон бахшидашуда, махсус эътибор додаанд. Аз инҷост, ки ҳиндшиноси тоҷик, Раҷабов Ҳ., чунин зикр кардааст: “Мавзуи зан яке аз мавзуҳои асосии қариб ҳамаи нависандагони пешқадами Ҳиндустон мебошад” [9, с. 45]. Масъалаҳое ки Премчанд ба онҳо дахолат кардааст, аз ҷумлаи ҳамон масъалаҳои муҳимми солҳои зери мустамликаи Британияи Кабир қарор доштани Ҳиндустон, мебошанд. Адиб дар давоми тақрибан сию панҷ соли фаъолияти эҷодӣ, баробари иншо намудани бештар аз сесад ҳикоя, боз понздаҳ романи пуразриш низ навиштааст, ки онҳоро муҳаққиқон ва адабиётшиносони Ҳиндустон ва хориҷ аз он,, ҳамчун мактаби ҳикоянависӣ ва романнависии Премчанд шарҳ додаанд.

Қобили зикр аст, ки ҳиндшиноси рус, Балин В. И, роҷеъ ба таърихи адабиёти ҳиндӣ бо номи “Адабиёти ҳиндӣ” як мақолаи мухтасар навиштааст, ки он дар “Энсиклопедияи адабиёт” нашр шудааст. Мақола муҳимтарин маълумотро оид ба инкишофи ин адабиёт аз замони қадим, то имрӯз дар бар гирифтааст. Чун сухан аз адабиёти асри ХХ меравад, муҳаққиқ қабл аз ҳама аз Премчанд ёдовар шуда, бо реализми танқидӣ сахт пайваст будани номи ӯро таъкид менамояд: “Ҳикоя ва романи иҷтимоӣ дар адабиёти ҳиндӣ дар оғози асри ХХ, ба вуҷуд омадааст. Хеле зиёд машҳур шудани ин ду жанр бо номи бузургтарин адиб - асосгузори реализми танқидӣ Премчанд алоқаманд мебошад. Мавзуи асосии асарҳои ӯ, аслан зиндагии мардумони одии Ҳиндустонро дар бар гирифтааст, ки аз ҷониби сарватмандони маҳаллӣ ва мустамликадорони англис, бераҳмона истисмор мешуданд. Қаҳрамонҳои асарҳои Премчанд асосан инсони заҳматкаш мебошад, ки аз беадолатии иҷтимоӣ гирифтори ранҷу азоб шуда бошад ҳам, дар вазнинтарин санҷиши зиндагӣ ҳеҷ гоҳ шарафи худро аз даст надодааст..... Эҷодиёти Премчанд дар адабиёти ҳиндӣ ва урду усули реализми танқидиро ҷорӣ намуд” [1, с. 23].

Миёни романҳои Премчанд, ки ҳар кадом чандин маротиба дар Ҳиндустон ва хориҷ аз он, гаштаю баргашта бознашр мешаванд, бешак, аз ҷониби муҳаққиқони ҳиндшинос мутолиа ва омӯхта мешаванд. Аз ин романҳо мо ду роман, аз ҷумла романҳои “Камомад” (“Gaban”) ва “Нирмала” (“Nirmala”) - ро интихоб намуда, ҳарду асарро вобаста ба баъзе масъалаҳои дар ин романҳо инъикосшуда, бо ҳам муқоиса намудем. Ба ин васила, тағйир ёфтани андешаҳои адибро дар як давраи муайяни эҷодӣ, нишон доданӣ ҳастем. Маҳз дар пояи ҳамин ҳадаф, мо фаъолияти адабии Премчандро ба се давра ҷудо карда, онро мавриди баррасӣ қарор додем. Романҳои номбурда дар давраи дуюми эҷодиёти адиб, яъне дар байни солҳои 20 - ум ва 30 - юми асри ХХ, иншо шудаанд. Ин ҳамон замоне буд, ки дар Ҳиндустон ҳаракатҳои миллӣ - озодихоҳӣ ба марҳилаи нави худ расида буд ва аксарияти адибонро ғояҳои Маҳатма Гандҳӣ

(1869-1948) ва даъватҳои озодихоҳиву истиқлолият фаро гирифта буд. Адибони пешқадамро мебоист, асарҳое иншо намоянд, ки дар онҳо тарафдории ғояҳои Гандӣ ва муборизи озодихоҳонаашон возеҳу равшан ифода ёбанд. Дар ҳамин гуна вазъият, баробари эътибор додан ба масъалаҳои озодихоҳӣ, Премчанд бештар ба тақдири занҳои бадбахти ҳинду диққат медод. То замони навиштани романҳои "Камомад" ва "Нирмала", адиб аллакай дар романи "Бозори ҳусн" ("Bazaare husn") ва дигар асарҳояш, ба зиндагии занон рӯ оварда, онҳоро қаҳрамонҳои марказии эҷодиёти худ интихоб намуда буд. Романи "Бозори ҳусн", ки гунаи ҳиндиаш "Sevasadan", яъне "Паноҳгоҳ" ном гирифтааст, ба зиндагии Суман ном зане бахшида шудааст, ки ӯро бо андак гуноҳ шавҳараш аз хона пеш кардааст. Ҳамин тавр, адиб то иншои ду романи номбурда, дар офаридани образи зан, алллакай таҷрибаи кофӣ дошт. Инро адиб аз тариқи иншои ҳикояҳои сершумораш ҳосил карда буд. Соли 1955 бахшида ба 75 - солагии Премчанд, дар шаҳри Москва ("Thakur ka kuan") "Чоҳи Тҳакур" ном маҷмуаи ҳикояҳои адиб, ба табъ расида буд. Дар ҳикояҳои ин маҷмуа, аз ҷумла дар ҳикояи "Чоҳи Тҳакур" Премчанд образи чунин занҳоеро ба қалам додааст, ки пештар дигар адибон ба онҳо ин қадар зиёд таваҷҷуҳ надоштанд. Ҳиндшиноси маъруфи рус, Василий Матвеевич Бескровний (1908-1978) ба ин маҷмуа охирсухан навишта, нисбат ба тақдири зани ҳинду чи гуна назар доштани Премчандро махсус зикр кардааст: "Мисли як вокунише ба ҳолати беҳуқуқии занҳо дар Ҳиндустони мустамликавӣ, дар асарҳои Премчанд симои духтарон, модарон ва бевазанҳои покдоману вафодор, ки ҳамеша омода ба худқурбонкунӣ ҳастанд, дар истодагарӣ кардан ба ғояҳои инсонӣ, бештар пурғайраттар аз мардҳо, пеши назар меоянд" [2, с. 246-247].

Премчанд дар аксарияти ҳикояҳо ва романҳои дар солҳои бистуму сиюми асри XX эҷодкардааш, аслан ҳамин масъалаҳоро дарҷ кардааст. Вале бояд гуфт, ки ду романе, ки дар онҳо образи занон мавриди муқоиса қарор гирифтаанд, ба масъалаҳое бахшида шудаанд, ки аз масъалаҳои болозикр, яъне вобаста ба ғояҳои Маҳатма Гандӣ ва ҳаракатҳои миллӣ – озодихоҳӣ, марбут нестанд. Ҳар вақте муҳаққиқони Ҳинд, роҷеъ ба романҳои Премчанд назари андеша мекунанд, ҳатман аз қаҳрамонзанҳои ӯ ёдовар шуда, романҳои "Нирмала" ва "Камомад" - ро мисол меоранд. Чунончӣ, муҳаққиқи Ҳинд Ҳардаял дар ҷашни 100 - солагии Премчанд, мақолае бо номи "Нирмала" иншо кардааст. Маҳз дар ҳамин вақт адабиётшинос, Кришна Чанд Лал низ роҷеъ ба романи "Камомад" мақолае навишта буд. Ҳарду мақолаи муҳаққиқон, соли 1980 дар "Премчанд" ("Premchand") ном маҷмуаи мақолаҳо ба табъ расидаанд [15, с. 139-156]. Муҳаққиқони номбурда, бештар ба мазмуни ин асарҳо аҳаммият дода, нигоҳи хосе ба образҳои марказии ин ду роман ҳам кардаанд ва дар ҳамин замина ба ҳунари образофарии Премчанд, эътибори махсус додаанд. Дар мақолаҳои болозикр, масъалаи умумияти ин романҳо ба истиснои он ки ҳарду романи иҷтимоӣ мебошанд, оид ба дигар умумиятҳои онҳо сухане гуфта нашудааст. Маҳкум кардани табақабандиву нобаробариҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа ва талошу наҷот аз ғаму андуҳи аз ин ба мардум мерасида ҳам аз мавзуҳои асосии романҳои адибони тараққипарвари Ҳинд, мебошад [6].

Ҳангоми ҷустуҷӯи умумиятҳо байни ин ду роман, чунин мушоҳида мешавад, ки ҳарду роман фарогири масоили иҷтимоӣ буда, қаҳрамонҳои марказии онҳо маҳз занон мебошанд. Ин образҳоро адиб аз табақаи миёнаи ҷамъияти Ҳиндустон интихоб кардааст. Ба ғайр аз он, ки ҳар ду зан аз лиҳози баромади иҷтимоӣ бо ҳам шабоҳат доранд, дар онҳо боз хислатҳои бо ҳам хеле наздик, ба мисли вафодорӣ, садоқат, инсондӯстӣ, шуҷоат низ дида мешаванд. Фақат яке - Ҷалпа (аз романи "Камомад") ба худ, ҳукми худро раво карда метавонад ва ҳар нияту андешаҳое, ки дорад бо паёпай талош кардану нишон додани матонат, онҳоро иҷрошаванда меҳисобад. Ҷуръат карда, барои хушбахтии худ мубориза бурдан низ яке аз хислатҳои хоси ӯ мебошад. Ҳамин аст, ки ҷасурона мубориза бурдани ӯ, натиҷаи дилхоҳ медиҳад ва вай (Ҷалпа) на танҳо худ, балки шавҳарашро, ки ба хотири худнамоиву худпарастӣ гирифтори туҳматҳои бардурӯғ шуда, барои раҳоӣ ёфтан аз чунин вазъият ба манфиати политсия баёноти қалбакӣ доданӣ мешавад, аз бадномиву зиндонӣ шудан, наҷот медиҳад. Инчунин, дар баробари ин, ба фаъолият ва ҷаҳонбинии шавҳараш таъсири мусбӣ мерасонад. Ҷалпа низ мисли ҳамаи дигар занҳои ҷавон ба ороишҳои занона, ба мисли зару зевар шавқи зиёд дорад, вале ӯ ҳеҷгоҳ гумон намекард, ки чунин ҳавас доштанаш, боиси мушкилиҳои зиёди хонаводагӣ мегардад. Ин ҷо дар тасвири ин образ, ки аз ҷониби нависанда хеле хуб ба қалам дода шудааст, аз набудани гарданбанди тиллоӣ мо Ҷалпаро маъюсу ноумед мебинем: "Вақте Ҷалпа боварӣ ҳосил кард, ки дар дохили дигар туҳфаҳои тӯёна аз гарданбанди тиллоӣ нишонае нест, дилаш аз зарбаи сахт ба сӯзиш омад. Духтар ба ҳуҷраи худаш даромада зор - зор гиря кард. Вай ҳафт сол боз ин гуна гарданбандро интизор буд. Акнун ин ҳама орзуву

умедҳо барбод рафтанд” [14, с.12]. Духтари ранҷидаву ноумедшуда омода буд ҳамаи марҷонҳо ва дигар туҳфаҳоро, ки аз тарафи домод оварда буданд, ба коми оташ занад. Вай ҳатто ҳайкалчаи Худо Шиваро, ки дар кунҷи хонааш меистод, гирифта ба замин мезанад, ки чаро Худованд ӯро аз доштани чунин туҳфаи арӯсӣ маҳрум кардааст. Магар ӯ сазовори чунин ҳадя нест? Магар ӯ лоиқи гарданбанди тиллоӣ шуданро надорад? [14, с.13].

Тавре мебинем, саҳнаи барбод рафтани умедвории Ҷалпаро Премчанд бисёр ҷолибу хотирмон тасвир кардааст ва агар онро мо дар забони асл, дида бароем, онгоҳ баёни ин порчаро чунин дармеёбем: - “इस गोलाकार जमावत के पीछे अँधेरे में आशा और आकांक्षा की मूर्ति – सी जलपा खड़ी थी। और सब गहनों के नाम कान में आते थे, पर चंद्रधर का नाम न आता था। उसकी छाती धक – धक कर रही थी। चंद्रधर नहीं है क्या? शायद सब के नीचे हो? इस तरह वो मन को समझाती रही। जब मालूम हो गया, चंद्रहार नहीं है तो उसके कालेजे पर चोट लग गई। मानो उसे मूर्खता आ जाएगी। वो उन्माद की – सी दशा में अपने कमरे में आई और फूट-फुटाकर रोने लगी। आज सात साल हुए, उसके दिल में अंकुरण हुआ था, जो इस समय पुष्पा और पल्लव से लड़ी खड़ी थी, उस पर योनिपात हो गई। आज ही के दिन पर तो उसकी समस्त आशाएँ अवलंबित थीं। - Ҷалпа аз пушти ҳамаи ҷамъомадагон дар торикӣ истода, интизори дидани гарданбанди тиллоӣ буд. Аз байни ҷамъомадагон яке муҳраҳои ороиширо як - як номбар карда, нишон медод, вале мутассифона, байни ин ҷавоҳиротҳо гарданбанди тиллоӣ ба назар намерасад. Инро шунида, Ҷалпаро як эҳсоси аҷибе фаро гирифт. Лаҳзае ба андеша фурӯ рафту ба худ суол кард..... наход гарданбанд набошад? Шояд зери дигар зеварот монда бошад, гуфта худро тасаллӣ медод. Лекин вақте фаҳмид, ки гарданбанди тиллоӣ умуман мавҷуд надорад, ӯ ба ҳолате гирифтор шуд, ки гӯё қалбашро оташи сӯзоне фаро гирифтааст. Ранги рӯяш парида буду қариб беҳуш шуда, афтад. Вай дар ҳолати озурдадилӣ ба ҳуҷраи худ омад ва гиряи талх кард. Ӯ ҳафт сол интизори он буд, ки рӯзе лоиқи гарданбанди тиллоӣ хоҳад шуд, аммо интизории ӯ бар хилофи орзуҳояш гардид. Ҳама орзуҳое, ки дар дил мепарварид, барбод рафтанд” [14, с.13-14].

Тавре мебинем, ҳанӯз дар оғози роман, нависанда чи тавр ба ашёҳои махсуси ороишӣ таваҷҷуҳ доштани Ҷалпаро муфассал баён кардааст. Ҳамин гуна хислатро, яъне таваҷҷуҳ доштан ба зару зевароти ороиширо қаҳрамони романи “Нирмала” - Нирмала низ дорад, ки албатта он хоси ҳамаи ҷавондухтарон мебошад. Ин, хусусан дар арафаи ба шавҳар баромадани онҳо бештар ба назар мерасад. Вале бо сабаби он, ки хислати Нирмала табиатан дигар гуна буду ҷараёни ба шавҳар баромаданаш ҳам, ба ҳодисаҳои ногаҳонии хонаводагӣ вобастагӣ дошт, ҳеҷгоҳ дар бораи зару зевароти ороишӣ, махсусан гарданбанди тиллоӣ фикр намекард, то он андозае, ки Ҷалпа дар романи “Камомад” ба он бештар таваҷҷуҳ дошту солҳо побанди ин андеша буд. Дар ҷомеаи ҳиндустонӣ доштани зару зевароти ороишӣ барои ҳар як зан, ин на танҳо як ҳавасу орзуи занона аст. Инро матлаб ин аст, ки барои зани ҳинду дар хонаи шавҳар, танҳо ҳамин зару зеварҳои ороишӣ метавонанд моли шахсии онҳо ба ҳисоб раванд, зеро онҳо дигар ба ягон моликияти хонаи шавҳар, ҳуқуқи соҳиб шуданро надоранд. Вобаста ба урфу одат ва анъанаҳои ҳиндувон, дар ҳолати аз шавҳар ҷудо шудан ё фавтидани шавҳар, ба зан ғайр аз ҳамин зевароти доштааш дигар чизе ҳамчун сарват ба мерос наметонад. Маҳз барои ҳамин, занҳои ҳинду ба соҳиб шудани чунин дороӣ талош карда, орзуи доштани онро мекунанд, зеро ин зеварот дар мушкилтарин ҳолат ва баромадан аз вазъияти ногувору душвори зиндагӣ, барояшон нақши наҷотбахшро иҷро мекард.

Ҳамин тариқ, дар романи “Камомад” адиб образи қаҳрамони марказӣ - Ҷалпаро бештар ба қалам додааст, ки хеле назаррас мебошад. Гарчанде Ҷалпа қаҳрамони майдони амалҳои сиёсӣ набуда, дар минбари ҷамъомадҳои эътирозӣ суханрониҳо накарда, барои озодии занҳо шиорҳо ҳам баён накардааст, дар воқеъ, образи ҷолибу хотирмон мебошад. Зиндагии Нирмаларо бошад, Премчанд аз замоне тасвир кардааст, ки духтарро вақти ба шавҳар баромаданаш наздик шудааст, вале бо сабаби марги фоҷиавии падараш, тамоми орзуҳои ӯ ба нобудӣ мераванд. Дар Ҳиндустон барвақт ба шавҳар додани духтарони хурдсол чӣ дар замонҳои пеш ва чӣ дар замони зистани Премчанд, касеро аз мардуми ин сарзамин ба ҳайрат намеовард, чунки ин амал аллакай асрҳои зиёд ҳамчун одати маъмулӣ шуда буд. Вале ашхоси пешқадаму бомаърифат ҳамеша он чи аз назарашон зиёновар менамуд, онро танқид мекарданд. Премчанд низ аз қабили ҳамин гуна адибон буд. Дар айни ҳол, дар романи “Нирмала” адиб суханро аз зиёновар будани ин одатҳо оғоз намекунад. Андешаи зарарovару нангин будани одати барвақт ба шавҳар додани духтарони ноболиғ ва гирифтани даҳеҷро, метавон гуфт, ки адиб аз оғоз, то анҷоми роман аз назар дур насохтааст. Қабл аз ҳама, нависанда ба оқибатҳои номатлуби ин одатҳои зиёновар диққат дода, ҷараёни маъюсиву парешонҳолӣ ва пажмурда шудани ҷисми ҷавони қаҳрамони худро, моҳирона ба қалам

додааст. Романи “Нирмала” - яке аз романҳое мебошад, ки дар он тақдири талхи зани ҳинду хеле муфассал акси худро ёфтааст. Бори аввал, соли 1923 аз чоп баромада, аз ҳамон сол то имрӯз дар таърихи адабиёти муосири ҳиндӣ сазовори мақоми хос гардидааст [5, с.126].

Аз ҳамон лаҳзае, ки Нирмала аз тӯй шудан ва ба шавҳар баромаданаш огоҳ мешавад, ӯро маъюсӣ ва тарсу ҳарос фаро мегирад. Вай гӯшаи танҳоӣ мечӯяд ва бо маъюсиву руҳафтодагӣ тахмин мекунад, ки дар пеш ӯро як даҳшате интизор аст: “Нирмала намедонист, ки тақдираш чӣ мешуда бошад? Дар дили нозуки ӯ он ҳолати хушҳолӣ садо намедод... Нигоҳаш ҳеҷ гуна орзуеро ҳам ифода намекард. Барои ин духтараки ҷавон ҳанӯз замони шукуфоӣ фаро нарасида буд” [13, с.8].

Албатта, дар ин гуна вазъият, Нирмала ҳеҷ эътирозе баён карда наметавонист ва барои ғамгин накардани модараш, хомӯш монда, ба қисмат ва сарнавишти худ розӣ мешавад. Маҳз ҳамин сар фаровардан ба тақдир, боиси ба бадбахтиҳои зиёд гирифтори шудани ӯ мегардад. Аммо дили ӯ саршори меҳру муҳаббат буд. Нисбат ба писарони вакил (Тотарам – шавҳари Нирмала) муҳаббати самимона дошт, онҳоро дӯст медошт, лекин бар замми ҳамаи ин дӯстдориҳо нисбат ба худ суханҳои таҳқиромез мешунид. Ҳар лаҳза гирифтори бадкирдориҳову бадгӯиҳои хоҳари бузурги шавҳараш - Рангилӣ ва рашки онҳо мешуд, ки дар натиҷа боиси вайроншавии як хонавода гардидааст. Нирмала барои каме ҳам беҳтар кардани вазъи хонаводагии худ, яъне муносибати самимона доштан ба шавҳар ва фарзандони ӯ, инчунин хоҳари ҳамсараш, чандин маротиба кӯшиш кардааст, аммо он ҳеҷ натиҷае набахшидааст. Пас ӯ чандин дигар кӯшишҳоро беманфиат дониста, оҳиста-оҳиста маҳз ҳамин хислат, яъне сарфарориву фурӯтаниро пеша мекунад, ки ӯро ба марги бармаҳал бурда мерасонад. Чунин ба назар мерасад, ки тамоми нохушиҳое, ки ба сари Нирмала меомаданду ӯро то ба сӯи нафаси охиринаш думболагир мекарданд, Премчанд ҷой ва макони ҳар як воқеаву ҳодисаҳоро возеҳу равшан ба қалам дода, ҳамин тариқ фазои ба амаломадаи онҳоро нозукбинона тасвир кардааст ва мазмуни асарро боз ҳам рангину пурмуҳтаво намудааст. Мисле ки дар боби чордаҳуми роман, омадааст: - जिस दिन तिलाक गया था उसी दिन से उसकी सारी चनचालता, सारी सजीवता विदा हो गयी थी। अपनी कोठरी बैठी वह अपनी क़िसमत को रोटी थी और इश्वार से विनय करती थी कि प्राण निकाल जाए - Рӯзи фотиҳа, маросими ба пешонӣ тилак (ин ҷо ба маънои холи арӯсӣ) гузоштан, фаро расид ва маҳз аз ҳамон лаҳза ӯ аз чобукона ҷастану хушҳолиҳо дидан, маҳруму паршикаста шуда буд. Он рӯз духтараки маъюс дар хоначаи хурди худ нишаста, аз бадқисматии худ беист гиря мекард. Аз Худованд илтиҷо мекард, ки ҷонашро бигирад [13, с. 8].

Дар иқтибоси фавқ мо оғози баёнеро эҳсос мекунем, ки аз он оҳанги маъюсӣ меояд ва боз тахмин карда метавонем, ки ин баёни ғамангез барои пурратар кардани образи Нирмала, албатта, идома хоҳад ёфт. Нирмала аз сарнавишти худ ва аз чунин тақдир доштанаш зиёд ашк мерехт ва чунин меандешид, ки аз гиря кардан чӣ медида бошад? Кӣ ашкҳои ӯро дида, тасаллидиҳандаи дили озурдааш мешавад? Тамоми орзуву умедҳояш ниҳон буданд. Барои ба даст овардани чизе барояш мушкилиҳо пеш меомаданд ва дар як лаҳза руҳафтодагиву нотавон буданаш маълум мегардид. Чунин эҳсос мекард, ки зиндагӣ ва хушбахтии оянда барояш муаммоест, ки натиҷааш номаълум аст. Дар ҳар сурат ҳеҷ кас наметавонад зиндагии ояндаи худро пешбинӣ намояд. Ин ҷо, адиб бечуръатӣ ва нотавонии Нирмаларо баръало тасвир кардааст, зеро ҳамаи он ҳодисаҳои оилавие, ки ӯ бо онҳо рӯ ба рӯ мешаваду садди роҳаш мегарданд, дар роҳи ҳалли онҳо оҷизии духтари ҷавон ба назар мерасад. Агар ба тарзи зиндагии Нирмала пурратар шинос шавем, пас маълум мешавад, ки ҷисми ӯ паррандаи болшикастаеро мемонад, ки дар ҳеҷ куҷо лона надорад. На дар хонаи падар, на дар хонаи шавҳар ва на дар хонаи дӯст. Ҳамон тавре ки дар оғози роман, нависанда Нирмаларо нотавону бадқисмат тасвир кардааст, ҳамон гуна ин хислатҳои ӯро то фарҷоми роман реалистона ба қалам додааст. Премчанд дар романи “Нирмала” образи қаҳрамони марказии асар - Нирмаларо ҳамчун образи як зани бадқисмати нотавону маъюс ба тадриҷ пурра месозад. Мукаммалсозии образ бо ибораҳои “ҷони захминшуда, маҷрӯҳшуда ва сахт осебдида”-и Нирмала ба анҷоми ниҳоии худ мерасад. Ин дар ҳунари образофарии Премчанд ҳамон бозёфте мебошад, ки нишондиҳандаи нуқтаи олии тасвири реализми танқидӣ ба шумор меравад.

Бо додани ин ду образ, Премчанд ишора ба он мекунад, ки ҳарду зан, ки тақрибан баромади иҷтимоии бо ҳам монанд доранд ва дар як муҳити иҷтимоиву сиёсӣ умр ба сар мебаранд, лекин анҷоми зиндагиашон гуногунранг сурат мегирад. Бартарии образи якум - Ҷалпа дар он аст, ки талошҳои вай, хусусан талошҳои барои шавҳарро аз бадномӣ наҷот додани ӯ, бомантиқ мебошанд, ки ба натиҷаи дилхоҳ бурда мерасонанд. Ҳамин тавр, хулоса

мешавад, ки Премчанд аз зани ҳинду даъват бар он дорад, ки вай аз муросо кардан ба тақдир даст кашида, барои як зарра хушбахт намудани хеш мубориза барад. Маҳз ҳамин ду образ қимати романҳои номбурдаро бештар ҷолиб намудаанд. Премчанд зиндагии мардуми Ҳинд, алалхусус мардуми ба табақаҳои миёнаи ҷамъият алоқаманд буда ва заҳматкашро, бо сабаби солҳои зиёд дар байни онҳо кору фаъолият намуданаш, хело хуб медонист. Диққати ӯро аҳволи тоқатфарсои занҳо, хусусан ҳолати иҷтимоӣ, тарзи зиндагӣ, андозаи дорӣ ва нодорӣ, муносибат бо шавҳар, ба хушдоман, шавқу ҳавас ба зару зевар чун сарвати ягонаи шахсӣ ва мисли инҳо, ҷалб карда буд. Аксарияти масоили номбурда, акси воқеии худро дар бисёр ҳикояҳо ва романҳои нависанда ёфтаанд ва муҳақиқони осори адиб, ба он эътибор дода, бузургии Премчандро дар офаридани чунин воқеаҳову образҳо, махсус зикр кардаанд. Дар замони иншои ин роман, Премчанд нависандае буд, ки аллакай дар тамоми Ҳиндустон чун адиби мубориз, шуҳрат пайдо карда буд. Ҳам хонандагон ва ҳам аҳли фарҳангу адаб, аз ин нависандаи реалист дар интизори офаридани асарҳои барои мардум боманфиат ва замонавӣ буданд. Пас аз нашри ин асар, дар андак вақт романи “Камомад” чун як мавзуи хосе боиси таҳлили муҳаққиқону адабиётшиносон гардид [3]. Муҳаққиқони адабиёти ҳиндӣ ҳам дар Ҳиндустон ва ҳам дар хориҷи он, оид ба бурду бохти ин асар назари хешро изҳор намуда, дар эҷодиёти Премчанд ва дар тамоми адабиёти ҳиндӣ дар замони нав, ҷойгоҳи хос доштани романи “Камомад” - ро зикр кардаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ Кришнадев Ҷҳарӣ дар китоби “Адабиёти ҳиндӣ: Аввалин насрнависони ҳиндӣ”, роҷеъ ба ин роман сухан ронда, чунин ибрози андеша кардааст: “Премчанд дар роман ҳадафҳои худро ба воситаи баёни масоили иҷтимоиву психологӣ дар қолаби реализм бо муваффақият анҷом додааст” [11, с. 116] .

Дар осори адабии ин адиби забардасту нотакрор, ин қадар фардият дида мешавад. Аз сабку услуби нигориши ин адиби сермаҳсул чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки ӯ як шахси инсондӯст, раҳмдил, ҳомии занон ва ғамхору ватандӯст ба назар мерасад, ки соҳиби истеъдоди баланди эҷодӣ мебошад. Ба андешаи мо, дар ягон дигар асари Премчанд образи зан ба он дараҷае, ки дар романи “Нирмала” дода шудааст, чунин таъсирбахш ба назар намерасад. Вобаста ба ҳамаи муқаррароти анъанавии ҷомеа, Нирмала тақдири худро дигар карда наметавонист. Дар баробари ин, Премчанд ҳамчун нависандаи реалист наметавонист Нирмаларо тавре тасвир намояд, ки тақдираш дар дасти худаш бошад. Аз ин ҷост, ки хоҳиши ҳар як аъзои хонаводаашро ба ҷо оварда, мисли ҳар як духтари дар оилаи ҳинду тарбияёфта, бо сарфарорӣ ва бемуқобилият нишон додан, зиндагиро идома медод. Дар ҳолате ки ин духтар гирифтор аст, мустақилона амал кардан барояш на танҳо маҳдуд, балки имконнопазир аст ва ҳамин буд, ки ӯ ноилоҷ сарфарориро ҳамчун ягона амали зиндагиаш интихоб мекунад. Он занҳоеро, ки нависанда чун муборизи роҳи озодӣ, ватандӯсту ҷафокор ва ҳамчун зани бадқисмат тасвир кардааст, дар зиндагии хеш дорои хислатҳои ибратбахш мебошанд. Қаҳрамонию шуҷоат, меҳрубонию вафодории онҳо сарбаландии мардуми Ҳинд мебошад. Дар романи “Камомад”, Ҷалпа ҳамчун нишони боазамати бедоршавии зани ҳинду мебошад, ки боҷуръат муқобили тангназарии куҳнапарастони ҷомеаи ҳамонвақта исён бардоштааст. Вай аз олами маҳдудиятҳои оилавӣ берун шуда, вориди майдони васеи фаъолияти ҷамъиятӣ шудааст ва тамоми неруи худро ба муборизаи ҳақиқатҷӯӣ бахшидааст.

Ҳамин тариқ, Премчанд дар романҳои “Нирмала” ва “Камомад” образи занҳоеро ба қалам додааст, ки дар баъзе мавридҳо, аз лиҳози рафтору кирдор, андешаву афкор ва орзу кардану хушбахт буданашон бо якдигар ҳам шабоҳат ва ҳам фарқият доранд. Нисбат ба масоили мухталифи хонаводагӣ, анҷоми зиндагии Нирмала ва Ҷалпа якранг нестанд, ки ин, албатта табиӣ мебошад. Поёни зиндагии Нирмала ифодагари фоҷиа аст. Нависанда дар романи “Нирмала” аз бадқисматии зане сухан меронад, ки дар умри кӯтоҳи худ як рӯзи хушбахтиро надида, дар ҷавонӣ ва сахттарин ноосудагии зиндагӣ ғуррамарг шудааст. Дар ҳар сурат, ба тақдири Ҷалпа нигоҳ карда, умед бастан мумкин аст, зеро баъд аз талошҳои пайдарпайи ӯ, оянда зиндагиаш дар осудагиву, хушҳолӣ хоҳад гузашт. Ҳар як хонанда аз мутолиаи чунин асарҳои пурмазмуни ба ҳаёти занони онвақтаи Ҳиндустон дахлдошта, ошноӣ пайдо карда, моҳияти воқеъбинона ва оҳанги инсонпарваронаи эҷодиёти нависандаи бузурги Ҳиндустон, Премчандро пай мебарад. Он занҳоеро, ки нависанда чун муборизи роҳи озодӣ, ватандӯсту матин ва ҳамчун зани бадтолеъ ва ноилоҷ сарфароварда тасвир кардааст, дар зиндагии хеш дорои хислатҳои ибратбахш мебошанд. Қаҳрамонию шуҷоат, меҳрубонию вафодории онҳо худ сарбаландии мардуми Ҳинд, мебошад.

Адабиёт

1. *Балин, В. И. Литература хинди. / В. И. Балин. Краткая литературная энциклопедия в 9 - ти томах (Том 5) Изд-во Советская энциклопедия, 1968. – 976 с.*
2. *Премчанд, Колодец Тхакура. (Перевод с хинди Лавриенко Ю. Антонова М.) Москва. Издательство иностранной литературы, 1955. – 252 с.*
3. *Ёрова С. Н. Ҳунари образофарии Премчанд. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши "Филология". Душанбе: Сино, 2018, - № 4/ 1 (194) – С. 168-171.*
4. *4.Ёрова С. Н. Премчанд – нависандаи инсондӯст. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши "Филология". Душанбе: Сино, ", 2018, - № 4 (62) – С. 432- 435.*
5. *Ёрова, С. Н. Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои "Нирмала" ва "Камомад") / С. Ёрова. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – 212 с.*
6. *Латифов, А. Д. Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳрунисso Парвиз / А. Д. Латифов. Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022. – 193 р. – EDN GJRZQL.*
7. *Qamar Rayis. Munshi Premchand –Shakhsiyat aur karname. Balram Pur, 2010. – 448с.*
8. *Раҷабов Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав. / Ҳ. Раҷабов. Душанбе, 2018. – 540 с.*
9. *Раҷабов Ҳ. Премчанд. / Ҳ. Раҷабов. Душанбе, 2015. – 216 с.*
10. *Раҷабов, Ҳ. Даҳ чеҳраи адабиёти ҳиндӣ. / Ҳ. Раҷабов. –Душанбе, Дониш, 2014. – 250 с.*
11. कृष्णदेव झारी. हिंदी साहित्य : प्रमुख गद्य लेखक. नई दिल्ली. प्रभात प्रकाशन, *1996. – 146* पृ.
12. कमल किशोर गोयनका. प्रेमचंद कहानी – कोश. दिल्ली, *2016. – 352* पृ.
13. प्रेमचंद. निर्मला - जीवन की एक करुण कहानी. नयी दिल्ली. हंस प्रकाशन, *2017. – 206* पृ.
14. प्रेमचंद. ग़बन *30* संस्करण. इलाहाबाद. हंस प्रकाशन, *1964. – 329* पृ.
15. डॉ. हरदयाल. डॉ. क्रष्णा चन्द्र लाल. हिन्दी साहित्य का इतिहास. नयी दिल्ली. नेशनल पब्लिशिंग हाउस, 2018. – 870 पृ.

УМУМИЯТ ВА ФАРҚИЯТИ РОМАНҲОИ "КАМОМАД" ВА "НИРМАЛА"-И ПРЕМЧАНД

Миёни романҳои Премчанд, ки ҳар кадом чандин маротиба дар Ҳиндустон ва хориҷ аз он, гаштаю баргашта бознашр мешаванд, ду роман, аз ҷумла романи "Камомад" ("Gaban") ва "Нирмала" ("Nirmala") интихоб гардидаанд, ки дар мақолаи мазкур, вобаста ба баъзе масъалаҳои дар ин романҳо матраҳшуда, бо ҳам муқоиса шудаанд. Нависанда дар романи "Нирмала" аз бадқисматии зане сухан меронад, ки дар умри кӯтоҳи худ як рӯзи хушбахтиро надида, дар ҷавонӣ ва сахттарин ноосудагии зиндагӣ ғуррамарг мешавад. Дар ҳар сурат, ба тақдири Ҷалпа аз романи "Камомад" нигоҳ карда, умед бастан мумкин аст, зеро баъд аз талошҳои пайдарпайи ӯ, оянда зиндагиаш дар осудагиву, хушҳолӣ хоҳад гузашт. Бо додани ин ду образ, Премчанд ишора мекунад, ки ҳарду зан, ки тақрибан баромади иҷтимоии бо ҳам монанд доранду дар як муҳити иҷтимоиву сиёсӣ умр ба сар мебаранд, аммо анҷоми зиндагиашон гуногунранг сурат гирифтааст. Яке зани мубориз - Ҷалпа (романи "Камомад") ва дигаре Нирмала (романи "Нирмала"), ки ба тақдираш тан додаву сарфароварданро ихтиёр кардааст, мебошанд. Ҳамин тариқ, Премчанд дар романҳои "Нирмала" ва "Камомад" образи занҳоеро ба қалам додааст, ки дар баъзе мавридҳо, аз лиҳози рафтору кирдор, андешаву афкор ва орзу кардану хушбахт буданашон бо якдигар ҳам шабоҳат ва ҳам фарқият доранд.

Калидвожаҳо: Ҳиндустон, Премчанд, адабиёт, роман, Нирмала, Ҷалпа, камомад, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳиндӣ, образ, зан, шабоҳат, фарқият.

СРАВНЕНИЯ И РАЗЛИЧИЯ МЕЖДУ РОМАНАМИ ПРЕМЧАНДА "РАСТРАТА" И "НИРМАЛА"

В данной статье на основе некоторых затронутых в романах Премчанда, каждый из которых неоднократно переиздавался в Индии и за рубежом, были выбраны и сравнены два романа: "Растрата" и "Нирмала". В романе "Нирмала" писатель рассказывает о несчастье женщины, которая не увидев ни одного счастливого дня в своей короткой жизни, умирает в молодости, пережив самые суровые жизненные невзгоды. В любом случае, глядя на судьбу Джалпы из романа "Растрата" можно надеяться, что после её непрестанных усилий, её будущая жизнь будет счастливой. Представляя эти два образа, Премчанд предполагает, что обе женщины, имеющие примерно схожее социальное происхождение и живущие в одной и той же социально-политической среде, имеют разную жизнь. Одна из них женщина воин - Джалпа (роман "Растрата"), а другая - Нирмала (роман "Нирмала") которая решила принять и смириться со своей несчастливой судьбой. Таким образом, в романах "Нирмала" и "Растрата" Премчанд описал образы женщин, которые в некоторых случаях одновременно похожи и отличаются друг от друга в плане поведения и поступков, мыслей и мнений, а также мечты и счастья.

Ключевые слова: Индия, Премчанд, литература, роман, Нирмала, растрата, социальный, политический, хинди, образ, женщина, сходство, различия.

SIMILARITIES AND DIFFERENCES BETWEEN PREMCHAND'S NOVELS "EMBEZZLEMENT" AND "NIRMALA"

Among the novels of Premchand, which have been repeatedly reprinted both in India and abroad, two works were selected for this article – "Embezzlement" and "Nirmala". In the article they are compared based on certain issues raised in these novels. In the "Nirmala" the author narrates the tragic fate of a woman who did not see a single happy day in her short life and dies in the prime of her years due to severe life hardships. In any case, looking at the fate of Jalpa from the novel "Embezzlement", one can maintain hope, as after her persisted efforts, her future life will be spent in peace and joy. By presenting these two characters, Premchand points out that although both women have similar social backgrounds and live in the same socio-political environment, their life outcomes are diverse. One is a resilient woman Jalpa and the other is a woman who has resigned herself to her fate, Nirmala. In the novels "Nirmala" and "Embezzlement", Premchand has depicted characters of women who, in some instances in terms of behavior, conduct, thoughts, ideas, as well as their desires and happiness.

Keywords: India, Premchand, literature, novel, Nirmala, Jalpa, Embezzlement, social, political, Hindi, image, women, similarity, difference.

Дар бораи муаллиф
Ёрова Сабоҳат Нуровна
Номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони кафедраи филологияи Ҳинд
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17
E-mail: sabohat.yorova.76@bk.ru

Об авторе
Ёрова Сабохат Нуровна
Кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры индийской филологии
Таджикский национальний университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17
E-mail: sabohat.yorova.76@bk.ru

About the author
Yorova Sabohat Nurovna
Candidate of Philological Sciences, Senior Lecturer,, Department of Indian Philology
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17
E-mail: sabohat.yorova.76@bk.ru

UDC 891.550

THE IDEOLOGICAL CHARACTERISTICS AND PURPOSE OF RUSTAM VAHHOBZODA'S POETRY

Miraliyeva S. T.
Tajik Institute of Physical Culture named after S. Rahimov

The main goal and aspiration of Rustam Vahhobzoda, when he takes up his pen and dedicates himself to poetic creation, is to continue the legacy of ancient ancestors and the world-renowned poetry of Tajik poets. Undoubtedly, the poet can be considered a successor of pure Tajik poetry and a follower of such great masters as Abuabdullo Rudaki, Abulqosim Firdavsi, Mawlana, Bedil, Hafiz, and Khayyam. Poet Rustam Vahhobzoda, himself a scholarly poet, with a keen eye and through scientific thinking and reflection, explores and explains the essence of the world, man, and the universe. What he sees and perceives with his natural senses, he puts into poetic form and presents to lovers of fine literature. This is why in «Soqinoma» («Bacchanalian Poem») he says:

Бинеҳ дар кафам ҷоми Хайём,
Бипаймоям оғозу анҷомро...
Муғаннӣ, бикаш ҳиндуве дастпеш
В-аз ӯ боз бистон Бухорои хеш.
Дуруде ба Деҳлию Лоҳури пок,
Бар он Бедили пурдил, Иқболи ҷок.
Яке муслиму ибрати барҳаман,
Дигар барҳаманзодае бутшикан.
Ҷу шамшер берун кашад з-он ниём,
Кулоҳи каёнӣ биёбад ғулом.
Ҷу шамшер – шамшери илми яқин,
Кулаҳ аз хирадмандию рою дин [3, с. 84].

TRANSLATION:
Place Khayyam's cup in my palm,
I will measure the beginning and the end...
Musician, extend your hand to the Hindu,
And from him, reclaim your Bukhara.
Greetings to Delhi and pure Lahore,
To that brave Bedil, Iqbal in rags.
One a Muslim and an example for the Brahmin,
The other a Brahmin, an idol-breaker.
When the sword is drawn from its sheath
The slave will attain a royal crown.
Like a sword – a sword of true knowledge,
The crown – from wisdom, reason, and faith.

On this matter, Abdushukur Abdusattor expressed the following opinion: «An important goal that Rustam Vahhobzoda pursues in «Soqinoma» is the issue of national self-awareness and self-knowledge, the struggle for the Independence and Unity of his state and nation. The abundance of references to Firdavsi and his «Shahname» for the poet is a symbol of self-awareness and self-knowledge, a banner of the struggle for independence and the preservation of national ideals, as well as one of the main pillars of the nation's existence. Firdavsi is like Prophet Noah for Tajiks, and «Shahname» is the ship that will save them in difficult times. In this sense, the poet sends greetings to the pure spirit of Hakim Tusi and says:

Ҷаҳонпаҳлавон ҷаҳони сухан,
Ҷаҳонхусрави ҷовидони сухан.
Ба сад обхези дигар Нӯҳи мост,
Ки "Шоҳнома" худ киштии руҳи мост" [1, с. 11].

TRANSLATION:
World hero, world of words,
World king, eternal king of words.
In hundreds of other floods, he is our Noah,
For «Shahname» is the ship of our soul.

Scholar Bukhari also expressed his opinion on this matter as follows: «The cultural heritage of our ancestors, woven from the threads of our wise forefathers and whose existence is a source of our pride, requires greater recognition and respect. The poet of 'Shahri Khurshed' ('Cities of the Sun'), who in the golden world of literature is one of the admirers and followers of 'Piri Ajam' ('Persian Sage') (Ferdowsi) and constantly exclaims 'Analjam' ('I am not Arab') (bidih soqi, on may, ki chun dam kasham. Zi dil na'rahoi 'Analjam' kasham - Give, o cupbearer, that wine, which when I drink, from my heart will erupt cries of 'I am not Arab'), considers the preservation of ancestral cultural values his primary artistic duty» [2, p. 4].

Rustam Vahhobzoda confirmed the above in his poem «Feeling» as follows:

Ҳар гаҳе дар замини сахти дилам
Мезанад зоғи ғуссаҳо минқор,
Ҳар гаҳе аз надомату ҳасрат
Мешавад қалби хастаам хуншор,
Мекунам бо ғаму фусус эҳсос
Наъши Ҳобилро ба шонаи хеш.
Ҳар гаҳе ки ба ҷурми ҳақ гуфтан
Мефишорад бо панҷаи оҳаш
Ҳалқи ҳақгӯйро яке кавдан,
Мекунам чун ҳакими Тус эҳсос
Қалами филро бо шонаи хеш [6, с. 181].

TRANSLATION:

Whenever on the firm ground of my heart
The raven of sorrow pecks,
Whenever from remorse and regret
My tormented heart bleeds,
I feel with pain and regret
Abel's corpse on my shoulders.
Whenever for the truth
An ignoramus with an iron grip
Squeezes the throat of the truth-seeker,
I, like the sage of Tus, feel
Elephant ivory on my shoulders.

According to Rustam Vahhobzoda, «a poem should evoke excitement, raise the dead from their graves» [11, p. 36], meaning excitement here signifies awakening, setting in motion, i.e., a poem should prompt a person who knows nothing to awaken, to revive the lifeless body of the deceased, which here refers to those who are soundly asleep in oblivion. Or, in the ghazal titled «She'r» («Poem»), following the poem of Payrav Sulaymoni «Qalamam nest, balki joni man ast» («My pen is not a pen, but my soul»), he expressed the following:

Қаламам килки устухони ман аст,
Дафтарам парниёни ҷони ман аст.
Ному нонам мабод аз дари шеър,
Шеър худ резахори хони ман аст.
Пираҳан бар танаш зи хоби шабам,
Кафш дар пояш аз равони ман аст.
Зевараш қатраҳои хуни дилам,
Шуҳрataш аз ғами ниҳони ман аст.
Чист ин шеър, то бинозам аз ӯ,
Дарди ман, доғи ман, зиёни ман аст.
Баркашам ба бурҷи руъёҳо,
Бар дари бурҷ посбони ман аст.
Офаринаш ба ҷойи нафрин аст,
Ҳотамаш муҳр бар даҳони ман аст...
Лек бо ин ҳама ҳамин шеър аст,
Ки бар дӯст тарҷумони ман аст.
Баркашад то маро зи чоҳи адам,
Расани нури осмони ман аст.
Дар дами беамони туфонҳо
Яккафарёди ал-амони ман аст.

Ҳамраҳи ғурбатам, рафиқи раҳам,
Меҳани ҷовидона они ман аст.
Бар фарози ситеғи бовари ман,
Парчами умри ҷовидони ман аст [11, с. 153].

TRANSLATION:

My pen is the bone of my body,
My notebook is the silk of my soul.
Let me have no name or bread from the door of verse,
Verse itself is the crumbs from my table.
The shirt on his body is from my night's sleep,
The shoes on his feet are from my movement.
His adornments are drops of blood from my heart,
His glory is from my hidden sorrow.
What kind of verse is this for me to be proud of,
My pain, my wound, my damage.
I will elevate it to the tower of dreams,
At the tower's door, he is my guard.
Its creation instead of a curse,
Its seal is on my lips...
But despite all this, it is this verse
That is my translator for a friend.
He will pull me out of the pit of non-existence,
He is the rope of light of my sky.
In moments of merciless storms,
He is my only cry for mercy.
My companion in exile, my fellow traveler,
My eternal homeland is he.
At the peak of my faith,
He is the banner of my eternal life.

For Rustam Vahhobzoda, poetry is the bones of his body, white writing sheets are the world of his soul, his reputation, authority, and sustenance do not depend on verses, but the verses themselves are crumbs from his table. The clothes from which he creates poems are woven from sleepless nights, the shoes for poetry are made of living inspiration, its ornaments are from the blood of the heart, and fame and glory are from hidden sorrow and longing. So what is poetry for a poet? It is his pain, his grief and sorrow, the traces of wounds, that which attracts public attention, causes heated debates, and ultimately brings him harm and suffering. Besides all this, poetry for him is a «guardian», a «seal», an «interpreter», a «rope of heavenly light», «the only cry for help», a «companion in exile», a «fellow traveler», an «eternal homeland», «the banner of eternal life».

Elsewhere, in the poem «Ghamhoi tu» («Your Sorrows»), the poet compares the impact of words and word-crafting to the work of a dagger:

Шоиро, андар дуроҳи интихоб уфтодаӣ,
Мекунад теғи забон коре, ки ханҷар мекунад?
Ҳар киро дар дил бувад дардеву дар хотир ғаме,
Шеъри моро, в-ар на аз бар кард, бовар мекунад [4, с. 84].

TRANSLATION:

Poet, you found yourself at a crossroads of choice,
Does not the tongue do what a dagger does?
Whoever has pain in their heart and sorrow in their thoughts,
Will believe our poems, even if they don't memorize them.

In the poem «Shamshir» («Sword»), the poet symbolically, on behalf of the sword, speaks of straightforwardness, honesty, and faithfulness to one's word:

Якрӯву якзабонаму покизаҷавҳарам,
Бебаҳсу бебаҳона басе парда медарам...
Ман озарахши хашми ғуломони саркашам,
Ман шеъри оташину забони Паямбарам...
Андӯҳ мехӯрам, ки маро занг мехӯрад.
Бинам сарои хамидаву андӯҳ мехӯрам [11, с. 179].

TRANSLATION:

I am single-faced and unanimous, with a pure essence,
Without arguments or excuses, I tear away many veils...
I am the spark of anger of rebellious slaves,
I am the fiery verse and the tongue of the Prophet...
I grieve when rust corrodes me.
I see a bent house and grieve.

In his work, the poet Rustam Vahhobzoda very often uses the concept of Khurshed (Sun) and even calls it a Friend (Creator), which is a new idea in literature. He sought the secret of talent in a candle, but at dawn he received the answer that talent is Khurshed. The poet considers his poetic style to be Khorasanian, and his teacher, mentor, guide, and owner to be Khurshed, which perfectly matches the word-crafting manner of Ustad Rustam Vahhobzoda.

...Ба дасти лутф бар сар мезанад ҳар субҳ моро Дӯст,
Ба шоми тирарӯзиҳо гули имдод Хуршед аст.
Ҷаҳон то ҳасту то хоҳад будан, фарзанди Одамро
Ҳамин як сикка мерос аз ақдоди Хуршед аст.
Ҳама шаб рози истеъдодро аз шамъ меҷустам,
Саҳар хандиду посух дод: "Истеъдод? Хуршед аст!"
Хато набвад, агар гӯям, ки сабки ман хуросонист,
Маро мавлову муршид, роҳбару устод Хуршед аст [11, с. 198].

TRANSLATION:
... The hand of mercy touches us every day, Friend,
In gloomy evenings, the flower of help is Khurshed.
As long as the world exists and will exist, the only coin
That man inherits from ancestors is Khurshed.
All night I searched for the secret of talent in a candle,
At dawn, it smiled and replied, «Talent?
It is Khurshed!»
It won't be a mistake if I say my style is Khorasanian,
My mentor and teacher, guide and instructor, is Khurshed.

In the poem «Say a word that..». (in response to an article by a certain claimant to scholarship who accused Sheikh Kamol of hatred and envy towards Khoja Hafiz), he writes:

Суханат дар даҳанат қанд шавад,
Аз хирад об хурад, панд шавад.
На ки андар дами боде ояд,
Ҳарзаву лоф шавад, фанд шавад,
Ҳамчу дарё ҳамаро пок кунад,
На чун мурдоб пур аз ганд шавад...
Ҳар ки бишнид, дилаш гардад шод,
Ҳар кӣ дарёфт, хирадманд шавад...
Бинигар чанд варақ дил бикушуд,
Манигар, то варақе чанд шавад... [9, с. 8].

TRANSLATION:
May your word become honey in the mouth,
May it be nourished by wisdom and become a guide.
Not that which comes with a gust of wind,
Becomes nonsense and boasting, deceit,
May it cleanse everything, like a river,
Not like stagnant water, full of mud...
Whoever hears it will rejoice in their heart,
Whoever understands it will become wise...
Look how many pages the heart has opened,
Don't look at how many pages are written...

The poet sees the main purpose of versification as ensuring that when one speaks and creates poems, they are sweet like sugar and sweeten the lips, nourished by the poet's wisdom and knowledge, akin to guidance and a good deed, rather than coming with a gust of wind, like useless, inappropriate, empty words and nonsense, becoming deceit and trickery. According to the poet, a word should be flowing like a river and cleanse everything around, not be stagnant and foul-smelling like standing water. It should be a word that reaches Bukhara and Samarkand, is the

Shahbaz (falcon) of Shiraz and the Persian sugar of India. Anyone who hears or reads such a word will rejoice, and anyone who understands and comprehends it will become discerning and wise. Before Muslims, it should be like a skillful and artful translation and interpretation of the Prophet's Quran, like Pazand (the interpretation of the «Avesta» in Middle Persian (Pahlavi) during the Sasanian era). Look how many pages of the heart your poems have delighted, don't look at how many pages you have written. If you have spoken a verse, speak it like Kamol, so that it is a path from Tabriz to Khujand. In the poem «Sukhan» («The Word»), he says:

Сухан аз осмон фуруд омад,
Боз бояд ба осмонаш бурд.
Бояд ин тирро зи хок кашид,
Боз бар хонаи камонаш бурд.
Мурғи ҷовидони ошёни дил аст,
Боз бояд ба ҷовидонаш бурд [6, с. 174].

TRANSLATION:

The word descended from the heavens,
And it must be raised to the heavens again.
This arrow must be pulled from the earth,
And placed back into the quiver.
This is the eternal bird of the heart's nest,
And it must be carried back into eternity.

It is said that word and speech descended from the heavens to the earth. The poet says that he has raised them back to the heavens, meaning he has elevated the value and significance of the word, spoken a sublime and beautiful word. This is like an arrow that you pull from the earth and place back into the bow's quiver, like a beautiful, eternally singing bird in the heart's home. And again, he has raised it eternally, meaning to speak such a word that will be eternal, constant, will not be forgotten, to speak such a word that will be good and useful, will be on everyone's lips. The poet's word in every line, in every beat and poem, contains novelty and exploration; his word becomes stronger and carries the meaning of admonishments and teachings.

In the poem «Marmari dilho» («Marble of Hearts»), the poet considers the poem a cry and a groan from the heart, and his mentor and elder as Farhad the stonecutter. He calls his pen steel, meaning a very strong silvery metal, and his notebook (i.e., bound white sheets of paper for writing) – the marble (a hard stone from limestone rocks that polishes well) of the hearts of his readers, which are imprinted in their hearts and are not erased from memory:

Шеъри ман фарёд аст,
Муршидам Фарҳод аст.
Килкам аз фӯлод аст,
Дафтарам мармари дилҳои шумо [6. С. 191].

TRANSLATION

My poem is a cry,
My mentor is Farhad.
My pen is of steel,
My notebook is the marble of your hearts.

In a rubai (quatrain), the poet better expressed his inner turmoil:

Ҳар сатр чу тозиёна мехоҳам ман
В-аз баҳри касе зиён намехоҳам ман.
Ошӯби даруниҷон накӯтар ояд,
Таҳсини саризабон намехоҳам ман [6, с. 199].

TRANSLATION:

Every line I want to be
like a whip,
And I wish no harm to anyone.
The inner turmoil of the soul is better
Than praise on the tip of the tongue, I do not want.
Ҳар гоҳ ба мо дари сухан боз шавад,
Ин сина пурошӯбу пуровоз шавад.
Ҷангест миёни ҳарфҳо дар дили мо,
То он ки киро насиби парвоз шавад [6, с. 200].

TRANSLATION:

Whenever the door of the word opens to us,
This chest becomes full of turmoil and voice.
In our hearts, there is a war between letters,
To know who is destined to fly.

How naturally a poet describes the moment of inspiration: when the door of the word opens before him, a noise and clamor arises within his chest, full of sounds, letters fight among themselves to see which of them is destined to spread its wings and fly (meaning, to be embodied in the form of a poem).

The poet's verses are very wise and timely, and confirmation of these words is found in the following rubai:

Ба ҳар сухане қалам ба дафтар надавад,
Ёҳу зада монанди қаландар надавад,
Бар теғи хати чун дами ханҷар надавад,
То масти сухан нагашт, ба сар надавад [6, с. 204].

TRANSLATION:

Not every word the pen writes in a notebook,
Does not run, shouting «Yahu», like a dervish,
Does not run along the edge of a line, like along the blade of a dagger,
Until it is drunk by the word, it does not move from its place.

The poet praises his pen, saying that it does not rush to paper for the sake of empty words. He does not run like a dervish or a qalandar, uttering «Yahu» (a word used by dervishes and qalandars, meaning «God», from the Arabic «Ya Huwwa»), nor does he strive for a line like the sharp edge of a sword. In other words, the pen of the poet Rustam Vahhobzoda does not immediately record any nonsense until it is intoxicated by words and loses itself. He reveals nothing until he finds a rare, valuable, and precious word, and until it conquers him.

Composing poetry is the poet's favorite pastime, if he manages to reach the pinnacle of eloquence, for it stretches to the heavens. He says: «I will turn the field of the word, from the word (from the verse) into pearls for you, I will adorn and give elegance with verse».

Эй дӯст, хӯш омадӣ ба кайҳони сухан,
То арш бувад арсаи ҷавлони сухан.
Гар даст диҳад ба дасти худ овезам
Бар гардани ту шаддаи марҷони сухан [11, с. 314].

TRANSLATION:

Oh friend, welcome to the world of words,
Where the field of words stretches to the heavens.
If I succeed, I will hang with my own hand
A necklace of word-pearls on your neck.

In another rubai, he mentions that he has thousands of notebooks, and all of them are filled with fresh verses. But it is shameful in a period of drought (lack of poetic inspiration) to feel shame and humiliation by gathering ears of corn from another's field (using the verses of another poet).

Аз шеър ҳазору анд дафтар дорем,
В-он шеър, ки дорем, ҳама тар дорем.
Айб аст, агар ба хушксолӣ илҳом
Аз мазраъи ғайр хӯшае бардорем [6, с. 210].

TRANSLATION:

We have thousands of notebooks of verses,
And all our verses are fresh.
It is a shame, if in a drought of inspiration,
We gather ears of corn from another's field.
In another quatrain, he says:
Мансур бишав, ки дори ту шеър шавад,
Яъқуб, ки интизори ту шеър шавад.
Ин лолаву настаран ҳама шеъри Худост,
Шоир тӯӣ, ар ки хори ту шеър шавад [11, с.316].

TRANSLATION:

Be like Mansur, so your home becomes verse,
Be like Yaqub, so your waiting becomes verse.
These tulips and roses are all God's verses,

You are a poet, even if your thorn becomes verse.

In this quatrain, Ustad Rustam Vakhhobzoda wants to convey: be like Mansur (a reference to Rudaki), so that your home becomes a poem, and may poems, like Jacob (the father of the prophet Yusuf, who waited for his son), await you. Tulips and roses, spring flowers – all these are creations of God, God's poems. But you will be a true poet only when even your thorn becomes a poem, meaning when you can create something tender, touching, flowing, and beautiful from something prickly, like a thorn.

In one of his poems, Rustam Vakhhobzoda explains the purpose of his creativity as follows: «I am not a poet of a day, a month, or a year; I write poems for eternity, regardless of whether I myself exist in this world or not. May my poems be eternal and immortal»:

Ман шоири солу ҳафтаву моҳ наям
Аз ҳафтаву моҳу сол огоҳ наям.
Ман шеър ба ёди ҷовидон мегӯям,
Ҳарчанд, ки худ гоҳ ҳаям, гоҳ наям [6, с. 214].

TRANSLATION

I am not a poet of the year, week, and month,
I know neither weeks, nor months, nor years.
I write poems for eternity,
Though I myself sometimes exist, sometimes not.

In another rubai, he asserts that reward and punishment emanate from his poetic collection, and his pen is like the wing of Humo (a mythical bird symbolizing luck and happiness):

Ҳам ҷоиза, ҳам ҷазои мо дафтари мост,
В-ин парри қалам боли ҳумо бар сари мост.
Фардо, ки зи роҳ мерасад, довари мост,
Нақде, ки зи каф намеравад, бовари мост [11, с. 321].

TRANSLATION:

All rewards and punishments are in our notebook,
And our pen is the wing of Humo above our heads.
Tomorrow, which will come, will be our judge,
What does not leave our hands is our faith.

In yet another rubai, the poet speaks of the malice, envy, slander, and accusations of some people, due to which his groan gets stuck in his throat, and words full of grief, sorrow, and pain get tangled in the branches of his pen:

Гар роҳ равам, ба пойи ман мепечад,
Оҳам ба гулӯ мисли расан мепечад.
Азбаски сухан ба туҳмат олуда шуда,
Дар шохи қалам зи ғам сухан мепечад [6, с. 219].

TRANSLATION:

If I walk, it wraps around my legs,
My groan in my throat, like a rope, entwines.
Since the word is stained with slander,
In the branches of the pen, from grief, the word entwines.

Another purpose of poetic creation can be found in one of his couplets:

Намегӯям, ки ман кишвар кушудам,
Ва ё бар осмонҳо дар кушудам.
Чу дидам синаам оташ гирифта,
Ба рӯи дил дари дафтар кушудам [6, с. 224].

TRANSLATION:

I do not say that I conquered the country,
Or opened the heavens.
When I saw my chest ignite,
I opened the door of the notebook to my heart.

In individual lines of the poet, the purpose of poetry and poetic creation is also reflected. For example:

Эй амал хоста ба ҷои сухан,
Сухани шоирон беҳин амал аст [10, с.13].

TRANSLATION:

Oh, deed, striving to replace the word,

The word of poets is the best deed.
Or:
Аз қалам хостам, ки рост бирав,
Гуфт: ин ҳарф дар алифбо нест [6, с. 239].
TRANSLATION:
I asked the pen: «Write straight»,
It replied: «This letter is not in the alphabet».
Or:
Шеър пайдо, шораш пайдо набошад ҳайф нест,
Ҳайф бошад шоире пайдову нопайдош шеър [10, с. 70].
TRANSLATION:
If there is a verse, and no poet – it's not a problem,
The problem is if there is a poet, and no verse.
Он ки созад қуфлҳои бекалид,
Устоди мост дар сабки ҷадид [10, с. 75].
TRANSLATION:
He who creates a castle without a key,
Is our teacher in a new style.

In conclusion, Rustam Vahhobzoda began writing poetry with specific objectives and successfully integrated them with knowledge, wisdom, and sagacious guidance. Undoubtedly, it can be asserted that his poetry reflects the pain and social life of the people, and he has managed to secure his place, discover his own path, style, and manner in contemporary literature.

Literature

1. *Abdusattor, A. Revival of the ancient tradition of Persian poetry / A. Abdusattor // Literature and art. – 2014. – April 3. – No. 14 (1725). – P. 11. (in Tajik)*
2. *Bukhari, O. Poetry is a messenger of awareness / O. Bukhari // Literature and art. – 2009. – June 4. – No. 23 (1474). – P. 4. (in Tajik)*
3. *Vahhobiyon, R. Words / R. Vahhobiyon and others. Navqadam (collection of poems). – Dushanbe: Adib, 1990. – 416 p. (in Tajik)*
4. *Vahhob, R. City of the sun / R. Vahhob: editor and author of the preface Gulrukhsor. – Dushanbe: International Academy of World Poetry, 2008. – 167 p. (in Tajik)*
5. *Vahhob, R. Poetics of weight and rhythmic features of modern Tajik poetry / R. Vahhob. – Dushanbe: Adib, 2009. – 200 p. (in Tajik)*
6. *Wahhob, R. Hello / R. Wahhob. – Dushanbe: Adib, 2015. – 256 p. (in Tajik)*
7. *Vahhobzoda, R. Cradle of poetry and consciousness / R. Vahhobzoda // Literature and art. – 2016. – April 14. – №15 (1830). – P. 6. (in Tajik)*
8. *Vahhobzoda, R. Poetry / R. Vahhobzoda // Literature and Art. – 1989. – August 3. – №31. – P. 7. 34. (in Tajik)*
9. *Vahhobzoda, R. Poetry / R. Vahhobzoda // Literature and Art. – 2020. – Jun 25. – №26 (2049). – P. 8.(in Tajik)*
10. *Vahhobzoda, R. A thousand verses (Mufradati Badeh) / R. Vahhobzoda . – Dushanbe: Adib, 2020. –160 p. (in Tajik)*
11. *Vahhobzoda, R. The territory of love / R. Vahhobzoda. – Dushanbe: Adib, 2022. – 368 p. (in Tajik)*
12. *N. Kosim. – Literature and Art, 2020. – December 3. – No. 49 (2072). – P. 3. (in Tajik)*
13. *Miraliyeva, S.T. New and White Poetry in the Works of Rustam Vahhobzod / S.T. Miraliyeva. – Bulletin of the Tajik National University. – 2020. – Pp. 229-235. (in Tajik)*
14. *Miraliyeva, S.T. Fardbait in the Works of Rustam Vahhobzod / S.T. Miraliyeva. – Reports of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. – 2020. – Pp. 233-238. (in Tajik)*
15. *Miraliyeva, S.T. Some Considerations on the Patriotic Poems of Rustam Vahhobzoda / S.T. Miralieva // Bulletin of the Tajik National University. - 2020. - Pp. 199-206. (in Tajik)*
16. *Rahmon, H. Inspiring Poetry / H. Rahmon // Literature and Art. - 2020. October 15. - No. 42 (2065). - P. 3. (in Tajik)*

THE IDEOLOGICAL CHARACTERISTICS AND PURPOSE OF RUSTAM VAHHOBZODA'S POETRY

The article reviews the ideological characteristics and purpose of Rustam Vahhobzoda's Poetry. It is underlined that Rustam Vahhobzoda, a scholar and poet, strives to continue the great traditions of Tajik poetry, drawing inspiration from the legacy of such masters as Rudaki, Firdavsi, Mavlono, Bedil, Hafiz, and Khayam. His poetry is not simply creative work, but a profound understanding of the world, humanity, and the universe, based on a scientific approach and subtle sensory perception. Rustam Vahhobzoda believes that poetry should awaken, «raise the dead from their graves» - that is, evoke profound emotion and awaken

those who are spiritually lost. For him, poetry is life itself, the source of his soul and self-expression, and not a means of achieving fame or material well-being. He creates from sleepless nights, inspiration, and heartache, striving to create poems that are tasty, wise, and useful, like instruction, not empty words. His poetic words are flowing and purifying, like a river. Thus, Rustam Vahhobzoda successfully combined knowledge, wisdom, and social awareness in his work, taking a worthy place in modern literature.

Keywords: Rustam Vaphobzoda, poetry, poet, poems, pen, primary goal, pain, word, speech, eloquence, nation, independence, cultural heritage.

ХУСУСИЯТҲОИ ҒОЯВӢ ВА ҲАДАФИ ШЕЪРИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА

Дар мақола хусусиятҳои ғоявӣ ва ҳадафи шеъри Рустам Ваҳҳобзода барарсӣ карда мешавад. Таъкид мешавад, ки Рустам Ваҳҳобзода донишманд ва шоири шинохта буда, кӯшиш намудааст, ки анъанаҳои бузурги шеъри тоҷикро идома диҳад ва аз мероси устодоне чун Рӯдакӣ , Фирдавсӣ. Мавлоно, Бедил, Ҳофиз ва Хайём илҳом мегирад. Шеъри ӯ на танҳо эҷодкорӣ , балки фаҳмиши амиқи ҷаҳон, инсон ва олам аст, ки ба муносибати илмӣ ва дарки нозуки эҳсосӣ асос ёфтааст. Рустам Ваҳҳобзода чунин мешуморад, ки шеър бояд хусусияти бедоркунӣ дошта бошад, ба қавли шоир “мурдагонро зи гӯр ангезад”, яъне зинда намуда, ҳаяҷони амикро ба вуҷуд оварад ва онҳое, ки дар фаромӯшии руҳӣ ҳастанд, бедор кунад. Барои ӯ шеър худ ҳаёт, манбаи руҳ ва ифодаи он аст, на воситаи ба даст овардани шуҳрат ё манбаи моддӣ. Вай аз шабҳои бехобӣ, илҳом гирифта, эҷод мекунад, то ин ки шеърҳояш ошӯби дарди даруни дил, лаззатбахш, оқилона ва ба манфиат бошанд, ба монанди роҳнамо, на ҳамчун суханҳои нодаркор. Шеърҳои шоиронаи он мисли дарё равон ва ҷонбахшанд. Ҳамин тариқ, Рустам Ваҳҳобзода дониш, ҳикмат ва самти иҷтимоиро дар эҷодиёти худ бомуваффақият пайваст карда, дар адабиёти муосир ҷойгоҳи сазоворро ишғол намудааст.

Калидвожаҳо: Рустам Ваҳҳобзода, шеър, шоир, қалам, ҳадафи асосӣ, дард, калима, сухан, миллат, истиқлолият, мероси фарҳангӣ.

ИДЕЙНЫЕ ОСОБЕННОСТИ И ЦЕЛЬ ПОЭЗИИ РУСТАМА ВАХХОБЗОДА

В статье рассматривается идейные особенности и цель поэзии Рустама Ваххобзода. Подчеркивается, что Рустам Ваххобзода, будучи ученым и поэтом, стремится продолжить великие традиции таджикской поэзии, черпая вдохновение в наследии таких мастеров, как Рудаки, Фирдавси, Мавлоно, Бедиль, Хафиз и Хайям. Его поэзия – это не просто творчество, а глубокое осмысление мира, человека и вселенной, основанное на научном подходе и тонком чувственном восприятии. Ваххобзода считает, что стихи должны пробуждать, «поднимать мертвых из могил», то есть вызывать глубокое волнение и пробуждать тех, кто находится в духовном забвении. Для него поэзия – это сама жизнь, источник его души и самовыражения, а не средство достижения славы или материального благополучия. Он творит из бессонных ночей, вдохновения и сердечной боли, стремясь создавать стихи, которые будут сладки, мудры и полезны, подобно наставлению, а не пустым словам. Его поэтическое слово текуче и очищающе, как река, а не застойное и вредоносное. Таким образом, Рустам Ваххобзода успешно соединил знание, мудрость и социальную направленность в своем творчестве, заняв достойное место в современной литературе.

Ключевые слова: Рустам Ваххобзода, поэзия, поэт, стихи, перо, основная цель, боль, слово, речь, красноречие, нация, независимость, культурное наследие.

About the author
Miralieva Sarvarbi Tolibovna
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Languages
Tajik Institute of Physical Culture named after S. Rahimov
734053, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Luchob, 53
E-mail: sano00475@gmail.com

Об авторе
Миралиева Сарварби Толибовна
Кандидат филологических наук, доцент кафедры языков
Таджикский институт физической культуры имени С. Рахимова
734053, Республика Таджикистан, г. Душанбе, Лучоб, 53
E-mail: sano00475@gmail.com

Дар бораи муаллиф
Миралиева Сарварбӣ Толибовна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов
734053, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, маҳ. Лучоб, 53
E-mail: sano00475@gmail.com

ТДУ 398.22:398.21

БОЗТОБИ МАФҲУМИ АСОТИРИИ «ФАРР» ДАР АФСОНАҲОИ ТОҶИКӢ

Раҳимӣ Д. К.
Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ЮНЕСКО

Дар мундариҷаи афсонаҳои тоҷикӣ бозмондаҳои бовару эътиқодҳои қадимтарин, унсурҳои асотири Эрони бостон, ҷаҳонбинӣ ва тасаввуроти ибтидоии инсоният ба шаклу шеваҳои гуногун ҷойгир шудаанд, ки далели куҳан будани эҷодиёти шифоҳии миллати тоҷик ба шумор мераванд. Ҳар як мотив ва сужети афсонаҳо, ба вижа афсонаҳои сеҳромез сабаб ва заминаҳои пайдоиши худро дошта, дар тули садсолаву ҳазорсолаҳо таҳаввулу ташаккул ёфтаанд ва онҳо аз як афсона ба матни дигар афсона, аз доираи гуфтори як халқ ба халқи дигар интиқол ёфтаанд. Пажуҳиши унсурҳои асотирӣ ва эътиқодие, ки дар афсонаҳо бозтоб шудаанд, моро бо ҷаҳонбинӣ ва тасаввуроти ниёгони тоҷикон дар бораи ҳаводиси табиат, кайҳон, ҷонварону гиёҳон ва аҷсому маъданҳо ошно месозанд.

Яке аз мазмунҳои бостонӣ, ки реша дар ҷаҳонбинии асотирии аҷдоди тоҷикон дорад, тасвири бадеии тимсоли фарр мебошад. *Фарр* ё *фарра* ба маънои фурӯғ ё нури эзадиест, ки агар ҳар кас аз он бархурдор шавад, ба мартабаи солорию фармонравоӣ расад ва шоҳи ободгару додгустар гардад. Вожаи *фарр* дар Авесто дар шакли "хваран", дар порсии бостон “фарна”, дар паҳлавӣ “хварра” ё “хвараг” буда, дар форсии нав дар шаклҳои “фарр” ва “хурра” роиҷ будааст.

Фарр, мутобиқи фаҳмиши пайравони ойини зардуштӣ, бахту шуҳрату шукӯҳ ва қудрату тавоноӣ мебошад, ки аз ҷониби Аҳурамаздо ба ҳар касе, ки росткору ростандеш, додрасу мардумпарвар бошад, тақдим мешудааст. Яъне фарр бештар тақдим аз ҷониби яздон буда, ҳар шахс дар зиндагӣ бо заҳмату талош метавонад, онро соҳиб шавад. Шахси дорои фарр шаҳриёру ҳукмраво, додрасу роҳбари хуб буда метавонад. Шахси фарраманд дар мубориза бар зидди офарида, қувваҳо ва хислатҳои аҳриманӣ ва зиштӣ ҳамеша муваффақ мебошад. Ҳатто ба фарр хусусиятҳои моддиро низ нисбат додаанд, чуноне ки дар Авесто зикр шудааст, фарр сӯзону дурахшон ва равшанибахш аст [4, с. 720].

Дар Авесто ибораҳои *фарри эронӣ, фарри каёнӣ* ва *фарри ногирифтанӣ* зиёд ба назар мерасад, ки маъниҳои вижа ва мавридҳои истифодаи худро доранд. Фарри эронӣ – *аирйанем хваран*, гумон меравад, ки дар давраи гузаштаи дури тозардуштӣ ба ҳайси фариштаи ё эзади ҷудогона будааст. Он тавонгару фарраманд, дорои хирадӣ некофарида буда, махлуқоти офаридаи Аҳриман ва махсусан, деви Озро шикаст медиҳад.

Фарри каёнӣ – *кавайанем хваран*, ба шахсони поксиришту номвар, сарварону шаҳриёрон хос буда, дар партави он ба растагорию комравоӣ мерасанд. Ин фарр ҳамеша аз они эрониён буда, то даврони растахез ё рӯзи қиёмат, то падиди омадани фариштаи наҷот – Саошйант бо онҳо аст [4, с. 720].

Фарри ногирифтанӣ фаррест, ки ба думболи он чандин эзадони аҳуроӣ ва махлуқҳои аҳриманӣ талош меварзанд, кӯшишу орзуи соҳиб шудани онро мекунанд, аммо ноком мемонанд ва саранҷом ин фарр ба худи Зардушт мерасад.

Дар “Зомёд-ашт”-и Авесто, ки онро “Каён-ашт” низ меноманд, устурапораҳои бостонӣ дар бораи чигунагии фарр, талошу муборизаи офаридаҳои аҳуроӣ ва аҳриманӣ барои соҳиб шудан ба фарр бозтоб шуда, аз ситоиши ин неъмати маънавӣ сухан рафтааст. Дар ин бахш омадааст, ки Ажидаҳок ва Афросиёб аз фарр бебаҳраанд, ҳарчанд кӯшишу талош меварзанд, аммо бенасиб мемонанд. Шаҳриёроне ҳамчун Ҷамшеду Ковус дорои фарр буданд, аммо ба сабаби ғуруру худситоӣ ва бедодгарияшон фарр аз онҳо гусаста, онҳо дучори бадбахтию душвориҳо мегарданд.

Аз подшоҳон нахуст Ҳушанг дорои фарри каёнӣ буд, ки бар ҳафт кишвар шаҳриёрӣ карда, бар девону ҷодувону париён ва мардумони бадкирдор пирӯз шуд. Пас аз ӯ Таҳмураси девбанд аз фарри эзадӣ баҳраманд гашта, ӯ низ бар ҳафт кишвар ҳукмронӣ мекард. Ӯ Аҳриманро ба пайкари аспе даровард ва сӣ сол бар ӯ савор шуда, ба ду каронаи замин метохт.

Пас аз Таҳмурас шоҳи пешдодӣ Ҷамшед аз фарр бархурдор мешавад. Ҷамшед ҳамчуни тимсоли аҳуроӣ, таҷассуми нуру рӯшноӣ бо девҳо ва офаридаҳои Аҳриман, намояндаи қувваҳои зиштию зулматовар мубориза мебарад ва саранҷом пирӯз мегардад. Ҷамшед нахуст рӯйи заминро аз девон пок сохта, сипас ба мардум касбу ҳунарҳои барои рӯзгор муҳимро

меомӯзонад ва ҳаёти хушу хуррамонаро дар кишвараш бунёд менамояд. Мувофиқи маълумоти манобеи асотирӣ ва таърихию адабӣ, дар даврони шоҳигарии Ҷамшед пирию марг, беморӣ, дурӯғгӯй, бадрафторӣ, зулму ситам вуҷуд надоштаанд ва ӯ бо адлу дод ва ростию накукорӣ ҳукмронӣ мекардааст.

Ба ин маънӣ дар фаргарди дуюми Видевдоти Авесто гуфта мешавад, ки Йима (Ҷамшед) бо мадади Аҳурамаздо се маротиба сарзамини худро обод сохта, бо сеҳри ангуштарин ва асое, ки аз Аҳура Маздо гирифта буд, васеъ кардааст. Барои ҳамин ҳам Ҷамшед дар ин китоб ва баъзе сарчашмаҳои паҳлавӣ бо сифатҳои хубчарогоҳ, фарохчарогоҳ, хубрама зикр мешавад [1, с. 425-427].

Пас аз он, ки Ҷамшед мағруру худсито шуд ва сухани дурӯғ ба забон оварда, фарри ӯ ошкоро ба шакли мурғе аз ӯ берун рафт. Ҳангоме ки фарр аз Ҷамшед бигусаст, ӯ афсурдаву сархам, ғамгин ва дар баробари девон ночору беиқбол гашт. Фарри ӯ бори нахуст дар колбади мурғи Вареғна берун шуд ва онро эзади Меҳр баргирифт. Бори дувум фарри Ҷамшед бигусаст ва онро Фаридун – писари Отбин соҳиб шуд, ки аз пирӯзмандтарин мардумон буд. Бори севум фарри Ҷамшед аз ӯ канда шуда, ба Гаршопи Наримон насиб гашт, ки ӯ дар далерию мардонагӣ зӯрмандтарин мардумон буд [1, с. 335-336].

Барои *фарри ногирифтанӣ* чандин эзадони аҳуроӣ ва офаридаҳои аҳриманӣ талош меварзанд, аммо ҳеҷ кадоме онро гирифта наметавонад. Махсусан эзади оташ – Озар бо Ажидаҳок (Заҳҳок) кӯшиши ба даст овардани онро мекунанд, аммо ба мақсад намерасанд. Фарр ба дарёи Фарохкарт меҷаҳад. Афросиёби туронӣ бо орзуи дарёфти фарр ҷома аз тан кашида, се маротиба ба дарёи Фарохкарт медарояд, аммо ҳеҷ онро ба даст оварда наметавонад ва ниҳоят ин фарр ба Зардушти ашаван мерасад.

Фарре, ки ба Зардушт мерасад, боиси ба миён омадани дини нав мегардад. Зардушт ба таври динӣ андешид, сухан гуфт ва рафтор кард, то ки дар саросари ҷаҳони астуманд беҳтарин андешаҳоро паҳн кунад ва бар девону махлуқони аҳриманӣ пирӯз шавад.

Донишманди саршиноси эронӣ Эраҷи Баширӣ мавқеъ ва сайри фарро дар се марҳила ё қабат муайян кардааст: 1) хварна ё фарри кайҳонӣ; 2) фарри асотирӣ; 3) фарри таърихӣ. Дар даврони кайҳонӣ *хварна* ҳамчун фурӯғи эзадӣ офарида мешавад, дар ҷаҳони асотирӣ фарр ба эзадону фариштагон неру мебахшад ва дар дунёи воқеӣ ва ё таърихӣ ба подшоҳону паҳлавонон ва офаридаҳои Аҳура Маздо қудрату давлату шуҳрат ато мекунад [12, с. 7].

Дар тасаввуроти асотирии суғдиён низ фарро эзади бахту иқбол шумурда мешуд. Дар матнҳои суғдии асри IV мафҳуми *hvarnah* дар шакли *pra(farn)*, ба маънои хушбахтӣ омада, дар осори хаттии суғдӣ-буддоӣ *prn* ба маънои дороӣ, давлатмандӣ, хушбахтиро доштааст.

Инчунин “фарн” ҳамчун як қисми калима дар номгузории суғдиён маъмул будааст. Дар номаҳои суғдии бостонӣ номҳои βγyprn – Bagēfarn, prnxwnt – Farnxund, Nōšfarn, Nanēfarn (или Nanaifarn) зикр шудаанд. Дар номаҳо ва ҳуҷҷатҳои аз кӯҳи Муғ бозёфта номҳои wγašfarn – Хушфар, Fatufarn ба назар мерасанд [6, с. 78-79].

Ин даледу санадҳо собит мекунанд, ки доираи густариши истилоҳи фарр (*хваран, фарн, фарро, фарра*) ва тасаввуроти асотирии марбут ба ӯ дар миёни халқҳои ориёӣ, аз он ҷумла суғдиёну бохтариён, сакоиён, хоразмиён, парфянҳо ва худи мардуми Порс хеле васеъ будааст. Агар ба фолклори имрӯзаи мардумони эронитабору форсизабон таваҷҷуҳ шавад, садҳо далел аз тасаввуроту ақоид дар бораи фарро пайдо кардан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки дар ёдгориҳои гуногуни моддию ғайримоддии тамаддуни суғдию бохтарӣ тасвиру рамзҳои бостонии фарр зиёд боқӣ мондаанд. Масалан, дар тангаҳои кушонӣ (сиккаҳои Канишка ва Хувишка) расми эзади мард тасвир ёфта, номи ӯ Фарро ё Фаро навишта шудааст, ки инъикоси *hvarnah*-и авестоӣ ба шумор меравад. Ҳамчунин дар бисёр тангаҳо ин эзад тасвир ёфтааст, ки дар дасташ зарфи машъалдор, анбон ва найза дорад. Олимон бо такя ба тасвирҳои кушонӣ тахмин кардаанд, ки Фаро ҳамчун эзади бахт ва дороӣ будааст [6, с. 75-77].

Дар сарчашмаҳои паҳлавӣ фарр, дар шакли *хварра – фарра* ба маъноҳои гуногун омадааст, ҷое он маънои шуъла, равшанӣ, равони инсонро дошта, гоҳе ба маънои бахт ва баъзан неруйи кайҳонӣ зикр шудааст [8, с. 509]. Мафҳуми фарр дар мундариҷаи баъзе достону ривоятҳои паҳлавӣ дар тимсоли барра, баъзан ғизол ва паранда таҷассум ёфтааст. Дар достони “Корномаи Ардашери Бобакон” гуфта шудааст, ки Ардашер бо канизак савори ду асп аз дарбори Ардавон мегурехтанд ва аз паси онҳо барраи неруманде меомад, ки он барра таҷассуми фарри Ардашер буд.

Ардавон «чун ба ҷое омад, аз мардуми он пурсид, ки он ду савор чӣ гоҳ бигзаштанд? Эшон гуфтанд, ки нимрӯз буд чун боди бузург ҳамерафтанд ва ҳамвора бо эшон баррае низ

мерафт. Ардавон тааҷҷуб кард ва гуфт, ки нигар! Савори дугонаро донем, аммо он барра чӣ шояд будан? Ва ӯ аз дастур пурсид. Дастур гуфт, ки он фарри подшоҳист, ки ҳанӯз ба ӯ нарасида. Бояд зуд савор шавем ва шояд пеш аз он ки он фарр бад-ӯ расад, битвонем гирифтан. Ардавон бо саворон зуд биштофт.

Рӯзи дигар 70 фарсанг рафтанд ва ононро гурӯҳи корвоне пеш омад. Ардавон аз эшон пурсид, ки он ду саворро дар куҷо дидед? Эшон гуфтанд, ки миёни шумову онон 21 фарсанг замин аст. Моро чунин намуд, ки бо яке аз он саворон баррае бас бузургу чобук ба асп нишаста буд. Ардавон аз дастур пурсид, ки он барра бо ӯ ба асп чиро намояд? Дастур гуфт: Ҷовидон бодо! Ба Ардашер фарри каён расид ва ба ҳеч чора ӯро гирифтан натавон. Пас хештану саворон ранҷ мадиҳед ва аспон маранҷонеду табоҳ макунед» [5, с. 295]

Ҳамин тариқ, барра рӯзи аввал аз қафои аспи Ардашер медавид, рӯзи дигар онро дар болои асп ҳамроҳи Ардашер нишаста диданд. Ин маънои онро дошт, ки фарри каёнӣ ба ӯ расидааст.

Дар ҳамин сарчашма омадааст, ки Ардашер ҳар шаҳреро, ки бунёд мекард ба он номе мегузошт. Вақте ба Порс омад ва шаҳристонеро бунёд кард, ки онро Ардашер-хварра хонданд [5, с. 296-297]. Маънои Ардашер-хварра, яъне фарри Ардашер ё худ Ардашери фарраманд мебошад.

Барра дар ин достон ҳамчун таҷассуми фарр зикр шуда аст ва гузашта аз ин гӯсфанд (дар Авесто *гао-спента* – гови муқаддас) дар асотиру фарҳанги эрониён ҳамчун ҷонвари муқаддасу варҷованд мақом доштааст. Муҳаққиқи асотири зардуштӣ И.В. Рак ишора кардааст, ки гӯсфанди кӯҳӣ рамзи фар мебошад [7, с. 136]. Бояд гуфт, ки дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ низ дар достони Ардашери Бобакон омадааст, ки ба ҷойи барра аз қафои аспи Ардашер ғурм – меши кӯҳӣ медавид.

Таҷассуми дигари фарр мурғ ё парранда мебошад. Чи тавре ки дар “Зомёд-ашт”-и Авесто баён шудааст, фарри Ҷамшед бори нахуст дар колбади мурғи Вареғна берун шуд. Мурғи Вареғнаро муҳаққиқон ба шоҳин, боз, уқоб, заған ва дигар мурғҳо шабеҳ шуморидаанд.

Дар ин замина метавон аз ибораи “бози давлат” ёдовар шуд, ки дар ривояту афсонаҳои тоҷикӣ зиёд ба назар мерасад. Тибқи манобеи адабию фолклорӣ, дар гузашта суннате буд, ки бо мақсади интихоби подшоҳи нав бози давлатро сар медоданд ва он ба сар ё китфи касе нишинад, ҳамон кас шоҳ интихоб мешуд.

Дар чанде аз афсонаҳои тоҷикӣ бози давлат бо номҳои *мурғи бахт, мурғи давлат, қуши давлат* ва мотиви нишастани он ба сари қаҳрамони афсона мушоҳида мешавад, ки бегумон мерос аз асотиру боварҳои ниёгони тоҷикон буда, таҷассуми интиқоли фарр дар тасаввурот ва эҷодиёти омиёна маҳсуб мешавад. Масалан, дар афсонаҳои “Хандаи моҳӣ” (аз маҷмӯаи «Афсонаҳои Самарқанд”), «Исмгар ва Исмзод» (аз маҷмӯаи «Фолклори Данғара»), “Мурғи мусаммо” («Фолклори тоҷикони водии Қашқадарё»), “Духтари доно ва марди лаванд” («Афсонаҳои тоҷикӣ» с. 2008), мотиви бози давлат дар интихоби подшоҳ бозтоб шудааст. Барои мисол як иқтибос аз маҷмӯаи «Фолклори Данғара» меорем:

«*... Ҳаму тарафда рафт, ки почош мурда буду почои нав интихоб мекардан. Пеш ҳами хелӣ бози давлат сар медоданд бози давлат ба сари касе мешишт, ҳамура почо интихоб мекардан. Бози давлата сар додан, ки омада дар ҷангал шишт. Дафъаи дуюм сар додан, боз омада дар ҷангал шишт. Баъд омада кофтан, ки ҳами почора ёфтан. У дар ғами ду писаруш афгор шида буд. Баъд ҳами одама гирифта почо таъин кардан. У бисёр почои боадолати хуб шид, ҳама ҷора обод кад, мардум серу пур мегаштан*...» [9, с. 142].

Тибқи мушоҳидаҳо ва муқоисаҳо мурғи давлат дар аксари ҳолатҳо ба сари қаҳрамон менишинад, на ба китф ё паҳлуи ӯ. Дар ин мотиви афсонаҳо ба ду унсури фарр метавон ишора кард: 1) мурғи давлат (таҷассуми фарр) ба сари инсони хуштолеъ менишинад; 2) насиб гаштани фарр ва ё давлати подшоҳӣ тасодуфӣ ва бо хости худованд аст, на иҷборӣ, ё ба зорӣ ва ё таъйиноти.

Ҳамчунин дар баъзе афсонаву ривоят ва достонҳо тоҷи подшоҳӣ рамзи фарро инъикос кардааст, зеро дар шакли нурҳои дурахшони Хуршед сохта шудаанд. Аз ҳама муҳимаш ҷойи гузоштани тоҷ болои сар аст.

Дар афсонаҳои сеҳромези тоҷикӣ тасвири фарр дар шакли нур ва ҷамоли худодод дар чеҳраи шоҳзодагону шоҳдухтарон ва порсоёну накӯкорон инъикос шудааст, ки идомаи тасвири бостонии фарр мебошад. Масалан, дар афсонаи «Фариштамоҳи зебову доно» Фариштамоҳ шоҳдухтари чунон зебо буд, ки аз рӯяш нур мебаромад, ӯ ба кадом тараф рӯ гардонида хобад, ҳамон тараф мисли рӯз равшан мегашт. Чунон равшан мешуд, ки

мӯзадӯзҳо мӯза медӯхтанд, дуредгарҳо дуредгарӣ мекарданд, шонатарошҳо шона метарошиданд [3, с. 244].

Тасвири фурӯғи рӯйи Фариштамоҳ дар ин афсона ҳам баёни ҳусни бағоят зебояш ва ҳам далел аз савлату шукӯҳ ва фарраманд будани ӯст. Ин ҷо ишораи нозуке ба назар мерасад, ки дар партави рӯшноии рӯйи ӯ нисфи шаҳр мисли рӯз мешуд ва ҳама ба кору бори ҳаррӯзаи худ машғул мегаштанд. Яъне ин нури одӣ набуда, фарри пуркудрати эзадӣ аст, ки шаби торикро ба рӯзи равшан мубаддал кардааст.

Дар афсонаи “Гулдаврӣ” («Фолклори тоҷикони водии Қашқадарё») ҳамин мотиви Фариштамоҳ андаке дигар тасвир шудааст. Тибқи сужети афсона, подшоҳ духтари бениҳоят зебое дошт, ки аз рӯйи ӯ нур мебаромад ва доим дар паси чил парда менишаст. Шоҳдухтар агар шабона аз чил парда як пардаашро гирад, шаби тор рӯз барин равшан мегашт ва одамон ба кору бори худ машғул мешуданд [10, с. 23].

Ин мазмун мутобиқи “Феҳристи нишондиҳандаҳои адабиёти халқӣ”-и С. Томпсон таҳти рақами F574.1.2. F574.1.2. Зебоии зан аз ҳафт парда зоҳир мешавад *(Woman's beauty shows through seven veils)* ба қайд гирифта шуда, мотиви шабеҳи он дар афсонаҳои аврупоӣ, бавижа олмонӣ мавҷуд будааст [14, с. 1142].

Дар афсонаи дигар аз ҳамин маҷмуа, ки “Мулочопқу” ном дорад, тасвири зебоӣ ва фурӯғи симои шоҳдухтар каме дигар баён шудааст. Ҷавон дар хонаи пирамарде истиқомат мекард, шаб ӯ берун мебарояд, ки дар осмон дуто моҳ менамояд. Яке моҳи табиӣ ва дувумӣ инъикоси чеҳраи духтари подшоҳи мамлакат буд, ки дар равшании он деҳқон ҷуфт меронд, дуредгар устогиашро мекард, токидӯзу рӯймолдӯз дӯзандагӣ мекарданд [10, с.142].

Дар ин се афсона нур намоде аз фарри бостонӣ буда, маҳз дар рӯйи шоҳдухтарҳо таҷассум ёфтааст. Қаҳрамонони афсонаҳои мазкур ҷавонони аз табақаи одии ҷамъият – писарони подабонанд ва тавассути персонажҳои ёридиҳанда (кампир, мӯйсафед) бо шоҳдухтарон шинос ва ошиқ мешаванд. Дар афсонаи “Фариштамоҳои зебову доно” писари подабон ба шарофати ақлу донишаш шарти шоҳдухтарро иҷро карда, ӯро ба занӣ мегирад. Аммо дар ду афсонаи баъдӣ ҷавонон ба воситаи ашёи сеҳрнок (гулдаврӣ – нигин, чоқуи сеҳрнок) ҳамаи шарту талабҳои подшоҳонро иҷро карда, шоҳдухтарҳоро ба занӣ мегиранд.

Дар афсонаи яғнобии “Фотима ва Сурак” (аз маҷмуаи “Фолклори Яғноб”) аз рӯйи ҷавони зебо Сурак нур меборид. «Фотима дар лаби дарё нишаста, рӯяшро шуст. Писарак ҳам омада дар лаби дарё нишасту дасту рӯяшро шуст. Духтарак роҳашро давом дода мерафт ва ба пасаш нигоҳ кард, ки рангу рӯи писарак дигар шудааст, аз рухсораҳои писарак рӯшноӣ омада истодааст» [11, с. 234].

Ин мисол аз намунаҳои қаблӣ тафовут дорад, чунки дар ин ҷо Сурак на шоҳ асту на шоҳзода, балки писари як камбағали деҳотӣ аст, аммо симои нуронии худодод дошт. Рӯяш мисли маҳтоб рӯшноӣ мекард, вақте дар тӯйи подшоҳ бо дигар ҷавонон рақс мекунад, рӯйи ӯро келин ва духтарони подшоҳ мебинанд ва ҳама беҳуш шуда, ба замин меафтанд.

Сурак ба зиндон меандозанд. Дар он ҷо вай бо аждаҳо, ки подшоҳ онро барои хӯрдани маҳбусон нигоҳ медошт, як навъ унс мегирад. Сурак аз аждаҳо хоҳиш мекунад, ки маро аз зиндон бурор. Аждаҳо мегӯяд: «Ман туро аз зиндон мебарорам, аммо аз рӯшноии рӯи ту дунё равшан мегардад. Ба рӯят оби сиёҳро мемолам, то ин ки рӯшноии рӯятро набинанд» [11, с. 232].

Шояд дар матни ин афсона унсур ва мотивҳои асотири суғдиён боқӣ монда бошанд. Зеро дар зиндон аждаҳо – тимсоли бадӣ ва Сураки ҷавон, ки аз рӯяш дунё равшан мегардад, симои аҳуроӣ, образи мусбат ба ҳам муколама мекунанд. Ҷумлаи “Ман туро аз зиндон мебарорам, аммо аз рӯшноии рӯи ту дунё равшан мегардад” маънои хеле амиқ ва мустақим ба фарри бостонӣ мебошад. Ба рӯйи Сурак оби сиёҳ молидани аждаҳо ифодаи рашку ҳасади тимсоли бадӣ маҳсуб мешавад.

Чунин мазмунҳоро дар дигар афсона ва ривоёту достонҳои омиёна ва хаттии тоҷикӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки аз консепсияи фарр маншаъ мегиранд. Ҳамчунин дар воҳидҳои забонӣ, калимаҳову ибораҳои рехта ва матнҳои паремиологӣ низ ишораҳои айнан ва маҷозан ба фарру фурӯғи бостонӣ баён шудаанд. Масалан, дар вожаҳои *хуррам* ва *хурсанд* ба маънои шоду хушвақт ва *хуршед* – офтоб қисмати аввалашон “хур-” бешубҳа ба хварнаи авестоӣ рабт дорад. Номҳои суннатии тоҷикону эрониён – Фаррух, Фархунда, Фарҳод, Фаршед, Фарибурз, Фаронак, Фарзона ва Фурӯғ ба гумони ағлаб марбут ба фарр мебошанд.

Дар лаҳҷаву гуфтори омиёнаи тоҷикон худ калимаҳои *бефара* ба маънои хаставу шалпар, *фараҳманд* – шоду хурсанд роиҷанд, ки ба вожаи фарр пайванди дақиқ доранд. Ҷойи дигар баъзеҳо аз хастагӣ шикоят карда мегӯянд: *фарраам намонд*. Ҳамчунин вобаста ба фарр

мақол ё ибораи фразеологие миёни мардуми тоҷик маъмул аст: *Фартам рафту ҷартам монд*. “Фарт” ин ҷо возеҳан ҳамон фарр аст, ки гӯянда бо ҳасрат аз рафтани фарру қудрату шукӯҳи ҷавонӣ ёдовар шудааст.

Хулоса, консепсияи фарр дар ҷаҳонбинию тасаввуроти динию эътиқодии эрониёни бостон мавқеи муҳим дошта, он ба ҳайси неъмати маънавии худодод, рамзи давлату савлат, шукӯҳу тавоноӣ, бахту иқбол шинохта шудааст. Он аз даврaҳои қадимтарин, ҳудуди 5-6 ҳазор сол пеш ба вуҷуд омада, то охири шоҳаншоҳии Сосониён бо маънову фаҳмиши вижаи худ идома доштааст. Таҷассуми фарр тибқи суннати Авесто дар шакли мурғи Вареғна, дар адабиёти паҳлавӣ дар шакли барра, дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба сурати ғурм – меши кӯҳӣ бозтоб шуда, дар афсонаҳои тоҷик дар шакли паранда – бози давлат ва чеҳраи мунавари қаҳрамонҳо баён шудааст.

Бозмондаҳои тасаввуроти бостонӣ доир ба фарр то кунун дар мундариҷаи афсонаҳои сеҳромез ва гуфтори омиёнаи тоҷикон ба назар мерасанд. Мисолҳое, ки дар ин мақола баррасӣ шуданд, бори дигар собит месозанд, ки тоҷикон яке аз қадимтарин мардумони муқимии Осиёи Марказӣ мебошанд ва мундариҷаи устураомези афсонаҳои ин миллат бурҳони қотеъи ин хулоса аст.

Адабиёт

1. *Авесто / тарҷумаи Ҷ. Дӯстхоҳ. – Душанбе: Қонуният, 2001. – 792 с.*
2. *Афсонаҳои Самарқанд / Мураттиб Шермуҳаммадов Б. – Душанбе: Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1965. – 274 с.*
3. *Афсонаҳои халқи тоҷик. / Мураттиб ва муаллифи сарсухан Р. Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 374 с.*
4. *Дӯстхоҳ, Ҷ. Ёддоштҳо / Ҷалил Дӯстхоҳ // Авесто. – Душанбе: Қонуният, 2001. – С. 569-746.*
5. *Корномаи Ардашери Бобакон // Мероси хаттии бостон / таҳиягарон Б. Ғафор, М. Ҳотам, М. Диловар. – Душанбе: Бухоро, 2013. – С. 255-271.*
6. *Литвинский, Б.А. Кангюйско-сарматский фарн (к историко-культурным связям племён южной России и Средней Азии) / Б.А. Литвинский. – Душанбе: «Дониш». 1968. – 120 с.*
7. *Рак, И.В. Мифы древнего и раннесредневекового Ирана (зороастризм) / И., В. Рак. – СПБ. – Москва: Журнал “Нева” – “Летний сад”, 1998 – 560 с.*
8. *Раҳимов Д. Фар / Д. Раҳимов // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик / Сармуҳаррир Н.Амиршоҳӣ. – Ҷ.2. – Душанбе: СИЭМТ, 2017. – С. 502.*
9. *Фолклори Данғара / мураттиб Ф. Муродов. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 176 с.*
10. *Фолклори тоҷикони водии Қашқадарё / Мураттиб ва гирдоваранда Р. Қодиров. – Ҷилди 1. – Душанбе: Оли Сомон, 1998. – 276 с.*
11. *Фолклори Яғноб / мураттиб Т. Ёрзода. – Душанбе: Империал - Групп, 2007. – 330 с.*
12. *Bashiri, I. Ancient Iran: Cosmology, Mythology, History / I. Bashiri. Published in USA, Unversity Readers, 2012. – 180 p.*
13. *Rahmonov R. Tajik Women as Folktale Tellers: Tales in tradition, Moscow: Gumanitariy, 2002 (Translated by D. Rahimi, I. Boyko). – 72 p.*
14. *Thompson S. Motif-Index of Folk-Literature: A Classification of Narrative Elements in Folktales, Ballads, Myths, Fables, Mediaeval Romances, Exempla, Fabliaux, Jest-Books, and Local Legends / C. Томпсон. – Bloomington, Indiana, 1955-1958. Published on the Internet, 2016. (Нусхаи электронӣ: https://ia600301.us.archive.org/18/items/Thompson2016MotifIndex/Thompson_2016_Motif-Index.pdf*

БОЗТОБИ МАФҲУМИ АСОТИРИИ «ФАРР» ДАР АФСОНАҲОИ ТОҶИКӢ

Дар мақола муаллиф дар такя бар сарчашмаҳои устурашиносию таърихӣ, бостоншиносӣ ва фарҳангию адабӣ ба шарҳу тафсири тимсоли фарр пардохтааст. Вожаи *фарр* дар Авесто дар шакли "хваран”, дар порсии бостон “фарна”, дар паҳлавӣ “хварра” ё “хвараг” буда, дар форсии нав дар шаклҳои “фарр” ва “хурра” роиҷ шудааст. *Фарр* ё *фарра* ба маънои фурӯғ ё нури эзадиест, ки агар ҳар кас аз он бархурдор шавад, ба мартабаи солорию фармонравоӣ расад ва шоҳи ободгару додгустар гардад. Дар Авесто роҷеъ ба се навъи фарр: *фарри эронӣ, фарри каёнӣ* ва *фарри ногирифтанӣ* сухан рафтааст. Дар достони “Корномаи Ардашери Бобакон” фарри подшоҳӣ ё давлат дар шакли барра таҷассум ёфта, дар “Зомёд-яшт”-и Авесто фарр дар сурати мурғ ё парранда тасвир шудааст. Дар баъзе афсонаву ривоятҳо ибораи “бози давлат” дучор мешавад, ки рамзи фарро инъикос мекунад. Дар афсонаҳои сеҳромези тоҷикӣ тасвири фарр дар шакли нур ва ҷамоли худодод дар чеҳраи шоҳзодагону шоҳдухтарон ва порсоёну накӯкорон инъикос шудааст, ки идомаи тасвири бостонии фарр мебошад. Мафҳуми фарр дар ҷаҳонбинию тасаввуроти динию эътиқодии эрониёни бостон мавқеи муҳим дошта, боқимондаҳои он то кунун дар мундариҷаи афсонаҳои сеҳромез ва дигар матнҳои фолклори тоҷикон ба назар мерасанд.

Калидвожаҳо: фарр, устура, Авесто, фурӯғу рӯшноӣ, рамзи қудрат, бози давлат, афсона, фолклори тоҷик.

ОТРАЖЕНИЕ МИФИЧЕСКОГО ПОНЯТИЯ «ФАРР» В ТАДЖИКСКИХ НАРОДНЫХ СКАЗКАХ

В статье, опираясь на исторические, археологические, культурные и литературные источники, рассматривается и интерпретируется образ «фарр». В «Авесте» это понятие встречается в форме *хварэн*, в древнеперсидском языке – *фарна*, в пехлевийском – *хварра* или *хвараг*, а в новоперсидском – *фарр* и *хурра*. Фарр обозначает свет, божественную благодать и силу, которая дарует избранному право стать процветающим и справедливым правителем. В «Авесте» различаются три вида фарра: иранский, каянидский и неподвластный человеку. В произведении «Деяния Ардашира Бабакана» фарр государства воплощается в образе ягнёнка, а в «Замйад-Яште» – в образе птицы. В ряде сказок и преданий встречается также выражение «*бози давлат*» (дословно «сокол государства»), что символически отражает фарр. В таджикских волшебных сказках фарр проявляется в виде сияния и божественной красоты, присущих принцам, принцессам, благочестивым и добродетельным людям, что является продолжением древних представлений. Таким образом, концепция фарра занимала важное место в мировоззрении и религиозных представлениях древних иранцев, а её отражение сохраняется в сюжетах таджикских волшебных сказаний и других жанрах народного творчества.

Ключевые слова: фарр, миф, «Авеста», свет, символ власти, сказка, таджикский фольклор.

REFLECTION OF THE MYTHICAL CONCEPT OF “FARR” IN TAJIK FOLKTALES

This article, based on historical, archaeological, cultural, and literary sources, examines and interprets the image of *farr*. In the *Avesta*, the concept appears as *khvarenah*; in Old Persian – *farna*; in Pahlavi – *khvarrah* or *khwarag*; and in New Persian – *farr* or *khurra*. *Farr* signifies light, divine grace, and power, which endows the chosen one with the right to become a prosperous and just ruler. The *Avesta* distinguishes three types of *farr*: Iranian, Kayanian, and unattainable. In *«The Deeds of Ardashir Babakan»*, the *farr* of the kingdom is embodied in the image of a sheep, while in the *«Zamyad Yasht»* of the *Avesta*, it appears as a bird. In some legends, the Tajik expression *bozi davlat* (“falcon of the state”) also symbolizes *farr*. In Tajik fairy tales, *farr* manifests as radiant light and divine beauty bestowed upon princes, princesses, pious, and virtuous characters, continuing the ancient tradition of this concept. For instance, in the tale *«The Beautiful and Wise Farishtamoh»*, the princess’s face shines so brightly that it illuminates everything around her. In the tale *«Guldavri»*, the king’s daughter, of unparalleled beauty, radiates light even when hidden behind forty veils. Thus, the concept of *farr* held a central place in the worldview and religious beliefs of the ancient Iranians, and its echoes can still be traced in Tajik folktales and other genres of folklore.

Keywords: *farr*, myth, *Avesta*, light, symbol of power, statehood, folktale, Tajik folklore.

Дар бораи муаллиф
Раҳимӣ Дилшод Камолзода
Номзади илмҳои филологӣ, Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ЮНЕСКО
E-mail: dilshodr@gmail.com

Об авторе
Рахими Дилшод Камолзода
Кандидат филологических наук, Постоянный представитель Республики Таджикистан при ЮНЕСКО
E-mail: dilshodr@gmail.com

About the author
Rahimi Dilshod Kamolzoda
Candidate of philological sciences, Permanent Delegate of the Republic of Tajikistan to UNESCO
E-mail: dilshodr@gmail.com

ТДУ 821.222.1:398.11

МУХТАССОТИ ТАСВИРИ ЗОДГОҲ ДАР ШЕЪРИ БОЗОР СОБИР

Ҳамроев Р. З.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Зиндаёд Бозор Собир аз зумраи он шоиронест, ки бо тасвирҳои тару тоза, истеъдоди баланди модарзод ва навпардозиҳои фаровонаш дар ҳавзаи адабиёти форсизабонон шуҳратёр шудааст. Ӯ дар деҳа ба олам омадаву ба камол расидааст ва аз овони тифлӣ ба ин макон дилбастагиву алоқамандӣ пайдо кардааст. Аз ин ваҷҳ, дар бисёре аз шеърҳои дар солиёни гуногун эҷоднамудааш бо эҳсоси отифӣ аз деҳа ёд мекунад. Аз машоми шоир бӯйи гули хору алафҳои худрӯ ва аз гӯшаш садои шир-шири чашмаҳову бодҳои саргардон то охири умр дур нашудааст. Алоқамандии шоир ба деҳа дар ҳаддест, ки хурдтарин ҷузъиёти онро бо дарду армон ёдовар мешавад. Азбаски ӯ деҳаро бо камоли ҳунармандӣ ва корбурди моҳиронаи санъатҳои бадеӣ тасвир кардааст, ин мавзуъ ба яке аз мавзуоти марказии адабиёти муосири тоҷик табдил ёфта, пайравони зиёдеро аз миёни суханварони наслҳои гуногун ба арсаи адабиёт ворид намуд ва суханваре нест, ки дар бораи деҳаи худ шеър нагуфта бошад. Аммо аҷиб он аст, ки аксарияти классикони адабиёти мо дар тасвири деҳот чандон изҳори қаноатмандӣ намекарданд ва ба он камтар мутаваҷҷеҳ мешуданд.

Вале баръакси чунин ашъор, ки муаллифонашон бо эҳсоси танофур ва дилмондагӣ аз деҳа ёдовар шудаанд, Бозор Собир таваҷҷуҳи хешро аз қишлоқаки худ иброз медорад ва ба ин макони ба ақидаи классикон тангу назарногир арзиши баланду тамҷидеро қоил шудааст:

Аз он найи «Маснавӣ», ки афғон дорад,
Қишлоқаки ман дусад найистон дорад.
Шабҳо ҳама аз шамоли Файзободаш
Дар ҳар лаби об найнавозон дорад [7, с. 136].

Агар дар ин рубоӣ як навъ муболиға мақоми махсус касб карда бошад, дар рубоии дигари шоир, ки мавриди назари мост, эҳсоси насталжию силаи раҳм ва ҳусни отифии нозук бо ҳам омехта, бозёфти шоиронаи Бозор Собирро бармало инъикос кардаанд. Зеро ӯ хаёлан аз бехи кундаи ҳар дарахт кӯдакии худро мечӯяд:

Қишлоқаки кӯдакии бобоии ман,
Ёди хасу хори ту дилосоии ман.
Дар кундаи ҳар дарахти ту пинҳон аст
Як кӯзача кӯдакии тиллоии ман [7, с. 131].

Ашъори дар ситоиши зодгоҳаш сурудаи шоир асосан аз ёдҳо ва хаёли шоиронаи ӯ сарчашма мегиранд ва бозёфтҳои шоиронааш низ дар ин мавзуъ хеле зиёданд. Масалан, «дар кундаи ҳар дарахти зодгоҳ пинҳон будани як кӯзача кӯдакии тиллоии гӯянда» бозёфти шоиронаи худи ӯст.

Яке аз тазоҳуроти ҳунари шоирии Бозор Собир дар тасвири деҳа истифода аз тарзи ҳисомезист, ки дар эҷоди шоирони дигар ба нудрат ба чашм мерасад. Устод Гулназар Ҳанӯз соли 1994 роҷеъ ба бозтоби ҳисомезӣ дар шеъри муосири тоҷик навишта буд: «Дар шеъри имрӯзи мо метавонем дар эҷоди ду-се нафар ҷавон барҳӯрд кард. Аз шоирони нисбатан баркамол Бозор Собир ду-се маротиба аз ин тарзи тасвир истифода кардааст, бисёр бамавқеъ» [1, с. 60]. Ногуфта намонад, ки устод Гулназар ин ақидаи хешро танҳо перомуни се шеъри дар маҷаллаи «Садои Шарқ» нашршудаи устод Бозор Собир баён намуда буд. Дар ашъори ба мавзуи мавриди назар сурудаи шоир чунин тарзи баён фаровон ба назар мерасад. Вақте ки шоир деҳаи худро ба тасвир мегирад, дар назари аввал он эҳсосот чун ҳисси хусусии худи ӯ ҷилва мекунанд, аммо бо тозагиву таровати худ ба дили хонанда роҳ ёфта, тадриҷан бо эҳсоси хонандагони дигар барҳӯрд мекунанд. Шеъри «Фарзанди деҳқон» чунин вижагиро касб кардааст:

Хаёли деҳа бӯи деҳа дорад
Барои ҳамчу ман фарзанди деҳқон.
Чу ёди кишту саҳро мекунам ман,
Хаёлам мешавад абри баҳорон…

...Даруни синаам ҷар мешавад санг,
Даруни синаам гул мекунад хор… [7, с. 65-66].

Дар ин мисраъҳо ифодаҳои тару тозаи «даруни сина ҷар шудани санг ва даруни синаи шоир гул кардани хор» бо роҳи ҳисомезӣ ва хаёли шоирона рӯи коғаз омадаанд, ки таровату тозагии шеърро таъмин намудаанд. Муҳаққиқи муосири Эрон Алиасғари Шеърдӯст дар ҳисомезӣ муваффақ шудани Бозор Собир ва Лоиқу Гулрухсорро дар асарпазирии онҳо аз шеъри Бедил дониста, чунин қайд кардааст: «Албатта, асарпазирӣ аз шеъри Бедил фақат ба ашъори Бозор Собир маҳдуд намешавад, шоироне дигар чун Лоиқ ва Гулрухсор ҳам ба сабки ҳиндӣ ва шеъри Бедил назар доштаанд» [12, с. 251]. Тазвиҷи тахайюли шоир бо ҳисомезӣ дар банди дигари шеър чунин идома ёфтааст:

Замини шеъри ман гӯри сухан нест,
Давоми кӯҳу саҳрои диёр аст.
Забони модарии зиндаи ман
Забони барқу борони баҳор аст…[7, с.66]

Агар шоир дар ин ҷо «замини шеъри худро давоми кӯҳу саҳрои диёр» арзёбӣ кардаву «забони модарии зиндаи хешро ба забони барқу борони баҳор» шабоҳат дода бошад, дар банди ҷамъбастии шеъри мазкур аз ибораи зебои «шир-шири барги алафҳо» судҷӯӣ карда, аз теппаи баланди тахайюл хок баргирифта, онро бо эҳсоси хеш омехтааст, ки чунин баёни шоирона хоси худи ӯст:

Давоми шир-шири барги алафҳост
Ҳиҷою ҳарфи ман дар шеъри озод.
Ғазалҳои маро дар шабдаравҳо
Ману шаббодаҳо кардем эҷод [7, с. 66].

Шоир деҳаро, пеш аз ҳама, хонаи падариро бо ҳама ҷузъиёташ дӯст медорад. Масалан, дар шеъри “Чинор” ин ишқу алоқаи шоир бо эҳсоси амиқ рӯйи коғаз омадааст. Шеъри мавриди назар тобиши нақлию тавсифӣ дорад ва бардошти шоиронаи муаллифро низ фаро гирифтааст. Шоир сараввал ба тавсифи дарахти чинор мепардозад ва шукӯҳу подории онро таъкид намуда, барои ӯ ва аҳли хонадонашон аз ҳар дарахти мевадор азизтар будани онро қайд менамояд. Иллати чунин қадри баланд доштани чинорро дар он мебинад, ки рӯзи ба дунё омаданаш падараш онро ба хотири тифли навзод бо дастони худ шинондаву барои ба воя расиданаш чун фарзанд солҳо ранҷи зиёде кашидааст. Ва:

Ба ҳар як барги сабзу шохаи тар
Аҷаб не, орзуҳо парваридаст [2, с. 105].

Шоир дар охири шеър дилбастагию муҳаббати хешро ба ин дарахт ба қалам дода, бехазонию ҳамешасабзии онро таманно менамояд, ки пайванди руҳонии ӯро бо табиат бозтоб менамояд:

Ману он зодаи як навбаҳорем,
Ба он бошад маро меҳри ҷавонӣ.
Маё, фасли хазон, то ки набинам
Чинорамро ба ранги заъфаронӣ [2, с. 105].

Ҷузъитарин ашёи Ватан барои Бозор Собир дорои арзиши кироӣ ҳастанд. Дар тасвири ин олами бузург ӯ наметавонад деҳаи худро сарфи назар кунад. Чунин падидаҳо дар бисёре аз шеърҳояш ба мушоҳида мерасанд. Масалан, шеъри “Ватан” аз ин гуна ашъор буда, нигоҳи шоир ҳангоми тасвири ҷузъиёти табиат бо айёми кӯдакиву вазъи оилавиаш як навъ пайванд мехӯрад. Яъне, ӯ дар миёни нахи мизон ва калобаҳои модари худ иртиботею монандиеро эҳсос мекунад ва зимнан ба тараннуми Ватан мепардозад, ки чунин тарзи тасвир дар адабиёти муосири мо ба нудрат рух медиҳад:

Ба рӯи хас равон шавад
Нахи мизони хасрават,
Яке расад ба хотирам
Калобаҳои модарам.
Ватан, Ватан, Ватан, Ватан,
Манам ба ту тани ба тан [5, с.14].

Чунин тарзи тасвиргароии Бозор Собирро Аскар Ҳаким хеле дуруст ба мушоҳида гирифтааст: “Таассурот дар ашъори Бозор Собир аксаран ба худи шоир тааллуқ дорад. Вай

таассуроти бачагӣ, наврасӣ, ошиқӣ ва ҳодисоти дигари рӯзгорро аз дили худ гузаронида, ё дар хотири худ зинда карда ба тасвир мекашад. Бинобар ҳамин, дар аксари шеърҳои ӯ мансубияти замонию маконӣ равшан аст” [11, с.201].

Бозор Собир дар тасвири шоиронаи шаби Файзобод, дар суруде, ки бо ҳамин ном омадааст, чун мусаввир даст ба тасвиргароӣ задааст ва ҷузъитарин ашёро, ки дар назари аввал чандон арзише надоранд, ба риштаи тасвир кашидааст ва тоблуи фарогири зебоӣ офаридааст:

Пурсояву пурмаҳтоб
Шаб хам-хами Файзобод.
Акси шаби маҳтобӣ
Дар шабнами Файзобод [7, с. 66].

Ҳамин банди шеър нақароти суруд буда, ҳисомезӣ дар байти зерин ба авҷ расидааст:

Нонуштаи ман умре
Ширрӯғани маҳтобаш… [7, с. 67].

Тасвирҳои тозаву обнорасидаи шоир дар шеъри «Кулбаи модар» фаровонанд. Омезиши тавсиф ва ташбеҳ дар бандҳои алоҳидаи шеъри мавриди назар аз нигоҳи шоиронаи муаллиф ва эҳсоси хусусии ӯ дарак медиҳанд:

Дар навдаи тути модар овезон
Чун халтаи чакка халтаи маҳтоб.
Дар кундаи тути модар овезон
Чун халтаи моҳ халтаи ҷурғот…
…Бо чак-чаки чака мебарад хобам,
Чун равғани маска мебарад хобам [7, с. 55-56].

Тасвири гузаштани шаби тор ва фаро расидани субҳи деҳаю бедор шудани худро шоир бо таркибу ибораҳои тоза ва шоиронаи «деги гардунро чун модари ӯ ба рег шустани сапеда» ва «гови гардунро чун модари ӯ пагоҳӣ дӯшидани сапеда» чунин қаламдод кардааст:

Вақте ки сапеда деги гардунро
Чун модари ман ба рег мешӯяд,
Вақте ки сапеда гови гардунро
Чун модари ман пагоҳӣ медӯшад,
Бо шир-шири шир мешавам бедор,
Бо шир-шири ширдӯшии модар… [7, с. 56].

Лозим ба тазаккур аст, ки ин шеър дорои сужет ва композитсияи яклухт буда, ёдовари замони кӯдакии худи шоир аст, ки дар он корбурди санъатҳои бадеӣ на танҳо ба хотири зебоии шеър хидмат кардаанд, балки онҳоро шоир бо эҳсоси риққатовар омезиш дода, порае аз рӯзгори ятимию фақирии хеш ва додаракону хоҳараконашро бо забони шоирона баён намудааст.

Шоир дар шеъри «Кӯдакиям ҳанӯз гирён аст» бо ёддошти ҳузновар ва отифаи талху риққатангез «доғу дарди ятимии худро дар ҳама сангу хоку хор ва оҳи сарди ятимиашро дар бодҳои саргардони диёр» мебинад ва шеърро чунин ҷамъбаст мекунад:

Дар сари кӯчаҳои Файзобод
Чашм бар роҳи куҳна шому саҳар.
Кӯдакиям ҳанӯз гирён аст,
Дар кафи ӯ хати сиёҳи падар [7, с.60].

Ғаму андуҳи гузаштаи дурро ҳам шоир ба токи нисён намегузорад ва ҳамин хамирмоя сухани ӯро ба расидагиву пухтагӣ меорад. Ҳамбастагӣ ва ҳамдардӣ бо табиат, ки шоир як ҷузъи ҷудонопазири он аст, ӯро ба гуфтани шеъри пурдард ва отифӣ такон медиҳад. Чунин ҳолат дар шеъри «Бо хасе танҳо ба танҳо» бармало эҳсос мешавад, ки гӯянда буми кӯреро дар сурати одам тасаввур мекунад ва суруди зилла ба гӯшаш форам мерасаду «бо хасе танҳо ба танҳо афсус мехӯрад» ва зимни ин ҳолат як навъ омезиши санъати ташхис ва ҳисомезӣ мушоҳида мешавад:

Аз тани ҷар сулфа мекард
Буми кӯре ҳамчу одам,
Аз сари каҳдарза мехонд
Зилла бо овози форам [7, с.58].

Дар шеъри «Бо чамидан, бо шамидан, бо чашидан…» боз ҳамон ёди кӯдакию наврасӣ ва неруи ҳофизаи шоирона домангири муаллиф шудааст, ки дар хонанда эҳсоси ҳамдардиро ба бор меорад. Дар банди аввали шеъри мавриди баррасии мо чунин омадааст:

Боди Файзобод чун дар пушта гардон мешавад,
Косаҳои чашмҳоям чаппагардон мешавад.
Байни кӯрак монда меборад агар кӯҳи Мазор,
Хонаҳои чашмҳоям мечакад беихтиёр [7, с.46].

Ин шеър бозгӯйи як пора зиндагии кӯдаки даҳсолаи деҳотист, ки он худи шоир буда, ба расму оинҳо ва боварҳои ҳамдиёронаш, ки дар таркиби баъзе аз онҳо унсурҳои ба истилоҳ фетишизм, аз қабили латтабандӣ дар танаи дарахтон мавҷуд аст, гоҳ бо чашми ҳайрат ва гоҳо бо ихлос назар медӯзад. Лавҳаи зиндагии пуразоб, аммо табиии ӯ ба зиндагии аксарияти ҳамсолони деҳотиаш умумият дорад, аммо тафовут дар ин ҷост, ки дарку нигоҳи қаҳрамони шеър шоирона буда, аз дарку нигоҳи дигарон фосила мегирад:

Ман ватанро аз қафои пода пайхас кардаам,
Рӯзу шаб бо панҷ ҳисси зотиам ҳис кардаам.
Бо забону чашму гӯшу бо димоғу дасту по,
Бо чамидан, бо шамидан, бо чашидан, бо самоъ [7, с.46].

Тасвири «дарахти латтабандӣ» ва ибораи шоиронаи бо роҳи ҳисомезӣ ҳосилшудаи «мушти калтут», ки навдаҳои онро барои парвариши кирми пилла дар деҳот ба чунин ҳолат гирифтор кардаанд, дар ашъори Бозор Собир мавқеи вижа дошта, қариб ба ҳадди намод расидааст:

Ҳар дарахти латтабандиаш, ки дар роҳи ман аст,
Он дарахти латтабандӣ нест, ҳамроҳи ман аст.
Ғайр аз он як мушти калтути сари хоки падар
Андар ин дунё наметарсам ман аз мушти дигар [7, с.47].

Муаллиф дар тасвири шоиронаи манзараи деҳа дар шеъри «Пуштаҳо» тоблуи зебоеро офаридааст, ки басо диданист ва хаёлҳои кӯдаконаи хонандаро ангезиш медиҳад:

Ману маҳтоби рӯи девораш
Сояи току туту сояи бед,
Филми шабҳои кӯдакиам буд
Филми маҳтобии сиёҳу сафед [7, с.51].

Бозор Собир дар бисёр ҳолатҳо тавонистааст, ки шугунҳои мардумиро ба сарҳади шеър кашад. Тавре ки худи муаллиф дар поварақ шарҳ додааст, «мавриди боронҳои ҳафтшабу ҳафтрӯза оби боронро ҷӯшонида хушк мекардем, ки деги осмон ҳам хушк шавад». Чунин амал дар деҳаи мо ба таври дигар сурат мегирифт. Бибиам аз зери новадон пораи лоеро оварда ба мо медоданд, ки онро ба зери қӯру лахчаи оташдон гӯр кунем, то ин ки лой хушк шаваду борон аз боридан монад. Хулосаи шеъри устод Бозор Собир чунин аст:

То наборад дигар, биҷӯшондам
Рӯзи боронӣ оби боронаш.
Оби чашми маро биҷӯшонед,
То шавад хушк ашки резонаш [7, с.52].

Дар шеъри «Хонақоҳи ман» низ тасвири манзара бо эҳсоси насталжии шоир тазвиҷ шуда, ҳисомезии муаллиф ба балоғат расидааст. Барои исботи андеша пораеро аз ин шеър шоҳид овардан кофист:

Ку сафедорони саропо чашм-
Чашми пурмеҳру муҳаббат?
Ку чанорони саропо панҷаи даст-
Панҷаи дасти мададгор? [7, с.27].

Шоир аз сабаби дар муҳоҷират будан пазмонии даҳсолаи худро ба зодбуми хеш дар шеъри «Даҳ сол ман набудам» бо эҳсоси риққатангез ва пурдарду ҳасрат чунин ба риштаи тасвир кашидааст, ки бозёфти шоиронаи ӯ дар байти дуюми мавриди назар тазоҳур ёфтааст ва дар чеҳраи гулҳои сияҳгӯш симои хоҳарони сияҳпӯши худро тасаввур кардааст:

Гирди мазори модар даҳ сол ман нагаштам,
Даҳ сол ман нагаштам гирди мазори додар.
Ҳар як гули сияҳгӯш чун хоҳари сияҳпӯш

Дар орзуи ман буд дах сол дидааш тар [7, с.28].

Устод дар шеъри «Зиёрати қишлоқ», ки саршори тасвирҳои тару тоза аст, гузаштаи хешро ба хотир меорад ва дардҳои ятимию фақру маҳрумиятҳояш аз нав рӯ мезананд. Ӯ симои хоҳарони худро дар тамошои хӯшаҳои гандум ва симои додарони ятимашро дар мушоҳидаи чӯҷаҳо мебинад:

Бингарам чун ба хӯшаи гандум,
Хоҳаронам маро ба ёд оянд…
…Бингарам чун ба чӯҷаҳои ятим,
Додаронам маро ба ёд оянд [7, с.31-32].

Вақте ки шоир аз кӯдакию деҳааш ёдовар мешавад, бештар овони даҳсолагиашро зикр менамояд. Ин падида дар чанд шеъри ӯ мунъакис шудааст, ки шеъри «Сабук» аз зумраи онҳост:

Дар тани даҳсолагӣ рафтам фурӯ,
Кӯдакию деҳа омад рӯ ба рӯ.
Кӯдакӣ аз ғозҳои хасраве
Риштаҳо дар банди по дорад сабук [7, с.89].

Пас аз ин, ду банди дигари шеър бо тарзи ҳисомезӣ рӯи коғаз омадааст. Дар банди аввал ибораи «мӯри чашм» ва сӯи хирманҷойҳо беихтиёр сабук рафтуо доштани он бозёфти тозаи шоирона буда, дар байти дуюми банди дигар, таркиби дуои сабук додани «дасти ларзони сафедор» аз лаби ҷарҳо ба шеър тароват бахшидааст. Симои кампири Назокат дар як қатор шеърҳои дар тавсифи деҳа сурудаи Бозор Собир вомехӯрад, ки ӯ намоди занҳои солору соҳибтадбири деҳот аст:

Даври хирманҳо гузашту ҳойҳо,
Монд бо мо ёди хирманҷойҳо.
Сӯи хирманҷойҳо беихтиёр
Мӯри чашмам рафтуо дорад сабук.

Ҳамчу кампири Назокат як қадам
Дил накӯчид аз деҳи кӯчидаам.
Дасти ларзони сафедораш маро
Аз лаби ҷарҳо дуо дорад сабук [7, с.89].

Иддае аз шеърҳои дар тавсифи зодгоҳ сурудаи шоир дар вазни рубоӣ эҷод шудаанд. Масалан, шеъри «Олучаи латтадор буд модари ман» аз ҳамин қабил шеърҳост. Дар ин шеър шоир модари худро ба олучаи латтадор, ки мардум аз рӯи шугун ба он ихлос доранд ва ба мазори зинда шабоҳат додааст, ки онро ихлосмандон зиёрат мекунанд:

Олучаи латтадор буд модари ман,,
Қишлоқии хоксор буд модари ман.
Яъне, ки бузургвор буд модари ман,
Дар зиндагиаш мазор буд модари ман [7, с.132].

Ғазале, ки «Сӯзан агар дар дили ман монд» унвон дорад, аз пурсӯзтарин шеърҳои дар тавсифи зодгоҳ гуфтаи Бозор Собир буда, саропои ин ғазалро эҳсоси насталжӣ, силаи раҳм, ҳузну яъс фаро гирифтааст, ки воқеияти зиндагии инсони муҳоҷир ва навмедро бозгӯ мекунад. Матлаи ин ғазал:

Аз хоки ватан гӯри падар дар дили ман монд,
Модар чу мазори лаби ҷар дар дили ман монд [7, с.49].

Ҷолибтарин хусусияти дигари ғазали мавриди баррасии мо мусиқии он аст, ки ҳам аз ҳисоби қофияву радиф ва ҳам аз ҳисоби таркиби вожаҳои ҳамоҳанг тавлид шудааст. Тавре ки Аскар Ҳаким қайд мекунад: “Мусиқӣ, пеш аз ҳама, зодаи ҳиссиёт аст ва ба ҳиссиёт равона карда мешавад” [11, с.201]. Ба мушоҳида мерасад, ки ғазали мавриди назар саршори эҳсоси отифии шоир ва бардошти воқеии ӯ аз зиндагист. Серистеъмолтарин ҳамсадои дар ин ғазал корбурдшуда ҳарфи «р» мебошад, ки он дар шаш байти ғазал 41 маротиба мавриди истифодаи шоир қарор гирифтааст. Ҷанбаи иҷтимоии ғазал дар байти сеюм хеле қавӣ буда, шоир зимни корбурди санъати таҷнис, ки аз калимаи «дар» таркиб ёфтааст, эҳсоси отифию риққатовари хешро ифода намудааст:

Дар баставу фарзанди падар дар паси дар рост,
Фарзанди падар дар паси дар дар дили ман монд [7, с.49].

Хулоса, устод Бозор Собир шоири тасвиргароест, ки ба туфайли нигоҳи фарогири шоирона ва тахайюли рангину нозуки ӯ бар асари корбурди моҳирона аз воситаҳои мухталифи бадеӣ ва тарзи ҳисомезӣ дар зодгоҳномаҳояш сафедорон чашм доранд, бо дастони ларзонашон дуо медиҳанд, ҳар калтут метавонад носипосонро чун арвоҳ занад, модари қишлоқии ӯ чун олучаи латтадор ва мазори зинда пеши назар меояд, хоку хошоки диёр шоирро ба сӯи худ мекашад, даруни синаи шоир санг ҷар мешавад, хор гул мекунад ва аз ҳар хасе бӯи касе меояд.

Адабиёт

1. *Гулназар. Растохези сухан. Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. - 300 с.*
2. *Меҳри падар. (Шеърҳо).-Душанбе: Адиб, 1988. - 256 с.*
3. *Отахонова Х. Падидаҳои навҷӯӣ. Душанбе: Ирфон, 1972.-176 с.*
4. *Ориён Шерак. Эҷод чист? Эҷодгар кист?.-Душанбе: Ашуриён, 2025.-576 с.*
5. *Собир Бозор. Офтобниҳол: Шеърҳо. Душанбе: Ирфон, 1982.-48 с.*
6. *Собир Бозор. Симхор (шеърҳо).- Москва: Трансдорнаука, 1999.-80 с.*
7. *Собир Бозор. Овезгоҳи овоз. Душанбе: Маориф, 2019.-240 с.*
8. *Сайфуллоев А. Партиявият ва халқияти адабиёт.-Душанбе: Ирфон, 1976.-16 с.*
9. *Саъдиев С. Мазмун ва шакли асари бадеӣ. Душанбе: Ирфон, 1976.-24 с.*
10. *Ҳакимов А. Шеър ва замон. Масъалаҳои инкишофи назми муосири тоҷик.-Душанбе: Ирфон, 1978.-252 с.*
11. *Ҳакимов А. Дар қаламрави сухан. (Симои адибон).-Душанбе: Ирфон, 1982.-224 с.*
12. *Шеърдӯст А. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик. Душанбе: Адиб, 1997.-272 с.*

МУХТАССОТИ ТАСВИРИ ЗОДГОҲ ДАР ШЕЪРИ БОЗОР СОБИР

Тасвири зодгоҳ дар адабиёти муосири тоҷик тадриҷан ба ҳукми анъана даромадааст. Аммо он дар шеъри ҳамаи шоирон дар як сатҳ қарор надорад. Мавзуи зикршуда ба мавзуоти меҳварии ашъори Бозор Собир табдил ёфтааст. Азбаски шоир дар деҳа, дар хонаводаи деҳқон ба дунё омадаасту дар шаҳр касби камол кардааст, таваҷҷуҳи ӯ ба ин мавзуъ то охири умраш коҳиш наёфтааст. Дар мақолаи мавриди назар сухан дар бораи он меравад, ки тасвири зодгоҳ, яъне деҳа дар эҷодиёти Бозор Собир ҷойгоҳи вижаеро касб кардааст. Тасвирҳои шоир аз нақли хушку холӣ иборат набуда, онҳо шоиронаанд ва дар ин ҷода бозёфтҳои ӯро бармало муаррифӣ мекунанд. Шоир ба ҳар ҷузъиёти зодгоҳ бо чашми шоирона назар карда аз онҳо бардошти шоирона ҳосил мекунад ва зодгоҳи худро ҷузъи таркибии Ватан медонад. Аз ин ваҷҳ, шеъри дар ин мавзуъ эҷоднамудаи ӯ аз шеъри дигарон бакуллӣ фарқ дорад. Халқияти ашъори шоир дар мавзуи зикршуда равшан мушоҳида мешавад. Тасвирҳои ӯ дақиқ ва шоиронаанд ва тоблуҳои рангинанд, ки таваҷҷуҳи хонандаро ба худ ҷалб мекунанд. Эҳсоси отифӣ, самимият ва ҳусни тасвир ба обу ранги онҳо мусоидат кардааст. Бозор Собир дақиққорона мушоҳидаҳои дар овони тифлию наврасӣ аз зодгоҳу хонадонаш ҳосилнамудаи хешро пас аз гузашти солҳо ҷамъбаст намуда, шеърҳои тасвирии хотирмон офаридааст, ки аз воқеияти зиндагии ӯ ва деҳотиён сарчашма мегиранд.

Калидвожаҳо: Бозор Собир, зодгоҳ, хонавода, бозёфту тасвирҳои шоирона, адабиёти муосири тоҷик, мавзуи меҳварӣ, халқияти ашъор, эҳсоси отифӣ, мушоҳидаҳои замони тифлию наврасӣ.

ОСОБЕННОСТИ ИЗОБРАЖЕНИЯ РОДИНЫ В ПОЭЗИИ БОЗОРА СОБИРА

Изображение родины в современной таджикской литературе постепенно стало традицией. Однако в поэзии разных поэтов оно находится не на одном уровне. Названная тема превратилась в одну из центральных тем в творчестве Бозора Собира. Поскольку поэт родился в деревне, в семье крестьянина, а зрелости достиг в городе, его внимание к этой теме не угасало до конца жизни. В данной статье речь идет о том, что изображение родины, то есть села, занимает особое место в творчестве Бозора Собира. Описания поэта представляют собой не сухое изложение, а поэтичны и явно демонстрируют его поэтические находки на этом пути. Поэт смотрит на каждую деталь родины поэтическим взглядом, извлекает из них поэтическое вдохновение и считает свою родину неотъемлемой частью Отечества. По этой причине его стихотворения на эту тему кардинально отличаются от стихов других авторов. В его поэзии на данную тему отчетливо наблюдается народность. Его описания точны, поэтичны и представляют собой яркие картины, привлекающие внимание читателя. Эмоциональность, искренность и художественность изображения придают им особый колорит. Бозор Собир тщательно обобщил через годы свои наблюдения, полученные в детстве и юности в родном селе и семье, создав запоминающиеся описательные стихотворения, берущие начало в реалиях его жизни и жизни сельчан.

Ключевые слова: Бозор Собир, родина, семья, поэтические находки и описания, современная таджикская литература, центральная тема, народность поэзии, эмоциональное чувство, наблюдения детско-юношеского периода.

PECULIARITIES OF DEPICTING THE NATIVE LAND IN THE POETRY OF BOZOR SOBIR

The depiction of the native land has gradually become a established tradition in modern Tajik literature. However, it is not presented at the same level in the works of all poets. This topic has become one of the central themes in the poetry of Bozor Sobir. Since the poet was born in a village, in a peasant family, and came of age in the city, his interest in this theme did not diminish until the end of his life. The article under consideration discusses how the representation of the birthplace, namely the village, occupies a special place in Bozor Sobir's creative output. The poet's descriptions do not consist of dry narrative; they are poetic and vividly display his creative discoveries in this realm. The poet looks at every detail of his native land through a poetic lens, draws poetic impressions from them, and considers his birthplace an integral part of the Motherland. For this reason, his poems written on this topic differ completely from those of others. The folk quality of the poet's verse on this topic is clearly observable. His descriptions are precise, poetic, and colorful canvases that captivate the reader's attention. Emotional sentiment, sincerity, and vivid imagery enhance their artistic richness. After many years, Bozor Sobir meticulously summarized the observations he gathered during his childhood and adolescence from his native village and family, creating memorable descriptive poems that originate from the reality of his own life and that of the villagers.

Keywords: Bozor Sobir, native land, family, poetic discoveries and depictions, modern Tajik literature, central theme, folk character of poetry, emotional feeling, childhood and adolescent observations.

Дар бораи муаллиф
Ҳамроев Равшанқул Замонович
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: ravshan60@mail.ru

Об авторе
Хамроев Равшанкул Замонович
Кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: ravshan60@mail.ru

About the author
Hamroev Ravshanqul Zamonovich
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor at the Department of Tajik Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: ravshan60@mail.ru

ТДУ 821.222.1:82.091

СОХТОРИ КОНФЛИКТИ ДРАМАВӢ ДАР ДОСТОНҲОИ «ШОҲНОМА» ВА ФОҶИАҲОИ ШЕКСПИР

Хуррамова Б. Қ.
Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов

Муқаддима. Ташаккули равобити адабии ҷаҳонӣ, таҳлили масъалаҳои вижаи муқоисавӣ-таҳлилӣ ва омӯзиши масъалаҳои равобити фарҳангӣ тавассути осори арзишманди эҷодкорони номӣ – Абулқосим Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир барои омӯзиши амиқ ва муайян намудани ғояҳои умумбашарӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ заминаи устувор аст.

Равшан намудани шабоҳати типологӣ ва муқоисавии осори Абулқосим Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир, муайян намудани сохтори драматикӣ, таҳлили махсусиятҳои тафсири образи қаҳрамони асосӣ барои таҳлили сабку услуб, бадеият, зарфиятҳои эҷодӣ имкон медиҳад, ки он барои такмили ҷанбаҳои назарӣ ва амалии илми адабиётшиносӣ ва санъатшиносӣ манбаи мӯътамад аст.

Фирдавсӣ ва Шекспир дар замонҳои мухталиф эҷод намудаанд, вале ҳар ду эҷодкор ба асарҳои баландмазмуну фалсафӣ ба ривоҷи тамаддуни ҷаҳонӣ таъсири беназир расонидаанд. Абулқосим Фирдавсӣ бо эпопеяи «Шоҳнома» ҳувияти миллӣ, арзишҳои ахлоқиро тавассути шеър ва нақли эпикӣ инъикос намудааст. Шекспир тавассути жанри драматургия, ки бевосита барои саҳна эҷод шудааст «зиддиятҳои ботинии қаҳрамон, амалиёту мубориза, мушкилоти иҷтимоиро таҷассум месозад» [8, с. 7]. Яъне ин намояндагони барҷастаи адабиёти ҷаҳонӣ бо вуҷуди фарқияти замон ва фарҳанг арзишҳои ҷовидонии умумиинсониро тарғиб намудаанд ва дар таҳаввулу рушди фарҳанг нақши намоёнро соҳиб гардиданд.

Дар достонҳои машҳури «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки дар бобҳои гузашта мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ашъори воло ва тасвири образнок чун заминаи амалиёти драматикӣ ва барои саҳна мувофиқ арзёбӣ мешавад. Шекспир бошад, бевосита барои саҳна навиштааст ва жанри драмаро ба сатҳи ҷаҳонӣ расонидааст. Ба ин маънӣ, усулҳои гуногуни тасвири воқеот, инъикоси арзишҳо дар асарҳои мухталиф роҷеъ ба сохтори драматикӣ – амалиёт, зиддият, муколама, тасаввуроти моро такмил медиҳанд ва дар ҷараёни омӯзиши жанри драма ва таҳлили намоишномаҳои театрӣ аҳаммият касб менамоянд.

Мақсади мо аз таҳлили қиёсии осори Фирдавсӣ ва драмаҳои Шекспир на танҳо нишон додани шабоҳат ва ғояҳои башардӯстона, тафсири симои қаҳрамони асосӣ ва муайян намудани саҳми муаллифон дар арсаи фарҳанги ҷаҳонист, балки асосҳои назариявӣ мебошад, ки ба пайдоиш ва ташаккули жанри драма дар адабиёти тоҷик дахл дорад. Яъне агар намояндаи барҷастаи адабиёти давраи Эҳё (Ренессанс) дар Англия (асрҳои XVI-XVII), драматурги номӣ, офарандаи фоҷиаҳои «Ромео ва Ҷулйетта», «Ҳамлет», «Отелло», «Макбет», «Шоҳ Лир» ва дигарон – Вилям Шекспир бо асарҳои драматургии хеш ба рушди санъати ҷаҳонӣ таъсиргузор бошад, пас чанд аср қабл (асри X) дар достонҳои Фирдавсӣ низ заминаҳои драмаи эпикӣ таҳлили амиқи равонии қаҳрамонон назаррас аст, ки ин махсусият театри миллиро ба арсаи олам муаррифӣ намудааст.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Роҷеъ ба баррасии масъалаи ҷанбаҳои назариявӣ, адабиётшиносӣ ва амалии пажӯҳиши сохтори драмавӣ, осори таҳлилии илмӣ таълиф ёфтааст, ки мо дар ҷараёни таълифи мақола аз онҳо истифода намудем.

Асоси маводҳои таҳқиқро матнҳои аслии достонҳои хамосавии «Шоҳнома»и Абулқосим Фирдавсӣ ва фоҷиаҳои Вилям Шекспир ташкил медиҳанд. Барои таҳлили муқоисавӣ, достонҳои «Рустам ва Сӯҳроб», «Достони Сиёвуш», фоҷиаҳои «Ҳамлет» мавриди истифода қарор гирифт. Ин асарҳо бо назардошти нақши марказии онҳо дар инкишофи конфликти драмавӣ, сохтори сюжет ва ташаккули фоҷиа ҳамчун намунаҳои барҷастаи адабиёти ҷаҳонӣ интихоб гардиданд.

Дар баробари матнҳои бадеӣ осори назариявӣ ва таҳқиқоти илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ оид ба назарияи конфликт, драматургия, поэтика, адабиётшиносии муқоисавӣ ва хусусиятҳои жанрии ҳамоса ва фоҷиа низ ҳамчун заминаи назариявии таҳқиқ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Дар ҷараёни таҳқиқ маҷмӯи методҳои илмӣ ба кор бурда шудаанд. Аз ҷумла, методи таҳлили муқоисавӣ (типологӣ) истифода гардид, ки тавассути он монандиҳо ва фарқиятҳои сохтори конфликти драмавӣ дар достонҳои «Шоҳнома» ва фоҷиаҳои Шекспир муайян

мегардад. Ин метод имконият дод, ки умумиятҳои типологӣ ва вижагиҳои миллӣ-фарҳангии ҳар ду анъанаи адабӣ муайян гардад.

Ҳамчунин методи таҳлили сохторӣ (структуралӣ) барои омӯзиши унсурҳои таркибии конфликт, аз ҷумла ибтидо, ташаккул, авҷи зиддият, нуқтаи кулминатсионӣ ва ҳаллу фасли он истифода шуд. Дар таҳқиқ методи таҳлили матн (текстологӣ) истифода гардид, ки тавассути он хусусиятҳои бадеӣ, забонӣ ва маъноии матнҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Ҳамчунин дар раванди таҳқиқ аз методҳои таҳлил ҷамъбаст, қиёс, хулосабарории илмӣ истифода гардиданд.

Истифодаи маҷмӯи ин методҳо имконият дод, ки сохтори конфликти драмавӣ дар достонҳои «Шоҳнома» аз дидгоҳи адабиётшиносии муқоисавӣ ва санъатшиносӣ ба таври фарогир таҳлил карда шавад. Яке аз асарҳои пурмӯҳтавое, ки ба равобити адабии форсии тоҷик ва англис дар мисоли таҳлили осори Абулқосим Фирдавсӣ ва бузурги англис Вилям Шекспир бахшида шудааст, монографияи Г.Шозиёева «Фирдавсӣ ва Шекспир» мебошад [10]. Ин асар дар омӯзиши адабиёти форсии тоҷикӣ ва англис дастури муҳимми илмӣ буда, ҳадафи асосии таҳқиқии он таҳлили ҳамаҷонибаи муқоисавӣ-таърихии осори Абулқосим Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир мебошад. Ҳамчуноне ки муаллиф навиштааст, «зимни омӯзиш ва таҳлили мавзуи мазкур, ки усулҳои навтарини муқоисавӣ-таърихӣ ва типологиро истифода гардидааст, осори Абулқосим Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир бори нахуст аз ҷиҳати мавзуъ, мундариҷа, хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва ҳаҷм назар ва андешаҳои тозаро ба миён меорад» [10, с. 13-14].

Натичаҳо. Дар яке аз бобҳои асари номбурда, ки «Вилям Шекспир ва театри тоҷик» ном дорад, муаллиф аз мавқеи сазовори осори драматург дар театри тоҷик, аз ҷумла, таҳияи асарҳои «Ҳамлет», «Отелло», «Ромео ва Ҷулйетта», «Шоҳ Лир» ёдовар мешавад. Дар боби «Масъалаҳои муқоисавӣ-таҳлилӣ ва омӯзиши осори Абулқосим Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир» муҳаққиқ ба муқоисаи достонҳои «Шоҳнома» бо фоҷиаҳои «Ҳамлет», «Отелло», «Шоҳ Лир», «Ромео ва Ҷулйетта», «Макбет»-и Шекспир пардохтааст, ҳамчунин «Соннетҳо»-и драматурги англисро мавриди баррасӣ қарор медиҳад [10, с. 122-193]. Зимни иқтибос аз достонҳои муайян ва муқоиса бо осори драматургӣ, таҳлилҳои муқоисавӣ ва типологӣ муаллиф ба хулосае омадааст, ки асарҳои фоҷиавии Вилям Шекспир ва достонҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ шабоҳатҳои зиёд доранд ва дорои ҳамгуниҳои зиёди маъноӣ ва ғоявӣ мебошанд.

Муқоисаи сохтори драмавии достонҳои эпикии Фирдавсӣ ва фоҷиаҳои Шекспир, ки мавриди тадқиқи мост, заминаҳои жанри драмаро, ки тавассути нақл ва осори манзум падидор аст, дар муқоиса бо қоидаҳои драма мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Достонҳои «Шоҳнома» дар шакли таърихӣ, мифологӣ ва қаҳрамонӣ зиндагии инсонро ба риштаи тасвир мекашанд ва махсусияти онҳо тарзи гуногуни санъати тасвир аст. Дар драма бошад, хонанда бояд аз ҳодисаҳои гузашта огоҳ бошад ва асар ба он шакле бояд анҷом пазирад, ки муаллиф қаблан тасаввур намудааст. Яъне хотимаи муайяни драма анҷом ёфтани ҳалли конфликти асосии асар аст. Дар эпос воқеаҳо тавассути нақл (ривоят) аз номи муаллиф ё ровӣ баён мешавад. Дар драма воқеаҳо тавассути гуфтугӯи қаҳрамонҳо (диалог) ва амали мустақим нишон дода мешавад, нақли муаллиф ҷой надорад. Дар эпос зиндагӣ муфассал инъикос гардида, замону макон озодона тағйир меёбад ва он дорои қисматҳои тасвирӣ, шарҳ, тавсифи муҳит ҳолати равонӣ ва андешаҳои муаллиф мебошад. Драма асосан аз пардаҳо ва саҳнаҳо иборат буда, матн бештар шакли гуфторӣ дорад ва воқеаҳо дар доираи маҳдуди замон ва макон, бо шиддати конфликт инъикос меёбад. Яъне драма дар асоси гуфтугӯ ва амал сохта шуда барои намоиш дар саҳна пешбинӣ гардидааст.

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ чунин тасвирҳои зиёд ҷой доранд, ки дар сохтор ва поэтикаи он унсурҳои барҷастаи драмавӣ ба назар мерасад ва ин унсурҳо бо шиддати бадеӣ, таъсирнокӣ ва саҳнавият мусоидат мекунанд. Масалан, агар бархӯрди неруҳо (конфликт) дар драма элементи асосӣ бошад, дар достонҳои «Шоҳнома» низоъҳои шадиди ахлоқӣ, сиёсӣ ва шахсӣ, диалог ва монологҳое, ки характери саҳнавӣ доранд ва дорои шиддати равонӣ мебошанд, низ ҷой доранд, ҳамчунин монологҳои ботинии қаҳрамонҳо (андеша, изтироб, пушаймонӣ) ба монологҳои драмавӣ шабоҳат доранд. Қисматҳои зиёди достон бо тавсифи мухтасар оғоз гардида, сипас, мустақиман тавассути ҳаракат ва рафтори қаҳрамон ифода мешавад, ки он ба сохтори саҳнавии драма наздик аст.

Аз ҷумла, дар достонҳои «Рустам ва Сӯҳроб», «Сиёвуш», «Рустам ва Исфандиёр» анҷоми фоҷиавии асар ба жанри трагедия наздик аст ва фоҷиаи қисмати шахсиятро нишон медиҳад. Сарнавишти фоҷиавии қаҳрамонон эҳсоси ҳамдардӣ ва оромии руҳиро (катарсис)

ба вуҷуд меоранд, ки яке аз хусусиятҳои асосии драма аст. Ба ин маънӣ «Шоҳнома» асари эпикӣ бо унсурҳои асосии драмавӣ – конфликт, диалог, фоҷиа, шиддати равонӣ, саҳнасозӣ аст, ки ин ҷараёни омезиши эпос ва драма ба асар бадеият ва таъсири амиқи эстетикӣ мебахшад.

Олими синамошинос Ҳ.Сабоҳӣ дар асар тадқиқотии хеш, ки он ба масъалаҳои экранисозии осори классикӣ бахшида шудааст, дар ҷараёни таҳлили филмҳо аз рӯи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, аз ҷумла филми «Байрақи оҳангар» ба чунин хулосаҳои илмиро пешниҳод намудааст: «Агар дар эпос қаҳрамон характери тайёр ва тағйирнопазир дошта бошад, дар филм мисли роман ва қисса характери ӯ дар инкишоф, яъне эволюция зоҳир мешавад. Вай дигар бо чунин хусусияти характери худ аслан тип нест. Инсони эпикӣ («инсон аз эпос») ба инсони воқеӣ мубаддал мешавад ва дар он шахсияти таърихӣ падидор мешавад» [5, с. 53].

Ба ақидаи илмии файласуфи олмонӣ – Гегел шеърият аз се қисм – эпос, лирика ва драма иборат аст. Аммо аз рӯи назарияи назмшиносӣ (поэтика) ӯ ин мафҳумро аз назари фалсафӣ ва таърихӣ шарҳ дода вижагиҳои онҳоро вобаста ба пайвастагии шахсият ва ҷамъият мавриди таҳлил қарор медиҳад. Аз назари Гегел назми эпикӣ – шакли нахустини эҷодиёти бадеист ва мазмуну шакли эпикӣ ҷаҳонбинӣ ва объективияти руҳи мардумист [1, с. 80]. «Драма дараҷаи олии назм ва санъат аст, зеро воситаи тасвир каломест, ки он имконияти инъикоси моҳияти маънавиро дорад ва гузашта аз ин, бартарии драма дар он зоҳир мегардад, ки дар он ҷанбаи объективии эпос ва субъективии лирика пайваст аст» [1, с. 80]. Агар драма аз назари Гегел – шакли олии санъат бошад, дар доираи он фоҷиа (трагедия) қуллаи баландтарин аст. Анҷоми ахлоқии конфликти фоҷиавӣ аз назари Гегел «Эҳсоси таносуб (гармония) мебошад. Таносуб дар зуҳуроти арзишҳои ахлоқие, ки муваққатан дар задухӯрд ҳастанд, ифода мешавад, аммо махсусияти задухӯрди фоҷиавӣ он аст, ки характерҳое, ки қуввaҳои мутақобиларо ифода менамоянд ба таносуб итоат намекунанд ва он танҳо тавассути қурбонӣ ва гирехи фоҷиавӣ муяссар мегардад» [1, с. 95]. Аз ин нуқтаи назар тасвири образи қаҳрамонони асосӣ дар «Достони Сиёвуш»-и Фирдавсӣ ва «Ҳамлет»-и Шекспир бо шиддати драмавӣ, динамикаи ҳодисаҳо, ҷустуҷӯи ҳақиқат намунаи барҷастаи жанри фоҷиа мебошад.

Фоҷиаи «Ҳамлет» тақрибан солҳои 1599-1601 таълиф шудааст ва яке аз намунаҳои барҷастаи драматургияи давраи Эҳё ба шумор меравад. Нахустин намоишҳои он дар саҳнаи театри таърихии «Глобус» баргузор гардидааст. Қаҳрамони асосӣ – шаҳзода Ҳамлет намунаи қаҳрамони фоҷиавии Шекспир аст, ки чун шахсияти донишманду соҳибтафаккур тавассути шинохти ҳақиқат ба ҳалокат мерасад. Дар ин образ қаҳрамон шахсияти инфиродист, ки на танҳо ифодагари фоҷиаи қисмат аст, балки эҳсос ва идроки нотакрор дорад. Агар қаҳрамони юнонии классикӣ бештар ба иштибоҳи ахлоқӣ гирифтор бошад, пас Ҳамлет қабл аз амал ба санҷиши ҳақиқат мепардозад. Лаҳзаи шинохти ҳақиқат – намоиши театр дар дарбор аст, ки дар он гуноҳи амакаш Клавдий ошкор мешавад. Ин нуқтаи гардиш ба амалҳои ҳалкунанда замина мегузорад. Монологи «Будану набудан» ифодаи баландтарин худшиносии фоҷиавист, ки дар марзи ҳастӣ ва нестӣ қарор гирифтани қаҳрамонро нишон медиҳад. Ҳамлети Шекспир намояндаи тафаккури нави замони Эҳё (Ренессанс) мебошад, ки ҷаҳонро ба тарзи интиқодӣ арзёбӣ мекунад. Яъне шуури худогоҳи инсон – сабаби фоҷиа мегардад ва дар роҳи адолат қурбон мешавад. Қатли Полоний, марги Офелия, ҳалокати Лаэрт натиҷаи қарорҳои деркардаи қаҳрамон мебошанд ва фоҷиаи ботинии ӯро ифода менамоянд, бо воқеият дар зиддият қарор мегиранд.

Дар намоишнома ғояи асосии асари номбурда – «будан ё набудан» ифодагари моҳияти ҳастии инсон аст. Дар ин ҷо ҳастӣ ба маънои зистани сазовору арзанда ва нестӣ мазмуни эҳсосоти худпарастона ва бидуни арзишро дорад. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат, «Ҳамлет» ва ғояҳои он барои инсонҳои ҳамаи давру замон ибратбахшу воқеист.

Дар тафсири Лади Эмерува Ҳамлет шаҳзодаи ҷавону донишмандест, ки содагиву зудбоварии ӯ оҳанги фоҷиавӣ касб намудааст. Муколамаи ӯ бо модараш – малика Гертруда аввал оромона, сипас дар интиҳо характери исёнро касб менамояд ва возеҳияти назаррас дорад. Моҳияти нақши маҳбубаи Ҳамлет – Офелия бошад, шикасти ногаҳонии орзуҳост.

Ногуфта намонад, ки дар театри тоҷик низ намоишномаи «Ҳамлет» аз тарафи режиссёр Н.Детсик соли 1979 саҳнавӣ гардидааст. Нақши Ҳамлет аз тарафи ҳунарманди шинохта Ҳошим Гадоев офарида шудааст. Театршиноси маъруф, Низом Нурҷонов роҷеъ ба намоишномаи номбурда дар китоби «Санъати актёрии тоҷик» фикрҳои таҳлилии касбиро баён намуда «амиқӣ ва нурӯи фикрҳои қаҳрамон»-ро асоси ин асари саҳнавӣ мешуморад.

Н.Нурҷонов дар ҷараёни таҳлили муфассали хеш роҷеъ ба намоишномаи «Ҳамлет» бо баробари муайян намудани бозёфтҳои таҳиягарии намоишнома ба ҷанбаи навоваронаи тафсири симои қаҳрамони асосӣ – Ҳамлет аз ҷониби Ҳошим Гадоев низ таваҷҷуҳ намуда ҳамчун, воситаи тасвир ба ҳаракату амал пардохтани ҳунарпешаро бо мисолҳо маънидод месозад. «Гадоев симои шаҳзодаи ҷафокаш, ҷавонмарди оташқалб, пурзӯр ва асабониро офарид» [3, с. 475].

Дар асари тадқиқотии Г.Шозиёева муқоисаи фоҷиаи «Ҳамлет»-и Шекспир бо «Достони Заҳҳок ва падараш», «Кушта шудани Заҳҳок Мардосро», «Подшоҳии Кайхусрав» мавриди назар аст ва дар ин замина шабоҳати ғояҳои умумиинсонӣ, воқеаҳо, тасвиру расму оинҳо, арзишҳо тавассути овардани порчаҳои шеърӣ таҳлил гардидаанд [10, с. 122-148].

Аз назари мо, ғайр аз достонҳои номбурда «Достони Сиёвуш» аз «Шоҳнома» ва фоҷиаи «Ҳамлет» сарфи нафар аз фарқияти замон, макон ва суннати адабӣ дорои умумиятҳои назарраси мавзуӣ ва типологӣ мебошанд. Баррасии муқоисавии образи қаҳрамон, сохтори фоҷиавӣ, масъалаи адолат ва нақши сарнавишт нишон медиҳад, ки новобаста аз фарқияти жанрӣ ва фарҳангӣ ҳар ду асар масъалаҳои умумбашарии ахлоқиро матраҳ месозанд. Образи Сиёвуш дар «Шоҳнома» тавассути муборизаҳои ӯ бо воқеияти иҷтимоӣ ба амал омада бо оқибати фоҷиавӣ анҷом меёбад ва ин ҳодиса арзиши ахлоқии асарро равшан месозад. Дар «Ҳамлет» драматизм дар ботини қаҳрамон ифода ёфта унсурҳои драмавӣ тавассути таҳаввулоти руҳии қаҳрамон инъикос меёбад. Ҳамлет рамзи муборизаи маънавӣ ва таназзули инсонист. Сюжети фоҷиаи «Ҳамлет» дар атрофи конфликти ботинии Ҳамлет – интиқом, шубҳа ва арзишҳои ахлоқӣ равона шуда, ҷанбаи психологиро соҳиб аст. Сиёвуш рамзи адолат, покӣ ва садоқат аст. Қурбонии ӯ дар роҳи адолат баёнгари паёми ахлоқист ва мазмуни фалсафӣ касб намудааст. Муборизаи ва конфликти драматикӣ низ дар ду асар шаклҳои гуногун доранд. Дар «Достони Сиёвуш», ки характери эпикӣ дорад, шиддати драматикӣ тавассути воқеаҳо инъикос мешавад, дар фоҷиаи «Ҳамлет» муборизаи маънавии қаҳрамон асоси ғояи асар интихоб гардидааст.

Аз нуқтаи назари жанри драматургӣ барои муаллиф қабл аз ҳама «фалсафа, ҷасорат, тафаккури муаррих, зиракӣ, тасаввуроти зинда ва озодӣ» шарти офариниши асари мукаммал бошад [4, с. 58], пас дар асарҳои номбурда ин меъёрҳо асоси офариниш аст. Ба ин маънӣ, элементҳои драматикӣ дар «Шоҳнома», аз ҷумла «Достони Сиёвуш» на танҳо танзим ва рӯйдодҳо, таҳаввулоти қаҳрамон, балки муборизаи, рамз ва паём аст, ки он ифодагари унсурҳои драмавист. Қурбонии қаҳрамон барои арзишҳои ахлоқӣ, муборизаи барои адолат, ростқавлӣ, садоқат ба кишвар, интихоби амал низ таъсири драматикии асарро тақвият мебахшад. Яъне қаҳрамон рамзи ахлоқист ва характери драматикии асар тавассути муборизаи ва қурбонии ӯ ташаккул меёбад.

Тасвири инсон дар адабиёти тоисломии тоҷик ифодагари ҷаҳонбинии инсон дар давраҳои бостон мебошад. Дар ин асар инсон на танҳо мавҷудоти зинда, балки неруи маънавӣ, ахлоқӣ ва кайҳонӣ аст ва он бештар дар сарчашмаҳои динӣ, ривоятӣ ва хамосӣ таҷассум ёфтааст. Дар муҳимтарин сарчашмаи адабиёти тоисломӣ китоби муқаддаси зардуштиён – «Авесто» се унсури пояи камолоти инсонӣ «афкори нек, рафтори нек ва гуфтори нек» ҳамчун таълимоти ахлоқӣ заминаи устувор дорад, муборизаи абадии миёни неку бад – Аҳурамазда ва Аҳриман мақоми фаъол дорад.

«Марҳилаи нави тасвири инсон дар адабиёти форсу тоҷик аз асри Х сар мешавад ва дар кашфи руҳ ва идроки бадеии инсон хидмати ду тан аз саромадони барҷастаи он Устод Рӯдакӣ ва Абулқосим Фирдавсӣ бағоят бузург аст» [2, с. 63]. Пайвастагии тафаккури эстетикии Фирдавсӣ бо анъанаҳои бадеии гузашта ва офариниши инсон ба сифати қаҳрамони дорои неруи ҷисмонӣ, хирад, зебоӣ ва садоқат мисли Рустам, Исфандиёр ва Сиёвуш сабаби офариниши на танҳо шахсияти инфиродӣ, балки рамзи миллат ва фарҳанг аст. Инсон дар тасвири Фирдавсӣ дорои иродаи озод, масъулияти маънавӣ ва вазифаи иҷтимоист. Ин ҷаҳонбинӣ натанҳо дар адабиёти классикии форсу тоҷик таъсири амиқ расонид, балки пояи афкори инсонгароиро дар фарҳанги миллӣ гузоштааст, ки он арзиши умумиҷаҳонӣ дорад.

Ба ин маънӣ, қаҳрамони асотирӣ – Сиёвуш низ дар тасвири Фирдавсӣ дорои таҳаввулоти ботинӣ, дурахшон ва муассир аст, шахсиятест бо эҳсоси воло ва саршори орзуҳои заминӣ. Аз назари мо маҳз ҳамин сифатҳои хотирнишин хислату атвори Сиёвуш ҷанбаи драматикии образро муҷассам месозад ва барои саҳнавӣ гардидани образи мазкур имкониятҳои бадеӣ фароҳам меоварад.

Ҷанбаи романтикии образи Сиёвуш дар андешаҳо муносибати ӯ бо маҳбубааш Фарангис зоҳир мешавад. Сарчашмаи ин муҳаббат эҳтиром, фазилати инсонӣ ва арзишҳои ахлоқист, ки тасвири он яке аз зеботарин қисматҳои «Шоҳнома» аст:

…Сиёвуш чу рӯи Фарангис дид,
Саропои он моҳ чун бингарид.
Қаде дид сарву рухе дид моҳ
Фурӯ ҳишта дар бар ду зулфи сиёҳ,
Ду рухсори зебош мисли қамар,
Ду чашмаш ситора ба вақти саҳар.
Даҳоне пур аз дур, лабе чун ақиқ,
Ту гуфтӣ варо зуҳра омад рафиқ.
Даҳону лабаш буд гавҳарфишон,
Сухан гуфтанаш буд гавҳарнишон...
Сиёвуш чу хуршеду ӯ моҳ буд,
Ҳуру моҳ ба ҳам чӣ дилхоҳ буд [6, с. 144].

Ин тасвири ҷаззоб барои рӯи саҳна овардани асари эпикӣ маводи қобили таваҷҷуҳ ва хотирнишин аст. Дар фоҷиаи «Ҳамлет»-и Шекспир низ муносибати ишқии қаҳрамонони асосӣ – Ҳамлет ва Офелия нафис тарҳрезӣ шудааст. Шубҳаи падари Офелия – Полоний, бародараш – Лаэрт, фишори муҳити дарбор, хиёнати Клавдий ва дигар лаҳзаҳои драматикии асар сабаби зуҳуроти шубҳа ва интиқом мегардад. Дар муносибати Ҳамлет ва Офелия муҳаббат аз фишори ҷомеа ба сардӣ табдил меёбад ва он танҳо баъди марги Офелия ошкор мешавад. Ҳамлет, ки аз рафтори хиёнаткоронаи модараш ноумед шуда буд, ба муҳаббати Офелия низ шубҳа дорад ва арзиши онро хеле дер идрок месозад, ки хатти фоҷиавии асар низ дар ин ҷараён ифода ёфтааст. Зимнан тасвири муҳаббати қаҳрамонон яке аз саҳифаҳои ғамангезтарини асар аст.

Образи Клавдий, ки бародари хеш, шоҳи пешина, падари Ҳамлетро пинҳонӣ бо заҳр нобуд месозад, то соҳиби тахт шавад, аз ҷониби драматург ҳамчун шахси фитнагар ва ҷиноятқор тасвир мешавад. Махсусан, тавассути монологи Ҳамлет симои модараш ва амакаш Клавдий чун мавҷудоти маккору нафратангез тасвир мешаванд:

Метарошам дар китоби майнаам ман
Панди туро, танҳо панди холисатро.
Менависам, ба номи Худоям, савганд!
Эй зани ҳалокатовар! – Эй марди хабис.
Хабиси ботабассум, хабиси малъун!
Бояд ба ин тахтача нависам ин ки,
Бо табассум мумкин аст зиндагӣ кардан.
Ва бо табассум хабис будан ҳам мумкин
Оре ҳеҷ набошад, дар Дания – мумкин [10, с.137-138].

Образи Клавдий дар фоҷиаи «Ҳамлет ба симои Гарсеваз аз «Достони Сиёвуш» монанд аст. Дар образи Гарсеваз Фирдавсӣ симои шахсияти манфуреро меофарад, ки бо зиддиятҳои ботинии характери худ оҳанги драматикии достонро афзудааст.

Дар боби «Бозгаштани Гарсеваз ва бадгӯӣ кардан ба пеши Афросиёб», «Боз омадани Гарсеваз ба назди Сиёвуш», ки дар тасвири Фирдавсӣ гиреҳҳои драматикии ғайричашмдошт мушоҳида мешавад, симои Гарсеваз чун шахси «кинаҷӯй», «пурфиреб» ва «бадхоҳ», «бадандеш», «бадгумон» ҷилвагар мешавад. Масалан:

…Чунин гуфт Гарсевази кинаҷӯй,
Ки «Эй шоҳи бинодили ростгӯй.
Сиёвуш бад-он олату фарру бурз,
Бад-он эзадидасту он теғу гурз,
Наёяд ба даргоҳи ту бесипоҳ,
Шавад бар ту бар тира хуршеду моҳ.
Сиёвуш на он аст, к-аш дид шоҳ.
Ҳаме б-осмон барфарозад кулоҳ.
Фарангисро ҳам надонӣ ту боз,
Ту гӯи шудаст аз ҷаҳон бениёз.
Сипоҳат бад-ӯ боз гардад ҳама
Набошад шубон чун набошад рама [6, с. 183].

Дар ин муколама образи Гарсеваз на танҳо чун рамзи адовату кинаҷӯй, балки маккору дасисаангез аст. Яъне вуҷуди зишти Гарсеваз бо некхоҳии Сиёвуш созгор нест «ва аз ин носозгорӣ ба тадриҷ зиддият ва фоҷиаи бузурге ба зуҳур мерасад. Мухолифати байни Сиёвушу Афросиёбу Гарсеваз моҳияти амиқи иҷтимоию сиёсӣ ва фалсафӣ дорад. Асоси зуҳури ин зиддиятро ду чиз: яке масъалаи сулҳ, хушбахтӣ, дӯстӣ, барҳам додани адовати миллӣ-нажодӣ ва саодати инсонҳо ва дигари асорат ва нифоқи байни халқҳо, сарватпарастӣ ва ҷангу хунрезӣ барангехтааст» [2, с. 102]. Ш.Асроров дар асари мукаммали тадқиқотии хеш образи Гарсевазро ба типи манфури офаридаи Шекспир-Яго (аз фоҷиаи «Отелло») монанд мекунад. Ин ду шахс аз ҷиҳати нафратоварӣ ва фоҷиаангезӣ ҳамсангу ҳамвазнанд. Яго зоҳиран ва ботинан шабеҳи Гарсеваз аст. «Ӯ чун Гарсеваз сипоҳӣ буда (байрақбардори генерал Отелло), рашку ҳасад ва бухлу кина тамоми вуҷудашро фаро гирифтааст» [2, с. 105].

Ба ин маънӣ, образи Гарсеваз аз «Достони Сиёвуш» - Фирдавсӣ бо созгории характери драматикӣ ва хатти сужету зиддиятҳо ба образҳои Шекспир-Клавдий аз фоҷиаи «Ҳамлет» ва Яго аз асари драмавии «Отелло» шабоҳат дорад. Танҳо фарқ дар он аст, ки тасвири Фирдавсӣ рамзӣ, бо ҷузъиёти қавӣ, соҳиби тамоюли эпикист. Унсурҳои асосии драматизми Фирдавсӣ дар офариниши образ дорои тамоюли драматикӣ, рамзӣ, эҳсоси шадиди ҳолати қаҳрамонон аст. Тамоюли эпикӣ низ тавсифи муҳит ва драматизмро суръат мебахшад. Яъне драматизм дар «Шоҳнома» на танҳо василаи тасвири ҳодисаҳо, балки асоси арзишҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ ва эстетикии асар мебошад.

Муҳокима. Вилям Шекспир яке аз бузургтарин намояндагони адабиёти ҷаҳонист, ки осори ӯ то имрӯз мавриди тадқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ қарор дорад. Моҳияти эҷодиёти Шекспир ва муқоисаи фоҷиаҳои машҳури ӯ бо достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ масъалаҳои бунёди ҳастии инсонро бо амиқии фалсафӣ ва бадеияти комил таҷассум намудаанд. Амиқии равонӣ, навоварии шакл ва таъсири фарогири осори онҳо ба адабиёти ҷаҳон ҳамчун падидаи фаромиллӣ дар фарҳанг мақоми устувор дорад.

Муайян намудани сохтори драматикӣ, махсусиятҳои офариниши симои қаҳрамонони асарҳои Фирдавсӣ ва Шекспир имконият медиҳад, ки арзишҳои ҷовидонии умуминсонӣ дар осори ин намояндагони машҳури адабиёти ҷаҳонӣ тавассути усулҳои гуногуни тасвири воқеот инъикоси мукаммали хешро соҳиб гарданд.

Хулоса. Аз лиҳози асосҳои назариявии жанри драма низ метавон ба хулосае омад, ки достонҳои эпикии Фирдавсӣ бо таҳаввулоти жанрӣ ва санъати тасвир, ҳолатҳои равонӣ ва шиддати воқеот дар радифи асарҳои беҳтарини драматургияи ҷаҳонӣ қарор доранд. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат онҳо яке аз маъруфтарин воситаи рушди театри миллии тоҷик дар замони муосир мебошанд, ки арзишҳои ахлоқӣ ва эстетикиро дар арсаи олам муаррифӣ менамоянд.

Адабиёт

1. *Аникст А. Теория драмы от Гегеля до Маркса / Аникст. – Москва: Наука, 1983. - 288 с.*
2. *Асроров Ш. Симои Сиёвуш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / Ш.Асроров. – Душанбе: Адиб, 2005. – 214 с.*
3. *Нурҷонов Н. Мактаби актёрии тоҷик / Н.Нурҷонов. – Душанбе: 2011. - 495 с.*
4. *Поламишев А. Мастерство режиссёра. Действенный анализ пьесы / А.Поламишев. – Москва: Просвещения, 1982. – 224 с.*
5. *Сабохи Х. Грани экранизации. / Х.Сабохи. – Душанбе: Дониш, 1987, – 100 с.*
6. *Фирдавсӣ. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд. Ҷилди 3 / Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – 524 с.*
7. *Хуррамова Б. Театри «Глобус» дар Тошканд / Б.Хуррамова // «Овози Самарқанд». - 2015, 12 январ. – 4 с.*
8. *Шекспир У. Исторические хроники. / У. Шекспир. – Москва: Правда, 1987. – 624 с.*
9. *Шекспир В. Ҳамлет. Шоҳзодаи Дания. (Тарҷумаи С.Улуғзода). (В.Шекспир. Душанбе: Ирфон, 1978. – 221 с.*
10. *Шозиёева Г. Фирдавсӣ ва Шекспир. / Г.Шозиёева. – Душанбе: 2021. – 300 с.*

СОХТОРИ КОНФЛИКТИ ДРАМАВӢ ДАР ДОСТОНҲОИ «ШОҲНОМА» ВА ФОҶИАҲОИ ШЕКСПИР

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи муқоисавии сохтори драмавӣ дар достонҳои "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ва фоҷиаҳои Вилям Шекспир бахшида шудааст. Аҳаммияти мавзуъ аз зарурати равшан намудани қонуниятҳои типологии ташаккули тафаккури бадеии ҷаҳонӣ, инчунин муайян намудани умумиятҳо ва вижагиҳои бостоби низои фоҷиавӣ дар анъанаҳои хамосии Шарқ ва драматургияи Аврупои Ғарбӣ бармеояд. Бо вуҷуди тафовути жанрии хамосаи қаҳрамонӣ ва фоҷиаи саҳнавӣ, ҳар ду падидаи адабӣ механизмҳои мушобеҳи ташаккули низоъ, сохтори сюжети бадеӣ ва таъсири амиқи фоҷиавиро дар бар мегиранд. Мақсади таҳқиқ аз омӯзиши унсурҳои сохтории драматизм дар достонҳои «Шоҳнома» ва фоҷиаҳои Шекспир муайян намудани хусусиятҳои амалкарди низоъ, авҷи

воқеаҳо ва анҷоми фоҷиавӣ дар осори ду намояндаи барҷастаи адабиёти ҷаҳон мебошад. Ба сифати объекти таҳқиқ достонҳои драматикии «Шоҳнома», «Сиёвуш» ва фоҷиаи «Ҳамлет»-и Шекспир интихоб гардидаанд. Навгонии илмии таҳқиқ дар баррасии маҷмӯӣ ва муқоисавии сохтори драмавии «Шоҳнома» бо поэтикаи фоҷиаҳои Шекспир аст.

Калидвожаҳо: Фирдавсӣ, «Шоҳнома», «Сиёвуш» Вилям Шекспир, «Ҳамлет» фоҷиа, сохтори драмавӣ низоъ, хамоса, драматургия, поэтика, анъана.

СТРУКТУРА ДРАМАТИЧЕСКОГО КОНФЛИКТА В ПОЭМЕ «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ И ТРАГЕДИЯХ ШЕКСПИРА

Статья посвящена сравнительному исследованию драматической структуры поэмы «Шахнаме» Фирдоуси и трагедий Уильяма Шекспира. Актуальность исследования обусловлена необходимостью выявления типологических закономерностей в развитии мирового художественного сознания, а также определения особенности трагического конфликта в восточной эпической и западноевропейской драматической традициях. Несмотря на жанровые различия между героическим эпосом и драмой оба художественных явления демонстрируют сходные механизмы построения конфликта, организации действия создания трагической коллизии. Цель исследования заключается в анализе структурных элементов драматизма в сюжетах «Шахнаме» и трагедиях Шекспира, а также выявлении особенностей функционирования конфликта, кульминации и трагической развязки в произведениях двух великих представителей мировой литературы. В качестве объекта исследования рассматриваются наиболее драматичная поэма «Шахнаме» - «Сиявуш», а также трагедия Шекспира «Гамлет». Научная новизна исследования заключается в комплексном анализе драматической структуры «Шахнаме» в сопоставлении с поэтикой шекспировской трагедии.

Ключевые слова: Фирдоуси, «Шахнаме», «Сиявуш» Уильям Шекспир, «Гамлет» трагедия, драматическая структура, конфликт, кульминация, эпос драматургия, поэтика, традиция.

THE STRUCTURE OF DRAMATIC CONFLICT IN FERDOWSI'S "SHAHNAMEH" AND WILLIAM SHAKESPEARE'S TRAGEDIES

The article is devoted to a comparative study of the dramatic structure of Ferdowsi's poem "Shahnameh" and William Shakespeare's tragedies. The relevance of the study is determined by the need to identify typological patterns in the development of world literary art, as well as to define the distinctive features of tragic conflict in the Eastern epic and Western European dramatic traditions. Despite the generic differences between heroic epic and drama, both artistic phenomena demonstrate similar mechanisms for constructing conflict, organizing action, and creating tragic collision. The aim of the study is to analyze the structural elements of dramatism in the plots of the "Shahnameh" and Shakespeare's tragedies, as well as to identify the functional characteristics of conflict, climax, and tragic denouement in the works of two great representatives of world literature. The most dramatically rich poem of the "Shahnameh" - "Siyavush" and Shakespeare's tragedy "Hamlet" are examined as the primary objects of analysis. The scientific novelty of the study lies in the comprehensive analysis of the dramatic structure of the "Shahnameh" in comparison with the poetics of Shakespeare's tragedy.

Keywords: Ferdowsi, "Shahnameh", "Siyavush", Shakespeare, "Hamlet", tragedy, dramatic structure, conflict, climax, epic, dramaturgy, poetics, tradition.

Дар бораи муаллиф
Хуррамова Баҳора Қодировна
Номзади илмҳои санъатшиносӣ, дотсенти кафедраи санъатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов
140104, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ш. Самарқанд, хиёбони Университет, 15
E-mail: bahoraxuramzod@gmail.com

About the author
Khurramova Bahora Qodirovna
Candidate of Art History, Associate Professor at the Department of Art Studies
Samarkand State University named after Sharof Rashidov
140104, Republic of Uzbekistan, Samarkand, University Boulevard, 15
E-mail: bahoraxuramzod@gmail.com

Об авторе
Хуррамова Бахора Кодировна
Кандидат искусствоведения, доцент кафедры искусствоведения
Самаркандский государственный университет имени Шарофа Рашидова
140104, Республика Узбекистан, г. Самарканд, Университетский бульвар, 15
E-mail: bahoraxuramzod@gmail.com

ТДУ 891.550 (575.3)

АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ФОРСУ ТОҶИК – САРЧАШМАИ НАСРИ БАЧАГОНАИ ТОҶИК

Раҳмонов М. Б.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Муқаддима. Адабиёт дар ҳама марҳилаҳои инкишоф вазифаи умумибашарии худ, пеш аз ҳама тарбияи инсонро ба уҳда дошт ва он роҳу тарзҳои гуногунро ифода мекард. Ин анъанаи нек имрӯзҳо низ дар давраи соҳибистиқлолии кишвар идома ёфта истодааст. Воқеан, забон, фарҳанг, адабиёт ва санъати волои миллат василаҳои арзишманду бегазанди тарбиятиянд, ки дар дарозои таърих дар камолоти маънавии бани башар беш аз дигар воситаҳо таъсиргузорӣ мекунанд.

Ба ақидаи адабиётшинос Саидов Саираҳмон, «то зуҳури дини ислом масъалаи тарбия, адолат, шуҷоат, хислатҳои одамӣ дар пардаи тарбияи мазҳабӣ сурат гирад ҳам, ба меъёрҳои ахлоқии ҷамъияти синфӣ алоқаманд буд. Беҳуда нест, ки дар намунаҳои осори антиқа тарбияи фарзанд, махсусан писар дар мадди аввал будааст. Ҳикмату андарзномаҳои паҳлавӣ баъзе қисматҳои адабии «Авесто», «Андарзномаҳои Зардушт», «Андарзномаи Атурпати Меҳраспандон», «Андарзномаи Ҷомоспак», «Васиятномаҳои шоҳони Ҳахоманишӣ», «Минуи хирад», «Юишти Фириён», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Панднома»-и Бузургмеҳри ҳаким пурра ба ҷаҳонбинӣ, завқу тафаккури бачаҳо мувофиқ мебошанд» [8, с. 57-58].

Яке аз ҳамин бахшҳои адабиёти ғановатманди тоҷикӣ адабиёти кӯдакону наврасон мебошад. Адабиёти кӯдакону наврасон ҳамчун як соҳаи муҳимми тарбия дар ҳар давру замон буда, ҳақиқати ҳаёт ва таърихи сарнавишти ҷомеаро инъикос намуда, дар тарбияи ғоявию зебоипарастии кӯдакон ва наврасон саҳми бағоят муҳим гузошта, имрӯз ҳам ин адабиёт дар даврони соҳибистиқлолии кишвар бомаром пеш рафта, чун як бахши ояндадори адабиёти муосири тоҷик таҳаввул ёфтаву рушд карда истодааст.

Ҳама пешрафт ва коёбиҳои адабиёти навини тоҷик, ки як бахши он адабиёти кӯдакону наврасон буда, аз баҳри пуртуғёни адабиёти классикии форсу тоҷик об хурдаву сарчашма мегирад. Яъне, адабиёти классикии форсу тоҷик яке аз сарчашмаҳои адабиёти кӯдакону наврасон ба ҳисоб меравад.

Ҳамин гуфтаро муҳаққиқон Файзуллоева М. ва Баҳриев Ф. низ дар монографияи худ «Адабиёти кӯдак» (2014) чунин тасдиқ намудаанд:

«Яке аз манбаю сарчашмаҳои аввал дар рушду инкишофи адабиёти кӯдакону наврасон адабиёти классикии форсу тоҷик мебошад» [13, с. 31].

Адабиётшинос Саидов Саираҳмон низ қайд мекунад, ки «Осори адабии адабиёти классикии форсу тоҷик аз ду ҷиҳат сарчашмаи адабиёти бачагона ба ҳисоб мераванд:

1. Асарҳое, ки тадриҷан аз адабиёти калонсолон ба адабиёти бачагона гузашта, моли адабиёти онҳо қарор гирифтаанд;

2. Он асарҳое, ки нахуст барои синну соли гуногун таълиф ёфтаанд. Яъне, асарҳое, ки аз он ҳама синну солҳо баҳра бардошта метавонанд» [8, с. 58].

Адабиёти бачагонаи тоҷик ҳарчанд ки пас аз Инқилоби Октябр (1917) ин ҷониб ташаккул ёфтаву рушд карда бошад ҳам, асосан он аз адабиёти классикии форсу тоҷик маншаъ мегирад.

Барои қиёс агар ба оғози пайдоиши адабиёти кӯдакони соири кишварҳои Шарқу Ғарб таваҷҷуҳ намоем, фурӯғи баъзе адабиётҳоро дар қаъри асрҳо мушоҳида мекунем. Масалан, ба андешаи адабиётшиносони эронӣ Муҳаммад Ҳодӣ Муҳаммадӣ ва Заҳро Койинӣ «Решаҳои торихи адабиёти кӯдакони Эрон ба фаротар аз се ҳазор сол боз мегардад. Эронзамин дорои яке аз густурдатарин ва жарфтарин андухтаҳои адабӣ барои кӯдакон аст» [10, с. 111; 12, с. 20-21].

Албатта, ин гуфтаҳо ба таърихи ташаккул ва таҳаввули адабиёти кӯдакону наврасони тоҷик низ иртибот дорад.

Адабиётшиносон Аҳмад Абдуллоев ва Садрӣ Саъдиев – мураттибони ҷилди сеюми «Тазкираи адабиёти бачагон» (1982) дар ин ҷилд намунаи адабиёти кӯдакро аз осори

классикӣ ҷамъ оварда, дар сарсухани он навиштаанд: «Дар баробари адабиёти бузурги пешинаи тоҷик вуҷуд доштани адабиёти бачагонаро инчунин ҳамин далел собит мекунад, ки Убайди Зоконӣ барин классики ин адабиёт ба офаридани асарҳои бачагона низ машғул шуда, махсус барои бачагон достони «Мушу Гурба»-ро таълиф кардааст... Достони мазкур махсус барои бачагон навишта шудааст ва муаллиф низ дар охири достон ба ин нукта ишора мекунад: «Муддао фаҳм кун, писарҷоно!». Дар ҳақиқат, достони «Мушу гурба»-и Убайди Зоконӣ аз ҳар ҷиҳат ва ба тамоми маънӣ як асари асили адабиёти бачагон ҳисоб мешавад. Вай ҳам ба мавзую мандариҷа ва ҳам ба шакли бадеии (жанр, забону услуб, вазну қофия ва ҳоказо) худ мувофиқи фаҳму идрок ва завқи хонандаи хурдсол навишта шудааст. «Баҳориёт»-и Сайидоро низ аз ҷумлаи чунин намунаҳои адабиёти бачагон шуморидан мумкин аст» [11, с. 7]. Муҳаққиқон С. Саидов ва А. Шоев дар ин хусус таҳқиқот бурда, иброз доштаанд, ки «Забон ва сабки баёни «Баҳориёт»-и Сайидо фасеҳу равон буда, на танҳо барои калонсолон, инчунин барои бачаҳо низ муассиру хотирмон аст. Тарзи баёни Сайидо сабки хуросониро ба ёд меоварад» [9, с. 107]. Ин маънои онро дорад, ки «Баҳориёт»-и Сайидо бо ин вижагиҳои худ моли адабиёти бачагона низ мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки шоирони касбии мо барои тарбияи одобу ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ба фарзандони худу хешовандонашон асарҳое менавиштанд, ки аҳаммияти зиёди тарбиявию ахлоқӣ доштанд. Аз ҷумла, насиҳатномаи Унсурулмаолии Кайковусро ба писараш Гелоншоҳ хотиррасон кунем, ки саросар панду андарз буда, дар китоби «Қобуснома» гирд омадааст. Абдурраҳмони Ҷомӣ китоби «Баҳористон»-ро ба фарзандаш Зиёуддин Юсуф бахшида, тавассути он ба таълиму тарбияи ӯ кӯшидааст. Ваҳиди Табрезӣ ба воситаи асари худ «Ҷамъи мухтасар» ба бародарзодаи ноболиғи худ арӯзу қофия ва илми бадеъ омӯхтан хостааст. Аз ин лиҳоз, маврид ба таъкид аст, ки яке аз сарчашмаҳои адабиёти кӯдакону наврасон адабиёти классикии оламшумули форсу тоҷик ба ҳисоб меравад.

Мавод ва усулҳои тадқиқот. Дар пажуҳиш ва баррасии мавзуи мавриди назар аз маҷмуи методҳои илмии гуманитарӣ суд ҷустем, аз ҷумла:

- методи таҳлили таърихию муқоисавӣ;
- таҳлил ва корбурди мавод;
- методи ҷамъбаст ва хулосабарории илмӣ;

Манобеи ин пажуҳишро осори насрии адибони классики форсу тоҷик, маҷмуаҳои ҳикоёту тамсилоти аз назм ба наср баргардон намудаи адибон ва осори назариявии олимону муҳаққиқони тоҷик ташкил медиҳад.

Натиҷаҳо: Таҳлилу баррасии мавзуи мавриди назар нишон дод:

Тадқиқоти солҳои охир равшан собит менамояд, ки дар миёни осори таълимии классикони мо китобҳое, ки барои кӯдакон ва навҷавонон таълиф шудаанд, кам нестанд: «Дар ҷавовини бисёре аз шоирон шеърҳое метавон ёфт, ки барои кӯдакон ва навҷавонон суруда шуда, бо он ки забону баён ва муҳтавои онҳо дар ҳадде аст, ки барои кӯдакон ва навҷавонон қобили фаҳм ва истифода аст... Тамсилҳо, достонҳои кӯтоҳи манзум, панд ва андарзҳои ҳакимона, авсофи ширини табиат – ҳама аз матолибе аст, ки дар ин замина метавон аз онҳо баҳра гирифт» [5, с. 64].

Мусаллам аст, ки ҳангоми баҳо додан ба адабиёти классикӣ аз ҳамин мавқеъ наздик шудан лозим меояд, зеро тарбияи одам, махсусан одами хурдсол (кӯдак, наврасон, ҷавонон – Р.М.) дар ҳама давру замон аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Ба масъалаи тарбияи фарзанд, махсусан дар Эрони бостон аҳаммияти махсус дода мешуд ва беҳуда нест, ки талқини ин масъала аз вазифаҳои асосии адабиёти классикию муосири тоҷик қарор гирифтааст. Махсусан, адибони адабиёти классикии тоҷику форс ба масъалаҳои тарбия, ахлоқу одоби одамӣ аҳаммияти хосса медоданд. Агар гӯем, ки дар адабиёти қадим ва классикию муосири мо ягон масъала мисли мавзуи тарбия ва ахлоқ бо ин қадар фаррохӣ қарор нагирифтааст, хато нахоҳем кард.

Аз рӯйи ҳамин талабот, агар ба адабиёти классикии асрҳои миёна (асрҳои X-XV) ва мероси адабии адибони ин давра нигарем, мебинем, ки маҳз барои синну соли муайян осори адабӣ таълиф наёфта бошад ҳам, аз рӯйи мавзуъ, ғоя, мазмун ва мундариҷа, забон ва сабки баён, ба завқу талаботи хонандагони синну соли гуногун фаҳмо буданд. Мавзуъҳои асосии адабиёти он давра ва имрӯзаро ҳамоно мавзуъҳои меҳварии ватандӯстӣ, тарғибу илму

дониш, панду ахлоқ, дӯстӣ, ҷасорат, ҳикмат, ҷавонмардӣ, адолатпарварӣ, эҳтироми калонсолон фаро мегирад.

Агар ба осори адабии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ нигарем, мебинем, ки панду ҳикматҳои ӯ дар ҳама мавзуъҳои абадзиндаи адабиёт эҷод гардида, то ҳанӯз аҳаммияти худро гум накардаанд ва ба доираи хониши бачагон комилан мувофиқанд. Баъзе аз осори боқимондаи Рӯдакӣ моли адабиёти бачаҳо гаштаанд.

Бо вуҷуди он ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ барои бачаҳо эҷод нашудааст, ҳаҷми он ба доираи талаботи адабиёти бачагон мувофиқ нест, вале аз ҷиҳати мавзуъ, мазмун ва мундариҷа, ғоя, тарзи тасвир, образофаринӣ, забон ва сабки баён «Шоҳнома» бо ҳамин ҳаҷму бузургӣ барои хонандагони ҳама синну сол дастрас мебошад. Достонҳои ҷудогонаи «Шоҳнома» дар тули ҳазорсолаҳо китобҳои рӯйимизии қавму халқиятҳои мардуми тоҷику форс буданд ва ҳоло ҳам дар ҳамин мақоми баланд қарор доранд.

Омӯзиши таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик равшан менамояд, ки дар даврони гузашта дар уҳдаи аҳли илму адабу фарҳанг масъалаи офаридани осори сирф кӯдакона ё худ қобили дарку фаҳми эшон ба таври махсус вуҷуд надошт. Он замон танҳо як адабиёт, адабиёти бузургу неруманд ва оламшумуле вуҷуд дошт, ки дар таркибаш адабиёти бачагон ба шакли умумию ибтидоӣ арзи ҳастӣ карда буд. Вазифаи ташвиқгариву мубаллитӣ, ташреҳу содагардонӣ, ба завку салиқа, доираи донишу биниш ва саводу маърифати кӯдакон мувофиқ гардонидани ин осор ба души волидайн ва мураббиёну муаллимон, умуман мактабу мадраса ва кулли ҷомеа будааст. Эшон, ба истилоҳи ҳамзабонон, вазифаи бознависӣ ва бозофариданиро иҷро мекарданд, коре мекарданд, ки масалан, андешаҳои олии ватанпарварӣ ва панду ахлоқии Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безавол бо ҳар роҳ – бо роҳи аз бар кардану ташреҳи содаи матолиби мавриди назар дар дилу дидаи кӯдакон ҷо мешуд ва бад-ин минвол эшон ба умқи маънии байтҳои олӣ сарфаҳм мерафтанд.

Яке аз хидматҳои мондагору шоистаи устод Сотим Улуғзода ҷиҳати ошноии наздики кӯдакону наврасон ва ҷавонон ба ҳаёту рӯзгор ва «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ин аст, ки достонҳои «Шоҳнома»-ро ба наср баргардонида ва романи «Фирдавсӣ»-ро рӯйи чоп оварданд.

Насри «Шоҳнома» ҳарчанд ки мухтасар бошад ҳам, вале бо забону сабки сода таҳия шудааст, ки ба фаҳмиши кӯдакону нарасон наздику мувофиқ мебошад. Яъне, ҳар як достони ин шоҳасар як афсонаи аҷибро мемонад. Кӯдакону наврасон ҳар яке ин достонҳои насриро хонда, завқ мебаранд, ба мазмуну муҳтавои онҳо зуд ошно мешаванд. Хосса давраи бачагии Рустам, лаҳзаҳои ҷанги Рустам бо пили сафед, «Ҳафт хони Рустам», тавлиди Зол, кумаки Симурғ ба Сом, ҳарби Суҳроб бо Гурдофарид, достони «Бежан ва Манижа», қаҳрамониҳои Сиёвуш писанди ҳар як кӯдаку навраси тоҷик гардидааст.

Ё ин ки таълифи романи «Фирдавсӣ» низ барои наврасону ҷавонони тоҷик як туҳфаи арзишманд буд. Онҳо ин романро мутолиа намуда, ба ҳолу рӯзгори Ҳаким Фирдавсӣ аз наздик ошно мешаванд. Дониста мегиранд, ки Фирдавсии бузург барои эҳёи таърихи пурифтихори миллати хеш чи заҳматҳо кашидааст, то имрӯз ҳамагон аз таъриху гузаштаи миллати хеш огоҳ бошанд.

Ин гуфтаҳо далолат бар он мекунанд, ки адабиёти кӯдакону наврасони тоҷик аз «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ таассуроти комил бардоштааст. Ва ҷиҳати ба мазмуну муҳтавои ин шоҳасар ошноии наздик пайдо намудани кӯдакону наврасон устод Улуғзода чи тавре ки қайд кардем саҳми муҳим гузоштаанд.

Имрӯзҳо бо ташаббуси фарҳангпарварона ва илмдӯстонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба ҳар як оилаи тоҷик тақдим карда шуд, ки ин иқдоми шоиста низ боиси он мегардад, ки аз кӯдакон сар карда, то калонсолон ин шоҳасарро мутолиа намуда, худшиносии худро баланд гардонанд.

Яке аз ҷиҳатҳои ба «Шоҳнома» рӯй овардани тамоми қишрҳои ҷомеа ин дар кишвар таъсис додани озмунҳои ҷумҳуриявии ҳам «Шоҳномахонӣ» ва ҳам «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» мебошад. Ин озмунҳо низ ҷиҳати шинохти таърихи пурифтихору фарҳангу адаби миллати худ аз ҷониби кӯдакоку наврасон ва ҷомеа буда, дар ин замина ин озмунҳо ба таҳаввули адабиёти кӯдакону наврасон низ саҳми муҳим гузошта истодаанд.

Муҳокима. Мусаллам аст, ки дар осори адабиёти классикӣ як силсила асарҳои бадеии мансуру манзум ба мақсади муайяни тарбия таълиф ёфтаанд, ки онҳо «Насиҳатнома»-и

Унсурулмаолии Кайковус (XI), «Калила ва Димна»-и Абумаолӣ Насруллои Муншӣ (XII), «Чаҳор мақола»-и Низомии Арузӣ (XII), «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ, ҳикояҳои «Нӯшервон ҳангоми шикор», «Деҳқон ва кӯзаи зар», «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ (XIII), достони «Муш ва гурба»-и Убайди Зоконӣ (XII), «Баҳористон»-и Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ (XV) ва «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ (XV) аз ҳамин қабил асарҳо буда, ба хониши бачаҳо мувофиқу ба фаҳмиши онҳо наздиканд.

Воқеан, дар даврони пеш чун китобҳои таълимӣ маҳсуб шудани ин осори гаронмоя, дар мисоли «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва чандин шоҳасарҳои аҳли илму адаби форсу тоҷик ақидаҳои гуногун мавҷуд аст.

Аз ҷумла, академик Муҳаммадҷон Шакурӣ бамаврид қайд намудааст: «Гулистон» яке аз бузургтарин шоҳасарҳои адабиёти ҷаҳон аст ва садсолаҳо дар мактаби ибтидоӣ китоби дарсӣ буд, кӯдакон онро пурра азёд медонистанд» [15, с. 258].

Ин донишманди фозил роҷеъ ба васоити таълимии асарҳои моқабл ва махсусияти макотиби тоҷикӣ низ чунин ибрози назар кардааст: «Медонем, ки мактаби куҳнаи тоҷикӣ, мактаби ибтидоии пеш аз инқилоб... дорои як хусусияти ибратомӯз буд: китоби Аттор, мунтахаби девони Бедил дар он мактаб китоби дарсӣ буд. Завки эстетикии талабагон аз аввал бо шеъри олии Ҳофизу Бедил тарбия меёфт, агарчи кӯдакон аксаран маънои ин шеърҳоро намефаҳмиданд, азбаски ҳамаи онҳоро ҳифз мекарданд, ба як умр дар ёдашон мемонд ва як умр кам-кам аз онҳо ҳаловат мебурданд. Ин яке аз сабабҳоест, ки мардуми мо дар шеър табъи баланд доштанд» [15, с. 259].

Сухан дар хусуси он ки «Гулистон»-и Саъдӣ дар тули беш аз шашсад сол китоби қироати кӯдакони форсизабон, аз ҷумла тоҷикон будааст, ҷойи шакку шубҳа нест. Ба ин маънӣ, профессор М. Орифӣ навиштааст: «Аз эзоҳи сабаби навишта шудани «Баҳористон» маълум мешавад, ки дар замони Ҷомӣ «Гулистон»-и Саъдӣ ҳамчун китоби хониш барои мактаби ибтидоӣ истифода мегардидааст, писари Ҷомӣ – Зиёуддини Юсуф дар синни 10-солагӣ «Гулистон»-и Саъдиро мехондааст. Шоир лозим шуморидааст, ки монанди «Гулистон»-и Саъдӣ барои фарзанди худ ва дигар бачагон асаре нависад ва «Баҳористон»-ро навиштааст» [7, с. 91].

Аз ин гуфтаҳо боз ҳам маълум мегардад, ки осори адибони классикии тоҷику форс дар тарбияи кӯдакону наврасон асрҳои аср хидмат намуда ва чун сарчашмаи муҳимми тарбия дар тарбияи кӯдакону наврасон то ба имрӯз саҳми муҳимму шоиста дорад.

Ба ҷуз ин қиссаву достону ҳикоёт китобҳои илмиву таърихномаҳо низ ба доираи омӯзиши кӯдакон ворид будааст, ки дар ин хусус Аҳмади Дониш фармудааст: «Ҳамин ки аз мактаб берун мешудам, дар маъракаи таъриххонон ҳозир мешудам ва бар он рағбате ва шавқе дар табиат доштам, ки аҳволи гузаштагонро муфассалан дар ин маҷлис мешунидам ва ҳолу ҷидоли салотин дар мамлакатдорӣ бидонистам... Агар маро дар хона гум кунанд, аз маъракаи қиссахонон меёфтанд» [4, с. 186-187].

Аз ин мисолу гуфтаҳои далелбахш маълум мегардад, ки кӯдакону наврасон ва ҷавонон аз гузаштаи дури таърих то ба имрӯз пайваста осори мондагори адибони классики миллати худро мутолиа намуда, панду ҳикматҳои онҳоро сабақи зиндагӣ, шиор ва роҳнамои ҳаррӯзаи хеш қарор додаанд.

Боиси ифтихор аст, ки имрӯз осори адибони классикии форсу тоҷик тибқи барномаҳои таълимӣ дар ҳама муассисаҳои таълимӣ омӯхта мешаванд. Яъне, имрӯз низ бо шароити мусоиди таълиму тадрис ва дастрасии ҳам китобҳои таълимӣ ва нашри зиёди осори бадеӣ имконияти омӯзиши кӯдакону наврасон ва ҷавононро боз ҳам осонтар гардонидааст. Ин боиси он гардидааст, ки бачаҳо ба осори адибони классикӣ ва ҳам адибони муосири тоҷику ҷаҳон рӯй оварда, ба рӯзгору осори ҳикматбори онҳо ошноии комил пайдо намоянд ва гуфтаҳои онҳоро шиори зиндагии ҳаррӯзаи хеш қарор диҳанд.

Роҷеъ ба ин масъала профессор Ҷонон Бобокалонова қайд мекунад, ки «Адабиёти бачаҳо бо адабиёти классикӣ ва имрӯзаи ҷаҳон, бо адабиёти даҳонакии халқ ва ғайраҳо алоқаи зич дорад, зеро яке аз вазифаҳои он маълумот додан доир ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти воқеӣ ва бо ин роҳ бой намудани тасаввуроти бачагон мебошад» [1, с. 8].

Хушбахтона, дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ҷиҳати боз ҳам шинохту ошноӣ пайдо намудани кӯдакону наврасон ба ҳаёту рӯзгор, хосса осори ҳикматбори адибони классикии форсу тоҷик бо ташаббуси адибони шинохтаи тоҷик Гулназар Келдӣ, Мирзо

Мулоаҳмадов ва чанд тани дигари онҳо қиссаву ривоятҳои алоҳидаи Саноӣ, Низомӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигаре аз онҳоро бозгӯӣ намуда, ба забони фасеҳу адабии барои бачаҳо фаҳмо ба наср гардонидаанд. Ин иқдоми шоиставу наҷиби онҳо дар бедор намудани шавқу ҳаваси бачагон ба адабиёти гузаштаи миллати хеш нақши муассир гузошта, ин гуна қиссаву ҳикоёти тамсилию ҳикматбор аз тариқи муассисаҳои нашриявии «Адиб», «Адабиёти бачагон» ва дигар нашрияҳо ба дасти чоп расида, пешкаши хонандаи соҳибзавқ гардонида шудаанд [14, с. 20-21].

Масалан, яке аз самтҳои фаъолияти эҷодии устод Гулназар ин аст, ки дар бозгӯии ӯ ҳикояву тамсилоте аз «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ бо унвони «Аз ҳикоёти «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ», «Қиссаҳо аз «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ» соли 2012 тариқи нашриёти «Адабиёти бачагона» рӯйи чоп омада, чун армуғон ба кӯдакону наврасони тоҷик ҳадя гардидаанд. Ин маҷмуаҳо имрӯзҳо ҷилобахши ҳар як китобхонаи кишвар мебошанд [7, с. 186].

Маҷмуаи «Аз ҳикоёти «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ» фарогири зиёда аз бист ҳикоя буда, он ҳикояҳо: «Марди фозил ва марди фиребгар», «Дорошоҳ ва галабон», «Марде, ки фақат айб меҷӯяд», «Марди дарвеш ва мӯрча», «Ҳотами Той ва аспи ӯ», «Тавонгар ва ғами бенавоён» ва монанди инҳо мебошанд, ки имрӯзҳо ҳар як кӯдаку навраси тоҷик ин ҳикоятҳоро хондаву аз бар намудаанд. Ё ҳикоёти «Гулистон»-ро низ бо як завқу салиқа мутолиа менамоянд.

Дар маҷмуаи «Қиссаҳо аз «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ» қиссаҳои «Дарвеш ва хари ӯ», «Марди аблаҳ ва хирс», «Марди камбағал ва зиндониён», «Сӯзанзан ва марди булҳавас», «Марди хазинаёта», «Моҳигир ва аждаҳо», «Мурғ ва сайёд» аз дӯстдоштатарин қиссаҳои бачаҳо мебошанд.

Дар ин радиф, дар бозгӯйи адиб ва олими шинохта Мирзо Мулоаҳмадов маҷмуаи ҳикояҳо аз «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус бо номи «Вазири ободкор» (2019) тариқи нашриёти «Маориф» ба чоп расидааст, ки писанди кӯдакону наврасони тоҷик гардидаанд.

Мазмуну муҳтавои ин ҳикоёт барои тарбияи дуруст, ахлоқи намунавӣ гирифтани кӯдакону наврасон саҳми муҳим мегузорад. Мавзуи асосии ин ҳикояҳоро мавзуъҳои ёру мададгори ҳам будан, дӯстию иттифоқ, рафоқату шавқати ҳамдигарӣ, эҳтироми калонсолон, адлу инсоф, ободию созандагӣ фаро мегирад [2; 6].

Боиси ифтихор аст, ки бо шарофати Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллии кишвар дар Ватани азизу маҳбубамон – Тоҷикистони соҳибистиқлол як қатор ҷашну ҳамоишҳои илмию адабӣ ва фарҳангию сиёсӣ рӯйи кор омаданд, ки сабабгори муаррифии адибони маъруфи миллат ва осори мондагори онҳо гардиданд.

Яке аз ҳамин иқдомҳои наҷибу шоистаи Ҳукумати мамлакат, хосса иқдомҳои фарҳангдӯстонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар ташкилу баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ба ҳисоб меравад, ки кӯдакону наврасон ба осори адибони классики форсу тоҷик ва адибони муосир рӯ оварда, дубора аз ҳаёту эҷодиёти онҳо фоқиф мегарданд.

Хулоса. Осори гаронмояи адибони классикии форсу тоҷик, осори дӯстдоштаи хонандагону дӯстдорони каломи бадеъ мебошанд. Онҳо роҳнамою ҳидоятгари на танҳо кӯдакону наврасон, балки ҷавонону калонсолон ба сӯйи хушбахтию комгориянд. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки адабиёти классикии форсу тоҷик сарчашма ва яке аз манбаъҳои асосии адабиёти кӯдакону наврасон, хосса насри бачагонаи тоҷик мебошад.

Адабиёт

1. *Бобокалонова, Ҷонон. Материалҳо оид ба адабиёти бачагонаи тоҷик/ Ҷ. Бобокалонова. – Душанбе: Маориф, 1975. – 207 с.*
2. *Гулназар. Аз ҳикоёти «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2012. – 120 с.*
3. *Гулназар. Қиссаҳо аз «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2012. – 140 с.*
4. *Дониш, А. Наводир-ул-вақоеъ / Порча аз асар дар таҳияи Расул Ҳодизода. – Сталинобод: Нашр.давл.Тоҷик, 1957. – 246 с.*

5. *Кӯдакон ва адабиёти расмии Эрон. Таълифи Садиқаи Ҳошиминасаб. – Теҳрон: Суруш, 1371 (1993). – 351 с.*
6. *Мулоаҳмадов, Мирзо. Вазири ободкор (маҷмуаи ҳикояҳо аз «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус). – Душанбе: Маориф, 2019. – 28 с.*
7. *Нурзод, Н. Гулназар ва рушди адабиёти тоҷик барои кӯдакону наврасон дар замони истиқлоли миллӣ / Н. Нурзод // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, 2026. – № 1 (120). – С. 186-191.*
8. *Саидов, Саидраҳмон. Адабиёти бачагона/С. Саидов. – Душанбе, 2019. – 383 с.*
9. *Саидов С., Шоев А.А. Иртиботи «Баҳориѐт»-и Сайидо ба адабиёти бачагона/ Саидов С., Шоев А.А. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, 2019. – №5 (82). – С. 104-109.*
10. *Таърихи адабиёти кӯдакони Эрон. Адабиёти шифоҳӣ ва даврони бостон. Ҷ.1. / Таълифи Муҳаммади Ҳодӣ ва Заҳро Қойинӣ. – Теҳрон, 1380 (2001). – 243 с.*
11. *Тазкираи адабиёти бачагон. Иборат аз 5 ҷилд. Ҷ.III / Мураттибон: А. Абдуллоев ва С. Саъдиев. – Душанбе: Маориф, 1982. – 350 с.*
12. *Файлуллоев, Н. Назми кӯдакон/Н.Файзуллоев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2010. – 664 с.*
13. *Файзуллоева, М., Баҳриев, Ф. Адабиёти кӯдак/ М. Файзуллоева, Ф. Баҳриев. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. – 240 с.*
14. *Ҳамроев Равшанқул. Поэтикаи ашъори Гулназар (дис. номзадӣ). – Душанбе, 2019. – 191 с.*
15. *Шукуров, М. Мактаби одамият/М. Шукуров. – Душанбе: Адиб, 1991. – 268 с.*

АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ФОРСУ ТОҶИК – САРЧАШМАИ НАСРИ БАЧАГОНАИ ТОҶИК

Дар мақола роҷеъ ба аҳаммияти волои таърихию адабӣ доштан ва чун адабиёти ҷаҳоншумул шинохта шудани адабиёти классикии форсу тоҷик сухан меравад. Ба қавли муаллиф адабиёт дар ҳама марҳилаҳои гуногуни инкишоф вазифаи умумибашарии худ, пеш аз ҳама тарбияи инсонро ба уҳда дошт ва он роҳу тарзҳои гуногунро ифода мекард. Ва ин анъанаи нек имрӯзҳо низ дар даврaи соҳибистиқлолии кишвар идома ёфта истодааст. Маҳз забон, фарҳанг, адабиёт ва санъати волои миллат метавонанд муаррифгари он халқ дар арсаи ҷаҳонӣ бошанд. Пеш аз ҳама муҳаққиқ дар мақолаи хеш яке аз масъалаҳои муҳимму таҳқиқталабро дар адабиётшиносии имрӯза – адабиёти классикии форсу тоҷик чун сарчашмаи насри бачагонаи тоҷик мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст. Аз таҳқиқи масъала маълум мегардад, ки ҳама пешрафт ва комёбиҳои адабиёти навини тоҷик, ки як бахши он адабиёти кӯдакону наврасон мебошад, аз баҳри пуртуғёни адабиёти классикии форсу тоҷик об хурдаву сарчашма мегирад. Яъне адабиёти классикии форсу тоҷик яке аз сарчашмаҳои адабиёти кӯдакону наврасон ба ҳисоб меравад. Ҳамин масъалаи муҳим дар мақола мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: адабиёти классикии форсу тоҷик, сарчашма, насри бачагонаи тоҷик, «Насиҳатнома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ.

КЛАССИЧЕСКАЯ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКАЯ ЛИТЕРАТУРА – ИСТОЧНИК ТАДЖИКСКОЙ ДЕТСКОЙ ПРОЗЫ

В статье рассматривается высокое историко-литературное значение классической персидско-таджикской литературы и её признание в качестве литературы мирового масштаба. По мнению автора, литература на всех этапах своего развития выполняла общечеловеческую миссию, прежде всего – воспитание человека, используя для этого различные пути и методы. Эта добрая традиция продолжается и сегодня, в период независимости страны. Именно язык, культура, литература и высокое искусство нации способны стать визитной карточкой народа на мировой арене. Прежде всего, автор статьи исследует одну из важных и актуальных проблем современного литературоведения – роль классической персидско-таджикской литературы как источника таджикской детской прозы. Анализ проблемы показывает, что все достижения и успехи современной таджикской литературы, частью которой является литература для детей и юношества, берут свое начало в неисчерпаемом океане классической персидско-таджикской литературы. Иными словами, классическая персидско-таджикская литература считается одним из главных истоков литературы для детей и подростков. Именно этот важный вопрос подвергается в статье научному исследованию и анализу.

Ключевые слова: классическая персидско-таджикская литература, источник, таджикская детская проза, «Кабус-наме» Унсурулмаали Кей-Кавуса, «Гулистан» Саади Ширази, «Бахаристан» Абдурахмана Джами, «Ахлаки Мухсини» Хусейна Ваиза Кашифи.

CLASSICAL PERSIAN-TAJIK LITERATURE IS THE SOURCE OF TAJIK CHILDREN'S PROSE

The article examines the high historical and literary significance of classical Persian-Tajik literature and its recognition as literature of global scale. According to the author, literature at all stages of its development has fulfilled a universal human mission, primarily the education of the individual, using various paths and methods to achieve this. This noble tradition continues today, in the period of the country's independence. It is precisely the language, culture, literature, and high art of a nation that can serve as its calling card on the world stage. First and foremost, the author explores one of the important and relevant issues of modern literary studies: the role of classical Persian-Tajik literature as a source of Tajik children's prose. The analysis of the problem shows that all the achievements and successes of modern Tajik literature, of which literature for children and youth is a part, originate from the inexhaustible ocean of classical Persian-Tajik literature. In other words, classical Persian-Tajik literature is considered one of the primary sources of literature for children and adolescents. It is this important issue that is subjected to scientific research and analysis in the article.

Keywords: classical Persian-Tajik literature, source, Tajik children's prose, "Qabus-nama" by Kay Kavus, "Gulistan" by Saadi Shirazi, "Baharistan" by Abdurrahman Jami, "Akhlaq-i Muhsini" by Husayn Vaiz Kashifi.

Дар бораи муаллиф
Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович
Номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷик
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
E-mail: rahmonov.mb@list.ru

About the author
Rakhmonov Makhmurod Begmuratovich
Candidate of philological sciences, head teacher of the department of Tajik literature
Bokhtar State University named after Nasir Khusrav
735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, S.Ayni st., 67
E-mail: rahmonov.mb@list.ru

Об авторе
Рахмонов Махмурод Бегмуратович
Кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры таджикской литературы
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава
735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни, 67
E-mail: rahmonov.mb@list.ru

ТДУ 891.550+891.55(091)

АБДУЛЛОҲ ИБНИ МУҚАФФАЪ – МУҲОФИЗИ ФАРҲАНГУ ТАМАДДУНИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

Раҷабова М. Т., Искандарзода Ш. Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар оғози тамаддуни исломӣ, замоне ки ҷаҳони араб дар ҳоли ҷазбу ҳазми мероси фикрии Эрон, Юнон ва Ҳинд қарор дошт, шахсиятҳои мумтози ояндасозе аз миёни мардуми эрониасл ба майдони набарди мафкуравӣ ворид гардиданд, ки бо офаридани осори мондагоре дар ҳифзи фарҳангу тамаддуни гузаштаи хеш саҳми бориз гузоштанд. Онҳо на танҳо миёни фарҳангҳо пулҳое сохтанд, балки пояи улуми арабиро бунёд намуда, ҷиҳати рушду таҳаввули он саҳми босазо гузоштанд. Лозим ба ёдоварист, ки мардуми форсу тоҷик аз қадим соҳиби илму адаб буда, аз паҳноии мулки хеш ва азамати подшоҳонашон ифтихор доштанд. Вақте давлати Аббосиён ба сари қудрат омад, форсҳо-тоҷикон бо ифтихори баланди ватандориву ватандӯстӣ ва ҳусни таваҷҷуҳи хос ба ҳувияти миллӣ дар таҳкими пояҳои ин давлатдорӣ ва гулгулшукуфоии фарҳангу тамаддуни арабӣ-исломӣ хидматҳои шоистаро анҷом доданд. Ҳамзамон аҳли илму маориф дар навбати худ бо ҳадафи маҳфуз доштани осори ниёгонашон бисёре аз мероси гаронбаҳои бо забони паҳлавӣ боқимондаро ба забони арабӣ интиқол доданд [6, с. 170].

Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ яке аз дурахшонтарини ин чеҳраҳои адабист, ки дар чорроҳаи ҳувияти эрониву исломӣ ва дар миёнаи кашмакашиҳои сиёсии асри Аббосиён ба рамзи ивазнашавандаи хирадварзӣ ва равшанфикрӣ мубаддал гардидааст. Ӯ дар даврае мезист, ки бо такя бар ҳимояти эрониён, силсилаи хонаводагии Умавиҳо сарнагун гардид. Аз ин пас саъю кӯшиш ба он равона шуда буд, ки империяи наве бар пояи суннатҳои арабӣ ва дастовардҳои тамаддунҳои ғайриараб бино карда шавад. Ин давраи таърихӣ фазоеро фароҳам овард, то Ибни Муқаффаъ бо фарогири забонҳои паҳлавӣ, арабӣ ва санскрит, ба мутарҷими мумтоз [12] ва нависандаи пешқадам табдил шавад.

Маводҳо ва усулҳои тадқиқот. Воқеан ҳам Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ яке аз шахсиятҳои форситаборе маҳсуб мешавад, ки дар интиқоли донишу фарҳанги Эрони даврони Сосонӣ ва давраҳои пешин нақши барҷаста дошт. Фаъолияти пурсамари ин бузургмарди хирад дар нигоҳдории таъриху фарҳанг, расму оин ва адабиёти ниёкони мо барҷаста арзёбӣ мегардад. Дар воқеъ, маҳз хидматҳои Ибни Муқаффаъ барин фарзандони ҷонфидои миллат буданд, ки адабиёт ва фарҳанги тоисломии форсҳо-тоҷикон аз вартаи нобудшавӣ эмин монданд. Ибни Муқаффаъ ва пайравони ӯ бо роҳи ба забони арабӣ баргардонидани китобҳои бадеӣ, таърихӣ, тиббӣ, риёзию фарҳангӣ ва ғайра тавонистанд, ки асолати тамаддуни мардуми ориётаборро аз сари нав эҳё намоянд.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ тавонист ҳам мероси Эрони бостонро ҳифз намояд ва ҳам онро бо ҷаҳони ислом пайванд сохта, онро аз маҳвшавӣ наҷот диҳад. Ҳувият ва ватандӯстии Ибни Муқаффаъ ҳарчанд боиси марги ин нобиғаи давр гашт, аммо мероси мондагореро дар гуфтугӯйи фарҳангӣ ва муқовимати фикрӣ ба оламиён ба ҷо гузошт.

Бояд тазаккур дод, ки нақши фарзандони Эронзамин дар эҷод ва рушди фанҳои гуногуни даврони Умавию Аббосӣ хело назаррас мебошад. Аз ҷумла, Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ дар таърихи адабиёти араб ҳамчун асосгузори насри бадеӣ ва поягузори «адабиёти интиқодӣ» шинохта шудааст. Мероси ӯ, аз як тараф, гувоҳе бар нақши тарҷума ва гуфтугӯи фарҳангҳо дар шукуфойии тамаддунҳо бошад, аз ҷониби дигар, ёдоварикунандаи хатарҳое аст, ки равшанфикрони озод дар баробари низомҳои худкомаи давр мувоҷеҳ шуда буданд.

Зимнан, муаррихон ва адибони араб Абдуллоҳ ибни Муқаффаъро хуршеди осомони адабиёти араб [9, с. 507] номидаанд. Ибни Муқаффаъ на танҳо адиб, шоир, мутарҷим, дабир, балки файласуф ва як сиёсатмадори шинохтаи давраи Аббосӣ маҳсуб мешуд. Қайд мегардад, ки Абдуллоҳ Ибни Муқаффаъ илова бар фарогирии суннати дабирӣ, дар мақоми як сиёсатмадори варзида ифои вазифа мекард.

Дониши амиқу маърифати баланд ва жарфнигарӣ дар таҳлили ҳаводис ба Абдуллоҳ

ибни Муқаффаъ имкон медоданд, ки воқеаҳои даврро пешгӯйӣ намояд. Ӯ аз ҷумлаи ашхосе буд, ки ҳам ҳукумати Умавӣ ва ҳам Аббосиро дарёфта, шоҳиди интиқоли қудрат аз Умавиён ба Аббосиён гардида буд. Ибни Муқаффаъ бо ҳушмандӣ ва заковатмандие, ки дошт, суқути Умавиёнро пешбинӣ карда буд [5, с. 70] ва умеде ба ояндаи он надошт.

Воқеан ҳам Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ дар даврае мезист, ки Аббосиён бо такя бар ҳимояти эрониён ба сари қудрат омаданд. Дар ин давраи пуршӯру шарр равобити байни фарҳанги эронӣ ва арабӣ ба авҷи аълои худ расида буд. Мероси адабӣ ва фалсафии Ибни Муқаффаъ, тарҷума ва бозофаринии «Калила ва Димна» аз паҳлавӣ ба арабӣ танҳо интиқоли матн набуда, балки татбиқи фарҳанги ҳикматбори ҳиндуэронӣ бо арзишҳои исломӣ ва танқиди ғайримустақим аз фасоди ҳокимони Аббосӣ мебошад. Осори мондагори ин адиби фарҳехта, монанди «Ал-Адаб-ул-кабир» ва «Ал-Адаб-ус-сағир» поягузори насри бадеии адабиёти араб гардида, мафҳумҳое, чун адолат, хирадварзӣ ва ахлоқи ҳукмрониро тарвиҷу тарғиб мекунанд.

Таъкид ҷоиз аст, ки Ибни Муқаффаъ дар «Рисолат-ус-саҳоба» фасоди идорӣ ва худкомагии халифаро ба таври возеҳу ошкоро мавриди интиқод қарор медиҳад. Ӯ ба сохтори давлатдорӣ таваҷҷуҳи вежа зоҳир намуда, ислоҳотеро, монанди машварат бо донишмандон ва назорат бар байтулмол пешниҳод менамояд, ки дар фарҳанги дарбордории Сосониён рӯйи кор омада буд, Ӯ бо истифода аз тамсили ҳайвонот истибдоди сиёсиро мавриди танқид қарор медиҳад ва адабиётро ҳамчун силоҳе барои муқовимат бо золимони давр истифода менамояд. Зиддиятҳо бо низоми Аббосӣ ва тӯҳматҳои кушоду равшан, ҳамзамон пешинаи эрониаш ниҳоят муҷиби муттаҳам гардиданаш ба «зиндақа» шуд. Дар натиҷа, бо дастури халифаи Аббосӣ Мансури Давониқӣ бо шиканҷаҳои ваҳшиёна ба қатл расонида шуд. Ҳамин тавр, марги Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ рамзи саркӯбии равшанфикрони озодбаён [12]. дар таърихи ислом шуморида мешавад.

Танҳо хотиррасон намудани аҳаммияти як китоби «Калила ва Димна» кифоя аст, ки мутарҷим ва нависандаи он – Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ фарҳанг ва расму ойин ва адабиёти мардуми бостонии Ҳинду Эронро тавассути тарҷумаи он ба забони арабӣ аз нобудшавӣ нигоҳ дошт. Ин асар, ки дар асл маҷмуи ҳикоятҳои тамсилӣ бо меҳварияти ҳайвонот аст, се марҳилаи таърихии калидиро пушти сар гузоштааст. Дар миёни тарҷумаҳои мухталифе, ки аз китоби «Калила ва Димна» анҷом дода шудааст, тарҷумаи Ибни Муқаффаъ ягона тарҷумае аст, ки ба сиҳҳату диққати он метавон итминон дошт. «Калила ва Димна» як китоб нест, балки ойинаест аз таҳаввулоти фарҳангӣ, сиёсӣ ва адабӣ дар масири Ҳинд то Арабистон. Ибни Муқаффаъ бо ҳушмандӣ ин асарро аз матни бостонӣ ба абзоре барои нақди иҷтимоӣ ва густариши хирадварзӣ табдил кард [12]. Имрӯз ин китоб рамзи пайванди ногусастанӣ байни адабиёти миллатҳо буда, нақши тарҷума дар зинда нигаҳ доштани мероси башарӣ хело назаррас мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки Ибни Муқаффаъ бо тарҷумаи «Калила ва Димна» аз забони паҳлавӣ ба арабӣ саҳми бузурге дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ гузоштааст. Ин тарҷума на танҳо ба ҳифзи мероси адабиёти ниёкони мо кумак кард, балки ба интиқоли фарҳангу дониши мардуми ориёитабор ба дунёи араб низ мусоидат намуда, дар шаклгирии адабиёти араб таъсири бориз гузошт. Тарҷумаи ин асари машҳур аз забони паҳлавӣ ба арабӣ боиси он шуд, ки он ба адабиёти бисёр халқиятҳои ҷаҳон ворид гардад. Он то ба имрӯз яке аз китобҳои серхонандатарини сокинони сайёра шуморида мешавад.

Тарҷумаи «Калила ва Димна» тавассути Ибни Муқаффаъ ба унвони як намунаи олии насри адабиёти классикии араб шинохта мешавад ва ба шаклгирии сабкҳои нависторӣ дар адабиёти араб таъсири амиқ гузоштааст. Ба андешаи Аҳмад Амин, Ибни Муқаффаъ яке аз тавонотарин чеҳраҳои олами адабиёти араб буда, адиби тавонманд, соҳиби зеҳни қавиву дониши амиқ ва забони матин мебошад [6, с. 188].

Ҳамзамон, ба таври ғайримустақим тарҷумаи «Калила ва Димна» тавассути Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ба адабиёти форсӣ-тоҷикӣ низ таъсиргузор гардидааст. Он ба унвони як асари муҳимми адабӣ дар саросари ҷаҳон шинохта шуда, дар забону адабиёти форсӣ-тоҷикӣ низ таъсири он барҷаста ҳувайдо мебошад. Шоирони классикии адабиёти форсу тоҷик, ба монанди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулмаолӣ Насрулло, Аҳмад ибни Маҳмуди Тӯсӣ (Қонеӣ), Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абулфазл ибни Муборак ва даҳҳо нафар адибони дигар ин китобро таҳрир ва дар пайравии он асарҳои тамсилии хешро эҷод намуданд, ки ганҷинаҳои беҳтарини адабии адабиёти классии форсу тоҷик маҳсуб мешаванд.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ бо тарҷумаи китоби «Калила ва Димна» ба унвони як восита ё пули фарҳангии байни Эрону дунёи араб амал карда, дар ҳифзу интиқоли мероси адабӣ ва фарҳанги ниёконамон нақши муҳим ва муассире анҷом додааст.

Сабки таълифоти Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ, ки оҳанги форсӣ- тоҷикӣ дорад, илҳомбахши нависандагони араб, монанди Ҷоҳизи Басрӣ ва Ибни Халдун гардида, роҳро барои зуҳури насри бадеии адабиёти классикии араб ҳамвор кард. Бо интиқоли мероси Эрони бостон ва Ҳинд ба ҷаҳони араб, пуле миёни Шарқу Ғарб сохта, худ дар саргаҳи он қарор гирифт. Осори ӯ нишон медиҳанд, ки адабиёт на танҳо бозтобдиҳандаи ҷомеа, балки абзоре барои тағйири он аст. Дар ҳақиқат, Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ бо баракати хиради шарқӣ, нубуғи адабӣ ва шуҷоати интиқодӣ чароғи чорроҳаи тамаддуни исломӣ мебошад, ки нури он то имрӯз дурахшон аст.

Осори ӯ аз тарҷумаи шоҳкории «Калила ва Димна» то таълифи рисолаҳои сиёсӣ, монанди «Ал-Адаб-ул-кабир» танҳо интиқолдиҳандаи матнҳо набуданд, балки бозофарии халлоқонае аз мафҳумҳои ахлоқӣ ва ҳикмати амалӣ буданд. Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ аз ҳамин табақаи нависандагоне буд, ки мехостанд бо форстабор будани хеш ифтихор кунанд. Ибни Муқаффаъ аз ҷумлаи навандешон ба ҳисоб мерафт, зеро мақоми ӯ дар ҷомеа дар асоси ахлоқ, хислатҳо, кӯшишу фазилатҳои ӯ муайян шуда буд. Агар Абумуслими Хуросонӣ қаҳрамони сиёсии форсҳо маҳсуб шуда, дар ҷодаи ҳарбӣ ҳамчун сарлашкари беҳамто коёмб гашта бошад, Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ қаҳрамони адабиёти форсӣ ва намунаи муваффақияти адабии форсҳо [1, с. 62] маҳсуб мешавад.

Ибни Муқаффаъ тавассути ҳамин мартабаи адабӣ, ба нашри фарҳанги форсӣ кумак кард ва роҳро барои паҳншавии адабиёту фарҳанги он ҳамвор сохт. Дар натиҷа, бисёре аз форситаборон дар адабиёти араб сазовори мақоми арзандаи хеш гаштанд. Масъудӣ бузургони форсро ёддовар шуда, мегӯяд, ки сипас Худованд ба онҳо исломро арзонӣ дод, онҳо мисли оташе буданд, ки хомӯшнашаванда ва чун хокистаре буданд, ки онро боди сахт парешон мекард, онҳо пурра нобуд карда шуданд ва аз онҳо дар ислом танҳо шахсони шариф боқӣ монданд [4, с. 76]. Дар ин замина, ӯ Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ва Фазл ибни Саҳлро ёдовар мешавад.

Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ дар Басра бо уламои ҳадис, фиқҳ, назм, забон, адабиёт ва суханшиносӣ ошно шуд. Ин ба ӯ имкон дод, ки бо вуҷуди форсӣ буданаш забони арабиро хело хуб аз худ кунад ва асрору усулҳои онро бифаҳмад. Балозурӣ дар ин маврид мегӯяд, ки манзили падари Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ дар Басра буд ва ҷидду ҷаҳди зиёде дар тарбияти Абдуллоҳ дошт, ба гунае ки ӯро доим ба маҷлиси адибон мебурд [2, с. 532-534]. Нигоштаҳои Ибни Муқаффаъ ба мардум хело писанд меомаданд, адибону муаррихон ба услуби ӯ ва ширинию назокати гуфтораш тақлид мекарданд. Осори тарҷуманамуда ва таълифнамудаи ӯ дар рушду таҳаввули насри адабиёти араб, мантиқ, фалсафа ва махсусан, ҳифзи таъриху фарҳанги ниёкони мо аз маҳвшавӣ ва муаррифии он ба мардуми арабу сокинони нави хилофати Араб – мусалмонон, нақши созанда ва муассир бозиданд.

Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ шахсияти фарҳангии бузурге буд, ки дар лаҳзаи зарурӣ ҳамчун як форситабор баромад менамуд. Таҷовузи араб як таҷовузи хонумонсӯзи истеъморӣ буд, ки ҳама осор ва талошҳои фарҳанги эрониро мавриди ҳуҷум қарор дода буд. Таҷовузи араб бо ҳадафи нобудии китобу забон, ойин, фалсафа ва фарҳанг амалӣ гардида, ҳама осор ва талошҳои фарҳангии эрониро мавриди ҳуҷум қарор дода буд [15].

Дар воқеъ, саҳифаҳои таърих гувоҳи онанд, ки ҳадафи арабҳо ин нобудии китобу забон, ойину фалсафа ва фарҳанги тамаддунсози форсу тоҷик маҳсуб мешуд. Муҳаққиқон дар он андешаанд, ки Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ эҳтимол дошт ва дарк мекард, ки тамоми китобҳои эронӣ тавассути арабҳо нобуд мешавад. Аз ин рӯ, Ибни Муқаффаъ танҳо роҳи ҳифзи онҳоро дар тарҷума ёфта буд, то фарҳанги форсҳову ҳофизаи онҳо ва муҳтавои фарҳангиашон нигоҳдорӣ шавад.

Ба алангаи оташ кашида шудани китобхонаҳои бузурги Эрон ва тахриби осори китобатии паҳлавӣ, Ибни Муқаффаъро бар он водор намуд, то алайҳи дастгоҳи халифаи араб бо зиракиву заковатмандӣ роҳи дигареро интихоб кунад. Ӯ яке аз мутахассисон забони арабӣ буд ва забони паҳлавиро низ хело хуб медонист. Бад-ин васила, вай мехост тавассути тарҷумаи осори ниёгони хеш дар зиддиятҳои мондагории ҳувиятӣ ва фарҳангӣ, чизе боқӣ монад. Ибни Муқаффаъ яке аз бузургони аждоди мо буд, ки дарҳои фалсафа ва мантиқи

юнониро боз карда, насими муаттари фарҳанги эрониро дар фазои баста ва дилбазани хилофати Аббосӣ пахш намуд.

Як қатор пажӯҳишгарон бар он ақидаанд, ки ҳадафи Ибни Муқаффаъ дар тарҷумаи осори паҳлавӣ (форсии миёна) ба арабӣ, пешгирии ёдгориҳои ниёкони бостон аз нобудшавии аст. Ибни Муқаффаъ бо тарҷумаҳо ба сарони араб ва дигарон шаъну шавкати ҳаммиллатони худро ёдоварӣ мекунад. Ӯ ба насли даврони ҳамзабонони худ нишон медиҳад, ки аҷдоди онҳо дорои фарҳангу суннати навишторӣ буданд ва онҳо бояд дар баробари истеъмори араб ҳисси ғурур дошта бошанд.

Ин гузаштаи таърихӣ ба мо ёдоварӣ мекунад, ки ҳамаҷониба бояд бар зидди бегонапарастӣ мубориза барем ва ниёкони арҷманди худ, ба монанди Абдуллоҳ ибни Муқаффаъро дар хотираи таърихӣ дошта бошем. Кӯшиш намоем, ки барои тарғиби осори гаронарзиши ин марди нексиришт, нависанда ва тарҷумони бузург саҳм гузошта бошем.

Дар ин замина, муҳаққиқи эронӣ Алӣ Баҳромиён ба нақши Ибни Муқаффаъ дар эҳёи тарҷумаи осори забони форсӣ ба арабӣ ишора карда, мегӯяд, ки камтарин мавзуе аз маорифи аҳди Сосонӣ вуҷуд надорад, ки ба шакле ба Ибни Муқаффаъ марбут набошад, ҳарчанд қадру қимати ӯ ба қадри кофӣ дониста нашуд. Дар ҳоле ки Ибни Надим осори зиёдеро ба забони арабӣ ба ӯ (Ибни Муқаффаъ) нисбат додаву ин худ шаҳодати возеҳи фасоҳати баланди ин адиби номвар ба ду забон – форсӣ ва арабӣ мебошад. Бинобар ин, аз он чӣ Ибни Надим дар бораи Ибни Муқаффаъ навиштааст, ба назар мерасад, ки осоре ба забони форсӣ ҳам аз ӯ дар дастрасаш буда ва барои ҳамин ба фасоҳати забони форсии ӯ ишора мекунад [15].

Аз омӯзиши осори ба забони арабӣ тарҷуманамудаи Ибни Муқаффаъ метавон чунин бардошт намуд, ки воқеан ҳам нақши ӯ дар тарҷума аз забони паҳлавӣ (форсии миёна) ба арабӣ бисёр барҷаста мебошад. Осоре, ки ба ӯ дар тарҷума нисбат додаанд, китобҳои «Худойнома фи-с-сияри», «Ойиннома фи-л-ойин», «Калила ва Димна», «Маздак», «Ал-Адаб-ус-сағир», «Ал-Адаб-ул-кабир», «Ал-Ятим фи-р-расоил», «Ар-Расоил», «Рисола фи-с-саҳоба» ва ғайра мебошанд. Дар воқеъ, агар дар бораи Ибни Муқаффаъ дуруст доварӣ кунем, ӯ яке аз беҳтарин намояндагони фарҳанги Эрон аз охирҳои давраи Сосонӣ то ба давраи исломӣ аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳангоми мутолиаи осори гаронбаҳои ин адтбт фарҳехта шахс наметавонад муаллифи онро аз зумраи ислоҳталабони равшанфикр ва иҷтимоӣ гурӯҳбандӣ накунад. «Калила ва Димна» ягона далели тамоюли пешравӣ ё ислоҳталабии ӯ нест, балки ҳар китобе, ки ӯ навишт, бисёре аз ин тамоюлро дарбар мегирад. Ибни Муқаффаъ дар осори сиёсӣ-иҷтимоии хеш кӯшиш мекард, тарғибгари сохтори сиёсию ҳарбиии давраи Сосониён бошад. Чунончӣ, дар «Рисолат-ус-саҳоба» («Номаи саҳобагон»)-и Ибни Муқаффаъ гуфта мешавад: дуруст нест, ки ҳукмронӣ мутлақ ва фардӣ бошад, балки он бояд машваратӣ бошад, султон бояд ба салоҳи кори одамон андеша кунад ва бо фасоди кишвар мубориза барад. Вай дар ин китоб аз сохти ҳоким интиқод карда, ба ислоҳоти иҷтимоӣ ва тарбияи фарҳангии султон даъват кардааст. Аз ин рӯ, «Рисолат-ус-саҳоба» аз фасеҳтарин осори интиқоди сиёсӣ аст, ки то кунун иншо шудааст. Баъзеҳо онро дар баробари «Сиёсат»-и Арасту ва «Шартномаи иҷтимоӣ»-и Руссо ҷойгир мекунанд ва аз сатҳи китоби «Амир»-и Макиавеллӣ ҳам болотар медонанд [14].

Аммо мутаассифона, ба далели иттифоқоте, ки афтод ва душманиҳое, ки нисбат ба ӯ карданд, нақши Ибни Муқаффаъ чандон қадрдонӣ нагардид. Баъдҳо худи эрониҳо низ дар бораи ӯ кори чандоне анҷом ва аҳаммияти ҷойгоҳу осори ӯро нишон надоданд. Ҳатто маҷмуаи осори тасҳеҳшудаи Ибни Муқаффаъ ғалатҳои бисёре доранд ва ҳанӯз тасҳеҳ ба он маънии илмӣ сурат нагирифтааст. Аз ҷумла, муҳаққиқи эронӣ Ҷалол Эҷодӣ таъкид мекунад, ки китоби «Ал-Адаб-ул-кабир»-и ӯро Аҳмад Закипошо ва бақияи осорашро Муҳаммад Курд Алӣ тасҳеҳ намуданд, пур аз ғалатҳо аст, ки бояд осораш дубора тасҳеҳ ва тарҷума шуда, ба шакли дуруст бар онҳо кор кард [15].

Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ яке аз чеҳраҳои маъруфи адабӣ ва аз донишмандони воломақоми тоҷику форс аст, ки дар дунё машҳур мебошад. Ба андешаи мо, яке аз фароизи миллӣ ин аст, ки насли ҷавони ин обу хок бояд бо аҳаммияти нақши абармардони ориётабор дар бунёдгузорӣ ва таъсиси кох бо азамати фарҳанги ниёкони хеш бештар ошно ва огоҳ шаванд. Дар ин ҷо лозим медонем, ки ба яке аз барҷастатарин осори ӯ, ки фарҳанги Эрони бостониро ҳаёти ҷовидон бахшид ва аз газанди аҳриманон ҳифз кард, китоби «Худойномак» ишора намоем, ки Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ онро таҳти унвони «Сияр-ул-

мулук» ба забони арабӣ баргардонид ва ифтихороти гузаштаи ниёконро дар ҷомеаи нави исломӣ бозгӯ кард.

Бояд қайд намуд, ки ҳамосасароӣ яке аз хусусиятҳои забону фарҳанги Эрон буда, марҳалаҳои комили худро дар забони форсии дарӣ, ки аз оғози нимаи қарни IV забони расмӣ ва роиҷи Эрон гардид, тай намуд. Китоби «Худойномак», ки фарогири саргузашти подшоҳони Эрон бо афсонаҳои миллӣ ва достонҳои паҳлавонӣ мебошад, нахустин бор тавасути Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ аз забони паҳлавӣ ба забони арабӣ нақл гардид. Ибни Муқаффаъ бо тарҷумаи ин китоб аз як тараф, хизмати бузург ба фарҳанги тамаддуни исломӣ анҷом дода бошад, аз сӯйи дигар, ба колбади таърихи ниёкони хеш ва бостон ҷони тоза бахшид.

Барҳақ бояд гуфт, ки агар Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ китоби «Худойномак»-ро ба тозӣ барнамегардонид, бисёре аз сарчашмаҳо ва ифтихороти таърихии мо ба дасти фаромӯшӣ супурда мешуд. Сарчашмаҳои ин асари арзанда низ монанди бисёре аз осори нафиси ин донишманди гароннамо аз талафоти ҳодисаҳо маҳфуз намонда, ба иборати дигар, ба дасти бадхоҳону бадандешон ва нодонон маҳву нобуд гардид. Хушбахтона, иддае аз донишмандон ва нависандагони олиқадр, чун Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ муҷаддадан ба тарҷумаи «Худойномак» ё ислоҳ ва хулосаи тарҷумаи Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ саҳм гузоштаанд ва номи ин китобро дар саҳифаҳои таърихи фарҳанги дурахшони ислом ҷовидон боқӣ гузоштанд. Ҳамон гуна ки медонем, инҳо ҳамон унвони «Сияр-ул-мулук»-ро барои таълифоти худ баргузиданд. Ҳамзаи Исфаҳонӣ дар таърихи арзандаи «Санииййу мулуки-л-арз ва-л-анбиё» [3, с. 9-10] теъдоди «Сияр-ул-мулук»-ҳоро ҳашт нусха ном мебарад. Вале ин нусхаҳо ба изофаи нусхаи Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ маҷмуан ҳафт нусха мешавад, на ҳашт нусха он гуна, ки худ баён мекунад ва гӯё нусхаи «Таърих-ул-мулук Банӣ Сосон»-и Мӯсо ибни Исои Кисравӣ аз қалам афтодааст.

Устод Қазвинӣ дар «Китоби бист мақола» [7, с. 57-60] ин иштибоҳро аз бетаҷрибагӣ ва хатогиҳои нусхабардорон дониста, чунин шарҳ медиҳадд, ки муаллифи китоби «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас» ба ҳангоми нақли ҳамин порча аз китоби Ҳамзаи Исфаҳонӣ нусхаи Кисровиро низ ба ҳамроҳи ҳафт нусхаи дигар ном мебарад. Ин худ тасдиқ аст, ки иштибоҳ аз Ҳамзаи Исфаҳонӣ нест, балки аз дигарон сар задааст. Барои иттилои бештар аз китобҳои «Сияр-ул-мулук» метавон ба ба рисолаи «Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ» [10], таълифи Аббос Иқболи Оштиёнӣ муроҷиат намуд.

Дар ин ҷо лозим медонем, ки номи устод Аббос Иқболи Оштиёниро гиромӣ дорем, зеро ӯ барои нахустин бор бо қалами шево ва фозилона номи Абдуллоҳ ибни Муқаффаъро ба ҳамватанони худ муаррифӣ кардааст. Дар ин робита, насли ҷавон бояд мақоми Абдуллоҳ ибни Муқаффаъро гиромӣ бидоранд ва тасаввур нанамоянд, ки ин нависандаи барҷаста ба фарҳанги ниёкони хеш ва миллати худ таваҷҷуҳе надошта чун осори худро ба забони арабӣ нигоштааст ва гӯё ин нукта аз назари бархе дур мондааст.

Натиҷаҳо. дар асри Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ забони форсии миёна ё паҳлавӣ рӯ ба нест шудан ниҳода буд. Ба пайдоиши забони форсӣ-дарӣ ду қарн боқӣ монда буд, дар чунин авзоъ аҳволи Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ бо илҳом аз эҳсосоти миллӣ ва истеъдоди фавқулодаи фикрӣ дарк намуд, ки ба зудӣ майдонталабии забони паҳлавӣ анҷом мепазирад. Ҳама осори фарҳанги Эрон ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта буд, аз ин рӯ, домани ҳиммат бар миён баста, китобҳои «Худойномак», «Ойинномак» ва «Калила ва Димна»-ро аз забони паҳлавӣ ба забони арабӣ, ки забони ҳоким ва мазҳаби ин марзу бум буд, тарҷума намуд. Агар Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ китоби «Калила ва Димна»-и паҳлавиро ба арабӣ барнамегардонд, имрӯз «Калила ва Димна»-и Баҳромшоҳӣ ба унвони шоҳкори насри фаннӣ аз ганҷинаи осори забони дарӣ ва форсӣ ба шумор намерафт. На танҳо «Калила» манбаи ҷорӣ барои Абулмаолии Насруллоҳ буд, балки тарҷумаҳои «Калила ва Димна» ба забонҳои зинда ва мурдаи дунё, ки аз панҷоҳ тарҷума мегузарад, аз арабӣ нақл гардидааст. Дар ин ҷо метавон ба хидмати гаронбаҳои Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ бо як асар аз осори паҳлавӣ пай бурд.

Ногуфта намонад, ки ҳикояҳои «Калила ва Димна» дорои вижагиҳои фаннӣ аст, ки назири он дар забони арабии асри ҷоҳилият дида намешавад. Бинобар ин, ин асарро бояд аз падидаҳои асри исломӣ донист, ки аз роҳи забони паҳлавӣ тавассути Ибни Муқаффаъ ба забони арабӣ роҳ ёфта, яке аз сарчашмаҳои асосии таъсири мустақими фарҳанги паҳлавӣ ба забони арабӣ ба шумор меравад.

Тасдиқи ин матлаб гуфтори боинсофонаи Аҳмад Амин дар китоби «Зуҳа-л-ислом» аст.

Донишманди мавсуф таъйид менамояд, ки: “Аз ин ки мо китоби «Калила ва Димна»-ро зимни осори фарҳанги паҳлавӣ дар забони арабӣ шумурдем, на аз осори ҳиндӣ, ба 2 ҷиҳат вобаста аст: 1) забони арабӣ китобро аз асли паҳлавии форсӣ, на аз асли ҳиндии он қабул намудааст ва мутарҷими он нафарест, ки онро либоси балоғати арабӣ пӯшонидааст ва он писанди мардум гаштааст ва ӯ Ибни Муқаффаи форсист; 2) форсҳо, махсусан Ибни Муқаффаъ, ба он иловаҳои зиёд ворид намуд ва аз рӯйи ҳақиқат мебуд, ки дар ин ҷо муқаррар намоем, ки ин китоб аз рӯйи фазилаташ ба ҳиндӣ мансуб нест, чунки Ибни Муқаффаъ бунёдгузори асоси он ва соҳиби фикр [6, с. 207] мебошад. Барои иттилои бештар ба мақолаи Муҳаммади Ғуфронӣ зери унвони «Нусуси ношинохта аз китоби «Калила ва Димна» муроҷиат шавад [8]. Муҳаққиқи номбурда хидмати бузурги ӯро дар рушду нумуи адабиёти араб ва форсу тоҷик таъкид дошта, ҳамзамон қайд менамояд, ки мақоми ин адиби хирадпеша дар ҳифзи арзишҳои миллӣ камтар аз мақоми Фирдавсӣ нест.

Боиси қайд аст, ки Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ бо андешаи тобноки худ роҳро барои зуҳури бузургтарин асари ҳамосии дунё, ки ифтихори мо форсизабонҳост, яъне «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳамвор сохт. Чӣ китоби «Сияр-ул-мулук»-и Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ва чӣ дигар «Сияр-ул-мулукҳо» қисмати муаззами манбаъҳои ҳамосасароиро дар забони форсӣ-дарӣ, ки ба «Шоҳнома» шуҳрат ёфт, ташкил медиҳанд. Чуноне ки медонем, бештари ин шоҳномаҳо дар ибтидо ба наср таълиф ёфтаанд, аз ҷумла, «Шоҳнома»-и Абулмуайяди Балхӣ дар китоби «Қобуснома» ва ҳамчунин «Шоҳнома»-и Абуалӣ Муҳаммад ибни Аҳмади Балхӣ, ки Абурайҳони Берунӣ дар китоби «Ал-Осор-ул-боқия ани-л-қуруни-л-холия» ба он ишора намудааст. Дигар «Шоҳнома»-и Абумансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқ ба тақлиди «Сияр-ул-мулук» ба наср навишта шудааст. Сипас марҳилаи дуюм бо назми Абумансур Муҳаммад ибни Аҳмади Дақиқии Балхӣ, нахустин шоири ҳамосасарои эронии асри ислом оғоз мегардад. Вале мутаассифона, умраш вафо накард ва дар соли 367/978 кушта шуд ва идомаи ин кор ба фарзанди меҳанпарасти ин сарзамин Абулқосими Фирдавсӣ супурда шуд. Фирдавсӣ кори нотамоми Дақиқиро ба поён расонида, бори дигар шукӯҳу азамати Эрони бостониро таҷдид намуд ва ин асари арзанда, дар воқеъ, яке аз ифтихори миллӣ ва шоҳкории адабӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ маҳсуб мешавад.

Дар қарни дувоздаҳуми мелодӣ ин асар ба василаи Қаввомуддин Абулфатҳ ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Абулфатҳи Исфаҳонӣ ба насри арабӣ тарҷума ва хулоса гардид ва бад-ин тартиб, «Худойнома»-и форсӣ-дарӣ, яъне «Шоҳнома» ба монанди «Худойномак»-и паҳлавӣ мавқеи худро дар забон ва адабиёти араб пайдо намуд. Ҳарчанд ин тарҷума аз наср дар забон ва фарҳанги арабӣ ба пояи «Сияр-ул-мулук»-и Ибни Муқаффаъ намерасад, вале метавон онро ҷилваи дигаре аз ҷилваҳои фарҳанги Эрони асри исломӣ дар забони арабӣ ба шумор оварда.

Муҳокима. воқеан ҳам Ибни Муқаффаъ бо таркиби заковати эронӣ, фалсафаи юнонӣ ва зарфияти арабӣ сабки навине эҷод кард, ки адабиёти арабро комилан дигаргун сохт ва ба ҷараёни минбаъдаи рушду таҳаввули он мусоидат намуд. Ӯ бо илҳом аз насри паҳлавӣ ва матнҳои ҳиндуэронӣ нахустин намунаҳои насри мусаҷҷаъ (оҳангин) ва фалсафиро ба арабӣ пешниҳод намуд. Дар сабки асарҳои Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ оҳангҳои форсии асарҳои бадеӣ ҳис карда мешавад ва онҳоро метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд:

1) истифода аз ҷумлаҳои кӯтоҳ ва пурмаъно;

2) бакоргирии ташбеҳоту истиораҳои навин;

3) зебу зинат додани мантиқи юнонӣ бо ҳикмати шарқӣ дар баёни мафҳумҳо.

Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ марзҳои забониро шикаста, нишон дод, ки арабии он давра танҳо забони шеър нест, балки метавонад баёнгари фалсафа, ахлоқ ва интиқоди иҷтимоӣ бошад:

– ***эҷоди жанри нави бадеӣ:*** бори нахуст «Калила ва Димна»-ро дар жанри «адабиёти тамсилӣ» дар адабиёти араб эҷод кард;

– ***тарҷума ба дараҷаи офариниш:*** тарҷумаҳои Ибни Муқаффаъ тамоман интиқоли матн набуданд, балки бозофаринии фарҳангие буданд, ки ҷаҳони арабро бо мероси Эрон ва Ҳинд пайванд сохтанд;

– ***пешгомӣ дар нақди адабӣ:*** ӯ нахустин касе буд, ки ба сурати муназзам ба танқиди сохтори ҳукумат ва ҷомеа дар қолаби адабиёт пардохт.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки бидуни Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ, на «Ҳазору як шаб» шакл мегирифт ва на насри фалсафии Киндӣ ва Форобӣ ба ин пухтагӣ мерасид. Ӯ бо осори мондагораш пули фарҳангии байни Эрон ва Араб гашт.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон ба чунин хулоса омад:

1. Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ яке аз дурахшонтарини чеҳраҳои адабиии форсу араб буда, бо фарогирии забонҳои паҳлавӣ, арабӣ ва санскрит ҳамчун мутарҷими мумтоз ва нависандаи пешқадам машҳур гашт.

2. Ибни Муқаффаъ ҳамчун фарзанди ҷонфидои миллат, адабиёт ва фарҳанги ниёкони худро тавассути тарҷумаҳои бисёр олӣ ба забони арабӣ аз нобудшавӣ наҷот дод, то насли баъдӣ тавонистанд бо роҳи ба забони тоҷикӣ-форсӣ баргардондани китобҳои бадеӣ, таърихӣ, тиббӣ, риёзию фарҳангӣ ва ғайра асолати тамаддуни мардуми ориётаборро аз сари нав эҳё намоянд.

3. Навиштаҳои сарчашмаҳо ва таҳлилҳои онҳо нишон медиҳанд, ки Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ на танҳо адиб, шоир, мутарҷим, дабир, балки файласуф ва як сиёсатмадори шинохтаи давраи Аббосӣ маҳсуб мешавад.

4. Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ бо андешаи инсонмеҳварии худ роҳро барои зуҳури бузургтарин асари ҳамосии дунё, ки ифтихори мо форсизабонҳост, яъне «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ҳамвор сохт. Маҳз тарҷумаҳои Ибни Муқаффаъ буданд, ки адибони адабиёти классикии форсу тоҷик, чунин шоҳасарҳо, ба монанди «Калила ва Димна», «Худойнома» ва ғайраро аз нав ба забони форсӣ- тоҷикӣ эҳё ва онҳоро дар таҳрирҳои нав ва таълифоти тозаэҷод ғанӣ гардонанд.

5. Тарҷумаҳои Ибни Муқаффаъ аз забони паҳлавӣ ба арабӣ тамоман интиқоли матн нестанд, балки бозофаринии асарҳои мондагоре мебошанл, ки ҷаҳони арабро бо мероси мардуми фарҳангсолори ниёкони мо пайванд сохтанд.

6. Нақши фарзанди форситабор дар эҷод ва рушди фанҳои гуногуни даврони Умавию Аббосии араб хеле назаррас мебошад. Боиси сарфарозист, ки Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ дар таърихи адабиёти араб ҳамчун асосгузори насри бадеӣ ва поягузори «адабиёти интиқодӣ» шинохта шудааст.

7. Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ аз табақаи он нависандагоне буд, ки мехостанд бо форс будани хеш ифтихор кунанд ва ба арабаҳо ҳунари навишторро нишон диҳанд.

Хулоса. ҳамин тариқ, бо итминони комил метавон гуфт, ки Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ бо тарҷумаи асарҳои мондагори хеш ба унвони як восита ё пули фарҳангии байни Эрону дунёи араб амал карда, дар ҳифзу интиқоли мероси адабӣ ва фарҳанги ниёконамон нақши муҳим ва муассире анҷом додааст.

Адабиёт

1)бо алифбои арабӣ:

1. *Абдуллатиф Ҳамза. Ибн Ал-Муқаффаъ / Ҳамза Абдуллатиф. – Ал-Қоҳира: Дор-ул-фикри-л-арабиййи, 1965. – 265 с.*
2. *Ал-Балозурӣ Ансоб-ул-ашроф. Таҳқиқ: Суҳайл Зукор ва Риёз Аз-Заркалӣ / Ал-Балозурӣ, Аҳмад ибн Яҳё ибн Ҷобир ибн Довуд. – Байрут: Дор-ул-фикр, ат-табъат-ул-уло, 1417ҳ/1996 м.*
3. *Ал-Исфаҳонӣ, Ҳамза Таъриху сонийи мулуки-л-арзи ва-л-анбиёи / Ал-Исфаҳонӣ Ҳамза. – Калкутта, 1866. – 220 с.*
4. *Ал-Масъудӣ Ат-Танбиҳ ва-л-ашроф. Таҳқиқ: Абдуллоҳ Исмоил Ас-Совӣ / Ал-Масъудӣ, Абулҳасан Алӣ ибн Ал-Ҳусайн ибн Алӣ. – Ал-Қоҳира: Мактабату Аш-Шарқи-л-исломийййати, 1938. – 442 с.*
5. *Ал-Ҷаҳшиёрӣ Китоб-ул-вузаро ва-л-куттоб / Ал-Ҷаҳшиёрӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибн Абдус. – Ал-Қоҳира: Дор-ус-Совӣ, 1938. – 464 с.*
6. *Аҳмад Амин. Зуҳа-л-ислом. – Ал-муҷаллад 1. – Ал-Қоҳира: Муассасату ҳиндовӣ ли-т-таълими ва-с-сақофати, 2012. – 968 с.*
7. *Бист мақолаи Аллома Қазвинӣ. – Ҷилди 1. – Теҳрон, 1332ҳ. – С.57-60.*
8. *Ғуфронӣ, Муҳаммад Нусуси ношинохта аз китоби «Калила ва Димна» / Муҳаммад Ғуфронӣ. – Нашрияи мақолот ва баррасиҳо, 7-8. – шумораи № 5. – Поййизи 1350.*
9. *Курд Алӣ, Муҳаммад. Умаро-ул-баён. – Муҷаллад 1. / Курд Алӣ, Муҳаммад. – Димашқ: Матбаату Лаҷнати-т-таълиф ва-т-тарҷама, 1937. – 164с.*
10. *Оштиёнӣ, Аббос Иқбол. Шарҳи ҳоли Абдуллоҳ ибн Ал-Муқаффаъ. – Берлин: Олмон, чопи аввал, интишори маҷаллаи «Эроншаҳр», 1926 м (1306 шамсӣ), чопи муҷаддад ба инзимоми зиндагиномаи устод Иқбод Оштиёнӣ. – Теҳрон: Интишороти Асотир, 1382 ш.*

11. *Шавқӣ, Зайф Таърих-у--адаби-л-арабӣ. Ал-Аср-ул-Аббосийӣу-л-аввалу. – Муҷалладу 3. / Шавқӣ, Зайф. – Ал-Қоҳира: Дору-л-маорифи, ат-табъату-с-соминату, 1966. – 576с.*

2) сарчашмаҳои электронӣ:

12. *Ибни Муқаффаъ. Пули фарҳангӣ байни Эрон ва ҷаҳони араб. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://civilica.com /doc/2256650 (санаи мурочиат: 03.06.2025).*
13. *[Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://www.alriyadh.com (санаи мурочиат: 03.06.2025).*
14. *Сирату Ибн Ал-Муқаффаъ. Ҷаридату Ар-Риёз, ал-арбиъо, 11 зи-л-ҳиҷҷа 1426ҳ./ 11 январ 2006 м. – ал-адад 13715. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://www.alriyadh.com/121998 (санаи мурочиат: 03.06.2025).*
15. *Ҷалол Эҳодӣ. Ибни Муқаффаъ Рӯзбеҳ: чолиши эронӣ. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://melliun.org/iran/250544 (санаи мурочиат: 03.06.2025).*

АБДУЛЛОҲ ИБНИ МУҚАФФАЪ – МУҲОФИЗИ ФАРҲАНГУ ТАМАДДУНИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

Дар оғози тамаддуни исломӣ, замоне ки ҷаҳони араб дар ҳоли ҷазбу ҳазми мероси фикрии Эрон, Юнон ва Ҳинд буд, чеҳраҳое по ба арса гузоштанд, ки на танҳо пулҳойе миёни фарҳангҳо сохтанд, балки пояҳои адабиёт ва фалсафаи арабро гузошта, онро дигаргун сохтанд. Яке аз шахсиятҳои форситабор, ки дар интиқоли донишу фарҳанги Эрони даврони Сосонӣ ва давронҳои пешин нақши барҷаста дошт, Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ маҳсуб мешавад. Муаллифони мақола таъкид менамоянд, ки маҳз Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ бо тарҷумаи асарҳои мондагори хеш ба унвони як восита ё пули фарҳангии байни Эрону дунёи араб баромад намуда, дар ҳифзу интиқоли мероси адабӣ ва фарҳанги ниёконамон нақши муҳим ва муассире бозидааст. Қайд мегардад, ки Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ яке аз чеҳраҳои маъруф ва шинохтаи адабӣ ва донишманди воломақоми форсу тоҷик мебошад, ки на танҳо дар ташаккули насри бадеии адабиёти араб ва дигар илмҳо, ба монанди фалсафа ва мантиқ, нақши бориз дошт, балки маҳз тарҷумаҳои ӯ буданд, ки мероси гаронбаҳои мардуми ориётабор аз нобудшавӣ наҷот дода шуд. Муаллифон бар он андеша ҳастанд, ки насли ҷавони ин обу хок бояд бо аҳаммияти нақши Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ дар ҳифозати азамати фарҳангу адабиёти ниёкони хеш бештар ошно ва огоҳ шаванд. Мутаассифона, саҳми Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ дар ҳифзи фарҳангу адаби ниёконамон то ҳанӯз ба таври зарурӣ аз ҷониби муҳаққиқони осори ӯ мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Ин масъулият ба зиммаи муҳаққиқону пажӯҳишгароне вогузор мегардад, ки дар роҳи муаррифӣ намудани ормонҳои миллӣ ва шахсиятҳои бузургу мондагори ниёгони хеш, ба монанди Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ, камари ҳиммат бастаанд.

Калидвожаҳо: Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ, «Калила ва Димна», «Худойнома», «Шоҳнома», тарҷума, мутарҷим, тоҷику форс, забонҳои арабӣ, ҳиндӣ ва паҳлавӣ, Эрон, эрониён, араб, ниёкон, осор.

АБДУЛЛАХ ИБН МУКАФФА – ЗАЩИТНИК ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ КУЛЬТУРЫ И ЦИВИЛИЗАЦИИ

В начале исламской цивилизации, когда арабский мир впитывал и переваривал интеллектуальное наследие Ирана, Греции и Индии, появились деятели, которые не только строили мосты между культурами, но и закладывали основы арабской литературы и философии и преобразовывали ее. Одним из деятелей персидского происхождения, сыгравших выдающийся роль в передаче знаний и культуры Ирана в период Сасанидов и более ранние периоды, является Абдулла ибн Мукаффа. Автор подчеркивает, что Абдулла ибн Мукаффа, переводя свои бесценные произведения, выступал в качестве средства или культурного моста между Ираном и арабским миром, играя важную и эффективную роль в сохранении и передаче литературного и культурного наследия наших предков. Отмечается, что Абдулла ибн Мукаффа является одним из самых популярных и известных литературных деятелей и видным таджикско-персидским ученым, который не только сыграл видную роль в формировании литературной прозы арабской литературы и других наук, таких как философия и логика, но именно его переводы спасли драгоценное наследие арийского народа от исчезновения. Автор считает, что молодое поколение этой земли должны больше узнать и осознать важность роли Абдулла ибн Мукаффы в сохранении величия культуры и литературы своих предков. К сожалению, вклад Абдулла ибн Мукаффы в сохранение культуры и литературы наших предков до сих пор не был должным образом изучен исследователями его творчества. Эта ответственность ложится на исследователей, которые посвятили себя представлению национальных идеалов и выдающихся личностей своих предков, таких как Абдулла ибн Мукаффа.

Ключевые слова: Абдулла ибн Мукаффа, «Калила и Димна», «Худайноме», «Шахнаме», перевод, переводчик, таджикский и персидский, арабский, индийский и пехлевийский языки, Иран, иранцы, арабы, предки, произведения.

ABDULLAH IBN MUKAFFA – PROTECTOR OF PERSIAN-TAJIK CULTURE AND CIVILIZATION

At the beginning of Islamic civilization, when the Arab world absorbed and digested the intellectual heritage of Iran, Greece and India, there were figures who not only built bridges between cultures, but also laid the foundations of Arabic literature and philosophy and transformed it. One of the figures of Persian origin who played an outstanding role in the transmission of knowledge and culture of Iran during the Sassanid period and earlier periods is Abdullah ibn Mukaffa. The author emphasizes that Abdullah ibn Mukaffa, by translating his invaluable works, acted as a means or a cultural bridge between Iran and the Arab world, playing an important and effective role in the preservation and transmission of the literary and cultural heritage of our ancestors. It is noted that Abdullah ibn Mukaffa is one of the most popular and famous literary figures and a prominent Tajik-Persian scholar, who not only played a prominent role in the formation of literary prose of Arabic literature and other sciences such as philosophy and logic, but it was his translations that saved the precious heritage of the Aryan people from extinction. The author believes that the younger generation of this land should learn more and realize the importance of Abdullah ibn Mukaffa's role in preserving the greatness of the culture and literature of their ancestors. Unfortunately, Abdullah ibn Mukaffa's contribution to preserving the culture and literature of our ancestors has not yet been properly studied by researchers of his work. This responsibility falls on researchers who have dedicated themselves to presenting national ideals and the great and outstanding personalities of their ancestors, such as Abdullah ibn Mukaffa.

Keywords: Abdullah ibn Mukaffa, «Kalila and Dimna», «Khudaynome», «Shahnameh», translation, translator, Tajik and Persian, Arabic, Indian and Pahlavi languages, Iran, Iranians, Arabs, ancestors, works.

Дар бораи муаллиф

Раҷабова Марҳабо Тӯхтасуновна
Доктори илмҳои филологӣ, профессор
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
E-mail: rajabova.marhabo@mail.ru

Искандарзода Шоҳрух Рустам
Докторант (PhD)-и кафедраи филологияи араб
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

Об авторах

Раджабова Мархабо Тухтасуновна
Доктор филологических наук, профессор
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 17
E-mail: rajabova.marhabo@mail.ru

Искандарзода Шохрух Рустам
Докторант PhD кафедры арабской филологии
Таджикский национальний университета
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

About the authors

Rajabova Markhabo Tukhtasunovna
Doctor of Philological Sciences, Professor
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17
E-mail: rajabova.marhabo@mail.ru

Iskandarzoda Shohrukh Rustam
Doctoral candidate PhD of Department of Arabic Philology
National University of Tajikistan
734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 17 Rudaki avenue

УДК 82.035:882+891.550

ЛИНГВОКУЛЬТУРНАЯ ТРАНСФОРМАЦИЯ РЕАЛИЙ В ТАДЖИКСКИХ ПЕРЕВОДАХ ПРОЗЫ А.П. ЧЕХОВА

Хайридинова М. С.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Введение. Изучение реалий как единиц языка, насыщенных культурной спецификой, остаётся одной из важнейших задач современной переводческой практики. Реалии отражают уникальные элементы быта, истории, материальной и духовной культуры народа, поэтому при их передаче в иной языковой системе возникает ряд трудностей. В контексте перевода прозы А.П. Чехова с русского языка на таджикский подобные трудности особенно актуальны, учитывая стилистическое многообразие, тонкий юмор и богатство национального колорита в произведениях автора.

В таджикском переводоведении последних лет наблюдается устойчивый интерес к проблемам качества художественного перевода, что обусловлено изменением культурных запросов аудитории и переосмыслением роли переводной литературы. Шарипова З. М. подчёркивает: «В последние годы проблемы, связанные с качеством, выполненных переводов на таджикский язык все больше и больше привлекает внимание учёных, как литературоведов, так и лингвистов». Она также отмечает, что «в формировании этих предпочтений не малую роль играет и переводная литература» [15, с. 119].

Данные положения непосредственно соотносятся с проблемой передачи реалий, поскольку именно культурно маркированные единицы становятся индикаторами адекватности перевода и степени сохранения национально-исторического контекста оригинала. В случае таджикских переводов прозы Чехова А. П. это приобретает особую значимость, так как речь идёт о реконструкции культурного пространства Российской империи средствами иной языковой системы.

Как отмечает Бархударов Л. С., реалии представляют собой «вербальные обозначения предметов и явлений, специфичных для той или иной культуры» [3, с. 45]. Под ними понимаются слова и выражения, называющие явления и понятия, характерные для определённой культурной среды и не имеющие полных эквивалентов в других языках.

Их классификация, предложенная Комиссаровым В.Н. и позднее уточнённая Бархударовым Л.С., включает реалии бытовые, исторические, этнографические, географические, социально-политические и др. В чеховской прозе, особенно в рассказах «Толстый и тонкий», «Смерть чиновника», «Хамелеон», «Дом с мезонином», встречаются десятки таких реалий, тесно связанных с повседневной жизнью Российской империи.

Материаль и метод иследования. Особую сложность представляют реалии, отражающие имперские административные структуры, сословные особенности, формы обращения, а также элементы русской православной традиции. Недаром Алексеев И.С. подчеркивает: «Административные и сословные реалии не всегда имеют соответствующие эквиваленты в других языках и культурах, что требует особого внимания переводчика» [1, с. 135]. К примеру, в рассказе «Толстый и тонкий» реалиями являются такие выражения, как «действительный статский советник», «министр», «гимназический учитель», каждое из которых несёт в себе определённый социальный статус и культурный контекст. В таджикском переводе эти термины либо транслитерируются, либо заменяются описательными конструкциями, например: «шахсе, ки вазифаи баланд дорад» (лицо, занимающее высокую должность).

В рассказе «Смерть чиновника» важным культурным элементом выступает чинопочитание, проявляющееся в титулатуре и речевых формулах. Перевод таких выражений, как «ваше превосходительство» или «извольте простить», требует от переводчика не только лексической точности, но и передачи культурного подтекста - унижения и страха перед властью. В таджикском переводе подобные элементы часто утрачивают эмоциональную окраску, сводясь к нейтральным вежливым формулам вроде: «Бахшиш кунед» или «Муҳтарамона узр мехоҳем».

Как показывает анализ, переводчики чаще всего прибегают к описательным конструкциям или калькированию, стремясь сохранить внешнюю форму реалии и

одновременно адаптировать её значение к культурным особенностям таджикского общества. При использовании калькирования или описательного перевода формально сохраняется структура исходной реалии, однако её стилистическая функция может трансформироваться. В результате текст перевода передаёт денотативное значение, но частично утрачивает социально-культурные оттенки, присущие оригиналу. В подобных случаях переводчик вынужден прибегать к компенсационным приёмам, восполняя утраченный культурный компонент за счёт контекстуального усиления или стилистической перестройки фразы.

Помимо административных и титульных наименований, существенную роль в чеховской прозе играют бытовые реалии - названия предметов повседневного обихода, элементов одежды и пищи. В рассказе «Толстый и тонкий» встречаются такие единицы, как «портфель», «бурса», «шампуры», «баранки». Их функция не ограничивается номинативной: данные лексемы формируют социальную характеристику персонажей и воссоздают атмосферу городской среды конца XIX века. Например, слово «бурса» указывает не просто на тип учебного заведения, а на определённый социальный статус и жизненный путь героя, что при переводе требует уточняющей интерпретации. В таджикских переводах подобные реалии зачастую передаются описательными конструкциями, смысл которых адаптируется к местной культуре.

Фёдоров А. В. обращает внимание на то, что при работе с реалиями переводчик сталкивается не только с задачей точной передачи значения слова, но и с необходимостью учитывать его культурную и стилистическую нагрузку, иначе неизбежны смысловые и эмоциональные потери [14, с. 104].

Особенно проблематичными оказываются религиозные и этнографические реалии. В рассказе «Студент» упоминаются такие понятия, как «страстная пятница», «благовест», «всенощная». Для таджикской языковой среды данные единицы не имеют прямых соответствий, поскольку принадлежат иной конфессиональной традиции. В переводах подобные элементы либо опускаются, либо заменяются обобщёнными словами («ибодат», «дуо», «шаби муқаддас»), что упрощает восприятие, но одновременно снижает культурную конкретность текста.

Особый пласт составляют реалии, закреплённые в народных выражениях и устойчивых формулах. В рассказе «В овраге» используются конструкции «бог терпел и нам велел», «всё Господня воля», передающие религиозно-этическую установку персонажей. В таджикских переводах они либо сохраняют сакральную окраску, либо заменяются близкими по смыслу локальными формулами («Худо хоҳад, ҳама мешавад», «То Худо нахоҳад, барг намеафтад»).

Дополнительные трудности возникают при передаче реалий, связанных с национальной кухней. Многие традиционные русские блюда, встречающиеся у Чехова, не имеют прямых соответствий в таджикской культуре. В рассказе «Толстый и тонкий» появляется слово «баранка», а в «Ионыче» упоминаются «икра», «расстегай», «пироги с капустой». В таджикских переводах применяются различные подходы к передаче таких реалий. Наиболее распространённым способом является описательная интерпретация, позволяющая сохранить смысл при отсутствии прямого лексического аналога. Так, «баранка» может быть передана как «нони ҳалқа», а «икра» - как «тухми моҳӣ». В случаях, когда блюдо не имеет культурного соответствия, переводчики либо сохраняют оригинальное название, рассчитывая на контекст, либо прибегают к нейтральным обобщениям, передающим общий смысл без отражения специфики.

Результат. Особого внимания требует перевод реалий, которые несут ироническое или саркастическое содержание. Чехов, будучи мастером скрытого смысла, нередко использует такие элементы не только для создания национального колорита, но и как инструмент выражения иронии, особенно в описании повседневности мелких чиновников и провинциальной среды. Ошибочная передача подобных деталей может существенно ослабить комический эффект. Особую сложность представляет также вопрос национально-культурной идентичности в переводе. Реалии, глубоко связанные с русским менталитетом - например, понятия «душа», «судьба», «воля» - невозможно адекватно передать одними лишь словарными эквивалентами. Переводчику приходится заново конструировать соответствующий концепт средствами языка перевода.

Так, реалия «воля» в рассказе «Палата № 6» может передаваться как «озодӣ», «ихтиёр» или «ирода» - в зависимости от контекста и смысловых оттенков. В работах В. Н. Комиссарова подчёркивается, что при переводе подобных единиц необходимо учитывать не

только их денотативное значение, но и «культурно-семантический объём понятия», включающий исторические, ментальные и ассоциативные компоненты смысла [7, с. 74].

Дар ин замина, худи роҳи илмии Ваҳҳоб Набиев низ намунаи муайяни таҳаввули насли ҷавони Тоҷикистон мебошад. Ӯ аз муҳити таҳсилоти шуравӣ гузашта, ба фаъолияти илмӣ ворид гардид ва баъдан ҳамчун муҳаққиқ ва омӯзгор ба тарбияи наслҳои нави таърихшиносон саҳм гузошт. Аз ин ҷиҳат, фаъолияти илмии ӯ бо мавзуи таҳқиқоташ пайванди мустақим дорад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми таърихнигории ҷавонон муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар равандҳои умумии таърихӣ мебошад. В. Набиев ин масъаларо бо роҳи ворид намудани ҷавонон ба таҳлили равандҳои васеи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳал менамояд. Ҷавонон дар осори ӯ гурӯҳи канории ҷомеа нестанд, балки яке аз иштирокчиёни фаъоли равандҳои таърихӣ мебошанд [1; 2].

Ин махсусият имкон медиҳад, ки саҳми Ваҳҳоб Набиевро дар рушди таърихи иҷтимоии Тоҷикистон низ арзёбӣ намоем. Таваҷҷуҳ ба ҷавонон маънои васеъ дошта яъне, таваҷҷуҳ ба сохтори иҷтимоӣ, ҳаракати меҳнатӣ, маориф, фарҳанг, муносибатҳои байни наслҳо ва сиёсати давлатиро дорад. Аз ин рӯ, эҷодиёти ӯ барои омӯзиши таърихи иҷтимоии Тоҷикистон аҳаммияти васеътар аз доираи мавзуи ҷавонон пайдо мекунад.

Аз нуқтаи назари методологӣ, муҳим аст, ки осори Ваҳҳо Набиев дар заминаи давраи таърихии эҷоди онҳо арзёбӣ карда шавад. Асарҳое, ки ба давраи шуравӣ бахшида шудаанд,

табиист, ки дар доираи мафҳумҳо ва истилоҳоти ҳамон давра навишта шудаанд [1; 4; 5]. Асарҳои марбут ба давраи истиқлолият бошад, бо мафҳумҳои давлатдории миллӣ, худшиносӣ ва сиёсати давлатии ҷавонон бештар алоқаманданд [7; 8; 9]. Ин тағйирот дар забон ва тарзи таҳлил худ як объекти ҷолиби таҳқиқоти таърихнигорӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин, арзиши илмии осори Ваҳҳоб Набиев пеш аз ҳама дар ҷамъоварӣ, низоммандсозӣ ва таҳлили маводи таърихии марбут ба ҷавонон ифода меёбад. Рисолаи доктории ӯ махсусан барои таҳқиқи иштироки ҷавонони Тоҷикистон дар робитаҳои байниҷумҳуриявӣ манбаи муҳим мебошад [2]. Монографияи дар асоси он таҳияшуда низ ин масъалаҳоро бо далелҳои васеъ инъикос мекунад [3].

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки профессор Ваҳҳоб Набиев дар таърихнигории тоҷик яке аз муҳаққиқони асосии масъалаи ҷавонон мебошад. Саҳми ӯ танҳо дар он нест, ки якчанд асар ба таърихи ҷавонон бахшидааст. Аҳаммияти асосии фаъолияти ӯ дар ташаккули равиши пайваста ба омӯзиши ҷавонон, муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар равандҳои таърихӣ ва пайвастани масъалаи ҷавонон бо таърихи фарҳанг, маориф, иқтисод, сиёсат ва муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад.

Осори ӯ нишон медиҳад, ки ҷавонон дар таърихи Тоҷикистон ҳамеша яке аз неруҳои фаъоли ҷомеа будаанд. Дар давраи шуравӣ онҳо дар саводомӯзӣ, фарҳанг, меҳнат, фаъолияти ҷамъиятӣ ва муносибатҳои байниҷумҳуриявӣ саҳм гузоштаанд [1; 2; 3; 4; 5]. Дар давраи истиқлолият бошад, масъалаи ҷавонон бо давлатдории миллӣ, сиёсати иҷтимоӣ, худшиносии миллӣ ва рушди ҷомеа пайванди бештар пайдо кардааст [7; 8; 9].

Аз ин рӯ, омӯзиши осори Ваҳҳоб Набиев на танҳо барои муайян намудани саҳми як таърихнигори алоҳида, балки барои дарки раванди ташаккули таърихи ҷавонон ҳамчун самти илмӣ аҳаммият дорад. Таърихнигор тавонистааст дар тули фаъолияти илмии худ симои ҷавононро дар чанд марҳилаи муҳимми таърихи Тоҷикистон пайгирӣ намуда, масъалаи мақоми онҳоро дар ҷомеа ба сатҳи таҳқиқоти махсус расонад.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки таҳқиқоти Ваҳҳоб Набиев оид ба ҷавонон аз се хусусияти асосӣ бархӯрдор мебошанд. Якум, онҳо дорои пайдарҳамии таърихӣ буда, давраҳои гуногуни таърихи навини Тоҷикистонро фаро мегиранд. Дуюм, онҳо хусусияти байнисоҳавӣ дошта, масъалаи ҷавононро дар робита бо фарҳанг, маориф, иқтисод, сиёсат ва ҷомеа меомӯзанд. Сеюм, онҳо дорои аҳаммияти иҷтимоӣ ва амалӣ мебошанд, зеро таҷрибаи таърихии ҷавононро барои дарки масъалаҳои муосир истифода мебаранд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон натиҷа гирифт, ки масъалаи ҷавонон дар осори профессор Ваҳҳоб Набиев мақоми марказӣ ва консептуалӣ дорад. Ӯ ҷавононро ҳамчун иштирокчии воқеии таърих, неруи иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва фарҳангӣ ва дар давраи истиқлолият ҳамчун субъекти муҳимми давлатсозӣ ва ҷомеасозӣ баррасӣ мекунад. Маҳз ҳамин муносибат осори ӯро барои таҳқиқи таърихи иҷтимоии Тоҷикистон арзишманд мегардонад.

Адабиёт

1. *Вклад комсомола Таджикистана в эстетическое воспитание пионеров и школьников. // Республиканская научно-практическая конфкренция молодых ученых и специалистов Таджикской ССР, посвященной 70-летю Великой Октябрьской Социалистической революции. –Двшанбе:Дониш, 1987.-С. 27-29.*
2. *Культура посол дружбы и братства./ Согдиская правда, 2008, 6 февраля.*
3. *Набиев В. М. Значение фестивалей дружбы и походов по историческим местам в укреплении дружественных связей молодежи (60-е – начало 90-х годов XX в.) // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук.- 2014. - № 3 (59). -С. 180–191.*
4. *Набиев В. М. Исторической опыт участия молодёжи в укрепление сосиально-экономических и культурных связей Таджикистана с союзным Республиками (1961-1991гг): дисс. док. исс. наук: 07. 02.00./ В. М.Набиев -Душанбе, 1997.- 336 с.*
5. *Набиев В. М. Комсомол Таджикистана-актывни памощник коммунистической партии в осущвствлени революци дисс. канд. исс. наук: 07.00.01. / В. М.Набиев -Душанбе, 1986.- 189 с.*
6. *Набиев В. М. Иҷлосияи тақдирсоз ва самтҳои асосии ҳаракати ҷавонони Тоҷикистон.- Хуҷанд, 2012.*
7. *Набиев В. М. Президент Эмомалӣ Раҳмон ва ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон.- Душанбе, 2014.*
8. *Набиев В. М. Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол. -Душанбе: Ирфон, 2013. 340 с.*
9. *Набиев В. М. Фарҳанг ва ҷавонон. В. Н. Набиев. - Худжанд: Хуросон, 2001. - 379 с.*
10. *Набиев В. Нақши олимони ҷавон дар рушди илми Тоҷикистони соҳибистиқлол*

11. *Набиев, В. М. Бо номи дӯстӣ ва бародарӣ: таҷрибаи таърихии иштироки ҷавонон дар таҳкими робитаҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар солҳои 1961 то 1991 / В. М. Набиев. – Душанбе, 2001. – 246*
12. *Набиев, В. М. Комсомол ва фарҳанг / В. М. Набиев. – Душанбе, 2005. – 152 с.*
13. *Набиев, В. М. Комсомоли Тоҷикистон дар дигаргунсозии маданияти деҳот / В. М. Набиев. – Душанбе, 2007. – 340 с.*
14. *Роль Ленинского комсомола в зарождении и развитии таджикского киноискусства.// Республиканская научно-практическая конференция молодых ученых и специалистов.- Душанбе, 1981 Ч.1. С. 16-17.*
15. *Созмонҳои ҷавонон дар Тоҷикистон. - Душанбе, 1995. – 16 с.*

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАИ ҶАВОНОН ДАР ОСОРИ ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ТАЪРИХ, ПРОФЕССОР ВАҲҲОБ НАБИЕВ

Дар матлаби мазкур инъикоси масъалаи ҷавонон дар осори доктори илмҳои таърих, профессор Ваҳҳоб Машрафович Набиев мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо такя ба осори профессор Ваҳҳоб Набиев аз ҷумла, рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, монографияҳо, китобҳои илмӣ ва мақолаҳои ӯ нишон медиҳад, ки таърихи ҷавонон дар фаъолияти илмии мавсуф яке аз самтҳои устувор ва пайгиронаи таҳқиқоти таърихӣ ба шумор меравад. Дар маркази таҳлил ва барраси мақола хусусиятҳои методологӣ ва мазмунии омӯзиши ҷавонон дар осори муҳаққиқ ҷой гирифтааст. Зикр мешавад, ки Ваҳҳоб Набиев масъалаи ҷавононро танҳо дар доираи фаъолияти комсомолӣ ё сиёсати давлатии даврои Ҳокимияти Шуравӣ нигоҳ надошта, онро дар иртибот бо равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, маърифатӣ ва ахлоқии ҷомеа баррасӣ намудааст. Дар мақола марҳилаҳои ташаккули таҳқиқоти таърихии Ваҳҳоб Набиев дар самти омӯзиши ҷавонон, аз корҳои ибтидоии ӯ дар масъалаи фаъолияти комсомоли Тоҷикистон то таҳқиқоти фарогири иштироки ҷавонон дар муносибатҳои байниҷумҳуриявӣ ва масъалаҳои сиёсати давлатии ҷавонон дар даврои истиқлолият мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Нишон дода мешавад, ки дар рисолаи номзадии муҳаққиқ фаъолияти ҷавонон пеш аз ҳама дар заминаи дигаргунсозии фарҳангӣ ва сиёсиву иҷтимоии ҷомеаи миёни солҳои 1929-1941 таҳлил гардида, дар таҳқиқоти докторӣ доираи масъала ба муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷавонони Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои иттифоқӣ васеъ мегардад. Дар монографияҳои минбаъдаи ӯ масъалаҳои фарҳанг, маориф, фаъолияти меҳнатӣ, дӯстии ҷавонон, робитаҳои байни миллатҳо, тарбияи ахлоқӣ ва нақши ҷавонон дар рушди ҷомеа мавқеи муҳим пайдо мекунанд.

Калидвожаҳо: Ваҳҳоб Набиев, ҷавонон, таърихи ҷавонон, комсомол, фарҳанг, маориф, сиёсати ҷавонон, ҷомеаи Тоҷикистон, таърихнигорӣ, даврои шуравӣ, истиқлолият, робитаҳои байниҷумҳуриявӣ.

ОТРАЖЕНИЕ МОЛОДЕЖНОЙ ПРОБЛЕМЫ В РАБОТАХ ДОКТОРА ИСТОРИЧЕСКИХ НАУК, ПРОФЕССОРА ВАХОБА НАБИЕВА

В данной статье проводится научный анализ размышлений о молодежной проблеме в работах доктора исторических наук, профессора Вахоба Машрафовича Набиева. На основе работ профессора Вахоба Набиева, включая его кандидатские и докторские диссертации, монографии, научные книги и статьи, автор показывает, что история молодежи в научной деятельности автора является одним из устойчивых и последовательных направлений исторических исследований. В центре анализа и обзора статьи находятся методологические и содержательные особенности изучения молодежи в работах исследователя. Стоит отметить, что Вахоб Набиев рассматривал молодежную проблему не только в рамках комсомольской деятельности или государственной политики советского периода, но и в связи с социальными, экономическими, культурными, политическими, образовательными и моральными процессами общества. В статье рассматриваются этапы формирования исторического исследования Вагхоба Набиева в области изучения молодежи, начиная с его первоначальной работы по вопросу комсомольской деятельности в Таджикистане и заканчивая всесторонним изучением участия молодежи в межреспубликанских отношениях и вопросами государственной молодежной политики в период независимости. Показано, что в кандидатской диссертации молодежная деятельность анализировалась прежде всего в контексте культурных, политических и социальных преобразований общества в период 1929-1941 годов, а в докторской работе сфера исследования расширилась, включив в себя социальные, экономические и культурные связи молодежи Таджикистана с союзными республиками. В его последующих монографиях важное место занимают вопросы культуры, образования, трудовой деятельности, молодежной дружбы, межнациональных отношений, нравственного воспитания и роли молодежи в развитии общества.

Ключевые слова: Вагхоб Набиев, молодежь, история молодежи, комсомол, культура, образование, молодежная политика, таджикское общество, историография, советский период, независимость, межреспубликанские отношения.

THE REPRESENTATION OF YOUTH-RELATED ISSUES IN THE WORKS OF DOCTOR OF HISTORICAL SCIENCES, PROFESSOR VAHHOB NABIEV

This article presents a scholarly analysis of how youth-related issues are reflected in the works of Doctor of Historical Sciences, Professor Vahhob Mashrafovich Nabiev. Drawing upon Professor Nabiev's body of work—including his Candidate and Doctoral dissertations, monographs, scholarly books, and articles—the author demonstrates that the history of youth constitutes a consistent and sustained area of his historical research. The article focuses on the methodological and substantive aspects of the scholar's study of youth. It is noted that Vahhob Nabiev does not limit his examination of youth issues to the scope of Komsomol activities or state policy during the Soviet era; rather, he analyzes them in the context of the social, economic, cultural, political, educational, and ethical processes of society. The article examines the stages of development in Vahhob Nabiev's historical research regarding youth, ranging from his early work on the activities of the Tajik Komsomol to comprehensive studies on youth participation in inter-republican relations and state youth policy during the independence era. It highlights that his Candidate's dissertation analyzed youth activity primarily within the context of the cultural, political, and social transformation of society between 1929 and 1941, whereas his doctoral research expanded the scope to include the social, economic, and cultural ties between the youth of Tajikistan and other Soviet republics. In his subsequent monographs, issues such as culture, education, labor activity, youth solidarity, inter-ethnic relations, moral upbringing, and the role of youth in societal development take on significant importance.

Keywords: Vahhob Nabiev, youth, history of youth, Komsomol, culture, education, youth policy, Tajik society, historiography, Soviet era, independence, inter-republican relations.

Дар бораи муаллиф
Азаматзода Гайратшо
Докторанти кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
E-mail shohzoda2017@mail.ru

About the author
Azamatzoda Gayratsho
Doctoral candidate at the Department of History of the Tajik People
Tajik National University
734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17
E-mail shohzoda2017@mail.ru

Об авторе
Азаматзода Гайратшо
Докторант кафедры истории таджикского народа
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17
E-mail shohzoda2017@mail.ru

ТДУ 323+341.43(054.73) (557.34)

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР БАРГАРДОНИДАНИ ГУРЕЗАГОН БА ВАТАН (ДАР МИСОЛИ НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН)

Зубайдуллозода С. Х., Ризоев Б. Х.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 Истиқлолияти худро расман эълон намуд. Дар рӯзҳои нахустини ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ халқи тоҷик аз пирӯзиҳои истиқлол сарфарозу ифтихорманд гашта, ҳар як дастоварди онро эҳтиёткорона ҳифз менамуд. Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон оғоз ёфта, хатари аз даст рафтани истиқлолиятро ба миён овард.

Бояд ёдовар шуд, ки ҷанги шаҳрвандӣ на танҳо ба иқтисодиёти ноҳияи Қубодиён, балки ба соҳаи маориф низ зарари худро расонид. Дар ин давра биноҳои мактабҳои №20, 36, 37, 38, 40, 41, 32, 51 вайрон гардида буданд. Тавассути ёрии пурраи СММ ва роҳбарону омӯзгорони мактабҳои дар боло ишорашуда, пурра набошад ҳам, ба қадри имкон таъмир карда шуда, ба фаъолият шуруъ намуданд [16, в. 191].

Дар яке аз давраҳои ниҳоят мураккаб ва сарнавиштсози таърихи навини Тоҷикистон, замоне ки кишвар бо буҳрони амиқи сиёсӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гардида буд, 9 ноябри соли 1992 Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул намуд, ки Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ (даъвати 12-ум) 16 ноябри соли 1992 дар қасри Арбоби ноҳияи Хуҷанд (ҳоло шаҳри Хуҷанд) баргузор карда шавад. Ин иҷлосия аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 идома ёфта, ба яке аз рӯйдодҳои калидии таърихи давлатдории муосири Тоҷикистон табдил ёфт [17, с. 466].

Тавре Абдумаҷид Достиев қайд мекунад, «16-уми ноябри соли 1992, соати 10 пагоҳӣ иҷлосия ба кори худ оғоз намуд. Аз 230 нафар вакилони Шурои Олӣ 193 нафар дар кори он иштирок доштанд. Аз 37 нафар вакили боқимонда 4 нафар (Шерализода М., Ҳувайдуллоев Н., Олимов М. ва Имомов) аз олам гузашта буданд ва 4 нафари дигар дар ҷараёни кори иҷлосия ба он ҳамроҳ шуданд. Дигар вакилон дар кори иҷлосия иштирок накарданд» [2, с. 36]. Ин нишондиҳандаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки новобаста аз вазъи бисёр душвори сиёсиву амниятии он давра, иҷлосия тавонист бо иштироки аксарияти вакилони мардумӣ фаъолияти худро оғоз намуда, масъалаҳои муҳимми давлатиро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Аз ҷумлаи санадҳои муҳимми ҳуқуқие, ки дар рафти кори Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» таҳти № 708 аз 24 ноябри соли 1992 мавқеи махсус дорад. Қонуни мазкур аз ҳафт банд иборат буда, барои ҳалли яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи он давра — мушкилоти гурезаҳо ва муҳофизати иҷборӣ — заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард. Мувофиқи ин қонун, мақоми гуреза ба шахсоне дода мешуд, ки дар натиҷаи вазъи ноором ва мухолифати мусаллаҳона маҷбур гардида буданд маҳалли зисти доимии худро тарк намоянд [10, с. 3]. Қабули чунин санад дар он шароит аҳаммияти хос дошт, зеро ҳазорон нафар шаҳрвандон дар натиҷаи низоъҳои дохилӣ аз ҷойи зисти худ маҳрум шуда буданд ва ба дастгирии ҳуқуқиву иҷтимоии давлат ниёз доштанд.

Ҳамзамон, банди 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» барои ҳалли масъалаи бозгашти шаҳрвандони муҳоҷиршуда тадбирҳои мушаххасро пешбинӣ менамуд. Тибқи он, Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор карда шуд, ки тартиби бозгашти гурезаҳоро ба маҳалҳои зисти пешинаашон таҳия намуда, онро ба Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ пешниҳод кунад. Илова бар ин, дар буҷети давлатии ҷумҳурӣ барои соли 1993 бояд хароҷоти вобаста ба бозгардонидани гурезаҳо пешбинӣ мегардид. Қонун инчунин дастгирии молиявии оилаҳои аз манзил ва амвол маҳрумгардидаро дар назар дошт. Аз ҷумла, ба чунин оилаҳо баъд аз бозгашт ба маҳалли истиқомати доимӣ барои сохтмон ё харидани манзили истиқоматӣ, барқарор намудани биноҳои харобшуда, хариди амвол, чорво ва дигар эҳтиёҷоти зарурӣ қарзи имтиёзнок ба маблағи 100 ҳазор сӯм дода мешуд. Муҳлати пардохти ин қарз 20 сол муқаррар гардида, пардохти он аз соли чоруми баъди гирифтани маблағ оғоз меёфт [5, с. 1]. Ин тадбирҳо нишон медиҳанд, ки роҳбарияти давлат ҳатто дар шароити бисёр вазнини иқтисодӣ кӯшиш мекард барои барқарор намудани зиндагии осоишта ва бозгашти шаҳрвандони осебдида заминаҳои воқеӣ фароҳам оварад.

14 декабри соли 1992 дар шаҳри Душанбе маҷлиси якҷояи Раёсати Шурои Олӣ ва Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо гардид. Масъалаи вазъи ҷумҳурӣ ва чораҳои тезтар ба эътидол овардани он мавриди муҳокима қарор гирифт. Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баромад намуда, қайд намуданд, ки рӯзҳои охир вазъият на дар ҳамаи ноҳияҳо ором буд. Махсусан, дар мавзеъҳои сарҳадии Айвоҷ, Шаҳритӯс, дар ин ҷо қариб ҳар рӯз сарҳади давлатӣ вайрон карда мешавад. Зиёда аз 30 ҳазор шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон сарҳадшиканӣ карда, ба хоки Афғонистон гузаштанд, ки дар он ҷо ҳаёт тоқатшикан буда, хӯрока намерасад. Ҳоло дар мавзеъ зиёда аз 20 ҳазор гурезаҳо ҳастанд, ки ҳаёти вазнин ба сар мебаранд. Вазифаи вазорату идораҳои дахлдор аз он иборат аст, ки ин гурезаҳоро ба ҷои истиқомати пешинаашон баргардонанд [5, с. 1].

Дар охири соли 1992 ва ибтидои соли 1993 шароити зисти ҳазорҳо нафар фирориёни навоҳии Шаҳритусу Қубодиён, ки дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон қарор доштанд, тоқатфарсо буд. Дар воқеъ, он вақт масъалаи гурезаҳо, яке аз мушкилтарин масоили рӯз буд. Ҳазорҳо нафар шаҳрвандони Хатлонзамин дар ватани худ гуреза шуда буданд. Зеро шароити зисти аксарияти онҳо хеле вазнин буд. Маводи озуқа, сарулибос ва манзил намерасид. Аз ҳама бештар вазъи гурезаҳои навоҳии Шаҳритусу Қубодиён, ки дар паси симхорҳои сарҳад ҷой гирифта буданд, хеле мураккаб гардид [3, с. 461-462].

Ба қавли Раиси зеркомиссияи муҳоҷирони Комисияи Оштии миллӣ Шукурҷон Зуҳуров «Мардуми минтақаи Қӯрғонтеппа, бахусус, ноҳияҳои Қубодиён, Шаҳритус, Ҷилликӯл, Қумсангир, Бохтар ва Вахш солҳои 1992-1993 гурезаҳоро чашми дидан надоштанд ва пурра муқобил буданд, ки онҳо ба ҷойи зисти доимиашон баргарданд. Онҳо хонаҳои валангор ва заминҳои муҳоҷиронро ғасб карда мегуфтанд, ки ин мардум бигзор ба ҷойҳои дигар бираванд. Ба ҳеҷ ваҷҳ гурезаҳоро қабул надоштанд» [4, с. 66].

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хуб дарк менамуданд, ки масъалаи гурезаҳо танҳо як мушкилоти иҷтимоӣ ё гуманитарӣ набуда, балки яке аз омилҳои калидии ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва фароҳам сохтани заминаҳои сулҳи пойдор дар кишвар ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҳалли масъалаи бозгашти гурезаҳо ва барқарор намудани эътимоди онҳо ба давлат аз самтҳои муҳимми фаъолияти роҳбарияти нави ҷумҳурӣ гардид.

Дар ин замина Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути барномаи махсуси «Хоки Ватан», ки аз ҷониби радиои «Тоҷикистон» 29 марти соли 1993 барои ҳамватанони дар қаламрави Афғонистон қарордошта таъсис дода шуда буд, борҳо ба гурезагон мурочиат намуданд. Дар яке аз чунин мурочиатҳо Сардори давлат бо самимият ва масъулияти баланд чунин иброз дошта буданд: «Ҳамватанони азиз, ман ба шумо кӯҳи тилло ваъда намедиҳам, як бурда ноне, ки дорем, бо ҳам мехӯрем. Пушту паноҳи шумо Ватан аст. Шуморо хонаву даратон, фарзандонатон, хешу таборатон интизоранд. Ба Ватан баргардед, ҳамватанони гиромӣ!» [14, с. 137].

Ин суханон дар шароите садо доданд, ки ҳазорон шаҳрвандони Тоҷикистон аз ноамнӣ ва паёмадҳои ҷанги шаҳрвандӣ берун аз кишвар қарор доштанд ва ба ояндаи худ бо нигаронӣ менигаристанд. Аз ин рӯ, мурочиати роҳбари давлат барои бисёре аз онҳо на танҳо даъват ба бозгашт, балки рамзи умед, эътимод ва оғози марҳилаи нави сулҳу созандагӣ гардид. Дар натиҷа, дар миёни муҳоҷирон эҳсоси боварӣ ба давлат ва роҳбарияти навтаъсис тадриҷан тақвият ёфта, шумораи зиёди онҳо тасмим гирифтанд ба Ватан баргарданд ва дар раванди барқарорсозии ҳаёти осоишта иштирок намоянд.

Ба идораи радиои Тоҷикистон аз номи гурезаҳо ба барномаи дӯстдошта ва мушкилкушояшон «Хоки Ватан», ки махсус барои онҳо ташкил шуда буд, номаҳои зиёде меомаданд. Аз номи сокинони ноҳияи Қубодиён ба идораи радиои Тоҷикистон ва таҳиягарони барномаи «Хоки Ватан» номаҳои хеле пурдарду аламро навишта мефиристоданд, ки дар ин номаҳо яке модар ва дигаре фарзанди гумкардаашро меҷусту сеюмин бошанд, аз аҳволи хешу дӯстонаш огоҳ мешуд. Дар яке аз номаҳо, ки дар он модари зор бо дили пурдарду алам писари гумкардаашро меҷуст, чунин омадааст: «Ман сокини ноҳияи Қубодиён, колхози «50-солагии СССР»-и деҳаи Ҷарқурғон Гулистон Хабирова, аз шумо, ровиёни барномаи «Хоки Ватан», хоҳиш ва илтимос дорам, ки ҷигарбанди гумгаштаам Назаров Ҳасанро ба воситаи барномаи мушкилкушо дарёфт намоед. Ман модари ҷигарсӯхта ҷигарбанд гум кардам. Ҷигарбанди маро 19 ноябри соли 1992 як гурӯҳ

силоҳбадастон дастгир намудаанд. 3 сол инҷониб аз ӯ зиндаҷудоям» [13, с. 57]. Пас аз садо додани номаҳо қисми зиёди шудавандагон ҷигарбандони худро пайдо намуда, аз аҳволи хешу дӯстонашон огоҳ мешуданд.

Саидмурод Хоҷазод, доктори илмҳои филологӣ ва профессор, ки аз ҷумлаи муҳаққиқони маъруфи таърихи радиои Тоҷикистон ба шумор меравад, зимни таҳлили нақши барномаи «Хоки Ватан» дар раванди бозгардонидани гурезагон ба меҳан таъкид менамояд, ки муҳтавои асосии ин барномаҳо ба даъвати фирориён барои бозгашт ба Ватан, барқарорсозии сулҳ ва таҳкими ваҳдати миллӣ равона гардида буд. Ба андешаи муҳаққиқ, барномаи мазкур дар масъалаи ба Ватан баргардонидани гурезагон ва таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон хизмати беназир анҷом дода, ҳамзамон барои ташаккул ва рушди фолклори марбут ба муҳоҷирати иҷборӣ низ саҳми назаррас гузоштааст. Таҳқиқоти анҷомдода нишон медиҳад, ки махсусан дар барномаҳои солҳои 1995–1997 эҷодиёти шифоҳии халқ мақоми муҳим касб намудааст. Дар онҳо дарду алами фирориён, ранҷу машаққати ғарибӣ, дурӣ аз наздикону пайвандон ва орзуи бозгашт ба Ватан бештар тавассути намунаҳои фолклорӣ инъикос гардидааст [15, с. 140].

Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин собит месозанд, ки саҳми барномаи «Хоки Ватан» дар раванди бозгардонидани гурезагон ба Тоҷикистон ниҳоят бузург буд. Тавре Саидмурод Хоҷазод қайд менамояд, ин барнома аз соли 1993 то моҳи декабри соли 1996 зиёда аз 800 маротиба пахш гардидааст. Омӯзиши маводи бойгонӣ нишон медиҳад, ки тавассути он беш аз 60 ҳазор нафар шаҳрвандони Тоҷикистон ба хешу табори худ мурочиат намуда, зиёда аз 50 ҳазор нафар аз Афғонистон ба наздикон ва ҳамдиёрони худ номаву паём ирсол кардаанд. Дар доираи фаъолияти барнома беш аз 200 ҳазор нома қироат гардида, зиёда аз 150 мусоҳиба бо намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва Комиссариати Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба умури паноҳандагон, 750 суҳбат ва мусоҳиба бо намояндагони мақомоти гуногуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 400 гузориш аз ҷойи воқеа, 800 гузориш аз маросимҳои истиқболи фирориён ва вазъи зиндагии онҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, инчунин беш аз 750 суҳбату мусоҳиба бо намояндагони илму адаб пахш шудааст [15, с. 147].

Дар воқеъ, барномаи «Хоки Ватан» дар тули зиёда аз се сол ба яке аз машҳуртарин ва таъсиргузортарин барномаҳои радиои Тоҷикистон табдил ёфт. Он на танҳо ҳамчун рамз ва шиносномаи Радиои Тоҷикистон шинохта мешуд, балки ҳамчун воситаи муассири иртибот байни шаҳрвандони аз ҳам ҷудогардида низ хизмат мекард. Ин барнома дар роҳи ба Ватан бозгардонидани фирориён, наздик намудани тоҷикон ба якдигар, таҳкими робитаҳои байни минтақаҳои гуногуни кишвар, густариши фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва дар маҷмуъ таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ нақши муҳим ва таърихӣ бозидааст [15, с. 147].

Дар баробари ин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи ҷалби созмонҳои байналмилалӣ барои ҳалли мушкилоти гурезагон ва барқарор намудани сулҳ диққати ҷиддӣ медоданд. Бо ташаббуси роҳбарияти давлат аз созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ даъват ба амал оварда шуд, ки дар Тоҷикистон намояндагиҳои худро таъсис дода, дар раванди бозгардонидани гурезагон ва таҳкими сулҳ саҳм гузоранд. Дар ин самт, махсусан нақши Созмони Милали Муттаҳид арзишманд буд, зеро ин созмон дар ҳамкорӣ бо мақомоти Тоҷикистон барои бозгашти ихтиёрӣ ва бехатари гурезагон, расонидани кумакҳои башардӯстона ва фароҳам овардани заминаҳои сулҳи устувор мусоидати назаррас намудааст [7, с. 46].

Соли 1993 чор нуқтаи зерини қабули гурезагон аз Афғонистон ташкил гардид, ки то соли 1998 фаъолият доштанд: «Панҷи Поён», «Хайратон-Тирмиз-Шаҳритус», «Хайратон-Тирмиз-Қубодиён» ва «Ишкошими ВМКБ» фаъолият мекарданд [7, с. 46].

Баъди муътадил гаштани вазъияти ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ 8656 нафар гуреза ба воситаи сарҳади ноҳияи Ишкошим, 9450 нафар аз Панҷи поён, 2805 нафар аз тариқи Ҳайратон-Тирмиз-Шаҳритус ва 5922 нафар аз тариқи Ҳайратон-Тирмиз-Қабодиён ба Ватан баргашта омаданд. Ҷамъ то 15 январи соли 1994 қариб 30 ҳазор ҳамватанони гурезаи мо ба сарзамини Тоҷикистон баргашта омаданд ва 33127 нафари дигар дар Афғонистон монда 21 ҳазор гурезаи тоҷик дар лагерҳои Кампи Сахии вилояти Балх, Мазори Шариф ва дар майдони ҳавоии вилояти Қундуз ва Шерхонбандар зиндагӣ мекунанд [11]. Аксарияти ин гурезагон дар ноҳияҳои Қумсангир (феълан Ҷайҳун), Панҷ, Бохтар (феълан Кушониён), Вахш, Колхозобод (феълан Ҷ. Балхӣ), Шаҳритус, Қубодиён ва дигар ноҳияҳои вилояти

Хатлон зиндагӣ мекарданд. Зеро маҳз дар ҳамин ноҳияҳо аввалин алангаҳои ҷанги шаҳрвандӣ сар зада буд.

Масъалаи гурезагони иҷбории дохилӣ ва хориҷии ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои асосии тамоми даврaҳои музокироти сулҳи байни тоҷикон буд. Вақте ки аввалин даври музокироти сулҳи тоҷикон аз 5 то 19-уми апрели соли 1994 дар шаҳри Москва ҷараён мегирифт, яке аз мавзуъҳои асосии музокирот ин баргардонидани гурезаҳо ва таъсиси як Комиссияи муштарак зери сарпарастии СММ буд. 19 апрели соли 1994 протокол дар хусуси ташкили Комиссияи муштарак оид ба масъалаи гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбории Тоҷикистон ба имзо расид. Ин комиссияи муштарак тавонист дар баргардонидани гурезагон ба ватан саҳми арзанда гузорад [9, с. 9].

Бо ташаббуси Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Раёсати Комиссариати Олии вобаста ба кор бо гурезагони СММ ба гурезагони ноҳияҳои Шаҳритус 6302, Қубодиён 22320, Қумсангир 176, Вахш 18071, Бохтар 16878, Колхозобод 4552, Ҷилликӯл (феълан Дӯстӣ) 2940, Панҷ 1214, Ғозималик (феълан Хуросон) 284 дона кӯрпаҳои гарм тақсим карда доданд, ки ин дар зимистон каме бошад ҳам, онҳоро аз сармо нигоҳ медошт. Ба ғайри ин, ба ноҳияҳои номбурда хаймаҳо, собуни ҷомашӯӣ ва маводи хӯрока фиристода шуд. Дар моҳи декабри соли 1993 ба ноҳияҳои Колхозободу Ҷилликӯл, Вахшу Бохтар, Шаҳритус, Қубодиён ва Қумсангир ҷамъ 1350 печка барои гурезагон ҷудо карда шуд [11].

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки сиёсати давлатӣ дар самти бозгардонидани гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ дар солҳои баъди ҷанги шаҳрвандӣ тадриҷан самараи назаррас ба бор овард. Раванди бозгашти шаҳрвандон ба маҳалҳои зисти доимиашон ба яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат ва ҷомеа табдил ёфта, барои барқарорсозии ҳаёти осоишта ва таҳкими суботи сиёсӣ аҳаммияти калидӣ дошт.

Тибқи маълумоти расмӣ, дар давраи аз соли 1993 то соли 2000 ҳамагӣ 950599 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойҳои зисти доимиашон бозгардонида шуданд. Аз ин шумора 201601 нафар аз кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, 51345 нафар аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва 697653 нафар аз минтақаҳои гуногуни дохили ҷумҳурӣ ба маҳалли истиқомати пешинаи худ баргаштаанд [8, с. 43].

Ин нишондиҳандаҳо аз миқёси васеи муҳоҷирати иҷборӣ ва ҳамзамон аз самаранокии чорабиниҳои андешидашуда ҷиҳати бозгардонидани аҳолӣ шаҳодат медиҳанд. Бозгашти қариб як миллион нафар шаҳрванд на танҳо масъалаи демографӣ ё иҷтимоӣ буд, балки раванди муҳимми сиёсӣ ва гуманитарӣ ба ҳисоб мерафт, ки ба таҳкими сулҳу субот, барқарор гардидани робитаҳои иҷтимоӣ ва эҳёи фаъолияти иқтисодии минтақаҳои зарардида мусоидат намуд.

Дар баробари ин, таҳлили омор нишон медиҳад, ки қисми зиёди бозгаштагонро муҳоҷирони дохилӣ ташкил медоданд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки паёмадҳои низои дохилӣ пеш аз ҳама ба дохили кишвар таъсири ҷиддӣ расонида, садҳо ҳазор нафарро маҷбур сохта буд маҳалли зисти худро тарк намоянд. Аз ин рӯ, баргардонидани онҳо ба манзилҳои пешина ва фароҳам овардани шароити зиндагии муносиб яке аз омилҳои муҳимми барқарорсозии ҷомеаи баъдинизоӣ маҳсуб меёфт.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлат, дастгирии созмонҳои байналмилалӣ ва татбиқи барномаҳои махсуси бозгардонии гурезагон имкон дод, ки дар муддати нисбатан кӯтоҳ масъалаи бозгашти аксари шаҳрвандони муҳоҷиршуда ҳал гардида, барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди минбаъдаи давлатдории Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оварда шавад [8, с. 43].

Инчунин, соли 1994 539 нафар гурезагони ноҳияҳои Шаҳритузу Қубодиён аз Ҷумҳурии исломии Афғонистон ба Ватан баргаштанд. Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо онҳо вохӯрда, аз шароити зисту зиндагиашон аз наздик дидан намуданд ва кумакҳои аввалиндараҷа расониданд. Онҳоро барои дубора обод намудани манзилҳои истиқоматӣ ва барпо намудани сулҳу ваҳдати миллӣ даъват намуданд [18].

5 июли соли 1995 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияҳои Қубодиён ва Шаҳритус сафари корӣ анҷом дода, аз шароити зиндагӣ, вазъи иҷтимоӣ ва будубоши гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ аз наздик шинос шуданд. Ин сафар дар даврае баргузор гардид, ки масъалаи бозгардонидани гурезагон, таъмини онҳо бо ҷойи

зист ва фароҳам овардани шароити муносиб барои зиндагии осоишта аз муҳимтарин вазифаҳои давлат ба ҳисоб мерафт.

Зимни мулоқот бо роҳбарон, мутахассисон ва фаъолони хоҷагиҳои ноҳияҳо Сардори давлат диққати махсусро ба масъалаи истифодаи самараноки имкониятҳои иқтисодии минтақа равона намуда, таъкид карданд, ки сафарбар намудани тамоми захираҳои дохилии хоҷагиҳо ва корхонаҳои саноатӣ барои таҳкими иқтидори иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳияҳо вазифаи аввалиндараҷаи замон мебошад. Ба андешаи мавсуф, маҳз рушди истеҳсолот ва истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда метавонад барои беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

Ҳангоми таҳлили вазъи хоҷагии халқ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки меҳнаткашони ҳар ду ноҳия нисбат ба соли 1994 ба натиҷаҳои муайян ноил гардидаанд. Бо вуҷуди ин, таъкид карда шуд, ки дар самти рушди комплекси кишоварзию саноатӣ ҳанӯз имкониятҳо ва захираҳои истифоданашудаи зиёд мавҷуданд. Ба гуфтаи Сардори давлат, дар сурати истифодаи самаранок ва мақсадноки ин захираҳо метавон таъминоти аҳолиро бо маҳсулоти озуқаворӣ беҳтар намуда, фаъолияти хоҷагиҳо ва корхонаҳои истеҳсолиро густариш дод ва ба ин васила рушди иқтисодии минтақаҳоро таъмин кард [19, с. 1].

Ин мулоқот ва дастурҳои пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки роҳбарияти давлат масъалаи бозгардонидани гурезагонро танҳо ҳамчун мушкилоти иҷтимоӣ баррасӣ намекард, балки онро бо рушди иқтисодӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва беҳтар намудани шароити зиндагии шаҳрвандон пайванди мустақим медод. Аз ин рӯ, таҳкими заминаҳои иқтисодии минтақаҳо ҳамчун яке аз шартҳои муҳимми мутобиқшавӣ ва бозҳамгироии гурезагон ба ҳаёти осоиштаи ҷомеа арзёбӣ мегардид.

Марбут ба масъалаи баргардонидани гурезаҳо тадбирҳои пайдар – пай андешида мешуданд. Дар ин самт, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №542 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оиди бозгардонидани гурезаҳо – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳоҷирони иҷборӣ ба ҷойҳои зисти муқимии худ ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии онҳо» аз 22-юми августи соли 1995 қабул гардид [8, с. 46]. Қарори қабул гардида дар самти минбаъд баргардонидани гурезагон ба ватан нақши муҳимро гузошт.

Таъмини ҳифзи иҷтимоии гурезагон ва барқарор намудани манзилҳои вайронгардида аз муҳимтарин тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хоссатан Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб мерафт. Дар ин самт Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16-уми июли соли 1996 №32 «Дар бораи баъзе тадбирҳо оиди ҳифзи иҷтимоии гурезаҳо ва муҳоҷирини иҷборӣ» қабул гардид [8, с. 47].

Зеркомиссияи кории муҳоҷирини Комиссияи Оштии Миллӣ таи сафарҳои кории худ аз ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Колхозобод, Ғозималик ва шаҳри Қурғонтеппа (феълан шаҳри Бохтар) моҳҳои январ-феврали соли 1999 дидан намуда, маълум намуданд, ки аз 9439 манзили ғайриқонунӣ ғасбшудаи гурезаҳо тавассути афроди мухталиф 9145 адади он ба соҳибони аслиашон баргардонида шудаанд. Инчунин, оиди беҳтар шудани аҳволи худ ин гурӯҳи кории муҳиҷирин тули солҳои 1998-1999, 1413 адад аризаю дархости гурезагонро ба қайд гирифта, оиди мушкилоташон кумак расонданд [12, с. 22].

Дар идомаи татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба бозгардонидани гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ, дар солҳои 2000–2001 низ ин раванд идома ёфт. Дар ин давра аз қаламрави кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба таври муташаккилона боз 656 нафар шаҳрвандони боқимондаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ватан баргардонида шуданд. Аз ҷумла, 505 нафар аз Ҷумҳурии Қирғизистон, 80 нафар аз Ҷумҳурии Қазоқистон ва 71 нафар аз Ҷумҳурии Туркманистон ба маҳалҳои истиқомати доимии худ бозгаштанд [8, с. 43–44]. Ин нишон медиҳад, ки давлат ҳатто баъд аз анҷоми марҳилаи асосии бозгардонии гурезагон низ масъулияти худро дар назди шаҳрвандони берун аз кишвар қарордошта идома дода, барои баргардонидани ҳар як шаҳрванди тоҷик тадбирҳои зарурӣ меандешид.

Дар ин раванд саҳми бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсусан назаррас мебошад. Таҳлили воқеаҳои он давра нишон медиҳад, ки масъалаи бозгардонидани гурезагон аз нахустин рӯзҳои фаъолияти сиёсии Сардори давлат ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян гардида буд. Маҳз бо ташаббус ва иродаи сиёсии роҳбарияти кишвар

барои бозгашти ихтиёрӣ ва бехатари шаҳрвандони муҳоҷиршуда заминаҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ фароҳам оварда шуданд.

Дарвоқеъ, яке аз аввалин иқдомҳои амалии Пешвои миллат дар роҳи барқарор намудани эътимоди фирориён ба давлат ва ташвиқи онҳо барои бозгашт ба Ватан ба фаъолияти барномаи машҳури «Хоки Ватан» иртибот дорад. Ин барнома на танҳо ҳамчун воситаи иттилоотӣ хизмат мекард, балки ба минбари муколамаи миллӣ ва воситаи барқарор намудани робитаи маънавии шаҳрвандони муҳоҷиршуда бо Ватан табдил ёфта буд. Тавассути муроҷиатҳо, суҳбатҳо ва паёмҳои самимӣ ҳазорҳо нафар шаҳрвандон тавонистанд бо наздикони худ иртибот барқарор намуда, ба ояндаи сулҳомези кишвар боварӣ пайдо кунанд.

Аз ҳамин ҷост, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ борҳо нақши барномаи «Хоки Ватан»-ро дар муттаҳидсозии ҷомеа, бозгардонидани фирориён, таҳкими сулҳу субот ва рушди худшиносии миллӣ таъкид намуда, ба фаъолияти он ҳамчун яке аз падидаҳои муҳимми давраи барқарорсозии давлатдории миллӣ баҳои баланд додаанд [15, с. 148]. Ба андешаи мо, аҳаммияти ин барнома танҳо ба паҳлуи иттилоотии он маҳдуд намешуд, балки он ҳамчун воситаи муҳимми эҷоди фазои эътимод, оштӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеаи баъдинизоӣ нақши муассир бозидааст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқот нишон медиҳад, ки нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди бозгардонидани гурезагон ба Ватан аҳаммияти бузурги сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ дорад. Бо шарофати сиёсати пайгирона, ташаббусҳои сулҳҷӯёна ва иқдомҳои амалии роҳбарияти давлат садҳо ҳазор шаҳрвандони муҳоҷиршуда ба маҳалҳои зисти доимии худ баргардонида шуданд. Ин раванд на танҳо ба ҳалли мушкилоти башардӯстона мусоидат намуд, балки ба таҳкими сулҳу субот, барқарор гардидани ваҳдати миллӣ ва рушди минбаъдаи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ заминаи устувор фароҳам овард.

Зеро дар давраи даргириҳои сиёсии солҳои 1992-1997 шумораи зиёди сокинони ҷумҳурӣ ба кишварҳои ҳамсоя ва берун аз гуреза шуданд. Сарвари давлат бо сиёсати сулҳҷӯёна, даъват ба ваҳдати миллӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии осоишта, ҳазорон шаҳрвандони гуреза бо даъвати Пешвои миллат ба Ватан баргаштанд. Дар мисоли ноҳияи Қубодиён низ дида мешавад, ки барқарор гардидани сулҳу субот боис шуд, ки сокинони гуреза ба хонаю диёри худ бозгашта, зиндагии нав оғоз намоянд. Бояд ёдовар шуд, ки дар ин давра шумораи зиёди сокинони ноҳия ба ҷумҳурии ҳамсоя Афғонистон гуреза шуда буданд.

Ин раванд барои таҳкими ваҳдати миллӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва баланд гардидани ҳисси ватандӯстии мардум заминаи устувор гузошт. Аз ин рӯ, хизматҳои Пешвои миллат дар роҳи баргардонидани гурезаҳо ва таъмини сулҳу оромӣ дар кишвар ҳамчун саҳми бузурги таърихӣ арзёбӣ мешаванд.

Адабиёт

1. *Вазъи сиёсӣ ва иқтисодиро зудтар ба эътидол оварем // Садои мардум. – 1992. – 17 декабр. – № 206 (478). – С.1.*
2. *Достиев А. Тоҷикистон-шикастанҳо ва бастанҳо. / А. Достиев. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 224 с.*
3. *Достӣ, Ш. Таърихи Хатлон / Д. Шариф. – Душанбе, 1999.–495 с.*
4. *Зуҳуров, Ш. Президенти халқ-Президенти ман // Эмомалӣ Раҳмон; Ваҳдат, сулҳ ва бунёдкорӣ мароми мост! / Ш. Зуҳуров. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 160 с.*
5. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезагон». // Садои мардум – 1992. – 1 декабр. – № 219 (469). – С1.*
6. *Қодиров, С. Чаро ба нон навбат калон? / С. Қодиров // Шараф. – 1992. – 15 майи. – № 24 (77 03).*
7. *Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди I. – Душанбе, 2021. – 392 с.*
8. *Мирзоева, М.У. Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши интиқоли маблағҳои муҳоҷирон дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11-иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ). / М.У. Мирзоева. – Душанбе, 2023. – С.43.*
9. *Роҳи сулҳ (Ҳуҷҷатҳои гуфтушуниди байни тоҷикон). [Матн] –Душанбе, 1997. – 235 с.*

10. *Раҷабов, М. Санаде, ки дар амри бозгашти гурезаҳо нақши муҳим дошт / М. Раҷабов // Садои мардум. – 2012. – 26 ноябр. – № 146 (2973). – С.3.*
11. *Султонов, М. Чӣ ҳол дорӣ, гуреза? / М. Султонов // Ҷумҳурият. – 1994. – 19 январ. – №6 (18.875)*
12. *Саъдуллоев, И. Саҳми КОМ дар ҳалли масъалаҳои гурезаҳо ва муҳоҷирини иҷборӣ / И. Саъдуллоев. – Душанбе, 2004.–38 с.*
13. *Хоки Ватан. Қисми аввал. Душанбе: Сурушан, 2002. – 300 с.*
14. *Хоҷазод, С. Нақши барномаи «Хоки Ватан» дар ташаккули Ваҳдат ва худогоҳии миллӣ // Эмомали Раҳмон: Оғози марҳилаи нав / С. Хоҷазод.–Душанбе: Ирфон, 2011.–137 с.*
15. *Хоҷазод, С. Нақши барномаи «Хоки Ватан» дар ташаккули ваҳдат ва худогоҳии миллӣ. // Ваҳдатнома. Ҷилди XVIII / С. Хоҷазод. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – С. 136-149.*
16. *Ҳисоботи сардори идораи маорифи ҳукумати ноҳия дар бораи иҷроиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». //Бойгонии марказии давлатии вилояти Хатлон, Фонди 441. Рақами1. Делои 158. Варақи 191.*
17. *Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳотамов., Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе, 2011. – 586 с.*
18. *Ҷумҳурият. – 1994. – 9 сентябр. – №47 (18918).*
19. *Эмомалӣ Раҳмон дар вилояти Хатлон // Садои мардум.–1995. – 8 июл. – № 41 (771). – С.1.*

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР БАРГАРДОНИДАНИ ГУРЕЗАГОН БА ВАТАН (ДАР МИСОЛИ НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН)

Дар ин мавзуъ нақши Пешвои миллат дар баргардонидани гурезагони тоҷик ба Ватан, махсусан дар мисоли ноҳияи Қубодиён, мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Дар солҳои аввали истиқлолият, бо сабаби вазъи мураккаби сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ, ҳазорҳо шаҳрвандони кишвар маҷбур шуданд, ки манзили худро тарк намуда, ба хориҷи кишвар паноҳ баранд. Баргардонидани онҳо ба Ватан яке аз масъалаҳои муҳимми давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Дар таҳқиқот нишон дода мешавад, ки сиёсати хирадмандона ва ташаббусҳои сулҳпарваронаи Пешвои миллат барои барқарор намудани сулҳу субот ва фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати бозгашти гурезаҳо нақши калидӣ бозиданд. Махсусан, дар мисоли ноҳияи Қубодиён равшан мегардад, ки чӣ гуна тадбирҳои мушаххас аз ҷумла таъмини амният, додани замин, манзил ва кумакҳои иҷтимоӣ ба баргардонидани сокинон мусоидат карданд. Ҳамчунин, дар мавзуъ аҳаммияти ваҳдати миллӣ, эҳёи иқтисодӣ ва беҳтар шудани шароити зиндагии аҳолӣ ҳамчун натиҷаи ин раванд баррасӣ мегардад. Хулоса, нақши Пешвои миллат дар баргардонидани гурезаҳо ҳамчун омили муҳимми таҳкими давлатдорӣ ва суботи ҷомеа арзёбӣ мешавад.

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон, Президент, иҷлосия, гурезаҳо, «Хоки Ватан», Қубодиён, Шаҳритус.

РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В ВОЗВРАЩЕНИИ БЕЖЕНЦЕВ НА РОДИНУ (НА ПРИМЕРЕ КАБАДИЯНСКОГО РАЙОНА)

В данной теме анализируется роль Лидера нации в возвращении таджикских беженцев на Родину, на примере Кабадиянкого района. В первые годы независимости, вследствие сложной политической обстановки и гражданской войны, тысячи граждан страны были вынуждены покинуть свои дома и искать убежище за пределами государства. Их возвращение на Родину являлось одной из важнейших государственных задач. В исследовании показано, что мудрая политика и миротворческие инициативы Лидера нации сыграли ключевую роль в восстановлении мира и стабильности, а также в создании благоприятных условий для возвращения беженцев. В частности, на примере Кабадиянского района становится ясно, что были приняты конкретные меры, включая обеспечение безопасности, предоставление земли, жилья и социальной помощи, способствовали возвращению жителей. Также в работе рассматривается значение национального единства, экономического возрождения и улучшения условий жизни населения как результатов данного процесса. В заключение подчеркивается, что роль Лидера нации в возвращении беженцев оценивается как важный фактор укрепления государственности и общественной стабильности.

Ключевые слова: Республика Таджикистан, Эмомали Рахмон, Президент, сессия, беженцы, «Родная земля», Кубодиён, Шахритус.

THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN THE RETURN OF REFUGEES TO THEIR HOMELAND (ON THE EXAMPLE OF THE KABADYAN DISTRICT)

This study analyzes the role of the Leader of the Nation in the return of Tajik refugees to their homeland, using the Kabadyan district as a case study. In the early years of independence, due to the complex political situation and the civil war, thousands of citizens were forced to leave their homes and seek

refuge outside the country. Their return became one of the most important state priorities. The research demonstrates that the wise policy and peacebuilding initiatives of the Leader of the Nation played a key role in restoring peace and stability, as well as in creating favorable conditions for the return of refugees. In particular, the example of the Kabadyan district shows that specific measures were implemented, including ensuring security, providing land, housing, and social assistance, which facilitated the return of residents. The paper also examines the importance of national unity, economic recovery, and the improvement of living conditions as outcomes of this process. In conclusion, it is emphasized that the role of the Leader of the Nation in the return of refugees is considered an important factor in strengthening statehood and social stability.

Keywords: Republic of Tajikistan , Emomali Rahmon , President, Session, Refugees, “Native Land”, Qubodiyon , Shahritus.

Дар бораи муаллифон

Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло
Омӯзгори калони кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: saidzubaydullo1990@gmail.com

Ризоев Бахриддин Хайруллоевич
Асисстенти кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторах

Зубайдуллозода Саиджон Хайрулло
Старший преподаватель кафедры истории таджикского народа
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003 Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 121
E-mail: saidzubaydullo1990@gmail.com

Ризоев Бахриддин Хайруллоевич
Ассистент кафедры методики преподования истории и права
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003 Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 121

About the authors

Zubaidullozoda Saidjon Khairullo
Senior teacher in the depaitment of history of Tajik nation
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: saidzubaydullo1990@gmail.com

Rizoev Bakhriddin Khairulloevich
Assistant Professor, Department of History and Law Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 930.2:94(575)

«ТАЪРИХИ ҶАҲОНГУШОЙ» – САРЧАШМАИ МУҲИММИ ТАЪРИХИ ДАВЛАТИ ХОРАЗМШОҲИЁН

Каримӣ С. С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Хоразмшоҳиён бузургтарин давлати Шарқи исломӣ дар охири асри XII ва оғози асри XIII ба шумор рафта, давраи мавҷудияти он ба таҳаввулоти амиқи сиёсӣ дар сарзаминҳои Осиёи Миёна, Хуросон ва Шарқи Наздик рост омадааст. Давлати Хоразмшоҳиён дар давраи ҳукмронии султон Такаш ва писари ӯ Алоуддин Муҳаммади Хоразмшоҳ ба нуқтаи авҷи густариш ва иқтидори худ расида, ба бузургтарин империтории замон табдил ёфт. Вале, ҳамзамон давлати мазкур дар давраи авҷи қудрати худ дар баробари ҳуҷуми лашкари Чингизхон қарор гирифт ва дар натиҷа дар муддати кӯтоҳ аз харитаи сиёсии замон ҳазф гардид.

Омӯзиши таърихи давлати Хоразмшоҳиён бидуни мурочиат ба сарчашмаҳои таърихӣ ғайриимкон мебошад. Таърихи сулолаи Хоразмшоҳиён дар сарчашмаҳои гуногун инъикос гардидааст [6; 8; 9], ки асари «Таърихи ҷаҳонгушой»-и Атомалики Ҷувайнӣ дар миёни онҳо ҷойгоҳу арзиши хосро доро мебошад. Ин сарчашма ҳамчун яке аз муҳимтарин ёдгориҳои хаттии таърихнигории форсизабони асримиёнагӣ баррасӣ мегардад, ки дар он зуҳур, тавсеаи ҳудуд, авҷи иқтидор ва фурӯпошии ин давлати бузурги осиёимиёнагӣ бо ҷузъиёту тафсилот инъикос ёфтааст.

Таърихи хонадони Хоразмшоҳиён дар ҷилди дуюми «Таърихи ҷаҳонгушой» инъикос гардидааст, ки дар он сохтори умумии асар мавқеи вижа дорад. Зеро бо фарқ аз ҷилдҳои якум ва сеюми асар, ки мавзуҳои гуногунро фаро гирифтаанд, ҷилди дуюм танҳо ба инъикоси таҳаввули давлати Хоразм – аз лаҳзаи пайдоиши сулола то шикасти муқовимати охирин намояндаи он Султон Ҷалолуддин бахшида шудааст [17].

Мавод ва усулҳо. Таҳқиқоти мазкур дар асоси таҳлил ва пажӯҳиши ҷилди дуюми асари “Таърихи ҷаҳонгушой”-и Атомалики Ҷувайнӣ, ки ба таърихи хонадони Хоразмшоҳиёнро аз оғози пайдоиш то замони суқут ва шикасти муқовимати Ҷалолуддини Манкубирнӣ инъикос кардааст, анҷом дода шудааст. Ҳангоми иҷрои таҳқиқот аз нашри интиқодии асари “Таърихи ҷаҳонгушой”, аз ҷумла ҷилди дуюми он, ки соли 1916 бо сайъу эҳтимом ва таҳрири муҳаққиқи шинохтаи эронӣ аллома Мирзо Муҳаммади Қазвинӣ ба табъ расидаст, истифода карда шуд, вале илова бар ин ба нашрҳои дигари асар низ мурур карда шуд. Осори муҳаққиқон ва мусташриқони шинохтаи сатҳи ҷаҳонӣ, аз қабили дОссон, Картмер, Шефер, В. Бартолд, М.М. Қазвинӣ, В. Минорский, Э. Браун, Ҷ. Бойл ва Д. Морган [1; 2; 13; 14; 15; 17; 18; 19; 20] ва ғайра асоси методологии таҳқиқро ташкил медиҳанд. Дар рафти омӯзиши масъала аз усулҳои асосии пажӯҳишҳои таърихӣ ба монанди усули таърихият, усули муқоисавӣ-таърихӣ, усули хронологӣ ва таҳлили матн (методи герменевтика) васеъ истифода карда шуд. Ҳамчунин, усулҳои таҳлили сарчашмашиносӣ ва матншиносӣ низ барои муайян кардани арзиши маълумоти Атомалики Ҷувайнӣ истифода карда шуд.

Натиҷа. Лозим ба ёддоварист, ки маълумоти Ҷувайнӣ дар ҷилди дуюми асар низ аз нигоҳи сарчашмашиносӣ арзиши баланд дорад. Тавре ки худи муаллиф таъкид намудааст, ҳангоми таълифи ин бахш ӯ аз осори хаттии дар замони худ мавҷудбуда истифода бурдааст, ки то давраи мо нарасидаанд.

Гузашта аз ин, Ҷувайнӣ ҳамчун амалдори баландпояи дастгоҳи маъмурии муғулҳо ба асноду бойгонии расмии Хоразмшоҳиён, инчунин ба бойгонии шахсии падару бобои худ, ки дар хидмати ҳокимону амалдорони Хоразм қарор доштанд, дастрасии бевосита доштааст. Ин яке аз афзалиятҳои асосии сарчашмавии асари ӯро нисбат ба дигар сарчашмаҳо ба шумор меравад.

Дар фасли аввали қисми сеюми асар – «Зикри мабдаи давлати салотини Хоразм» Ҷувайнӣ, бо истинод ба маълумоти сарчашмаҳои хаттии асри XII, ки то замони мо нарасидаанд, пайдоиш ва решаҳои иҷтимоии сулолаи Хоразмшоҳиёнро чунин тасвир мекунад: «...Дар китоби «Машориб-ут-таҷориб», ки татиммаи «Зайли Таҷориб-ул-умам» аст ва аз таснифи Ибни Фундуқи Байҳақӣ мастур аст ва дар «Ҷавомеъ-ул-улум» ҳам аз таснифи Розӣ, ки бо номи султон Такаш аст... ки Билқотакин яке буд, аз аркони мамлакати

Салҷуқиён, чунон ки дар мамлакати Сомониён Алптакин соҳибҷайши Хуросон, аз Ғарҷистон ғуломе турк харида аст, номи ӯ Нуштакини Ғарча буд ва ба тадриҷ сабаби ақлу киёсат лоиқати мартабат меёфт, то ба ҳадде, ки рукни бузург гашт дар давлати Салҷуқиён ба масобати Сабуктакин дар охири аҳди мулуки Сомон...» [17, с. 1-2].

Ин иқтибос гувоҳӣ медиҳад, ки хонадони Хоразмшоҳиён на аз миёни ашрофи маҳаллӣ, балки аз ғуломони турк сарчашма гирифтааст, ки дар ибтидо ҷузъи низоми ҳарбию сиёсии Оли Салҷуқ буданд. Нуштакини Ғарча писари худ Қутбиддин Муҳаммадро дар Марв «..ба мактаб дод то одобу русуми раёсату аморатро таълим кунад». Таъини минбаъдаи Қутбиддин ба вазифаи шиҳнаи Хоразм заминаи мусоидеро барои таҳкими нуфузи идорию низомии ин хонадон, ҳам дар дохили Хоразм ва ҳам берун аз ҳудудҳои он, фароҳам оварда [2, с. 446].

Ташаккули истиқлоли сиёсии Хоразмшоҳиён, тавре маълум аст, ба давраи ҳукмронии Алоуддин Отсиз ва Ил-арслон рост меояд. Муборизаи Отсиз бар зидди Санҷари Салҷуқиро дар асоси ахбори Ҷувайнӣ метавон ҳамчун рақобати «марказ ва музофот» шарҳ дод. Аз маълумоти ӯ бармеояд, ки Отсиз, ҳарчанд дар Ҳазорасп шикасти низомӣ хӯрд, тавонист бо ёрии нухбагони маъмурӣ, аз ҷумла Бадеъ-ул-котиб – машруияти хешро ҳифз намояд. Ба ин маъно, муқовимати Отсиз ва Санҷар танҳо хусусияти низомӣ надошт, балки муборизаи шадиди сиёсию таблиғотиро низ дар бар мегирифт. Бо вуҷуди ин, Хоразм дар давраи Отсиз аз музофоти тобеъ ба маркази қудрати мустақил табдил ёфт, ба дараҷае ки ҳатто султони муқтадири салҷуқиро ба содир кардани ҳукмҳои лозимӣ водор месохт.

Бахши бахшидашуда ба Султон Такаш дар асар лаҳзаи авҷи иқтидори сиёсию низомии Хоразмро, ки бо ҳамроҳшавии Эрони марказӣ ба қаламрави он алоқаманд аст, инъикос менамояд. Тибқи маълумоти Ҷувайнӣ, Такаш дар соли 1272/568 ҳиҷрӣ бар тахти подшоҳии Хоразм нишаст. Таъкиди муаллиф ба вожаи «адл» сиёсати Такашро дар муқобили зулми охирин намояндагони Салҷуқиён ба намоиш мегузорад [17, с. 18].

Аз маълумоти Ҷувайнӣ бармеояд, ки маҳз дар давраи ҳукмронии Отсиз ва Такаш ҳудудҳои давлати Хоразм тавсеа ёфта, нуфузи онҳо аз чаҳорчӯбаи ҳокимияти маҳаллӣ пурра берун баромад. Онҳо даъвои «идораи хилофат» ва сарварии тамоми Эронзаминро пеш гирифтанд, ки минбаъд заминаи бархӯрд бо Хилофати Бағдодро фароҳам оварда.

Дар мавриди поёни салтанати Салҷуқиён дар Эрон ва пирӯзии Такаш, Ҷувайнӣ чунин хабар медиҳад: «ва ба Тоғрул аз асб пиёда шуд, рӯй бар замин молид ва сари ӯро, ки бо Амиралмӯъминин ан-Носиридиниллоҳ якдилӣ надошт, ба Бағдод фиристод... ва ин ҳолат дар рӯзи панҷшанбе, бисту нуҳуми рабеъулаввали санаи тисъин ва хамса мия (590 ҳ/1194 м) воқеъ шуд» [17, с. 33]. Аз ин иқтибос бармеояд, ки Такаш бо барҳам додани давлати Салҷуқиён, Хоразмро ба пурзӯртарин давлати олами ислом табдил дод ва бо ин амал заминаи лозимии низомию иқтисодиро барои лашкаркашиҳои минбаъдаи писараш, Султон Муҳаммад фароҳам оварда [3, с. 51-54; 6, с. 102].

Лаҳзаи ба тахт нишастани Алоуддин Муҳаммадро дар соли 1220м./596ҳ. Ҷувайнӣ чунин тасвир кардааст: «Чун ба маркази давлат нузул кард, умаро ва аркони мулк ҷамъ шуданд ва... ба юмни таъйиди илоҳӣ бар сарири подшоҳӣ шинонданд...» [17, с. 47]. Аз ин ахбор бармеояд, ки Султон Муҳаммад на тавассути табаддулот, балки бар асоси иҷмои аркон ва суннатҳои девонсолории Салҷуқиён ба қудрат расидааст.

Мувофиқи ахбори Ҷувайнӣ, давраи ҳукмронии Султон Муҳаммад бо мушкилоти дохилӣ ва таҷовузи неруҳои бурунӣ ҳамроҳ буд. Дар Хуросон яке аз рақибони асосии султон дар ин марҳила Муҳаммади Ҳаранг маҳсуб мешуд. Муаллиф шуҳратпарастӣ ва таҷовузкории ҳокимони маҳаллиро бо ибораи киноявии «арӯсони ҳирс» тавсиф намудааст. Аммо Султон Муҳаммад тавассути таъини «шаҳнаҳо» ва тобеъ кардани ҳокимони саркаш азми қатъии худро барои нигоҳ доштани Хуросон дар ҳайати Хоразм зоҳир сохт. Маҳз набардҳои Шодияҳ ва Тӯс ҳокимияти ӯро дар Хуросон устувор гардонданд [17, с. 48].

Дар бораи рақобати Султон Муҳаммад бо салотини Ғӯр ва забти шаҳрҳои калони Хуросон Ҷувайнӣ чунин менависад: «Султон Муҳаммад чун хабари ташвишу изтироби аҳли Хуросон бишнид, аз Хоразм чун шери хашмнок... ба лашкари ҷаррору ҳашме бисёр равон шуд ва Ғӯриён аз шаҳр берун меомаданд ва муҷодалат мекарданд...» [17, с. 49]. Аз ин маълумот бармеояд, ки вокуниши султон ба амалҳои Ғӯриён қотеъ буд ва ӯ зидди онҳо ҳам лашкар ва ҳам неруҳои хоси дарбориро (ҳашм) равона намуд.

Шикасти Ғӯриён ва забти Нишопур дар ҳамин марҳила (соли 600 ҳ/1203 м) нуқтаи авҷи пирӯзиҳои Султон Муҳаммад ба ҳисоб мерафт ва барои тавсеаи минбаъдаи ҳудуди давлати ӯ дар Хуросон заминаро фароҳам оварда [2, с. 417]. Ҷувайнӣ сабаби суқути сулолаи Ғӯриёнро пас аз вафоти Шаҳобиддини Ғӯрӣ дар мустақилшавии баъзе ғуломон, аз ҷумла Қутбуддини

Ойбек, ва дар «соҳибтараф шудан»-и як гурӯҳ аз ҳокимони маҳаллӣ мебинад [17, с. 61]. Ин ахбори ӯ барои бозсозии рафти фурӯпошии давлати Ғӯриён ва гузариши ҳудудҳои он ба тобеияти Хоразмшоҳ аҳаммияти калон дорад.

Фасли «Зикри аҳволи Ҳармил пас аз муфориқати султон» ба танишҳои миёни Султон Муҳаммад ва нухбагони маҳаллӣ, аз ҷумла Ҳармил – волии Ҳирот бахшида шудааст. Тибқи ахбори Ҷувайнӣ, гарчанде Султон «ҳукми молики Ҳирот дар қабзаи Ҳармил ниҳод», аммо ба «сабаби ароҷиф», яъне бар асари овозаи беасоси марги султон, Ҳармил даст ба шӯриш мезанад [17, с. 66]. Ин маълумот собит месозад, ки ҳокимияти Хоразмшоҳ дар нуқтаҳои калидии Хуросон, хусусан дар Ҳирот, сахт осебпазир будааст.

Гуфтан ба маврид аст, ки асари Ҷувайнӣ ягона манбаест, ки тафсилоти ошӯби Ҳармилро инъикос кардааст. Таҳлили ин фасл нишон медиҳад, ки дар лаҳзаҳои ҳассос ҳокимияти расмӣ (Ҳармил) заифии худро зоҳир намуда, асосан мардуми шаҳр («риндӣ ва авбош») ташаббусро ба даст мегирифтанд [17, с. 66].

Тибқи маълумоти Ҷувайнӣ, Султон Муҳаммад барои саркуби шӯриши Ҳирот пеш аз ҳама девори мудофиавӣ ва хандақи атрофи шаҳрро хароб кард. Аз ин бармеояд, ки зерсохти мудофиавии шаҳр ҳанӯз то ҳуҷуми муғул осеб дида буд. Иловатан, ихтилофи Ҳармил бо мардуми шаҳр яке аз сабабҳои асосии шикасти онҳо дар баробари лашкари султон гардид.

Яке аз ошӯбҳои бузурги дохилии давраи ҳукмронии Султон Муҳаммад дар Хуросонро Атомалики Ҷувайнӣ дар фасли «Зикри Қизлӣ ва оқибати кори ӯ» тасвир кардааст. Ба гуфтаи Ҷувайнӣ: «Қизлӣ турке буд аз хешовандони модари султон, аморати Нишопур бад-ӯ мунавваз ва ҳаллу ақди масолеҳи он бад-ӯ манут... ба сабаби тахаюлоте, ки аз султон бад-ӯ нақл карда буданд, хоиф шуд... ва ба Шодияҳ омад ва овоза дарандохт, ки лашкари Хитой (ишора ба Қарохитоиҳо. С. К.) ба Хоразм рафт ва султон аз Ҳирот гурехта бозгашт... бад-ин баҳона Шодияҳро ба тасарруфи худ гирифт» [17, с. 69]. Аз ин иқтибос бармеояд, ки Қизлӣ ҳамчун яке аз наздикони Турокинохотун дар Нишопур ихтиёри мутлақи маъмурию ҳуқуқӣ («ҳаллу ақд») доштааст, ва ин ҳолат заифии қудрати марказии Хоразм дар вилоятҳо ҳангоми бӯҳронҳои низомиро ба таври равшан нишон медиҳад.

Мувофиқи ахбори Ҷувайнӣ, барои фурӯ нишондани исёни Қизлӣ неруҳои вафодори султон бо сарварии Исфаҳбад ба Нишопур расиданд, ва Қизлӣ пас аз шикаст дар набардҳои нахустин маҷбур гардид ба сӯи Кирмон гурезад. Аммо дере нагузашта, бо мусоидати модари султон, ба Хоразм бармегардад: «...ва Қизлӣ чун ба Хоразм расид, Турокинохотун ӯро... гуфт: фармон он аст, ки дар либоси хирқа бар турбати султон Такаш муҷовир гардад, магар бад-ин ҳилат султон аз асироту заллоти ӯ сафҳ (бахшиш) кунад... то ногаҳ... сарашро аз тан ҷудо карданд ва ба назди султон бурданд» [17, с. 73].

Маълумоти ин фасл барои дарки нақши харобиовари нуфузи Турокинохотун ва горди турк дар заиф гардидани бунёди давлати Хоразм аҳаммияти хос дорад. Ахбори Ҷувайнӣ хиёнати Қизлиро на танҳо ҳамчун шӯриши низомӣ, балки ҳамчун натиҷаи нобоварии мутақобилаи миёни султон ва нухбагони низомии турк ошкор месозад. Ғайр аз ин, фирори Қизлӣ ба Кирмон гувоҳӣ медиҳад, ки шӯришҳои дохилӣ аз як минтақа ба минтақаи дигар паҳн шуда, тавони низомию иқтисодии давлати Хоразмро пеш аз ҳамлаи муғул коҳиш медоданд. Гарчанде Қизлӣ ба ҳимояти Турокинохотун такя дошт, аммо қатли ӯ барои хомӯш кардани «боди фитна» зарур дониста шуд. Ҳодисае, ки авҷи танишҳои дохили хонаводагии дарбори Хоразмро ошкор мекунад, зеро султон Муҳаммад маҷбур гардид ҳатто наздикони модариро барои нигоҳ доштани қудрат аз байн барад [2, с. 425].

Дар фасли VI-и қисмати дуюми асари Ҷувайнӣ – «Зикри истихлоси Мозандарону Кирмон» тавсеаи ҳудуди давлати Хоразм дар минтақаҳои марказӣ ва ҷанубии Эрон, инчунин барҳам хӯрдани сулолаҳо маҳаллӣ инъикос ёфтааст. Шикасти Мозандаронро Ҷувайнӣ ба «адами ҷадду иҷтиҳод», яъне набудани пайкори ҷиддии низомӣ, ва ба заъфи дохилии ҳокимони маҳаллӣ нисбат медиҳад [17, с. 72].

Дар мавриди забти Кирмон бошад, Ҷувайнӣ чунин хабар медиҳад: «Ва дар хазоини Шоҳ Ғозӣ, ки аз шоҳони қадим ва мулуки карим ба ирс расида буд, тасарруф намуд ва соли дигар, ки шуҳури санаи сабъ (607ҳ./1210м.) буд, Кирмон мусаллам шуд» [17, с. 74].

Гуфтан ба маврид аст, ки дар давоми соли 1210 тамоми ҳудудҳои Эрон ба давлати Хоразмшоҳиён ҳамроҳ карда шуданд, ки ин имконияти дастрасиро ба Халиҷи Форс ва Уқёнуси Ҳинд кушод. Тавре академик В.В. Бартолд қайд кардааст, маҳз пас аз ин воқеа султон Муҳаммад худро «Искандари сонӣ» эълон намуда, даъвои сарварии кулли ҷаҳони исломро пеш гирифт [2, с. 428].

Ҳамин тавр, Мозандарону Кирмон бо истифода аз фитнаҳои дохилӣ ва тамаъҷӯии амирон (аз ҷумла Буризо – ҳокими Мозандарон) аз ҷониби султон Муҳаммад ишғол гардиданд. Ин марҳиларо метавон нуқтаи авҷи қудрати низомию дипломатии давлати Хоразмшоҳиён дар Ғарб пеш аз рӯ ба рӯ шуданаш бо хатари ҳамлаи муғул арзёбӣ кард [12, с. 156].

Яке аз марҳилаҳои ҳассоси таърихи давлати Хоразмшоҳиён – муборизаи он бо Қарахитоиҳо дар Мовароуннаҳр ва густариши ҳудудҳояш дар Шарқ дар фасли ҳафтуми қисмати дуюми «Таърихи ҷаҳонгушой» инъикос ёфтааст. Ҷувайнӣ фасли «Зикри истихлоси Мовароуннаҳр»-ро бо тасвири тасмими Султон Муҳаммад ба озод кардани вилоятҳои шарқии давлати Хоразм оғоз мекунад: «Чун султонро арбоби Хуросон аз шавоиби мухолифон пок шуд ва... арбоби Мовароуннаҳр аз аъёну машоҳир мактуботу муросилот ба хидмати ӯ мутавотир доштанд то азимат бад-он тараф мустахлас гардонад ва диёри онро аз ҷабру зулми заламаи Хитой (Қарохитоиён. С. К.) мусаффо, чӣ аз тавоғити тоғутпарастон малул гашта буданд...» [17, с. 74].

Аз порчаи боло бармеояд, ки Ҷувайнӣ ҳаракати султонро ба сӯи Мовароуннаҳр ҳамчун посух ба хости мардум («аъёну машоҳир») ва ҷангҳои ғоратгаронаи ӯро бар зидди Қарохитоиён («тавоғитпарастон» ва «заламаи Хитой») ҳамчун ҷиҳод бар зидди ғайримусулмонон тасвир намудааст. Ин нукта барои омӯзиши раванди шаклгирии идеологияи давлати Хоразмшоҳиён аҳаммияти бунёдӣ дорад, зеро шиори «дифоъ аз ислом» дар воқеъ бо баҳонаи асосии тавсеаталабии ҳудудӣ табдил ёфта буд [3, с. 556].

Бояд гуфт, ки оғози ҷангҳои Султон Муҳаммад бо Қарахитоиён нуқтаи гардиши муносибатҳои байналдавлатии ибтидои асри XIII дар минтақа ба шумор меравад. Қатъи пардохти хироҷ ба Қарохитоиён (соли 606 ҳ/1209 м) маънои эълони ҷангро бо давлати пуриқтидори Осиёи Марказӣ дошт. Муҳаққиқон, аз ҷумла В. В. Бартолд, ин ҳодисаро поёни суботи минтақавӣ номидаанд, ки минбаъд роҳро барои лашкари Чингиз ҳамвор кард [2, с. 452].

Ҷувайнӣ ворид шудани Султон Муҳаммадро ба Мовароуннаҳр чунин тасвир кардааст: «Чун аз маъбар бигузашт ва ба Бухоро расид, арбоби он ба осори адли шомил... мағмур шуданд... ва аз Бухоро ба ҷониби Самарқанд равон шуд ва дар муқаддима расулон ба наздики султони Самарқанд – Усмон фиристод... ва хутбаву сикка ба номи ӯ фармуд...». Аз ин ахбори Ҷувайнӣ бармеояд, ки иттиҳоди Хоразмшоҳ бо охирин намояндаи Қарохитоӣ дар Мовароуннаҳр, Усмон, омили аслии комёбии ӯ будааст. Истилоҳи «хутба ва сикка» гувоҳи эътирофи ҳокимияти мутлақи Хоразм дар Самарқанд мебошад. Аммо тавре аз маълумоти ин фасл бармеояд, баъдан Усмон бо умеди наҷот аз Қарохитоиён садоқати худро ба Султон Муҳаммад тағйир медиҳад. Гарчанде ишғоли Самарқанд дар оғоз хусусияти сулҳомез дошт, минбаъд ба яке аз хунинтарин саҳифаҳои таърихи минтақа, яъне қатли оми Самарқанд табдил ёфт, ки дар натиҷа шаҳр ба ҳайати давлати Хоразмшоҳиён (соли 1210) дохил гардид [17, с. 76].

Ҷувайнӣ дар фасли «Зикри муроҷиати султон бори дуввум ба ҷанги Гурхон» кӯшишҳои Султон Муҳаммадро барои барҳам додани салтанати Қарахитоиҳо дар Мовароуннаҳр тасвир кардааст. Ба гуфтаи ӯ, султон дар ин марҳила ҳамзамон бо хатари дохилӣ («ҷамоате... дар ҳудуди Ҷанд доияи исён зада буданд...») ва хориҷӣ («...дар аснои он хабар расид, ки лашкари Хитой ба дари Самарқанд омадааст...») рӯбарӯ гардида буд [17, с. 83].

Муҳорибаи Самарқанд, тавре аз ҳамин фасл маълум мегардад, хеле шадид ва тулонӣ («ҳафтод навбат ҷанг») будааст. Гарчанде Гурхон тамоми неруи низомии худро барои бозпас гирифтани шаҳр сафарбар кард, расидани лашкари эҳтиётӣ таносуби қувваро ба фоидаи Хоразмшоҳ тағйир дод. Расидани ӯ ба Фанокат алаккай маънои оғози марҳилаи нави ҷанг бар зидди Қарахитоиҳоро дошт.

Муҳокима. Дар фасли IX-и қисмати дуюми «Таърихи ҷаҳонгушой» маҳви ниҳоии сулолаи Ғуриён ва забти пойтахтҳои онҳо – Фирӯзкӯҳ ва Ғазнин тасвир ёфтааст. Тибқи маълумоти Ҷувайнӣ, Хоразмшоҳ пас аз забти Ҳирот Султон Маҳмудро ҳокими Фирӯзкӯҳ таъин мекунад. Аммо бародари Султон Муҳаммад – Тоҷуддин Алишоҳ ба сабаби «дилмондагӣ» аз султон ба назди Султон Маҳмуд меравад ва дар натиҷа, бо тавсияи Султон Муҳаммад, соли 609 ҳ./1212 м. аз ҷониби яке аз «аъёни Фирӯзкӯҳ» дар «ҷомахона» ба қатл мерасад, ки ин рӯйдод ба ишғоли Фирӯзкӯҳ оварда расонд [17, с. 84-85].

Дар ҳамин фасл дар бораи ҳаракати султон ба сӯи Ғазнин пас аз вафоти ҳокими он, Тоҷуддин Илдуз, низ нақл шудааст. Тибқи ахбори Ҷувайнӣ, холии қудрат баъди марги Илдуз ба Султон Муҳаммад имкон дод, ки Ғазнинро бидуни муқовимати ҷиддӣ ишғол намояд, зеро

вориси арзандае барои «қоиммақомӣ» боқӣ намонда буд. Муаллиф бо корбурди ибораи «мулки нафис» аҳаммияти таърихию фарҳангӣ ва иқтисодии Ғазнинро таъкид мекунад, ки пас аз ишғол ба ҳайати давлати Хоразмшоҳиён «музоф шуд». Бо забти Ғазнин соли 611ҳ./1214м. Муҳаммади Хоразмшоҳ амалан ба тамоми мероси сиёсии Ғуриён соҳиб гардид ва тавсеаи ҷуғрофии давлаташ ба авҷи худ дар Хуросону Ҳинд расид. Ин комёбиҳо барои идомаи сиёсати тавсеаталабонаи ӯ ба самти Ироқ ва Чин замина фароҳам овард [6, с. 111].

Ҷувайнӣ ҳодисаҳои солҳои охири ҳукмронӣ ва рӯзгори Султон Муҳаммадро дар се фасли қисмати сеюми асар баён кардааст. Фасли «Зикри бақияи аҳволи султони саид Муҳаммад ва ихтилоли кори ӯ» бо тасвири парешонии султон ва тазалзули низоми сиёсии давлаташ пеш аз ҳуҷуми Чингизхон оғоз мешавад. Муаллиф сабабҳои асосии шикасти султонро дар доираи фаҳмиши «қазову қадар» шарҳ додааст: «Ҳар киро тасйири дараҷаи толеи давлат ба ҷурми қотеи меҳнат расид, хуршеди иқболаш... ба заволи номуродӣ ба мағриби идбор кашид...» [17, с. 94].

Марҳилаи таъқиби султон (1220-1221) нуқтаи ниҳоии қудрати Хоразмшоҳиён дар Хуросону Эрон ба шумор меравад. Фирори ӯ ба қалъаҳои Сарҷаҳону Қорун ба забти бемамониати шаҳрҳои Эрон ва Ироқи Аҷам аз ҷониби муғулҳо анҷом пазируфт.

Дар бораи рӯзҳои вопасини ҳаёти султон Муҳаммад дар яке аз ҷазираҳои Каспий Ҷувайнӣ чунин овардааст: «...ба ҷониби баҳри Обискун паноҳ бурд ва якчанде он ҷо мақом сохт... ва бидонист, ки ҳарами ӯ беҳурмат шудаанд ва ҳашам беҳашмат гашта... ва муҳаддарот (занони покдоман) дар қабзаи истилои бегонагон асир гаштанд... дард аз дастдармон бишуд ва оҳанги ҷон кард» [17, с. 115-116]. Бино бар ин ахбор, султон дар натиҷаи ҳасрати бепоён аз фоҷиаи ҳаёти шахсӣ ва аз даст додани шукӯҳу шаҳомат ва қудрати сиёсӣ («ҳашам беҳашмат гашта») дар ҷазираи беодам ҷон месупорад. Барои дафни ӯ ҳатто порчаи кафан наёфтанд ва бо ҳамон либосҳои танаш ба хок супурданд.

Марги султон дар шавволи соли 617 ҳ./1220 м. поёни расмии як императории бузург дар Шарқ ва оғози парокандагии амиқ дар ҳудудҳои он буд. Тавре аз маълумоти Ҷувайнӣ бармеояд, интиқоли қудрат ба Ҷалолуддини Манкубирнӣ дар асоси васияти султон дар ҳамон ҷазира кӯшише буд барои идомаи муқовимат зидди муғулҳо ва ҷуброни иштибоҳҳои гузашта, ки бенатиҷа анҷом ёфт [17, с. 117].

Ҷувайнӣ таъкид мекунад, ки амали Ғоирхон дар Утрор оғози фоҷиаи оянда гардид: «...шумии он феъл сабаби инқирози хонадон ва истисоли он давлат гашт ва хуни чандон халқ бирехта шуд ва обрӯи мусулмонӣ барбод бирафт» [17, с. 100]. Муҳаққиқони саршиноси аҳди муғул низ қайд кардаанд, ки ихтиёри мутлақи хешовандони модарии султон, аз ҷумла амали Иналҷуқ дар Утрор, яке аз сабабҳои муҳимми ҳуҷуми Чингиз гардид [2, с. 446; 4, с. 26].

Дар мавриди вокуниши Чингиз ва фиристодани элчиён Ҷувайнӣ хабар медиҳад, ки «...чун Чингизхон бар маоли ҳол вуқуф ёфт... ба машварат бо аъёни хеш расуле фиристод наздики султон...» ва аз ӯ талаб мекунад, ки «...Ғоирхонро таслими ман кун... ва илло муҳайёи ҷанг бош...» [17, с. 101]. Аммо «...султон дар ҷавоб тундиву ғилзат намуд ва расулро бар сабили иҳонат бикушт ва мутобеонро риш бурид...» [17, с. 102].

Бояд гуфт, ки қатли сафирон дар он замон маънои қатъи робита ва эълони ҷанги беамонро дошт. Пас аз ин «...Чингизхон... ба кӯҳ баромад... ва зориву тазаррӯъ намуд, ки илоҳӣ, ман бонии ин фитна набудам, мадад кун то интиқом кашам...» [17, с. 102].

Муаллиф бо ибораи «бонии фитна набудан» кӯшиш мекунад гуноҳи аслии хунрезиҳоро на бар дӯши истилогарон, балки бар дӯши Хоразмшоҳ, ки одоби дипломатиро вайрон гардонидааст, гузорад. Ҳамин тариқ, фасли номбурда барои дарки заминаҳо ва сабабҳои асосии ҳамлаи Чингиз ва шинохти рӯйдодҳо то ҳуҷуми мустақими лашкари муғулҳо аҳаммияти хос дорад.

Бояд қайд кард, ки муборизаҳои Ҷалолуддини Манкубирнӣ барои барқарор кардани қудрат дар қисмати дуюми «Таърихи ҷаҳонгушой» ҷойгоҳи хос дошта, дар ҳафт фасл (XIV-XX) баён ёфтаанд. Дар фасли «Зикри султон Ҷалолуддин» Ҷувайнӣ Ҷалолуддинро дар муқобили падари ҳаросону парешон ва дигар писарони ӯ чунин тасвир мекунад: «Султон Ҷалолуддин аз бародарон бузургтар буд ва ба шаҳомату саромат бештар...» [17, с. 126].

Маълумоти ин фасл инчунин барои бозсозии раванди интиқоли қудрат дар остонаи суқути Хоразм (1221) ва ҷузъиёти муҳорибаи Парвон миёни Ҷалолуддин ва муғулҳо аҳаммияти бунёдӣ дорад. Ҷувайнӣ лаҳзаи ҷаҳидани султонро ба дарёи Синд пас аз шикасти низомӣ ва вокуниши Чингизхонро чунин ба риштаи тасвир кашидааст: «Чингизхон чун он ҳол мушоҳидат кард, рӯи писарон овард ва гуфт: аз падар писар мисли ӯ бояд! ...» [17, с. 143].

Бо вуҷуди нокомиҳои минбаъда ва набудани ягонагӣ дар сафи лашкари Хоразмшоҳиён, ғалабаи Султон Ҷалолуддин дар Парвон ягона музаффарияти бузурги давлати Хоразмшоҳиён дар муқобили лашкари муғулҳо ба шумор меравад [11, с. 52]. Таврe аз ахбори Ҷувайнӣ бармеояд, муқовимати Ҷалолуддин дар Синд ва Парвон ягона марҳалае буд, ки пешравии муғулҳоро ба таври ҷиддӣ боздошт. Ҷувайнӣ, бо вуҷуди мавқеи дарборӣ худ, додхоҳиву мардонагии Ҷалолуддинро низ ба таври равшан баён кардааст. Муаллиф бо истифода аз шеваҳои насри мусаҷҷаъ ва иқтибосҳои ҳамосӣ Ҷалолуддинро вориси лоиқи давлати Хоразмшоҳиён медонад, ки танҳо ба сабаби ихтилоли умури сиёсӣ дар аҳди падараш ва адами иттиҳоди амирону сарлашкарон натавонист пеши суқути ниҳоии давлатро бигирад. Фасли мазкур дар асари «Таърихи ҷаҳонгушой» аз муҳимтарин манбаъҳо барои дарки ҷанбаҳои равонӣ ва низомии муқовимати халқҳои Осиёи Марказӣ ва Эрон мебошад.

Ҷувайнӣ дар фасли «Зикри аҳволи ӯ дар Ҳиндустон» муқовимати низомӣ ва фаъолиятҳои дипломатии Султон Ҷалолуддинро дар нимҷазираи Ҳиндустон баён кардааст. Маълумоти ин фасл барои бозсозии ҳаводиси пас аз набарди Синд (соли 1221) дар нимҷазираи Ҳиндустон аҳаммияти бузург дорад [17, с. 142]. Ин марҳилаи талошҳои Ҷалолуддин ҳамчун давраи аз нав барқарор кардани неруҳои хоразмшоҳӣ дар ғурбат арзёбӣ мешавад [12, с. 214-215]. Фасли мазкур инчунин барои дарки вазъи сиёсӣ дар Ҳиндустон ва тарси ҳокимони мусулмони он аз интиқоми Чингизхон манбаи муҳим ба шумор меравад, зеро қудратҳои сиёсии минтақа аз эҳтимоли хавфи ҳуҷуми муғулҳо бо ҳар баҳонае аз ҳамкорӣ бо Ҷалолуддин даст мекашиданд.

Аз ин фасли асари Ҷувайнӣ бармеояд, ки султон Ҷалолуддин пеш аз хуруҷ аз Ҳинд тавонист низоми идории худро дар баъзе вилоятҳо (мисли Садустон) ҷорӣ кунад. Омили аслии тарки Ҳинд (соли 1224) хабари эҳёи ҳукумати бародараш Ғиёсуддин дар Ироқ ва умед ба ҷамъоварии лашкари бештар барои муқовимат бо муғулҳо буд. Ин собит месозад, ки султон, бо вуҷуди шикаст аз муғулҳо дар Синд, тавонист қудрати худро дар Ҳинд ҳифз кунад ва бо неруи тоза (4 ҳазор савора) ба Эрон баргардад. Ин маълумоти Ҷувайнӣ барои бозсозии хронологияи ҳаракати султон ба сӯи Кирмон ва оғози марҳалаи дувуми муқовимат аҳаммияти бунёдӣ дорад [10, с. 303].

Рӯёрӯии сиёсию низомии Ҷалолуддин бо дастгоҳи хилофати Аббосӣ дар фасли «Зикри ҳаракати султон Ҷалолуддин ба ҷониби Бағдод» баён шудааст. Таврe Ҷувайнӣ хабар медиҳад: «Дар авоили шуҳури санаи аҳадо ва ишрин ва ситта мия (621 ҳ./1224 м.) азимат кард то ба ҷониби Шуштар равад ва зимистон он ҷо мақом созад...» [17, с. 152].

Маълумоти ин фасл барои бозсозии харитаи ҳаракати Ҷалолуддин пас аз бозгашт аз Ҳинд аҳаммияти бунёдӣ дорад. Таҳлили маълумоти Ҷувайнӣ нишон медиҳад, ки ҳадафи аввалияи султон на танҳо ҷанг, балки ташкили базаи стратегӣ дар Ироқи Аҷам ва Араб барои муқовиматҳои оянда бо муғулҳо буд.

Дар мавриди рақобати низомӣ бо фармондеҳи халифа – Қуштемур Ҷувайнӣ чунин хабар медиҳад: «...ва бар он буд, ки Амирулмуъминин ан-Носир ли дини-л-Лоҳ ӯро мадад диҳад... халифа расуле фиристод, Амирулмуъминин бар он сухан муболоте нанамуд ва интиқоми он чӣ аз падару ҷадди ӯ дар рӯзгор гузашта содир шуда буд, ҳанӯз дар дил монда буд... Қуштемурро бо бист ҳазор мард аз шуҷоъони риҷол... номзад кард то Султон Ҷалолуддинро аз навоҳии мамолики ӯ бironанд» [17, с. 152].

Аз ин ахбори Ҷувайнӣ бармеояд, ки омили аслии нокомии дипломатӣ кинаи деринаи сиёсӣ байни Аббосиён ва Хоразмшоҳиён буд. Метавон гуфт, ки соли 1225 (622 ҳ.) имконияти охирини иттиҳоди ҷаҳони ислом бар зидди муғулҳо аз байн рафт. Пас аз ин ғалаба Ҷалолуддин барои лашкаркашӣ ба шимоли Ироқ омода гардид [12, с. 225].

Ҷувайнӣ зикр мекунад, ки иштибоҳи стратегии халифа дар фиристодани Қуштемур боиси ҷанги бесамари дохилӣ гардид. Лаҳзаи ҳассоси пирӯзии Ҷалолуддинро дар набарди Дақуқо ӯ чунин тасвир мекунад: «Ду-се навбат ҳамла бурд ва пушт баргардонид, лашкари Қуштемур пиндоштанд, то лашкар ба ҳазимат рафт... касоне, ки дар камин буданд, аз паси эшон даромаданд ва султон бозгашт... султон бар пайи эшон то наздики Бағдод биёмад...» [17, с. 155].

Набарди Дақуқо собит намуд, ки неруҳои низомии Хилофат тавони муқовимат дар баробари артиши озмудаи Хоразмшоҳиёнро надоштанд. Ин пирӯзӣ роҳи Ҷалолуддинро ба сӯи Озарбойҷон (Табриз) кушод ва ӯро ба қудрати қобили мулоҳизаи минтақа табдил дод [17, с. 156-157].

Дар фасли «Зикри аҳволи султон ва Гурҷиёну қамъи эшон» марҳалаи аввали ҳуҷуми Ҷалолуддин ба Гурҷистон (соли 1225) ва шикасти неруҳои иттифоқии насронӣ дар набарди

Гарнӣ тасвир ёфтааст. Ҷувайнӣ оғози низоъро бо тасвири суқути давлати Атабекони Озарбойҷон ва зуҳури таҳдиди Гурҷистон чунин баён мекунад: «Чун кори рӯзгор, чунонки одати ӯст, давлати Атабекро ба завол расонид ва мулки ӯро ба Султон Ҷалолуддин интиқол кард ва ҳашаму хадам аз ҷавониб рӯй бад-ӯ ниҳоданд…» [17, с. 158].

Бозгашти дувуми султон ба Гурҷистон (солҳои 1227-1228) ва таҳкими ниҳоии қудрати ӯ дар Тифлис дар фасли «Зикри муроҷаати султон ба Гурҷистон» баён гардидааст. Ҷувайнӣ рафти ҳаводис, муҳосираи Тифлис ва набарди рӯбарӯро чунин тасвир мекунад: «Ва аз он ҷо дар шуҳури санаи хамса ва ишрин ва ситта мия (625 ҳ./1228 м.) ба Гурҷистон рафт ва чун салотини Руму Шому Арман... аз батш (тавоноӣ ва салобати ҳарбӣ. С. К.) ва интиқоми ӯ ҳаросон буданд, ба якдигар байъат карда буданд ва ба дафъи ӯ як теғ шуда... ва лашкари Гурҷу Олон ва Арман ва Сарир ва Лакзиён ва Фанҷоқ (Қипчоқ) ва Суниён... ҷумла муҷтамеъ гаштанд...» [17, с. 170-172].

Тавре аз ин маълумот бармеояд, дар ин марҳила алайҳи Ҷалолуддин иттиҳоди бузурги байналмилалӣ шакл гирифта буд, ва номбар кардани қавмҳои мухталиф вусъати ҷуғрофии низоъро ошкор месозад. Султон Ҷалолуддин дар байни солҳои 1226-1228 Тифлис ва аксари қалъаҳои Гурҷистонро тасарруф намуда, онҳоро ба манбаи даромади иқтисодӣ ва пойгоҳи низомии худ табдил дод. Бо вуҷуди ин, истифодаи аз ҳад зиёди неру дар Гурҷистон боиси заиф шудани мудофиаи султон дар баробари муғулҳо гардид.

Фаслҳои марбут ба ҳаракатҳои низомии Султон Ҷалолуддин ба сӯи Ахлот ва ҷанг бо султони Рум рақобатҳои низомии ӯро бо Аюбиён ва Салҷуқиёни Румро дар бар мегирад. Ҷувайнӣ муқовимати аҳолии Ахлот ва шиддати муҳосираро чунин тасвир кардааст: «Чу султон аз қабули нусҳи эшон маъюс гашт, лашкарро бифармуд то бар мадори шаҳр ҳалқа заданд ва хонаҳо сохтанд ва маҷоиниқ олоти дигар аз табарчарху нафт тартиб доданд... ҷумла бигзашт, қаҳту ғало дар андаруни шаҳр падид омад ва эшон дар хафия мусреон ба Бағдоду Руму Шом мефиристоданд...» [17, с. 175].

Ахбори Ҷувайнӣ дар бораи фиристодани «мусреон» (қосидони тезрав) ба Бағдоду Шом аҳаммияти муҳорибаи Ахлотро ҳамчун нуқтаи бархӯрди манофеи Хоразмшоҳиён бо Хилофат ва Аюбиён ошкор месозад. Суқути Ахлот (апрели 1230) нуқтаи авҷи тавсеаи Ҷалолуддин дар Арманистони таърихӣ ба шумор меравад. Ҷувайнӣ таъкид мекунад, ки ин пирӯзӣ, бо вуҷуди аҳаммияти низомиаш, боиси инзивои дипломатии султон гардид, зеро тамоми қудратҳои минтақаро алайҳи ӯ муттаҳид кард. Ин маълумот барои бозсозии хронологияи ҷангҳои Хоразмшоҳ Ҷалолиддини Манкубирнӣ дар Ғарб ва дарки сабабҳои шикасти ояндаи ӯ аҳаммияти бунёдӣ дорад.

Ҷувайнӣ заминаҳои оғози ҷанг бо Султон Алоуддин Кайқубоди Салҷуқиро пас аз фатҳи Ахлот чунин шарҳ медиҳад: «Чун фатҳи Гурҷ ба дасти султон муяссар шуд... субуҳи он субуҳ шуд ва ҳайбати ӯ дар он ақолим шоеъ шуд... ва султон аз Ахлот ба ҷониби Малозгирд омад...» [17, с. 180].

Аз ин бармеояд, ки омили аслии ҳаракат ба сӯи Рум афзудани нуфузи султон пас аз пирӯзиҳои Қафқоз буд. Муаллиф бо зикри масири ҳаракат тавассути Малозгирд ба таври рамзӣ Ҷалолуддинро ба Султон Алпарслон қиёс мекунад. Ҷувайнӣ бо истифода аз вожаи «тасорифи замон» пешгӯии фоҷиаборро дар мавриди ин ҷанг баён месозад, яъне ин оғози заволи султон буд.

Маълумоти Ҷувайнӣ дар ин бахш собит месозад, ки ҳаракати султон ба сӯи Анатолия (соли 1230) иштибоҳи стратегӣ буд, ки боиси шаклгирии иттиҳоди бузурги Руму Шом бар зидди ӯ гардид. Ин маълумот барои дарки заминаҳои набарди Ёсичаман аҳаммияти калидӣ дорад, зеро нишон медиҳад, ки чӣ гуна ғурури низомии Ҷалолуддин ӯро аз хатари муғулҳо ғофил кард ва неруи боқимондаи исломиро ба ҷанги дохилӣ кашид. Дар таърихнигории муосир низ маҳз ҳамин фасли Ҷувайнӣ ҳамчун далели асосии шикасти ҳарбию сиёсии Султон Ҷалолуддин арзёбӣ мегардад [2, с. 452]. Амалиёти ҳарбии Ҷалолуддин дар Қафқоз масъалаи муҳим ва ҳамзамон камомӯхтаи марҳилаи охири таърихи давлати Хоразмшоҳиён ба шумор меравад, ва ахбори Ҷувайнӣ барои омӯзиш ва бозсозии он аҳаммияти бузург дорад [11, с. 52].

Қобили зикр аст, ки Ҷувайнӣ фарҷоми ҳаёти Султон Ҷалолуддинро ҳамчун «заволи муқаддар» ва ҷазои илоҳӣ барои «ситам» ва «маишат»-и ӯ арзёбӣ мекунад. Тибқи ахбори ӯ, дар марҳилаи ниҳоии таъқиб (соли 1231) дастаи муғулҳо шабонгаҳ ба қароргоҳи султон ҳамла оварданд [17, с. 188-189]. Аммо султон аз майдони набард наҷот ёфта, ба кӯҳҳои атрофи Майёнфориқин (Диёрбакр) паноҳ мебарад ва дар он ҷо ба дасти роҳзанони курд асир меафтад. Гарчанде ки султон мекӯшад бо ошкор сохтани ҳувияти худ ва ваъдаҳои зиёд худро

нақот диҳад, дар ниҳоят қурбонии амали қасоси шахсӣ мегардад. Чуноне дар асар омадааст, як тан аз курдон, ки бародараш дар ҷанги Ахлот аз дасти хоразмиён кушта шуда буд, бо найза ба султон ҳамла оварда, ӯро ба қатл мерасонад [17, с. 192]. Муаллиф зикр мекунад, ки бо вуҷуди ҷустуҷӯҳои зиёд қабри султон Ҷалолуддини Манкубирнӣ пайдо нагардидааст, зеро ҷасади ӯ пинҳонӣ ба хок супурда шуда буд.

Хулоса. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлил арзиши маълумоти қисмати дуюми асари «Таърихи ҷаҳонгушой»-и Атомалики Ҷувайниро дар нуктаҳои зерин хулоса кардан мумкин аст:

1. Ҳифзи ахбори сарчашмаҳои таърихии азбайнрафта – Ҷувайнӣ ҳангоми баёни пайдоиш ва хостгоҳи иҷтимоии Хоразмшоҳиён ба осори хаттии асри XII (аз ҷумла «Машориб-ут-таҷориб»-и Ибни Фундуқи Байҳақӣ ва «Ҷавомеъ-ул-улум»-и Фахриддини Розӣ), ки то замони мо боқӣ намондаанд, такя карда, маълумоти беназири маъхазшиносиро то рӯзгори мо маҳфуз доштааст;

2. Маълумоти беназир ва истисноии таърихӣ – асари Ҷувайнӣ ягона сарчашмаест, ки тафсилоти ошӯби Ҳармил дар Ҳирот ва исёни Қизлӣ дар Нишопурро бо чузъиёти дақиқ инъикос кардааст. Ин иттилоот барои бозсозии муносибатҳои мутақобилаи султон бо нухбагони маҳаллӣ ва дарки нақши харобиовари Турокинохотун ва гарди турк дар заифшавии пояҳои давлат аҳаммияти калидӣ дорад;

3. Ошкор сохтани заминаҳои дохилии суқут ва фоҷиаи дипломатӣ – матни асар барои омӯзиши сабабҳои таназзули давлат маълумоти бунёдиро дар бар мегирад, аз ҷумла кашфи мактубҳои махфии халифа дар хазинаи Ғазнин ва эълони ҷанги беамон бо Чингизхон пас аз қатли сафирон дар Утрор (соли 1218), ки ҳамчун нуқтаҳои бебозгашти таърихӣ ва омили инқирози сохтори сиёсӣ баён гардидаанд;

4. Манбаи муҳимми муайян кардани хронология ва тактикаи низомии Ҷалолуддин – фаслҳои марбут ба Ҷалолуддини Манкубирнӣ муҳимтарин сарчашма барои бозсозии муфассали хронология, тактикаи ҳарбӣ, фаъолияти дипломатӣ ва дигар ҷанбаҳои муқовимат алайҳи муғулҳо дар Осиёи Марказӣ, Ҳиндустон, Ироқ ва Қафқоз ба шумор мераванд.

Адабиёт

1. *Бартольд, В. В. Джувейни, Ала ад-Дин Ата-Мелик / В. В. Бартольд // Сочинения: в 9 т. - М.: Наука, 1973. - Т. VIII: Работы по источниковедению. - С. 591-595.*
2. *Бартольд, В. В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения: в 9 т. / В. В. Бертольд; ответственный редактор И. П. Петрушевский. – Москва: Издательство восточной литературы, 1963. – Т. 1. – 760 с.*
3. *Буниятов, З. М. Государство Хорезмшахов-Ануштегинидов, 1097–1231 / З. М. Буниятов; отв. ред. М. Н. Наджафова. – М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1986. – 251 с.*
4. *Давлатов Муллошо. Центральная Азия накануне и в период монгольского нашествия (1201–1223 гг.): автореф. дис. … д-ра ист. наук: 07.00.02. — Душанбе, 2010.*
5. *Ибни Асир, Иззуддин. Ахбори Эрон дар ал-Комили Ибни Асир / тарҷумаи Бостонӣ Поризӣ. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1370 [1991]. – 940 с.*
6. *История таджикского народа. Том III. Период развитого феодализма (XI–XV вв.) / Под ред. акад. Н. Негматова. — Душанбе: Дониш, 2004. — 810 с.*
7. *Қазвинӣ, Муҳаммад. Муқаддимаи мусаҳҳеҳ // Алоуддин Атомалики Ҷувайни. Таърихи Ҷаҳонгушо. Ҷилди 1. - Лейден: Э. Ҷ. Брилл, 1912.*
8. *Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ. Табақоти Носирӣ / ба тасҳеҳи Абдулҳай Ҳабибӣ. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1363 [1984]. – 2 ҷ.*
9. *Насавӣ, Шиҳобуддин Муҳаммад. Сирати Ҷалолуддин Манкубирнӣ / ба кӯшиши Муҷтабо Минавӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1384 [2005]. – 463 с.*
10. *Неъматов Н. Н., Амиршоҳӣ Н., Мирбобоев А., Пирумшоев Ҳ. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дуввум: Муъҷизаи классикии тоҷикон: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон / дар зери таҳрири академик Нуъмон Неъматов. – Душанбе: Сарпараст; Хуҷанд: Ношир, 2008. – 815 с.*
11. *Тимохин, Д. М. Хорезмийская армия Джалал ад-Дина Манкбурны в период монгольского вторжения в Центральную Азию / Д. М. Тимохин // Золотоордынское обозрение. — 2013. — № 2. — С. 42–59.*
12. *Чернявский С.Н. Империя Хорезмшахов / Станислав Чернявский. — Москва: Вече, 2018. — 368 с. – С. 156.*
13. *Browne, E. G. Note on the Contents of the Ta'ríkh-i-Jahán-gushá, or History of the World-Conqueror, Chingíz Khan // Journal of the Royal Asiatic Society of Great Britain and Ireland. – 1901. – Vol. 36, no. 1. – P. 27–43.*

14. *D'Ohsson, C. Histoire des Mongols, depuis Tchinguiz-Khan jusqu'à Timour Bey ou Tamerlan: in 4 vol. / C. D'Ohsson. - La Haye; Amsterdam: Les frères Van Cleef, 1834. - Vol. 1. - 514 c.*
15. *Juvaini 'Ala-ad-Din 'Ata-Malik. The History of the World-Conqueror / Transl. by J. A. Boyle. Manchester: Manchester University Press, 1958. Vol. 1. – C. 27.*
16. *Juvayni, 'Ala al-Din 'Ata-Malik. Genghis Khan: The History of the World-Conqueror / transl. by J. A. Boyle; ed. and rev. with an introduction by D. Morgan. – Paris: UNESCO Publishing; Manchester: Manchester University Press, 1997. – 763 p.*
17. *Juvayni, 'Ala al-Din 'Ata-Malik. The Ta'rikh-i-Jahan-Gusha / by 'Ala al-Din 'Ata-Malik-i-Juwayni; edited by Mirza Muhammad Qazvini. – Leyden: E. J. Brill; London: Luzac & Co, 1916. – Vol. 2. – XV, 358 p. – (E. J. W. Gibb Memorial Series. Old Series; XVI, 2).*
18. *Minorsky, V. Pur-i Baha's Mongol Ode (Mongolica, 2) // Bulletin of the School of Oriental and African Studies (BSOAS). — 1956. — Vol. 18, No. 2. — C. 261–278.*
19. *Rashid al-Din. Histoire des Mongols de la Perse / par Raschid-eldin; accompagnee de notes et d'un memoire sur la vie et les ouvrages de l'auteur par M. Quatremère. - Paris: Imprimerie Royale, 1836. - T. 1. - CLXXV, 450 c.*
20. *Schefer, Ch. Chrestomathie Persane: à l'usage des élèves de l'École spéciale des langues orientales vivantes: in 2 vol. / par Ch. Schefer. - Paris: Ernest Leroux, 1883-1885. 292 c.*

«ТАЪРИХИ ҶАҲОНГУШОЙ» – САРЧАШМАИ МУҲИММИ ТАЪРИХИ ДАВЛАТИ ХОРАЗМШОҲИЁН

Дар мақолаи мазкур муаллиф инъикоси таърихи ташаккул, тавсеаи ҳудудӣ, авҷи иқтидор ва суқути давлати Хоразмшоҳиёнро дар ҷилди дуюми асари «Таърихи Ҷаҳонгушой»-и Атомалики Ҷувайнӣ мавриди таҳлилу омӯзиши манбаъшиносӣ қарор додааст. Дар мақола раванди истиқлоли сиёсии Хоразмшоҳиён дар аҳди Отсиз ва Такаш, тавсеаи ҳудудҳои давлат дар даврои Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ (забти Хуросон, Мозандарон, Кирмон, Ғазнин ва Мовароуннаҳр), инчунин муносибатҳои мураккаб бо Хилофати Бағдод ва Қарахитоиён баррасӣ гардидаанд. Илова бар ин, таваҷҷуҳи хос ба сабабҳои дохилӣ ва хориҷии суқути давлат — нақши харобиовари нуфузи Турокинохотун ва ашрофи низомии турк, ошӯбҳои дохилӣ (исёни Ҳармил дар Ҳирот ва Қизлӣ дар Нишопур), фоҷиаи дипломатии Утрор ва омилҳои ҳамлаи Чингизхон равона карда шудааст. Ҳамзамон, дар асоси маълумоти Ҷувайнӣ фаъолияти низомиву дипломатии Султон Ҷалолуддини Манкубирнӣ, аз ҷумла муқовимати ӯ дар Ҳиндустон, Ироқ, Қафқоз ва Анатолия ва фарҷоми муборизаи ӯ таҳлил ёфтаанд.

Калидвожаҳо: Атомалик Ҷувайнӣ, «Таърихи Ҷаҳонгушой», Хоразмшоҳиён, Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ, Ҷалолуддини Манкубирнӣ, Турокинохотун, манбаъшиносӣ, фоҷиаи Утрор, истилои муғул, муҳорибаи Парвон.

«ТАЪРИХ-И ДЖАХАНГУШАЙ» — ВАЖНЫЙ ИСТОЧНИК ПО ИСТОРИИ ГОСУДАРСТВА ХОРЕЗМШАХОВ

В данной статье автор анализирует историю становления, территориального расширения, расцвета могущества и падения государства Хорезмшахов во втором томе труда Атамалика Джувайни «Тарих-и Джахангушай» («История завоевателя мира»). В статье рассматриваются становление политической независимости Хорезмшахов при Атсызе и Текеше, расширение границ государства в период правления султана Мухаммада Хорезмшаха (завоевание Хорасана, Мазандарана, Кирмана, Газни и Мавераннахра), а также сложные взаимоотношения с Багдадским халифатом и каракитаями. Кроме того, особое внимание уделено внутренним и внешним причинам падения государства — губительной роли влияния Туркан-хатун и тюркской военной знати, внутренним смутам (восстание Хармиля в Герате и Кызыл в Нишапуре), дипломатической трагедии Отрара и факторам, обусловившим нашествие Чингисхана. Наряду с этим, на основе сведений Джувайни проанализирована военно-дипломатическая деятельность султана Джалал ад-Дина Манкбурны, в том числе его сопротивление в Индии, Ираке, на Кавказе и в Анатолии, а также итог его борьбы.

Ключевые слова: Атамалик Джувайни, «Тарих-и Джахангушай», Хорезмшахи, султан Мухаммад Хорезмшах, Джалал ад-Дин Манкбурны, Туркан-хатун, источниковедение, трагедия Отрара, монгольское завоевание, битва при Парване.

"TARIKH-I JAHANGUSHAY" AS AN IMPORTANT SOURCE FOR THE HISTORY OF THE KHWARAZMSHAH STATE

In this article, the author undertakes a source-studies analysis of the reflection of the history of the formation, territorial expansion, peak of power, and downfall of the Khwarazmshah state in the second volume of Ata-Malik Juvayni's work "Tarikh-i Jahangushay" ("History of the World-Conqueror"). The article examines the process of the Khwarazmshahs' political independence under Atsiz and Tekish, the expansion of the state's territories during the reign of Sultan Muhammad Khwarazmshah (the conquest of Khorasan, Mazandaran, Kerman, Ghazni, and Transoxiana), as well as the complex relations with the

Baghdad Caliphate and the Qara Khitai. In addition, particular attention is paid to the internal and external causes of the state's collapse — the destructive influence of Turkan Khatun and the Turkic military nobility, internal unrest (the rebellions of Harmil in Herat and Qizli in Nishapur), the Otrar diplomatic tragedy, and the factors that precipitated Genghis Khan's invasion. Furthermore, drawing on Juvayni's account, the article analyzes the military and diplomatic activities of Sultan Jalal al-Din Mankburni, including his resistance in India, Iraq, the Caucasus, and Anatolia, and the ultimate outcome of his struggle.

Keywords: Ata-Malik Juvayni, "Tarikh-i Jahangushay," Khwarazmshahs, Sultan Muhammad Khwarazmshah, Jalal al-Din Mankburni, Turkan Khatun, source studies, the Otrar tragedy, the Mongol conquest, the Battle of Parvan.

Дар бораи муаллиф
Каримӣ Сироҷиддин Сайфиддинзод
Муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17
E-mail: sirojiddin.karimi@bk.ru

About the author
Karimi Sirojiddin Saifiddinzod
Senior Lecturer of the Department of History of the Tajik People
Tajik National University
734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17
E-mail: sirojiddin.karimi@bk.ru

Об авторе
Карими Сироджиддин Сайфиддинзод
Старший преподаватель кафедры истории таджикского народа
Таджикский национальный университет
734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17
E-mail: sirojiddin.karimi@bk.ru

ТДУ 94(575.3):398.332.1

САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ЭҲЁ ВА БУЗУРГДОШТИ ҶАШНИ НАВРӮЗ

Мирзоалиев И. Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пешгуфтор. Ҷашни Наврӯз аз куҳантарин мероси фарҳангии тоҷикон буда, дар тули ҳазорсолаҳо ҳамчун рамзи эҳёи табиат, оғози соли нав, сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ ва идомаи анъанаҳои неки ниёгон мақоми хосро ишғол намудааст. Наврӯз дар таърихи миллат на танҳо ҳамчун як ҷашни мардумӣ, балки ҳамчун арзиши муҳимми маънавию фарҳангӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ ва ҳифзи ҳувияти таърихии ҷомеа нақши муассир бозидааст.

Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эҳё ва рушди арзишҳои миллӣ заминаҳои мусоид фароҳам омаданд. Дар ин раванд эҳё ва бузургдошти ҷашни Наврӯз ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати фарҳангии давлат табдил ёфт. Бо сиёсати хирадмандона ва ташаббусҳои пайгиронаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз мақоми шоистаи худро дар ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ ва маънавии ҷомеа дубора касб намуда, ба яке аз рукнҳои муҳимми таҳкими ваҳдати миллӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва муаррифии тамаддуни тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ мубаддал гардид.

Мақолаи мазкур ба таҳлили илмии саҳми Пешвои миллат дар раванди эҳё, ҳифз, рушди минбаъда ва байналмилалисозии ҷашни Наврӯз бахшида шудааст. Дар он нақши ташаббусҳои сиёсӣ ва дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи ба даст овардани эътирофи байналмилалии Наврӯз, аз ҷумла қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон гардидани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз ва ворид гардидани ин ҷашн ба Феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии башарии ЮНЕСКО, мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Ҳамзамон, дар мақола заминаҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии эҳёи Наврӯз дар даврони истиқлолият, сиёсати давлатӣ оид ба ҳифз ва рушди арзишҳои миллӣ, ташаббусҳои фарҳангиву иҷтимоӣ, инчунин муҳтавои суханрониҳои Пешвои миллат вобаста ба ҷойгоҳ ва рисолати Наврӯз баррасӣ гардидаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба нақши Наврӯз ҳамчун воситаи муҳимми таҳкими худшиносии миллӣ, тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ба мероси фарҳангии ниёгон ва таҳкими ваҳдати миллӣ равона шудааст.

Аҳаммияти илмии мақола дар он зоҳир мегардад, ки он бо такя ба санадҳои расмӣ, суханрониҳои Пешвои миллат ва адабиёти илмӣ таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти эҳё ва байналмилалисозии Наврӯз ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати фарҳангӣ ва дипломатияи фарҳангӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, ҷойгоҳи онро дар таҳкими давлатдории миллӣ ва муаррифии фарҳанги тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ муайян менамояд.

Мавод ва усулҳо. Ба сифати сарчашмаи асосии маълумот суханрониҳо, паёмҳо ва китобҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар маросимҳои ҷашни Наврӯз дар солҳои гуногун баён гардидаанд, истифода шудаанд. Ҳамчунин санадҳои меъёрию ҳуқуқии давлатӣ, аз ҷумла қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баргузории ҷашни Наврӯз ва барномаҳои давлатии марбут ба ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар баробари ин, аз ҳуҷҷатҳо ва қатъномаҳои Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ доир ба эълони Рӯзи байналмилалии Наврӯз, инчунин маводи ЮНЕСКО оид ба сабти Наврӯз дар Феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии инсоният истифода бурда шудааст.

Асарҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи таърих, этнография ва фарҳангшиносӣ, ки ба омӯзиши таърих, моҳият ва аҳаммияти ҷашни Наврӯз бахшида шудаанд, ҳамчун адабиёти назариявӣ ҷалб гардидаанд. Инчунин маводи оммавӣ-иттилоотӣ гузоришҳои расонаҳои ватанӣ ва хориҷӣ доир ба баргузории маросимҳои Наврӯзӣ дар Тоҷикистон барои муайян намудани заминаи иҷтимоии мавзуъ истифода шудааст.

Наврӯз яке аз маҳбубтарин Ҷашнҳои таърихӣ фарҳангии миллати тоҷик буда, ҳамчун рамзи офариниши ҳаёт, оғози тозаи зиндагӣ аз аҳди бостон то ба имрӯз расидааст.

Ин воқеан ҳам зиндатарин Ҷашне дар рӯи Замин аст, ки бидуни хоҳиши ягон халқу миллати ҷаҳон ҳар соле як маротиба худ фаро мерасад. Он ҷашни сабзиш ва офариниши ҷаҳон, воқеан ҳам омадани соли нав аст. Пеши роҳи онро ягон таълимоту идеология гирифта наметавонад, баръакс он бо шукӯҳ ва ҷазобияти худ, чунонки таърих борҳо исбот намудааст, тамоми эътиқодоти башариро ба худ ҷалб намуда, бо онҳо созгор шудааст. Ҳар таълимоте, ки бо ин ҷашн рӯ ба рӯ меояд, аз шиддати меҳру муҳаббат бад-он бо либоси маънавии худ ӯро пӯшида, боз ҳам зеботар гардондааст. Ин ҳолатро мо дар замонҳои мухталифи таърихӣ дар бархӯрди ин сунати нек бо дину ойинҳои гуногуне мушоҳида кардем. Ва акнун, чунонки мебинем, бо ҷаҳонӣ шуданаш боз ҳам зеботару пуршукӯҳтар хоҳад шуд.

Мувофиқи маълумотҳои сарчашмаҳои таърихӣ, адабиёти хаттӣ Наврӯз ва ҷашнгири он таърихи хеле қадима дорад. Дар бораи ин рӯзи фархунда, дар навиштаҳои пешин омада аст, ки онро нахустин бор Шоҳ Каюмарс ва набераи ӯ Шоҳ Ҷамшед ҷашн гирифта аст ва боҳаминтариқ аз ҷониби дигар наслҳои аҷдоди Ориёӣ муҳтарам дониста шуда идома дода шудааст.

Оиди зуҳури ҷашнгирии Наврӯзи бостон, дар сарчашмаҳо ва осори бозмондаи бузургони адабу фарҳанг гуфтори фаровоне ба ин рӯз расидааст. Аз ҷумла «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ, «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ, «Наврӯзнома»-и Умари Хаём, «Китоб-ал-маҳосин-в-ал-одоб» (китоби хислатҳои неку ва одатҳо»)-и Мусо ибни Ал-Кисравӣ ва ғайра оиди пайдоиши оини Наврӯз ва ҷашнигрии мардум маълумот додаанд.

Мусо Ибни Ал-Кисравӣ дар асараш Китоб-ал-маҳосин-в-ал-одоб» овардааст: «Нахуст, кассе, ки Наврӯзро оин гузоштааст, подшоҳиро бунёд ва рамзи давлатдориро барқарор ва нуқраву тилло ва дигар маъданҳоро ба даст оварда, аз оҳан силоҳ сохт, асп ва дигар ҳайвонотро ром кард, садафу мушку анбар ва дигар накҳатҳоро пайдо кард, қасру кушкҳо сохт, коррез ва обёрӣ мекард – Ҷамшед писари Виванҷаҳону, яъне нигаҳдорандаи олам, писари Арфархшод, писари Сом, писари Нуҳ буд. Ва Наврӯзро асос гузошт, бад он сабаб, ки ӯ дар ин рӯз оламро ба даст даровард ва кишвари Эроншаҳро, яъне замини Бобулро барқарор кард. Наврӯз оғози барқароршавии ҳокимияти ӯ буд. Ва дертар шакли мувофиқ гирифта расму одат шуд [1, с. 45].

Олим ва файласуф Абурайҳонӣ Берунӣ сабабаи Наврӯз номида шудани рӯзи аввали моҳи фарвардинро чунин шарҳ медиҳад: «чун Ҷамшед барои худ тахт сохт дар ин рӯз ба он бинишаст, ҷин ва шайтон онро ҳамл карданд ва дар як рӯз ба кӯҳи Давоманд ва Бобул омад ва мардум барои дидани ин амр дар шигифт шуданд ва ин рӯзро ид гирифтанд [3, с.232].

Мувофиқи маълумотҳои бархе аз олимон ҷашни Наврӯз таърихи 7000 сола дорад. Пайдоиши ҷашни мазкур бунёд гузоштани он одатан ба қаҳрамонони асотирии эрониён нисбат дода мешавад. Аз ҷумла Абурайҳони Берунӣ «Дар бораи иду ҷашнҳое, ки дар моҳҳои порсиён аст» андар «Осор-ул-боқия» чандин ривоят ва нуқтаи назар доир ба пайдоши ҷашни Наврӯз барраси карда, пеш аз ҳама ба ин маълумот таваҷҷуҳ дорад». Берхе аз уламои Эрон мегуянд, «Сабаби ин рӯзро Наврӯз ном мемонанд, ин аст, ки дар аёми Таҳмурас, Собеон (аз дин баргаштагон) ошкор шуданд, ва чун Ҷамшед ба подшоҳи расид, динро аз нав таҷдид кард. Ва ин кори хеле бузург ба назар омад. Ва он рӯзро, ки рӯзи тозае буд, Ҷамшед ид гирифт, агарчи пеш аз ин ҳам Наврӯз бузургу муъазам буд [3, с. 232].

Ба ҷамшед нисбат додани ин ҷашн ва анъанаҳои наврӯзӣ ва ҳамосаву эҷодиёти даҳонии халқ маълум аст. Муаллифи «Зайн-ул-ахбор» Абусаид Абдулҳай бини Ал-Заҳҳок Маҳмуди Гардезӣ [4, с.556] дар китоби худ қайд мекунад, ки ин рӯзро «Наврӯз» гуянд, зеро, ки сари сол бошад ва шаб ба рӯз баробар бошад. Ва аз расми муғон андар рӯзгори подшоҳии Ҷамшед чунин буд, ки хироҷҳо андар ин рӯз иттифоқ карданд ва аҷамиён чунин гуянд. Андар ин рӯз Ҷамшед ба гусолае нишаст ва суи ҷануб рафт ҳарби девон ва сиёҳон ба маънии зангиён бошад. Ба эшон корзор карда ва ҳамаро мағлуб кард.

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ васфи ҷашни Наврӯз, таърихи он ва анъанаҳои вай қаламдод шудаанд. Абулқосим Фирдавсӣ, [5, с.67] низ пайдоиши ҷашни Наврӯзро таърихан ба Ҷамшед нисбат медиҳад. Ҷамшед баъд аз он, ки як қатор корҳои муфидро барои одамон анҷом дод, наврӯзро бунёд мегузорад.

Фирдавсӣ овардааст:

Ба фарри Каёни яке тахт сохт,
Чи моя бад-у гавҳарам дар шинохт.
Ки чун хости, дев бардоштӣ,
Зи ҳомун гардун барофрохтӣ.
Чи хуршеди тобон миёни ҳаво,

Нишаста бар ӯ шоҳи фармонраво.
Ба Ҷамшед ба гавҳар афшонданд,
Мар он рузро «рузи нав» хондан.
Сар соли нав Ҳурмузи Фарвардин,
Баросуда аз ранҷ тан, дил зи кин.
Бузургон ба шодӣ биоростанд,
Маю ҷому ромишгарон хостанд.
Чунин ҷашни фаррух аз он рӯзгор,
Бимонда аз он хусравон ёдгор [5, с.54].

Яке аз китобҳое, ки ба ҷашни Наврӯз, боли истиқлол бахшидааст «Наврузнома»-и Умари Хаём мебошад [6, с. 160]. Дар ин китоб низ пайдоиши ҷашни наврӯз ба Ҷамшед нисбат дода шудааст. Дар ин китоб қайд шудааст, ки «сабаби ном ниҳодани Наврӯз он будааст, ки чун бидонистанд, ки офтобро ду давр бувад, яке он ки ҳар сесаду шасту панҷ рӯз ва рубъе аз шабонарӯз ба аввал дақиқаи ҳамал боз ояд, ба ҳамон вақту рӯз, ки рафта буд, бад-ин дақиқа битвонад омадан, чӣ ҳар сол аз муддат ҳаме кам шавад ва Ҷамшед он рӯзро дарёфт [6, с.150].

Пас Гюмарт (Каюмарс) ин муддатро бад-ин гуна ба дувоздаҳ бахш кард ва ибтидои таърих падид кард ва пас аз он чиҳил сол бизист, чун аз дунё бирафт, Ҳушанг ба ҷойи ӯ нишаст ва нуҳсаду ҳафтод сол подшоҳӣ ронд ва девонро қаҳр кард ва оҳангариву дуредгарӣ ва бофандагӣ пеша овард ва ангубин аз занбур ва абрешим аз пила берун овард ва ҷаҳон ба хуррамӣ бигзошт ва ба номи нек аз ҷаҳон берун шуд ва аз паси ӯ Таҳмурас биншаст ва сӣ сол подшоҳӣ кард ва девонро дар тоат овард ва бозорҳову кӯчаҳо биниҳод ва абрешиму пашм бибофт ва дини собеон овард ва ӯ дин бипазируфт ва зуннор барбаст ва офтобро парастид ва мардумонро дабирӣ омӯхт ва онро Таҳмураси Девбанд хондандӣ ва аз паси ӯ подшоҳӣ ба бародараш[1, с. 45] Ҷамшед расид ва аз ин таърих ҳазору чиҳил сол гузашта буд ва Офтоб аввали рӯз ба фарвардин таҳвил кард ва ба бурҷи нуҳум омад, чун аз мулки Ҷамшед чаҳорсаду бисту як сол бигзашт, ин давр тамом шуда буд ва Офтоб ба фарвардини хеш ба аввали Ҳамал омад ва ҷаҳон бар вай рост гашт, девонро мутеъи хеш гардонид. Ва бифармуд, то гармоба сохтанд ва деборо бибофтанд, ва деборо пеш аз мо «девбофт» хондандӣ, аммо одамиён ба ақлу таҷрибаву рӯзгор бад-ин ҷо расонидаанд, ки мебинӣ ва дигар харро бар асп афканд, то уштур падид омад ва ҷавоҳир аз маъодин берун овард ва силоҳҳову пирояҳо ҳама ӯ сохт ва зару нуқраву мис ва арзизу сурб аз конҳо берун овард ва тахту тоҷу ёраву (дастмона) тавқ ва ангуштарӣ ӯ кард ва мушку анбару кофуру заъфарону уд ва дигар тайибҳо (хушбӯиҳо) ӯ ба даст овард, пас дар ин рӯзе, ки ёд кардем ҷашн сохт ва Наврӯзаш ном ниҳод ва мардумонро фармуд, ки ҳар сол чун Фарвардини нав шавад, он рӯз ҷашн кунанд ва он рӯзи нав донанд, то онгоҳ, ки даври бузург бошад, ки Наврӯз ҳақиқат бувад ва Ҷамшед дар аввал подшоҳе сахт одил ва худотарс буд ва ҷаҳониён ӯро дӯстдор буданд ва бад-ӯ хуррам ва Эзиди Таоло ӯро фарре ва ақле дода буд, ки чандин чизҳо биниҳод ва ҷаҳониёнро ба зару гавҳар ва дебову атрҳову чаҳорпоён биорост, чун аз мулки ӯ чаҳорсаду анд (чанд) сол бигзашт, дев бад-ӯ роҳ ёфт ва дунё дар дили ӯ ширин гардонид ва дунё дар дили касе ширин мабод, манӣ дар хештан овард, бузургманишӣ ва бедодгарӣ пеша кард ва аз хостаи мардумон ганҷ ниҳодан гирифт, ҷаҳониён аз ӯ ба ранҷ афтоданд ва шабу рӯз аз Эзиди Таоло заволи мулки ӯ мехостанд, он фарри эзидӣ аз ӯ бирафт, тадбирҳояш ҳама хато омад Беваросб, ки ӯро Заҳҳок хонданд, аз гӯшае даромад ва ӯро битохт ва мардумон ӯро ёрӣ надоданд, аз он ки аз ӯ ранҷида буданд, ба замини Ҳиндустон гурехт, Беваросб ба подшоҳӣ биншаст ва оқибат ӯро ба даст овард ва пора ба ду ним кард ва Беваросб ҳазор сол подшоҳӣ кард, ба аввал додгар буд ва ба охир бедод гашт ва ҳам ба гуфтор ва ба киродори дев аз роҳ бияфтод ва мардумонро ранҷ намуд, то Афридун аз Ҳиндустон биёмад ва ӯро бикушт ва ба подшоҳӣ бинишаст ва Афридун аз тухми Ҷамшед буд, панҷсад сол подшоҳӣ кард, чун яксаду шасту чор сол аз мулки Афридун бигзашт, даври дувуми таърихи Гюмарт тамом шуд. Ва ӯ дини Иброҳим алайҳи саломро пазируфта буд ва пилу шеру юзро мутеъ гардонид ва хаймаву айвони ӯ сохт ва тухм ва дарахтони мевадор ва ниҳолу обҳои равон дар имороту боғҳо ӯ овард, чун туранҷу норанҷ ва бодирангу лиму ва гули бунафшаву наргису нилуфар ва монанди ин дар бӯстон овард ва Меҳргон ҳам ӯ ниҳод ва ҳамон рӯз, ки Заҳҳокро бигрифта ва мулк бар вай рост гашт, ҷашни Сада биниҳод ва мардумон, ки аз ҷабру ситами Заҳҳок ба бираста буданд, писандиданд ва аз ҷиҳати фоли нек он рӯзро ҷашн кардандӣ ва ҳар сол, то имрӯз ойини он подшоҳон некаҳд дар Эрону Тӯрон ба ҷой меоранд, чун Офтоб ба фарвардини хеш расид, он рӯз Афридун ба нав ҷашн кард ва аз ҳама ҷаҳон мардум гирд

овард ва аҳднома набишт ва гумоштагонро дод фармуд ва мулк бар писарон қисмат кард, Туркистон аз оби Ҷайҳун то Чину Мо чин Турро дод ва замини Рум мар Салмро ва замини Эрону тахти хешро ба Эраҷ дод ва маликони Турку Руму Аҷам ҳама аз як гавҳаранд ва хешони якдигаранд ва ҳама фарзандони Афридунанд ва ҷаҳониёнро воҷиб аст, ойини подшоҳон ба ҷо ованд, аз баҳри он ки аз тухми ваянд ва чун рӯзгори ӯ бигзашт ва он дигар подшоҳон, ки баъд аз ӯ буданд, то ба рӯзгори Гуштосб, чун аз подшоҳии Гуштосб сӣ сол бигзашт, Зардушт берун омад ва дини габрӣ овард ва Гуштосб дини ӯ бипазируфт ва бар он мерафт ва аз гоҳи ҷашни Афридун, то ин вақт нуҳсаду чиҳил сол гузашта буд ва Офтоб навбати хеш ба Ақраб овард, Гуштосб бифармуд, то кабиса карданд ва фарвардини он рӯз Офтоб ба аввали Саратон гирифт ва ҷашн карду гуфт, ки ин рӯзро нигоҳ доред ва Наврӯз кунед, ки Саратон толеъи амал аст ва мар деҳқонону кишоварзонро бад-ин вақт ҳаққи байту-л-мол додан осон бувад ва бифармуд, ки ҳар саду бист сол кабиса кунанд, то солҳо бар ҷойи хеш бимонад ва мардумон авқоти хеш ба сармову гармо бидонанд, пас он ойин, то ба рӯзгори Искандари Румӣ, ки ӯро Зулқарнайн хонанд, бимонд ва то он муддат кабиса накарда буданд ва мардумон ҳам бар он мерафтанд, то ба рӯзгори Ардашери Попакон, (Бобакон) ки ӯ кабиса кард ва ҷашн бузург дошт ва аҳднома бинавишт ва он рӯзро Наврӯз бихонд ва ҳам бар он ойин мерафтанд, то ба рузгори Нӯшинравони (Анушервон) одил, чун айвони Мадоин тамом гашт, Наврӯз кард ва расми ҷашн ба ҷо овард, чунонки ойини эшон буд, аммо кабиса накард ва гуфт ин ойин ба ҷо монанд, то ба сари давр, ки Офтоб ба аввали Саратон ояд, то он ишорат, ки Гюмарт ва Ҷамшед карданд аз миён бархезад, ин бигуфту дигар кабиса накард, то ба рӯзгори Маъмуни халифа, ӯ бифармуд, то расад бикарданд ва ҳар соле, ки Офтоб ба Ҳамал омад Наврӯз фармуд кардан ва зиҷи маъмунӣ бархост ва ҳанӯз аз он зиҷ тақвим мекунанд, то ба рӯзгори ал-Мутаваккил Алиюллоҳ, Мутаваккил вазире дошт номи ӯ Муҳаммад ибни Абдулмалик, ӯро гуфт ифтитоҳи хироҷ дар вақте мебошад, ки мол дар он вақт аз ғалла дур бошад ва мардумонро ранҷ мерасад ва ойини мулуки Аҷам чунон будааст, ки кабиса карданд, то сол ба ҷойи хеш бозояд ва мардумонро ба мол гузоридан ранҷи камтар расад, чун дасташон ба иртифоъ расад. Мутаваккил иҷобат кард ва кабиса фармуд ва Офтобро аз Саратон ба фарвардин бозоварданд ва мардумон дар роҳат афтоданд ва он ойин бимонд ва пас аз он Халиф ибни Аҳмад амири Систон кабисаи дигар бикард, ки акнун шонздаҳ рӯз тафовут аз ин ҷо кардааст ва султон Саъид Муъинуддин Маликшоҳро аз ин ҳол маълум карданд. Бифармуд то кабиса кунанд ва солро ба ҷойгоҳи хеш боз оранд. Ҳукамои аср аз Хуросон биёваранд ва ҳар олате, ки расадро ба кор ояд бисохтанд аз девор ва зоту-л-ҳилақ ва монанди ин ва Наврӯзро ба фарвардин бурданд ва лекин подшоҳро замона замон надод ва кабиса тамомнокарда бимонд. Ин аст, ҳақиқати Наврӯз ва он чи аз китобҳои мутақаддимон ёфтем ва аз гуфтори доноён шунидаем [6, с. 56].

Аз мисолҳои боло оид ба пайдоиши ҷашни Наврӯз якчанд хулосаҳо баровардан мумкин аст. Пеш аз ҳама тамоми сарчашмаҳо ба қадими будани ҷашни Наврӯз шаҳодат медиҳанд. Ташаккули ҷашни Наврӯз аз расми шудани он ба давраи пеш аз Зардушт тахминан ба асрҳои XX-XVII пеш аз мелод ва ҳатто дуртар аз он рост меояд. Донишмандони забардасти китоби «Авасто» ва таърихи он Пури Довуд реҷеъ ба аҳди зиндагонии Зардушт чунин таъкидро раво дониста, ки «бино ба таърихи санаде, ки ба таввасути китоби паҳлавӣ ба мо расида, ҳазрати Зардушт дар нимаи дуввуми қарни ҳафтум ва оғози қарни шашум пеш аз Масеҳ мезистааст. Аммо нависандагони Юнон ва Рум бисёр қадимтареро аз барои муассиси динаи Эрон қоил шудаанд. Маҳз аз ҳамин асос мо ҳақ дорем ақидаи олимонро дар бораи таърихи ҳафтҳазорсолаи Наврӯз дастгири кунем. Зеро чи тавре Мусо Ибни Исо Ал-Кисравӣ роҷеъ ба таърихи ҷашнҳо қайд кардааст: «Наврӯзро Ҷамшед вале Меҳргонро Афридун ҷорӣ кардааст ва Наврӯз аз духазору панҷоҳ сол муқаддимтар аз меҳргон аст.

Зарур аст қайд намуд, ки шояд пайдоиши дини Зардушт маҳз оинҳои Наврӯзиро таъсир бахшида бошад.

Таърихи ҷашнгирии иди Наврӯз хело қадима мебошад ва ин ҷашни пуршукӯҳ ва муассир аз аҷдодони мо ориёиён ва иди миллии тоҷикон аст. Ин ҷашн бо вуҷуди он ки дар баробари шоҳони ҳахоманишиён арзу муқаддас буд аз заминаи халқи худ канда нашуд. Яъне бо вуҷуди шукӯҳу пайдонамудани ин ҷашн он хоси дарбор нагардида, балки дар худи аҳли дарбор низ мафкураи эҳтиромеро ба кишоварзону кулли заҳматкашон тарбият намуд. Ин нуқтаро ҳам бояд ёдовар шуд, ки анъанаҳои халқии ҷашн хеле устувор буданд. Ҷашнгирии иди Наврӯз маҳз дар аҳди Сосониён (асрҳои III-VII мелодӣ) ба пояи баланд бардошта шуд. Сосониён, ки дар инкишофи фарҳанг ва сарватҳои маънавӣ бештар мекушидаан, ба танзими ҷашнгирҳо, дар зинаи сиёсати давлатдориашон корҳои бузургеро анҷом доданд. Подшоҳони

Сосони ҷашни Наврӯзро бисёр азизу гиромӣ доштанд ва баҳри густариши он корҳои хубро низ анҷом доданд. Дар давраи Сосониён вобаста ба соли нав ва кишту кори баҳорӣ донҳоро месабзониданд. Мардум дар ҷойҳои махсус 15 рӯз пеш аз Наврӯз ҷав, гандум, нахут, адас, наск, ва ғайраро кошта, онҳоро то Наврӯз сабз мекарданд. Омади кишти деҳқониро аз рӯи сабзидани он донҳо пешбини намуданд. Он сол ба зироатӣ бештар аҳаммият медоданд, ки нисбат ба дигар донҳо то ҷашни Наврӯз беҳтар сабзидааст. Дар гузашта форс-тоҷикон бештар ба зиротаи ҷав аҳаммият медоданд. Аз давраи Сосониён сар карда чунин таомул будааст, ки дар ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон шоҳон аз мардуми меҳнаткаш ба ғаюурӣ аз андозҳои муқарарии солона ҳамчун андоз меситониданд. Он хироҷҳои «ҳадяҳои Наврузӣ ва Меҳргонӣ» номида мешуданд, барои ҷашни он харҷ мекарданд [7, с. 14].

Гузаштагони мо дар Наврӯз хони солинавиро бо ҳафт чиз меоростанд, ки овози аввалини онҳо бо ҳамсадои «шин» оғоз ёфта, аз шаду ширу шаробу шакару шамъу шамшод ва шоя (меваҷот) иборат буданд. Дар и бора дар байни мардуми Хуросон аз замонҳои қадим рубои арзи вуҷуд кардааст, ки «ҳафт шин»-ро ҷамбаст намудааст:

Ҷашни Наврӯз аз замони Каён,
Мениҳоданд мардуми Эрон.
Шаҳду шири шаробу шаккари ноб,
Шамъу шамшоду шоя андар хон.

Дертар аҳкоми ислом нисбати мамнуъ будани шароб «ҳафт шин»-ро ба «ҳафт син» табдил доднад. Баъди исломро гароидани мардуми мо оҳиста-оҳиста «ҳафт син» дар хонаи Наврӯзии мо мураввaҷ гардида, ки он чизҳо қарори зайл мебошад: сирко, сабза, (суманак), санҷид, сир, сумоқ сипанд, себ иборат аст.

Наврӯз ҷашни солинавӣ ва анъанаҳои халқи мост. Чуноне, ки дар боло қайд намудем, таърихи ин ҷашни пур аз расму оинҳои пешқадами халқ буда, мувофиқи ахбори сарчашмаҳои адабӣ-таърихӣ, фалсафавӣ ва маълумотҳои шифоҳӣ, асосгузории он ба ҳафт ҳазор сол рафта мерасад ва ривояти зиёде ба он доир аст. Бархе аз таърихнависону олимони гузашта Ҷамшеди афсонавиро поягузори Наврӯз номидаан. Ҳакимони халқамон Берунӣ ва Хайём баҳамин ривоят истинод намудан, ки ҳангоми соли кабиса Ҷамшед як рӯзи навро ёфта онро «наврӯз» номида ҷашн оростааст. Ин ривоят аз асоси илмӣ низ бархурдор буда, сониян ин ҷашн характери пешқадамии хешро аз ибтидо то имрӯз нигаҳ доштааст ва охиран Наврӯз дар тақвими халқии мардуми Осиёи Миёна, хосса тоҷикон мақоми арзандае дорад, ки онро оғози сол, сари сол ё аниқтараш соли нав дар тақвими шамсӣ мегӯянд. Тақвими шамсие, ки аз Наврӯз ибтидо меёбад, дорои 12 моҳ мебошад

Ҷашни Наврӯз дар тамоми Осиёи Миёна бо як тантанаи ба худ хос қайд карда мешавад. Этнографияи Наврӯз басо рангину дилпазир аст.

Чи тавре, ки олими шинохта, М.Исоматов менависад «Фалсафаи ҷашни Наврӯз ба ҳар як хонаводаи суғди пазироии рамзу рози ҳастӣ ва пояндагӣ буд, зеро суғдиён бовар доштанд, ки рӯзи нав ба ҳама гунна сардиҳо ва карахтиҳо ки сабаби нохушояндӣ ва костагии рузгор мегардад, хотима мегузорад [8, с.19].

Мавқеи дохил шудани ҷашни Наврӯз собит нест ва ва монанди соли нави мелодӣ ҳамеша дар соати 12-и шаб воқеъ намешавад. Бинобар ин ҳамсоли вақти дохилшавии сол аз тарафи донишмандони илми нуҷум ва риёзиёт бароварда шуда ва пешаки элон карда мешавад. Ба ҳамин тариқ, лаҳзаи даромадани соли Нав мумкин аст, бо ин соату дақиқа ва сония, рӯз ё шаб, бегоҳӣ ва ё пагоҳӣ рост ояд.

Бо ҳама бузургӣ, шаҳомат ва шукӯҳмандиаш Наврӯз ҳанӯз аз замони дури таърихӣ чун рукни фарҳангӣ ва маданӣ ба таркиби рӯзгордории дигар ақвоми ҳавзаи тамаддуни ориёӣ ва дигар қишрҳои замин ворид гардида аз он замон хусусияти фаромилиро касб карда буд. Дар замони муосир яъне айни замон хусусияти фаромилӣ ва арзиши сатҳи ҷаҳонӣ доштани ин сунат ва оини аҷдодии тоҷиконро чун рукн ва ҷанбаи бузурги фарҳангии умуми ҷаҳонӣ ва мисоли такрории хилқати ибтидоӣ, дарк намуда, бо ибтикори давлатҳои ҳавзаи тамаддунӣ ориёӣ чун иди байналмилалӣ қайд карда мешавад.

Ҳамин тавр, пос доштани Наврӯз ва анъанаҳои наврӯзи ин эҳтироми хотири гузаштагонамон аст. Аз ин рӯ мо вазифадорем, ки ин суннати ниёгонамонро ба наслҳои оянда мерос гузорем.

Натиҷа. Дар асоси таҳлили маводи ҷамъоваришуда доир ба саҳми Пешвои миллат дар эҳё ва бузургдошти ҷашни Наврӯз метавон хулосаҳои зерини илмиро пешниҳод намуд:

1. Наврӯз ҳамчун арзиши муттаҳидкунандаи миллӣ эҳё гардид. Таҳти роҳбарии бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар давраи истиқлолияти давлатии

Ҷумҳурии Тоҷикистон Наврӯз аз мақоми як анъанаи маҳаллӣ ба сатҳи ҷашни умумимиллӣ ва рамзи ваҳдати халқи тоҷик боло бардошта шуд.

2. Ташаббусҳои дипломатии Пешвои миллат ва Ҳукумати Тоҷикистон дар доираи Созмони Милали Муттаҳид натиҷаи назаррас доданд, қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ доир ба эълони 21-уми марти ҳар сол ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз, инчунин сабти Наврӯз дар Феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии инсоният аз ҷониби ЮНЕСКО. Ин дастовардҳо на танҳо мақоми фарҳангии Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардоштанд, балки нақши кишварро ҳамчун ташаббускори ҳифзи мероси фарҳангии умумибашарӣ мустаҳкам намуданд.

3. Дар суханроniҳои Пешвои миллат бахшида ба ҷашни Наврӯз доимо таъкид мешавад, ки ин ҷашн бо арзишҳои волои инсонӣ меҳнатдӯстӣ, некӣ, ваҳдат, эҳтироми табиат ва анъанаҳои ниёгон алоқаманд аст. Дар ин замина Наврӯз ба яке аз воситаҳои муассири тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба мероси фарҳангии аҷдодӣ табдил гардидааст.

4. Дар даврони истиқлолият анъанаи баргузории маросимҳои Наврӯзӣ, ободонии шаҳру ноҳияҳо, барпо намудани боғу истироҳатгоҳҳо, инчунин ҷалби қишрҳои осебпазири ҷомеа ба ҷашн (тавассути кумакҳои хайрия ва барномаҳои иҷтимоӣ) ба анъанаи устувор табдил ёфтааст, ки ин низ дар натиҷаи дастуру ташаббусҳои бевоситаи Пешвои миллат амалӣ мегардад.

5. Наврӯз омили рушди иқтисодиёт ва туризм гардид. Баргузории васеи маросимҳои Наврӯзӣ, инчунин таблиғи анъанаҳои миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ ба рушди соҳаи сайёҳии Тоҷикистон мусоидат намуда, имкон дод, ки фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии кишвар ба ҷаҳониён муаррифӣ гардад.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки саҳми Пешвои миллат дар эҳё ва бузургдошти ҷашни Наврӯз на танҳо дар доираи иқдомоти маъмуриву сиёсӣ маҳдуд мондааст, балки заминаи мустаҳками фарҳангӣ, маънавӣ ва байналмилалиро барои устувории ин арзиши миллӣ дар оянда фароҳам овардааст.

Хулоса. Дар натиҷаи таҳлили илмии саҳми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди эҳё, ҳифз ва бузургдошти ҷашни Наврӯз метавон ба хулосаҳои зерин расид:

Аввалан, эҳёи ҷашни Наврӯз дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо як иқдоми фарҳангӣ, балки ҷузъи муҳимми сиёсати давлатсозӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Ин раванд ба барқарор гардидани худшиносии миллӣ, таҳкими ваҳдати ҷомеа, эҳтиром ба мероси таърихиву фарҳангии ниёгон ва муаррифии арзишҳои миллӣ мусоидат намуд. Маҳз таҳти роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат Наврӯз мақоми худро ҳамчун рамзи сулҳ, ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳёи арзишҳои миллӣ ва оғози зиндагии нав дубора соҳиб гардид.

Дуюм, ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муаррифии Наврӯз ҳамчун арзиши умумибашарӣ самараи мустақими сиёсати фарҳангии Пешвои миллат мебошанд. Қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон гардидани Рӯзи байналмилалии Наврӯз ва ворид гардидани Наврӯз ба Феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии башарии ЮНЕСКО мавқеи байналмилалии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳифз ва рушди мероси фарҳангии инсоният таҳким бахшид. Ин дастовардҳо заминаҳои устувори ҳуқуқӣ ва байналмилалиро барои ҳифз, омӯзиш ва густариши арзишҳои Наврӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ фароҳам оварданд.

Сеюм, дар шароити муосир Наврӯз ба яке аз воситаҳои муҳимми татбиқи сиёсати фарҳангӣ ва иҷтимоии давлат табдил ёфтааст. Ҷашнгирии он на танҳо ба рушди анъанаҳои миллӣ, балки ба тарбияи эҳсоси ватандӯстӣ, таҳкими худшиносии миллӣ, ҳамбастагии ҷомеа ва пайванди наслҳо мусоидат менамояд. Амалӣ гардидани чорабиниҳои ободониву созандагӣ, корҳои хайриявӣ, дастгирии қишрҳои ниёзманди ҷомеа ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар доираи таҷлили Наврӯз нишон медиҳад, ки ин ҷашн имрӯз дорои аҳаммияти на танҳо фарҳангӣ, балки иҷтимоӣ низ мебошад.

Чорум, таҳлил нишон медиҳад, ки саҳми Пешвои миллат дар эҳё ва рушди Наврӯз аз доираи иқдомоти маъмурию сиёсӣ фаротар рафта, хусусияти таърихӣ, фарҳангсоз ва тамаддунсоз касб намудааст. Бо ташаббус ва сиёсати пайгиронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз ба яке аз унсурҳои муҳимми дипломатияи фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал гардида, дар таҳкими нуфузи байналмилалии кишвар ва муаррифии фарҳанги тоҷикон саҳми назаррас гузоштааст.

Панҷум, таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҳё ва байналмилалисозии Наврӯз собит менамояд, ки мероси фарҳангии миллӣ метавонад ҳамчун омили муассири таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, ҳамгироии байналмилалӣ ва рушди дипломатияи фарҳангӣ хизмат намояд.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқот собит менамоянд, ки эҳё, ҳифз ва бузургдошти ҷашни Наврӯз таҳти роҳбарии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз дастовардҳои муҳимми сиёсати фарҳангии даврони истиқлолият мебошад. Ин раванд на танҳо ба таҳкими худшиносии миллӣ ва ваҳдати ҷомеа мусоидат намуд, балки ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешсаф дар ҳифз ва муаррифии мероси фарҳангии башарӣ дар арсаи байналмилалӣ таҳким бахшид. Аз ин рӯ, аҳаммияти таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ин таҷриба на танҳо барои ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон, балки барои наслҳои оянда низ пойдор ва арзишманд хоҳад буд.

Адабиёт

1. *Амиршоҳӣ Н. Наврӯз ва дигар ҷашнҳо. – Душанбе, 2018. – С.45.*
2. *Авасто / Ҷ.Дӯстхоҳ. –Душанбе, 2001. - С.58.*
3. *Берунӣ А. Осор-ул-боқия. – Душанбе, 1990. - С.232.*
4. *Гардезӣ М. Зайн-ул-ахбор. –Теҳрон, 1384. –С.556.*
5. *Фирдавсӣ А. Шоҳнома. Ҷ.1., 1987. – С.67.*
6. *Умари Хайём. Наврӯзнома. –Теҳрон, 1379. - С. 160.*
7. *Мирраҳим Мирбоб. Ҷашни Наврӯз ва ҷаҳоншиносӣ. – С.14.*
8. *Исоматов М. Ҷашни Наврӯз дар Суғд // Шаҳрҳои Ваҳдат. №3, 2001. – С.19.*
9. *Ҳамавӣ, Ёқут Шаҳобиддин. Муъҷам-ул-удабо. 20-аҷзо. ат-Табъат-ус-сонияту. Байрут, Дор-ул-фикр, 1980м/1400қ.*
10. *Собӣ, Ҳилол ибну Муҳсин. Китоб-ул-вузаро. Таҳқиқу Абдуссатор Аҳмад Фарач, - Миср, бе то, 1938.*
11. *Ибн ал-Адим. Миҳёр. Дивону Миҳёр ад-Дайламӣ. Ҷузъу 3. Димашқ, 475 с.*
12. *Ибн ал-Адим. Умар убну Аҳмад. Зубдат-ул-ҳалаб мин торихи Ҳалаб. Ҷилду 1. 739 с.*
13. *Ибн ал-Асир, Алӣ ибни Муҳаммад. ал-Комилу фи-т-торих. Ҷузъу 8. 159 с.*
14. *Мискавайҳ, Абуалӣ ар-Розӣ. Таҷориб-ул-умам. 7-аҷзо. ат-Табъату-с-соният. Таҳқиқу Абулқосим Имомӣ, Сурӯш, Теҳрон 1379ш.*
15. *Зуҳайрӣ, Маҳмуд Ғановӣ. ал-Адабу фӣ зилли банӣ Бувайҳ. ал-Қоҳирату, 1368, 380 с.*

САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ЭҲЁ ВА БУЗУРГДОШТИ ҶАШНИ НАВРӮЗ

Дар мақола оид ба ҷашни Наврӯз ва мабдаи пайдоиши он дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва осори дигар олимони муосир сухан меравад. Ҳамчунин нисбати дарёфти санаи баргузории ин ҷашни аҷдодӣ ва дигар ҷузъиёти таркибии он вобаста ба тағйирпазирии онҳо дар тули таърих маълумотҳо таҳия ва таҳлил шудаанд. Ҷашни фархундаю хуҷастапаи Наврӯз барои мардумони ориёнажод ва хосатан, барои тоҷикон рамзи бедории табиат шукофоию рамзи қавонии оламу одам аст. Наврӯз ҷашни омадани баҳор иди такопу ва ҷунбиши зебоиҳои ҳаёт, зоишу рушди дубораи табиат мебошад. Наврӯз яке аз бузургтаринва мондагор тарин ойинҳо ҷашнҳои тоисломии мардуми олитабори Ориёӣ мебошад, ки бо ҷашнҳои Меҳргон, Сада, Тиргон, Об, Оташ, Оғом, Навзул ва ғайра тавъам аст. Он ҷашну маросимҳо якдигарро комил мегардонанду, тақвият мебахшанд. Наврӯз яке аз маъмултарин ва қадимтарин ҷашнҳои миллӣ буда, дар ҳаёти фарҳангии тоҷикон нақш ва мақоми хоса дорад. Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон Наврӯз ҳамчун мероси фарҳанги миллӣ ва ҷашни муқаддаси ниёгон мазмуну шукуҳи тоза пайдо кард.

Калидвожаҳо: Ҷашни Наврӯз, шоҳ Ҷамшед, Фариддун, Таҳмурас, Ҷамшеди каёнӣ, Берунӣ, Умари Хайём, иди байналмилалӣ.

ВКЛАД ЛИДЕРА НАЦИИ В ВОЗРОЖДЕНИЕ И ВЕЛИЧИЕ ПРАЗДНОВАНИЯ НАВРУЗА

В статье рассматривается празднование Навруза и происхождение этого праздника на основе исторических источников и работ других современных ученых. Также была собрана и проанализирована информация о дате этого древнего праздника и других его составляющих, в зависимости от их изменчивости на протяжении истории. Славное и торжественное празднование Навруза для народов арийского происхождения, и особенно для таджиков, является символом пробуждения природы и гармонии вселенной и человека. Навруз – это праздник прихода весны, праздник пробуждения и движения красот жизни, возрождения и развития природы. Навруз - один из крупнейших и наиболее устойчивых доисламских праздников арийского народа, который сочетается с праздниками Мехргон, Сада, Тиргон, Об, Аташ, Агом, Навзул и др. Эти праздники и церемонии дополняют и усиливают друг друга. Навруз - один из самых популярных и древних национальных праздников, играющий особую роль и имеющий статус в культурной жизни таджиков. В период

независимости Таджикистана Навруз, как наследие национальной культуры и священный праздник наших предков, обрел новое значение и великолепие.

Ключевые слова: празднование Навруза, Шах Джамшед, Фариддун, Тахмурас, Джамшед Кайони, Беруни, Омар Хайям, международный праздник.

THE CONTRIBUTION OF THE LEADER OF THE NATION TO THE REVIVAL AND GREATNESS OF THE CELEBRATION OF NAVRUZ

This article examines the celebration of Navruz and its origins based on historical sources and the works of other modern scholars. Information on the date of this ancient holiday and its other components, based on their historical variations, was also collected and analyzed. For peoples of Aryan descent, and especially for Tajiks, the glorious and solemn celebration of Navruz symbolizes the awakening of nature and the harmony of the universe and humanity. Navruz is a celebration of the arrival of spring, a celebration of the awakening and movement of the beauties of life, the rebirth and development of nature. Navruz is one of the largest and most enduring pre-Islamic holidays of the Aryan people, which is combined with the holidays of Mehrgon, Sada, Tirgon, Ob, Atash, Agom, Navzul, and others. These holidays and ceremonies complement and reinforce each other. Navruz is one of the most popular and ancient national holidays, playing a special role and status in the cultural life of Tajiks. During the period of Tajikistan's independence, Navruz, as a legacy of national culture and a sacred holiday of our ancestors, has acquired new meaning and splendor.

Keywords: celebration of Navruz, Shah Jamshed, Faridun, Tahmuras, Jamshed Kayoni, Beruni, Omar Khayyam, international holiday.

Дар бораи муаллиф
Мирзоалиев Изатулло Ҳайталиевич
Муаллими калони кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
E-mail: izatullo_h58@mail.ru

Об авторе
Мирзоалиев Изатулло Хайталиевич
Старший преподаватель кафедры истории древнего мира, средних веков и археологии
Таджикский национальный университет
734025, Республики Таджикистан
г.Душанбе, пр. Рудаки, 17
E-mail: izatullo_h58@mail.ru

About the author
Mirzoaliev Izatullo Haytalievich
Senior lecturer at the Department of History of the Ancient World, the Middle Ages and Archaeology
Tajik National University
734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki, Ave., 17
E-mail: izatullo_h58@mail.ru

УДК 902.2+338.48-6:908(575.3)

САРАЗМ КАК КЛЮЧЕВОЙ ОБЪЕКТ АРХЕОЛОГИЧЕСКОГО ТУРИЗМА

Ходжаев М. П., Сайдалиев Ф. Р.
Таджикский национальный университет

Введение. В условиях глобализации и стремительного развития туристической отрасли особую значимость приобретает изучение, сохранение и популяризация историко-культурного наследия. Республика Таджикистан, как страна с древней историей, богатой культурой и уникальной природой, обладает широкими возможностями для развития различных видов туризма, особенно культурного и археологического. В этом контексте одно из важнейших и уникальнейших историко-культурных памятников страны - Саразм - занимает особое место. Саразм, являясь одним из древнейших центров человеческой цивилизации в Центральной Азии, обладает не только высокой научной и исторической ценностью, но и выступает как значимый туристический объект, способный эффективно привлекать как внутренних, так и иностранных туристов. Уникальные археологические находки, высокий уровень развития ремёсел, земледелия, а также материальной и духовной культуры его жителей служат ярким свидетельством древней истории и цивилизационного потенциала предков таджикского народа. В годы независимости, при поддержке государственной политики и внимании руководства страны, в особенности Основателя мира и национального единства - Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона, были предприняты важные меры по сохранению, изучению и популяризации Саразма. Включение Саразма в Список всемирного наследия ЮНЕСКО ещё более повысило его международное значение и создало благоприятные условия для развития археологического туризма.

Целью данной статьи является рассмотрение роли памятника Саразм как важного фактора развития археологического туризма, анализ его историко-культурного значения и определение эффективных путей использования существующего потенциала для привлечения туристов. Также на основе проведённого исследования показывается, каким образом богатое наследие предков может способствовать устойчивому экономическому развитию и продвижению национальной культуры на международной арене.

Материалы и методы. При подготовке данной статьи был использован широкий круг научных, исторических и археологических источников. Основу исследования составили научные труды отечественных и зарубежных учёных, посвящённые изучению истории, культуры и археологических памятников Таджикистана, в частности Саразма. В частности, были использованы работы Б. Гафурова, А. Исхакова, а также современные исследования в области археологии и сохранения культурного наследия. Кроме того, были проанализированы важные государственные документы, включая послания Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона и государственные программы по развитию туризма. Материалы международных организаций, в частности ЮНЕСКО, использовались для определения международного статуса памятника Саразм. Исследование выполнено на основе научного подхода с использованием широкого круга достоверных источников, что позволяет обосновать роль Саразма как важного фактора развития археологического туризма. Таджикистан является одной из стран, обладающих всеми необходимыми условиями для развития туристической отрасли благодаря своей красивой природе, живописным ландшафтам, целебным источникам и рекам, древним историко-культурным памятникам, а также богатому наследию литературы и народных ремёсел [10].

В связи с наличием реальных условий и возможностей, в настоящее время национальная туристическая политика в Таджикистане рассматривается как одно из приоритетных направлений развития экономики страны. Туристическая политика и деятельность основываются на уважении к художественному, археологическому и культурному наследию, его бережном сохранении и передаче будущим поколениям, использовании высоких ценностей национальной культуры, а также развитии и совершенствовании туристической отрасли [11]. С целью развития туризма Правительство Таджикистана приняло «Стратегию развития туризма на период до 2030 года». Принятие данной комплексной программы способствует развитию туристической сферы в республике и закрепляет её статус как приоритетной отрасли экономики [10]. В 2017 году при Правительстве Таджикистана был создан отдельный орган - Комитет по развитию туризма.

Целью его создания стало придание приоритетного значения туристической отрасли и содействие представлению древней страны Таджикистан мировому сообществу, а также популяризация её уникальной природы и культурного наследия [11]. Принятие и реализация Программы развития туризма в Республике Таджикистан на 2018–2020 годы открыли новую страницу в становлении и развитии туристической отрасли страны [10].

С целью дальнейшего продвижения туризма, достойного представления туристических возможностей страны и национальной культуры на международной арене, привлечения инвестиций в туристическую инфраструктуру, 2018 год в республике был объявлен: «Годом развития туризма и народных ремёсел» [10]. В своём очередном Послании Глава государства Эмомали Рахмон (26 декабря 2019 года) уделил особое внимание развитию туристической отрасли, оценив её как ключевой фактор экономического роста страны, и объявил 2019–2021 годы «Годами развития села, туризма и народных ремёсел» [11]. Одним из уникальнейших культурных памятников Центральной Азии, родиной первых земледельцев и древнейших металлургов арийских племён, колыбелью зарождения истории, культуры и цивилизации предков таджикского народа является Саразм. Он расположен в 12 км к западу от города Пенджикент, на левом берегу реки Зарафшан. Общая площадь памятника превышает 100 га, из которых около 30 га составляют исследованные территории [6]. Археологические исследования в Саразме начались в 1977 году под руководством археолога А. Исхакова и продолжались до 1997 года. С 1997 года работы продолжаются его учениками - А. Раззаковым, Ш. Курбоновым, С. Бобомуллоевым и Ф. Раззаковым, при этом руководителем исследований является археолог А. Раззаков. В разные годы на территории памятника проводились международные археологические экспедиции с участием учёных из США, Франции, Италии, России и других стран [13].

Археологические раскопки показали, что поселение Саразм сформировалось около 5500 лет назад, в эпоху энеолита, и существовало на протяжении примерно 1500 лет - до II тысячелетия до н. э. В бронзовом веке жители Саразма по пока не установленным причинам переселились в другие регионы [12]. Раскопки выявили жилые дома и крупные сооружения, такие как дворцы, храмы и общественные хранилища, построенные из крупных сырцовых кирпичей различных размеров (48×24×10; 50×25×10; 52×26×10; 59×60×28–30×11 см) и пахсы [14]. Каждое жилое строение включало от 8 до 15 помещений, в которых проживало от 20 до 30 человек, то есть 4–6 семей. В центре большинства домов были обнаружены очаги (более 30), имеющие круглую или прямоугольную форму. Их размеры варьировались от 60–80 см до 125–150 см в диаметре; они были окружены невысокой стенкой (5–10 см) и имели в центре углубление для золы. Учёные связывают эти очаги с культом огня у жителей Саразма [13, с. 155-158]. Кроме того, в культурном слое одного из зданий было обнаружено специальное сооружение из крупного сырцового кирпича в форме лучистого солнца, что свидетельствует о существовании культа солнца. В связи с этим Саразм можно считать одним из древнейших центров огнепоклонничества арийских народов.

С учётом его огромного исторического значения и как уникального свидетельства древности и цивилизационного вклада таджикского народа, постановлением Правительства Республики Таджикистан от 21.09.2000 № 391 на территории Саразма был создан историко-археологический заповедник. В 2003 и 2005 годах Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон посетил Саразм. По поручению главы государства пять археологических объектов на территории поселения были накрыты защитными конструкциями и ограждены. Именно благодаря инициативе Президента 2006 год был объявлен Годом арийской цивилизации. В 2010 году на 36-й сессии ЮНЕСКО в городе Рио-де-Жанейро (Бразилия) Саразм был включён в Список всемирного культурного наследия ЮНЕСКО.

Однако сегодня перед нами стоит одна из серьёзных проблем, решение которой напрямую связано с дальнейшей судьбой этого памятника общечеловеческого значения. За более чем 70 лет археологических исследований на территории республики были изучены сотни памятников, что значительно обогатило историю таджикского народа. Яркими примерами являются такие уникальные памятники, как древний Пенджикент, Саразм, Санджаршах, Бунджикат, Чилхуджра, Тахти Сангин, Саксанохур, Хулбук, Теппаи Шох, Аджинатеппа, Кафиркала, Калаи Кофарнихон, Сайёд и другие.

Они на протяжении многих лет изучались, по ним опубликовано большое количество научных трудов и статей, созданы телевизионные программы, значительно пополнены фонды музеев страны. Однако в каком состоянии находятся сами памятники - известно немногим. Часть из них полностью утрачена, другая часть вновь превратилась в руины. Если

подобная ситуация сохранится, то со временем оставшиеся памятники также могут быть утрачены. Саразм по праву признан объектом культурного туризма, ежегодно привлекающим тысячи туристов. Вопросы изучения и историографии Саразма как одного из центров мировой цивилизации находятся в центре внимания отечественных и зарубежных учёных, которые провели значительные научные исследования [4, с. 238].

В течение более чем 40 лет этот центр мировой цивилизации Саразм - посетили тысячи отечественных и зарубежных туристов, тем самым способствуя его международной известности. В связи с объявлением 2018 года «Годом развития туризма и народных ремёсел», а 2019–2021 годов - «Годами развития села, туризма и народных ремёсел», интерес к памятнику ещё более возрос. На основе изучения истории памятника и анализа исторических источников можно сделать вывод, что древнейшая культура таджикского народа восходит к IV тысячелетию до н. э., а первые города и государственные образования возникли именно на этой территории. Одним из ярчайших примеров является древнее поселение Саразм. Действительно, Саразм выступает как один из древнейших центров развития разнообразных народных ремёсел. Культурно-туристический маршрут Саразма расположен в центре Зарафшанской долины, и считается одним из древнейших центров расселения и мировой цивилизации. На основе анализа источников и научных дискуссий с известными учёными можно сделать вывод, что Саразм являлся одним из древнейших центров градостроительства, торговли, экономической, социальной, политической и культурной жизни в Центральной Азии. По своему времени и историческому значению этот памятник таджикского народа относится к позднему этапу первобытнообщинного строя и периоду становления рабовладельческих отношений.

В историографическом плане изучение Саразма и других древних историко-культурных памятников таджикского народа активизировалось в конце XX века, начиная с 1976 года. В период государственной независимости Республики Таджикистан внимание к изучению данного памятника значительно возросло, что нашло отражение в публикации многочисленных научных работ. Как археологический объект, Саразм впервые был описан учёным-археологом А. Исхаковым, который представил краткие сведения на основе находки жителя села Авзали джамоата Чимкургон (ныне Саразм) - колхозника А. Тайлонова. По имеющимся данным, найденный предмет сначала был показан председателю колхоза «Ленинград» У. Кудратову. В 1972 году А. Тайлонов во время строительства жилого дома своим соседом обнаружил на окраине села каменный топор и показал его нескольким учёным, однако находка не привлекла должного внимания и хранилась у него дома в течение четырёх лет. Лишь в 1976 году он доставил её в город Пенджикент, в Республиканский историко-краеведческий музей имени Абуабдулло Рудаки. По рекомендации сотрудников музея находка была передана археологу А. Исхакову, который в то время проводил раскопки в древнем Пенджикенте [9, с. 59-62].

С этого времени и по настоящее время история Саразма является объектом постоянного научного изучения. Археолог А. Исхаков опубликовал первые научные статьи, который имеет важное научное и образовательное значение в изучении истории Саразма [4]. К 1985 году в Саразме было выявлено 4 здания и 10 раскопочных участков. Площадь первого здания составляла 180 кв. м, оно состояло из 7 помещений, стены были построены из сырцового кирпича. Второе здание занимало площадь 500 кв. м, включало 48 помещений и имело пахсовые стены. Третье здание площадью 350 кв. м состояло из 13 комнат и также было возведено из сырцового кирпича. Это здание имеет особое значение для изучения истории архитектурного искусства таджиков: симметричность сторон, одинаковая площадь помещений, расположение входов друг напротив друга и наличие трёх одинаковых коридоров свидетельствуют о том, что оно было построено по заранее разработанному плану. Знакомство с археологическими находками древнего Саразма позволяет глубже понять историю таджикского народа и населения Зарафшанской долины, а также представить туристам важную научную информацию. На основании приведённых данных можно предположить, что данное сооружение являлось одним из видов храмов солнца, поскольку жители Саразма начинали почитание окружающего мира и могущественной природы именно с поклонения солнцу. Другой важный вывод заключается в необходимости продолжения последовательного изучения и анализа истории Саразма, так как существует вероятность, что его история уходит на десятки тысяч лет вглубь времени. Жилые дома имели квадратную и прямоугольную форму (площадью 6–12 кв. м), входные проёмы были узкими (50–75 см). Полы находились на глубине 75–95 см. В домах располагались круглые

очаги, окружённые стенкой толщиной 8–12 см и высотой 9–10 см. Иногда очаги сооружались на специальной платформе высотой 15–20 см. Входные коридоры соединяли жилые помещения с внутренним двором [7, с. 334-350]. Толщина стен зданий составляла 35–75 см, и их остатки сохранились до наших дней. Во дворах располагались тандыры и очаги, которыми пользовались все жители. Для отходов существовали специальные ямы, в которых были обнаружены предметы быта и культурные артефакты [14]. В Саразме получили значительное развитие такие ремёсла, как плотничество и резьба по дереву, гончарное дело и кузнечество, швейное и кулинарное искусство, в том числе кондитерское производство. Население Саразма в основном занималось земледелием, скотоводством, рыболовством и охотой, а также ремесленным производством и металлургией (обработка меди, золота и олова).

Жители Саразма по праву гордятся своими архитектурными и археологическими памятниками. Смешивая медь и олово, они изготавливали такие изделия, как топоры, ножи, двулезвийные кинжалы, наконечники стрел, рыболовные крючки, шилья и иглы. Одежда саразмийцев изготавливалась из шерсти и кожи. Гончары Саразма с использованием гончарного круга создавали чаши, блюда, кубки, пиалы, кувшины и хумы, украшая их чёрными, красными, розовыми и желтоватыми орнаментами [5, с. 3-9]. Жители Саразма имели торговые связи со странами Персидского залива, арабскими портами, государствами Индии, о чём свидетельствуют найденные бронзовые изделия (ножи, кинжалы, двулезвийные топоры), гирьки для весов, сосуды, украшения и предметы декора из бирюзы, лазурита и агата [8, с. 25-28]. В обществе Саразма преобладал родовой строй. По мнению отечественных и зарубежных учёных, важную роль в определении уровня развития ремесленной культуры играют формы и виды керамических изделий. Гончары Саразма одними из первых в северо-восточной части Средней Азии начали изготовление разнообразной посуды и её художественное оформление. Среди изделий встречаются тазы, чаши, пиалы, кувшины, кубки, хумы и другие формы [6, с. 49-57].

Для росписи сосудов использовались такие цвета, как чёрный, красный, коричневый, жёлтый, лазурный, синий и белый. Керамика подразделяется на две основные группы: орнаментированная и неорнаментированная. В свою очередь, они делятся на подгруппы - одноцветные (монохромные) и многоцветные (полихромные) изделия. Орнаментированные сосуды изготавливались из жёлтой, розовой или чёрной глины. Значительная часть керамики создавалась вручную, без использования гончарного круга. В хозяйстве население использовало около десяти видов сосудов, что полностью соответствовало потребностям их повседневной жизни. Подобных примеров можно привести множество, и они подтверждаются многочисленными научными источниками.

В результате археологических исследований, проведённых отечественными и зарубежными учёными, было установлено, что Саразм является одним из древнейших городов Мавераннахра, а его находки свидетельствуют о том, что предки таджикского народа обладали развитой культурой задолго до нашествий Ахеменидов и Александра Македонского. Изучение одного из центров мировой цивилизации - Саразма открывает новые страницы в истории цивилизации таджикского народа и других народов Средней Азии. Изучение истории Саразма в путевых записках и туристических произведениях зарубежных авторов в настоящее время имеет важное научное значение. На основе анализа исторических источников известно, что памятники истории отражают реальные исторические события и героизм таджикского народа. Роль событий прошлого запечатлена в каждом историко-культурном памятнике, древних артефактах, надписях и наскальных изображениях, настенных росписях и порталах древних крепостей, минаретах, скульптурах и других источниках историко-культурного наследия нашего народа, которые были сохранены государством и местными органами власти и дошли до наших дней. Если мы являемся истинными сыновьями своей Родины, наша задача состоит в том, чтобы бережно сохранять это древнее наследие, прилагать усилия для его восстановления и передавать его будущим поколениям как важный исторический урок. В период независимости ряд историко-культурных объектов и памятников был отреставрирован и превращён в места отдыха и туризма для жителей страны и иностранных туристов. В настоящее время в стране насчитывается более 3500 историко-культурных памятников, одним из которых является Саразм, и по инициативе главы государства в 2020 году было отмечено 5500-летие истории Саразма [8, с. 12]. Саразм по праву считается одним из древнейших центров мировой цивилизации и одним из древнейших мест расселения предков таджикского народа [9, с. 28].

На протяжении длительного времени, в результате борьбы таджикского народа за свободу против иноземных захватчиков, он выполнял роль важного политического и экономического центра. В определённые периоды в ходе непрерывных войн это место было разрушено и превратилось в руины. Несмотря на то, что в течение веков оно находилось под слоем земли, Саразм никогда не утратил своего значения, сохранив основные черты социально-экономической, политической и культурной жизни. На примере Саразма можно увидеть, что народные ремёсла и исторические памятники выступают важными факторами развития туризма в Зарафшанской долине и в Таджикистане в целом.

Результаты. В результате анализа научных источников и изучения историко-археологических материалов установлено, что Саразм является одним из древнейших центров человеческой цивилизации в Центральной Азии и обладает значительным научным, культурным и туристическим потенциалом. Археологические находки подтверждают, что Саразм как центр раннего градостроительства, ремесленного производства, земледелия и торговых отношений сформировался ещё в IV тысячелетии до н. э. Исследование показало, что высокий уровень развития народных ремёсел, таких как гончарное дело, металлургия, ткачество и архитектурное строительство, свидетельствует о существовании развитого и цивилизационно значимого общества в данном регионе. Эти факторы позволяют рассматривать Саразм не только как объект научного изучения, но и как привлекательный центр археологического туризма.

Установлено, что в период независимости, при поддержке государственной политики и инициатив Основателя мира и национального единства - Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона, были созданы благоприятные условия для сохранения, реставрации и популяризации памятника Саразм. Включение его в Список всемирного наследия ЮНЕСКО укрепило его международный статус и открыло новые возможности для развития туризма. В целом результаты исследования показывают, что Саразм как уникальный объект культурного наследия может выступать одним из ключевых факторов развития археологического туризма в Таджикистане, способствуя продвижению национальной культуры и привлечению инвестиций в экономику страны.

Заключение. В ходе исследования установлено, что Саразм является одним из важнейших и древнейших археологических памятников Центральной Азии, обладающим высокой научной и культурной ценностью как центр ранней человеческой цивилизации. Археологические данные свидетельствуют о том, что уже в IV тысячелетии до н. э. здесь существовало развитое земледельческо-ремесленное общество.

Саразм представляет собой не только важный источник изучения древней истории, но и значимый объект культурного и археологического туризма. Включение его в Список всемирного наследия ЮНЕСКО, а также внимание государства, в частности политика, проводимая Основателем мира и национального единства - Лидером нации, уважаемым Эмомали Рахмоном, создали благоприятные условия для его сохранения и популяризации.

Вместе с тем вопросы охраны, реставрации и эффективного использования данного уникального памятника по-прежнему остаются актуальными. Для дальнейшего развития археологического туризма необходимо совершенствовать туристическую инфраструктуру, активизировать информационно-просветительскую деятельность и привлекать инвестиции.

Таким образом, Саразм как ценнейшее историко-культурное наследие является не только предметом национальной гордости таджикского народа, но и важной частью мировой цивилизации, играя ключевую роль в развитии туризма и продвижении Таджикистана на международной арене.

Литература

1. *Азизов, М.Д. Ҳифзу тармими ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ // Тоҷикистон.- №11. - 2004. - С.7 – 8.*
2. *Азизов М.Д. Масъалаҳои ҳифзу тармим ва истифодаи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ дар ҷумҳурӣ М.Д. Азизов // Мероси ниёгон.-№8, 2005. - С. 10-15.*
3. *Гафуров, Б.Г. Таджики / Б.Г.Гафуров. - Москва, 1972. - С. 24-53.*
4. *Исаков, А.И. Саразм / А.И. Исаков. – Душанбе: Дониш, 1991. - С. 34-89.*
5. *Исаков, А.И. Археологические открытия, 1978 / А.И.Исаков. - Москва, 1979. - С. 3-9.*
6. *Исаков, А.И. Саразм – поселение эпохи полиметалла в долине Зарафшан / А.И. Исаков //Археология Средней Азии и Ближнего Востока. - 11. Советско-американский симпозиум. - Ташкент, 1983. -С. 49-57.*

7. *Исаков, А.И. Раскопки третьего сезона на Саразме в 1979 / А.И. Исаков // АРТ. -1986. Вып. 19. - С. 334-350.*
8. *Исоқов, А. Саразм – огози тамаддуни халқи тоҷик / А.И.Исоқов. Қ.1. – Хуҷанд, 2005. – 402 с.*
9. *Каримова Г.Р., А.П.Франкфор. Саразм: этапы исследования – 2008-2018 гг. / Г.Р. Каримова, А.П.Франкфор // Археологические работы в Таджикистане. – Вып.40. – Душанбе, 2019. – С. 52-62*
10. *Послание президента Республики Таджикистан Парламенту страны. 26 декабря 2018. – Душанбе, 2019. – 36 с.*
11. *Послание Основателя мира и национального единства, лидера нации, президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Верховному совету. 26.12. 2019 // Омӯзгор №52 (12225) 26 декабря, 2019.-С. 2-8.*
12. *Раззоков, А. Саразм (орудия труда и хозяйство по экспериментально-трасологическим данным) /А. Раззоков. – Душанбе: Эҷод, 2008. – 136 с.*
13. *Раззоқов А. Саразм сарогози тамаддуни Варорӯд / А. Раззоқов, С.Бобомуллоев // Муаррих. - №2 (18). – 2019. – С. 155-158.*
14. *Руководство по выполнению Конвенции об охране памятников Всемирного наследия// http://www.nhpfund.ru/files/operational-guidelines-ru.pdf. (Дата обращения – 12.03.2026)*
15. *Саразм – объект Всемирного культурного наследия ЮНЕСКО // www.http:institute-history.tj / wp-content/uploads/2019/Sarazm/Sarazm-prsentation%20 (Дата обращения – 12.03.2026).*

САРАЗМ КАК КЛЮЧЕВОЙ ОБЪЕКТ АРХЕОЛОГИЧЕСКОГО ТУРИЗМА

В статье рассматривается вопрос использования потенциала историко-культурного наследия в развитии археологического туризма в Республике Таджикистан и анализируется роль древнего городища Саразм как важного туристического объекта. Результаты археологических исследований свидетельствуют о том, что в IV–III тысячелетиях до н. э. Саразм сформировался как важный центр градостроительства, ремесла, земледелия и обменных и торговых отношений, сыграв значительную роль в развитии культурных связей между различными регионами Центральной Азии. В статье рассматривается значение международного признания Саразма как объекта культурного наследия, в частности его включения в Список всемирного наследия ЮНЕСКО в 2010 году. Отмечается, что международный статус памятника создает благоприятные условия для повышения его туристической привлекательности, привлечения отечественных и зарубежных туристов, а также развития культурного и археологического туризма. Анализ показывает, что рациональное и научно обоснованное использование туристического потенциала Саразма может способствовать устойчивому социально-экономическому развитию региона. В частности, развитие туристической инфраструктуры, создание специализированных культурно-археологических маршрутов, представление результатов научных исследований и вовлечение местного населения в туристическую деятельность могут способствовать сохранению культурного наследия, возрождению народных ремесел, созданию новых рабочих мест и повышению доходов населения.

Ключевые слова: Саразм, археологический туризм, культурное наследие, древняя цивилизация, Таджикистан, археологические памятники, охрана культурного наследия, туристическая инфраструктура, культурный туризм, устойчивое развитие туризма.

САРАЗМ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ КАЛИДИИ САЙЁҲИИ БОСТОНШИНОСӢ

Дар мақола масъалаи истифодаи иқтидори мероси таърихию фарҳангӣ дар рушди сайёҳии бостоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, нақши ёдгории бостонии Саразм ҳамчун объекти муҳимми сайёҳӣ таҳлил карда мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти бостоншиносӣ нишон медиҳанд, ки Саразм дар ҳазораи IV–III то милод ҳамчун маркази муҳимми шаҳрсозӣ, ҳунармандӣ, кишоварзӣ ва муносибатҳои мубодилавию тиҷоратӣ ташаккул ёфта, дар рушди робитаҳои фарҳангии байни минтақаҳои гуногуни Осиёи Марказӣ нақши назаррас доштааст. Дар мақола аҳаммияти эътирофи байналмилалии Саразм ҳамчун объекти мероси фарҳангӣ, аз ҷумла ворид гардидани он ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дар соли 2010, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таъкид мегардад, ки мақоми байналмилалии ёдгорӣ барои баланд бардоштани ҷаззобияти сайёҳии он, ҷалби сайёҳони дохилию хориҷӣ ва рушди сайёҳии фарҳангӣ ва бостоншиносӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи оқилона ва илмии иқтидори сайёҳии Саразм метавонад ба рушди устувори иқтисодию иҷтимоии минтақа мусоидат намояд. Аз ҷумла, рушди инфрасохтори сайёҳӣ, ташкили хатсайрҳои махсуси фарҳангию бостоншиносӣ, муаррифии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва ҷалби ҷомеаи маҳаллӣ ба фаъолияти сайёҳӣ метавонанд барои ҳифзи мероси фарҳангӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши даромади аҳолӣ мусоидат кунанд.

Калидвожаҳо: Саразм, сайёҳии бостоншиносӣ, мероси фарҳангӣ, тамаддуни қадим, Тоҷикистон, ёдгориҳои бостоншиносӣ, ҳифзи мероси фарҳангӣ, инфрасохтори сайёҳӣ, сайёҳии фарҳангӣ, рушди устувори сайёҳӣ.

SARAZM AS A KEY OBJECT OF ARCHAEOLOGICAL TOURISM

This article examines the use of historical and cultural heritage potential for the development of archaeological tourism in the Republic of Tajikistan and analyzes the role of the ancient settlement of Sarazm as an important tourist destination. Archaeological research indicates that during the 4th–3rd millennia BCE, Sarazm developed as an important center of urban development, crafts, agriculture, exchange, and trade, playing a significant role in the development of cultural ties between different regions of Central Asia. The article examines the significance of the international recognition of Sarazm as a cultural heritage site, particularly its inscription on the UNESCO World Heritage List in 2010. It is emphasized that the international status of the monument creates favorable conditions for increasing its tourism appeal, attracting domestic and international visitors, and promoting cultural and archaeological tourism. The analysis demonstrates that the rational and scientifically grounded use of Sarazm's tourism potential can contribute to the sustainable socio-economic development of the region. In particular, the development of tourism infrastructure, the creation of specialized cultural and archaeological routes, the presentation of scientific research findings, and the involvement of local communities in tourism activities can contribute to the preservation of cultural heritage, the revitalization of traditional crafts, the creation of new employment opportunities, and increased local incomes.

Keywords: Sarazm, archaeological tourism, cultural heritage, ancient civilization, Tajikistan, archaeological sites, cultural heritage preservation, tourism infrastructure, cultural tourism, sustainable tourism development.

Об авторах

Ходжаев Мехровар Пардалиевич
Доктор исторических наук, доцент кафедры истории древнего мира, средних веков и археологии
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17
E-mail: mehrovar_kh@mail.ru

Сайдалиев Фатхиддин Рамазонович
PhD докторант первого курса исторического факультета
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17
E-mail: saydaliev27@mail.ru

Дар бораи муаллифон

Хоҷаев Меҳровар Пардалиевич
Доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудаки, 17
E-mail: mehrovar_kh@mail.ru

Сайдалиев Фатҳиддин Рамазонович
Докторанти PhD-и соли якуми факултети таърих
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 17
Email: saydaliev27@mail.ru

About the authors

Khojaev Mehrovar Pardalievich
Doctor of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of the History of the Ancient World, Middle Ages and Archaeology
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17
E-mail: mehrovar_kh@mail.ru

Saydaliev Fathiddin Ramazonovich
First-year PhD Doctoral Student, Faculty of History
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17
E-mail: saydaliev27@mail.ru

ТДУ 36.3 (930.85)

ФАЪОЛИЯТИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ ҲАМЧУН ВАКИЛИ ШУРОИ ОЛИИ ҶШС ТОҶИКИСТОН

Ҳоҷиев Ф. Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Маълум аст, ки доир ба ҳаёту фаъолияти академик Б. Ғафуров таълифоти зиёде то имрӯз рӯйи кор омадаанд, ки фаъолияти ниҳоят бисёрсамтаи ӯро инъикос менамояд. Бояд қайд кард, ки фаъолияти Б. Ғафуров ба ҳайси вакили Шурои Олии ИҶШС, Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ва шуроҳои маҳалли ба таври зарури мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст. Зарурати ба таҳқиқ кашидани ин равзанаи зиндагии Б. Ғафуров ба он асоснок карда мешавад, ки ӯ дар радифи нахустин вакилони Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати аввал интихоб гардида, минбаъд то интихоботи даъвати чорум дар ин мақоми олии қонунбарор пайиҳам ҳамчун вакил фаъолият намудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти сиёсиву давлатии Б. Ғафуров баҳо дода, зикр менамоянд, ки “Дар шахсияти Бобоҷон Ғафуров, айёми сарвари ҷумҳурӣ буданаш, истеъдоди созмондиҳӣ ва услуби хуби роҳбарӣ барҷаста таҷассум ёфтааст. Ӯ баҳри ривоҷу равнақи иқтисодиёт, илм ва фарҳанги ҷумҳурӣ талош варзида, саъю кӯшиш мекард, ки дар идораи корҳои давлативу ҷамъиятӣ услубҳои роҳбарии дастаҷамъӣ ҷорӣ гарданд. Чун сарвари асилу дурандеш дар замири роҳбарон нисбат ба халқи заҳматкаш ғамхору меҳрубон буданро мепарварид” [15, с. 330].

Тазаккур намудан ба маврид аст, ки Б. Ғафуров дар баробари ишғоли вазифаҳои баланд ва пурмасъули ҳизби давлатӣ (дар давоми солҳои 1936 – 1956) инчунин ба сифати вакили Шурои Олии ИҶШС, Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ва шуроҳои маҳаллӣ ифои вазифа намудааст. Дар варақаи тарҷумаҳолии Б. Ғафуров, ки бо килки шахсии ӯ иншо шудааст, қайд мегардад, ки “аз соли 1938 вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, аз соли 1946 то соли 1962 вакили Шурои Олии ИҶШС интихоб шудааст” [5, с. 3]. Дар Бойгонии давлатии Тоҷикистон хазинаи ҳуҷҷатҳои шахсии Б. Ғафуров, ки таҳти рақами 177 мавҷуд мебошад, ки дар хусуси фаъолияти ӯ ба ҳайси вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикисон маводҳои муҳим маҳфуз мебошад.

Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон яке аз ниҳодҳои муҳим ва баландмақом дар замони шуравӣ ба ҳисоб мерафт. Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон мувофиқи сохти дохилиаш мақомоти якпалатагӣ буд. Шурои Олии ҶШС Тоҷикистонро шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ, баробар, бевосита бо овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлатӣ 4 сол, мувофиқи меъёри ба ҳар 5000 нафар аҳолӣ якнамоянда интихоб мекарданд [19, с.23].

Зимни таҳлилҳои осори олимоне, ки оиди ҳаёт ва фаъолияти Б. Ғафуров пажӯҳиш анҷом додаанд, маълум мегардад, ки ӯ аз соли 1936 ба фаъолияти давлатӣ оғоз намудааст. Дар ин маврид, олими шинохта Усмонҷон Ғаффоров чунин қайд менамояд: “Соли 1936 Бобоҷон Ғафуров чун корманди соҳибтаҷрибаи соҳаи идеологӣ ба кори партиявӣ пешбарӣ карда мешавад ва он сол ӯ аввал инструктор оид ба кори матбуоти КМ ПК (б) Тоҷикистон ба баъд мудири шуъбаи матбуот таъин мешавад” [11, с. 24].

Дар асоси дафтарчаи меҳнатии Б. Ғафуров, маълум мегардад, ки ӯ 3 апрели соли 1936 мувофиқи қарори Бюрои КМ ҲК (б) ҶШС Тоҷикистон фаъолияти худро ба ҳайси дастурдеҳ (инструктор) шуъбаи тарғиботу ташвиқоти КМ ҲК (б) Тоҷикистон таъин гардид [5, с. 2].

Қаҳрамони Тоҷикистон, ходими намоёни давлатӣ Бобоҷон Ғафуров дар муддати кӯтоҳ дар мансабҳои гуногуни сиёсӣ – давлатии онвақта фаъолият намудааст. Доир ба фаъолияти сиёсӣ - давлатии Б. Ғафуров олими шинохта, нахустин баррандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Ҳайдаршо Пирумшо, чунин баён доштааст: “Баъди хатми Донишкадаи журналистӣ солҳои 1935 – 1940 марҳилаи навбатии фаъолияти меҳнатӣ ва эҷодии Бобоҷон Ғафуров ҷараён гирифт. Солҳои 1935 – 1940 ба ҳайси дастурдиҳандаи (инструктор) КМ ҲК (б) Тоҷикистон (1936 – 1937), мудири шуъбаи матбуоту нашриёти КМ ҲК (б) Тоҷикистон (1937 – 1939), мудири бахши сиёсӣ – маърифатии КМ ҲК (б) Тоҷикистон (1939 – 1940) кор карданаш, зарурати бевоситаи ба таҳқиқи таърихи халқаш машғул шудан барояшбоз возеҳтар аён гардид” [18, с. 55].

Бори нахуст интихоботи вакилони Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон 24 июли соли 1938 баргузор мегардад. Маҳз дар ин маъракаи муҳимми сиёсии Б. Ғафуров аз тарафи

намояндагони ноҳияи Панҷакент ба ҳайси вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Дар рӯзномаи “Коммунисти Тоҷикистон” оиди ҳамчун номзад ба вакилии Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ба қайд гирифта шудани Б. Ғафуров чунин зикр мешавад, “Бобоҷон Ғафуров – мудири шуъбаи матбуоти КМ ҲК (б) Тоҷикистон дар округи интихоботии Кулолӣ, (ноҳия Панҷакент) ба номзади вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон қайд гардид [9, с.2].

Дар интихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати якум, ки 24 июни соли 1938 гузаронида шуд аз 764 ҳазору 483 нафар раъйдиҳандагон дар интихобот 760 606 нафар (99,5%) иштирок намуданд. Дар натиҷаи овоздии ба Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати 1- ум 282 нафар вакил интихоб гардид, ки аз онҳо 91 нафар коргар (33,3 фоиз), 130 нафар колхозчӣ (45,7 фоиз), 61 нафар намояндаи зиёиён (21 фоиз) ташкил медоданд.[9, с. 24]

Аввалин анҷумани Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон санаи 13 июли соли 1938 дар шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) баргузор гардид. Мувофиқи таклифи вакилон Б. Ғафуров аз номи гурӯҳи намояндагони Сталинобод (ҳоло Душанбе), Ленинобод (ҳоло Суғд), Ғарм ва Кӯлоб тартиби кори аҷнумани аввалини Шурои Олии ҶШС Тоҷикистонро ироа намуд. Мувофиқи он дар анҷумани аввалин, чунин масъалаҳо пеш гузошта шуд:

1. Интихоб кардани комиссияи доимӣ.

а) комиссияи қонунгузорӣ

б) комиссияи буджет

2. даровардани тағйиру иловаҳо ба баъзе моддаҳои Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон

3. дар хусуси додани хароҷоти вакилон ки бо иҷро кардани вазифаҳои хизмати онҳо алоқаманд ҳаст [1, с. 2].

Ҳуҷуми Олмони фашистӣ ба Иттиҳоди Шуравӣ ҷараёни муназзами рушди кишварро халалдор намуда, мардуми шуравиро дар назди зарурати сафарбарсозии тамоми қувва ва захираҳо баҳри шикасти душман қарор дод. Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар назди вакилони Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ва шуроҳои маҳалли марҳилаи муҳим маҳсуб меёфт. Маҳз дар ҳамин давраи барои давлат муҳим, вакилони Шуроҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дар назди интихобкунандагони худ пайваста ҳисобот медоданд. Дар ҷумҳурӣ, солҳои 1942–1944, тақрибан дар тамоми маҳаллаҳо ҳисоботи вакилон Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ва шуроҳои маҳаллӣ дар назди халқ гузаронида мешуданд [12, с. 85].

Дар асари бунёдии “Таърихи халқи тоҷик” (иборат аз 6 ҷилд), китоби шашум, фасли аввали он ба мавзуи “Тоҷикистон дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ” бахшида шудааст, ки дар зерфасле мавзуи “Фаъолияти Шуроҳои вакилони Тоҷикистон дар солҳои ҷанг” ҷой дода шуда, оид ба фаъолияти ин ниҳоди муҳимми идораи давлат дар замони ҷанг маълумот дода шудааст. Бояд қайд намуд, ки дар он шабу рӯзҳои вазнин ин ниҳоди баланди давлатӣ, Шурои Олии Тоҷикистон ба иҷрои вазифаҳои муҳимтарин аз ҷумла таълими сафарбаркунии ҳарбӣ, ташкили захираи ҷангӣ, ёри расонидан ба омодагии ҳарбӣ машғул буд. Ҳамин тавр, дар маркази диққати шуроҳои Тоҷикистон масъалаи ба фронт фиристодани қисмҳои 20-уми савораи кӯҳгард, дивизияҳои 104 ва 61 – уми савора истода буд, ки аз иҷрои он ба пурраги баромад [12, с. 86].

Интихоботи Шурои Олии ИҶШС, Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ва Шуроҳои маҳаллӣ яке аз аввалин маъракаҳои муҳимми сиёсии пасазҷангӣ дар ҷумҳурӣ маҳсуб мешуд.

Тибқи қарори Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, ки дар санаи 28 ноябри соли 1946 қабул гардид, замони баргузории интихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати дуввумро муайян намуд. Дар қарори мазкур таъкид мегардид, ки “Бинобар гузаштани ваколатҳои Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати якӯм, дар асоси моддаи 63 “Низомномаи интихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон” Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон қарор мекунад, киинтихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон рӯзи ҷумъаи 14 феврали соли 1947 баргузор карда шавад[4, с. 2].

Шоистаи таъкид мебошад, ки тибқи фармони Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, ҳар як шаҳрванди ҶШС Тоҷикистон, ки синнаш ба 21 расидааст, сарфи назар аз ҷинс, дину мазҳаб, дарҷаи маълумот ва баромади иҷтимоӣ, вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон интихоб шуда метавонад [4, с. 3].

Дар фаъолияти серсоҳа ва доманадори давлатии Б. Ғафуров замони баъдазҷангӣ мақоми хоса дорад. Дар радифи фаъолият ҳамчун котиби аввали КМ ҲК (б) Тоҷикистон дар он солҳо, ӯ пайваста ҳамчун вакили Шурои Олии ИҶШС, Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ва шуроҳои маҳалли интихоб мегардид.

Дар интихоботи даъвати дуввуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон Б. Ғафуров ҳамчун номзад дар ҳавзаи интихоботии Пахтаобод (ҳоло ноҳияҳои Турсунзода ва Шаҳринав) номнавис мегардад. Оиди ҳамчун вакил дар ҳавзаи интихоботии мазкур номнавис гардидани ӯ, дар рӯзномаи "Коммунист Таджикистана" маълумоти зерин оварда шудааст, "Дар округи интихоботии Чертанск вохӯрии номзад ба вакил Шурои Олии ҶШС Точикистон, котиби якум КМ ҲК (б) Точикистон, Бобоҷон Ғафуров бо интихобкунандагони худ баргузор гардид. Дар вохӯрии мазкур нахуст шахси боэътимоди номзад ба вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, судяи халқӣ Акрамов Н, сухан намуда, оиди шахсият ва кору фаъолияти Б. Ғафуров ба интихобкунандагон маълумот дод [10, с. 2].

Бояд иброз намуд, ки ноҳияи Пахтаобод (ҳоло ноҳияҳои Турсунзода ва Шаҳринав) аз ҷумлаи ноҳияҳои пешсафи пахтакории ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ҷамъомад номзад ба вакилии Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон Б. Ғафуров, оиди рушд ва пешрафти ноҳия дар солҳои баъдиҷангӣ сухан намуда, қайд намуд, ки "Имрӯзҳо дар ноҳияи Пахтаобод 77 трактороҳо, 118 тракторчиён ва механикҳо, 6 агрономҳо ба кор машғуланд. Дар соли 1946 колхозҳои ноҳияи шумо 3790 тонна нуриҳои маъданӣ гирифтанд. Дар пахтакории Тоҷикистон ноҳияи Пахтаобод ҳиссаи калони худро гузошт. Соли гузашта ноҳия ба давлат 5,609 тонна пахтаи хом супурд". Ҳамзамон дар идомаи суханронии худ бо интихобкунандагон, Б. Ғафуров баён дошт, ки дар ноҳияи Пахтаобод дар соли 1947 бунёди ду неругоҳи хурд дар назар дошта шудааст, дар тамоми ҷумҳурӣ бошад давоми панҷсолаи чорум 240 неругоҳҳои хурд бунёд карда мешаванд [10, с. 2].

Дар шаҳодатномае, ки аз ҷониби комиссияи ҳавзаи интихоботии оиди интихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз санаи 15 феврали соли 1947 ба Б. Ғафуров супорида шуда, чунин омдааст, ки "Дар асоси қарори комиссияи интихоботии ҳавзаи № 42 аз рӯйи интихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ва моддаҳои 93 ва 94- и "Низомномаи интихоботии Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон", ҳавзаи интихоботи шаҳодат медиҳад, ки Ғафуров Бобоҷон Ғафурович 14 феврали соли 1947 вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз ҳавзаи Чиртанск интихоб гардид" [6, с. 2].

Анҷумани аввалини Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати дуввум, дар санаи 26 апрели соли 1947 дар шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) баргузор шуд. Дар анҷумани мазкур масъалаҳои муҳим аз ҷумла интихоби Президиуми Шурои Олии, таъсиси Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ва таҳияи буджети соли 1947 баррасӣ гардид [10, с. 3].

Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон тибқи ваколатҳои худ, Президиуми Шурои Олиро интихоб менамуд, ки ниҳоди муҳим дар идоракунии давлат ба шумор мерафт, инчунин дар ваколати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ҳукумати ҷумҳуриро дар симои Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон таъсис медод.

Интихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати севвум дар фазои болоравии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон сурат гирифт. Дар натиҷаи меҳнат собитқадамона халқи тоҷик, нақшаи панҷсолаи чорӯм – панҷсолаи барқароркунии баъдиҷагии хоҷагии халқи ҷумҳурӣ (солҳои 1946 – 1950) дар тамоми соҳаҳои барзиёд иҷро намуд. Дар ахбороти Комиссияи нақшавии давлатӣ ва идораи оморӣ ҶШС Тоҷикистон доир ба иҷрои нақшаи панҷсолаи чорӯм нишондодҳои зерин аз ҷумла, дар соҳаи саноати ангишт 102 фоиз, истеҳсоли семент 114 фоиз ва хишт 101 фоиз иҷро гардид. Дастовардаҳои ҷумҳурӣ дар соҳаи хоҷагии халқи мамлакат бозҳам бештар ба назар мерасид. Супориши нақшаи панҷсола дар бобати майдонҳои кишт ва ҳосили умумии пахта хеле барзиёд иҷро гардид. Майдони кишти пахта дар зарфи панҷсола 31 фоиз афзуд ва аз дараҷаи пеш аз ҷанг хеле пеш гузашт. Ҳосили умумии пахта дар давоми панҷсола 3,3 баробар зиёд шуд, аз он ҷумла навъҳои пахтаи маҳиннах 5 баробар афзуд. Супориш дар бобати ҳосилоти пахта, ки барои соли 1950 муқаррар карда шуда буд, пеш аз муҳлат дар соли 1948 иҷро гардид [2, с. 1].

Дар асоси боби шашуми "Низомномаи интихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон" моддаҳои 49 ва 50 тартиби пешниҳод кардани номзадҳо ба вакилии Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон муайян гардидааст, ки мутобиқи он ташкилотҳои ҷамоат ҷамъиятҳои меҳнаткашон, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои кооперативӣ, ташкилотҳои ҷавонон ва ҷамъиятҳои маданӣ ҳуқуқ доштанд номзадҳоро ба вакилии Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон пешбари намоянд.

Дар қарори Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон "Дар бораи гузаронидани интихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон" чунин омадааст, "Ба муносибати он, ки 14 феврали соли 1951 ваколати даъвати дуюми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, ки мувофиқи он Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикиситон дар муддати на зиёда аз ду моҳи гузаштани

муҳлати ваколати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон интихоботи нав таин мекунад ва дар асоси моддаи 63 “Низомномаи интихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон” мувофиқи он рӯзи интихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон камаш 2 моҳ пеш аз муҳлати интихобот таин карда шуда, интихобот дар рӯзи ғайри корӣ гузаронида мешавад. Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон қарор мекунад:

Интихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон рӯзи якшанбеи 18 феврали соли 1951 муқаррар карда шавад.

Раиси Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон. Н. Додхудоев

Котиби Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон А. Асроров” [17, с. 2].

Дар интихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати сеюм Б. Ғафуров аз ҳавзаи интихоботии Чертак № 88 – и ноҳияи Пахтаобод ҳамчун вакил ба қайд гирифта шуд. Ба ин хотир дар ҳавзаи интихоботии мазкур санаи 10 январи соли 1951 ҷамъомати тантанавӣ бо иштироки 200 нафар баргузор гардид. Дар ҷамъомад аз ҷониби сардори артели хоҷагии қишлоқи ба номи Калинини ноҳия Гулсун Кенҷаева таклиф гардид, ки писари вафодори халқи тоҷик котиби аввали КМ ҲК (б) Тоҷикистон Б. Ғафуров ба сифати вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ба қайд гирифта шавад [13, с. 2].

18 феврали соли 1951 дар ҶШС Тоҷикистон интихоботи вакилони Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон шуда гузашт. Комиссияи Марказии интихоботи натиҷаи ҷамъбастии интихоботро чунин ҳисоб намуд. Аз шумораи умумии интихобкунандагон, ки 872 278 нафар иборат буд, 872 259 нафар ё ин ки 99,99 фоизи шумораи умумии интихобкунандагони ба рӯихат шомилбуда дар интихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон иштирок намуданд.

Дар ҳамаи ҳавзаҳои интихоботӣ ба ҷонибдории коммунистон ва бепартиявиён 871 791 нафар интихобкунанда, ки аз рӯйи фоизи умумии иштирокдоштагон 99,95 фоизро ташкил медод райъ доданд [3, с. 1].

Дар қатори ашхоси маъруф аз ҷумла Додхудоев Назаршо, Мирзоев Абдуғанӣ Муҳаммадович, Зариф Раҷабов, Турсун Ӯлҷабоев ва дигарон Б. Ғафуров низ ҳамчун вакил Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати сеюм интихоб гардид.

Ҳамин тариқ, котиби аввали КМ ҲК (б) Тоҷикистон Б. Ғафуров дар интихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати сеюм аз ҳавзаи интихоботии Чертак № 88 – и ноҳияи Пахтаобод ба вакилии Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон интихоб гардид.

Интихоботи вакилони Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати чорум дар санаи 27 феврали соли 1955 баргузор гардид. Халқи тоҷик, интихоботи навбатии Шурои Олии ҶШС Тоҷикистонро бо пирӯзиҳои азими иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ истиқбол гирифт.

Рӯзномаи “Тоҷикистони советӣ” дар санаи 8 феврали соли 1955 рӯйхати вакилони ҳавзаҳои интихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати чорумро нашр намуд, ки дар он чунин қайд гардидааст, “Ғафуров Бобоҷон котиби якуми КМ ҲК (б) Тоҷикистон аз округи интихоботии ба номи Абуалӣ ибни Сино, ноҳияи Регар (ҳоло ноҳияи Турсунзода) қайд гардид” [14, с. 2].

Тибқи ахбороти Комиссияи марказии интихобот дар кулли ҳавзаҳои интихоботӣ баҳри интихоби вакилони Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати чорум 964 784 нафар интихобкунанда ба қайд гардид, ки аз онҳо 964 241 нафар ба ҷонибдории номзадҳои коммунист ва беҳизбиён овоз додаанд.

Ба ин тартиб, котиби аввали КМ ҲК (б) Тоҷикистон Б. Ғафуров дар интихоботи даъвати чоруми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ҳамчун вакил аз ҳавзаи интихоботии Абуалӣ ибни Синои ноҳияи Регар (ҳоло Турсунзода) интихоб гардид.

Дар натиҷаи тадқиқоти гузаронида дар боби фаъолияти Б. Ғафуров ҳамчун вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон маълум гардид, ки ӯ дар ибтидои фаъолияти ин ниҳоди муҳимми идории замони шуравӣ, яъне шуруъ аз даъвати якуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, ки дар соли 1938 баргузор гардид дар ҳавзаи интихоботии Кулолии ноҳияи Панҷакент ҳамчун вакил интихоб гардид. Дар марҳилаи пас аз ҷангӣ Б. Ғафуров се маротиба пайиҳам дар даъвати дуввум, севвум ва чоруми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ҳамчун вакил интихоб гардида аст. Ходими машҳури сиёсиву давлатӣ Б. Ғафуров аз нахустин ашхосе дар таърихи миллати тоҷик маҳсуб меёбад, ки ташаккули сохтори мақомоти намояндагӣ дар таърихи Тоҷикистон, яъне Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон хидмати муҳим ба анҷом расонидааст.

Адабиёт

1. *Ахбороти информантсионӣ[Матн]/Тоҷикистони сурх. 1938. 14. – июл. № 160 (2959).*
2. *Ахбороти Комиссияи нақшавии давлатӣ ва идораи статистикии ҶШС Тоҷикистон[Матн]/ Ҷавонони Тоҷикистон. – 1951. 17 июн. № 73 (1855).*
3. *Ахбороти Коммиссияи Марказии интихоботи оид ба интихоботи Совети Олии ҶШС Тоҷикистон дар бораи ҷамъбасти интихоботи Совети Олии ҶШС Тоҷикистон 18 феврали соли 1951[Матн]/ Тоҷикистони сурх. –1951. - 23 феврал. № 37 (6491)*
4. *БДВС. Х. 20. Н.16. Б.629. В. 3*
5. *БДТН ҶТ Х. 177. Н.1. Б. 3. В. 1*
6. *БДТН ҶТ. Х. 177. Н.1. Б. 3. В. 3*
7. *Бойгони давлатии вилояти Суғд. Х. 20. Н.16. Б.629. В. 2*
8. *Бойгони давлатии таърихи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. Х. 177. Н (номгӯ).1. Б (баста). 1. В(варақ). 2*
9. *Верховного Совета Таджикской ССР со своими избирателями[Текст]/Коммунист таджикистана. 1938. 22 июня. № 141 (2536).*
10. *Встреча кандидата в депутаты Верховного Совета Таджикской ССР секретаря ЦК КП (б) Таджикистана тов. Б.Г.Гафурова со своими избирателями[Текст]/Коммунист Таджикистана – 1947. – 9 февраля. № 29 (5064).*
11. *Ғаффоров У. Равшангари таърих [Матн]/Душанбе. Ирфон. 1990. С - 234*
12. *История таджикского народа. Том VI.[Текст]. – Душанбе. Дониш. 2011. – с. 742*
13. *Маҷлиси умумии аъзоёни колхози ба номи Калинин, ноҳияи Пахтаобод номазадҳои И. В. Сталин, Н. М. Шверник, Б. Ғ. Ғафуровро ба депутатии Совети Олии ҶШС Тоҷикистон якдилона пешбари кард[Матн]/Тоҷикистони сурх. – 1951. – 13 январ. № 9 (6463)*
14. *Номзадҳо ба депутатии Совети Олии РСС Тоҷикистон[Матн]/Тоҷикистони Советӣ. – 1955. 8 феврал. № 32 (7694)*
15. *Раҳмон Э. Бобоҷон Ғафуров олими тавоно ва арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ//Эмомалӣ Раҳмон. Ҷеҳраҳои мондагор[Матн]/Душанбе. ЭР – граф. 2016. – с. 364*
16. *Сессияи якӯми Совети Олии РСС Тоҷикистон[Матн]/Тоҷикистони Сурх. – 1947 – 26 апрел. № 84 (5500).*
17. *Укази Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон "Дар бораи гузаронидани интихоботи Совети Олии РСС Тоҷикистон" [Матн]/Тоҷикистон сурх. 1950. – 12 декабр .№ 245 (6440)*
18. *Ҳайдаршо, П. Бобоҷон Ғафуров[Матн]/Пирумшо Ҳ. – Душанбе:ДДОТ ба номи С. Айнӣ. 2018. – 235 с.*
19. *Явич, Л. Верховный совет Таджикской ССР [Текст]/Л. Явич. Москва. Государственное издательство юридической литературы. – 1958. – С. 100.*

ФАЪОЛИЯТИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ ҲАМЧУН ВАКИЛИ ШУРОИ ОЛИИ ҶШС ТОҶИКИСТОН

Зимни таҳқиқи фаъолияти Бобоҷон Ғафуров ҳамчун вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон маълум гардид, ки ӯ дар даъвати якум, дувум, севум ва чоруми ин ниҳоди муҳимми идорӣ ҳамчун вакил интихоб гардидааст. Хотирнишон бояд кард, ки Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон яке аз сохторҳои муҳим ва калиди дар низоми идоракунии ҶШС Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Ходими маъруфи давлатӣ, Б. Ғафуров фаъолияти худро дар ин ниҳод аввал ҳамчун вакил аз ҳавзаи интихоботии Кӯлолии ноҳияи Панҷакент шуруъ намуд. Минбаъд дар даъватҳои дуввум ва севвум ӯ аз ҳавзаи интихоботии ноҳияи Пахтаобод (феълан ноҳияҳои Турсунзода ва Шаҳринав) ҳамчун вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон фаъолият бурдааст. Бори охир дар интихоботи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати чорум Б. Ғафуров аз ҳавзаи интихоботии Абуалӣ ибни Синои ноҳияи Регар (ҳоло ноҳияи Турсунзода) ба сифати вакилии Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон интихоб карда шуд. Зимни пажӯҳиши анҷомдода, маълум гардид, ки Б. Ғафуров ҳамчун вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон фаъолияти пурсамар дошта, дар пешбурди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҶШС Тоҷикистон хидмати арзанда намудааст.

Калидвожаҳо: Бобоҷон Ғафуров, Шурои Олии, ҶШС Тоҷикистон, вакил, номзад, интихобот, ҳавза.

ДЯТЕЛЬНОСТЬ БОБОДЖОНА ГАФУРОВА В КАЧЕСТВЕ ДЕПУТАТА ВЕРХОВНОГО СОВЕТА ТАДЖИКСКОЙ ССР

В ходе расследования деятельности Бободжона Гафурова в качестве депутата Верховного Совета Таджикской ССР выяснилось, что он избирался депутатом на первом, втором, третьем и четвертом созывах этого важного административного органа. Следует напомнить, что Верховный Совет Таджикской ССР считался одной из важнейших и ключевых структур в системе управления Таджикской ССР. Известный государственный служащий, Б. Гафуров начал свою работу в этом первом органе в качестве депутата от Кулольского избирательного округа Панджакентского района. Позже, на втором и третьем созывах, он работал депутатом Верховного Совета Таджикской ССР от

избирательного округа Пахтаободского района (ныне Турсунзодский и Шахринавский районы). В прошлый раз на выборах в Верховный Совет Таджикской ССР четвертого созыва Б. Гафуров был избран депутатом Верховного Совета Таджикской ССР от избирательного округа Абуали ибн Синой района Регар (ныне район Турсунзода). В ходе расследования выяснилось, что Б. Гафуров, будучи депутатом Верховного Совета Таджикской ССР, имел плодотворную карьеру и оказал ценные услуги в развитии экономической, социальной и культурной сфер Таджикской ССР.

Ключевые слова: Бободжон Гафуров, Верховный Совет, Таджикская ССР, депутат, кандидат, выборы, избирательный округ.

BOBOJON GAFUROVS ACTIVITIES AS A DEPUTY OF THE SUPREME SOVIET OF THE TAJIK SSR

During the investigation of Bobojon Gafurov's activities as a deputy of the Supreme Soviet of the Tajik SSR, it was revealed that he was elected to the first, second, third, and fourth convocations of this important administrative body. It should be recalled that the Supreme Soviet of the Tajik SSR was considered one of the most important and key structures in the Tajik SSR's governance system. A renowned civil servant, Gafurov began his tenure in this first body as a deputy from the Kulol electoral district of the Panjakent district. Later, during the second and third convocations, he served as a deputy of the Supreme Soviet of the Tajik SSR from the electoral district of the Pakhtaobod district (now the Tursunzoda and Shakhrinav districts). Last time, in the elections to the Supreme Soviet of the Tajik SSR of the fourth convocation, Gafurov was elected as a deputy of the Supreme Soviet of the Tajik SSR from the Abuali ibn Sina electoral district of the Regar district (now the Tursunzoda district). During the investigation, it was revealed that B. Gafurov, being a deputy of the Supreme Soviet of the Tajik SSR, had a fruitful career and provided valuable services in the development of the economic, social and cultural spheres of the Tajik SSR.

Keywords: Bobojon Gafurov, Supreme Council, Tajik SSR, deputy, candidate, elections, electoral district.

Дар бораи муаллиф
Ҳоҷиев Фарҳод Носирбоевич
Докторант (PhD)
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
E-mail: hojievfarhod27@gmail.com

About the author
Hojiev Farhod Nasirboevich
Doctoral PhD
Khujand State University named after academician B. Ghafurov
735700, Repablic of Tajikistan, Khujand, 1 Mavlonbekov
E-mail: hojievfarhod27@gmail.com

Об авторе
Ходжиев Фарход Носирбоевич
Докторант (PhD)
Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова
735700, Республики Таджикистан,
г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1
E-mail: hojievfarhod27@gmail.com

УДК 392+930.2(575.141)

ИНЪИКОСИ ТАЪРИХ ВА ЭТНОГРАФИЯИ ШАҲРИ БУХОРО ДАР АСАРҲОИ О. А. СУХАРЕВА

Мирзоев М. Н., Қурбонова М. И.
Донишкадаи иқтисодиёти ҷаҳон ва дипломатияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Дар омӯзиши фарҳанги мардуми тоҷик, бахусус тоҷикони муқими Ӯзбекистон марҳалаи нави таҳқиқот дар нимаи дуюми асри ХХ оғоз гардид, ки қисми муҳимми онро таҳқиқ маданияти шаҳрсозӣ ва шаҳрдорӣ ташкил медод. Олимони замони Шуравӣ шаҳрсозиро дар мисоли бунёди Бухоро, Самарқанд, Тирмиз, Хива, Фарғона, Шаҳрисабз ва дигар шаҳрҳои ин минтақа ба таври равшан таҳлил намуда, нақши тоҷикзабонон дар он назаррас арзёбӣ намудаанд. Ин шаҳрҳо ҳанӯз дар давраи Шарқи асримиёнагӣ калонтарин марказҳои иқтисод, маданият ва илм гардида буданд ва пояи марҳалаи нави рушди тамаддуни тоҷикон маҳсуб мешуданд. О.А. Сухарева ба таҳқиқоти шаҳрсозӣ ва маданияти шаҳрдорӣ дар кори илмии худ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Бояд қайд намуд, ки маҳз тавассути омӯзиши ҳаёти шаҳр, анъанаҳо ва маросими сокинони шаҳрҳо, О.А. Сухарева ба омӯзиши пурраи таърих ва этнографияи мардуми тоҷик шуруъ намуд [2; 3; 4].

Олга Александровна Сухарева дар шаҳри Самарқанд таваллуд шуда, айёми ҷавонии худ, аз аввали солҳои 30-юм, ба ҷамъоварии мавод дар бораи тарзи ҳаёт ва корҳои ҳаррӯзаи сокинони шаҳр шуруъ кард ва таҳқиқоти худро аз зодгоҳи худ – Самарқанд, оғоз мекунад. Дар ин ҷо вай ба омӯзиши расму оинҳо, муносибатҳои оилавии сокинони шаҳр ва мушоҳидаи рушди либосҳои миллии мардуми Самарқанд, эътиқод, анъана ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти шаҳрӣ шуруъ кард [10; 11; 12].

Соли 1954 ду мақолаи олим нашр гардид, ки дар онҳо муаллиф масъалаи топографияи таърихии Бухороро дар асрҳои X-XII ба миён гузошт. Мақолаи аввал дар ҷилди 27-уми Маҷмӯаи мақолаҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва этнографияи Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон нашр шудааст. Дар идомаи омӯзиши топографияи Бухоро. О.А. Сухарева мақолаи дуюмро бо номи «Топографияи таърихии шаҳри Бухоро дар нимаи аввали асри XVI» омода ва нашр мекунад [13].

Ин мақола инчунин дар Душанбе дар маҷаллаи илмии «Паёми (бюллетен) Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон» нашр шудааст. Дар мақолаҳои олим зарурияти омӯзиши топографияи Бухоро, рушди босуръати шаҳр ва тағйирёбии ҷойгиршавии маҳаллаҳои он, ки аз деворҳои шаҳр берун мерафтанд, муайян карда мешуд. Аммо дар асри ХХ намуди шаҳр комилан дигар буд ва аз ин рӯ, тартиб додани топографияи нави шаҳр, ки шаклҳои нави рушди шаҳрро инъикос мекард, зарур буд.

О.А. Сухарева бо истинод ба асарҳои аввали таърихшиносон, инчунин нақшаҳои шаҳр, ки дар замонҳои гуногун тартиб дода шудаанд, сабабҳои тағйирёбии топографияи шаҳрро муайян ва харитаҳоеро, ки дар давраи пеш аз Шуравӣ тартиб дода шудаанд, таҳлил мекунад.

Ягона харитаи топографии шаҳр, ки дар давраи Шуравӣ таҳия шуд, ин харитаи профессор Д.А. Морозов буд, ки вай ҳангоми сафараш ба Бухоро дар солҳои 1923-1924 онро тартиб дода буд [14, с.89]. Барои ҳамин, то охири солҳои 50-ум О.А. Сухарева аввалин муҳаққиқи ҳамаҷонибаи шаҳри Бухоро буд ва соли 1958 китоби вай "Дар бораи таърихи шаҳрҳои хонигарии Бухоро: очеркҳои таърихӣ ва этнографӣ" нашр гардид, ки дар он олим тамоми ҷанбаҳои ҳаёти шаҳриро инъикос намудааст. Дар ин китоб, шарҳи умумии таърих ва ҳаёти ҳаррӯзаи шаҳрро пешниҳод гардида, олим таърихи иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрҳои аморати Бухороро таҳлил карда, тарзи зиндагӣ ва касбу кори аҳолии ин шаҳрҳоро муайян мекунад [5, с.76].

Дар муқаддимаи китоб, О.А. Сухарева дар шарҳи ҳадафи таҳқиқот, менависад, ки асари вай танҳо рисолаи таърихӣ дар бораи таърихи шаҳрҳо нест, балки ба омӯзиши тарзи зиндагии аҳолии се шаҳри бузурги хонигарии Бухоро Қаршӣ ва Шаҳрисабз дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри ХХ бахшида шудааст. Олим кӯшиш кард, ки байни таҳқиқоти этнографӣ ва таърихӣ робита барқарор кунад ва тавассути омӯзиши таркиби этникӣ, касбӣ ва

табақавии аҳолии шаҳр маводи таърихиро оид ба таърихи шаҳрҳои хонигарии Бухоро пурра намояд.

Омӯзиши таърихӣ ва этнографии ин шаҳрҳо барои илми тоҷик як навоварӣ буд, зеро таркиби аҳолии шаҳрҳо аксарияти тоҷикнишинии Бухороро нишон дода буд. Дар этнографияи шаҳрии худ, ӯ омилҳоеро ба монанди ҳаёти ҳаррӯза, либос, касб, тарзи зиндагӣ ва урфу одатҳои сокинони шаҳр қайд мекунад. Мисли дигар асарҳо олим ба ҳамроҳшавии минтақа ба Россия ишора мекунад, ки ин боиси тағйирот дар услуби меъмории шаҳр, тарзи зиндагӣ, касбу кор ва либоси сокинони шаҳрӣ гардид. Олим дар ин бора чунин менависад: "Тоҷирони шаҳрӣ молҳои саноатиро ба табақаҳои васеи аҳолии шаҳр ва деҳот тақсим мекарданд ва онҳо инчунин шаҳрҳоро бо маводи ғизоӣ ва ашёи хом барои саноат таъмин мекарданд. Сокинони деҳот низ ба тиҷорат ҷалб мешуданд, ки бисёре аз онҳо тоҷир шуда, ба шаҳрҳо муҳоҷират мекарданд. Аҳолии шаҳр дар давраи пас аз ҳамроҳшавии Осиёи Марказӣ ба Россия низ аз ҳисоби афзоиши табиӣ афзоиш ёфт, ки фоизи он ба шарофати барқарор шудани сулҳ дар минтақа афзоиш ёфт." [15, с.99].

Вай минбаъд қайд мекунад: «Пас аз ҳамроҳ шудани Осиёи Марказӣ ба Россия, вақте ки ҷангҳои феодалии дохилӣ ва ҳуҷумҳои кӯчманчиён ба аҳолии муқимӣ қатъ шуданд, шаҳрҳои Туркистон зуд намуди феодалии худро аз даст доданд, ки ифодаи зоҳирии он девори шаҳр бо дарвозаҳои шабона қулфшуда буд. О.А. Сухарева дар хулосаи таҳқиқоти худ дар бораи шаҳрҳои хонигарии Бухоро ба хулосае меояд, ки сохтори иҷтимоии ин шаҳрҳо то охири асри XIX феодалӣ-патриархалӣ боқӣ монда буд. Феодализм ҳамчун як тарзи ташаккули иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо унсурҳои назорати амир, амалдорон ва таъсири руҳониён, боиси намуди зоҳирии тамоми сокинони шаҳр ва тарзи зиндагии онҳо бо нигоҳ доштани шаклҳои анъанавӣ гардид»[13, с.77].

Соли 1958 О.А. Сухарева мақолаеро бо номи "Рақобати анъанавӣ байни қисматҳои шаҳр дар Ӯзбекистон (охири асри XIX - аввали асри XX)" нашр кард. Дар ин мақола, вай таҳлили дискретиро бо усули таҳқиқоти синхронӣ иваз мекунад ва ба ҳаёти ҳаррӯза ва ҳунарҳои сокинони шаҳр тамаркуз мекунад. Бар асоси ин мавзуъ, вай ба хулосае меояд, ки тақсимоти касбии шаҳр асоси рушди минбаъдаи онро ташкил додааст. Қобили зикр аст, ки дар ин асар муаллиф аввал масъалаи маҳаллаҳои шаҳрҳои Осиёи Миёнаро ба миён гузоштааст, ки баъдан бо истифода аз шаҳри Бухоро ҳамчун мисол ба омӯзиши алоҳидаи намунаи маҳаллаҳои истеҳсолӣ оварда расонд. Омӯзиши этнографии ин шаҳр аҳаммияти калон дошт, зеро ҷангҳои зуд-зуд, гардиши аҳолӣ ва ассимилятсия аз сабаби ҳуҷумҳои кӯчманчиён боиси аз даст рафтани ҳувияти миллӣ гардид. Барои ҳифзи ин ҳувият, сабти маълумоти бадастомада дар доираи як таҳқиқоти алоҳидаи этнографӣ зарур буд. Ҳамин тариқ, соли 1962 асари олим бо номи "Шаҳри феодалии Бухоро дар охири асри XIX - аввали асри XX. Саноати ҳунармандӣ" нашр гардид [14].

Тавре ки О.А. Сухарева қайд мекунад, "манбаи асосии ин таҳқиқот хотираҳои ҳунармандони пиронсоли Бухоро буданд, зеро маълумоти оморӣ дар Бухорои давраи амирӣ ҷамъоварӣ намегардид ва бо кумаки насли калонсоли ҳунарманди Бухоро, бо ҳамдардӣ ва меҳрубонии бузурги онҳо ин асар нашр гардид. Онҳо ба саволҳо посух медоданд, дониш ва таҷрибаи ғании худро бо муаллиф саховатмандона мубодила мекарданд ва он чизеро, ки худашон аз сар гузаронидаанд ва омӯхтаанд, ба ёд меоварданд ва индар китоб оварда шуд [12].

Дар китоби дуюми худ, ки соли 1966 бо номи "Бухоро дар асри XIX -аввали асри XX (шаҳри давраи охири феодалӣ ва аҳолии он)" нашр шудааст, муаллиф аҳолии шаҳрро дар асоси касбу кори онҳо дар бахшҳое, ки дар китоби аввал таҳлил шудаанд, тавсиф мекунад. Мавзуъҳои ин таҳқиқоти монографӣ топографияи шаҳр, паҳнои таърихи он, рӯйхат ва сохтори кӯчаҳо, бозорҳо, корвонсаройҳо, масҷидҳо, ҳаммомҳо ва дигар биноҳои ҷамъиятиро дар бар мегирифтанд. Олим инчунин дар бораи шумора ва сохтори аҳолии хонаводаи Бухоро баҳс мекунад. Барои мо махсусан диққати О.А. Сухарева ба забони аҳолии маҳаллӣ муҳим аст. Вай Бухороро ҳамчун шаҳри тоҷикзабон қайд мекунад ва ба маълумоти Юлиус Клапрот, ки соли 1805 ба шаҳр сафар карда буд, такя мекунад. Юлиус Клапрот дар шаҳри Қазон бо бухороиён вохӯрда, фаҳмид, ки онҳо ба забони форсӣ-тоҷикӣ гап мезананд. Вай таҳқиқоти худро дар бораи пайдоиши қабилавии сокинони шаҳр анҷом дод ва аҳоли бо барои муайян

кардани миллати онҳо пурсиш ба анҷом расонд. Дар ин асар инчунин расму оин, анъана ва чорабиниҳои сокинони шаҳр тасвир карда шуданд [10, с. 55].

Ҳамин тариқ, ин ду асар, самти таҳқиқоти минбаъдаи О.А. Сухареваро муайян карданд, зеро ӯ баъдан ба ҳаёти ҳаррӯза ва касбу кори сокинони шаҳр диққати бештар медиҳад. Андешаи олим дар бораи ҳаёти ҳаррӯзаи аҳолии шаҳр: ҳунармандӣ, шароити зиндагӣ ва касбу кори сокинони он дар асарҳои вай инъикос ёфтааст.

О.А. Сухарева инчунин ба хусусияти тиҷорати дохилии пешниҳод мекунад ва нишон медиҳад, ки ӯ дар ҳар як маҳалла корҳои саҳроии васеъ анҷом додааст. Таҳлили О.А. Сухарева дар маҳаллаҳо унсурҳои зеринро дар бар гирифтаст: топонимия, шуғл, шумораи хонаҳо, забони сокинон, миллат ва сатҳи зиндагии онҳо. Олим баъзе аз маҳаллаҳои шаҳрро чунин тавсиф мекунад: Маҳаллаи Шайхӣ Рангрез («Диёри пир»), ки аз 41 хона иборат буд, аҳолӣ тоҷикзабон буда, ба тиҷорат ва ҳунарҳои хурд машғул буданд. Дар ин ҷо заминдорон низ зиндагӣ мекарданд, ки заминҳои онҳо дар беруни шаҳр ҷойгир буданд. Онҳо заминро аксаран барои зироатҳои муштарак ба иҷора медоданд. Аммо азбаски онҳо бо даромади замин зиндагӣ мекарданд, онҳоро "деҳқон" меномиданд.

Маҳаллаи Халифа Ҳусайн аз 24 хона иборат буда, сокинони он тоҷикзабон буданд, аммо худро ӯзбек меномиданд. Онҳо асосан ба тиҷорат ва қисман ба ҳунарҳои гуногун машғул буданд ва тахассус ба як касб мушоҳида намешуд. Яке аз бузургтарин марказҳои эътиқоди мардум, Хонақои Халифа Ҳусайни суфӣ дар маҳалла ҷойгир буд, ки дар он ҷо маросимҳои «ҷаҳр» дар рӯзҳои ҷумъа баргузор мешуданд.

Маҳаллаи Муҳаммад Қосим аз 46 хона иборат буд. Аҳолӣ тоҷикзабон буд, аммо худро ӯзбек меномиданд. Дар ин ҷо инчунин шумораи ками форсҳо (эронӣ) зиндагӣ мекарданд. Сокинони маҳалла асосан тоҷирони хурд буданд, ки бахусус маводи атторӣ савдо мекарданд.

Маҳаллаи Почо-хоҷа (домод - хоҷа) аз 51 хона иборат буд. Аҳолӣ тоҷикзабон буд, аммо худро узбек меномиданд. Маҳаллаи Кокила ё Кокилайи калон (Кокилаи Калон) аз 93 хона иборат буд. Аҳолӣ тоҷикзабон буд, аммо худро ӯзбек меҳисобиданд. Маҳаллаи Куймурғкуш (кӯчаи онҳое, ки паранда ё мурғро мекушанд) аз 52 хона иборат буд. Аҳолӣ тоҷикзабон буд, аммо худро ӯзбек меҳисобиданд, баъзе оилаҳо худро қисми қабилаи манғити ӯзбек меҳисобиданд. Барои фаҳмидани таркиби аҳолии шаҳр номҳои маҳаллаҳое, ки касбҳоро ифода мекунанд, ҷолибанд. Дар байни онҳо номҳои ҳунармандон ба мисоли Дегрезон, Мехчагарон, Сӯзангарон, Косагарон, Харротон, Хуллабофон, Бофандагон, Чармгарон, Собунгарон ва ғайра махсусан зиёданд.

Таҳқиқоти О.А. Сухарева нишон дод, ки пойтахти хонии Бухоро шаҳри хеле пароканда буд. Аз байни ҳамаи шаҳрҳои Осиёи Марказӣ, танҳо Тошканд нисбат ба Бухоро шумораи маҳаллаҳои каме бештар дошт. Шаҳрҳои дигари Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати шумораи маҳаллаҳо бо Тошканд ё Бухоро баробар шуда наметавонистанд. Самарқанд, тибқи маълумоти мавҷуда, камтар аз сад маҳалла, Хуҷанд, тибқи маълумоти таҷдидшуда, 146 маҳалла, Китоб 42 маҳалла ва Кӯлоб танҳо 17 маҳалла дошт. Таҳлили топонимия, кӯчаҳо, маҳаллаҳо, касбҳо, номҳо ва дигар унсурҳои Бухоро ногузир ба саволи хусусияти бумии ин истилоҳот оварда расонд. Дар таҳқиқоти худ О.А. Сухарева Самарқанд ва Бухороро ҳамчун шаҳрҳои тоҷикзабон муайян мекунад. Қобили зикр аст, ки олим истилоҳҳои "форс" ё "эронӣ"-ро барои ишора ба баъзе гурӯҳҳои тоҷикзабон дар Бухоро, ки маъноҳои якхела доранд, истифода мебарад.

Ҳамин тариқ, бар асоси таҳқиқоти О.А. Сухарева мо метавонем хулоса барорем, ки Бухоро ҳам дар асрҳои миёна ва ҳам баъдтар, аз ҷумла дар давраи таҳқиқоти олим, шаҳри тоҷикон буд. Инро инчунин иштироки фаъоли аҳолии тоҷикзабон дар сохтмони шаҳр нишон медиҳад. Ба ҳар як бинои навсохташуда - хона, масҷид, манора, девори шаҳр ва ғайра, номи тоҷикӣ дода мешуд, ки аз дараҷаи таъсири ин забон дар шаҳр шаҳодат медод.

Адабиёт

1. *Аминов, Ф. М. Бухара и русское востоковедение / Ф. М. Аминов. — Текст : непосредственный // Молодой ученый. — 2015. — № 22 (102). — С. 650-652. — URL: https://moluch.ru/archive/102/23368/ (дата обращения: 16.02.2022).*
2. *Валиев А., Мирзоев М. Некоторые вопросы ремесленного производства населения Средней Азии в трудах О.А.Сухаревой // Вестник Педагогического Университета. –Душанбе , 2020.– № 6 (89). – С.246-249.*

3. *К истории развития самаркандской декоративной вышивки. В. кн.: Литература и искусство Узбекистана, кн. 6. Ташкент, 1937, с. 119-134.*
4. *К истории костюма населения Самарканда. – Бюл. АН УзССР.Ташкент, 1945, № 11-12, с. 38-41.; Этнографическая работа Самаркандского музея. – СЭ, 1949, №1, с. 198-200.*
5. *К вопросу об исторической топографии Бухары X – XII вв. // Сухарева О.А., Труды Института истории, археологии и этнографии АН Таджикской ССР, т. 27. Сталинабад, 1954, с. 25-40.*
6. *К исторической топографии Бухары первой половины XVI в. // Сухарева О.А. Известия АН Таджикской ССР. Отделение общественных наук, в. 5. Сталинабад, 1954, с. 153-166.*
7. *Мать и ребенок у таджиков. – В. кн.: Иран, III. Л.: Изд-во АН СССР, 1929, с. 107-154.*
8. *Некоторые вопросы брака и свадебные обряды у таджиков кишлака Шахристан. – Сб. научного кружка при востфаке САГУ, в 1. Ташкент, 1928, с. 73-89.*
9. *Сухарева О.А. Позднефеодальный город Бухара конца XIX-начала XX века. Ремесленная промимышленность. Ташкент: Изд-во АН Узбекской ССР, 1962. 194 с.*
10. *Сухарева О.А. Бухара конца XIX и начало XX века (позднефеодальный город его население),- Москва 1966.- 166 с.*
11. *Сухарева О.А. Квартальная община позднефеодального города Бухары (в связи и историей кварталов). – Москва, 1976. – 364 с.*
12. *Сухарева О.А. К истории городов Бухарского ханства. Историко-этнографические очерки. Ташкент: Изд-во АН УзССР, 1958,- 190 с.*
13. *Сухарева О.А. К истории городов Бухарского ханства. Историко-этнографический очерк, Издательство АН Узбекской ССР, Ташкент 1958, -191 с.*
14. *Сухарева О.А., Позднефеодальный город Бухара, Москва 1962.- 234 с.*
15. *Сухарева О.А. Города и селения Узбекистана // История Узбекской ССР. Т. II. – Ташкент: Фан, 1968,. – 344 с.*
16. *Традиционное соперничество между частями городов в Узбекистане (конец XIX-начала XX в.). – КСИЭ, в. 30. М., 1958, - 453 с.*

ИНЪИКОСИ ТАЪРИХ ВА ЭТНОГРАФИЯИ ШАҲРИ БУХОРО ДАР АСАРҲОИ О. А. СУХАРЕВА

Дар мақола муаллифон таърихи шаҳри Бухороро дар даврaи охири асри XIX ва аввали асри XX мавриди таҳлил қарор медиҳанд. Муаллифон инчунин аз нигоҳи олими шуравӣ О.А. Сухарева этнография ва таърихи шаҳри Бухороро баррасӣ карда, масъалаи инкишофи шаҳрдориро ба муҳокима мегузорад. Таҳқиқотҳои О.А. Сухарева саҳифаҳои нави таърихи ин шаҳрро муайян намуда, нақши тоҷиконро дар пешрафти шаҳрдорӣ нишон додааст. Бахусус хизматҳои О.А. Сухареваро дар таҳлили топонимикаи тоҷикии шаҳр ёдрас мешавад. Дар мақола, муаллифон таҳлили мақолаҳо ва нашрияҳои тадқиқотчиёни замони Шуравӣ доир ба таърих ва этнографияи мардуми Бухороро дар даврахои охири XIX асри ва аввали асри XX мавриди таҳлил карор дода, онҳоро бо маълумотҳои О.А. Сухарева муқоиса мекунанд. О.А. Сухарева дар доираи хронологӣ мазмуни ҳар як зинаи шаҳрдориро нишон додааст ва муаллифон аҳаммияти илмии онҳоро барои тадқиқотҳои замони муосир қайд мекунанд. Дар мақола ҳамчунин хизматҳои О.А. Сухарева дар самти омӯзиши маҳаллаҳои шаҳр ёдрас мешавад, ки олим дар таҳқиқи онҳо саҳмгузорӣ намудааст.

Калидвожаҳо: Бухоро, таърих, Шуравӣ, таърихнигорӣ, этнография, О.А. Сухарева, Россия, инкишоф, аҳолӣ.

ОТРАЖЕНИЕ ИСТОРИИ И ЭТНОГРАФИИ БУХАРЫ В ТРУДАХ О.А. СУХАРЕВОЙ

В статье авторами раскрываются история и этнография Бухары в период конца XIX и начало XX вв. В данной статье авторы также анализируют проблему историографии Бухары ставит на обсуждение вопрос развития истории и этнографии города Бухары с точки зрения О.А. Сухаревой. Авторы отмечают важность изучения трудов ученного и указывает на то, что в появилась необходимость в пересмотрение истории Бухары как города народной этнографии. Автор анализирует статьи и работы О.А. Сухаревой, в которых автором исследовались этнографические и исторические хроники Бухары. Автор в хронологическом порядке показывает развитие города и вместе с этим отмечает их научную значимость для современных исследователей. В статье также указывается на труды других исследователей в изучение истории и этнографии Бухары, которые внесли большой вклад в развитие этнографии данного региона. В данной статье авторы также приводят библиографический анализ научного наследия советских исследователей по истории периода конца XIX и начало XX века. Определены основные научные труды О.А. Сухаревой и других исследователей в которых авторы отражают этнографию и историю данного региона.

Ключевые слова: Бухара, история, советский, историография, О.А. Сухарева, Россия, развитие, население.

HISTORY AND ETHNOGRAPHY OF BUKHARA HISTORY IN O.A. SUKHAREVA WORKS

In article reveals history and ethnography of Bukhara history in O.A. Sukhareva works in the period of late XIX and yearly XX centuries. In article authors give analyses of the of historiography aspect of Bukhara history. In this article author discussed about the development of science of history Bukhara in the period late XIX and yearly XX centuries. Also In this article author discussed about the role of scholars and partially O.A. Sukhareva in history and ethnography of the development of Bukhara. Author analyze of articles and researches of soviet n scientists, which contribute in research of history and ethnography of Bukhara during the period the late of XIX and early of XX centuries. Authors after chronological order show the year of publish, short content of works and note the significance of work for contemporary researchers. Authors also note the role of militaries researches for study of history and ethnography of Bukhara during the period the late of XIX and early of XX centuries and give attention to analyses of science legacy of Soviet scientists, and about ethnography of people of region.

Kewwords: Bukhara, history, soviet, historiography, O.A. Sukhareva, development, population.

Дар бораи муаллифон

Мирзоев Мирзо Низомудинович
Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ
39. *Мак - Грегор. Оборона Индии. – ЧастьI // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. – Выпуск XLIII. – СПб., 1891. – С. 207 – 211.*
40. *Мартенс Ф. Ф. Россия и Англия в Средней Азии. – СПб., 1880. – С. 51.*
41. *Назаршоев М. Социально-экономическое положение дореволюционного Памира (Для служебного пользование). – Душанбе, 1975. – С. 149.*
42. *Памиры, Генерального Штаба капитана Кузнецова // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. – Выпуск LVI. – СПб., 1894. – С. 1.*
43. *Пирумшоев Х. П. Русские дореволюционные исследователи о политике России в Средней Азии в XVIII в. –Душанбе, 1996.*
44. *Рахим Масов. «Критическая» ложь по заказу. – Душанбе, 2001. – С. 29.*
45. *Регель А. Э. Путешествие в Шугнан // Известия Русского географического общества. – Т. XX. – Выпуск 3. – СПб., 1884. – С. 268 – 274.*
46. *Рушон – диёриравшандилон. Мураттибон Лутфишои Киматшоьва Махмадалии Бахтиёр. – Душанбе, 2002.*
47. *Снесарев А. Е. Авганистан. – Том первый. – М., 1921. – С. 227.*
48. *Снесарев А. Е. Индия как главный фактор в средне - азиатском вопросе. Взгляд туземцев Индии на англичан и их управление. – СПб., 1906. – С. 13.*
49. *Тагеев Б. Л. (Рустам-бек). Памирские походы 1892 – 1895 г. Десятилетие присоединения Памира к России. – Варшава, 1902. – С. 141 – 142.*
50. *Таджикистан в трудах дореволюционных русских исследователей (вторая половина XIX – начало XX в.). – Душанбе, 1990. – С. 193.*
51. *Терентьев М. А. Россия и Англия в Средней Азии. – СПб., 1875. – С. 271.*
52. *Тухтаметов Т. Г. Антирусские происки иностранцев в Бухаре и на Памире, политические течения в эмирате // Вопросы истории Таджикистана.Ученые записки ДГПИ имени Т. Г. Шевченко. – Т. XXVI. – Серия общественных наук. – Выпуск 4. – Душанбе, 1961. – С. 145.*
53. *Уманец С.Памирский вопрос и его значение // Исторический вестник. – № 1. – СПб., – 1892. – С. 207.*
54. *Халфин Н. А. Россия и Бухарский эмират на Западном Памире (конец XIX – начало XX в.). – М., 1975. – С. 3.*
55. *Чихачев П. О исследовании вершин Сыр и Аму - Дарьи и Нагорной площади Памир // Записки Русского географического общества. – Книжка III. – СПб., 1849. – С. 30.*
56. *Энгельс Ф. Внешняя политика русского царизма // Маркс К. и Энгельс Ф. Сочинения. Издание второе. – Т. 22. – М., 1962. – С. 45.*

FROM THE HISTORY OF THE INCORPORATION OF THE PAMIRS INTO RUSSIA

Based on archival materials, the works of Russian and British researchers who were direct participants and contemporaries of the events, as well as the studies of Russian-Soviet and Tajik scholars, the article examines the main stages of the annexation/incorporation of the Pamirs into Russia. The article analyzes the causes and historical prerequisites of this process, including the strategic significance of the Pamirs in the geopolitical system of Central Asia, the clash of interests between the Great Powers, and the political and military rivalry between Russia and Great Britain. Special attention is paid to the administrative and military activities of Russian representatives, the role of military and scientific expeditions, and the impact of international treaties and border agreements on the fate of the region. This study is of great scholarly and historical value for researchers, students, educators, and all readers interested in nineteenth-century history, colonial issues, geopolitics, and the development of the Pamir region.

Keywords: Pamirs, Russia, Britain, Afghanistan, Pamiri Tajiks, demarcation, incorporation.

АЗ ТАЪРИХИ БА РОССИЯ ҲАМРОҲКУНИИ ПОМИР

Дар мақола дар асоси маводи бойгонӣ, осори муҳаққиқони русу англис, ки бевосита иштироккунанда ва ҳамзамонони воқеа буданд, инчунин осори муҳаққиқони русу шӯравӣ ва тоҷик марҳилаҳои асосии ба Россия ҳамроҳ шудани Помир баррасӣ шудааст. Дар мақола сабабҳо ва заминаҳои таърихии ин раванд, аз ҷумла аҳамияти стратегии Помир дар низоми геополитикии Осиёи Марказӣ, бархӯрди манфиатҳои қудратҳои бузург ва рақобати сиёсиву ҳарбии байни Россия ва Британияи Кабир мавриди таҳлил қарор мегиранд. Таваҷҷуҳи махсус ба фаъолияти маъмурӣ ва

ҳарбии намояндагони Россия, нақши экспедитсияҳо, инчунин таъсири шартномаҳои байналмилалӣ ва созишномаҳои сарҳадӣ ба тақдири минтақа равона шудааст. Ин таҳқиқот барои муҳаққиқон, донишҷӯён, омӯзгорон ва ҳамаи хонандагоне, ки ба таърихи асри XIX, масъалаҳои мустамликадорӣ, геополитика ва рушди минтақаи Помир таваҷҷуҳ доранд, дорои аҳамияти баланди илмӣ ва таърихӣ мебошад.

Калидвожаҳо: Помир, Россия, Британия, Афғонистон, тоҷикони Помир, делимитатсия, ҳамроҳшавӣ.

ИЗ ИСТОРИИ ПРИСОЕДИНЕНИЯ ПАМИРА К РОССИИ

В статье на основе архивных материалов, трудов русских и английских исследователей, являвшихся непосредственными участниками и современниками событий, а также работ русско-советских и таджикских исследователей рассматриваются основные этапы присоединения Памира к России. В статье анализируются причины и исторические предпосылки данного процесса, в том числе стратегическое значение Памира в геополитической системе Центральной Азии, столкновение интересов великих держав и политико-военное соперничество между Россией и Великобританией. Особое внимание уделяется административной и военной деятельности российских представителей, роли военных и научных экспедиций, а также влиянию международных договоров и пограничных соглашений на судьбу региона. Исследование представляет значительную научную и историческую ценность для исследователей, студентов, преподавателей и всех, кто интересуется историей XIX века, проблемами колониализма, геополитикой и развитием Памирского региона.

Ключевые слова: Памир, Россия, Великобритания, Афганистан, памирские таджики, демаркация, включение в состав.

About the authors

Saynakov Saynak Parpishoevich
Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of History of the Tajik People
Tajik State Pedagogical University named after S.Ainy
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: saynakov2012@mail.ru

Ilnazarova Maqsuda Pulodovna
Degree candidate at the Department of Diplomacy and International Relations
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir Street, 33

Дар бораи муаллифон

Сайнаков Сайнак Парпишоевич
Номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рудакӣ, 121
E-mail: saynakov2012@mail.ru

Илназарова Мақсуда Пулодовна
Унвонҷӯи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33

Об авторах

Сайнаков Сайнак Парпишоевич
Кандидат исторических наук, доцент, заведующий кафедрой истории таджикского народа
Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: saynakov2012@mail.ru

Илназарова Максуда Пулодовна
Соискатель кафедры дипломатии и международных отношений
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33

ТДУ 94(575.3)

ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНӢ ВА ШАХСИЯТИ ҚАҲҲОР МАҲКАМОВ ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ СОТСИАЛИСТӢ

Суфиев Ф. Р.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муқаддима. Омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти ходимони намоёни давлатӣ дар заминаи таҳаввулоти таърихӣ яке аз самтҳои муҳимми илми таърих ва сиёсатшиносии муосир ба шумор меравад. Дар байни шахсиятҳое, ки дар ташаккули сохторҳои иқтисодӣ ва сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми босазо гузоштаанд, Қаҳҳор Маҳкамов — нахустин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми хосса дорад.

Давраи наврасӣ ва ҷавонии Қаҳҳор Маҳкамов ба солҳои ниҳоят мураккаби ташаккулёбии ИҶШС Тоҷикистон, маъракаҳои умумидавлатии маҳви бесаводӣ, коллективонии хоҷагии қишлоқ ва оғози саноатикунонии ҷумҳурӣ рост омадааст. Маҳз ҳамин муҳити созандагӣ ва иродаи қавии насли онвақта дар ташаккули ҷаҳонбинии ӯ ҳамчун роҳбари технократ ва интизомпеша замина гузошт.

Дар мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки омилҳои асосии камолоти шахсияти Қаҳҳор Маҳкамов, аз ҷумла нақши тарбияи оилавӣ, таъсири роҳбарони пешқадами он замон, ба мисли Пӯлод Бобокалонов, ва таҳсилоти касбии ӯ дар муассисаҳои таълимии Душанбеву Ленинград мавриди таҳлили илмӣ қарор гиранд.

Бояд қайд намуд, ки маҳз тавассути омезиши таълиму тарбияи дурусти оилавӣ бо донишҳои муҳандисии замони сотсиалистӣ Қаҳҳор Маҳкамов аз муҳандиси корхонаи саноатӣ то ба сатҳи ходими ҳизбию давлатӣ расида, дар рушди саноати кӯҳӣ ва низоми банақшагирии ҷумҳурӣ нақши намоёни таърихӣ бозидааст.

Зиндагиномаи Қаҳҳор Маҳкамов барои имрӯзиён хеле ибратбахш аст. Қаҳҳор Маҳкамов 16 апрели соли 1932 дар деҳаи Ғозиёни шаҳри Хуҷанд дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Падараш Маҳкам Зокиров гарчанде марди камсавод буд, вале ҳамчун шахси хоксор, дурандеш ва меҳнатдӯст дар байни мардум соҳиби обрӯ буд. Вай ба душвориҳои зиндагӣ нигоҳ накарда мақсад дошт, ҳамаи фарзандонашро, ки шаш нафар буданд, дар мактаб хононад ва соҳиби маълумоту ихтисос намояд.

Давраи тифлии ӯ ба замоне рост омада буд, ки дар ҷумҳурӣ вобаста ба нақшаҳои панҷсолаи якум (1928-1932) соҳаҳои хоҷагии халқ, бахусус саноат босуръат пеш мерафт. Индустриаликунонии мамлакат дар як вақт ба тараққиёти хоҷагии қишлоқ мусоидат намуд, ки ин дастовардҳои муҳим ба ташаккули синфи коргар ва ҷаҳонбинии одамон бетаъсир намонд [6, с. 482].

Дар солҳои наврасии Қаҳҳор Маҳкамов (солҳои 30-40-уми асри XX) дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон, аз ҷумла шаҳри Хуҷанд, пешравиҳои хеле назаррас ба вуҷуд омаданд, ки онҳо барои гирифтани саводи дурусти дунявӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии ӯ нақши намоён гузоштаанд.

Дар ин давра маъракаи "Маҳви бесаводӣ" босуръат амалӣ гардида, дар шаҳр ва деҳаҳои гирду атрофи он шумораи мактабҳои ибтидои ва миёна зиёд мешуданд. Биноҳои маъмурӣ ва истиқоматии замонавӣ бунёд гардида, тадриҷан намуди зоҳирии шаҳр тағйир меёфт. Коллективонии хоҷагии қишлоқ вусъати тоза касб намуд. Аҳолӣ ба колхозҳо аъзо шуда, бо руҳияи баланд меҳнат менамуданд. Корхонаҳои саноатӣ низ зиёд шуда, сатҳи зиндагии шаҳрвандон торафт баланд мегардид.

Соли 1945 мактабе, ки дар он Қаҳҳор Маҳкамов таҳсил мекард, фаъолияташро қатъ карду ба ҷойи он госпитал барои табобати ҷанговарони маҷруҳ ташкил карда мешавад. Қаҳҳори ҷавон ба дигар мактаб интиқол дода мешавад, вале пас аз як моҳ дар ин мактаб сӯхтори калон ба вуҷуд омада, муддати ду сол мактаб аз фаъолият мемонад. Яъне, дар давоми ду сол ӯ аз таҳсил берун мемонад. Ба ин нигоҳ накарда, ӯ пайи омӯзиши мустақилона ҷиддӣ ҷаҳд мекард, доим китоб мехонд. Ҳанӯз аз даврони хурдӣ бо камсуханӣ, тамкини ба худ хос, ҷиддият ва хоксорӣ аз ҳамсолонаш фарқ мекард. Ӯ вақти худро бештар ба мутолиа ва аз худ намудани илмҳои дақиқ сарф менамуд, зеро мақсад дошт, ки дар оянда ба яке аз донишкадаҳои бонуфузи Иттиҳоди Шӯравӣ — Донишкадаи кӯҳии шаҳри Ленинград дохил шуда, таҳсили илм намояд, касб омӯзад.

Баъди ду соле, ки бо сабабҳои муайян аз таълим берун монда буд, боре ба хонаи онҳо ба шаҳри Хуҷанд тағояш Сулаймон Зоҳиров ба меҳмонӣ меояд, ки дар натиҷа дар ҳаёти Қаҳҳори ҷавон тағйироти куллӣ ба вуқуъ мепайвандад. Тағояш он вақт дар шаҳри Душанбе дар вазифаи директори Радиои ҷумҳуриявӣ кор мекард. Вақте мефаҳмад, ки ҷиянаш ду сол боз ба мактаб намеравад, сахт ошуфта мешавад ва дар вақти бозгашт ӯро бо худ ба пойтахт мебиёрад.

Сулаймон Зоҳиров ҷиянашро ба назди директори техникуми индустриалӣ оварда, сабаби ду сол дар мактаб таҳсил накарданашро нақл мекунад. Аз асли воқеаи ҳузнангез воқиф шуда, директори техникум бе ягон ҳуҷҷати лозимӣ ҳамон замон ӯро ба имтиҳони қабул роҳҳат медиҳад.

Қаҳҳор низ дар навбати худ ба ин дастгирии амакаш сазовор шуда, соли 1950 техникумро бо баҳои аъло хатм мекунад ва мутахассиси кони ангишт мешавад. Маҳз ҳамин заминаи қавии техникӣ ва муҳандисӣ боис гашт, ки ӯ фаъолияти кориашро ҳамчун муҳандиси кон дар кони ангишти "Шӯроб"-и ноҳияи Исфара оғоз кунад.

Бояд қайд намуд, ки аксарияти хатмкунандагони муассисаҳои техникии ҳамон давра то ба вазифаҳои баланди роҳбарикунандаи ҳизбию давлатӣ расидаанд, ки Қаҳҳор Маҳкамов низ аз қабили онҳост. Дар даврае, ки ӯ дар техникум таҳсил мекард, хонаводаашон ба колхози ба номи Сталин, ки дар наздикии шаҳри Хуҷанд буд, мекӯчанд. Роҳбарии ин колхозро инсони кордону наҷиб Пӯлод Бобокалонов ба уҳда дошт. Зикр кардан бамаврид аст, ки он солҳо хатмкунандагоне, ки техникуми индустриалиро бо баҳои аъло хатм менамуданд, метавонистанд бе супоридани имтиҳон ба дилхоҳ донишкадаи кӯҳии ИҶШС дохил шаванд.

Давраи донишҷӯи дар шаҳри Ленинград. Ҳамин тавр, Қаҳҳор Маҳкамови ҷавон ва боғайрат ба назди оилаашон бо сари баланд ва дипломи сурх бармегардад. Падараш ӯро бо умеде, ки ба ягон кор монад, ба назди раиси колхоз Пӯлод Бобокалонов мебарад. Бобокалонов ҳамчун дӯсти наздики оила ва шахси соҳибтаҷриба ҳамеша ҷавононро ба омӯзиши илмҳои дақиқ ва техника ташвиқ мекард. Раиси колхоз вақте мефаҳмад, ки Қаҳҳор техникумро бо дипломи аъло хатм намудааст, бо ифтихор ва хушҳолии зиёд тавсия медиҳад, ки ҳатман барои идомаи таҳсил ба Донишкадаи куҳии Ленинград равад. Маблағи роҳро низ раис ба уҳдаи худ мегирад.

Қаҳҳор Маҳкамов доим некиҳои П.Бобокалоновро ҳамчун инсони нексиришт ёдоварӣ менамуд. Ӯ дар хотираҳояш қайд менамояд, ки дар аввал тағояш ва сипас раиси колхоз Пӯлод Бобокалонов дар ҳаёташ нақши тақдирсоз бозидаанд. Ҳанӯз аз овони хурдӣ ӯ аз П.Бобокалонов хислати камсуханӣ пурмаъно ва талабкориро омӯхта буд.

П.Бобокалонов аз он, ки ба колхоз мутахассиси дипломдор омадааст, бисёр ифтихор мекард ва барои ба Ленинград рафтанаш низ кумаки калон кардааст. Ёдовар бояд шуд, ки маҳз дар муҳити чунин роҳбарони бунёдкору созанда ҷаҳонбинии сиёсӣ ва маҳорати идоракунии Қаҳҳор Маҳкамов ташаккул ёфтааст.

Пӯлод Бобокалонов аллакай дар ин давра яке аз шахсиятҳои номдори ҷумҳурӣ буда, барои маълумотнок шудани ҷавонон ва бо кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон аҳаммияти ҷиддӣ медод. Ӯ соли 1899 дар шаҳри Хуҷанд ба дунё омада, солҳои 1916-1959 ҳамчун пахтакори номӣ, иштирокчии фаъоли коллективонӣ ва ҳаракати колхозӣ дар вазифаҳои раиси Шурои колхозҳои вилояти Ленинобод (Суғд), раиси колхози ба номи Будённий, бригадири колхози “Коминтерн”, муовини раиси КИМ ҶШС Тоҷикистон, сардори хоҷагии оби вилояти Ленинобод, комиссари халқии кишоварзии ҶШС Тоҷикистон, раиси колхози ба номи Сталини ноҳияи Ленинобод (Бобоҷон Ғафуров) фаъолият намуда, устоди пахтаи ҶШС Тоҷикистон мебошад.

Пӯлод Бобокалонов бо қарори Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 1-уми марти соли 1948 барои ба даст овардани ҳосили баланди пахта ва таъмини кишти баҳории соли 1948 бо тухмии зироатҳои ғалладонагӣ, бо унвони Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, медали тиллоии досу болға ва ордени Ленин сарфароз гардонида шудааст. Вакили Шурои Олии ИҶШС даъвати 1-ум, 2-юм ва 3-юм мебошад [9, с. 469].

Колхози ба номи Сталин, ки солҳои зиёд онро Пӯлод Бобокалонов роҳбарӣ мекард, ҷойи қабули меҳмонони олиқадр аз Москва, гӯшаю канори иттиҳоди Шуравӣ ва хориҷа буд, ки дар он ҷо кадрҳои ҷавони ояндадор ба мисли Қаҳҳор Маҳкамов бо фарҳанги давлатдорӣ шинос мешуданд.

Қаҳҳори ҷавон, вақте ки ба Ленинград равон шуд, забони русиро на он қадар хуб медонист. Аммо ректори Донишкадаи куҳӣ шахси бениҳоят ботаҷриба ва зирак буд. Ӯ пас аз сухбат як нафар муаллими забони русиро ба ӯ вобаста намуда, барои омӯзиши забон ду моҳ

муҳлат муайян намуд. Ҳамчунин қайд намуд, ки Қаҳҳор якумин донишҷӯ аз Тоҷикистон буда, бар замми ин соҳиби дипломи сурх низ мебошад ва аз ин лиҳоз, ӯро қабул накарда наметавонист. Ректор ҳушдор дод, ки дар сурати дар муддати муайяншуда азхуд накардани забони русӣ маҷбур аст, ӯро аз донишкада хориҷ намояд. Ҳамин тавр, пас аз сипарӣ гаштани ду моҳи санҷишӣ ректори муассиса конспектҳояшро аз назар гузаронида, хеле қаноатманд шуд ва ӯ мисли дигарон донишҷӯи комилҳуқуқ гардид. Тобистони соли 1952 бошад, ҳангоми таҷрибаомӯзӣ дар Кони ангишти Донетск забони украиниро низ дар сатҳи хуб аз худ намуд.

Вобаста ба Донишкадаи кӯҳии Ленинград, ки барои минбаъда дар такомули шахсият ва ба вазифаҳои масъули роҳбарикунанда фаъолият намудани Қаҳҳор Маҳкамов нақши бениҳоят назаррас бозидааст, зикр бояд намуд, ки ин муассисаи таълимӣ бо фармони Екатеринаи II 21-уми октябри (1-уми ноябри) соли 1733 дар шаҳри Петербург, ҷиҳати омода намудани мутахассисон барои коркарди канданиҳои фоиданок, барои саноати металлургӣ ва корхонаҳои коркарди металл якумин дар Россия ва дуюмин дар ҷаҳон муассисаи олии таълимии техникӣ – омӯзишгоҳи техникӣ (Донишкадаи кӯҳии Ленинград) таъсис дода шудааст [1, с.16].

Соли 1804 омӯзишгоҳ ба Корпуси кадетии куҳӣ табдил дода шуда, соли 1811 дар соҳили Нева маҷмуи биноҳои боҳашамати муассисаи таълимӣ сохта ба истифода дода шуд. Аз моҳи марти соли 1833 Корпуси кадетии куҳӣ ба Корпуси донишкадаи муҳандисони куҳӣ ва аз соли 1866 Донишкадаи кӯҳӣ номгузорӣ карда шуд. Соли 1956 Донишкадаи кӯҳӣ номи собиқ хатмкунандаи он Г.В. Плехановро гирифт [2, с. 532].

Маҳз дар муҳити чунин донишкада ба таҳсил идома додани Қаҳҳор Маҳкамов сабаби ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии касбӣ ва дунёи маънавии ӯ гардид. Қаҳҳор Маҳкамов солҳои донишҷӯи дар шаҳри Ленинград дониши хуби касбӣ гирифта, мутахассиси хуб низ гардид. Дар ин давра ҷаҳонбинӣ, шахсият ва касбияти ӯ низ ташаккул ёфт ва рушд кард. Чи хеле ки худаш ёдовар мешавад, 300 рубли стипендияи ҳамонвақта камӣ мекард ва онҳо бо рафиқи наздикаш Володя шабона дар истгоҳи роҳи оҳан аз қатораҳо ангишт холӣ мекарданд ва ҳар кадомашон дусад рублӣ маблағ ба даст меоварданд. Ӯ дар хотираҳо ва мусоҳибаҳояш чунин мегӯяд: “Дар донишкада ман на танҳо коркарди ангиштро меомӯхтам, балки холӣ карданашро низ”. Ҳамин тавр, зиндагии дур аз хона ва таҳсил дар муҳити нав ӯро ҳамчун шахси мустақил, боинтизом ва ҷиддию донишманд ба воя расонд.

Рушди ҷаҳонбинӣ ва шахсияти Қаҳҳор Маҳкамов дар истеҳсолот. Пас аз хатми Донишкадаи кӯҳии шаҳри Ленинград ва гирифтани дипломи муҳандисӣ-кӯҳӣ Қаҳҳор Маҳкамов бо роҳхат ба шаҳри Тошканд ба идораи “Средазуголь” меояд ва минбаъд ҳамчун мутахассиси ҷавони 21-сола ӯ тавассути ин идора ба кони ангишти овозадори Шӯроб фиристода мешавад [4, с. 83].

Зимнан ёдовар бояд шуд, ки пас аз ба Россияи подшоҳӣ ҳамроҳ шудани Осиёи Марказӣ дар инҷо ҷустуҷӯҳои геологӣ ва коркард намудани саноати куҳӣ оғоз гардида буд. Дар Шӯроб бошад, аз соли 1882 истеҳсоли ангишт оғоз шуда, маҳалҳои зисти коргарон бунёд мегардиданд. Аз рӯи маълумотҳои бойгонӣ дар соли 1914 дар Шӯроб 6 кони ангишт фаъолият мекард, ки дар онҳо 231 нафар коргарон кор мекарданд ва дар як сол 1 миллиону 816 пуд ангишт истеҳсол карда мешуд. Соли 1939 истеҳсоли ангишт ба 500 ҳазор тонна расид. Ҳамин тавр, 6-уми феврали соли 1945 бо қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳияи Шӯроб бо маркази маъмурии шаҳраки Шӯроб таъсис дода шуд, вале аз 24-уми марти соли 1947 ноҳияи мазкур барҳам дода шуда, ба ноҳияи Исфара ҳамроҳ карда мешавад. Бо қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 1952 шаҳраки коргарии Шӯроб ба шаҳраки тобеи ноҳияи Исфара табдил дода мешавад [11, с. 177-178].

Тибқи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №11 аз 11-феврали соли 2005 ба Шӯроб мақоми шаҳрак дар ҳайати шаҳри Исфара дода мешавад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки Қаҳҳор Маҳкамов ҳангоми таҳсил дар техникуми индустриалии шаҳри Душанбе таҷрибаомӯзиро дар ҳамин кони ангишт гузаронида буд. Дар кони ангишти Шӯроб фаъолияти меҳнатиашро ба сифати мутахассис оид ба коркарди рӯизаминии қабати ангишт корро оғоз намуд. Ҳанӯз дар вақти таҷрибаомӯзӣ ҳамчун донишҷӯи техникуми индустриалӣ Қаҳҳор Маҳкамови ҷавон муайян намуда буд, ки дар кони ангишти Шуроб хавфи сухтор танҳо аз ҳисоби чанг имконпазир аст. Аз ҳисоби газ оташ гирифтан фақат дар ҳолате сар заданаш мумкин аст, ки агар дар ҳавои кон гази метан то ба 14 фоиз расад. Бо назардошти ин, ӯ пешниҳод менамояд, ки истгоҳҳои санҷишӣ бунёд карда шаванд.

Ҳамин тавр, малакаи кордонӣ ва дониши хуби касбии Қаҳҳор Маҳкамовро ба инобат гирифта, соли 1954 ӯро ба вазифаи муовини сармуҳандис, соли 1956 ба вазифаи сармуҳандис ва соли 1957 дар синни 25-солагияш ба вазифаи директори шахта таъйин мекунанд. Соли 1958 бошад, Маҳкамов масъулияти вазифаи маъмурияти тамоми шахтаи Шӯробро ба уҳда дошт [10, с. 298].

Солҳои фаъолияти меҳнатияш дар кони ангишти Шӯроб ӯ на танҳо ҳамчун мутахассиси ҷавон, балки ҳамчун навовар ва ташкилотчии боистеъдод худро муаррифӣ намуд. Зери роҳбарии бевоситаи ӯ истихроҷи ангишт тавассути техникаи замонавӣ ба роҳ монда шуда, корхона ба яке аз пешсафони саноати кӯҳии Тоҷикистон табдил ёфт. Ҳамзамон, шаҳраки Шӯроб боз ҳам ободу зебо ва ба шаҳраки саноатӣ мубаддал гардида, шароити зиндагии коргарон боло рафт. Қаҳҳор Маҳкамов дар ин ҷо мактаби муҳандисони ҷавонро ташкил кард, ки минбаъд дар дигар конҳои ангишти кишвар фаъолияти босамар менамуданд.

Дар солҳои 50-уми асри XX давраи муҳимми пешрафти саноати сӯзишворӣ ва кӯҳии Тоҷикистон ба шумор мерафт. Барои пешрафти ин соҳаҳо корҳои зиёд анҷом дода шуда, истихроҷи ангишт хеле боло рафт, ки барои рушди хоҷагии халқ бахусус саноат хеле муҳим буд. Аз ҷумла, дар кони ангишти Шӯроб дар шахтаи №8 корҳои таҷдиду барқарорсозӣ анҷом дода шуда, пурра техникаҳои пуриқтидори борфарор ва таҷҳизотҳои нави замонавӣ насб карда шуданд [7, с.140].

Оғози фаъолияти Қаҳҳор Маҳкамов дар вазифаҳои масъули ҳизбию давлатӣ. Фаъолият дар кони ангишти Шуроб ба ташаккулёбии шахсияти Қаҳҳор Маҳкамов ҳамчун роҳбари ҷавон дар истеҳсолот нақши бениҳоят муҳим бозидааст. Соли 1961 натиҷаҳои баланди кор ва қобилияти хуби роҳбарӣ доштанашро дар ин коргоҳи азим ба назар гирифта, ӯро ба вазифаи раиси Кумитаи иҷроияи шаҳри Ленинобод таъйин мекунанд. Аллакай дар овони ҷавонии худ Қаҳҳор Маҳкамов борҳо ғайричашмдошт ба вазифаҳои масъул таъин гардида буд. Ҳамин тавр, якбора аз вазифаи роҳбари аввали маъмурияти кони ангишти Шӯроб ба вазифаи хеле масъулиятноки роҳбари маркази вилоят-шаҳри Ленинобод таъин шуданаш низ барои ӯ ғайричашмдошт буд. То таъиншавӣ ӯро ба маркази ҷумҳурӣ барои суҳбат даъват накарда буданд. Он вақт ин масъалаҳо дар Кумитаи вилоятии ҳизб ва Кумитаи марказии Ҳизби Коммунист баррасӣ карда мешуд. Дар пеш барои Қаҳҳор Маҳкамов корҳои зиёд ва масъулияти ҷиддӣ меистод. Дар кони ангишти Шӯроб ӯ ба истеҳсолот масъул буд, ин ҷо шаҳри калони саноатӣ ва маркази маъмурии вилоят буда, талабот ба рушди он хеле зиёд буд.

Аз кони ангишти Шӯроб рафтан барои Қаҳҳор Маҳкамов хеле душвор буд, зеро дар давоми 8 сол кору фаъолияти худро сахт дӯст дошт ва дар дигар вазифа худро бо душворӣ тасаввур мекард. Бахусус бо корманони кони ангишт бисёр самимона унс гирифта буд ва ба онҳо эҳтиром дошт. Ӯ ҳамчун роҳбар, ҳамчун мутахассис, ҳамчун шахсият дар байни коллективи гуногунмиллат ташаккул ва обутоб ёфт. Ба гуфти худаш давраи аз ҳама хуби зиндагияш дар инҷо сипарӣ гардидааст.

Солҳои 60-уми асри XX барои халқи тоҷик даврае буд, ки дар тамоми соҳаҳои хоҷагидорӣ ва фарҳангӣ дастовардҳои назаррас ба даст оварда шуда, сатҳи зиндагии мардум низ тадриҷан боло мерафт. Дар солҳои 1961-1963 Комиҷроияи шаҳри Ленинобод дар доираи татбиқи нақшаи панҷсола ба дастовардҳои намоён ноил гардида, барои рушду нумуи минбаъдаи шаҳр заминаҳои устувори иҷтимоию иқтисодиро гузошта буд. Ин давраи оғози сохтмонҳои бузурги манзилию маишӣ ва пешрафти саноат ба ҳисоб мерафт. Ба истифода додани корхонаҳои саноатӣ, биноҳои истиқоматӣ, мактабҳо ва беморхонаҳо дар сатҳи баланд идома меёфт.

Бояд қайд намуд, ки дар ин солҳо Қаҳҳор Маҳкамов вазифаи раиси Комиҷроияи шаҳри Ленинободро ба уҳда дошт ва маҳз дар ҳамин давра дар шаҳр маъракаи васеи сохтмони хонаҳои истиқоматии типи панелӣ (машҳур ба "хрушёвка") амалӣ гардида, мушкилии норасоии манзил тадриҷан ҳалли худро дарёфт мекард. Маркази вилоят шаҳри Ленинобод дар ин давра ба як маркази бузурги саноатӣ табдил ёфт ва маҳсулоти корхонаҳои он ба зиёда аз 450 шаҳри Иттиҳоди Шуравӣ фиристода мешуд. Вобаста ба соҳилбандии дарёи Сир ва дар маҳалҳои навбунёди шаҳр васеъ кардани шабакаҳои барқу об корҳои зиёд анҷом дода мешуданд [5, с. 508-514].

Моҳи апрели соли 1961 дар ҷумҳурӣ воқеаҳои ҷиддӣ ба вуқуъ омаданд, ки онҳо ба соҳаи пахтапарварӣ алоқаманд буданд. Бинобар ҳамин, дар ҷумҳурӣ роҳбарони баландмақом иваз карда шуданд. Турсун Улҷабоевро, ки дар вазифаи Котиби якуми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон фаъолият мекард, Ҷаббор Расулов иваз менамояд [8, с. 298].

Дар яке аз рӯзҳои моҳи июли соли 1963 Ҷаббор Расулов ба Қаҳҳор Маҳкамов занг зада таъкид мекунад, ки пагоҳ ба шаҳри Москва парвоз кунад, онҷо дар Кумитаи марказии Ҳизби Коммунисти ИҶШС ӯро сарпараст вобаста ба Тоҷикистон интизор аст. Рӯзи дигар ӯ ба Москва дар қабулгоҳи сарпараст ҳозир мешавад. Аммо вай сабаби ба Москва даъват шуданашро намедонист, чунки талаботҳои кории Ҷаббор Расулов чунин буд. Дар Кумитаи марказии ҲК сарпараст мефаҳмонад, ки ӯро ба вазифаи раиси Кумитаи давлатии банақшагирии (Госплан) ҶШС Тоҷикистон пешниҳод кардаанд.

Дар вохӯрӣ бо раиси Кумитаи давлатии банақшагирии ИҶШС Қаҳҳор Маҳкамов сидқан иқрор мешавад, ки вобаста ба ин намуди фаъолият ягон хел тасаввурот надорад. Раис дар ҷавоб мегӯяд, ки мо дар мамлакат муассисаи олии таълимие, ки роҳбарони идораи давлатии банақшагириро омода намояд, надорем. Бинобар ин, баробари ба кор оғоз намудан дар як вақт аз паси омӯзиши нозукиҳои кори нав мешавед.

Пас аз ин сафар Қаҳҳор Маҳкамов моҳи январи соли 1963 аз вазифаи раиси Комиҷроияи шаҳри Ленинобод (Хуҷанд) озод шуда, ба вазифаи раиси Кумитаи давлатии банақшагирӣ (Госплан) ҶШС Тоҷикистон таъйин гардид [3, с. 71].

Ҳамин тавр, дар ҳаёти Қаҳҳор Маҳкамов давраи нав, яъне давраи фаъолият дар вазифаҳои баланд ва пурмасъулияти ҳизбию давлатӣ оғоз шуд.

Аз баррасии масъалаи гузошташуда бармеояд, ки барои Қаҳҳор Маҳкамов ҳамчун шахсияти баркамол ташаккул ёфтан қабл аз ҳама ҷидду ҷаҳди вай ба таҳсил замина гузоштааст. Хизмати С. Зоҳиров дар таълиму тарбияи ӯ хеле муҳим буда, қаҳрамони меҳнат П. Бобокалонов дар тарбияи ӯ ҳамчун ҷавони зираку меҳнатдӯст саҳми назаррас гузоштааст. Таҳсил дар техникуми индустриалӣ ва минбаъд дар донишгоҳи кӯҳии шаҳри Ленинград барои чун мутахассиси соҳаи коркарди ангишт сабзида расидан нақши калон бозидааст. Қ. Маҳкамов то расидан ба вазифаҳои масъули давлатию ҳизбӣ дар мактаби зиндагию меҳант – корхонаи ангишти Шӯроб ва фаъолият дар вазифаи раиси комиҷроияи шаҳри Ленинобод обутоб ёфтааст.

Хулоса. Таҳлили раванди ташаккулёбии шахсият ва ҷаҳонбинии Қаҳҳор Маҳкамов нишон медиҳад, ки камолоти ӯ ҳамчун арбоби сиёсӣ ва давлатӣ маҳсули замони худ — давраи дигаргуниҳои азими сотсиалистӣ ва саноатикунонии мамлакат мебошад. Омилҳои асосии дар ҳаёт ба муваффақиятҳо ноил шудани ӯро мо метавонем чунин хулосабарорӣ намоем:

Якум: тарбияи дурусти оилавӣ, нақши падар бобати гирифтани таълим дар мактаб ва таъсири шахсиятҳои номдор, ба мисли Пӯлод Бобокалонов, ки дар ӯ ҳисси масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ ва интизоми оҳанинро бедор карданд;

Дуюм: таҳсилоти муҳандисӣ дар техникуми индустриалии шаҳри Душанбе ва Донишкадаи кӯҳии Ленинград, ки тафаккури технократӣ ва илмии ӯро ташаккул дод;

Сеюм: таҷрибаи ғании амалӣ дар кони Шӯроб ва мақомоти иҷроияи Ленинобод. Маҳз омезиши донишҳои назариявӣ бо маҳорати баланди роҳбарӣ ва ташкилотчигӣ имкон дод, ки Қаҳҳор Маҳкамов дар солҳои 1961–1963 ба вазифаҳои масъулиятноки ҳизбию давлатӣ гузашта, барои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Ленинобод заминаҳои устувори фароҳам овард, ки ин дар оянда барои тамоми ҷумҳурӣ намунаи ибрат гардид.

Адабиёт

1. *Афанасьев В.Г. История создания и развития Санкт-Петербургского государственного горного института: Первое высшее техническое учебное заведение России (1773–1998). /В.Г. Афанасьев, А.Т. Кравцов, Л.Г. Ложкина.-СПб.: Литера, 1998. - 191 с.*
2. *Большая Советская энциклопедия, 2-е изд., том. 24, (статья «Ленинградский горный институт»). -М.:Большая советская энциклопедия, 1953. - 620 с.*
3. *Зенкович Н.А. Самые закрытые люди: Энциклопедия биографий. - М.: Олма-Пресс, 2002. - 765 с.*
4. *Члены ЦК КПСС, //Известия ЦК КПСС. -М.: Правда, 1989. №2. -С. 83. 288 с.*
5. *Раджабов З.Ш. История Ленинабада. /под редакцией академика З.Ш. Раджабова и профессора Г.Х. Хайдарова. -Душанбе: Ирфон, 1986 -608 с.*
6. *История таджикского народа, том V. -Душанбе: Империал-Групп, 2004.-752 с.*
7. *История таджикского народа.–Т.VI. -Душанбе: Империал-Групп, 2011.– 687 с.*
8. *Мамадазимов А. Политическая история таджикского народа /А.Мамадазимов. Душанбе: -Дониш. 2000.-360 с.*
9. *Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 1. –Душанбе. 1978. –608 с.*
10. *Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 4. –Душанбе, 1983.–634 с.*
11. *Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 8. -Душанбе, 1988.–591 с.*

ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНӢ ВА ШАХСИЯТИ ҚАҲҲОР МАҲКАМОВ ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ СОТСИАЛИСТӢ

Дар мақола масъалаҳои ибратбахши зиндагиномаи Қаҳҳор Маҳкамов, таълиму тарбияи ӯ дар шароити солҳои таъсисёбии ИҶШС Тоҷикистон, давраи коллективонӣ ва саноатикунонии мамлакат, овони ташаккулёбии шахсияти вай дар вақти таҳсил дар техникуми индустриалии шаҳри Душанбе, Донишкадаи кӯҳии Ленинград, кони ангишти Шӯроб ва раиси Комиҷроияи шаҳри Ленинобод мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки новобаста ба шароити на он қадар мусоид ва вазъи оилавӣ Қаҳҳор Маҳкамов аз овони кӯдакӣ барои гирифтани маълумоти ибтидоӣ кӯшишу ғайрат менамуд. Падараш Маҳкам Зокиров, тағояш Сулаймон Зоҳиров ва раиси колхози ба номи Сталин Пӯлод Бобокалонов дар ташаккулёбии шахсияти ӯ ва минбаъд дар вазифаҳои масъули ҳизбию давлатӣ фаъолият карданаш хеле нақши муҳим бозидаанд.

Калидвожаҳо: Қаҳҳор Маҳкамов, коллективонӣ, саноатикунонӣ, таҳсил дар техникум, донишкадаи кӯҳӣ, Кумитаи давлатии банақшагирӣ, фаъолияти ҳизбӣ.

ФОРМИРОВАНИЕ ЛИЧНОСТИ И МИРОВОЗЗРЕНИЯ КАХХАРА МАХКАМОВА В УСЛОВИЯХ СОЦИАЛИСТИЧЕСКОГО ОБЩЕСТВА

В статье рассматриваются вопросы воспитания и обучения Каххара Махкамова в период становления Таджикской ССР, коллективизации и индустриализации страны, а также процесс формирования его личности во время учебы в Душанбинском индустриальном техникуме, Ленинградском горном институте, работы на угольной шахте Шураб и в Ленинабадском горисполкоме. Автор отмечает, что, несмотря на неблагоприятные условия и семейные обстоятельства, Каххар Махкамов с детства проявлял старание к получению начального образования. Его отец также стремился к тому, чтобы дети стали образованными. Заметную роль в формировании его личности и последующей деятельности на ответственных партийных и государственных должностях сыграли его дядя Сулаймон Зохиров и председатель колхоза имени Сталина Пулод Бобокалонов.

Ключевые слова: Каххар Махкамов, коллективизация, индустриализация, обучение в индустриальном техникуме, горный институт, Госплан, партийная деятельность.

FORMATION OF THE PERSONALITY AND WORLDVIEW OF KAKKHAR MAKHKAMOV IN THE CONDITIONS OF

The article examines the upbringing and education of Kakkhar Makhkamov during the formation of the Tajik SSR, the period of collectivization and industrialization of the country, as well as the process of his personality formation during his studies at the Dushanbe Industrial Technical School, the Leningrad Mining Institute, and his work at the Shurab coal mine and the Leninabad City Executive Committee. The author notes that, despite unfavorable conditions and family circumstances, Kakkhar Makhkamov showed great diligence in obtaining primary education from childhood. His father also sought to ensure his children became educated people. A significant role in the formation of his personality and subsequent activities in responsible party and government positions was played by his uncle Sulaymon Zokirov and the chairman of the Stalin collective farm, Pulod Bobokalonov.

Keywords: Kahar Makhkamov, collectivization, industrialization, studying at an industrial technical college, State Planning Committee, party activities.

Дар бораи муаллиф
Суфиев Фарҳат Раҷабович
Муаллими калон, мутахассиси Маркази омӯзиши "Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон"
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33
E-mail farkhat.sufiev.66@mail.ru

Об авторе
Суфиев Фархат Раджабович
Старший преподаватель, специалист Центра изучения «Школы государственности Эмомали Рахмона»
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33
E-mail farkhat.sufiev.66@mail.ru

About the author
Sufiev Farkhat Radjabovich
Senior Lecturer, Specialist at the "Emomali Rahmon School of Statehood" Research Center
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir Street, 33
E-mail farkhat.sufiev.66@mail.ru

ҚОИДАҲОИ ТАҲИЯИ МАҚОЛАҲО

Идораи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» мақолаҳои илмиро дар доираи самтҳои дар мавзуи нашрия мавҷудбуда барои чоп қабул мекунад. Муаллифон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ дошта бошанд:

1. Мақолаҳо ба идораи маҷалла дар шакли электронӣ ва чопӣ пешниҳод карда мешаванд.
2. Мақола дар вироишгари матни WinWord (формати А4) бо ҳуруфи Times New Roman чоп шуда, бояд ҳошияҳои саҳифаҳо 2 см, ҳаҷми ҳарфҳо 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,0 бошад.
3. Ҳаҷми матлуби мақола якҷо бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт аз 10 то 16 саҳифа мебошад.
4. Дар аввали мақола индекси ТДУ (УДК) дар тарафи чапи саҳифа гузошта мешавад.
5. Маълумот дар бораи муаллиф(он), номи мақола, матни аннотатсия ва калидвожаҳо бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд.
6. Насаб, ном ва номи падар (пурра), унвон, дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷои кор ва суроғаи он, почтаи электронӣ ва шумораи телефони муаллиф(он) дар сатрҳои алоҳида зери ҳам навишта мешаванд.
7. Аннотатсия бояд 100 - 200 вожаро фаро гирифта, дар он хулосаи муҳтавои мақола ва натиҷаҳои таҳқиқот дарҷ гардад. Истифодаи ибораҳои умумӣ ва ҷузъиёти беаҳаммияти мавзуъ зарурат надорад.
8. Калидвожаҳо аз ҳамдигар бо аломати вергул ҷудо карда шуда, бояд фарогири 5-10 калима ва ибораҳои зарурии мавзуъ бошанд.
9. Дар матни мақола овардани истинод ба манбаи истифодашуда ҳатмӣ мебошад. Истинод ба манбаъ пас аз матни иқтибосшуда бо нишон додани рақами тартибии манбаи иқтибос ва саҳифаи мавриди назари он дар дохили қавсайни чоркунҷа оварда мешавад, масалан: [5, с. 24].
10. Рӯйхати адабиёт пас аз матни мақола ба тартиби алифбо дар шакли феҳристи библиографӣ оварда мешавад. Феҳристи библиографӣ мутобиқи талаботи ГОСТ таҳия карда шуда, дар он нахуст номгӯи адабиёти кириллӣ ва сипас адабиёти хориҷӣ меояд.
11. Дар рӯйхати адабиёт ҳангоми овардани монография, луғатнома, автореферат ва дигар намуди китобҳо овардани ҷой (шаҳр, нашриёт) ва соли нашр, шумораи умумии саҳифаҳо ва барои мақола, фишурда, боб ё фасли китоб ва монанди ин қайд намудани саҳифаҳои онҳо ҳатмист.
12. Рӯйхати адабиёт бояд на кам аз 10 манбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла на кам аз 30% таҳқиқоти илмии дар дохили кишвар ба нашр расидаро фаро гирад. Номгӯи адабиёти мансуб ба муаллиф набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиётро ташкил диҳад.
13. Тавсия дода мешавад, ки аз таҳқиқотҳои доир ба мавзуи мақола қаблан дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, хусусан дар маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» нашргардида истифода бурда шавад. Инчунин ба нашри мақолаҳое, ки дар онҳо ба таҳқиқотҳои анҷомёфтаи солҳои охир ва манбаъҳои муътамад истинод сурат гирифтааст, бартарӣ дода мешавад.
14. Маҷалла мақолаҳои илмиеро, ки дорои зиёда аз ду ҳаммуаллиф мебошанд (ба истиснои таҳқиқотҳои таҷрибавӣ), нашр намекунад.
15. Мақолаҳои аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) бо тавсияи роҳбари илмӣ ва мақолаҳои магистрантон дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илм ё доктори илм қабул карда мешаванд.
16. Мақолаҳое, ки қаблан дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд ё барои чоп супорида шудаанд, қабул карда намешаванд. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ё ислоҳ намояд.
17. Матни маводи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд таҳриршуда ва беғалат бошад. Масъулияти боэътимодии аснод, рақамҳо ва муҳтавои мақолот бар дӯши муаллиф(он) мебошад.
18. Дар ҳолати риоя нашудани талаботҳои дар боло зикршуда идораи маҷалла ҳақ дорад, ки чунин мақолаҳоро баррасӣ нанамояд.

ПРАВИЛА ОФОРМЛЕНИЯ СТАТЕЙ

Редакция журнала «Вестник Педагогического университета» принимает к печати научные статьи по тематике, соответствующей профилю журнала. При подготовке и представлении статей авторы должны обратить внимание на следующее:

1. Статьи предоставляются в редакцию журнала в электронном и печатном виде.

2. Статья должна быть напечатана в текстовом редакторе WinWord (формат А4) шрифтом Times New Roman, с полями 2 см, кеглем 14 и межстрочным интервалом 1,0.

3. Оптимальный объем статьи вместе с аннотацией и списком литературы составляет от 10 до 16 страниц.

4. В начале статьи слева на странице размещается индекс УДК.

5. Информация об авторе(ах), название статьи, текст аннотации и ключевые слова приводятся на 3 языках - таджикском, русском и английском.

6. Фамилия, имя и отчество (полностью), ученое звание, ученая степень, должность, место работы и его адрес, электронная почта и номер телефона автора(ов) пишутся на отдельных строках.

7. Аннотация должна содержать 100-200 слов, в ней должны быть изложены краткое содержание статьи и результаты исследования. Использование общих фраз и несущественных деталей темы нецелесообразно.

8. Ключевые слова, отделенные друг от друга запятой, должны содержать 5-10 слов и основных фраз темы.

9. В тексте статьи обязательно должны быть ссылки на использованные источники. Ссылка на источник дается после цитируемого текста с указанием порядкового номера источника и страницы в квадратных скобках, например: [5, с. 24].

10. Список литературы приводится после текста статьи в алфавитном порядке в виде библиографического списка. Библиографический список оформляется в соответствии с требованиями ГОСТа, в нем сначала дается литература на кириллице, затем - на латинице.

11. В списке литературы, при описании монографии, словаря, автореферата и других видов книг, необходимо указать место (город, издательство) и год издания, общее количество страниц, а для статьи, тезисов, глав или раздела книги и т.п. - их страницы.

12. Список литературы должен содержать не менее 10 научно-исследовательских источников, из них не менее 30% - научных работ, опубликованных в стране. Библиография автора не должна составлять более 25% списка литературы статьи.

13. Рекомендуется использовать исследования по теме статьи, ранее опубликованные в рецензируемых научных журналах, особенно в журнале «Вестник Педагогического университета». Приоритет отдается статьям, в которых ссылаются на исследования последних лет и авторитетные источники.

14. Журнал не публикует научные статьи, имеющие более двух соавторов (за исключением экспериментальных исследований).

15. Статьи аспирантов, соискателей и докторантов PhD принимаются к публикации по рекомендации научного руководителя, а статьи магистрантов - в соавторстве с кандидатом наук или доктором наук.

16. Статьи, ранее опубликованные в других изданиях или переданные в печать, не принимаются. Редакционная коллегия имеет право сокращать или редактировать научную статью.

17. Текст представленного материала является окончательной версией, должен быть вычитанным и без ошибок. Ответственность за достоверность фактов, цифр и содержания статей несет автор(ы).

18. В случае несоблюдения вышеуказанных требований редакция журнала имеет право не рецензировать такие статьи.

RULES FOR THE DESIGN OF ARTICLES

The editorial board of the journal of «Herald of the Pedagogical University» accepts scientific articles on topics corresponding to the journal's for publication profile. During preparing and submitting articles, authors should pay attention to the following:

1. Articles are submitted to the editorial board of the journal in electronic and printed form.
2. The article should be typed in the text editor WinWord (A4 format) in Times New Roman font, with margins of 2 cm, font size 14 and line spacing 1.0.
3. The optimal volume of the article jointly with the abstract and list of references is from 10 to 16 pages.
4. The UDC index is placed on the left side of the page at the beginning of the article.
5. Information about the author(s), the title of the article, the abstract text and keywords are given in 3 languages - Tajik, Russian and English.
6. The author's(s) surname, first name and patronymic (in full), academic title, academic degree, position, place of work and its address, e-mail and phone number are written on separate lines.
7. The abstract should contain 100-200 words and should outline the content of the article and the results of the research. The use of general phrases and insignificant details of the topic is not advisable.
8. Keywords, separated by commas, should contain 5-10 words and main phrases of the topic.
9. The text of the article must contain references to the used sources. The reference to the source is given after the quoted text with the indication of the serial number of the source and the page in square brackets, for example: [5, p. 24].
10. The list of references is given after the text of the article in alphabetical order in the form of a bibliographic list. The bibliographic list is drawn up in accordance with the requirements of GOST; it first lists literature in Cyrillic, then in Latin.
11. During describing a monograph, dictionary, abstract and other types of books in the list of references, it is necessary to indicate the place (city, publisher) and year of publication, the total number of pages, and for an article, abstract, chapter or section of a book, etc. - their pages.
12. The list of references should contain at least 10 scientific research sources, at least 30% of them should be scientific papers published in the country. The author's bibliography should not exceed 25% of the list of references in the article.
13. It is recommended to use research on the topic of the article, previously published in peer-reviewed scientific journals, especially in the journal «Herald of the Pedagogical University». Priority is given to articles that refer to research from recent years and authoritative sources.
14. Scientific articles with more than two co-authors (except for experimental research) will not be published in the journal.
15. Articles of postgraduate students, applicants and PhD students are accepted for publication on the recommendation of the scientific supervisor, and articles of master's students - in co-authorship with a candidate of sciences or doctor of sciences.
16. Articles previously published in other publications or submitted for publication are not accepted. The editorial board has the right to shorten or edit the scientific article.
17. The text of the submitted material is the final version, it must be proofread and free of errors. The author(s) is responsible for the accuracy of the facts, figures and content of the articles.
18. In case of non-observance of the above requirements, the editorial board of the journal has the right not to review such articles.

ВЕСТНИК
ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

2026, № 4 (123)

Издательский центр
Таджикского государственного педагогического
университета им. С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Сайт журнала: www.vestnik.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-36-91

Формат 60x80/8. Бумага офсетная.
Печать офсетная. Тираж 100 экз. П.л.30.
Подписано в печать 26.08.2026 г. Заказ № 102
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С. Айни